ISSN 2074-1847

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*(маҷаллаи илмӣ)*

# ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

*(научный журнал)*

11(75)

ҚИСМИ - I

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2011

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.**


**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**

**Саидов Н.С. – гл. редактор, доктор философских наук, профессор**
**Каримов М.Б. – зам. гл. редактора, доктор химических наук, профессор**
**Мирбобоев Р.М.- зам. гл.редактора, кандидат экономических наук,доцент**
**Исматов С.М. - зам.гл.редактора, кандидат филологических наук,доцент**

**Аъзои ҳайати таҳририя:**
**Члены редколлегии:**

**Раҷабов Н.Р. - доктор физико-математических наук, профессор**
**Солеҳов Т. - доктор физико-математических наук, профессор**
**Хакимов Ф.Х. - доктор геолого-минералогических наук, профессор**
**Устоев М.Б. - доктор биологических наук, профессор**
**Махмадов А.Н. - доктор политических наук, профессор**
**Миралиев А. М. - доктор педагогических наук, профессор**
**Кабиров Ш. - кандидат филологических наук, доцент**
**Сафаров Б. - кандидат юридических наук, доцент**
**Мухиддинов Р. - кандидат исторических наук, доцент**
**Низомов М. - кандидат филологических наук, доцент**
**Солиев А. - кандидат экономических наук, доцент**



Маҷалла бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.



**© Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2011**


**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Вестник Таджикского национального университета**

# <u>ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА</u>

## ТАЪСИРИ НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАВСЕАИ САНОЕИ КӮЧАК ВА МУТАВАССИТ

*Аҳмади Саидӣ*
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Ҳадафҳои тавсеаи саноатии Эрон бо меҳварияти тавсеаи рақобатпазирӣ бояд дар мушовира бо намояндагони саноат тадвин гардад. Ба тавре ки сиёсатҳои саноатии давлат набояд дар асоси нигариши кӯтоҳмуддати сиёсӣ ё ба сурати бароянде аз манфиатҳои гурӯҳҳои хос шакл гирад ва давлат дар танзими дахолатҳо ва сиёсатҳои ҳимоятии худ бо ҳадаф қарор додани иртиғои тавлиди рақобатӣ мебоист ба таври ҳадафманд ва машрут ва замонбандишуда ба рафъи костиҳо ва мушкилоти мавридии бунгоҳҳо ва саноеи хос бипардозанд ва бояд ин тавонро дошта бошад, ки ҳимояти худро аз бунгоҳҳои иқтисодие, ки қобир ба рақобат дар як давраи замонии мушаххас нестанд қатъ кунад. Бинобар ин, ҷиҳати тавсеаи саноатӣ боиси шароити умумӣ дар абъоди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ фароҳам гардад ва ин иқдомот боиси тавассути давлат анҷом пазирад ва ба худи худ шакл намегирад.[4]

Нигоҳе ба низоми иқтисодӣ, иҷтимоии дар бисёре аз кишварҳои пешрафта ва тавсеаёфтаи ҷаҳон нишон медиҳад ки эҷод ва ҳимоят аз бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит яке аз авлавиятҳои асосӣ дар барномаҳои тавсеаи иқтисодии ин кишварҳост. Ин бунгоҳҳои иқтисодӣ алорағми ин ки ба сармоягузории камтаре ниёз доранд, боздиҳии бештаре дошта ва дар эҷоди иштиғол, эҷоди бистари муносиб барои навоварӣ ва ихтироот ва афзоиши содирот ин кишварҳо нақши муҳиме доранд.

Бо таваҷҷӯҳ ба мушкилоте, ки ин бунгоҳҳо дар кишварҳои мухталиф доранд, қонунҳо ва тасҳилоти гуногуне барои ҳимоят аз онҳо ба вуҷуд омадааст. Чун тавсеаи саноеи кӯчак рамзи тавсеаи иқтисодии даҳаи оянда аст, эҷоди фазои муносиб барои кӯмак ба рушд ва тавсеаи онҳо яке аз масъулиятҳои аслии давлатҳост.

**Таърифи бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит дар Эрон.** Бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит дар кишварҳои мухталиф дорои шабоҳатҳои бисёре ҳастанд. Аммо бо ин вуҷуд наметавон таърифи воҳиде аз он ба даст овард, ҳар кишвар бо таваҷҷӯҳ ба шароити хоси худ таърифе аз ин касбу корҳо намудааст.

Бар асоси таърифи вазорати саноеъ ва маъдан ва вазорати ҷиҳоди кишоварзӣ бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит воҳидҳои саноатӣ ва хадамотие ҳастанд ки камтар аз 50 нафар коргар дорад. Маркази омори Эрон касбу корҳоро ба чаҳор гурӯҳ табақабандӣ намудааст:

Аз 1 то 9 нафар коргар, аз 10 то 49 ва 50 то 99 ва беш аз 100 нафар коргар. Вале маркази омории Эрон фақат касбу корҳои камтар аз 10 нафар неруи корро бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит маҳсуб мекунад. Бонки марказии Эрон низ касбу корҳои зери 100 нафар неруи корро ба унвони бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит талаққӣ мекунад.

**Аҳамият ва нақши саноеи кӯчак ва мутавассит.** Нигоҳи кӯтоҳ ба сохтори низоми иқтисодии кишварҳои мухталиф моро ба аҳамият ва ҷойгоҳи бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит бештар ошно мекунад. Дар хусуси аҳамияти ин ширкатҳо ҳамин бас, ки ҳадди ақал 2-3 млн. бунгоҳи кӯчак ва мутавассит дар Олмон вуҷуд дорад, ки теъдоди коркунони онҳо 20 млн. нафар аст ва 70% кулли шоғилонро дар худ ҷой додааст. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ҳудуди 25 млн. бунгоҳ, ки беш аз 50% аз неруи кори бахши хусусиро дар ихтиёр дорад ва ниме аз тавлиди ноxолиси дохилии онҳоро таъмин карда ва 96% кулли содирот тавассути ин бунгоҳҳо тавлид шудааст.[1] Дар кишвари Малайзия беш аз 80% тавлидоти саноатӣ марбут ба саноати кӯчак аст, 53% аз тавлидоти саноатӣ дар инбогоҳҳо тавлид ва 14% даромад марбут ба ин бунгоҳ аст. Дар Ҷопон беш аз 90% кулли таъсисоти тиҷоратро бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит ташкил доданд ва беш аз 80% кулли нерӯи корро ҷазб намудааст.[3]

**Ҷойгоҳи ширкатҳои кӯчак ва мутавассит дар низомҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.** Эҷод ва ҳимоят аз бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит яке аз авлавиятҳои асосӣ дар барномарезиҳои тавсеаи иқтисодӣ дар бисёре аз кишварҳои пешрафта ва нав тавсеа ёфтааст. Ин бунгоҳҳо дар эҷоди иштиғол фароҳам кардани бастари муносиб барои навоварӣ ва афзоиши содирот нақши муҳиме доранд. Саноати кӯчак аз инъитофпазирии бештаре бархӯрдоранд ва корофаринӣ ва халлоқияти бештаре дар онҳо сурат мепазирад ва роҳаттар метавонанд худро бо тағйироти пуршитоби муҳитӣ мунтабиқ карда ва нисбат ба омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ сарехтар вокуниш нишон диҳанд.[1]

**Нақши давлатҳо дар эҷоди саноати кӯчак.** Таҷрибаи кишварҳои Шарқи Осиё дар бунгоҳҳои кӯчак ва мутавассит метавонад бисёр омӯзанда бошад, зеро бисёре аз онҳо то чанд даҳаи пеш дучори рахвати(сустӣ) таърихӣ буданд ва ҳеҷ гуна талоше дар онҳо ба чашм намехурд. Дар ҳоле ки дар ҳоли ҳозир натанҳо худ дигаргун шудаанд, балки ҷаҳонро таҳти фишорҳои шадиди иқтисодии худ қарор

доданд. Масалан, кишвари Малайзия бо 23 млн. ҷамъият тавлиди нохолиси дохилии онҳо ки 210 млн. доллар мерасад ва содироти ин кишвар 95 ва воридоти он 77 млрд. доллар мебошад.[5] Иқдомоте ки ҷиҳати ҳимоят аз ин саноат намудаанд иборатанд аз:

1. Барномаҳои иҷрой ва корбурдӣ.

2. Омӯзиши корофаринӣ ва тарбияти неруи инсонии мавриди ниёз.

3. Фароҳам кардани имконоти зербиноӣ, ки тазминкунандаи рушди сареҳ ва пойдори бунгоҳҳои кӯчак аст.

4. Анҷоми ҳимоятҳои молӣ.

5. Роҳандозии воҳидҳои таҳқиқ ва тавсеа.

Саноеи кӯчак (SME) метавонанд нақши муҳиме дар решакани фақр ва кӯмак ба ақшори осебпазирӣ ҷомеа бошанд.

**Илзомоти сиёсатӣ, созмонӣ ва ҷиҳатгирии дахолатҳои давлат дар тавсеаи иқтисодӣ.** Ҳадафҳои аслии тавсеаи иқтисодӣ дар Эрон бояд таҳҳақуқи рушди боло ва мустамарри саноатӣ ва рақобатпазир аз тариқи тавсеаи зарфияти содирот ва бахши хусусӣ таъриф гардад. Яке аз чолишҳои асосии давлат дар оянда узвияти Эрон дар СУС ва мудирияти озодсозии иқтисод дар ин росто аст ва ба назар мерасад истифода аз равиши озодсозии тадриҷӣ метавонад роҳёфти муносибе дар ин замина бошад. Иқтисоди Эрон дар фароянди тавсеаи саноатии худ дар шароити ҷадиди ҷаҳонӣ бо маҳдудияти бештаре мувоҷеҳ хоҳад буд. Раванди мудохилоти давлат дар фароянди тавсеаи саноат миёни иқтисодҳои саноатии аввалия (монанди кишвари Британия) ва иқтисодҳои саноатишудаи мутааххир (монанди кишварҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ) нишон медиҳад, ки дар шароити замони иқтисоди ҷаҳонӣ дар ҳар давра нақши таъйинкунандае дар навъи дахолати давлатҳо доштааст. Пешрафтҳои фановарӣ дар давраи саноатишудани кишварҳои гурӯҳи аввал оҳиста буд ва кишварҳои саноатии мутааххир ба далели ҳузури кишварҳои саноатии аввалия бо мушкилот рӯбарӯ буданд, ба ҷиҳати сохтори нуфузнопазири бозорҳо. Бинобар ин, кишварҳои саноатии мутааххир, ки дертар вориди саҳнаи саноатишудан гардидабуданд, бештар ниёзманди муҷаҳҳаз кардани манобеъ барои сармоягузорӣ буданд ва низ ба рушди зарфияти тавлиди болотаре ниёз доштанд. Ба ҳамин ҷиҳат, ниёзманди тағйироти ниҳодӣ ва иҷтимоии бештаре низ буданд ва талоши зиёде ҳам барои эҷод ва тавсеаи ниҳодҳои лозим дар ростои фароҳам намудани як фазои муносиб барои фаъолиятҳои иқтисодӣ анҷом гирифт.

Иқтисоди Эрон дар ҳоли фароянди саноатишуданро оғоз мекунад, ки шароити тавсеаи саноатӣ ба суръат дар ҳоли тағйир аст ва бинобар ин метавонад танҳо нақше аз кишварҳои саноатии таъхирро такрор кунад. Кишвар дар шароити имрӯз ниёзи бештаре ба афзоиши рушди зарфияти тавлид, амбошти сармоя ва тағйироти ниҳодӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардад. Бо вуҷуди ниёзи фаровон ба тағйир ва набуди сохторҳои муносиб дар бозорҳои мухталиф барои расидан ба ин ҳадафи ниёзи тавсеаи саноатӣ ба дахолати давлат афзун мегардад ва дахолати давлат боиси бо нақши мутафовите аз гузашта шакл мегирад.

Давлат барои ҳимоят аз саноеи навзод ва пешрафти содиротӣ замони зиёде дар ихтиёр надорад ва бояд фазои муносибе барои тасҳили фаъолиятҳои иқтисодии бахши хусусӣ, иртиғои технология, тавсеаи омӯзиш ва маҳоратҳо, тавсеаи саноеи кӯчаки иқтисодиҳо ва зерсохтҳо фаъолиятҳои саноатиро созмондиҳӣ кунанд, ки яке аз ин маблағҳои муҳим эҷод ва ҳимоят аз саноеи кӯчак ва мутавассит аст.[4]

**Ҷиҳатгирии сиёсатҳои давлат дар заминаи саноеи кӯчак.** Барномаи саввуми тавсеаи иқтисодии кишвар нуқтаи муҳиме дар заминаи тадвини дастаҳои сиёсатӣ, ҳимоятӣ барои саноеи кӯчак маҳсуб мешавад. Дар ин барнома таҷҳизи манобеи модӣ барои тавсеаи саноатӣ бахусус дар бахши ғайридавлатӣ бо рӯйкарди хос ва саноеи кӯчак аз ҷумла ҷиҳатгириҳои муҳими барнома дар ростои ҳимоят аз сармояи кӯчак будааст.

Аксари кишварҳо дар ҷиҳати ҳимоят аз саноеи кӯчак иқдомоти муштараке анҷом медиҳанд, ки бархе аз онҳо иборат аст аз:

1. Ҳимояти молӣ ва молиётӣ.

2. Афзоиши қудрати рақобатпазирӣ.

3. Тақвияти бозорёбӣ ва содирот.

4. Бастрасозӣ барои тавсеа ва густариши саноеи кӯчак ва мутавассити ҷадид.

5. Эҷоди ҳамкорӣ байни саноеи кӯчак ва мутавассит бо саноеи бузург.

6. Ироаи хадамоти мушовираӣ ва ҳимоятҳои омӯзишӣ ба саноеъ.

Дар кишвари Эрон низ бастаи сиёсатии барномаи саввуми тавсеа барои ҳимоят аз саноеи кӯчак ба таври хулоса иборат будааст:

1. Амалиётӣ кардани қонуни ҳадди аксари истифода аз тавоноии созандагони дохилӣ ба манзури истифодаи муносиб аз тавоноии сохти дохил ва тақвияти паймонкорон ва мушовирони дохилӣ.

2. Густариши фаъолияти ширкати шаҳракҳои саноатӣ ва кӯмак ба шаклгирии хушаҳо дар занҷираҳои тавлиди саноатӣ.

3. Таъкид бар нақши саноеи кӯчак, тарвиҷи корофаринӣ, эҷоди иштиғол бо таъсиси созмони саноеи кӯчак.

4. Таъсиси сандуқи замонати сармоягузории саноеи кӯчак дар соли 2004 ба манзури тасҳил дар дастрасии саноеи кӯчак ба манобеи молӣ.

Ниҳодҳои ҳимоятӣ низ ҷиҳати ҳимоят аз ин саноеъ дар Эрон эҷод шудааст, ки иборатанд аз созмонҳои саноеи кӯчак ва шаҳракҳои саноатии Эрон, маркази тавсеаи содироти Эрон ва утоқи бозаргонӣ ва саноат ва маъдан.

Тайи барномаи саввуми тавсеаи кишвар (2000-2004) дар муқоиса бо барномаи дуввуми тавсеа (1994-2008) аз теъдоди саноеи кӯчак коста ва бар саҳми саноеи бузург ва мутавассит аз бӯъди(ҷиҳати) теъдоди бунгоҳ афзуда шудааст ва дар муқобил аз абъоди иштиғол аз саҳми саноеи бузург коста ва бар саҳми саноеи кӯчак бахусус мутавассит изофа шудааст. Бар асоси натиҷаҳои оморгирӣ аз коргоҳҳои саноатӣ дар соли 2002 аксари воҳидҳои саноатӣ ҷузъи саноеи кӯчак ва мутавассит буда ва ҳудуди 99,2% онҳо касбу корҳои кӯчак ҳастанд ва беш аз 63% кулли нерӯи кори бахши саноат дар ин воҳидҳо кор мекунанд ва саҳми онҳо дар арзиши афзудаи бахши саноати кишвар болиғ бар 28% мебошад. Дар ҳоле ки саҳми саноеи бузург ва мутавассит, ки фақат 0,8% кулли бунгоҳҳои саноатиро ташкил медиҳад 72% арзиши афзудааст.

Ба иллати сохтори ронтии кишвар боздеҳии ҳамаи фаъолиятҳои иқтисодӣ аз боздеҳии саноеи мутавасит бештар аст, ки ин тафовут дар боздеҳ муҷиб мешавад то бахши хусусӣ ангеза барои вуруд ба ин саноеро надошта бошад.

**Роҳбурдҳои тавсеа ва беҳбуди вазъияти саноеи кӯчак ва мутавассит дар Эрон**. Иқтисоди Эрон метавонад аз потенсиали саноеи кӯчак ва мутавассити худ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои чашмандози 20 сола истифода кунад. Бад-ин манзур лозим аст, як сари ислоҳоти кулли анҷом пазирад.

**1. Коҳиши вобастаги ба нефт.** Дар ҳоле ки бахши азими иқтисод мутааллиқ ба саноеи хурд ва кӯчак аст, лекин иқтисоди Эрон ба сурати бориз ва густардае бо ширкатҳои бузурги давлатӣ ва шабеҳи давлатӣ таъриф мешаванд, ки беш аз 80% иқтисоди кишварро таҳти назорат дорад. Бавижа, дар мавриди тиҷорати нефти хом, маҳсулоти кимиёвӣ ва гази табиӣ мутобиқат дорад.

**2. Мантиқи сохтани боздеҳӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисод** Теъдоди бунгоҳҳои саноатӣ дар соли 1995 ба истисноӣ воҳидҳои бозаргонӣ ва хадамотие, ки расман ба сабт расидаанд, болиғ бар 367250 воҳид мебошад, ки 95,8% он марбут ба саноеи хурд мебошад ва мутолиот нишон медиҳад бахши саноеи кӯчак ва мутавассит меҳварияти асосие дар рушди иқтисодӣ дошта ва дар пайи он тавоноии билқувваи зиёде барои эҷоди иштиғол дорад.[7]

Омори саноеи кӯчак аз ибтидо то поёни соли 2009 дар хусуси теъдоди муҷавизҳои таъсиси содиршуда, парвонаҳои баҳрабардории содиршуда ва тарҳҳои саноатии дар дасти иҷро дар ҷадвали зер омадааст. Чунончи куллияи ин саное ба баҳрабардорӣ бирасанд, умед аст ки бахше аз бекории ҷомеаро бартараф намояд.[8]

Ҷадвали 1. Муҷавизҳои таъсиси содиршуда

| Унвон | Воҳиди санҷиш | Дар соли 2009 | аз ибтидо то поёни соли 2009 |
|---|---|---|---|
| Теъдод | фақаре (чи қадар) | 13369 | 118939 |
| Сармоягузорӣ | млрд. риёл | 837635 | 4299296 |
| Иштиғол | нафар | 450699 | 3877542 |

Ҷадвали 2. Парвонаҳои барҳрабардории содиршуда

| Унвон | Воҳиди санҷиш | Дар соли 2009 | аз ибтидо то поёни соли 2009 |
|---|---|---|---|
| Теъдод | фақаре (чи қадар) | 6598 | 81274 |
| Сармоягузорӣ | млрд. риёл | 207622 | 931066 |
| Иштиғол | нафар | 138806 | 2129745 |

Ҷадвали 3

Муҷавизҳои таъсиси содиршуда бар асоси теъдоди иштиғол то поёни соли 2009

| Унвон | Воҳиди санҷиш | Коргоҳҳои камтар аз 50 нафар | Коргоҳҳои 50 нафар ва бештар | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| Теъдод | фақаре (чи қадар) | 105818 | 13121 | 118939 |
| Сармоягузорӣ | млрд. риёл | 793647 | 3505649 | 4299296 |
| Иштиғол | нафар | 1804743 | 202799 | 3877542 |
| Дар фоизи саҳм ба кулл ба ҳасби теъдод | дар фоиз | 89 | 11 | 100 |

Ҷадвали 4

Парвонаҳои баҳрабардории содиршуда бар асоси теъдоди иштиғол то поёни соли 2009

| Унвон | Воҳиди санҷиш | Коргоҳҳои камтар аз 50 нафар | Коргоҳҳои 50 нафар ва бештар | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|
| Теъдод | фақаре (чи қадар) | 74753 | 6521 | 81274 |
| Сармоягузорӣ | млрд. риёл | 215766 | 715300 | 931066 |
| Иштиғол | нафар | 911368 | 1218377 | 2129754 |
| Дар фоизи саҳм ба кулл ба ҳасби теъдод | дар фоиз | 92 | 8 | 100 |

Шарт ин ки як бунгоҳи кӯчак битавонад эҷод ва роҳандозӣ шавад фароҳам будани бастарҳои лозим дар арсаи иқтисоди кишвар аст, ки ин амр ба ӯҳдаи давлат аст ва давлат метавонад бо истифода аз ҳақи инҳисории худ дар вазъи қонунҳо ва муқаррарот осори зиёде бар равобит ва фаъолиятҳои коргузорон арсаи иқтисод дорад. Агар ин абзор ба дурусти ба кор гирифта нашавад, метавонад ба унвони монеи барои фаъолони иқтисод амал кунад. Давлат бояд дар заминаи фароянди гирифтани ҷавози таъсис фароянди дарёфти эътибори молӣ содирот, ворибот, молиёт, авориз, қонуни кор ва ғайра тасҳилотеро фароҳам кунад.[2] Давлат аз соли 2006 ҷиҳати муқобили бо бекорӣ бар асоси барномаҳое ки тадвин карда буданд, ба сурати густарда иқдом ба пардохти вомҳои барои роҳандозии коргоҳҳо ва бунгоҳҳои зудбоздеҳ ҷиҳати эҷоди иштиғол дар бахшҳои мухталиф намудааст. Ин тасмин мумкин аст дар кутоҳмуддат нархи бекориро коҳиш диҳад, аммо ин сиёсат дар баландмуддат таъсиргузор нахоҳад буд. Зеро лузуми доштани як шуғли доимӣ ва мутмаин ниёзманди саромягузории мустамар ва барномарезии дақиқ мебошад.[6]

## АДАБИЁТ


1. Корофаринони ҷавон, тархи кор. http://kaj-edu.com.conect
2. Беҳзоди Ломеӣ. Монеаҳои қонунии рушди саноати кӯчак дар Эрон. www.Irankarafarini.persianblog.com
3. Амири Маликинажод. Таҳлиле бар нақши саноати кӯчак ва мутавассит дар тавсеаи иқтисодӣ. www.farsnews.IR
4. Доктор Маҳмуди Даргоҳӣ. Давлат ва тавсеаи саноатӣ. www.sunayenew.com,content/view/4313,88-cached
5. Ҷойгоҳи ширкатҳои кӯчак ва мутавассит дар низомҳои иқтисодӣ. karafarini.tbzmed.ac.ir,magalat/Jaigah20%sherkatha.htm-cached
6. www.pdffactory.com
7. http://www.iranmico.comLartide-fa-5.ntml
8. Дафтари омор ва фароварии додаҳо. Вазорати саноат ва маъдан.
9. Сиёсатҳои муваффақи тавсеаи саноати кӯчак дар 20 кишвари саноатӣ дар ҳоли тавсеа. Интишороти созмони саноати кӯчак бо ҳамкории корофаринони Басир.


## РОЛЬ ГОСУДАРСТВА В РАЗВИТИИ МЕЛКИХ И СРЕДНИХ ПРЕДПРИЯТИЙ


Данная статья рассматривает роль государства в развитии мелких и средних предприятий на примере предприятий Исламской Республики Иран.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** малые и крупные предприятия, значение и роль малых и средних предприятий, социальная система, экономическая система, роль государства в организации малых и средних предприятий


## INFLUENCE OF THE ROLE OF THE STATE IN DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES


This article considers influence of a role of the state in development of small and medium-sized enterprises on an example of the enterprises of the Islamic Republic Iran.



**KEY WORDS:** the small and large enterprises, value and a role of small and medium-sized enterprises, social system, economic system, a state role in the organization of small and medium-sized enterprises



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ахмад Саиди*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ, член научно-преподавательского состава Свободного исламского университета города Арок, Иран.

# МАФҲУМИ СОЗМОНИ ТИҶОРАТИ ҶАҲОНИИ WTO ДАР КИШВАРҲОИ РӮ БА ИНКИШОФ

***Сайид Абдулмуҳаммад Ризоӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз дар ҷаҳон тавзеи якхелаи манбаъҳои табиӣ ва молиявӣ, сифати нерӯи инсонӣ, тавонмандиҳои технологӣ, такомули ниҳодӣ ва маҳоратҳои созмонӣ ва мудириятӣ дар кишварҳои гуногун дида намешавад ва ин фарқиятҳо сабаб шудааст, то бархе кишварҳо дар тавлид ва содироти колоҳо ва хадамоти хос аз коройӣ ва имтиёзҳои махсусе баҳраманд гарданд. Асри иртиботот ва баланд шудани суръати ҳамлу нақл дунёро ба деҳкадаи хурд табдил кардааст. Аҳамияти фосилаҳои географӣ кам шуда, ҳаҷми иртиботот ва додугирифти байналмилалӣ дар сатҳи васеътар ва дар асоси имконоти осон ба монанди телефон, факс, телекс, почтаи электронӣ ва ғ. рӯ ба афзоиш аст.

Бозаргонии байналмилалӣ аз қадим дар инкишофи иқтисодии ҷаҳон нақш дошта, пайдоиши саноати мошинӣ ва пешрафти илму техника, саноат ва сайри сареи тамаддун, бо ангезиши тиҷорат ва шитоб барои сармоягузории хориҷӣ, аҳамияти онро дучандон намудааст. Бештари кишварҳо бо густариши ҳаҷм ва навъҳои маҳсулоти содиротии худ, хоҳони беҳбуди тарзҳои пардохтҳо ва эҷоди фурсатҳои шуғлии нав ҳастанд ва ҳамзамон ба интиқоли технологи ва осори мусбати тиҷорат меандешанд. Ин имтиёзҳо ҳамроҳ бо чандин ҷанбаи мусбати дигар сабаб шудааст, ки бархе мактабҳо, рушду тавсеаи иқтисодиро вобаста ба густариши бозаргонӣ бидонанд. Ҳамакнун, меҳвари асосии сиёсатҳои тавсеаӣ, васеъ кардани содирот буда, таҷдиди ҳаёти иқтисодии бисёре ҷомеаҳо ба он такя мекунад.

Дар ним асри гузашта барои эҷоди тараққиёти дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, дидгоҳҳои гуногуне пешниҳод ва ба иҷро гузошта шудааст. Гурӯҳе аз соҳибназарони иқтисодӣ роҳбурди даруннигарро пешниҳод карда, дар ин асос сиёсати ҷойгузинии воридот дар баъзе аз кишварҳо бо шиддат ва заъфи нисбӣ эъмол гардидааст.

Гурӯҳе дигар роҳбурди буруннигарро беҳтар дониста ва дар натиҷа, аз сиёсати ташвиқи содирот ҳимоят мекунанд. Ин ки оё мотори инкишоф ва тавсеаро бояд дар даруни иқтисод ҷустуҷӯ кард, ё берун аз он, ба таври мутлақ ва дар фазои танҳо посухгӯ буда наметавонад, балки бояд "таркиби матлубе" аз онҳоро дар давраҳои гуногуни замонӣ ва бораи бахшҳои мухталифи иқтисодӣ бо дар назар гирифтани хусусиятҳои ҳар кадоми онҳо бояд интихоб ва пайгирӣ намуд.

Дар низоми навини иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бисере аз қоидаҳои таҳмилшуда ба иқтисоди ҷаҳонӣ тартиб дода шуда ва дар натиҷа, фароярдҳое мисли ҷаҳонӣ шудани иқтисод ва раванди рӯ ба рушди ҳамгароиҳои минтақаӣ, таърифи марз ва ҳудуди иқтисоди кишварҳо ба шиддат дучори дигаргунӣ шудааст, бо ҷуръат метавон гуфт, ки ягон кишвар, махсусан, агар дар зумраи кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад, наметавонад, бидуни огоҳӣ аз шароити дигаргунӣ, механизмҳо ва сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ дар пешбурди ҳадафҳои тавсеаи иқтисодӣ ва тиҷоратии худ муваффақ амал карда ва ё ҳатто идомаи ҳаёти мустақиле дошта бошад.

Стратегияи таърихӣ ба мавзӯи тавсеа, сарфи назар аз дараҷаи эътибори он, дар ду-се даҳа пас аз Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ дар арсаи таҷриба ва сиёсатгузорӣ ба интихоби стратегии ҷойгузинии воридот анҷомид. Аксари кишварҳои рӯ ба инкишоф дар Осиё, Америкаи Лотинӣ ва Африка бо сиёсатҳои ҳимоятӣ ба ин стратегия рӯй оварданд. Аммо он чи ки дар амал рӯй дод, ҳадафҳои мавриди назар ҳосил нагардид ва тавсеанаёфтагӣ ҳамчунон ва ҳатто печидатар аз гузашта бар ҷой монд. Тайи даҳаи 1970 баъзе кишварҳои рӯ ба инкишоф дар заминаи озодсозии иқтисодиашон ба воситаи ислоҳот, бо мақсади афзоиши нақши бозор ва коҳиши монеаҳои тиҷорати байналмилалӣ ва интиқоли сармоя талошҳои зиёд карданд. Дар соли 1980 таҷрибаи муваффақи чанд кишвари ҷанубу шарқии Осиё, мисли Корея, Тайван ва Сингапур, илова бар он ки алоқаи муҳаққиқон ва назарияпардозони иқтисоди байналмилалӣ ва иқтисодӣ тавсеаро ба ислоҳот барангехт, сабаб гардид, сиёсатгузорон ва коргузорони иқтисодӣ дар дигар кишварҳо низ ба пайравӣ ва намунабардорӣ аз онҳо тарғиб шаванд. Озодсозии тиҷоратӣ ба унвони яке аз рукнҳои аслии озодсозии иқтисодӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор шрифт ва бо фаъол шудани Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ (WTO) ва пайвастани кишварҳои бештар ба он кишварҳои мухталиф, махсусан кишварҳои рӯ ба инкишоф дар як тағйир ҷиҳати куллӣ ба анҷоми озодсозии тиҷоратӣ мубодират варзиданд. Мувофиқатномаи умумии тариф ва тиҷорат (GAAT) дар соли 1947 ба вуҷуд омад ва ҳаракат ба сӯи озодсозии тиҷоратии васеъ дар сатҳи ҷаҳон будааст ва имрӯз низ ин ҳаракат бо кумаки Созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO), ки дар соли 1995 ҷойгузини GAAT шуд, дар ҳоли такмил мебошад. Сатҳи тарифҳо дар кишварҳои пешрафта хеле коҳиш ёфта ва ба ҳисоби миёнаи 4 дарсад расида ва ин нарх барои кишварҳои рӯ ба инкишоф низ коҳиш ёфта истодааст. Аз сӯи дигар, тартиботи тиҷоратии чандҷониба ва дуҷониба низ ба унвони беҳинаи дуввум тавонистааст

кишварҳоро ба сӯи озодсозӣ ва манбаъҳои эҳтимолии ҳосил аз он тарғиб намояд. Лизо, бо назардошти тағйиротҳои ҷаҳонӣ дар заминаи озодсозии тиҷоратӣ ва таъсири он ба иқтисодиёт ин пажӯҳиш метавонад нақши муфид дошта бошад.

Бешак, тиҷорат дар муқоиса бо тавлиди ҷаҳонӣ бештар инкишоф ёфтааст. Аммо ин инкишоф дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон, махсусан дар кишварҳои рӯ ба инкишоф якхела набуда, осору таъсири гуногунро ба ҷой гузоштааст. Ангезаи аслӣ ва қавии кишварҳо дар ҳаракат ба сӯи озодсозии тиҷоратӣ, дастёбӣ ба рушду инкишофи иқтисодӣ ва гирифтани саҳми болотаре дар иқтисоди ҷаҳонӣ аст. Бинобар ин, ҳамвора ин савол дар пеши кишварҳои рӯ ба инкишоф вуҷуд дорад, ки фароянди озодсозӣ тавонистааст таъсири мусбати худро бар ҷой бигузорад? Дар солҳои охир, аз ҷумла баҳсҳои аслии иқтисоддонони тавсеа бар баён намудани таъсири пайвастан ба WTO ва асари он ба нишондиҳандаҳои калони иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф аст. Аз ҷумла, вазифаҳои WTO озодсозӣ ва осон намудани робитаҳои тиҷоратӣ аст. Ва аммо, барои ин, ки кишварҳои рӯ ба инкишоф битавонад аз ҷойгоҳи нерӯманди гуфтушунид дар баҳсҳо ва музокираҳои аввалияи ворид шудан ба WTO баҳраманд бошанд, дар назар гирифтан ва иҷрои як силсила тадбирҳо ё иқдомоти бистарсозии иқтисодӣ ва тиҷоратӣ қабл аз ҳамроҳ шудан зарурӣ ба назар мерасад. Бинобар ин, барои суръат бахшидан ба паёмадҳои мусбати узвият дар созмони тиҷорати ҷаҳонӣ ва пешгирӣ аз осор ва паёмадҳои манфии он ба равиши мантиқӣ зарурӣ менамояд, ки оқибатҳо ва таъсири он мавриди баррасӣ қарор гирад.

"Стратегиям тиҷорати хориҷӣ" ин ҳамаи тадбирҳо ва равишҳое мебошад, ки кишвар барои танзим ва идораи муносибатҳои иқтисодии мардуми қаламрави миллии худ дар чорчӯби мақсадноки муайян, бо мардуми қаламрави кишварҳои дигар ба таносуб амалӣ мекунад ва ба сурати мутлақ ё нисбӣ ҷорӣ мекунад, ки ҳангоми иҷрои нисбии сиёсатҳо назорат ба иҷрои он низ ба миён гузошта шудааст. Маҷмӯаи тадбирҳо ва равишҳои ин роҳбурд аз унсурҳои зеҳнӣ ва айнӣ иборат аст, ки аз сӯе назарияҳо ва доктринаҳоро дар бар мегирад, аз сӯи дигар, тактикаҳо ва техникаҳоро истифода кардааст, унсурҳо ва тариқаҳои айнӣ корбурди унсурҳои зеҳниро ироа медиҳад. Бофти стратегияи тиҷорати хориҷӣ, аз намуд ва нисбати бахшҳои ташкилдиҳандаи сиёсатҳои тиҷорати хориҷии кишвар ба вуҷуд омадааст, ки ин нисбат мувофиқи низоми сиёсӣ ва иқтисодии ҳоким ва тақозои замонӣ фарқ карда ва дар ин асос, дар ҳар кишвар навъе аз маҷмӯаи сиёсатҳои таҷдид ё ташвиқи мубодилот дар дараҷаҳои гуногун дида мешавад.

Истилоҳи "тавсеаи иқтисодӣ", рушди иқтисоди давомдор, ба худ такя карда ва комилан фарогир таъриф мешавад, ки ҳамроҳ бо тағйири сохторҳои маънидори намунаҳои тавлидӣ, ниҳодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ислоҳу беҳбуди умумии стандартҳои зиндагӣ аст. Ин таъриф метавонад аз истилоҳи тавсеа ва мафҳуми рушди иқтисодӣ фарқ дошта бошад, ки пояҳои маҳдуде дошта ва ба маънои рушди тавлиди нохолиси миллӣ, бе дар назар гирифтани чигунагии дигаргунӣ ва тағйирот дар сохтори тавлид, тавсеаи ниҳодӣ ё ислоҳ ва беҳбуди стандартҳои зиндагии фақирон матраҳ мешавад.

Мафҳуми "ҷаҳонӣ шудан": Сандуқи байналмилалии пул ҷаҳонӣ шудан дар бахшҳои иқтисодиро рушди вобастагии дутарафаи иқтисодии кишварҳо дар саросари ҷаҳон ба воситаи афзоиши ҳаҷм ва навъҳои мубодилоти коло, хизматрасонӣ ва ҷараёни сармоя дар моварои марзҳо ва инчунин аз тариқи пахши густардатар ва васеътари технологӣ медонад.

Хусусисозӣ: Хусусисозӣ ба маҷмӯае аз иқдомот гуфта мешавад, ки дар қолиби он, дар сатҳҳо ва заминаҳои гуногуни контрол ё моликият ва ё мудирият аз бахши давлатӣ берун шуда, ба бахши хусусӣ супурда мешавад.

Озодсозии тиҷоратӣ: коҳиши контролҳо ва тағйири ҷиҳат аз сиёсатҳои контролии мустақим ба дахолати бевосита, бо истифода аз механизми нархҳо.

Сармоягузории мустақими хориҷӣ: Сармоягузории мустақими хориҷӣ иборат аст аз сармоягузорӣ, ки замонатдори муносибатҳои дарозмуддат буда, инъикоскунандаи назорат ва нафъи мустамари шахсияти ҳақиқӣ ё ҳуқуқии муқими як кишвар дар ширкате, ки дар хориҷ аз ватани сармоягузор бошад.

Мутолиаи тиҷорати хориҷӣ ва байналмилалӣ яке аз қадимтарин бахшҳои иқтисодиёт аст ва собиқаи он ба қарни XVI ва ба иштиёқи тоҷирони аврупоӣ барои дастёбӣ ба тиллои Испания рафта мерасад. Иқтисоддононе монанди Адам Смит, Дэвид Риккардо, Ҷон Стюарт Мил, ки аз ҷумлаи донишмандон ва асосгузорони ин тафаккур буданд, мафҳумҳои асосии ин соҳаро бино ниҳоданд. Дар ин фасл, дар аввал стратегияҳои ҷойгузини воридот ва тавсеаи содирот бо номи стратегияи бозаргонии хориҷӣ баён шуда ва сипас бо шарҳи мафҳуми озодсозии тиҷоратӣ ба баррасии асароти пӯёи ин падида мепардозем. Дар идома, зимни ироаи мафҳуми ҷаҳонӣ шудан ва баррасии раванди он, раванди тавлид ва тиҷорати ҷаҳониро аз соли 1948 то 2008 мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳем.

Стратегияи тиҷорати хориҷӣ. Гурӯҳе аз донишмандони иқтисодӣ боварӣ доранд, ки тиҷорати озоди хориҷӣ дар рушду тавсеаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои рӯ ба инкишоф нақши мусбатро

ичро мекунад. Гурӯҳи дигаре низ бо эътиқод ба ин, ки тиҷорати байналмилалӣ имрӯз наметавонад роҳкушои ҷаҳони севвум дар дастёбӣ ба ҳадафҳо ва омили тавсеаи иқтисодиашон бошад, бо тиҷорати озоди хориҷӣ ба мухолифат бархостаанд.

Ҷонишинии воридот, сиёсатҳои даруннигар ё ҷиҳатгириҳои дурнигарро роҳе барои тавсеаи иқтисодӣ аст, ки дар чорчӯби он ба ҷои воридот ва махсусан воридоти колоҳои саноатӣ, аз тавлидоти дохилии он колоҳо ва фаровардаҳо истифода мешавад. Сиёсати дигар ба унвони стратегияи тавсеаи содирот сиёсатҳои беруннигар ё тараққиёти ба содирот такякарда, таъкиди бештар барои инкишоф, аз ҷанбаи ҷорӣ кардани сиёсатҳои тиҷорати озоди байналмилалӣ дорад, ба тавре ки ҳамаи тағйиротҳои иқтисодӣ, бевосита тарзе мутассир аз имконияти иқтисод дар рақобатҳои хориҷӣ ва имтиёзҳои нисбии он дар чорчӯби тақсими байналмилалии кор ҳастанд, аммо рушди пур аз ин стратегия барои иқтисодиётҳои гуногун якхела набудааст, ки ба далелҳои гуногун монанди рушди баҳраварӣ, андозаи давлат ва дигар сиёсатҳои такмилии ин стратегия аст, ки аз ҷумла номуайяние аст, ки бо рӯшан намудани баъзе фарқиятҳои сода байни озодсозии режими тиҷоратӣ ва ҳаракат ба сӯи сиёсати бурунгаро саъй мешавад, ин номуайяниҳо бартараф шаванд. **Дар** ин афрод, ибтидо стратегияи ҷонишинии воридотро баррасӣ ва таҳлил мекунем. Сипас стратегияи инкишофи содиротро дида мебароем.

Стратегияи ҷонишинии воридот ва хусусиятҳои он. Маъруфтарин ва ба иборате пешинадортарин стратегияи тиҷоратӣ дар таърихи иқтисодиёт, стратегияи рушди даруннигар ва ба неру ва тавони дохилӣ асосёфта аст. Ин сиёсат ба таъмини ниёзмандиҳои бозори дохилӣ бо тавлидоти дохилӣ такя кардааст. Таҳти ин стратегия кишвар бо истифода аз навъҳои ҳимоятҳо ва маҳдудиятҳои тарифӣ ва ғайритарифии он, воридотро маҳдуд ва асоси афзоиши тавони тавлиди дохилии колоӣ мушобеҳи хориҷиро мегузорад.

Аз пешгомони ин назария иқтисоддонҳои машҳур мисли Парбеш, Наркес ва Мирдолро метавон номбар кард. Ин се иқтисоддон ҷиҳатгирии ҷойгузини воридотро дар фароянди тавсеаи иқтисодии кишварҳои ҷаҳони севвум тавсия карданд. Идеяи аслии ин назария ба ин асл устувор буд, ки дар ҳоли ҳозир назарияи классикҳо дар хусуси бартариҳои нисбӣ ҳеҷ муносибате бо шароити дар кишварҳои рӯ ба инкишоф вуҷуддошта надорад, чун дар асоси собиқаи таърихӣ, робитаи мубодилоти бозаргонии байни кишварҳои рӯ ба инкишоф ва кишварҳои саноатӣ тавре аст, ки ин кишварҳо ҳамеша мубодират ба судури маводи аввалия ва арзонқимат менамояд, лекин маҷбур ба хариди колоҳои сохташудаи саноатӣ бо нархи қимат ҳастанд. Ин донишмандон эътиқод доштанд, ки идомаи ин раванд фосилаи миёни ҷаҳони фақир ва сарватмандро бештар хоҳад кард. Парбеш назарияи суннатии имтиёзи нисбиро зери суол бурд ва эътиқод дошт, ки кишварҳои ҷаҳони севвум қодир нестанд бо рушди тавлид ва содироти маводи аввалия ба тавсеаи иқтисодӣ даст ёбанд. Рогнор Наркес, иқтисоддони машҳури америкоӣ коҳиши нархи маҳсулоти кишварҳои рӯ ба инкишоф, монанди мис ва маҳсулоти кишоварзиро далеле барои иддаои худ унвон намуд. Ӯ эътиқод дошт, ки навосоноти доимии ин маҳсулот, дар дарозмуддат наметавонад суботи иқтисодиро барои он кишварҳо ба армуғон оварад ва дар ин асос, тавсеаи бозори дохилии маҳсулоти саноатиро равиши муносибтаре аз содирот ба ин шева медонист. Ба лиҳози амалии марҳилаи нахусти саноатӣ шудан бо тавсеаи саноатӣ, ба воситаи сиёсати ҷонишинии воридот, эҷоди саноатҳои масрафӣ аст, ки онро маҳсули ниҳоӣ ва ё охирин марҳилаи тавлид низ мегӯянд. Хатҳои тавлиди монтаж дар саноат, бастабандӣ мисоли муносиби ин марҳила аст. Ба таври умумӣ, дар марҳилаҳои нахусти сиёсат, дар риштаҳое аз саноат сармоягузорӣ гоҳе ба воситаи сармоягузорони хориҷӣ ва махсусан ширкатҳои чандмиллиятӣ ва ё бо мушорикати онҳо анҷом мешавад, ки дар ин кишвар мизбонӣ бо номи маҳаллӣ шинохта мешаванд.

Марҳилаи дуввуми инкишоф дар ин сиёсат ҷонишинии воридоти колоҳои воситаи аст. Дар ин марҳила ба тариқи мухталиф ва беш аз ҳама бо наздик кардани тадриҷии низоми гузиниши тариф ба низоми умумии он шароитеро эҷод мекунанд, ки таҳти он маводи аввалия дохил ба лиҳози нарх, нисбат ба мушобеҳи воридотии он мавриди ҳимоят қарор гирифтааст, ки акнун бо истифода аз тариф дар сатҳи болотаре қарор гирифтааст. Ҳамин тариқ, саноати масрафи дохилӣ ташвиқ мешавад, то колоҳои сармояи дохилӣ дар фароянди тавлиди худ бахра ҷӯянд.

Марҳилаи севвум, тавлиди саноатӣ ё тавлиди мошинолоти саноатӣ дар асоси саноати аввалияи модар, ки марҳилае таркибӣ аз марҳилаи дуввум ва комил шудани хатти тавлид дар дохил аст. Абзорҳое, ки аз онҳо барои воридот ва ҳимоят аз тавлиди дохилӣ метавон истифода кард, иборатанд аз бастани тариф, маҳдудиятҳои миқдорӣ ва эҷоди саҳмия барои воридоти колоҳо, аворизи ҷубронии иштироки давлат дар тиҷорат, гумрук ва ташрифоти вуруд, стандартҳо, маҳдудиятҳои хоси ӯҳдадориҳо барои воридот.

Вижагиҳои стратегӣ ё стратегияи ҷойгузинии воридотӣ ба таври зерин аст:

1. Дар асоси стратегияи ҷойгузинии воридот, ихтиёрот ва қудрати давлат дар тасмимгириҳои иқтисодӣ бештар аст. Ба иборати дигар, механизми бозор дар ин стратегия камтар қудрат дорад.

2. Ин стратегия дар ростои сиёсатҳои худкифоии миллӣ мебошад.
3. Дар ин стратегия, бо таваҷҷӯҳ ба амалиёти сиёсатҳои ҳимоятии бозаргонӣ, тавоноии давлат дар контроли ҳаҷми воридоти кишвар бештар аст ва аз ин тариқ метавонад тарози пардохтҳоро таҳти таъсир қарор диҳад.
4. Ба табъи сиёсатҳои ҳимоятии бозаргонии ҳоким дар ин стратегия манбаъҳои даромадӣ, аз қабили дарёфти ҳуқуқи гумрукӣ ва суди бозаргонӣ барои давлат ба вуҷуд меоварад.
5. Дар ин стратегия манбаъҳо низ имкони зухур пайдо мекунанд, ки кишвар дар онҳо имтиёзи нисбӣ надорад ва сирфан бо пуштибонии сиёсатҳои ҳимоятӣ метавонанд боқӣ монанд.
6. Дар ин стратегия андозаи нархи ҳимояти таъсиркунанда аз саноат дар аксари мавридҳо болотар аз нархҳои исмии ҳимоят мебошад. Ба ибората дигар, нархи ҳимояти муассир баёнгари мизони воқеии ҳимоят аст.

Хусусиятҳои стратегияи инкишофи содиротӣ иборатанд аз стратегияи инкишофи содирот дорои вижагиҳои сершумор ва гуногуне аст, ки дар ин қисмат ба баъзеи онҳо ишора мешавад:

1. Дар ин стратегия нақши давлат дар дахолатҳои мустақими иқтисодӣ камрангтар мешавад.
2. Стратегияи тавсеаи содирот ба тиҷорати озод асос ёфтааст.
3. Дар ин стратегия бо коҳиши сиёсатҳои ҳимоятии тиҷоратӣ дастрасии масрафкунандагон ба маҳсулоти арзонтар бештар мешавад ва сатҳи зиндагии онҳо беҳтар мешавад.
4. Ин стратегия дастрасӣ ба бозорҳои хориҷиро мавриди ҳадаф қарор додааст. Бинобар ин, ниёзмандӣ ба маҳсулоти дохилӣ танҳо ба дохил дахл надорад. Вале баҳрагирӣ аз сарфаҳои миқёсӣ қобили додугирифт аст ва дар натиҷа имкони афзоиши иштиғол дар омилҳои тавлид афзоиш меёбад.
5. Ин стратегия боиси ҳидояти иқтисод барои тавлид ва фурӯши маҳсулот мешавад, ки кишвар дар тавлиди онҳо дорои имтиёзи нисбӣ аст ва бинобар ин, барои фаъолиятҳои иқтисодӣ судовар мешавад.
6. Дар ин стратегия ба воситаи афзоиши рақобат миёни маҳсулоти дохилӣ ва мушобеҳи хориҷӣ дараҷаи кориии марказҳои дохилӣ афзоиш меёбад.
7. Дар ин стратегия сатҳи қиматҳо ва нархи арз бештар ба воситаи механизми бозор муайян мешавад, на қарорҳои давлат. Бинобар ин, нархи колоҳо дар сатҳи пойинтаре дар муқоиса бо стратегияи ҷойгузинии воридот карор мегирад.
8. Ҷорӣ кардани ин стратегия маъмулан бо озодсозии иқтисод ҳамроҳ аст. Дар натиҷа, имкони ҷалби сармояи хориҷӣ ҳангоми ҷорӣ кардани ин стратегия, нисбат ба замоне ки стратегияи ҷойгузинии воридот амали мешавад, бештар аст.

Сиёсатҳои озодсозии тиҷоратӣ дорои мафҳумҳои гуногун аст. Ба таври умумӣ, ин сиёсатҳо саъи дар коҳиши контролҳо ва тағйири ҷиҳат аз сиёсатҳои контролӣ ва дахолати мустақим ба дахолатҳои бевосита бо истифода аз механизми нархҳо дорад. Ҷорӣ кардани ин сиёсатҳо мусталзами иқдомоте, аз ҷумла коҳиш дар маҳдавиятҳои содиротӣ ва воридотӣ ва ҳамчунин ҳимоятҳои ҷиддӣ бо мақсади тавсеаи содирот мебошад.

Сиёсатҳои озодсозӣ ду ҳадафи асосӣ дорад: Аввалин ҳадаф, кӯмак ба афзоиши инкишофи иқтисодӣ ва иштиғол аз тариқи беҳбуд дар гирифтани манобеъ ва корои иқтисодӣ мебошад. Дуввумин ҳадаф аз ҷорӣ шудани ин сиёсатҳо кӯмак ба беҳбуд дар пардохтҳо ба воситаи мустаҳкам кардани қудрати рақобатии бахши содиротии иқтисод ва рушду густариши содирот ва коротар намудани бахши колоҳои ҷонишини воридот мебошад. Бадеҳӣ аст, ки аҳамияти ин ҳадафҳо дар кишварҳои гуногун бо шароит ва вижагиҳои иқтисодии мушаххас фарқ мекунад. Дар солҳои охир, бисёре аз кишварҳои рӯ ба инкишоф бо мақсади афзоиши корoӣ аз сиёсатҳои озодсозии тиҷоратӣ истифода намудаанд. Маъмултарин равиш, коҳиши нархи тарифи колоҳое буд, ки болотарин мизони ҳимоят аз онҳо ба амал омадааст. Ин амр маъмулан бо коҳиши даромадҳои давлатӣ баробар маънидод мешавад. Ин равиш дар кӯтоҳмуддат то ҳудуде мушкилоте эҷод мекунад. Бинобар ин, кишварҳое ки ба мизони қобили мулоҳизае ба даромадҳои ҳосил аз тариф вобаста ҳасатанд, бояд қабл аз иҷрои озодсозӣ, коҳиши даромади тарифро мавриди баррасӣ қарор диҳанд.


**АДАБИЁТ**

1. Муҳандисии роҳи оҳан. Навиштаи оқоёни дуктур Қаҳрамонӣ муҳандис Ҳусайнқулиён.
2. Иқтисоди ҳамлу нақл. Таълифи дуктур Маҳмудӣ.
3. Омори фаолиятҳои роҳи оҳан. Соли 1386 ва солҳои қабл аз он.
4. Ҷойгоҳи ҳамлу нақли заминӣ дар иқтисоди кишвар. Дуктур Маҳмуд Саффорзода.
5. Солномаҳои омори созмони ҳамлу нақл ва поёнаҳои кишвар.
6. Wood Francis. Two Thousand Years in the Heart of Asia. Berkeley C.A. University of California Press, 2002.
7. Elisseeff Vadime. The Silk Roads Highways of Culture and Commerce UNESCO Publishing / Berghahn Books, 2001.
8. Boulnois Luce. The Silk Roads Monks Warriors & Merchants Hong Kong Odyssey Books, 2005.

9. Spirin Alexander. IRAN The international transport corridors, 2003.

**КОНЦЕПЦИЯ ВСЕМИРНОЙ ТОРГОВОЙ ОРГАНИЗАЦИИ (WTO)
В РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАНАХ**

В данной статье автором рассматривается деятельность Всемирной тороговой организации (**WTO),** а также проблемы и перспективы вхождения или членства развивающихся стран в данной организации.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Всемирная тороговая организация, проблемы и перспективы, стратегия, экспорт, импорт, стратегия развития, развивающиеся страны.

**CONCEPTS OF THE WORLD TRADE ORGANIZATION (WTO) IN DEVELOPING COUNTRIES**

In this article the author considers activity of the World Trade Organization (WTO), and also a problem and prospect of occurrence or membership of developing countries in this organization.
**KEY WORDS:** World Trade Organization, problems and prospects, strategy, export, import, development strategy, developing countries.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Саид Абдулмухаммад Ризои*** – соискатель Таджикского национального университета.

# ҲИСОБДОРИИ МУДИРИЯТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ШАФФОФСОЗИИ ИТТИЛООТИ МОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУТАФОВИТИ БОЗОР

***Мансуралӣ Раҳимӣ Богабришамӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳазорон сол пеш, бо шаклгирии ҷомеаҳо ва ҳукуматҳо ва пазириши назарияи намояндагӣ ё робитаи моликият ва мубошират (мудирият) байни мардум ва ҳукуматҳо, баҳси посухгӯии ҳокимон ё мудирон бо мардум ва ё сармоягузорон (саҳмдорон) матраҳ ва бо таҳким ва пазириши ҳукуматҳои демократӣ, аз як сӯ ва густариши ширкатҳои саҳомӣ ва сармоягузориҳои муштарак, аз сӯйи дигар шиддат гирифтааст. Ба гунае ки имрӯз дар ҷомеаҳои демократӣ ҳамаи шаҳрвандон ин ҳақро барои худ қоиланд, ки дар сурати лозим будан дар тамоми корҳо (ба ғайр аз корҳое, ки дар баробари қонунҳо бояд сиррӣ будани онҳо ҳифз шавад) аз давлат ё дастгоҳи ҳоким ба таври мустақим ва ё ғайримустақим савол кунанд ва давлатҳо ҳам посухгӯйи мардум бошанд (ин мавзӯъ дар баҳси ширкатҳо ба шакли робитаи саҳмдор - мудир пешниҳод мешавад), дар чунин шароите давлатҳо ва мудирон бояд омодагии лозимро дошта бошанд, то дар сурати тарҳи савол тавассути шаҳрвандон ва ё намояндагони онҳо дар маҷомеъ ва ё маҷлиси қонунгузор, бо ироаи санадҳо ва далелҳои кофӣ ва қобили эътимод аз фаъолияти худ дифоъ кунанд.

Давлатҳо ва мудирон барои адои вазифаи посухгӯӣ ва дифоъ аз фаъолияти худ, аз абзорҳо ва механизмҳои гуногун истифода мекунанд, ки барои мисол метавон ба ташкили созмонҳои ҳисобрасӣ ва назорати дохилӣ, созмонҳои мудирият ва барномарезӣ, низомҳои молӣ ва гузоришгарӣ ва ғайра ишора намуд.

Аз абзорҳои муҳим дар ҷиҳати адои масъулияти посухгӯии давлатҳо ба мардум ва ё мудирони бахши хусусӣ ба шарикони судбаранда ва саҳмдорон, низоми молӣ ва ҳисобдорӣ мебошад, ки бояд бо таносуби навъи фаъолият ва фаъолияти давлат ва ё муассисаҳои ғайридавлатӣ баён ва иҷро шавад. Системаи молӣ ва ҳисобдории ҳар бахш ба таносуби вижагиҳои муҳитии ҳар бахш аз фаъолиятҳо гуногун аст. Масалан, дар бахши фаъолиятҳои навъи давлатӣ, системаҳои ҳисобдорӣ бояд равиши дарёфти манбаъҳо аз маҳалли буҷет ва ҳамчунин равиши сарфи онро мутобиқ бо табақабандиҳо, вожаҳо ва истилоҳоти истифодашуда дар буҷети ҳар сол сабт ва гузориш намояд, ба гунае ки нозирони қонунӣ ва ҳисобрасон бо баррасии гузоришҳо ва иттилооти тавлидшуда тавассути системаи молӣ ба мизони муваффақияти мудирон дар анҷоми вазифаҳо ва дастёбӣ ба ҳадафҳо, барномаҳо, ҳамчунин риояи қонунҳо ва муқаррарот боварӣ ҳосил намоянд. Ва ё дар бахши фаъолиятҳои бозаргонӣ, ки умдатан тавассути ширкатҳо ва муассисаҳои даромадноки давлатӣ ва муассисаҳои ғайридавлатӣ анҷом мешаванд, низоми молӣ ва ҳисобдорӣ вазифа дорад, ки мизони муваффақияти мудирон дар дастёбӣ ба ҳадафҳои муассиса, аз ҷумла мизони судоварии давраи мавриди назар ва тақвияти вазъияти молӣ ва иқтисодии муассиса дар судоварии давраҳои ояндаро гузориш ва таҳлил намояд.

Аз мавриди бисёр муҳим дар низоми молӣ ва ҳисобдори фаъолиятҳои даромаднок (ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ), арзишгузории дороиҳо, мавҷудиҳо ва навҳаи инъикоси он дар суратҳо ва гузоришоти молӣ ва таҳлили тавоноиҳои билфеъл ва билқувва дар афзоиши сарват, бо баҳрагирӣ аз равишҳоест, ки боиси рушд ва афзоиши вуруди ҷараёнҳои нақдӣ ва иқтисодӣ ба дохили муассиса ва коҳишу камшавӣ нисбати хориҷшавии ҷараёнҳои нақдӣ ва иқтисодӣ аз он мешавад. Бахши аввали ин

муҳим тавассути системаи ҳисобдории саньатӣ ба унвони яке аз зерсистемаҳои асосии муштарак байни системаи умумии ҳисобдорӣ ва системаи ҳисобдории мудирият ва бахшҳои комилкунандаи он тавассути дигар зерсистемаҳои системаи ҳисобдории мудирият анҷом мешавад.

Вуҷуд доштани усул, меъёр ва стандарти мушаххас ва мавриди қабул барои андозагирӣ ва арзишгузории дороиҳо ва баҳои тамомшудаи мавҷудиҳо боиси афзоиши эътимод ва боварӣ, қобилияти такя ба иттилооти молӣ мешавад ва набуди он, ошуфтагӣ ва чандгонагӣ дар гузоришҳои молӣ ва набуди баланси иттилоот байни гузоришгар ва судбарон ва нигаронӣ аз тағйир додан ва гумонбарӣ дар таҳияи иттилоот ва ироаи суратҳо ва гузоришҳои молиро ба дунбол хоҳад дошт. Бинобар ин барои рафъи ин гуна нигарониҳо, усул ва стандартҳое тавассути қонунгузорони мутахассиси миллӣ ва байналмиллалӣ тадвин ва ироа шудаанд, ки бояд дар андозагирӣ ва арзишгузории захираҳо тавассути тамоми муассисаҳо ва ширкатҳои шомилшуда риоя карда шаванд, (ин бахш аз иттилоот мавзӯи ҳисобдории саньатӣ ба унвони яке аз зерсистемаҳои ҳисобдории мудирият аст), агарчи мумкин аст бахши дигаре аз иҷрои иттилоот ва гузоришҳои молии созмонҳо ба нисбияти навъи фаъолият, хусусиятҳои муҳитӣ, ҳадафҳо ва барномаҳо гуногун ва тадвини усул ва завобити яксон ва муштарак барои он имконпазир набошад, лекин ин бахш аз иттилоот низ тавассути системаи ҳисобдории мудирият баррасӣ ва таҳлил шуда, иттилооти он мутаносиб бо ниёзи иттилоотӣ, тасмимсозон, мудирон ва тасмимгарон дар ихтиёри онҳо қарор мегирад, ки яке аз бартарии (хубии) системаи ҳисобдории мудирият ҳамин иньитоф (печонӣ), рушд ва пӯёии системаи ҳамсӯ бо ниёзи иттилоотии тасмимсозон ва мудирони созмонҳост.

Системаи ҳисобдории мудирият вазифаи таҳияи иттилооти молӣ ва ҳисобдории барои истифодакунандагони дохили созмонҳоро ба ӯҳда дорад, иттилооти ироашуда тавассути системаи ҳисобдории мудирият вобаста ба тамоми фароянди занҷираи (силсилаи) арзиш аз қабили иттилооти вобаста ба таҳқиқ ва тавсеа, тарроҳӣ, пешбинӣ ва буҷетгузорӣ, истеҳсол, бозорёбӣ, баҳогузорӣ, пешниҳоди коло, хизматҳои пас аз фурӯш, ҷорӣ кардани системаи назоратҳои дохилӣ ва арзёбии он, баррасӣ ва таҳлили иттилоот, дар ниҳоят тамомии иттилоотест, ки дар ҳидоят ва пешрафти арзишҳои иқтисодӣ метавонанд муфид бошанд.

Нақши системаи ҳисобдории мудирият аз системаи ҳисобдории умумӣ фарқ мекунад: дар системаи ҳисобдории умумӣ ҳадафи аслӣ таҳияи иттилоот ва гузоришҳои молӣ барои истифодакунандагони бурунисозмонӣ аз қабили: саҳмдорон, қарздиҳандагон, давлат, пажӯҳишгарон ва ғайра мебошад, дар сурате ки вазифаи системаи ҳисобдории мудирият, ироаи иттилоот барои тасмимгирӣ, барномарезӣ ва назорат аз шурӯи занҷираи арзиш то ироаи иттилооти вобаста ба хадамоти пуштибонии маҳсулот дар поёни занҷираи арзиш ва ҳатто ироаи иттилоот дар мавриди арзишҳои иқтисодӣ ва тиҷорӣ, ҳадафҳои стратегии муассисаҳои тиҷоратиро низ мустақиман пуштибонӣ мекунанд.

Ҳадафи аслии ҳисобдории мудирият, таъмини иттилооти мавриди ниёзи мудирон барои тасмимгирӣ ва барномарезӣ, кӯмак ба мудирон дар роҳбарӣ ва назорати фаъолиятҳои амалиётӣ, ангезиши мудирон коркунон барои фаъолият дар ростои ҳадафҳои созмон ва санҷиш ва арзёбии фаъолияти воҳидҳои тобеъ, мудирон ва дигар коркунони созмон аст.

Тавре бояд бипазирем, ки системаи ҳисобдории саньатӣ яке аз зерсистемаҳои ҳисобдории мудирият аст (ки назари нависанда низ инчунин аст) қатъиян бояд қабул кунем, ки иттилооти тавлидии системаи ҳисобдории мудирият на танҳо мавриди истифодаи мудирон ва тасмимсозони дохилии созмон, балки ба таври мустақим ва ғайримустақим дар таҳияи иттилоот аз гузоришҳои молӣ барои истифода-кунандагони берунсозмонӣ низ корбурд дорад.

Дар ҳисобдории мудирият мавориде ҳамчун муҳосибаи баҳои тамомшудаи мавҷудиҳо, кайфияти маҳсулот, баҳраварӣ, беҳбудӣ, беҳбуди доимии амалиёт, мудирият дар замони зарурии мавҷудиҳо, мудирияти ҳазина ва ғайра дар мадди назар аст ва ин система бояд ниёзи иттилоотии истифодакунандагон дар хусуси мавридҳои зикргардида ва дигар масъалаҳои вобастаро фароҳам созад. Ҳисобдории мудирият дар марҳилаи «барномарезӣ» дахл дорад ва бояд мудирият ва тасмимсозонро дар пешбинии вазъияти иқтисодӣ ва андозаи бозор, ҳадаф ва таъйини дақиқи саҳми бунгоҳ аз бозор ва қимати муваффақ ва ҳамчунин қиматҳо ва махориҷи лозим ҷиҳати дастёбӣ ба саҳми бозор ва ниҳоятан суди ҳадаф ёрӣ диҳад.

Ҳисобдории мудирият дар марҳилаи «назорат ва арзёбии фаъолият» бо замони ҳозира ва муқоисаи натиҷаҳои ҷорӣ бо стандартҳо, меъёрҳо ва буҷетҳои аз пеш таъйиншуда дахл дорад ва бояд бо таҳлили коршоям будани буҷет, ҳар гуна инҳироф ва фарқият аз буҷетро баррасӣ ва таҳлил, иллат ё шароити мавҷуди онро дақиқан ба мудирият муаррифӣ кунад, то мудирон тавонанд, ки нуктаҳои қувват ва заифро таносубан бо ҳадафҳои созмонӣ мувофиқ намоянд.

Баррасии таҳқиқоти баамаломадаи аксари ҳисобдороне, ки дар кишварҳои гуногун машғул ба кор ҳастанд, дар бахши ҳисобдории мудирият фаъолият мекунанд. Барои мисол, аз панҷ миллион

шуғли молӣ, ки дар Амрико вуҷуд дорад, беш аз навад фоизи он дар нақши ҳисобдорони мудирият ва ба унвони ҳамчун; ҳисобдор, ҳисобдори санъатӣ, мудири ҳисобдории барномарезии молӣ, таҳлилгари молӣ, таҳлилгари буҷет, мудири молӣ, назоратгар, муовини молӣ, бухгалтер, раиси кулли молӣ ва ғайра машғул ба коранд:

Дар ин бахш иртиботи ҳисобдории мудирият бо шаффофияти иттилоотии молӣ дар ду бозори бо шароити гуногун ба унвони бозор бо иқтисоди озод ва бозори дорои иқтисоди назоратшуда мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Усулан дар ин гуна бозорҳо шароити арза ва тақозо, навъ ва кайфияти маҳсулот, нарх, рақобат байни истеҳсолкунандагон ва пешниҳодкунандагон ва дар бархе мавридҳо рақобат байни харидорон ва истифодабарандагонро мушаххас мекунад. Дар чунин шароитҳо, сарфи назар аз ин ки созмон давлатӣ ё ғайридавлатӣ бошад, чун имтиёзи вижае барои бахше аз бозор вуҷуд надорад, қоидатан созмоне муваффақтар аст, ки тавонад маҳсулот ва хадамоти худро бо кайфияти беҳтар, нархи поёнтар ва шароити муносибтар пешниҳоди харидорон намояд. Дар ин бозор тавоноӣ ва қобилиятҳои мудириятӣ ва системавӣ кафолатдиҳандаи муваффақият, аз байн бурдани рақибон ва тасаллут бар бозор аст. Ҳар чӣ созмон дар афзоиши кайфият, коҳиши хароҷот ва ба табъи он коҳиши нархи колоҳо ва хадамоти муваффақтар бошад, саҳми бештаре аз бозорро насиби худ мекунад ва афзоиши саҳми бозор бо фарзи суботи дигар шароит, афзоиши фоидаро дар пай хоҳад дошт. Дастёбӣ ба шароити муносиб дар саҳми бозор ниёз ба истифода аз моделҳои корротер дар истеҳсол ва арзаи маҳсулот аст. Барои мисол, истифода аз модели муҳосибаи баҳои тамомшуда бар мабнои фаъолият ба ҷои модели муҳосибаи баҳои тамомшуда бар мабнои ҳаҷм ва ё баҳрагирӣ аз модели нархгузории маҳсулот ба равиши таъйини нархи қобили қабул дар бозори ҳадаф (ва ба табъи он таъйини баҳои тамомшудаи ҳадаф) ба ҷойи нархгузории маҳсулот бо равиши баҳои тамомшуда ба изофаи фоизи аниқи фоида, дар дастёбӣ ба ҳадафҳои созмон бисёр коромадтар хоҳад буд. Пас, дар як ҷумла «созмонҳое муваффақтаранд, ки дорои системаи мудирияти ва амалиётии коромадтаре бошанд». Дар ин бозор системаҳои иттилооти мудирият, аз ҷумла системаи ҳисобдории мудирият барои таҳйия ва ироаи иттилооти мавриди ниёзи мудирон ва тасмимсозон бисёр мавриди таваҷҷӯҳанд.

1. Нақши системаи ҳисобдории мудирият дар шароити бозорӣ бо иқтисоди назоратшударо метавон дар абъоди мухталиф, аз ҷумла нақши ҳисобдории мудирият дар: ҳифз ва тавсеаи саҳми бозор, арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулият, мудирияти ҳазинаҳо ва беҳбуди кайфият, болоравии тавони рақобати истеҳсолот бо истеҳсолоти мушобеҳи дохилӣ ва хориҷӣ ва ғайра баррасӣ намуд, ки ба лиҳози ҷилавгирӣ аз тамдиди калом сирфан ба баррасии нақши ҳисобдории мудирият дар хусуси ду мавриди аввал мепардозем;

Нақши ҳисобдории мудирият дар ҳифз ва густариши бозор бо иқтисоди фармоишӣ (дастурӣ).

Дар бархе аз кишварҳо, давлатҳо бо ҳадафҳо ва баҳонаҳои гуногун мустақиман дар назорати бозор дахолат мекунанд ва механизми назорати бозорро аз ҳолати оддӣ ё ҳамон ҳолати таодули бозор бар асари сабабҳое ҳамчун арза ва тақозо хориҷ намуда, бо шакли маснӯӣ дар бозор таодул эҷод мекунанд. Масалан, бо баҳонаи ҳимоят аз тавлидоти дохилӣ ва ё дарёфти авориз (андоз) ва молиёт барои таъмини бахше аз манобеи молии мавриди ниёзи давлат мубодират ба вазъи авориз ва ҳуқуқи гумрукӣ барои воридот мекунанд ва ба табъи он воридкунандаи колоҳо ва хадамот низ ҳуқуқи давлатии пардохтиро ба унвони бахше аз баҳои тамомшудаи колои воридотӣ вобаста менамоянд ва ҳамин амр боиси афзоиши ғайримустақими нархи колоҳо ва хадамоти воридотӣ тавассути давлат мешавад. Ё баъзан давлатҳо бо ҳамон баҳонаҳои ишорашуда нархи бархе аз колоҳо ва хадамоти дохилӣ ва ё воридотиро ба сурати фармоишӣ ва мустақим ва бидуни таваҷҷӯҳ ба баҳои тамомшудаи воқеии он таъйин мекунанд, ки барои намуна, метавон ба нархи автомобилҳои тавлидӣ дар ширкатҳои мошинсозии Эрон ишора намуд, ки тавассути созмонҳои давлатӣ ва бо таваҷҷӯҳ ба нархҳои воқеӣ таъйин мешавад, ишора намуд.

Дар чунин шароите ин савол ба миён меояд, ки оё системаи ҳисобдории мудирият метавонад иҷрокунандаи нақши худ дар таъйини баҳои тамомшуда, таъйини нархи воқеии маҳсул, ироаи иттилоот ҷиҳати тасмимгирии мудирони созмонҳо бошад? Ва оё метавон иттилооти муфиде барои ироаи беҳтар ва матлубтари маҳсул ба муштариён, мудирияти хазина ба хотири дастёбӣ ба фоидаи бештар ва ғайра дар ихтиёри мудирон ва тасмимсозон қарор диҳад?!

Дар посух бояд гуфт, дар шароити бозорӣ, ки бахше аз баҳои сабабҳои истеҳсол, нархи маҳсулот, шароити арза ва тақозо ва ҳатто кулли сабабҳои ҳоким бар иқтисод ба таври супоришӣ ва хориҷ аз механизми табиии бозор таъин мешавад, низ иттилооти бадастомада дар системаи ҳисобдории мудириятӣ метавонад муфид буда ва корбурд дошта бошад. Зеро аввалан, таъдили баҳои дастурӣ (супоришӣ) авомили истеҳсол тавассути созмонҳои нархгузор, ниёзманди иттилооти шаффоф ва қобили эътимод аст, ки ин иттилоот бояд тавассути системаи ҳисобдории мудирият тавлид ва ироа гардад. Сонияи, занҷираи арзиш дар тавлиди хадамот ва маҳсулоти гуногун дорои вижагиҳои

гуногуне аст, ки дар шароити оддӣ бахше аз занҷираи хориҷ аз баҳои супоришӣ қарор мегирад ва истифода аз иттилооти ҳисобдории мудирият барои он бахшҳо боиси афзоиши боздеҳ ё фоидаи муассиса бо ихтисор ва ё коҳиши фаъолиятҳои беарзиш афзуда мешавад. Сеюм, иттилооти системаи ҳисобдории мудириятӣ метавонад дар ҷиҳати беҳбуди кайфияти истеҳсолот, коҳиши хароҷоти пешниҳод ва фурӯши коло ва хадамоти пеш аз фурӯш, муштаримадорӣ ва рақобат бо дигар созмонҳои рақиб ва ғайра мавриди истифодаи мудирон ва тасмимсозон қарор гирад;

Нақши ҳисобдории мудирият дар арзёбии амалкард ва санҷиши масъулият.

Таъйини ҳадафҳои созмонӣ, баён ва фаҳмондадиҳии дақиқи барномаҳо ва таъмини авомили истеҳсол дар ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои созмонӣ **шарти лозим** ва амалкарди муносиб, назорат, контрол, арзёбии амалкарди созмонӣ ва санҷиши масъулият ва иқдомоти таъсиргузор дар ҷиҳати ҳидоят ва суръат бахшидан ба авомили иҷроӣ **шарти кофӣ** барои бақо ва муваффақияти созмон аст.

Мутолиот нишон медиҳад, ки дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа (пешравӣ), хусусан он даста аз кишварҳое, ки дорои иқтисодиёти назоратшуда (таърифаӣ) ҳастанд, мушкили умдаи пешрафтнаёфтагӣ ва набуди муваффақиятҳои созмонӣ аз сабаби набуди «фаъолияти муносиб», «назорат ва контроли дақиқ», «арзёбии фаъолияти коро», «санҷиши масъулияти таъсиргузор» аст, зеро масири пешрафти иқтисодӣ тавассути кишварҳои тараққиёфта пештар тарсим ва роҳандозӣ шуда, озмун ва хатоҳо анҷом дода шуда, роҳҳои тараққиёбӣ сабт ва натиҷаҳои он дар манзари ҷаҳониён қарор гирифтааст ва кишварҳои дар ҳоли пешрафт ин имконро доштаанд, то дар бахши таъйини ҳадафҳо ва тарсими масири дастёбӣ ба он аз таҷрибаҳои кишварҳои тараққиёфта истифода кунанд ва бо таваҷҷӯҳ ба имконот ва манобеъ, шароити иқтисодии рӯз ва дигар авомили иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҳадафҳо ва барномаҳои худро дар ҷиҳати тараққиёбӣ тарсим намоянд. Лекин он чи **шарти кофӣ** ва муҳим барои тараққиёбӣ аст, доштани фаъолияти муносиб дар ҷиҳати иҷрои ҳадафманди барномаҳост, ки аксар кишварҳои дар ҳоли пешрафт дар ин бахш бо мушкили ҷиддӣ рӯ ба рӯ будаанд. Агарчи ин мушкил худ нашъатгирифта аз маҷмӯа ва авомилест, ки яке аз ин авомил, адами эътиқод ба баҳрагирӣ аз иттилооти иқтисодӣ ва молӣ, аз қабили иттилооти истеҳсолӣ дар системаи иттилооти ҳисобдории ҳисобҳои миллӣ, ҳисобдории мудирият, ҳисобдории давлатӣ, шохисҳо ва мафоҳими оморӣ ва ғайра мебошад, лекин ин тафаккур низ, худ зодаи авомили дигарест, ки бархе аз онҳо ба шарҳи зеранд:

- набуди системаҳои иттилоотии қавӣ ва муносиб барои иттилооти саҳеҳ, баҳангом ва қобили эътимод;
- нотавонии мудирон ва тасмимсозон дар дарк ва бакоргирии иттилоот ва ба табъи он, набуди эҳсоси ниёз ба системаҳои иттилоотии муносиб аз сӯйи мудирон ва тасмимсозон;
- вуҷуди механизмҳо ва параметрҳои дастурӣ дар иқтисод ва мудирияти иқтисод ва ба табъи он камасар ва ҳатто беасар шудани тавони иттилооти мудириятӣ;
- адами тааҳҳуд ва илзоми авомили иҷроӣ дар тобеият аз масирҳо ва барномаҳо ва дастуроти иблоғӣ аз сӯйи мудирият ба далели сустшавӣ ё фурӯпошии сисиламаротиби тасмимгирӣ ва иҷроӣ;
- набуди система ва ё сустии шадид дар системаҳои мавҷуди арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулият ва ба табъи он эҷоди ҳошияи амн барои мудирон ва масъулони нокоромад ва ғайра;

Ҳоло, бо иноят ба вуҷуди авомил ва шароити дар боло зикргардида, оё системаи иттилоотии ҳисобдории мудирият метавонад нақши муассире дар арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулият дошта бошад?

Воқеъият ин аст, ки дар тамомии кишварҳо, ҳам аз кишварҳои пешрафта ё дар ҳоли пешрафт ва ҳатто он даста аз кишварҳое, ки давлатҳо ба сурати ошкор ва ё бо баҳрагирӣ аз параметрҳои пинҳон нақши аслиро дар иқтисод мегузоранд, ниёзманди ииттилооти системаҳои молӣ, аз ҷумла системаи иттилоотии ҳисобдории мудирият ҳастанд. Дар мавриди кишварҳои дар ҳоли пешравӣ бо иқтисоди контролшуда (назоратшуда) ҳам, ҳамин кофист, ки сиёсатмадорон дар ҷиҳати дифои сиёсӣ аз фаъолиятҳои иқтисодиётӣ ниёзманди абзорӣ ва иттилооте ҳастанд, ки бахши аслии ин иттилоотро системаҳои иттилоотии мудирият тавлид мекунанд. Ба ҳар ҳол аз ҳама муҳим наҳваи истифода аз ин иттилоот аст, зеро мумкин аст, иттилоот ба шакли саҳеҳу солим ва ё ба шакли ноқису тағйирдодашуда мавриди истифода қарор гирад, ки ҳар як натиҷаҳои гуногунеро дар бар хоҳанд дошт.

Аммо чӣ гуна мумкин аст, иттилоот ба сурати ноқис ё тағйирдодашуда мавриди истифода қарор гирад?!

Ин савол бо як мисол баён мешавад. Фарзан, бар асоси мутолиаҳои фаннӣ ва иқтисодӣ, сохти проекти «X» ба созмони «A» вогузор шавад. Вазъиятеро дар назар бигиред, ки чаҳорчӯби мудавване барои таҳияи иттилоот ва гузоришгарии молӣ тадвин ё тасбит нашуда бошад. Дар чунин шароите мумкин аст, иттилооти молӣ бо ҳадафҳо ва нигаришҳои хос, ба шаклҳои гуногун таҳия ва гузориш шавад, ки ба як мавриди он таҳти унвони **Таҳйия ва гузориши баҳои тамомшудаи афзалиятнок** дар се модели гуногун мепардозем:

Лозим ба зикр аст, барои дурӣ аз печидагии муҳосибот сабабҳои тавлид дар мисол бисер маҳдуд фарз шудааст.

**1. Модели баҳои тамомшудаи стандарт (Standard Costing model).**

Дар ин модел, баҳои тамомшудаи проекти «X» фақат бар асоси ақломи стандарти баҳои тамомшуда ва бе таваҷҷӯҳ ба ақломи воқеӣ таҳия ва гузориш шудааст:

| Авомили истеҳсол | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мавод | | | Дастмузд | | | Сарбор | | | Ҷамъи баҳои тамомшуда |
| Миқдор | пар-дохт | **баҳо** | **соатҳо** | пар-дохт | **баҳо** | **соатхо** | пардохт | баҳо | |
| 10.000 | 2.000 | 20.000.000 | (8.000) | 4.000 | 320.000.000 | 8.000 | 2.500 | 20.000.000 | 72.000.000 |

Дар модели боло иттилооти баҳои тамомшудаи проект фақат бар асоси баҳои стандарт (пешбинишуда) таҳия ва ироа шудааст, ки ба эҳтимоли қавӣ бо иттилооти воқеии проект фарқ мекунад ва набуди ироаи иттилооти муқоисавии стандарт бо воқеӣ, истифодакунандагон аз гузоришҳоро гумроҳ месозад, зеро алорағми ин ки иттилооти гузоришшуда бо амалкарди ҳақиқии созмон фарқ мекунад, лекин ба хотири набуди системаи ҳисобдории мудирияти муносиб иттилооти стандарт ҷойгузини ҳақиқӣ шуда ва дар натиҷа, истифодакунандагон аз иттилоот тасаввур хоҳанд кард, ки фаъолияти ҳақиқии проект дақиқан мутобиқ бо авомили пешбинишуда аст. Барои ҳамин, дар арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулият, фаъолиятро мусбат ва короии мудирият ва дигар авомили тавлидро ба лиҳози ироаи корӣ ва фаъолият мутобиқ бо меъёрҳо ва стандартҳои пешбинишуда хуб арзёбӣ хоҳанд намуд, дар ҳоле ки гузориш ба таври ноқис ироа шуда ва иттилооти вобаста ба фарқиятҳо ва тафовут фаъолияти ҳақиқии авомили тавлид бо стандартҳои азпештаъиншуда дар гузориш дарҷ нашудааст.

**2. Модели баҳои тамомшуда ба равиши ҷазбӣ (Absorption costing model).** Дар ин модел тамоми авомили тавлид (истеҳсол) бар асоси шартҳои ҳоким бар муҳосибаи баҳои тамомшуда ба равиши ҷазбӣ, яъне авомили маводи мустақим ва дастмузди мустақим ба маҳсул пайдо ва саҳми хароҷотҳои ғайримустақими воқеӣ ба яке аз равишҳои мавриди қабул бар мавҷудиҳо (мавод, коло дар ҷараёни сохт, колои сохташуда ва коло бафурӯшрафта) саҳмгузор мешавад. Модели баҳои тамомшуда ба равиши ҷазбӣ ё комил (Full costing model) бо маводи фарзӣ ба шарҳи зер хоҳад буд:

| Омилҳои истеҳсол | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мавод | | | Дастмузд | | | Сарбор | | | **Ҷамъи баҳои тамомшуда** |
| Миқдор | пар-дохт | баҳо | миқдор | пар-дохт | баҳо | соатҳо | пардохт | баҳо | |
| 8.000 | 2.500 | 20.000.000 | 10.000 | 4.500 | 45.000.000 | 8.000 | 2.700 | 21.600.000 | 86.600.000 |

Модели боло нишон медиҳад, ки ақломи(нархгузорӣ) баҳои тамомшуда барои проекти «X» ҳам аз назари нарх фарқ бо ақломи баҳои тамомшуда ба равиши стандарт (дар модели шумораи як) мебошад, зеро ақломи ҳисобшуда дар ин равиш аксаран бар асоси миқдор ва нархи воқеии ақлом аст ва табиист, ки комилан мутобиқ ва баробар бо ақломи стандарт ва пешбинишуда набошад. Таҳлил ва гузориши фарқи ақломи баҳои тамомшудаи ҳақиқӣ (ҷазбӣ) бо ақломи стандарт аз назари миқдорӣ, нарх, зарфият ва ҳаҷми истеҳсол иттилооти судмандеро дар арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулият дар ихтиёри истифодакунандагон ва таҳлилгарон қарор медиҳад, ки бо баррасии ин иттилоот метавонанд иқдомоти таъсиргузореро дар ҷиҳати коҳиши хароҷотҳо ва беҳбуди кайфияти истеҳсол анҷом диҳанд.

Мушоҳида мешавад, ки истифода аз моделҳои гуногуни дар боло зикргардида ва дигар моделхои ҷойгузин, аз ҷумла модели ҳазинаёбии тағйирёбанда*[16]) ва модели нормалии (дар бархе аз кишварҳо аз ин модел истифода мешавад, ки тақрибан монанд ба равиши стандарт аст) иттилооти гуногунеро дар ихтиёри истифодагунандагон қарор медиҳад, ки чунончи ин гуна иттилоот бо баррасӣ ва таъдили фарқиятҳо ҳамвазн ва ҳамҷинс нашаванд, метавонад баъзан боиси инҳироф ва гумроҳии истифодакунандагон аз иттилоот шавад. Масалан, муқоисаи омили «маводи мустақим» дар модели болоӣ бо модели баҳои тамомшудаи стандарт, нишон медиҳад баҳои масрафи мавод дар ҳар ду модел монанд аст, дар ҳоле ки чунончи бо истифода аз равишҳои ҳисобдории мудирият омили мазбур таҷзия ва таҳлил шавад, хоҳем фаҳмид, ки бо вуҷуди короии мусбати авомили тавлид дар сарфи камтари мавод, афзоиши баҳои хариди мавод боис шудааст, то баҳои тавлид дар ҳар ду модел яксон бошад.

**3. Модели баҳои тамомшуда бо дахолати имтиёзҳо.** Аз мавридҳои дигаре ки илова бар бакоргирии моделҳои гуногуни муҳосиботӣ бар баҳои тамомшудаи проектҳо ва маҳсулот ва дар натиҷа, бар арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулияти авомили истеҳсол асаргузор аст, истифодаи бархе аз созмонҳо аз имтиёзҳо ба воситаи вобастагӣ ба давлат ва ё пуштибонии давлатӣ ва ҳукуматии онҳост. Масалан, фарзан пудратчии проекти «Х» созмони давлатӣ бошад ва ин созмон бахше аз хароҷоти авомили истеҳсолро аз тариқи имтиёзҳои вариантҳо таъмин кунад, барои мисол, бахше аз маводи мустақими тавлид ба сурати бепул аз маҳалли инҳисорот ва моликияти давлат (масалан, маъданҳои дар ихтиёри созмонбуда) ва ё бо пардохти маблағҳои камтари гумрукӣ барои воруди коло ва ... таъмин ва бахше аз хароҷотҳои дастмузди проект дар қолиби ҳазинаҳои ситодӣ ва барномарезӣ аз маҳали эътибороти вазоратхонаҳо ва созмонҳои болотар таъмин ва ҳамчунин дар бахши хароҷоти ғайримустақим аз таърифаҳои поёнтар дар масрафи об, барқ, телефон, сӯзишворӣ ва ғайра истифода намояд. Мусалламан, чунончи мо ба азои имтиёзоти истифодашуда (бо вуҷуди ин ки ба таври ройгон дар ихтиёри созмон бошад) таквим ба пул ва дар муҳосибаи баҳои тамомшуда лиҳоз нашавад, баҳои тамомшуда муҳосиба ва гузориш шуда аз қобилияти иттико ва эътимоди лозим барои арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулият бархӯрдор нест. Барои мисол, фарз шавад бахше аз авомили тавлид (мавод, дастмузд ва сарбор) барои созмони давлатӣ ба сурати ройгон ва ё бо ҳазинаи камтар таъмин ва дар натиҷа ҷадвали баҳои тамомшудаи лоиҳаи «Х» ба шарҳи зер муҳосиба шуда бошад:

ЛОИҲАИ «Х»

| Авомили истеҳсол | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мавод | | | Дастмузд | | | Сарбор | | | **Ҷамъибаҳои тамомшуда** |
| Миқдор | пардохт | баҳо | миқдор | пардохт | баҳо | соатҳо | пардот | баҳо | |
| 5.700 | 2.500 | 14.250.000 | 6.000 | 4.500 | 27.000.000 | 6.000 | 2.700 | 16.200.000 | 57.450.000 |

бо фарзи ин, ки 50 % аз мавод ва 30 % аз дастмузд ва сарбор аз маҳали имтиёзҳо, маофиятҳо ва авомили хориҷ аз созмон таъмин шуда бошад.

Баррасии хароҷоти нақшаи «Х» дар се модели ироашуда дар боло бе таваҷҷӯҳ ба иртибот ва моҳияти ҳазинаҳо ва хароҷотҳо боиси гумроҳии истифодакунандагон аз иттилооти молӣ ба шарҳи зер мешавад:

Дар модели баҳои тамомшудаи ҷазбӣ(комил), истифодакунандагон аз иттилооти молӣ, фаъолияти авомили тавлид ва масъулияти масъулони вобастаро ба лиҳози инҳироф аз стандартҳо номатлуб арзёбӣ хоҳанд кард, дар сурате ки бахше аз авомили тавлид барои мисол муғоирати масрафи мавод [(10,000-8,000) x 2,000 = 4,000,000] матлуб ва короии дастмузд [(8,000-10,000) x 4,000 -(8,000,000)] номатлуб аст, ки дар сурати истифода аз равишҳои ҳисобдории мудирият бояд бахшҳое аз авомили тавлид ташвиқ ва бахшҳое мавриди муохаза қарор гиранд.

Дар модели баҳои тамомшуда бо дахолати имтиёзҳо, истифодакунанда аз иттилооти молии фаъолияти авомили тавлид ва масъулияти масъулон вобастаро бисёр матлуб арзёбӣ хоҳад кард (72,000,000-57,450,000 = 14.550,000), дар сурате ки бо вобаста кардани 50 фоизи маводи таъминшуда аз маҳали моликиятҳои давлат маблағ [(5,000-5,700) •2,000 = (1,400,000)] муғоирати номатлуб ва бо ҳисоби 30 фоизи соатҳои дастмузд тавассути авомили ситодӣ [(4,000-6,000) x 4,000 = (8,000,000)] муғоирати номатлуб дар дастмузд ва ғайра вуҷуд дорад, ки ношаффофии иттилооти молӣ боиси тасмимгирии носаҳеҳи истифодакунандагон аз иттилооти молӣ шудааст.

Хулоса, иттилооти системаи ҳисобдории мудирият, аз ҷумла иттилооти вобаста ва ҳатто зарури барои тасмимгирӣ ва арзёбии фаъолият ва санҷиши масъулияти авомили тавлид аст. Иттилооти ин система на танҳо дар шароити бозорҳои бо иқтисоди озод, балки дар шароити бозорҳои бо иқтисоди назоратшуда (таърифаӣ) низ корбурди густарда дорад. Дар бозорҳои бо иқтисоди озод, иттилооти системаи ҳисобдории мудирият барои мудирияти ҳазинаҳо ва суд, барои афзоиши сарвати бунгоҳҳо ва дастёбӣ ба саҳми бештари бозор мавриди истифода аст ва ҳангоми бо тағйирот ва пешрафтҳои иқтисодӣ дар бозор, равишҳои ин система низ тавсеа ёфта, то ниёзи иттилоотии истифодакунандагонро низ баланд созад. Дар шароити бозорӣ бо иктисоди контролшуда (таърифаӣ ва дастурӣ), системаи иттилооти ҳисобдории мудирият, аз як сӯ ба фаъолони бозорҳои иқтисод ва сармоя кӯмак мекунад, то бо вуҷуди маҳдудиятҳои гуногун дар бозор (ки аз сӯйи давлат ё соири мароҷеи вобаста вазъ мешавад), бо мудирияти ҳазинаҳо, афзоиши кайфияти маҳсулот, ҳифз ва густариши саҳми бозор ва эҷоди шикофи бештар байни баҳои тамомшудаи маҳсулот бо нархи фурӯш (қимати дастурии фурӯш) суди бунгоҳҳоро беҳина кунанд ва аз сӯйи дигар барои моликон, саҳмдорон ва шаҳрвандон ин имконро фароҳам месозад, то бо дастёбӣ ба иттилооти шаффоф, саҳеҳ, вобаста ва рӯзмарра тавонанд фаъолияти молии мудирон, намояндагон ва давлатро ба наҳваи саҳеҳ арзёбӣ карда, нисбат ба наҳваи фаъолияти масъулони вобаста ба дурустӣ қазоват намоянд.

Ба иборати дигар, системаи ҳисобдории мудирият вазифа дорад, ки аввалан: иттилооти молиро мутаносиб бо шароити бозорҳои мутафовут ва ниёзи мутаағайири рӯ ба тавсеа ва фузунии

тасмимсозон ва мудирон фароҳам месозад ва дуввум: иттилооти молие, ки мумкин аст ба василаи гарду ғубор ва ҷирмҳои табиии молӣ ва ё бо аҳдофи мушаххас ва барқасд нохолис ва беҳуда шуда бошанд, сайқали корӣ намуд ва вазну аёри воқеии онро мушаххас месозад, то бар асоси он, барномарезӣ ва контрол ва назорат дар ҷиҳати афзоиши сарвати бунгоҳҳо ба наҳви матлубтар анҷом шавад.


**АДАБИЁТ**

1. Намозӣ Муҳаммад (1384) баррасии корбурдҳои теорияи намояндагӣ дар ҳисобдории мудирият. Марҳилаи улуми иҷтимой ва инсонии донишгоҳи Шероз - давраи бистудуввум, шумораи дуюм (вижаномаи ҳисобдорӣ)..
2. Шабоҳанг Ризо (1387) китоби ҳисобдории мудирият - чопи шашум - интишори маркази таҳқиқоти тахассусии ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ - созмони ҳисобрасӣ - Эрон.
3. Hongren Charles & foster. George & Datar, Sircant M "Cost Accounting a managerial emphasis", 9th ed,printice Hall, 1993.
4. Adolph Matz & Milton Fusry. " Cost accounting planning and control" western publishing INC,1984.
5. James. A. Cashin & Polimeni. "Cost Accounting" 3rd ed, Mc Graw - Hill, 1981.
6. Ronald W. Hilton Michael W. Maher frank H. Selto "Cost manegements strategies for Bussiness decisions" 3rd, MC Graw- Hill 2006.
7. Ураков Д.У. Учет затрат по сферам деятельности. Москва, Финансы и статистика,1991.


**БУХГАЛТЕРСКИЙ УЧЕТ В УПРАВЛЕНИИ И ЕГО РОЛЬ В ПРОЗРАЧНОСТИ ФИНАНСОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В РАЗЛИЧНЫХ РЫНОЧНЫХ УСЛОВИЯХ**


Данная статья рассматривает роль управления, отчетности в прозрачности финансовой информации, а также бухгалтерский учет в управлении и его роль в прозрачности финансовой информации в различных рыночных условиях



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** бухгалтерский учет, управление, маркетинг, финансовая информация, экономический маркетинг, прозрачность финансовой информации, рыночные условия.


**ACCOUNTING IN MANAGEMENT AND ITS ROLE IN TRANSPARENCY OF FINANCIAL INFORMATION IN VARIOUS MARKET CONDITIONS**


This article considers a role of management, the reporting in transparency of financial information, and also accounting in management and its role in transparency of financial information in various market conditions



**KEY WORDS:** accounting, management, marketing, financial information, economic marketing, transparency of financial information, market conditions.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мансурали Рахими Богиабрешими*** – соискатель Таджикского национального университета.


# БАҲРАВАРӢ, АНДОЗАГИРӢ ВА МУҲОСИБАИ ШОХИСҲОИ ОН


***Акбари Ҳусейн Раҷабалӣ***
**Донишгоҳи милли Тоҷикистон**


Рушди иқтисодӣ умуман мусталзими истифода аз ду рӯйкарди мухталиф аст. Рӯйкарди аввал, афзоиши ниҳодаҳо мебошад, ки бо афзоиши нерӯи кор ва иҷрои тарҳҳои тавсеа муяссар мешавад ва рӯйкарди дигар, беҳбуди баҳраварӣ аст, ки дар он бидуни тағйири миқдори дода, ситондаи бештар ва ё маҳсули бо сифати беҳтар тавлид мешавад. Истифода аз ин рӯйкард муҷиб мешавад, то тавони рақобатии кишварҳо дар судури маҳсулот ба бозорҳои ҷаҳонӣ афзоиш ёбад. Дар кишвари Эрон барои раҳои аз даромади арзии ношӣ аз содироти такмаҳсулии нефт, зарурат дорад, ки тавони рақобат дар соири қисматҳои иқтисодӣ, хусусан дар бахшҳои санъат ва маъдан ва ғайра афзоиш ёбад. Афзоиши тавони рақобатӣ, танҳо бо беҳбуди баҳраварии кулли омилҳо, баҳраварии кул, баҳраварии нерӯи кор, баҳраварии сармоя, ҳазинаи кормандон, баҳраварии мавод, баҳраварии энергия, шохиси фароянд ва ғайра муяссар аст. Баҳраварӣ меъёри калидӣ барои арзёбии амалкарди фаъолиятҳо ва низомҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кайфӣ ва ҳунарӣ хуб тавлид кардан аст. Баҳраварӣ ва сифат, дар воқеъ ду рӯи як сиккаанд, ки мунчар ба рақобатпазирӣ шуда ва мафҳуми онҳо маҳдуд ба тавлиди колои корхонаӣ нест, балки дар мафҳуми васеътар куллияи фаъолиятҳои воҳидҳои санъатӣ, аз ҷумла фурӯш, бозорёбӣ, идорӣ ва молӣ, муҳандисӣ ва ҳатто васеътар аз он ҳамаи умур ва фаъолиятҳо дар кулл ё бахше аз низомро дар бар мегирад. Мёърҳои баҳраварӣ ва сифат нишондиҳандаи қудрат ва тавоноии тавлид ва рақобати як муассиса дар сатҳи миллӣ ва низ баёнгари мизони иқтидори як миллат барои ҳузур ва ифои нақш дар бозорҳои ҷаҳонӣ аст. Лизо, баҳарварӣ, сифат ва рақобатпазирӣ дар солҳои охир нақши таъйинкунандае дар мубодилоти ҷаҳонӣ ёфтаанд ва улум ва фановарӣ ҳам ҳамроҳ бо тавсеаи манобе ба гунае ба кор гирифта шуданд, то рақобатро дар қимати камтар, сифати болотар ва дар ниҳоят рақобатпазирии бештар рақам бизананд. Имрӯз беҳбуди баҳраварӣ ба унвони беҳтарин ва

муассиртарин равиши дастёбӣ ба рушд бо таваҷҷӯҳ ба камбуди манобеи тавлид ва афзоиши рақобат матраҳ аст. Имрӯз дар иқтисоди куллияи кишварҳо аам аз кишварҳои тавсеаёфта ва ё дар ҳоли тавсеа, баҳраварӣ ба авлавияти миллӣ табдил шудааст. Таъкиди мақоми муаззами раҳбарӣ дар соли 1388 бар ислоҳи улгӯи масраф ба дурустӣ ва дар беҳтарин мавқеият матраҳ шудааст. Дар мақтаи замонии кунунӣ, ки аз тарафи иқтисоди ҷаҳонӣ бо рукуд мувоҷеҳ шуда аз сӯи дигар, бо коҳиши шадиди қимати нефт даромади кишварҳои нефти коҳиш шудаст, муносибтарин замон барои тағйири рафторҳои ғайрисаҳеҳ дар истифода аз манобе ва талош дар ҷиҳати иртиғои баҳраварӣ мебошад. Усулан манобеи ҳар кишваре маҳдуд мебошад, лизо, барои афзоиши стандартҳои зиндагии як миллат лузуми беҳтарин равиш истифода аз ин манобе зарурӣ мебошад. Ҳар кишваре битавонад бо истифода аз камтарин манобеъ, бештарин баҳрабардориро бинамояд, метавонад ба таври мустақим бар сифати зиндагии мардуми худ таъсири мусбат бигузорад.

Баҳраварӣ мафҳуме аст, ки барои нишондодани нисбати бурундод бар дарундоди як фард, воҳиди иқтисодӣ ва ё як созмон ба кор гирифта мешавад. Истифодаи муассиртар аз мавод, замин, сармоя, нерӯи инсонӣ, энергия, мошинолот ва таҷҳизот ва ҳамчунин иттилоот, ки нақши фазояндае дар зиндагии башарӣ доштааст, дар фароянди тавлиди колаҳо ва хадамот, низ баҳраварӣ номида мешавад. Ба иборати дигар, куллияи талошҳои сохторёфта барои коҳиши талафоти манобеъ аам аз мавод, мошин ва нерӯи инсонӣ ва таомули нодурусти онҳо низоми иртиқои баҳраварӣ номида мешавад. Доиратул маорифи «Бернитонико» баҳравариро нисбати «ситонда (коло ё хадамот)» бар «дода (омил ё омилҳои тавлид)» таърif мекунад.

**Зарурат ва аҳамияти баҳраварӣ** Дар ҷаҳони имрӯз баҳраварӣ тақрибан мутародиф бо пешрафт аст. Стандарти зиндагӣ дар як ҷомеа ба дараҷае аз таъмини ҳадди ақали ниёзҳои ҷомеа бастагӣ дорад. Ба иборати дигар, миқдори сифати ғизо, либос, маскан, омӯзиш ва амнияти иҷтимоӣ стандарти зиндагиро таъйин мекунад. Барои иртиғои стандарти зиндагӣ бояд ғизо, либос, маскан ва ғайра бештар тавлид шавад. Афзоиши миқдори тавлиди колоҳо ва хадамот метавонад аз тариқи афзоиши ниҳодаҳои нерӯи кор ва сармоя сурат пазирад ва ё ин ки аз манобеи мавҷуд ба сурати беҳтар истифода ба амал ояд. Манобеи як кишвар умуман маҳдуд мебошад, бинобар ин, баҳраварӣ бештар як зарурат барои иртиқои стандарти зиндагии як миллат мебошад. Баҳравариии бештар мучиби рушди иқтисодӣ ва тавсеаи иҷтимоӣ мешавад. Бо беҳбуди баҳраварӣ коргарон ба дастмузди бештар ва шароити кории муносибтар даст хоҳанд ёфт. Ва дар айни ҳол фурсатҳои шуғлии бешатре тавлид хоҳад шуд. Баҳравариии болотар аз як сӯ муҷиби коҳиши қиматҳо шуда ва аз сӯи дигар суди саҳомдоронро афзоиш медиҳад. Ба ҳар ҳол, дар як кишвари дар ҳоли тавсеа, монанди Эрон бидуни иртиқои баҳраварӣ наметавон мушкили бекориро бартараф намуд. Аз тарафи дигар, дар Эрон ба далелҳои зери баҳраварӣ аҳамияти зиёд медиҳанд:

1. Шароит ва вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологияи ҷаҳон ва Эрон.
2. Таҳаввулоти байналмилалӣ ва нақши иқтисоди давлатҳо дар соири абъоди ҷомеа.
3. Номгузории соли 1389 ба номи соли «Ҷиҳоди иқтисодӣ» аз тарафи мақоми муазами роҳбарӣ.
4. Номгузории соли 1388 ба номи соли «Ислоҳи улгӯи масраф», ки яке аз натиҷаҳои иртиқои баҳраварӣ аст.
5. Таклифҳо ва илзомоти барномаи чашмандози 20-солаи кишвар (Эрон дар уфуқи 1409).
6. Барномаи панҷуми тавсеа дар заминаи иртиқои баҳраварӣ.
7. Зарурати барномарезии иртиқои баҳраварӣ дар сатҳи миллӣ, устонӣ ва бунгоҳҳои иқтисодӣ бо таваҷҷӯҳ ба барномаи панҷуми тавсеа.
8. Санади 7 барномаи таҳаввул дар низоми идории кишвар.

Дар баробари ин, баҳравариро боз аз рӯи ду дидгоҳ мавриди баррасӣ қарор дод:

- *Дидгоҳи фаннӣ ё техникӣ* Дар ин дидгоҳ баҳраварӣ нисбати ситонда ба ҳар як аз омилҳои тавлид (дода) аст. Ҳар мизон бо додаи камтар ситондае бештаре дарёфт шавад, муҷиби иртиқои баҳраварӣ мегардад ё ҳадди ақал бо ситодаи мусовӣ, вале коҳиши дода метавонад муҷиби афзоиши таолии баҳраварӣ гардид.
- *Дидгоҳи фарҳангӣ* Ин рӯйкард аз навъи дидгоҳи фикрӣ мебошад. Куллияи афрод ҳамвора саъй дар беҳбуди вазъи феълӣ доранд, нуктаи калидӣ дар ин ҷо нуҳуфтааст, ки то дидгоҳи фарҳангиро дар ҷомеаи аам аз хонавода, муҳитҳои омӯзишӣ, бунгоҳҳои касбу кор ва ғайра тавсеа надиҳем, ба иртиқои матлуби баҳраварӣ нахоҳем расид. Аксари мардуми ҷомеа мебоист аз манзари ҳазфи омилҳои зоид ва беҳбуди мустамар дар фаъолиятҳо ба ҳама чиз бингарад. Аз ин рӯ, баҳраварӣ як дидгоҳи фикрӣ барои пешрафт ва беҳбуди он чи ки вуҷуд дорад, мебошад. Ба иборати дигар, баҳраварӣ итминон ба қобилияти анҷоми корҳои имрӯз беҳтар аз дирӯз ва ба таври доимӣ мебошад.

Ҳамин тариқ иртиқои баҳраварӣ дар асоси барномарезӣ сурат мегирад. Ба ин мафҳум, ки ҳам акнун дар чӣ сатҳе аз баҳраварӣ қарор дорем ва ба куҷо мехоҳем бирасем ва барои расидан ба мақсад чӣ корҳои муносибтаринро ба анҷом расонидан лозим аст. Соҳибназарони илми баҳраварӣ ин

мавзӯъро дар баҳсе перомуни чархаи мудирияти баҳравари, ки ба PDCA ё ба таъбири дигар MEPI ном ниҳодаанд, ки намудори он дар зер омадаст:




Модели 1. Модели 2.

Ҳамон гуна, ки дар чархаи баҳравари омадааст, қадами нахуст ҷиҳати барномарези, иттилоъ аз сатҳи мавҷуди шохисҳои баҳравари мебошад. Бинобар ин, андозагирии шохисҳои баҳравари зарури аст ва ҷузъи гусастанашавандаи фароянди илмии мудирияти баҳравари аст ва агар бихоҳем фарҳанги баҳравариро дар созмон ҷори созем, лозим аз баён ва шохисҳои баҳравари ва роҳкорҳои ҷиҳати беҳбуд ва иртиқои шохисҳо мебошад. Дар воқеъ, коркардҳои ноб барои мудирияти баҳравари аз инҳо иборат мебошад:

- *Огоҳисози:* Касби иттилоъ аз вазъияти феълии созмон ва ҳадафҳои баҳравարии он мебошад.
- *Арзёбии мушкилот*: Шиносоии фурсатҳо ва муқобила бо таҳдидот.
- *Баёни бозхӯр:* Эҷоди механизме барои ироаи бозхӯрд мебошад, то афрод аз муваффақиятҳо лаззат бурда ва дарс биомӯзанд ва барои ғалаба бар боздеҳии номатлуби ангезаҳои худро боло бибарад.
- *Эҷоди иттилооти муносиб*: Барои ахзи тасмимгирии мудирияти ва таҳлилҳои муносиби маълумотҳо ва иттилооти муносиб ҷамъовари карда мавриди омӯзиш қарор гирад.

Яъне чизе, ки баҳравариро метавон ба чанд қисм тақсим кунад ва афзоиши онро таълим намояд, омилҳо мебошад.

1. Омилҳои марбут ба нерӯи инсони (теъдоди нерӯи инсони, тахассус, ҳуқуқ ва мазоё).
2. Омилҳои марбут ба мудирият (тахассус, раобитаҳои мудирият бо коркунон).
3. Омилҳои вобаста ба давлат (қонунҳо ва муқаррарот, оинномаҳо, сиёсатҳо).
4. Имконот ва таҷҳизот (таҷҳизот, мошинолот, замин ва сохтмон, таъсисот).
5. Технология (навъи фарояндҳо, сифати маҳсулот, дониши фаннии тарҳ).
6. Омилҳои муҳити (бозори маҳсулот, ҷозибаҳои муҳити, омилҳои зистмуҳити).
7. Мавод ва энергия (маводи аввалия, маводи масрафи, энерги).
8. Ризоияти масрафкунанда (посухгӯи нисбат ба дархостҳои масрафкунанда ва тавоноии бароварда сохтани ниёзҳои онҳо).
9. Бакоргирии нерӯи инсони (бакоргирии тавоноиҳои билқувваи афрод, ки мунтаҳи ба мушорикати онҳо мешавад ва имкони идомаи беҳбудро фароҳам месозад).
10. Сифати колаҳо ва хадамот (сифати колаҳо бар асоси андозаҳои айни аз тарафи созмон мавриди таваҷҷӯҳ бошад).
11. Роҳбари (то чи андоза мудирон барои ҳифзи сифат аз низоми айни истифода мекунанд).
12. Барномарезии роҳбурди (барномарезии созмон барои ҳифзи сифати колаҳо ва хадамот).
13. Эҷод ва тавсеаи маҳсулоти ҷадид.
14. Муаррифии равишҳои тавлиди ҷадид.
15. Кашфи манобеи ҷадид.
16. Ёфтани шабакаҳои ҷадиди бозорёби.
17. Истифодаи маҷмӯи меҳнат барои таъмини сохти иқтисоди ва баҳравари.

Дар ҳамин чорчӯба метавон роҳҳои афзоиши баҳравари ва дастрас гаштан ба онро ба тариқи зайл омухт. Яъне, ҳамагуна корҳои иловаги, ки манфиатбахш нест, ба анҷом расонидан лозим нест ва харочотҳои иловагиро, ки зараррасондан ба анҷом расонидан мешаванд. Аз он ҷумла таъсири маҳсулоти бадсифатро дар корхона барҳам додан лозим. Барои шиносоии гулугоҳҳое барои як тараф гузоштан ё коҳиши манобеъ ва итлофи нерӯи инсони метавон ба мавридҳои зер ишора кард:

а) *Истифодаи беҳина аз фазоҳо:* Ҳазфи андозҳо аз чархаи тавлид ва хадамот ва истифодаи мавод ба андозаи супориши тавлид, баҳрагири аз манобеъ дар кӯтоҳтарин муддат ва эҷоди чархаи занҷираи таъмин ва ҳадди ақал кардани фазоҳои ғайри муваллид.

б) *Истифода беҳина аз ҳамлу нақл:* Кӯтоҳ кардан ва беҳина кардани фосилаҳои мабдаъ ва мақсад ва эҷоди равишҳои навин мисли истифода аз роёна ба наҳве, ки ҳамлу нақл ва ҷо ба ҷоии афрод ва маводро ба ҳадди ақал бирасонем.

в) *Истифодаи беҳина аз манобеъ ва энергия:* Бо барӯзоварии технология ва таъмироти бемавқеъ ва истифода аз таҷҳизоти муносиб, истифода аз манобе ва энергия аам аз манобеи инсонӣ ва коҳиши энергия бо равишҳои табдили энергӣ ва истифода аз чархаи ҳифзи он, истифодаи маноберо ба ҳадди ақал бирасонем.
г) *Истифодаи беҳина аз замон:* Бо кӯмаки мудирияти замон ва коҳиши замони анҷоми корҳо суръат бахшидан ба чархаи фароянди тавлид ва хадамот, коҳиши муколимоти телефонии вақтгир, мудирияти муассир бар ҷаласот, авлавиятбандии корҳои муҳим ва пардохтан ба онҳо ва ҳазфи фаъолиятҳои ғайримуртабит, замони иқдомоти худро ба ҳадди ақал бирасонем.

Роҳҳои афзоиши баҳраварӣ чунин мебошанд. Ҳангоми мусбӣ ба анҷом расидани баҳраварӣ, манфиатҳои зеринр дар бар мегирад: Барҳам додани ноқис дар истеҳсоли маводи аввалия, сармоя, мошинолот ва маҳсулот; Сарфаҷӯӣ дар замон, макон, ҳамлу нақл ва энергия; Ислоҳи улгӯи масрафи энергия ва соири манобеъ; Эҷоди фурсатҳои шуғлии бештар; Эҷоди шароити кории муносибтар ва ҳуқуқ ва дастмӯзди беҳтар; Афзоиши судоварии ширкатҳо ва суди саҳҳом; Коҳиши баҳои тамомшудаи тавлид ва коҳиши қимати маҳсулот ва хадамот; Афзоиши тавони рақобатпазирии бунгоҳҳои иқтисодӣ; Коҳиши осори сӯи зист муҳитӣ; Эҷоди тавлиди пойдор; Коҳиши мизони бекорӣ ва коҳиши мизони афроди ҷӯёи кор; Тавсеаи содирот ва афзоиши содироти ғайри нефтӣ; Афзоиши тавлиди нохолиси дохилӣ (GDP); Тавсеа ва рушди иқтисодии пойдор; Сарфаҷӯӣ дар истифода аз манобеи камёб; Назорати таваррум; Афзоиши қудрати иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра; Таъсиргузорӣ ба муодилоти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайри ҷаҳонӣ.; Истифодаи беҳина аз сармояи инсонӣ ва афзоиши корофаринӣ.; Афзоиши даромади сарона; Ҳифзи сармояи миллӣ.

Баъзе омилҳое ҳастанд, ки ба баҳраварӣ таъсир мерасонанд, ин истифодаи техника ва технология ба талаботи муосир ҷавобгӯ набуда, яъне (мошинолоти кӯҳна, тарроҳҳии номуносиби шуғл, омӯзиши ғайри асарбахш ё нокофии коркунон, афзоиши ғайри мунтазараи ҳаҷми кор) хориҷ аз назорати воҳиди тавлиди як созмон ҳастанд. Ин фарз матраҳ аст, ки бузургтарин мушкилоти мавҷуд дар роҳи афзоиши баҳравариии нотавони коркунон ва ангехта нашудани онон барои кори асарбахш аст. Баъзе дигар аз соҳибназарон, мӯътақидан, ки маводи аввалияи ноқис, тарроҳии ноқиси тавлид ва иштибоҳоти мудирият бештарин саҳмро дар коҳиши баҳравариии созмон доранд. Илова бар мавридҳои фавқи зикр далелҳое ҳамчун мавирдиҳои зер дар Эрон ба унвони мавонеъ бар сари роҳи иртиқои баҳраварӣ вуҷуд дорад: Адами тааҳҳуд ва пуштибонии амалии мудирияти олӣ; Фароҳам набудани заминаи фарҳангии лозим; Адами эҷоди ҷойгоҳи созмонии муносиб барои баҳраварӣ; Фуқдони эҷоди мабонии системаи мудирияти баҳраварӣ; Адами тавоноӣ дар таъйини шохисҳои муносиби баҳраварӣ дар созмонҳо ва воҳидҳои мухталифи он; Набуди системаи андозагирии баҳраварӣ; Заъф дар таҷзия ва таҳлили иттилоот; Адами барномарезӣ барои баҳраварӣ; Истифода аз равишҳои номуносиби беҳбуди баҳраварӣ; Бетаваҷҷӯҳӣ ба дарёфти бозхур аз системаи баҳраварӣ; Бознигарии иттилооти мавриди ниёз ба сурати даврaӣ ва мустамар.

Пурра гардонандаи мафҳуми баҳраварӣ ин иборат аз. Шохисҳои баҳраварӣ, ки дар воқеъ, шохисҳои коройӣ ҳастанд ва гоҳ онро шохисҳои баҳраварӣ низ меноманд, нисбатҳое ҳастанд, ки сурати онҳо як ситонда ва махраҷи онҳо як ниҳода мебошанд. Шохисҳои баҳраварӣ худ ба ду дастаи шохисҳои умумӣ ва шохисҳои ихтисосӣ ба шарҳи зер табақабандӣ карда мешавад:

Дар баробари анвои шохисҳо, боз шохисҳо умуман бо илҳом аз мафҳумҳои иқтисодии калон таърифмешавад, ки аз ҷумла метавон ба шохисҳои баҳравариии нерӯи кор, сармоя, кулли омилҳо, мавод, энергия, баҳравари кул ва корoии фароянд ишора кард. Вижагии ин шохисҳо ба гунае аст, ки бо муҳосибаи онҳо метавон баррасиҳои татбиқӣ дар воҳиди иқтисодӣ, табақа, гурӯҳи фаъолият, бахш ва қисматҳои иқтисодиро анҷом дод. Дар аксари шохисҳои умумии фавқузикр сурати каср, арзиши афзуда ё ситонда ва махраҷи он як ё маҷмӯ чанд ниҳода мебошад. Барои дарки беҳтари ин шохисҳо ба таърифи онҳо ба шарҳи зер пардохта мешавад:

***1. Шохисҳои баҳравариии нерӯи кор*** Рисолати мудирият ва ҳадафи аслии мудирони ҳар созмон истифодаи муассир ва беҳина аз манобеъ ва имконоти гуногун чун нерӯи кор, сармоя, мавод, энергия ва иттилоот аст. Дар ин рисола истифодаи беҳина аз нерӯи инсонӣ (баҳравариии нерӯи инсонӣ) аз аҳамияти хос бархӯрдор аст. Чароки инсон бар хилофи соири манобеи созмонӣ, дорои ақл ва ихтиёр аст, мудир наметавонад ба содагӣ аз он истифода намояд ва муҳимтар ин, ки нерӯи инсонӣ натанҳо як манба аз созмон нест, балки танҳо омили бакоргирии соири омилҳо мебошад. Ин нақш дар созмонҳои хадаматӣ аҳамияти бештаре меёбад. Чаро ки инсон якатози саҳнаи кор ва арсаи хадамоти марбута мегардад. Ҳол агар инсон, бо ангеза ва тавонманд ва баҳравар бошад, соири маноберо ба наҳви аҳсан ва матлуб бакоргирад ва анвои баҳравариро муҳаққиқ созад ва ниҳоятан созмонро баҳравар кунад, вагарна рукуд ва ақибмондагӣ, армуғони нерӯи инсонии мунфаил ва беангеза мебошад. Аммо ин ки чигуна нерӯи инсонӣ баҳравар мешавад ва ё баҳравариии вай афзоиш меёбад, суолест, ки посухи он дар муассисот ва созмонҳои мухталиф ба таносуби рисолати онҳо ва ниёзҳои коркунон гуногун аст.

Агарчи мумкин аст, ин ниёзҳо ва омилҳо шабеҳ ба ҳам бошанд. Аммо мутмаинан шиддат ва авлавияти таъсири онҳо бар баҳравари коркунон яксон нест. Масалан, дар як созмони тавлидӣ мумкин аст, тавачҷӯҳ ба тахассус ва ҳуқуқи дастмузд аз аҳамияти бештаре нисбат ба соири омилҳо бархӯрдор бошад. Дар ҳоле ки дар як муассисаи омӯзишӣ мумкин аст, ангезиш ва мушорикати коркунон дар тасмимгириҳо аз авлавияти бештаре бархӯрдор бошад. Бо тавачҷӯҳ ба аҳамияти нерӯи инсонӣ, ки дар боло тавзеҳ дода шуд, ин шохисҳо ба ду даста ба шарҳи зер тақсимбандӣ мешавад:

***- Шохисҳои рақобатпазирии нерӯи кор:***

- Шохиси рақобатпазирии нерӯи кор (LCC) ин нисбат, ки аз тақсими арзиши афзуда (VALUE ADDED) ба ҳазинаи нерӯи кор ба даст меояд, вазъияти рақобатпазирии муассисаро дар иртибот бо ҳазинаи нерӯи кор нишон медиҳад. Поин будани нисбат нишондиҳандаи ҳазинаи болои нерӯи кор аст, ки ҳамоҳанг бо эҷоди арзиши афзуда нест ва баръакс.

***Рақобатпазирии ҳазинаи нерӯи кор = арзиши афзуда / ҳазинаи нерӯи кор***

- Шохиси ҳазинаи нерӯи кор бар теъдоди нерӯи кор. Ин шохис нишондиҳандаи ҳаққу заҳмати мутавассити нерӯи инсонист. Ҳарчи нисбатиболотар бошад, нишондиҳандаи ҳаққу заҳмати зиёд ва баръакс мебошад.

Шохиси ҳазинаи нерӯи кор ба теъдоди нерӯи кор=ҳазинаи нерӯи кор/ мутавассити теъдоди нерӯи кор

- Шохиси воҳиди ҳазинаи нерӯи кор нисбат аз тақсими ҳазинаи нерӯи кор ба арзиши ситонда ба даст меояд ва нишондиҳандаи ҳазинаи нерӯи кор ба арзиши ситонда аст. Боло будани ин нисбат нишонгари ҳазинаи болои нерӯи кор мебошад. Ин амр мумкин аст ба иллати камбуди нерӯи кори моҳир ё таркиби номуносиб ва ё ба иллати боло будани чархиши нерӯи кор аст.

***Шохиси воҳиди ҳазинаи нерӯи кор = ҳазинаи нерӯи кор /арзиши ситонда***

- Шохиси ҳазинаи нерӯи кор бар вурудии кул. Ин нисбат фоизи ҳазинаи нерӯи кор ба вурудии куллро нишон медиҳад ва кӯчактар аз як мебошад. Боло будани нисбат нишондиҳандаи саҳми зиёди нерӯи кор дар вурудии кулл ва зиёд будани теъдоди кор, изофакорӣ ва кори мучаддад рӯи маҳсулоти ғайри мунтабиқ бо стандартҳост ва баръакс.

Шохиси ҳазинаи нерӯи кор ба вурудии кул=ҳазинаи нерӯи кор /арзиши додаҳо.

***- Шохисҳои баҳравариии нерӯи кор Ин шохисҳо ба шарҳи зер мебошад:***

- Шохиси баҳравариии нерӯи кор. Ин шохис аз тақсими арзиши афзуда ба теъдоди нерӯи кор ба даст меояд ва нишондиҳандаи мизони сарвати тавлидшуда (арзиши афзудаи тавлидшуда) дар муассиса ба нисбати теъдоди коркунон мебошад. Ин нисбат метавонад аз омилҳое ҳамчун корoии мудирият, тарзи талаққӣ ва рӯҳия дар муҳити кор, асароти қимат, тақозо барои маҳсул ва тавлиди бештар таъсирпазир бошад. Боло будани нисбат, нишондиҳандаи асароти матлуби нерӯи кор дар фароянди тавлид аст ва баръакс. (Мавод ва ҳадамоти гарон ё номарғуб, итлофи вақт, итлофи мавод, сатҳи ҳуқуқ ва дастмӯзди номуносиб).

***Шохиси баҳравариии нерӯи кор =арзишиафзуда/мутавассити теъдоди нерӯи кор***

- Шохиси арзиши ситонда бар нерӯи кор. Ин нисбат андозаи ситондаи тавлид шуда тавасссути ҳар як аз коркунони муассисаро, ки нишонае аз корoӣ ё тавоноиҳои бозорёбӣ, сифати матлуб ва ғайра аст, нишон медиҳад. Боло будани ин нисбат муаррифии стратегии бозорёбии муносиб аст ва поин будани он хатту маши бозаргонии номуносиб, сифати поини маҳсул ва теъдоди коркунони беш аз ҳад мебошад.

***Шохиси арзиши ситонда бар нерӯи кор=арзиши ситонда/мутавассити теъдоди нерӯи кор.***

- Шохиси саронаи омӯзиш. Ин шохис аз тақсими теъдоди соати омӯзиши нерӯи кор, бар мутавассити нерӯи кор ба даст меояд. Ин нисбат нишондиҳандаи мизони омӯзиши анҷомшуда барои беҳбуди сифати нерӯи кор хоҳад буд. Боло будани шохис баёнкунандаи тавачҷӯҳи мудирият ба тавсеа ва беҳбуди сифати нерӯи кор аст ва баръакс.

***Шохиси нафар соат омӯзиши сарона=теъдоди соати омӯзиш/мутавассити теъдоди коркунон.***

***2. Шохисҳои баҳравариии сармоя.*** Ин шохисҳо ба шарҳи зер мебошанд:

- *Шохиси баҳравариии сармоя* Ин шохис аз тақсими арзиши афзуда бар арзиши амволи сармояи собит ҳосил мешавад. Дар муҳосибаи ин шохис бархе мавкеъҳо ба ҷои арзиши амволи сармояи собит аз арзиши дороиҳои собит ё арзиши куллӣ дороиҳо истифода мешавад. Ин шохис нишон медиҳад, ки ба изои як воҳид аз арзиши мавҷуди амволи сармоя, чанд воҳид арзиши афзуда эҷод мегардад. Ба иборати дигар, ин шохис дараҷаи истифода аз дороиҳои малмусро нишон медиҳад. Боло будани нисбати нишондиҳандаи корoии боло дар истифода аз дороиҳост ва баръакс.

***Шохиси баҳравариии сармоя=арзиши афзуд/ арзиши дороиҳоисобит***

- *Шохиси арзиши ситонда бар арзиши амволи сармояи собит* Ин шохис нишондиҳандаи корoӣ дар истифода аз сармоя ва системаи бозорёбии муносиб аст. Боло будани он корoӣ дар истифода аз сармоя ва системаи бозорёбии хубро нишон медиҳад ва поин будани он муаррифии гардиши ками мавод, кори дар ҷараёни сохт ва дороиҳои собити зиёд аст.

***Шохиси арзишиситонда бар арзиши амволи сармояи собит= арзиши афзуда/ арзиши амволи сармояи собит.***

- *Шохиси тарокуми сармоя* Ин нисбат нишондиҳандаи сиёсати сармоябар ё корбари муассиса аст. Боло будани он нишон аз сармоябар будани ширкат аст (технологияи боло) ва поин будани нисбат нишондиҳандаи корбар будани муассиса (технологияи кам) мебошад.

***Шохиси тарокуми сармоя=арзиши амволи сармояи собит/мутавассити теъдоди коркунон.***

- *Шохиси арзиши ситонда бар сармояи амалиётӣ* Ин нисбат мизони арзиши ситондаи ҳосила, нисбат ба сармояи амалиётии ба кор гирифташударо нишон медиҳад. Боло будани шохис ба ин маънӣ аст, ки ба нисбати сармояи амалиётии истифодашуда чӣ қадар ситонда ҳосил шудааст.

***Шохиси арзиши ситонда бар сармояи амалиётӣ=арзиши ситонда/сармояи амалиётӣ.***

- *Шохиси гардиши сармояи амалиётӣ* Ин шохис аз тақсими арзиши фурӯши холис ба сармояи амалиётӣ ба даст меояд.

***Шохиси гардиши сармояи амалиётӣ=арзиши фурӯши холис/сармояи амалиётӣ.***

***3. Шохиси баҳравари мавод*** Ин шохис аз тақсими арзиши афзуда бар арзиши масрафҳои восита муҳосиба мешавад. Ин нисбат нишон медиҳад, ки дар изои маводи масрафшуда чи қадар арзиши афзуда ҳосил шудааст. Боло будани нисбат нишондиҳандаи барҳравари болои мавод ва поин будани он мумкин аст ба далели хариди маводи гаронқимат, маводи номарғуб, вуҷуди нерӯи кори ғайри моҳир ва ғайра мебошад.

***Шохиси баҳравари мавод=арзиши афзуда/арзиши масрафҳои восита.***

4. ***Шохиси баҳравари энергия*** Ин шохис аз тақсими арзиши афзуда бар миқдори энергияи масрафшуда ба даст меояд. Воҳиди ин шохис риёл бар калорӣ мебошад. Ин шохис барои кишварҳое, ки аз назари захираҳои сухти фосилӣ танқиси мекашанд, бисёр ҳоизи аҳамият мебошад. Дар бархе аз кишварҳо, ин шохис аз тариқи тақсими арзиши афзуда бар арзиши энергияи масрафшуда низ муҳосиба мешавад.

***Шохиси баҳравари энергия=арзиши афзуда/энергияи масрафшуда.***

5. ***Шохиси короии фароянд*** Ин шохис аз тақсими арзиши афзуда бар тафовути арзиши кулли вурудӣ ва мавод ва хадамоти харидоришуда ба даст меояд.

***Шохиси короии фароянд= арзиши афзуда/(мавод ва хадамоти харидоришуда-арзиши кулли вурудӣ).***

6. ***Шохиси баҳравари кулли омилҳои тавлид (TFP)*** Рушди тавлиди нохолиси дохилӣ дар сатҳи миллӣ ва ё арзиши афзуда дар ҳар як бахшҳои иқтисодӣ аз тариқи ду манбаъ, яке афзоиши ниҳодаҳо (нерӯи кор ва сармоя) ва дигаре беҳбуди сохторҳо (мошинолоти тавлид, таҷҳизоти нерӯ, беҳбуди сифати нерӯи инсонӣ ва мудирият) ҳосил мегардад. Ба ҷиҳати рақобати фишурдае, ки дар сатҳи ҷаҳон барои касби саҳми бештар аз тиҷорати ҷаҳонӣ вуҷуд дорад, кишварҳои ҷаҳон хусусан, кишварҳои тавсеаёфта ва дар ҳоли гузор талош мекунанд, то рушди тавлиди нохолоиси дохилӣ ё арзиши афзудаи бахшҳоро ҳаддалимкон аз тариқи беҳбуди сохторҳо таъмин кунанд. Ба иборати дигар, равшантар ба ҷои ин ки теъдоди нерӯи инсонии худро афзоиш диҳанд, талош мекунанд, то бо иҷрои барномаҳои омӯзишии кӯтоҳмуддати тахассусӣ, сатҳи маҳорати коргаронро афзоиш диҳанд ва ё ин ки ба ҷои эҷоди зарфиятҳои ҷадид, зарфиятҳои мавҷудро ба охирин фановариҳои навин муҷаҳҳаз кунанд. Бо истифода аз ин рӯйкард муассисот қодир хоҳанд буд, то маҳсулоти мутанавеъ тар ва бо сифати болотаре тавлид карда ва бад-ин тартиб тавони рақобатпазирии худро афзоиш диҳанд. Ба таври хулоса ин, ки дар ин вазъият талош мекунанд, то баҳравари кулли омилҳои тавлидро иртиқо бахшанд.

***Шохиси баҳравари кулли омилҳои тавлид=арзиши афзуда/(арзиши дороиҳои собит+ҳазинаи ҷуброни хадамоти коркунон).***

7. ***Шохиси баҳравари кул*** Ин шохис аз тақсими арзиши афзуда бар арзиши кулли додаҳо ба даст меояд. Ҳарчи нисбат болотар бошад, баҳравари муассиса болотар аст.

***Шохиси баҳравари кул=арзиши афзуда/кулли додаҳо.***

**б) Шохисҳои ихтисосии (шохисҳои хос) баҳраварӣ** Дар ҳар як аз ришта фаъолиятҳои иқтисодӣ илова бар шохисҳои умумӣ, шохисҳоии ихтисосӣ низ қобили таъриф мебошад. Ин ки чи шохисҳои ихтисосие барои як муассиса қобили таъриф аст, иртибот ба навъи фаъолият, ҳадафҳо ва маъмуриятҳо, рисолат ва мақсадҳое, ки воҳиди иқтисодӣ дунбол мекунад, дорад. Дар Эрон созмони миллии баҳраварӣ ҷиҳати тасҳил нисбат ба таърифи бахше аз ин шохисҳо иқдом намудааст. Албатта, ин шохисҳо комил набуда ва ҳар воҳиди иқтисодӣ боиси нисбат ба такмил ва ислоҳи шохисҳои мазкур иқдом намояд.

**Натиҷагирӣ** Яке аз умдатарин рамзҳои ҳаёти ширкатҳои тавлидӣ, беҳинасозии ҳазинаи кулли тавлид, яъне коҳиши ҳазинаи воҳиди сохт ва ё коҳиши ҳазинаи бакоргирии маҳсулоти он созмонҳост. Ба ҳамин далел, созмонҳои барҷаста ва огоҳи ҷаҳон барои рақобат дар ҳазина ва амалкард, фаъолиятҳои иқтисодии худро дар тарроҳии сомонаҳо (маҳсулот ва фарояндҳо) мутамаркиз кардаанд. Дар иқтисоди имрӯзи ҷаҳон ирсоли сомонаҳои (маҳсулот ва ё фарояндҳо) бо сифати боло ва ҳазинаи воҳиди сохти поин ба унвони рамзи идомаи ҳаёти ширкатҳо матраҳ аст. Барои ҳамин, ағлаби ширкатҳои бузург дар ҷаҳон барои боло бурдани тавони рақобатии худ ва рақобат дар ҳазинаҳои сохт

ва амалкард, фаъолиятҳои худро дар беҳинасозии сомонаҳо мутамаркиз кардаанд. Аз ин рӯ, муҳосибаи шохисҳои баҳраварӣ ва таҷзия ва таҳлили онҳо бахусус дар бахши аҷзои ҳазинаи кулли тавлид аз тариқи нисбатҳои марбута, абзори муносиберо барои арзёбии вазъияти ҳазинаҳои мухталиф ва истифода аз нисбатҳои ҷузъитар дар сурати ниёз фароҳам меоварад. Бинобар ин, дар ин мақола ибтидо ба таърифи баҳраварӣ, омилҳои иртиқои бахраварӣ, мавонеъ бар сари роҳи баҳраварӣ ва манофеъи ношӣ аз он пардохташуда ва дар ниҳоят шохисҳои муҳими баҳраварӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтанд.

### АДАБИЁТ


1. Аббоси Ғафорӣ. Иртиқои баҳраварӣ яке аз роҳҳои ислоҳи улгӯи масраф. Мудирияти созмони густариш ва навсозии саноати Эрон. с.12, 1389.
2. Фурғондӯсти Ҳақиқи Комбиз ва Баҳмани Маҳд. Сурати арзиши афзуда. Моҳномаи ҳисобдор. Шумораи 148, 1381.
3. Муҳаммадҳусайни Қоимӣ ва Салмони Ҳамидӣ ва Акбари Заворӣ Ризоӣ. Робитаи шохисҳои молӣ ва шохисҳои баҳраварӣ дар ширкатҳои тавлидӣ. 1390.
4. Роҳнамои андозагирии баҳравариии воҳидҳои санъатии Эрон. Созмони бурс ва уроқи баҳодори Эрон. 1389.
5. Bottazzi Giulio & Secchi Angelo, Productivity, Profitability and Financial Performance: A Firm Level Comparative Analysis of Italian Manufacturing and Services, SSRN, 2006.
6. Frourastic Jean, Productivity Measurement & Improvement, Paris, O.E.E.C., European Productivity Agency, 1975.


### ИЗВЛЕЧЕНИЕ ПРИБЫЛИ, ИЗМЕРЕНИЕ И УЧЕТ ЕГО НАПРАВЛЕНИЙ


В данной статье автором изучаются пути извлечения прибыли на примере нефтедобывающей промышленности Исламской Республики Иран, а также измерение, учет и направления извлечения и учета прибыли, что является главным критерием в деле достижения процветания компаниями.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** прибыль, экономическое развитие, извлечение и учет прибыли, направления извлечения и учета прибыли,.


### PROFIT EXTRACTION, MEASUREMENT AND ACCOUNTING OF ITS DIRECTIONS


In this article the author studies ways of extraction of profit on an example of the oil-extracting industry of the Islamic Republic Iran, and also measurement, the account and the directions of extraction and the accounting of profit that is the main criterion in achievement of prosperity by the companies.



**KEY WORDS:** profit, economic development, extraction and accounting of profit, direction of extraction and accounting of profit.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Акбари Хусейн Раджабали*** – соискатель Таджикского национального университета.


## ҶОЙГОҲИ СОДИРОТИ КОЛОҲОИ ҒАЙРИНАФТИИ ЭРОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МИЁНА


***Алӣ Ҳотамӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Мавзӯи содироти ғайринафтиро наметавон фориғ аз дигар таркибҳои иқтисодӣ баррасӣ кард, зеро ба сурати ҳалқаҳои муттасил ба ҳам чархаи иқтисоди кишварро ба гардиш дармеоваранд. Истеҳкоми ҳар яке аз ин ҳалқаҳо дар сохтори иқтисодии рақобатпазир, ки авомили тавлид шурӯъ аз нерӯи инсонӣ, мудирияту сармоя аз пӯёиву таҳрики кофӣ дар эҷод ва рушди тавлиди нохолиси дохилӣ бархӯрдоранд, ба ҳадде мебошад, ки аз гусасти ҳалқаҳо дар рӯёрӯӣ бо шароити ғайримъмули иқтисодӣ пешгирӣ мекунад ва ҳар таркибот дар бистари муносиб барои тақвияти таркибҳои дигар амал мекунад. Бинобар ин, ишғоли комили омилҳои тавлид тасбит мешавад ва андози тавлиди арзиши афзудаи колоҳову хадамот афзоиш мeёбад. Бинобар ин, бозорҳои фаромарзӣ низ ҳамчун бозорҳои дохилӣ ба рӯйи колоҳои эронӣ кушода мешаванд. Содироти ғайринафтӣ, ки бо заҳмат даромади арзии кишварро таъмин мекунад, баёнгари гусастани ҳалқаҳои гардонандаи иқтисоди кишвар аст. Бадеҳист, ки дар содироти ғайринафтӣ кайфияту қимати колоҳо нақши таъминкунанда дорад. Иттисоли ҳалқаи содиротӣ дар занҷираи чархаи иқтисод шакл намегирад ва рушди иқтисодӣ ва табъи он тавсиаи иқтисодиро халалдор мекунад.

Тавсиаи иқтисодии Эрон то кунун бар асоси вобастагӣ ба нафту газ ва омили аслии рушди он даромади ҳосил аз содироти нафт будааст. Ин дар ҳолест, ки ҳаҷми содироти ғайринафтии Эрон дар чанд соли охир афзоиш ёфта, саҳми колоҳои саноатӣ дар содирот боло рафтааст.

Содироти ғайринафтӣ ҳамвора аз муҳимтарин масоили мавриди назари дастандаркорону сиёсатгузорони иқтисодии кишвар будааст ва таваҷҷӯҳи хосеро дар барномаҳои аввал, дуввум, саввум ва чаҳоруми рушди кишвар ба худ маътуф доштааст.

Бар асоси барномаи чаҳоруми рушду тавсиа, бояд мизони содироти ғайринафтии кишвар дар соли поёни барнома ба 52,8 миллиард доллар бирасад. Бо таваҷҷӯҳ ба санади чашмандози 20- солаи кишвар, содироти ғайринафтӣ бояд ба гунае афзоиш ёбад, ки боиси коҳиши иттикои кишвар ба содироти нафтӣ шавад. Бинобар ин, давлат бояд дар ҷиҳати ҳузури фаъоли содиркунандагон дар бозорҳои ҷаҳонӣ талош кунад.

Барои расидан ба аҳдофи баланди тавсиаи содироти ғайринафтӣ бо баррасии дақиқи фурсатҳо ва таҳдидҳои пешорӯи иқтисоди Эрон дар ҳавзаи ҷаҳонӣ шудан метавон бо рафъи маҳдудиятҳо ва заъфҳои мавҷуд дар зерсохтҳои иқтисодии муртабит бо содироти пардохт ва ҳавзаҳои мухталифе чун ҳамлу нақл, поёнаҳо, роҳҳои оҳан, ҷодавӣ, ҳавоӣ ва дарёӣ боисти бар асоси сохтори фазоиву озмоишӣ мавриди колбадшикофӣ қарор гирад.

**Мавқеияти Эрон ва нақши он дар пайвандҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Миёна.** Бо таваҷҷӯҳ бо вобастагии шадиди саноати ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол ба якдигар ва мизони қудрати саноатии онон, раванди ислоҳоти иқтисодӣ мутафовут будааст ва гироиши ҳамкории онон бо кишварҳои ғарбӣ мутағаййир будааст. Кишварҳое, ки аз қудрати саноатӣ камтар бархӯрдор будаанд ва даромади иқтисодии онҳо умдатан бар тавлидоти кишоварзӣ муттако бувад, зиёни бештареро пас аз интиқол бардоштаанд, зеро дар холигии системаи барномарезии марказии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷанбаҳои тавлиду фурӯш бо бӯҳрони ҷиддӣ мувоҷеҳ шуданд.

Давлатҳои Урупои Ғарбӣ ва Амрико пас аз истиқлоли ин ҷумҳуриҳо ҳамроҳ саъй намудаанд, ки бо ироаи намоди Туркиё, монеъ аз нуфузи Инқилоби Исломӣ ва ибрати ин кишварҳо аз Эрон гарданд. Вобастагии шадиди ҷамоҳири Осиёи Марказӣ ба Русия барои интиқоли манбаъҳои энергетикии худ, кишварҳои мазкурро бар он дошт, то ба дунболи гуногун кардани манбаъҳои энергетикӣ ва масирҳои интиқоли манбаъҳои энергетикии худ ҳамкориҳои худро бо соири кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои ғарбӣ густариш диҳанд. Решаҳои таърихии Эрон бо кишварҳои Осиёи Миёна ва вуҷуди манбаъҳои ғанӣ дар минтақа ва зарурати интиқолу содироти онҳо ҳамвора ҳифзи равобит бо Эронро ба унвони яке аз масирҳои муҳими ҳамлу нақл (транзити коло) эҷоб менамуд.

**Транзити коло.** Бархӯрдорӣ аз амнияти ҷуғрофӣ яке аз муҳимтарин авомилест, ки метавонад ба хубӣ заминасози густариши ин саноат дар як кишвар бошад. Бар ҳамин асос, Эрон ҳамвора ба унвони як масири транзитии кӯтоҳу муносиб мавриди таваҷҷӯҳи соҳибони коло будааст, ба гунае ки осори чархҳои ин санъат ҳанӯз ҳам дар роҳи абрешим боқӣ аст. Ҳарчанд бо ихтирои мошини бухор, иртиботи байни ин кишвар дар ҷодаи пешрафту тараққӣ қатъ гардид ва аҳамияти транзитии он коста шуд, аммо дар асри ҳозир бо фурӯпошии низоми сусиёлистӣ (сотсиалистӣ) дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ва ниёзи кишварҳои Осиёи Миёна ба дастрасии обҳои озод, аз як сӯ ва рушди фароянди иқтисодии кишварҳои Шарқу Ҷануби Осиё ва алоқамандии онҳо ба тиҷорат бо Ғарб ба инзимоми ноамнии масирҳои рақиб дар Русиёву Доғистон, Афғонистону Покистон, аз сӯйи дигар, боис шуд, то ин минтақа бори дигар мавриди таваҷҷӯҳи дунёи тиҷорат қарор гирад. Дар ҳақиқат, Эрон бо 980 километри марзи истротежик (стратегӣ) ва қарор доштан дар масири интиқоли 75 дар сади манбаъҳои нафту гази ҷаҳон ва тавлиди анбӯҳи маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ кӯтоҳтарин масирро барои расидан ба бозорҳои ҷаҳонӣ доро мебошад. Ҳамсоягии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо Осиёи Миёна ва доро будани муштаракоти динӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ, ниёзи ин минтақа ба истифода аз қаламрави Эрон барои рушди тиҷорат мавқеияти мумтозеро барои кишвари мо фароҳам овардааст, ки басти равобити иқтисодиву сиёсиро бо ин минтақа осон мекунад.

Фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ва истиқлолияти ҷумҳуриҳои сершумори он, аз ҷумла 5 ҷумҳурии Осиёи Миёна бо сохтори кишоварзӣ ва низ доро будани захоири азими маъданӣ, нафту газ ва пайдоиши бозори ҷадид дар ин минтақа, таваҷҷӯҳи бисёре аз кишварҳои ҷаҳонро ба худ ҷалб кардааст.

Аҳамияти тавлидоти кишоварзиву саноатӣ ва низ захираҳои нафту гази Осиёи Миёна (Туркманистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон) ба ҳаддест, ки алорағми гузашти муддати кӯтоҳе аз истиқлоли онҳо, кишварҳои ғарбӣ дар афзоиши пайвандҳои иқтисодӣ ва сармоягузории зиёде саъй хоҳанд кард.

Дар байни кишварҳои Осиёи Миёна –Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ба тартиб бештарини саҳми тиҷорати Осиёи Миёнаро ба худ ихтисос додаанд ва дар оянда низ ин кишварҳо, бавижа Қазоқистону Туркманистон, ки аз потенсиал (иқтидор)-и қобили таваҷҷӯҳе барои судури нафту газ бархӯрдоранд, саҳми худро дар мубодилот ҳифз хоҳанд кард.

Панҷ кишвари Осиёи Миёна дар маркази сарзамини васеи Русия фоқиди роҳҳои дастрасии мустақим ба обҳои озод мебошанд ва ҷузъи маҳдуди кишварҳои хушкӣ ҳастанд, фосилаи пойтахтҳои

ин 5 кишвар ба истисnoи Туркманистон аз наздиктарин бандар ҳудуди 3000 км аст. Чаҳор кишвар аз ин панҷ кишвар барои расидан ба обҳои озод бояд аз қаламрави як кишвари дигар убур намоянд ва дар ин миён фақат Ӯзбекистон барои дастёбӣ ба дарё бояд ҳадди ақал аз ду кишвар убур кунад. Аз он ҷо ки тавсиаи иқтисодиву рифоҳи иқтисодӣ дар Осиёи Миёна ба густариши тиҷорати хориҷии мустақим бо бақияи кишварҳои ҷаҳон бастагӣ дорад ва аз тарафи дигар, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ саҳми тиҷорати ҳар як аз ин 5 кишвар бо кишварҳои муштаракулманофеъ коҳиш ёфтааст ва ин раванд идома хоҳад ёфт, лизо, Осиёи Миёна барои тавсиаи тиҷорати хориҷии худ бо ҷаҳон ночор аз масирҳои транзити коло аз қаламрави соири кишварҳо илова бар масири Русиё истифода хоҳад бурд.

Бадеҳист, ки транзити чанд миллион тонна коло аз қаламрави як кишвар манофеи иқтисодиву сиёсии қобили таваҷҷӯҳро барои он кишвари хос ба армуғон меоварад. Лизо, ҳар яке аз кишварҳои ҷадиди воқеъ дар масири транзит дар афзоиши саҳми худ дар интиқоли колоҳои мавриди мубодилаи Осиёи Миёна саъй хоҳад кард. Мутақобилан, кишварҳои Осиёи Миёна низ ҳаққи интихоби афзояндае барои транзити колоҳои мавриди мубодилаи худро пайдо мекунанд. Дар ин миён тарҳи коридори Шимол – Ҷануб дар муқоиса бо тарҳи Шарқ - Ғарб - Тросико яке аз тарҳҳои матраҳ дар минтақа мебошад. Ин коридор дар соли 1993 тавассути вазирони ҳамлу нақли Урупо дар конфронси Хелсинкӣ ба тасвиб расидааст, ки замон ва қимати ҳамли колоро байни Дубай – Хелсинкӣ тахминан аз 80 % то 10% коҳиш медиҳад.

Бар ин асос, тибқи пешбиниҳои мавҷуда ин коридор дар солҳои аввал 5 миллион тонна дар соле зарфият дорад, ки агар ҳатто 2 миллион тоннаи он таҳаққуқ ёбад, даромади арзиши ҳосил аз ҳамлу нақли коло аз бандари Аббос то бандари Амиробод дар ҳудуди 150 миллион доллар хоҳад буд. Ба ин тартиб, метавон гуфт, ки Эрон бо камтарин сармоягузорие, ки анҷом хоҳад дод, аз бештарин асароти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии коридори Шимол - Ҷануб баҳраманд хоҳад шуд. Дар ин масир, зимни ин ки Эрон метавонад аз бозорҳои ҷадиди мавҷуда бештар истифода намояд ва бо содироти колоҳои ғайринафтӣ зимни арзоварӣ ва арзиши афзудаи иқтисодӣ барои кишвар дар рақобат бо аксари кишварҳое, ки барои барқарор кардани иртибот бо кишварҳои Осиёи Миёна ва Ховари Миёна саъйу кӯшиш доранд, пирӯзиро ба даст орад.

**Пайвандҳои иқтисодии Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ.** Ҷумҳурии Исломии Эрон бо баҳрамандӣ аз мавқеияти махсуси ҷуғрофии худ дар минтақа ва доштани муштаракоти фарҳангиву таърихӣ талош намуд, то бо риояти асли эҳтиром ба манфиатҳои мутақобила ҳамкориҳои худро бо кишварҳои соҳибистиқлол поярезӣ ва ҳидоят намояд. Адами ниҳодина будани ҳамкориҳои минтақавӣ дар солҳои аввалия бар ваҷҳаи Ҷумҳурии Исломии Эрон таъсири манфӣ дошт. Аммо дар солҳои баъд бо тадвини барномаҳои муносиб ва рушди иқтисодии қобили мулоҳиза бунгоҳҳои саноативу иқтисодии кишварамон то ҳудуди равобити дуҷониба беҳбуд ёфт. Ифтитоҳи минтақаи хоси иқтисодии Сарахс дар соли 1992, хатти оҳани Машҳад – Таҷан – Сарахс дар соли 1375 (…) ва хатти оҳани Бофиқ – Бандари Аббос иқдомоти муҳиме дар ҷиҳати тавсиаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ, ҳамлу нақл ва транзитии миёни Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ будааст. Ҳамчунин, Эрон аз узвияти кишварҳои Осиёи Марказӣ барои узвият дар созмони ЭКО бо ангезаи тавсиаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тамоюли кишварҳои минтақа бо ангезаи барқарорӣ ва тавсиаи муносиботи иқтисодӣ нуқтаи атфӣ дар тасреи тавсиаи ҳамкориҳои минтақавӣ будааст.

Осиёи Марказӣ аз лиҳози доштани мавқеияти ҷуғрофӣ ва манбаъҳои энергетикӣ баъд аз минтақаи Халиҷи Форс аз минтақаҳои ҳассоси ҷаҳон дар таҳаввулоти ояндаи байналмилалӣ мебошад. Ин минтақа, ки дар талоқии се қудрат: Эрон, Туркиё ва Русиё қарор дорад, баъд аз ҳодисаи 11-уми сентябр ва таҳаввулоти Афғонистон таваҷҷӯҳи махсуси кишварҳои урупоӣ ва Амрикоро ба худ ҷалб намуд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дар ихтиёр доштани манбаъҳои азими нафт, газ, зуғолсанг (ангишт), ураниум, фулузоти оҳаниву ғайриоҳанӣ ва истеъдодҳои кишоварзӣ аз бозорҳои рушдкунанда бархӯрдоранд, вале аз лиҳози камбуди манбаъҳои молӣ қудрати баҳрабардорӣ аз онҳоро надоранд. Мутолиаи амиқи таърихи иқтисоди кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ таркиби матлуби давлату бозор дар мудирияти ҷомеа таҳққуқ наёфтааст ва меҳварияти давлат дар иқтисод мушкилотеро дар тавсиаи иқтисодӣ эҷод намудааст. Кишварҳои фавқ бо дарки ин воқеият хусусисозиро дар авлавияти кори худ қарор додаанд, вале заъфи мудирият ва монеаҳои барҷомонда аз системаи гузашта монеи иҷрои комили ин тарҳ шудааст. Ба таври куллӣ хусусисозӣ дар ин кишварҳо ба унвони абзоре ҷиҳати дастёбӣ ба аҳдофи муҳиме ҳамчун истиқлоли иқтисодӣ, таъмини тақозову ниёзҳои ҷомеа, барқарории тавозуни иқтисодӣ, фаровари маводи хоми мавҷуд ва истифода аз арзиши изофаи он, тавсиаи имконоти содиротӣ, эҷоди иштиғол, ҷойгузинии колоҳои тавлиди дохил бо колоҳои воридотӣ сурат гирифтааст.

**Баррасии равобити дуҷонибаи иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ.** Ҳамҷаворbudi Эрон бо Осиёи Марказӣ ва вижагиҳои геополитикӣ ва геостратегии ин минтақа ҷойгоҳи хосаеро дар мулоҳизоти амниятиву иқтисодии кишварамон эҷод кардааст. Аз сӯйи дигар, бо таваҷҷӯҳ ба муштаракоти таърихиву фарҳангии Эрон бо 5 кишвар – Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ин ҷойгоҳ дар равобити дуҷониба тақвият шудааст. Вуҷуди марзҳои муштараки обиву заминӣ, муштаракоти фарҳангиву мазҳабӣ, манбаъҳои муштарак, дастёбӣ ба бозори минтақа, мавқеияти мунҳасир ба фарди транзитии Эрон аз ҷумлаи мавориде ҳастанд, ки ҳамкориву ҳамгироии бештари минтақавиро эҷод мекунад. Вазъияти саноати аз замони шӯравӣ барҷомонда, навъу мизони манбаъҳои мавҷуди аввалия, вазъияти иқтисодии мутафовитеро бар ин кишварҳо ҳоким кардааст. Туркманистону Қазоқистон бо доштани манбаъҳои қобили таваҷҷӯҳ – нафту газ нисбат ба соири кишварҳо аз мавқеияти беҳтаре бархӯрдоранд. Ӯзбекистон низ бо доштани манбаъҳои қобили таваҷҷӯҳ – газ, тилло ва ураниум дорои ҷозибаҳои хоси худ аст. Вобастагии маҳзи кишварҳои Қирғизистону Тоҷикистон ба даромадҳои бахши кишоварзӣ ва надоштани ҷозиба барои сармоягузорӣ нисбат ба соири кишварҳои минтақа, онҳоро дар поёнтарин вазъияти иқтисодӣ нисбат ба соири кишварҳо қарор додаст.

Мавқеияти ҷуғрофии Эрон ба унвони яке аз масирҳои муҳими ҳамлу нақл ва транзит, бавижа барои интиқоли энергетики минтақа, меҳварияти Эрон дар Созмони Конфронси Исломӣ ва ЭКО, фурсатҳо ва муштаракоти фарҳангиву таърихӣ аз ҷумлаи ангезаҳои мусбат дар равобити Эрон бо кишварҳои минтақа маҳсуб мешавад. Рушди иқтисодиву саноатии Эрон, бавижа дар даҳаи охир ҳаҷми равобити дуҷониба бо кишварҳои мазкурро ба таври қобили мулоҳиза афзоиш додаст.

Иқдомоти баамаломада ҷиҳати тавсиаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ростои санади чашмандоз ва барномаҳои тавсиаи миёнамуддатро метавон ба шарҳи зайл баршумурд:

– эҷоди бистарҳо ва пояҳои ҳуқуқии муносиботи тиҷоратӣ аз тариқи ақди муофиқатномаҳо ва эҷоди пайвандҳои органики созмонӣ;

– эҷод ва баҳрабардорӣ аз созу корҳои мутаорифи тиҷоратӣ, аз ҷумла таъсиси бонк дар ин кишварҳо;

– барқарории иртиботи осону арзон бо кишварҳои ҳавза ва тасҳили додугирифти дуҷониба;

– сиёсатҳои ҳимоятӣ аз ҳамкории бахшҳои хусусии ду тараф бо ҳадафи тасреъ дар раванди озодсозии иқтисодӣ ва тақвияти раванди хусусисозӣ.

Бо таваҷҷӯҳ ба аҳамияти ҳамкориҳои минтақавӣ дар тавсиаи ҳамкориҳои дуҷониба ва зарурати иҷрои бархе аз тарҳҳои минтақавӣ ва тамоюли 5 кишвари Осиёи Марказӣ ва истиқболи Ҷумҳурии Исломии Эрон, Покистон ва Туркиё (ба унвони 3 кишвари муассис), кишварҳои фавқ дар соли 1992 ба таври расмӣ ба узвияти созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) даромаданд.

**Пешниҳодоти иҷроия дар ҷиҳати афзоиши аҳдофи баландмуддат дар тавсиаи содироти ғайринафтӣ.** Барои расидан ба аҳдофи баланмуддат дар тавсиаи содироти ғайринафтӣ бо баррасии дақиқи фурсатҳо ва таҳдидҳои пешорӯйи иқтисоди Эрон дар ҳавзаи ҷаҳонишавӣ метавон бар рафъи маҳдудиятҳову заъфҳои мавҷуд дар зерсохтҳои иқтисодии кишвари марбут бо содирот пардохт ва ҳавзаҳои мухталифе чун ҳамлу нақл, поёнаҳо, бастабандӣ, роҳҳои оҳан, ҷодавӣ, ҳавоӣ ва дарёӣ мавриди колбадшикофӣ қарор гирад, то бо заъфҳову маҳдудиятҳо ошно шуда, нисбат ба рафъи онҳо иқдом шавад.

Аз сӯйи дигар, лозимаи бозорёбии муносиб дар бозорҳои ҳадаф, илова бар баҳрамандӣ аз таблиғоту бастабандии асаргузор доштани колоҳои рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ аст.

Бояд бо таваҷҷӯҳ ба озодсозии тиҷорати ҷаҳонӣ, гироиш ба тавлиди содиротгаро, маҳоратҳои лозим барои содироти муваффақ аз бастабандӣ то таблиғот, бо дар назар гирифтани мазиятҳои иқтисоди Эрон дар чорчӯби барномаҳои тавсиа ва чашмандози 20-сола, роҳбурдҳои содиротии кишвар дар канори роҳбурдҳои тиҷорат таҳияву танзим шавад, бинобар ин, зарур аст, ки дар ҳавзаи якпорчасозӣ ва ҳамоҳангии сиёсатҳо иқдомоти асосӣ ба амал ояд:

– зарурати афзоиш, тамаркуз ва баҳангом намудани иттилооти тиҷоратӣ дар хусуси кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи ҷуғрофии бозорҳои содиротии кишвар;

– таваҷҷӯҳи кофӣ ба вижагиҳои фарҳангии бозорҳои ҳадаф дар коҳиши шикастҳои тиҷоратӣ ва тавсиаи камиву кайфии бозорҳои содиротӣ;

– беҳбуди кайфияти колоҳо ва риояти стандартҳои бозорҳои ҳадаф;

– эҷоди навоварӣ, тағйири намод ва тарроҳии мутаносиб бо хосту салиқаи масрафкунандагон;

– афзоиши кайфияти бастабандии маҳсулоти эронӣ;

– коҳиши қимати тамомшудаи маҳсулоти содиротӣ;

– таваҷҷӯҳи хоса ба хадамоти пас аз фурӯш;

– таҳияи брошуру каталогҳои содиротӣ ба забони форсӣ;

– таваҷҷӯҳи хосаи давлат ба амри таблиғот ва бозорёбии маҳсулоти содиротии кишвар;
– эҷоди тасҳилот (осонӣ)-и муносиб дар ҷиҳати мамоният аз вуруди афроди ғайримутахассис ва судҷӯ дар арсаи содирот ва ташвиқи бештари мутахассисон ба сармоягузорӣ дар ин амр;
– эҷоди суботи нисбӣ дар муқаррароту барномаҳои марбут бо содирот ва ҳадафи бархе аз мароҳилу муқаррароти зоид;
– фароҳам намудани тасҳилоти қонунии лозим ҷиҳати омадурафти осони бозаргонони хориҷӣ ба Эрон;
– назорати дақиқ бар амалкарди бозорчаҳои марзӣ, бавижа мамоният аз судури колоҳои номарғубу ғайристандартӣ;
– тадовими сиёсати хориҷии мусолиматомез ва тавсиаи равобити сулҳомез бо дигар кишварҳо;
– узвият ва мушорикати фаъол дар конфронсҳо ва созмонҳои тиҷоратии ҷаҳонӣ;
– вобастагии қарордодҳои коҳиши мутақобили таърифа бо кишварҳои ҳадаф;
– эҷод ва афзоиши тасҳилоти эътибории муносиб барои харидорони хориҷӣ;
– эҷоди ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои қавии содиротӣ барои афзоиши тавони рахна дар бозорҳои ҳадаф;
– талоши доимӣ барои иртиқои стандартҳои фарҳангӣ, таҳсилотӣ ва тахассусии бозаргонону содиркунандагони эронӣ;
– анҷомиислоҳоти лозим дар системаи ҳамлу нақл ва коҳиши нархи таърифаҳо дар ҷиҳати рақобатнок шудани нархи колоҳои содироти кишвар дар бозорҳои ҷаҳонӣ;
– иттилоърасонии дақиқу баҳангом аз сӯйи намояндагиҳои сиёсии Эрон дар бозорҳои ҳадаф оид ба вижагиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин бозорҳо;
– таблиғот ба манзури шиносоии беҳтари колоҳои эронӣ аз тариқи ширкат дар намоишгоҳҳои тахассусии хориҷӣ, барпо кардани намоишгоҳ, таблиғ дар расонаҳои гурӯҳӣ, ташкили ширкатҳои бозорёбии байналмилалӣ, таблиғ аз тариқи шабакаи интернет ва дигар васоит;
– ташкили марказҳои тиҷоратии Эрон дар хориҷ, алалхусус дар бозорҳои умдаи содиротии Эрон ва арзаи маҳсулоти мухталиф.

## АДАБИЁТ


1. Гавҳариён Муҳаммад Иброҳим. Мудирияти содироти ғайринафтӣ. Муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ, – 1373.
2. Маликӣ Беҳном. Нигарише нав бар содироти ғайринафтӣ. Муассисаи мутолиот ва пажӯҳишҳои бозаргонӣ, –1375.
3. Иброҳимӣ Алӣ. Ҳалқаи гумшудаи тавлиду содироти колоҳои ғайринафтӣ.
4. Ашкзарӣ Фотима. Содироти ғайринафтӣ ва мавонеи пешорӯ.
5. Бонки марказии Ҷумҳурии Исломии Эрон.
6. Гумруки Ҷумҳурии Исломии Эрон.
7. Султонӣ Пидром. Чаро фосилаи воридоту содироти Эрон зиёд аст?
8. Ҷомсоз Маҳмуд. Чаро содироти ғайринафтӣ номуваффақ аст?
9. Афшорипур Афшин. Бозорёбии санъатӣ ва нақши он дар тавсиаи иқтисодӣ ва содироти санъатӣ.
10. Маркази миллии омоиши сарзамин. Дастуруламали тадвини мутолиоти омоиш.
11. Санади чашмандози 20-солаи кишвар.


## МЕСТО ЭКСПОРТА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ, ПРОМЫШЛЕННЫХ И ДРУГИХ ТОВАРОВ ИЗ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН В ГОСУДАРСТВА СРЕДНЕЙ АЗИИ


Торговля в Иране имеет очень древнюю историю. Соответствующее географическое местоположение делает Иран основным экспортером товаров народного потребления в бывшие советские республики Средней Азии. В статье автором рассматривается экспортный потенциал Исламской Республики Иран, а также его торговые связи с бывшими республиками Средней Азии посредством морского, наземного сообщения и железнодорожными путями.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** торговля в Иране, экспорт товаров, экспортный потенциал, промышленные товары, сельскохозяйственные товары, торговые отношении Ирана и республик Средней Азии


## THE PLACE OF EXPORT OF AGRICULTURAL, INDUSTRIAL AND OTHER GOODS FROM THE ISLAMIC REPUBLIC IRAN TO THE STATES OF CENTRAL ASIA


Trade in Iran has very ancient history. The respective geographic location does Iran by the main exporter of consumer goods to the former Soviet republics of Central Asia. In article the author considers an export potential of the Islamic Republic Iran, and also its commercial relations with the former republics of Central Asia by means of the sea, land message and tracks.



**KEY WORDS:** trade in Iran, export of goods, an export potential, the industrial goods, the agricultural goods, trading the relation of Iran and the republics of Central Asia



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Хотами***- соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ТАЪСИРИ ТАҲАВВУЛОТИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ ДАР БАҲРАВАРИВУ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

***Фаррачуллоҳи Аҳмадӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вуқӯи инқилоби иттилоот ва иртиботот дар ин даҳаҳо боис шудааст, ки асри ҳозира низ ба ном асри иттилоот ва иртиботот номида шавад. Ин фановарӣ бо фановариҳои асри инқилоби санъатӣ тафовути куллӣ дорад. Роҳи оҳан ҷадидтарин фановарӣ дар авосити қарни 19 будааст. Роҳи оҳан бо иттисолоти тӯлонитарини вогонҳо ва сареътарин локомотивҳо боиси тағйири бозорҳо нашуд ва аз ин тариқ, муҷиби тағйири равиши касбу кор дар он замон гардид. Барои ширкатҳое, ки дар канори роҳи оҳан қарор доштанд, рақобатҳои фаровоне ба вуҷуд овард. Ба ин аҳвол фановариҳои ҷадид бо фановариҳое ба мисли роҳи оҳан тафовут ин аст, ки фановарии иттилоот ва иртиботот тамоми ҳавзаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, давлат, амният, беҳдошт ва дигарҳоро таҳти таъсири хеш қарор додаст.

Густариши фановарии иттилоот ва иртиботот дар кишварҳои тавсиаёфта боиси афзоиши коройии иқтисодии ин кишварҳо шудааст ва беҳбуди амалкарди созмонҳо, зуҳури бозорҳои ҷадид, беҳбуди тағйиротҳои хурду калони иқтисодии кишварҳои тавсиаёфта аз даҳаи солҳои 1990 ин ҳосили сиёсатҳои фановарии иттилоот ва иртиботот дар ин кишварҳо маҳсуб мешавад.

Бешак, ҳамаи кишварҳо ба аҳамияти фановарии иттилоот ва иртиботот дар тамоми ҳавзаҳо пай бурдаанд ва дар бархе мавориД онро ба унвони абзори тавсиа ва роҳи миёнбури кишварҳо дар ҳалли тавсиа матраҳ мекунанд.

Дар ҳақиқат дар дунёи имрӯза тавсиаи фановариҳои навоварона, бухусус фановарии иттилоот ва иртиботот бо рушди иқтисодӣ пайванди мустаҳкам ва инкорнопазире дорад.

Суоли муҳиме, ки дар ин миён барои кишварҳои дар ҳоли тавсия матраҳ мешавад, ин аст, ки чи гуна метавон фановарии иттилоот ва иртибототро дар кишвар ба таваҷҷӯҳ ба сохтору вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва фаннӣ густариш дод, то манофеи онро ҳадди аксар ва мазароти эҳтимолии он дар ҳадди ақал нигоҳ дошт.

Тафовути фановарии иттилоот ва иртиботот бо фоноварии иттилоот дар фановарии иттилоот ва иртиботот, дастгоҳҳо ва фановариҳои иртиботӣ дорои ҷойгоҳи хосе буда, аз аносири асосӣ ба манзури истифода аз мазоё ва дастовардҳои фановарии иттилоот ва иртиботот маҳсуб мегарданд. Дар авоили соли 1990 ба маҷмӯаи сохтафзор, нармафзор, шабакаву саноеи муртабит ба онон фановарии иттилоот гуфта мешуд. Дар фановарии иттилоот ва иртиботот таъкид бар рӯи ҷанбаи иртиботӣ мебошад, ба мисле ки иртиботот ба манзалаи як «поя» матраҳ будааст, ки фановарии иттилоот бидуни вуҷуди он имкони ироаи сервисҳо ва хадамотро доро намебошад.

Муҳимтарин вижагии фановарии иттилоот ва иртиботот ин захирасозӣ, пардозиш ва дастёбӣ ба иттилоот аст. Бинобар ин, фановарии иттилоот ва иртиботот ба маҷмӯае аз фановариҳое, ки имкони захирасозӣ, пардозиш ва интиқоли иттилоотро аз тариқи муҳитҳое интиқол менамояд, ки итлоқ мегардад.

Фановарии иттилоот ва иртиботот ба ҷойгоҳи барҷастаи иттилоот, дастгоҳҳои захирасозиву пардозиши иттилоот, дастгоҳҳои интиқол ва дастёбии иттилоот таъкид дорад. Бадеҳӣ аст, дар ин росто илова бар потенсиалҳои мухобиротӣ, расонаҳои дигаре назири радио ва телевизион низ дар феҳрасти васоили иртиботӣ қарор хоҳанд гирифт. Зерсохти фановарии иттилоот ва иртиботот дар марҳилаи аввал ниёзманди мавҷуди як зерсохти иттилоотӣ аст. Зерсохти иттилоотӣ ба манзалаи зерсохти фановарии иттилоот ва иртиботот матраҳ будааст, ки имкони ироаи сервисҳо ва хадамоти иттилоотиро бо кайфияти матлуб фароҳам менамояд. Бар ҳамин асос, метавон фановарии иттилоот ва иртибототро муштамил бар се бахши асосӣ дар назар гирифт:

1. Зерсохти иттилоот.
2. Фановариҳои иттилоот.
3. Корбурдҳои иттилоот.

Аносири зерсохти иттилоот ниёзманди истифода аз таҷҳизот ва имконоти физикии густурдае назири сӯйичинг, рутинг, шабакаи густурдае аз хутути телефонии собит, сайёр ва шабакаҳои радио мебошад. Дар ин робита, ба манзури анҷоми амалиёт ва мудирияти зерсохти физикии муташаккил аз аносир ва таҷҳизоти сахтафзорӣ мебоист аз сахтафзору нармафзорҳои мутааддиде истифода шавад. Бо тарроҳиву пиёдасозии зерсохти иттилоот имкони иртиботи дастгоҳҳои мухталифе назири телефонҳои собит, телефонҳои селулӣ (сотовая), дастгоҳҳои бидуни кабел, компутарҳои шахсии қодир ба истифода аз сервисҳо ва хадамоти мухталиф мебошанд. Иртибот бо зерсохти итилоотӣ (иртиботӣ) мумкин аст мустақиман (аз тариқи шабакаҳои эҷодшуда) ва ё бо истифода аз таҷҳизоти хосе назири кортҳои isДМ,

хутути ДЅ ва ё дастгоҳҳои бидуни кабел эҷод гардад. Маъмулан барои санҷиши мизони шикофи диҷитолии байни ҷавомеи фақиру сарватманд ба танаввӯъ, теъдод, кайфияти васоили иртиботӣ ба зерсохт истинод мегардад.

Бадеҳӣ аст, ки бо фарзи эҷоди зерсохти иттилоот бидуни вуҷуди дастгоҳҳои иртиботӣ имкони истифодаи матлуб аз зерсохт ва дар ниҳояти баҳрамандӣ аз дастовардҳо ва потенсиалҳои ироашуда дар бахшҳои фановарии иттилоот ва корбурдҳои иттилоот вуҷуд нахоҳад дошт. Дастгоҳҳои иртиботӣ (назири телефонҳои собит, селулӣ) ба унвони шарти лозим барои вуруд ба роҳҳои бузурги иттилоотӣ матраҳ мебошанд. Бадеҳӣ аст, ки танаввӯъ, кайфият, мақруни ба сарфа будани дастгоҳҳои иртиботӣ хазинаҳои мутааддидеро ба манзури истифода аз манобеи иттилоотӣ дар ихтиёри мутақозиён қарор медиҳанд. Имкони дастёбии ҷомеа ба манобеи иттилоотӣ, яке аз аносири аслии сиёсатгузорӣ дар замони таърифи стратегияи тавсиаи фановарии иттилоот ва иртиботот дар ҳар ҷомеа мебошад.

Дар тӯли даҳаи соли 1990 се рӯйдоди пайдарпай мунҷар ба ташвиқи сармоягузорӣ дар фановарии иттилоот шуд.

Бисёре аз иқтисоддонон афзоиши рушди баҳраварӣ дар авохири даҳаи соли 1990-ро маъмули сармоягузорӣ дар фановарии иттилоот дар тӯли нимаи аввали он даҳа донистаанд. Ин бад-ин муносибат аст, ки мо дар ҳоли бардошти манофеи сармоягузоришуда дар фановарии иттилоот дар солҳои охир ҳастем. Дар ин хусус равнақи интернетро дар авохири даҳаи соли 1990 метавон намунае аз «нановарии таркибӣ» донист. Фановариҳо бо ҳам таркиб мешаванд ва аҷзоеро ба вуҷуд меоваранд, ки метавонанд бо ҳам таркиб ёфта, маҷмӯае аз маҳсулоти ҷадидро ба вуҷуд оваранд. Вуруди ин аҷзоъ мунҷар ба равнақи фановарӣ мешавад. Талош ба манзури густариши лавозими қобили табдил дар авоили қарни 19 мисоли хубе барои инқилоби фановарии ҳосил аз нановарии таркибӣ аст. Стандартсозии тарҳдиҳандаҳо ва дигар абзори механикӣ мунҷар ба пешрафт, ба истилоҳ «системаи тавлиди амрикоӣ» шуд, ки ибтидо дар корхонаҳои аслиҳасозӣ шурӯъ шуд. Аммо ниҳоятан ба санъати пурравнақи лавозими хонагӣ анҷомид Як қарн баъд пешрафти мотори бензинӣ мунҷар ба мавҷи дигаре аз нановарии таркибӣ шуд, ки дар бисёре аз дастгоҳҳо аз мутури (мотор) сиклет гирифта шуда, то автомобил ва ҳавопаймо ба кор рафтааст.

Пояи интернет, яъне дастгоҳе, ки иттилоотро мунтақил мекунанд ва компютерҳое, ки афрод барои дастёбӣ ба иттилоот аз он истифода мекунанд, ҳамаашон тавассути резпардозандаҳо фаъол мешаванд. Аммо нуқтаи тафовути таҳаввули охир бо тамоми инқилобҳои фановарӣ ин аст, ки тамоми инқилобҳои қаблӣ солҳо ё ҳатто даҳаҳо ба тӯл анҷомид ва ин масъала дар мавриди инқилоби фановарии иттилоот содиқ нест. Ба тавре ки даҳаҳо сол тӯл кашид, то моторҳои бензинӣ пешрафт карданд. Дар давоми 30 сол санъати микроэлектроник мавқеияти феълиашро ёфт. Аммо инқилоби интернет чанд сол ба тӯл анҷомид. Аҷзои инқилоби интернетӣ дастгоҳҳои физикӣ набуданд, балки дар ивази «байтҳо» буданд. Онҳо идеяҳо, мушаххасоти стандарт, протоколҳо, забони барномависиҳо буданд. Барои аҷзои инчунин ғайримоддӣ таъхире дар тавлид ё ҳамлу нақли мушкилоти анбордорӣ вуҷуд надошт. Бар хилофи дандаҳо ва қарқараҳо HTML ҳаргиз тамом намешаванд. Як нармафзори ҷадидро метавон дар тӯли чанд сония ба ақсои нуқоти ҷаҳон фиристод ва навоварон низ дар ҳама ҷо метавонанд ин нармафзорро таркиб намуда, ҳатто корбурдҳо ва нармафзорҳои ҷадиди дигареро тавлид намоянд.

Тавсиа ва бакоргирии фановарии иттилооти асосии равнақу рушди иқтисодии Амрико дар даҳаи соли 1990 муаррифӣ шудааст.

Ҳадафи ниҳоии «иқтисоди ҷадид», яъне сареътар, беҳтару арзонтар дарбаргирандаи суръати тағйири фановарӣ ва беҳбуди тавлиди нимаҳодиҳо ва коҳиши шадиду мудовим дар қисматҳои нимаҳодиҳо мебошанд.

Коҳиши қимати нимаҳодиҳо ба қимати маҳсулоти назири компютерҳо ва таҷҳизоти иртиботӣ, ки ба мизони зиёде вобаста ба фановарии нимаҳодиҳо ҳастанд, мунтақил шуд. Ин фановарӣ, ҳамчунин ба коҳиши ҳазинаи ҳавопаймо, худравҳо, абзорҳои илмӣ ва гурӯҳӣ аз соири маҳсулот кӯмак намудааст. Бозорҳои сармоя ва нерӯи кор низ ба таври асосӣ таҳти таъсири фановарии иттилоот будаанд. Рафтори бозорҳои нерӯи кор низ дарбаргирандаи муаммоҳои муҳиме мебошанд. Тафовутҳои зиёди дастмузд байни коргарон ба сатҳи омӯзишии камтару бештар мансуб ба компутарӣ кардани маҳалли кор будааст. Як тавсиф барои ин мавзӯъ метавонад ин нукта бошад, ки коргарони бомаҳорат барои фановарии иттилоот ба унвони мукаммал амал менамоянд.

Аммо суоли муҳиме, ки ҳамвора матраҳ мешавад, ин аст, ки иқтисоди навин чӣ чизи навине дорад? Амалкарди иқтисоди даҳаҳои охир моро ба самте ҳаракат медиҳад, ки тақозои иқтисоди навини истеҳқоқи бештаре барои ҷалби таваҷҷӯҳ нисбат ба он чи то кунун будааст, дорад. Аммо мутолиоти васее дар самти арза ва бахусус дар мавриди баҳраварӣ анҷом шудааст.

Дар тӯли таърих мисолҳои ҳаммонанди тавлидоти нассоҷ ва мошини бухор дар инқилоби санъатӣ ва барқ дар авоили қарни бист ба унвони "инқилоби фановарӣ" матраҳ мебошанд.

Таъсири чунин инқилобҳо ба таври калидӣ дар се меҳвари аслӣ рӯх медиҳад: Аввал, тағйироти фановарӣ боиси афзоиши рушди баҳравардӣ дар бахшҳои навоварӣ мешавад; Дуввум, боиси коҳиши қиматҳо ва тақвияти таъмини сармоя мегарданд ва ниҳоятан, боиси созмондиҳии муҷаддад ва маънидори муҳити тавлидии колоҳои сармояе, ки аз фановарии ҷадид баҳраманд мебошанд, мегарданд. Дар маркази инқилоби фановарии иттилооти феълӣ, ҳамон тавр ки гуфта шуд, густариш ва пешрафт дар илм мавод мебошад, ки мунҷар ба афзоиш дар бартарии нимаҳодиҳо дар ростои коҳиши қимати сареҳи онҳо шудааст.

Муқоисаи инқилоби фановарии иттилоот ва иртиботот бо соири инқилобҳои фановарӣ боиси равшан шудани чигунагии таъсири ин инқилоб бар амалкарди иқтисодӣ мегардад. Ба таври куллӣ маҳсулоти аслии инқилобҳои фановарӣ дар гузашта тавлидоти нассоҷӣ, мошини бухор, роҳи оҳану барқ будааст. Дар инқилобҳои гузашта гарчи андозагирии он бисёр мушкил мебошад, вале ба таври возеҳ манофеи зиёдеро дар бар доштаанд. Барои мисол, манофеи роҳи оҳан дар қолаби мусофират роҳаттар ва сареътар равшан мебошад, вале ҳанӯз қимати мусофират дар бархе аз манотиқи дунё болотар ва бештар аз соири алтернативҳои мусофират мебошад. Лизо, муҳосибаи кайфияти хадамоти ҷадид ҳаммонанди суръат ва роҳате дар муҳосибаи манофеъ ношӣ аз ихтирои роҳи оҳан мебошад.

Фановарии иттилоотӣ шабеҳи инқилобҳои фановарии гузашта бошад ҳам, тафовутҳои қобили таваҷҷӯҳ низ дорад:

1. Манофеи аввалияи фановариҳои ҷадид ба хотири таъмиқи сармоя ва ба далели коҳиши қиматҳои нисбӣ ба даст меоянд, аммо дар муддате, ки манофеи қоройӣ ношӣ аз созмондиҳии муҷаддади тавлиди бузург бошад, боиси мағлуб шудани манофеи ношӣ аз коҳиши қиматҳо ба нафъи манофеи созмондиҳии муҷаддад тавлид мешаванд. Ҷадвали 1 мавориде аз татбиқи фановарии барқ дар Амрико, ки ба рушди он, бо таваҷҷӯҳ ба ғолиб будани саҳми таъмиқи сармоя аз давраҳои аввалияи солҳои 1899-1919 кӯмак намударо нишон медҳад:

| Кул | Пешрафти фановарии масраф | Пешрафти фановарии тавлид | Таъмиқи сармоя | Давра | Унвон |
|---|---|---|---|---|---|
| 0/51 | 0/32 | | 0/19 | 1870-1860 | Мошини бухор |
| 0/23<br>0/23 | -<br>- | 0/1<br>0/09 | 0/13<br>0/14 | 1840-1870<br>1860-1870 | Роҳи оҳан-Англистон |
| 0/21<br>0/54 | -<br>- | 0/09<br>0/24 | 0/12<br>0/32 | 1839-1870<br>1870-1890 | Роҳи оҳан - Амрико |
| 0/41<br>0/98 | -<br>0/7 | 0/07<br>0/05 | 0/34<br>0/33 | 1899-1919<br>1919-1929 | Барқ – Амрико |
| 0/69<br>0/79<br>1/84 | -<br>-<br>- | 0/17<br>0/34<br>0\5 | 0/52<br>0/55<br>0/36 | 1984-1990<br>1991-1995<br>1996-2000 | Фановарии иттилоот – Амрико |

Манобеи аввалияи фановариҳо дар кишварҳои саноатӣ мутамарказ мебошад. Барои мисол ҷадвали (2) нишон медиҳад, ки чи гуна роҳи оҳан дар мароҳили аввалия дар кишварҳои бо иқтисоди пешрафтаи он рӯз татбиқ пайдо кард. Тақрибан дар соли 1830 роҳи оҳани байни Ливерпул ва Манечестер ифтитоҳ шуд, вале татбиқи ҷаҳонӣ дар соли 1920 иттифоқ афтод. Ба ҳар ҳол, ин нишон медиҳад, ки нархи интишор ва густариши фановарии иттилоот ба кишварҳои дар ҳоли тавсиа мутафовут аст. Масрафкунанда ҳамвора манофеи бештаре нисбат ба тавлидкунанда мебарад. Манофеи фановарӣ умдатан ба далели коҳиши қиматҳои нисбии колоҳои дарбаргирандаи фановарии навин ба масрафкунанда мунтақил мешавад. Дар ҳоле ки мавриди суд ва дастмузди фаъолиятҳои тавлидии ин мавзӯъ ба нудрат иттифоқ меафтад. Мавриди классикӣ дар ин замина тавлидоти нассоҷӣ дар инқилоби саноатии Инглистон мебошад, ки ҳудуди ниме аз манофеи он бо коҳиши қимати содирот ва бадтар шудани робитаи мубодила ба кишварҳои масрафкунандаи ин колоҳо мунтақил шудааст. Ҳамчунин, фановарии ҷадид мунҷар ба созмондиҳии муҷаддад тавлид мегардад, ки бо оғози системаи корхона дар давраи аввалияи инқилоби саноатии ин мавзӯъ возеҳу равшан аст, ки ҳамаи саррезҳои фановарӣ дар он давра мутамарказ шудаанд ва ба содироти рақобати англис барои чандин сол кумак намуданд. Фановарии иттилоот дар мавриде бо соири инқилобҳои фановарӣ низ мутафовут аст. Ихтилофҳои умдаи фановарии иттилоот ва иртиботот ба соири инқилобҳои фановарӣ ба шарҳи зер аст;

- Коҳиши қиматҳои нисбии колоҳои фановарии иттилоот ва иртиботот сареътар аст ва ба назар мерасад, ки фориғ аз мушкилоти муқоисаи додаҳои таърихӣ, манофеи фановарии иттилоот ва иртиботот сареътар аз инқилобҳои фановарии қаблӣ ба вуқуъ мепайвандад;

- Дар муқоиса бо гузашта, тавлиди колоҳои дарбаргирандаи фановарии ҷадид дар ҳоли ҳозир бештар ҳолати ҷаҳонӣ доранд. Ин мавзӯъ дар нисбати болои қимат ба вазни колоҳои марбут ба фановарии иттилоот ва иртиботот бозтоб дорад, ки боиси суҳулати тиҷорати онҳо мегардад.

Наздиктарин маврид ба он порчаҳои катонӣ дар инқилоби саноати Инглистон ҳастанд, ки танҳо ҳудуди ниме аз тавлиди онҳо содир мешавад;

- Инқилоби фановарии иттилоот бо вижагиҳои мутафовут бо инқилобҳои қаблии фановарӣ ҳаммонанди коҳиши сареътари қимат, ҷаҳонӣ будани маҳсулоти он, боздиҳии фазоянда ба ҳамроҳи зоҳири физикии ночиз ва афтиши физикии маҳсули қобили нақл ба интиқол ва ҳолати густаришпазирии номаҳдуд, таъсири зиёде бар амалкарди иқтисодии кишварҳои дунё гузошта ва дар оянда низ мегузорад. Дар иқтисоди навин дониш меҳвари фосилаи байни илму дониш ва масрафкунанда коҳиш пайдо кардааст ва мунҷар ба таҳаввулоти азиме дар арсаи тақозо ва арзаи иқтисод шудааст. Манофеи аввалияи ин фановарӣ умдатан ба далели таъмиқи сармоя дар кишварҳои саноатӣ иттифоқ меафтад, вале дар баландмуддат манофеи созмондиҳии муҷаддад ғолиб шуда, кишварҳои масрафкунандаи фановарӣ низ нафъи бештаре мебаранд.


### АДАБИЁТ

1. Ҷаҳонгард Исфандиёр. Иқтисоди фановарии иттилоот ва иртиботот. Теҳрон. 1385.
2. Фатҳӣ Саид. Баррасии таъсири касбу кори электроникӣ бар ҷаҳиши содиротӣ. Теҳрон, 1384.
3. Бадрақа Алӣ. Истротежикҳои тавсеаи фановарии иттилоот ва иртиботот. Теҳрон. 1385.


### ВЛИЯНИЕ РАЗВИТИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТЬ И ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ


В статье автором рассматривается процесс развития информационно-коммуникационных технологий и их влияние на производительность и экономическое развитие общества в целом.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** информационно-коммуникационные технологии, процесс развития, производительность, экономическое развитие, промышленность.


### INFLUENCE OF DEVELOPMENT OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES ON PRODUCTIVITY AND ECONOMIC DEVELOPMENT


In article the author considers development of information and communication technologies and their influence on productivity and economic development of society as a whole.



**KEY WORDS:** informatsion and kommunication technologies, development, productivity, economic development, industry.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фарраджуллох Ахмади*** – соискатель Таджикского национального университета


## НАҚШИ АВОМИЛИ ИНСОНӢ ДАР БАҲРАВАРИИ СОЗМОНҲО


***Иноятуллои Таваккулӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Аҳамияти болоравии сатҳи баҳраварӣ дар фароянди тавсеаи иқтисодии ҳар кишвар ба ҳамагон равшан аст. Имрӯз, бо таваҷҷӯҳ ба рушди ҷамъият, комёбии манбаъ ва густариши рақобат дар бозори ҷаҳонӣ, истифодаи самаранок ва коромад аз манбаъ ва дар воқеъ афзоиши баҳравариии манбаъ аз аҳамияти босазое бархӯрдор шудааст. [1] Имрӯзҳо дар бештари кишварҳо чи кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва тавсеа наёфта, баҳраварӣ ба як азм ва хости миллӣ табдил шудааст. Идомаи ҳаёт ва бақои кишварҳое, ки сарватҳои моддӣ ва физикӣ дар ихтиёр доранд, то ҳадди бисёр зиёд ба тавоноии устувор дар тавлид ва истифодаи ҳадди ақал аз додаҳо барои эҷоди ҳадди аксари ниҳодҳо вобастагӣ дорад.

Баҳраварӣ муҷиботи рушди иқтисодӣ ва назорати термҳоро фароҳам мекунад. Беҳбуди баҳраварӣ барои як созмони сарфаҷӯйе,ки дар истифодаи манбаи камёб, афзоиши қудрати рақобат ва барои манбаи инсонӣ кайфияти беҳтари зиндагии шуғлиро якҷо бо ризомандии кор фароҳам менамояд.

Барои рушд ва тавсеа дар ҳар ҷомеае, мебоист ба баҳраварӣ ва афзоиши он дар воҳидҳои тавлидӣ ва хадамотӣ кишвар ҳиммат гузошт. Имрӯзҳо ин мавзӯъ дар муқоиса бо гузашта аз аҳамияти бо маротиб болотаре бархӯрдор аст. Зеро бо афзоиши ҷамъият ва теъдоди ниёзҳо ва камёбии манбаи моддӣ, бо таваҷҷӯҳ ба назарияи Молтус, мудирон бояд аз паи роҳкориҳое, бошанд, ки ҳадди аксари боздиҳиро аз манбаъ дар ихтиёр ба даст оранд.

Аз дидгоҳи соҳибназарони илми иқтисод омили таъсирнок дар баҳраварӣ иборатанд аз сармоя, манбаъҳои зеризаминӣ, неруи кор ва технология.

Ба таври расмӣ ва ҷиддӣ, нахустин бор луғати «Баҳраварӣ» дар мақолае тавассути шахсе, бо номи Куезанӣ дар соли 1766-и мелодӣ зоҳир шуд. Баъдтар яъне дар соли 1883, он тавр ки фарҳанги лӯғатшиносии Лорӯс баён мекунад, нафаре ба исми Литр баҳравариро ба ин гунна таъриф кард:- Қудрат ва тавоноӣ тавлид кардан, ки дар воқеъ дар инҷо баҳраварӣ иштиёқ ба тавлидро баён мекунад. Аз аввали қарни бистум ин вожа мафҳуми дақиқтаре, ба унвони робитаи боздеҳ (ситода), омил ва васоили ба кор рафта барои тавлиди он боздеҳ (ниҳод ё дода)-ро ба даст овард. Нафаре бо номи Орлӣ дар соли 1900 баҳравариро иртиботи байни боздеҳ ва васоили ба кор рафта барои тавлиди ин боздеҳ унвон кард.[2]

Дар соли 1950 созмони ҳамкории иқтисодии Аврупо «ОЕЕС» таърифи комилтар аз баҳраварӣ ба ин шарҳ ироя дод:

«Баҳраварӣ хориҷи қисмати боздеҳ ба яке аз омили тавлид аст. Бад-ин тартиб, метавон аз баҳраварӣ чанд нукотро овард.Агар сармояҳои моддӣ ва манбаъҳои зеризаминиро сарватҳои машҳуд ва манобеи инсонӣ ва тавоноиҳои илмиро сарватҳои номашҳуд ном бибарем, тавоноиҳо ва сарватҳои номашҳуд тавониста аст камбуди сарватҳои машҳуди физикиро дар бунгоҳҳои иқтисодӣ ва коҳиши короиро дар созмонҳои идорӣ ҷуброн намояд. Аз ин рӯ, нерӯи инсонӣ дар таҳаққуқи баҳраварӣ ба унвони аслитарин омил дар иқтисоди мубтанӣ бар доноӣ меҳварӣ матраҳ мегардад».[3]

Омори мунташиршуда аз сӯи Бонки ҷаҳонӣ баёнгари ин аст, ки дар соли 1998 танҳо 29 кишвари саноатӣ ба ин мизон 79/5 % сарвати кулли ҷаҳонро дар ихтиёр доштаанд, дар ҳоле ки саҳми ин кишварҳо аз сарватҳои физикӣ ва табиӣ (сарватҳои машҳуд) ба тартиби 16 % ва 17 % буда аст), вале 63 кишвари содиркугнандаи маводи хом бо дар ихтиёр доштани 20% сарватҳои табиӣ ва 44% сарватҳои физикӣ, саҳми онҳо аз сарвати ҷаҳонӣ танҳо 4/6% будааст. Бар асоси ин омор, агарчи саҳми кишварҳои содиркунандаи маводи хом аз сарватҳои табиӣ ду баробари кишварҳои саноатӣ аст, бархӯрдории онҳо аз сарватҳои ҷаҳонӣ дар муқоиса бо 29 кишвари саноатӣ танҳо 20% аст.[4]

Ин омор нуктаи муҳими дигареро низ баён мекунад ва он ин ки, агарчи сармоя ва манбаи табиӣ дар таҳаққуқи баҳраварӣ нақш доранд, вале омили инсонӣ нақши бисёр муҳимтареро дар ин мавзӯъ ифо менамояд. Ин аҳамияти замоне ошкортар мегардад, ки бидонам 29 кишвари саноатии зикршуда 67% манобеи инсонии коромади ҷаҳонро дар иҳтиёр доранд.[5]

Дар дунёи рақобатӣ имрӯз одатан коркунони ширкатҳо муҷиби бартарӣ ё маъзияти рақобатӣ мешаванд на дастгоҳҳо ва абзори пешрафта.[6]

Дар ҷаҳони имрӯз таваҷҷӯҳ ба нерӯи инсонӣ ба унвони маҳвари таҳаввул ва унсури асосии ҳар созмон, ки мутаасир аз иттилоот ва иртиботи илм мекунад беш аз пеш эҳсосшаванда аст ва андешаи тавонманд кардан, барангехтан ва мушорикати ин омил яке аз барномаҳои роҳбарӣ ва ҳаётии мудирияти ҳар маҷмӯа талаққӣ мегардад. Ҳамчунон ки Питер Дракор баҳравариии коркунони фарҳайхтаро муҳимтарин чолаши мудириятӣ дар қарни бисту якум медонад.[7]

Бинобар ин, метавон изҳор дошт, ки баҳраварӣ муҷиби таҳаввули мусбат дар низоми иқтисодӣ ва идории ҳар кишвар мешавад, машрут бар ин ки, аз ҳама манобеъ дар ихтиёри мудирони он кишвар ва ҳама имконоти моддӣ ва бавижа манбаи инсонӣ истифода гардад.

Шояд яке аз иллатиҳои муҳими абъдами мувафақияти барномаҳои беҳбуд ё афзоиши баҳраварӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеаи адами доштани таваккури сохтори мудирият ва табодулли он, адами таваҷҷӯҳ ба зерсохтори инсонии созмонҳо дар ин кишварҳост.

Идораи таъмирноки ҳамаи созмонҳои замонӣ имконпазир аст, ки ба маҷмӯаи созмон ба унвони як сохтор нигариста шавад ва чун ҷузъи сохтор бо якдигар дар иртибот мутақобил буда, ба амалкарди якдигар таъсир мегузоранд ва аз ҳам таъсир мепазиранд. Як созмон ба унвони як систем аз зер сохторҳое, ташкил гардидааст, ки яке аз онҳо зерсохтори инсонӣ аст. Барномаи афзоиши баҳраварӣ дар созмоне тарроҳӣ ва иҷро мешвад, ки ҳар барномаи таҳаввулӣ низ бад он таваҷҷӯҳ ба зерсохтори инсонӣ, нигоришҳо ва пешниҳоди нерӯи инсонӣ мувафақ нахоҳад шуд. Таҷрибаи Ҷопон ва бархе аз кишварҳои Аврупоӣ низ нишон медиҳад, ки аҳамият додан ба нақши нерӯи инсонӣ дар тасмимгириҳо ва иҷрои ҳар навъ барномаҳо амалкарди муҷиби рушд ва тавсеаи созмонҳо ва дар натиҷа, рушду тавсеаи кишвар гардидааст.[8]

Ҳамон гуна ки медонем, иқтисоди Ҷопон зарфи муддати камтар аз 50 сол мутаҳаввил гардид ва манбаи тавлиди ин кишвар тавонистанд баъд аз Ҷанги Ҷаҳонии Дуюм аз тариқи тавсеаи технология ва сармоягузории саҳеҳ беҳбуд пайдо кунанд…

Ҷаноби Воторӣ-мудири ширкати «Тошиба» дар бораи иллали ин мавқеият мегӯяд: «Ҷопон бо доштани манбаи табиии андак манбаи инсониро пурарзиштар аз ҳар омиле медонад ва кормандони созмонҳо, омили аслӣ ва муҳаррики тавсеи саноатӣ ва беҳбуди баҳраварӣ пас аз ҷанг ҳастанд.» .[9]

Оморе, ки тавассути яке аз созмонҳои мӯътабар аз вазъияти даромади кишварҳои саноатии дар ҳоли тавсеа ва кишварҳои тавсеанаёфта ироя гардидааст, нишон медиҳад, беш аз 70% сарвати дунё дар ихтиёр танҳо бисту ҳафт кишвари саноатӣ аст ва 70 кишвари тавсеанаёфта аз сарвати ҷаҳонӣ танҳо

30% саҳм доранд. Шояд аз нигоҳи аввал ин гуна бардошт шавад, ки бист кишвари саноатии зикршуда кишварҳои дорои манбаи зеризаминии зиёде ҳастанд, дар сурате ки бо як мутолиаи амиқ мушоҳида мешавад, ин кишварҳо аз назари сарватҳои зеризаминӣ қавӣ нестанд. Балки ин кишварҳои тавсеанаёфта ҳастанд, ки аз ҷиҳати манобеи зеризаминӣ қавӣ ҳастанд ва 70% манобеи зери заминиро дар ихтиёр доранд. Ҳоли савол ин аст: чаро танҳо 27 кишвари саноатӣ бо вуҷуди дар ихтиёр надоштани манбаи зеризаминӣ тавонистанд, сарватманд шавад. Дар ҷавоб бояд гуфт ки беш аз 70% манобеи инсонии тавсеанаёфтаи дунё дар ин бисту ҳафт кишвар қарор дорад. Аз ин тариқ, онҳо манбаи инсонӣ ҳастанд, ки тавонистаанд аз манбаҳои мавҷуди моддии худ истифодаи дуруст намуда ва бо афзоиши дониши тахассусӣ нерӯи инсонии баҳравари инсониро афзоиш дода ва табодули он баҳраварӣ аз имконоти моддиро низ боло бубаранд ва камбуди манобеи зеризаминиро бо нерӯи инсонии тавсеаёфта ҷуброн намоянд.

### АДАБИЁТ


1. Амир Муҳаммад. Баҳраварӣ ва низоми идори кишвар. Созмони миллии баҳравариии Эрон, Теҳрон, соли 1985.
2. Рӯзномаи Ҷоми Ҷамъ, декабри соли 2008,шумораи 1451, саҳ.4
3. Гарри Дислер. Мудирияти манобеи инсонӣ. Тарҷумаи Порсиён ва Аъробӣ. Теҳрон, соли 1999.
4. Доктор Хараққонӣ. Омӯзиши мубтании бар донойи меҳварӣ, аввалин ҳамоиши илмӣ, корбурдӣ. Теҳрон, соли 2004.
5. Нашрияи мудирияти баҳраварӣ. Нашри Кор офаринон, Теҳрон, соли 1992.
6. Gary Dessler. Human resource management thirt edition. 1999y.
7. Питер Драгор. Ҷолишҳои мудирият дар саддаи 21.
8. Мутаққӣ Муҳаммад Ҳусайн. Ҷузъ ва дарси мунташир нашудаи давраи коршиносии аршади мудирияти давлатӣ. Донишгоҳи Озоди Исломӣ, Кирмон, соли 1384
9. Н.Дар Дорӣ. Мудирияти Ҷопонӣ. Чопи аввал, соли 1981.


### РОЛЬ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ФАКТОРА В ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТИ ТРУДА НА ПРЕДПРИЯТИЯХ


В статье автор рассматривается роль человеческого фактора в производительности труда на предприятиях.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** человеческий факто, объединение, человеческий капитал, использование человеческого капитала, производительность труда.


### THE ROLE OF THE HUMAN FACTOR IN LABOUR PRODUCTIVITY AT THE ENTERPRISESTAVAKKULI


In article the author considers a role of a human factor in labor productivity at the enterprises.



**KEY WORDS:** human fact, association, human capital, use of the human capital.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Иноятулло Таваккули***–соискатель Таджикского национального университета


# БАРОВАРДИ САҲМИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИИ ЭРОН ДАР СОЛҲОИ 1966-2001


***Муҳаммад Ризо Вакилӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар Эрон имрӯз иттакои беш аз андоза ба даромадҳои нафтӣ ва бетаваҷҷӯҳе ба иртиқои қайфияти неруи кори инсонӣ аз тариқи омӯзиш муҷиб шуда, ки рушди иқтисодии пойдор дар кишвар, мавриди тардиди ҷиддӣ қарор гирад. Ин пажӯҳиш талош дорад, то саҳми сармояи инсониро тайи солҳои 1345-1380, дар рушди иқтисодии кишвар аз тариқи тобеи тавлид КОБ-ДОГЛОС таъйин карда, нақши сармояи инсонӣ ва неруи мутахассисро дар рушди иқтисодӣ нишон диҳад.

Бинобар ин, ҳадаф аз ироаи ин мақола таҳлиле аз таъсири сармоягузориҳои омӯзишӣ дар рушди иқтисодии кишвар аст.

**2. Мабонии назарии сармояи инсонӣ ва рушди иқтисодӣ.** Симиюн Кузнетс барандаи ҷоизаи Нобел дар илми иқтисод соли 1971 эътиқод дошт, ки «Сармояи инсонии як кишвари саноатии пешрафта, абзорҳо ва адвоти саноатии он кишвар нест; балки андухтаи донишҳоест, ки озмоишҳо ба даст омада ва коромухтагии афроди он кишвар барои ба кор бурдани ин донишҳост». Ӯ мӯътақид буд, ки сармоягузорӣ дар омӯзиш, манбаи муҳиме барои ташкили сармояи инсонӣ, назири тавоно сохтани неруи кор ва пешрафти дониши фаннӣ дар тавлид маҳсуб мешавад ва сармояи инсониро омили муҳиме дар тавсеаи иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад (Субҳонӣ, 1371).

Ҳамчунин, Султез падари назарияи сармояи инсонӣ мӯътақид буд, ки нақши беҳбуди кайфияти неруи кор, ки аз тариқи сармоягузорӣ дар сармояи инсонӣ ҳосил мешавадба унвони яке аз омилҳои таъйинкунандаи рушд дар таҳлилҳои суннатии омили муассир бар рушди иқтисодӣ фаромуш шудааст. (Султез, 1961). Ба ҳамин далел гурӯҳе аз иқтисоддонон бо истифода аз тавобеи тавлид талош карданд, то тавлиди изофӣ эҷодшуда, ба василаи сутуҳи болотар омӯзишро баровард кунанд.

Зеро, натиҷаҳои омӯзиши расмӣ ва ғайрирасмӣ дар маҳоратҳои изофӣ ва тавоноиҳои билқувва афроде, ки дар бозори кор буда ва сармояи инсонӣ дар тавлидро ташкил медиҳанд мусататар аст, дар натиҷа вуҷуди ин афроди омӯзиш дида муҷиб мешавад, ки зарфиёти тавлиди куллӣ иқтисод боло равад ва дар ниҳоят, ба рушди иқтисодӣ кӯмак кунад. Яке аз шеваҳои ҳоким барои баровардни ками чунин пажӯҳишҳое истифода аз тобеи тавлид буда ва ин мавзӯъ барои баровардн манофеи сармоягузориҳои омӯзишӣ лозим аст.

Қадимтарин мутолеот дар ин заминаро метавон дар корҳои Сулу, Денисиён, Султез, Мадинсер, Бакр ва Ҷурконсон ёфт ва ҷадидитарин корҳо дар ин замина, дар осори Лукос ва Бору қобили мушоҳида аст. Дар ин улгуҳо аз ишколи гуногуни тобеи Коб Доглос истифода шудааст; лекин, баъзе ба ҷойи мутағайир сармояи инсонӣ аз тедоди сапти номҳо дар мафотеҳи дабиристон ва донишгоҳ ва бархе дигар мутавассити солҳои таҳсил, неруи кор нисбати неруи кори таҳсилкардаи донишгоҳӣ ба куллӣ ва ё махориҷи сирфшуда дар омӯзиш истифода кардаанд.

**2.1. Мурури бар пешинаи тобеи тавлид барои андозагирӣ асари сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодӣ.** Рушди иқтисодӣ иборат аст, аз афзоиши мудавом дар тавлиди нохолиси миллӣ. Дар ин миён таҷзияи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки иллати афзоиши бахраварии сармоя ва неруи инсонӣ ба шумор меравад. Бисёре аз иқтисоддонон мӯътақиданд, ки омили мозод ё боқимонда, ки тавзеҳдиҳандаи бахши муҳиме аз рушди иқтисодии кишварҳои пешрафта ба ҳисоб меравад, ба таври мустаъқим ва ғайримустаъқим, омӯзиши беҳтари бастагӣ дорад, зеро ҳар қадар неруи кор, аз омӯзиши бештаре бахра ҷӯяд ва ҳар чи ин омӯзиш муфидтар бошад, беҳбуд дар кайфияти неруи кор дар афзоиши миқдори тавлид, таъсири бештаре хоҳад дошт. Дар манобеъ ва пажӯҳишҳои марбут ба нақши омӯзиш дар рушди иқтисодӣ, сохтор ва полис, пайдоиши назарияи сармояи инсониро ба сулу нисбат медиҳад. (Мутвасилӣ, 1370). Ҳарчанд Сулу саҳми омӯзиш дар рушдро андоза гирифт, аммо ба лиҳози ин ки кори вай мубоҳисаро дар мавриди алалтағйири бахраварӣ барангехт ва мӯҷиб шуд, то дигарон аз омӯзиш ба унвони як мутағайир дар тобеи тавлид истифода кунанд. Кори ӯ барҷаста ва нуқтаи шурӯъ шинохта мешавад. Сулу аз як тобеи тавлиди кулли сода ба шакли зер истифода кард.

Y=f(K.L.HK)

ки дар он Y шохисе аз миқдори тавлиди кулл дар ҷомеа, K шохиси сармояи физикӣ, L шохиси неруи кор ва HK замон ва ё мутағайире аст, ки ҳар навъ интиқолро дар тобеи тавлид нишон медиҳад. Дар давраи чилсола, замони мавриди замони баррасии Сулу тақрибан 90 % аз афзоиши тавлиди сарона бо авомиле ғайр аз сармояи физикӣ ва неруи кор таъйин шуда буд, ки ӯ ин авомилро тағйироти фановарӣ номид ва пас аз он иқтисоддонон сайъ карданд, бо афзоиши мутағайирҳои дигар онҷиро, ки дар тағйироти фановарии мусататар буд, тавзеҳ диҳанд. Султаз Ҳорбергер ва Сулукӣ мизони сармояи ихтисосёфта ба омӯзишро мутағайир номида, сармояи инсонӣ ё кайфияти неруи кор дар назар гирифта ва онро дар тобеи тавлид ғунҷондаанд. (Сохар ва Випулус, 1373). Тибқи назари вай тобеи тавлиди кулл ба шакли зер буд.

Y=f(K,L,rKE)

ки дар он rKe ва L,K бо тартиб, сармояи физикӣ ва неруи кор ва мавҷуди сармояи омӯзишӣ аст. Султас ин мавҷудро бо ҷамъ бастани ҳазинаҳои масрафшуда, барои омӯзиш дар гузашта ба таъдили он нисбат ба баъзе аз авомил азҷумла, тули солҳои таҳсил баровард кардан нишон дод, ки 20 то 40 % рушди даромади милли Амрико байни солҳои 1929, то 1956 натиҷаи сармоягузорӣ дар омӯзиш будааст. Ҳамчунин, Гарлин Хас (1964) барои нахустин бор омӯзишро ба сурати як мутағайир дар тобеи тавлид ворид кард ва бо санҷиш саҳми он дар тавлид натиҷа гирифт, ки ин як мутағайири муҳим аст.

Дар соли 1967 Денисюн низ, бо бакоргирии тобеи тавлид дар баррасии худ барои 9 кишвари Аврупои бо истифода аз додаҳои оморӣ пас аз ҷанг, омӯзишро ба сурати теъдоди солҳои таҳсилӣ неруи кор дар назар гирифт ва нархҳое барои он бадаст овард ва дар мавриди кишварҳои мазкур муқоиса кард. Тибқи натоиҷи ба дастомада мушаххас шуд, ки барои мисол дар Англия 13 % вале дар Олмон фақт 1,4 % рушд ба омӯзиш марбут мешавад.

Кори марбут ба Волтер ва Робинзон дар соли 1983 аст. Онҳо тобеи тавлидӣ аз навъи Коб Доглос ташкил доданд, ки фақат се мутағайир сармоя, неруи кор ва омӯзишро дар бар мегирифт. Вале бо ин тафовит, ки эшон аз чандин шохис истифода кардаанд, ки иборат буд аз миқдори мадорики аҳдшуда, ба унвони меъёре аз тавсеаи сутуҳи омӯзиши болотар аз мутавассит ва махориҷоти омӯзишӣ. Натоиҷи бакоргирифташуда аз ин равиш хоке аз он буд, ки густариши омӯзиш таъсири муҳиме бар тавлид доштааст.

Монигу Румар ва Вил (1992), дар мақолаи муштараке улгуи рушди иқтисодӣ, корбариро такомул додаанд. Онҳо ибтидо улгуи сулуро мавриди баррасӣ қарордода, онҳоро барои кишварҳои мухталиф тахмин задаанд. Сипас сармояи инсониро ба унвони яке аз авомили тавлид ба улгу афзуда ва барои ҳамон кишварҳо баровард кардаанд. Улгуи онҳо дар шакли як тобеи тавлиди кулл ба сурати зер аст.

Y=Kα Hβ E t-α-β

ки дар он Y маҳсули кулл, K сармояи физикӣ, H сармояи инсонӣ ва E неруи кори муассир аст. Сипас муодилаи рушди тавлиди миллӣ саронаи неруи кори муассирро ба сурати зер ироа мекунанд.

Дар ин муодила I маҳсули саронаи неруи кори муассир, Ih сармоягузории омӯзишӣ, Y сармоягузорӣ, ки дар он аз нархи сапти ном мақтаи мутавассит ба унвони ҷонишини мутағайири сармояи инсонӣ истифода карда ва ба ин натиҷа расидаанд, ки мутағайири сармояи инсонӣ дар ҳама мавридбомаъниаст.

**3. Таҳлили додаҳо**.

**3.1. Ҷомеаи оморӣ**. Дар ин мутолиа ҷомеаи оморӣ иборат аст, аз оморҳои калон марбут ба тавлиди нохолиси дохилӣ сармояи физикӣ, неруи кори шоғил ва сармояи инсонӣ, ки иттилооти мазбур ба сурати сари замонӣ ва давраи мавриди мутолеаи солҳои 1345-1380 аст. Манобеи асли мавриди истифода, барои додаҳои калон аз солномаҳои оморӣ марбут ба солҳои мухталиф мунташир шуда, аз сӯйи созмони мудирият ва барномарезӣ ва сариҳои замонии бонк, иттилооти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар (муассисаҳои олӣ, пажӯҳиш дар барномарезӣ ва тасеа), (Калонтарӣ ва Арабмазор, 1371-1374) аст.

Ҳамчунин, манобеи мавриди истифода барои додаҳои марбут ба сармояи инсонӣ аз дафтари иқтисодӣ калон, созмони мудирият ва барномарезии кишвар (Аминӣ, 1379) ва Муассисаи пажӯҳишу барномарезии омӯзиши олии Вазорати Улум, таҳқиқот ва фановарӣ (Фалеҳӣ, 1380), (Ҳошимӣ, 1380), (Суҳробӣ, 1380) ва (Тойӣ, 1373) гирифта шудааст. Тамоми иттилоот бар асоси қиматҳои собити соли 1361 муҳосиба шудааст.

**3.2. Таърихи мутағайирҳои улгу**.

**3.2.1.Мутағайири тавлиди нохолиси дохилӣ. (GDP)**. Маҷмӯи арзишҳои афзудаи ҳар марҳалаи тавлид, ки ба василаи сонеъ ва фаъолиятҳои тавлид дар кишвар эҷодшудааст, тавлиди нохолиси дохилӣ ба қим

ати авомилро ташкил медиҳад, ки пас аз таодилоти лозим аз қабили афзудани холиси даромади авомил аз хориҷ, ва тавлиди нохолиси миллӣ табдил мешавад. Гуфтанист, ки тафовити ситонда ва дода дар ҳар бахши арзиш афзуда он бахшро ташкил медиҳад.

**3.2.2. Мутағайири маҳдуди сармояи физикӣ**. (Kt) Бо таваҷҷӯҳ, ба ин ки мафҳуми омили сармоя дар фароянди тавлид, умдатан ба таҷҳизоти сармоя назири сохтмонҳо ва таассисот марбут мешавад ва наметавон мудаии он шуд, ки арқоми марбут ба тағйир дар мавҷудии анбор илзоман аз навъи таҷҳизоти сармоявӣ аст, балки умдатан колоҳои воситаи масрафиро низ, шомил мешавад. Аз ин рӯ, дар мусоҳибаи сармоягузории холис ин қалам ба ҳисоб намеомадааст.

Бар асос баровarди мавҷуди сармоя, дар ҷараёни тавлид ба равиши раванднамоӣ ва бар асоси қимати собит 1361 ва иттилооти солҳои 1338-1356 анҷом шудааст. Бо истифода аз додаҳои сармоягузории холис, тобеи замони сармоягузории холи (1) ба сурати логоритми бароварда шудааст.

LnI,=3/61+0/61D,+0/137t

(49/39) (5/11) (18/11)

n=19(1339-1356)R2=0/98 DW=2/597

ки дар он мутағайири маҷозӣ 0=D барои солҳои 1337-1353 1=D солҳои 1354-1356 буда, таъсири таконаи нафти ҷаҳонӣ ва афзоиши даромадҳои нафти кишварро нишон медиҳад ва t низ замон аст. Бидуни тартиби сармоягузории холис дар соли поя (1337) баробари логаритми адади 3,61 яъне, 37,14 млрд. риёл ба қимати собит 1353 бароварда шудааст ва бо таваҷҷӯҳ, нархи рушди сармоягузории холис (0,137) мавҷуди сармоя, барои соли 1337 ҳудуди 270,9 млрд. риёл баровард. Ва сипас бо истифода аз арқоми сармоягузории холис, саризамонии мавҷуди сармоя муҳосиба шудааст. Бинобар ин, мавҷуди сармоя бо истифода аз формулаҳои зерин муҳосиба шудааст. Дар заминаи мавҷуди сармоя, дар соли (1344) муодили 731,2 млрд. риёл аст.

Kt=Ko + (IG-DE)i

ки дар он

K1 арзиши холиси мавҷуди сармоя ба қимати собит дар соли t.

Ko арзиши мавҷуди сармояи увлия дар иптидои давра.

GI арзиши сармоягузории нохолис дар давраи DE арзиши мизони истеҳлок дар давраи t.

Баровarди мавҷуди сармоя барои солҳои 1345-1371 ва равиши боло анҷом дода шудааст.

**4. Натоиҷи ҳосил аз баровαрди улгу**. барои тахмини улгуҳо ва баровαрди зарибҳои мутағайирҳо аз равиши ҳадди ақал мураббаоти маъмулӣ бо кӯмаки бастаи нармафзои истифода шудааст. Барои ба кор бурдани ҳадди ақали мураббаот бояд табобеъ аз назари параметрҳои хаттӣ ҳосил аз тахмини параметрҳои тобеи тавлиди КОБ-ДОГЛОС дар қисматҳои зер ироа шудааст.

**4.1. Баровардҳои зарибӣ тобеи КОБ-ДОГЛОС дар формаи қарордодҳои таъмимёфта**. Улгуи логаритми шакли матлубест, ки барои тобеи тавлиди КОБ ДОГЛАС дар формулаи таъминёфта ба даст омада ва ба сурати зерин аст.

LnGDPt= a LnKt+ a LnL1t+ a LnL t+Ut

ки дар он GDP мутағайир вобастаи тавлиди нохолиси дохилӣ

Kt2 сармояи физикӣ.

L1t– неруи шоғили мутахассис.

L2t неруи шоғили ғайри мутахассис.

αо то α зарибҳои мутағайирҳо.

Ut ҷумлаи пасмонда.

Ҳадаф аз баровардани ин тобеи тавлид, ки дар он неруи кори кулл ба ду бахш неруи шоғили мутахассис (L1t) ва ғайримутахассис (Ut) тақисм шуда, таъйини саҳми омили мутахассиси шоғил дар тавлиди нохолиси дохилӣ аст, ки ба унвони меъёри рушди иқтисодӣ дар назар гирифта шудааст.

**4.2. Баровαрди зарибҳои тобеи тавлиди КОБ ДОГЛАС.** Дар формулаи ғайриқарордодӣ, дар мақтаи замони баландмуддат аз муодилаҳои зер бар асоси таҳлили тобеи тавлиди КОБ ДОГЛАС дар формулаҳои ғайриқарордодӣ ва бо истифода аз улгуи ироашуда риму истифода карда:

LnQt=LnA-αLnKt+βLnLt+γLnEDUt+Ut

LnQt=LnA-αLnKt+βLnLt+γLnHKAt+Ut

ки дар UDE солҳои таҳсили неруи кор, дар сутуҳи олӣ НКА махориҷи ҷории омӯзиши олӣ, L1 неруи шоғил, Kt сармояи физикӣ ва Ut ҷумлаи пасмондаро нишон медиҳад. Дар ин равобит асари солҳои таҳсили неруи кор ва махориҷи ҷории омӯзиш ба унвони меъёри кайфияти омӯзиш мустақиман ва ба тафкик баровαрда мешавад.

**5. Ҷамъбандӣ, натоиҷ ва пешниҳодҳо**. Дар ин равиш, ки ваҷҳи муштараки он, барои тамоми иқтисоддонон истифода аз тобеиёти тавлид аст. Ваҷҳи тамоизӣ низ вуҷуд дорад, ки ба тадриҷ пас аз Султез дар соли 1961 шакл гирифт пажӯҳишҳои баъдиро ба ду курраи аслӣ тафкик кард, ки аз назари равиши баровαрд ё навъ мутағайири намояндаи сармояи инсонӣ, бо якдигар тафовит доштаанд. Дастаи аввал, робитаи омӯзиш ва парвариши рушди иқтисодиро дар чаҳорчӯбаи табобеи тавлид бо мутағайирҳои қарордодӣ баррасӣ кардаанд. Мутолеоти дастаи дуюм баррасӣ карданд, дастаи дувум бар асоси ворид кардани мутағайирҳои ғайриқарордодӣ дар тобеи тавлид ба манзур баровαрди саҳми шохисҳои мустаъқими омӯзиширо, ки дар рушди иқтисодӣ сурат гирифтааст, баррасӣ намудаанд. Ҳар ду равиш чуноне, ки мебинем он чи меҳвари асосии онро ташкил медиҳад, таъйиди аҳамияти фаровони сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодӣ аст. Аммо биноан ба навъи тавсифи ин мутағайир ва андозагирии он пажӯҳишгарон натоиҷи мутафовите аз аҳамияти он ба даст овардаанд.

Дар маҷмӯъ бо таваҷҷӯҳ, ба ҳадафи мақола яъне баррасии нақши сармояи инсонӣ дар тавлиди нохолиси дохилӣ аз чаҳорчӯбаи таҳлили регресионӣ тобеи тавлид истифода шуд, то битавонем, таъйин кард ки бо як воҳиди тағйир дар як мутағайир чанд воҳиди тағйир дар мутағайир вобастаи мавриди назар ба вуҷуд меояд. Натоиҷи баровардҳои фавқ дар робита бо сармояи инсонӣ дорои ин нуктаи муҳим аст, ки ҳамвора дар тамоми муодилаҳо омили сармояи инсонӣ, як омили босубот ва маънодор буда, ки зариби он мусбат будааст, ки намоёнгари таъсири мусбати омӯзиш бар тавлид аст. Хусусан сармояи инсонӣ дар ҳоле, ки барои тавлид бахусус, дар бахши саноат ба маҳорат ва сармояи инсонӣ бештаре ниёз аст. Бинобар ин, яке аз авомили муҳим ва асоси нокорой, истифода накардани матлуб аз зарфияти тавлидӣ ва низ бетаҳвили технологӣ, дар тавлиди кишварро бояд дар ин авомил муҳим ҷустуҷӯ кард. Омӯзиши омили иртиқои баҳравαрии неруи инсонӣ дар тавлиди колоҳо ва хадамот аст ва бар ин асос рушди тавлидро ба дунбол дорад. Бадин тартиб, дар ин мақола дар қолаби камӣ ва дар чаҳорчӯбаи тобеи тавлид, таъсири сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиро баррасӣ кунем ва бо баррасии пажӯҳишҳои ироашуда аз сӯйи дигар иқтисоддонон ва натоиҷи бадастомада нақши мусбат ва таъйинкунандаи сармояи инсонӣ бори дигар ба исбот расид. Зеро рушди иқтисоди бастагӣ ба авомили зиёд дорад:

1. Истифодаи беҳтар аз неруи кор.
2. Истифода аз сармояҳо ва таҷҳизоти физикӣ ва моддӣ.
3. Истифода аз неруи кори бартар (неруи кори мутахссис ва корозмуда).
4. Истифода аз таҷҳизот ва мошинолоти бартар (фановарии пешрафта).
5. Тахсиси манобеи коротар ва матлубтари омили тавлид.

Дар натиҷа барои расидан ба зарфият ва тавони тавлиди боло дар ҳар кишвар, афзун бар сармояи физикӣ ниёз ба сармояи инсонӣ аст. Бидуни рушд ва сармояи инсонӣ ҳеҷ низоми созмон ё ҷомеае наметавонад, ба ҳадафҳои мувалад ва рушди иқтисодӣ даст ёбад.

### АДАБИЁТ


1. Амини Алиризо. Бароварди оморҳои саризамонии иштиғол дар иқтисоди Эрон. Маҷалаи барнома ва буҷа, Теҳрон, шумораи 5, с. 1379.
2. Субҳонӣ Ҳасан. Боздиҳии сармоягузориҳои омӯзишӣ. Маҷаллаи таҳқиқоти иқтисодӣ, шумораи 5 с. 1371.
3. Фалиҳӣ Неъмат. Бароварди арза ва неруи инсони мутахассис ва баррасии сохтори бозори кор. Теҳрон, шумораи 19, с. 1380.
4. Калонтарӣ Аббоси Боқир, Араб Мозор. Баровардҳои мавҷуди сармояи кишвар. Фаслномаи донишгоҳи улуми иқтисодӣ ва сиёсӣ. Теҳрон, 1337-1371.Теҳрон 1371.


### ИСЧИСЛЕНИЕ ДОЛИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ ИРАНА В 1345-1380 годы (1966-2001г.г.)


Человеческий капитал является важнейшей составляющей деятельности любой организации и для эффективности работы он должен быть в постоянном развитии и продвижении и в государственных и в промышленных организациях. В данной статье автор рассматривает вклад человеческого капитала в экономическое развитие страны в 1345-1380 годы (1966-2001 гг),.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** человеческий капитал, экономическое развитие, птенциал, инвестиции в сферу обучения, развитие человеческого капитала.


### CALCULATION of the SHARE of the HUMAN CAPITAL IN ECONOMIC DEVELOPMENT Of IRAN IN 1345-1380 (1966-2001)


The human capital is the most important making activity of any organization and for overall performance it should be in continuous development and advance both in state and in the industrial organizations. In this article the author considers a contribution of the human capital to economic development of the country in 1345-1380 (1966-2001),



**KEYWORDS:** human capital, economic development, investments into the training sphere, development of the human capital.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Ризо Вакили*** - соискатель Таджикского национального университета


## ҶОЙГОҲИ ИНТЕРНЕТ ДАР ИРТИБОТҶАМЪИИ ЭРОН


***Ҳодӣ Камараӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Ошноии эрониён бо интернет ба соли 1373 рост меояд. Ин падидаро нахустин бор як муассисаи таҳқиқотӣ дар умури физик ва риёзӣ ба ҷомеаи Эрон муаррифӣ кард. Маркази таҳқиқоти физики назарӣ ва риёзиёт аз тариқи шабакаи «Байтнат» («بـیت نـت») ва бо узвият дар муассисаи пажӯҳиш ва омӯзиши Аврупо Транат (تـرنـت) ва бо ҳамкории донишгоҳи Вен дар Утриш Эронро ба ин шабака пайванд дод. Ин марказ бо истифода аз як хатти 9600 байтӣ дар сония, бархе аз марокизи донишгоҳиро аз тариқи хатти ихтисосии худ ба Интернет муттасил кард. Ҳамчунин ширкати мухобирот бо эҷоди маркази иртибототи фаъолиятҳои мухталифе, аз ҷумла таъсиси шабакаи миллии иттилоърасонии «Эронпак», иттилоърасонии тасвирӣ ва савти миллии кишвар имкони дастрасӣ ба бонкҳои байналмилал ва миллиро созмон дод. Шабакаи мазкур имкони дастрасӣ ба Минитал, яъне шабакаи муҳими иттилоърасонии Фаронсаро низ фароҳам кардааст. Ин иқдом истифода аз Интернетро дар ихтиёри афроди дигаре қарор дод. Сипас созмонҳои дигаре, ҳамчун садо ва симо, додапардозӣ, сипас, созмони пажӯҳишҳои илмӣ ва санъатӣ ва ширкати хадамоти инфурмотик истифода аз Интернетро даруни созмонҳои худ ва низ ройи афроде, назири муҳаққиқон ва асотиди донишгоҳ имконпазир сохтанд. Ҳамчунин яке аз нахустин ширкатҳои ғайридавлатие, ки хадамоти Интернет дар Эронро ривоҷ бахшид, ширкати Нидои роёна вобаста ба шаҳрдории Теҳрон аст.

Дастрасӣ ва иттисол ба Интернет бо авомиле аз ҷумлаи зерсохтҳои миллии мухобирот, тавсеа ё адами тавсеаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварҳо иртиботи танготангӣ дорад. Ин мавзӯъ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба иллати камбуди зерсохтҳои мухобиротӣ, набуди равнақи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо ҳазинаи бисёр гаронтар аз кишварҳои тавсеаёфта анҷом мепазирад. Ҳазинаи боло боис мешавад то инҳо гунаи имконот ба табақабандии боло бо сатҳи иқтисодии муносиб ихтисос ёбад ва аз ин ҳайси худ метавонад аз мавонеаи рушди Интернет дар як кишвар ба шумор ояд. Омили дигаре, ки ба вазъияти Интернет мураттаб аст, марбут ба нуфузи компютер ва телефон аст. Зеро бидуни телефон, компютер ва модем сухан гуфтан аз Интернет ғайри имкон аст. Бинобар ин, барои

мушаххасоти Интернет дар миёни кишварҳои мухталиф метавон вазъияти Интернетро дар Эрон тавассути нишондодҳои комиссияи илм ва фановарӣ барои тавсеаи Созмони Милали Муттаҳид дар моҳ майи соли 2002 мелодӣ муқоиса ва натиҷагирӣ кард.

Дар ин навиштор тавсифи вазъият Интернет дар Эрон бар асоси се шохиси куллӣ, ки мавриди таъйиди барномаи тавсеаи Созмони Милали Муттаҳид аст, сурат мегирад.

1. Имкони қобилияти иттисол, шомили теъдоди роёнаи шахсӣ, хатти телефони собит, теъдоди муштаракини телефони ҳамроҳ ва мушаххасоти нуфузи ҳар яке аз онҳо;
2. Имкони дастрасӣ, шомили саронаи теъдоди корбарони Интернет, саводи поя (бар ҳасби дарсади ҷамъиятӣ), саронаи тавлиди нохолиси миллӣ.
3. Дигаргунии сохтории муштамил бар паҳнои бонад ва рақобат дар бозор ISP (5, 22).

Бо баррасии абъоди гуногун ин омилҳо метавон ба таври нисбӣ тасвири равшан аз мизони тавсеаи Интернет дар кишвармон тарсим кард. Лизо, дар ин ҷо, ба табйини ҳар як аз омилҳо ба пешгуфт хоҳем пардохт, то бингарем, ки Эрон аз ҳайси рушди Интернет дар муқоиса бо кишварҳои дигар дар чӣ ҷойгоҳе қарор дорад.

Қобилияти иттисол ба унвони зерсохти иртиботии як кишвар маҳсуб мешавад ва аз омилҳое, ки дастрасиро таъриф мекунанд, мутамоиз аст. Мунтаҳо поин будани мизони иттисол, омили маҳдуди кундаи дастрасӣ ва истифода аз фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботии хосаи Интернет аст. Дар таърифи ин шохис ҳамон гуна, ки пештар зикр шуд, саронаи теъдодии роёнаҳои шахсӣ, хутути телефони собит ва ҳамроҳ мавриди баррасӣ ва муқоиса қарор мегирад.

Дар Эрон ба ҳар корбар 5, 4 компютер вуҷуд дорад. Ин теъдод 5 баробари миёнагини кулли ҷаҳон, 7 баробари миёнагини қораи Осиё ва 10 баробари кишвари Молазӣ аст. Бар асоси иттилооти омории Иттиҳодияи ҷаҳонии мухобирот нуфузи компютер дар Эрон ба ҳар 100 нафар 97,6, дар кулли ҷаҳон 22,9, дар қораи Амрико 27, 5, дар қораи Аврупо 20, дар қораи Осиё 95, 3 ва дар кишвари Молазӣ 12. 6 аст. Ин дар ҳолест, ки дар кишвари Кура ба ҳар ҳар корбар 17,1 компютер вуҷуд дорад. Нуфузи компютер дар ин кишвар низ 55, 6 аст (3,46).

Муқоисаи ин оморҳо баёнгари мизони адами баҳраварӣ ҳар компютер дар кишвари мост. Коршиносон мӯътақиданд, ки яке аз далоили умдаи ин ноҳамгунӣ адами истифодаи саҳеҳ аз компютер аст. Ба ин маънӣ, ки компютерҳои хонагӣ бештар ба манзури саргармӣ ва бозии кӯдакон ва навҷавонон мавриди истифода қарор мегиранд. Дар созмонҳои водироти мо низ аз компютер ғолибан ба унвони мошини таҳрир истифода мешавад. Бинобар ин бештар компютерҳои мавҷуд дар кишвар ба унвони ҷузъе аз як шабакаи Веб манзури табодули иттилооти мавриди баҳрабардорӣ қарор намегиранд ва шояд арзише беш аз як мошини ҳисоб сареъ ва пурзарфият надоранд. Бархе аз компютерҳо нақши колои зинатиро бар ӯҳда доранд. Аз тарафи дигар, адами абзори лозим барои истифода аз фановарии иттилоот ва сервисҳои он низ боиси афзоиши адами таносуб миён корбарон ва теъдоди компютерҳо дар кишвар шудааст.

Теъдоди дорандагони роёнаҳои шахсӣ дар хилоли даҳаи ахир рушди қобил таваҷҷӯҳе доштааст. Ба тавре, ки теъдоди 120 миллион компютер дар соли 1990 ба 670 миллион компютер дар соли 2001 мелодӣ дар ҷаҳон афзоиш ёфтааст. Намудори зер ин равандро ба хубӣ нишон медиҳад:

Тибқи ҷадвал дар сойти омории Иттиҳодияи ҷаҳонии мухобирот нуфузи компютер (компютер ба ҳар 100 нафар ҷамъият) дар кишвар Амрико бо 62, 5% дар рутбаи аввал, Кура бо 55, 6% дар рутбаи дуввум ва Суис бо 53, 8% дар рутбаи саввум қарор доранд (2, 18). Нумудори зер иттилооти дақиқеро аз мавқеъияти Эрон ва бархе аз кишварҳои ҷаҳон аз назари шохиси компютер ба ҳар корбар ва нуфузи он ба ҳар 100 нафар дар ихтиёри мо қарор медиҳад.

1. Кулли ҷаҳон -92,0; 2.Қораи Амрико -09,1: 3.Иёлоти Муттаҳидаи Амрико - 14,1; 4. Конодо - 06,1; 5.Қора аврупо -94,0: 6.Ингилистон9,0; Исланд74,0; Туркиё 55,0; Свед - 97,0; Суис -6,1; Фаронса - 1,1.4; Қораи Осиё - 71,0: Аморати Муттаҳидаи Араб - 35,0; Эрон - 5,4;Покистон -19,1; Ҷумҳурии Кура -17,1; Чин - 42, 0; Япон -85, 0; Молазӣ -46,0.5 Қораи Укёнусия-14,1. 6 Қораи Офриқо -1,1.

Хатти телефон ба унвони як омили маҳдудкунанда барои иттисол ва дастрасӣ ба Интернет маҳсуб мешавад ва аз ин тариқ метавон зарфияти тавсеаи хатти Интернетро баровард кард. Умуман эҷоди шабакаҳои телефон ба ҳизинаҳои болоӣ ниёз дорад. Ба тавре, ки миқдори ин омили иртиботи мустақим бо даромади саронаи миллӣ ва манобеи давлатӣ дорад. Тавзеи ҷамъиятӣ ва омили ҷуғрофиёӣ дар хусуси ин омил бисёр аҳамият доранд.

Бар тибқи охирин оморе, ки дар сойти мухобироти Эрон интишор ёфтааст, шумораи телефони собити кишвар 14991825 шумора эълом шудааст. Бар ин асос телефони собит бо рушди 30,17% дар соли 1382 56,22% афзудааст. Ин мизон, албатта, ба ҳар хонавор 90,23% баровард шудааст. Ҳамчунин теъдоди 3431500 шумораи телефон ҳамроҳ бо рушди 86,6 % афзоиши 16,5%-ро нишон медиҳад. Муқоисаи ин мизон бо солҳои қабл гувоҳ ба раванди рӯ ба рушди хатти телефон дар кишвар аст. Ба

унвони мисол нуфуз телефони собит аз 87,16% соли 1380 ба 83,22% афзоиш ёфтааст. Пешбинӣ мешавад, ки нуфузи телефони собит дар кишвар то поёни барномаи чаҳоруми тавсеа ба 49 ,9 расад.

Лозим ба ёдоварист, ки имрӯз барои ҳар 100 хонавор дар ҷавомеи тавсеаёфта 121, 1 телефон, ҷавомеи дар ҳоли тавсеа 18.7 телефон ва ҷавомеи камтар тавсеаёфта 1,1 телефон рост меояд.

Афзун бар зерсохтҳои мухобиротӣ ва дар ихтиёр доштани роёна ва хати телефон, шохисҳои дигаре дар дастрасӣ ба Интернет матраҳ мебошад. Теъдоди корбарони интернетӣ, савод, нархи муколимоти телефонии маҳаллӣ ва низ саронаи тавлиди нохолиси миллӣ аз ҷумлаи мавзӯоти муҳими хадамоти интернетӣ дар Эрон махсуб меёбанд.

Теъдоди корбарони Интернет низ яке аз омилҳои аслии шинохти тавсеаи Интернет дар кишварҳост. Ин мавзӯъ маъмулан бо равишҳои хосе сурат мегирад. Дар ин хусус теъдод корбароне, ки аз як иштироки Интернет истифода мекунанд, тараф таваҷҷӯҳ қарор дод. Аммо дар кишваре чун Эрон ба иллати маҳдудиятҳои молии афрод, анвои дигаре ғайр аз иштирок матраҳанд. Ба унвони мисол, истифода аз Интернет дар кофеҳои интернетӣ ва низ дастрасиҳои ширкатии афрод аз Интернет рақами болое аз Интернетро ба худ ихтисос додааст. Ҳамин тавр дар таъйини омори корбарони Интернет аз ду равиш-яке муҳосибаи паҳнои бонад ва дигаре баррасии теъдоди хатти телефон вогузоршуда ба сервисдиҳандагони хадамоти интернетӣ (ISP) истифода ме шавад.

Омори дақиқ аз теъдоди корбарон дар Эрон ба иллати ҳаҷми рӯзафзуни сабтшиносӣ мавҷуд нест. Бо ин ҳол бар тибқи охирин ахборе, ки дар сойти ширкати мухобироти Эрон интишор ёфтааст, теъдоди корбарони интернет дар Эрон 4 миллиону понсад ҳазор эълом шудааст. Ин мизон ҳикоят аз рушди қобили таваҷҷӯҳи нуфузи Интернет дар кишварро дорад. Ба унвони мисол  нуфузи теъдоди корбарони Интернет дар Эрон аз соли 1380 то поёни 1382 аз 8, 1 ба 45,6% афзудааст.

Мутобиқи омор 49%-и ин теъдодро занон ташкил медиҳанд. Рушди корбарони зан дар Интернет дар бозорҳои калидии Осиё–Уқёнусия низ дар ҳоли афзоиш аст. Аз апрели соли 2001 то соли 2002 дарсаде аз корбарони зан дар Интернети осиёӣ бо дастрасӣ ба интернети хонагӣ дар тамоми бозорҳои аслӣ, ҷуз бозори Аваастролиё рушд кардааст. Япон ва Навизланд ба тартиб бо рушди 5,5 ва 5% мақоми аввал ва дуввуми корбарони Интернети хонагиро ба худ ихтисос додаанд. Дар Сингопур низ рақами корбарони зани хонагӣ рушди 4,7% дошта аст. Ҳамин тавр кишварҳои Кура ва Тойвон ба тартиби бо рушди  2 ва 1,3% корбари зан дар интиҳои ин феҳрист қарор доранд. Дар ҳоле, ки дар ҳамон замон Австролиё 5% коҳишомез доштааст (1, 37).

Ин гузориш нишон медиҳад, ки тафовути байни зан ва мард дар хусуси истифодаи мустақим аз Интернет дар Кура, ки корбарони мард 5% бештар аз корбарони зан ҳастанд, камтарин мизонро дорост. Дар ин хусус мутолиаи татбиқии миёни Эрон ва дигар кишварҳои осиёӣ нишон медиҳад, ки дар Эрон баробарии мизони корбарони зан ва мард аз вазъияти матлубӣ бархурдор аст. Ба назар мерасад, ки  ҷамъияти ҷавон аз авомили муҳими ин баробарӣ ба шумор меояд. Ҳамчунин мутолиот равшан мекунад, ки умдатарин гурӯҳи синни корбарони интернетӣ дар Эрон байни 20 то 30 сол ҳастанд, ки аз ин мизон бештарин дарсад ба амри тиҷорат ва омӯзиш ихтисос дорад.

Бо коҳиши ҳазинаи вуруд ва дастрасии густурдатар аз Интернет шумори корбарони Интернет дар Осиё дар соли 2004 мелодӣ ба 188 миллион расид. Япон бо 64,5 миллион корбари Интернет дар соли 2004 бузургтарин бозори Интернетро дар Осиё ташкил дод. Чин ва Ҳинд ба тартиби 51 ва 10 миллион муштарии Интернет дошт.

Омили савод дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба унвони монеи густариши Интернет ба ҳисоб меояд. Албатта, доштани таҳсилоти олӣ дар муҳосибаи ин авомил аҳамият чандон надорад, балки, он чи дар ин росто тарафи таваҷҷӯҳ қарор дорад, саводи поя аст. Таҳқиқоте, ки оморҳои Интернети ҷаҳониро аз манзари забонӣ баррасӣ кардаанд, эълом доштаанд, ки афрод ба забони худашон аз Интернет истифода мекунанд. Аммо ҳанӯз англисӣ муҳимтарин забони баргузидаи хадамоит интернетӣ аст. Яке аз шохисҳои муҳим ва мавонеи муштарак барои истифодаи умум аз ин шабака маҳдудиятҳои забонӣ ва саводӣ аст. Ба унвони мисол, англисӣ забони баргузидаи давлати электроник аст. Ҳамчунин 72% истгоҳҳои интернетии давлатӣ ба забон ангилисӣ ҳастанд (4, 66).

Саронаи даромади мардум як омили таъйинкунанда дар истифода аз Интернет махсуб мешавад. Қудрати хариди сахтафзор ва тавоноии молии фард барои пардохти ҳазинаи иртибот таъйинкунандаи имкони барқарории иртиботи интернетӣ аст. Бархе аз соҳибназарон бар ин боваринд, ки тавсеаи иқтисодӣ омиле аст, ки ҳам дар тавсеаи шабакаҳои иртиботӣ, аз ҷумла Интернет ва ҳам дар таҳкиму мардумсолорӣ ба таври ҳамзамон таъсир дорад.

Ширкатҳо ё муассисоти ироакунандаи хадамоти иттилоърасонӣ ва интернетӣ ISP хонда мешавад. ISP-ҳо иттисоли ба шабакаи иттилоърасонӣ ва Интернетро фароҳам меоваранд ва ҷузви зарурии дастрасии афрод ба шабакаи интернет талаққӣ мешаванд. Озодсозӣ ва рақобати солим дар бозори ISP метавонад ба арзон шудани қиматҳо беҳбуда кайфият ва иртиқои  суръати иртибот бо

Интернет биёнҷомад. Шохиси озод ва рақобатӣ будани бозори Интернет дар як кишвар теъдоди ISP-ҳои он кишвар аст.

Гузоришҳои солонаи Бонки ҷаҳонӣ, Созмони пажӯҳишҳои тавсеаи Милали Муттаҳид ва ҳамчунин гузориши вазъияти тавсеаи ICT тавассути комиссияи илм ва фановарӣ дар моҳи майи соли 2002 ба сурати системӣ ба ин шохисҳо таваҷҷӯҳ доштаанд. Бинобар ин, барои равшан шудани вазъияти Эрон аз назари Интернет илова бар мақулаи Интернет, шинохти ҷойгоҳ ин кишвар аз ҳайси технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ICT) зарурати тамом ва камол дорад. Оморе, ки комиссияи илм ва фановарӣ дар хусуси рутбаи Эрон дар зимина ICT барои солҳои 1999 ва 2000 ироа кард, рутбаи Эрон аз ҷиҳати иттисол ба Интернет дар миёни ҳамин теъдоди кишвар дар солҳои 1995, 1998, 1999 ва 2000 мелодӣ ба тартиби 101, 99, 101 ва 83 бароварда шудааст (5,120. Ба назар мерасад, ки тафовут вазъияти ду рутбаи Интернет ва ICT ба далели ночизии омили озодсозӣ дар бахш ICT бошад. Нигоҳе ба хулосаи гузориши Иттиҳодияи ҷаҳонии мухобирот дар хусуси тавсеаи мухобирот дар соли 2002 сиҳати ин матлабро қувват мебахшад. Дар ин гузориш омадааст, ки 85% бозори мухобироти ҷаҳон мутааллиқ ба кишварҳое аст, ки дорои бахши хусусианд. Ба иборати дигар дар оғози соли 2002, ду % аз кишварҳои ҷаҳон фоқиди бахши хусусии мухобирот, 13% ба таври ноқис ва 85% ба таври комил хусусисозӣ шудаанд. Ҷиҳати Эрон ҷузви 13% аст, ки ба таври ноқис ба амри хусусисозӣ дар бахши иртиботот алоқаманд аст.

Омори дигаре, ки аз сӯи муассисаи «ЭЙ. ТИ. КАРНӢ» таҳия шудааст, Эрон дар миёни 62 кишвар аз назари фаннӣ рутбаи 56 ва аз назар корбарони Интернет рутбаи 58-ро дорад. Ҳамчунин рутбаи кулли Эрон аз ҷиҳоти фаннӣ, сиёсӣ, тамоси фардӣ ва рутбаи иқтисодӣ охирин рутба, яъне 62 аст. Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки рутбаи кулли кишварҳое, монанди Банглодаш (54), Покистон (50), Тойланд (47), Миср (46), Куниё (43) ва Угондо (36) аз Эрон болотар аст.

Аз сӯйи дигар, вазъияти Интернети Эрон нисбати кишварҳои арабии ҳавзаи халиҷи Форс нисбатан беҳтар аст (3. 27).

Афзун бар он чӣ гуфта шуд, бо таваҷҷӯҳ ба дараҷабандии мизони густариши Интернет дар як кишвар, ки аз сӯйи Иттиҳодияи ҷаҳонии мухобирот тарҳ шудааст, мизони густариши Интернет дар Эрон навпост. Аз ин манзар метавон гуфт, ки Эрон ду марҳалаи «номавҷуд» ва «ҷанинӣ»-ро пушти сар бигузоштааст. Ин ду марҳала мушаххас сохт, ки нуфузи Интернет дар Эрон баробари 10% дар афзоиш аст. Ин ҳолат водор мекунад, ки сиёсати дурусте дар ин масъала роҳандозӣ шавад. Зеро имрӯза афзоиши шикофи диҷитолӣ дар кайфияти Интернет аз дағдағаҳое аст, ки дунёи иртибототро ба чолишҳои ҷиддӣ фаро хондааст. Зарурате, ки дар хилоли ду даҳаи ахир муҷиби бознигарӣ ва тағйири сиёсатгузории бисёре аз кишварҳои ҷаҳон шудааст, сиёсатгузории навин дар тарҳи «зерсохти иртибототи ҷаҳонӣ» эътибори сервисҳои иттилоотӣ ва иртиботиро ҳампоя бо хусусисозӣ, рақобат ва кунтрулҳои инъитофпазир медонад. Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ низ сиёсатҳои хусусисозӣ ва муқаррароти зудоии Интернетро дар дастури кори аъзо қарор додааст. Аҳамияти замимаи иртибототи дурбурди ин созмони замонӣ ҷолиб ба назар мерасад, ки аз маҳдудияти қонунии сервисҳои иртиботӣ, аз ҷумла Интернет ҷилавгирӣ карда ва дар дарун ва мобайни марзҳо озодии ҷараёни иттилоотро таҳаққуқ мебахшад.

Мавриде, ки аз истилоҳи ҷомеаи иттилоотӣ дар чорчӯби ҷомеашиносӣ ахз мешавад мубтанӣ бар фаъолиятҳои мутанавеӣ аст, ки ба наҳви мустақим бо тавлид, тавзе ва корбурди иттилоот мураттаб аст ва бар ин қарор байни иқтисод дониш бар коло ва хадамоти муассир воқеъ шуда ва ба навъиртибототи меҳвар амалкарди корбурде дар арсаи ҷомеа воқеъ мешавад. Аз даҳаи ҳаштоди мелодӣ, ки Уилиём Мортин дар робита бо мавзӯи ҷомеаи иттилоотӣ баҳс карда то ба имрӯз, мунокишаҳои чанде аз арзёбии ҷомеа мазбур боқӣ мондааст. Масалан, Дониэл Бил омили иттилоотро бар таҳаввулоти созмони иҷтимоӣ дар ҳар ҷомеа амре мӯътабар баршумурдааст. Ва ё Жон Пайир Дупуйӣ ҷомеаи пасосанъатиро ҳамон ҷомеаи иттилоотӣ дониста ва ба наҳви бадбинона ин навъ ҷомеаро «марҳалае аз таърихи сармоядорӣ» қаламдод мекунад, ки бо тазодҳои худ даст ба гиребон аст. Он чи беш аз ҳар матлаб дар ҷомеаи иттилоотӣ ва ба наҳви табиӣ таърифи он мавриди назар мебошад авомили махсусе аст, ки дар вижгиҳои ҳар иҷтимоъ муассир аст. Аз ҷумла Мак Часне инқилоби иртиботӣ ва қонуни иртибототи дарбурдро аз авомили иҷтинобнопазир ҷомеаи сармоядории муосир талаққӣ мекунад. Ва ё доктор Манучеҳри Мӯҳсинӣ саъй дар арзёбии матлаб аз дидгоҳи зерсохти фаннӣ–иҷтимоӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ намуда ва табақабандии вижаро дар мутағайирҳои навини ин қисм аз ҷомеа баён мекунад. Ин зерсохтҳо бар ҳасби маҷмӯаи назариёти вай иборат аст аз: «зерсохтҳои иртиботот аз роҳ дур, зерсохтҳои мураттибот бо донишҳо, зерсохт технологик мураттибкунандаи иттилоот». Бар ин мабно Уилиём Мортин дар як таърифи ниҳоӣ аз ҷомеаи иттилоотӣ чунин мегӯяд: «Ҷомеае, ки дар он кайфияти зиндагӣ, ҳамонанди чашмандозҳои таҳаввули иҷтимоӣ ва тавсеаи иқтисодӣ ба мизони рӯ ба тазоде ба иттилоот ва баҳрабардорӣ аз он вобаста шудаас, ҷомеаи иттилоотӣ мегӯяд.

Дар идома Мортин бар ин ақида аст, ки дар чунин ҷомеаи устондордҳои зиндагӣ, улгуҳои кор ва фароғат, низоми омӯзишӣ ва бозори кор ба мизони махсусе таҳти пешрафтҳое қарор гирифта, ки дар қаламрави иттилоот ва дониш рӯй додаст (5, 29). Дар таъйиди ин матлаб метавон ба мушобеҳати орои санади Шӯрои олии иттилоърасонӣ мавсум ба «Мурури бар рафтори тавсеаи навин» бо ин натиҷанокӣ ишора кард: ҷомеаи иттилоотии якпорча, муҷаддад аз куллияи фароёндҳои мутаориф ва суннатии иҷтимоии зеркасб ва кор, омӯзиш ва ҳатто фаъолиятҳои шахсӣ, назири тафреҳот ва амсоли он дар қолаби навин бо истифода аз фановарии иртиботот ва иттилоот аст.


### АДАБИЁТ

1. Боқири Сорухонӣ. Ҷомеашиносии иртиботот.—Теҳрон, 1382.
2. Доктор Козими Мӯътамиднажод. Китоби ҷомеаи иттилоотӣ (тарҷумаи «Иҷлоси ҷаҳонии ҷомеаи иттилоот дар Тунис»). – Теҳрон, 1385.
3. Меҳдии Муҳсиниёни Род. Иртиботшиносӣ.—Теҳрон, 1387.
4. Тарғиби фароянде барои тағйири нигоҳ (тарҷумаи Муҳаммад Алии Ҳакиморо) //Нашрияи илмии «Ҳунари ҳаштум».- Теҳрон, 1377.
5. Фановариҳои навини иртиботӣ ва мушкилоти фарҳангӣ дар Эрон// Нашрияи илмии «Мутолеъоти расона», Теҳрон, 1381.



### МЕСТО ИНТЕРНЕТА В ИРАНЕ

В данной статье автор указывает на место и роль Интернета как одного из важных составляющих средств массовой информации в Исламской Республике Иран. Также автором рассматривается его место и значение среди других средств массовой информации, пути и способы улучшения работы сети Интернет как могущественного информационного средства в стране.


**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Интернет, информация, газета, средства массовой информации, государство, Иран.



### INTERNET PLACE IN IRAN

In this article the author points to a place and the Internet role as one of important components of mass media in the Islamic Republic Iran. Also the author considers his place and value among other mass media, ways and ways of improvement of work of the Internet as powerful information means in the country.


**KEY WORDS:** Internet, information, newspaper, mass media, state, Iran.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ходи Камараи*** – соискатель Таджикского национального университета


## ШИНОХТИ ДАРОМАДҲОИ АМАЛИЁТӢ ВА РОБИТАИ ОН БО ХУСУСИЯТИ ҚОБИЛИ ҚАБУЛИ МАРБУТ БО МӮҲТАВОИ ИТТИЛООТИ ҲИСОБДОРӢ


***Вакилиён Огуи Маҳдӣ Муҳаммадҳасан***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Даромад ба таври куллӣ иборат аз афзоиш дар ҳуқуқи соҳибони саҳҳом ба ҷузъ аз тариқи овардаи соҳибони саҳҳом аст ва ду гурӯҳи даромадҳои амалиётӣ ва ғайриамалиётиро дар бар мегирад ва даромадҳои амалиётӣ даромадҳое ҳастанд, ки аз фаъолияти аслӣ ва мустамари воҳиди тиҷорӣ ҳосил мегардад.

**Хусусиёти кайфии марбут ба муҳтавои иттилооти ҳисобдорӣ**. Мафҳуми назариявии гузоришгарии молӣ шомили хусусиёти кайфии иттилооти ҳисобдорӣ аст, ки ба унвони як маҷмӯаи мунсаҷим (хулосашуда) аз аҳдоф ва мабони ба манзури таҳияи стандартҳои ҳисобдорӣ ва таъйини ҳудуди қазовати ҳирфӣ дар таҳияи суратҳои молӣ шудааст. Хусусиёти кайфи шомили хусусиёти марбут ба муҳтавои иттилооти ҳисобдорӣ ва хусусиёти марбут ба шакли ироаи иттилоот аст ва хусусиёти кайфи марбут ба мӯҳтавои иттилоот шомили шинохт ва ироаи иттилооти марбут ва низ ироаи иттилооти қобили итико аст. Ироаи иттилоот дар сурате марбут хоҳад буд, ки бар тасмими истифодакунанда таъсиргузор бошад «мунҷар ба таъйиди тасмимоти қаблӣ ё тағйири тасмимоти онҳо шавад» ва бар асоси хосаи муносиб ироа шуда бошад. Дар робита бо иттилооти марбут равшан аст, ки ироаи иттилоот ба мавқее беш аз иттилооте бо таъхир бар тасмими истифодакунандагон таъсир дорад. Аз тарафи хусусиёти кайфии қобилияти итико бар баёни содиқона, ироаи комил, риояти эҳтиёт ва ифшои муносиби иттилоот таъкид дорад ва равшан аст, ки ироаи иттилооти қобили итико тавъам бо таъхири нисбӣ дар ироаи иттилоот мебошад.

Дар мавзӯи шинохти даромадҳои амалиётӣ тайи фароянди касби даромад (тавлид, хотимаи тавлид, фурӯши коло ё ироаи хадамот, вусули ваҷҳ) ҳар чи даромади амалиётӣ дар марҳилаҳои аввалияи фароянди мазкур шинохта шавад ва марбут будани бештар ва аз қобилияти итикои камтар

бархӯрдор ва баръакс ҳар чи даромад дар марҳилаҳои охири фароянди мазкур шинохта шавад, аз қобилияти итикои бештар ва марбут будани камтар бархӯрдор хоҳад буд.

**Мавонии шинохти даромад**. Сарфи назар аз татбиқ доштан ё надоштан бо стандартҳои ҳисобдорӣ, шиносоии даромад бо ду мабнои нақдӣ ва тааҳҳудӣ дар ҳисобдорӣ муяссар аст. Дар мабнои нақдӣ даромадҳо дар замони вусул ва ҳазинаҳо дар замони пардохт шиносоӣ мешавад. Ин мабно ба далели адами шиносоии даромадҳо мутаносиб бо замони таҳаққуқ ва адами шиносоии ҳазинаҳо мутаносиб бо даромадҳо, хилофи сатандартҳои ҳисобдорӣ аст. Дар муқобил дар мабнои тааҳҳуди даромадҳо дар замони таҳаққуқ ва ҳазинаҳо дар татбиқ бо таҳаққуқи даромад шиносоӣ мегардад.

**Таҳаққуқи даромад**. Даромад замоне таҳаққуқёфта талаққӣ мешавад, ки фароянди касби даромад комил ё тақрибан комил шуда бошад ва маблағ ва замони онро битавон ба гунаи қобили итико таъйин намуд.

Фароянди касби даромад замоне комил аст, ё комил ба назар мерасад, ки муҳимтарин рӯйдоди марбут ба он рух диҳад. Он чи мусаллам аст, даромад тайи фароянди тавлид, фурӯш ва вусули ваҷҳ ба таври мустамар иттифоқ меафтанд, валекин имкони шиносии мустамари он барои ҳисобдорӣ муяссар нест. Аз ин рӯ, даромад бояд дар як мақтаи (вақти) муҳим аз ин фароянд шиносоӣ гардад. Дар ин робита дар бисёре аз фаъолиятҳо, фурӯш ба унвони рӯйдоди ҳаётӣ талаққӣ мешавад ва даромад дар таърихи фурӯш шиносоӣ мешавад. Дар робита бо бархе фаъолиятҳо, тавлиди маҳсул бо унвони рӯйдоди ҳаёти талаққӣ мешавад ва даромад дар таърихи тавлид шиносоӣ мешавад. Дар робита бо бархе аз фаъолиятҳо даромад дар хилоли тавлид шиносоӣ мешавад. Зеро, ки дар сурати шиносоии даромад дар таърихи такмили кор, шиносои ба гузориши иттилоот дер хоҳад буд ва аз марбут будани иттилооти гузоришшуда коста мешавад. Ва ниҳоятан мумкин аст, ба нудрат рӯйдоди ҳаёти вусули ваҷҳ бошад ва дар ин сурат даромад дар таърихи вусули ваҷҳ шиносоӣ мегардад. Дар идома ба қисматҳо шарҳ додашудааст.

**1. Шиносоии даромад дар замони фурӯш**. Дар воҳидҳои тавлидӣ ва бозоргонӣ, фурӯши коло ба унвони рӯйдоди ҳаёти талаққӣ мешавад ва даромад дар замони фурӯш шиносоӣ мегардад. Дар ин марҳила шинохт ва гузориши даромад аз қобилияти итикои бештар ва аз тарафе ба далели таъхир дар шинохт нисбат ба шинохт дар замони тавлид аз марбут будани камтар бархӯрдор аст. Дар айни ҳол шинохти даромад дар замони фурӯш мубтанӣ бар барқарории мувозина байни хусусиёти қобилияти итико ва марбут будан ва мутасониб бо навъ ва моҳияти фаъолияти воҳидҳои тавлидӣ ва бозоргонӣ таъйин шудааст. Дар ин равиш мумкин аст, бархе аз ҳазинаҳои марбут ба фурӯш дар давраи баъд аз давраи фурӯш воқеъ гардад. Ба манзури татбиқи ҳазинаҳои ҳар давра бо даромадҳои ҳамон давра бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад:

**1.1. Вусули нашудани бахше аз фурӯшҳои насия**. Дар шиносоии даромад дар вақти фурӯш, дар мавриди фурӯшҳои насия мумкин аст бахше аз фурӯш анҷомшуда «даромади шиносоӣ шуда» дар саррасид (сари вақт) вусул нашавад. Ба иборати дигар як ҳазинае марбут ба даромади шиносоӣ шуда «ҳазинаи мутолиботи машкукул вусул» дар давраи пас аз фурӯш воқеъ гардидааст. Дар ин сурат лозим аст, ки ба манзури татовуқи ҳазинаҳо бо даромадҳои ҳар давра ба таври баровардӣ бар асоси як равиш «равишҳои фоизи аз фурӯш, фоизе аз кулли тамоммондаи мутолибот, фоизе аз мондаи мутолибот ба тафкики таҷзияи синнии онҳо» ҳазина ва захираи мутолиботи машкукул вусул шиносоӣ гардад. То дар сурати аз байн рафтани мутолибот дар давраи баъд ба ҷои шиносоии ҳазина, ҳисоби захираи мутолиботи машкукул вусул баргашт шавад.

**1.2. Хадамоти пас аз фурӯш**. Дар бисёре аз мавридҳо воҳидҳои тиҷорӣ дар таърихи фурӯш мутааҳҳид мешаванд, ки барои мудати мушаххас пас аз фурӯш ҳар гуна айб ва нуқс дар колои фурӯшрафтаро ба таври ройгон рафъ намоянд «ба ҳазинаи ширкат иқдом ба рафъи нуқсон намоянд». Дар ин робита мумкин аст, хадамоти пас аз фурӯш дар давраи баъд аз фурӯш иттифоқ ёбад, лизо ба манзури татбиқи ҳазинаҳо бо даромадҳои ҳар давра лозим аст, ки аз бобати ҳазинаи хадамоти пас аз фурӯш, ҳазина ва захираи лозим дар давраи фурӯш дар ҳисобҳои эъмол шавад, то дар сурати рафъи нуқсонии колои фурӯшрафта дар соли баъд ба ҷои ҳазина ҳисоби захираи хадамоти пас аз фурӯш ба бадеҳкор мешавад.

**1.3. Ихтиёри баргашти колои фурӯшрафта**. Дар бисёре аз мавридҳо фурӯши коло тавъам бо ихтиёри баргашти коло аст. Дар ин сурат мумкин аст, ки колои фурӯхташуда дар давраи ҷорӣ, дар давраи баъд баргашт шавад ва дар натиҷа татбиқи ҳазинаҳо бо даромадҳо риоят нахоҳад шуд. Ба манзури риоят, дар сурате, ки баргаштаҳои фурӯш кам аҳамият бошад, колои баргашта дар ҳамон таърихи баргашта ба ҳисоби ҳазина «ҳазинаи баргаштаи аз фурӯш» сабт мешавад ва дар сурате, ки баргаште аз фурӯш бо аҳамият бошад, ба манзури риояти татбиқи ҳазинаҳо ва даромадҳои давра лозим аст, ки ба сурати баровардӣ ҳазина ва захираи лозим дар ҳисобҳои давраи фурӯш сабт шавад.

**2. Шиносоии даромад ба ҳангоми тавлид**. Дар фаъолиятҳои кишоварзӣ «зироат, чорводорӣ, дарахткорӣ, кошти гиёҳҳон, парвариши гулу гиёҳ, парвариши чучаву мурғ(туюр) ва моҳиҳо (обзиён)» рӯйдоди ҳаёти тавлид аст, на фурӯш, зеро маъмулан дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ мушкилие вуҷуд надорад. Дар сурати шинохти даромад дар ин марҳила ибҳоми зиёде дар робита бо таҳаққуқи фурӯш ва маблағи он вуҷуд нахоҳад дошт ва лизо, шинохти даромад дар ин марҳила аз қобилияти итикои муносиб бархӯрдор буда ва ба далели шинохти зудтар дар муқоиса бо шинохт дар вақти фурӯш, аз марбут будани бештар бархӯрдор аст. Бар тибқи стандартҳои байналмилаии ҳисобдорӣ тавлидоти кишоварзӣ бояд дар замоне бардошт ба арзиши мунсифони «арзише, ки харидор ва фурӯшанда ба таври маъмул бар асоси он ҳозир ба анҷоми муомила мебошанд» пас аз касри махориҷи баровардии замони фурӯш андозагири шавад. Таъйини арзиши мунсифона метавонад, бар асоси қимати маъмули бозор таъйин шавад ва дар сурати дастрасӣ ба бозорҳои фаъоли мутааддид аз марбуттарин бозори фаъол барои таъйини арзиши мунсифона истифода мешавад ва дар сурати набуди бозори фаъол ба шарти дастрасӣ барои таъйини арзиши мунсифона аз мавридҳои зер истифода мешавад:

а) Қимати тазминшудаи эъломшуда тавассути давлат;

б) Охирин қимати муомилашуда дар бозор (машрут ба ин ки байни таърихи муомила ва таърихи таҳияи суратҳои молӣ тағйири зиёде рух надода бошад);

в) Қимати бозори дороиҳои мушобеҳ бо эъмоли таъдилоти мавриди лузум.

Андозагирии даромади тавлидоти кишоварз таърихи бардоштани маҳсул мунъакис кунандаи ин дидгоҳ аст, ки арзиши мунсифонаи тавлидоти кишоварзӣ дар замони бардошт ҳамвора метавонад ба гунаи қобили итикопазире андозагирӣ шаванд.

Барои мисол, ширкати кишоварзии А дар соли зироати аввал бо таҳаммули маблағи 1500 сомон ҳазинаи кишт дошт ва бардошти гандум миқдори 1000 кг гандум бардошт намуд. Агар дар таърихи тавлид арзиши мунсифона ҳар кило гандум 2 сомон бошад, маблағи 2000 сомон бояд ба унвони мавҷудаи гандум ва арзиши мунсифонаи тавлидоти кишоварзӣ (даромад) дар таърихи тавлид шиносоӣ гардад.

Пас аз шинохти аввалияи мавҷудиёти кишоварзӣ бар асоси арзиши мунсифона, тағйир дар арзиши мунсифонаи мавҷудиҳо ба унвони даромад шиносоӣ намешавад. Ва фақат бо фурӯши маҳсул даромади ҳосил аз афзоиши арзиши мунсифона ба унвони фурӯш шиносоӣ мешавад ҳамчунин баҳои тамомшуда марбут ба фурӯши мазкур бар асоси арзиши мунсифонаи шиносоишудаи қаблӣ таҳти унвони баҳои тамомшудаи интисоби (нисбат дода шуда) шиносоӣ хоҳад шуд. Дар мисоли қабл чунончӣ маҳсули бардоштшуда ду моҳ баъд аз қарори ҳар кило 2.2 сомон ба фурӯш бирасад, маблағи 2200 сомон ба унвони фурӯш ба маблағи 2000 сомон бо унвони баҳои тамомшудаи интисоби ва ба таври холис ба маблағи 200 сомон даромад шиносоӣ хоҳад шуд.

Дар стандарти фаъолиятҳои кишоварзӣ куллияи ҳазинаҳои тавлид (чи маҳсули тавлидшудаи фурӯшшуда бошад ва чи фурӯшнашуда бошад) ба унвони ҳазинадорӣ манзур мешавад. Дар мисоли фавқ маҷмӯи даромад маблағи 2200 сомон (шомил 2000 сомон арзиши мунсифонаи тавлид ва маблағи 200 сомон афзоиши қимат аз таърихи тавлид, то таърихи фурӯш) ва маҷмӯи ҳазинаҳо ба маблағи 1500 сомон ва суди давра маблағи 700 сомон шиносоӣ мешавад.

**3. Шиносоии даромад дар хилоли тавлид**. Шиносоии даромад дар хилоли тавлид бар тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ дар робита бо паймонаҳои баландмуддат (қарордодҳои баландмуддат) ва дороиҳои зистӣ (бахше аз фаъолиятҳои кишоварзӣ) корбурд дорад.

**3.1. Шиносоии даромад дар хилоли иҷрои паймонҳои баландмуддат**. Дар паймонҳои баландмуддат (паймонҳое, ки таърихи шурӯи паймон ва таърихи такмили он маъмулан дар ду давраи молӣ мутафовит қарор дорад) чунончи ба сабаби тулонӣ будани муддати лозим барои такмили паймон, то замони такмили паймон, даромад ва ҳазинае ба ҳисоб гирифта нашавад, мумкин аст сурати суд ва зиён тасвири чандон матлубе аз фаъолиятҳои воҳиди тиҷорӣ дар тӯли солҳои иҷрои мавзӯи паймон ироа накунад. Балки танҳо холиси (суд ва зиён) паймонҳои такмилшударо мунъакис мекунад. Бинобар ин лозим аст, ки дар ҷараёни пешрафти паймонҳо даромаде, ки нисбат ба таҳаққуқи он итминоне ҳосил мешавад, ба ҳисоб гирифт. Таъйини мизони даромад ва ҳазинаи давра тавассути воҳиди тиҷорӣ бояд ба гунае сурат бигирад, ки навъи амалиёт ва вазъияти он таносуб дошта бошад. Дар ин равиш шинохти даромад ба далеле истифода аз баровардҳои ҳисобдорӣ аз қобилияти ибтикои камтаре дар муқоиса бо ду равиши қабл бархӯрдор аст, вале шинохти даромад ва ироаи иттилооти марбут ба он дар тӯли ичрои паймон заминаи ироаи иттилооти марбуттареро фароҳам мекунад.

Шинохти даромад ва ҳазинаи давра бар асоси мизони такмили паймон, ағлаб равише «фоизи такмили паймон» номида мешавад. Тибқи ин равиш даромади паймон бо махориҷи таҳамулшуда, ҷиҳати расидан ба он мизон аст, такмил ва татбиқ дода мешаванд ва дар натиҷа даромад, ҳазина ва суд ва зиён кори анҷомшуда, дар сурати суд ва зиён мунъакис (инъикос) мегардад.

Даромади паймон бояд мавридҳои зерро дар бар гирад:

а) Маблағи аввалияи даромад, ки дар паймон мавриди тавафуқ қарор гирифтааст;

б) Даромади марбут ба тағйири мизони кори паймон аз сӯи корфармо;

в) Иддаоҳо ва соири дарёфтҳои ташвиқӣ марбут ба амалиёти паймон то мизоне, ки эҳтимол равад мунҷар ба даромад гардад ва маблағи онро битавон ба гунаи қобили итико андозагирӣ намуд.

Шинохти даромад ва ҳазина ва суду зиёни паймони баландмуддат бар хилоли давраҳои иҷро бар асоси нисбат ба махориҷи таҳаммулшудаи паймон то таърихи поёни соли молӣ ба кулли махориҷи баровардии паймон ба шарҳи зайл муҳосиба мешавад:

**Фазои такмили паймон = махориҷи воқеӣ то поёни соли молӣ / махориҷи воқеӣ то поёни соли молӣ + махориҷи баровардӣ барои такмили паймон**

**Даромади паймон то поёни давраи ҷорӣ = кулли даромад х фоизии такмили паймон**

**Ҳазинаҳои паймон то поёни давраи ҷорӣ = кулли махориҷи баровардии паймон х дар фоизии такмили паймон**

**Даромади паймон то поёни давраи ҷорӣ = даромади паймон то поёни давраи ҷорӣ - даромади паймон то поёни давраи қабл**

**Ҳазинаи давраи ҷории паймон = ҳазинаи паймон то поёни давраи ҷорӣ - ҳазинаи паймон то поёни давраи қабл**

**Суди(зиёни) давраи ҷории паймон = даромади давраи ҷории паймон - ҳазинаи давраи ҷории паймон**

Бар асоси равиши фавқ суд ва (зиён) мутасониб бо такмили паймон шиносоӣ мешавад. Ба таври мисол, агар ширкати А барои иҷрои сохтмоне бо ширкате Б иқдом ба мунаққид ба қарордоди ба маблағи 100000 сомон намуда бошад ва то поёни соли аввал махориҷи таҳаммулшуда, аз ин бобат тавассути ширкати А маблағи 28 000 сомон ба махориҷи баровардӣ барои такмили паймон (баровардшуда дар поёни соли аввал) маблағи 42 000 сомон бошад, даромад, ҳазина ва суди паймон то поёни соли аввал ба шарҳи зайл муҳосиба мешавад.

| | |
|---|---|
| Фазои такмили паймон | $= \dfrac{28000}{28000+42000} = 40\%$ |
| Даромади паймон то поёни давраи ҷорӣ | = 100 000 х 40% = 40 000 |
| Ҳазинаҳои паймон то поёни давраи ҷорӣ | = (28 000 + 42 000) х 40% = 28 000 |
| Суди(зиёни) давраи ҷории паймон | = 40 000 – 28 000 = 12 000 |

Чунончи бар хилофи баровардӣ анҷомшуда дар соли аввал махориҷи мутаҳаммилшуда аз сӯи ширкати А дар соли дувум 52 000 сомон бошад ва сохтмон такмил шуда бошад (такмили паймон 100 %) даромад ва ҳазина ва суди соли дуввум ба шарҳи зер муҳосиба мешавад.

| | |
|---|---|
| Даромади паймон то поёни соли дуввум | = 100 000 х 100% = 100 000 |
| Ҳазинаҳои паймон то поёни соли дуввум | = (28 000 + 52 000) х 100% = 80 000 |
| Суд то поёни соли дуввум | = 300 000 – 80 000 = 20 000 |
| | |
| Даромади соли дуввуми паймон | = 100 000 - 40 000 = 60 000 |
| Ҳазинаҳои соли дуввуми паймон | = 80 000 - 28 000 = 52 000 |
| Суди соли дуввуми паймон | = 20 000 –12 000 = 8 000 |

Дар ҳисобдории паймонҳои баландмуддат тағйир дар баровардӣ махориҷи лозим барои такмили паймон дар солҳои баъд, ба унвони тағйир дар баровардҳои ҳисобдорӣ талаққӣ мешавад ва мусталзими ислоҳи муҳосиботи соли қабл нест ва фақат бар муҳосиботи соли тағйир ва пас аз он асар дорад.

3.2. **Шиносоии даромади тағйир дар дороиҳои зистӣ (бахше аз фаъолияти кишоварзӣ)**. Дар фаъолиятҳои кишоварзӣ дороиҳои зистӣ ҳамвора дар ҳоли рушд, таҳлил ва тавлиди насл ҳастанд, ки ба тағйироти кайфи ё камии дороиҳои зистӣ меанҷомад. Воҳидҳои кишоварзӣ бояд дороиҳои зистиро дар замоне шиноси кунанд ки:

а) Контроли дорои дар натиҷаи руйдодҳои гузошта ба даст омада бошад.

б) Ҷараёни манофеи иқтисодӣ ба даруни воҳиди кишоварзӣ муҳтамал бошад.

в) Арзиши мунсифонаи дорои ба гунаи қобили итико андозагирӣ шавад.

Дар ин равиш низ шинохти даромад ба далели истифода аз баровардҳои ҳисобдорӣ аз қобилияти итикои камтаре дар муқоиса бо ду равиши қабл бархӯрдор аст, вале шинохти даромад ва ироаи иттилооти марбут ба он дар тӯли давраи тағйири давраҳои зистӣ иттилооти марбутаеро таъмин мекунад.

Таъйини арзиши мунсифона барои дороиҳои зистӣ метавонад аз тариқи гурӯҳбандии дороиҳои зистӣ бар асоси хоссаҳои бозори онҳо, барои мисол бар асоси син ё бар асоси нажод ҳисоб намудан беҳтар мебошад. Воҳиди кишоварзӣ бояд хосаҳоеро интихоб кунад, ки дар бозор ба унвони мабнои қиматгузории дорои истифода мешавад.

Тағйир дар арзиши мунсифона байни ду давра ба унвони дороии зистӣ ва изофаи арзиши мунсифона (даромад) шиносоӣ мешавад. Ба иборати дигар дар ин равиш ҳарчанд дороии зистӣ тайи давра ба фурӯш намерасад, вале даромади баробар бо арзиши мунсифона тағйироти эҷодшуда, дар дороиҳои зистӣ шиносоӣ мешавад. Аз тарафи дигар куллияи ҳазинаҳои таҳамвулшуда аз бобати эҷоди изофаи арзиши мунсифона ба унвони ҳазинаҳои давра талаққӣ мегардад ва тафовути он бо даромадҳои шиносоӣ шуда, ба унвони суди давра шиносӣ мешавад. Ба таври мисол, чунончӣ ширкати кишоварзии А тайи соли аввал иқдом ба хариди 100 сар гусолаи гуштӣ аз қарори ҳар сар 2 000 сомон бинамояд ва то поёни соли аввал аз бобати парвариши онҳо маблағи 150 000 сомон ҳазина тааммул кунад ва дар поёни сол арзиши мунсифонаи ҳар сар 4 000 сомон бошад, даромади давра (арзиши изофаи мунсифона дар давраи зистӣ) маблағи 200 000 сомон ва ҳазинаи маблағи 150 000 сомон ва суди давра маблағи 50 000 сомон хоҳад шуд.

**4. Шиносии даромад дар вақти вусули вачҳ.** Баъзе вақтҳо бо фурӯши насияи коло ё ироаи насияи хадамот, чараёни вуруди манофеи иқтисодӣ ба даруни воҳиди тиҷорӣ муҳтамал нест, ба иборати дигар нисбат ба вусули вачҳи ҳосил аз фурӯш итминони нисбӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҳолат беҳтар аст, ки шинохти даромади ҳосил аз фурӯш ё ироаи хадамот то вақти вусули вачҳ ба таъхир афтод. Дар ин равиш аз он ҷое, ки даромад дар интиҳои фароянди касби даромад шиносои мешавад, шинохт ва гузориши даромад бо фарзи барқарории соири шароит комилан қобили итико аст. Вале ба далели таъхир дар ироаи иттилоот аз дараҷаи марбут будани камтаре дар муқосиа бо соири равишҳои ишорашуда бархӯрдор аст. Дар сурати истифода аз ин равиш, даромад ва ҳазинаи давра бо ду равиши ақсотӣ ва равиши бозёфти баҳои тамомшуда қобили шиносоӣ аст.

**4.1. Равиши ақсотии шиносоии даромад**. Дар ин равиш даромад ба мизони вуҷуҳи вусулшуда шиносоӣ мегард ва бахше аз баҳои тамомшудаи колои фурӯш рафта (ба нисбати кулли баҳои тамомшудаи колои фурӯшрафта ба кулли фурӯш) ба унвони ҳазинаи давра (баҳои тамомшудаи колои фурӯшрафтаи давра) манзур мегардад. Ба таври мисол, агар ширкати А колоеро, ки баҳои тамомшудаи он 70 000 сомон аст ба маблағи 100 000 сомон ба таври насия бифурӯшад ва 60% аз маблағи фурӯшро дар соли аввал ва 40% дигар дар соли дуввум вусул гардад, даромади соли аввал ба маблағи 60 000 сомон ва ҳазинаи соли аввал низ ба маблағи 42 000 сомон (бар асоси нисбати кулли баҳои тамомшуди колои фурӯшрафта ба кулли фурӯш – 70%) ва суди соли аввал 18 000 сомон хоҳад шуд. Ҳамчунин даромади соли дуввум ба маблағи 40 000 сомон ва ҳазинаи соли дуввум ба маблағи 28 000 сомон ва суди соли дуввум низ 12 000 сомон шиносоӣ мешавад.

**4.2. Равиши бозёфти баҳои тамомшуда.** Дар ин равиш даромад ба мизони вуҷуҳи вусулшуда шиносоӣ мешавад ва баҳои тамомшуда то сақфи маблағи даромади шиносоишуда ба ҳисоби ҳазинаи давра манзур мешавад. Дар ин равиш дар шиносоии суд эҳтиёти бештаре эъмол мешавад. Дар мисоли қабл даромади соли аввал 60 000 сомон ва ҳазинаи соли аввал низ ба маблағи 60 000 сомон (то сақфи фурӯш) ва суди соли аввал 0 аст. Ҳамчунин даромади соли дуввум ба маблағи 40 000 сомон ва ҳазинаи соли дуввум ба маблағи 10 000 сомон ва суди соли дуввум ба маблағи 30 000 сомон шиносоӣ хоҳад шуд. Ҳамон тавре, ки мушоҳида мешавад, суд замоне шиносоӣ гардид, ки комилан муҳаққақ гардидааст.

**5. Натиҷагирӣ.** Шинохти даромадҳои амалиётӣ дар фаъолиятҳои мухталиф ба шарҳи ироашуда дар ин мақола баёнгари он аст, ки дар замоне, ки нисбат ба таҳаққуқи даромадҳо итминони нисбӣ ҳосил шуда бошад – ба хусус дар робита бо шинохти даромад дар хилоли тавлид ва шинохти даромад дар мақтаи тавлид – бо шинохти даромад дар мароҳили аввалияи фароянди касби даромад, заминаи ироаи иттилооти марбуттар фароҳам мегардад ва баръакс, дар мавридҳои дигаре, ки итмионон нисбат ба таҳаққуқи даромад дар марҳилаҳои аввалияи фароянди касби даромад ҳосил намешавад (шинохти даромад дар марҳилаи фурӯш ва дар марҳилаи вусули вачҳ) шинохти даромад то марҳилаи фурӯш ва то марҳилаи вусули вачҳ ба таъхир меафтад. Равшан аст, ки дар ин равиш марбут будани иттилооти ироашуда дар муқоиса бо равишҳои қабл камтар аст.

Дар маҷмӯъ стандартҳои ҳисобдорӣ дар шинохти даромадҳо байни хусусияти (қобили қабул) марбут ба қобилияти итико ва марбут будан мувозина барқарор намудааст ва шинохти даромадро дар замоне муҷоз дониста, ки ҳам аз хусусияти қобилияти итикои муносиб ва ҳам аз хусусияти марбут будан дар ҳадди муносиб бархӯрдор бошад.

## АДАБИЁТ


1. Стандарти байналмилалии ҳисобдорӣ. №18 бо унвони даромадҳои амалиётӣ.
2. Стандарти ҳисобдории Эрон. №3 ба унвони даромадҳои амалиётӣ.

3. Стандарти байналмилалии ҳисобдорӣ. №11 ба унвони қарордодҳои паймонкорӣ.
4. Стандарти ҳисобдории Эрон. №9 паймонҳои баландмуддат.
5. Стандарти байналмилалии ҳисобдорӣ. №41 ба унвони кишоварзӣ.
6. Стандарти ҳисобдории Эрон. №26 ба унвони фаъолиятҳои кишоварзӣ.
7. Ҳисобдории миёна 1. Таълифи доктор Эраҷи Навравиш, доктор Сосони Меҳронӣ, доктор Коваи Меҳронӣ, Ғуломризо Каримӣ ва Муҳаммади Муродӣ.

**ОЗНАКОМЛЕНИЕ С ФИНАНСОВЫМИ ОПЕРАЦИЯМИ И ЕГО СВЯЗЬ С ОСОБЕННОСТЯМИ БУХГАЛТЕРСКОЙ ИНФОРМАЦИИ**

В данной статье автором рассматриваются различные методы финансовых операций в соответствии с международными бухгалтерскими стандартами.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** финансовые операции, бухгалтерская информация, прибыль, изучение прибыли, методы, бухгалтерские стандарты.

**ACQUAINTANCE WITH FINANCIAL OPERATIONS AND ITS COMMUNICATION WITH FEATURES OF ACCOUNTING INFORMATION**

In this article the author considers various methods of financial operations according to the international accounting standards.

**KEY WORDS:** financial operations, accounting information, profit, profit studying, methods, accounting standards.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Вакилиён Огуи Махди Мухаммадҳасан*** – аспирант ТНУ. E mail: **Mvakilyan @ iacpa. Ir**

# ОДОБИ КАСБӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ БЕҲТАРИНИ САРВАРӢ

***Т.Б. Ғаниев, Ҳ.Ҳасанзода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Одоби сарварӣ** – ин нигоҳе ба қобилият – тавонмандии дохилаи инсон, шинохти қобилияти сарварӣ оид ба иҷрои ин ё он фаъолият ва қудрати дарку иҷрои фаъолияти роҳбарӣ буда, талаботи асосии рушди инсонӣ, маданияти ҷомеа ва мувозинати табии мебошанд.

Рушди иқтисодию иҷтимоӣ. Яъне андешаву фикррониии сарвар ва ҳаракатҳои аслии моро бояд талаботи касбӣ пурра фаро гирифта, натиҷаги рии он низ моро ҳавасманд гардонад. Фикррониии сарвар ин худ хоҳиши предметӣ ва моддие мебошад, ки моро барои дигаргунсозии ҳолатҳо, эҷодкорӣ навоварӣ ва тавлиди моли нав ҳидоят намуда, ташаккули зиндагонии озодро таъмин месозад.

Сарвар ӯҳдадор аст, ки озодии фикру интихоб, озодии харакату фаъолияти касбиро дар дараҷаи баланди моддиёт (пули ву молӣ), ки худаш тавлидгар ҳаст, ҳавасманд намояд, то ин ки боз тавлидгари дигареро барпо созаду сарчашмаи судовориҳо зиёд гашта, дар кулл рушди устувори кормандони касбӣ, корхонаҷот ва иқтисоди мамлакатро таъмин бошад.

Этика (зебоӣ) ҳамчун шакли бехтарини фаъолияти касбии сарварӣ ва озодии интихоби касбию тарзи зиндагонӣ ва шакли умумии мафҳуми инсоният (одамият) буда, дар ду майдон амалӣ мегардад:

1) Дар майдони иқтисодӣ.
2) Дар майдони зебоӣ.

Дигар омилҳои алоҳида дар зери ин ду фазои асоси дохил шуда, онҳоро пурра мегардонанд. Бояд гуфт, ки фаъолияти иқтисодӣ ва зебоӣ ҳамчун шакли ҳаракат ва ё фаъолияти сарварӣ нишонаҳои фарккунандаи одамон, мебошад. Иқтисодшиносӣ, сариштакориӣ ва таъмини адолат дар тақсимоти захираҳо асоси рафтори этикии роҳбар буда, моддиёт сарчашмаи такрористехсоли зиндагонии биологии инсон мебошад.

Одоби (этика) сарварӣ ин муносибати шакли дохилаи роҳбарро ба шакли дохилаи даста (ҷомеа) нишон медиҳад. Аз дигар тараф этика (зебоӣ) ин нишонаи тавонмандии дохилаи сарвар буда, устуворӣ ва мавҷудияти ӯро дар роҳбарӣ ва табиат муҳофизат менамояд. Яъне ин қувва метавонад зиддиятро сустгардонида мувозиноти рушди устуворӣ сарварӣ ва низоми зебои онро нигоҳ дорад.

Э. Кант барои инсонҳо этика (зебоӣ)–и олиеро талаб менамояд, ки имкони интихоби озодро дошта бошанд. Яъне инсонҳо бояд дар дохили худ як шинохти зебоиеро дошта бошанд, ки барои интихоби озоди ахлоқӣ ва ҳаракатҳои касбӣ тавонманд бошад. Ин қоидаро қоидаи тиллоӣ низ менамонд. Чӣ бояд кард, ки одамон ба Шумо меҳрубону ғамхор бошанд ва эҳтироми олиро нисбат ба Шумо ва касбу ҳунари хеш дошта бошанд.

Аз нигоҳи Кант ин рафторро бо ду мафҳум шарҳ додан мумкин мебошад:

1) Чунин рафтор бояд намуд, ки доимо моҳияти олии инсонӣ – низоми инсониро дошта бошад.

2) Чунон рафтор бояд кард, ки барои дигарон рафтори меъёрӣ (идеалӣ) ва қонунӣ гардад.

Дар ду ҳолат низ инсон бояд дар навбати аввал худро шиносад, касбу ҳунарро шиносад ва баъдан дигаронро ба он ҳидоят намояд.

Яъне танҳо ахлоқ, ахлоқи ҳамидаи касбӣ метавонад инсонро муаррифӣ намояд. Инсон худ низ ба он қадар мебошад. Дурусти ва одоби рафтор низ аз нигоҳи ахлоқи касбӣ бояд боҳогузорӣ шаванд.

Аз нигоҳи А. Смит арзиши молро аз рӯи меҳнати сарфшуда баҳо додан мумкин аст.

Чӣ қадаре, ки меҳнати зиёд сарф шавад, ҳамон қадар қимати арзиши мол боло мебошад. Вобаста аз арзишон молҳо бозори хешро доранд. Чӣ қадаре ки арзиши молҳо боло бошанд, ҳамон қадар онҳо харидарони сарватманди худро доранд. Чӣ қадаре паст бошанд, ҳамон қадар харидор бозори қашшоқӣ худро доранд. Яъне дар дохили арзиши мол низ зебоӣ мақоми олии худро дошта, функсияи баландро яъне таъмини талаботи баланди касбӣ (зебоиро) иҷро менамояд.

Дар ин нуқта зиддияти байни қонуни арзиш ва арзиши истеъмолиро мӯшоҳида кардан мумкин аст. Аммо дар ин ҳолат низ зиддияти ва ё фарқияти байни арзиш ва арзиши истеъмолиро боз ҳамон меъёрҳое муайян месозад, ки ҷомеа онҳоро тасдиқ (эътироф) намуда аст.

Дараҷаи фардии арзиши астеъмоли вобастагӣ дорад аз дараҷаи рушди бозор ва муносибатҳои бозори истеҳсоли истеъмолӣ.

Дар ҳарду ҳолат одоби рафтори касбӣ ҳамчунин одоби зиндагонӣ имкон медиҳанд, ки фардони алоҳида дар рушди иқтисодӣ –соҳибкорӣ фаъол бошанд ва ҳамон мафҳуми зебоиро дар фаъолияти корофаринӣ, яъне истеҳсолу фурӯшу истеъмоли молаш нишон диҳанд.

Механизми ташаккули меъёрҳои этики дар ҳаракатҳои ҳаррӯзаи касбии мо пайдо гашта, характери бефосилагиро доранд. Аз ин хотир аз қонунияти рафторӣ, ки дар шакли меъёри навишта мешаванд фарқ менамоянд.

Аз ин хотир этикаи касбӣ дар замони соҳибкории фардӣ аз қонун дида фаъолтар буда, дар рушди иқтисоди бозорӣ мақоми бузург дорад.

Аз тарафи дигар агар қонунияти меъёрӣ баъзе рафтору ҳаракатҳоро маҳдуд созад. Қонуни зебоӣ дар асли худ дар шакли таъмилан рафторҳои носолимро намепарастад ва тез аз муносибатҳои этики онро ва ё барандаи онро берун месозанд.

Иқтисодро низ дар шакли умумизебоӣ ё худ ҳунари санъати гуфтан мумкин аст, ки дар навбати худ қобилияти ҳунару зебошиносии саварон, кормандон, шахсони алоҳида ва ҷомеа мебошад.

Ҳамчун тарзи зиндагонии мардум иқтисод низ характери истеъмолии захираҳоро дорад, ки ин барои таъмини талаботи фардони алоҳида ва ҷомеа шарти зарурӣ мебошад. Яъне инсон дар асоси захираи мавҷудбудаи иқтисодӣ имкони қудрат такрористеҳсоли нерӯи инсониро дорад. Тарзи истеҳсолот ин тарзи зиндагонии одамон – ҷомеа мебошад. Тарзи истеҳсолот ин аз муносибатҳои муайяни одамон ва захираҳо иборат мебошанд.

Бинобар ин, ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла муносибатҳои сарварӣ, соҳибкорӣ ва иқтисодӣ низ дар асоси ташаккули муносибатҳои кормандону ҳунармандони алоҳида сурат мегирад.

Дар ин ҳолат низ зарурияти рушди нерӯи касбиро мебинем, ки имкони аввалаш дар дохили як фард шинохти зебоиро пайдо карда, баъдан ӯро ба ҷомеа, ҳамчун шинохти воқеӣ – идеалӣ муарифӣ менамоянд, ки оҳиста – оҳиста ба фарҳанги касбӣ табдил ёфта Одоби зиндагонии ҷомеаро таъмин месозад.

Ҳамин тариқ иқтисод ин худ ҳаракат барои ба даст овардани ҳунари (санъати) баланди истифодаи захираҳо бошад, пас ҳар як фард, сарвар ҳаракати аз худ кардани санъатеро дорад, ки дар натиҷаи кулл худинкишофёбии ҷомеа инсонро воқеан таъмин месозанд. Яъне рушди инсониро бе рушди иқтисодӣ тассавур кардан номумкин аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки алоқамандии хоси инсониро ба олами буруна ҳамчун категорияи иқтисодӣ қабул намуда, мо бояд низом, шакл ва роҳу усули амалигардонии мафҳуми инсониро дар рушди иқтисодӣ пайдо созем. Маҳз ин нуқтаи муҳиме мебошад, ки барои зарурияти рушди сарварии нерӯи касбии инсонӣ такягоҳи бузурги мантиқию амалӣ мебошад.

Маҳз таҳлили рафтори сарварии касбии инсонҳо имкон медиҳад, ки мо шинохти фардҳо ва тавонмандии онҳоро пайдо созем ва судоварии ин зеҳнҳо, қобилиятҳоро боло бурда, барои кулли ҷомеаи ҷаҳон хизматгузор намоем.

Бояд гуфт, ки дар ин дароҷоти рушди инсонӣ ӯ аллакай худро на як ҷисм, балки як наққош – тавонманди бузурге метавонад муаррифӣ намояд, ки судовариаш садҳо ҳазорҳо маротиба аз судоварии ҷисмонии инсон болотар мебошад.

Чуноне, ки устоди назми форсу тоҷик А. Фирдавсӣ менависанд:

**Пароканда лашкар наояд ба кор**
**Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.**

Яъне шакли иштироки инсонҳоро дар майдони иқтисодӣ ҳамчун майдони набард бояд шинохт, ки як марди ҳунарманди касбӣ дорои қудрати 500 марди беҳунарро дошта бошад. Аз тарафи дигар ин майдони шинохти инсон ва олами табии мебошад, ки қонунияти баланди ҳаракатро соҳиб мебошад. Барои шинохти ин қонунияти баланд инсонӣ сарварии олии касбӣ шарти асосӣ мебошад.

Вазифаи муҳими сарварии рушди касбӣ ва этикети касбӣ ин тарбия ва ташаккули чунин ҳунармандони касбие мебошанд, ки дар ҳамаи набарҳо бо ҳунари зебо пирӯзи ба даст хоҳанд оварда.

Мақоми иқтисодиётро дар сохтори фарҳангӣ сарвар ҳамчун механизми махсуси таъминкунандаи дигаргунсозии шакли сарватҳои табии ва дигар сармояҳо ба шакл ва намуди фарҳангӣ модиву маънавӣ шинохтан, шарти этикети роҳбарӣ аст.

Ин мақоми махсусро иқтисод дар сохтори мухсуси худ пайдо карда аст, ки худ боз ба сохтори ҷомеа дохил мегардад. Яъне он системаи муносибатҳоеро дар бар мегирад, ки алоқамандии байни захираҳои табии ва ҷамъиятро муайян месозанд. Пас иқтисод мазмуни ҷамъиятӣ гирифта, ифодагари тарзи зиндагонӣ ё худ фарҳанги ҷомеа мебошад. Пас дар фарҳанги роҳбарии сарвар низ ин нуқтаи муҳим бояд намоён бошад.

Захираҳои табии дар натиҷаи ворид гаштан ба ҷараёни иқтисодӣ шаклу намуди худро дигар карда сифати навинро соҳиб мегарданд, ки ба одамон кайфият бахшида, шакли моликиятро мегирад.

Аз тарафи дигар инсон низ ба ҷараёни иқтисодӣ ҳамроҳ шуда, такрористеҳсоли нерӯи ақлонии худро таъмин месозад. Ба мақсади судоварии баландро ба даст овардан ва зиндагонии хуб доштан пайваста донишу ақли касбии худро сайқал дода, дорои сифатҳо ва рафторҳои хоси идеалӣ мегардад, ки барои пасояндҳо метавонад ҳамчун нишонаҳои фарҳангӣ хизмат намоянд. Аз ин хотир иқтисодро ҳамчун макони рушди фарҳанги кормандон ва ҷомеаи ҳунарӣ мақом дода ҳақиқати ҳоли сарварӣ мебошад.

Нуқтаи муҳимро низ бояд қайд кард, ки тақсимоти боадолатонаи фойда ва боигарии ба дастовардошудаи нерӯҳои касбӣ бояд имконоти рушди ояндаи нерӯи касбиро таъмин созад. Захирае, ки ин нерӯ боз имкони судовориро дошта бошад ҳамон боигарӣ фойдаи овардашуда мебошад, ки бояд барои рушди ҳамон нерӯ равона карда шавад. Шинохти ин мафҳуми адолатӣ тақсимоти фоида низ ҳамчун нишонаи этикети олӣ ва фарҳанги зебои сарварӣ мебошад.

Барои таъмини талаботи дар боло овардашуда мо бояд шакл ва тарзи сарвариеро интихоб намоем, ки адолати иҷтимоии фаъолияти касбиро ҳамчун фарҳанги роҳбарӣ қабул намуда, баҳои арзанда дошта бошанд. Яъне сарварони ташкилоту корхонаҷот ва ширкату корпоротияҳо фарҳангӣ корпоративӣ дошта бошанд, ки ин талаботро қонеъ гардонанд. Фаҳанги корпоративии ташкилоту корхонаҷот вобаста аз сифати моли истеҳсолшуда, судоварӣ ва дараҷаи касбияти кормандон, ризогии онҳо ва дигар нишонаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ баҳо дода мешаванд.

Мақоми олиро барои чунин нишонаҳоро соҳибгаштан, тақсимоти боадолатонои сарватҳо мебозад. Дар натиҷаи доду гирифти боигари соҳибмулкон иваз шуда, муҳити боигарӣ аз як ҷо ба ҷои дигар мегузарад. Яъне аслан дар ҳолати фақат доду гирифти баробари яқдараҷагӣ имкони рушди қобилиятҳо ва ҳунарҳо кам ба назар мерасад. Моро зарур аст, ки судовариро боло бардошта, маблағи иловагиеро пайдо созем, ки барои таъмини такрористеҳсоли васеи нерӯи касбӣ кифоягӣ намояд. Вагарна оҳиста – оҳиста худи иқтисодиёт аз рушд монда боздеҳии нерӯи инсониро низ кам гардонида, метавонад сарварии Шуморо нобуд созад.

Таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар ҷомеа ҷараёни рушди фарҳанги мебошад, ки он ба дигаргуншавии ҳолатҳо ва муҳит оварда имконоти зиндагонии хубро фароҳам месозад. Албатта, тағйирёбии рушди дохилаи инсонӣ ҷараёне мебошад, ки онро дар мӯҳлати вақти зиёд фаҳмидан имкон мешавад. Аммо нишондиҳандаҳои миқдории иқтисодии рушди инсониро муайян кардан мумкин аст, ки баъдан натиҷагирии мусбиро таъмин хоҳад кард. Ин нишондиҳандаҳои беҳтар шудани дараҷаи саломатии одамон, дарозу умрӣ зиёд шудани дараҷаи даромаднокӣ, афзоиши шуғли касбӣ, зиёд гаштани истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятӣ ба ҳар як шаҳрванди мамлакат метавонанд нишонаҳои миқдории рушди нерӯи касбии бошанд.

Адолати иқтисоди шакли фаъоли фарҳангӣ сарварие мебошад, ки дар ҷараёни фаъолияти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа мақоми хоса доранд.

Барои он, ки адолат шакли мазмунии фарҳанги иқтисодӣ гардад, мо бояд онро на элементи зид ба иқтисод, балки ҳамчун нишонаи аввалиндараҷаи этикии иқтисодиёт қабул намуда, чун сарчашмаи болоравии судоварии нерӯи инсонӣ истифода намоем.

Омили шинохти адолати сарвариро Ҷ.Ролз 1). **(Теория справедливости. Новосибирск 1995г. с.536)** менависад, ки адолат ҳамчун ҷараёни ҳалли масоили баробарӣ ва нобаробарӣ дар сарварӣ мебошад.

Ролз адолатро чунин баён месозад:

1) Ҳеҷ кас ояндаи худро намедонад, ки чӣ мешавад.

2) Ҳама кас широити баробар ва ҳуқуқи баробар барои рақобат дорад ва барои ба дастовардони муваффақият озод мебошанд. Қобилиятҳо дар ин шароит метавонад худро нишон диҳад.

3) Адолат дӯстиву ҳамкории зичро тавлид месозад.

4) Адолат асоси низоми дохилаву берунаи ҷомеа мебошад.

5) Дар ҷомеа бояд муҳити покӣ, ҳақиқатпарастӣ ва рости ҳукмфармо бошад.

Системаи зерини адолати сарвариро ҷудо кардан мумкин мебошад:

1). Адолати формалӣ –дар ҳолате, ки меъёрҳо фақат дар қонун вуҷуд доранду, касе онро иҷро намекунад.

2). Адолати воқеӣ, ҳангоме, ки адолат дар рушди нерӯи инсонӣ ва вазифадорӣ аз рӯи хираду дониши касбӣ дар ҷомеа ҳукмфармост.

3). Адолати либералӣ имконоти ба даст овардани рушд дар асоси қобилиятҳо.

Системаи зерини нобаробарии сарвариро низ мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Аристократия – фарқияти иҷтимоию этноси дар байни ҷомеа.

2. Нобаробарии демократӣ – фарқияти табиии одамон.

Сарвар бояд бидонад, ки ҳар як инсон хоҳиши зиндагони ва фаъолият карданро дорад, вале қобилиятҳо фарққунанда мебошанд. Озодии қобилиятҳо асоси адолати иқтисодӣ бояд бигардад.

Бояд қайд намуд, ки адолат на танҳо ҳамчун ҳолат бояд ҳамчун чараёни иқтисодӣ баромад намуда, қувваи бузурги рушди нерӯи касбӣ мегардад. Яъне адолат фардҳоро ҳавасманд мегардонад, ки дараҷаи карданӣ, касбиятӣ худро боло бардошта, даромаднокӣ ва мавқеи худро дар ҷомеа мустаҳкам сохта то ба дараҷаи пешвои комили касбӣ бирасад.

Рушди пешвои комили касбӣ, ки мо дар боло гуфта гузаштаем, ин худ рушди адолат мебошад. Танҳо пешвои комили касбӣ ба қадри ҳунару ҳунарманд расида метавонад ӯро эҳтиром номаяд, баҳои иқтисодии меҳнати касбиро ихтисосмандона муайян намуда, шаклу усул ва роҳҳои роҳбарии тақсимоти даромадҳо ва хоҷагидориро ташкил намоянд, ки талаботи рушди фарҳанги ҷомеаро таъмин созанд.

Бояд гуфт, ки ҳокимияти марказанидашудаи якка сардорӣ наметавонад, ки адолати иҷтимоиро касбӣ гардонад ва садди роҳи рушди қобилиятҳо мегардад. Аз ин хотир вобаста аз дараҷаи боигарӣ ва ба дастории он метавон гуфт, ки адолат болотар рафта, имкони афзоиши боигариро низ ба вуҷуд меорад. Дар ин дараҷа мақоми сарвар ҳамчун фарди соҳибҳунари касбӣ бо андеша, бо фикру бо хирад худ барандаи адолат бояд бигардад. Яъне сарвар худро ба дараҷаи хирадманди касбӣ шинохта, меъёрҳои рафтории ӯ аллакай меъёри идеалии адолатро дошта, мавқею манзалати корхонаву ташкилоташ ҳамчун ҳақиқати идеалӣ баромад карда метавонад чун нишонаи фарҳангӣ иқтисодӣ дар ҷомеа боқӣ бимонад.

Д. Локка менависад: «Гарчанде ки замин ва дигар сарватҳои зеризаминӣ ба тамоми инсонҳо таълуқ дошта бошад ҳам, ҳар як инсон ҳуқуқи як ҳиссаи аз он моликиятро дорад, ки он моликияти фардии ӯ буда, касе ҳуқуқи гирифтан надорад. Ин ҳам бошад, қобилияти меҳнатӣ, касбу ҳунар ва тану ҷони ҳар як фард мебошад». Аз ин нуқтаи назар ҳар он чӣ ки инсон ба воситаи ақлу ҳунари худ, ҷисму ҷони худ ба даст меорад ин ба моликияти ӯ бояд таълуқ дошта бошад. Натиҷаи меҳнати инсонро бе ҳақмузди муайян додан гирифтан иҷозат намебошад. Ин чунин Д.Локка менависад, ки замин ҳамчун моликият бояд ба касе таълуқ дошта бошад, ки ӯ дар ин замин меҳнат карда, маҳсулот ба даст меорад.

Тарафи дигари шахсияти инсонӣ он аст, ки ӯ имкони истифодабарии натиҷаи меҳнатро дорад. Яъне моликияти алоҳидаи шахсӣ бояд вуҷуд дошта бошад, ки инсон имкони рушди босуботро дошта бошад. Яъне Локка дар ин ҷо муқоисаи «имконоти меҳнат ва истеъмол»-ро дар таносуби палла дида, баробарвазниро талаб дорад, ки аз ақидаи беандозагии Гоббс фарқ дорад. Лекин дар ду ҳолат, ки ҳуқуқи инсонӣ оид ба моликият дар доираи «имконот ва қобилият» - ҳо маҳдуд мемонанд.

Ин тадқиқот асосҳои назариявии мебошанд, ки ҳар як инсон дар доираи ҳунари худ буда, дар доираи ҳунари худ дорои ҳуқуқ ба моликиятро бояд дошта бошад. Яъне ӯ на бояд моликияти дигар шахсро, ҳатто табиатро зери тассаруфӣ худ қарор диҳад.

Дар ҳолатҳои дигаре, ки инсонҳо барои меҳнати якҷоя шартнома доранд, бояд, ки озодона ва боадолатона сурат гирад. Маълум аст, ки ба як нафар дар алоҳидагӣ мувоффақияти калонро насиб гаштан мушкилтар аст. Бинобар ин, инсонҳо бо дастаҳо, ҷамъиятҳо ва оилаҳо шуда, фаъолияти ҳунарӣ бурда зиндагонӣ мекунанд. Инсон тавассути муттаҳида бо инсонҳо ва ақлҳои дигар метавонад хушбахтона умр ба сар барад. Яъне ҳар як фард вобаста аз шахсият ё худ дараҷаи ҳунарӣ бо мақсаде дастаи шуморо ва сарварии Шуморо интихоб менамояд, ки ӯ ин ҳунарашро рушд дода, судовариашро боло бардорад.

Бояд гуфт, ки чунин назарияи ақлонии ташкили сарварии корхонаҷот аз нигоҳи Локка ба мақсад мувофиқ буда, мо низ имрӯзҳо дар Тоҷикистон вақте сарварии корхонаҳо, дастаҳои меҳнатиро ба роҳ

мемонем, бояд ин нуқтаро ҳамчун асоси фаъолияти сарварӣ нишонагирӣ намуда, рафтори касбию ҳунарӣ намоем.

Баъзе ахлоқпарастони гузашта рафтори иқтисодии сарваронро аз рӯи меъёрҳои худ муайян карда шуда ё ин ки аз китобҳои динӣ аз номи Худо баромад карда, модели баёни **таъриф** ва ё **шармандагӣ** менамоянд. Аз рӯи он меъёрҳо одамонро баҳо дода, табақабандӣ ва нақотбандӣ мекарданд, бо ҳар роҳ кӯшиши ба харҷ медоданд, ки онҳо ба гуфтаю меъёрҳои муайяншудаи сарварони он замона итоат карда, шоёни таъриф гарданд. Ин гуна моделҳо аксар маврид ба манфиати гурӯҳи одамон ё худ диндорону сарватмондану подшоҳони давру замон буд, ки ноадолатии иҷтимоиро боз пурзуртар намуда, оқибат ҷангу зиддиятҳо ва норозигии оммавиро ба вуҷуд меоваранд, ки мо ҳатто имрӯзҳо ҳолатро дар баъзе давлатҳои Араб дида истодаем.

Аз ин хотир шаклҳо ва моделҳои сарварии рушди нерӯи инсонӣ ва рафтори одамон бояд бештар интихоби воқеии ҳунариро доро бигардад, ки талаботи афзояндагӣ дорад.

Бояд гуфт, ки талаботи баъзе макотиб агар пассивӣ бошад ва як қатор маҳдудиятҳо дошта бошад, мактаби ҳунарҳо, талаботи ҳунарҳо доимо дар рушду афзоиш ва ташаккул мебошад, ки ин бо талаботи «Модели инсони иқтисодӣ» мувофиқ аст.

Аз тарафи дигар ин модели беҳтарини иқтисодӣ бозоргонӣ мебошад, ки имрӯзҳо тамоми ҷаҳониён ин роҳи иқтисодиро пеш гирифтаанд. Аз он ҷумла Тоҷикистон, низ, ки зиёда аз 20–сол боз руӣ ба суи ин роҳи навин дорад, аз як қатор муаммаҳо ва мушкилиҳою нафаҳмиҳои назариявию амалии иқтисодиву иҷтимоӣ холи намебошанд.

Мо боварӣ дорем, ки фикрҳо ва пешниҳодҳои дар ин мақола оварда шуда барои ташаккули фарҳангии сарварон ва рушди иқтисоди бозории мамлакат кӯмаки калон хоҳад расонд.


### АДАБИЁТ

1. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. К. 1-6. Душанбе 2-4, 2006.
2. Автономов В.С. Модель человека в экономической науки. СПб, 1998.
3. Беккер Гэри. Человеческое поведение. Пер. с анг. М. 2003.
4. Карнеги Д. Как завоевать друзей и оказывать влияние на людей. Пер. с анг. М. 1999.


### ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ ЭТИКА И ПРОБЛЕМЫ УЛУЧШЕНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЕМ


Статья посвящена изучению профессиональной этики как основной формы имиджа руководителей организаций и предприятий. Приведенные в статье предложеения послужат для формирования профессиональной этики руководителей и решения проблем улучшения управления предприятием.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** профессиональная этика, имидж руководителей организаций и предприятий, формирование профессиональной этики, управление и организация работ.


### PROFESSIONAL ETHICS AND PROBLEMS OF IMPROVEMENT OF BUSINESS MANAGEMENT


Article is devoted to studying of professional ethics as main form of image of heads of the organizations and enterprises. The offers provided in article will serve for formation of professional ethics of heads and the solution of problems of improvement of business management.



**KEY WORDS:** professional ethics, image of heads of the organizations and enterprises, formation of professional ethics, management and organization of works.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Т.Б. Ганиев*** – доктор экономических наук, профессор, Таджикский национальный университет

***К.Хасанзода*** – соискатель Таджикского национального университета


## МЕЪЁРҲОИ ТАЪЙИНКУНАНДАИ СУДОВАРӢ ДАР СИСТЕМАИ БОНКДОРИИ БИДУНИ РИБО


***Муҳаммад Ризо Шарифӣ, Д.О.Қандиёрова***

**Донишгоҳи Озоди Исломии Воҳиди Аҳвоз, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат**


Системаи бонкдории бидуни рибо дорои умри кӯтоҳ, яъне наздик ба чиҳил сол аст. Вале ин ситема дар ин муддат рушд ва пешрафти қобили таваҷҷӯҳе дошта аст ва дар айни ҳол яке аз бахшҳои рӯ ба инкишофи санъати бонкдорист. Имрӯз ин бахш дар аксари кишварҳо, бахусус кишварҳои Исломӣ барои касоне, ки аз баҳра (фоиз) гурезонанд чойгоҳи хосеро дар бар мегирад. Ин система ба таври куллӣ, монанди бонкдории маъмулӣ мебошад, аммо фоиз дар он вуҷуд надорад ва бар асоси саҳмбандии суду зиён миёни қарзгиранда ва бонк устувор аст ва суди он бар асоси муқарарот ва усули

бонкдории бидуни рибо ва Исломӣ мебошад. Дар муқобил системаи бонкдории маъмулӣ ба унвони воситаи молӣ миёни супорандагони маблағҳои пулӣ ва қарзгирандагон амал мекунад ва пули супоридашудаи тавассути муштариёнро дар ихтиёри қарзгирандагон қарор медиҳад. Даромади системаи бонкдории маъмулӣ аз тафовути фоизи гирифташуда аз қарзгирандагон ва фоизи пардохт бар супорандагон ҳосил мешавад. Бояд қайд кард, ки системаи бонкдории маъмулӣ бар асоси мубодилаҳои баргирифташуда аз фоиз устувор гардидааст. Аввалин тафовути бонкдории маъмулӣ ва Исломӣ дар шакл ва намуди истифода аз пул аст. Дар воқеъ дар бонкдории маъмулӣ пул ба унвони як коло (товар) ба манзури гирифтани суд хариду фурӯш мешавад. Дар ҳоле, ки дар бонкдории Исломӣ аз пул барои осон кардани мубодилаҳо ва ба мақсади амалӣ кардани ҳадафҳои тиҷоратӣ истифода мегардад. Дуввумин маврид ин аст, ки низоми бонкдории маъмулӣ барои ҳамаи ниёзҳо, ки дарбаргирандаи масрафӣ ва сармоягузорианд аз қарордоди қарз бо фоиз истифода мекунанд ва ба таври табии нархи фоизи он низ дар бозори пул ба сурати бурунзо аз иқтисоди воқеӣ ва бозорӣ шакл мегирад. Ин дар ҳолест, ки бонкдории Исломӣ мутаносиб бо ниёзҳои ҳақиқӣ аз намудҳои қарордодҳои молӣ истифода мекунад. Ин бонк барои таъмини молии ниёзҳои масрафӣ ва сармояҳои кӯтоҳмуддат ва мақтаӣ роҳҳое чун **"қарз-ул-ҳасана"**, **"муробиҳа"**, **"иҷора ба шарти тамлик"** ва барои ниёзҳои сармоягузории асосӣ ва дарозмуддат, роҳҳое чун **"мушорикат"**, **"музориба"**, **"музориа"** ва **"мусоқот"**-ро муаррифи карда ва ба ҷои нархи фоиз аз нархи суд, ки баргирифта аз иқтисоди воқеӣ ва бозорист, истифода мекунад. Ба ибораи дигар дар бонкдории маъмулӣ се гурӯҳ, яъне супорандагон, бонкҳо ва тақозокунандагони қарзҳо ва эътиборот аз назари иқтисодӣ ва ҳуқуқии комилан мустақил амал мекунанд, дар ҳоле ки дар бонкдории Исломӣ ин се гурӯҳ бар асоси саҳмбандии суду зиён бо якдигар фаъолият мекунанд.

**Модели бонкдории бидуни рибо.** Дар модели бонкдори бидуни рибо фаъолиятҳои аслии бонкҳо дар се бахш, яъне ҷамъоварӣ ва муҷаҳҳаз намудани манбаҳои пулӣ, вогузор кардани манбаҳои пулӣ ва хадамоти бонкист. Дар зер ду бахши аввалро, яъне ҷамъоварӣ ва муҷаҳҳаз намудани манбаҳои пулӣ ва вогузории манбаҳои пулӣ, ки аз муҳимтарин фаъолиятҳои бонк мебошанд шарҳ медиҳем.

**Бахши ҷамъоварӣ ва муҷаҳҳаз намудани манбаҳои пулӣ.** Дар моддаҳои 3 то 6 қонуни амалиёти бонкии бидуни рибо се намуди супурда барои бонкҳо баён шудааст.

***Супурдаи қарзи ҳасанаи ҷорӣ.*** Ин супурдаҳо бар асоси қарордоди қарзи бидуни фоиз аст ва супурдагузор маблағи изофаи худро дар он супурда мегузорад ва ҳақ дорад ҳар замон, ки бихоҳад пули худро ба василаи чек, ки ба таври шахсӣ ё ба василаи дигаре боз пас гирад. Ба ин намуди супурдаҳо суде пардохт намешавад. Бар ивази ин супурдагузор аз хадамоти ройгони супурдаҳои ҷорӣ истифода мекунад.

***Супурдаи қарзи ҳасанаи пасандоз.*** Ин супурда низ бар асоси қарордоди қарзи бидуни фоиз аст ва супурдагузор пули изофаи худро дар он ҳисоб мегузорад ва ҳақ дорад дар мавқеи ниёз ба бонк мурочиат намуда, пули худро бозпас гирад. Ба ин намуди супурда суде пардохт намешавад ва барои ташвиқи супурдагузорон эълон мешавад, ки боқимондаи пули онон дар корҳои хайр қарзи ҳасана дода шавад ва онон дар подоши маънавии он шарик мешаванд. Изофа бар ин ба сурати қуръакашӣ ба баъзе аз супурдагузорон ҷоизаҳои моддӣ ва нақдӣ мепардозад.

***Супурдаи сармоягузорӣ.*** Ин супурдаҳо ба ду намуд, кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат тақсим мешаванд. Бонк дар ҷойгоҳи вакил маблағи супурдагузоронро дарёфт карда, дар муомилоти судовар ба кор мегирад ва дар поёни соли молӣ суди ҳосилшуда аз он муомилотро пас аз гирифтани ҳаққи кори худ ба супурдагузорон мепардозад.

**Бахши вогузор кардани манбаҳои пулӣ.** Дар моддаҳои 7 то 17 қонуни амалиёти бонкии бидуни рибо, бонкҳо метавонанд маблағҳои ҳосилшуда аз намудҳои супурдаҳоро пас аз кам кардан аз супурдаи қонунӣ ва захираи эҳтиётӣ - нақдинагӣ (ликвдность) ба равишҳои зер вогузор намоянд.

***Вогузор кардани воми қарзи ҳасана.*** Дар ин равиш бонкҳо манбаҳои супурдаҳои қарзи ҳасанаи пасандозро пас аз кам кардани супурдаи қонунӣ ва захираи эҳтиётӣ ба сурати қарзи ҳасана дар корҳои хайрхоҳона чун издивоҷ, дармон, таҳсил ва иштиғол дар ихтиёри тақозокунандагон қарор медиҳанд. Ин вомҳо бидуни фоиз мебошанд ва аз вомгиранда фақат дар сади андаке ба сурати музди маоши амалиёт дарёфт мешавад. Дар ин равиш бонк дар ҷойгоҳи муассисаи хайрия ва ғайритиҷоратӣ ва ғайриинтифоӣ амал мекунад ва пули изофаи афроди хайрхоҳро омода намуда, ба дасти тақозокунандагони ниёзманд мерасонад.

***Қарордоди мубодилаӣ.*** Дар ин равиш бонкҳо бо истифода аз манбаҳои супоридаи сармоягузорӣ ва дигар манбаҳои бонк бо тақозокунандагони вом вориди қарордодҳои мубодилаӣ ҳамчун **"фурӯши ақсотӣ"**, **"иҷора ба шакли тамлик"**, **"салаф"**, **"хариди дайн"** ва **"ҷаола"** мешаванд. Ин қарордодҳо бар асоси нархҳои суди муайян ба тақозокунандагони воми бонкӣ дода мешавад. Дар ин равиш бонк дар ҷойгоҳи муассисаи тиҷоратӣ бо суди муайян бо тақозокунандаи вом вориди муомила мешавад, ки

натиҷаи он қарз ва бадеҳии муддатдори муштарист, ки тибқи замонбандии мушаххасе бояд пардохта шавад.

***Қарордоди мушорикатӣ.*** Дар ин шева бонк бо истифода аз супурдаҳои сармоягузорӣ ва дигар манбаҳои бонк куллан ё қисме аз сармояи мавриди ниёзи фаъолони иқтисодиро аз роҳи қарордодҳои мушорикатӣ ҳамчун **"мушорикати маданӣ", "мушорикати ҳуқуқӣ", "музориба", "музориа"** ва **"мусоқот"** таъмин мекунад ва ба онҳо дар суди ҳосилшуда аз фаъолияти иқтисодӣ шарик мешавад. Дар ин шева бонк дар ҷойгоҳи соҳиби сармоя ё шарики сармоягузор буда ва мутобиқ бо қонунҳои шаръӣ ва муқаррарот хатарҳои эҳтимолии фаъолиятҳои иқтисодӣ ва сармоягузориро ба ӯҳда мегирад.

***Сармоягузории мустақим.*** Дар ин шева бонкҳо бахше аз манбаҳои пулиро дар фаъолиятҳои мустақими иқтисодӣ ҳамчун сохтани шоҳроҳҳо, нақбҳо ва дигар барномаҳои бузург ва асосии сармоягузорӣ ва арзиши афзудаи (на добавленную стоимость) нақшаҳо ва тарҳҳоро ба сурати суди бонк ва супурдагузорон ба ҳисоб меоваранд. Дар ин шева низ бонк дар ҷойгоҳи соҳиби сармоя ва сармоягузор тамомии масъулиятҳо ва хатарҳои фаъолияти иқтисодиро ӯҳдадор мешавад.

**Меъёрҳо ва шохисҳои таъйинкунандаи судоварӣ дар бонкҳо.** Се мутағайир (переменная) ба унвони меъёрҳои фаъолият ва муҳосибаи судоварии бонкҳо ба ҳисоб мераванд, ки иборатанд аз боздеҳи дороиҳо, боздеҳи сармояи соҳибони саҳмияҳо ва ҳошияи баҳраи холис. Дар зер ба шарҳи ҳар як аз меъёрҳои мазкур мепардозем.

***Боздеҳи дороиҳо:*** Шохиси боздеҳи дороиҳо яке аз нисбатҳои молӣ барои санҷиши андозаи судоварии бонк ба ҳисоб меёяд, ки аз ҳосили тақсими холиси даромадҳо ба кулли дороиҳои бонк ба даст омада ва баёнкунандаи нисбати даромадҳои гирифташуда аз маҳалли сармоягузориҳои бонк аст. Дар воқеъ боздеҳи дороиҳо нишондиҳандаи нақш ва таъсири мудирияти бонк дар ҳосил намудани суди амалиёти сармоягузориҳои бонк мебошад, **Ҳосун** (2002).[1] Ин нисбат яке аз дақиқтарин меъёр дар санҷиши амалиёти дороиҳои бонкҳост. Дигар мутолиаҳои анҷомгирифта тавассути **Башир ва Ҳасан** (2004) [2] ва **Биннокур** (2003) [3] низ баёнкунандаи аҳамияти ин меъёр дар андозагирии боздеҳи дороиҳои бонкҳо буда, ба тавре ки ин муҳаққиқин ин меъёрро ба сурати мутағайири вобаста дар модел (модель) ворид карданд.

***Боздеҳи сармояи соҳибони саҳмияҳо:*** Шохиси боздеҳи сармояи соҳибони саҳмияҳо аз тақсими холиси даромадҳо бар маҷмӯи сармояи соҳибони саҳмияҳо ҳисоб карда мешавад ва нишондиҳандаи андозаи судест, ки бонк аз маҳалли манбаҳои сармоягузоришуда тавассути соҳибони саҳмияҳои худ ба даст меоварад. Ин меъёр ва шохис баёнгари фаъолияти писандидаи мудирияти бонк дар истифода аз сармоягузориҳои соҳибони саҳмияҳост, Ҳосун (2002). Дар мутолиаҳои дигар муҳаққиқин монанди **Башир** ва **Ҳасан** (2004) низ аз ин меъёр ва шохис барои баррасии андозаи судоварии бонкҳо ва муқоисаи фаъолияти бонкдории маъмулӣ истифода шудааст. Дар ин таҳқиқ боздеҳи сармояи соҳибони саҳмияҳо ба унвони мутағайири вобаста интихоб шудааст. Миқдори ин шохис ва меъёр нишондиҳандаи андозаи судоварии бонк дар натиҷаи истифода аз маблағҳои сармоягузориҳои соҳибони саҳмияҳои худ аст.

***Ҳошияи баҳраи холис:*** Аз ҷанбаи назариявӣ меъёр ва шохиси баҳраи холис иборат аст аз холиси даромадҳои бонк таҳти таъсири нархи фоиз тақсим бар мутаввасити (миёнаи) дороиҳои фоизпазир. Қобили зикр аст, ки шохис ва меъёри баҳраи холис танҳо барои бонкҳои маъмулӣ қобили таъриф буда ва дар воқеъ ин шохис ва меъёр барои санҷиши меъёри судоварии бонкҳо аз тариқи қарзҳо ва вомҳои вогузоршуда аст. Дар хусуси бонкҳои Исломӣ фарқияти дигаре ба унвони шохиси ҳошияи даромади холис қобили таъриф буда, ки дар ҳақиқат суди ҳосил аз амалиёти вомдиҳии бонкҳои Исломист, ки бар асоси қарордодҳо ва ақдҳои иқтисоди Исломӣ ба тақозокунандагон вогузор мешавад. Муҳаққиқин ҳамчун **Бин Нокур** (2003) аз меъёрҳои баҳраи холис ба унвони мутағайири вобаста дар баррасии судоварии бонкҳо истифода карда аст. Дар ҳақиқат низ ба далели нақши таъйинкунандаи ин нисбат дар судоварии амалиёти вомдиҳии бонкҳо ба унвони мутағайири вобаста дар моделҳои таҳқиқ истифода мегарданд.

**Омилҳои таъсиргузор ва таъйинкунандаи судоварии бонкҳо.** Ду даста аз омилҳои дохилӣ (мутағайирҳои марбут ба хусусиятҳои бонкҳо) ва омилҳои хориҷӣ (мутағайирҳои марбут ба макроиқтисод) дар судоварии бонкҳо таъсиргузор аст. Дар зер ба шарҳи ҳар як аз омилҳои мазкур мепардозем.

**Омилҳои дохилӣ:** Бахши муҳимме аз судоварии бонкҳо таҳти таъсири хусусиятҳои бонкҳо мебошад, ки дар зер ба шарҳи онҳо мепардозем.

**Кулли дороиҳо (суммарные активы)**: ҳамон тавр, ки медонем кулли дороиҳои як муассиса шомил бар дороиҳои арзишманди моддӣ ва маънавии он мебошад. Ин дороиҳо ба ду даста, дороиҳои қобили ламс (монанди моликият, таҷҳизот, воситаҳои истеҳсолот ва ғ.) ва дороиҳои ғайриқобили ламс (монанди шӯҳрат, ҳаққи имтиёзи истеҳсол ва ғ.) табақабандӣ мешаванд. Дар мавриди бонкҳо қобили зикр аст, ки кулли дороии як бонк нишондиҳандаи андозаи он бонк буда ва ошкор аст, ки ҳарчи

арзиши кулли дороиҳо бештар бошад, дар натиҷа андозаи он бонк бузургтар аст. Дороиҳо дар низоми бонкӣ дорои намудҳои зиёде буда ва лекин намудҳои вомҳо ба унвони яке аз муҳимтарин ҷузъҳои кулли дороиҳои ҳар бонке маҳсуб мешаванд, ки дар ҳақиқат асоси амалиёти низоми бонкӣ аз тариқи вогузории вомҳои фоизӣ (дар бонкдории маъмулӣ) ва ғайрифоизӣ (дар бонкдории Исломӣ) анҷом мепазирад. **Мулиникс** ва **Вилсон** (2005)[4] дар мутолиаи худ дар хусуси судоварии санъати бонкдорӣ дар Аврупо нишон додаанд, ки робитаи мусбат ва маънидоре (значительный) байни арзиши кулли дороиҳо ва судоварии бонк вуҷуд дорад. Дар ин таҳқиқ низ кулли дороиҳои бонк ба ин далел, ки нишондиҳандаи андозаи бонк буда ва меъёри муносибе барои муқоиса мебошанд, ба унвони мутағайири мустақил дар назар гирифта шудааст.

**Нисбати сармояи соҳибони саҳмияҳо ба кулли дороиҳо (Всего собственного капитала к общим активам):** Нисбати сармояи соҳибони саҳмияҳо ба кулли дороиҳои бонк меъёрест, барои санҷиши чигунагии дороиҳо. Ин меъёр баёнгари тавоноии бонк дар бартараф кардани зиёнҳои эҳтимолӣ ва пӯшиши манбаҳои бонк дар муқобили риск (шомили рискҳои эҳтимолӣ аз намуди бозор, амалиётӣ, қонунӣ, нақдинагӣ ва ғ.) аз тариқи сармояи соҳибони саҳмияҳо аст. Мутолиаҳои гузашта нишон додааст, ки робитаҳои мусбат байни ин меъёр ва судоварии бонк вуҷуд дорад, **Ҳасан** ва **Башир** (2004). Дар мутолиаи дигар робитаи мусбат байни ин шохис ва амалиёт ва фаъолияти бонк таъриф шудааст. Ба тавре ки бонкҳое, ки дорои сармояи бештаре ҳастанд, камтар бо риск рӯбарӯ шуда ва ҳамчунин аз судоварии болое низ бархурдоранд, **Бурка** (1989).[5] Дар ин таҳқиқ сабаби истифодаи ин нисбат ба унвони мутағайири мустақил, барои санҷиши сармояи бонк ва тавоноии он дар ҷуброни зиёни эҳтимолӣ аз маҳалли сармояи соҳибони саҳмияҳо ва нақши он дар судоварии системаи бонкист.

**Нисбати кулли вомҳо ба кулли дороиҳо (Всего кредиты Всего активы):** Нисбати арзиши кулли вомҳои вогузоршуда ба кулли дороиҳо меъёрест, ки барои санҷиши нақдинагии манбаҳои эътибории бонк аст ба шакле, ки ҳар чи ин нисбат дар низоми бонкӣ болотар ва бештар бошад, нишон аз нақдинагии болотари бонкҳост. Ҳамон тавре, ки медонем амалиёти бонкдории маъмулӣ то ҳадди зиёде бар вогузор намудани вомҳои суддеҳ мутамарказ будааст, лекин дар низоми бонкдории Исломӣ ин амалиёт бар асоси саҳмбандии суду зиён байни бонк ва муштарӣ ба воситаи вогузор намудани вомҳои ғайрифоизист. Дигар мутолиаҳо нишон додааст, ки робитаи мусбат байни нисбати кулли вомҳо ба кулли дороиҳои бонк вуҷуд дорад, **Демиргук - Конт** ва **Ҳовизинго** (1999).[6] Дар ин мутолиа низ интизор меравад, ки робитаи мусбат байни ин шохис ва судоварии бонк барқарор бошад, лекин аз нисбати мазкур ба унвони мутағайири мустақил дар модел истифода мешавад.

**Нисбати супурдаҳо ба кулли дороиҳо (Депозиты общие активы):** Ин нисбат баёнкунандаи арзиши кулли супурдаҳо дар муқобили арзиши кулли дороиҳои бонк аст. Супурдаҳо ба унвони аслитарин манбаҳои низоми бонкӣ маҳсуб шуда ва далели истифодаи ин нисбат дар ин таҳқиқ барои санҷиши судоварии бонк дар натиҷаи вазъияти яке аз муҳимтарин бахшҳои бадеҳиҳо (дебить) дар тарознома (баланс) аст. Ба воситаи тақсими арзиши кулли супурдаҳо ба кулли дороиҳои бонк метавон аз ҳосили он ба унвони меъёре барои муқоиса бо дигар нисбатҳои молӣ дар низоми бонкдории маъмулӣ ё Исломӣ истифода кард. Мутолиаи **Башир** ва **Ҳасан** (2004) нишон додааст, ки робитаи манфӣ байни ин нисбат ва судоварии бонк вуҷуд дорад ва дар ин таҳқиқ низ ин интизор аст то ин робитаи манфӣ пас аз анҷоми озмунҳои оморӣ ба даст ояд.

**Ҳазинаҳо ба кулли дороиҳо (Всего расходы по общим активам):** Яке аз муҳимтарин ҷузъҳои ташкилдиҳандаи кулли хароҷотҳо дар низоми бонкдории маъмулӣ хароҷотҳои фоизист. Дар модели таҳқиқ арзиши кулли хароҷотҳои бонкҳо ба кулли дороиҳо тақсим шуда ва ҳосили ин нисбат ба сурати мутағайири мустақил вориди модел шудааст. Дар ин мутолиа ба манзури баррасии таъсири арзиши кулли хароҷотҳо бар судоварии бонк аз ин шохис истифода мешавад ва интизор меравад, ки натиҷаи манфӣ бар судоварии низомҳои бонкӣ дошта бошад, лекин ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки баъзе аз мутолиаҳои анҷомгирифта нишон додаанд, ки робитаи мусбат байни арзиши кулли хароҷотҳо ва судоварии бонк вуҷуд дорад, **Беннокул** (2003).

**Нисбати ҳазинаҳои ғайрифоизӣ ба кулли ҳазинаҳо (Непроцентные расходы в общих расходах):** Возеҳ аст, ки ин нисбат аз ҳосили тақсими хароҷотҳои ғайрифоизӣ ба арзиши кулли хароҷотҳои бонк ба даст омадааст ва баёнкунандаи кулли хароҷотҳои бонк ба ғайр аз хароҷоти фоизист. Бинобар ин, аз сӯи дигар метавон аз ин нисбат ба чигунагии таъсири хароҷоти фоизӣ ба кулли хароҷоти бонк низ пай бурд. Ин нисбат низ барои баррасии судоварии низомҳои бонкдории Исломӣ ба унвони мутағайири мустақил вориди модел шуда ва интизор меравад, ки робитаи ин шохис бо судоварӣ мусбат бошад.

**Омилҳои хориҷӣ**: Муҳимтарин омилҳои хориҷии таъсиргузор бар судоварии системаи бонкӣ иборатанд аз нархи таваррум ва рушди иқтисодии кишвар, ки дар зер ба шарҳи ҳар як пардохта мешавад.

**Нархи таваррум:** нархи таваррум яке аз омилҳои таъсиркунанда бар мутағайири судоварист. Интизор меравад, ки нархи таваррум як робитаи манфӣ бо судоварӣ дошта бошад.

**Рушди иқтисодӣ:** рушди иқтисодӣ баёнкунандаи рушди истеҳсолот дар як кишвар дар тӯли як соли молист. Ҳар чи рушди иқтисодӣ бештар бошад интизор меравад судоварии бонкҳо низ бештар бошад. Дар ин таҳқиқ интизор меравад робитаи мусбат байни рушди иқтисодӣ ва судоварӣ ба даст ояд.

**Фарзияҳои таҳқиқ ва Модели таҳқиқ:** Ҳамон тавр, ки қаблан гуфта шуд дар ин таҳқиқ мутағайирҳо ба ду дастаи мутағайири вобаста (зависимой переменной) ва мутағайирҳои мустақил (независимая переменная) тақсим мешаванд. Мутағайирҳои вобаста шомили боздеҳи дороиҳо, боздеҳи сармояи соҳибони саҳмияҳо ва ҳошияи баҳраи холис мебошанд. Мутағайирҳои мустақил худ ба ду дастаи омилҳои дохилӣ (марбут ба хусусиятҳои бонкҳо) ва омилҳои хориҷӣ (марбут ба макроиқтисодӣ) тақсим мешаванд. Омилҳои дохилӣ шомили шаш мутағайир мебошанд, ки иборатанд аз **кулли дороиҳо, нисбати сармояи соҳибони саҳмияҳо ба кулли дороиҳо, нисбати кулли вомҳо ба кулли дороиҳо, нисбати супурдаҳо ба кулли дороиҳо, нисбати хароҷотҳо ба кулли дороиҳо** ва **нисбати хароҷотҳои ғайрифоизӣ ба кулли хароҷотҳо**. Омилҳои хориҷӣ шомили ду мутағайир **таваррум** ва **рушди иқтисодӣ** мебошанд.

Бо таваҷҷӯҳ ба мутағайирҳои зикршуда метавон фарзияҳои таҳқиқро ба шарҳи зер баён намуд:

1. Судоварии бонк як робитаи мусбат ва маънидоре ба кулли дороиҳо дорад.
2. Судоварии бонк як робитаи мусбат ва маънидоре бо нисбати сармояи соҳибони саҳмияҳо ба кулли дороиҳо дорад.
3. Судоварии бонкҳо робитаи мусбат ва маънидоре бо нисбати кулли вомҳо ба кулли дороиҳо дорад.
4. Судоварии бонкҳо робитаи мусбат ва маънидоре бо нисбати супурдаҳо ба кулли дороиҳо дорад.
5. Судоварии бонкҳо робитаи мусбат ва маънидоре бо нисбати хароҷот ба кулли дороиҳо дорад.
6. Судоварии бонкҳо робитаи мусбат ва маънидоре бо нисбати хароҷоти ғайрифоизӣ ба кулли хароҷот дорад.
7. Судоварии бонкҳо робитаи манфӣ ва маънидоре бо нархи таваррум дорад.
8. Судоварии бонкҳо бо рушди иқтисодӣ як робитаи мусбат ва маънидоре дорад.

Дар ин таҳқиқ бо истифода аз равишҳои оморӣ ва барномаҳои компютерии оморӣ параметрҳои марбути моделҳои зер ҳосил мешаванд.

P1 = a0 + a1(x1) + a2(x2) + a3(x3) + a4(x4) + a5(x5) + a6(x6) + a7(x7) + a8(x8) + e1
P2 = в0 + в1(x1) + в2(x2) + в3(x3) + в4(x4) + в5(x5) + в6(x6) + в7(x7) + в8(x8) + e2
P3 = c0 + c1(x1) + c2(x2) + c3(x3) + c4(x4) + c5(x5) + c6(x6) + c7(x7) + c8(x8) + e3
P1 = боздеҳи дороиҳо (Рентабельность активов)
P2 = боздеҳи сармояи соҳибони саҳмияҳо (Рентабельность собственного капитала)
P3 = ҳошияи баҳраи холис (Номера процентная маржа)
X1 = кулли дороиҳо (суммарныеактивы)
X2 = нисбати сармояи соҳибони саҳмияҳо ба кулли дороиҳо (Итого капитала к совокупным активам)
X3 = нисбати кулли вомҳо ба кулли дороиҳо (Всего кредитов к совокупным активам)
X4 = нисбати супурдаҳо ба кулли дороиҳо (Депозиты общие активы)
X5 = нисбати хароҷотҳо ба кулли дороиҳо (Всего расходы по общим активам)
X6 = нисбати ҳазинаҳои ғайрифоизӣ ба кулли хароҷотҳо (Непроцентные расходы в общих расходах)
X7 = нархи таваррум (инфляция)
X8 = рушди иқтисодӣ (ра звития экономики)
e1,e2,e3 = пасмондаҳо (остаточный)
a0,a1,a2,a3,a4,a5,a6,a7,a8 ва в0,в1,в2,в3,в4,в5,в6,в7,в8 ва c0,c1,c2,c3,c4,c5,c6,c7,c8 = параметрҳои модел

Бо таваҷҷӯҳ ба се модели зикршуда ибтидо тамоми параметрҳо андозагирӣ мешаванд ва сипас метавон таъсири ҳар як аз мутағайирҳои мустақил бар мутағайирҳои судовариро андозагирӣ намуд.

Дар ин таҳқиқ сайъ гардид дар ибтидо бо ҳадафи мутоилаи бештари системаи бонкдории бидуни рибо, меъёрҳо ва шохисҳои таъйинкунандаи судовариро (боздеҳи дороиҳо, боздеҳи сармояи соҳибони саҳмияҳо ва ҳошияи баҳраи холис) ташриҳ кунем. Сипас омилҳои таъсиргузор бар шохисҳо ва меъёрҳои судоварӣ, ки ба ду даста, омили дохилӣ (мушаххасҳои марбут ба хусусиятҳои бонкҳо) ва омилҳои хориҷӣ (мутағайирҳои макроиқтисодӣ) тақсим шуда буд, нишон дода шуд. Бо таваҷҷӯҳ ба модел ва фарзияҳои оморӣ ва иттилооти марбут ба бонкҳо дар системаи бонкдории бидуни рибо, метавон зарибҳои ҳар як аз омилҳои зикршударо бар рӯи шохисҳои гуногуни судовари мавриди андозагирӣ қарор дод. Ин зарибҳо ба мудирони бонкҳо ва иқтисодонҳо кӯмак менамояд, то нуқтаҳои заъф ва қуввати омилҳои таъсиркунанда бар судовариро, беҳтар мавриди шиносоӣ қарор диҳанд. Равшан аст, ки тақвияти нуқтаҳои қувват ва бартараф кардани нуқтаҳои заъф, сабаби пешрафти ҳарчи бештари системаи бонкӣ ва дар натиҷа пешрафти ҳарчи бештари иқтисоди кишвар хоҳад гардид.

**АДАБИЁТ**

1. Ҳасун А. Судоварии бонкҳои Исломӣ дар як гардиши нархи фоиз. Маҷаллаи байналмиллалии хадамоти молии Исломӣ. 2002.
2. Башир А. ва Ҳасан М. Таъйинкунандаҳои судоварии бонкҳои Исломӣ, 10 конфронси ERF. 2004.
3. Биннокур С.Таъйинкунандаҳои судоварии санъати бонкдории Тунис: [Online] Available at http://www.erf.org.eg/tenthconf/Finance_Macro_Presented/Ben_Naceur.PDF. 2003.
4. Мулиникс П. Иқбол, 30 сол таърихи бонкдории Исломӣ, Амалкард ва чашмандоз, Полгро Макмилион. 2005.
5. Бурка П. Таинкунандҳои судоварии бонкҳо дар Аврупо, Америкаи Шимолӣ ва Австралия, Маҷаллаи бонкдорӣ ва молия, шумораи 13, саҳ. 65-79 . 1989.
6. Демиргок – Конт ва Ҳойзинг. Таъйинкунандаҳои судоварии бонкҳои тиҷоратӣ, Маҷаллаи таҳқиқотии давраи 1900 бонки ҷаҳонӣ, шумораи 13, с. 379-408. 1990.

**КРИТЕРИИ ИЗВЛЕЧЕНИЯ ПРИБЫЛИ В ИСЛАМСКОЙ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ**

Термин «исламская финансовая система» появился в середине 1980-х годов. Исламская финансовая система часто описывается как финансовая система, не предполагающая взимание процента. Однако принципы исламских финансов являются значительно более широкими, чем отказ от ставки процента. Они основываются на шариате – совокупности правил и законов, касающихся управления экономикой, социальных, политических и культурных аспектов исламского общества. В данной статье авторами рассматриваются критерии извлечения прибыли в исламской банковской системе.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** исламская финансовая система, банковская система, исламская банковская система, извлечение прибыли, взимание процента, беспроцентная ссуда..

**CRITERIA OF EXTRACTION ARRIVED IN THE ISLAMIC BANKING SYSTEM**

The term «an Islamic financial system» appeared in the mid-eighties. The Islamic financial system is often described as the financial system which is not assuming collection of percent. However principles of Islamic finance are much wider, than refusal of a percent rate. They are based on Shariat – sets of rules and the laws concerning management of economy, social, political and cultural aspects of Islamic society. In this article authors consider criteria of extraction of profit in an Islamic banking system.
**KEY WORDS:** the Islamic financial system, a banking system, an Islamic banking system, extraction arrived, percent collection, the interest-free loan.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Ризо Шарифи***– член научно-преподавательского состава Свободного исламского университета города Ахвоз, аспирант Таджикского национального университета
***Д.О. Кандиёрова*** - доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой экономической теории и маркетинга Института предпринимательства и сервиса.

# АНАЛИЗ ОТРАСЛЕВОЙ СТРУКТУРЫ И ДИНАМИКИ РАЗВИТИЯ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Д. Уроков, П.Дж. Орзуев, Ф.С. Обидов***
**Таджикский национальный университет**

Различия в природно-климатических условиях, сложившаяся отраслевая структура, неравномерность темпов реформирования, предопределили разнообразие, как в социально-экономическом положении регионов, так и существенные различия в состоянии промышленности в целом, в том числе, и отдельных отраслей, включая пищевую промышленность. В связи с этим, при разработке мероприятий, обеспечивающих экономический рост и повышение конкурентоспособности предприятий пищевой промышленности необходимо учитывать специфику развития промышленности страны, а также влияние отдельных отраслей на развитие экономики республики в целом.

Пищевая промышленность является одной из ведущих отраслей в Таджикистане. Ее деятельность основывается на переработке местного сельскохозяйственного сырья и обеспечении потребностей населения в качественной пищевой продукции. Потребность в пищевых продуктах всегда постоянна и весьма насущна. Во многом она зависит от пола, возраста, особенностей трудовой деятельности человека (специфики и тяжести труда), природно-климатических условий. Имеют также значение и национальные особенности, вкусы и традиции, оказывающие влияние на структуру питания, а в конечном счете, на объем потребления того или иного продукта.

До перехода к рыночной экономике примерно половина продовольствия для населения вырабатывалась сельским хозяйством и половина - пищевой промышленностью республики. В настоящее время, эти пропорции нарушены, и они не в пользу отечественных товаропроизводителей, как в сельском хозяйстве, так и в пищевой промышленности. Их место все в большем объеме занимает импортная пищевая продукция. Больше всего завозится в Таджикистан муки и макаронных изделий - до 5,0% всего импорта,

продукты растительного происхождения - 5,5%, кондитерских изделий, мяса птиц и другой пищевой продукции[3, 231].

Анализ структуры промышленного производства показывает, что в 2009 году в общем объеме промышленной продукции удельный вес пищевой промышленности составляет 20,9 % и уступает только цветной металлургии (38,6 %) (см. рис. 1).

**Структура отраслей промышленности Республики Таджикистан в 2009 году** (в %)




Источник: Статистический сборник Промышленность Республики Таджикистан. Душанбе: 2010. с 17.

Для пищевой промышленности характерны нестабильные темпы развития. Если сравнить с 1990 г., то индекс общего объема производства в пищевой промышленности в 2008 г. составил 53,9%, против 81.8% в целом по промышленности республики. В то же время, по сравнению с 2000 г., этот показатель составил 321,3% и 194,8% соответственно, что оказало влияние на повышение удельного веса пищевой промышленности во всей промышленности республики с 10,7% в 2000 г. до 20,7% в 2008 г. [3, 231].

Резкое повышение доли пищевой промышленности за короткий период объясняется тем, что в объем ее продукции включена выпечка хлеба и хлебобулочных изделий населением в домашних условиях. Так в структуре пищевой промышленности, удельный вес хлебопекарного производства с 11,3% в 1990 г. повысился до 79,8%, в 2000 г. и стабилизировался на уровне 68,9% в 2008г.

Согласно данным таблицы 1 можно констатировать, что отраслевая структура пищевой промышленности Таджикистана за последние годы претерпела существенные регрессивные качественные изменения. Намного снизился удельный вес отраслей, вырабатывающих жизненно важные высококалорийные продукты питания - мясной (с 20,4% в 1990г. до 11,3% в 2008г.), маслосыродельной и молочной (с 5,2% до 0,9% соответственно), а также отраслей, выпускающих конечную продукцию для местного рынка - кондитерской - с 4,5 до 0,4%, и винодельческой - с 5,4 до 0,2%.

**Таблица 1. Отраслевая структура пищевой промышленности Таджикистана в (%)**

| | По объему производства | | | | | По численности промперсонала | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1990 | 2000 | 2005 | 2008 | 2009 | 1990 | 2000 | 2005 | 2008 | 2009 |
| Вся пищевая промышленность, в том числе | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Хлебопекарная | 11,3 | 79,8 | 71,5 | 68,9 | 63,6 | 27,8 | 10,8 | 2,1 | 5,8 | 5,2 |
| Кондитерская | 4,5 | 0.1 | 0.3 | 0,4 | 0,9 | 4,2 | 1,6 | 2,7 | 4,7 | 5,3 |
| Масложировая | 10,4 | 5,0 | 3,8 | 5.0 | 3,3 | 7,7 | 22,2 | 12,6 | 14,3 | 14,0 |
| Винодельческая | 5,4 | 1,7 | 0,8 | 0,2 | 0,2 | 4.1 | 5,2 | 6,5 | 3,4 | 3,9 |
| Плодоовощная | 8.0 | 4.5 | 2,4 | 2,0 | 2,2 | 25,2 | 19,1 | 11,5 | 15,8 | 14,9 |
| Табачно-махорочная | 9.2 | 2,6 | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 2,0 | 4,2 | 1,8 | 3,6 | 3,4 |
| Мясная и молочная, из них | 25,6 | 0,9 | 10,6 | 12,2 | 16,9 | 14.2 | 17,2 | 4,9 | 9,8 | 11,2 |
| мясная | 20,4 | 0.3 | 10,0 | 11,3 | 15,8 | 9,7 | 14,5 | 2,1 | 3,4 | 3,6 |
| маслосыродельная и молочная | 5,2 | 0,6 | 0,6 | 0,9 | 1,1 | 4,5 | 2,7 | 2,8 | 6,4 | 7,6 |
| Другие отрасли пищевой промышленности | 25,6 | 5,4 | 10,1 | 10,7 | 12,9 | 14.8 | 19,7 | 57,9 | 42,6 | 42,1 |

**Таблица рассчитана по: Промышленность Таджикской ССР за 1990 г., - Душанбе, 1991. – с. 7-9.; Промышленность РТ за 2001 год. - Душанбе, 2002. с. 1-4; Промышленность РТ за 2006 год. - Душанбе, 2007. с. 1-5; Промышленность РТ за 2008 год. - Душанбе, 2009. с. 4-5; Промышленность РТ за 2009 год. - Душанбе, 2010. с. 4-5.**

Наличие регрессивных качественных изменений на предприятиях пищевой промышленности Таджикистана в настоящее подтверждается тем, что по некоторым важнейшим видам продуктов питания происходит снижение их производства.

Кроме того, сегодня весьма мало производится продукции отечественной пищевой промышленности в абсолютных размерах на душу населения. Внутренний рынок все реже снабжается товарами отечественной пищевой промышленности и заполняется импортными, менее качественными генетически модифицированными товарами, например, мясо птиц, масло растительное, молочные продукты, алкогольные напитки, разнообразные соки и др.

На формирование и развитие пищевой промышленности огромное влияние оказывает сельское хозяйство, поставляющее сырье для подавляющей части отраслей. И именно удорожание цен на сельхозпродукцию и снижение производства сырья повлекло за собой падение производства в плодоовощной, консервной, винодельческой и других отраслях.

Но все-таки необходимо отметить, что Республика Таджикистан обладает благоприятными природно-климатическими условиями для развития всей пищевой промышленности, в особенности, для плодоовощной отрасли.

Плодоовощная отрасль пищевой промышленности республики должна стать приоритетной в развитии и ориентироваться на экспорт на традиционные рынки сбыта России и Казахстана. Развитие промышленности в сельской местности, ближе к районам сырья и трудовым ресурсам, способствует созданию новых рабочих мест, повышению занятости, снижению уровня безработицы, бедности населения.

В ближайшей перспективе предстоит решать задачи по наращиванию производства в приоритетных отраслях пищевой промышленности, не забывая при этом, об эффективном их размещении по территории страны, специализации регионов на производство того или иного продукта, которое наиболее предпочтительно с позиции рационального использования местных производственных условий [3].

Структура пищевой промышленности Республики Таджикистан сложилась традиционно, в первую очередь, под воздействием следующих факторов:

– возможность срока хранения сырья, полуфабрикатов и готовой продукции;
– соотношение расходов сырья и выхода из него готовой продукции;
– способов транспортировки сырья и полуфабрикатов, требующих специальных условий.

При анализе структуры пищевой промышленности можно выделить роль и место отдельных производств в развитии сферы. Для этого, рассмотрим динамику производства важнейших видов продукции пищевой промышленности на душу населения (см. таблицу 2).

**Таблица 2. Производство важнейших видов продукции пищевой промышленности на душу населения**

| | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| мясо (включая субпродукты 1 категории) кг. | 2,7 | 2,6 | 2,8 | 2,9 | 3,0 | 3,0 | 3,3 |
| пищевая рыбная продукция, кг. | 00,3 | 0,02 | 0,03 | 0,03 | 0,03 | 0,04 | 0,03 |
| животное масло, кг. | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| цельномолочная продукция в пересчете на молоко, кг. | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,6 | 0,7 | 0,5 | 0,5 |
| растительное масло, кг. | 5,2 | 4,9 | 4,1 | 2,9 | 3,3 | 2,4 | 1,7 |
| консервы, условных банок | 16,6 | 17,1 | 11,4 | 13,6 | 9,4 | 10,5 | 11,0 |
| кондитерские изделия, кг. | 0,1 | 0,3 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,4 | 0,4 |
| мука, кг. | 60,8 | 70,0 | 67,1 | 65,4 | 65,9 | 65,3 | 66,3 |
| макаронные изделия, кг. | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,3 | 0,3 |
| безалкогольные напитки, литров | 3,1 | 3,7 | 3,8 | 4,1 | 4,2 | 4,0 | 4,4 |

**Составлено на основании Статистический ежегодник Республики Таджикистан. - Душанбе: 2010. с. 267.**

В статье осуществлена попытка на основе использования специальной программы Eviews проанализировать неравномерность фактического дохода фарсиязичных стран на душу населения, как показатель процессов глобализации и региональной интеграции, относительно среднемирового уровня для периодов 1966-1988, 1994-2001, 2001-2008г.г.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** доход, фактический доход, фактический доход фарсиязичных стран на душу населения, процессы глобализации и региональной интеграции, среднемировой уровень

**PROCESSES OF MOVEMENT OF THE ACTUAL INCOME PER CAPITA IN THE WORLD AND PLACE THREE PERSIAN-SPEAKING COUNTRIES IN IT**
***(Iran, Afghanistan and Tajikistan)***

In article attempt on the basis of use of the special Eviews program is carried out to analyse unevenness of the actual income of the persian-speaking countries per capita, as an indicator of processes of globalization and regional integration, rather level for the periods 1966-1988, 1994-2001, 2001-2008g.g.

**KEY WORDS:** income, actual income, actual income of the persian-speaking countries per capita, processes of globalization and regional integration.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Арджманди Охангар Саид*** – аспирант Таджикского национального университета.

## НАҚШИ МУДИРИЯТИ ЭЛЕКТРОНИКӢ ДАР БОНКДОРИИ ЭЛЕКТРОНИКӢ

***Муҳаммад Ҳасан Шакӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Қоимшаҳр, Эрон**

Дар замони муосир фановарии иттилоот ҷомеаро, ки шомили муҳити кор, манзил ва тафреҳ аст, шадидан таҳти таъсири худ қарор додаст. Сифати зиндагии инсонҳо таҳти таъсири зерсохтҳои иртиботӣ, ки дорои зарфияту суръати баланд мебошанд ва дар тамоми ҷаҳон барои интиқоли навиштаҳо, садо, аснод, тасвирҳо, тарҳҳо ва ғайра истифода мешаванд, доимо иртиқо меёбад. Иттилоот афродро дар тамоми риштаҳо таҳти таъсири худ қарор медиҳад.

Корхонаю ташкилотҳо ба ширкатҳои электроникӣ мубаддал гардидаанд ва коркунони он хориҷ аз фазоҳои физикӣ ба фаъолият машғуланд. Илова бар ин, тағйироти фановарӣ ва нерӯи бе ҳадду марзи интернет боис шудааст, ки муштариён беш аз гузашта ба созмон наздик шаванд. Ба гуфтаи яке аз мудирони ширкати Майкрософт: «Ҳар замон эҳсоси шикаст кардед, аз муштариёни худ суол кунед ва аз ҳамкориву мусоидати онҳо дар пешбурди аҳдофи созмон кумак бигиред». Бо ин авсоф, муҳити ҷадид фурсати тозае барои амалӣ кардани маҳоратҳои мудириятӣ аст. Саволе ба миён меояд, ки калиди муваффақият чист?

**Мудирияти электроникӣ.** Яке аз талаботи низоми мудириятӣ ва низоми фановарӣ барқарор намудани робитаи ҳамаҷониба бо муштарӣ, кормандон ва ширкат аст. Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2013 як маротиба дар ҳар ёздаҳ соат, иттилоот ду баробар бештар мешавад. Ба ин суръати тағйирёбӣ бояд афзоиши рақобат, тағйири салиқаву завқи муштарӣ низ изофа шавад. Бинобар ин, дар сурати дуруст ба роҳ намондани мудирият, аз даст додани як муштарӣ хеле зуд ба амал меояд, ки метавон онро ба як пахши тугмачаи компютер ташбеҳ дод.

Электроника, хусусиёти хоси мудирон дар эҷоди созгорӣ, рушди мудирияти босуръат ва маҳорати нававарӣ дорои аҳамияти қобили назар аст. Асри интернет мудиронро ба тағйири маҳоратҳои мудирӣ ва шеваҳои ёдгирии он ниёзманд намудааст. Барои таъмини якпорчасозии мудирият ва технология зарур аст, ки технология бо тамоми системаҳои созмонӣ ҳамоҳанг шавад. Дар чунин фазое аз мудирони электронӣ интизор меравад, ки маркази таваҷҷӯҳ ва конуни мутамаркази тиҷорати худро ба равшанӣ мушаххас созанд. Мудирони муваффақи электроникӣ дар созмони чунин усули коре кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ин ки он тавонад идеяро ба фоида ва даромади ширкат мубаддал намояд. Онҳо бояд чунин стратегияро таҳия намоянд, ки он ҳамгироии тамоми ҷабҳаҳои

фаъолиятро бо мақсадҳои асосии ширкат таъмин намояд. Дар асри ҳозир конуни таваҷҷӯҳ ба муштарӣ ва иртибот бо ӯ нисбат ба тиҷорати электроникӣ ва истеҳсолоту ҷараёнҳои дарунии созмон бештар мутамарказ аст. Дар натиҷа, мудирон бояд дар интихоби қарорҳо шуҷоати зиёде нишон диҳанд ва ба манзури бақо ва рушди созмон дар сурати лозима тағйироти заруриро босуръат амалӣ намоянд.

Бонкдории электроникӣ хостори ҷалб, истифода ва ҳифзи неруи кории камтар, аммо беҳтару муносибтар аст. Аз ин рӯ, мудирон бояд барномаҳоеро барои гиромӣ доштани кормандон, шиносоии истеъдодҳову маҳоратҳо ва бароварда сохтани интизороти онҳо амалӣ намоянд ва кормандони созмонро тавонманд созанд. Усули кории муносибро барои амалкарди беҳтар тақвият диҳанд. Усули кории электроникӣ бояд ба беҳбуди амалкарди созмонӣ ва эҷоди бартариҳои рақобатӣ мусоидат намояд. Ҳамкорӣ, кори гурӯҳӣ, арзишҳову мақсадҳои муштарак дар муваффақиятҳои бонкдории электроникӣ бисёр аҳамият дорад, аз ин рӯ мудирон бояд шабакаи ҳушманд эҷод намоянд. Мудирони электроникӣ иттиҳоду якҷояшавии беруниро ривоҷ дода, тасмимгириро густариш диҳанд. Илова бар ин, дар фазои фаъоли амалиёт аз сармоягузориву фурсатҳои бозор, муштариёну кормандон самаранок истифода кунанд. Тавсеа ва густариши дониш, ривоҷи методҳои ёдгирии созмондиҳиро ташвиқ кунанд. Мудирон бояд ба хотири ноил шудан ба фурсатҳои бозор ташаббус, бунёдгарӣ ва ёдгириро мавриди ташвиқ қарор диҳанд ва фазои заруриро барои тавсеаи маҳоратҳои омӯзишу рушд ва болидарӯҳии кормандон фароҳам созанд.

Мудирони пешрав ҳамеша аз пайи фановариҳое ҳастанд, ки ҷараёни корро босуръату осонтар мекунанд. Дар воқеъ, барои эҷоди иртиботи муассир байни сохторҳои гуногуни дохилии созмон, ҳамчунин сода кардани ҷараёни корҳо барои ҷамъоварӣ ва коркарди муносиби иттилооти вобаста ба ҳавзаи фаъолияти созмони худ, мудирон бояд зарфияту қобилиятҳои мавҷудаи созмони худро пурра дарк кунанд ва ҳамеша дар пайи такмили ин зарфиятҳо бошанд. Истифода аз қудрати таъсирбахши фановарии иттилооту иртиботот дар ҳидояти созмон барои пештозӣ дар муқобили рақибон амри заруриву асосист. Фановариҳои иртиботиву иттилоотӣ бисёре аз амалиёти марбут ба созмон, монанди системаҳо ва ҷараёни автоматикунониро ба анҷом мерасонанд.

Бидуни шак, бояд гуфт, ки фановарии иртиботиву иттилоотӣ муҷиби тақвияти тавоноиҳо ва эҷодкориҳои мудирони пешрав мешвад. Бо ин нигариш, як мудир ва кормандони ӯ, вақте ки олоти иртиботиву иттилоотиро ба сохтори созмони худ ворид мекунанд, метавонанд ба ҷойи сахт кор кардан босуръаттару бодиққаттар аз пештара кор кунанд ва дар айни замон мудир метавонад назорату мудирияти ғайримутамарказро низ таҷриба кунад. Бо назардошти ин ки ҳадафи ғоявии ҳар як робитаи корӣ дастёбӣ ба фоидаи тиҷоратист, метавон гуфт, ки иртиботи миқдориву сифатӣ бо муштариён бо истифода аз ин олатҳо густариш ёфта, хароҷоти ҷорӣ ва ҳатто сармоявӣ ва имконсанҷӣ низ коҳиш меёбад.

Яке аз аз муҳимтарин хусусиятҳои шинохти дурусти фановарии иттилоотиву иртиботӣ тавассути мудирон истифода ё эҷоди системаҳои муносиби коршоям дар сохтори созмон аст. Азбаски ҳар яке аз олатҳои фановарии иттилооту иртибототи мутобиқ ба системаҳои мудириятӣ метавонанд дар беҳбуд ва ё эҷоди нуқс дар шеваи мудирият ва иртибот бо муштариёни созмон муассир бошанд, дар ҷараёни тағйири системаҳои дастии мудирият ба системаи электронии мудирият омилҳои зиёди таъсиррасон мавҷуданд. Уҳдадориҳои мудирият, доштани таҷрибаи кофӣ аз фановарии иттилоот, ризояти истифодабарандагон ва мизони тағйироти муҳитӣ аз ҷумлаи чунин омилҳо мебошанд (Саррофизода, 1383).

**Хусусиятҳои системаи мудирият:** 1. Фаъолияти система барои мурочиаткунандагони ширкат равшан бошад; 2. Суръати истифодаи корбарон афзоиш ёфта, усули истифода осонтар шавад; 3. Дар шароити пешрафту таҳаввулоти технологӣ моҳирона ва чобукона амал намоянд.

Бо назардошти ин ҳама, метавон гуфт, ки танҳо мудире муваффақ хоҳад буд, ки фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботиро мутобиқи ниёзҳои ширкати худ таррохӣ ва ё интихоб кунад. Дар ин сурат, ҳангоми пешниҳоди хадамоти ширкати худ ба мухотибону муштариён қодир хоҳад буд, то ки ниёзҳои муштариёнро низ дар ҷараёни хизматрасонӣ ба назар гирад.

**Мудирони бонкдории электроникӣ.** Ба таври куллӣ, мудирони бонкдории электроникӣ метавонанд бо истифода аз олатҳо ва расонаҳои электроникӣ дар системаи бонкӣ таъсиррасон бошанд. Шарҳи муҳимтарин хусусиятҳои чунин таъсиррасонӣ ба тариқи зер аст:

- Истифода аз интернет дар системаи бонкӣ боиси эҷоди шафофият дар бозор мешавад. Муштариён чунин имкониятро пайдо мекунанд, ки маҳсулоти тавассути тавлидкунандагони мухталиф пешниҳодшударо бо ҳам муқоиса кунанд ва беҳтарин интихобро дошта бошанд. Дар воқеъ, истифода аз бонки электроникӣ ба хароҷот ва ҳамчунин даромадҳои аз фаъолиятҳои бонкӣ ҳосилшуда ва ба таври куллӣ, ба иқтисод таъсири қобили назар дорад. Бо коҳиши хароҷот мизони

тақозо ва масрафи муштариён афзоиш мeёбад. Дар натиҷа, мизони даромади тавлидкунандагон (истеҳсолкунандагон) низ афзоиш мeёбад.

- Истифода аз фановариҳои иртиботии муосир боиси тағйири созмони бонкҳо мешавад.

**Далелҳои истифодаи бонкдории электроникӣ.** Ҷорӣ намудани бонки электроникӣ дар навбати худ далелҳо ва асосҳои мухталифе дорад, ки, аз ҷумла, ба сифати муҳимтарини онҳо метавон ба мавридҳои зер ишора намуд: Анҷоми корҳои бонкӣ бо хароҷоти камтар, суръати бештар ва амнтар; Аз байн бурдани корҳои хастакунандаи кормандон ва баҳрабардории бештар аз маҳоратҳои онҳо; Самаранокӣ ва қобилияти боварии бештар дар иртиботи бонк бо системаҳои дигар; Пешгирӣ аз хатоҳо ва ё коҳиши онҳо; Қобилияти назорати бештари бонкӣ.

**Навъҳои амалиёт дар системаи бонкдории электроникӣ.** Навъҳои хизматҳое, ки дар як бонки электроникӣ ба муштариён пешниҳод мешавад, метавонад аз пешниҳоди иттилооти вобаста ба системаи бонкӣ, табодули иттилоот миёни муштарӣ ва бонк ва ё аз баъзе амалиётҳои дигар дар робита бо ҳисобҳои бонкӣ иборат бошад, ки он яке аз муҳимтарин навъҳои робита миёни истифодабаранда ва бонки электроникӣ аст. Анвои амалиётҳое, ки дар як бонки электроникӣ анҷом мегирад, ба ду гурӯҳи зерин ҷудо мешавад:

Гурӯҳи аввал: *архост аз рӯйи ҳисоб; *интиқоли сармоя байни ҳисобҳо; *пардохти суратҳисоб; *кушодани суратҳисоб; *корбурдҳои кредитӣ (эътиборӣ).

Гурӯҳи дувум: *Интиқоли байнибонкӣ; *табдили пули хориҷӣ; *пардохт ё дарёфти суратҳисоби электроникӣ; *идораи фонд; *суғуртаи молиявӣ *мушовараи молиявӣ *воситагарии *online* ба сурати *Brokerage.*

**Нигарониҳои амниятии бонкдории электроникӣ.** Эҷоди бонкдории электроникӣ нигарониҳои амниятиро низ ба дунбол меоварад. Ин нигарониҳо ба таври умумӣ иборатанд аз: Таъмини робитаи амн, ки бисёр муҳим мебошад; Иттилооти маҳрамона, ки бояд муҳофизат шавад; Таъйини ҳувийят ва тасдиқи асолати муваффақиятомез; Дастрасӣ ба ҳолати адами инкор; Эҷоди зерсохтҳои амниятӣ.

Суръати тағйироту иттилоот, афзоиши рақобат ва тағйири шавуқ ҳавасҳои муштарӣ аз хусусиятҳои муҳим дар ҳазораи севум аст. Мутобиқшавӣ бо ин муҳити пурталотум аҳамияти қобили назар дорад. Он ба мудирон дар тағйири қобилияту донишҳояшон таъсири амиқ дорад. Ин ҷаҳони пурталотум ба мудири бочуръату огоҳ ниёз дорад. Ба мудире, ки дар ҷараёни бонкдории электроникӣ, ки ҳамеша бо тағйирот ва муштариёни дорои талаботу завқи гуногун сарукор дорад, қарорҳои саривақтии муассир қабул намояд. Мудир дар бонкдории электроникӣ бояд як ширкату созмони шабакавӣ ва ҳушманд бунёд кунад, қабули қарорҳоро густариш диҳад ва фазои фаъолро таъмин намояд. Мудирони бонкдории электроникӣ бояд аз интернет ва технологияҳои нави иртибототӣ дар системаи бонкӣ самаранок истифода кунанд.

Дар мақола масъалаҳои марбут ба мудирияти бонкдорӣ ва аҳамияти он дар ҳазорсолаи севум баррасӣ шудаанд. Зарурати тағйир додани нақш ва қобилиятҳои мудирон бо назардошти тағйироти босуръат дар ҷаҳони муосир ва ҳамчунин тағйирот дар талаботу завқи муштариён асоснок шудааст. Дар баробари ин, бонкдории электроникӣ тавсиф ёфта, нақши шабакаи ҳушманди сохторӣ, инкишофи омӯзиши ташкилӣ ва ба роҳ мондани таълими таъминкунандагон барои ҳавасманд сохтани ташаббусҳо ва рушди қобилиятҳои инфиродӣ муайян гардидаанд.

Хусусиятҳои системаи идораи пардохтҳо ва навъҳои амалиёт дар бонкдории электроникӣ шарҳу тавзеҳ ёфта, баъзе нигарониҳои марбут ба таъмини амният дар бонкдории электроникӣ баррасӣ шудаанд.

## АДАБИЁТ


1. Хадамоти молии электроникӣ: Раҳёфти навин барои таҳаввули бахши молӣ. //Пажӯҳишкадаи пулӣ ва бонкӣ, 1382.
2. Аббос Нажод Ҳусейн, Мино Меҳрнӯш. Бонкдории электроникӣ. - Теҳрон, 1385.
3. Ал-Ҳиёрӣ Фард Маҳмуд. Хадамоти бонкдории электроникӣ ва ниёзҳои иҷрои он дар муқоисаи татбиқи ҳазинаҳои амалиётии хадамоти мухталифи бонкӣ. – Теҳрон, 1384.
4. FURST, Karen (2002), "Internet banking: Development & Prospects".
5. www. newyorkfed. org/newsevents/events/research/2001/FurstLangNolle. pdf
6. Vij, Madhu (2001), "E-Banking: An Emerging Perspective of the Regulatory & Taxation Issues.


## РОЛЬ ЭЛЕКТРОННОГО МЕНЕДЖМЕНТА В ЭЛЕКТРОННОМ БАНКИНГЕ


В статье рассматриваются вопросы, касающиеся электронного менеджмента и его значение в третьем тысячелетии. Обосновывается необходимость изменения роли и способностей менеджеров с учетом стремительных изменений, происходящих в современном мире, а также с учетом различных предпочтений и вкусов клиентов. Также описывается электронный банкинг, определяется роль организационной смартовой сети и развития организационного обучения и обучения поставщиков для поощрения инициатив и развития индивидуальных способностей.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** электронный менеджмент, роль и способности менеджеров, электронный банкинг, роль организационной смартовой сети, развитие организационного обучения, особенности систем управления платежами.

**ROLE OF ELECTRONIC MANAGEMENT IN ELECTRONIC BANKING**

In article the questions concerning electronic management and its value in the third millennium are considered. Need of change of a role and abilities of managers taking into account the prompt changes occurring in the modern world, and also taking into account various preferences and tastes of clients locates. Also electronic banking is described; the role of an organizational smart network and development of organizational training and training of suppliers for encouragement of initiatives and development of individual abilities is defined.

**KEY WORDS:** electronic management, role and abilities of managers, electronic banking, role of an organizational smart network, development of organizational training, feature of control systems of payments.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Хасан Шаки*** - аспирант 2-го курса Таджикского национального университета.

# НИГОҲЕ БА МАФОҲИМИ МУДИРИЯТИ ДОНИШ

***Абдуризо Баҳодури Ҳушанг***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар солҳои ахир «мудирияти дониш» ба як мавзӯи муҳим ва ҳаётии мавриди баҳс дар мутуни тиҷорӣ ва иқтисодӣ табдил шудааст. Ҷавомеи илмӣ ва тиҷорӣ ҳар ду бар ин боваранд, ки созмонҳои бо қудрати дониш метавонанд бартариҳои баландмуддати худро дар арсаҳои рақобатӣ ҳифз кунанд. Мабонии нақду баррасӣ ва чашмандозҳои рақобатии созмонҳо нишондиҳандаи таъсироти ин дидгоҳ дар арсаҳои истиротижики созмонҳои тиҷорӣ аст. Муҳаққиқин ва донишгоҳиён дидгоҳи мутафовите дар хусуси мудирияти дониш иттихоз карда ва густурае аз роҳи ҳалҳои фановарӣ то маҷмӯае аз дастуроти илмиро дар назар доранд.

**Таърифи мудирияти дониш ва фароянди он.** Аз назари таърихӣ метавонем 3 насл аз мудирияти донишро аз якдигар мутамоиз кунем. Дар аввалин насл аз мудирияти дониш бештар иқдомот бар таърифи мудирияти дониш, баррасии фавоиди билқувваи мудирияти дониш барои тиҷоратӣ ва тарроҳии пружаҳои тахассусии мудирияти дониш мубтанӣ буд. Насли дуввуми мудирияти дониш бар ин нукта таъкид мекунад, ки мудирияти дониш дар бораи таърифи низомманди созмонӣ, ҷое ки шеваҳои мудириятӣ, низомҳои санҷиш, абзор ва мудирияти мӯҳтаво ниёз ба густариши муштарак дорад. Ва насли саввум, ки дар ҳоли падидор шудан бо равишҳои ҷадид ва натоиҷи ҷадид аст ва он якпорчагии мудирияти дониш бо фалсафаи созмон, истиротижӣ, аҳдоф, шеваҳо низомҳо ва равияҳои созмонӣ буда ва, дар натиҷа, табдил ба тафаккури рӯзонаи коркунон ва муҳаррик барои онҳо шудааст, то битавонанд созмонҳоро дар ҷиҳати тавсиа ва рушди иқтисодӣ ҳидоят намоянд.

**Таърифи мудирияти дониш.** Мудирияти дониш иборат аст аз тавлиди дониш, ки ба дунболи тағйир, тавзеъ ва корбурди дониш, ҳифз ва полоиши дониш эҷод мешавад. Ба иборати дигар, мудирияти дониш иборат аст аз баҳрабардорӣ ва тавсиаи дороиҳои дониши як созмон дар ҷиҳати таҳаққуқи аҳдофи созмон.

Мудирияти донишро фароянди халқ, касб, тавзеъ ва корвари дониш медонанд. Ин авомил дар ҳавзаи мудирияти дониш, маъмулан, барои эҷод, нигаҳдорӣ ва эҳёи қобилиятҳои созмони мавриди ниёз аст.

**Халқ ё эҷоди дониш.** Эҷоди дониш ба тавоноии созмонҳо дар эҷоди идаҳо дар роҳи ҳалҳои навин ва муфид ишора дорад. Касб ё эътиборбахшӣ ба дониш барои созмонҳо, мурур, озмун ва афзоиши мудовими эътибори дониш ва барои расидан ба дониши ҷорӣ буда.

**Тавзеъ ё ироаи дониш**. Ироаи дониш ва тавзеи он ҳокӣ аз шеваҳоест, ки аз он тариқи дониш ба аъзои созмон ироа мешавад. Ба иборате, лозим аст, ки дониш қабл аз баҳрабардорӣ дар сутӯҳи созмонӣ дар даруни созмон ба иштирок гузорида шавад.

**Корбурди дониш**. Ба таври куллӣ, дониш замоне бояд дар ҷиҳати маҳсулот, хадамот ва фароянди созмон ба кор гирифта шавад, агар созмоне ба роҳатӣ натавонад шакли саҳеҳи донишро дар ҷойи муносиби он мушаххас намояд, дар арсаи рақобатӣ бо мушкил мувоҷеҳ хоҳад шуд.

**Нигаҳдории дониш. Мудили умумии мудирияти дониш:-** халқи дониш; - касби дониш; -тавзеи дониш; - корбурди дониш;- нигоҳдории дониш.

**Ишоаи дониш.** Ҳадаф аз илми мудирият интиқоли дониши хуб ба афроди хуб ва дар замони хуб мебошад, ки ин метавонад дар ҷиҳати амали хуб ва таъйидшуда ва коромадии пурсинал дар чархаи фароянди созмон ба коркунон кӯмак намояд.

Мудирияти дониш аз лиҳози тамаркуз бо фаъолияти мудирияти умумӣ фарқ дорад ва ниҳоятан, ба натиҷа расидани аҳдоф дар аъмол кардани ин дониш ба таври систимотик ва равишҳои созмонёфта барои халқи дониши бештар истифода мегардад.

Илми мудирият, ҳамчунин, дар ҷиҳати беҳбуди пешрафти каммият ва кайфият ва дониши ибдоӣ дар созмон кӯмак мекунад.

Бояд шоистагии мудиронро арзёбӣ кунем. Бинобар ин, мо бояд чаҳорчӯби равобитро дар илми мудирият тавсиа дода ва таъсироти созмонӣ ва тақсимоти онро дар бахши зербиноӣ ва тавоноӣ дар фароянди мудирият баррасӣ намоем. Дар ин сурат, ин тавоноӣ барои фароянди мудирият шомили дониш касб кардан, илм табдил кардан, дониши корбурдӣ ва дониши ҳифозат хоҳад буд.

Барои пажӯҳиш ва идора кардан дар Омрико муҳаққиқин дарёфтанд, ки тавоноии мудирият дар дониши зербиноӣ ва фароянди дониш ба таври мусбате таъсиргузор мебошад.

Ба иборати дигар, мо қасд дорем кашф кунем, мудирияти дониш фоқид хоҳад буд, тавоноӣ ва аҳамияти фароянд тавоноии илмии худро ба чи сурат нишон диҳад, ки ин матлаб ба таври хулоса омадааст.

Ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки тарсими мудирияти дониш шомили чаҳор нукта мебошад: истиротижӣ ва раҳбарӣ, фарҳанги созмонӣ, систими ангезаи инсонӣ ва фановарии иттилоот

Истиротижӣ ва раҳбарӣ. Пешниёзи илми мудирият истиротижӣ аст. Яке аз муҳимтарин фоктурҳои иртиқо илми мудирияти истиротижии созмондиҳӣ аст. Зок пешниҳод кард, ки ин мутолиа аз ду бӯъд баррасӣ мешавад: бо истиротижии таҳоҷумӣ ва истиротижии муҳофизакорона. Дар дарозмуддат ширкатҳое, ки аз истиротижии таҳоҷумӣ истифода карданд, коройии беҳтаре дар муқоиса бо ширкатҳое, ки аз истиротижии муҳофизакорона истифода кардаанд, доштаанд.

Ширкатҳое, ки коройии заифе дар бозор доштаанд, бояд бо илми истиротижии таҳоҷумӣ ҳамроҳ бо нуқоти мусбати халлоқият созгорӣ эҷод кунанд. Баъд аз ҳамбастагӣ байни илми мудирият ва истиротижӣ таркиби муҳимми бӯъде, ки ниёз ба таваҷҷӯҳ дорад, раҳбарӣ мебошад.

Пружаҳои илми мудирият, ки тавассути мудирони миёнӣ ҳимоят мешаванд, муваффақтар ҳастанд.

Роҳнамойии мудирони миёнӣ баъд аз дарки арзиши илми мудирият нақши тасмимгирандаҳои таҳоҷумиро дорад. Дар натиҷа, метавон гуфт: ҳимоятҳои мудирони миёнӣ аз авомили муҳимми муваффақияти пружаҳои илми мудирият аст.

**Фарҳанги мудирият.** Фарҳанги созмондиҳӣ арзиши ширкатҳоро нишон медиҳад, ки ба самти навъи фаъолият ва рафтори коркунон ҳидоят мешавад. Таҳқиқот аҳаммияти фарҳанги созмондиҳиро дар нуфуз ба илми мудирият ё таъсир бар таъсири илм нишон медиҳад.

Созмондиҳӣ, арзиши илм ва ҳамчунин, ҳузури муфид ва мубтакиронаи илмро нишон медиҳад.

Таҳқиқоти анҷомшуда тавассути нишондори таҷриба ба иштирок гузоштани илм дар як созмон ба таври зиёде ба фарҳанги созмондиҳӣ иртибот дорад. Бинобар ин, як илми мудирият муваффақ ба ҳамкорӣ байни фарҳанг, мудирият ва созмон бастагӣ дорад.

**Созмондиҳии систимҳои иртиқоӣ.** Сохтори созмондиҳӣ метавонад боиси иртиқо ва ё масдуд кардани илми мудирият шавад. Муҳаққиқин дар соли 1998 унвон карданд созмондиҳии муносиби илми мудирият, ки бо истондорд ҳамроҳ бошад ва сохтори инъитофпазире дошта бошад, ба самти пружаҳои тавсиаи илм ҳидоят мешаванд. Ба иборати дигар, як системи иртиқоӣ метавонад ангезаро дар коркунон барои кор дар мудирияти дониш эҷод кунад, дар сурате ки ҳамроҳ бо иҳдои ҷоиза барои ибдои илм ва ба иштирок гузоштани илм бошад. Барои натиҷагирӣ дар мавориди боло метавон гуфт: сохтори созмондиҳӣ бояд бо систими иртиқо дар мудирияти дониш ҳамроҳ бошад.

**Фановарии иттилоот.** Гурӯҳе аз назарияпардозон ҳамагӣ бар ин ақида доранд, ки тикнулужии иттилоот нақши муҳимме дар ҳимоят аз фароянди созмондиҳии илм (дониш) дорад.

Фановарии иттилоот бисёр шадид бо мудирияти дониш дар иртибот аст, ба далели ин ки ба бахши дониш кӯмак мекунад, ба таври ки онро дар дастрастар ва қобили муаррифӣ мекунад. Дар натиҷа, созмонҳо талош мекунанд, то мудирияти донишро бо фановарии иттилоот ҳамроҳ кунанд.

**Коройии мудирияти дониш.** Мудирияти дониш ба мурур ба як унвони муҳим дар ширкатҳо табдил шудааст. Системае, ки фақат бар рӯйи абъоди молӣ тамаркуз мекунад, ба сурати равшантар нест аксуламалро ба фаъолиятҳои созмондиҳӣ ва манобеи кофӣ дар дастрас дошта бошад.

Мудирияти дониш муштарии як фоктури бисёр муҳим дар муваффақияти мудирияти равобити муштарӣ мебошад ва ҳамчунин, барои эҷоди арзиши муштарӣ судманд аст. Мудирияти равобити муштарии муносиб боиси афзоиш, ризоят ва итминони муштарӣ мешавад ва ҳамчунин, дарки ниёзҳои муштариён як асари муҳим ва хубе аст, ки мудирияти дониши муштарӣ дорад.

Корбурди мудирияти дониш боиси иртиқои фароянди тавлид ва амалкард, коҳиши иштибоҳот, тасреи фароянди тавлид, афзоиши коройӣ мешавад.

Системи мудирияти дониш боиси иртиқои фарояндҳои илмии ширкатҳо мешавад, ки дар натиҷа мунҷар ба аз байн рафтани мавонеъ дар фаъолиятҳо ва дарки ниёзҳои муштарӣ мешавад.

Дар ҷавомеи имрӯзӣ арзишҳои инсонӣ бештар аз арзишҳои иқтисодӣ аст. Манобеи инсонӣ дар фаъолиятҳои мудирияти дониш муҳимтарин бахш аст, ки боиси эҷоди дониши созмонӣ мешавад.

Мудирияти дониши муассир ба зарфияти коркунон бастагӣ дорад. Дар натиҷа, тамаркуз бар рӯйи зарфияти коркунон ба иловаи арзишҳо ва мушоракати коркунон чигунагии интишори манобеи инсонии як созмонро барои мудирияти дониш нишон медиҳад.

### АДАБИЁТ


1. Alavi M. Leidner D.E. Knowledge management system: issues, challenges, and benefits. Communications of the AIS, Vol, 1 No. 7, pp. 1-37, 1999.
2. Alavi M. Leidner D.E. Knowledge management and Knowledge management systems: conceptual foundations and research issues. MIS Quarterly, Vol. 25 No. 1, pp. 107-36, 2001.
3. Bertoncelj A. and Kovas D. The influence of management capital on enterprise performance. International Journal of Management and Enterprise Development, Vol. 5 No. 4, pp. 444-61, 2008.
4. Boomer J. Finding out what knowledge management id- and isn' t. Accounting Today, Vol. 18 No. 14, pp. 9-22, 2004.


### ВЗГЛЯД НА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ МЕНЕДЖМЕНТ


В последние годы образовательный менеджмент приобретает все большее значение и становится жизненно важной в деле развития и процветания жизни общества в целом. Данная статья изучает связь между образовательным менеджментом и его направлениями.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** образование, направление, менеджмент, образовательный менеджмент, системы, экономическое развитие.


### VIEW OF EDUCATIONAL MANAGEMENT


In recent years educational management gains the increasing value and becomes the vital subject in development and prosperity of life of society as a whole. This article studies communication between educational management and its directions.



**KEY WORDS:** education, direction, management, educational management, systems, economic development.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Баходирфард Абдурризо Хушанг*** - соискатель Таджикского национального университета


# МУДИРИЯТИ ОЯНДАНИГАР ДАР LCT БО ТАЪКИД БАР ГАРДИШГАРӢ


***Ҳурияи Рустамзод***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Дастовардҳои башар дар арсаи фановарии иттилоот ва иртиботот ба шинохти бештари башар аз организмҳои созмонӣ, чигунагии фаъолиятҳои фардӣ ва созмонӣ, беҳбуд ва контроли ин фаъолиятҳо, тавлиди маҳсулоти сахтафзорӣ ва нармафзорӣ, қитъаот ва системаҳои арзонтар, ҳӯшмандтар, чандманзара, созгор бо муҳити зист, ҳамчунин тағйири шеваҳо тавлид шудааст.

Раҳоварди башар дар даҳаҳои охир бавижа шабакаи ҷаҳонии интернет боис гардидааст, ки шиби мунҳании рушди илм ва фановарӣ дар солҳои охир шиддат зиёд ва ба сурати як мунҳании мутамоил ба амуд табдил гардад, то нишон аз кӯтоҳтар шудан ҳарчи бештар чархаи замони тавлиди илм аст. Бинобар ин, мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки вижагии боризи он, 1 – тағйироти шитобанда, 2. ғайриқобили пешбинӣ будани оянда аст. Ин вижагиҳо дар тамоми бахшҳо, аз ҷумла гардишгарӣ ба вузӯҳ мушоҳида мешавад. Ин суолро чунин матраҳ мекунем:

Мудирон дар қиболи тағйироти шитобандаи муҳитӣ, бавижа гардишгарӣ чӣ вазоифе доранд. Зарурати оянданигарии мудирон барои истифода аз (LCT) дар гардишгарӣ чист?

Гардишгарӣ дар дунёи рақобатии имрӯз бо суръати рӯзафзун дар ҳоли тағйирот ба сӯи технологияи системаҳои нави илм фановарӣ аст ва боистӣ омодагии лозимро барои посух ба тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта бошад.

Дар ин миён бояд аз ҳар фурсате барои нигоҳ ба оянда ва баррасии нақшаи илм ва фановарӣ дар оянда истифода намуд. Баҳси оянданигарии фановарӣ посухе ба ниёзҳои бахши мудирияти гардишгарӣ аст, ки бо ҳадафи рӯзомад кардани дониши мудирият, сиёсатгузорӣ, тасмимгирӣ ва тадвини стратегиҳои баландмуддати миллӣ барномарезӣ мегардад.

Оянданигарӣ талоши систематик барои баррасии дарозмуддатиояндаи илм, фановарӣ, иқтисод, муҳит ва ҷомеа ба манзури шиносоии падидаҳои навзуҳур ва ҳавзаҳои зербанои таҳқиқоти стратегӣ аст, ки бештарии манофеи иқтисодиву иҷтимоиро дар бар дошта бошад.

Бинобар ин, дар ҷаҳони имрӯзу оянда пажӯҳишу ояндангарӣ як зарурат дорад. Пешбинӣ мегардад, ки дар ҳазораи саввум замина барои мутолиоти ояндангариву пажӯҳиши оянда афзоиш пайдо кунад ва андешамандон эҳсос мекунанд, ки гӯё як ҷозибаи мағнотисӣ, таҳоввулоти перомуни онҳоро ба самти оянда савқ медиҳад.

Имрӯз нуфӯзи пешрафтҳои ҳайратангези фановарии иттилоот ва иртибототи марзҳои аксар кишварҳои ҷаҳонро дар ҳама ҷо дидан мумкин аст. Инқилоби ҷаҳонии фановарӣ дар даҳаҳои ахир бо тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсиву фардӣ дар саросари ҷаҳон ҳамроҳ будааст. Ду вижагии ҷаҳони имрӯз, яъне тағйироти шитоби илм ва санъат ва ғайриқобили пешбинӣ будани оянда аз усули навини мудирият, яъне мудирият дар муҳити пӯё ва бесуботу ғайриқобил пешбинӣ мекунад.

Меҳварҳои дониши ояндангарӣ ва ояндапажӯҳӣ иборатанд аз: 1. Тарроҳии алгуҳои мавриди назар; 2. дастёбӣ ба додаҳои ҷомеъ, дақиқу рӯзомад; 3. таъйини роҳкорҳои муносиб барои расидан ва алгӯи тарроҳишуда; Бо ба корбурдии ин маворид метавон иқдомоти созмонёфтаи худро барои тағйироти амиқу густурда ва расидан ба оянда омода кард.

Аз ин рӯ, мудирон, бавижа мудирони маркази гардишгарии кишвар боисти зимни илтизом ба таҷҳизи илми ояндашиносӣ ва ояндангарӣ, ҳунари мудирият дар муҳити бесубот ва пӯё ва чигунагии бархӯрд бо падидаи тағйир ва баҳрабардорӣ аз онро биёмӯзанд. Донишнигариши амиқ аз таҳаввулоти шитобони муҳитӣ ва калоннигарӣ? ки ҳосили таваҷҷӯҳи амиқ ба оянда аст, ниёзи мубрами мудирон дар заминаи гардишгарӣ аст.

Ҳамаи чиз дар ҷаҳон дар ҳоли дигаргунӣ ва тағйирёбӣ аст. Мудирони (LCT) боисти зимни илзом ба таҷҳизи илми ояндашиносӣ ва ояндангарӣ, ҳунари мудирият дар муҳити бесубот ва пӯё, чигунагии бархӯрд бо падидаи тағйир ва баҳрабардорӣ аз онро биёмузанд.

**Гардишгарӣ ва чолишҳои ин санъат.** Гардишгарӣ имрӯз ба унвони яке аз саноеи бисёр муҳим дар тавсеаи фарҳангҳо ва иртиботои милал нақши мутамозие дар истиқрори сулҳу оромиш дар ҷаҳон ифода кардааст.

Гардишгарӣ дар ҳазораи сеюмро арзандатарин санъати пулсоз дар ҷаҳон медонанд, ки давлатмардони кишвар бояд бо як азми миллӣ дар ин роҳ бештар талош кунанд. Ин талош метавонад ҷалби турист, муаррифии кишвар дар сатуҳи ҷаҳонӣ ва иртифои рушди нохолиси миллиро ба ҳамроҳ дошта бошад. Даромаде, ки метавонем аз тариқе барои ҷазби гардишгарӣ дошта бошем, қобили муқоиса бо даромади нафт нахоҳад буд. Фарқе, ки даромади гардишгарӣ бо даромади нафт дорад, ин аст, ки касби даромад аз нафт, боиси таъвизи сармояҳои миллии худ бо доллар ҳастем.

Аммо даромади гардишгарӣ ҳеҷ чизи пурарзиш намедиҳем то сармоя ҷазб кунем. Арзиши стратегие, ки гардишгарӣ барои сохторҳои мухталифи кишвар метавонад ба армуғон биёварад, қобили муқоиса бо ҳеҷ санъату фановарӣ нест.

Бар ҳамагон ошкор аст, ки ҳеҷ санъате ба андозаи санъати гардишгарӣ, дар кишваре бо иқлими Эрон, арзанда, асарбахшу бо ҳадди аксари боздиҳии иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳамроҳ нест. Кишвари Эрон бо тамаддуни кӯҳан ва табиати чаҳорфасл, бо дар ихтиёр доштани садҳо муаллифаи гардишгарӣ, яке аз беназиртарин кишварҳои ҷаҳон дар ҳавзаи гардишгарӣ ба шумор меояд. Эронро бояд яке аз пурзарфияттарин кишварҳои ҷаҳон дар заминаи ҷазби гардишгарӣ донист, аммо бар асоси оморҳо, бо вуҷуди он ки кишваре мисли Аморати муттаҳидаи Арабӣ, ки садумин тавонмандии таърихӣ ва фарҳангии Эронро надорад, тавонистааст беш аз 10 миллюн гардишгар дар соле ҷазб кунад, ки ин вазъият дар ҷануби Шарқи Осиё низ рух додааст.

Бо ин ҳол кишвари Эрон бо вуҷуди доштани ин ҳама потенсиали солона танҳо ду миллион гардишгарро ҷазб мекунад. Фановарии иттилоот ва иртиботот дарвоқеъ текнулужии ҷадид ва навзуҳуре аст, ки башар дар қарни ҷадид, қасд дорад, то бо истифода аз он як ҷаҳиши бузургеро дар арсаи улуми мухталиф, ба анҷом бирасонад.

Фановарии иттилоот ва иртиботот, дар ҳамаи риштаҳои илмӣ ҷойи худро боз кардааст. Арзиш ва аҳамияте, ки фановарии иттилоот ва иртиботии рӯз барои тавсеаи зерсохтҳои гардишгарӣ дар дунё эҷод кардааст, бисёр ҷолиб ва қобили таамул аст.

Дар дунёи имрӯз, ки аз он ба асри иртиботот ва иттилоот ёд мешавад. Ҳеҷ санъате бидуни баҳрабардорӣ аз фановариҳои мудерн LCT ва ҳамсӯ шудан бо таҳаввулоти диҷитол, наметавонад роҳи пӯёӣ ва тавсеа дар иқтисоди пурраҷобати ҷаҳонӣ ва ҳатто маҳаллеро бипаймояд ва санъати гардишгарӣ низ аз ин қоида мустасно нест.

Кайфият ва мизони баҳрабардорӣ аз корбурдҳои он то ҳадди қобили таваҷҷӯҳе дар арсаҳои рақобатӣ таъсиргузор буда, ҳар рӯз нақши ин фановариҳо бо суръати ғайри қобили боварӣ дар ҳоли таъмим ва густариш аст.

Оморҳои мунташиршуда, тавассути созмони ҷаҳонии туризм нишон медиҳад, ки дар ояндаи бисёр наздик кишварҳои фоқиди зерсохторҳои муносиб LCT амалан аз чархаи рақобатҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии гардишгарӣ ҳазф хоҳанд шуд.

Маъмулан кишварҳо бар асоси таҷрибаҳои мухталифи сохторҳои мутафовуте дар заминаи гардишгарии электруник ташкил додаанд.

Ба унвони мисол кишвари Испания вазоратхонае ба номи тиҷорат ва гардишгарӣ дорад, ки тамоми умури марбут ба гардишгарӣ дар ин вазоратхона барномарезӣ мешавад ва далели чунин интихоб ин аст, ки бахши гардишгарӣ ва тиҷорати онҳо каналҳои муштараке дорад ва умдаи иқтисоди онҳо бар мабнои гардишгарӣ аст.

Кишвари Туркия ва Фаронса низ дар ин бахш вазорати гардишгарӣ доранд, ҳарчанд модели Вазоратхонаҳои онҳо мутафовут аст. Аз соли 1342 то 1389 сохтори ташкилотии созмони гардишгарӣ дар кишвар мудом дар ҳоли тағйир будааст ва то кунун натавонистааст, ҷойгоҳи воқеии худро пайдо намояд ва дар ҳоли ҳозир низ бо созмони мероси фарҳангӣ идғом гардидааст.

Идғоми ин ду созмон бо ин роҳбурд, ки дар Эрон гардишгарон, гардишгарони фарҳангӣ маҳсуб мешаванд ва бояд бавасилаи созмоне, ки аз идғоми ин ду ин ду созмон ташкил мешавад, мудирият шаванд. Чаро ки тавассути он метавон ба тақвияти бахши мероси кишвар кумак кард.

Нуктае, ки дар ин миён аз дағдағаҳои мудирон аст ва аз он ғофил мондаем, ин аст, ки бояд бипазирем. Гардишгарӣ як тиҷорат аст ва то вақфи фазои тиҷориро барои гардишгарӣ омода накунем, наметавонем ба унвони як кишвари гардишгарпазир муаррифӣ шавем. Ба иборати дигар дар заминаи гардишгарӣ пеш аз он ки дағдағаи мерос дошта бошем бояд нигарони масоили тиҷории гардишгариро дар кишвар дошта бошем.

Анҷоми таблиғоти муносиб тасҳили фаъолиятҳои пулӣ ва бонкӣ дар бахши гардишгарӣ, тавсеаи ҳамлунақл ва тақвияти бахши хусусӣ ва ширкатҳои фаъоли гардишгарӣ, афзоиш ҳутелҳои стандорд, ҳимоят ва фаъолияти дафотари гардишгарӣ дар хориҷи кишвар, омӯзиши коркунони ҳирфаӣ. ва… бахше аз дағдағаҳои гардишгарии кишвар метавонад бошад, ки истифодаи мудирон аз LCT беҳтарин роҳ мумкин дар расидан ба ин аҳдоф аст.

**Тангноҳо ва мушкилоти LCT дар гардишгарии Эрон.** Истифода накардан аз бартариҳо ва фурсатҳо метавонад ба таҳдид табдил шавад. Илова бар он бархе аз таҳдидҳо ва нигарониҳо дар бахши LCT ва тиҷорати электруники Эрон, ки гардишгарӣ бахше аз он ба шумор меояд, иборатанд аз:

Пойин будани хадамоти корбурди мухобирот, яке аз маҳдудиятҳои муҳим барои густариши LCT пойин будани хадамоти корбурди мухобирот аст. Вазъияти пуст ҳам ба лиҳози кайфияти дастрасӣ ба имконоти пустӣ чандон матлуб нест ва барои ҳар 12 ҳазор нафар танҳо як дафтари пустӣ вуҷуд дорад.

Яке дигар аз мазлумоти густариши LCT ва ET фароҳам намудани зерсохтҳои ҳуқуқӣ аст.

Тиҷорати электруник, ки гардишгариро низ дар бар мегирад, шомили мубоҳисе чун робитаи ҳуқуқӣ ва қарордодҳо, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳарими хусусӣ, ҳимоят аз масрафкунанда, масъулияти маданӣ ва қарордорӣ, нақши мурочеъ гувоҳи электруник дар ибъоди миллӣ ва масоили марбут ба ойини додрасии маданӣ ва тиҷорӣ, пардохтҳои электруник шомили пули электруник ва кортҳои эътиборӣ, бозорёбӣ ва таблиғот. Мақулаи стандортҳои сахтафзорӣ ва нармафзорӣ дар заминаи бистарҳои нармафзорӣ марбут ба тиҷорати электруник ва масоили марбут ба системаи молиёт ва гумрукот ва ҳамлу нақли байналмилалиро дар бар мегирад.

Аз ҳама муҳимтар фуқдони маҷмӯаи мудавван ва ба ҳангоми қавонини марбут ба LCT ва тиҷорати электроник, набудани афроди мутахассис барои расидагӣ ба даовӣ метавонад мушкилоти зиёдеро дар тавсеа ва густариши фановарии иттилоот ва иртиботот дар гардишгарии кишвар ба дунбол дошта бошад.

Набуди ниҳодҳои пуштибон: тавсеаи LCT ба ниҳодҳои муносиб ниёз дорад. Бинобар ин мебояд ҷойгоҳи воҳидҳои мухталифи дастгоҳҳои давлатӣ ва умумӣ бахши хусусӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ (NGO) таъйин шавад, зеро рӯйкарди ҷаҳонӣ ба сӯи эҷоди бештари имкони мушорикати бозори сармоя ва фановарӣ аст.

Дар бахши давлатӣ зербахшҳои тиҷорат, пуст, шӯрои олии иттилоърасонӣ ва шӯрои олии информатик дар заминаи роҳбурди назорат бар LCT фаъолият доранд. Бештарин арсаи ҳузури бахши хусусӣ дар заминаи арзаи хадамоти интуристӣ аст. Дар ин росто таъйини ҷойгоҳи бахши хусусӣ, марокази мушовираи муносиб дар заминаҳои фановарии иттилоот ва иртибототро зарурӣ менамояд.

Номуносиб будани иртибotот: заъфи иртибототи байнишаҳрӣ ва рустоӣ дар бахши дито, боло дурдани ҳазинаҳои муколамоти байналмилалӣ ва пойин будани теъдоди мизбонҳои интуристӣ, нокофӣ будани имконоти пуст, фосилаи зиёди вазъияти фановарии ширкати пуст дар муқоиса бо сатҳи байналмилалӣ, адами баҳрагирӣ аз тавони илмӣ ва фаннии мушовирон, заъфи баҳрабардории матлуб аз имконоту зарфиятҳои эҷодшуда, вуҷуди теъдоди зиёд нерӯи инсонии фоқиди коройӣ, фуқдони системаҳои молӣ ва сохторӣ дар созмонҳои мухталиф, фуқдони омӯзиши муносиб LCT пойин будани огоҳиҳои умумии заъфи маҳоратҳои фаннӣ ва ҳарфаӣ ва пойн будани сатҳи огоҳиҳои умумӣ дар

мавриди LCT, ночиз будани корбурди фановарии иттилоот дар омӯзиши мадорис, кам будани нармафзориҳои омӯзиш ва пойин будани мадорис ва марокази омӯзишии муттасил ба интурист.

Бистарсозии матлуб барои тавсеаи LCT дар сохтори созмоне ниёзманди шинохти кофиву нигариши мусбати мудирон ба заруратҳои ҳузури ин падида дар раванди фаъолиятҳои созмон аст.

Иртиқои санъати гардишгарӣ бо таваҷҷӯҳ ба зарфиятҳои пинҳони он барои равнақи иқтисодӣ ва бавижа афзоиши фурсатҳои иштиғол, аз ҷумла улувиятҳои тарҳҳои тавсеаи кишвар ба шумор меравад. Дар солиёни ахир давлатмардон ва сиёсатгузорон бар ин матлаб таъкидҳои фаровоне иброз дошта ва низ иқдомоти мақтаи мутафовуте низ дар сутуҳи мухталифи мудирияти анҷом додаанд.

Баррасии мушкилоти мудирон ва роҳкориҳои муносиб ҷиҳати коҳиши асари ин мушкилот дар арсаи гардишгарии кишвар метавонад таъсири шигирфе бар пешрафти санъати гардишгарӣ дар Эрон дошта бошад.

Бо вуҷуди ин шинохти як мудир дар ибтидои пруссаи бистарсозии фановарии иттилоот ва иртиботот фановарии иттилоот ва иртиботот дар созмони худ бояд ойиннмаҳо ва қавонинро дар даруни созмони худ таҳия ва озмоиш кунад. Ин ойинномаҳои иҷроӣ (LCT) дар созмон мебояд бо стандардҳо таъйиншуда аз ҷониби мароҷеи зиислоҳ ва ниёзҳои созмонӣ ҳамоҳанг ва ҳамсоз бошанд.

Бо таваҷҷӯҳ ба аҳамияти нақши LCT дар тавсеа ва густариши фарояндҳои созмонӣ, ҳар мудири пешрав ва оянданигар ногузир аз анҷоми заминасозиҳои лозим ва анҷоми мушовираҳои амаливу фаннӣ бо соҳибони дониши LCT аст. Дар натиҷа барои боқимондаи мудирон дар арсаи рақобатҳои иқтисодӣ ва гардишгариву сабқат аз дигарон бояд абзорҳо ва лавозими мухталифи иттилоотӣ ва иртибототӣ бо диди равшан аз ниёзҳои созмон таъмин ва роҳандозӣ шаванд.

Танҳо истифода аз LCT аст, ки метавонад зимни афзоиши даромади корӣ дар ҳавзаи гардишгарӣ, дар коҳиши ҳазинаҳои зоид ва ғайризарурӣ муассир бошад. Насли ҷадиди мудирони гардишгарӣ ва ҳотелдорӣ аз омӯзишҳои амалӣ дар бораи фановарии иттилоот ва иртиботот бархӯрдор ва бинобар ин аз арзиши абзорҳои ҷадид огоҳ ҳастанд.

Ин насл мулзам ба истифодаи васеъ аз фановарии иттилоот ва як дигаргунӣ дар бахши мушаххасе аз касбу кор ба унвони намунае ҳастанд, ки бунгоҳҳои иқтисодии кучак ва мутавасит гардишгариро қодир месозад то сатҳи рақобатпазирии худро ҳифз кунанд ва равнақи бозор ва пешрафти худро афзоиш диҳанд. Дар таҳқиқи ҳозир мушаххас гардид, ки як мудири муваффақ дар арсаи гардишгарӣ бо дар даст доштани абзорҳое чун тарроҳии алгуҳои муносиби гардишгарӣ, дастрасӣ ба додаҳои ҷомеъ, дақиқ ва ба рӯзу таъйини роҳкориҳои муносиб барои расидан ба алгӯи тарроҳишудаи муносиб, ки бо абзорҳои фановарии иртибототи LCT муяссар аст, метавонад гомҳои баланд дар ин санъат бардошт. Аз ҷумла мушкилоти мавҷуд дар сари роҳи гардишгарии мухобиротӣ ва пустӣ, набуд зерсохторҳои ҳуқуқӣ, набуди ниҳодҳои пуштибон, заъфи иртибототи байнишаҳрӣ ва рустоӣ дар бахшҳои гуногун ва ….. ки бо истифода аз назари коршиносони бахши LCT метавон тасмимоти муносиб ва шоистаеро барои иртиқои ҳар чӣ бештари ин санъат гирифт ва уфуқи равшанеро барои он мутасаввир шуд.

## АДАБИЁТ


1. Ҳасанзода Сирус. Дигаргунии фаъолиятҳои иҷроии ҷаҳонгардӣ бо LCT, нашрияи гардишгарӣ, шумораи 21, 1383.
2. Ҳасани Фарнавад. LCT ниёзи имрӯзи мудирони фардо, нашрияи Дунёи иқтисод, 82, 5, 18, 1382.
3. Сиддиқ Зироатӣ Ҷаъфар. Бозорёбии байналмилалии гардишгарӣ. Маҷаллаи мусофирон, шумораи 33, 1383.
4. Вазорати бозоргонӣ. LCT дар Эрон – тангноҳо ва мушкилот ба ривояти Вазорати бозоргонӣ, Маҷаллаи Фарҳанги оштӣ, 1381, 12, 26, 1381..


## ПРОГНОЗИРУЕМЫЙ МЕНЕДЖМЕНТ В LCT С АКЦЕНТОМ НА ТУРИЗМ


В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению развитие сферы туризма в Исламской Республике Иран, а также использование различных информационных систем в продвижении данной отрасли экономики в Иране.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** туризм, менеджмент, прогнозируемый менеджмент, информационные технологии.


## PREDICTED MANAGEMENT IN LCT WITH EMPHASIS ON TOURISM


In this article the author subjected to consideration and studying development of the sphere of tourism in the Islamic Republic Iran, and also uses of various information systems in advance of this branch of economy in Iran.



**KEY WORDS:** tourism, the management, predicted management, information technologies.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хурия Рустамзод*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ШЕВАҲО ВА АРЗАҲОИ ХАДАМОТИ МОЛӢ БА БУНГОҲҲОИ ХУРД ВА МИЁНАИ ЗУДБОЗДЕҲ

*Муҳаммад Содиқ Ҳасании Ҷӯрёбӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҳимтарин ҳадаф дар тиҷорат чи аз нигоҳи равишҳои бисёр пешрафтаи электронӣ ва чи аз нигоҳи равишҳон суннати қадимӣ - дастёбӣ ба пул ва суди бештар аст. Табиатан дар ин миён нақши бонкҳо ва муассисоти иқтисодӣ дар нақл ва интиқоли пул бисёр ҳаётӣ аст.

Дар соли 1994 интернет илова бар ҷанбаҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ, қобилиятҳои тиҷории худро низ ба намоиш гузошт ва ба ин тартиб, бистари бисёр муносиберо барои анҷоми анвои фаъолиятҳои бонкдорӣ ва иқтисодӣ фароҳам намуд. Дар ин миён муассисоти тиҷорӣ ва бонкҳо дар кишварҳои пешрафта аввалин ниҳодҳое буданд, ки талоши ҷиддии худро барои истифодаи ҳар чи бештар аз ин ҷараён ба кор андохтанд. Маҳсули талоши онҳо низ ҳамон бонкдории электронии имрузӣ аст.

Аз он ҷо, ки бонкдории тиҷорати электроникӣ як баҳси бисёр тахассусӣ ва дар айни ҳол бисёр печида мебошад, аз ин рӯ, татбиқи он бо сиёсатҳои тиҷорӣ ва иқтисодӣ бар сиёсатҳои мунсаҷҷам ва ҳамоҳанг дар ин замина тавонистаанд бонкҳои бузургеро дар коҳиши бӯҳронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ки бекории умдатарини онҳо ба шумор меоянд, бардоранд.

Умдатарин далоили таъсиси бонкҳои хурд ва миёна иборатанд аз:

- Хусусисозии муҷтамаъҳои саноати бузург;
- Имконоти тавсеаи фардӣ;
- Афзоиши баҳраварӣ. Ҳамчунин, шиносоии халлоиҳои мавҷуд дар бозор, муштаригароӣ.

Аҳамият додан ба кайфияти мол ва хидмат (мудирити кайфӣ), созмондиҳии корти муносиб, истифода аз неруи кории моҳир ва ҳузури интернетиро метавон, аз ҷумлаи омилҳои муассир дар мувафақиятҳои ширкатҳои хурд ва миёна донист.

Мушаххасоти бунгоҳҳои хурд ва миёна: дар муқобили тағйироти бозор ва муҳит инъитофпазиранд; фаъолиятҳо ва ибтикори амали афрод дар ин бунгоҳҳо сареҳанд ва ба натиҷа мерасанд; сармояи авали мавриди ниёзи ин бунгоҳҳо маҳдуд аст; корои сармоя дар ин бунгоҳҳо боло аст; ин ширкатҳо муҳаррики аслии таҳаққуқии корофаринӣ ҳастанд.

Бо таваҷҷӯҳ ба аҳамият ва нақши бунгоҳҳои хурд ва миёна дар рушди иқтисодӣ ва тавсеаи содирот давлатҳо мебояд дар тасмимгирӣ ва сиёсатгузории худфаъолиятҳои ҳадафмандеро пайгирӣ намоянд.

Таърифи бунгоҳҳо ва иқтисоди хурд ва миёна дар бархе аз кишвархои мунтахаби ҷаҳон. Олмон Ширкатхои саноатӣ ва хадамотие, кн шумораи коршиносон аз 250 нафар иборат бошад, кишвар ниёз ба таҳқиқ ва барномарезии дақиқ дорад. Дар ин мақола талош мешавад, то шеваҳо ва абзорҳои хадамоти молӣ ва бунгоҳҳои хурд ва миёнаи зудбоздеҳ дар се бахш ба шарҳи зер баррасӣ шаванд:

Дар бахши аввал вазъияти (таориф) бунгоҳҳои иқтисодии хурд ва миёна дар ҷаҳон ва Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар бахши дуюм вазъияти бонкдорй дар Эрон бо тамаркуз бар бонкдории электронӣ ба унвони зерсохти тавсеаи тиҷорати электронӣ ба унвони яке аз абзорҳои мавриди истифода дар бонкҳои иқтисодии хурд ва миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар бахши сеюм сайъ гардида, то хадамоти молии қобили ироя ба бунгоҳҳои хурд дар Эрон, бо таваҷҷӯҳ ба маҳдудиятҳо ва зерсохтҳои ҳуқуқӣ ва қонунии феълӣ, ки ниёзҳои бунгоҳҳои иқтисодии хурд ва миёнаро муттафеъ менамояд, ироя гардад

Вазъияти (таъриф) бунгоҳҳои иқтисодии хурд ва миёна дар ҷаҳон ва Эрон Дар кишварҳои пешрафта бунгоҳҳои хурди иқтисодӣ аҳамияти махсусро дар таодули иқтисодӣ доранд. Ҷойгоҳи муассисоти хурд, ки баъзан дар бахши хадамот ва бозоргонӣ фаъолият менамояд, фоизи аҳамият мебошанд, ки маҷмӯаи саҳми умдае аз бозоррс ба худ ихтисос дода ва гурӯҳи азиме дар ин муассисот машҳуд ба кор мебошанд. Аз ин ҷиҳат ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи ниҳодҳои сиёсатгузории иқтисодӣ қарор доранд.

Ин гуна муассисот ба таносуби худ рушд мекунанд. Рушди онҳо маъмулан пӯшида ба сармоя намебошад ва дар ин миён ибтикор, истифода аз фурсатҳои муносиб ва бакоргирии шеваҳои муносиби бозорёбӣ аз аҳамияти хосе бархӯрдор аст.

Аз нигоҳи ҷомеаи байналмилалӣ ва муассисоти мухталифи ҷаҳонӣ ҳамчун бонки ҷаҳонӣ ва сандуқи байналмилалии пул низ бунгоҳҳои хурд ва миёна (SME) нақши таъйинкунандае дар эъҷоди иштиғ ол, шукуфой ва равнақи иқтисодии ҷомеа доранд, ба тавре. ки кишварҳои тавсеаёфта ва дар ҳоли тавсеа, махсусан дар шаҳр ва ҷанубу шарқи Осиё, бо дар пеш гирифтани Вазорати саноати Канада меъёри теъдоди коркунонро ба кор мегиранд бар ин асос:

Як бунгоҳи тавлиди молӣ бо камтар аз сад нафар хурд талаққӣ мешавад, ҳол он ки барои бунгоҳҳои хадаматӣ нуқтаи тамоиз камтар аз 50 нафар аст. Бештар аз меъёри боло то марзи 500 нафар бунгоҳи миёна «MEDIUM» талаққӣ шуда ва SMALL AND MEDIUM ENTERPRISES ба кулли бунгоҳҳои машмули ду меъёри мазкур итлоқ мегардад. Аз чаҳордаҳ як ҳиссаи бунгоҳҳои хурд ва миёнаи Канада дар тавлиди молҳо ва бақия дар бахши хадамот фаъол ҳастанд.

Австрия Таърифи роҷеъ SMEs дар Австрия, ҳамон таърифи иттиҳодияи аврупост, ки бар асоси он бунгоҳҳое, ки теъдоди коркунони онҳо камтар аз 250 нафар бошанд, бунгоҳи хурд ва миёна ба ҳисоб меояд. Мутобиқи ин таъриф, бунгоҳҳое, ки теъдоди коркунони он камтар аз 50 нафар бошанд, бунгоҳи хурд ва бунгоҳҳое бо коркунони байни 50 то 250 нафар бунгоҳи миёна маҳсуб мегарданд.

Тайван Дар қонунҳои кишвари Тайван аз чанд меъёр барои таъриф ва шиносоии бунгоҳҳои хурд ва миёна истифода мешавад. Ин меъёрҳо иборатанд аз мизони сармояи таахҳудшудаи як бунгоҳ, маҷмӯаи дороиҳо ва ҳуҷуми фурӯш. Бар асоси меъёрҳои боло, дар мавриди бунгоҳҳои тавлидӣ, чунончи мизони сармояи сабтшудаи онҳо камтар аз 40 млн. доллори Тайван аз маҷмӯаи дороиҳост. Камтар аз 120 млн. доллори Тайван бошад, бунгоҳи хурд ва миёна ба ҳисоб меоянд. Малоки таърифи бунгоҳҳои хурд ва миёна барои бунгоҳҳои ғайритавлидӣ ҳуҷуми фурӯши онҳо мебошад. Бар асоси ин меъёр, дар бунгоҳҳои тиҷорӣ ҳамлу нақл ва хадамоти мизони фурӯши камтар аз 40 млн. доллори Тайван бошад, он бунгоҳ як бунгоҳи хурд ва миёна маҳсуб хоҳад шуд.

Малайзия Муассисаи тавсеаи саноати хурд ва миёна (SMIDEC) ба унвони муҳимтарин ниҳоди робитадор бо тавсеа ва густариши нақши бунгоҳҳои хурд ва миёна аз ду меъёр барои шиносоӣ ва таърифи бунгоҳҳои хурд ва миёна истифода мекунад, ки иборатанд аз:

- Теъдоди коркунон ва мизони гардиши молии солонаи ширкат бар асоси ин ду меъёр, бунгоҳҳое, ки теъдоди коркунони тамоми онҳо камтар аз 150 нафар буда, вуҷуди гардиши молии солонаи онҳо низ камтар аз 25 млн. ринкити (воҳиди пули Малайзия) бошад, бунгоҳи хурд ва миёна ба ҳисоб меоянд.

Нуктае, ки дар мавриди таърифи бунгоҳҳои хурд ва миёна дар Малайзия вуҷуд дорад, он аст, ки бо таваҷҷӯҳ ба сиёсатҳои хоси давлат, барои пешбурди тавсеаи иқтисодӣ дар манотиқи камтар тавсеаёфта, дар ин гуна манотиқ таърифи бунгоҳҳои хурд ва миёна ба гунае таъдил мешавад, то битавонад доманаи васеътаре аз бунгоҳҳоро дар бар гиранд ва роҳ барои анҷоми ҳимоятҳои бештар аз теъдоди афзӯнтаре аз ин бунгоҳҳо ҳамвор гардад.

Фаластин Дар Фаластин аз ду меъёр барои таъриф ва шиносоии бунгоҳҳои хурд ва миёна истифода мешавад:

Меъёри нахустин-шумораи коркуноне, ки тамоми вақт машғул дар ин гуна бунгоҳҳост ва дуюмин меъёр-мизони дороиҳои сабтшудаи бунгоҳҳост.

Бар асоси ду меъёри боло, дар Фаластин он даста аз воҳидҳое бунгоҳи хурд ва миёна шинохта мешаванд, ки шумораи коркунони тамоми вақт онҳо камтар аз 200 нафар бошад ва илова бар он, маҷмӯаи дороиҳои сабтшудаи онҳо низ беш аз 40 млн. пузу набошад.

Кореяи Ҷанӯбӣ. Аз меъёри коркуноне, ки машғул дар бунгоҳҳо барои шиносой ва табақабандӣ истифода мешавад, бар асоси ин меъёр дар бунгоҳҳои тавлидӣ, чунончи теъдоди коркунон камтар аз 300 нафар бошад, он бунгоҳи хурд ва миёна ба ҳисоб меояд. Ин меъёр барои бунгоҳҳои хурд ва миёнаи хадаматӣ, теъдоди коркунон камтар аз 20 нафар аст.

Дар бархе мавридҳо, аз меъёри дигаре низ истифода мешавад. Ин меъёр мизони маҷмӯаи дороиҳои бунгоҳҳост, ки бар асоси он бунгоҳҳои хурд ва миёнаи он даста аз бунгоҳҳое хатсанд, ки мизони маҷмӯаи дороиҳои онҳо камтар аз 80 млрд. ва (воҳиди пули Кореяи Ҷанӯбӣ) бошад.

Эрон. Дар моддаи 2 Оинномаи иҷроии густариши бунгоҳҳои хурди иқтисодии зудбоздеҳ ва корофарин, бунгоҳҳои хурд ба воҳидҳои тавлидӣ (молҳои хадаматӣ) гуфта мешавад, ки мизони иштиғ оли онҳо камтар аз 50 нафар бошад.

Корофаринӣ. Вожаи корофаринӣ аз ка пимаи фаронсавии Enterprendre ба маънои мутааҳҳид шудан гирифта аст.

Бинобар таърифи вожаномаи донишгоҳии Webster корофарин касе аст, ки мутааҳҳид мешавад, мухотираҳои як фаъолияти иқтисодиро созмондеҳӣ, идора ва тақаббул мекунад.

Таърифи корофаринӣ. Иқтисоддонон нахустин касоне буданд, ки дар назарияҳои иқтисодии худ ба ташреҳи корофарин ва корофаринӣ пардохтанд. Жозеф Шумпитер корофариниро неруи муҳаррики аслӣ дар тавсеаи иқтисодӣ медонад ва мегӯяд: «Нақши корофаринӣ навоварӣ аст. Аз дидгоҳи вай, ирояи молҳои нав, ирояи равише нав дар ҷараёни тавлид, ёфтани манобеи нав ва эҷоди ҳар гуна ташкилоти нав дар санъат ва аз фаъолиятҳои корофаринон аст.

Крезнер низ, ки аз устодони иқтисоди Донишгоҳи Ню-Йорк мебошад, корофариниро ин гуна ташреҳ мекунад: «Корофаринӣ, яъне эҷоди созгорӣ ва ҳамоҳангии мутақобили бештар дар амалиёти бозорҳо».

Дар маҷмӯи корофаринӣ фароянде аст, ки мунҷар ба эҷоди ризоятмандӣ ва ё тақозои нав мегардад.

Навъҳои корофаринӣ: Корофарини созмонӣ фарояндест, ки дар он маҳсулот ё фарояндҳои навоваришуда аз тариқи илҳо ва эҷоди .фарҳанги корофаринона дар як созмони аз қабл таъсисшуда ба зуҳур мерасанд. Ба таърифе дигар, фаъолиятҳои корофаринона фаъолиятҳое аст, ки аз манобеъ ва ҳимояти созмонӣ ба манзури дастёбӣ ба натиҷаҳои навоварона бархӯрдор мебошад.

Корофаринии мустақил фардест, ки масъулияти аввалии вай ҷамъоварии манбаъҳои лозима барои шурӯи касбу кор аст ва ё касе, ки манбаъҳои лозим барои шурӯъ ва ё рушди касбу корро басиҷ менамояд ва тамаркузи ӯ бар навоварӣ ва тавсеаи фароянд, маҳсул ё хадамоти нав мебошад. Ба иборати дигар, корофарин фарде аст, ки як ширкатро эҷод ва идора мекунад ва ҳадафи аслии он судоварӣ ва рушд аст. Мушаххасаи аслии як корофарин навоварӣ мебошад.

Дар ин мақола он чи мавриди назар мебошад, эҷоди бунгоҳҳои иқтисодии хурд ва миёна ё зудбоздеҳи миёнаи корофаринони мустақил мебошад.

Чолишҳои бунгоҳҳои иқтисодии хурд ва миёна дар. Эрон парокандагии мавзӯи ва гуногунии фаъолиятҳои хурд.

Гуногунии ниҳодҳо ва дастгоҳҳои вазифадор ба ҳимоят аз бунгоҳҳои иқтисодии хурд ва миёна дар вазоратхонаҳо, ё созмонҳои гуногун, имкони баҳрамандии ин воҳидҳо аз ҳимояти давлатро ба ҳадди ақал расонда ва барномарезии молҳои давлат барои тавсеаи саноати хурд, аз як тараф ва мушиклот ва мулоҳизоте, ки ин саноат бо он рӯбарӯ ҳастанд, аз тарафи дигар, потенсиали сармогузорӣ дар ин бахшро печида сохтааст.

Осебпазирии онҳо дар муқобили навсоноти иқтисодӣ (ба чиҳати он, ки стратегияи саноати татбиқкунанда бар тавсеаи саноати хурд ва миёна, бистари муносибе барои тавсеаи фаъолиятҳои ин воҳидҳоро фароҳам намудааст), ҳамчунин алоқамандии давлат дар вуруд ба тамоми умури иқтиисоди ва муҳимтар аз он рақобат  бо бахшҳои таовини ё хусуси маҳдудияти воҳидҳои хурд, ё миёнаро дучандон сохтааст.

Камбуди нақдинагӣ ба унвони чолиши асосии бисере аз саноати хурд ва миёнаи кишвар бо вуҷуди фаъолияти 70 ҳазор бунгоҳи иқтисодии хурд ва зудбоздеҳ дорой муҷаввиз аз созмони саноатии хурд ва шахракҳои саноатие, ки ба танҳоӣ 90% воҳидҳои иқтисодии кишварро ташкил медиҳанд, мутфассифона, то кунун бистари муносибе барои иртиқои фаъолиятҳо ва густариши ин бунгоҳ дар кишвар фароҳам нашуда ва лозим аст барои рушд ва шукуфоии ҳарчи бештари иқтисоди кишвар чунин бистаре бо зудудани бархе муқарраротӣ даступогире алалхусус дар бонкҳо ба вуҷуд ояд. Дар ҳоли ҳозир, шароите ки бунгоҳҳо барои таъмини қарз ва эътиборот ба бунгоҳҳои хурд ва миёна дар назар мегиранд, бар зидди поён будани саҳми онҳо нисбат ба эътибороти ширкатҳои калон бисер номуносиб аст. Чунин шароити таъмини моли барои бунгоҳҳои хурд ва миёна дар муқоиса бо ширкатҳои калон мушкилтар аст ва ин масъала, махсусан ҳангоми таъсиси чунин бунгоҳҳое бештар таъмин мешавад. Дар кишвари мо иштигол ба унвони як чолиши асосӣ беш аз ҳар масъалаи дигаре ба анҷоми иқдомоти иҷрой ниёзманд аст. Бо ин нигораши иштигол мутаассир аз сармоягузорӣ аст, бинобар ин, ҳеҷ иқдоме монанди фароҳам кардани заминай сармоягузорй наметавонад дар заминаи рушду иртиқои бунгоҳҳо ва воҳидҳои иқтисодии хурд ва зудбоздеҳ муассир бошад. Бар асоси таҷрибаи дигар кившарҳо, ки мавқеиятҳои зиёде дар ин ба даст овардаанд, ҳимоят аз ин бунгоҳҳо дар коҳиши нархи бекорӣ бисёр муассир будааст.

Дар хусуси фаъолият дар ҷиҳати равнақи бунгоҳҳои зудбоздеҳ. Ҳайати вазирон бо ҳадафи созмондеҳии фаъолиятҳои давлат дар заминай густариши бунгоҳҳои хурди иқтисодии зудбоздеҳ, оикномаи иҷроии густариши бунгоҳҳои хурди иқтисодии зудбоздеҳ ва корофаринро дар таърихи 05.09.1384 ба тасвиб расонд. Оқибати он бонки маркази маблаги 72 ҳазор млрд. риёл аз манбаъҳои бонкҳои кишварро ба ин амр ихтисос дод. Ба сабаби ин масоба, барои бунгоҳҳое, ки бо теъдоди зери 50 нафар персонал қодир бошанд, дар тӯли муддати ҳадди аксар ду сол, барои муқтазиёни кор, машғ ули пойдори эҷодӣ намоянд таҳсилоти пардохта хоҳад шуд.

Дар ин замина, ҳайати давлат ба манзури афзоиши зариби итминони бонкҳо барои бозпардохти таҳсилоти пардохтӣ ба тарҳҳои тавҷеҳдори бонкҳои зудбоздеҳ ба онҳо иҷозат дод, маблағе муодили 7% мизони касрии васиқаҳои мавриди қабули бонкро ба унвони кормузди пӯшиши риск фақат барои як бор дарёфт кунанд.

Хадамоти молӣ ва нақши бонкҳо дар рафъи ниёзҳои бонкҳои хурд ва миёна. Надоштани дастрасии осон ба таҳсилоти бонкӣ дар бисёре мавридҳои рушди бонкҳои хурд ва миёнаро бо мушиклоте рӯбарӯ, месозанд. Аз ин рӯ, дар бархе кишварҳо воситаҳои моли ғайрирасмӣ падидор мешаванд ва халлои мавҷудро то ҳадде пур мекунанд. Аксари ин воситаҳо қарздиҳандагони суннатӣ ҳастанд. Нуқтаи аслии онҳо ин аст, ки метавонанд ниёзҳои маҳдуди молии корофариниро ба суръат таъмин кунанд. Аммо ҳазинае аст, ки ба хотири риски боло аз корофаринон талаб мекунанд.

Ба манзури афзоиши саҳми бахши молии расми дар бозор бар меоянд, то системаи бонк тахассуси ҳамонанди бонкҳои тавсеаи саноати ё бонкҳои кишоварзӣ эҷод кунанд. Вазифаи ин муассисоти тахсиси қарзҳои субсидишуда мебошад. Дар бисере аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа ин муассисот дар ҳадди васати бахшҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ амал мекунанд. Ҳадаф ин аст, ки манбаъҳои молӣ ба самти қишрҳои фақири ҷомеа, бавижа корофаринони хурд савқ ёбад. Ин амр аз тариқи атои қарзҳои хурд муясар мегардад. Ин сабк аз атои эътибор на танҳо ба беҳбуди зиндагии корофаринони хурд кумак мекунад, балки бо роҳандозии бунгоҳҳои хурд ба тақвияти иқтисоди миллӣ низ мунҷар мегардад.

Маъмурияти бонки Давича Осглойшиз-бонки Олмон Бонки Давича Осглойшиз бонк яке аз воситаҳои молӣ аст, ки дар чаҳорчӯби барномаи иқтисодии Олмон бо ҳадафи кӯмак ба корофаринон дар роҳандозии касб ва корашон фаъолият менамояд. Ин бонк дорои шӯъбаҳои кишварӣ намебошад ва ба ҳамин хотир, бо бонкҳои маҳаллӣ вориди карордод мешавад, то аз хадамоти онҳо (хадамоти монанди арзёбии дархости қарз, тахассуси қарз, дарёфти ақсоти қарз ва назорат бар эътиборот) дар сатҳи маҳаллӣ бахрагирӣ кунад.

Давича Осглойшиз бонк ба манзури ризои дархосткунандаи қарз, ҳамонанди дигар бонкҳо амал накарда ва умдатан бар тавонмандиҳои фарди корофарин мутамарказ мешавад. Бадеҳист, ки корофаринони моҳир ва воҳиди шароит, ки дорои пуружаҳои, дақиқ ва ҳисобшуда ҳастанд, муваффақтар амал хоҳанд кард. Нуктаи аҳамият дар атои таҳсилоти он аст, ки бонк аз ин афрод бобати таҳсилоти атоии худ васиқа намегирад, то корофаринон битавонанд, кори худро бо пуштибонаи сармояе қаввитар оғоз кунанд. Нархи мавқеияти ширкатҳое, ки бинобар завобити бонки Давича Оглойшиз роҳандозӣ мешаванд, 90% аст, ки ин ширкатҳо пеш аз 5 сол дар бозор давом доранд. Бонк илова бар ирояи таҳсилоти молӣ, мушовараи мудириятӣ низ ба корофаринони нав ироя медиҳад ва дар иртиботи танготанг бо дигар ниҳодҳои робитадор бо бунгоҳҳои хурд ва миёна фаъолият мекунад.

Далелҳои поён будани фароянди эҷоди машғул дар бунгоҳҳои хурд ва миёна дар рақобатпазирӣ: а) андозаи хурди саноат; б) технологияҳои тавлидии сармоя; в) бетаваҷҷӯҳӣ ба ширкатҳои хурд ва миёна (табъизоти идорӣ ва сиёсӣ ва адами дастрасӣ ба зерсохтор).

Дар Эрон бо таваҷҷӯҳ ба нархи болои бекорӣ бояд бештар ба бунгоҳҳое таваҷҷӯҳ шавад, ки дорой технологияи корбурд мебошанд.

### ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ФИНАНСОВЫХ СЛУЖБ В ПОДДЕРЖКЕ СРЕДНИХ И МАЛЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В статье рассматриваются различные определения малых и средних предприятий. Исследуются их различные показатели, как занятость, банкротство, прибыль, электронный бизнес, кроме того, рассматривается деятельность финансовых служб в поддержке средних и малых предприятий.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** малые и средние предприятия, показатели, занятость, банкротство, прибыль, электронный бизнес, финансовые службы.

### ACTIVITY OF FINANCIAL SERVICES IN SUPPORT OF MEDIUM-SIZED AND SMALL ENTERPRISES

In article various definitions of small and medium-sized enterprises are considered. Their various indicators as employment, bankruptcy, profit, electronic business besides, is considered activity of financial services in support of medium-sized and small enterprises are investigated.

**KEY WORDS:** small and medium-sized enterprises, indicators, employment, bankruptcy, profit, electronic business, financial services.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Содик Хасании Джурёби*** – соискатель Таджикского национального университета.

## ТАЪСИРИ ТАВОНМАНДСОЗИИ КОРКУНОН ВА ТААҲҲУДИ ШУҒЛИИ ОНОН ДАР РУШДИ СОЗМОН

***Дониёр Ҷовидӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихчаи аввалин таъориф аз ислоҳи тавонмандсозӣ ба соли 1788 бар мегардад, ки дар он тавонмандсозиро ба унвони тафвизи ихтиёр дар нақши созмонии худ медонистанд, ки ин ихтиёр мебоист ба фард ато ё дар нақши созмонии ӯ дида шавад. Ин тавонмандсозӣ ба маънои иштиёқи фард барои масъулияти вожае буд, ки барои аввалин бор ба таври расмӣ ба маънои посухгӯӣ тафсир шуд. Гиру дар соли 1871 ба таорифи роиҷи фарҳанги луғат аз тавонмандсозӣ ишора мекунад, ки шомили

тафвизи ихтиёр, тафвизи қудрати конунӣ, вогузории маъмурият ва қудрати бахшӣ аст. Дар соли 1990 Гондиз тавонмандсозиро ба тафвизи иттихози тасмим ба коркунон мафҳумсозӣ кард. Билохира Лӣ дар соли 2001 тавонмандсозиро заминае барои афзоиши гуфтумонҳо, тафаккури интиқодӣ ва фаъолият дар гурӯҳҳои кӯчак медонад ва ишора мекунад, ки иҷоза додан ба фаъолиятҳое дар ҷиҳати ҳаракат ба сӯи мубодила, тақсим ва полоиши таҷриботи тафаккур дидан ва гуфтугӯҳо аз аҷзои аслии тавонмандсозӣ ҳастанд (Нодирӣ 1386).

Ба назари Ропилӣ тавонмандсозӣ як мафҳум, як маҷмӯае аз рафторҳо ва як барномаи созмонӣ аст. Ба унвони як мафҳум иборат аса, аз атои ихтиёри тасмимгирӣ ба унвони як маҷмӯае аз рафторҳо ба маънии саҳим кардани гурӯҳҳои худгардон ва афроди дар таъйини сарнавишти ҳирфаии худ ва ба унвони як барномаи созмонӣ ба кулли нерӯи кор, фурсати бештаре барои озодӣ, беҳбудии ба коргирии маҳоратҳо, дониш ва тавони билқувваи онон дар ҷиҳати хайру салоҳи худ ва созмонашон ато мекунад. (Дастранҷ, 1383).

Тарлоксан тавонмандсозиро фароянди тағйири амалкарди коркунон аз вазъияти он чи, ки ба онҳо гуфта шавад, анҷом диҳанд ба «он чи ки ниёз аст анҷом диҳанд» таъриф мекунад (Гидованд 1385).

Тавонмандсозӣ ҳам аз тариқи фарояндҳои расмӣ ва ҳам ғайрирасмӣ ҳосил мешавад. Ҳар ду мавриди ниёзанд ва бо ҳам таомил доранд ва якдигарро тақвият мекунанд. Ҳар таомиле, ки байни сарпараст ва корманд рух медиҳад, фурсати билқуввае барои тавонмандсозии дуҷониба аст. Ҳамчунин тавонмандсозӣ мустализими тағйироти сохторӣ ва низомӣ дар созмон, аз ҷумла кӯтоҳ кардани хутути иртибот ва ислоҳи низоми подош аст. (Кинло 1383).

Бо таваҷҷӯҳ ба мавориди ёдшуда, ҳарчанд тафвизи ихтиёри пояи аслии фароянди тавоносозии коркунон ба шумор меояд, аммо барои таҳқиқи комили он шароити дигаре низ лозим аст. Бинобар ин, фароянди тавоносозӣ фароянде аст, шомили ду марҳила:

1. Фароянди тақвияти иззати нафси аъзои созмон аз тариқи шиносоӣ ва муаррифии шароит ва авомиле, ки эҳсоси адами бархурдорӣ аз қудратро дар афрод муҷиб шуда.
2. Талош дар ҷиҳати рафъи шароит ва авомили ёдшуда, бо кӯмаки иқдомоти расмӣ дар созмон (Пайдоӣ 1388).

**Зарурат ва аҳамияти тавонмандсозии нерӯи инсонӣ.** Дар солҳои охир талошҳои зиёде барои беҳбуд ва ислоҳи созмонҳо анҷом шудааст, ки ҳалли мавзуоте монанди коҳиши силсиламаротиб ва девонсолорӣ, ташкили тимҳои фаъол ва мушоракат дар тасмимгирӣ дар поинтарин радаи созмонӣ мебошад. Навофаринии созмонҳо ва гироиши онҳо ба сӯи ширкатӣ шулан ва тамаркузи зудоҷ ба иллати адами инъитофпазирӣ дар сохторҳои суннатӣ ҷанбае эҷод кардааст, ки ба нақши корманд ва ниёз ба тавонмамдии онон ба унвони маркази сиқули ҳар гуна талош барои хизфи девонсолорӣ ва беҳбуди хадамот ба муштариён мавриди таъйини ҷидди қарор гирифтааст. Тавонмандсозӣ ҳаракате аз низоми тасмимгирии силсиламаротибӣ тавассути мудирон ба низоми коҳиши силсиламаротиби назорат ва тасмимгирӣ тавассути радаҳои поён мебошад.

Беҳтарин роҳ барои коҳиши бюрократия таъкид бар тақозои муштарӣ ба ҷои тақозои мудирият аз тариқи тавонмандсозии коркунон мебошад (Шилтон 2002).

Фароянди тавонмандсозӣ ба тафвизи ихтиёри тасмимгирӣ дар поёнтарин сатҳи мумкини созмонӣ ниёзманд аст. Ҳадафи аслии тавонмандсозӣ ин аст, ки силсиламаротиби суннатии девонсолорӣ дар воқеъ ба ниёзҳои муштариён, на ниёзҳои созмон таъкид дорад. Агар бихоҳем, ки коркунон ба созмон вобастагӣ ва таъҳиди бештаре дошта бошанд, бояд занҷираи фармондеҳии суннатӣ байни корманд ва мудир тағйир ёбад.

Дар созмонҳои бузурге, ки ба созмонҳои девонсолорӣ маъруф ҳастанд, коркунон эҳсос ба қудрат ва дармондағӣ карда ва тамоил ба умур ва фаъолиятҳоро надоранд. Дар ин робита Квин ва Спритзар (1997) матраҳ мекунанд, ки дар созмонҳои бузург коркунон ба нудрат тавонманд ҳастанд. Коркунон дар ин гуна созмонҳо эҳсоси боздорандагӣ доранд ва тамоилоти худро барои анҷоми кори хуб аз даст додаанд. Силсилаи муротаб бар созмон муставли (истило) шудааст.

Руяҳо ва қавонин аз пеш танзимшудаанд. Чунин созмонҳо фақат аз қудрати иддаи коркунон истифода мекунанд, на аз мағзҳои онон. Қудрат дар радаҳои болои созмон мутамарказ шудааст ва радаҳои поёни созмон нотавон ҳастанд. Силсиламаротиб ва занҷираи фармондеҳии назорат дар муҳитҳои касбу кори ҷадид дигар муносиб нест. (Абдулоҳӣ 1385).

Ба таври куллӣ далоили аҳамияти тавонмандсозии коркунонро метавон бад-ин гуна зикр кард:

1. Муштариён доманаи тавқеияти худро дар мавриди кайфият, қимат ва хадамот васеътар карда, авзову аҳвол нишон медиҳад, ки агар созмоне аз ӯҳдаи баровардани ин тавқеот барнаоянд муштариён ба самти созмонҳои рақиб меравaнд.
2. Лузуми таваҷҷӯҳ ба судоварии созмон.
3. Нузуми таваҷҷӯҳ ба рақобати ҷаҳонӣ ва ҳамчунин фишорҳои ворида аз тариқи технологияҳои ҷадид ва низ тағйири зеҳнияти муштариён ҳамагӣ ба ин маъно аст, ки он чи соли гузашта ба назар

хорикальода ва барчаста меомад, чи басо имсол одй чилва кунад. Бад-ин тартиб муҳитҳое, ки аглаб бо тағйироте ҳамчун ошуфтагӣ, иғтишош, талош, печидагӣ, суръат, рақобат ва ба таври куллӣ тағйири инқилобӣ тавсиф шудааст. Нусхаҳое, ки барои асарбахшии созмонӣ ва мудирият печида мешаванд, мусталзими нерӯи кори муньатиф, худфармон ва корофарин мебошанд. Бинобар ин, ба далале, ки баршумурда шуд, созмонҳо ба инъитофпазирии бештаре барои посухгӯӣ ба фишорҳо ва таҳдидоти даруну беруни созмонӣ ниёз доранд ва ҳамчунин мудирон маҷбур ба бознигарӣ ва бозандешӣ дар сабкҳо равишҳо ва рафторҳои мудириятӣ ҳастанд. Имрӯза тавонмандсозии коркунон ба унвони яке аз роҳбурдҳои бақои созмонӣ ва афзоиши амалкард ташхис дода шудааст (Абдуллоҳӣ 1385).

**Мароҳили тавонмандсозӣ:**

1. Марҳилсш тасаллут: Як мудир ҳангоме метавонад афродеро, ки дар ҳайати назораташ ҳастанд тавонманд созад, ки худаш он нерӯҳо ашрофи комил дошта бошад. Дар ин марҳила мудир ба далели иқтисодие, ки дорад тасмим мегирад ва коркунон тасмимҳои ӯро ба марҳилаи иҷро дармеоваранд, то аз ин роҳ ба тавоноиҳои онон афзуда шавад.

2. Марҳилаи машварат: Ҳадафи ин марҳила ин аст, ки афрод ёд бигиранд. Дар ин марҳила мудир бо коркунон машварат мекунад ва ҳатто дар мавориде, ки медонад коркунон иштибоҳ мекунанд, бо онҳо мувофиқат мекунад, то дар амал бо мушкилот бархӯрдор кунанд.

3. Марҳалаи мушоракат: Дар ин марҳила тасмимҳо ба таври муштарак гирифта мешавад.

4. Марҳилаи тафвизи ихтиёр: Дар ин марҳила ба афрод ихтиёр дода мешавад, ки тасмим бигиранд.

**Муҳимтарин авомили берунии муассир бар тавонмандсозӣ.** Маҳракҳои берунӣ ва муҳитии мутааддиде вуҷуд дорад, ки тавонмандсозии коркунонро дар созмон зарурӣ намудааст.

**Таъсири фановарӣ бар муҳитҳои корӣ.** Имрӯза фановарӣ ҷойгузини машоғили такроршуда аст. Ин абзорҳо тағйироти шадиде дар навъи маҳоратҳои мавриди ниёзи афрод ва аъзои созмонҳо эҷод кардааст. Бадеҳӣ аст, барои рӯёрӯӣ бо чунин чолиш коркунон бояд тавонманд шаванд, яъне дар тамоми ҷаҳон рушд намояд (Поктинат Фатҳизода 1387).

**Зарурати инъитофпазирии созмонҳо:** Дар шакли суннатӣ созмонҳо бо сохтори силсиламаротиб ва қудрати мутамарказ дар роаси ҳурум тағйироти умдае дар ҳол рух додаст. Ба эътиқоди бисере аз мудирони олӣ дар муҳите, ки шиддати рақобати ҷаҳонӣ ва фановариҳои навин аз вижагиҳои он ба шумор меояд, дасти бардошт аз назорати мутамарказ боиси афзоиши инъитофпазирии созмонҳо хохад шуд. Дар ин миён тавонмандсозии коркунон беҳтарин фалсафаи адами тамаркуз аст. (Наврӯзӣ 1384).

**Афзоиши интизороти муштариён:** Имрӯза доманаи тавқеоти муштариён дар мавриди кайфият, қимат ва хадамоти бисер васеъгардида вазифаи душворро ба созмон таҳмил кардааст. Ба гунае ки агар созмон аз ӯҳдаи баровардани ин тавқеъот барнаояд бозорро аз даст дода ва муштариён барои дарёфти маҳсул ва хадамоти беҳтар ба самти созмонҳои рақиб хоҳанд рафт. Огоҳӣ аз салиқаи тунӯъи муштариён ва иҷобати хостаҳои онон, дар ихтиёр доштани манобеи инсони тавонмандро иҷоб мекунанд, (Ҳидованд 1386).

**Қавонин ва муқаррароти давлатӣ.** Дар фасли нуҳуми қонуни мудирияти хадамоти кишварӣ тавонмандсозии коркунон дар мавориди 58 ва 62 мавриди таъкид қарор гирифтааст. Моддаи 58 баён медорад, ки созмон муаззаф аст, ба манзури иртиқои сатҳи корой ва асарбахшии дастгоҳҳои иҷрой, низоми омӯзиши кормандони дастгоҳҳои иҷроиро ба гунае тарроҳӣ намояд, ки ҳамроҳ бо мутаносиб сохтани дониш, маҳорат ва нигариши кормандон бо шуғли мавриди назар, ангезаҳои лозимро ҷиҳати мушоракати мустамари кормандон дар фароянди омӯзиш таъмин намояд. Ба наҳве, ки робитаи байни иртиқои кормандону мудирон ва омӯзиш барқарор гардад ва аз ҳадди ақали саронаи соати омӯзишӣ бар асоси муқаррароти марбута дар ҳар сол бархӯрдор гардад. Дар моддаи 62 низ омадааст, ки кормандон муазафанд, ҳамвора нисбат ба тавонмандсозӣ ва афзоиши маҳоратҳо ва тавоноиҳои шуғлии худ иқдом намоянд. Дастгоҳҳои иҷроӣ, шеваҳо ва намунаҳои лозим барои афзоиши тавонсанҷии мудовими кормандони худро, ки тавассути созмон таҳия ва иблоғ мешавад, ба мавриди иҷро хоҳанд гузорид (Ризоипур 1386).

**Шароити созмонӣ заминасози тавонмандсозии коркунон.** Назарияпардозони мудирият ва созмон мӯътақиданд барои он, ки коркунон эҳсоси тавонмандӣ кунанд, бояд шароит ва бистарҳои лозим дар созмон фароҳам шавад. Созмон, мудирият ва коркунон бояд омодагиҳои лозимро дошта бошанд. Тағйири созмонӣ ҳурумӣ ба созмонӣ доираӣ тағйри тарзи талқини коркунон, эҷоди ангезиш аз тариқи додани қудрату манзалат, мудирияти мушоракатӣ, истиқрори роҳбарии тасҳилкунанда ва ташкили гурӯҳҳои тавонмандро аз авомили тавонмандсозии коркунон медоданд (Абдаллаҳӣ 1385).

Аз авоили даҳҳаи 1970 ба баъд созмонҳо дар тамоми ҷаҳон шурӯъ ба ҷойгузинии сохтори суннатӣ, назоратшуда ва ғайрифаъоли худ бо як муҳити созмонӣ кардаанд, ки дороӣ мушаххасоте, ҳамчун таъҳиди боло, даргирии зиёд ва худмудириятӣ мебошанд. Як тарики нигариш ба эҷоди

таҳаввул дар ростои тавонмандсозӣ метавонад баррасии сохтории як созмон ба ду шакли мухталифи он бошад.

Авомили муассир бар тавоносозии коркунон. Авомили муассир бар тавоносозии коркунон аз дидгоҳҳои мутафовуте дастабандӣ шудаанд. Яке аз дидгоҳҳои маъруф дидгоҳи Спортизр Ҷорҷон аст. Ба бовари ин соҳибназар авомили аслии тавонмандсозӣ иборатанд аз:

1. Авомили фардӣ: Таҳсилот, собикаи кор, ҷинсият, нажод, назорат, иззати нафс.

Авомили гурӯҳӣ: Асарбахшии гурӯҳ, аҳамияти гурӯҳ, эътимоди даруни гурӯҳӣ, идроки афроди гурӯҳ нисбат ба таъсирот бар мудирон.

Авомили созмонӣ: Ибҳом дар нафс, дастрасй ба манобеъ, ҳиттаи назорат, дастрасӣ ба иттилоот, ҳимояти иҷтимоиву сиёсӣ, ҷойгоҳи фард дар силсилаи муратаби созмонй, ҷӯмушоракатии воҳиди кор (Пайдой 1387).

Аз тарафи дигар Сочидӣ Умедворӣ (1386) дар бораи авомили муассир бар фароянди тавонмандсозии коркунон ба шарҳи зер ироа додаанд:

1. Мушаххас будани аҳдоф, масъулиятҳо ва ихтиёрот дар созмон. Коркунон бояд аз масъулиятҳо ва шарҳи вазоифи худ, ҳадаф ва маъмуриёти созмон ва мароҳилу фароянддҳои кори он огоҳӣ дошта бошанд.

2. Ғанисозии машогил ва иртиҷои шуглии коркунон. Созмонҳо бояд ба манзури ба рӯз будани иттилооти фаннӣ ва тахасусии коркунон ва афзоиши муҳтавии шуғлии онҳо истиқдом кунад. Ҳамчунин ба бароварда кардани асли ҷонишинпарвари дар созмон бояд аз фунуни чархиши кори истифода кард.

3. Рӯҳиёт ва таалуқи созмонй. Ба манзури бароварда кардани ин омил, бояд барои коркунон дар созмон эҳтиром гузоранд ва дар ҷиҳати рафъи мушкилоти шахсӣ ёрӣ ва кӯмак кард. Барои ибдоъ, навоварӣ ва халлоқият дар коркунон бояд заминаҳои муносиб фароҳам шавад ва мудирияти аршади созмон итминон ҳосил кунад, ки коркунон тамоил ба анҷоми умуре, ки ба онҳо вогузор шудаастро доранд.

4. Эътимод, самимият ва садоқат. Созмон бояд фазои мусбат ва равобити кори дустонаро байни коркунон эҷод кунад ва эътимод байни мудирон ва коркунонро афзоиш диҳад.

5. Ташхис ва қадрдонӣ. Таносуби қуқуқ ва дастмузду подоши дарёфтӣ ё коре, ки коркунон анҷом медиҳанд, тавзеи муносиби имконоти рифоҳӣ дар созмон ва таносуби иртиқои шуғлии коркунон бо шоистагии онҳо метавон, омили матраҳшударо дар созмон пӯшиш диҳад (Сочидӣ ва Умедворӣ 1387).

Фароҳам намудани муҷиботи ризоияти шуғлии коркунон ва коҳиши изтиробҳои руҳии онон ва эҷоди эҳсоси судмандӣ дар аъзои созмон аз тариқи шинохт ва ҳифзи шароите, ки муҷиботи тазъифи қудратиононро боис мегардад ва низ бо истифода аз иттилооти асарбахши созмонӣ ва ғайрисозмонй (Чирсонт 2007).

6. Мушорикт ва кори гурӯҳӣ. Ба коргирии назарот ва иддаҳои коркунон дар тасмимгириҳо ва ҳамкории онҳо дар беҳбуд ва пешбурди умури созмон, тафвизи ихтиёр ба коркунон дар сатҳҳои мухталиф, мушорикат додани коркунон дар ироаи пешниҳод ҷиҳати беҳтар анҷом додани умур ва назорати умури анҷомшудаи коркунон тавассути худашон мставонанд ба унвони омили мушорикат ва кори гурӯҳӣ дар афзоиши тавонмандсозии коркунон дар созмонҳо таъсиргузор бошад.

7. Иртиботопг. Шомили барқарории иртибот ва дастрасии осони коркунон ба мудирон ва сарпарастон, шафофият ва равшан будани иртибототи кории коркунон бо мудирон ва сарпарастон ва иттилои коркунон аз умури ҷории ширкат дар иртибот бо ҳавзаи кории худ ва ...аст.

8. Муҳити корӣ. Аз ҷумла, авомили муассире, ки каму беш дар созмонҳо бар рӯйи он таъкид мешавад, муҳити кори аст. Аҳамият ба эминӣ ва саломатии коркунон дар муҳити кор, эҷоди мавқеиятҳои муносиб ҷиҳати иртиқои шуғлии коркунон, коҳиши фишор ва танишҳои мавҷуд дар муҳити кор метавонад, аз ҷумла мавориди робитадор бо муҳити кор бошад.

9. Беҳинасозии фароянддҳо ва равишҳои корӣ. Шафоф ва мушаххас будани гардиши кор ва иттилоот дар созмон, мустанадсозии равишҳои корй ва бознигарии даврӣ ва ислоҳи равишҳои корӣ ва соддасозии умур аз авомили муассир дар баровардашудани беҳинасозии фароянддҳо ва равишҳои кори аст.

10. Иттилоот, дониш ва маҳорати шуғлӣ. Ҷиҳати таъмини ин омили вуҷуди имконот ҷиҳати тавсияи маҳоратҳои шуғлӣ дар созмон, вуҷуди заминаҳои омӯзиши муассир ва корро дар созмон ва доштани иттилооти фаннй ва тахасус дар иртибот бо постҳо метавонад муфид бошад (Умедворӣ, Сочидӣ 1386).

**Фунун ва абзорҳои хулуқи тавонмандсозӣ дар созмонҳо.** Ба манзури тавонмандсозии коркунон дар созмон ба бистарсозии аввалия ва муносиб дар муҳити созмон ниёз аст. Дар созмонҳое, ки авомили таъсиргузор дар тавонмандсозӣ ба таври комил ва саҳеҳ иҷро мешавад, метавон итминон дошт, ки беҳтарин истифода аз нерӯи инсонӣ ва дар натиҷа бештарин баҳраварӣ дар созмон вуҷуд дорад, вале

барои иҷрои ин авомил аз чӣ фунун ва абзоре метавон истифода кард? Дар зер ба чанд намуна аз хулуқи тавонмандӣ дар созмонҳо ишора шудааст ва дар сурати лузуми тавзеҳотӣ низ ироа шудааст.

1. Иҷрои низоми пешниҳодҳо дар созмон.

2. Ташкили давоири кайфиятӣ.

3. Ташкили гурӯҳҳои корӣ, аз ҷумла вазоифи гурӯҳҳои кории тавонманд аст. Барои ин, манзур эҷод ва рушди омили чанде дар муҳити кор аз илзомоте ба шумор меравад, ки мудирон ва коркунон бо ҳам дар эҷоду густариши онҳо саҳиманд. Аз ҷумла ин маворид иборатанд аз эҳтиром, иттилоот, назорати тасмимгирӣ, масъулиятҳо ва маҳорат.

4. Эҷод ва бакоргирии системаи муносиби арзёбии амалкард ва муаррифии корманди намуна дар давраҳои замонии мушаххас.

5. Эҷоди имконоти ангезишӣ.

6. Ғанисозии шуғлӣ: Ба манзури ганисозии шуғли бояд иттилооти кофӣ дар мавриди шуғл вуҷуд дошта бошад, ки аз тариқи таҷзия ва таҳлили шуғл метавон ба он даст ёфт. Таҷзия ва таҳлили шуғл иборатанд, аз равишҳое барои таъйин ва шиносоии вазоиф, масъулиятҳо, шароити кори ва иртиботи байни машоғил ва хусусиёти инсонии коркунон. Дар воқеъ таҷзия ва таҳлили шуғли хулосаӣ аз вазоиф, масъулиятҳо, робитаи он бо машоғили дигар, дониш ва маҳоратҳои мавриди ниёз барои тасадии шуғл ва шароити корӣ аст. Таҷзия ва таҳлили шуғл аз асоситарин ва беҳтарин корҳое аст, ки кулли муассисот барои истифода, парвариш ва ҳифзи манобеи инсонӣ ва ғанисозии шуғлии онҳо анҷом медиҳанд (Сочидӣ, Умедворӣ 1386).

**Тавонмандсозӣ ва омӯзиш.** Бешак омӯзиши муассир ва нофиз яке аз абзорҳои муҳим дар тавонмандсозии коркунон барои расидан ба аҳдофи созмонӣ аст. Барномаҳои омӯзишӣ дар сурате муфид хоҳанд буд, ки бо мушорикати коркунон ва бо этика ба равишҳои илмӣ иҷро ва ҳимоят шаванд. Бисере аз барномаҳои омӯзишӣ, ки дар созмон барои тавонмандсозии коркунон барпо мешавад на танҳо муассир нест, балки комилан натиҷаи акс дорад. Ҳадафи воқеии барномаҳои омӯзишӣ иртиботи байни коркунон ва мудирият ва ҳамчунин мушорикат дар барномаҳи созмонӣ барои боло бурдани ангезаҳои кори аст. Мутаасифона бештар барномаҳои омӯзишӣ гоҳ амалиёте мешаванд. ки аз коройӣ ва асарбахшии лозим бархӯрдор набуда ва ҳатто мумкин аст, боиси тахриби равобит байнн коркунон ва мудирон шавад (Қосимӣ 1382).

Омӯзиш ва тавсияи манобеи инсонӣ дар эҷоди дониш ва маҳорати вижаи коркунон нақши босазое доранд. Имрӯза ҳеҷ созмоне қодир нест, бидуни омӯзиш тавсия ёбад. Маҳоратҳои лозим дар фарҳанги тавони афзоиш бо маҳоратҳои лозим дар низоми силсилаи муратаб комилан мутафовут аст. Барои ин ки созмонҳо аз тағйир ва таҳаввулоти илмӣ ва технология аҷиб намонанд, мудирон ва дигар аъзои онҳо бояд ба дониши рӯз мусаллаҳ шаванд. Бар сари омӯзиши коркунон мавонеъ вуҷуд дорад, вале чунончи мудирони олӣ аз барномаҳои омӯзиши таймҳо қотеона ҳимоят кунанд, дар он сурат роҳи тадвини барномарезии омӯзишӣ ҳамвор мешавад. Воқеият ин аст, ки дар ҷаҳони имрӯз он чӣ пеш аз ҳама дорои аҳамият аст, нерӯи инсонӣ аст. Ба тавре ки иқтисоддонон мӯътақиданд он чӣ дар ниҳояти хусусиёти раванди тавсияи иқтисодӣ ва иҷтимоии як ҷомеа ва созмонро таъйин мекунад, манобеи инсонии он кишвар аст, на сармоя ё манобеи моддии дигар. Ин манобеи инсонӣ ҳастанд, ки сармояҳоро мутарокум месозанд, аз манобеи табиӣ баҳрабардорӣ мекунанд, созмонҳои идорӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро ба вуҷуд меоваранд ва тавсияро ба пеш мебаранд. Бо таваҷҷӯҳ ба сайри ҷомеаи башарӣ аз марҳилаи суннатӣ ба марҳилаи саноатӣ ва ҳатто ба марҳилаи фаросанотӣ ба раванди мустамар ва мудовим тағйир ва таҳаввул дар шеваҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, пешрафтҳои шигарф ва амиқ дар улум ва фунуни гуногун, пешрафти технология ва таъсироти амиқи он дар арсаҳои мухталиф ва фаъолиятҳои идорӣ, тавлиӣ ва хадамотии муассисот ва созмонҳо, ниёз ба омӯзиш ва беҳсозии инсонӣ шогил дар як созмонро афзоиш дода ва онро зарурӣ сохта аст (Муҳаммадӣ 1380).

Манзур аз омӯзиши коркунон кулли кӯшишҳое аст, ки дар ҷиҳати иртиқои сатҳи дониш ва огоҳӣ, маҳоратҳои фаннӣ, ҳирфаӣ, шуғлӣ ва ҳамчунин эҷоди рафтори матлуб дар коркунони як созмон ба амал меояд ва онро омодаи анҷоми вазоиф ва машғулиятҳои шуғлии худ менамояд. Омӯзиши коркунон иборат аст аз анҷоми як силсилаи амалиёти мураттаб, манзум ва пушти сари ҳам, пайваста ва бо ҳадаф ва ё аҳдофи мушаххасу муайян, ки ба манзур:

1. Эҷод ва ё иртиқои сатҳи дониш ва огоҳии коркунон.

2. Эҷод ва иртиқои сатҳи маҳоратҳои шуғлии коркунон.

3. Эҷоди рафтори матлуб ва мутаносиб бо арзишҳои пойдори ҷомеа, ки дар коркунон ба кор гирифта мешавад.

Ба таври хосса ва бо таваҷҷӯҳ ба таърифи фавқ пай хоҳем бурд, ки омӯзши коркунон маънии васеъ ва густурдае пайдо мекунад ва танҳо мафҳуми корварзӣ, балки доманаи он ба қадре васеъ ва густурда мешавад, ки аз фарогирии як ҳирфа ва фанни сода шурӯъ мешавад ва бар иҳотаи комил бар улуму фунун бисер печида, варзидагӣ дар умури сарпарастӣ ва мудирият дар созмонҳои давлатӣ,

саноатӣ ва бозоргонӣ ва ҳамчунин ба чигунагии рафтор ва бархурдҳои муносиб дар муқобили масоили асосӣ, иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бает меёбад (Қушчӣ 1380).

Омӯзиш дар ҳақиқат худ мудирият аст ва бидуни омӯзиш коркунон пояҳои мудириятӣ мутазалзил ва суст мешавад. Мудирон бояд таваҷҷӯҳ кунанд, ки ҳар рафтори созмонӣ аз се омил нашъат гирифта бошад:

1. Адами тавоноии фард дар анҷоми вазифае, ки аз тариқи омӯзиш фард дар анҷоми вазоифи худ тавоно мегардад.

2. Адами ангезиш дар анҷоми шугле, ки аз тариқи ҷо ба ҷой ва омӯзишу роҳҳои дигар метавон ин мушкилро рафъ кард.

3. Коҳиши ангезиш, ки аз тариқи ҷаласоти мӯътақид, омӯзиш, тавҷкҳӣ ва табодили иттилоот дар созмон тавони посухи муносиб барои он ёфт.

Омӯзиш бояд шомили фунуни роҳбарӣ, маҳоратҳои ҳалли мушкил, иртиботот ва омодасозии коркунон барои ифои нақшҳои таймӣ бошад (Муҳаммадӣ 1386).

**Сабки роҳбар.** Сабки роҳбари коромад ҷузъи лоянфаки эҷоди муҳити парвариши коркунони тавонманд аст. Мудирони мустабид (худраъй) ба далели нигариши суннатии қудрат, ҳаргиз қодир ба тавонмандсозии зердастон нахоҳад буд. Бар хилофи мудирони худкома, ки дар чиҳати тазъифи ҳар чи бештари зердастон қадам бармедоранд, мудирони тавонмандсозӣ ба унвони як ходӣ, мубошир, тасҳилкунанда ва мураббӣ амал мекунанд (Муҳаммадӣ 1381).

**Барномаҳои тавонмандсозӣ.** Барномаҳои мухталиф сутуҳи мутафовуте аз тавонмандиро барои коркунон ба армугон меоварад. Ба замми Боун ва Лоур се сатҳи мухталиф барои барномаҳои тавонмандсозӣ вуҷуд дорад:

а) Барномаҳои тавонмандсозии сатҳи поён. Ин сатҳ аз барномаҳои тавонмандсозӣ шомили барномаҳои ғанисозии шуғлӣ ва системаҳои пешниҳодҳо мегардад. Дар ғанисозии шуғли бар коркунон фақат дар чорчӯби вазоифи шуғлиашон озодии амали маҳдуде дода мешавад. Дар системаи пешниҳодҳо коркунон иҷоза меёбанд, то дар заминаҳои марбут ба тавлид ва хадамот пешниҳодҳое ироа диҳанд, аммо мудир малзум ба иҷрои ин пешниҳодҳо нест.

б) Барномаҳон тавонмансозии сатҳи мутавассит: Аар ин сатҳ коркунон аз дараҷаи мутавассити озодии амал дар қолаби барномаҳои мушорикати шуғлӣ, давоири назорати кайфият ва таимойчандвазифаӣ бархурдор мегарданд. Мушоракати шуғлӣ шеваи хосе аст, ки ба муҷиби он коркунон метавонанд дар мавриди бархе аз ҷанбаҳои шуғлиашон озодии амал ёфта ва чигунагии анҷоми корашонро худ созмондеҳӣ намоянд. Давраҳои назорати кайфият ва таймҳои чандвазифай низ иҷоза меёбанд, то ба ҳалли мушкилоти воҳиди кори ва ё созмониашон бипардозанд.

*в) Барномаҳои тавонмандсозии сатҳи боло:* Ташреҳи вазъияте аст, ки дар он коркунон аз озодии амали зиёде дар заминай шеваи анҷоми вазоифашон бархурдор мегарданд. Онҳо натанҳо дар амалкарди шуғлӣ, балки дар амалкарди созмонӣ низ мушорикат дода мешаванд. Ба эътиқоди Боун ва Лоур дар ин сатҳ иттилооти марбут ба амалкарди ширкат дар ихтиёри тамоми афрод қарор мегирад. Коркунон дар заминай кори таймӣ ва ҳалли мушкилоти созмон маҳоратҳояшонро ба такомил расонда, дар тасмимоти мудириятии воҳидҳои кори мушорикат намуда, суди созмон дар байни тамоми аъзо тақсим гардида ва коркунон дар моликияти ширкат саҳм мегарданд (Муҳаммадӣ 1380).

### АДАБИЁТ


1. Озар Дашӣ, Амир Ҳушамг. Хуруми тавонмандсозии коркунон. Тадбир, шумораи 43, 1386.
2. Абтаҳӣ Аббос. Тавонмандсозии коркунон. Теҳрон; Шаҳоби Қудс, 1386.
3. Умедвори Азим ва Сочидӣ Фазлулоҳ. Коркунони тавонманд ва созмонҳои имрӯз. Тадбир, шумораи 181, 1386.
4. Басомӣ Ризо. Мудирони халлоқи ниёзи низоми идорӣ нигоҳи омӯзиш. Нигоҳи омӯзиш ва парвариш, шумораи 381, 1387.
5. Бедохти Аббос. Халлоқият ва тавонмандӣ дар афрод ва созмонҳо. Тадбир, шумораи 153, 1383.
6. Поктинат Алиризо. Тавонмандсозии коркунон. Мудирият, шумораи 11, 1387.
7. Ҷаъфарзода Алӣ. Намунаи интиқол дар арзёбии асарбахши омӯзиши коркунон. Тадбир, шумораи 86, 1381.
8. Ризоипур Орзу. Қонуни мудирияти хадамоти кишварӣ. Маҳрон: Андешаи аср. Чопи аввал, 1386.
9. Абдуллоҳи Бежан, Навиброҳим Абдуллораҳим. Тавонмандсозии коркунон калиди тиллоии мудирияти манобеи инсонӣ. Навдониш, 1385.


## ВЛИЯНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ РАБОТНИКОВ И ИХ ДОЛЖНОСТНЫХ ОБЯЗАННОСТЕЙ НА РАЗВИТИЕ ОРГАНИЗАЦИИ


В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению профессиональное обучение и усовершенствование профессиональных навыков работников на примерепредприятий Исламской Республики Иран.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предприятие, профессиональные качества, обязанности работников повышение профессиональных качеств.

**INFLUENCE OF PROFESSIONAL QUALITIES OF WORKERS AND THEIR FUNCTIONS ON ORGANIZATION DEVELOPMENT**

In this article the author subjected to studying and consideration vocational training and improvement of professional skills of workers on an example of the enterprises of the Islamic Republic Iran.

**KEY WORDS:** enterprise, professional qualities, duties of workers increase of professional qualities.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Дониёр Джовиди*** – соискатель Таджикского национального университета

# ВАЗОИФИ МУДИРОН ДАР СОЗМОНҲО ВА НИЁЗҲОИ ОМӮЗИШИИ ОНҲО

***Саид Мӯҳсини Миршарифӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вожаи мудир ба сурати мухталиф тавассути нависандагон мавриди истифода воқеъ шудааст. Ба заъми бархе, истилоҳи мудир ҳамон мучрии сатҳи олӣ аст. Бархе дигар эътиқод доранд, мудир ба шахсе гуфта мешавад, ки коркунони дигарро сарпарастӣ мекунад. Аммо, сохтори созмонӣ як ширкати дорои паллаҳои мутааддиде аст, ки ҳар сатҳи он унвони мудириятии ҷудо дорад. Ба ҳар ҷиҳат, мудир як шахси калидӣ, масъули умури рӯзона ва муваффақияти олии як созмон ба шумор меравад. Яке аз роҳҳои фаҳми кори мудирон баррасии дақиқи вазоифи мудирият аст. Фароянди мудирият муташаккил аз барномарезӣ, созмондиҳӣ, бакоргирии манобеи инсонӣ (коргузинӣ), ҳидоят ва кунтрул аст. Барномарезӣ шомили оянданигарӣ, ҳадафгузорӣ ва дарки хатти машиҳо, дастуруламалҳо ва равишҳои найл ба аҳдоф аст. Фароянди тасмимгирӣ фароянди муҳими барномарезиро шакл медиҳад. Аз тариқи созмондиҳӣ куллияи корҳо дар машоғил, гурӯҳҳо ва воҳидҳои созмонӣ мухталиф анҷом шуда ва равобити ҳамкорӣ байни воҳидҳо эҷод мешавад. Ин амр шомили аносире назири гурӯҳбандии фаъолиятҳо, табақабандии машоғил, таъйини ҳудуди ихтиёрот ва масъулиятҳо, барқарорӣ ва тарсими улгӯи иртиботот, тафвизи ихтиёр ва бакоргирии коркунон аст. Коргузинӣ ба фароянди истихдом ва гузиниши афрод ҷиҳати анҷоми умури ширкат марбут мешавад. Манзур аз ҳидоят эҷоди ангезиш ва раҳбарии афрод ҷиҳати найл ба аҳдофи мавриди назари созмон мебошад. Аз тариқи раҳбарӣ ва ҳидоят аҳдофи шахсии коркунон бо аҳдофи ширкат пайванд меҳӯрад. Вазифаи кунтрул шомили андозагирии корҳои анҷомшуда, муқоисаи амалкарди воқеӣ бо истондортҳои аз қабл таъйиншуда ва анҷоми ислоҳоти лозим ба манзури ҳусули итминон аз мутобиқати амалкард бо истондортҳо мешавад.

**Маҳоратҳои мавриди ниёзи мудирон** Бар асоси назарияи Роберт Катз, маҳоратҳои мавриди ниёзи мудирон ба шарҳи зер оварда мешавад:

**1. Маҳорат фаннӣ** Ин навъи маҳорат шомили дониш ва тахассусҳои анҷоми кор монанди равишҳо, фаояндҳо ва дастуруламалҳо мебошад. Бинобар ин, манзур аз ин маҳорат кор кардан бо абзорҳо ва фунуни вижа аст.

**2. Маҳорати инсонӣ** Тавоноии анҷоми кор бо дигарон, талоши ҳамкорӣ, анҷоми кори тимӣ ва тавоноии офариниши муҳитӣ аст, ки афрод ҷиҳати бурузи ақоиди худшон эҳсоси амният ва озодӣ мекунанд.

**3. Маҳорати идрокӣ** Ин навъи маҳорат ба тавоноии тасаввури куллӣ ва васеи созмон ба манзури ташхиси аносири муҳим ва маънидор дар як мавқеият ишора дорад, ки аз он тариқ битавон равобити байни аносир ва аҷзои созмонро дарк кард.

**4. Маҳорати тарроҳӣ** Маҳорати тарроҳӣ ба тавоноии ҳалли масоил ишора дорад, ки ба нафъи созмон хоҳад буд. Мудирон ба манзури асаргузорӣ бояд қодир ба анҷоми умуре фаротар аз ҳалли масъала бошанд. Мудирон, ҳамчунин, бояд дорои маҳоратҳое бошанд, то қодир ба тарроҳии роҳкорҳои иҷроӣ дар рафъи мушкилот дар бистари воқеиятҳое, ки бо онҳо рӯбарӯ ҳастанд, бошанд.

**Вижагиҳои шахсии мудирон.** Як мудир илова бар тавоноиҳои тахассусии шуғлӣ бояд дорои вижагиҳои шахсии мутмаин ба шарҳи зер низ бошад:

**1. Ҳуш** Мудир ба манзури иттихози тасмимҳои сареъ ва рӯёрӯйӣ бо мушкилот бояд аз ҳуши кофӣ бархӯрдор бошад. Онҳо боясти дар мавқеиятҳои бӯҳронии ҳатмӣ ба манзури мудирияти бӯҳрон аз тариқи тасмимоти онӣ аз ҳуши худ истифода кунанд.

**2. Таҳсилот** Ҳамчунин, мудирият, ба ҳамон андозае ки таҳсилоти мудириятӣ ниёз дорад, боясти, ҳадди ақал таҳсилоти мавриди ниёзи донишгоҳиро дар заминаи тахассусии фаъолияти худ дошта бошад.

**3. Алоқаи вофир** Мудирият бояд алоқаи зиёде ба тавсиаи созмон дар заминаи фаъолияти тахассусии худ дошта бошад.

**4. Майл ба идораи умур** Мудирият бояд худро вақфи созмонӣ карда ва алоқаи бештаре ба рушд ва ирқои созмон дошта бошад.

**5. Тавони барқарории иртибот** Мудир бояд қодир бошад ба таври озод ва босадоқат бо сарпарастон ва зердастони худ иртибот барқарор кунад.

**6. Амонатдорӣ ва дурусткорӣ** Мудирон бояд ба дурустӣ аз манобеи молӣ ва дигар манобеи моддии мавриди истифода дар созмон баҳрабардорӣ карда ва боистӣ дар қиболи коркунон ва манобеи моддӣ амонатдор ва дурусткор бошанд.

**7. Тафвизи ихтиёр** Истифодаи муассир аз зердастон ва вогузории ихтиёри тасмимгирӣ ва масъулиятҳо ба зердастони зисалоҳ аз дигар вижагиҳои мудир маҳсуб мешавад.

**8. Кунтрул** Таҳияи дастуруламалҳо ба манзури кунтрул ва танзими фароянд, вазоиф ё фаъолиятҳо, ё зердастон ва масъулиятҳо ва умури муҳаввалаи шуғлӣ ва низ анҷоми иқдомоти лозим ба манзури кунтрули натоиҷи умури тафвизшуда тавассути мудир.

**9. Ибтикори кайфӣ** Ибтикори кайфӣ шомили мавориде чун анҷоми талошҳои лозим ба манзури тасаллут бар рухдодҳо дар ҷиҳати таҳаққуқи аҳдофи созмон фаротар аз умуре, ки пешбинӣ шудааст, мебошад.

**10. Таҳаммул ва пойдорӣ** Суботи амалкард дар муқобили фишор ё истрисҳои ворида.

**11. Татобуқ ё вафқпазирӣ** Ҳифзи асарбахшӣ дар муҳитҳои дар ҳоли тағйир аз тариқи вазоиф, масъулиятҳо ё афрод.

**12. Қотеият** Ҳамгомӣ бо барнома ё мавқеияти фаъолиятҳои то замони таҳаққуқи аҳдофи мавриди назари созмон.

**Анвои мудирон ва вазоифи онҳо** Ба таври куллӣ, дар тамомии созмонҳо сутӯҳи мудирият дар се дастаи мудирияти амалиётӣ(сатҳи аввали мудирият), мудирияти миёнӣ ва мудирияти аршад ё олӣ тақсимбандӣ шудааст.

**Мудирияти сутӯҳи пойин(мудирияти сатҳи аввал)** Дар ин сатҳ аз мудирият коркунони машғили ғайримудириятиро ҳидоят карда ва мудирони дигарро сарпарастӣ намекунанд. Ин даста аз мудирон дар сутӯҳи мудириятии сатҳи аввал сарпараст ё саркоргар номида мешаванд.

**Мудирияти миёнӣ** Мудирони миёнӣ фаъолиятҳои мудирони сатҳи аввалро ҳидоят ва кунтрул мекунанд. Масъулиятҳои аслии онҳо ҳидояти фаъолиятҳои тарсимшуда дар хатти машиҳои созмонӣ ҷиҳати иҷро ва мутаодил намудани дархости мудирони сатҳи аввал мебошад.

Мудирияти олӣ. Мудирияти олӣ масъули куллияи мудириятҳои мавҷуд дар созмон мебошад. Ин афрод мудирони иҷроӣ ё мудирони омил номида мешаванд. Ин афрод хатти машиҳои амалиётиро эҷод карда ва созмонро дар ҷиҳати рушд ва тавсиа ҳидоят мекунанд. Мудирияти олӣ таҳти ановини дигаре низ аз қабили раиси ҳайати мудира, мудири кул ё мудир шинохта мешаванд. Мудирони олӣ бояд умури иртибот байни афрод, фаъолиятҳои кунтрулӣ ва нақши музокиракунандаро ба ӯҳда дошта бошанд.

Мудирон бар асоси сутӯҳи мухталифи мудириятӣ ва бо таваҷҷӯҳ ба вижагиҳо ва маҳоратҳои шахсии мавриди ниёз аз сатҳе ба сатҳе дигар мутафовит ҳастанд. Дар сутӯҳи пойини мудирият маҳоратҳои фаннии мавриди ниёз ҳастанд. Дар ин сатҳ аз мудирият маҳоратҳои инсонӣ низ барои таомули рӯзмарра бо зердастон мавриди ниёз мебошад. Дар сатҳи мудирияти миёнӣ маҳоратҳои инсонӣ бисёр зарурӣ буда ва маҳоратҳои идрокӣ низ аҳамияти бештаре пайдо мекунанд. Дар сатҳи олии мудирият тавони идрокӣ ва таррохӣ ва низ маҳоратҳои инсонӣ ба таври вижа мавриди ниёз ва таваҷҷӯҳ мебошад.

**Пешниёзҳои болангадии мудирони мумтоз**

**1. Тамоил ба ёдгирӣ** Ҳар мудир бояд талош кунад, ки бештар ёд бигирад. Онҳо бояд ба таври рӯзона ва аз таҷрибаи афроди дигар ёд бигиранд.

**2. Суръат ва шитоб дар болангадии мудирият** Ин амр ба ғанӣ шудани дониш аз тариқи симинорҳо ва конфронсҳо ва ёдгирии мафоҳими дониш ишора дорад.

**3. Аҳамияти барномарезӣ барои навоварӣ** Дар дунёи рақобат мудирон бояд ба таври вижа барои оянда барномарезӣ карда ва ба барномарезӣ ва навоварӣ аҳамияти вижае қоил бошанд.

**4. Мудирияти андозагирии амалкард ва подошдиҳӣ** Андозагирии амалкард бар асоси аҳдофи созмон ва низ подошдиҳӣ ба амалкарди хуб ба воситаи иқдомоти марбут ба ҷилавгирӣ аз таҳаққуқи амалкарди заиф ва анҷоми ислоҳӣ дар ҳар ҷо, ки ниёз бошад, яке аз дағдағаҳои аслии мудир маҳсуб мешавад.

**5. Бакоргирии беҳинаи иттилоот**. Ба даст овардани иттилооти дуруст ба равиши дуруст ва дар замони муносиб мавриди назар мебошад. Истифодаи саҳеҳ аз иттилоот мусталзами ҳуш ва тавони болои таррохӣ мебошад.

**6. Эҳсоси ниёз дар пажӯҳиш ва тавсиа бо таваҷҷӯҳ ба абзор ва фунун** Ин мавзӯъ ба аҳамияти ниёзмандӣ ба пажӯҳиш ва тавсиа дар абзор ва фунуни мудирият ишора дорад.

**7. Ниёз ба раҳбарии ақлонӣ ва рӯшанфикрона** Мудирият кардан танҳо ба маънии доштани ҳунари корбурде, ки мусталзами ҳуш ва таҷрибаи бумӣ аст, намебошад. Рушди пайдарпайи дониш тафаккури ҷадидеро барои раҳбарии ҷадид металабад.

**Барномаҳои парваришии мавриди ниёз барои мудирон** Ҳамон тавр ки қаблан матраҳ гардид, мудирон ба манзури идораи созмон ниёзманди маҳоратҳо, дониш ва вижагиҳои ҷадиде мебошанд. Бархе аз онҳо ба шарҳи зер мебошанд:

**1. Маҳорати тасмимгирӣ** Тасмимгирӣ як ҳунар аст, ки метавонад тавассути мудирон фарои таҷриба ва таомул бо афроди дигар тавсиа пайдо кунад. Метавон маҳоратҳои тасмимгириро аз тариқи ба кор гирифтани мудирият монанди сабти мушкилоти созмонӣ, бозиҳои касбу кор ва мавридковӣ иртиқоъ бахшид.

**2. Маҳоратҳои байнифардӣ** Ин маҳоратҳоро метавон аз тариқи ифои нақш, омӯзиши ҳассосият, таҷзия ва таҳлили тароканишӣ(таомулӣ) ва эҷоди биниши сохторӣ дар афрод тавсиа дод.

**3. Дониши шуғлӣ** Сатҳи дониши шуғлии коркунонро метавон аз тариқи таҷориб зимни хидмат, мураббигарӣ ва мутолиоти марбут афзоиш дод.

**4. Дониши созмонӣ** Дониши созмонии болотарро метавон аз тариқи гардиши шуғлӣ ва мудирияти чандҷониба ба даст овард.

**5. Дониши умумӣ** Дониши умумии коркунонро метавон аз тариқи давраҳои омӯзишии вижа, ҷаласот ва мутолиаи мутуни гузинишшуда иртиқоъ дод.

**6. Ниёзҳои фардии мушаххас** Ин ниёзҳоро метавон аз тариқи пружаҳои хос ва анҷоми умури интихобшуда дар кумита баровард кард.

Мудирон дар сутӯҳи мухталиф ва бо нигаришҳои мутанаввеъ дар созмонҳо масъулияти барномарезӣ, кунтрул, созмондиҳӣ ва назоири онро доро ҳастанд. Ба манзури анҷоми ин гуна вазоиф мудирон ниёз ба омӯзиш ва касби маҳорат дар заминаҳои идрокӣ, фаннӣ, инсонӣ ва тарроҳӣ доранд, ки боястӣ дар ниёзсанҷии омӯзишии мудирон ба тафкики сутӯҳи мудириятӣ таваҷҷӯҳ намуд. Лозим ба зикр аст, ки мудирон, илова бар касби маҳоратҳои лозим, боястӣ аз хусусиёте назири ҳуш, таҳсилот, алоқаи вофир, майл ба идораи умур, тавони барқарории иртибот, амонатдорӣ ва … бархӯрдор бошанд, ки омӯзиш дар тамомии заминаҳои фавқ метавонад нақши таъйинкунанда дошта бошад.

## АДАБИЁТ


1.Training Techniques for Management Development, By: S. Nakkiran & M. Karthikeyan, deep& deep publications pvt. LTD, 186 P.

2. Абомиллати Хуросонӣ, Ризо Маҳдии Ориёпажӯҳ. Роҳнамоии тарроҳӣ ва мудирияти системи омӯзишии коркунон:- Теҳрон, 1385.

3. Довуд Ҳусайнзода, Нодир Бузургтар. Фароянди омӯзишӣ дар созмонҳо:- Теҳрон: «Донишгоҳи озоди исломӣ», 1382.

4. Исфандиёри Саодат. Мудирияти манобеи инсонӣ:- Теҳрон, 1383.

5. Сайидмуҳаммади Аббосзодгон. Мабонии асосӣ дар созмондиҳӣ ва раҳбарӣ:- Теҳрон: «Ширкати саҳҳомии интишор», 1376.

6. Сайидризо Сайидҷаводин. Мудирияти манобеи инсонӣ ва омӯзиши коркунон:- Теҳрон: «Нигоҳи дониш», 1384.


## ОБЯЗАННОСТИ УПРАВЛЯЮЩИХ В ОРГАНИЗАЦИЯХ И ИХ ПОТРЕБНОСТЬ В ПЕРЕОБУЧЕНИИ


В статье автором рассматриваются вопросы обучения и переобучения руководящего персонала в организациях, а также их обязанности и должностные обязательства в деле улучшения деятельности организаций.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, переобучение, организация, персонал, руководство, управление, обязанности.


## DUTIES OF MANAGING DIRECTORS IN THE ORGANIZATIONS AND THEIR NEED FOR RETRAINING


In article the author considers questions of training and retraining of the leading personnel in the organizations, and also their duties and official obligations in improvement of activity of the organizations.



**KEY WORDS:** training, retraining, organization, personnel, management, management, duties,



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Саид Мухсин Миршарифи*** – соискатель Таджикского национального университета

# НАВОВАРӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТ

*Ҳусейн Каёнифар*
**Донишгоҳи Паёми нури Теҳрон**

Динамикаи тараққиёти илмӣ-техникӣ иқтисодиёти давлатҳоро ба тағйирот водор месозад. Аксуламали ғайрифаъоли ҳам мақомотҳои давлатӣ ва ҳам роҳбарони ҳама шаклҳои ташкилотҳоро ба талаботҳои нави истеҳсоли маҳсулот ва мутобиқшави ба шароитҳои нав ба оқибатҳои манфии иқтисодӣ оварда мерасонад. Аксарияти корхонаҳои саноатӣ зарурияти гузаронидани сиёсати навовариро дарк кардаанд. Аз ин рӯ, корхонаҳои ватаниро низ мебояд барои рақобатпазир шуданашон ҳар чи бештар ба навовариҳо дар ҳама соҳаҳои фаъолияти худ рӯ оваранд.

Дар асоси роҳнамои Фраскат (ҳуҷҷати дар соли 1993 дар шаҳри Фраскати Итолиё қабулшуда) навоварӣ (инновация) ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти навоварӣ, ки дар шакли маҳсулоти нав ё такмилдодашудаи ба бозор воридшаванда таҷассум меёбад.

Дар луғати «Пешрафти илмӣ-техникӣ» навоварӣ (навигарӣ) натиҷаи фаъолияти эҷодӣ, ки ба коркард, офариниш ва тақсимкунии намудҳои нави маҳсулот, технология, воридкунии шаклҳои нави ташкилиро мефаҳмонад.

Дигар муаллифон чунин меҳисобанд, ки навоварӣ – ин истифодаи натиҷаи фаъолияти зеҳнии (илмӣ-техникӣ) дар ин ё он соҳаи ҷамъияти истифодашаванда, ки ба такмилдиҳии ҷараёни фаъолият ё натиҷаи онҳо равонашудааст фаҳмида мешавад.

Назарияи иқтисоди муосир 5 шакли асосии навовариро ҷудо мекунад:

- ✓ Ҷори кардани маҳсулоти нав (навоварии молӣ);
- ✓ Ҷори кардани усулҳои нави истеҳсолот (навоварии технологӣ);
- ✓ Сохтани бозорҳои нави мол ва хадамот (навоварии бозорӣ);
- ✓ Аз худ кардани сарчашмаҳои нави таъминкунии ашёи хом ё нимфабрикатҳо (навоварии маркетингӣ);
- ✓ Ба тарзи нав ташкилкунии сохтори идоракунӣ (навоварии идоракунӣ).

Ҷараёни навоварӣ – ин силсилаи пай дар пайии ҳодисаҳо, ки дар рафти онҳо навоварӣ аз ғоя то маҳсулоти аниқ, технология, сохтор ё хадамот мерасад ва дар таҷрибаи хоҷагӣ ва фаъолияти ҷамъиятӣ вусъат меёбад.

Масоили инкишофи навоварӣ солҳои охир фанни асосии омӯзиши иқтисодшиносон гардидааст. Мураккабии масоили мазкур консепсияҳои гуногун пайдо намуд, ки ин ё он раванди навовариро дар бар мегирад. Дар охир ин консепсия ташаккул ёфта, унвони назарияи ҷараёнҳои навовариро ба худ гирифта аст.

Амалияи онро дар дараҷаҳои гуногун - дар ташкилотҳо ва вазоратҳо, маъмурияти минтақаҳо дар ҳудуди вазифаҳои худ иҷро мекунанд. Онҳоро бо ин, ё он дараҷа менеҷерони бахши навоварӣ миноманд, чунки фаъолияти онҳо ба менеҷменти навоварӣ алоқаманд аст.

Вазифа ва функсияҳои менеҷменти навоварӣ тавассути фаъолияти мутахассисони махсус, ки онҳоро менеҷерон миноманд, амалӣ гардонида мешавад. Менеҷер – ин мутахассиси касбӣ, ки ба фаъолияти идоракунӣ дар соҳаи аниқи амалкунии ҷараёни навоварӣ машғул аст. Яъне мутахассис вазифаи доимиро ишғол нумуда ваколати қабули қарорҳои идоракуниро дар ҷараёни навоварӣ доро мебошад.

Инҳоро метавон менеҷерон дар соҳаи навоварӣ номид:

- ✓ Роҳбарони гурӯҳҳои эҷодии иҷрокунандагон;
- ✓ Сардорони лабараторияҳо, шӯъбаҳо ва хадамотҳои функсионалии ҷараёни навоварӣ;
- ✓ Роҳбарони шӯъбаҳои истеҳсолӣ;
- ✓ Мудирони зинаҳои гуногун, мутобиқсозандаи фаъолияти шӯъбаҳои гуногун ва шарикони беруна;
- ✓ Роҳбарони ҷараёни навоварии фирма дар маҷмӯъ.

Хусусияти ҷараёнҳои навоварӣ ҳамчун объекти идоракунӣ хусусияти махсуси меҳнати менеҷеренро дар ин соҳа ва талаботҳои ба онҳо пешбинишударо таъйин мекунад. Меҳнати менеҷер хусусияти эҷодии баланд дошта, донишҳои ҳаматарафаро талаб мекунад, майли шахсиятро ба фаъолияти таҳлилӣ ва маҳорати ҷамъшудан дар вақти муаян ба проблемаи аниқро дар назар дорад. Чуноне ки предмети асосии меҳнати менеҷер ахбороти илмӣ-техникӣ ва идоракунӣ ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ шарти ҳатмии фаъолияти самаранокии вай донистани технологияҳои муосири ахборотӣ дар идоракунии навоварӣ ва маҳорати истифодаи он баромад мекунад. Метавон се категория талаботҳоро ба кордонии касбии менеҷерони ҷараёнҳои навоварӣ ҷудо намуд:

- ✓ Дониш дар соҳаи назария ва малакаи дар доираи таҷрибаи идоракунӣ;

✓ Маҳорати кор бо одамон;
✓ Салоҳият дар соҳаи тахассуси ҷараёни навоварӣ.

Менеҷменти навоварӣ – ин маҷмӯи усулҳо ва шаклҳои идоракунии ҷараёни навоварӣ, инчунин сохторҳои ташкилӣ ва ҳайати онҳо, ки ба ин фаъолият машғуланд. Ҳамчун дилхоҳ дигар соҳаҳои менеҷмент, барои менеҷменти навоварӣ низ аниқ гузоштани мақсад ва интихоби стратегия зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Менеҷменти навоварӣ дар худ чунин давраҳоро дар бар мегирад:

✓ Банақшагирӣ (тартиб додани нақшаи амалигардонии мақсад ва стратегия);
✓ Муайянкунии шароит ва ташкил (зоҳир кардани талабот ба захираҳо барои амалигардонии давраҳои ҷараёни навоварӣ, гузоштани вазифа дар назди кормандон, ташкили кор);
✓ Иҷро кардан (гузаронидани тадқиқот, иҷрокунии коркард, амалинамоии нақша);
✓ Роҳбарӣ (назорат ва таҳлил,ислоҳи амалҳо, андӯхтани таҷриба, баҳодиҳии самаранокии истифодаи навоварӣ – лоиҳаҳо, қарорҳои идоракунӣ ва ғ.).

Мақсадҳои навоварӣ ин қисми таркибии мақсадҳои корхона мебошанд. Онҳо ба талаботҳои навоварии равандҳои дар корхона пайдошаванда мувофиқат мекунанд.

Дар менеҷменти навоварӣ қисмҳои амалия ва назарияро ҷудо мекунанд. Қисми амалияи навоварӣ – дар иҷрои фаъолиятҳои аниқи идоракунӣ дар ин, ё он соҳа зоҳир мегардад, мисол дар соҳаи истеҳсолот, ё худ маркетинг. Лекин асоси ин гуна фаъолиятҳоро методология ва усулҳое ташкил мекунанд, ки онҳо асоси илмии навовариро ташкил мекунанд.

Пайдоиши навоварӣ ҳамон вақт ҳисоб карда мешавад, ки донишҳои назариявӣ дар фаъолияти одамон фаъолона истифода бурда шудаанд. Ҳанӯз дар асри XVIII санъатшиноси франсуз Жан Кондорсэ диққатро ба алоқамандии илм ва саноат дода, қайд мекунад, ки инкишофи илм инкишофи саноатро таъмин месозад. Дар навбати худ инкишофи саноат инкишофи илмро фаъол мегардонад ва чунин алоқамандиро ба ҷумлаи фаъолиятҳои боқуввати инкишофи башарӣ ҳисоб кардан зарур аст. Вай инчунин имкони умумӣ будани илмро барои омма қайд карда мегӯяд, ки «барои ҳар як насли одамон маҷмӯи донишҳо меафзояд, ки мумкин аст дар як муддати вақт аз тарафи як қувваи фикррони ба даст биорем».

Яке аз аввалинҳо шуда тадқиқоти навовариро дар инкишофи иқтисодӣ Н. Кондратев сар кардааст. Ақидаҳои ӯро олими австриягӣ, иқтисодчӣ Иозеф Шумпетер давом дода, асосгузори назарияи ҷараёнҳои навоварӣ дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад.

Дар китоби худ «Силсилаҳои иқтисодӣ” (1939), мафҳуми навовариро ҳамчун тағйирот дар технология ва идоракунӣ, ҳамчун комбинатсияҳои нави истифодаи захираҳо омӯхтааст.

Умуман мазмуни инкишофро И. Шумпетер ҳамчун мафҳуми «амалигардонии комбинатсияҳои нав» - номидааст. Комбинатсияҳои нав гуфта истифодаи захираҳои воситаҳои истеҳсолот дар хоҷагии халқро меноманд. Бинобар ин Шумпетер мақоми калони соҳибкориро дар ҷараёни навоварӣ ҷудо мекунад. Мувофиқи ақидаи вай соҳибкор шахси татбиққунандаи тадқиқотҳо ва ҷорӣ намудани навоварӣ мебошанд, инчунин мақоми кредитро дар фаъолияти навоварии соҳибкорӣ қайд карда мегузарад.

Олими дигаре, ки дар масоили навоварӣ тадқиқот бурдааст иқтисодчии олмон Герхард Менш мебошад. Ӯ тадқиқоти инкишофи иқтисодӣ ва силсилавиро бо навоварии зербиноӣ гузаронида, се гурӯҳи калони навовариро ҷудо мекунад.

1. Зербиноӣ. Беҳтаркунанда. Навоварии тақаллубӣ.

Навоварии зербиноӣ дар навбати худ ҷудо мешаванд ба <u>технологӣ</u> (дар соҳаи нави истеҳсолӣ ва бозор) ва <u>ғайритехнологӣ</u> (тағйирот дар соҳаи маданият, идоракунӣ, хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва ғайра).

Мақоми калонро дар назарияи ҷараёни навоварӣ консепсияе мебозад, ки асоси тадқиқоти системаи технологӣ ва диффузияи навоварӣ татбиқ шудааст. Ин консепсия аз тарафи як қатор олимон ба монанди иқтисодчии англис К.Фримен, Ҷ. Кларк ва И. Суите инкишоф дода шудаанд. Онҳо мафҳуми системаи технологиро ҳамчун системаи як оилаи техникӣ ва иҷтимоии навоварӣ номиданд.

Мувофиқи ақидаи ин олимони иқтисодшинос суръати инкишофи иқтисодӣ аз инкишоф ва кӯҳнашавии равандҳои технологӣ вобаста мебошад. Паҳн кардани навоварӣ ҳамчун механизми инкишофи системаи технологӣ ва суръати паҳнкунии он аз механизми бозор, мавҷуд будани шароит ва ҳавасмандӣ вобастагӣ дорад.

Ба ақидаи Кристофер Фримен ва ҳамсабақони ӯ, қувваи теладиҳандаи инкишофи иқтисодӣ ин пайдоиши навоварии зербиноӣ дар як соҳаи алоҳида мебошад. Кӯҳнашавии системаи технологӣ дар як давлат ва пайдоиши технологияи нав дар дигар давлатҳо ба нобаробарии инкишофи байнидавлатӣ оварда мерасонад. Инкишофи иқтисодиро ҳамчун натиҷаи пайдоиши соҳаҳои нав меҳисобанд.

Дар шароити имрӯза моҳияти калонро консепсияи танзими бозори навоварӣ мебозад. Предмети тадқиқот дар онҳо масоили моликияти зеҳнӣ, нархгузорӣ дар бозори технологӣ ва маркетингӣ, навоварӣ. Олими рус А.И.Анчишкин қайд мекунад, ки «Хусусияти дониши илмӣ ин кам кардани харочоти меҳнатӣ мебошад ва ин хусусият имкон медиҳад, ки арзиши истеҳсолии мол кам карда шавад». Дар инкишофи назарияи навоварӣ иқтисодчиёни Россия мақоми калон доранд. Мафҳуми консепсияи ташаккули технологӣ дар илм аз тарафи олим иқтисодчӣ С.Ю. Глазев ва ҳамсабақони ӯ дохил карда шудааст.

Ташаккули технологӣ - ин гурӯҳи ҳодисаҳои технологие мебошанд, ки дар асоси қоидаҳои илмию техникии якхела амал мекунанд. Ташаккули технологӣ ҳамчун омили асосии танзими ташкилии иқтисодӣ хизмат мекунанд. Панч ташаккули технологиро чудо мекунанд. Дар мамлакатҳои инкишофёфта тақсимоти технологии ташаккули 5-ум рафта истодааст.

Мақоми хосаро дар ташаккули назарияи стратегияи рақобат олими америкоӣ М.Портер гузоштааст. М.Портер нишон медиҳад, ки ташкилот метавонад бартарии рақобатӣ дошта бошад, ба шарте, ки истеҳсолоташро бо харочотҳои кам дар асоси дифференсиатсияи сифати маҳсулот ба роҳ монад. Тадқиқотҳои вай оид параметрҳои стратегияи глобалии ширкатҳо, нишондиҳандаҳои бартарияти рақобатии мамлакатҳо, давраҳои инкишофи рақобатҳо мақоми хосро дар навоварӣ доранд. Бо ақидаи Портер чор давраи рақобатнокии иқтисоди миллӣ чудо карда мешаванд: - омилҳои истеҳсолот; сармоягузорӣ; навоварӣ; бойшавӣ.

Ҳар яке аз ин давраҳо бо худ механизми идоракунии навоварӣ ва иқтисодии махсуси худро доранд.

1. Дар зинаи омилҳои истеҳсолот, ки ба ин ё он мамлакат хос мебошад, асосан бартарият ба мавчудияти сарватҳои табиӣ ва қувваи арзони корӣ дода мешавад. Дар ин зина технологияи оддӣ кор карда, технологияи пешқадам дар хорича кор карда мешавад.

2. Давраи сармоягузорӣ ҳамон вақт сар мешавад, ки агар ташкилотҳои миллӣ имконоти пулӣ ва сармоягузорӣ дар харидани технологияи пешқадам ва литсензияҳо пайдо намоянд. Иқтисоди миллӣ дар ин зина имкон пайдо мекунад, ки технологияи хоричиро қабул намуда беҳтар созанд.

3. Давраи навоварӣ замоне пайдо мегардад, ки агар иқтисодиёти миллӣ аз истифодаи технологияи хоричӣ чизи навро пайдо созанд. Талаботи дохила барои ин хело баланд ва гуногун мебошанд. Мақоми давлат дигар шуда, сиёсати он хислати таъсиррасонии бавоситаро мегирад.

4. Давраи боигарӣ, ё худ бойшавӣ ҳавасмандшавии инкишоф ин баланд бардоштани дарачаи зиндагонии мардум буда, сармоя ба доираи молиявӣ табдил ёфта, суръати инкишофи иқтисодӣ суст мегардад.

Ҳолати дигарро метавон қайд кард, ки дар дохили ҳар як иқтисоди миллӣ соҳаҳо ташкилотҳо метавонанд, ки дар дарачаҳои гуногуни рақобатнокӣ қарор дошта бошанд.

Барои гузаштани ин давраҳои инкишоф тачрибаи давлатҳо нишон медиҳанд, ки консепсияи давлатии фаъолияти навоварӣ мақоми калон дорад. Унсурҳои асосии чунин танзимдорорӣ инҳо мебошанд: роҳҳои гуногун дар тачрибаи давлатҳо истифода шудааст; давлатҳое, ки дар солҳои 50-70-уми асри XX (Чопон, Корея, Хитой ва дигарон) дохил буданд, асосан воситаҳои банақшагирии стратегиро истифода карданд. Дигарон мисол ШМА ва мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, бисёртар ба танзими бевоситаи навоварӣ диққат доданд. Дар ин мамлакатҳо қисмати асосии танзими давлатӣ ин барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати мақсадҳои стратегии инкишофи ичтимоию иқтисодии мамлакатҳо мебошанд. Дар байни ин мақсадҳо ба даст даровардани мустақилияти иқтисодӣ, шуғли пурраи аҳолӣ, инкишофи баланди иқтисодӣ, беҳтар шудани стандартҳои дарачаи зиндагии мардум, таъмини инкишофи боигарии миллӣ асосӣ мебошад. Унсури дигари танзими давлатии навоварӣ ва ба мақсад расидан ин нақшаҳои ичтимоию иқтисодӣ буда, барномаҳои комплексии он равандҳои инкишофи стратегии мамлакатро дар бар мегирад.

Солҳои охир дар адабиёти иқтисодӣ ва мақолаҳо мафҳуми «навоварӣ» хеле зиёд истифода карда мешавад.

Навоварии технологӣ - чорӣ намудани қарори технологӣ дар маҳсулот мебошад. Дар бозор, ё чараёнҳои дигаре, ки дар соҳаи истеҳсолот ва хизматҳо истифода карда мешаванд, дар навбати худ чорӣ кардани истеҳсоли маҳсулоти нав ва дигаргунсозиҳоро дар соҳаи технология ва ташкили истеҳсолот ва ҳавасмандии меҳнат талаб мекунад. Тағйиротҳо инчунин дар системаи ичтимоию иқтисодӣ ва дигар системаҳо, ки беҳтаршавӣ ном доранд ба вучуд меоянд.

Навовариро аз фаҳмиши «ихтироъкорӣ» ва «навигарӣ» бояд фарқ намуд.

Навигарӣ ин навоварии иқтидорӣ, яъне қарори нав то маъмулшавии он мебошад.

Тичоратикунонӣ истифодаи амалии навигарӣ, бо равона кардани он барои ба бозор баромаданро меноманд.

Ихтироъкорӣ ин қарори нави техникиро меноманд.

Навигарӣ ва ихтироъкорӣ ҳамон вақт навоварӣ мебошанд, онҳо амалӣ гардонида шаванд.

Ба ақидаи аксари тадқиқотчиён гурӯҳбандии зерини давраҳои амалигардонии навоварӣ ҷудо карда мешавад:

1. Давраи ихтироъ - давраи тадқиқоти навоварӣ.
2. Давраи эҷодӣ - давраи байни ихтироъ ва навигарӣ.
3. Давраи амалигардонӣ - давраи байни тадқиқот ва коркарди доираҳои калон.
4. Давраи силсилаи технологии навоварӣ дар соҳаи муайян.
5. Давраи корчалонӣ - истифодаи васеи навоварӣ дар соҳибкорӣ.

Таҳлили моҳияти навоварӣ ва усулҳои гуногуни омӯзиши он имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои зерини онро муайян намоем.

✓соҳаи таклифот - илмию техникӣ, ташкилию иқтисодӣ ва иҷтимоию моддӣ;
✓хислати қонеъгардонии талабот - ташкили талаботҳои нав ва инкишофи талаботҳои мавҷуда;
✓предмети таклифот - маҳсулоти навоварӣ, чараёни навоварӣ, хизмати навоварӣ, бозори навоварӣ;
✓дараҷаи радикалӣ - базисӣ, системавӣ, афзоянда, навоварии тақаллубӣ;
✓дараҷаи тағйирот - тағйироти миқдорӣ, тағйироти одатҳо, муодилҳои шаклҳои нав, зоти нав ва ғайра;
✓сабаби пайдоиш - стратегӣ ва одатӣ;
✓хислати таъсир - ба имконоти бозори технологии ташкилотҳо меъморӣ, инқилобӣ, доимӣ;
✓мавзеи паҳншавӣ - дар як соҳа истифодабаранда ва дар якчанд соҳа истифодабаранда;
✓мақомашон дар истеҳсолот - асосӣ ва иловагӣ;
✓хислати алоқа бо донишҳои назарӣ - дохилшаванда ва дохилнашаванда.

Доираи навоварӣ доираи ягонаи системаи ташкилӣ набуда, он сохторҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии иқтисодиро дар бар мегиранд.

Стратегияи инкишофи соҳаи навоварӣ, ҳамчун қисми стратегияи умумии иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун стратегияи навоварӣ муайян карда мешаванд.

Зерсистемаи иқтисодию мотиватсионӣ стратегияи умумии иҷтимоию иқтисодӣ буда, барои амалӣ гардонидани манфиатҳои он фишангҳои махсус равона карда шудаанд, аз қабили андозҳо, қарз, нархгузорӣ, танзими музди меҳнат ва ғайра.

Сохтори стратегияи пайдарпайӣ бо ҷудо кардани чор дараҷаи стратегӣ вобаста мебошанд: макроиқтисодӣ, дараҷаи минтақавӣ, дараҷаи соҳа ва микроиқтисодӣ.

Стратегияи макроиқтисодӣ амалӣ гардонидани стратегияи навоварӣ дар дараҷаи иқтисоди миллӣ мебошад.

Танзими методологии стратегияи навоварӣ, инчунин амалӣ гардонидани равандҳои рушди илмию техникӣ се вазифаи асосиро ҷудо мекунанд:

1. Таъмини бехатари навоварӣ.
2. Кор кардан ва амалӣ гардонидани равандҳои бартариятноки рушди илмию техникӣ.
3. Ташкили шароити хуб фаъолгардонии соҳибкорони навоварӣ.

Стратегияи микроиқтисодӣ ин дараҷаи корхонаҳо ва ташкилотҳои алоҳида мебошанд. Стратегияи навоварӣ дар дараҷаи корхона бевосита аз стратегияи макроиқтисодӣ вобаста мебошанд. Муҳити макроиқтисодӣ ба корхонаҳо имконият медиҳанд, ки мувофиқи ин иқтисодии ҷаҳонӣ амал намоянд. Равандҳои навоварии корхона ба ин раванд нишонагирӣ доранд.

Барои пешрафти ташкилотҳои ватанӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти онҳо нисбат ба маҳсулоти истеҳсолкунандагони беруна ба ғайр аз фаъолияти дохилии ташкилотҳо, инчунин метавонад мақомотҳои давлатӣ низ мусоидат намоянд. Мақомотҳои давлатӣ дар танзими навоварӣ тавассути иҷрокунии чунин функсияҳо метавонанд таъсир расонанд:

1. Ҷамъ кардани воситаҳо барои корҳои илмӣ ва навовариҳо;
2. Мутобиқати фаъолияти навоварӣ;
3. Ҳавасмандгардонии навоварӣ;
4. Сохтани пойсутуни ҳуқуқии чараёнҳои навоварӣ;
5. Таъминоти кадрии навоварӣ;
6. Ташаккули инфрасохтори илмӣ-навоварӣ;
7. Рушди соҳибкории навоварии хурд;
8. Таъминоти институтсионалии чараёнҳои навоварӣ;
9. Танзими самти иҷтимоӣ ва экологии навоварӣ;
10. Баландбардории статуси ҷамъиятии фаъолияти навоварӣ;
11. Танзими минтақавии чараёнҳои навоварӣ;
12. Танзими ҷанбаҳои байналхалқии чараёнҳои навоварӣ;
13. Амалигардонии сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва илм.

**АДАБИЁТ**

1. Ғаниев Т.Б. Менечмент. қисми 2. Душанбе «Ирфон» 2004 с.
2. Гринев В. Ф. Инновационный менеджмент: – 2-е изд., стереотип. – К.: МАУП, 2001. – 152 с.
3. Основы инновационного менеджмента. Теория и практика: Л.С.Барютин и др.; под ред. А.К. Казанцева, Л.Э. Миндели. 2-е изд. перераб. и доп. – М.: ЗАО «Издательство «Экономика», 2004. - 518 с.
4. Фатхутдинов Р. А. Инновационный менеджмент. 4-е изд.- СПб.: Питер, 2003. – 400 с:
5. А.И. Хорев, и др. Методический подход к обоснованию стратегии функционирования предприятия с учетом инновационной деятельности // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2009 № 5. – с. 220.


## ИННОВАЦИЯ В МЕНЕДЖМЕНТЕ


В статье рассматриваются регулирование и поддержка экономики и инновационных процессов как одного из важнейших условий перевода функционирования экономики на рыночные отношения. Автор подчеркивает, что одним из важнейших направлений формирования инновационной инфраструктуры является формирование инновационных центров, внебюджетных и бюджетных фондов которые поддерживают деятельность инновационных предприятий.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** инновация,, регулирование, нововведение, научно-технический прогресс.


## INNOVATION IN MANAGEMENT


In article regulation and support of economy and innovative processes as by one of the most important conditions of transfer of functioning of economy on the market relations are considered. The author emphasizes that one of the most important directions of formation of innovative infrastructure is formation of the innovative centers, off-budget and budgetary funds which support activity of the innovative enterprises.



**KEY WORDS:** innovation, regulation, innovation, scientific and technical progress.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хусейн Каёнифар*** - преподаватель Университета Паёми нур, город Тегеран


# АҚИДАҲОИ МУТАФАККИРОНИ ИСЛОМӢ - АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА ИМОМ МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢДАР МАВРИДИ МУДИРИЯТИ ИСЛОМӢ


***Абуалӣ Маҳдизода Орӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Дуввумин мутафаккире, ки дар таърихи тафаккури исломӣ бо баҳрагирӣ аз файласуфони юнонӣ, ба таммули чиддӣ дар сиришти мадина ва иртиботи инсон бо он пардохт, Форобӣ аст. Форобӣ аз мактаби Афлотуну Арасту дарс омӯхта, бо фалсафа унс пайдо карда буд. Бо баррасии осори Форобӣ, метавон пай бурд, ки ӯ худ аҳли таақкулу озмун будааст ва ба омӯхтани танҳо алфоз ва ибороти устодони юнонӣ иктифо накардааст. (Ҳалабӣ АлиасҒар, саҳ. 442)

Форобӣ дар китобҳои зиёде, чун «Ороун аҳлилмадинат-ул-фозила», «Ассиёсат-ул-мадина», «Таҳсил-ус-саода» ва «Фусулмудунӣ» ба баёни ҷойгоҳи сиёсат аз манзари фалсафа мепардозад.

Форобӣ воқеан аз андешамандони давраи исломӣ аст, ки дар оҒози бӯҳрони хилофат ва дар замони авҷгирии мабоҳиси ҷонишини паёмбари Ислом (с), бо такя ба дастовардҳои андешаи фалсафии юнонӣ, ба вижа бо навиштани китоби «Ороун аҳлилмадинат-ул-фозила» ба тарҳи мабоҳиси ақлӣ дар бораи низоми ҳукумати Ислом пардохт. (Шаҳидӣ, саҳ. 65)

Ӯ дар пайванди фалсафаву сиёсат мӯътақид аст, ки файласуф бояд низоми оламро бишносад, то бо тарбияти умури мадина, ки бо низоми олам мутаносиб аст, ошноӣ дошта бошад ва битавонад умури мадинаро идораву тадбир кунад.

Аз дидгоҳи Форобӣ, подшоҳ ё имом дар комилтарин мартабаҳои инсоният ва дар олитарин дараҷоти саодат аст ва нафси ӯ комил ва муттаҳид бо ақли уст. Чунин инсон бо тамоми афъоле, ки ба воситаи онҳо метавон ба саодат расид, воқиф аст ва ин нахустин шарт аз шартҳои раис аст.

Форобӣ пас аз бар шумурдани дувоздаҳ вижагии раҳбари мадина, ки воқеан ӯ онро мувофиқ бо паёмбар (с) медонад, ёдовар мешавад, ки чун муҳол аст, ки ин вижагиҳо дар фарде ҷамъ шавад, пас роҳбари дуввум, яъне ҷонишини раис аввал бояд ҳадди ақал дорои шаш вижагӣ бошад. Аз ҷумла файласуфу хирадманд бошад, олим ва огоҳ ба қавонину орову шаръ ва маносик, ки раис пеш аз ӯ дар ифои комили вазоиф ва иҷрои умури мадинаи фозила пазируфтааст ва дар мавриде, ки қонуне вуҷуд надорад дар истинботи усул огоҳ бошад, дурандеш ва дорои тавоноии татбиқи муқаррароти ҳамоҳанг бо шароит, доштани баёне расо барои барангехтани мардум дар итоат аз амрҳои шариат, маҳорату тавоноӣ дар фан ва одоби ҷанг дошта бошад.

**Тафовути мадинаи фозилаи Форобӣ аз мадинаи фозилаи Афлотун.** Бо вуҷуди наздикиҳои бисёр дар байни мадинаи Форобӣ ва мадинаи Афлотун, тафовутҳое низ миёни ин ду мадина мушоҳида

мешавад. Мадинаи Форобӣ ҷанбаи ҷаҳонӣ дорад, дар ҳоле ки мадинаи Афлотун ба як мулку миллат маҳдуд мешавад. Мадинаи Форобӣ метавонад ба паҳнои олам ё мадинаи ҷаҳонӣ бошад.

Афлотун умури мадинаро ба гурӯҳе аз файласуфон месупорад ва ин созмонро аристократӣ меномад. Форобӣ на танҳо раиси мадинаро имом меномад, балки ӯро бо набӣ баробар мешуморад ва фақат дар ғайби имом, ноиби ӯ умури мадинаро ба гурӯҳе аз афрод вогузор мекунад, ки ғолиби сифоти роҳбар дар миёнашон вуҷуд дорад.

Ҳадафи Форобӣ аз тарҳи мадинаи фозилаи худ, баррасии бӯҳронест, ки дастгоҳи хилофат бо он рӯ ба рӯ буд. Форобӣ бо такя бар андешаи фалсафии Юнон, тафсири фалсафии нубуватро ироа кард, ки бештар бо назарияи имомати шайъӣ ҳамсозӣ дошт. Он чӣ дар ин ҷо аз андешаи фалсафиву мадании Форобӣ эҳтимомии ҷиддиро ба кор гирифтааст, то фалсафаву динро бо якдигар оштӣ диҳад ва аз ин ҷиҳат аст, ки дар андешаи ӯ фалсафаву сиёсат ба ҳамзистӣ расид.

Дар воқеъ аз дидгоҳи Форобӣ, аз онҳо ки фалсафа бояд асоси амалу тадбири умур ва низоми мадина бошад, фиқҳу шариати амалӣ низ бахше аз фалсафаи амалӣ ва ҷузъи илми маданӣ ба шумор меравад.

Андешаи фиқҳии Форобӣ баёнгари ин аст, ки миёни сиёсату диёнат ҳамзистии ногусастанӣ аст. Форобӣ ҳамчунин аз раҳгузари фалсафа пайванди миёни дину давлатро барқарор месозад.

**Имом Муҳаммади Ғаззолӣ (450-505 ҳ.қ.).** Имом Муҳаммади Ғаззолӣ аз лиҳози каломӣ ашъаримазҳаб ва аз назари фиқҳӣ шофеимазҳаб буд. Марҳилаҳои зиндагонии ӯро метавон ба марҳилаҳои зер тақсим кард:

1. Солҳои 450-478 ҳ.қ. даврони кӯдакӣ ва навҷавонии ӯро дар бар мегирад, ки дар назди устодони он замон амсоли Абунасри Ҷурҷонӣ, Абулмаолии Ҷувайнӣ ва дигар машоихи Тӯси Нишопур улуми асри хеш омӯхтааст;

2. Солҳои 478-484 ҳ.қ. ба такмили омӯхтаҳои хеш пардохта, зимнан ба таълилофоте даст задааст, ки аз ҷумлаи он таълифи китоби «Муфассал-ул-хилоф»-ро, ки дар Ҳамадон анҷом ёфт, метавон ном бурд;

3. Солҳои 484-488 ҳ.қ. бо дархости Хоҷа Низомулмулк дар низомияи Бағдод ба тадрис пардохтааст;

4. Солҳои 488- 498 ба муддати 10 сол дар билоди Шом, Байтулмуқаддас ва Ҳиҷоз гӯшанишинӣ кард ва ин давра давраи инқилоби фикрии ӯ буд. Китоби «Эҳё-ул-улум» ва «Арбаин» ва бархе аз рисолаҳои худро дар ин давраи 10-сола таълиф кардааст.

5. Дар фосилаи солҳои 498-505 ҳ.қ. пас аз 1 соли тадрис дар низомияи Нишопур ба Тӯс бозгашт. Ӯ дар ватани худ ба тадрису таҳзиби нафс пардохт ва китоби «Насиҳат-ул-мулук»-ро дар ҳамин давра таълиф кард. Дар соли 505-и ҳ.қ. (1111 мелодӣ) дар Тӯс вафот кард ва дар канори мазори Фирдавсӣ ба хок супорида шуд.

Баъзеҳо теъдоди таълифоти ӯро аз 200 то 400 китобу рисола ёд кардаанд. Осори Имом Муҳаммади Ғаззолӣ бештар дар заминаҳои фиқҳу ахлоқ аст, ки аз миёни онҳо метавон «Насиҳат-ул-мулук»-ро ном бурд. Аммо бузургтарин дастоварду муҳимтарин кори ӯ маҷмӯаи азими «Эҳё-ул-улум» мебошад. Ин рисола ахиран ба забони арабӣ бо 3110 сафҳаи матлаб дар қолаби 16 бахш ва 4 ҷилд ба зевари чоп ороста шудааст. Ин асар ба арсаи васеи мавзӯъҳо пардохтааст, ки бисёре аз ҷанбаву фаъолиятҳои инсониро дар бар мегирад. Ин мавзӯъҳо аз имон, фалсафа, илму дониш, созмони мудирияти идориву сиёсӣ, зӯҳду тафаккури амиқ иборат аст. Рисолаи Ғаззолӣ шомили 4 бахш аст, ки ҳар бахше 10 китоби ҷудогонаро дар бар мегирад ва дар маҷмӯъ 40 китоб аст. (Оли Буройӣ, саҳ. 281)

Шояд муҳимтарин навиштаҳои пурмағзи Ғаззолӣ мавридҳое аст, ки ӯ мустақилан дар бораи мудирият дар асари «Насиҳат-ул-мулук»-и худ нигоштааст. Ин китоб ду бахш дорад. Бахши аввал муштамили усули ойин буда, дар он эътиқодҳое, ки ҳар ҳокими мусалмон бояд дошта бошад, ташреҳ шудааст, инчунин усули диние, ки ин ҳоким бояд тибқи онҳо амал кунад, зикр гардидааст. Бахши дуввум аз пажвокҳое барои подшоҳон иборат буда, шомили ҳафт фасл мебошад. Фасли аввал ба вижагиҳо ва шоистагиҳои подшоҳону имомон мепардозад. Фаслҳои дувввуму саввум дар боби вижагиҳо ва шоистагиҳои вазирону дабирон ва ҳунармандии онҳо ҳарф мезанад. Фасли чаҳорум дар боби баландҳимматии ҳокимон ва бузургвории онҳо нигошта шуда, фасли панҷум ба зикр ва панду андарзҳои доноёну ҳокимон пардохтааст. Фасли шашум дар боби ҳунармандӣ ва афроди ҳушёр ба риштаи таҳрир даромада, фасли ҳафтум нукоту сифоти хубу бади занонро нигоштааст. (Оли Буройӣ, с.282)

**Наҳлаи фикрии Ғаззолӣ.** Яке аз ҷанбаҳои баҳсноки шахсияти Ғаззолӣ ин фалсафаситезии ӯст. Воқеан, ӯ ба он сабаб бо фалсафаи юнонӣ мубориза кард, ки онро бо пояҳову усули дини ислом мухолиф медонист. Ӯ бар хилофи фалсафа бо мантиқ комилан мувофиқ буд ва бузургтарии касе, аз мантиқ ҳимоят кард, Ғаззолӣ буд. Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки Ғаззолӣ маҳдудияти ақлро дар дастёбӣ ба ҳақиқат ва комил намудани инсон таъкид мекард.

**Назарияи умумии пайванди байни дин ва сиёсат.** Дину сиёсат аз дер боз бо якдигар табодулу таомул доштааст. Андешаи пайванди дин ва сиёсат пеш аз зуҳури ислом низ вуҷуд доштааст. Масалан, дар Эрони пешазислом тарзи тафаккуре, ки метавон аз он ба унвони фалсафаи сиёсати фурӯи худовандӣ ёд кард, тавчеҳкунандаи сохтори сиёсӣ буд. Дар асоси ин тарзи тафаккур итоат аз ҳоким, яъне подшоҳ ба ин далел воҷибу зарурӣ аст, ки ӯ сарфи назар аз вижагиҳои мухталиф аз як хусусияти муҳим бархӯрдор аст. Худованд ба ӯ фарри эзидӣ ато кардааст. Ғаззолӣ дар орои худ ба ин асл, яъне пайванди байни дину сиёсат мӯътақид будааст.

**Ҳамроҳии мулку дин аз нигоҳи Ғаззолӣ.** Ғаззолӣ мӯътақид аст, ки ин пайванд аз тариқи иртиботи ҳоким ва олими дин сурат мепазирад: «Волӣ бад-он саломат ёбад, ки ҳамеша бо уламои диндор бувад, то роҳи адл бар вай омӯзанд» (Ғаззолии Ҳумой, с. 13)

Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар чанд асари худ ба тавъам будани дину мулк таъкид мекунад ва дар таъйиди он ин иборатро ба кор мебарад: «Алмулку ваддину тавъамон». Дар ҷойи дигар мегӯяд: «Аддину валмулку тавъамон», яъне дину подшоҳӣ чун ду бародаранд, ки аз шиками як модар зода шудаанд. Дар ин ибораҳо Ғаззолӣ тавъам будани дину ҳукуматро таъйид мекунад. Ба назари Ғаззолӣ дин появу асос ва подшоҳ нигаҳбони он аст ва ҳар чизе, ки появу асос надошта бошад, вайрон мешавад ва ҳар чизе, ки нигаҳбону посдор надошта бошад, талаф мешавад. Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки мардум бо таваҷҷӯҳ ба ихтилофи табақот ва ниёзҳову ибрози андеша дар сурате, ки ба ҳоли худ гузошта шаванд ва ҳокиме надошта бошанд, гирифтори ҳалокат мешаванд. (Ғазолии Ҳумой, с. 10)

**Чигунагии пайванди дину сиёсат бар асоси назарияи Ғаззолӣ.** Ба таври куллӣ назарияи Ғаззолӣ дар бораи робитаи дин ва сиёсат бар 3 рукн – подшоҳ, халифа ва уламо асос ёфтааст. Матолибе, ки Ғаззолӣ дар бораи подшоҳон гуфтааст, 2 қисм аст. Қисми аввал матлабҳоест, ки дар онҳо вуҷуди подшоҳ зарурати иҷтинобнопазир қаламдод мешавад ва қисми дуввум тавсияҳои Ғаззолӣ ба подшоҳ аст. Дар ин тавсияҳо нукоти ҷолибе ба чашм мехӯрад. Ӯ дар осораш подшоҳонро мухотаб қарор додааст. Масалан, дар ҷилди аввали «Кимиёи саодат» вилоят доштанро дар сурате, ки аз шафқату адл холӣ бошад, хилофати иблис муаррифӣ мекунад ва дар сурате, бо адолат ҳамроҳ бошад, хилофати Худои таоло дар Замин мешуморад. Ҳеҷ ибодате назди Худованди мутаол бузургтар аз вилоят доштан бо риояти адолат нест ва ин адл дар сурате таҳаққуқ меёбад, ки волӣ 10 қоидаро ба шарҳи зер риоят кунад:

**Қоидаи аввал.** Қадри вилоят ва хатари онро бидонад, ки вилоят неъмати бузург аст. Ҳар ки шукргузори он бошад, саодат ёбад ва агар дар шукргузории он кӯтоҳӣ кунад, дар шақоват уфтад ва далели азамати он ин аст, ки Расули Акрам (с) фармудаанд: «Як соати адл аз шаст соли ибодат беҳтар аст» (Ғаззолии Ҳумой, с. 301)

**Қоидаи дуввум.** Интизори ҳоҷатмандонро ба даргоҳи худ ҳақир нашуморад ва аз хатари он бипарҳезад ва то замоне, ки мусалмоне ҳоҷате дорад, ба ҳеҷ ибодати мустаҳабе машғул нашавад, зеро баровардани ҳоҷоти мусалмонон аз ҳама мустаҳабот бартар аст.

**Қоидаи саввум.** Худро ба шаҳавот одат надиҳад. Ба ҷойи он ки ҷомаи некӯ бар тан кунад ва Ғизои хуш хӯрад, бояд дар ҳама чизҳо қаноат кунад, ки бидуни қаноат адл мумкин нест.

**Қоидаи чаҳорум.** То ҷое ки метавонад, корҳоро бар рифқ (нармӣ) поягузорӣ кунад, на ба унф (дуруштӣ).

**Қоидаи панҷум.** Бикӯшад, то ҳама мардум дар чорчӯби мавозини динӣ аз ӯ хушнуд бошанд ва бояд афроди мавриди эътимоди худро бифиристад, то онҳо аз мардум аҳволи ӯро бипурсанд, зеро айби хешро аз забони мардумон метавон фаҳмид.

**Қоидаи шашум.** Хушнудии ҳеҷ касро бар хилофи ризои шаръ нахоҳад.

**Қоидаи ҳафтум.** Дар ҳар воқеае, ки пеш меояд, худро раияту дигареро волӣ ҳисоб кунад ва ҳар чӣ барои худ написандад, барои дигарон низ написандад. Агар биписандад, дар вилояти худ хиёнат кардааст.

**Қоидаи ҳаштум.** Ҳамвора ташнаи дидори уламои диндор бошад ва шунидани насиҳати онҳоро madди назар қарор диҳад ва аз дидори уламои ҳарис бар дунё, ки бар вай сано мегӯяду хушнудии ӯро талаб мекунанд, то аз он мурдору ҳароми дунё, ки дар дасти ӯст, чизе ба макру ҳилла ба чанг оваранд, парҳез кунад. Ва олиму диндор касест, ки ба ӯ тамаъ намекунад ва инсофи вай медиҳад.

**Қоидаи нӯҳум.** Ба он қаноат накунад, ки худ зулм намекунад, балки бояд ба зулми ғуломону чокарон ва зердастони худ низ ризоят надиҳад, зеро масъули зулми онҳо низ ӯст.

**Қоидаи даҳум.** Такаббур сифати ғолиб бар волӣ аст ва аз такаббур хашм ғолиб мешавад ва ӯро ба интиқом даъват мекунад ва хашм душмани ақл ва офати ӯст. Волӣ бояд бикӯшад, то дар ҳама корҳо ҷониби ақлро пеш гирад ва караму бурдборӣ пеша кунад ва бояд бидонад, ки чун чунин кунад, монанди анбиёву саҳобаву авлиё бошад ва чун хашм рондан пеша кунад, монанди ҳайвоноти дарранда бошад. (Ғаззолӣ, саҳ. 525-535)

Ақидаи пайванди байни дину сиёсат дар давраи Сосониён реша дошт ва ин мавзӯъ дар Ислом низ пазируфта шуда буд ва Ғаззолӣ аз ин назария пайравӣ мекард. Такомули андешаи Ғаззолиро метавон аз тартиби замони таълифи осори ӯ дарёфт. Ӯ замоне, ки дар Бағдод буд, китоби «Мустазҳарӣ» ва «Иқтисод-ул-эътиқод»-ро навишт. «Эҳё-ул-улумуддин»-ро дар даврони гӯшанишинӣ ба таҳрир кашид ва «Мустафо» охирин асари муҳими ӯст, ки дар соли 503 ҳ.қ. поён ёфт. Ғаззолӣ, ки масоили сиёсиро бо диди мазҳабӣ менигарист, худро бо масъалаи робитаи ҳокимият, аз як сӯ ва дину подшоҳӣ, аз сӯйи дигар, мувочеҳ дид. Назари Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар бораи имомат ва хусусиёте, ки имом бояд доро бошад, чунин аст:

Ғаззолӣ мӯътақид аст, ки имомат ҳам аз тариқи ақл ҳам аз тариқи нақл вочиб аст. Ӯ ба тавзеҳи шароити лозим дар вогузории қудрат ба имом ва хусусиёти лозим дар имом мепардозад. Ҳар гуна қудрати қонуниву шаръиро имом вогузор мекунад ва ҳар вазифаи оме, ки аз ӯ сарчашма нагирад, беэътибор аст. Имом чонишини паёмбар аст ва маъмурияти ӯ посдорӣ аз дин ва раёсат бар умури дунёст.

Ашъариҳо зарурати имоматро шаръӣ медонанд на ақлӣ. Ғаззолӣ дар ин китоб дидгоҳи ашъариҳоро пайравӣ накардааст. Истидлоли ниҳоии ӯ ба зарурати вучуди имомат ин аст, ки бидуни вучуди ӯ қазовати ҳеч як аз қуззот ва ҳеч кадом аз аҳду паймонҳо ва васиятҳо эътиборе нахоҳад дошт.

Коргузорони дунпоя ҳеч гуна машруияти иттифоқӣ надоранд. Эътибори онҳо «таъсис» аст, яъне ниёзманди мансабу таъйин аст. Ба ин тартиб набудани имом ҳар гуна робитаи инсони одиву табиирo ба гуноҳ табдил хоҳад кард. Имомат дар назари Ғаззолӣ дорои се чанба аст.

1. Қудрати лозимро бо мақсади ҳифзи назм металабад;

2. Нишонаи ваҳдати исломӣ ва идомаи ҳаёти он аст;

3.Иқтидор ва эътибори амаливу назарии худро аз шариат гирифтааст.

Ба назари Ғаззолӣ имомат танҳо шакли машрӯи ҳукумат дар ислом аст ва хилофатро ҳам ба нуқтаи марказии шариат дар чомеа ва ҳам ба унвони намунаи ҳидояти аҳли суннат аз тариқи итоати он аз шариат қарор медиҳад.

Аз нигоҳи Ғаззолӣ дин ва қудрат (чӣ қудрати маънавӣ ва чӣ қудрати моддӣ) аз оғоз ба сурати ногусастанӣ бо ҳам иртибот доштаанд. Дар ормони ӯ уммат созмону ташкилотест, ки бар пояи дину ақл устувор аст ва гирдиҳамойии бузург ё паймони бародарии густурдаест, ки дар он ҳама баробари мавқеияте, ки Худо ба онҳо додаст ва дар заминаи ақоиде, ки пазируфтаанд, бо якдигар дар корҳои диниву дунявӣ ва умури маънавӣ ҳамкорӣ мекунанд. Ҳадафи ниҳоии ҳамаи талошҳо саодати маҳз аст ва саодати маҳз бо итоат аз Худо, посдорӣ аз ҳарими навоҳии ӯ, амал ба фазилатҳои ахлоқи шаръӣ ва вочиботи динӣ муяссар хоҳад шуд. Масъалаи меҳварӣ барои Ғаззолӣ ҳокимият бувад. Инсон танҳо як арбоб дорад– Худо ва танҳо як қонун дорад – шариат, ки Худованд ба ӯ бахшидааст.

Сиёсат назди Ғаззолӣ бо усули дин, ахлоқ ва қонун пайванди наздике дорад, ки ҳар кадом аз онҳо бар ҳунари рафтори ичтимоӣ, роҳбарии дигарон ва идораи умур бар пояи шаръ марбут аст. Ислоҳи сиёсӣ, ислоҳи ахлоқӣ аст. Ҳар кӣ хоҳад дигаронро ислоҳ кунад, бояд аз худ оғоз намояд.

Ин буд хулосае аз назариёту ақоиди мутафаккири қарни панчуми ҳичрии қамарӣ дар мавриди мудирияти исломӣ.

Бо тавaччӯҳ ба он чӣ дар бораи мутафаккирони номбурда гуфта шуд, метавон ба ин натича пардохт, ки назариёти гуногуне дар бораи пайванди дину сиёсат ироа шудааст.

### АДАБИЁТ


1. Қуръони Карим
2. Оли Буройӣ Муҳаммад Абдуллоҳ. Мудирият ва идораи умури давлатӣ дар Ислом (мутарчим – Чоббӣ). Теҳрон, 1380 .54 с.
3. Боқир Шариф Алқарашӣ. Низоми ҳукуматӣ ва идорӣ дар Ислом (мутарчим Аббосалӣ Султонӣ). – Теҳрон, 1380 . – 193 с.
4. Боқир Алмусавӣ Мӯҳсин. Мудирият ва низоми идорӣ аз дидгоҳи Ҳазрати Алӣ (а) (мутарчим – Саидҳусайни Саидӣ). Теҳрон, 1352. – 12 с.
5. Ҳалабӣ Алиасғар. Таърихи тамаддуни Ислом. –Теҳрон, 1372. – 442 с.
6. Зарифиён Ғуломризо. Дин ва давлат дар Ислом. – Теҳрон,1376.– 297 с.
7. Минавӣ Мучтабо. Таърих ва фарҳанг. – Теҳрон, 1352. – 460 с.
8. Файзулислом. Наҳчулбалоға, номаи 53.
9. Абулҳасани Мовардӣ. Алаҳкос- султония вал вилоят-ул-мадина. – Бейрут. – 13 с.
10. Форобӣ. Ороун аҳлил мадинат-ул-фозила (тарчумаи Саидчаъфар Шаҳидӣ).Чопи дуввум. – Теҳрон,1361. – 65 с.


## ВЗГЛЯДЫ ИСЛАМСКИХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ АБУНАСРА ФАРАБИ И ИМАМА МУХАММАДА ГАЗАЛИ ОБ ИСЛАМСКОМ МЕНЕДЖМЕНТЕ

В данной статье автором рассматриваются взгляды исламских просветителей Абунасра Фараби и Имама Мухаммада Газали об исламском менеджменте.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Абунаср Фараби, Имам Мухаммад Газали, исламский менеджмент, примерное общество, связь религии и политики.

**IEWS OF ISLAMIC EDUCATORS OF ABUNASR FARABI AND IMAM MUKHAMMAD GAZALI ABOUT ISLAMIC MANAGEMENT**

In this article the author considers views of Islamic educators of Abunasr Farabi and Imam Mahomed Gazali about Islamic management.
**KEY WORDS:** Abunasr Farabi, Imam Mahomed Gazali, Islamic management, approximate society, religion and policy communication

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Абуали Махдизода Ори*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ЧӢ ГУНА МЕТАВОН БА ЭКОТУРИЗМИ ЭРОН ДИЛ БАСТ?

***Муҳаммад Боқири Наврӯзӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Танаввӯи иқлимӣ дар Эрон мунҷар ба танаввӯъи зистӣ, танаввӯъи ландшафтҳо ва таҷаммӯи таззодҳо дар ин сарзамин ба таври якҷоя гардида ва ҷозибаҳои билқувваи зиёдеро ки метавонад Эронро ба яке аз мақосиди аслии экотуризми ҷаҳонӣ табдил намояд фароҳам намуд. Дар айни ҳол бо инкишофи рӯзафзуни экотуризм ва тақозои бозори марбута, ки навиди долларҳои беҳаду ҳасреро барои фаъолони ин соҳа ба ҳамроҳ дорад ва қабули ин бовар, ки барои кишварҳои дар ҳоли тавсиа мусаллам шудааст, даромад ва сатҳи иштиғолзоии ношӣ аз туризм ва экотуризм, арқоми ғайриқобили чашмпӯши аст. Эрон низ мебоист бо талоши лозим (ва дарканори талош, бо ҳушёрӣ дар ҷиҳати эҳтироз аз табаот ва авориzi равнақи Экотуризм бидуни барномарезӣ), саҳми сазовори худро аз ин бозори пурравнақ касб намояд. Ҳамзамон масоили муҳити зист ва тавсиаи пойдори Экотуризмро дар канори натиҷаи иштиғолзоӣ, корофаринӣ, коҳиши нархи бекорӣ, иртиқои сатҳи даромади сарона, болобурдани кайфияти зиндагӣ, танавӯъбахшӣ ба манобеи даромади кишвар, таомули созандаи фарҳангӣ бо ҷаҳон, тавсеаи манобеи инсонӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиро ҷузви авлавиётҳои барномарезиҳо қарор дода, иқдомоти муассиреро барои муваффақият ва майл ба ҳадаф, яъне баҳрабардории билфеъл аз муҳаббатҳои табиӣ ба иҷро гузорад.

Тавфиқ дар мудирият ва тавсиаи гардишгарӣ, мусалламан даргируви барномарезии усулӣ, муносиб, дархӯр ва ҳадафманд хоҳад буд. Таҷриба нишон додаст, ки туризм, бидуни сиёсатгузориҳои усулӣ, мантиқӣ ва таъсиргузорӣ, роҳи баҷое нахоҳад бурд ва танҳо сойтҳои марбутаро дучори мушкилоти муҳитӣ ва иҷтимоӣ намуд ва самарае ҷуз зиён барои сокинон ва эҷоди нохушнуди барои туристҳо дар бар нахоҳад дошт. Ин мавзӯъ хусусан дар Экотуризм, ки бо манобеи табиӣ ва муҳити зист ва ҷавомеи маҳаллӣ дар иртиботи танготанг аст. Аз аҳамияти хос баҳраманд аст.

Экотуризм навъе аз гардишгарӣ аст, ки бо табиат ва аглаб муҳитҳои боз дар иртибот аст ва маҳалли пайванди дидгоҳ:

1 - тааҳуди шадид ба табиат
2 – эҳсоси маслиатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Яъне, муҳити табиӣ, чашмандозҳо (ландшафтҳо), манзараҳои зебо ва ҷомеаи маҳаллӣ, ҳадафи муқаддами бисёр аз табиатгардҳоро ташкил дода ва умдатарин ҷозибаҳоро барои онҳо ташкил дода ва умдатарин ҷозибаҳоро барои онҳо ташкил медаҳанд.

Сайли ҳаракати табиатгардӣ ҳамроҳ бо таъсироти густардаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва муҳитӣ буда, наметавон асароти ёдшударо баҳоли худ раҳо карда ва ё нодида гирифт ва ё бо барномаҳои салиқа ва худсарона ва коршиноси нашуда, даст ба рақобатҳои носолим дар баҳрабардорӣ аз манобеи табиӣ ва муҳит зад, зеро табиатгардии гурӯҳҳо ва манобеи мухталифро бо ҳиддат ва шиддати тамом таҳти таъсири худ медиҳад, ки аз он ҷумла, табиатгардон, ироадиҳандагони хадамот ва колоҳои туризм, ҷавомеи маҳалли марбута аст.

Инкишофи Экотуризм, таомули фарҳанги болорафтани (иртиқои) шохисҳои тавсиаи инсонӣ ва сатҳи огоҳии афрод нисбат ба мизон аҳамияти ҳиҷзи захираҳои боарзиши муҳити зист ва манобеи табиӣ ва ҳамчунин, мероси фарҳангиро ба дунбол дорад.

Иртибот ва тамоси Экотуристҳо бо ҷавомеи мизбон, ба таври мутақобила, муҷиби афзоиши ҳассосияти ҷавомеъ ба муҳити зист гардид ва сатҳи огоҳӣ ва дониши дутарафаро боло хоҳад бурд. Корофаринӣ иштиғолзоӣ беҳтаршудани вазъи маишати аҳолӣ ва ҳамон тавр касби даромадҳои иқтисодии ношӣ аз инкишофи фаъолиятиҳои Экотуризм, ҳамзамон бо барномаҳои иттилоърасонӣ ба табиатгардон ва ҷавомеи мизбон дар масири эҷод ва густариши фарҳанги табиат ва иқдомоти ҳифозати марбута ба пеш меравад.

Экотуризм дар дунёи имрӯза ба як фаъолияти муҳими иқтисодӣ мубадал шуда, фурсатҳоеро барои Экотуризм фароҳам менамояд, ки то бо тамоси ошкор бо табиат ва мушоҳидаи фарҳангҳои мухталиф, аз вазъият ва аҳамияти ҳифозат аз танаввӯъи зистӣ ва фарҳангҳои бумӣ ҷозибаҳо ва чашмандозҳои камназир дар сатҳи кишвар ва ниёзҳои машҳуд дар бозори Экотуризм ва бо эътиқод ба ин ки инкишоф ва густариши Экотуризм худ василае хоҳад буд. Барои пойдории муҳити зист, абзоре барои фарқзудоӣ, ҳарбаи муассир барои коҳиши нархи бекорӣ ва беҳбуди тавзеи даромадҳо, иртиқои даромади сарона, эҷоди ҳарчи бештари шуғл ва нақши корофаринӣ ва кӯмак ба сулҳ аз тариқи таомули созандаи фарҳангӣ бо маҳаллаҳои деҳкадаи ҷаҳонӣ (дигар кишварҳо), инкишофи манобеи инсонӣ-иқтисодӣ-иҷтимоӣ, кӯмак ба муҳофизат аз арзишҳо ва асолатҳо ва инкишоф ва басти пойдор барои иқтисоди ҷавомеи маҳаллӣ (мизбон) ва зарурат пайдо мекунад, ба вазъияти мавҷуда Экотуризми Эрон нигоҳе дошта бошем:

**Вазъи мавҷуд**. Бо инкишофи Экотуризми ҷаҳонӣ ва эҳсоси ниёз ва тақозои рӯзафзуни бозори марбута, мутаасифона бархе иқдомоти судҷӯёна ва худсарона низ дар ҳоли ташаккул аст. Бо хусусияти мавридҳои зерин меоварад:

1. Инкишоф ва касрати дафтари туризм ва дигар нақшофаринони ин соҳа, аз ҷумла, тургардонон, ки дар бисёр мавридҳо ба далели надоштани муҷаввиз ва дар натиҷа гурез аз контролҳои расмӣ ва адами мутобиат аз барномаҳои тадвиншуда, муҷиботи нигаронӣ аз шаклгирии вазъияти нобасомониро дар ин соҳа фароҳам сохта аст.
2. Асари тахрибии Экотуризми ҳидоят нашуда ва бидуни контрол бар манобеи табиӣ ва муҳити зист.
3. Иртиботи амалии экотуризм бо туризм ва паёмадҳои фарҳангии марбута.

Хусусиёти зикршудаи боло, ҷавомеи маҳаллӣ ва мизбонро шадидан мувоҷеҳ бо осебҳои иҷтимоӣ, ва сарватҳои фарҳангиро мувоҷеҳ бо тағйир ва табдил ва муҳити зист ва ҷозибаҳои табии ва манотиқи дорои ҳассосиятро сахт шикананда хоҳад намуд.

Лизо, бо таваҷҷӯҳ ба инкишофи машҳуди Экотуризм дар абъоди ҷаҳонӣ, идомаи вазъияти ҳозира мунҷар ба амалкардҳои ғайриусулӣ ва сармоягузориҳои фоқиди барномарезӣ ва дар натиҷа дунёи мушкилотро дар пай хоҳад дошт.

Баҳраҳо бурда ва дар канори он Экотуризм мунҷар ба иштиғолзоӣ, эҷоди даромад барои иҷрои барномаҳои ҳифозатӣ ва дарки аҳамияти иқтисодӣ ва ламси манофеи иқтисодии мустақим ва ғайримустақими он барои ҷавомеи маҳаллӣ ва эҷоди ангеза дар онон мегардад.

Ҷозибаҳо ва чашмандозҳои камназир, танаввӯъи иқлимӣ ва танаввӯъи зистӣ дар густариши кишвари Эрон ва вуҷуди тақозои рӯзафзун дар бозори ҷаҳонии Экотуризм, зарурати барномарезӣ барои Экотуризм ва густариши ҳарчи бештари онро дар ин кишвар барои баҳрагирӣ аз манофеи зоидулвасфи он иҷтинобнопазир мекунад. Зеро, чунин барномарезӣ метавонад, муҷиби пойдории муҳити зист, коҳиши нархи бекорӣ, фақрзудоӣ, беҳбудӣ тавзеҳи даромад, афзоиши саҳми даромади сарона, корофаринӣ ва иштиғолзоӣ, таомули созандаи фарҳангӣ ва муассир бо ҷаҳонӣ шуда, тавсиаи манобеи инсонӣ-иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳифзи асолатҳо ва арзишҳо, беҳбудии шохисҳои бархӯрдорӣ ва низ инкишофи пойдори иқтисодии ҷавомеи маҳаллиро ба дунбол дошта бошад.

Вазъи мавҷуди туризм ва экотуризми кишвар ва саҳми ночизе, ки билфеъли он аз арқоми фарбеҳ ва чокуҷиллаи долларҳо дар ҷараёни санъати туризми ҷаҳонӣ (алорағми дунёӣ тавони билқувва), нишон аз шикофӣ амиқ байни илм ва амал, олиму, омил ва дар ин соҳа дорад (олим аз замин мегӯяд, омил ба осмон ишора дорад, олим ба нӯр даъват мекунад, омил ба торикӣ паноҳ мебарад, олим ба тӯл таъкид дорад, омил арзро массоҳӣ мекунад ва…) бо ин васф боз ҳам бояд умедвор буд, ки занги бедорӣ аз хоби ғафлат ба садо дароянд, ин шикоф ба ҳам омада, олим ва омил як садо ва як дил, даст дар дасти ҳам битавонанд ҷуброни мофот намоянд ва Эрон низ ба ҷамъи кишварҳо пайвандад, ки содироти номаи он (даромадҳои санъати туризм ва хусусан соҳаи экотуризми он) битавонад вазнеро дар иқтисоди кишвар ташкил дахад.

**Роҳи дилбастагӣ ба Экотуризми Эрон.** Айният ба ҷанбаҳои мухталифи осори Экотуризм ва вазъияти кишвари Эрон бо танаввӯъи иқлимӣ, танаввӯъи зистӣ, ландшафтҳо инкишофи туризм ва бахусус Экотуризм, ношӣ аз ниёзҳои иҷтимоӣ-равонии мардум, талаботи бозор, дидгоҳи судҷӯёнаи баҳри гурӯҳҳо ва ғайра мебошад. Аммо натоиҷи ъоида ба шакле хоҳад буд, ки интизори ҳалли худ ба худи он ғайримантиқӣ ва номаъқул хоҳад буд ва иқдомоти санҷидаро металабад ки барномаи дарозмуддатро дарбар гирад.

Боиси хушҳолист, ки чеҳраи табиии кишвари Эрон бо танаввӯъи зистӣ ва ҷозибаҳои рангоранг ва манобеи худододи шомили навоҳии панҷгонаи рӯиш бо обу, ҳавои гуногун: рӯиши халиҷӣ ва Умонӣ;рӯиши Хазарӣ;рӯиши Зогрусӣ;рӯиши Эронӣ ва Тӯронӣ; рӯиши арсборон.

Ҳамроҳ бо вижагиҳои мунҳасир ба фарди табиӣ чун: қаторкӯҳҳои Зогрус, Албурз, Саҳанд, Сабалон, Бенолӯд, Тафтон, Бориз, Базмон, Уштуронкӯҳ ва ғайра бо қуллаҳои Дамованд, Дино ва ғайра ҳамроҳ бо оташфишонҳои фаъол ва хомуш, дарраҳои зебо ва паркҳои табиӣ ва ҳавзаҳои обхез,

яхчолҳои табиӣ ва гунбадҳои намакӣ, ғорҳо ва обшорҳо дар канорашон 165 минтақаи ҳифозати муҳити зист ва падидаҳои табиӣ, паҳнобҳои ҷаззоб, ҷазоир, толобҳо, саробҳо, чашмаҳо, обҳои маъданӣ, даштҳо ва кавирҳо, колексионӣ аз ҷондор ва растаниҳо, бо ҳамроҳи шеваи зисти кӯчнашинӣ ва ҷавомеи ашоирӣ, ақвоми гуногун, ҳар як бо пӯшиш ва одобу анъанаи вижаи худ, дар канори тамаддуни куҳан, аз ҷумла, тавонмандиҳои ин кишвар аст, ки метавонад дар сурати барномарезии усули тавам бо ҳиммат ва азми росих, Эронро ба яке аз мақосиди аслии Экотуризми ҷаҳонӣ мубаддал созад.

Ҷамъи масъулон ва дастандаркорони умур мебоист бидуни фавти вақт, даст дар дасти ҳам дода, муҷиботи дарёфти саҳми беҳақ ва сазовори кишвари Эронро аз санъати пӯё ва ҳазораҳои милиард доллари ҷорӣ дар онро фароҳам Эрон тавсиаёфта дар тамоми заминаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фаннӣ, фарҳангӣ ва ғайра дар даҳаи оянда бо дастёби ба мақосиди зерин равшан хоҳем намуд.

1. Эрон бархӯрдор аз муҳити зист, қобили қабул аст, ки дар он зарфиятҳои табиӣ тамоман шиносоӣ, муаррифӣ, сомондиҳӣ шуда ва ба баҳрабардорӣ расида ва бо таомули матлуб мобайни мизбон ва меҳмон бо табиат ва бо системаи контроли пойдор ва басир ва дар назаргирандаи тамоми мавзӯот ва ҳатто ишроф ба нуқоти кӯр ва контроли онҳо дар ҷиҳати баҳрабардори аз ин сармояҳои табиӣ.
2. Эрон табдилшуда ба яке аз қутбҳои Экотуризм, бо лаҳози мутолиботи фарҳангӣ, муҳити зист, ҷуғрофиёӣ, таърихӣ ва миллӣ.
3. Эрон дар таомул ва иртибот бо қотибаи милал ҷаҳон.
4. Эрон бо миллати шод ва бо нишоти ҷисм равон ва баҳраманд, ҷавомеи маҳаллии масъулиятпазир, дар мушорикат бо Экотуризм пойдор.
5. Экотуризми пӯё, навгаро, корофарин, бо қудрати рақобати боло ва баҳраманд аз стандартҳои ҷаҳонӣ арзаи хадамот.
6. Эрон бархӯрдор аз экосистимаи коршиносон, нерӯи инсони моҳир ва коромад.
7. Эрон бо Экотуризми фаъол ва матраҳ дар бозори ҷаҳонӣ ва қудратманд дар ифои нақши корсоз дар манобеи даромади иқтисоди кишвар, болобарандаи даромади сарона, эҷодкунандаи иштиғол ва ба ҳаракат дароварандаи иқтисоди ҷавомеи маҳаллӣ, ки мусалламан барои дастёби ба чунин аҳдофи волое иқдомоте чун мавориди мундариҷа дар зер иҷтинобнопазир аст:

1. тақвияти бахши хусусӣ;
2. табдили давлати тасаддигар ба давлати ҳидоятгар ва назоратгар ҳомии бахши хусусӣ;
3. омӯзиши ҷавомеъ ва ниҳодҳои маҳаллӣ барои ифои нақши муассир дар ҳифзи манобе ва баҳрабардори аз манофеи Экотуризм;
4. танаввӯъбахши ба фаъолияти иқтисоди ҷавомеи маҳаллӣ ва иртиқои сатҳи маишати онон бо мушорикат дар Экотуризм.
5. диққат дар мутобиқати маҳсулоти экотуризм бо тақозоҳои рӯ ба инкишоф ва печида ва посухгӯи ба онҳо;
6. эҷоди мудирияти қудратманд дар тасмим ва амал дар ҳавзаи экотуризм;
7. тасҳили умури марбут ба Экотуризм дар ҳамаи дастгоҳҳои муртабит;
8. барномаи таҷдиди назар дар давраи барномаҳо барои кафолати саломатии массир;
9. таъкид бар омӯзиши куллияи афроди дохил дар Экотуризм аз болотарин то поёнтарин сутуҳ ва таҳқиқ, пажӯҳиш дар умури Экотуризм бо ҳадафи пештозмондан;

Дар ин марҳила аҳдофи дигаре низ ба худии худ матраҳ мешаванд, ки мебоист бо талош ва барномарезӣ дар дастрас қарор гиранд аз он ҷумла:

1. тасмим ва амал ба шиносоӣ, дар сурати лузуми эҳё, сомондиҳӣ, омодасозӣ ва баҳрабардори аз (бо лаҳози масоили муҳити зист) зарфиятҳои Экотуризми кишвар.
2. нақшдиҳӣ ба Экотуризм ба унвони яке аз манобеи қобили эътимод дар иқтисоди миллӣ (арзоварӣ).
3. таъкид бар бозорёбии ҳарчи бештар ва дар канори он иртиқои кайфияти маҳсулоти Экотуризми кишвар (сифати баланд) барои тавқуф дар бозори рақобат.
4. таҷдиди назар дар низоми ҳуқуқи идорӣ нозир бар Экотуризм ва амал ба сиёсати тамаркуз зудоӣ ва тақвияти бахши хусуси бо канорагирии давлат аз нақши монеаи эҷодкунӣ ва пардохтан ба нақши ҳидоят, назорат ва ҳимоят.
5. иқдомоти ташвиқ ва тарқиб барои мушорикати ҳарчи бештари бахши хусусӣ дар Экотуризми кишвар.

Ба назар мерасад, метавон ин массирро бо гомҳои устувор ва амал ба мавориди зерин ба анҷом расонд:

1) шиносоӣ, эҳё, ҳифозат ва сомондиҳии ҷозибаҳо ва эъмоли сиёсат ва мудирияти пойдор.
2) тавсиаи манобеи инсони омӯзишдида ва назмдиҳӣ ба фаъолони Экотуризм ва нақшдиҳӣ ба ҷавомеи маҳаллӣ дар ҳамкорӣ ва баҳрамандӣ аз манофеи ъоида.
3) таъсис ва тақвияти марокизи омӯзиши фаннӣ ва ҳирфи ва риштаҳои тахассусӣ дар донишгоҳҳо ва марокизи омӯзиши олӣ муртабит бо Экотуризм.

4) иқдомоти фарҳанги лозим барои инкишофи фарҳанги Экотуризм дар амал ба мушорикат ва масъулиятпазирии ҷавомеи маҳаллӣ ва бахши хусусӣ дар тавсиаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таомули фарҳангӣ.
5) иртиқои (инкишофи) сатҳи мудирияти туризм ва Экотуризм аз ҳолати як зер маҷмӯа ба сатҳи вазорат ва таъкид бар мудирияти марокизи тасмим ва иҷро.
6) эҷоди низоми иттилоотии коромад дар иртибот бо манобеи табиии кишвар ва ба рӯз намудани иттилооти он.
7) танаввӯъбахшӣ ба маҳсулоти Экотуризм, бо дар назардошти стандартҳои кайфӣ (сифатӣ) ва эҷоди системаи иттилоърасонӣ ва бозорёбии қавӣ ва мунсаҷим.
8) заминасозӣ барои иттико ба иқтисоди пойдор ношӣ аз Экотуризм.
9) амали гузаштҳои гумрукӣ ва молиётӣ ва авоnризе барои фаъолон дар Экотуризми кишвар барои ҷалби мушорикати ҳарчи бештари бахши хусусӣ ва ихтисоси тасҳилоти камбаҳра ва ё бидуни баҳра ба сармоягузорон дар бахши Экотуризми.
10) амали сиёсати коҳиши монеаи эҷодкунӣ ва инҳисороти давлатӣ ва таъкид бар баҳрабардории бахши хусусӣ аз сойтҳои Экотуризм.
11) таҳқиқ ва пажӯҳиши густарда дар умури Экотуризм бо ҳадафи расидан ба стандартҳои ҳифозатӣ, баҳрабардорӣ, пешниҳоди хадамот, бозорёбӣ барои маҳсулоти мавҷуд ва тавлид ва фаъолиятҳои фарҳангӣ ва таблиғӣ ва системаҳои мудирияти Экотуризм.
12) поягузории системаҳои коромади бознигарӣ ва контроли умур ва барномаҳо.

### АДАБИЁТ


1. Каҳрум Исмоил. Экотуризм, экологӣ. Интишороти созмони ҳифозати муҳити зисти Эрон. 1374 (1995).
2. Мунавварӣ М. Роҳнамои арзёбии асароти муҳити зист, туризм ва Экотуризм. Интишороти созмони муҳити зисти Эрон. 1383 (2004).
3. Duha Buchsbum. B. Ekotoursm and sustainable development. 2009.
4. Enew. C. Undrestanding the economic impact of tourism. 2003.



### КАК ПОЛЮБИТЬ ЭКОТУРИЗМ ИРАНА?

В статье автором изучаются проблемы и перспективы развития экотуризма в Исламской Республике Иран. Автором приводятся веские аргументы в пользу развития данной отрасли туризма в Иране, так как эта страна обладает очень богатой туристической базой и основной упор должен быть направлен на привлечение туристов и пропаганду сферы экотуризма.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** экотуризм, Иран, проблемы и перспективы развития экотуризма, устойчивое развитие, привлечение туристов.



### HOW TO FALL IN LOVE WITH ECOTOURISM OF IRAN?

In article the author studies problems and prospects of development of ecotourism in the Islamic Republic Iran. The author gives telling arguments in favor of development of this branch of tourism in Iran as this country possesses very rich tourist base and the main emphasis should be directed on involvement of tourists and promotion of the sphere of ecotourism.



**KEY WORDS:** ecotourism, Iran, problems and prospects of development of the ecotourism, sustainable development, involvement of tourists.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Бокири Наврузи*** - соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


## НАҚШИ ОМӮЗИШ ДАР ТАВСЕАИ ФАРҲАНГИ КОРОФАРИНӢ


***Беҳрӯз Ороминфар***

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**


Парвариш ва омӯзиши имрӯзаи нерӯи инсонӣ ба унвони яке аз авлавиятҳои муҳими созмонҳо дар саросари ҷаҳон ҷорӣ буда, барномаҳои омӯзиши гуногуне ҷиҳати нав кардани сатҳи дониш, муносибату маҳоратҳои фардӣ ва иҷтимоии коркунон бо сарфи хароҷоти бисёр ва бо мақсади тавонмандсозӣ ва афзоиши самаранокӣ ва таъсирбахшии онҳо тавассути созмонҳо таррохӣ ва амалӣ мегардад.

Яке аз муҳимтарин бахшҳое, ки бештарини омӯзишҳо ба сӯи он таваҷҷӯҳ дорад, густариши тафаккури офарандагӣ (офаринишгар) ва ислоҳи муносибати инсонҳо аз нигоҳи омори суннатӣ ба як нигоҳи навҷӯӣ ва пӯёӣ нисбат ба падидаҳои пиромуни онҳо мебошад. То аз тариқи тавсеаи тавонмандиҳои фикрӣ ва шукуфоии зарфиятҳо, қудрати таҷзия ва таҳлил, дарки тағйироти муҳит, навоварӣ ва истифодаи беҳтар аз имкониятҳо, шиносоӣ ва аз байн бурдани хатарҳо ва ё табдили онҳо ба имкониятҳои арзишманд фароҳам гардад. Бисёре аз соҳибназарон бар ин боваранд, ки яке аз

муносибтарин механизмҳои анҷоми ин кор, ***эҷод ва тавсеаи фарҳанги корофаринӣ бо истифода аз механизми омӯзиш*** мебошад.

Бинобар ин, дар мақолаи мазкур таҳти унвони «Нақши омӯзиш дар тавсеаи фарҳанги корофаринӣ (соҳибкорӣ)» шомили таърифи мафҳумҳои калидӣ монанди: корофаринӣ, омӯзиши корофаринӣ, фарҳанги корофаринӣ ва ғайра аҳамият ва зарурати тавсеаи фарҳанги корофаринӣ, ҳадафҳои омӯзиши корофаринӣ, навъ ва давраҳои омӯзиши корофаринӣ, муделҳои омӯзиши корофаринӣ, нақши давлатҳо дар тавсеаи омӯзиши корофаринӣ, таҷрибаи омӯзиши корофаринӣ дар чанд кишвари ҷаҳон ва ҳамчунин хусусиятҳои омӯзиши муассир мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст.

**Мафҳумҳои калидӣ: Корофаринӣ (соҳибкорӣ):** «Раванди офариниши чизи нав ва боарзиш бо дарназардошти замон ва талошҳои лозима, хавфу хатарҳои молӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ, то расидан ба ризоияти фардӣ, молӣ ва истиқлол» (**13**)

**Омӯзиши корофаринӣ:** «Маҷмӯае аз таълимотҳои расмӣ аст, ки ба афроди алоқаманд омӯзиш медиҳанд ва бо ин омӯзиш огоҳии афродеро, ки ба мушорикат дар тавсеаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ алоқаманд ҳастанд, боло мебаранд то онҳо аз тариқи лоиҳаи шинохти корофаринӣ, касбу корро эҷод кунанд ва ё тавсеаи касбу кори (бизнеси) хурдро тавсеа диҳанд». (**13**)

**Таърифи фарҳанг:**«Фарҳанг»-ро метавон маҷмӯае аз боварҳо, оинҳо, андешаҳо, одоб ва русум, арзишҳои ҳоким бар як ҷомеа донист. Ба ибораи дигар фарҳанг категорияе аст, ки дар сатҳи ҷомеа ва гурӯҳ, дар таомул миёни онҳо маъно меёбад ва шеваи барқарории иртибот ва ҳамкориро миёни шахсони он ҷомеа баён мекунад». (12)

**Аҳамияти омӯзиши корофаринӣ:** Яке аз ақидаҳои нодуруст дар бораи корофаринӣ тасаввури **ғайрииқтисодӣ** будани хусусиятҳои корофаринӣ буда, иддае аз шахсон эътиқод доштанд, ки хусусиятҳои монанди хатарпазирӣ, навоварӣ ва ғайра махсус буда ва шахсони корофарин пайдо мешаванд, бинобар ин ҳар касе истеъдоди корофаринӣ надорад. Аммо имрӯз собит шудааст, ки корофаринӣ на танҳо монанди дигар риштаҳо қобили омӯзиш мебошад, балки барои дастёбӣ ба пешрафт ва тавсеа зарур аст, ҳама давлатҳо ва созмонҳои дунё бо истифода аз кулли имконоти худ нисбат ба эҷод ва тавсеаи фарҳанги корофаринӣ иқдом намоянд.

«Имрӯз, ҳама бар он боваранд, ки омӯзиши корофаринӣ ҳадафи дарозмуддат аст ва ҳарчи тезтар дар низоми омӯзиш бояд оғоз шавад. Бозиҳои омӯзишии шуғл дар мактабҳо аз аҳамияти қобили таваҷҷӯҳ дар ин замина дорад. Чунин фаъолиятҳои тафаккур ва фаъолияти корофаринона ва хусусиятҳои шахсии афродро тавсеа медиҳад ва ба хусус мушкилоти марбут ба нобаробариҳои ҷинсиро коҳиш медиҳад». (17)

**Нақши дониш дар пешрафти ҷомеа.** Дар асри ҳозира, ки асри иттилоот ё дониш номида мешавад, онҳое, ки муваффақтаранд тавонистаанд бо истифода аз қудрати тафаккур ва касбу дониш, иттилооти лозим аз дигарон донотар шуда, тағйир ва дигаргунии муҳитеро пешбинӣ карда ва бо навоварӣ саҳми бештаре аз истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои мавриди ниёзи ҷомеаро бар ӯҳда гирифтаанд. Имрӯз маънои шеъри ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ бештар аз гузашта қобили дарк аст, ки мегӯяд:

Тавоно бувад, ҳар, ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

«Ба назари Тоффлер омили тавоноию қудратмандии Япония дар саҳнаи имрӯза ва ояндаи ҷаҳон бархурдорӣ аз низоми иттилоот ва дониши қавӣ ба шумор меравад». (3)

«Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки муҳимтарин омили муассир дар ҳаракати корофаринӣ, аз қобилияти амал, паст шудани руҳияи корофаринӣ дар афрод, аз тариқи омӯзиш мебошад. Созмони байналмилалии меҳнат (ILO) барои пешрафти корофаринии мудирони саноати хурд, барномаҳои омӯзишӣ ва мушовараӣ ба унвони (SIYB) дар кишварҳои мухталиф ба вуҷуд овардааст. Ин барномаҳо самаранокии корхонаҳои хурди иқтисодиро беҳбуд мебахшанд. Мувофиқи ҳол мудирони корхонаҳои хурд ва навъи фаъолият тарроҳӣ шудаанд. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки бо тай намудани давра 90%-и ширкаткунандагон бо усули аввалияи касбу кор ошно шудаанд, 50%-и корофаринон маҳоратҳои хоси мудириятро фаро гирифтаанд. Дар ҳоли ҳозир (ILO) дар 70 кишвари ҷаҳон барномаи (SIYB)–ро, ки ҳадафи он рушди корофаринӣ дар саноати хурд аст, ба иҷро расондааст». (10)

«Роберт Ронстадт (Robert Ronstadt) устоди донишгоҳи илмҳои иқтисодии Гарварди Амрико, дар яке аз китобҳои худ бо номи «Омӯзиш ва тарбияти корофаринони нав» робита миёни омӯзиш ва муваффақияти корофаринӣро дар Амрико ба тафсил шарҳ дода аст ва ҳатто дар мавриди ин ки чи дарсҳое бояд ба корофаринони навкор омӯзиш дода шавад матолиби зиёде овардааст». (8)

**Фарҳанги корофаринӣ.** Бо забони оммафаҳм ибораи «корофаринӣ» ҳамон раванди таъсиси як касбу кор (корхонаи хурд) бар асоси як фикр ва ғояи нав ба ҳисоб меравад. Як ё якчанд гурӯҳе аз афрод, ки онҳоро «корофарин» мегӯем, имконияти навинро кашф карда ва ё меофаранд ва бар пояи он

ширкат ё муассисаи хусусиро бунёд ниҳода ва бочуръатона (ба ибораи мардум дилро ба дарё зада) вориди арсаи бозор ва рақобат мешаванд. Корофаринӣ ниёзманди вуҷуди фарҳанги хос аст. Иртибот миёни корофаринӣ ва фарҳанг, аз ду самт қобили баҳс аст.

Аз як сӯ, натиҷаи корофаринӣ ин аст, ки бар ҷомиа таъсир мегузорад ва аз сӯи дигар, худ раванди корофаринӣ ва фарҳанги ҳоким бар он аст, ки ҳам мутаассир аз асоси фарҳанги ҷомеа аст ва ҳам метавонад дар он таҳаввулот асос эҷод кунад. Ҳар фард нотавонӣ ва нотамоюл ба корофаринӣ дорад. Ба ҳамин иллат ва бо таваҷҷӯҳ ба аҳамияти калидии корофаринӣ дар иқтисодиёти навин (эҷоди корхонаҳои хурд ва миёна), кишварҳои мухталиф тарроҳии барномаҳои муфассалеро барои инкишофи чунин фарҳанг дар ҷомеаи худ тадбир дидаанд, то битавонанд ҳамчунон роҳи рушд ва динамикаи инкишофи онҳоро идома диҳанд.

**Ҳадафҳои омӯзиши корофаринӣ:** Барои омӯзиши корофаринӣ якчанд ҳадафҳоро метавон баён кард, масалан:

- Омода намудани мардум барои истиқбол ва пазируфтани тағйироти муҳит.
- Тавсеаи тафаккури эҷодкорӣ ба шакли баҳрагирӣ аз имкониятҳо.
- Тавсеа ва ҳамкориҳои фарҳанги корофаринӣ ва касбу кор (бизнес).
- Эҷоди фарҳанги хавфу хатар ва хатарпазирӣ.

Навъҳои курсҳои омӯзиши корофаринӣ:

«Бахши аввал, аз ҷумла барномаҳо барои огоҳӣ ва муайян намудани самтҳо ба сӯи корофаринӣ мебошанд.

Бахши дуюм: аз ҷумлаи барномаҳои омӯзишӣ аст, ки тавсеаи таъсиси ширкатҳоро фаро мегирад.

Бахши сеюми курсҳо ҷиҳати рушд ва такомули корофаринӣ ва корхонаҳои хурд тарроҳӣ шудааст, ки ширкатҳои хурди мавҷудбударо фаро мегирад.

Бахши чаҳоруми барномаи тавсеаи омӯзиши корофаринӣ ин аст, ки дорои методҳои нави омӯзишӣ ва муқаррар намудани нақшҳои навини донишҷӯ ва устод дар раванди омӯзиши корофаринӣ аст». (6)

Моделҳои омӯзиши корофаринӣ:

1. Модели пирамида.

Дар мудели пирамида рӯйкарди омӯзиш ба шакли табақае мебошад, ки ҳар табақа ба шакли мустақил бар рӯйи табақаҳои дигар ва ё дар канори онҳо қарор мегирад. Ин мудели омӯзишӣ танҳо барои омӯзиши суннатии касбу кор (бизнес) фоидаовар мебошад.

2. Модели доиравии омӯзиши корофаринӣ:

Ин мудел монанди як чарх бо чаҳор нимдоираи марказӣ иборат аст, ки дар он: гурӯҳи шабакаҳо, созмонҳои ҳамкор, мураббиён ва донишҷӯён ташкилдиҳандаи чаҳор ҳалқаи мазкур мебошанд. Аз тариқи ин мудел як иртиботи доимӣ ва ҳамешагӣ миёни ҳар чаҳор гурӯҳ барқарор мешавад». (7)

**Се шарти аслии самаранок будани омӯзиш:**

– таълимгиранда бояд бо тағйири шадид рӯ ба рӯ гардад, ки ин тағйир метавонад як мушкил ва ё як имконият бошад.

– таълимгиранда бояд бидонад, ки ин тағйир дар ҳоли воқеъ шудан аст ва ё дар муддати кӯтоҳ ба амал хоҳад омад.

– зеҳни таълимгиранда бояд дар муқобили донишомӯзӣ як маҳорати навин боз бошад, бояд худ бихоҳад, ки таълим бигирад. Танҳо дар ин сурат аст, ки метавонад мушкили худро то ҳадде рафъ намояд ва ё аз имконияте, ки барояш муҳайё шудааст, баҳрабардорӣ намояд. Ба ибораи дигар метавонад синфи дарсии худро аз таълимгирандагон пур намояд. Аммо шумо наметавонед онҳоро маҷбур кунед, ки ёд гиранд. Барои ҳамин шумо бояд дар онҳо завқу хоҳишро ба вуҷуд оваред. Ба вуҷуд овардани завқу хоҳиш ҳамеша ба ниёзу зарурат вобаста аст. Ин ниёзҳо метавонад ниёзҳои асосӣ ва аввалину ҳаётӣ ва ё ниёзҳои мураккаб ва бузургтаре бошанд, ки сабаби розигии ботинии инсон мегардад. Омӯзиш дар он ҳолат таъсиргузор аст, ки бархе аз ниёзҳои таълимгирандаро бартараф намояд.(5)

**Таҳқиқоти алоқаманд бо санҷиши талаботи омӯзиши корофаринӣ.** Ҳар андоза, ки ҳисси зарурат бештар бошад, омӯзиш фоиданоктар ва самараноктар хоҳад буд. Омӯзиши шахс барои рӯбарӯ шудан бо мавқеъияти эҳтимолӣ дарояндаи номуайян таъсири камтаре нисбат ба омӯзише дорад, ки барои мавқеъияте маълум ва дар оянде наздик ба шахс дода шавад. Аз ин рӯ, ҳар чи қадар тахмини мавқеъияти омӯзишӣ дар нисбати ниёзҳо бештар ва истифодаи он шаффофу равшан бошад, ба вуҷуд омадани ҳавасмандӣ ва хоҳиш бештар хоҳад буд. Маъмулан шахсиятҳо ҳангоме ба ниёзу хостаи худ пай мебаранд, ки бо ягон мушкил рӯбарӯ шаванд. Тадқиқоте дар мавриди 500 муассиса бо мақсади шиносоии роиҷтарин масъалаҳои умумӣ, ки касбу корҳо дар тӯли рушди худ бо он рӯбарӯ ҳастанд, анҷом ёфтааст. Бар асоси ин баррасӣ мушкилоти умумӣ дар 4 замина гурӯҳбандӣ шудааст.

**Бозорёбӣ ва фурӯше, ки дарбаргирандаи ин баҳсҳо мешавад:** Фурӯши кам, вобастагӣ ба харидор, афзоиши рақобат, мушкилоти тақсим кардан, таблиғот ва рекламаи бетаъсир.

Идораи молӣ иборат аст аз: Сармояи нокифоякунанда дар гардиш, мушкилоти муомила бо пули нақд, набудани назорати кифоякунанда дар мавриди фоида ва маблағҳои харҷшуда.

Идораи манбаъҳои инсонӣ иборатанд, аз: Ба кор гирифтан ва интихоби кормандон, ҷобаҷой ва тағйир додани коркунон, камбуди омӯзиш.

Идоракунии умумӣ иборат аст, аз: Набудани таҷрибаи идоракунӣ, кори беш аз ҳадди соҳибкор ва мудир (1).

Нақши давлатҳо дар тавсеаи омӯзиши корофаринӣ: Барномаҳои зиёде дар кишварҳои мухталиф ва дар заминаи фарҳангсозӣ дар ҷараён аст. Бахши асосии бори фарҳангзсозӣ бар ӯҳдаи низоми омӯзишӣ ва бахши дигаре аз он бар ӯҳдаи матбуот ва воситаҳои ахбори умум аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба назарияҳои нав дар идоракунии давлатӣ, ки таҳти унвони мудириятгароӣ (manajeralizm) матраҳ аст, давлатҳо бояд дар ҷиҳати кам кардани мутасаддӣ шудан саҳм гузоранд ва бар таъсир расондан бар ҳокимияти мутамаркиз шаванд. Дар заминаи омӯзиши корофаринӣ низ бар асоси дидгоҳи мудириятгароӣ интизор намеравад, ки давлат ба таври мустақим ба масъалаи омӯзиши корофаринӣ таваҷҷӯҳи махсус диҳад, балки бояд бо сиёсатгузорӣ, ҳимоятҳо ва пешниҳодоти худ дар ҷиҳати рушду тавсеаи корофаринӣ дар ҷомеа талош кунад.

Давлат метавонад барои омӯзиши корофаринӣ ва соҳибони касбу корҳои хурд бо додани имкониятҳои лозим ба воситаи манбаъҳои мухталифе ба ин кор кӯмак кунад.

Созмонҳои ғайридавлатӣ (Муассисаҳои омӯзишии давлатӣ ва донишгоҳҳо), созмонҳои маҳаллӣ, муассисаҳои омӯзишии хусусӣ, утоқҳои бозаргонӣ ва тиҷоратӣ, муассисаҳои тавсеаи идоракунӣ, анҷуманҳои бозаргонӣ, созмонҳои машваратӣ, муассисаҳои омӯзишии худгардон дар заминаи касбу корҳои хурд.

Омӯзиши корофаринӣ лозимаи тавсеаи корофаринӣ аст ва бар ҳамин асос давлатҳо бояд дар заминаи сиёсатгузорӣ ва иҷрои барномаҳои омӯзиши корофаринӣ нақш иҷро кунанд.(5)

**Таҷрибаҳои омӯзиши корофаринӣ дар чанд кишвари ҷаҳон: Япония**. Аввалин кишваре, ки ҳамкории фарҳанги корофариниро аз мактаби миёна оғоз кард, Япония буд. Аввалин муассиса дар Токио дар соли 1956 ба кор сар кард. Дар соли 1958 созмони омӯзиш ва парвариш (созмони маориф)-и Япония тарҳеро барои омӯзиши корофаринӣ таҳти унвони "Сарбозони фидокори иқтисодии Япония" иҷро кард. Бар асоси ин тарҳ афроди сатҳи мактаби миёна ба масъалаи корофаринӣ пардохта ва давраҳои омӯзишӣ диданд, ки дар чунин таҳсил чигуна кор кунанд ва ба дунболи фоида бошанд ва чигуна кишварашонро аз вобастагии саноатӣ наҷот диҳанд. Рафта - рафта масъалаи корофаринӣ дар Япония дар сатҳи донишгоҳҳо ҳам ҷорӣ шуд. Акнун дар Япония зиёда аз 250 муассисаи корофаринӣ вуҷуд дорад. Дар миёни солҳои 1970 то 1992 беш аз 96 дарсади навовариҳои саноатӣ, ки тавонист ҷойгиршавии Японияро дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба як мақоми болотар табдил кунад, тавассути корофаринӣ ба амал омад. Албатта, ҳимоятҳои давлат ҳам дар ин замина нақши муҳиме доштааст.(10)

**Сингапур**. Кашфи дубораи корофаринӣ дар солҳои охир ва нақши давлат сабаб шудааст, ки ҷомеаи Сингапур корофариниро беҳтар бишиносад ва дар низоми омӯзишӣ намунаҳои ин нақш ҳанӯз ҳам ба ҳамаи мардум ва ба насли ҷавон нишон дода мешаванд.

**Амрико**. Фарҳангсозӣ ва омӯзиши корофаринон дар ҷиҳати тақвияти тавон ва истифодаи беҳтари онҳо аз манбаъҳои муҷаҳҳаз ва ҳидоятшуда барои ҷавобгӯӣ ба имкониятҳои иқтисодӣ сурат мегирад ва фасли муштарак ва ҳалқаи пайвасткунандаи ин ду мавзӯъ навъҳои ӯҳдадориҳои молӣ ва эътиборӣ (кредит) ва хадамоти машваратӣ аст, ки дар марказҳои хизматрасонии корофаринӣ ташкил дода мешавад.

**Ҳиндустон**. Муассисаҳое, монанди NIESBUS, EDI, муассисаҳои омӯзишии штатӣ, SISI дар сатҳҳои марказӣ, талошҳои зиёде барои идораи барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат бо таваҷҷӯҳ ба гурӯҳҳои ҳадафи мавриди омӯзиш сурат мегирад ва дар ҳоли ҳозир таҳқиқот ва омӯзиш дар ин муассисаҳо дар сатҳи хубе анҷом мешавад ва илова бар он омӯзиши корофаринӣ, ки метавонанд дар гӯшаҳои мухталифи кишвар кор кунанд, самарабахшӣ дар ин омӯзишро дучанд кардааст.

**Англия**. Дар Англия парваришгоҳҳои зиёде вуҷуд дорад, ки ҳар парваришгоҳ Шӯрои мудирон дорад, ки аз намояндагони табақаҳои мухталифи ҷомеа, ҳамчун корофаринон, соҳибони санъат ва тиҷорат ва ҳамчунин марказҳои давлатӣ ва молиявӣ-эътиборӣ ташкил мешавад ва ҳадафи он ворид намудани таҷрибаҳои гуногун ба фазои кории парваришгоҳ аст. Ончӣ дар ин марказҳо асосӣ ҳисоб мешавад, фазои муносиб барои корофаринон аст.

**Филиппин.** Дар охирҳои солҳои 1970 Донишгоҳи Филиппин, муассисаи саноати хурдро таҳти фарогирии Донишкадаи идоракунии бозаргонӣ таъсис кард, ки масъулияти асосии он анҷоми таҳқиқот, омӯзиш ва хадамоти рушди саноат буд. Дар солҳои баъд низ дигар донишгоҳҳо бо пайравӣ аз фаъолияти Донишгоҳи Филиппин барои омӯзиши корофаринӣ корҳоеро анҷом доданд.

**Австралия.** Дар Австралия Вазорати омӯзиши фаннӣ ва ҳирфаӣ бузургтарин омӯзишдиҳандаи идоракунӣ ва корофаринӣ дар ин кишвар аст, ки бар асоси тавсеаҳои зерин амал мекунад:

- баланд бардоштани зарфият барои ироаи дарсҳои тавсеаи мудирият ва сохтани ташвиқҳо барои беҳтар шудани сифат;
- додани гувоҳинома (сертификат)-и салоҳият ба корофаринон ва мушовирони ширкатҳои хурд;
- барпо кардани нишастҳои ҳузурӣ ва додани кӯмакҳои молӣ;
- истифода аз василаҳои ёрирасонандаи омӯзишҳои пешрафта барои омӯзиш ва истифода аз технологияи иттилоотӣ барои доду гирифти иттилоот дар сатҳи созмонӣ ва берун аз созмонӣ.

**Эрон**. Дар барномаи сеюми тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон мавридҳои зиёде роҷеъ ба ҳимояти корофаринон ва тарвиҷ додани фарҳанги корофаринӣ вуҷуд дорад. Аз маҷмӯи мавридҳои 36 гона дар фасли иҷтимоӣ, сиёсӣ, мудофиавӣ ва амниятӣ 10 маврид ба густариши фарҳанги руҳияи эҷодкорӣ, кор, талош ва корофаринӣ ва ҳамчунин эчоди заминаҳои муносиб ва омӯзиши корофаринон ва ҳифзи сармоягузорӣ ва ислоҳи қоидаҳое ба нафъи корофаринон дорад.

Дар моддаи 51-и қонуни барномаи сеюм омадааст: "Давлат вазифадор аст барои тавсеаи сифатии маҳоратҳои техникӣ ва тахассуси нерӯи кор ва додани омӯзишҳои гуногуни маҳоратӣ ба гурӯҳҳои мухталиф нисбат ба ҷудо кардани саҳмияи махсус дар пардохти ёрона (субсид)-и фоида ба сармоягузорони бахши хусусӣ ва кооперативӣ дар заминаи эҷоди омӯзишгоҳҳои озоди фаннӣ ва ҳирфаӣ иқдом кунад. (3)

**Натиҷагирӣ.** Омӯзиши корофаринӣ ба сифати яке аз муҳимтарин барномаҳои корбурд дар раванди тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии кишварҳо мебошад, зеро таҷрибаҳои арзишманди кишварҳои пешрафтаи дунё дар солҳои гузашта нишондиҳандаи нақши бисёр муҳим ва ҳаётӣ фарҳанги корофаринӣ дар тавсеа ва пешрафти он мамлакатҳо будааст.

Бинобар ин, дигар кишварҳо низ бояд бо истифода кардани ин таҷрибаҳо ва баҳрагирӣ аз имкониятҳо ва шароити мавҷуд дар мамлакати худ заминаи муносибро эҷод ва тавсеаи ин мафҳумро фароҳам оваранд, то сабаби рушду шукуфоиашон дар соҳаҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гардад.

Имрӯз дигар афсонаи модарзод будани корофариниро касе бовар намекунад ва соҳибназарон бар ин боваранд, ки корофаринӣ касб аст ва бо омӯзиш ва парвариши дуруст онро дар саросари ҷомеа густариш дод. Аммо барои расидан ба ин ҳадафи арзишманд аввалин қадам шинохтани шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи худ аст, то бар асоси боварҳо, нигаришҳо, шароит ва имкониятҳои мавҷуд ва ҳаракат додани он ва ҳамроҳ намудани афроди ҷомеа бо додани иттилооти лозимӣ барои онҳо барои дарки зарурат ва аҳамияти фарҳанги корофаринӣ, зарурати пазириш ва тавсеаю тарвиҷи он дар саросари ҷомеа фароҳам гардад. Ҳадафҳои корофаринӣ монанди касби дониши корофаринӣ, касби маҳорат дар истифода аз шеваҳои таҳлили фурсатҳои иқтисодӣ ва шиносоӣ ва ба пеш бурдани истеъдодҳо ва маҳоратҳои корофаринона, тарғиби дур будан аз хатар, эҷоди ҳамдилӣ ва ҳимоят барои ҷанбаъҳои пураҳамияти корофаринӣ ва назари дигар кардан дар нигаришҳо барои тағйир додан ё ба кор гирифтани равишҳо ва моделҳои омӯзишии муносиб монанди модели доирашакли омӯзишии корофаринии дастрас мебошанд. Дар ин модел гурӯҳи шабакаҳо, созмонҳои ҳамкор ва мураббиёну донишҷӯёни ташкилдиҳанда чаҳор ҳалқа мебошанд. Ба воситаи ин модел як иртиботи доимӣ ва ҳамешагӣ миёни ин 4 ҳалқа барқарор мешавад, ки сабаби самаранокии бештари давраҳои омӯзиши корофаринӣ мешавад.

Барномарезии муносиби омӯзишӣ яке аз омилҳои муҳим мебошад, ки бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад ва дар марҳалаҳои мухталифи тарроҳӣ ва иҷрои он диққати зарурӣ нашавад, ба натиҷаи он наметавон умедвор буд. Барои мисол дар аввалин қадам, ки ниёзсанҷии омӯзишӣ аст, бояд ба гунае анҷом шавад, ки ниёзҳои ҳақиқии одамон шиносоӣ гардад, яъне онҷӣ омӯзиш медиҳем, бар асоси ниёзи воқеии ёдгирандагон бошад, зеро агар афрод эҳсоси ниёз кунанд, бо ангеза ва хоҳиши бештаре ба истифодаи давраҳои омӯзиши корофаринӣ меоянд.

Нақши давлатҳо дар тавсеаи фарҳанги корофаринӣ бисёр муҳим ва ҳаётӣ мебошад. Давлатҳо метавонанд бо қабул кардани қонунҳо, ҳимоятҳои молӣ, тавсеа ва тақвияти муассисаҳои омӯзишии давлатӣ ва хусусӣ, анҷуманҳо ва дигар гурӯҳҳо заминаи муносибе барои ин кор анҷом диҳанд.

Яке аз муҳимтарин барномаҳои созмонҳои пешрафтаи дунё тавсеаи фарҳанги корофаринӣ ҷиҳати эҷоди тафаккури офаринандагӣ, ислоҳи муносибати коркунон ва афзоиши тавони фикрии онҳо ба ҷиҳати баҳрабардорӣ аз имкониятҳо мебошад. Аз тарафи дигар донишмандон мӯътақиданд, ки омӯзиши яке аз абзорҳои бисёр муҳим барои таҳқиқи ин мақсад ва ҳадаф мебошад. Бинобар ин, имрӯз ин мавзӯъ ба унвони як авлавияти муҳим дар қолаби давраҳои омӯзиши корофаринӣ дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон иҷро мегардад. Дар ин мақола зимни таърифи мафҳумҳои калидӣ монанди: корофаринӣ, омӯзиши корофаринӣ, фарҳанги корофаринӣ ва ғайра аҳамият ва зарурати тавсеаи фарҳанги корофаринӣ баён гардида, ҳадафҳои омӯзиши корофаринӣ, навъҳои давраҳои

омӯзиши корофаринӣ, муделҳои омӯзишии корофаринӣ, нақши давлатҳо дар тавсеаи омӯзиши корофаринӣ, таҷрибаи омӯзиши корофаринӣ дар чанд кишвари дунё ва ҳамчунин хусусиятҳои омӯзиши муассир мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.


**АДАБИЁТ**

1. Аҳмадпур Маҳмуд ва ҳамкорон. Пружаи баррасии таҷоруби муваффақ, сиёсатҳо ва барномаҳо ва иқдомоти даҳ кишвари ҷаҳон дар заминаи тавсеа ва тарвиҷи корофаринӣ. Теҳрон, интишороти Амири Кабир,1378.
2. Аҳмадпур Маҳмуд Азизӣ. Корофаринӣ. Теҳрон, интишороти Меҳроби қалам, 1386.
3. Аҳмадпур Маҳмуд Саид Муҳаммад Муқимӣ. Мабнои корофаринӣ. Теҳрон, нашри Фарондиш: 1385.
4. Аҳмадпур Маҳмуд, Ноҳид Шайхон, Ҳуҷҷатулилоҳӣ Ризозода. Таҷоруби корофаринӣ дар кишварҳои мунтахаб. Теҳрон, интишороти Амири Кабир: 1386.
5. Аҳмадпур Маҳмуд. Мақолаи «Нақши давлат дар тавсеаи омӯзиши корофаринӣ», Теҳрон. Хонаи корофаринон,1385.
6. Аҳмадпур Ориёнӣ, Маҳмуд Муқимӣ, Саид Муҳаммад. Нақши омӯзиши корофаринӣ дар беҳбуди дониши соҳибони касбу кори хурд. Теҳрон, Хонаи корофаринон, 1385.
7. Парҳезгор Муртазо, Шерзодӣ Қубод, Фалоҳ Шаҳидӣ Атуӣ. Омӯзиши корофаринӣ дар Донишгоҳҳо. Теҳрон, интишороти Созмони ҳамёрӣ ва иштиғоли фориғуттаҳсилон, 1383.


**РОЛЬ ОБУЧЕНИЯ В РАЗВИТИИ КУЛЬТУРЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА**


В данной статье автор рассматривает разнообразие курсов обучения предпринимательству, модели обучения предпринимательству, роль государства в развитии предпринимательства и образования, предпринимательский опыт обучения в нескольких странах, а также характеристики эффективного обучения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предпринимательская деятельность, предпринимательское образование, культура предпринимательства.


**РОЛЬ ОБУЧЕНИЯ В РАЗВИТИИ КУЛЬТУРЫ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА**


The article, entitled "The role of development education entrepreneurship culture It define key concepts such as: Entrepreneurship, entrepreneurship education, entrepreneurship and culture. Expressed the importance and necessity of developing an entrepreneurial culture, The purpose of entrepreneurship education, Variety of courses in entrepreneurship education, Models of entrepreneurship education, The government's role in the development of entrepreneurship education, Entrepreneurial learning experiences in several countries And also studied the characteristics of effective teaching.



**KEY WORDS:** entrepreneurship, entrepreneurship education, entrepreneurial culture



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Бехруз Ороминфар*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ


# ПРИВАТИЗАЦИЯ ЖЕЛЕЗНОЙ ДОРОГИ В ИРАНЕ


***Шабнам Шакер***
**Институт экономики и демографии АН РТ**


Классическая теория последовательно подтверждает ограниченность государства в экономических вопросах. Однако в течение нескольких десятилетий после окончания Второй Мировой войны (1945) вмешательство в экономику возросло до такой степени, что государство в большинстве свободных и различных экономик, наподобие плановых экономик посредством своих исполнительных пирамид, т.е. государственных предприятий, сыграло активную роль. Развитые страны с выполнением большой и малой экономической политики в начале 50-60-х гг. добились относительных успехов. На этом основании, по ограниченным критическим замечаниям в тот временной отрезок относительно вмешательства государства в экономику не уделялось должного внимания. По мере приближения к концу 70-х гг. мы становимся свидетелями многочисленных экономических проблем и произошедших провалов в экономической политике. Наконец, в конце 70-х – начале 80-х годов, в Англии и вслед за ней и в других развитых странах, а в некоторой степени и в развивающихся странах, было обращено серьезное внимание теме выбора политики приватизации и уменьшения вмешательства государства с целью устранения несогласия и мотивов их возникновения.[1]

В Иране после окончания навязанной войны и начала действия Первой пятилетней программы по экономике, социальной жизни, культуре и политике, политика приватизации была признана в качестве одного из важных элементов экономической политики страны. В это время было утверждено первое законное положение по относительному ограничению объема вмешательства государства в экономику и консорциум приватизационного сектора в экономической деятельности. Из числа рекомендуемой запрограммированной политики являлась политика приватизации по определению ресурсов развития народных консорциумов в

различных производственных и торговых секторах. Приватизация является новым отношением в рыночной системе с целью компенсации и возмещения последствий, вытекающих от провалов государства в экономической деятельности, при которой всякая невнимательность может привести к очередному краху в экономике.

**Предыстория приватизации в Иране.** Начало программ по приватизации в Иране относится ко времени реализации экономической модели и политики Международного Валютного Фонда и Всемирного Банка в эпоху созидания. После революции, приведшей к огосударствлению огромной части иранской экономики, постепенно увеличивалась государственная доля. В эпоху созидания и по мере осуществления политики экономического выравнивания была продиктована реализация модели по приватизации. Международными организациями для выхода из кризисов и достижения соответствующего экономического роста были предприняты первые шаги по снижению доли и роли государства на рынке и в экономике. Для достижения успешной приватизации, по меньшей мере, не следует, чтобы потенциал и эффективность частного сектора уступали государственным, так как при ином исходе не может быть достигнута основная задача приватизации, которая заключается в увеличении результативности.

**Оценка приватизации железной дороги в Иране.** По причине неясностей в законе и чувства отсутствия безопасности капитала, частный сектор до сих пор не вошел в рынок в качестве мощной и способной пирамиды. Споры и диспуты среди экономистов и специалистов относительно вмешательства или невмешательства государства в экономику продолжаются уже в течение двух столетий. Часть из них убеждена во вмешательстве государства для развития экономики и справедливого распределения богатства, в то время как другая часть уверена в приватизационном секторе и согласованности с рыночными проблемами для создания равновесия спроса и потребности, и, в конечном итоге, увеличения качества с соответствующей стоимостью. Таким образом, был защищен приватизационный сектор.

Последствия Первой Мировой войны и возникновение кризисов в 1929 г. в Германии и последствия этого кризиса в 1932 г. в Америке, а также отсутствие потенциала и рыночных вопросов по разрешению экономического кризиса и проблем, вытекающих из этого кризиса, привели к тому, что государство стало доминирующей силой на рынке. Таким образом, государства всесторонне приступили в разрешению экономических проблем и расположили в свою сферу деятельности и обязанности по проектированию по преимуществу эффективности запланированной экономики и развитию условий для экономической деятельности, капиталовложения во всех экономических секторах, хотя вмешательство государства в экономику в какой–то степени вовлекло в свою сферу все слои населения.[2]

По истечению некоторого времени и по причине возникновения различных проблем выявились такие негативные явления, как сильный бюрократизм, ликвидация менеджмента, рост государственной монополии, исчезновение основ конкуренции, отсутствие соответствующей системы по оценке и аудиту, отсутствие рабочего стимула, несоответствующее и неэффективное использование ресурсов в экономической деятельности. С целью выхода из создавшейся ситуации государства были вынуждены в конце XX в. обратиться к возложению экономической деятельности на приватизационный сектор и заниматься надзирательной деятельностью.

Основываясь на пристальном и специальном наблюдении, можно сказать, что неуспех государств, основанных на марксистской идеологии, произошел в результате неэффективности и безрезультативности менеджеров государственного сектора, самоуправство руководителей и государств, стремящихся к целостности, что в совокупности привело к возложению государственной деятельности на частный сектор и оказанию поддержки работодателям. Возложение обязанностей на частный сектор, принимая во внимание существующие возможности и социально-экономические стратегии, включали различные задачи.

В передовых, демократических и развитых странах целью увеличения эффективности являлось увеличение дохода, повышение общего уровня жизни, снижение государственных расходов и предотвращение процесса и продолжения действия убыточных компаний. Что касается неразвитых и малоразвитых стран, то задача заключалась в избавлении от безвыходного положения, связанного с безработицей, бесприбыльности компаний, предоставленных самим себе, повышения уровня социальной жизни, увеличения занятости, создании духа конкурентности у инвесторов и уменьшения государственного аппарата.

**Механизм приватизации.** Приватизация, т.е. изменение доминирования государственных учреждений в том виде, что она основное действие в упомянутой фазе будет подвергать изменениям и преобразованиям. При этом рыночные условия влияют на результаты деятельности таким образом, что стимулы и механизмы частного сектора принимают ответственность по принятию решений на себя в указанном учреждении. В действительности, все страны, приступившие к приватизационным процессам, свою основную задачу видят в улучшении экономических ситуаций и условий. Наряду с этой основной задачей могут существовать и другие, которые состоят из: увеличения национальной продуктивности и национального производства; доступа государства к финансовым ресурсам частного сектора; пропаганды

конкуренции, повышения уровня национального благосостояния, увеличения производительности экономической деятельности; экономичности государственных затрат; создания прироста на рынке капитала и развития культуры сотрудничества в стране; предотвращения открытых и скрытых монополий, наподобие производства сахара, табачных изделий и т.д. (предоставления особых привилегий лицам высшего эшелона государства); сбора наличностей и создание уравновешенной системы доходов среди различных слоев населения.[3]

Комплексные и разнообразные отношения в категориях менеджмента, коммерции, экономики, привлечения зарубежных инвестиций, инновационной технологии, возможности смешивания с международной экономикой и т.д. являются устойчивыми на основе усиления контроля государства и снижения роли государства, как заказчика. Экономическое развитие и вслед за ним повышение общего уровня жизни общества возможны при мощном государстве, способном проявлять усилия по контролю, и лишь при этом условии будут развиваться нужды всего общества, увеличиваться их удовлетворение. Как результат, будут предопределены ценности, которые система попытается восстановить и развивать.

**Предпринятые меры по железной дороге Ирана.** Приватизация на железной дороге осуществляется по следующим основаниям: продолжающиеся убытки и ущербы; увеличение государственной помощи по изменению деятельности железной дороги; отсутствие тарифного взноса и оценки в связи с государственными законами и положениями, неконкурентоспособность предоставления услуг по железнодорожной транспортировке; низкое качество оказываемых услуг по транспортировке и отсутствие внимательности к разумным потребностям и нуждам клиента; отсутствие внимательности государственных управленцев к ремонту, уходу за вагонами, оборудованием и в результате увеличения потребления устойчивых активов; низкий уровень продуктивности капитала и рабочей силы.

Железнодорожная компания Исламской Республики Иран в предыдущие годы заключила более 400 контрактов[4] по оказанию услуг, проведению ремонтных работ и сохранению вагонов, а также по вопросам, связанным с ее структурой, инфраструктурных учреждений и получению выгоды от инноваций. Этот метод ведения работы способствовал уменьшению рабочей силы на железной дороге. Так, из 27000 человек, занятых в этой отрасли, к началу 3-ей Программы в 2007г., их число достигло 14000 рабочих. Политика передачи деятельности частному сектору привела к предотвращению вывоза валюты за пределы страны и созданию экономичности затрат. Основная часть работы по аудиту и контролю качества предоставляемых услуг возложена на работающих по договору, таким образом, что около 70% всех осуществленных аудитов в течение года выполнены со стороны контрактников в частном секторе. Большая часть работ, связанных с основными текущими и годичными ремонтами вагонов, возложена на частный сектор. Например, продажа билетов является важнейшей деятельностью железной дороги, которая осуществляется в рамках деятельности компании «Раджоъ». Эта сфера, связанная с продажей билетов, считается важной проблемой для пассажиров. Следовательно, для развития этой сферы услуг и доступа большей части населения к ней, компания «Раджоъ» добилась децентрализации и использования режима онлайн в интернете. Примечательно, что около 400 контор по оказанию услуг пассажирам и туристам по всей стране, осуществляют весь комплекс работ, связанных с продажей билетов пассажирских поездов, которые полностью ведут свою деятельность в рамках частного сектора. В 2005 г. около 57 учебных курсов под полным надзором специалистов Генерального учебного управления железной дороги «Раджоъ» было осуществлено в объеме 910000 человеко/часов посредством частного сектора и большая часть информационных проектов компании осуществляется со стороны исследовательских компаний. Что касается услуг ресторанов станций, то следует сказать, что обеспечение питанием в ресторанах, поездах, чистоты и содержания пассажирских залов, чистоты сооружений компании и станций, проектирование и создание компьютерных программ, поддержки сети и программ возложены на частный сектор.

Функции, связанные с эксплуатацией соответствующей деятельности с ремонтом и восстановлением пассажирских вагонов, начиная с 2000 г. возложены на частный сектор. В этой связи, до 2006 г. были восстановлены 196 пассажирских вагонов, а их эксплуатация была осуществлена посредством частного сектора. В 2002 г. покупка пассажирских вагонов была налажена законным путем через частный сектор. Таким образом, около 914 пассажирских вагонов были закуплены 15 частными компаниями. Решено, что до 2010 г. около 25% работ по перевозке пассажиров, которая достигает 9 млн. человек, будет осуществлено посредством частного сектора.

**Приватизация с точки зрения законов.** Закон Третьей программы очертил первый комплекс программы по приватизации. Другим важным законом, который был пересмотрен в 2003 г., является Закон о привлечении зарубежных инвестиций и их поддержке. С внедрением этого закона в дополнение к развитию рынка капитала были обеспечены занятость, рост и развитие страны во всех аспектах. В этих рамках после одобрения Высшего Совета была разработана и предопределена годовая программа по продаже акций компаний. Что касается Второй и Третьей Программ развития относительно темы приватизации (возложение экономических функций на частный сектор), то следует отметить, что, начиная с 1990 г., а чуть позже, после

утверждения Советом министров и объявления каталога, были приватизированы около 400 государственных компаний с целью достижения производительности труда и снижения доли государства в экономической деятельности, создания экономического равновесия и оптимального использования существующих возможностей и ресурсов страны. Наконец, в мае 2003 г. было письмо министра по экономическим и имущественным делам, в котором критике подвергаются 10 министров в связи с задержкой приватизации государственных компаний, что является назидательным событием в экономических делах Ирана.[5]

Подводя итог вышесказанному, можно заключить, что после изучения процессов приватизации железной дороги в различных странах мира, при реализации приватизационных процессов и возложения деятельности железных дорог на частный сектор по своей комплексности и трудности является из числа актуальных исследований в экономической и промышленной инфраструктурах. На этом основании, частный сектор с внимательностью и большим раздумьем относится к капиталовложению в сфере железнодорожной транспортировки и показывает достаточное устремление. Железная дорога Исламской Республики Иран для выплаты расходов по топливной энергии получает соответствующие кредиты и другую сопутствующую поддержку. Частный сектор предпринимает необходимые шаги и в настоящее время представлен в рамках создания 25 компаний по железнодорожной перевозке и транспортировке в секторе перевозки и транспортировки товаров и 5 компаний в секторе перевозки пассажиров с правом собственности на вагоны. Наконец, Россель Каф в своей книге по национальному программированию пишет: «Ни одна нация не может обладать необходимой решимостью по изменению и преобразованию, разве, что предпримет несколько шагов. Первый – это социальное единство, т.е. видеть себя объединенной, во второй стадии чувствовать себя ответственной, а на третьей стадии способной отвечать этим обязанностям».[6]

## ЛИТЕРАТУРА


1. Казим Фурузанда. Оценка приватизации сферы перевозки. – Тегеран. № 274, 2009.
2. Документ по приватизации Национальной железнодорожнои перевозке и транспортировки. – Тегеран: Умед, 2009. – с. 24.
3. Гулям Риза Саффорзода. Препятствие приватизации в Иране.//Экономика. №4. – с. 56, 2009.
4. Здесь и далее Материалы железнодорожной компании ИРИ.
5. Документ Основного Закона ИРИ.//Министерство транспорта PV-RP. – Тегеран: Бюро организаций и методов. – с. 78, 2009.
6. Россель Каф. Национальное планирование. – Тегеран: Паёми нур,– с. 22, 2009.


## ПРИВАТИЗАЦИЯ ЖЕЛЕЗНОЙ ДОРОГИ В ИРАНЕ


В статье рассматривается процесс приватизации железной дороги в Иране. Автор определяет механизмы приватизации этой отрасли, исследует опыт ее проведения. Кроме того, в статье нашли свое аналитическое отражение законы посвященные приватизации железной дороги в Иране.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** приватизация, железная дорога, механизм приватизации, предыстория приватизации.


## PRIVATIZATION OF RAILWAY IN IRAN


The article reviews the privatization of railway in Iran. The author defines the mechanism of privatization of this sphere in Iran and researches its history. Also, he analyzes the laws, decreed in relation with the privatization of railway in Iran.



**KEY WORDS:** privatization, railway, mechanism of privatization, history of privatization.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Шабнам Шокир*** – соискатель Института экономики и демографии АН РТ


# НАҚШИ ДАРОМАДИ МОЛИЁТ ДАР ИҚТИСОДИ ВИЛОЯТИ ГУЛИСТОНИ ЭРОН


***Яҳё Ғуломӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар чандин соли охир даромадҳои умумии давлат ва интиқоли саҳмия аз қудрати хариди ҷомеа ба давлат бар хилофи ҷомеа ба давлат бар хилофи замонҳои гузашта фақат ба унвони абзоре ҷиҳати анҷоми бархе аз фаъолиятҳои давлатӣ нест, балки ба унвони абзори молии давлат нақши бисёр муҳим дошта, ба кӯмаки он метавон бисёре аз умури иҷтимоиву рифоҳиро дар хидмати умум қарор дод ва ба бисёре аз фаъолиятҳо ва ҷараёноти иқтисодӣ – иҷтимоӣ самт ва сӯи лозимро бахшид. Илова бар ин бар асоси барномарезии дақиқ ва воқеъбинона метавон аз он дар ҷиҳати танзими сиёсатҳои иқтисодӣ ва дар ростои афзоиши тавлиди кишвар истифода намуд.

Он чи ки камтар ба ӯ таваҷҷӯҳ мешавад ин аст, ки боло будани саҳми воситаҳои даромади ҳосил аз фурӯши нафт ва пойин будани саҳми воситаҳои дигари даромадҳо дар таркиби даромади давлат

илова бар он ки авоaccess ҳамчун вобастагии манобеи буҷаи умумии давлат ба судури кишварро аз имкони билқувва истифода аз абзори молӣ, ки аз тариқи он метавон бисёре аз нобасомониҳои иқтисодиро бартараф намуд, маҳрум сохтааст.

Имрӯз иҷрои сиёсатҳои молӣ, ки аз тариқи вусулиҳои молиётӣ ва дигар манобеи буҷаи умумии давлат ва масрафи он дар қолаби хазинаҳои ҷорӣ сурат мегирад вазифаи муҳиме ҳамчун тахсиси манобеи кишвар тавзеҳи одилонаи даромад ва сарват, тасбити иқтисодӣ ва ҷиҳати бахшидан ба фаъолиятҳои иқтисодии кишварро ӯҳдадор мебошад. Дарёфтҳои давлат хусусан молиётҳо абзори бисёр муносибе ҳастанд, ки бо тағйиру появу нархҳои он метавон кореро эҷод намуд, ки масоили умумии иқтисоди кишвар ҳамчун касрии буҷа, бекорӣ, тавзехи ноодилонаи даромад, содироти ғайринақдӣ, камиву афзоиши воридот, афзоиши муҳоҷират ба шаҳрҳои бузург, рушду нумӯи беравияи бахши хадамот, боло рафтани масрафи колоҳои лукс дар манотиқи шаҳрӣ ва масоили дигаре аз ин қабилро сомон бахшид ва замонати лозимро барои рушду шукуфоиии иқтисоди кишвар дар ҷиҳати афзоиши тавлиди нохолиси дохилӣ ва таҳқиқи аҳдофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии кишвар фароҳам сохт.

Чун ин таҳқиқ дар хусуси баррасии ҷилавгарӣ аз фирори молиёт ва шиносоии зарфиятҳои билқувва маълумоти мухтасар низ ба ин мавзӯъ дорем, дар ҳамин росто бар асоси иттилооти маъхузи даромадҳои вусули вилояти Гулистон дар соли 1381 болиғ ба 240598320 ҳазор риёл будааст, ки нисбат ба рақами мусавваб соли 1381 (160752000 ҳазор риёл ) аз рушди муодил 22 / 85 дар садӣ бархӯрдор будааст. Аз кулли даромадҳои вусулии вилоят ҳудуди молиётӣ ташкил медиҳад, ки саҳми 75/03 дар сади даромадҳои умумии вилоятро нишон медиҳад. Саҳми болоии даромадҳои молиётӣ дар манобеи умумии вилояти Гулистон ҳикоят аз аҳамияти молиёт дар даромадҳои вилоятӣ дорад. Даромади ҳосил аз хадамоти фурӯши коло дар соли 1381 ҳудуди 41251272 ҳазор риёл будааст, ки муодили 20/88 дар сад даромадҳои молиётӣ ва даромади ҳосил аз ҳадамот ва фурӯши коло ташкил медиҳад ва саҳми бақияи иҷроии даромади манобеи умумии вилоят ночиз аст. Шоёни зикр аст, ки ночиз будани саҳми дигари иҷроишудаҳо дар буҷаи кулли кишвар низ машҳуд аст.

Ҳамчунин бар асоси гузориши моли давлат дар соли 1382 ва соли 1383 ки тавассути муовинати хазина ва хазинадории кулли кишвар таҳия шудааст, вусули даромадҳои умумии вилояти Гулистон дар соли 1382 маблағи дар ҳудуди 243,5 миллиард риёл будааст, ки бахши асосии он даромадҳои молиётӣ мебоашад. Ин мизони вусул нисбат ба қиёси соли 1382 (2006,7 миллиард риёл) аз рушди муодили 17, 8 дар сад бархӯрдор будааст. Ҳамчунин вусули даромадҳои умумии вилояти Гулистон дар шашмоҳаи аввали соли 1383 муодили 166, 6 миллиард риёл будааст, ки нисбат ба мудатти соли гузашта (119,8 миллиард риёл) аз рушди муодил 25 дар сад бархӯрдор будааст. Зимни ин ки вилояти Гулистон аз вилоятҳои маҳдудшуда ба ҳисоб мерафтааст.

Баёни масъала ва таҳлили он яке тайи ним қарни охир, афзоиши нақши давлат дар фаъолиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тащдиди тамаркузгироӣ будааст, ки бо афзоиши даромади ҳосил аз фурӯши нафт дар даҳаи панҷоҳуми ин раванд шиддат ёфтааст.

Баъд аз пирӯзии инқилоби исломӣ тавфиқи чандоне дар коҳиши нақши давлат ва ҳамчунин тамаркуззоӣ ва вогузории ихтиёроти кофӣ ба манотиқи мухталифи кишвар ҳосил нагардидааст.

Таҳияи барномаҳои миёнмуддати тавсиаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ метавонад фурсати муносиберо барои таҳқиқи ормонҳо ва сиёсатҳои мундариҷ дар Қонуни асосӣ дар ихтиёри давлат ва мардум қарор диҳад. Аммо дар як қазовати кори шоиста метавон изҳор дошт, ки дар ҳеҷ як аз барномаҳои аввалу дуввуми тавсиаи баъд аз инқилоби исломӣ, дар ростои адами тамаркуз ва дарунзо намудани иқтисоди вилоятҳо гоми асосӣ бардошта нашуд. Гарчи талошҳои зиёде, махсусан аз сӯи вилоятҳо – дар ин росто сурат гирифт. Нахустин гоме, ки мебоист дар ин ҷиҳат бардошта мешуд, тадвини санади ҳамоиши миллӣ ва ташхиси умдатарин қобилиятҳо ва бартариҳои нисбии манотиқ ва ҳамчунин умдатарин маҳдудиятҳо ва тангноҳои тавсиаи манотиқ ва ба табъи он тақсими миллии байни вилоятҳо ва таъйини ҷойгоҳи ҳар вилоят дар барномаҳои баландмуддат буд. Гоми дуввум таҳия ва танзими санади миёнмуддати тавсиаи вилоятҳо буд, ки мебоист ба унвони зер маҷмӯаву санади миллӣ ва ҳамчунин санади барномаҳои миёнмуддати тавсиаи кишвар танзим мегардид.

Дар ғаёб ва фуқдони чунин иттифоқоту бар асари фишорҳои дастгоҳҳои иҷроиву мақомот ва шахсиятҳои илмӣ, сиёсӣ ва мазҳабии маҳаллӣ, иқдомоте гусаста ва ноҳамоҳанг сурат гирифтааст, ки аз он ҷумла манзур кардани маводҳо дар қонуни барномаҳои 5-солаи саввум тавсиа ва низ дар қавонини буҷаи санавотӣ мебошад.

Албатта, дар Қунуни барномаи 5-солаи дуввум тавсиа (1374–78) ба навъи таваҷҷӯҳ ба манотиқи мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст, ки аз ҷумла метавон ба табсараи 2-и Қонуни мазкур ишора кард. Бар асоси мафоди ин табсара «Дар ростои афзоиши нақши вилоятҳо дар таъмини манобеъ даромади муносиб барои анҷоми вилоятҳои ҷорӣ ва иҷрои тарҳҳо ва пружаҳои умронӣ ва ҷуброни камбуд эътибори эҳтимоли вилоятҳо ва эҷоди таодули минтақавӣ» барои нахустин бор ба

вилоятҳо ихтиёроти қонунӣ ато гардид. Дар иҷрои табсараи фавқ дар соли 1374 ба баъд табсараи 45 ба даромадҳои вилоятӣ ихтисос ёфта, дар пайвасти шумораи 2- Қонуни буҷаи солона низ, ки ба буҷаи вилоятҳо марбут мешавад, ҷадвали даромадҳои вилоятӣ дарҷ гардидааст. Бар асоси мафоди табсараи 45 ситоди даромадҳои вилоятӣ (муташаккил аз остондор ба унвони раиси ситод, раиси созмони барномаи буҷа (созмони мудирият ва барномарезӣ) вилоят ба унвони дабири ситод ва мудири кулли умури иқтисодӣ ва дороии вилоят мувazzаф гардид, илова ба пайгирии вусули даромадҳои мусавваби вилоятӣ (мундариҷ дар пайвасти шумораи 2 Қонуни буҷаи санавотӣ) баромадҳои ҷадидро низ бо таваҷҷӯҳ ба бофти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва имконоти даромади вилоятҳо ба баррасиву ҷиҳати дарҷ дар лоиҳаи буҷаи соли баъд пешниҳод намояд. Ин табсара муҷиб шуд то аввали созмони мудирият ва барномарезии вилоятҳо ба ҳамкории идороти кулли умури иқтисодӣ ва дороӣ (созмони умури иқтисодӣ ва дороии миллӣ) ва дигар дастгоҳҳои мутаваллии вусули даромадҳои вусулӣ, равишҳои вусули даромад ва чигунагии афзоиши он ҳассосияти бештаре пайдо намоянд, дар ҳоле ки қабл аз он на иттилое аз мизони он дошта ва на имкони муқоисаи вазъияти худ бо соири вилоятҳо ё бо солҳои гузашта вуҷуд дошт. Сониян, ҷамъоварии иттилоот марбут ба даромадҳои вилоятӣ, ки қаблан ба сурати дастӣ суратҳисоб меёбад ва бар асоси он метавон анҷоми баррасӣ ва мутолиоти ҷомеъ ё бомавридеро дар ростои афзоиши даромадҳо ва шиносоии норасоиҳои даромади вилоятҳо анҷом дод. Таҳқиқи ҳозир низ дар ҳамин росто ва ба манзури дастёбӣ ба ҳамин ҳадаф сурат мегирад.

Аҳамият ва зарурати анҷоми таҳқиқ. Бо таваҷҷӯҳ ба нақши даромадҳои умумии давлат, хусусан даромадҳои молиётӣ ба унвони яке аз муҳимтарин абзорҳои сиёсати молӣ ҷиҳати аъмоли сиёсатгузории ағлаби кишварҳои ҷаҳон (махсусан кишварҳои тавсиаёфта) аз ҷумлаи Эрон лузуми шиносоии зарфиятҳои даромади мустамар дар сатҳи кишвар ва низ вилоятҳо беш аз пеш муҳим намудааст. Аз як тараф, бо таваҷҷӯҳ ба ин ки бахши зиёде аз даромадҳои кишвар вобаста ба манобеи табиӣ (нафту газ) мебошад, зарурати он дучандон мешавад. Ба ҳамин ҷиҳат ва бо таваҷҷӯҳ ба тиҷорати дигар кишварҳо аъм аз тавсиаёфта ва дар ҳоли тавсиа даромадҳои молиётиро метавон ба унвони муҳимтарин манбаъ ҷойгузин баршумурд. Бинобар ин, шинохти дақиқи манобеи молиётӣ бар мабнои тавоноиҳои билқувваи манотиқ (вилоятҳо) дастёбӣ ба аҳдофи раҳоии буҷа аз нафтро, ки деринатарин орзуи мутаввалиёни барномарезӣ мебошад, таҳаққуқ хоҳад бахшид.

Аз сӯи дигар, вилояти Гулистон аз ҷумлаи вилоятҳои ҷадиди навтаъсиси кишвар аст, ки аз лиҳози шароит ва вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва нақши муҳиме, ки дар иқтисоди кишвар бар ӯҳда дорад, аз аҳамияти хосе бархӯрдор аст ва бар мабнои ҳамин аҳамият лозим аст, ки қобилиятҳо ва тавоноиҳои ин вилоят аз лиҳози даромадзоӣ шиносоӣ шуда, то аз ин тариқ ҳам шохисҳои тавсеаи вилоят иртифоъ ёбад ва ҳам вилоят дар тавсеаи иқтисоди кишвар беш аз пеш фароҳам гардад.

Ҳамчунин иртиботи мустақим байни даромадҳои умумии вилоят ва эътибороти дороиҳои сармоявӣ ва аҳамияти ин эътиборот дар тавсеаи вилоят буҷаи ҳар чи бештар ва хосияти болоии масъулини вилоятиро дар афзоиши даромадҳои умумӣ ва даст ёфтан ба равишҳои ин даромадҳоро иҷтинобнопазир менамояд.

Аҳдофи таҳқиқ. Шинохти зарфияти воқеӣ ва манобеи даромади пинҳон ва фирор аз молиёт ва даромадҳои умумии вилояти Гулистон дар ҷиҳати таҳаққуқи ин даромадҳо дар миёнмуддат, ироаи роҳи корҳои муносиб барои коҳиши ихтилофоти байни даромадҳои билқувва, ироаи пешниҳодоте дар хусуси даромадҳои ҷадид ва роҳкорҳои муносиб имкони табдили радифҳои миллӣ ба вилоятҳои бархе аз аҳдофи ин таҳқиқ мебошад.

Фарзияҳо ё суолоти асосии таҳқиқ. Фарзияҳои таҳқиқро метавон чунин истинбот намуд. а) Зарфиятҳои билқуввaи молиётии Гулистон фаротар аз амалкарди феълии он мебошад. б) Ҷилавгарӣ аз фирори молиёт аз сӯи муваддиён бо таъкид бар даромадҳои пинҳони молиёт, вилоятро мутаҳаввил месозад. Ҷ) Битавон бархе аз радифҳои даромади миллиро ба истисное табдил намуд. Д) Саъй шавад, то даромадҳои пинҳон шиносоӣ ва ба вилоят пешниҳод гардад.

Таърифи мафоҳим ва вожагони калидӣ Пояи молиётӣ (мабнои молиёт). Манзур аз пояҳои молиётӣ ё мабнои молиёт ин куллияи мавориде аст, ки ба онҳо молиёт таалуқ мегирад. Мабнои молиёт мумкин аст даромади ашхос, ширкатҳо ва муассисаҳо, ашёи мавриди муомилаҳои ҳаҷми кулли фурӯш, арзиши дороӣ, мерос, интиқоли коло ва монанди онҳо бошад. Ҳар кадом аз пояҳои молиётӣ бояд дорои нархҳои муносиби молиётӣ буда, бар асоси муқаррарот ва қавонини марбут ба худ таъйин ва аъмол гардад.

Адолати молиётӣ чист? Молияи навин дорои усуле аст, ки дар сурати риояти онҳо муҷиботи таҳаққуқи адолати иҷтимоӣ фароҳам мегардад. Асли баҳои хадамот ва асли фидокорӣ дар воқеъ дар ростои таъмини адолати молиётӣ тадвин гардида, дар сурати риояти дақиқи он дар амали мӯҷибот таъмини ин амрро фароҳам менамояд.

Қобилияти тарҳи адолати молиятӣ.

Адолати амудӣ: манзур ин аст, ки сарватмандон молиёти бештаре пардохт намоянд.

Адолати уфуқӣ: манзур ин аст, ки куллияи афроде, ки дар як сатҳ даромади муайян мегиранд, бояд ба як мизон молиёт бипардозанд.

Коройии иқтисодии молиёт дар низоми кишвар. Мизони таъсири молиёт дар маҳдуд кардани хазинаҳо ё масорифи онҳо, истилоҳан коройии иқтисодии молиёт номида мешаавад. Бо таваҷҷӯҳ ба таърифи мазкур, коройии иқтисодии молиётӣ, ки афроди камдаромадро пардохт мекунанд, беш аз коройии иқтисодии молиётӣ аст, ки афроди пурдаромад пардохт мекунанд. Чун майли ниҳоӣ ба масрафи афроди камдаромад беш аз афроди пурдаромад аст. Аз сӯи дигар, коройии иқтисодии молиёти ниҳоӣ, ки бар масрафу фурӯш вазъ мешавад, беш аз коройии иқтисодии молиёт бар даромад мебошад, зеро молиёт бар даромад миқдоре аз пасандози эҳтимолиро ба унвони тобее аз даромад таҳти таъсир қарор дода, онро коҳиш медиҳад.

Даромади умумӣ ва даромади ихтисосӣ. Бар асоси мафоди Қонуни муҳосиботи умумӣ, даромади умумӣ иборат аст аз даромадҳои вазоратхонаҳо ва муассисоти давлатӣ ва молиёт ва ширкатҳои саҳҳомиву давлативу даромадҳои ҳосил аз инҳисорот ва моликияту дигар даромадҳое, ки дар Қонуни буҷаи кулли кишвар таҳти унвони даромадҳои умумӣ манзур мешавад.

Даромади иқтисодӣ иборат аст аз даромадҳое, ки ба муҷиби Қонун барои масраф ё масорифи хос дар буҷаи кулли кишвар таҳти унвони даромади ихтисосӣ мунзур мегардад.

Кушиши молиётӣ ва нисбати молиётӣ. Кушиши молиётӣ ё талоши молиётӣ аз муқоисаи мизони воқеии даромадҳои молиётӣ (амакарди даромади молиётӣ) бо зарфияти молиётии як кишвар ё минтақа (вилоят) ҳосил мешавад аз он ҷо ки зарфият ё тавони молиётии як ҷомеа ба соддагӣ мумкин нест, маъмулан амалкарди молиётӣ бо тавлиди нохолиси дохилӣ муқоиса мегардад, ки дар ин сурат онро нисбати молиётӣ ҳам меноманд.

Кушиши молиётӣ бошад, ин кӯшиш ё ҳасосияти молиётие аст, ки иборат аст, аз нисбати мизони тағйироти молиёти дарёфтӣ ба мизони тағйироти пояи молиётӣ аст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки муҳосибаи пояи молиётӣ кори содае нест ва зимнан худ тобее аз тавлиди нохолиси дохилӣ аст, метавон кашиши молиётиро ба шарҳи зер тавсиф намуд:

Молиётҳои мустақим ва ғайримустақим. Молиёти мустақим молиёте аст, ки шахси пардохткунанда (мувводӣ) онро пардохт карда, усулан наметавонад ба дигаре мунтақил намояд, назири молиётӣ: доройӣ, ирс ва молиёти ғайримустақим молиёте аст, ки қобили интиқол ба дигарон аст ва мyводӣ фақат василаи пардохт мебошад, мисли молиётҳои бар фурӯш, масраф, воридот ва ғайра.

Дар мубоҳисаи навин молияи навини умумии ин тақсими умумии тақсимбандӣ чандон дақиқ нест, зеро марзбандии байни имкони интиқоли молиёт ба дигарон маҳдуд гардидааст ва тавзии ниҳоии бори молиётӣ ғолибан мубҳам аст. Барои мисол бахше аз молиёт бар даромади ширкатҳо мумкин аст рӯи қимати коло саршикан шуда, ба масрафкунандаи ниҳоӣ мунтақил гардад ва ё молиёт бар ҳуқуқ ва дастмузди коркунони муассисоти хусусӣ ё давлатӣ зоҳиран тавассути он муассисот пардохт мешавад, вале амалан пардохткунандагони ниҳоӣ коркунандагони он муассисот мебошанд.

Даромадҳои ғайримолиётӣ. Агарчи баҳси аслии ин таҳқиқи даромадҳои молиётӣ аст, вале лозим аст, ки ба ин нуқта таваҷҷӯҳ дошт, ки илова бар даромадҳои молиётӣ, даромадҳои дигаре низ тавассути давлатҳо вазъ мешаванд, ки ағлаб бо даромадҳои молиётӣ иртиботи мустақим ё ғайримустақим дошта, онро таҳти таъсир қарор медиҳанд ва ё аз даромадҳои молиётӣ таъсир мепазиранд. Дар молияи умумӣ ин даромадҳо ба сурати зер табақабандӣ мешавад: Даромадҳои истиқрозӣ; Даромадҳои пуливу бонкӣ ;Дигар даромадҳо .

Даромадҳои истиқрозӣ шомили истиқроз аз манобеи дохилӣ ё истиқроз аз хориҷ мегардад ва маъмулан дар замоне ки дигар даромадҳои пешбинишуда кифоягӣ мебошад. Истиқроз аз манобеи дохилӣ дарвоқеъ истиқрози ғайримустақим аз мардум аст ва навъи пасандоз ва сармоягузорӣ аз сӯи давлат ба ҷои мардум аст, ки аз назари иқтисодӣ бисёр баҳсбарангезтар истиқроз аз хориҷ аст. Даромадҳои пулӣ низ интиқоли хазинаҳои умумӣ ба мардум аст, ки аз тариқи интишор тавассути бонки марказӣ анҷом мешавад ва маъмулан таваррумзо мебошад. Ин иқдом дар даврони рукуд қобили тавҷеҳ аст, вале даврони равнақи иқтисодӣ ва шароити таварруми номуносибе қаламдод мегардад. Илова бар даромадҳои мазкур давлатҳо манобеи дигаре дар ихтиёр доранд, ки бо таваҷҷӯҳ ба шароит ва муқтазот мутафовут мебошанд, аз ҷумлаи даромадҳои ҳосил аз ироаи хадамоти умумӣ ва ё фурӯши мустақими манобеъ ва сарватҳои табиӣ, ки дар инҳисори давлат мебошад.

Табақабандии даромадҳои умумӣ дар низоми буҷаи кишвар. Дар низоми буҷавии кишвари Эрон, то қабл аз соли 1381 табақабандиҳои марсуми даромадҳо ва дигар манобеи таъмини эътибор дар қолаби бахшу банд анҷом мегирифт ва дар он куллияи дарётҳои давлат дар ҳафт бахши аслӣ, молиётҳо, нафту газ, инҳисорот ва моликиятҳои давлатӣ, хадамот ва фурӯши коло баҳраи вом ва суди сармоягузорӣ ва дар охир дигар манобеи таъмини эътибор табақабандӣ мешавад. Ҳар яке аз бахшҳои аслӣ дорои чанд зербахш ё банд мебошад. Аз соли 1381 бо таърифи ҷадид аз манобеи буҷаи умумӣ ва

тақсимбандии он ба манобеи даромадӣ ва манобеи ғайридаромадӣ ва манобеи ҳосил аз фурӯши нафти хом ва авроқи мушорикат ва … моҳияти даромадӣ надошта аз даромади умумӣ ҷудо ва дар сари фаслҳои ҷадиде таҳти унвон вогузории дороиҳои сармоявӣ ва вогузории дороиҳои молӣ ҷой гирифтанд. Даромадҳои умумии давлат сирфан шомили молиётҳо, даромадҳои ҳосил аз моликияти давлат, хадамот ва фурӯши коло, ҷаримаҳо ва хисорот қарор гирифт. Имрӯз иҷрои сиёсатҳои молӣ, ки аз тариқи вусули молиёт ва дигар манобеи буҷаи умумии давлат ва масрафи он дар қолаби хазинахои ҷорӣ сурат мегирад, вазифаи муҳиме ҳамчун тахсиси манобеи кишвар, тавзеи одилонаи даромад ва сарват, тасбити иқтисодӣ ва ҷиҳати бахшидан ба фаъолиятҳои иқтисодии кишварро ӯҳдадор мебошад. Дарёфтҳои давлат хусусан молиётҳо абзори бисёр муносибе ҳастанд, ки бо тағйири поляву нархҳои он метавон кореро эҷод намуд, ки масоили умумии иқтисоди кишвар ҳамчунин касри буҷа, таваррум, бекорӣ, тавзеи ноодилонаи даромад, содироти ғайринақдии кам ва афзоиши вазорат, афзоиши муҳоҷират ба шахрҳои бузург, рушду нумӯи беравияи бахши хадамот, боло рафтани масрафи колоҳои лукс (люкс ) дар манотиқи шаҳрӣ ва масоили дигаре аз ин қабилро сомон бахшид ва замонати лозимро барои шукуфоии иқтисоди кишвар дар ҷиҳати афзоиши тавлиди нохолиси дохилӣ ва таҳаққуқи аҳдофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии кишварро фароҳам сохт. Ҳамонгуна ки мулоҳиза гардид, дар ин фасл зимни таъкид бар нақши даромадҳои умумии давлат ба унвони яке аз абзорҳои сиёсати молӣ ҷиҳати аъмоли сиёсатгузорӣ ағлаби кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумлаи Эрон барои шиносоӣ зарфиятҳои даромадии мустамир дар сатҳи кишвар ва низ вилоятҳо, аз ҷумлаи вилояти Гулистон тавсия гардидааст ва дар идомаи фасл теъдоде аз мафоҳим ва вожаҳои калидӣ, ки дар ин мутолиа бештар аз он истифода шудааст, таъриф шудаанд.


**РОЛЬ ФИНАНСОВОГО ДОХОДА В ЭКОНОМИКЕ ОБЛАСТИ ГУЛИСТОН ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН**

В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению финансовое положение области Гулистон Исламской Республики Иран. Автором также рассматриваются различные статьи дохода в экономике, а также исполнение финансовой политики в данной области.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** финансовая политика, финансовое положение, статьи дохода, финансирование, доход, прибыль, экономика, развитие, инфраструктура



**ROLE OF THE FINANCIAL INCOME IN AREA ECONOMY GULISTAN OF THE ISLAMIC REPUBLIC IRAN**

In this article the author subjected to studying and consideration a financial position of area Gulistan of the Islamic Republic Iran. The author also considers various income items in economy, and also execution of financial policy in the field.



**KEY WORDS:** financial policy, financial position, income items, financing, income, profit, economy, development, infrastructure



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Яхё Гуломи*** – соискатель Таджикского национального университета


# НАҚШИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДӢ


***Ҳисоми Зориҳӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар чанд соли охир технологияи иттилоот ва иртиботот таъсири бисёре бар ҷомеаҳо гузоштааст. Ин фановарӣ дар куллия фаъолиятҳои иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ таъсири бисёре дар осон кардани умур ва боло бурдани баҳраварӣ ва корoӣ дорад.

Оморҳои мунташиршуда аз сӯи марказҳои тадқиқотӣ нишондиҳандаи рушди сареҳи технологияи иттилоот ва иртиботот дар дунё мебошад.

**Фановарии иттилоот:** Фановарии иттилоот шомили ду муалифа аст. 1. Фановарӣ; 2. Иттилоот.

**Фановарӣ (Technology):** 1. Фановарӣ тарҷумаи вожаи лотинӣ–технология мебошад. Технология решаи юнонӣ дорад ва аз ду калима техно- Techno ва логия - logy ташкил шудааст.

Техно- ба маънии маҳорат ва он чизест ки офаридаи инсон бошад. Ва дар муқобили Arche- яъне офаридаи Худованди мутаол қарор дорад.

Логия – дар юнони қадим ба маънии илм, дониш ва хирад ба кор рафтааст.

Ториқи Халил мӯътақид аст: «фановариро метавон куллияи дониш, фароянд, абзорҳо, равишҳо ва системаҳои ба кор рафта дар сохтани маҳсулот ва ироаи хадамот, таъриф кард».

Дар баёни содатар фановарӣ равиши анҷоми кор ва абзореаст, ки тавассути он ба аҳдофи худ ноил мешавем. Фановарӣ корбурди амалии дониш ва абзори ҷиҳати кӯмак ба талоши инсон аст.

Қобили зикр аст, ки боиси миёни иборати фановарӣ ва фановарӣ тафовут гузошт, зеро ки фановарӣ ба маънии дониш ва амалест, ки аз сатҳи болое дар корой ва иҷро бархӯрдор аст ва бар асоси усул ва равобити мухталифи илмӣ бино ниҳода шудааст.

Ҳар технология аз се ҷузъи вобаста ба якдигар, бо ҳам таъинкунанда ва ба як андоза муҳим ташкил мешавад:

**а) Сахтафзор:** сохтори физикӣ ва ороиши мантиқии таҷҳизот ё мошинолоте, ки қарор аст барои анҷоми вазифаи лозим мавриди истифода қарор бигиранд, назири компютер ва абзорҳои ҷонибӣ.

**б) Нармафзор:** дониши наҳваи истифода аз сахтафзор барои анҷоми вазифаи лозим назири системаҳои омил ва системаҳои пойгоҳ.

**с) Мағзафзор:** далоили истифода аз технология ба шеваи хос, инро метавон тавҷеҳи фаннӣ низ номид.

**2. Иттилоот (Information): Г**арчи вожаи дода ва иттилоот ба таври густарда ба ҷои якдигар ба кор бурда мешаванд, аммо байни онҳо тафовут вуҷуд дорад.

Вожаи data - ба маънии додаро ба воқеиёти шаклнаёфта ва бидуни сохтор метавон итлоқ намуд.

Вожаи Information - ба маънии иттилоот, додае аст, ки шакл ва сохтор дорад, ба иборате созмон ёфтааст. Мутобиқи таърифи вожанома а-l-а иттилоот иборат аст аз тамоми ақидаҳо, воқеиятҳо, корҳои халоқонии зеҳнӣ, ки ба таври расмӣ ё ғайрирасмӣ ва ба ҳар ҳолате сабт, мунташир ва ё тавзеҳ гардида, ки мумкин аст ба сурати мустанад ё ғайримустанад бошад.

Иборати IT (Information Technology) дар забони форсӣ ба маънои фановарии иттилоот ин гуна метавон таъриф кард: IT равиш ва амалест дар ҷиҳати касб, пардозиш, ироа, тавсиа ва ба рӯзрасонӣ, корбурд ва тавлиди иттилоот дар куллияи ҳавзаҳои зиндагӣ.

Иртиботот:(communication) иртиботот дар луғат ба маънои иртибот, васоили иртиботи мубодила ва василаи нақлу интиқол муаррифӣ шудааст.

Рушд (growth): Рушд ба маънии тағйироти камӣ дар авомили иқтисодӣ мисли даромад ва…. мебошад.

Таъсири фановарии иттилоот ва иртиботот бар рушди иқтисодӣ чист?

Бо таваҷҷӯҳи таъсири фановарии иттилоот ва иртиботот дар созмонҳо ин суол матраҳ мешавад, ки ин фановарӣ то чи ҳад ба рушди иқтисодии кишварҳо ва ҷаҳон кӯмак намудааст?

Ду мутолиаи мӯътабари ҷаҳонӣ таҳти ановини «Таъсири фановарии иттилоот ва иритботот дар рушди иқтисодӣ» тавассути Геонг ва ҳамкорон дар бонки ҷаҳонӣ ва «Фановарии иттилоот ва иртиботот ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, кӯмакҳо, таъсирот ва мулоҳизоти сиёсатгузорӣ» тавассути Вамин Хвонг таҳти унвони поённомаи докторҳо дар донишкадаи иқтисодии донишгоҳи Ҳорворд ба ин мавзӯъ пардохтаанд.

Тибқи мутолиаи Геонг ва ҳамкорон дар бонки ҷаҳонӣ, таи даҳаи гузашта тавсияи фановарии иттилоот ва иртиботот дар густариши ҷаҳонӣ шитоби қобили таваҷҷӯҳе дошта аст. Тавсияи фароянди иқтисоди ҷаҳонӣ низ ба ин амр доман задааст. Пешрафтҳои фановарӣ муҷиби рақобати бештар ва кам кардани маҳдудиятҳои тиҷорӣ шудааст ва ҳамин амр боиси коҳиши қимати колоҳо ва хадамоти фановарии иттилоот ва иртиботот шудааст, ки ин амр дар навбати худ ангезаи қавӣ барои ҷойгузинии соири ашколи сармоя ва нерӯи кор бо таҷҳизот фановарии иттилоот ва иртиботот ба вуҷуд оварда аст. Бинобар ин, сармоягузорӣ дар ин фановарӣ дар кишварҳои тавсиаёфта ва дар ҳоли тавсиа асосан афзоиш ёфтааст. Дар ҳақиқат ҳазинаҳои ин фановарӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсиа нисбат ба миёнгини кишварҳои узви созмони ҳамкорӣ ва тавсиаи иқтисодӣ бо суръати музоаф дар хилоли солҳои 1993 то 2001 афзоиш ёфт. Афзоиши тавлид ва истифода аз фановарии иттилоот ва иртиботот ба таври қобили мулоҳиза ба рушди иқтисодӣ кумак кардааст.

Бар асоси афзоиши сармоягузорӣ дар ин фановарӣ дар кишварҳои санъати дар хилоли солҳои 1995 то 2000 бар асоси мутолиоти Хикер ва Мурсинг дар соли 2002, миёнгини афзоиш дар рушди баҳраварии куллияи авомилро ҳудуди як севвуми % дар сол тахмин мезанад. Албатта, ин тағйирот дар кишварҳои мухталиф мутафовит будааст.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рушди баҳраварии куллияи авомилро ҳудуди ним % тахмин задаанд.

Соири кишварҳо низ аз таъсири мусбати сармоягузориҳои фановарии иттилоот ва иртиботот дар рушди иқтисодӣ баҳраманд шудаанд. Шабоҳат нишон медиҳад, ки тавлид ва густариши ин фановарӣ бозгашти сармояи болоеро барои кишварҳои санъатӣ ва дар ҳоли тавсиа доштааст.

Бозгашти сармояи Молезӣ дар сармоягузорӣ фановарии иттилоот ва иртиботот 8/44 % дар соли 2003 будааст, ки ҳудуди се баробари бозгашти сармоягузориҳои ғайрифановарии иттилоот ва иртиботот аст.

Афзоиши тавлиди фановарии иттилоот ва иртиботот ба тавлид, иштиғол ва даромадҳои содирот кӯмак мекунад. Дар ҳоле ки истифода аз ин фановарӣ, баҳаравари, рақобатпазирӣ ва рушдро афзоиш медиҳад.

Тибқи пешбинии ширкати тадқиқотӣ ба мушовараи Горт Нер интизор меравад, ки бозори фановарӣ иттилооти ҷаҳонӣ дар соли 2010 бо рушди муодили 3/3 %, ҳаҷми доду ситадҳои марбута дар ин солро бе 3/3 тирлион доллар бирасонад.

Аз сӯи дигар, маҷаллаи иқтисодӣ экономист мутақид аст, ки пружаҳои фановарии иттилоот дар ҷаҳон аз як рушди 5/5 % дар соли 2010 бахра хоҳанд бурд.

Коршиносон бар ин боваранд, ки то поёни 2010 мутаҷовиз бар 2/1 миллиард нафар дар ҷаҳон аз абзор ва адавоти фановарии иттилоот баҳра хоҳанд бурд, ки оморҳои фавқ нишондиҳандаи рушди фановарии иттилоот дар ҷаҳон ва таъсири он бар рушди иқтисодӣ мебошад.

Фановарии иттилоот ва иртиботот аз роҳҳои зайл метавонад бар рушди иқтисодӣ таъсир бигузорад:

1. Рушди баҳраварии куллияи авомил дар бахшҳои тавлидкунандаи фановарии иттилоот ва иртиботот.
2. Таъмиқи сармоя: Яъне, ҷазби сатҳи болои аз сармоя ба бахши фановарии иттилоот ва иртиботот, ки боиси тавлиди маҳсулоти ҷадид ва коҳиши қимати маҳсулоти фановарии иттилоот ва иртиботот мешавад.
3. Рушди баҳраварии куллияи авомил аз тариқи созмондиҳии муҷаддад ва ба коргирии онҳо.
4. Сарфаҷӯӣ дар ҳазинаҳо, ҷилавгирӣ аз хатоҳои инсонӣ, афзоиши беҳбуди корой ва асарбахшии созмонҳо.
5. Коҳиши ҳазинаҳо дар асари афзоиши дастрасӣ ба иттилоот.
6. Худкорсозии идорот, коҳиши анвои ҳазинаҳои кайфият ва афзоиши кайфияти маҳсулот.
7. Коҳиши ҳазинаҳо теъдоди зиёде аз бунгоҳҳои иқтисодӣ ва идороти давлатӣ аз тариқи бурунсипорӣ бархе аз фаъолиятҳо ё анҷоми бахше аз корҳои коркунон дар манзил ва дар натиҷа кам шудани мутавассити замони лозим барои ҳузури онҳо дар маҳалли кор ва коҳиши ҳазинаҳои дастмузд ва ҳазинаҳои ҷонибии ҳузури нерӯи кор дар маҳалли кор мисли ҳазинаи сохтмон, сузишворӣ ва ғайра…….
8. Коҳиши мусофиратҳои даруншаҳрӣ ва буруншаҳрӣ, ки натиҷаи он коҳиши масрафи сузишворӣ, коҳиши итлофи вақти шаҳрвандон дар рафту омад, коҳиши олудагии ҳаво ва коҳиши сафарҳои корӣ.

Фановарии иттилоот ва иртиботот таъсири зиёде бар рушди иқтисодии ҷомеаҳо, афзоиши даромади нохолиси миллӣ ва тавсиаи кишварҳо доштааст. Ба таҳқиқ метавон гуфт, мудирони созмонҳо ҷиҳати идораи коро ва асарбахши созмони худ мултазам таваҷҷӯҳи зиёд ба фановарии иттилоот ва иртиботот мебошанд. Дар ғайри ин сурат маҳкум ба фано мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Шуҳрати Фард Муҳаммад Сойти раҳёфт 1386, с. 1.
2. Таваккули Муқаддам, Ризо, Ҳайдарӣ, Фарз Алӣ. Сойти раҳёфт 1388, с. 1.
3. Ҳамоиши фановарӣ «Истифодаи беҳинӣ аз санъати мухобирот». Исфаҳон. Шаҳриварӣ. 1381, с. 27.


## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И КОММУНИКАЦИЙ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ


Информационные технологии оказывают огромное влияние на экономическое развитие общества и увеличение национального дохода . В статье автором рассматривается роль информационных технологий и коммуникаций в развитии экономики .



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** информационные технологии, экономическое развитие, увеличение национального дохода, коммуникации.


## ROLE OF INFORMATION TECHNOLOGIES AND COMMUNICATIONS IN ECONOMY DEVELOPMENT


Information technologies make huge impact on economic development of society and increase in the national income. In article the author considers a role of information technologies and communications in economy development.



**KEY WORDS:** information technologies, economic development, increase in the national income, communication



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хисом Зореи*** – соискатель Таджикского национального университета

# МУДИРИЯТИ ИСТЕЪДОДҲО: РӮЙКАРДИ НАВИН ДАР МУДИРИЯТИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ

***Фирӯз Афшорфар***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Созмонҳои имрӯза дар муқоиса бо адвори гузашта ба шиддат дигаргун шудааст. То кунун соҳибназарони мухталифе бар асоси мабонии назарӣ ва таҷрибӣ мутамоиз тавсифҳо ва табъинҳои гуногуни аз ин тағйирот ироа дода ва ҳар кадом бо дидгоҳҳо ва равишшиносиҳои гуногун сайъ дар табъин ва таҳлили абъоди иҷтимоӣ тағйирот доштаанд. Дигаргунии дониши башарӣ созмонҳоро ба чолишҳои душворе рӯбарӯ сохт ва сармояи инсонӣ ба унвони муҳимтарин омил дар фароянди шоистагиҳои манобеи инсонӣ барои мувоҷеҳи бо ин чолишҳо аз аҳамияти бсазое бархӯрдор аст. Бо баррасии авомили муассир бар шоистагиҳо метавон аз сармояи инсонӣ ба унвони роҳбурди муассир дар касбу кори имрӯз ёд кард. Созмонҳо бо баҳрагирӣ аз роҳёфти шоистагиҳои манобеи инсонӣ интизор меравад, ки шароити муносибе барои тарроҳӣ ва истиқрори системаҳои матлуб ва навини мудирияти ҷомеъ эҷод намояд. Дар даҳаҳои охир дар адабиёти созмон ва мудирият ба вижа мудирияти манобеи инсонӣ ба таври рӯзафзун аз шоистагиҳои сармояи инсонӣ суҳбат ба миён омада ва ҳатто барои он буда, роҳбурдӣ низ қоил шудаанд. Шоистагиҳои манобеи инсонӣ ба мудирон имкон медиҳад, то дар баробари пӯёиҳои муҳити рақобати бо суръат ва ба таври муносиб амал намуда, муҷиботи бартарии созмони худро фароҳам оваранд. Армстронг (2000) дар китоби роҳбурдҳои мудирияти манобеи инсонӣ ба се рӯйкард ё нигариш ба манобеи инсонӣ ишора мекунад:

**Рӯйкарди роҳбурдӣ:** дар ин рӯйкард роҳбурдҳои манобеи инсонӣ аз роҳбурдҳои шуғлӣ нашъат мегирад, аз ин рӯ, бар асоси ин рӯйкард, куллии фурсатҳо ва маҳдудиятҳои манобеи инсонӣ бар роҳбурдҳои созмон ва роҳбурдҳои фарорӯйи он таъсир гузор аст.

**Рӯйкарди шоистагиҳо:** дар ин рӯйкард бо таъкид бар ҷазби беҳтарин афрод, тавонманд кардани афрод ва гурӯҳҳо барои иртиқои сатҳи маҳоратҳо ва эътимод ба нафс, ба коркунон, ба манзури эҷоди муҳити муносиб барои навоварӣ, рушди кайфият ва илзоман (махсуси) коркунон ба тааҳҳуди амалкарди матлуб ва муассир таъкид мешавад.

**Рӯйкарди талфиқӣ:** дар ин рӯйкард фаъолиятҳои манобеи инсонӣ бо талфиқи фаъолиятҳои касбу кори даруни созмон ва бо тамаркуз бар роҳбурдҳои созмон, абзорҳои муассире барои тарроҳии шуғл, тавсеаи мудирият, парвариши манобеи инсонӣ ва тавсеаи муносиботи кори фароҳам меоварад. Ба тавре ки навоварӣ, халлоқият ва шеваҳои амалкарди матлуб аз тариқи талфиқи коромади фаъолиятҳои манобеи инсонӣ ва фаъолиятҳои касбу кор фароҳам мешавад ва заминаҳое барои ҳидоят ба роҳбарии созмон, парвариши афроди тавонманд ва халлоқ, ки бештарин ангезаро доранд, сабаби тавсеа ва тааммуқи (фикр кардани) амалкарди муассир дар созмон ҳастанд, муҳайё мешавад.

Он чи ба таъбири Армстронг (2000) ҳоизи аҳамият аст, анҷом ва якпорчагии низомҳо ва аносири меҳварии он бо роҳбурдҳои созмонӣ аст, ки бо ҳимояти мудирияти аршад тавсеа ба ду буъди (шоха, панҷа) сохторӣ ва рафторӣ мунҷар мешавад. Имрӯза воҳидҳои манобеи инсонӣ дар созмонҳои қарни ҳозир, ба самти ҳирфаи шудан бештар суғд дода мешаванд. Дар инқилоби саньатӣ нақшҳои воҳидҳои инсонӣ бо ангезаҳои сиёсӣ, низомӣ умуман ғайри ҳирфаи ба созмон дода мешуданд. Аммо бо пайдоиши инқилоби саньатӣ ва шаклгирии корхонаҳо ба тадриҷ муҳаррикҳои иқтисодӣ маншаи ташкилоти инсониро шакл додаанд ва дар идома шахсиятҳои бо нуфузе чун Тайлор, Гюлик, Д.С. Рио ва дигар назарияпардозон бо тарҳи мудирияти илмӣ, воҳидҳои тавсеаи манобеи инсониро бо рӯйкарди тавсеаи шоистагиҳои манобеи инсонӣ ба ҳирфаитар шудани мудирияти манобеи инсонӣ таваҷҷӯҳи шоёне кардаанд.

Ба замми ин, Армстронг (2000) бо мутолиоти Ҳавсорн аз тарафи Алтунмаё ва дигар донишмандони неҳзати рафторӣ чун Абраҳам Мазлу, Ҳезберг, МкГригор, Ликерд, Грис Аргрис ва ғайра рӯйкарди иқтисодӣ ва рифоъ бо тамаркуз бар абъоди равоншинохтӣ ва рафторӣ боиси тағйироти муҳиме дар сохтор гардида ва баҳсҳои ҳифзу нигоҳдории манобеи инсонӣ авлавияти бештаре ёфт. Ба ҳамин далел аст, ки бисёре аз оянда пажӯҳони бузурги муосир аз Чолз Ҳанди, Питер Дракер то Алвен Тафлер ва Листер Тору мувоффиқан, ки калиди бартарии ҷавомеъ ва созмонҳо дар қарни XXI дар дасти мудирон ва коркунони шоиста, моҳир бо ангеза ва тавонманди созмонҳост.

Имрӯза аҳамияти омили инсонӣ ва накши мунҳасир ба фарди ӯ ба манзалаи як манбаи роҳбурдӣ, тарроҳ, иҷрокунандаи низомҳо ва фарогардҳои созмонӣ, ҷойгоҳи ба маротиб волотар аз гузашта ёфта, то ҷое ки дар тафаккури созмони пешрафта аз инсонҳо ба масобеҳи муҳимтарин манба ва дороӣ барои созмонҳо ёд мешавад. Ба эътиқоди Шулер ва Ҷексон (2001, тарҷумаи Аббоспур, 1384) дар ҳоли ҳозир созмонҳо барои бақо, интизом ва боландагии худ мекӯшанд. Аз тариқи манобеи инсонӣ фарҳехта дар дустараи ҷаҳонӣ ба рушди сареҳ, беҳбуди мустамар, коромадӣ, судбахшӣ,

инъитофпазирӣ, интибоқпазирӣ ва омодаги барои оянда ва бархӯрдори аз мавқеияти мумтоз дар арсаи фаъолияти худ ноил шаванд. Бидуни ин кайфиятҳо, созмонҳо воқеан ғайри мумкин аст, ки битавонанд дар мувоҷеҳа бо беҳтаринҳо ба сурати рақобатӣ ва асарбахш амал кунанд.(с.11)

Ба замми ин, Борун ва Крис (1999, нақл дар Аббоспур, 1384) «Манобеи инсонӣ калиди муваффақиятӣ ё шикасти созмонӣ ба шумор меравнд. Аз ин лиҳоз, хатимашиҳо (сиёсатгузори), шева ва коркардҳои манобеи инсонӣ бояд дар маҷмӯъ муфид ба стартегияи созмон бошад, мудирон ва роҳбарони созмонҳо нисбат ба масоили он дарки дурусттар дошта ва дар мавриди пайомадҳои он ҳасос бошанд».(с.11)

Он гуна ки Армстронг (2000) онро тасаввур мекунад: «Рӯйкарди стартегия ва мунсаҷим ва мантиқӣ нисбат ба мудирияти созмонҳоест, ки умда дороӣ ва арзишманди онон афрорде ҳастанд ба сурати фардӣ ва ҷамъи дар найл (расидан) ба аҳдофи созмон нақши муассире ифо мекунанд ва дар сададан то мазияти рақобатиро аз тариқи тавсеаи стратегияи нерӯи кор тавъан бо таахҳуди сатҳи боло ва моҳирона касб кунанд ва аз маҷмӯи фунуни фарҳангӣ, сохторӣ ва коркунон ба наҳви шоистае баҳрабардорӣ кунанд». (с.12)

Бинобар ин, шоистасолорӣ дар созмонҳои пешрав ва мумтози ҷаҳон натанҳо аз авлавиятҳои асосӣ ба шумор меравад, балки онҳо мекӯшанд дар ҷазб, беҳсозӣ, ангезиш ва нигоҳдории манобеи инсонии донишгар бо гузар аз марзи барномарезии стартегияи манобеи инсонӣ мавзӯоти пиёдасозии стартегияҳои шоистагиҳои манобеи инсонӣ ба таносуби ниёзҳои ҷадиди ҷомеаи донишгаро ба гунаи фаъол ва асаргузор нақш ифо кунанд.

Бо таваҷҷӯҳ, нукоти ёдшуда, мудирони манобеи инсонӣ ҳамвора мебоист шоистагиҳои лозимро ҷиҳати посухгӯи ба тағйироти муҳити созмонро дошта ва роҳёфтҳои мутаносиб бо ин тағийрот дар созмон эҷод карда ва нерӯи инсонии созмонро барои муқобили бо ин таҳаввулот омода созанд, ки ба таъбири Ҳенди (1995) афрод бояд омодагии лозим барои мувоҷеҳи бо адами қатъият, ки маъмулан дар муҳити кор пешбинӣ нашуда ва дар дастури кор қарор нагирифтааст, дошта бошанд. Ба таври куллӣ мутолиоти охир нишон медиҳад, ки мудирони шоиста ниёз ба дониш ва маҳоратҳое доранд, то дар фароянди барномарезӣ қудрати тасмимгирӣ дошта бошанд.

Бисёре аз соҳибназарон иллати муваффақият ва шикасти созмонҳоро дар тафовути мудирияти онҳо медонанд. Ризоиён (1374) ба нақл аз Питре Дракер менависад: узви ҳайётбахши ҳар созмоне мудирияти он аст. Ба нақл аз Хорулд Кунтез баён мекунад: «Қудрат муҳимтарин заминаи фаъолияти инсонӣ мебошад, вазифаи аслии мудирон дар тамоми сатҳҳо ва воҳидҳо ин аст, ки муҳитро ба гунае тарроҳӣ ва нигоҳдорӣ кунанд, ки аъзои он битавонанд ба сурати гурӯҳӣ бо якдигар кор кунанд, то ба аҳдофи таъйиншуда даст ёбанд».

Мудирияти истеъдод рӯйкарди навине аст, ки метавонад таҳаввуле дар абъоди гуногуни мудирияти манобеи инсонӣ падид оварад, нуқоти қувват ва зарфи рӯйкардҳои суннатиро шиносоӣ ва дар рафъи мавонеъ мутаносиб бо мухтазиёт амал кунад.

Яке аз авомили пешрафт ва таолии ҳар созмон доштани барномае бар асосиояндакорӣ аст. Барномае, ки битавонад такомули фардоро бо кашфи истеъдодҳои дурахшони имрӯз дар сомонаҳои мунсаҷим, илмӣ ва корбурдӣ муҳаққиқ созад. Барномарезии ҷонишинпарварӣ, барномаи низомманд ва оянданигар аст, ки метавонад маҳоратҳо ва шоистагиҳои кашфшударо бо такя бар мудирияти бар асоси шоистасолорӣ, ба фарояндмеҳварӣ мубадал созад. Дастёбӣ ба чунин барнома дар тайи замон қобили дастёбӣ аст. Росвел (2005) баён мекунад, яке аз аввалин афроде, ки ба аҳамияти ҷонишинпарварӣ дар созмонҳо пай бурд (1841-1925) мебошад. Ӯ дар ҳамон 14 асли машҳури мудириятии худ, яке аз вазифаҳои аслии мудирро итминон ҳосил кардан аз пойдории масири шуғлии коркунон медонад. Ба ақидаи Файел, агар ин ниёз нодида ангошта шавад, машоғили калидии созмон тавассути афроди нокоромад идора хоҳад шуд.

Корто (1992) ҷонишинпарвариро фароянде медонад, ки тайи он мудирони муносиб барои тасаддии машоғили мудириятии аршади созмонӣ аз миёни афроди воҷид (салоҳияти) шароит ва бо истеъдод интихоб мешаванд. Барномарезии ҷонишинпарварӣ дар воқеъ, интихоби кормандони бо истеъдод барои ҷонишинии мудирони аршад аст, ки ба далоили мухталифе мумкин аст, шуғли худро тарк кунанд. Фавт, бознишастагӣ, иртиғо ва ҷо ба ҷои ба машоғили дигари созмон мисолҳое аз далоили мумкин барои тарки машоғили мудириятӣ ҳастанд. Яке аз авомили роҳбурдии созмонҳо дар расидан ба аҳдоф ва барномаҳои аз пеш таъйиншуда дорад, манобеи инсонии коромад, мутахассис ва боангеза дар машоғили мухталиф мебошад. Бо тавсеаи касбу кор ва оғози даврони ҷадид ва бо ҷудоии моликият аз мудирияти бунгоҳҳои санъатӣ ва иқтисодӣ, интихзоби машоғили мудириятӣ ба унвони як мазияти нисбӣ дар созмонҳо рух додааст. Рӯйкардҳои навини созмонҳоро ба самти пӯёии муҳит, тавсеаи қобилиятҳои роҳбарӣ ва мудириятӣ ва сайъ дар эҷоди созмонҳои ёдгиранда ва донишофарин тарғиб сохтааст. Дар ин рӯйкард, шиносоии афроди мустаид барои қабули масъулиятҳои муҳим ва

сипас таҷҳиз ва тавонмандсозии онҳо бо барномаҳои омӯзишӣ ва тарбиятӣ ва огоҳ сохтани онҳо аз охирин дастовардҳои илмӣ ва фунун ва маҳоратҳои мудириятии мавриди таъкид қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, бисёре аз созмонҳо барои ҷилавгирӣ аз эҷоди мавонӣ дар фароянди пешрафти худ, барномаи ҷонишинпарвариро дар ҷиҳати таъмини нерӯҳои шоиста барои машоғили калидии созмон ба кор мегиранд. Ҷонишинпарварӣ, (барномае аст, ки тайи он коркунони муносиб барои машоғили мудирияти як созмон, ки аз лиҳози истеъдод ва шоистагӣ дар мартабаи болотаре ҳастанд баргузида мешаванд) аз тариқи фароянде мепазирад, ки мудирияти истъедодҳо ном дорад. Аз тариқи ин фароянд, истеъдодҳои инсонии созмон барои машоғили калидӣ дар солҳои оянда шиносоӣ шуда ва аз тариқи барномаҳои мутанаввеъ омӯзишӣ ва парваришӣ ба тадриҷ барои ба ӯҳда гирифтани ин машоғил ва масъулиятҳо омода мешаванд. Бар ин асос, бақои созмон дар тайи замон ниёзманди ҷонишинии афроди муносиб барои машоғили муносиб аст. Питер Дракер баён мекунад: нигаронии ҷомеаи мо беш аз ҳама чиз, мудирияти фард аст, иҷозат бидиҳед, ки бе парда баён кунам. Мо ба нуқтае расидаем, ки ба роҳатӣ қодир нахоҳем буд, ба унвони як кишвар, ё ба унвони як ҷомеа, хатари нобудӣ ё сукути яке аз созмонҳои муҳими худро ба далели ин ки пешбиниҳои кофӣ бароиояндаи ҷонишинпарварӣ надошта бипазирем.

Бешак, интихоби ҷонишини муносиб метавонад ба унвони чашмандози матлуб барои парвариши мудирони барҷаста қаламдод шавад. Ба иборати дигар, мудироне ки амалкари асарбахше доранд, мудирият ва барномарезии ҷонишинпарварӣ ва истимрори роҳбариро дар авлавиятҳои кори худ қарор медиҳанд. Мудирон маноибеи инсонӣ, барои таҳақуқи аҳдофи худ дар ростои барномаҳои роҳбурдӣ дар ҳавзаи манобеи инсонӣ, роҳе ҷуз баҳрагирӣ аз равишҳо ва рӯйкардҳои навин надорад. Дар ин миён ошноӣ ба он чи ки дигар созмонҳо, ба вижа созмонҳои мутаолӣ ба иҷро гузоштаанд, ба унвони таҷрибиёти муваффақ ё беҳтарин равишҳо ёд мешавад, нақши муҳиме дар тавсеаи мудирияти истеъдодҳо доранд.

Мудирияти истеъдодҳо чорчуби бисёр муассире аст, ки метавонад созмонҳоро дар ҳавзаи ҷонишинпарварӣ роҳнамо созад. Ин рӯйкард аз меъёрҳо ва шохисҳои бартар дар ҳавзаҳои муртабит бо манобеи инсонии як созмон истифода мешавад, ба гунае ки ҳирфаҳои манобеи инсонӣ аз тариқи онҳо метавонанд, бо арзёбии мустамари фаъолиятҳо, фарояндҳо ва натиҷаи шоистагиҳои ҷадидеро шиносоӣ карда барои тавонмандсозӣ ва беҳбуди онҳо барномарезӣ кунанд.

Аз он ҷо ки дунёи фарорӯи созмонҳо, дунёи пурчолиш ва саъбулубуре (сахте) аст, раванди фазояндаи рақобат ва зарурати дастёбии созмонҳо ба сатҳҳои болотаре аз кайфият ва баҳрабари эҷод мекунад, ки мудирониояндаи созмонҳо ба маротиб тавонмандтар, мустаидтар ва шоистатар аз мудирони имрӯз бошанд. Аз тарафи дигар, пажӯҳишҳои гуногуни таҷриби нишон медиҳад, ки алорағми зарурати вуруди афкор ва андешаҳои ҷадиди мудириятӣ ба созмонҳо (аз тариқи ҷазб ва ба коргирии мудироне аз беруни созмон), созмонҳои муваффақ ба мизони қобили таваҷҷӯҳе ба дарунзоӣ таъкид доранд ва талош мекунанд, то бо шиносоӣ ба парвариши истеъдодҳои мудириятии дарунсозмонӣ аз таъмини ниёзҳои отии худ ба мудирони шоиста ва асарбахш итминон ҳосил намоянд.

Тайи даҳаҳои гузашта, созмонҳо аз барномаҳои тарбиятии ҷонишин барои ёфтани насли баъдии мудирон ва роҳбарони созмон истифода мекарданд. Ин барномаҳо бар таъйини ҷойгузини муносиб барои машоғили хос таъкид доранд. Аммо, замоне барномаҳо асарбахш аст, ки машоғили мудириятӣ аз инъитофи лозим бархӯрдор буда ва мудирон дар қолиби масирҳои рушди шуғлӣ муайян таърифшуда ҷо ба ҷо шаванд. Лекин дар дунёи имрӯз, машоғил ба вижа машоғили мудириятӣ, пӯё, саёл, ки бо сохтори созмони мусатаҳ, ки роҳбурдҳояшон ба асоси мухтазиёти замон тағйир мекунад ва мудирон ҷо ба ҷоиҳои уфуқӣ ва ҷонибӣ доранд. Барномарезии ҷонишинпарварӣ метавонад ба унвони роҳбурди муассир, дар посух ба ниёзҳои ҷадиди созмонӣ ба коркунон ба кор гирифта шавад. Имрӯза мудирияти истеъдод яке аз мавзӯоти асосӣ ва муҳим барои созмонҳо дар ҷаҳон буда ва аз авомили муваффақияти роҳбурдҳои касбу кори имрӯза аст. Ҳанӯз бисёре аз созмонҳо омодагӣ ба таҷҳизоти кофиро барои ҳифз ва тавсеаи шоистагиҳои манобеи инсониро надорад. Андешаҳои мудирияти истеъдод ба чанд далел дорои мазоё ва ҷазобият мебошад:

- мудирон ва мутахассисони манобеи инсонӣ эҳсос мекунанд, ки онҳо бояд бештар ба рушду боландасозии нерӯи кори созмонҳояшон дар оянда биандешанд ва роҳе ҷуз мудирияти истеъдодҳо муяссар нест.

- мудирияти истеъдодҳо ҳамчунин метавонад дарбаргирандаи тавсеаи ҳирфаиҳои манобеи инсонӣ бошад, то аз тарки хидмати довталабонаи афрод ҷилавгирӣ ба амал оварад.

- мудирияти истеъдодҳо иқдоми муассир барои беҳтарин афрод дар машоғил ва навъи сармоягузорӣ барои рушди онҳост.

Мо бар ин боварем, ки тангнои ҷиддӣ дар ин замина ва чолишҳо ва костиҳое, ки акнун бар густараи созмонҳо соя афканда, реша дар амри шоитсагиҳои манобеи инсонӣ ба вижа ҷонишинпарварӣ дорад. Ба назар мерасад, созмонҳо ба хуби натавонистаанд дар масири шоистагиҳои

манобеи инсонӣ гом бардоранд ва ба фарохури (манзала) роҳбурди созмонӣ нақшофаринӣ кунанд. Дар ҷаҳони пурraқобати кунунӣ, созмонҳое муваффақ хоҳанд буд, ки дарояндаи корӣ роҳбурдҳои асарбахше тадвин, иҷро ва арзёбӣ кунанд. Ва пешбинии воқеъбинонае аз вақоее пур чолиши отиро мадди назар қарор диҳанд.

Бар пояи нукоти баёншуда, рӯйкарди мудирияти истеъдодҳо, ки ҷузъи лоянфаки мудирияти манобеи инсонӣ шудааст, ба унвони равиши асосӣ барои шиносоӣ, низоммандӣ ва беҳбуди ҷамбаҳои мудирияти манобеи инсонӣ ба кор бурда мешавад. Бинобар ин, аз он ҷо ки фаъолиятҳои манобеи инсонӣ таъсири мустақиме бар тавоноии рақобатии як созмон доранд, зарурист мудирони манобеи инсонӣ бар асоси модели шоистагиҳо ба сурати мустамар беҳбуд ёбанд. Шоистагиҳо, аз ҷумла мудирияти истеъдодҳоро метавон омӯзиш дод, ёд гирифт, андозагирӣ, пайгирӣ ва беҳбуд бахшид.

**Хулоса.** Тайи ду даҳаи гузашта, ағлаби созмонҳо ба манзури беҳбуди амалкарди созмонии худ талошҳоеро дар ҳавзаи мудирияти манобеи инсонӣ, аз ҷумла шоистагиҳои манобеи инсонӣ, дар сатҳҳои мухталиф ба амал овардаанд. Кишварҳое, ки бархӯрдор аз таҷрибаҳои муваффақ дар заминаи шоистагиҳои манобеи инсонӣ ҳастанд, ин рӯйкардро ба масобеҳи (ба монанди) зербиное ҷиҳати ишоаи шоистагиҳои манобеи инсонӣ ба кор гирифтаанд. Ин навиштор бо ишора ба мавҷи тағйироте ки дар шароити кунунӣ рух додааст, фароянди ҷонишинпарварӣ дар созмонҳои асри донишгаро ба унвони рӯйкарди ҷадид ҳоизи (муҳим) аҳамият аст. Бо таваҷҷӯҳ, ба бархе аз чолишҳо ва породоймҳои (prodaim) Навин метавон дарки дурусте аз чолишҳои ҷонишинпарварӣ ба даст овард. Бар пояи нукоти ёдшуда, мудирияти истеъдодҳо дар пешбинии сармояҳои инсонӣ дар фазои касбу кори имрӯза бо иқболи умумӣ мувоҷеҳ шудааст.


### АДАБИЁТ

1. Вилиам Ҷей Росвел. Барномарезии ҷонишинии муассир. Тарҷумаи Аҳмадризо Ҳарроф. Теҳрон, Ширкати миллии саноии петрошимӣ. 1383.
2. Абулалои Беҳзод, Ғаффории Аббос. Мудирони оянда. (мабонии назарӣ ва таҷрибаи амалии барномаҳои истеъдодёбӣ ва ҷонишинпарварии мудирон). Теҳрон, созмони мудирияти санъатӣ. 1385.
3. Фолмер Роберт, Ҷей Конгер. Истеъдодёбӣ ва ҷонишинпарварӣ (Рӯйкардҳо ва равишҳои парвариши мудир дар созмонҳои ҷаҳон). Тарҷумаи Беҳзоди Абулалоӣ. Теҳрон, 1387.
4. Ризоиён Али. Усули мудирият (чопи 7). Теҳрон интишороти Самт, 1386.
5. Аббоспур Аббос. Мудирияти манобеи инсонии пешрафта. Теҳрон интишороти Самт, 1388.


### МЕНЕДЖМЕНТ СПОСОБНОСТЕЙ: НОВОЕ ЯВЛЕНИЕ В УПРАВЛЕНИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМ КАПИТАЛОМ


В данной статье автором рассматривается менеджмент способностей - новое явление в управлении человеческим капиталом, который окажет действенное влияние на управление человеческим капиталом и подготовку высококвалифицированных управленческих кадров.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: человеческий капитал, менеджмент, менеджмент способностей, управление человеческим капиталом.


### MANAGEMENT OF ABILITIES: THE NEW PHENOMENON IN MANAGEMENT OF THE HUMAN CAPITAL


In this article the author considers management of abilities - the new phenomenon in management of the human capital which will make effective impact on management of the human capital and preparation of administrative shots.



**KEY WORDS:** human capital, management, management of abilities, management of the human capital.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фируз Афшорфар*** – аспирант факултета экономики и управления ТНУ.


## РИСКИ ИҚТИСОДӢ


***Ҳамиди Саҷҷодӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Риск дар арсаҳои мухталифи иқтисоию молӣ ба маънои эҷоди шароите дар иқтисоди як кишвар аст, ки сабаби зиёндиҳии ширкатҳои хориҷӣ ё сармоягузорони хориҷӣ дар кишвари мизбон шавад ё инки сабаб шавад онҳо боздеҳии мавриди интизорро ба даст наоваранд. Риски иқтисодӣ яке аз навъҳои рискҳое аст,ки иқтисоди ҳар кишвареро таҳдид мекунад. Аз навъҳои риск метавон ба риски эътиборӣ(кредитӣ),риски молӣ,риски иқтисодӣ ,риски таваррумӣ(бекурбшавии пул),риски сиёсати

пулӣ,риски систематикӣ ё риски бозорӣ ишора  кард. Тамоми навъҳои рискҳо аз ҷиҳати таъсиргузорӣ рӯи мизони ҷалб кардани сармояҳои хориҷӣ аҳамият доранд.

Сармоягузорони хориҷӣ ҳангомеки барои сармоягузорӣ вориди кишвари дигаре мешаванд дар ҳисоб кардани ҳазинаҳои худ фактуре ба унвони зариби риск дар назар мегиранд. Ин зариб барои кишварҳои мухталиф ва ширкатҳои мухталиф гуногун аст. Агар риски иқтисодӣ дар як минтақа болотар аз стандарти он ширкат бошад, ширкатҳои сармоягузор дар ивази гирифтани имкониятҳои бештар ҳозир ба фаъолият мешаванд. Аммо дар сурате ки риски иқтисодии кишваре бештар аз сатҳи мушаххасе бошад, ҳатто дар сурати гирифтани имкониятҳои бештар ҳам ҳозир ба ҳузур дар бистари иқтисоди он кишвар нахоҳанд буд. Зеро зарари пайдошуда дар иҷрои пружа ва сармоягузорӣ дар кишвар бештар аз имкониятҳое аст,ки мегиранд. Ё ин ки бо сармоягузории ҳамон маблағ ва қувваи корӣ дар як минтақаи дигар метавонанд суди бештар ва имкониятҳои зиёде ба даст оваранд. Ҳангоме, ки як ширкат ё фарди хориҷӣ барои сармоягузорӣ вориди кишвари дигаре мешавад, дар аввалин қадам ба мизони риски иқтисодии он кишвар таваҷҷуҳ мекунад. Албатта, ҳамеша сармоягузорӣ дар кишвари дигар дарсаде риск дорад, вале ин дарсади кам дар ҳисоб кардани ҳазинаҳои сармоягузорӣ дар як кишвари дигар лиҳоз мешавад.

Агар риски иқтисодии ҳузур дар як кишвари дигар зиёд бошад дар мавриди сармоягузорӣ дар он кишвар бояд мутолиоти бештаре анҷом шавад. Бинобар ин, бархе аз пажуҳишгарон таърифи риски иқтисодиро ин тавр унвон мекунанд: риски иқтисодӣ хатари тағйири сохтори иқтисодии як кишвар ё навасони доимии(болову поин омадан) нархи баробарии арз ва қонунҳои иқтисодии он сарзамин аст, ба андозае, ки нархи бозгашти сармояҳои хориҷиро дар он кишвар камтар кунад. Ба иборати дигар риски иқтисодӣ хатари зиёндиҳии сармоягузорони хориҷӣ дар натиҷаи тағироти нархи баробарии арз ё тағйири қонунҳои кишвар аст, ки дар барномарезиҳои сармоягузорони хориҷӣ халал ворид мекунад.

Дар мавриди чигунагии эҷоди риски иқтисоди ҷаҳонӣ ихтилофи назарҳое вуҷуд дорад. Аммо шумори зиёде аз масъулони умури иқтисодӣ риски иқтисодиро ҳамросто бо риски сиёсӣ медонанд ва бар ин боваранд дар шароите, ки риски сиёсӣ дар кишваре зиёд бошад, ба тадриҷ риски иқтисодӣ ҳам бештар мешавад  Онҳо мӯътақиданд, ки риски иқтисодӣ дар натиҷаи тағири зараровари ҳадафҳои сиёсатҳои иқтисодии зерсохтӣ(калидӣ), аз қабили сиёсатҳои молӣ, сиёсатҳои пулӣ, сиёсатҳои байналмилалӣ, тағйир ва эҷоди сарват ё тағйири мушаххас дар мазоёи муқоисавии кишвар аз ҷумла тахлияи манбаъҳои табиии он кишвар,коҳиши рушди саноат ва тағйироти демографӣ эҷод мешавад.

Аз он ҷо, ки риски иқтисодӣ иртиботи наздике бо тағйири сиёсатҳои иқтисодӣ ё тағири қонунҳо дорад, бинобар ин дар бештари мавридҳо бо риски сиёсӣ ҳампӯшонӣ дорад.Тибқи оморҳо ҳар чи риски иқтисодии як кишвар бештар бошад, сармоягузорони хориҷӣ тамоюли камтаре барои вуруд ба иқтисоди он кишвар доранд, зеро ҳузур дар он сарзамин барои онҳо суди чандоне надорад. Дар мавриди Эрон метавон ба роҳатӣ ҳампӯшонии риски иқтисодӣ ва сиёсиро мушоҳида кард. Идомаи фаъолияти ҳастаии Эрон ва таъкиди шуморе аз кишварҳои ҷаҳон бар ин ки Эрон фаъолияти ҳастаии худро бо ҳадафи сохти аслиҳаи ҳастаӣ анҷом медиҳад, сабаб шудааст то ихтилофи зиёде байни Эрон ва кишварҳои узви Шурои амнияти Созмони милал ба вуҷуд ояд. Эрон, ки борҳо таъкид кардааст аз энержии ҳастаӣ фақат барои корҳои сулҳомез истифода хоҳад бурд, дар солҳои ахир бо таҳримҳои зиёди Созмони милал рубарӯ шуд.

Аз тарафи дигар,дар ин бора замоне нархи нефт дар ҷаҳон зиёд шуд ва ба дунболи он таваррум домани иқтисоди Эронро гирифт. Таваррум дар канори таҳримҳои Шурои амнияти Созмони милал ва таҳдидҳои пайдарпаи Ғарб ба раҳбарии Амрико ва Фаронса барои ҳамла ба хоки Эрон риски ин кишварро боло бурд. Ироқ, ки охирин кишвари Ховари Миёна аз назари риски иқтисодӣ аст, вазъияти фарққунандае бо Эрон дорад. Дар ин кишвар риски сиёсӣ дар натиҷаи тавонмандии камтари давлат дар муқоиса бо давлатҳои дигар вуҷуд дорад, вале асоситарин мушкили Ироқро метавон набуди амнияти ҷонӣ дар ин кишвар донист. Ироқ ба далели мушкилоти амниятӣ ва даргириҳои дохилӣ ҷои муносибе барои сармоягузорони хориҷӣ нест.

**Омилҳои эҷодкунандаи риски иқтисодӣ чист?** Вуҷуди як теъдод хатарҳои иқтисодӣ дар соли гузашта аз бухрони нақдинагӣ ва бозорҳои молӣ гирифта то афзоиши нигарониҳо дар хусуси амнияти баландмуддати захираҳои маводи хурокӣ муҷиб шуд, то таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба осебпазирии системи ҷаҳонӣ ҷалб шавад. Огоҳӣ аз ин хатар ва идораи хатар дар соли гузашта ба яке аз муҳимтарин масъалаҳо барои контроли фоиданок дар бахшҳои хусусӣ ва давлатии иқтисодӣ буд. Бо вуҷуди онки чанд моҳе аз соли милодии нав гузаштааст,аммо шароити иқтисодӣ тағироти зиёде накардааст. Хатари сармоягузорӣ дар барномаҳои кӯтоҳмуддат ҳамчунон ба андозаи як даҳаи гузашта боло аст ва ҳанӯз таъсироти нақдинагӣ ба андозаи ҳақиқии худ дар иқтисоди ҷаҳон намуд пайдо накардааст.

Аз назари геополитикӣ далелҳои набуди суботи иқтисодӣ дар ҷаҳон метавонад эҳтимоли афзоиши ихтилофҳо бо Эрон ва нигарониҳое дар хусуси набуди субот дар Афғонистон ва Ироқ бошад.

Аз он ҷо,ки имрӯз ҷаҳон бо нигарониҳои иқтисодии бештаре рубарӯ шудааст, як саволи асосӣ дар хусуси идораи хатар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз гузашта зиёд шудааст ва он ин аст, ки чӣ касе бештар аз ҳама дар маърази хатар аст? Бидуни як дарки муштарак аз моликият, расидан ба тавозун,ки метавонад хатарҳои иқтисодиро муътадил кунад, бисёр мушкил хоҳад буд. Барои ҳалли ин мушкил аввалин қадам ин аст, ки масъули хатарпазирии иқтисодӣ дар ҷаҳони имрӯзро бишиносем, чунки бидуни расидан ба ин марҳала, расидан ба ормонҳои иқтисодӣ ғайримумкин хоҳад буд.

Хатарпазирии иқтисодӣ дар ҷаҳон ба 4 унсури асосӣ вобаста аст. Ин масъалаҳо иборатанд аз хатарҳои системҳои молӣ, амнияти хурокӣ, занҷираи тақсимкунӣ ва нақши энергия, ки ҳамагӣ меҳвари асосии таҳаввулоти иқтисодии ҷаҳон ҳастанд. Хатарҳое, ки бо ин 4 унсур иртибот доранд, ғайри қобили ҳазм ҳастанд. Аммо метавон бо дарки беҳтаре нисбат ба хатарҳои иқтисодӣ дар ин 4 бахш идораи беҳтаре барои кам кардани зарарҳои иқтисодӣ барномарезӣ кард. Хатарҳои системҳои молӣ, муҳимтарин хатарҳо ҳисоб мешаванд. Вазъияти молии даҳаи гузашта дар ҷаҳон он гуна аст, ки мо интизори як давраи рушду суботи иқтисодӣ дар ҷаҳонро дошта бошем, аммо бо вуҷуди мушкилоти зиёде, ки бо афзоиши нақдинагӣ дар соли 2007 ҳамчунон бе ягон роҳи ҳал боқӣ мондааст, соли 2008 ба баъд бо иқтисоди пешбининашаванда нисбат ба соли гузашта рубарӯ аст.

Рукуди иқтисодӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Америкоро наметавон нодида гирифт ва ин дар ҳолест, ки иқтисоддонон дар хусуси онки оё рушди иқтисодии бозорҳои осиёӣ метавонад иқтисоди ҷаҳониро наҷот диҳад ё на, ба тавофуқ нарасидаанд. Дар Аврупо таъсири бесуботии иқтисодӣ мутафовит аст. Нақши бахши молӣ дар Британия иқтисоди ин кишварро дар баробари бухронҳо бисёр осебпазир кардааст ва ин дар ҳолест, ки касри ҳисобҳои ҷорӣ дар бархе аз кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ муҷиб шудааст, то иқтисоди ин кишварҳо дар солҳои гузашта қобили эътимод бошад.

Амнияти маводи хӯрокӣ, ки дар маркази масоили дигаре аз ҷумла,амнияти энержӣ то тағйироти обу ҳаво ва камбуди об ба яке аз бузургтарин хатароти қарни 21-ум табдил хоҳад шуд. Афзоиши аҳолии рӯи замин, тағйири тарзи зиндагии мардум, тағйироти обу ҳаво ва афзоиши дархости маводи хӯрокӣ аз далелҳое ҳастанд, ки ҷаҳонро бо даврае рубарӯ мекунанд, ки нархи маводи хӯрокӣ зиёд мешавад.

Тавсеаи занҷираи арза, ки ҳамоҳангии иқтисоди ҷаҳонро дар ду даҳаи гузашта равнақ бахшидааст, метавонад афзоиши заъфи системи ҷаҳонӣ дар мавриди хатарҳоро пинҳон кунад. Тамаркузи ҷуғрофиёии хатар дар минтақаҳои истеҳсолӣ метавонад рифоҳи ҷаҳониро афзоиш диҳад, аммо оё давлатҳо ва системҳои иқтисодӣ барои оқибатҳои ин хатарҳо дар ин минтақаҳо омодагии лозимро доранд?

Аз иқтисоди маводи ҳурокӣ гирифта то сиёсатҳои минтақаӣ дар хусуси афзоиши амнияти энержӣ ва хатарҳое, ки ба обу тағйироти обу ҳавоӣ дар иртибот аст, метавонад қудрати иқтисодӣ ва манобеъро ба самти иқтисодҳои бузурги дунё бикашонад. Дар занҷираи арзаи ҷаҳонӣ агар рискҳои бузург шинохта нашаванд метавонанд бухронҳои бузургеро ба вуҷуд оваранд. Ба таври куллӣ, набуди ҳамоҳангӣ барои ба вуҷуд овардани тағйироти бунёдин дар иқтисоди энержии ҷаҳонӣ ва байни кишварҳои тавсеаёфта ва дар ҳоли тавсеа ва байни тафовутҳои бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ метавонад пайдо кардани роҳи ҳалли ҷаҳониро барои хатарҳои иқтисодӣ душвортар кунад.

Идораи хатарҳои иқтисодӣ дар соли 2008 ба баъд кори душворе аст. Бесуботии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳон нақши муҳиме дар нотавонӣ барои идораи хатарҳои иқтисодӣ ифо мекунанд. Дар бахши иқтисодӣ, бо таваҷҷуҳ ба бухрони нақдинагӣ дар соли 2007 набояд интизори даврае бо рушди иқтисодӣ дар ҷаҳон дошта бошем. Дар бахши сиёсӣ, ҷаҳон дар соли ҷорӣ бо ҷобаҷоии раҳбарони бузурге рӯбарӯст ва набудани субот дар Ховари Миёна ҳамчунон бар рискпазирии иқтисодӣ дар ҷаҳон таъсир дорад. Аммо ҳар чи қадар ҳам дар мавриди авомили муассир бар хатарҳои иқтисодӣ бидонем, наметавонем роҳи ҳале муносиб барои идораи ин бухрон дар ҷаҳон пайдо кунем.Аммо метавон умедвор буд,ки бо афзоиши рушди иқтисодии ҷаҳон дар солҳои оянда хатарпазирии иқтисодӣ низ коҳиш пайдо кунад ва ҷаҳон битавонад бо идораи дуруст хатарҳои иқтисодиро коҳиш диҳад.

**Идораи риски бунгоҳ ва риски иқтисодӣ.** Билохира бухрони молии ахир ба бахши воқеии иқтисод низ кашида шуд. Асароти бухрони молӣ бар мутағайирҳои калони иқтисодӣ паёмадҳои на чандон хубе барои бештари ширкатҳо доштааст.

**Муҳити иқтисодӣ.** Аз ин рӯ таваҷҷӯҳ ба ин буъд аз муҳити фаъолияти бунгоҳҳо беш аз пеш аҳамият меёбад. Дар ин навишта ба риски пайдошуда дар натиҷаи омилҳои калони иқтисодӣ, ки яке аз муҳимтарин омилҳои муҳити фаъолияти ҳар бунгоҳ маҳсуб мешавад, хоҳем пардохт. Ба ёд дошта бошем, ки ширкатҳо дар ҷои холӣ фаъолият намекунанд. Бинобарин бидуни дар назар гирифтани

риск омилҳои иқтисодӣ, иҷрои фароянди мудирияти риски бунгоҳ ноқис хоҳад буд. Риски омилҳои иқтисодӣ ё ба иборати содатар риски иқтисодии як бунгоҳ мутаассир аз мутағайирҳои калони иқтисодии муҳити фаъолияти он аст.Чун омилҳои калони иқтисодӣ таъсири басазое бар натиҷаҳои амалкарди як бунгоҳ доранд, мудирон бояд падидаҳои иқтисодӣ ва масъалаҳои марбут ба онро бахусус аз манзари таъсирпазирии бунгоҳ таҳти мудирияти худ шиносоӣ ва пешбинӣ намоянд. Агарчи авомили иқтисодӣ доманаи васеъеро шомил мешаванд, вале дар ин навишта талош мешавад ба бархе аз муҳимтарини ин омилҳо пардохта шавад. Чунки агар ба ин омилҳо таваҷҷуҳи лозим нашавад, наметавон гуфт фароянди мудирияти риски бунгоҳ ба таври комил иҷро шудааст.

Агарчи дар робита бо риски авомили иқтисодӣ таърифе, ки мавриди қабул бошад, вуҷуд надорад,вале ба тавру куллӣ метавон гуфт риски иқтисодӣ, рискҳои пайдошуда аз мутағайирҳои калони иқтисодӣ аст, ки як бунгоҳ ба он рубарӯ мебошад. Бадеҳист, ки ҳеч бунгоҳе нахоҳад тавонист ба далели моҳияти ин навъ рискҳо, омилҳои онҳоро таҳти назорати худ дароварад. Барои мисол омилҳое аз қабили арза ва тақозои кул,нархи суди бонкӣ, нархи арз, нархи таваррум ва ...таҳти назорати ҳеҷ бунгоҳе нест. Аммо бо шиносии рӯйдодҳо ва пешбиниҳои равандҳо аст, ки метавон интизор дошт як бунгоҳ нисбат ба таҳаввулоти муҳити иқтисодии пиромуни худ вокуниши муносиб нишон диҳад.

**Шиносоии рӯйдодҳо ва арзёбии риск.** Баррасии иқтисод дар ду сатҳи хурд ва калон бисёр роиҷ аст. Фарқ байни ин ду сатҳ дар шинохти омилҳои риски иқтисоди бунгоҳ низ бисёр муҳим аст. Он чӣ, ки дар сатҳи хубе матраҳ аст, бештар ба бахши тақозо марбут мешавад, ки бар асоси усули иқтисодӣ дар ниҳоят нархҳоро метавонад таҳти таъсир қарор диҳад. Нарх таъин мекунад, ки чӣ коло ва хидмате метавонад сабаби судоварии бунгоҳ гардад .Бо таваҷҷӯҳ ба ин мавзӯъ бунгоҳ иқдом ба арза карда ва нархҳоро таҳти таъсир қарор медиҳад. Аммо аз манзари иқтисоди калон омилҳое чун иштиғол, истеҳсол ва сатҳи нархҳо аз аҳамият бархурдор мебошанд. Ба иборати дигар иқтисоди калон бахшҳое ҳамчун мизони кулли мавриди ниёз барои ҳар як омилони истеҳсолкунанда, истеҳсол ва даромади кул, миёнаи сатҳи нархи як маҳсул ва мизони рушди истеҳсоли куллро дарбар мегирад.

Мафҳумҳои истеҳсол, даромад ва ҳазина намогарҳои аслии амалкарди кулли иқтисоди як кишвар ҳастанд. Сарҷам истеҳсоли куллияи бунгоҳҳо ,кулли истеҳсолоти кишварро ташкил медиҳад. Пардохт барои истеҳсолкунандагон,даромадро муайян менамояд. Ҳангоме ки маҳсулот фурухта мешавад ҷомеа дар ивази хариди онҳо пул пардохт мекунад. Мизони ҳазинаи баробар бо ҳазинаи мавриди ниёз барои хариди истеҳсолоти кул мебошад. Мизони кулли омилҳои мазкур бояд баробар бошанд. Арзиши тавлид баробар бо даромад эҷод шудааст,агар фарз бар ин бошад, ки кулли даромад сарф шавад, дар ин сурат ҳазина хам баробар бо даромад ва бо таваҷҷуҳ ба таъриф,баробар бо тавлид хоҳад шуд. Дар ниҳоят тавлиди нохолиси миллӣ меъёри муҳиме аст, ки бар асоси мутағайирҳои гуфташуда ба даст меояд. Тавлиди нохолиси дохилӣ ё даромади миллӣ баробари арзиши кулли иқтисод барои як давраи яксола аст.

**Сиёсатҳои молӣ ва пулӣ.** Бадеҳист, ки иқтисоди калон таҳти таъсири сиёсатҳои давлат мебошад. Сиёсатҳои молӣ,сиёсатҳое ҳастанд, ки ба манзури таҳти таъсир қарор додани даромад ё махориҷи давлат гирифта мешавад ва аҳдофи хосеро дунбол мекунад. Сиёсати мазкур тавассути давлат ба манзури таҳти таъсир қарор додани тақозо ва арзаи кул дар иқтисод истифода бурда мешавад. Ба баёни сода метавонад ба унвони тағйирот дар даромад ё маҳориҷи давлат таъриф гардад. Ба ҳар сиёсате, ки боиси ҳаҷми пул гардад , сиёсати пулӣ гуфта мешавад.Сиёсатҳое, ки сабаби афзоиши ҳаҷми пул мешаванд, сиёсати пулии инбисотӣ ва сиёсатҳое, ки боиси коҳиши ҳаҷми пул мегарданд, сиёсати пулии инқибозӣ ном дорад. Аз сиёсатҳои пулии инбисотӣ барои мубориза бо рукуд ва аз сиёсатҳои пулии инқибозӣ барои мубориза бо таваррум истифода мешавад. Арзаи пул яке аз абзорҳои дар ихтиёри давлат аст.

Нархи суди бонкӣ бо таваҷҷӯҳ ба нархҳои таъйиншуда аз сӯи бонки марказӣ таҳти таъсир қарор мегирад. Нархҳои суди бонкии поин дар сатҳи нархҳои мушаххас мунҷар ба афзоиши тақозои кул мегардад. Далели ин амр ин аст, ки коҳиш дар нархи суди бонкӣ мунҷар ба афзоиш дар хариди колоҳои бодавом шуда ва дар натиҷа сармоягузорӣ зиёд мешавад. Арзаи пул нарху суди бонки илзомоти марбут ба истикрози бахши умумӣ ва нархи арз ба таври куллӣ ба якдигар вобастаанд. Агар давлат иқдом ба тасбити миқдори яке аз ин ҷинсҳо намояд , дигар наметавонад дигар колоҳоро тасбит кунад. Бинобар ин, давлат мумкин аст ба манзури контроли мутағайирҳои дигар монанди нархи суди бонкӣ, иқдом ба контроли арзаи пул намояд.

**Вокуниш ба риск.** Барои анҷоми як вокуниши муносиб нисбат ба риски иқтисодӣ, сомонаи дақиқе ниёз аст, ки ба масоиле чун шиносоии омилҳои мавҷуди таваррум ва паёмадҳои он, шиносоии таъсири тағироти нархи арз, таҳлили махориҷи буҷашудаи давлат, шинохти сиёсатҳои молию пулӣ ва қонунҳои молиётӣ иҳота дошта бошад. Дар сурате,ки бунгоҳе, ки дорои мубодилоти тиҷории байналмилалӣ бо маблағҳои калон бошад, тағири номусоид дар нархҳои арз метавонад фоҷеаомез бошад, бинобар ин, ба манзури муқобила бо ин вазъият ва ҳадди ақал намудани риск бархе аз абзорҳо

чиҳати масунсозӣ(дар эминӣ мондан) мавриди истифода қарор мегирад. Навъҳои абзори мушаттақа иборатанд аз қарордодҳои отӣ, паймонҳои отӣ , тохт ва ихтиёри муомила, ки ҳар як метавонад ба воситаи дигар авроқи баҳодор, шохисҳои саҳҳом, нархи суд, нархи арз ва низ колоҳои асосии дорои арзиш бошанд. Қарордодҳои отӣ барои навъҳои дороиҳо вучуд дорад, аммо дар айни ҳол дар мавриди нархи арз, нархи суд ва колоҳо умумияти бештаре дорад. Паймонҳои отӣ низ коркардҳои мухталифе дорад. Аслитарин коркарди он истифода барои пӯшиши риск мебошад. Истифода аз вазъияти кӯтоҳ (фурӯш) ё вазъияти баланд(харид) метавонад риски пайдошуда аз тағйироти нархи коло ва навъҳои нархҳоро аз байн бибарад.

Барои мисол паймони отии нархи арз равише барои кохиши риски нархи арз мебошад. Дар назар гиред ширкати А барои таъмини бархе аз маводи аввалияи худ аз хориҷ аз кишвар ниёз ба пунди Англис дорад. Пешбинӣ мешавад нархи пунд нисбат ба риёл афзоиш ёбад.Барои пушиши риски нархи арз ширкати А 3 навъ қарордоди отӣ харидорӣ кардааст. Ҳамин ширкат бахше аз маҳсулоти худро бар асоси доллар ба хориҷ аз кишвар содир мекунад ва дар ин хусус ин ширкат пешбинӣ кардааст арзиши доллар кам шавад ва барои пушиши риски коҳиши нархи доллар қарордоди отии нархи арз (доллар) ба фурӯш расондааст. Ҳам қарордоди отӣ ва ҳам паймони отӣ, дар тарафи муомила доранд. Харидор ё вазъияти баланди муомила ва фурӯшанда ё ҳамон вазъияти кӯтоҳи муомила. Харидор барои хариди миқдори муайяни коло ё дороии миллӣ дар таърихи муайяне дар оянда мувофиқат мекунад ва фурӯшанда низ барои фурӯш ҳамон миқдор ва ба ҳамон нарх мувофиқат мекунад.

Паймонҳои отӣ марбут ба арз ба ғайр аз бозори отии байнибонкӣ беҳтарин бозори муташаккил барои пушиши риски нархи арз мебошад. Дар асл паймонҳои отӣ арзӣ ва қарордодҳои отӣ арзи шабеҳи якдигаранд, зеро онҳо иборат аз қарордодҳое ҳастанд, ки бар асоси он миқдори муайяне аз арзи хориҷӣ дар як таърихи муайян ва бо нархи муайян вогузор мешавад. Албатта, дар ичро тафовутҳои муҳиме бо якдигар доранд.Тафовути аслӣ байни қарордодҳо ва паймонҳои отӣ вучуди ду бурси паймони отӣ мебошад. Қарордодҳои отӣ метавонад барои ҳар маблағе баста шавад. Ба иборати дигар маблағи он бояд ба қадре зиёд бошад, ки манофеъи муомилагарро таъмин намояд, дар сурате, ки дар паймонҳои отӣ ҳаҷми муомила ва таърихи он стандарт аст. Таърихҳои супурдани маъмулии паймонҳои отии арз, март, июн, сентябр ва декабр мебошад. Дар сурате, ки қарордодҳои отӣ иборат аз қарордодҳои хусусӣ мебошанд , ки дар он тарафайни қарордод метавонанд дар мавриди ҳар таърихе тавофуқ намоянд. Тафовути дигар ин аст, ки паймонҳои отӣ ба далели вучуди супурдаи вадеа ва ба рӯз кардани нархи муомилаи риски накулӣ ҳадди ақал мебошад. Ба илова тарафайн паймонҳои отӣ метавонанд аз вазъияти худ берун бароянд ва вазъияти муқобилро ихтиёр кунанд. Аз ин рӯ, дарачаи нақдшавандагии паймони отӣ боло аст. Пӯшиши риски арз риски бавучудоянда аз тағйироти нархи арзро, ки таъсири нохуш ба суд дорад, бартараф мекунад.

Яке дигар аз абзорҳои пуристифода дар густараи идораи риск қарордоди тохт ном дорад. Ба таври хулоса дар қарордоди тохт ,маҷмуае аз чараёнҳои нақдӣ бо нархи собит ва маҷмӯае аз чараёнҳои нақдӣ бо нархи шиновар бо якдигар тохт зада мешаванд. Ба ин тартиб, афроде,ки ба дунболи парҳез аз рубарӯ шудан бо болою поин омадани нарх ҳастанд,чараёни накди собит ва дигар иштирок-кунандагони бозор, ки ба воситаи касби худ аз ин фурсатҳо бо қабули риск истифода мекунанд, чараёни накди шиновар ё тағирёбандаро интихоб мекунанд. Қарори тохт рӯи чараёни нақдӣ аз муомилаҳои мухталиф ҳосил мешавад, аз ҷумла нархи фоида,ки бештарин истифода дар қарордоди тохтро дорад. Қарордоди тохти нархи арзу колоро низ метавон ба унвони дигар коркардҳои ин абзор ном бурд, ки дар бозорҳои молию коло мавриди истифода аст. Тохти арз метавонад ба унвони маҷмӯае аз қарордодҳои отӣ унвон шавад. Бар хилофи қарордодҳои отӣ ихтиёри муомилаи арзӣ ба як бунгоҳи ҳақ ва на маҷбурӣ хариду фурӯши арзи хориҷиро дар як таърихи муайян дар оянда бар асоси як нархи маслиҳатшуда мегирад.

Тохти моликият ва тохти эътиборӣ таркибҳои наве аз қарордоди тохт мебошанд, ки дар ҳоли густариш ҳастанд. Аз қарордоди тохт метавон аз ҳазинаи қонунҳое чун молиёт ва маҳдудиятҳои қонуни маҳаллӣ низ парҳез кард. Масалан, бар асоси қонунҳои сармоягузории Япония сандуқҳои сармоягузорӣ ва нафақаҳӯрии расмӣ ба гуногунии сармоягузории худ дар сатҳи байналмилалӣ намебошанд. Аз тарафе яке аз навъҳои тохт, тохти завҷии нархи арз аст, ки бо истифода аз он,судҳо мувофиқи йен ва асл ба сурати доллар пардохт мешавад. Дар ҳақиқат сармоягузори японӣ бо хариди авроқи қарзаи америкоӣ ва сипас бастани қарордоди тохти завҷии нархи арз,суди дарёфтиро бо арзи миллӣ (йен) дарёфт мекунад, ки шомили маҳдудияти қонунӣ намебошад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин матолиб мушоҳида мешавад, ки агарчи контроли мутағайирҳои калони иқтисодӣ дар ихтиёри ҳеҷ бунгоҳе нест,вале бисёре аз рискҳои бавучудоянда аз ин омилҳо қобили идора мебошанд. Аммо гузинаҳои вокуниш ба риск худ метавонад омиле барои эҷоди рискҳои нав бошанд.Рискҳои марбут ба пӯшиши риск бо истифода аз ин абзорҳо ин аст,ки мумкин аст роҳбурдҳои интихобшуда таъсиргузор набошанд ё бадтар ин ки рискро ба вучуд оваранд.Пӯшиши риск на фақат аз назари ҳазинаҳои мумоила ва

тавсеъа,балки аз назари замон ва талоши идоршаванда низ ҳазина мебарад ва барои ин кор неруҳои ботаҷриба лозим мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Jonston R.B., Sundarajan V. Seguencing financial sector reforms. JIMF, working paper. 1999.
2. Бозмуҳамадӣ Ҳусейн. Ислоҳи сохтори низоми бонкӣ дар ростои сомондиҳии бозорҳои моли расмӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон.
3. www. magiran.com
4. www.dolat.ir



**ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РИСК**

В данной статье автором подвергнуты изучению и рассмотрению организационно-экономические и социальные аспекты формирования рисков. На основе выше изложенного осуществлена классификация рисков, что позволяет их учесть при разработке вариантов действий по улучшению производственно-хозяйственной деятельности предприятий.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** аспекты, комплексный анализ, риск, классификация рисков, моделирование рисковых ситуаций, минимизация риска, риски торговых предприятий.



**ECONOMIC RISK**

In this article the author subjected to studying and consideration organizational and economic and social aspects of formation of risks. On the basis of above stated classification of risks that allows to consider them when developing options of actions on improvement of production economic activity of the enterprises is carried out.



**KEY WORDS:** aspects, complex analysis, risk, classification of risks, modeling of brave situations, risk minimization, risks of trade enterprises.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хамид Саҷҷоди*** – соискатель Таджикского национального университета,


# ТАЪРИХЧАИ ҲИСОБРАСӢ ВА МУШКИЛОТИ ПЕШОРӮИ ОН ДАР ЭРОН


***Муҳаммадҳусайн Довудӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Суръати тағйир ва таҳвил дар ҷомеҳои имрӯза ва рушду пешрафти илму технология дар он (ниёз, воҷиб) илзоман мутолиотшинохтӣ равобити иллат ва маълулии ин тағйиротро дар пай хоҳад дошт. Бештарин мутолиоти анҷомшуда дар хусуси улуми иҷтимоӣ ва рафторӣ аст ва аз онҷо ки иқтисод ва ҳисобдорӣ ҷузъе аз улуми иҷтимоӣ ба шумор меояд, лозим аст, ки дар хусуси он ба мутолиа бархоста то битавон ба назарияҳои нав даст ёфт, ки тавонад бистари сози донишҳои имрӯзи ҷавомеъ гардад. Таҳаввулоти анҷомгирифта даҳаҳои охир дар амри тиҷорат ва илзомоти қавонине ҷиҳати ҷамъоварӣ ва ироаи иттилоот марбут ба амалиёти тиҷорӣ ба таври шаффоф ҷиҳати соҳибони сармоя, мудирони иҷроии ширкатҳо муассисоти иқтисодӣ ва тиҷориро водошта, ки дасти худро ба сӯи хабаргон дар ҳирфаи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ дароз намоянд. Ин амри хабаргон ва шоғилини ҳирфа дар амри ҳисобдорӣ ва ҳисобрасиро водошта, ки ба вазъи стандарти ду қавонин бипардозанд то битавонанд то ҳудуди зиёде хостаҳои соҳибони корро бароварда созанд. Билтабъ вазъи қавонин ва стандартҳои ҷадид ҳамроҳ бо мушкилоте дар иҷрост, ки дар ин мақола ба баррасии баъзе аз мушкилоте пардохтаем, ки ба назари нигоранда бар сари роҳи ҳисобрасон дар ҷомеаи Эрон мебошад. Умед аст, ки тавониста бошем бо тарҳи ин мушкилот ва роҳи ҳалҳои пешниҳодии ҷомеаи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасиро ёрӣ карда бошем.

**Бахши аввал (Назаре бар таърихчаи ҳисобрасӣ дар Эрон):** Ҳисобрасӣ ба унвони як ҳирфа ва як тахассус дар қиёс бо ҳисобдорӣ амри нисбатан кӯтоҳе дар ҷаҳон дорад. Ба заҳмат метавон осоре аз он дар беш аз яксад сол58 қабл пайдо намуд. Аммо ҳамзамон бо таҳаввулоти пур аз шитоб дар садсолаи охир, ҳисобрасии худро бо шароити пешомада татбиқ дода ва ба як ҳирфаи матраҳӣ табдил шудааст.

Фароянди такомулии ҳисобрасӣ бо бакоргирии улум ва фунуни дигаре монанди омор, риёзиёт, мудирият ва системҳои иттилоотии ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ ҳамроҳ буда ва тағйироти васеъ дар технологияи иттилоот ва компютар, ҳисобрасиро малзум ба пардозиши ссреи иттилооти молӣ намуд. Ин амр ҷуз ба пайдоиши таҳаввул дар ҳисобрасӣ ва вазъи қавонин ва муқаррароти тоза ҳоким бар воҳидҳо ва фаъолиятҳои иқтисодӣ, қавонини молиётӣ, ва стандартҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ ва басати доманаи он барои фоиқ омадан бар мушкилоти печидаи молӣ ва иттилоотӣ муяссар намебошад. Ба ҳар ҳол чашмандози отии ҳисобрасӣ ба ҳисобрасии мудирият ва расидагӣ ба осори иҷтимоӣ, иқтисодӣ фаъолияти воҳидҳо ё ҳисобрасии иҷтимоӣ мерасад.

Ҳарчанд собиқаи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ дар Эрон ба беш аз 4000 сол қабл бармегардад ва катибаҳое, ки марбут ба даврони Ҳахоманишӣ мебошад ва дар фаъолиятҳои бостоншиносӣ ба даст

омада мавъиди ин матлаб аст. Аммо нахустин боре, ки дар қавонини Эрон а мавзӯи ҳисобрасӣ ишора шуда, дар қавонини тиҷорат масуби соли 1311 шамсӣ мебошад, ки тайи он муқаррар шуд маҷмаи умумии ҳар ширкати саҳомии як ё чанд бозрас (муфаттиш)-ро аз байни соҳибони саҳҳом ё хориҷ аз он интихоб кунанд то бо расидагӣ ба ҳисобҳо, аснод ва мадорик, авзои умумии ширкат ва суратҳоии молӣ, ки тавассути мудирият таҳия мешавад, гузорише ба маҷмаи умумии соҳибони саҳҳом дар соли баъд ироа диҳанд. Агарчи бар асоси илзоми қавонине ширкатҳо мулзам ба таъйини бозраси шадандулӣ амалан анҷоми ҳисобрасӣ ба маънои мутаорифи он тавассути бозрасон дар кор набуд. Истифода аз хадамоти ҳисобдорони хабра дар амри ҳисобрасии молиётӣ нахустин бор дар қавонини молиёт бар дари омад соли 1328 шамсӣ унвон шуд. Қавонини мазбур муқаррар дошт ҳар мавқеъ, ки анҷумани муҳосибини қасамхӯрда дар кишвар ташкил шавад, вазорат дорои мукаллаф аст натиҷаи расидагии муҳосибини қасамхурдаро дар мавриди ҳисобҳо ё тирозномаи бозаргонон ё ширкатҳо бипазирад. Ва ин назар мабнои муҳосибаи молиёт бошад. Дар қавонини молиётии соли 1335 шамсӣ ин ҳукм айнан такрор шуд ва дар иҷрои он оинномае дар соли 1340 таҳия ва ба тасвиби вазири дороӣ расид. Асосномаи анҷумани муҳосибини қасамхӯрда низ дар соли 1342 таҳия ва тасвиб шуд. Дар ин оиннома муқаррароте роҷеъ ба тадвини усули ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ ва мавозини ҳирфаӣ ва ахлоқии ҳисобдорон узви анҷуман пешбинӣ шуд. Бо тасвиби қавонини молиётҳои мустақим соли 1345 амалан такягоҳи анҷумани муҳосибини қасамхурда фурӯ рехт, зеро ин қавонин муқаррар дошт, ки ба манзури таъйин ва муаррифии ҳисобдорони расмӣ ва фароҳам овардани васоили лозим барои боло бурдани сатҳи маълумоти ҳисобдорӣ ва назарот дар иҷрои мавозини ҳирфаӣ конуни ҳисобдорони расмӣ ташкил шавад. Оиннома марбут ба интихоби ҳисобдорони расмӣ дар соли 1346 ва асосномаи конун дар соли 1351 ба тасвиб расид ва ҳисобдорони расмӣ расидагӣ ба дафотир, ҳисоби суд зиён ва тирозномаи муъдиёнро аз баъди молиётӣ бар уҳда гирифтанд. Ба мувозоти ин амр ислоҳияи қонуни тиҷорат масуби 1347 ширкатҳои саҳҳомии омро мукаллаф кард, ки ба сурати суду зиён ва тирозномаи ширкат, гузориши ҳисобдорони расмиро замима намоянд ва ҳисобдорони расмӣ низ мувazзаф шуданд, ки дар гузориши худ ба сатҳи таҳияи гузоришҳои молӣ ишора намоянд. Бар асоси ин қонун дар ағлаби ширкатҳои саҳҳомии ом иддае аз ҳисобдорони расмӣ ба унвони бозраси қонунӣ интихоб ва вазоифи зоҳиран ҷудогона бозрасӣ ва ҳисобрасиро тавъам бар уҳда гирифтанд. Бо таваҷҷӯҳ ба рушду афзоиши рӯзафзун теъдоди ширкатҳо дар соли 1350 ширкати саҳҳомии ҳисобрасӣ, ки саҳҳоми он тамоман мутааллиқ ба давлат буд, ҷиҳати расидагӣ ва анҷоми хадамоти ҳисобрасӣ таъсис ва ҷузъи ширкатҳои тобеаи вазорати дороӣ қарор гирифт. Дар тайи солҳои 1345 то 1357 қавонини дигаре низ ба мавзӯи ҳисобрасӣ ишора доштанд, аз ҷумла баробари муқарраroти бураси авроқ баҳодори Теҳрон, саҳҳоми он дастаи ширкатҳои саҳҳомӣ дар бурс пазируфта мешуданд, ки ҳисобҳои он тавассути ҳисобрасон мавриди қабул шинохта шуда буд.

Бо пирӯзии инқилоби исломии Эрон дар соли 1357, ки мунҷар ба мусодираи ширкатҳои мутааллиқ ба баъзе сармоядорон ва миллӣ кардани теъдоде аз саноеъ гардид. Идомаи фаъолиятҳои ҳисобрасии мавҷуд ва бахусус шаъбе аз муассисоти ҳисобрасии хориҷии фаъол бо ишколоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд ва билохира дар соли 1359 маводи роҷеъ ба ҳисобдорони расмӣ лағв ва дар натиҷаи конуни ҳисобдорони расмӣ амалан мунҳал шуд ва ниёзи ҷомеа ба амри ҳисобрасӣ мунҷар ба ташкили ниҳодҳое монанди муассисаи ҳисобрасии созмони саноеи миллӣ, созмони барнома ва буҷа, муассисаи ҳисобрасии бунёди мустазъифон ва муассисаи ҳисобрасии шоҳид дар солҳои 1359 то 1362 гардид. Дар соли 1362 мавзӯи идғоми муассисоти бахши умумӣ матраҳ ва қонуни ташкили созмони ҳисобрасӣ ба тасвиб расид ва бо тасвиби асосномаи қонунии созмони ҳисобрасӣ дар соли 1366 муассисоти ҳисобрасӣ мавҷуд дар бахши давлатӣ идғом ва созмони ҳисобрасӣ ташкил шуд.

Дар соли 1372 қонуни «Истифода аз хадамоти тахассусӣ ва ҳирфаии ҳисобдорони зисалоҳ ба унвони ҳисобдори расмӣ» ба тасвиби маҷлиси Шӯрои Исломӣ расид, ки давлат иҷозаи истифода аз хадамоти ҳисобдорони расмӣ ҷиҳати ҳисобрасӣ ва бозрасӣ аз ширкатҳои саҳомӣ дода шуд. Дар соли 1374 оинномаи «таъйини салоҳияти ҳисобдорони расмӣ ва чигунагии интихоби онон» тасвиб ва ҳайати ташхиси салоҳияти ҳисобдорони расмӣ тавассути вазири иқтисод ва дороӣ муаррифӣ шуд.

Дар авоили соли 1375 ҳайати даҳнафара муташаккил аз ҳафт нафар узви ҳайати ташхиси салоҳияти ҳисобдорони расмӣ ва се нафар ҳисобдори дигар муаррифӣ шуданд, то асосномаи ҷомеаи ҳисобдоронро таҳия ва дар соли 1378 ин асоснома ба тасвиби ҳайати вазирон расид. Дар поёни хурдоди 1380 аввалин гирдиҳамоии ҳисобдорони расмии Эрон баргузор шуд. Дар шаҳривари 1382 аввалин маҷмаи умумии ҷомеаи ҳисобдорони расмии Эрон ташкил ва 11 нафар аъзои аслии шӯрои олӣ ва 3 нафар алалбадал интихоб ва расман оғоз ба кор кард. Инак, ҳафт сол аз умри ҷомеаи мазбур гузашта ва ниёз аст, ки куллияи анҷуманҳои ҳирфаӣ монанди анҷумани ҳисобдорони хабра, анҷумани ҳисобдории Эрон ба ҳамроҳи ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ ва созмони ҳисобрасӣ даст ба дасти ҳам дода, то битавонанд бо тадвин ва ислоҳи стандартҳо ва муқаррароти ҷадид ҷойгоҳи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасиро дар Эрон иътило бахшанд.

**Бахши дувум:** Дар ин бахш аз мақола ибтидо чолишҳои ҳисобрасӣ дар даруни ҳирфа ва масоили ношӣ аз онро мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода (ҳарчанд, ки ин дастабандӣ метавонад мавриди нақд қарор гирифта ва бархе аз онҳо то ҳудуде ба унвони чолиши берунӣ низ матраҳ бошад). Сипас чолишҳои берунӣ хориҷ аз ҳирфа мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Ба ин масъала эътироф дорем, ки ин маворид танҳо мавзӯоти матраҳ дар муқобили ҳирфа нест, балки мавориде аст, ки аз зеҳни нигоранда таровиш намуда ва ба рӯи коғаз нигошта шудааст.

**а) Чолишҳои дарунӣ: 1) Мушкилоти марбут ба муқаррарот ва қавонин дар иҷро:** Яке аз мушкилот ва чолишҳои асосии ҳисобрасон дар ҳисобрасии суратҳои молӣ мавриди расидагӣ, ҳаҷми анбуҳи қавонин ва муқаррароти ҳоким бар амалиёти молии соҳибкорон ва ширкатҳои онҳост. Ҳисобрасон боистӣ итминон ёбанд, ки байни равияҳо ва муқаррароти ба кор гирифташуда дар суратҳои молии ироашуда ва муқаррароти ҳоким бар амалиёти молӣ интибоқ вуҷуд дорад. Ҳаҷми муқаррарот ва бахшномаҳои мухталифе, ки таи давраҳои замоне баландмуддат содир шуда, аз қабили: қавонини молиётӣ, буҷаҳои солона, бахшномаҳо ва масубаҳои содиршуда, барномаҳои тавсиаи кӯтоҳмуддат ва баландмуддат ва ба ҳадде густурда аст, ки мӯҷиби печидагии расидагӣ ба суратҳои молиро фароҳам месозад. Ба ҳар ҳол ашроф ба ҳама қавонин ва муқаррарот аз ноҳияи ҳисобрасон интизори нобаҷое аст. Зеро маҳдудиятҳои инсонӣ мавҷуд дар ҳисобрасон риски тафсири нодуруст тавассути онҳоро фароҳам меоварад. Баъзе мӯътақиданд, ки ин як чолиши берунӣ аст, вале аз ин зовия, ки неруҳои ҳирфа комилан ашроф ба қавонин надоранд ва ё омӯзиши кофӣ надидаанд, лизо иҷро ва натиҷаи кори ҳисобрасиро бо мушкил рӯ ба рӯ месозад ва дарунӣ талақӣ мегардад.

**2) Чолиши системи мудирияти манобеи инсонӣ ва неруи инсонӣ:** Яке аз мушкилоти ҳирфа поин будани сатҳи дастмузди неруҳои шоғил дар муассисоти ҳисобрасӣ аст. Таъсири ин мавзӯъ ба ҳадде аст, ки неруҳои шоғил пас аз чанд соли кору касб таҷриба ҳосил менамоянд, ки фарохури коре, ки онҳо анҷом медиҳанд, таъмини молӣ намешаванд ва лизо саъй мекунанд, ки ба ҷои ҳисобрасӣ ба самти ҳисобдорӣ ва ё пустҳои мудирияти молии аввал машғули ба кор шудан дар ҳирфа, ки бештарин фишоркориро муҳтамил мешаванд, аз ҳирфа хориҷ мегарданд. Ин амр мунҷар ба ин мешавад, ки ҳирфа дар тӯли давраҳои баландмуддат рушди каме надошта ва бо теъдоди афроди собите ба ҳаёти худ идома диҳад. Нисбат ба афрод дар ҳарами мудирият тақрибан собит аст ва неруҳои саф ҳеч вақт ба неруи ситодӣ ва мудириятӣ табдил намешавад. Аз тарафи дигар ин амр боис мешавад, ки ҳеч барномаи мушаххасе дар хусуси рушду тавсиаи неруи машғул ба кор дар муассисоти ҳисобрасӣ вуҷуд надошта бошад. Ва чунончи бихоҳем ин муассисотро дар қиёс бо оини рафтори ҳирфаӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Беш аз миқдори муқаррар дар оиннома ба кор машғуланд.

**3) Чолиши омӯзиш ва фарогирии кам:** Ҳарчанд яке аз сиёсатҳои ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ, баҳси тавсеаи омӯзиш мебошад ва яке аз милокҳои рутбабандӣ ва пазириши кор кантроли кайфӣ аъзо аст. Вале бояд азъон дошт ҳисобрасони омӯзиши кофӣ дар хусуси посухгӯӣ ба ниёзҳои фазояндаи ҷомеа ба хадамоти ҳисобрасӣ надида ва ё дар сатҳи поёнии омӯзиш дидаанд. Ин мавзӯъ бо таваҷҷӯҳ ба таҳаввулоти ҳирфа таъсири худро бар кайфияти парвандаҳои ҳисобрасӣ гузошта ва раванди коҳиш таъсиргузории стандартҳои ҳисобрасӣ бар ироаи гузориш ва рафтори ҳисобрасон машҳуд аст. Метавон бо барқарор кардани ҷаласот зимни хидмат ва ҷаласоти ихтиёрӣ ва мустамир мӯҷиботи иртиқои дониши афродро фароҳам намуд.

**4) Чолиши кайфияти ҳисобрасӣ:** Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳисобрасон дар Эрон бар хилофи дигар кишварҳо, худро хубра дар тамоми саноеъ медонанд. Ин иддао бо таваҷҷӯҳ ба ин ки вазъияти омӯзиши ҳирфаӣ мустамир ва мунсаҷим шакл нагирифта ва вуҷуд надорад, ҷои тардид боқӣ намегузорад, ки сатҳи савод ва омӯзиш дар муассисот мутафовит буда ва дар ғоиби адам иртиботи фикрӣ ва гурӯҳе мунсаҷим боиси мушкилоте дар сатҳи кайфият мешавад. Ин чолиш сирфан ба мавзӯъ набувад, чорчуб ва дастуруламали ҷомеъ ва муносиб дар хусуси ниёзҳои рӯ ба афзоиши ҷомеа аз хадамоти мутанавеъ ва мутааддиди ҳирфаӣ аз ҳисобрасон маҳдуд намешавад, балки масоили молӣ ва ҳазина ва манфиат дар иҷрои барномаҳо ва дастуруламалҳои мавҷуд низ, садди роҳи муассисот барои иртиқои кайфият дар муассиса таҳти мудирияти онҳо шудааст.

**5) Чолиши адам суботи даромадӣ ва баҳси рутбабандӣ:** Яке аз мушкилоти мавҷуд дар ҳирфаи ҳисобрасӣ баҳси рутбабандии муассисоти ҳисобрасӣ дар чорчуби асосномаи ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ аст. Ин омил боис хоҳад шуд, ки муассисоти қадимтар дар ҳирфа, ки умуман аз тайфи пуркудраттар низ мебошанд, ба дунболи касб саҳми бештар аз бозори ҳисобрасӣ буда ва хоҳони боз кардани баҳси рутбабандии муассисоти худ тавассути ҷомеа бошанд. Ин амр боис хоҳад шуд, ки арса бар муассисоти ҷадидулвуруд тангтар гардад. Аз тарафе муассисоти ношинохтатар хоҳони озодсозии иттилоотии муассисоти худ тавассути ҷомеа ба сурати куллӣ, бидуни пардохтан ба ҷузъиёт ҳастанд. Чунончи ин амр тавассути ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ муҳаққақ шуд, метавон ризояти аксари муассисотро ба даст овард. Бо ин ҳол озодсозии иттилоот ва рутбабандӣ бештар ба нафъи муассисоти бузурги ҳисобрасӣ аст то кучак ва ин омил барои густариши ҳирфаигарӣ лозим аст. Аз тарафе боистӣ

мувозиби ин мавзӯъ низ буд, ки рутбабандӣ мунҷар ба инҳисор дар ҳирфа нашавад, ки ин дағдағаест, ки аксари ҳисобрасони ҳирфаӣ ба осонӣ аз канори он нахоҳанд гузашт.

**6) Чолиши стандартҳои ноқис ва нотамом ва изҳори назари матлубияти суратҳои молӣ:** Стандартҳои вазъшуда дар Эрон баргирифтаи ноқисе аз стандартҳои байналмилалӣ аст, ба тавре, ки дар бархе аз маворид ба иллати адам татобиқ бо шароити сиёсӣ ва фарҳангии кишвар мушкилотеро ба вуҷуд овардааст. Ҳамчунин дар бархе мавориди стандартӣ ироа нашудааст. Ин амр мебоист бо анҷоми таҳқиқ дар бораи шароити иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ сурат мегирифт, ки мутаассифона камтар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта ва стандартҳое бидуни таваҷҷӯҳ ба чархаҳои кӯтоҳмуддат ва баландмуддати иқтисодӣ ва ё ширкатҳои бузургу кӯчак вазъ шудааст. Лизо ин раванд мавриди эътирози иддае аз анҷуманҳо ва афроди шоғил дар ҳирфа қарор гирифта, то ҳадде, ки зарурати вазъи стандартҳои ҷадидеро дар сар мепарваронанд. (аммо маълум нест стандартҳои вазъшудаи ҷадид қарор аст тавассути чи ниҳоде мавриди таъйид қарор гирад) Ба ҳар ҳол дурустии изҳори назари ҳисобрасон дар хусуси интибоқи амалиёти ҳисобдорӣ бо стандартҳои мавҷуд ба далели нокомил будани он дар азҳон шак ва тардид эҷод мекунад. Набуди стандартҳои муносиб барои саноеи хос ва сармоягузориҳои баландмуддат низ кайфияти ҳисобрасиро зери суол бурдааст. Он чи мубраҳан аст тадвини стандартҳо як прусаи тӯлонимуддат аст, ки ҷуз бо мушорикати аксарияти ниҳодҳо ва афроди шоғил дар ҳирфа наметавонад аз кайфияти муносиб бархурдор гардад.

**7) Чолиши робитасолорӣ ва меҳвар будани афрод то муассисот:** Бо таваҷҷӯҳ ба ташкили муассисоти ҳисобрасӣ ба сурати тазоминӣ, дар шароити феълии ҷомеа ва ҳирфа, афроди шоғил дар муассисаи маҳвар барои инъиқоди қарордод мебошанд. Бинобар ин вуҷуди афрод дар муассиса аст, ки мӯҷиби судоварии муассисаи ҳисобрасӣ аст, на худи муассиса, лизо исми афрод метавонад як сари қуфле барои муассиса маҳсуб шавад, то замоне ки он шахс ба унвони саҳомдори муассиса бошад. Ин мавзӯъ ба навъе бузург кардани номи як муассиса ва арзиш бахшидан ба онро дар ғолиби унсуре ба унвони сари қуфле ғайримумкин месозад. Як шева метавонад таъсиргузор бар ин амр бошад ва он ҳам таҷаммӯъ ва идғоми чандин шарик дар як муассисаи ҳисобрасӣ ва ҳирфаӣ аст.

**8) Чолиши муноқиса ва истеълом:** Ба иллат набвад қиммати мушаххасе барои хадамоти ҳирфае ҳисобрасӣ, ширкатҳо ва соҳибкорон барои баҳрагирӣ аз хадамоти ҳисобрасӣ даст ба баргузории муноқиса ва ахзи истеълом аз муассисоти ҳисобрасӣ мезананд. Дарвоқеъ кори ҳирфаӣ бо муноқиса мунофот дорад ва баргузории муноқиса ва дар ҷараёни рақобат қарор додани муассисоти ҳисобрасӣ ҷиҳати таҳосиби кори навъе кӯчак кардан ва хор шумурдани ҳирфа аст ва мунҷар ба анҷоми аъмоли ғайриҳирфаӣ ва ахлоқӣ аз ноҳияи муассисот ҷиҳати судманд кардани қарордодҳо аст. Ин навъ бархӯрд мӯҷиби ривоҷи дукондорӣ ва ҷоназанӣ дар амри ҳисобрасӣ аст. Барои фоиқ омадан ин мушкил боистӣ ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ иқдом ба таҳияи листнархи хадамоти ҳисобрасӣ намуда ва ин иттилоотро дар соитии ҷиҳати иттилои умум қарор диҳад. Соҳибкорон бо ирҷоъ ба ин соит ва бар асоси иттилооти мавҷуд дар он иқдом ба инъиқоди қарордоди ҳисобрасӣ намоянд. Ҳамчунин ислоҳоте дар ойини рафтори ҳирфаӣ лозим аст зарур пазирад.

**9) Чолиши ойини рафтор ва омӯзиши ахлоқ:** Бо таваҷҷӯҳ ба густариши дархостҳои корфармоён ва мудирони ширкатҳое, ки аз хадамоти ҳисобрасӣ истифода менамоянд ва печидагиҳое, ки дар анҷоми умури ҳисобрасӣ ва расидагӣ ба мавриди вижаи дунёи тиҷорат имрӯз вуҷуд дорад. Ба назар мерасад ойини рафтори ҳирфаӣ дар порае аз маворид боистӣ тағйирёфта ва таъдил гардад. Баҳси бима шудани ҳисобрасон шояд шароити рафтори ҳирфаии ҳоким бар онҳоро дар хусуси адами пазириш ва қабули корҳои ҳисобрасӣ ва ғайриҳисобрасӣ тағйир диҳад. Зеро бо таваҷҷӯҳ ба ҷуброни хисорот ноши аз гузоришоти нодуруст, дар шароити феълӣ эҳтиломи адами истиқлоли ҳисобрасиро боло мебарад. Ҳамчунин лозим аст, мавзӯоте назири: зарфияти корӣ, истеълом ва муноқисот ҷиҳати таъдил ва ислоҳ мавриди баррасӣ қарор гирад. Аз тарафе омӯзиши усули ахлоқи ҳирфаӣ илова бар омӯзишҳои қабл аз вуруд ба ҳирфа метавонад халои мавҷуд дар рафторҳои ҳисобрасонро пур намояд. Ин амр метавонад тавассути ташаккулҳои ҳирфаӣ бо баргузории давраҳои замони хос аз пеш таъйиншуда ба афроди ҳирфа иттилоърасонӣ гардад ва бо таҳияи барномаҳои омӯзиши мудун ва ғанӣ ин курсҳо тавассути афрод гузаронида шавад. Бадеҳӣ аст, ки ин давраҳо метавонад ба сурати коргоҳӣ ва мушорикати аъзои ҳирфа бошаду мисолҳои зинда дар хусуси мушкилоти мавҷуд ва мубтало ба ҷомеаи ҳисобрасӣ матраҳ ва бо дархости ҳалли ин мушкилот афродро вориди мавзӯъ карда ва ба ин шева мутолиа, тафаккур, ибдои роҳи ҳал бар асоси қавонин, стандартҳо ва ойини рафтори ҳирфаӣ ва ахлоқиро аз вай талаб намуд. Маҷузи идомаи ҳамкорӣ дар ҳирфа, ба унвони оҳарми қаввӣ аз ноҳияи ниҳодҳо ва ҷавомеи ҳисобдорони расмӣ ва хабира ҷиҳати аъмоли ин сиёсат метавонад мавриди истифода қарор гирад. Шеваи ихтиёрӣ низ бо таъсиси бошгоҳи ҳисобдорон ва ҳисобрасон ва тадоруки ҷаласоти хосе аз ноҳияи ин бошагоҳ дар тули ҳафта ва тарҳи мавзӯоти ахлоқӣ ва рафторҳои ғайриахлоқӣ ва нақду баррасии онҳо метавонад амалӣ шавад.

**10) Чолишҳои ичрои суннатӣ дар дунёи печида ва модерни системаҳои иттилоотӣ:** Иҷрои амалиёти ҳисобрасӣ ба шакли суннатӣ дар дунёе, ки марзҳои таҷоруб аз қолаби кишварҳо фаротар рафта ва системаҳои сармоягузорӣ ва иттилотии компютерию интернетии ҳоким било манозеи он мебошад, дигар ҷойгоҳе наметавонад дошта бошад. Ало ҳазо ҳанӯз мо дар ҳирфа ба иллати заъф дар сохтори омӯзишию иқтисодӣ ва сиёсӣ аз дунёи дар ҳоли тавсеа ва пешрафта ақиб ҳастем ва металабад, ки бахше аз ин ақибафтодагӣ тавассути ҳирфа бо талош ва фаъолияти музоаф ва пардохти ҳазинаҳои рушд ва таолии илмӣ ҷуброн гардад.

**11) Чолишҳои узвият дар ҷомеа ва ояндаи он:** Ҷомеаи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ боистӣ аз раванди мӯътадил дар узвгирӣ баҳраманд гардаду аз ифрот ва тафрит бипарҳезад. Мутаассифона дар даҳаҳои охир пас аз пазириши аввалия бидуни ҳеҷ озмун ва имтиҳоне, шароити вуруд ба ҳирфа ва ба ҷамъи афрод мавриди таъйиди сахттар мешавад. Ин амр муҷиб шудааст, ки ҳар сол теъдоди афрод собит ва мушаххасӣ вориди ҳирфа шаванд. Мо бояд бо тағйир дар ойиннома ва дастуруламал пазириши ҳисобдорони расмӣ ва ҳамоҳангии он шароит бо сохтори омӯзишӣ ва иқтисодии ҷомеа ҳолате фароҳам кунем, ки тамоми муштоқони вуруд ба ҳирфа, ки битавонанд ин шароити мантиқӣ ва ақлониро пушти сар бигузоранду ба хостаҳои худ бирасанд. Аз тарафе имтиёзоти марбут ба ҳисобдори расмӣ шуданро ба гунае ба афрод муаррифӣ намоем, ки бидонанд ин имтиёз як ронт нест, балки узвият ба маънои тааҳҳуди бештар ва манфиати камтар аст.

**12) Чолишҳои идғом ва ҳирфаигарӣ:** Бояд пазируфт, ки кор ба сурати ҳирфаӣ дар қолаби муассисоти кӯчак шакл нахоҳад гирифт ва кайфияти кору омӯзиши мустамир ба бунбаст хоҳад расид. Лизо ин чолиш пеши рӯи ҳирфаро ҷомеаи ҳисобдорон метавонад бо кумак ба фароянди шарокит ва идғоми муассисоти ҳисобрасии мавҷуд бо формулаи муносиб, тасҳилоти лозим дар ин хусусро фароҳам оварда ва бистари муносибро эҷод намояд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин шароити феълии Эрон вуҷуди 2 ило 3 муассисаи бузурги ҳисобрасӣ метавонад пӯшиши лозим ба ниёзҳои иҷтимоъро дода, вазъияти ҷомеаро иттилло бахшида ва рақобатҳои ағлаби ғайриахлоқии муассисоти кучакро бартараф намояд. Биттабъ ин ду ё се муассиса метавонанд бо як барномарезии хуб аксарияти бозори ҳисобрасии мавҷудро дар ихтиёр бигиранд. Аз тарафе созмони ҳисобрасӣ ба унвони як ниҳоди давлатӣ метавонад зимни ҳидояти ҷомеаи ҳисобрасӣ ба ин самт ва сӯй, дар тадвини стандарт аз ин муассисоти бузург кумак гирифта ҳирфаи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасиро ба самти рушду таолӣ раҳнамун созад.

**13) Чолиши гузоришгари мубҳам ва бидуни ироаи вазъияти отӣ равшан барои воҳидҳои тиҷорӣ:** Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳосили фароянди амали ҳисобрасии матлуб, таҳияи гузориши контролшуда дар хусуси натоиҷи амалкард ва вазъияти молии ширкатҳо ва соҳибкорон ба манзури истифодаи афроди зинафъ дар ин муассисоти ҳисобрасӣ мебошад, лизо бояд ин гузоришҳо аз шаффофияти бештаре бархурдор буда ва рискҳову таҳдидҳое, ки созмон бо онҳо рӯ ба рӯ аст, баён намояд. Ҳарчанд ин вазифаи ҳисобрас нест вале бо таваҷҷӯҳ ба ин ки дар ҷомеаи Эрон ва вазоифи ҳисобрасу бозрас қонуне дар ширкатҳо талфиқ шудааст, бад-ин манзур бояд тарҳрезии муҷаддад ва бозтаърифӣ аз кулли фароянди ҳисобрасӣ сурат пазирад, то мадели ҷадиде аз гузоришгарӣ посухгӯи ниёзҳои истифодакунандагон аз гузориши ҳисобрасӣ бошад.

**14) чолиши хадамоти эътибордиҳии таърифнашуда:** Он чӣ дар кишвари мо вуҷуд дорад маҳдудияти танаввӯи хадамот қобили ироаи эътибордиҳӣ ба аносири суратҳои молӣ вокеӣ аст. ҳол ин ки дар кишварҳои пешрафта танаввӯи хадамоти эътибордиҳӣ қобили ироа тавассути ҳисобрасони мустақил рӯз ба рӯз дар ҳоли афзоиш аст. Боистӣ стандартҳое тадвин кард, ки эътибордиҳӣ ба суратҳои молии пешбинишуда ва аносири ғайр камиро низ фароҳам оварад ва фарҳангсозӣ лозим дар ин хусус сурат пазирад.

**Чолишҳои берунӣ:** дар ин қисмат мируре дорем бар масоили барунӣ ва муҳитӣ, ки ҳирфаи ҳисобрасиро тахти таъсири худ қарор медиҳад.

1. **Чолишҳои стандартгузории сиёсӣ:** Бо таваҷҷӯҳ ба собиқаи таърихи турҳои ҳисобдорӣ ва тадвини усулу стандартҳои он бо иноят ба тазоди ақоиди аҷиб дар он, хеле дур аз зеҳн нест, ки амалан стандартгузорӣ дар фароянди сиёсӣ шакл бигирад. Агар чунончи дақиқ ба мавзӯи тарҷумаи стандартҳои ҷаҳонӣ ва қабули он ба унвони стандарти миллӣ нигоҳ кунем, ранги сиёсат дар он ошкор мешавад. Зеро амалан қабули ин стандарт ба наҳве ҷилавгирӣ аз ҳамин танаввӯи алоиқ ва дидгоҳҳову гоҳе тазоди манофеи мавҷуд дар ниҳодҳое аст, ки бояд ин стандартҳоро тадвин намоянд. Қадам гузоштан дар масири хусусисозӣ ва ворид шудан ба бозори тиҷорати ҷаҳонӣ бо таваҷҷӯҳ ба ибҳоме, ки дар он вуҷуд дорад моро водошта, ки аз ҳудуди ҳашт сол пеш стандартҳои байналмилалиро мабнои амали ҳисобдорон ва ҳисобрасон қарор диҳем (албатта на ба сурати сад дар сад). Биттабъ дар ин фароянд, ки ҳисобрасӣ ва ҳисобрасон ба шиддат тахти таъсири ин усул ва стандартҳо ҳастанд. Боистӣ дар таҳияи он дахолат дода шуда ва назар ё назорати онон мавриди таваҷҷӯҳ ва мадоқа қарор гирад то ба наҳви тазод манофеи байни зинафъон ҳал гардад. Чунончи дар ин иҷмоъ ҳисобрасон мушорикат

надошта бошанд ва ниҳодҳои дигаре иқдом ба тадвин стандарт намоянд, ҳамеша мустамсаки вуҷуд хоҳад дошт то асароти ин стандартҳо ноқис талаққӣ гардад.

2. **Мушаххас будани марҷаи тадвини стандартҳои соири хадамоти итминобахшӣ:** Дар шароити феълӣ ҳарчанд, ки созмони ҳисобрасӣ пойро аз ҳадди вазоифи қонунии худ фаротар гузошта ва иқдом ба тадвини порае аз стандартҳои машмули соири хадамоти итминобахшӣ намудааст. Алоҳазо ба иллати уствор набудани ин стандартҳо бар пояи қонун, замонати иҷрои лозимро надорад. Бо таваҷҷӯҳ ба шароити мавҷуд ин интизор аз шӯрои олии ҷомеаи ҳисобдорони расмии Эрон ва дигар ташаккулҳои ҳирфаӣ вуҷуд дорад, ки ҳаққи тадвини ин стандартҳоро матолиба ва пайгирӣ намоянду бо ахзи маҷӯзи қонунӣ аз мароҷеи қонунгузори кишвар иқдом ба тадвин ва интишори стандартҳои мудунӣ намояд, ки битавонад мавриди қабул ва иҷмои ҳирфа буда ва бахши аъзаме аз ҷомеаи ҳисобрасӣ, ки машғул ба кор ҳастанд пӯшиш диҳаду аз як роҳкори яксон дар амалиёти иҷроӣ баҳраманд гарданд.

3. **Ҷолиши адами истиқлоли зоҳирӣ ва ботинӣ:** Калимаи ҳисобрас ҳамеша ҳамроҳ бо истиқлол аст. Ҷомеа ҳамеша кори ҳисобрасонро мустақил аз амалиёти соҳибкор ва муассиса медонад, бад-ин маъно ки ҳисобрасон ҳеҷ гуна манфиати мустақим ва ғайримустақим дар ширкат мавриди ҳисобрасӣ надорад. Ҳол он ки дар шароити воқеӣ ин гуна нест ва дар бештари мавоқеъ ҳисобрасони истиқлолӣ чӣ ба сурати зоҳирӣ ва чӣ ба сурати ботинӣ надошта ва алорағми ин мавзӯъ дар гузориши худ аз унвони (гузориши ҳисобраси мустақил) истифода менамоянд.

Бинобар ин ҳисобрасон дар робита бо ба кор бурдани ин вожа эҳтиёт намуд вуҷудро аз хатароти ношӣ аз пардохти ҳазинаҳои ношӣ аз даовии ҳуқуқӣ мусавван доранд. ҳарчанд ки ин мавзӯъ дар кишвари мо ба хатари масоиле монанди робитаи мадорӣ ва соири ҷанбаҳои фарҳангӣ назири пинҳонкорӣ ба сахтии қобили радёбӣ ва пайгирӣ аст. Қонуни тиҷорати Эрон ва урфи кишвар низ ҳисобрасиро аз вазоифи бозраси қонунӣ медонад ва амалан баҳси истиқлол ҳисобрасро то ҳудуди зиёде маҳдуд намудааст. Дар ин миён бархе ақида доранд, порае авомили назири бархӯрдорӣ аз хадамоти бимаӣ метавонад то ҳудуди маҳдудиятҳои мавҷуд дар мабҳаси истиқлол ҳисобрасро муртафеъ созад.

4. **Ҷолиши ҳисобрас, бозрас ва ҳокимияти ширкатӣ:** Бозрасин тавассути маҷмаи умумии соҳибони саҳом интихоб мешаванд ва ҳамин бозрасон (бар асоси қонуни тиҷорат) вазифаи ҳисобрасиро низ бар ӯҳда гирифтаанд. Ин амр муҷиб мешавад:

а) тағйири мудовими ҳисобрасон осеби ҷиддӣ ба амри ҳисобрасии мустақил ва суботи даромади муассисоти ҳисобрасӣ ворид кунад.

б) тазоду таноқиз байни вазифаи бозрасин ва ҳисобрасии мустақил ба вуҷуд ояд. Зеро бозрас бахше аз аркони ширкат дар ҷорти созмонӣ дида шудааст ва истиқлоле аз аркони ширкат мавриди бозрасии худ надорад. Дар ҳоле, ки анҷоми вазоифи ҳисобрасӣ мусталзами истиқлол ва надоштани манфиат дар ширкат таҳти ҳисобрасӣ аст.

Бар ин асос металабад, ки қонуни тиҷорат дар ин хусус ислоҳ шаваду ширкатҳо низ хоҳони пардохти ҳазинаи ҷудогона ҷиҳати амри ҳисобрасӣ бошанд. Бистари ин тағйир метавонад аз ноҳияи ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ, мавриди пайгирӣ қарор гирад.

5. **Вогароӣ дар муқобили ҳамгароӣ:** Дар кишвари мо ҳирфаи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ ҳамвора бо ҷолиш ҳамроҳ будааст. Зеро низоми арбоби раиятӣ, давлат ва мардуму фосилаи қудрат, ҳоким бар он будааст. Ҳамвора раият бо нигоҳи мултамисона тақозои яксӯя амал кардан ба нафъи худ ва давлат бар асоси низоми қаҳромези худ тамом шудан ба нафъи худро аз ҳисобдорон ва ҳисобрасон интизор доранд. Бар ин асос ҳирфа доим дар талотум буда ва фурсате барои касби таодули воқеӣ ба манзури ёфтани ҷойгоҳи худ надоштааст. Танҳо роҳи расидан ба ин таодул инсоф мебошад, ки ду тараф бо таваҷҷӯҳ ба он метавонанд ба кумаки ҳисобдорон ва ҳисобрасон ба ҳам наздик шаванд. Бад-ин манзур бояд ҳадафҳои муштараки байни афрод ҳирфа ва соири истифодакунандагони танзим то зимни паймудани роҳи худ тавассути ҳар як аз тарафҳо ба аҳдофи муштарак низ даст ёфт. Ва лизо ба унвони яке аз вазоифи ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ, танзими ин баста сиёсате метавон пешниҳод намуд.

6. **Нархҳои поёни ҳаққуззаҳма ва рақобати ғайриҳирфаӣ:** Набуди нархномаи расмии таъйиншуда тавассути ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ ва ё ниҳодҳои марбут барои анҷоми хадамоти ҳисобрасӣ, ҳамчунин ихтилофи фоҳиши нархҳои мавҷуд бо дигар кишварҳо мӯҷиб шуда, ки ангезаи кофӣ дар анҷоми хадамоти беҳинаи ҳисобрасӣ дар байни шоғилини ҳирфа вуҷуд надошта бошад. Аз тарафе нигоҳи мудирони ширкатҳо ва соҳибкорон ба вуҷуҳи пардохтӣ ҷиҳати анҷоми хадамоти ҳисобрасӣ ба унвони ҳазинае, ки ҳеҷ гуна арзиши афзудаеро барои онҳо фароҳам намеоварад мӯҷиб шуда, ки рақобати ғариҳирфаӣ бидни муассисоти ҳисобрасӣ ба вуҷуд ояд ва ҳамаи тавону фикри онҳо ба манзури ба даст овардани мавқеияти кори ҷадид сарф шавад ва амалан рамқе барои хадамоти ҳисобрасӣ таъсиргузор барои шоғилин дар ҳирфа ба вуҷуд наояд. Ин мушкил то тағйири ин дидгоҳ аз

ноҳияи соҳибкорон ба хадамоти ҳисобрасӣ ва таъйини марҷае, ки бар асоси кайфияти хадамоти ҳисобрасӣ, нарх ва ҳамчунин контрол қарор додаро мушаххас ва бар ӯҳда бигирад, боқӣ хоҳад монд.

7. **Ҷолиши фосилаи интизорот аз хадамоти ҳисобрасӣ ва фарҳанги посухгӯии ҷойгоҳ ва нақши ҳисобрасон:** Бо таваҷҷӯҳ ба таҳаввулоте, ки ҳар рӯз дар ҷомеа рух медиҳад ва созмонҳоро бо масоили ҷадид рӯ ба рӯ месозад, ҳалли масоили ҷадид ба вуҷудомадаро дар қолаби гузоришоти эътибордиҳӣ аз ҳисобрасон дархост менамоянд. Ба таври намунаи баҳси ҳисобрасӣ молиётеро яке аз ин маворид метавон ёд кард. Вуҷуди баъзе аз ибҳомот дар қавонину бахшномаҳо ва аз тарафе тазоди онҳо бо баъзе аз стандартҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ муҷиб шудааст, ки баъзе аз интизороти соҳибкорон он чунон ки онҳо дархост доранд бароварда нашуда ва ин амри муҷиб фосила гирифтани онҳо аз ҳирфаи ҳисобрасӣ гардад. Танаввуи қолабҳои мавриди дархости соҳибкорон бо таваҷҷӯҳ ба қавонини содира металабад, қабл аз ин ки дастуруламале қатъӣ ё ниҳоӣ шавад аз мушорикати ҷомеаи ҳисобдорони расмӣ ба унвони намояндаи ҳисобрасон ба таври ҷиддӣ истифода шавад, то ихтилофот байни қавонин ва стандартҳои ҳирфаии ҳисобрасӣ ба ҳадди ақал мумкин бирасаду интизороти мантиқии соҳибкорон дар қолаби гузоришҳои эътибордиҳии замонат амале пайдо кунад. Аз тарафе қабл аз ҳалли масоил ва мушкилоте, ки байни қавонини мавҷуд, ки тавассути қонунгузорон тасвиб шуда ва стандартҳои иҷрои ҳирфа набоистӣ интизори инро дошт, ки ҳисобрасон дар қолаби гузоришоти ҳисобраси шаффоф посухгӯи мушкилоти мавҷуд бошанд, балки боистӣ посӯхгӯӣ ба ин адами шаффофиятҳо ба далели мавҷудиятҳои ҳисобрасӣ ва фаъолиятҳои ғайриқонунӣ сурат гирифта бар асоси иқтисоди бемори таҳосилӣ ва ғайрирасмӣ, ки тавассути бунгоҳҳои тиҷорӣ дар ҷомеа сурат мегирад тавассути мақомоти боло бошанд.

8. **Ҷолиши адами иртибот бо соири марокизи ҳирфаӣ ва донишгоҳӣ дар ҷаҳон.** Яке аз нуқоти заифи мавҷуд бар сари роҳ рушд ва густариши риштаи ҳисобдорӣ ва ҳисобрасӣ адами вуҷуди иртибот байни марокизи ҳирфаӣ ва марокизи омӯзишии кишвар бо марокизи дигар кишварҳост. Ба ҷуз анҷумани ҳисобдорони хабира, ки узви С аст ва анҷумани ҳисобдори Эрон, ки чанд соле аст, ба баргузории ҳамоишҳои илмии байналмилалӣ ҳиммат гуморида аст, дигар маҷомеи ҳирфаии кишвар аз иртиботи созанда бо дигар кишварҳо бархӯрдор намебошанд. Ин адами табодули дониш ва таҷриба муҷиби уфули ҳирфа гардидааст. Аз тарафи дигар маҷомеи донишгоҳӣ низ бо адами баҳрагирӣ аз донишҳои рӯз ҳисобдорӣ ва ҳамоҳангӣ дар амри омӯзиш ва чигунагии баргузории имтиҳонот, ҳамоҳанг бо дигар марокизи илмии дунё намебошанд. Биттабъ интизор аст, ки марокизи ҳирфаӣ ва донишгоҳӣ дар пайи рафъи ин нақиса бароянду бо ҳамкорӣ дар заминаҳои мухталиф боис ба рӯз шудани донистаҳои афроди шоғил дар ҳирфа гарданд. Ин амр метавонад бо ҳифзи эътиқодот ва идеологияи ҳоким бар кишвар ҷомаи амал бипӯшонад. Аз ҷолишҳои дигари берунӣ метавон: тасаддигарии давлатӣ, адами фарҳангсозии муносиб, андак ва камбуди шинохти ҷомеа нисбат ба хадамоти ҳисобрасӣ ном барад, ки дар ин мақола намеғунҷад.


### АДАБИЁТ

1. Мабнои назари ҳисобдорон ва гузоришгари молӣ дар Эрон (матни пешниҳодӣ), ҳайати тадвин стандартҳои ҳисобдорӣ, маркази таҳқиқоти тахассусии ҳисобдорӣ ва ҳисобрасии созмони ҳисобрасӣ, нашрияи 113, Теҳрон, 1375.
2. Стандартҳои ҳисобрасӣ, Кумитаи фаннии созмони ҳисобрасӣ, нашрияи 124, Теҳрон, 1379.
3. Маҷмӯаи қавонин ва муқаррароти ҷомеаи ҳисобдорони расмии Эрон, нашрияи шумораи 1, чопи чаҳорум, 1383
4. Statement of auditing public Accountants(AICPA), codification of American Institute of certified 1983,(47Audit,SAS Audit Risk and M teriality in conductingan,standard.


### ПРЕДЫСТОРИЯ АУДИТА И ВОПРОСЫ, СВЯЗАННЫЕ С НИМ В ИРАНЕ


В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению предыстория аудита и основные вопросы аудиторской деятельности в Иране.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** аудит, аудиторская деятельность, аудит бухгалтерской (финансовой) отчетности, лицензирование аудиторской деятельности, членство аудиторов и аудиторских организаций.


### BACKGROUND OF AUDIT AND QUESTIONS, RELATED IN IRAN


**Department of Accounting,Sabzevar branch,Islamic Azad University,Sabzevar,Iran**
**and junior P.h.d. National university Tajikistan**



In this article by the author it is subjected to consideration and studying background of audit and the main questions of auditor activity in Iran.



**KEY WORDS:** audit, auditor activity, audit of the accounting (financial) reporting, licensing of auditor activity, membership of auditors and auditor organizations.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммадхусайн Довуди*** – соискатель Таджикского национального университета

## АСАРИ ОМӮЗИШ ВА МАНОБЕИ ИНСОНӢ БАР РУШДИ ИҚТИСОДИИ ЭРОН ДАР СОЛҲОИ 1972 – 2003

*Саидвафо Мишкот*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аҳамият ва таваҷҷӯҳи фароянда ба сармоягузорӣ дар омӯзиш аз даҳаи 1960 ба баъд сурат гирифтааст. Аз ин давра сармоягузорӣ дар омӯзишҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ва тарбияти нерӯи инсонӣ сабаб шуд то маҳоратҳо афзоиш ёбад ва огоҳиву таҳрики лозим барои тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фароҳам шавад. Пеш аз он, танҳо сармояи моддӣ буд, ки омили рушду тавсеа ба шумор мерафт; аммо бо мушаххас шудани нақши нерӯи инсонӣ дар тавсеа, ба тадриҷ гунаи дигаре аз сармоя яъне сармояи инсонӣ ҷои шоистаи худро дар таҳлилҳо ва барномарезиҳо тавсеа ёфт. Таъмини сармояи инсонӣ мусталзами анҷоми фаъолиятҳои омӯзишӣ аст. Бинобар ин, ҳар гуна сармоягузории омӯзишӣ аз сӯи қобилиятҳои нерӯи инсониро иртиқо мебахшад ва аз сӯи дигар, нерӯи корро барои истифодаи беҳтар аз фановарии ҷадид тавлид муҳайё месозад ва ба ин тартиб роҳи рушду тавсеаи иқтисодиро барои кишварҳо ҳамвор мекунад. Ҳамчунин, акнун мусаллам шудааст, ки иртиботи бисёр наздике миён; таҳсилот ва сутуҳи даромадии афрод вуҷуд дорад (Жокуп, 1957 ва 1974; Илмӣ, 2002, Кисроӣ 2004). Ба ин маъно ки афроди таҳсилкарда, дар шароити мусовӣ, аз даромади болотаре баҳраманд мешаванд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Эрон яке аз кишварҳои дар ҳоли тавсеа мебошад, ки ҳамвора талоши худро дар ҷиҳати расидан ба рушди иқтисоди босубот, мудовим ва баландмуддат ба кор гирифтааст, баҳс дар хусуси расидан ба рушди иқтисодӣ дар кишвари мавриди таваҷҷӯҳ мебошад. Аз тарафи дигар бо таваҷҷӯҳ ба ҷавонии ҷамъияти кишвар ва таваҷҷӯҳ давлат ва хонаводаҳо ба амри сармоягузорӣ дар омӯзиши насли ҷавони кишвар ва аҳамияти нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисоди сармоягузорӣ дар тарбият ва таҳсили нерӯи ҷавон ва нақши он дар рушди иқтисоди Эрон муҳим талаққӣ мешавад. Аз ин рӯ мутолеаи ҳозир, ба таҳлили таъсири омӯзиш бар рушди иқтисоди Эрон мепардозад. Ба ин манзур ибтидо мурури бар куллиёти мавзӯъ сурат мегирад. Сипас бо истифода аз миёнгини солҳои омӯзиши нерӯи кори шоғили ба унвони шохис омӯзиш ва сармояи инсонӣ, таъсири омӯзиш бар рушди иқтисоди Эрон баррасӣ мешавад. Чорчӯби назарӣ мавриди мутолеа бар асоси мадели Лукос аст. Зеро Лукос бар анбошти сармояи инсонӣ ба унвони бахши дигари манбаи рушди пойдор таъкид меварзид. Ӯ миёни ду манбаи аслии анбошт сармояи инсонӣ (ё касби маҳорат) яъне омӯзишӣ, ва ёдгирӣ дар амал тамоюз қоил мешуд, ки дар ин пажӯҳиш аз модели Лукос, ки ба таҷзия ва таҳлил иртибот миёни омӯзиш ва рушд мепардозад, истифода шудааст. Лукос дар соли 1988 моделеро матраҳ кард, ки илҳоме аз теорияи сармояи инсонии Бакр (1964) аст. Идеаи Бакр бар ин асос аст, ки мотори рушди иқтисод, анбошти сармояи инсонӣ аст, ба тавре ки ихтилоф дар мизони рушди кишварҳо ба ихтилоф дар нархи анбошти сармоя дар тӯли замон бастагӣ дорад. Дар миёни мутолеоти таҷрубӣ робитаи омӯзиш ва рушд, мутолеаи таҷруби Бру Васолимартин дар соли 1995 мутолеаи интиқодии Манкю, Румер ва Рил дар соли 1992 Бини Ҳабиб ва Испигел дар соли 1994 қобили таваҷҷӯҳ аст. Бру Васоли Мартин дар як мутолеаи мақтаӣ – замонӣ ва бар асоси додаҳои кишварҳо дар солҳои 1965 – 1985 мутаввасити нархи рушдро бар мутағайирҳои иқтисоди калон чун дастёбӣ ба омӯзиш, нисбати ҳазинаҳои омӯзишии давлат GDP барозиш карданд. Ёфтаҳои аслии мутолеаи онон ба шарҳи зер аст:

1. Касби омӯзиш, ки бо мутаввасит солҳои омӯзиш андозагирӣ мешавад, иртиботи маънодоре бо рушд дорад.
2. Ҳазинаҳои омӯзишии давлат асари мусбати маънидор бар рушд дорад; ба тавре ки 105 дар сади афзоиши дар нисбати ҳазинаи омӯзиши давлат ба GDP дар давраи 1965-1975 метавонист нархи рушди солонаро дар он давра 0.3 % афзоиш диҳад. Сипас ба муаррифии мадел ва мутағайирҳои мавриди истифода дар он пардохта, дар идомаи бароварди моделҳо ва натоиҷи ҳосил аз онҳо ироа мешавад ва дар поён низ ҷамъбандӣ ва натиҷагирӣ сурат мегирад.

Мурури бар куллиёти мавзӯи пажӯҳиш: Ин мабҳас дар ду бахш ироа мешавад. Дар бахши нахуст дидгоҳҳои мухталиф дар бораи назарияи рушд баррасӣ ва сипас мурури бар мабнои назарӣ ва таҷрубӣ асари омӯзиш бар рушди иқтисодӣ анҷом мешавад.

Дидгоҳҳо мухталиф дар бораи назарияи рушд: баҳси рушди иқтисодӣ аз замони Янг, Ҳорвад – Дамор, Силу –Савон, Колдур, Ару, Румер, Лукос, Бакр –Мурафӣ –Тамуро, Бару, Манкю – Бару-Румер ва то соли 2001 таҳаввулоти бисёреро аз назари ниҳодаҳои асаргузор дар рушд, дарунзоӣ ва ё берунзоии мутағайирҳое чун сармояи инсонӣ дар модел, навъи тобеи тавлид, фароянда ё коҳанда ба миқёс будани тавлиди ниҳодаҳо, таърифи сармоя ва тафкики он ба сармояи физикӣ, инсонӣ ва мутағайирҳои сиёсатӣ доштааст. Ба иборати дигар, дар шаш даҳаи охир, се мавҷи мухталиф дар бораи назарияи рушд вуҷуд доштааст. Аввалин мавҷ ба мутолеаи Ҳорвард ва Думор марбут мешавад. Дувумин мавҷ тавсеаи назарияи неоклосикҳо буд. Аз муҳимтарини ин мутолеот метавон ба модели

рушди баландмуддати Сулу ишора кард, ки бар асоси ҷонишине байни кор ва сармоя матраҳ шудааст. Севумин мавҷ ё инқилоб дар таҳқиқоти моделҳои рушди иқтисодӣ, моделҳои рушди дарунзост, ки ба сурати як аксуламал нисбат ба камбудиҳои мавҷуд дар модели неоклосикҳо ба вуҷуд омад. Дар моделҳои аввалия Ҳорд – Дамор, тавлид ба сармояи сарона бастаги дошт ва рушди босуботи пойдор замоне фаро мерасад, ки $g = \frac{s}{v} = n$ бошад. Дар ин муодила g рушд, s нархи пас аз андоз ва v нисбати сармоя ба тавлид, n нархи бӗрунзои рушди ҷамъият аст. Ин шарт баён мекунад, ки нархи рушди тазминии тавлид $\frac{s}{v}$ бояд мусовии нархи рушди табии (нархи рушди ҷамъият) бошад. Аммо ишколи дар ин ҷо буд, ки бо фарзи иштиғоли комил ва вуҷуди тобеи тавлид бо зароби фанни собит Лион Тиф ва нархи пасандози собит, имкони рушди таодули тақрибан сифр аст. Бинобар ин, шарти Ҳорд – Дамор ба унвони лубаи Ҷоку машҳур аст. Яъне агар $g_L + \lambda$ дақиқан мусови $\frac{s}{v}$ бошад ҳама чиз дар шароити ормонӣ ва матлуб аст ва агар мусовӣ набошад модел аз таодули иштиғоли комили давр мешавад. Далели адами пойдории намуна ин аст, ки фарзҳои он хеле часбанда ва ғайри қобили инъитоф аст. Дар модели рушд Силу – Савон бо ба коргирии тобеъ тавлиди Коб – Дуглос, ҷонишинии сармоя ва нерӯи кор имконпазир шуд. Дар ин модел, тағйир дар мавҷудии сармояи сарона баробар бо робитаи $K^0 = sF(K) - nK$ аст ва таодули баланд муддати пойдори замоне фаро мерасад, ки тағйир дар мавҷудии собит $\partial K$ - $sF(K) = nK$ ,$(K^0 = 0)$ мешавад. Мутағайирҳои сиёсатӣ дар ин модел нархи рушди ҷамъият, нархи истиҳлоки $(\partial)$ нархи пасандоз ва мизони сармояи сарона аст. То охирҳои даҳаи 1970 дар саҳнаи байналмилали моделҳои рушди Ҳорд – Дамор ва Силу – Савон роҳнамои сиёсатгузорони иқтисодӣ будааст. Бар асоси раҳёфти моделҳои мазкур, ташвиқ ба сармоягузорӣ дар сармояи физикӣ аз тариқи афзоиши нархи пасандоз таъкид мешуд ва дар кишварҳое, ки афзоиши пасандоз имконпазир набуд вом ва кӯмакҳои байналмилалӣ барои дастёбӣ ба рушди иқтисодӣ пешниҳод мешуд. Вогароиҳои ба вуқуъпайваста дар рушд, дар сатҳи байналмилалӣ ва адами тавонии моделҳои неоклосик дар тавзеҳи он, сабаб шуд то рӯйкарде аз нигариши маътуф ба сармоягузорӣ дар сармояи физикӣ ба дунёи моделҳои рушди дарунзо сурат гирад. Моделҳои рушди дарунзо бо пешгомоне чун Лукос, Румер, Буру, Соли Мартин ва дигарон костиҳои модели рушди неокласикро ҷуброн карданд; ҳарчанд ки худ бо мушкилоте ҳамроҳ буданд. Мутобиқи назарияҳои охир тағйир дар сармоягузорӣ дар нерӯи инсонӣ, ба тағйир дар нархи рушди баландмуддат маҳсули мунтаҳо мешавад ва ин бад-он мафҳум аст, ки на танҳо сатҳи тавлид, балки нархи рушд низ тахти таъсири тағйир дар сармоягузори дар нерӯи инсонӣ қарор мегирад. Аз ин рӯ тахсиси беҳинаи хазина байни сармоягузори дар сармояи физикӣ ва сармояи инсонӣ чи тавассути давлат ва чи хонаворҳо метавонад бар рушду тавсеаи кишварҳо таъсиргузор бошад. Ҳамчунин моделҳои рушди дарунзо дар тавзеҳи рушд, бар омилҳое чун сохторҳои мутафовити тавлид, пӯёии рақобат, боздеҳиҳои фароянда ва саррезҳои тобеи тавлид таъкид кардаанд. Рушди дарунзо ба ин мафҳум аст, ки рушдро натиҷаи нерӯҳои даруни улгӯ дар назар мегирад ва бархилофи назарияҳои қаблӣ, пешрафти фанниро ба сурати дарунзо лиҳоз мекунад. Дар моделҳои рушди Ҳорвард – Дамор пешрафти фаннӣ хунсо буд. Моделҳои рушди неокласик низ пешрафтҳои фанниро берунзо фарз кардаанд. Аммо дар соли 1962 Ору бо намунае пешрафти фанниро аз тариқи ёдгири дарунзо кард. Ӯ ин «Ёдгири дар ҳини амал» фарзияро пеш кашидааст, ки касби дониш маҳсули таҷриба аст. Нуктаи муҳими бардошти Ору аз омӯзиш ин аст, ки ҳар гуна сармоягузории замони ҳол ба сармоягузории оянда нафъи расонад, дар ҳоле ки бозори иқтисодӣ дар қиболи ин нафъ, пардохтӣ накардааст. Озов нишон дод, ки чи гуна дар модели неоклосик метавон ба нархи дарунзо дар рушди мудовам ноил шуд. Ӯ сармояи инсонии нерӯи корро муаррифӣ ва фарз кард, барои рушди он, хадамоте ба шакли ниҳодаи омӯзиш зарурат дорад ва бар ин асос масири рушди беҳинаро таҷзия ва таҳлил кард. Навард Ҳовес ва Шел Эвелин моделҳои рушдро тароҳӣ карданд, ки дар он тағйири фановарӣ дар натиҷаи интихоби огоҳонаи иқтисодӣ аст. Ҳардҷу фарз мекунанд, ки ангезаи таҳқиқ ба иллати ронт инҳисори он аст. Пас аз муддатҳо Рукуд дар пажӯҳишҳои марбут ба рушд, пажӯҳишҳои ҷадид бо модели сармояи инсонии Лукос ва Румер матраҳ шуданд. Лукос ва Румер боварҳои Орӯ ва Озовро ба сурати назариявӣ даровcovарданд. Лукос дар модели худ омили сармояи инсониро дар канори сармояи физикӣ ба унвони яке аз омилҳои тавлид дар тобеи тавлид ворид кард. Дар натиҷа рушди сармоягузорӣ дар сармояи инсонӣ монанди нархи сармоягузории физикӣ ба унвони таъйинкунандае сарвати ҷавомеъ муаррифӣ шуд. Румер модели рушди худро бо ин фарз, ки дар тобеи тавлид, вуҷуди асароти хориҷӣ низ лиҳоз шавад, ироа мекунад. Дар модели вай тавлиди сарона на танҳо ба мавҷуди сарона, балки ба кулли мавҷуди сармояи қобили дастрас дар иқтисод бастагӣ меёбад. Дар пажӯҳишҳои ҷадид таъкид бар омили фановарӣ ё кайфияти нерӯи кор аст, ки саҳми умдаи тавзеҳи рушдро бар дӯш мекашад. Ҳадафи ин мутолеот барои шикофтани ҳарчи бештари мафҳуми кайфияти нерӯи кор ё фановарӣ аст. Ба ҳамин далел номи моделҳои рушди дарунро ба ин даста аз мутолеот итлоқ кардаанд.

Баррасии мутолиоти анҷомшуда дар заминаи омӯзиш ва рушди иқтисодӣ: ин назар, ки сармоягузорӣ дар омӯзиш муҷиби афзоишу рушди иқтисодӣ мешавад дар воқеъ ба забони Адам Смит

ва иқтисоддонони классик бармегардад, ки бар аҳмияти сармоягузорӣ дар заминаи маҳорати инсонӣ таъкид доштанд. Ба ақидаи Асмит инсонҳо бо омӯзиш ба сармоя мубаддал мешаванд ва ҷомеа метавонад аз тавони тавлидии онҳо ба сурати беҳтаре баҳраманд шавад. Агар чи ин назария ибтидо тавассути Адам Смит матраҳ шуд ва пас аз он низ донишмандони зиёде ба он пардохтанд, Шултез дар соли 1961 муҷаддан ин назарияро ба сурати ҷадидтаре матраҳ кард. Шултез, ки ба падари сармояи инсонӣ шӯҳрат дорад, аз омӯзиш ба унвони навъи сармоягузорӣ ёд кард. Ӯ ин фарзияро исбот кард, ки калиди тавсеаи иқтисод худи инсон аст ва на манобеи моддӣ. Ӯ дар пажӯҳиши худ таи солҳои 1929 ва 1956 ба ин натиҷа расид, ки 20 то 40% рушди миллии ИМА ба омӯзиш марбут аст. Шултез муваффақиятҳои Японияро дар тавлидоти кишоварзӣ дар байни солҳои 1875-1910 ва низ бозсозии сареи Олмонро пас аз ҷанги ҷаҳонии дуввум танҳо ба далели истиқрори як низоми омӯзиши фарогир ва ҷомеъ дар Япония ва вуҷуди нерӯҳои моҳиру омӯзишдида дар олмон медонад. Эдвард Денисон барои санҷиши асари омӯзиш ба рушди иқтисодӣ, пажӯҳиши худро бар асоси ҳисобдории рушд анҷом дод. Ӯ робитаи $Y= f\{K, L, \sum_{n=1}^{n} L_h\ (W_h - W_{h-1})\}$ –ро барои кишвари Амрико дар давраи 1929-1982 баровард кард. Дар ин робита $W_h - W_{h-1}$ тафовути даромади нерӯи кор дорои сатҳи таҳсилот $h$ аз нерӯи кори дорои сатҳи омӯзиш $h-1$-ро нишон медиҳад. Ӯ ба ин натиҷа расид, ки ҳудуди 13.7% аз рушди иқтисодии ИМА ба далели омӯзиши нерӯи кор аст. Манкив, Румер ва Вил дар як баровард байни кишваре тавоноии модели рушди Сулуро барои баёни тафовутҳои байналмилалӣ дар стандарти зиндагӣ арзёбӣ карданд. Онон тобеи тавлидро Коб Дуглас бо боздеҳ собит ба микёс ва боздеҳи нузули сармоя фарз карданд ва ба он сатҳи берунзо пешрафти фановарӣ ва захираи сармояи инсониро афзуданд ва аз сармоягузорӣ дар омӯзиши мутавассита ба унвони ҷонишини сармояи инсонӣ истифода карданд. Онҳо пажӯҳиши худро барои се намуна аз кишварҳо барои давраи 1960-1975 анҷом доданд ва натиҷа гирифтанд, ки мутағайири сармояи инсонӣ ба сурати маънодоре ба рушди иқтисодӣ таъсир дорад. Бароварди он аз зариби сармояи инсонӣ байни 66.0 то 76.0 буд. Бору барои сад кишвар дар давраҳои даҳсола дар солҳои 1960 то 1990 бароварҳои байни кишваре анҷом дод. Дар муодилаи бароварди ӯ мутағайирҳои вобаста нархи рушди тавлиди нохолиси дохили воқеии сарона буд. Мутағайирҳои тавзеҳӣ шомили тавлиди нохолиси дохили бо вақфа, омӯзиши мардони болои 25, ки дар ибтидои ҳар давра андозагирӣ шудаанд, шохиси пойбанди ба қонун, мутағайири робитаи мубодила, нархи таваррум нисбати масрафи давлат ба GDP (ба ҷуз дифоъ ва омӯзиш) – шохиси демократӣ ва нархи борварӣ бо вақфа ҳастанд. Ӯ аз равиши ҳадди ақал мураббеоти марҳилаӣ барои ҳалли се муодила ҳамзамон истифода кард. Бовар бо мулоҳизаи натоиҷи дарёфт, ки солҳои омӯзиш дар давраи мутаввасита ва сутуҳи болотар барои мардони болои 25 сол ба боло, асари маънодор бар рушди кишварҳо дорад. Бар асоси бароварди ӯ барои мардони болои 25 сол, ҳар як сол омӯзиши изофӣ, нархи рушдро ҳудуди 44.0% афзоиш медиҳад. Дар мавриди кайфияти омӯзиш, натиҷаҳои Бору нишон медиҳад, ки аз каммияти омӯзиш ки бо мутаввасити солҳои таҳсилоти донишгоҳӣ ва мутаввасита ба даст меояд, аҳамияти бештаре дорад. Ислом як регрисион аз додаҳои байни кишварҳо барои модели Сулу, ки ба он сармояи инсонӣ низ изофа шуда буд баровард кард. Ӯ аз додаҳои солҳои 1960-1985 истифода кард ва онҳоро ба панҷ зердавра, ба манзур истифода аз панҷ сари иттилооти мутаввасит давра барои ҳар кишвар, тафкик намуд. Ислом аз мутаввасити солҳои таҳсили сутуҳи ибтидоӣ, мутаввасита ва болотари омӯзиш дар ҷамъият болои 25 сол ба унвони шохиси сармояи инсонӣ истифода кард. Натиҷаҳои бароварди ӯ ҳокӣ аз он аст, ки мутағайири сармояи инсонӣ дорои зариби маънодоре барои тавзеҳи рушди иқтисодӣ нест. Ҳамон тавр, ки мулоҳиза шуд, илова бар мутолеоти таҷрубӣ, ки ҳокӣ аз асари мусбати сармояи инсонӣ бар рушди иқтисодӣ аст, мутолеоти таҷрубии дигаре вуҷуд дорад, ки аз маънодор набудани асари омӯзиш ва дар бахше аз мавридҳои манфӣ будани он бар рушди иқтисодӣ ҳикоят доранд. Ба ғайр аз кори ислом метавон ба мутолеоти Причат, Лоива, Ҷамисан Валоват ишора кард. Дар посух ба ин адам ҳамсӯӣ байни мабоҳиси назарӣ ва ёфтаҳои мутолеоти таҷрубӣ ва иллатёбии он, пажӯҳишҳои мухталифе анҷом шудааст. Гурӯҳи адам лиҳози кайфияти нерӯи инсонӣ дар мутолеотро маншаи ихтилоф донистаанд (Ҳонушак, Ким ва Бору – Лӣ) ва гурӯҳи дигар мудаӣ шуданд, ки канали асаргузории таҳсилот бар рушди иқтисодӣ канали заифе аст ва дар ҳақиқат рушди иқтисодиро омили тавсеаи сармояи инсонӣ донистанд (Билаз ва Колну). Аз тарафи дигар Лупаз – Томас ва Ванг мӯътақиданд, ки мутағайири омӯзиш ба танҳоӣ барои табйини рушди иқтисодии кишварҳо муносиб нест ва ба ҳамин далел тавзеи омӯзишро низ вориди улгӯ

мекунанд. Дар дохили кишвар низ Содиқӣ (2000) ба баррасии нақши сармояи инсонӣ бар рушди иқтисодӣ бар асоси тобеи тавлиди Коб – Дуглас дар Эрон пардохт. Тибқи натиҷаҳои пажӯҳиши ӯ, кӯшиши тавлиди омилҳои сармояи физикӣ, нерӯи кори шоғил ва таҳсилоти нерӯи мутахассис ба тартиби 0.41 ва 0.87 ва 0.18 тавлиди нохолиси дохилӣ аст.

Меъморнажод (2001) ба баррасии аҳамияти кайфияти нерӯи инсонӣ ва R&D (таҳқиқу тавсеа) бар рушди иқтисоди Эрон пардохтааст. Дар бароварди ӯ дар давраи 1959-1999, зариби мутағайири сармояи инсонӣ дар кӯтоҳмуддати 63% ва дар баландмуддат 209% ба даст омадааст. Саодат (2002) ба баррасии робитаи байни мутағайири сармояи инсонӣ ва рушди иқтисодӣ дар Эрон дар давраи 1959-2001 бо истифода аз озмуни ҳишоу пардохт. Бар асоси натиҷаҳои ӯ даромадҳои нафтӣ ва ғайринафтӣ боиси рушди сармояи инсонӣ дар давраи мавриди назаршуда ва сармояи инсонӣ фақат боиси рушди иқтисоди бидуни нафт аст. Аламӣ (2002) дар рисолаи худ бо унвони «Асари сармояи инсонӣ ва ҳазинаҳои давлат дар сармояи инсонӣ бар рушди иқтисодӣ дар Эрон дар чорчӯби моделҳои рушди дарунзо» зимни мурури бар мабнои назарии рушд дар ду сатҳи хурду калон, ибтидо сармояи инсониро бар тавлиди нохолиси дохилӣ (кулли пардохтӣ ба авомил) мавриди баррасӣ қарор дод. Вай барои баррасии асари сармояи инсонӣ бар даромади афрод (омилони тавлид) дар сатҳи хурд, аз тобеи дарёфти Минсар истифода кард, ки тобеи мавриди назар барои шароити иҷтимои Эрон ва мутаносиб бо ҳадафи мавриди назари асаргузори сатҳи савод, таҷриба ва ҷинсият бар даромади афрод таъдил ва барои афроди шоғили шаҳрӣ ва рустоӣ дар соли 1984 – 2000 барозиш гардид. Натоиҷи 34 муодилаи барозишшудаи вай баёнкунандаи он буд ки ҷинсияти фарди шоғил, солҳои таҷриба ва сатҳи саводи ӯ дар ҷавомеи шаҳрӣ ва рустоӣ асари мусбат ва маънодоре бар даромади ҳосил аз шуғли фард дорад. Вай дар мутолеа дар сатҳи калон бо истифода аз модели Лукос (1986) ба баррасии асари сармояи инсонӣ ба сурати мутавассити сатҳи саводи шоғилин бар тавлиди нохолиси дохилӣ пардохт. Тибқи натиҷаҳои ҳосил, ин асари мусбат арзёбӣ шуд. Касроӣ (2005) дар поённомаи худ бо унвони «Асари омӯзиш бар даромади афрод дар манотиқи шаҳри Эрон дар соли 2003 бо истифода аз модели чандсатҳӣ» ба мутолеаи робитаи омӯзиш ва даромади афрод пардохтааст. Касроӣ ибтидо бо тарсими манҳаниҳои «син – даромад» шоғилини манотиқи шаҳри Эрон дар соли 2003, таъсири омӯзишро бар даромади афрод дар мақотеи таҳсилии мухталиф нишон додааст. Сипас бо ба кор бурдани равиши чандсатҳӣ, иртибот байни омӯзиш, таҷриба ва даромади афродро дар чорчӯби модели дарёфтии Минсар баррасӣ карда ва нишон додааст, ки додаҳои мавриди истифода то чи андоза бо сохтори силсилаи маротибӣ мувоҷеҳанд ва зароиби тахминии улгӯ дар равиши чандсатҳӣ чи вазъияте пайдо мекунанд. Ба илова таъсири ҷинсияти афрод бар даромади он бо истифода аз ҳамин равиш мавриди баррасӣ қарор додааст. Тибқи натоиҷи ҳосил аз ин пажӯҳиш, омӯзиш бар даромади ҳосил аз шуғли шоғилини манотиқи шаҳри кишвар дар соли 2003 таъсири мусбат ва маънодор дорад. Миқдори он дар сатҳҳои таҳсилии мухталиф мутафовит аст ва бо афзоиши таҳсилот асари он бештар мешавад.

Муаррифии мабонии назарии модели мавриди истифода: чорчӯби модели мавриди истифода дар ин пажӯҳиш, бар асоси модели Лукос (1986) аст, ки бар асоси тобеи тавлид неоклосики зер бо лиҳози мавҷуди сармояи инсонӣ мебошад:

$$\mathbf{Y_t = A_t(K_t)^{\alpha}\,(H_tL_t)^{\beta}}$$

ки дар он $N_t$ коргар (нерӯи кориштиғол аам аз мутахассис, моҳир, нимамоҳир ва сода) вуҷуд дорад, ки миёнгини сатҳи саводи онон $N_t$ аст. Тавлид дар иқтисод ба кулли мавҷуди сармояи физикӣ (K) ва сармояи инсонӣ (H) тахсис дода шуда ба амри тавлид бастагӣ дорад, яъне:

$$\mathbf{Y_t = F(K_t\,,\mu_tN_th_t)} \qquad (1)$$

$K_t$ кулли мавҷуди сармояи физикии иқтисод (давлатӣ ва хусусӣ) ва $\mu_t$ бахше аз рӯз аст, ки нерӯи кор ба тавлид ихтисос медиҳад. Бинобар ин, $\mu$-1 талвиҳан муддатзамоне аст, ки фарди сарфи анбошти сармояи инсонии худ мекунад. Тобеи тавлиди сармояи инсонӣ ба сурати зер таъриф мешавад:

$$\mathbf{h_t^0 = \delta(1-\mu_t)h_t} \quad ,\delta>0 \qquad (2)$$

$\delta$ ҳамон короии бахши омӯзиш аст. Рушди сармояи инсонӣ дар модели Лукос ба ин бастагӣ дорад, ки чанд фоиз аз сармояи инсонӣ сарфи бозтавлиди он мешавад ва ин ки баҳравари бахши омӯзиш чи мизон аст. Тобеи матлубияти фард намунаи иқтисод ба сурати зер аст:

$$\mathbf{U = \int_0^{\infty} \frac{1}{1-\sigma}\,(C_t - 1)^{1-\sigma}\, e^{-\rho t}dt} \quad (3)$$

$C_t$ масрафи сарона ва $p$ нархи танзили замон аст. Арзиши Ҳол Ҳомилтунин барои кулли ҷамъият $N_t$ ҷиҳати ҳаддиаксарсозии матлубият бо таваҷҷӯҳ ба қуюди (1) ва (2) ба сурати зер мешавад:

$$H = \frac{N_t}{1-\sigma}[C_t - 1]^{1-\sigma} + \theta_{1t}[F(K_t, \mu_t n h_t)] + \theta_{1t}\delta h_t(1-\mu_t) \quad (4)$$

Шурути мартабаи аввал ба сурати равобит (5) то (8) дармеояд:

$$\frac{\partial H}{\partial U} = \theta_1 \quad \Rightarrow N_t[C_t - 1]^{-\sigma} = \theta_1 \qquad (5)$$

$$\frac{\partial H}{\partial K} = -\theta_1{}^0 \quad \Rightarrow \theta_2^0 = \rho\theta_1 - \theta_1 F_K \qquad (6)$$

$$\frac{\partial H}{\partial h_t} = -\theta_2{}^0 \quad \Rightarrow \theta_2^0 = \rho\theta_2 - \theta_1 F_2 \mu_t N_t - \theta_2\,\delta(1-\mu_t) \qquad (7)$$

$$\frac{\partial H}{\partial \mu_t} = 0 \quad \Rightarrow \theta_1 F_2 N_t h_t = \theta_2\,\delta h_t \Rightarrow \theta_1 F_2 N_t = \theta_2\,\delta \qquad (8)$$

$$K^0 = F(K_t, \mu_t N_t h_t) - NC \qquad (9)$$

Бар асоси муодилаи (5) дорем:

$$\ln\theta_1 = -\sigma\ln(C_t - 1)$$

$$\frac{d\ln\theta_1}{dt} = -\sigma\frac{d\ln(C_t - 1)}{dt} \qquad (10)$$

$$\frac{d\theta_1}{dt}\circ\frac{1}{\theta_1} = -\sigma\frac{d(C_t - 1)}{dt}\circ\frac{1}{(C_t - 1)} \Rightarrow \frac{\theta_1{}^0}{\theta_1} = -\sigma\frac{(C_t{}^0 - 1)}{(C_t - 1)}$$

Бо ҷойгузории муодилаи (8) дар (7) дорем:

$$\theta_2^0 = \rho\theta_2 - \theta_2\delta\mu - \theta_2\delta(1-\mu) = \rho\theta_2 - \theta_2\delta$$

$$\frac{\theta_2{}^0}{\theta_2} = \rho - \delta \qquad (11)$$

Таодули бо субoти пойдор дар ҷое аст, ки робитаи зер баркарор бошад:

(12)

$$\frac{\theta_1{}^0}{\theta_1} = \frac{\theta_2{}^0}{\theta_2} = \rho - \delta$$

Бо таваҷҷӯҳ ба робитаи (10) ва (12) хоҳем дошт:

$$\frac{(C_t{}^0 - 1)}{(C_t - 1)} = \frac{\delta-\rho}{\sigma} \qquad (13)$$

Яъне дар баландмуддат, ҳазинаҳои масрафӣ модоме, ки ? бошад дар нархи собите рушд мекунад. Дар ин сурат бар асоси муодилаи (6) дорем:

$$\theta_1^0 = \rho\theta_1 - \theta_1 \square_K \Rightarrow \square_K = \rho - \frac{\theta_1{}^0}{\theta_1}$$

Аз муодилаи (12) ҷойгузорӣ мекунем:

$$\mathcal{F}_K = \rho - \rho + \delta = \delta > \rho \qquad (14)$$

Бар асоси робитаи (14), нархи боздеҳи сармоягузорӣ ҳамвора пеш аз омили танзим аст. Дар натиҷа афроди ҳамвора тамоюл ба сармоягузорӣ дар сармояи физикиро доранд. Бинобар ин, тавлиди сарона метавонад бидуни маҳдудият рушд кунад. Ҳамон тавр ки мулоҳиза шуд бар асоси мабонии назарии модел, метавон гуфт, ки ҳузури шохиси сармояи инсонӣ ба сурати миёнгини солҳои омӯзиш сабаб мешавад, то нархи баҳраи таодулӣ ($\mathcal{F}_K$) беш аз омил танзил гардад ва тамоюл ба сармоягузорӣ

дар сармояи физикӣ ва рушди тавлиди сарона ҳамвора имконпазир шавад. Аз ин рӯ, дар баъд корбурдӣ, аз тобеи тавлиди неоклосик бо лиҳози мавҷуди сармояи инсонӣ истифода мекунем:

$$\ln Y_t = \ln A_t + \alpha \ln K_t + \beta \ln(H_t L_t)$$

Муодилаи охир бо равиши ҳадди ақали мурабеоти маъмулӣ қобили баровард аст. Ин муодиларо донишвар барои кишвари комрун дар давраи 1963 – 1996 ва Бадис барои кишвари Гомбиё дар давраи 1964 – 1998 ва дар Эрон Аламӣ (2002) ба кор гирифтаанд.

**Муаррифии мутағайирҳои модел. Тавлиди нохолиси дохили воқеӣ**: арзиши пули тамоми колоҳо ва хадамоти ниҳоии тавлидшуда ба қимати сол поя дар иқтисоди як кишварро дар як давраи молии муайян (1 сол) тавлиди нохолиси дохилии воқеӣ меномем. Дар ин мутолеа, барои ин мутағайир, аз додаҳои бонки марказӣ ба қиматҳои собити соли 1997 истифода шудааст.

Мавҷудии сармояи физикӣ: маҷмӯи колоҳои сармоӣ аст, ки бо як меъёри санҷиши воҳид андозагирӣ мешавад. Ба иборати дигар колоҳои сармоӣ аз қабили корхонаҳо, мошинолот ва ғайра вақте бо як воҳид андозагирии муштарак табдил ва бо ҳам ҷамъ мешаванд, мелоки аз мавҷуди сармояи физикии ҷомеа ба даст медиҳанд. Дар ин мутолеа аз баровconfiguration мавҷудии сармоя ки созмони мудирият ва барномарезӣ ба қиматҳои собити 1997 анҷом дода, истифода шудааст.

**Нерӯи кори шоғил:** Манзур аз нерӯи кори шоғил ҳамаи афроди даҳ сол ба болои шоғил аст, ки бар асоси омори саршумории умумии кишвар шоғил ба шумор меоянд. Додаҳои мавриди истифода бар асоси баровapди созмони мудирият ва барномарезӣ аз шоғилини кишвар дар давраи 1959 – 2003 аст.

**Сармояи инсонӣ**: омӯзиш, таҷриба ва саломат се бӯъди сармояи инсониро ташкил медиҳанд ва ин дар ҳоле аст, ки омӯзиши нақши асосӣ ифо мекунад.

Сармояи инсонӣ ки аз тариқи омӯзиш ҳосил мешавад ба унвони яке аз авомили таъйинкунандаи муҳим бар рушди иқтисодӣ шуморида мешавад. Аз миёни шохисҳои мутааддиде, ки барои сармояи инсонӣ вуҷуд дорад мутавассити солҳои омӯзиш нисбат ба соири шохисҳо аз нуқоти қуввати бештаре бархӯрдор аст. Барои муҳосибаи миёнгини солҳои омӯзиши шоғилон, аз формулаи зер, ки бар асоси равиши сохору пулус ва ориёҷодо аст, истифода мешавад:

миёнгини солҳои омӯзиш = $\sum_j E_j S_j$

Ки дар он $E_j$ теъдоди солҳои омӯзиш ва $S_j$ касре аз ҷамъияти шоғил аст, ки болотарин сатҳи саводи он $E_j$ аст. Дар ин пажӯҳиш аз муҳосибаи илмӣ (2002), ки бар асоси равиши боло сурат гирифта, истифода шудааст. Бар асоси он, солҳои 2000-2003 низ ба рӯз шудааст.

**Бароварди модел ва тафсири натоиҷ**: Қабл аз бароварди модел ибтидо ба баррасии поёии мутағайирҳои мавриди истифода дар пажӯҳиш бо равиши Дикӣ – Фулер таъмин ёфта, пардохта шуд, ки тибқи натоиҷ фарзи нопоёии мутағайирҳо рад шуд. сипас модели мавриди назар баровард гардид, ки натоиҷи ҳосил аз он дар зер ироа шудааст:

$$\log(gdp) = -0.511927 + 0.404704 \log(H.L) + 0.554689 \log(K) + 0.203094 DUM$$

(-1.66) (4.17) (5.19) (5.62)

$$D-W = 2.08 \quad F = 174.18 \quad R^2 = 0.97 \quad \bar{R}^2 = 0.98$$

Тамомии зароиб мутағайирҳои модели маънидор ҳастанд ва аломати зароиб бо мабоҳиси назарӣ ҳамхонӣ доранд, ки тафсири он ба шарҳи зер аст:

- Зариби мутағайири логоритм кулли сол саводи шоғилини -$\ln(H.L)$ мутаввасити соли саводи шоғилини H дар зарб дар теъдоди шоғилин –L мусбат ва муодили 0.4 аст, ки нақши мусбат ва маънодор сармояи инсониро дар моделҳои рушди дарунзо барои иқтисоди Эрон низ таъйид мекунад. Ҳамчунин ин зариб баёнкунандаи он аст, ки як дар сад афзоиши кулли соли саводи шоғилин, рушди иқтисодиро 0.4 афзоиш медиҳад.
- Зариби мутағайири логоритми мавҷудии сармоя $\ln(K)$ мусбати маънодор ва баробари 0.55 аст, ки бар аҳамият ва нақши мавҷудии сармояи физикӣ бар рушди иқтисодӣ сиҳа мегузорад. Бар асоси натиҷаи фавқ 0.1 афзоиш дар мавҷудии сармоя рушди муодили 0.55 % дар иқтисодро муҷиб мешавад.
- Мутағайири $DUM$ як мутағайири маҷозӣ барои таконаи мусбат нафтӣ дар солҳои 1974-1979 аст. Афзоиши шадиди қимати нафт дар ин солҳо ба сармоягузориҳои азим ва зербинои мунҷар шуд ва як таконаи мусбатро ба иқтисоди Эрон ворид кард. Зариби ин мутағайир, ки барои солҳои 1974 – 1979 як ва барои бақияи солҳо сифр дар назар гирифта шуд, мусбат ва баробари 2.0, ки ҳокӣ аз таъсири мусбати он бар рушди иқтисодии кишвар аст.

**Ҷамъбандӣ ва натиҷагирӣ**: Имрӯза ба далели нақши муҳиме, ки омӯзишу парвариш дар рафтори фардӣ ва иҷтимоӣ дорад ва таъсире, ки бар фароянди рушди иқтисодӣ мегузорад сабаб шуда, то шохаи ҷадиде дар илми иқтисод бо унвони иқтисоди омӯзишу парвариш тавсеа ёбад ва ба иллати ниёзҳои рӯзафзуни ҷомеа ба омӯзиш аз пешрафти қобили мулоҳизаӣ бархӯрдор бошад. Ҳамчунин ба далели ҷойгоҳи вижаи сармояи инсонӣ дар таҳқиқоти назарӣ моделҳои рушди дарунзо ва истифода аз сатҳи савод ва омӯзиши шоғилин ба унвони ҷойгузини он дар мутолеоти таҷрубӣ, ҳузури ин мутағайир дар канори соири мутағайирҳо дар тобеи тавлид дорои аҳамият аст. Аз ин рӯ дар ин мутолеа кӯшиш шуда, ки зимни ироаи таҳлили иҷмолӣ аз мутолеоти анҷомшуда, таъсири омӯзиши шоғилин бар рушди иқтисодии Эрон баррасӣ шавад. Натоиҷи ҳосил аз бароварди моделе, ки бар пояи назарияи Лукос дар чорчӯби модели рушди дарунзо сурат гирифта нишон медиҳад, ки кулли саводи шоғилин дар рушди иқтисодии Эрон таъсири мусбат ва маънодор ва қобили таваҷҷӯҳе дорад. Аз ин рӯ шоиста аст, ки дар сиёсатгузориҳои калони иқтисод таваҷҷӯҳи беш аз пеш ба омӯзиши нерӯи инсонӣ сурат гирад. Албатта бояд таваҷҷӯҳ шавад, ки дар ин мутолеа сирфан ба омӯзиши расмӣ таваҷҷӯҳ шудааст дар ҳоле ки дар сиёсатгузорӣ дар дастёбӣ ба омӯзиш, расмӣ ва ғайрирасмӣ метавонад мадди назар қарор гирад.

### АДАБИЁТ


1. Аминӣ Ғуломризо, Ҳоҷи Муҳаммад Нишот. (2005). Бароварди саризамони мавҷудии сармоя дар иқтисоди Эрон». Маҷаллаи Барнома ва буҷа, шумораи 90, с.53-82.
2. Бонки марказии Эрон. (2003). Ҳисобҳои миллии Эрон, 1959 – 2000.
3. Донишкадаи иқтисоди Донишгоҳи аллома Таботабоӣ. (1995), Раҷмае чанд мақои пояӣ дар иқтисоди калон.
4. Сохору Павлус Ҷорҷ. (1985) Омӯзиш барои тавсеа. Таҳлиле аз гузинишҳои сармоягузорӣ. Тарҷумаи Паридухт Ваҳидӣ ва Ҳамид Сухробӣ. Теҳрон, Созмони барнома ва буҷа. Маркази мадорики иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва интишорот, (1995).
5. Созмони мудирият ва барномарезӣ, қонуни буҷаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои мутафовит.
6. Ламӣ Захро (2002), асари сармояи инсонӣ ва ҳазинаҳои давлат дар сармояи инсонӣ бар рушди иқтисодӣ дар Эрон дар чорчӯби моделҳои рушди дарунзо. Рисолаи докторӣ ба роҳнамоии Акбар Камиҷонӣ, Донишкадаи иқтисоди Донишгоҳи Теҳрон.


### ВЛИЯНИЕ ОБУЧЕНИЯ И ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА НА ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ ИРАНА В 1972-2003 ГОДЫ


Сущность человеческого капитала можно определить, только исходя из всех граней этой сложной социально-экономической категории, потому что по сложившейся в экономической теории традиции разграничивают труд и капитал и выделяют в два самостоятельных фактора общественного производства. Важнейшая характеристика нового общества такова: все виды потребления, связанные с развитием личности, становятся средством создания самого производительного ресурса - человеческого капитала. В данной статье автором рассмотрено влияние обучения и человеческого капитала на экономическое развитие Ирана в 1972-2003 годы вопросы обучения и вопросы инвестирования в обучение.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** повышение качества жизни, укрепление экономики, человеческий капитал, развитие экономики, обучение..


### INFLUENCE OF TRAINING AND THE HUMAN CAPITAL ON ECONOMIC DEVELOPMENT OF IRAN IN 1972-2003


It is possible to define essence of the human capital, only proceeding from all sides of this difficult social and economic category because by the tradition which have developed in the economic theory differentiate work and the capital and allocate in two independent factors of a social production. The most important characteristic of new society is as follows: all types of consumption connected with development of the personality, become a tool for the most productive resource - the human capital. In this article the author considered influence of training and the human capital on economic development of Iran in 1972-2003 questions of training and investment questions in training.



**KEY WORDS:** life improvement of quality, economy strengthening, human capital, economy development, training.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Саидвафо Машкот*** – аспирант Таджикского национального университета


## НИЁЗ БА ТАҲЛИЛИ ДИДГОҲҲОИ АНДОЗАГИРИИ САРМОЯИ ФИКРӢ ДАР ҶОМЕАИ ЭРОН


***Қосим Қосимӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дунё дар ҳоли тағйир аст, Ник Бунтис дар ҷаласаи ифтитоҳии мудирияти ҷаҳонӣ дар соли 2000 баён намуд, ки то соли 2010 дониши мудунишудаи башарӣ дар дунё ҳар 11 соат 2 баробар хоҳад шуд, ки сару садои зиёде низ ба по намуд. Вале чизе ки яқинан мавриди назари Н.Бунтис буда, эҳсоси ниёз ба

тағйиротҳои асосӣ будааст. Дар муҳити тиҷории печидаи имрӯза ширкатҳо бояд инъитофпазирӣ, тавсеа, навоварӣ ва равишҳои стратегиро ҷиҳати нил ба аҳдофи созмонашон дар пеш гиранд. Бисёре аз созмонҳо дарёфтанд, иттилооти навин, ки зодаи дониш мебошад нақши муҳиму босазое метавонад дар тавсеа ва шукуфоии онҳо дошта бошад. Аз дидгоҳи мо ҳисобдорон чун баҳси санҷиши дониш ва арзишҳои эҷодшуда барои ширкатҳое, ки ба воситаи он боиси ҳазфи бархе аз рақобо ё сабқат гирифтан аз онҳо шудааст, матраҳ аст. бинобар ин тафовути арзиши сабтшуда (дафтарӣ) ва бозори ширкатҳо мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Ба таври яқин бахши густурдае аз ин тафовут марбут ба дороиҳои номашҳуди ширкатҳо мебошад, ки на андозагирӣ мешавад ва на мудирият, зеро ағлаби он чизе мудирият мешавад, ки ибтидо мавриди санҷиш ва андозагирӣ қарор гирад.

Сармояи фикрӣ намоёнгари маҷмӯае аз дороиҳои номашҳуд аст, ки ба сармояҳои иттилоотӣ низ маъруф ҳастанд. Равишҳои таурии зиёде ҷиҳати санҷиш ва арзёбии сармояи фикрӣ унвон шудааст, ки таҳлил ва баррасии зиёдеро низ металабад. Аз ин ҳайс ду дидгоҳ ҷиҳати санҷиш ва андозагирии сармояи фикрӣ матраҳ аст. Яке дидгоҳе, ки модулҳои пулии андозагирии сармояи фикриро унвон мекунад ва дигарӣ дидгоҳе, ки модулҳои ғайрипулиро мавриди таваҷҷӯҳ қарор додаст. Дар ин мақола саъй шуд зимни баррасии ду дидгоҳи унвоншуда онҳоро мавриди таҳлил низ қарор дод.

**Сармояи фикрӣ (Intellectual Capital).** Сармояи фикрӣ бидуни шак муҳимтарин бахш аз сармояи ширкатро ташкил медиҳад, дороиҳое ҳамчун амвол, мошинолот ва таҷҳизот ва ё соири дороии мутасаввир дар тирозномаҳои сунатӣ, ки ба зоҳир манобеи аслии ширкатҳо дар бозорҳои рақобатӣ маҳсуб мешавад, мутамоиз аз сармояи фикрӣ аст.

Дар даҳаи охир таҳқиқоти густурдае дар хусуси сармояи фикрӣ анҷом шудааст ва соҳибназарони бисёре низ онро таърифу тақсимбандӣ намудаанд, ки дар тамоми ин таориф мавзӯоте чун манобеъи номашҳуд, маълумот, дониш ва маноеи иттилоотӣ ба чашм мехурад. Ба унвони мисол ба эътиқоди Эдвенсон сармояи фикрӣ, доро будани маълумот, таҷрибаҳои корбурдӣ, технологияи созмонӣ, иртибототи муштарӣ ва маҳоратҳои ҳирфаӣ аст, ки боиси эҷоди рақобат мегардад. Вай ҳамчунин ҷиҳати тавсифи арзиши бозори ширкат ду навъ сармоя шомили сармояи молӣ ва сармояи фикриро баён намуд. IC ё сармояи фикрӣ мафҳуми ҷомеӣ аст, ки ағлаб ба чандин табақа тақсим мешавад, мутадовилтарин тақсимбандӣ ба шарҳи зер аст:

а) Сармояи инсонӣ: ба дониши нерӯи кори як муассиса (ширкат) ва зарфияти тавлиди ин дониш ишора дорад. Арзиши коркунон аз тариқи истифода аз маҳоратҳояшон, бакоргирии маълумот ва таҳрики идеаҳою навоварӣ эҷод мешавад. Баҳраварӣ аз дониши коркунон замоне ҳосил мешавад, ки онҳо моил ба харҷи он бошанд. Бинобар ин мудирияти сармояи инсонӣ бояд бо бакоргирии мудирияти дониш ва маълумоти коркунон аз ҷумлаи ташвиқ, иртиқоъ ва муҳити корӣ дар ҷиҳати навоварӣ ва эҷоди ангеза дар нерӯи инсонӣ барои интиқоли доштаҳояшон ба донишу маълумот ошкор талош намояд. Мумкин аст, ба бор нишастани ин сармоя камее замон бар ҳам бошад, ки он ҳам ниёз ба мудирияти қавӣ дорад. Ҳарчанд сармояи инсонӣ поя ва асоси сармояи фикриро ташкил медиҳад, вале ин гуна сармояҳо бо хуруҷи коркунон аз ширкат хориҷ мегардад.

б) Сармояи сохторӣ: Сармояи сохторӣ ба унвони ҳама захоири ғайриинсонии дониш дар созмонҳо пойгоҳи додаҳо, роҳнамои фароияндҳо, стратегияҳо, системаҳои иттилоотӣ, равияҳо, фарҳанги созмонӣ, интишорот ва копирайтҳо аст. Сармояи сохторӣ дарвокеъ зерсохтҳои ҳимоятӣ сармояи инсонӣ лозим ва зарурӣ аст. Ба таври кулли ин сармояҳо маҷмӯаи донише аст, ки дар як созмон ҳатто пас аз хуруҷи афрод созмоне боқӣ мемонад ва ба арзиши созмонҳо меафзояд. Системаҳои иттилоотӣ дар сармояи сохторӣ аз аҳамияти вижаӣ бархӯрдор аст, чун боиси афзоиш дар кориои амалиёти ширкат мегардад.

в) Сармояи иртиботӣ: ки ба сармояи муштарӣ ба далели аҳамияти муштариён дар равобити хориҷӣ низ шуҳрат гирифтааст вале боистӣ таваҷҷӯҳ намуд, ки сармояи иртиботӣтанҳо шомили муштариён намешавад. Сармояи иртиботӣ дар воқеъ робити байни сармояҳои инсонӣ ва сохторӣ бо соири зинафъони хориҷӣ мебошад. Сармояи муштарӣ низ ба унвони бахше аз сармояи сохторӣ шомили доро будани дониши каналҳои бозорёбӣ ҷиҳати ёфтани муштариёни ҷадид ва чигунагии мудирият ин иртибот ҷиҳати ҳифзи муштариёни мавҷуд ба унвони мисол аз тариқи эътимодсозӣ ва вафодорӣ ишора дорад. Барои он ки битавон бо муштариён иртиботи хуб барқарор намуд бояд аъзои як созмон битавонанд бо якдигар ба хубӣ иртибот барқарор намоянд. Ба тавре ки ҳамкорӣ ва корбурди шабакаҳои дохилӣ масъалаи ғайри қобили инкорӣ дар таъолии сармояи иртиботӣ аст. Ба ҳар ҳол ин аҷзои сармояи фикрӣ дорои вобастагии мутақобил ҳастанд. Сармояи фикрӣ аз роҳи таркиб, бакоргирӣ, таомул, якпорчасозӣ ва эҷоди таодул байни ин аҷзо ва низ мудирияти ҷараёни дониш байни онҳо саъй дар расидан ба беҳтарин арзиш барои созмонҳои худро дорад.

**Андозагирӣ ва санҷиши сармояи фикрӣ.** Он чӣ дар хусуси сармояи фикрӣ ҷоизи аҳамият аст ва метавонад аз дидгоҳи ҳисобдорӣ ба он пардохта шавад, мавзӯи андозагирии сармояи фикрӣ мебошад, ки дар ҷомеаи Эрон аз дидгоҳи тахассусӣ камтар ба он таваҷҷӯҳ шудааст.

Ҳисобдорӣ барои ин ки битавонад ин бахши ҷадиди сармояро андозагирӣ намояд ниёз аст, ки усул ва мафоҳими ҷадидеро низ таъриф намояд ва аз ҳисобдории суннатӣ ба самти ҳисобдории навин ва модерн ҳаракат намояд. Комилан возеҳ аст, ки ёфтаҳои ҷадиди башариро наметавон бо обзорҳои қадимӣ андозагирӣ намуд ва дар сурати таҳаққуқи ин мавзӯъ чӣ басо иттилооти касбшуда гумроҳкунанда низ бошад. Албатта, аз ҳирфа интизор намеравад, ки омодагӣ ҷиҳати тағйири умда ва ҷаҳиши 500 соларо ба сурати оне дошта бошанд, вале ниёз аст бо анҷоми таҳқиқоти густурдатар гомҳои нахустинро ҳар чӣ маҳкамтар бардоранд.

Ҷиҳати андозагирии сармояи фикрӣ иддае эътиқод доранд, ки боястӣ мабнои муносиб ҷиҳати санҷиши дониш ҷустуҷӯ кард ва иддаи дигар мӯътақиданд, ки дониш худаш наметавонад андозагирӣ шавад, балки он натоиҷи фаъолиятҳои дониш аст, ки боистӣ андозагирӣ гардад. Пеш аз ҳар андозагирӣ бояд мавориди зерро мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳем:

1. Ҳеҷ равиши воҳиде наметавон ёфт, ки ҳаққи сармояи фикриро ба сурати комил бипардозад, вале бояд модели мавриди баррасии меъёрҳои зерро дошта бошад; сода бошад, ба мавориди муҳим таваҷҷӯҳ намояд, фаъолиятҳои маводи дороии фикриро андозагирӣ намояд.
2. Ҷиҳати ёфтани модели беҳина ниёз ба афроди мутахассис аст, ки зимни он ки дороиҳои номашҳудро мешиносанд, мабнои мантиқӣ ҳам барои андозагирии он фароҳам намоянд. Баид ба назар мерасад, ки дигаронро нисбат ба мавзӯе мутақоид кунем, дар ҳоле ки он мавзӯъ барои худи мо қобили дарк нест.
3. Андозагирӣ бояд мунтаҷ ба афзоиш дар кайфият ва камияти корои ширкат дар бозорҳои рақобатӣ гардад. Андозагирӣ ва мудирияти дониш бояд ҳадди ақал яке аз ин аҳдофро дунбол намояд; афзоиш дар кайфият ва камияти фурӯш, эҷоди муштарии ҷадид ва ҳифзи муштариёни мавҷуд ва ҳамчунин сохторҳои ҳимоятӣ бештару беҳтарро шомил шавад.
4. Андозагирӣ ва санҷиш набояд танҳо дар мавриди он чӣ бошад, ки дар гузашта иттифоқ афтодааст, балки боястӣ зимни таваҷҷӯҳ ба гузашта ба оянда низ тамаркуз дошта бошад, имрӯза чӣ басо ёфтани иттилооти отӣ беҳтар ва корбурдитар низ бошад.

Ниёз ба санҷиш ва андозагирии сармояи фикрӣ

Ҳамон тавре ки бар асоси таҳқиқоти анҷомшуда ва озмун чанд модел хотирнишон мекунад афзоиш ё коҳиш (тағйирот) сармояи фикрӣ ба сурати фароянде бар амалкарди молии ширкатҳо асар хоҳад гузошт. Бинобар ин бештари ширкатҳо ин эҳсоси ниёзро ҷиҳати арзёбии муносиби сармояи фикрӣ дар худ хоҳанд намуд, то битавонанд зимни дар ихтиёр доштани иттилооти муфид ва қобили итако, амалкарди молии ширкати худро таъйин ва андозагирӣ намоянд. Таваҷҷӯҳ ба сармояи фикрӣ ба унвони фурсате ҷиҳати эҷод ва густариши таҷоруби ҷадиду халлоқ истифода мешавад, ки нишонаҳое аз мавқеиятҳои тиҷорӣ ва шуғлииояндаро нишон медиҳад. Аз муқоисаи Ай Би Эм бо Майкрософт метавон барои исботи ин гуфта истифода намуд. Ай Би Эм фурӯшандаи бузург ва Майкрософт ширкате бо арзиши болотар аз он аст. Ба тавре ки то ноябри 1996 кулли арзиши бозори Ай Би Эм муодили 7/70 миллион доллар ва арзиши бозори Майкрософт 5/58 миллион доллар буд. Ин дар ҳоле аст, ки холис дороиҳои сабтшуда (дафтарӣ) Ай Би Эм 6/16 миллион доллар, вале холис дороиҳои сабтшудаи Майкрософт танҳо 930 миллион доллар будааст. Ҳамон тавре, ки мушоҳида мешавад, арзиши сабтшудаи Ай Би Эм беш аз 17 баробари ширкати Майкрософт аст, вале арзиши бозори ширкати Майкрасофт аз он бештар аст. Бояд далели ин тафовут ва далели он ки бисёре аз ширкатҳо дар даҳаи ахир варшикаст шудаанд ва аз бозорҳои рақобатӣ канор гузошташударо ҷустуҷӯ намуд.

<u>Рӯйкардҳои андозагирии сармояи фикрӣ.</u> Бар асоси тақсимбандиҳои анҷомшуда ҷиҳати андозагирии сармояи фикрӣ 4 рӯйкарди ба шарҳи зер барои он вуҷуд дорад:

1. Равиши мустақими сармояи фикрӣ (Direct Intellectual Capital-DIC): Дар ин равиш, ки ҷузънигар аст, аносири ташкилдиҳандаи сармояи фикрӣ шиносоӣ шуда ва андозагирӣ мегардад. Дар ин равиш миқдори пулии дороиҳои фикрӣ ба василаи шиносоии аҷзои ташкилдиҳандаи он қобили муҳосиба хоҳад буд, ки ниҳоят таркиби ақломи пулӣ ба даст омада арзиши кулли сармояи фикриро нишон медиҳад. Ин аҷзо ба унвони мисол метавонанд системаҳои иттилоотии мавриди истифода (сохторӣ), омӯзишҳои зимни хидмат (инсонӣ) ва вафодории муштариён (иртиботӣ) бошад. Бархе аз моделҳои мавриди истифода мутобиқи ин равиш шомили: технологияи барукар, арзишгузории ҷомеъ, ҷустуҷӯгари арзиш, арзишгузории дороиҳои фикрӣ, арзиши навоварии кул ва ҳисобдорӣ барои оянда мебошад.
2. Равиши сармоягузории бозор (Market Capitalization Methods-MCM) : Равише аст, ки дар он ихтилоф байни арзиши бозор ва арзиши дафтарӣ ширкат дар қолаби ақломи пулӣ ба унвони сармояи фикрӣ гузориш мешавад. Равиши куллинигар аст, ва коре ба аҷзо надораду аз мазоёи ин равиш умуман содагӣ дар муҳосибаи сармояи фикрӣ тавассути маделҳои пешниҳоди он мебошад.
3. Равиши нархи баздеҳи дороиҳо (Return On Assets-ROA): Дар ин равиш, ки куллинигар аст дороиҳои номашҳуд ва арқоми рушди молии солонаи ширкат бо миёнагини шохиси саньат муқоиса

мешавад. Миёнгини болои даромаде барои бароварди арзиши дороиҳои номашҳуд истифода мешавад. Дар ин равиш суди холис қабл аз каср молиётро бар дороиҳои машҳуди ширкат тақсим намуда, нисбат (дар сад) бадастомадаро бо шохиси санъат муқоиса менамоем. Дар сурате, ки баробар бошанд, ҳеҷ гуна сармояи фикрӣ мутасаввир нест, вале чунончи ки ихтилоф ба даст ояд боистӣ сармояи фикрӣ муҳосиба гардад, мутаассифона ба манфӣ шудани ин ихтилоф таваҷҷӯҳе намешавад, ки он худ ҷойи тааммул дорад ба тавре ки оё сохтори созмонӣ, нерӯи инсонӣ, равобити даруни созмонӣ ва берунии созмонӣ ниёз ба чӣ тағйироте доранд?

Ба ҳар ҳол ихтилофи мусбати бадастовардаро дар дороиҳои машҳуди ширкат зарб менамоем, то боздеҳи дороиҳои номашҳуд ба даст ояд. Ба василаи тақсими адади бадастомада бар махориҷи сармояи ширкат тахмине аз сармояи фикрӣ ҳосил хоҳад шуд. Бархе аз моделҳои мавриди истифода мутобиқи ин равиш шомили; арзиши афзудаи иқтисодӣ, ҳисобдорӣ ва ҳазинаёбии манобеи инсонӣ, арзишгузории сармояи инсонӣ, арзиши номашҳуди муҳосибашуда, даромади сармояи донишӣ, зариби арзиши афзудаи фикрӣ ва ҳисобдорӣ манобеи инсонӣ мебошад.

4. Равиши кортҳои имтиёзӣ: ин равиш низ, ки ҷузъ нигар аст, аз тариқи шиносоии аҷзои мухталифи сармояи фикрӣ барои онҳо шохисҳои таърифшудаи дар корти имтиёзӣ гузориш мешавад ва ё дар намудорҳое нишон дода мешаванд. Шеваи корти имтиёзӣ шабеҳ ба равиши мустақими амал мекунад бо ин тафовут, ки дар ин равиш меъёрҳои пулии сармояи фикрӣ мавриди санҷиш қарор намегиранд. Дар ин равиш шохисҳои бадастомада дар қолаби намудорҳо ва ҷадовил гузориш мегарданд. Бархе аз моделҳои мавриди истифода мутобиқи ин равиш шомили: ҳуши сармояи инсонӣ, роҳбар ё ҳидояткунандаи искандиё, шохиси сармояи фикрӣ, намоишгари дороиҳои номашҳуд ва намоишгари занҷираи арзиш мебошад.

**Моделҳои санҷиш ва андозагирии сармояи фикрӣ.** Моделҳои бисёр зиёди имрӯза барои санҷиш ва андозагирии сармояи фикре вуҷуд дорад, ки ба бархе аз ин маделҳо дар ин мақола мепардозем. Ҳамон тавре ки гуфта шуд, ду дидгоҳи пулӣ ва ғайрипулӣ ҷиҳати санҷиш ва андозагирии сармояи фикрӣ вуҷуд дорад. Ба тавре ки умуман равишҳои DIC, MCM ва ROA ба ҷанбаҳои пулӣ ва молии сармояи фикрӣ мепардозанд ва равиши SC ба сармояи фикрӣ аз дидгоҳи ғайрипулӣ ва молӣ ишора дорад.

а) дидгоҳи пули андозагирии сармояи фикрӣ: Бар асоси ин дидгоҳ боистӣ дороиҳои фикрӣ низ ба монанди соири дороиҳо ба тавре андозагирӣ шавад, ки қобилияти гузориш дар матни барномаро дошта бошад. Тарафдорони ин дидгоҳ муътақиданд, ки замони як дороии маънодор ва қобилияти мудирият аст, ки ба сурати каме битавон онро андозагирӣ ва ба гунаи мантиқӣ дар тирозномаи ҳар давра гузориш намуд. Да сурате, ки мабнои андозагирии пулӣ барои ин бахш аз дороиҳо ва сармоя вуҷуд надошта бошад, иттилооти бадастомада наметавонад қобилияти муқоиса дошта бошад, лизо иттилооти муфид ва қобили итакоӣ низ нахоҳанд буд. Бархе аз ин маделҳо ба шарҳи зер мебошанд:

1. Технологияи Брокер (Technology Broker): Тавассути Брокинг соли 1996 ироа шуд. Ин модел ба арзёбии арзиши сармояи фикрии як ширкат аз тариқи таҷзия ва таҳлили 20 пурсиши мутадовиле, ки тавассути худи ширкат посух дода шудааст, мепардозад. Дар он сармояи фикрӣ шомили 4 ҷузъ: дороиҳои бозор (монанди маркҳои тиҷорӣ), дороиҳои инсон маҳур (маҳоратҳо ва тахассусҳо), дороиҳои фикрӣ (ҳаққи ихтироъ ва ҳаққи таълиф) ва дороиҳои зерсохтӣ (системаҳои иттилоотӣ ва молӣ) аст.

Дар ин равиш арзиши пулии сармояи фикрӣ бар асоси меъёрҳои зери қобили муҳосиба аст: меъёрҳои мубтанӣ бар ҳазина, меъёрҳои мубтанӣ бар даромад ва меъёри мубтанӣ бар бозор, ки дар меъёри мубтанӣ бар ҳазина, ҳазинаҳои ҷо ба ҷойи дар меъёри мубтанӣ бар даромад ба қудрат ва тавоноии тавлиди даромад ва дар меъёри мубтани бар бозор ба арзиши таъйиншудаи беруни созмонӣ мепардозад.

2. Равиши арзишгузории ҷомеъ (Inclusive Valuation Methodology-IVM): тавассути Мак Фарсун соли 1998 ироа шуд. Ин модел аз тариқи истифодаи муназзаму системанок аз шохисҳои вазнӣ таркибшуда, ҷиҳати андозагирии сармояи фикрӣ баҳра мебарад. Дар ин равиш 3 даста арзиши шомил: арзиши аслӣ (дарунӣ), ки нишондиҳандаи асарбахши даруни созмонӣ аст, арзиши фаръӣ (хориҷӣ), ки тавассути нархи асарбахши амалкарди созмон арзёбӣ мешаваду арзиши иброзе, ки нишондиҳандаи нуфуз дар муҳитҳои рақобатӣ аст, мавриди баррасӣ қарор мегирад.

3. Ҷустуҷӯгари арзиш (The Value Explorer): тавассути Андерсон ва Тайсон соли 2000 ироа шуд. Дар ин модел бароварди ҳо ва тахсисҳои арзиш барои 5 навъ аз дороиҳои номашҳуди шомил: дороиҳо ва имтиёзот, коройӣ ва техникҳои донишӣ, ҳинҷорҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ, технологияю дониши ошкор ва ҳамчунин фарояндҳои аслӣ ва мудириятӣ мебошад.

4. Арзишгузории дороиҳои фикрӣ (Intellectual Asset Valuation): тавассути Соливон соли 2000 ироа шуд. Ин мадел бар асоси пешбинӣ аз даромадҳои тавлидшуда дар оянда тавассути дороиҳои

номашҳуд мебошад. Дар ин равиши холис ҷараёнҳои нақдӣ яъне ҷараёнҳои нақдии вурудӣ ба касри ҷараёнҳои нақди хуруҷӣ дар тайи як давраро барои маҳсул пешбинӣ менамоем.

5. Ҳисобдорӣ барои оянда (Accounting For The Future-AFTF): тавассути Нош соли 1998 ироа шуд. Системае аст, ки дар он коҳиш дар ҷараёнҳои нақдии барномарезишуда мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ин модел дарвоқеъ ихтилофи мобайни ҳисобдорӣ барои оянда дар поён ва ибтидои давраи мутлақ бо он чӣ барномарезӣ шудааст бо ҳам муқоиса мешавад, ки ин ихтилофи бавуҷудомадаро ба унвони арзиш афзуда дар тайи давраи мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки нишондиҳандаи сармояи фикрӣ аст.

6. Нисбати q Тубин (Tobins q): тавассути Ҷеймз Тубин барандаи ҷоизаи Нобели иқтисод соли 1996 ироа шуд. Бархе аст, ки дар он арзиши бозори ширкат бар баҳои ҷойгузинии дороиҳои ширкат тақсим мешавад. тағйирот дар q давра ба унвони як нишона аз санҷиши корӣ ё адами корoии муассир барои дороиҳои номашҳуди як ширкат аст. Ин модел шабоҳате ба равиши арзиши бозор ба дафтаре дорад бо ин тафовут, ки дар ин равиш коҳиши арзиши дороиҳо (албатта, дар ҷомеаи Эрон афзоиши арзиш дар дороиҳо) ва равияҳои истиҳлокии гуногун ба кор гирифта шуда дар ширкатҳои мухталиф низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта ва таъсири худашро бар андозаи сармояи фикрӣ хоҳад гузошт.

7. Арзиши бозор ба дафтарӣ (Market To Book Value): тавассути Истворт соли 1997 ироа шуд. Яке аз соддатарин моделҳое аст, ки барои андозагирии сармояи фикрӣ ба кор гирифта шуд. Дар он тафовут байни арзиши бозори ширкат бо арзиши сабтшуда (дафтарӣ) он ба унвони сармояи фикрӣ таллақӣ гардид. Дар айни содагӣ маойибе ҳам барои он баршумурда шуд, ки аз ҷумла метавон ба нодида гирифтани соири мутағайирҳои иқтисодӣ, ки таъсиргузор бар арзиши бозори ширкат аст ва равияҳои гуногуни ҳисобдорӣ, ки дар ширкатҳо ва кишварҳои мухталиф истифода мешаванду таъсиргузор бар арзиши дафтари ширкат аст, ишора намуд. Аз тарафе арзиши бозори саҳҳом доиман дар ҳоли тағйир аст. Бинобар ин арзиши муҳосибашуда ҷиҳати сармояи фикрӣ наметавонад пойдор бошад. Суоле, ки матраҳ аст ин аст, ки чӣ тавр мумкин аст арзиши дороиҳои номашҳуд бо як муомила ва ё тағйир дар бозор ба содагӣ тағйир намояд? Бархе аз ин маойиб дар нисбати тубин бартараф шудааст.

8. Арзиши афзудаи иқтисодӣ (Economic Value Added-EVA): Тавассути Истворт соли 1998 ироа шуд. Арзиши афзудаи иқтисодӣ як андозагирии амалкарди ҷомеъ аст, ки аз мутағайирҳои буҷаи банди сармояӣ, гузоришоти молӣ, андозагирии амалкард, саҳҳомдор, иртиботот ва подоши муҳаррик истифода мекунаду бар афзоиши сарвати саҳҳомдорон тамаркуз дорад. Арзиши афзудаи иқтисодӣ ҳосил мешавад, замоне ки аз суди холиси ҳазинаҳои амалиётӣ, молиёт ва ҳазинаҳои сармояро каср гардад. Дар амал замоне арзиши афзудаи иқтисодӣ афзоиш меёбад, ки мутавассити ҳазинаи сармоя камтар аз боздеҳи холиси дороиҳо бошад.

9. Ҳисобдорӣ ва ҳазинаёбии манобеи инсонӣ (Human Resource Costing And Accounting-HRCA): Тавассути Ҷавҳонсон соли 1996 ироа шуд. Ин модел аз тариқи баррасии ҳазинаҳои пинҳони манобеи инсонӣ, ки таъсиргузор бар суди ширкат ҳастанду коҳиши ин ҳазинаҳо саъй дар афзоиши сармояи фикрӣ дорад. Тавре ки дар ин модел сармояи фикрӣ ба василаи бароварди мизони мушорикати дороиҳои инсонӣ тақсим бар ҳазинаи ҳуқуқ пардохтшуда қобили муҳосиба аст.

10. Ҳисобдории манобеи инсонӣ (Human Resource Accounting-HRA): тавассути Исмит (Смит) соли 1964 ироа шуд. Дар ин мадел ҳазфи андозагирии камии манобеи инсонӣ дар ширкат аст. Дар гузашта таҳқиқоти густурдае дар хусуси манобеи инсонӣ ва роҳи корҳои андозагирии он унвон шудааст, вале ҳарчанд ки сармояи инсонӣ бахши қобили инкорӣ аз сармояи фикриро ташкил медиҳад, аммо кулли онро ташкил намедиҳад. Пас ин модел чун танҳо ба сармояи инсонӣ мепардозад ва соири маворид аз ҷумлаи муштариён ва сохтори созмонӣ нодида мегирад, наметавонад мабнои дақиқе барои андозагирии сармояи фикрӣ бошад. Ин модел қабл аз матраҳ шудани сармояи фикрӣ ва бидуни дар назар гирифтани соири мутағайирҳо унвон шудааст. Агар ба унвони як бахш аз сармояи фикрӣ ба он нигариста шаваду дигар бахшҳо низ ба тариқи дигари андозагирӣ ва маҷмӯъ ба даст омада ба унвони сармояи фикрӣ талаққӣ гардад, басо мумкин аст, иттилооти дақиқтаре низ ҳосил гардад.

б) Дидгоҳи ғайрипулии андозагии сармояи фикрӣ:

Тарафдорони ин равиш, ки бештар низ ба назар мерасанд, эътиқод ба андозагирии ғайрипулии сармояи фикрӣ доранд. Зеро мӯътақиданд, ки ҳеҷ модели пулӣ наметавон ёфт, ки тамоми меъёрҳои сармояи фикриро ба гунаи муносиб мунъакис намояд, бинобар ин агар аз моделҳои пулӣ истифода гардад, мумкин аст, иттилооти нодурусте дар ихтиёри мо қарор диҳад. Онҳо мӯътақиданд, ки тирозномаи тасвири як лаҳза аз замони ширкатро нишон медиҳад, ки умуман низ марбут ба гузашта аст. Пас наметавонад абзори мутағайир ва қобили иттикоиро барои амалкарди отии ширкат фароҳам овард. Моделҳои ғайрипулӣ тасвири ҷомеътаре аз сармояи фикрӣ ироа медиҳанд. Онҳо андозагирӣ ва гузоришгари сармояи фикриро дар қолаби абзори мукаммали суратҳои молӣ тирозномаи ширкат пешниҳод мекунанд, то битавонад иттилооти муфидтар ва итакотареро барои истифодакунандагон фароҳам оварад. Бархе аз ин моделҳо ба шарҳи зер мебошанд:

1. Ҳуши сармояи инсонӣ (Human Capital Intellignce): тавассути Ҷек Фитз Анз соли 1994 ироа шуд. Маҷмӯае аз шохисҳои сармояи фикрии гирдоваришударо аз тариқи як пойгоҳ дода, улгӯбардорӣ намуд. (Ҳаммонанди равиши ҳисобдорӣ ва ҳазинаёбии манобеи инсонӣ) Ҷек Фитз мӯътақид аст замоне, ки ҳазинаи нерӯи инсонӣ беш аз 40 дар сади ҳазинаҳои созмонро ташкил медиҳад, андозагирии сармояи инсониро зарурӣ месозад. Вай мудаӣ аст, ки вазоифи бахши нерӯи инсонӣ дар як созмон боистӣ фаротар аз мавориде назири ҷазб, омӯзиш ва ҷуброни хидмат бошад, балки бояд ба унвони як шарики стратегӣ дар мавзӯоти асосӣ ва зербиноӣ мушорикат намояд.

2. Роҳбар ё ҳидояткунандаи Искондиё (Skandia Navigator): Тавассути Эденсон ва Молун соли 1997 ироа шуд. Искандиё як ширкати хадамоти бимаӣ дар суид буд, ки ба унвони аввалин ширкат аз ин модел истифода намуду зимни он ки дороиҳои донишии худро андозагирӣ намуд. Онҳоро дар қолаби замимае ба гузориши ҳисобдории суннатӣ афзуд. Дар модели Искандиё илова бар 73 меъёри санҷиши стандарт, 91 меъёри санҷиши фикрӣ барои андозагирӣ дар 5 ҳавза; молӣ, муштарӣ, фарояндӣ, навсозӣ (тавсеа) ва инсонӣ истифода шуд.

Эдвенсон ва Молун дар тарҳи арзиши Искандиё, сармояи фикриро дар ду ҷузъи шомил: сармояи инсонӣ ва сармояи сохторӣ ироа карданд. Дар ин улгӯ сармояи инсонӣ ба маҳорат, халоққият, тавоноии фардӣ, фалсафа, фарҳанг ва эътибори созмонӣ ишора кард ва сармояи сохторӣ низ ба сахтафзор, нармафзор, пойгоҳҳои иттилоотӣ, сохтори созмонӣ, ҳаққи сабтҳо, ихтироъҳо, маркаҳои тиҷоратӣ ва ... ишора дорад.

3. Шохисҳои сармояи фикрӣ (Ic-Index): тавассути Дрогунтӣ ва Эдвенсон соли 1997 ироа шуд. Онҳо саъй дар яке кардани андозаҳо дар қолаби як шохиси воҳид доштанд, ин модел, ки тавсеаёфтаи модели Искандиё аст, иртиботи мустақиме бо тағйироти бозор дорад. Шохиси сармояи фикрӣ бар хилофи соири моделҳо, ки саъй дар арзёбии бахшҳои ҷудогонаи сармояи фикрӣ доранд, қасд дорад бахшҳои мухталифро яке намояд. Тағйирот дар ин шохиси тобеӣ аз тағйир дар арзиши бозори ширкат аст. Ин шохис амалкарди гузаштаро мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳад ва бисёрмафҳумиву тахассусӣ аст шояд ҳамин ба унвони як эрод матраҳ гардад, ки камтар мавриди истифода ва таваҷҷӯҳ қарор гирад.

4. Намоигари дороиҳои номашҳуд (Intangible Asset Monitor): тавассути Суиби соли 1997 ироа шуд. 3 навъ дороии номашҳудро, ки ба эътиқоди Суиби ҳосили ихтилоф байни арзиши дафтарӣ ва бозори ширкат бувад таъриф намуд, ки шомили сохтори хориҷӣ (марки тиҷорӣ, иртиботои муштарӣ ва таъминкунанда), сохтори дохилӣ (мудирият, қонун, низоммандӣ, равияҳо ва нармафзорҳо) ва шоистагиҳои фардӣ (таҷриба, таҳсилот, шоистагиҳо ва лаёқатҳо) мебошад. Бар асоси ёфтаҳои вай 4 санҷаи аслии таркибкунандаи дороиҳои номашҳуд: рушд, навоварӣ, короӣ ва пойдорӣ мебошад. Ин модел тамаркузи аслиаш рӯи сармояи инсонӣ аст ва бақия маворид аз ҷумлаи иртибототу сохтори созмониро зермаҷмӯаҳои сармояи фикрӣ медонад ва мӯътақид аст, ки соири ҷанбаҳо дар фаъолиятҳои инсонӣ мустамир аст.

5. Корти имтиёзии мутавозун (Balanced Scorecard): тавассути Коплон ва Нортон соли 1992 ироа шуд. Андозагирии короӣ ва амалкарди ширкатро аз дидгоҳи молӣ ва ғайримолӣ ва бо назар гирифтани 4 омили аслии шомили баъдимолӣ, баъдимуштарӣ, баъди сохтори дохилӣ ва баъди ёдгирӣ мавриди баррасӣ қарор дод. 4 баъдиунвоншуда дар сурате, ки мавриди таваҷҷӯҳ қарор гиранд метавонанд боиси афзоиши короии ширкат шаванд. Ба тавре ки баъдиҳои унвоншуда ба тартиби мазоёи молӣ, мазоёи марбут ба муштарӣ, мудирияти занҷираи арзиш ва ҳидояту тавсеаи инсонӣ барои ширкат эҷод хоҳанд намуд. Ҳарчанд ки Коплон ва Нортон замоне, ки ин моделро ироа намуданд, баҳсе дар мавриди сармояи фикрӣ матраҳ накарданд. Вале мушоҳида мешавад, ки ба хубӣ дар ин модел ба авомили сармояи фикрӣ ишора шудааст.

Барои андозагирии сармояи фикрӣ моделҳои мухталифе дар қолаби чаҳор рӯйкард ва ду дидгоҳ вуҷуд дорад. Ҳар як аз ин дидгоҳҳо, ки ба андозагирии пулӣ ва ғайрипулии сармояи фикрӣ мепардозанд, дорои маойиб ва мазоӣ ҳастанд. Бисёр возеҳ аст, ҳатто ҳамон ҳисобдории сунатӣ, ки қарнҳо мавриди истифода қарор гирифта ҳамвора бо костиҳои рӯ ба рӯ буда, ки ба мурури замон дар ҷиҳати рафъи он талош шудааст. Бинобар ин имрӯза бояд ба сармояи фикрӣ ба унвони аслитарин бахш аз сармояи ширкат, ки бар андоза ва амалкарди он таъсири мутсақим дорад таваҷҷӯҳи хос дар ҳирфаи ҳисобдорӣ гардад. Аъзои ҳирфа бояд талош намояд, ки ба як иттифоқи назари куллӣ дар ин замина даст ёбанд. Кам-кам бояд аз ҳисобдории сунатӣ ба сӯи ҳисобдории модерн ҳаракат намуд. Дар ҳисобдорӣ, ки ? ва сармояи инсониро ба унвони ҳазина гузориш менамояд ва дам аз муштари мадоре мезанад, вале барои он арзише қоил нест бояд убур кард ва ба ҷулӯ ҳаракат намуд, ки ин низ як талоши дастаҷамъиро металабад.

Оё як сармоягузор пулашро дар як тиҷорат, ки дороиҳои молиашро ҳифз намекунад, сармоягузорӣ мекунад? Ҷавоби ин суол комилан равшан аст. Бинобар ин интизор меравад, ки аҳолии ҳирфа дар ин ҷиҳат талоши дучандоне дошта бошанд, зеро пас аз муддати кӯтоҳе сармоягузорон дар

асри ҳозир аз онҳо дар хусуси андозагирӣ ва мудирияти дороиҳои номашҳуд ва сармояи фикрӣ суол хоҳанд намуд.

Ба ҳар ҳол дидгоҳҳои унвоншуда ниёз ба тафаккури бештаре доранд. Равишҳои пулӣ чун сармояи фикриро бо арзишҳои пулӣ унвон менамоянд, боис мешавад то ҳамвора дар ҷиҳати ҳифз ва афзоиши гузоришшуда талош гардад. Аз тарафи дигар имкони муқоисаро байни ширкатҳои мухталиф фароҳам месозад ва аз он ҷо ки бар асоси қавоиди ҳисобдорӣ таҳия шудаанд, мавриди таваҷҷӯҳи бештари мудирон низ мебошанд. Дар сурате, ки битавон як модели дақиқ ва на мутлақ пулиро барои андозагирии сармояи фикрӣ ёфт ба эътиқод банда метавонад аз моделҳои ғайрипулии мусаммар тамаркуз бошад. Дар мавриди маойиби ин моделҳо метавон гуфт, ки аз он ҷое, ки дар ин маделҳо, саъй дар баёни масоил муртабит бо сармояи фикрӣ дар қолаби мафоҳими пулӣ вуҷуд дорад ба тангноҳоии мавҷуд дар табйини сармояи фикрӣ дар қолаби мафоҳими пуртаваҷҷӯҳ намешавад ва бинобар ин натоиҷи ҳосила ағлаб сатҳӣ хоҳанд буд. Аз сӯи дигар ин моделҳо танҳо дар сутуҳи калони созмонӣ қобилияти санҷиш доранд ва барои мудирият дар сутуҳи поёнтар қобилияти корбурди чандоне нахоҳанд дошт. Ҳамчунин, бисёре аз ин моделҳо ба хусуси моделҳои мубтанӣ бар сармояи бозор, барои созмонҳои ғайриинтифоӣ ва бахшҳои дохилии созмонҳо корбурдӣ нахоҳад дошт.

Равишҳои ғайрипулӣ низ, ки тарафдорони бештаре доранд. Дар ҳоли ҳозир тасвири комилтаре аз созмонро ироа медиҳанду сатҳинигар намебошанд. Ин равишҳо қобилияти инро доранд, ки ба осонӣ ба сутуҳи мухталифи созмон тасрӣ ёбанд, метавонанд бо диққати бештаре натоиҷи вақоеъро андозагирӣ ё гузориш намоянд. Ин моделҳо ба назар мерасад, ки тахассуси молии камтареро низ металабад. Аз он ҷое, ки дар ин моделҳо эҳтиёҷе ба санҷиши масоили молӣ нест, дар созмонҳои ғайриинтифоӣ ва созмонҳои давлатӣ ва ҳамчунин барои аҳдофи иҷтимоию муҳитӣ бисёр корбурдитар ба назар мерасанд. Маойиби ин моделҳо нуҳуфта дар ин мавзӯъ аст, ки андозагириҳо дар ин равиш ба шиддат вобаста ба қароин буда ва боистӣ мутобиқи мушаххасоти ҳар созмон, барои он созмон тароҳӣ гарданд. Аз ин рӯ дар мавоқее, ки андозагирон алоқа ба муқоисаи ду ё чанд созмонро доранд, мушкилоте буруз менамояд. Аз сӯи дигар, аз он ҷое, ки ин моделҳо ба таври умумӣ ҷадид ҳастанд, ба роҳати тавассути мудирони муҳофизакор пазируфта намешаванд. Чунки ин мудирон одат доранд ҳамаи масоилро аз даричаи мафоҳими молӣ холис мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳанд. Ин моделҳо низ доманаи васее аз додаҳоро тавлид мекунанд, ки ба таври табии таҷзия ва таҳлили ин ҳаҷм аз додаҳо ва эҷоди иртибот миёни онҳо, бахше аз душвориҳои муртабит бо ин моделҳо ба ҳисоб меояд.

Ҷӯё тайи тадқиқоти густурдае, ки анҷом дод ба ин натиҷа расид, ки як масири тӯлонии тоқатфарсо бояд паймуд, то битавон ба як модели беҳина ҷиҳати андозагирии сармояи фикрӣ расид. Таҳқиқоти вай нишон дод, ки фақидони сармоягузорӣ дар тавсеаи муассир ва коромади фарояндҳои дохилӣ ба иловаи адами таваҷҷӯҳ ба сармояи инсонӣ ва афроди дигари созмонӣ аз ҷумлаи муштариён, таҳиякунандагон ва бонкҳо мунтаҳо ба ин ҳақиқат мешавад, ки натиҷаи сармояи фикрӣ ба хатар афтад. Ба ҳар ҳол бояд талош намуд, ки битавон ба гунае муносиб сармояи фикриро андозагирӣ намуд. Мумкин аст, ҳатто бакоргирии тавоми равишҳои пулӣ ва ғайрипулӣ битавонад коромадтар бошад. Ба тавре ки он бахш аз сармояи фикриро ки метавон бо меъёрҳои пулӣ санҷид аз ин меъёрҳо истифода намуд. Ба унвони мисол моделе, ки дар он сармояи инсонӣ ва сохториро ба сурати пулӣ ва сармояи муштариро ба сурати ғайрипулӣ гузориш намояд ва ё ҳар ҳолати дигаре, ки тасаввур ҳамон тавре ки гуфта шуд ҳеҷ равиши воҳиде наметавонад андозагирии мутлақе аз сармояи фикрӣ дошта бошад. Бояд дунболи маделе гашт, ки дар шароити ҳозир муносибтарин бошад як модели идеал дар сурате, ки дар шароити худаш истифода нашавад, метавонад натоиҷи акс диҳад. Дар поён бояд унвон намоем, дар сурате ба дороиҳои номашҳуд ва сармояи фикрӣ беш аз пеш таваҷҷӯҳ хоҳад шуд, ки барои он илзомоти қонунӣ ва ҳирфаӣ вуҷуд дошта бошад. Умед аст, дар ҷомеаи Эрон, ки бахши аъзаме аз сармояи ширкатҳо ба сурати мустақим ё ғайри мустақим давлатӣ ва умумӣ ҳастанд ба фикри таҳаввули асосӣ дар заминаи шиносоӣ ва андозагирии сармояи фикрӣ биафтанд.

Заминаҳои андозагирӣ ва мудирияти сармояи фикрӣ дар ҷомеаи Эрон таваҷҷӯҳи вижаеро аз ҷониби ниҳодҳои ҳирфаӣ, донишгоҳиён ва қонунгузорон металабад. Сармояи фикрии он бахш аз дороиҳои ширкат шомил мешавад, ки боиси эҷоди арзиш барои ширкат мегардад ва дар бисёре аз мавоқеъ арзишашон бештар аз соири дороиҳои ширкат аст. Тақсимбандиҳои мухталифе барои сармояи фикрӣ баён шудааст, ки ба назар мерасад тақсимбандӣ таҳти унвони сармояҳои инсонӣ, сохторӣ ва иртиботи ҷомеияти бештаре барои сармояи фикрӣ дошта бошад. Дар ин мақола дидгоҳи пулӣ ва ғайрипулии андозагирии сармояи фикрӣ ва ҳамчунин 4 рӯйкард барои он шомил: равиши мустақим, сармоягузории бозор, нархи бозидаи дохилӣ ва корти имтиёзӣ баён гардид. Модулҳои ироашуда дар равишҳои мустақим, сармоягузории бозор, нархи бозидаи дохилӣ, умуман арзиши пулӣ, сармояи фикриро мавриди андозагирӣ қарор медиҳад ва равиши корти имтиёзӣ арзишҳои пулиро андозагирӣ менамоянд. Саъй шудааст, ки ба бархе аз модулҳои ироашуда ба сурати иҷмолӣ пардохта шавад.

Чандин бор дар ин мақола ба мавзӯи ҳимати мазоиф ва талоши дастачамъӣ ҷиҳати расидан ба модули беҳина барои андозагирии сармояи фикрӣ ишора шудааст ва ин дар ҳоле аст, ки дар ҷомеаи Эрон мавзӯи сармояи фикрӣ ба унвони ҳалқаи гумшудае гузоришоти молӣ машҳуд аст, бинобар ин бояд аҳолии ҳирфаӣ ба сурати тахассусӣ ба санҷиши сармояи фикрӣ бипардозанд то зимни ҷилавгирӣ барои аз байн рафтани сармояҳои созмонӣ, монеа аз беэътимодии ҷомеа нисбат ба худ низ гиранд.

### АДАБИЁТ


1. Andriessen D. Weightless Wealth. Four Modifications to Standard Intellectual Capital Theory. Paper presented at the 4th World Congress on the Management of Intellectual Capital.Hamilton, Ontario, Canada. 2001.
2. Brooking A. Intellectual Capital – Core Asset for the Third Millennium Enterprises, International Thomson Business Press, London. 1996.
3. Edvisson L. and Malone M.S. Intellectual Capital. Realizing your company's true value by finding its hidden brainpower. Harper Collins Publishers, Inc. 1997.
4. Kaplan R., Y Norton D. The Balanced Scorecard - Measures That Drive Performance. 1992.
5. Malone D., Fries C. and Jones T. An empirical investigation of the extent of corporate financial disclosure in the oil and gas industry, Journal of Accounting, Auditing and Finance,8, 3, pp. 249 – 273, 1993.
6. Smith C.W. and Watts R.L. The structure of executive compensation contracts and the control of management, Mimeo, University of Rochester. 1993.
7. Sveiby K.E. The New Organizational Wealth: Managing and Measuring Knowledge Based Assets (San Francisco, CA: Berret Koehler). 1997.
8. Thomson Business Press, London presented at the 4th World Congress on the Management of Intellectual Capital.


### НЕОБХОДИМОСТЬ АНАЛИЗА ТОЧЕК ЗРЕНИЯ ОБ ИЗМЕРЕНИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО КАПИТАЛА В ИРАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ


Данная статья посвящена изучению и анализу различных точек зрения об измерении интеллектуального капитала в иранском обществе, который составляет основу капитала компаний.. Также приведены модели проверки и измерения интеллектуального капитала.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** интеллектуальный капитал, измерение интеллектуального капитала, человеческий капитал, компании.


### NEED OF THE ANALYSIS OF THE POINTS OF VIEW ABOUT MEASUREMENT OF THE INTELLECTUAL CAPITAL IN THE IRANIAN SOCIETY


**Department of Accounting,Sabzevar branch,Islamic Azad University,Sabzevar,Iran and junior P.h.d. National university Tajikistan**



This article is devoted to studying and the analysis of the various points of view about measurement of the intellectual capital in the Iranian society which makes a basis of the capital of the companies. Models of check and measurement of the intellectual capital are also given.



**KEY WORDS:** intellectual capital, measurement of the intellectual capital, human capital, companies.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Косим Косими*** – соискатель Таджикского национального университета


## МОҲИЯТ, ЗАМИНА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ РУШДИ ҶАҲОНГАРДӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


***Алӣ Рустамиён***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Сайёҳӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ҳоло зиёда аз 650 млн. нафар одамон ҳар сол ба мақсадҳои сайру сайёҳат ба мамлакатҳои хориҷӣ сафар менамоянд. Сайёҳии байналмилалӣ на танҳо як шакли маъмули истироҳат, балки он ба як соҳаи махсуси пешрафтаи фаъолияти иқтисодии ҷаҳон мубаддал гардидааст.

Ба ҳисоби миёна 65%-и ҳамаи сайру саёҳати байналмилалӣ ба қитъаи Аврупо, қариб 20% Америка ва қариб 15 % ба боқимонда минтақаҳои дигари дунё рост меояд. Мувофиқи маълумотҳои ташкилоти омории созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС) соли 1990 шумораи сайёҳон дар тамоми олам ба 454,9 млн. нафар расид, аз ҷумла ба қитъаи Осиё-62 млн. нафар ё худ 13,7%, Америкаи шимолӣ-84,1 млн. нафар ё худ 18,9 %, Америкаи ҷанубӣ 8,6 млн. нафар ё худ 1,9 %, Африка 17,7 млн. нафар ё худ 3,9 %, Аврупо 276,8 млн. нафар ё худ 61,0 %, Уқёнус бошад 5,2 млн. нафар ё худ 1,1% рост меояд.

Дар асоси рақамҳои пешниҳоднамудаи СУС соли 1993 ба соҳаи сайёҳӣ 10,1%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳон ва 10,5%-и ҷойҳои корӣ рост меояд.

Мувофиқи нишондодҳои расмӣ дар ҷаҳон шумораи мамлакатҳои дорои хадамоти сайёҳии махсусгардонидашуда ба 15 адад расидааст, ки маблағҳои аз ин ҳисоб бадастомада, аз даромади

фаъолияти содиротиашон якчанд маротиба зиёдтар аст. Ба ин гурӯҳи мамлакатҳо – Барбадос, Ҷазираҳои Сейшел ва мамлакатҳои дигар дохил мебошанд.

Дар 45 мамлакати ҷаҳон даромади маблағҳои аз ҳисоби сайёҳӣ воридшуда нисбат ба ҳаҷми содироти онҳо аз 25% зиёдтар мебошад. Дар қатори ин мамлакатҳо қариб 3/1 ҳиссаи мамолики рӯ ба инкишоф бо иқтисодиёти сусттараққикарда (ба истиснои Австрия, Испания, Португалия ва мамлакатҳои дигар) шомиланд.

Таносуби даромаду хароҷоти мамлакатҳо ва минтақаҳои алоҳидаи олам аз ҳисоби сайёҳии байналмилалӣ аз ҳам фарқ менамояд. Фаъолияти сайёҳии байналмилалии як қатор мамлакатҳо - Испания, Фаронса, Австрия ва Италия дорои бақияи мусбат мебошанд. Мамлакатҳои дигар - Ҷопон ва Олмон бошад тавозуни сайёҳии байналмилалиашонро бо бақияи манфӣ ҷамъбаст карданд.

Дар кишварҳои дар ҳоли рушд теъдоди зиёди мардум зодгоҳи худро тарк мекунанд ва аз ҷойҳои маҳдуди шаҳрҳои хурду рустоҳо ба шаҳрҳои пешрафта кӯч баста барои худ шуғли саноатӣ ҷустуҷӯ мекунанд. Тавсеаи арзишҳо - шеваҳои зиндагии комилан наверо ба вуҷуд меоварад. Ҷаҳон дар ҳоли тағйирёбӣ ва пешравист. Бахшҳои навин дар ҳоли пешрафт ва бахшҳои суннатӣ бошад дар ҳоли тағйири сохтор мебошанд. Сохтмон ва иморатсозӣ - омӯзиши беҳдошт - фаъолияти иқтисодӣ беҳбуд меёбад - сатҳи таваллуд кам мешавад, занон пешрафт мекунанд ва дар зарбоҳанги тунду тез бо рушди рӯзафзун рӯ ба боло ҳаракат мекунанд, зеро ҷомеа дар ҳоли тағйирот аст.

Туризм ё худ ҷаҳонгардӣ яке аз соҳаҳои нав аст, ки чеҳраи иқисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии оламро зеботар кардааст. Дар бештари кишварҳо ҷаҳонгардӣ фақат бахше аз тавсеа аст. Дар минтақаҳои истироҳатии зебо бо табиати чашмгир ва фарҳанги ғанӣ, туризм ё ин ки сайёҳӣ метавонад сабаби асосии тағйири он минтақа гардад. Сайёҳӣ мисли модари меҳрубон покизагии муҳит эҷод мекунад ва муқтадирона кор эҷод мекунад ва даромадҳоро афзоиш медиҳад.

Дар ҷаҳони пешрафта тағйироти фарҳангӣ ҷараёни кунд ба шумор меравад - дар ҷаҳони дар ҳоли пешрафт аксар давраи шитобон аз навгароӣ вуҷуд дорад, ки тағйироти нисбатан тезро сабаб шудааст. Як кишвар яқинан қодир аст, тавсеаи фарҳангиро тақвият ва таҳким бубахшад - метавонад ҳунармандонро ба эҷоди осори ҳунарӣ ташвиқ кунад ва шароите фароҳам оварад, ки таҳти он шароит ҳунарҳои кишвар рушд кунанд, аммо қодир нест мавҷи тағйироти фарҳангии байналмила-лиро, ки ба шиддат ҷаҳонро таҳти таъсир қарор медиҳад, боз дорад.

Туризм ба таври мустақим зиндагии мардумеро, ки дар минтақаҳои сайёҳӣ зиндагӣ мекунанд, таҳти таъсир қарор медиҳад, бинобар ин оё ҷойи он нест, ки дар раванди пуршитоби ҷаҳонӣ имрӯз кишвари Эронро, ки як водии зебои сарсабзи мӯъҷизаомез ва пур аз манзараҳои табиию ҳунарист, аз лиҳози саноати ҷаҳонгардӣ баррасӣ кунем? Оё метавон дар баробари ҷаҳони пуршитоб истод ва ҳаракат накард ва аз табодули ин фарҳанги ғанию беназир бо ҷаҳониён ва ҳадяи он ба касоне, ки дӯстдори зебоию асолати миллианд, худдорӣ кард? Пажӯҳиши ҳозир бо таваҷҷӯҳ ба ин ки оё тақвияти мудирияти саноати ҷаҳонгардӣ ва сайру сайёҳат ба омӯзиши пешрафтаи идораи ҷаҳонгардӣ, чӣ дар сатҳи давлатӣ ва чӣ дар сатҳи миллӣ метавонад дар табодули ҳарчи бештар ва беҳтари фарҳанги ғании Эрони бофарҳанг дар ҷазби кишварҳои ҷаҳон муваффақият ба даст оварда ва баъд иқтисоду иҷтимои кишварамонро қавитару пойдортар созад, ба баррасии мавзӯи ҷаҳонгардӣ дар сатҳи давлатӣ, дар сатҳи миллӣ ва низ назари коршиносон ва баррасии саноати туризм дар ҷаҳон ва дастовардҳои иқтисодии он ва зарурияти пажӯҳиши коршиносон ва мудирони донишҷӯ дар саноати ҷаҳонгардӣ мепардозад.

Хадамоти сайёҳӣ ҳамчун як ҷузъиёти муҳими хизматрасонии аҳолӣ он аз тавсифоти махсуси иҷтимоию беҳдоштӣ иборат буда, тадбирҳои зеринро аз қабили истироҳату фароғати хуб, имконияти ташаккулёбии шахсият, дарки арзишҳою ормонҳои фарҳангию таърихӣ, шуғли варзиш, ширкат дар чорабиниҳои оммавию маданӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Бинобар ҳамин, хадамоти сайёҳӣ омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, умумибашарӣ ва тарбиявиро ба якдигар тавъам менамояд.

Хадамоти асосии сайёҳӣ тавассути шартнома оид ба хизматрасонии сайёҳӣ ва пешкаш намудани роҳхатҳо ба низом дароварда мешавад. Ба ин гурӯҳи хадамотҳо бештар ҷойгиркунӣ, истеъмоли таом, хизматрасонии нақлиёт, дар якҷоягӣ бо хадамотҳои трансфертӣ, тарҳрезикунии хатти сайру сайёҳат ба мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва ғайра дохил мешавад.

Таҳқиқи ҳозира ба баррасии саноати ҷаҳонгардӣ ва монеаю мушкилоти он ва аз сӯйи имкониятҳои нодири ҷаҳонгардӣ нисбат ба бисёре аз нуқоти дигари ҷаҳон дар Эрон мепардозад. Аз он ҷо, ки саноати ҷаҳонгардӣ ҳам аз сӯйи мудирияти давлатӣ ва ҳам аз сӯйи бахши хусусӣ идора мешавад, ҳамвора дар сиёсатҳои давлат низ мавриди тағйир қарор мегирифтааст. Бинобар ин, барои рӯшан будани раванди таҳқиқ ва имкони дастрасии манобеи муфиди даҳсолаи охирро баррасӣ мекунем ва мизони пешрафт ё пасрафти онро нисбат ба солҳои гузашта муқоиса мекунем. Назарияи таҳқиқоти мазкур заъфи идораи ҷаҳонгардии Эрон буда, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии онро дар худ таҷассум менамояд.

**1.2. Нақш ва мавқеи ҷаҳонгардӣ дар иқтисоди миллии Эрон.** Бино ба далелҳои зиёди иқтисодию фарҳангӣ, саноати сайёҳии ҷаҳонӣ бар алайҳи майлу хоҳиши мо бар дӯши кишварҳои ғарбӣ ба мисли Олмон, дар дараҷаи аввал. Амрико дар дараҷаи дуюм ва сипас Британияи Кабир дар мақоми сеюм қарор мегирад.

Дар байни даҳ кишвари пешрафтаи ҷаҳон, ки аз рӯйи ҳаҷми даромадҳо аз ҳисоби ҷаҳонгардӣ (туризм) мавқеи устувор доранд, Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қатори онҳо шомил нест (нигаред ба ҷадвали 1.1).

Ҷадвали 1.1. Андозаи даромадҳои ҷаҳонгардӣ дар даҳ кишвари пешрафтаи ҷаҳон

| Р/т | Кишварҳо | Андозаи даромадҳо, миллиард доллар |
|---|---|---|
| 1 | ИМА | 74,2 |
| 2 | Италия | 30,4 |
| 3 | Франсия | 29,7 |
| 4 | Испания | 29,6 |
| 5 | Британияи Кабир | 21,3 |
| 6 | Олмон | 16,8 |
| 7 | Чин | 12,5 |
| 8 | Австрия | 12,2 |
| 9 | Канада | 9,1 |
| 10 | Австралия | 8,6 |
| 11 | Эрон | 1,8 |

*Манбаъ: аз рӯйи нишондиҳандаҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо дар ибтидои соли 1999*

Тибқи гузориши Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, пас аз кишварҳои Олмон, Амрико ва Британияи Кабир, ки ба тартиб бештари теъдоди сайёҳонро ба мақсадҳои сайру сайёҳати ҷаҳон мефиристанд, Фаронса ва Италия низ болотарин дараҷаро дар ин замина ба худ ихтисос додаанд.

Мувофиқи ҳамин гузориш саҳми кишварҳои дар боло зикршуда соли 2004 дар бозори ҷаҳонии сайру сайёҳат мутаносибан 11,2% -10,4 – 8,9 – 4,5 ва 3,2 %-ро ташкил дода буд. Бинобар ин рӯшан аст, ки тибқи ҳамин баррасиҳо, ки тавассути мутахассисони сайёҳӣ ва бар пояи оморҳои мавҷуда сурат гирифта равнақи ҷаҳонгардӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҳамчунон бар пояи сафари шаҳрвандон ва сармояи кишварҳои ғарбӣ устувор аст. Ба ин маъно, ки дигар кишварҳо барои ҷалби ҷаҳонгардон ва даромади ҳосилшуда аз он, ҳамчунон бояд дар пайи ҷалби сайёҳии ғарбӣ бошанд ва дар ниҳоят равнақи саноати ҷаҳонгардӣ дар Эрон роҳи дигаре ба ҷуз таъмини ниёзҳоро надорад.

Мутолиоти анҷомшуда тавассути Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ мизони фиристодани сайёҳон ба хориҷ аз кишварҳои мабдаъро таи 3 соли пайдарпай аз 2001 то 2004 баррасӣ кардааст. Аммо, аз ин миён дар рақамҳои навишташуда марбут ба соли 2004 саҳми саронаи ҳар олмонӣ, дар ин замина ҳудуди 861 доллари амрикоӣ ва саҳми саронаи ҳар амрикоӣ 224 доллар ва саҳми саронаи сайёҳи фиристодашуда аз Британияи Кабир 938 доллар будааст.

Саҳми саронаи кишварҳои Фаронса ва Италия низ мувофиқан ҳудуди 300 - 474 ва 354 долларро дар бар гирифтааст. Тибқи ҳамин гузориш мизони сармояе, ки дар бахши сайёҳии ҷаҳонӣ аз ҷониби ин кишварҳо сармоягузорӣ шудааст, ба ҳисоби миёна 47,5 миллиард доллар баробар аст.

Дар ин ҷадвал ҳеҷ яке аз кишварҳои мусулмон ҷойгоҳе надоштаанд, ба ин маъно, ки ин кишварҳо дар ҷазби сайёҳии хориҷӣ ва даромади он бояд ба эҷоди ҷозиба ва таъмини ниёзҳо ва стандартҳои сайёҳии шаҳрвандони 5 кишвари ғарбӣ давом диҳанд. Ин дар ҳолест, ки бархе мақомот ва масъулон гоҳ дар баррасии масъалаҳо ва монеаҳои ҷалби ҷаҳонгардон ба Эрон ва пешрафти ин саноат дар кишвар бар алайҳи эъломи сиёсатҳои рушди сайёҳӣ ва тамоюл ба касби даромадҳои миллии ҳосилшуда аз он изҳор мекунанд, ки Эрон ба ҷалби сайёҳони ғарбӣ эҳтиёҷ надорад. Масъулон аз ҷумла, Муҳаммадҷаводи Ориёманиш, узви комиссияи фарҳангии Маҷлис (дар барномаи мустақими Шабакаи 2-и телевизион дар 4 даймоҳи соли 1386) ҷазби садҳо ҷаҳонгардони шиъаро ба маконҳои зиёратии кишвар ба унвони ҷойгузин матраҳ кард. Дар ҳоле, ки сайёҳони шиъа ва ҳатто мусулмон асосан, ба кишварҳое тааллуқ доранд, ки чӣ аз назари фарҳангӣ ва чӣ аз назари молию иқтисодӣ даромади кофӣ надоранд. Ҷолиб аст, ки кишвари Чин низ, ки ба унвони кишвари осиёӣ дар ин ҷадвал сабт шуда ва бар хилофи 6 кишвари таҳти ҷадвал қарордошта - камтарин саҳми саронаро дар бахши ҷаҳонгардии хориҷӣ доштааст. Ба ин маъно, ки бо ҳадди ақали саҳми сарона, яъне 15 доллар бештарин сайёҳонро ба мақсадҳои гуногуни ҷаҳонгардии ҷаҳон фиристода ва 3,0% ҳаҷми бозори сайёҳии ҷаҳон саҳм доштааст. Давлати Чин асосан, сиёсати ҷазби ҷаҳонгард дорад. Бо таваҷҷӯҳ ба шароити иқтисодию фарҳангии ин кишвар табиист, ки бар хилофи кишварҳои ғарбӣ дар заминаи фиристодани сайёҳон ба кишварҳои дигар ҳозир ба пардохтани ҳеҷ маблағе нест. Кишвари Ҳиндустон сеюмин кишвари ғайриғарбӣ дар ин феҳрист ҷойгузин аст, ки дар поинтарин мартабаи ин ҷадвал

қарор гирифтааст ва дар воқеъ 25-умин кишваре ба шумор меравад, ки фақат бо 5%-и саҳми сарона дар фиристодани ҷаҳонгардони осиёӣ- пас аз Ҷопон ва Чин бештарин теъдоди шаҳрвандони худро ба кишварҳои гуногун фиристодааст.

Дар ин феҳрист илова бар Ҷопон, Чин ва Ҳиндустон кишварҳои Ҳонконг (Чин), Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва Тайван дигар кишварҳои ғайриғарбӣ ва ғайримусулмон ҳастанд, ки дар ин замина саҳм доштаанд, ки асосан дар радифҳои поёнии 25 кишвар сабт шуда, дар ин ҷадвал қарор гирифтаанд. Бинобар ин, равнақи туризм дар Эрон бе ҷалби ҷаҳонгардии ғарбӣ шиоре беш нест ва дар беҳтарин ҳолат чизе зиёдтар аз як орзу нест.

Шояд чунин сиёсатҳо барои равнақи ҷаҳонгардии Эрон лозим ба маблағе бошад, ки аз назари бархе масъулон ва сиёсатмадорони кишвар сарфакорона нест. Дар ин сурат матраҳ кардани шиори густариши ҷаҳонгардӣ дар ниҳоят танҳо ба маънии густариши сайёҳии дохилӣ буда ва равшан аст, ки он комилан аҳамияти омӯзишӣ дошта ва даромади иқтисодӣ надорад ва бештар интиқоли даромади миллӣ аз як киса ба кисаи дигар мебошад.

Дар воқеъ, сайёҳии дохилӣ на танҳо ба даромади миллӣ таъсири мусбат расонида метавонад, балки бо хароҷоти зиёди энержӣ, мусофиркашонӣ, фарсудашавии таҷҳизоту мошинолот ва ҳифзи муҳити зист зиёни зиёд ба буҷаи мамлакат ворид менамояд.

Нуктаи нигаронкунанда дар ин замина он аст, ки ҳатто ҳамон мизони сайру сайёҳатӣ, ки солона аз Эрон ба кишварҳои мусулмон, мисли Сурия, Туркия ва Арабистону Ироқ меравад, аз ин кишварҳои на чандон сарватманди мусулмон ба Эрон ҷазб намешаванд. Бинобар ин, саволе пеш меояд, ки дар ивази шумораи зиёди гардишгар солона Эрон ҳадди ақал аз ҳамин кишварҳои мусулмон чӣ қадар гардишгар ба Эрон меоянд ва илова бар ин танҳо воруди гардишгар ба кишвар кофӣ нест. Балки ворид шудани гардишгаре дорои аҳамият аст, ки бо вазъи молии муносиб тавон ва алоқаи лозим барои хариду пардохти маблағҳои лозим ҳангоми истиқомат дар Эронро дошта бошад. Дар ҳоле ки ҷаҳонгардони ками ин кишварҳо ё ҳатто кишварҳои ғайриарабӣ, мисли Чину Ҳиндустон асосан, ба далелҳои фарҳангӣ ва фақри иқтисодӣ ҳадди ками маблағҳоро бо истифода аз хизматрасонии арзон нархи гардишгарӣ дар Эрон пардохт мекунанд ё аз имтиёзҳои хадамоти ҷаҳонгардӣ истифода мекунанд.

Дар ҳоле ки дар муқобил солона 4 баробари мизони ҳамон ҷаҳонгардоне, ки ба Эрон меояд ва аз Эрон хориҷ мешавад, ки асосан, ба кишварҳои Сурия, Туркия, Арабистон ва солҳои охир ба Ироқ рафта, миқдори зиёди фоидаи ҳосилшудаи ҷаҳонгардиро насиби мақсадҳои сайёҳӣ ва даромади миллии ин кишварҳо мекунанд.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои омори расмии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, дар таснифоти қабулшуда, туризм ба соҳаи хизматрасонӣ марбут мебошад. Дар сохтори ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии иҷрогардида, ҳиссаи Ҷумҳурии Исломии Эрон мавқеи ночизро дар бар мегирад (нигаред ба ҷадвали 1.2).

Ҷадвали 1.2. Вазни қиёсии хадамоти сайёҳӣ дар ҳаҷми умумии хадамоти пулакии аҳолии ҶИЭ

| Солҳо | Вазни қиёсии хадамоти сайёҳӣ дар ҳаҷми умумии хадамоти пулакии аҳолӣ, % |
|---|---|
| 1993 | 2,0 |
| 1994 | 1,5 |
| 1995 | 1,3 |
| 1996 | 1,3 |
| 1997 | 2,1 |
| 1998 | 1,9 |
| 1999 | 1,8 |
| 2000 | 1,8 |
| 2005 | 1,7 |
| 2009 | 1,0 |

**1.3. Вазъ ва роҳҳои рушди ҷаҳонгардӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон.** Таҳлилгарон дар бораи ҷаҳонгардӣ ва идораи он дар Эрон таҳқиқотҳое анҷом додаанд ва сармоягузорӣ барои нерӯи мутахассисро як қадами боарзиш бар ҷиҳати раҳоӣ шудан аз маҳдудиятҳою монеаҳо ҳисоб кардаанд.

Донишманде дар бораи ба кор гирифтани нерӯҳои таҳсилкардаи риштаи ҷаҳонгардӣ дар Созмони мероси фарҳангӣ ва сайёҳӣ бар ин назар аст, ки ин Созмон ба тахассуси нерӯҳои ин риштаро надорад, чун афроде, ки дар он ҷо кор мекунанд, худ ғайримутахассисанд ва ихтисоси ин риштаро надоранд. Бинобар ин, ба ҷазби мутахассис моил нестанд.

Исмоили Қодирӣ як тан мутахассиси соҳаи ҷаҳонгардӣ баён кардааст, ки омӯзиш дар давраҳои ҷаҳонгардӣ аз соли 1375 (1996 мелодӣ) дар Эрон сар шудааст, ки дар 2 бахши марказҳои саноати ҷаҳонгардӣ вобаста ба созмони эронгардӣ ва ҷаҳонгардӣ зери назари Донишгоҳи ҷомеи илмии

корбурдӣ дар давраи коршиносии меҳмонхонадорӣ ва хизматҳои сайёҳатӣ ва дар Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ дар давраи коршиносии донишҷӯён қабул карда мешаванд, сар шудааст. Пас аз он раванди омӯзиш идома доштааст ва муассисаҳои дигар ҳам ба ин кор изофа шудаанд, аммо дар миёни Донишгоҳҳои давлатӣ - Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ танҳо донишгоҳест, ки дорои давраи таҳсили коршиносии риштаи идораи ҷаҳонгардӣ буд ва ҳудуди 200 донишҷӯ онро хатм кардаанд.

Аммо мутаассифона, далели бовариноке ба ин мавзӯъ нашуда, ки ин мутахассисон оё ба кор таъмин шудаанд ё не?

Дар донишгоҳҳои Эрон раванди ҷазби донишҷӯ бе ин ки бозори меҳнат чӣ гуна аст, анҷом дода мешавад. Бахше аз омӯзишҳои ҷаҳонгардии донишгоҳӣ, ки дар давраи коршиносии аршад - коршиносӣ ё худ кордонӣ анҷом мешавад, давраҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ, мисли давраҳои роҳандозии тур, идораи фаннӣ, дафтарҳои хизматрасонӣ ба мусофирон, меҳмонхонадорӣ ва шеваҳои омӯзишӣ маҳсуб меёбанд.

Аммо чун сарфаслҳои дарсӣ, ниёзи бозор ва ихтисосҳо мавриди таваҷҷӯҳ қарор нагирифтаанд, боис шуд, ки хатмкардагон дониши кофӣ надошта бошанд ҳам, вале ҳамоно ба кор гирифтани онҳо метавонист таҷрибаи онҳоро густариш дода, дониши назариявии онҳоро зиёд кунад.

Ба ақидаи коршиносон омӯзиши ҷаҳонгардӣ дар Эрон мушкилоти зиёд дорад. Дарсҳое, ки дар Донишгоҳи Аллома Таботабоӣ ба донишҷӯён дода мешаванд, умумианд ва бо бунёдҳои омӯзиши ҷаҳонгардӣ дар дунёи имрӯза мутобиқат надоранд. Бинобар ин, аксари донишҷӯёне, ки моил ба идома додани таҳсил дар ин ришта ҳастанд, ба кишварҳои дигар ҷазб мешаванд.

Бинобар ин, аз назари коршиносон ва устодон донишгоҳҳо дар Эрон ниёзманди як низоми муназзами омӯзишии қавӣ ҳастанд, ки битавонад бо пажӯҳиши нерӯи ихтисосӣ асоси кори Созмони Мероси фарҳангӣ ва ҷаҳонгардиро дигаргун кунад ва барои ҷалби сайёҳон қадами ҷиддӣ гузошта ва бо ин васила дар роҳи баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ дар табодулоти фарҳангӣ саҳми калон гузоранд.

### АДАБИЁТ


1. Мудирияти туризм /Рочер Досвил /тарҷумаи доктор Саид Муҳаммад Аъробӣ ва Довуд Эзидӣ.
2. Роҳнамои Эронгардӣ /Ҳасани Зиндадил /нашри Эронгардон.
3. Мудирияти стратегӣ дар андешаи назарияпардозон/доктор Ҳусайни Раҳмонсиришт.
4. Мушорикат ва мудирияти мушорикатҷӯ/доктор Муҳаммад Алии Тусӣ.
5. Системаи иттилотии мудирият /Бобаки Козимӣ.
6. Старегияҳои миллии рушд (бо нигоҳе ба таҷрибаи Англия).
7. Усули мудирият/Муҳаммад Алии Тусӣ /Фарҳанг.
8. Мақолаҳо дар бораи мудирият /Гурӯҳе аз устодон/1370,чопи аввал.
9. Мушорикат (дар мудирият ва моликият) Муҳаммад Алии Тусӣ,1372, чопи аввал.
10. Мудирияти стратегия.
11. Вавилов Е.В., Бородулина Л.П. Международная торговля: Учебное пособие/Е.В. Вавилов, Л.П. Бородулина. -М.: Гардарики, 2006. Боби 10.


## СУЩНОСТЬ, ПРЕДПОСЫЛКИ И ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ИНДУСТРИИ ТУРИЗМА В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД


Туризм является частью культуры и служит для расширения кругозора людей и сохранения культурных ценностей. В век технологии, коммуникации и глобализации только туризм может служит связующим звеном между культурой различных народностей и сохранять эту культуру. В статье автором рассматривается сущность, предпосылки и экономические особенности развития индустрии туризма в современный период



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** туризм, развитие туризма, исторические памятники, культурные различия, индустрия туризма в современный период.


## ESSENCE, PRECONDITIONS AND ECONOMIC FEATURES OF DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY OF TOURISM DURING THE MODERN PERIOD


Tourism is a part of culture and serves for expansion of an outlook of people and preservation of cultural values. In a century of technology, communication and globalization only tourism can serves as a link between culture of various nationalities and to keep this culture. In article the author considers essence, preconditions and economic features of development of the industry of tourism during the modern period



**KEY WORDS:** tourism, tourism development, historical monuments, cultural distinctions, the tourism industry during the modern period.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Рустамиён*** - соискатель Таджикского национального университета

# БАРРАСИИ НАҚШИ ИТТИЛООТ ДАР БАРНОМАРЕЗИИ СТРАТЕГӢ ДАР СОЗМОН

***Ҷамшеди Каёнифар***
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазифаи ҳар созмоне дар як ҷомеаи мутаҳаввил эҷоди назм аст, ки дар ин росто омили асосии мавриди ниёз барои назм бахшидан ба ҳар системае иттилооти дақиқ ва ба мавқеъ мебошад. Дар саросари таърих ҳам давлатҳо ва ҳам созмонҳо ба касби иттилоот ба манзури эҷоди тағйир ва ҳамчунин шинохти сохтори аввалияи муносиб барои ҷомеа ва созмон алоқа нишон додаанд.

Мутмаинан агар ҳадафҳои дигаре даркор набошад ҳарду ташкилоти васеъро барои ҷамъоварии иттилоот ба манзури давом бахшидан ба назми умур ниёз доранд.

Аммо ба таври куллӣ иттилоот дар гузашта арзиши ночизе дошта, дар тасмимгириҳо камтар ба кор мерафтааст. Дар ҳоле ки баъд аз омили инсонӣ итилоот муҳимтарин манбаи мудир маҳсуб мегардад.

Имрӯз аҳамияти рӯзафзуни улуми вобаста ба иттилоот ончунон боло рафтааст, ки огоҳонро ба ин бовар расондааст, ки ҳамон гуна ки дар солҳои 1940 «тавлид» муҳимтарин шохисаи иҷтимоёти ғарбии фунуни бозорёбӣ мушаххасаи умда ва таъйинкунандаи замон ба шумор мерафт ва хоҳад буд ва дар даҳаи солҳои 50-ум ва 60-ум маҳоратҳои иқтисодиву молӣ меҳвари таҳаввулот ба ҳисоб мерафт, дар даҳаи солҳои 70-ум заминаҳои бисёр мутааддид ва мутанавеъ, ки дар пешравии башар қарор дошта, «дониши иттилоот» ва нақшу таъсири он шохисаи мумтоз, фаъолиятҳои тарозӣ аввали ҷомеаи башарӣ будааст.

Имрӯз иттилоот барои имтиёзоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил гардидааст. Густариш ва доманаи гардиши иттилоот ва саҳми муассири он дар тасмимгириҳо ва пешрафтҳои иҷтимоӣ муҷиби таҳаввулоти бунёдӣ дар ҷомеа гардидааст, ки ин ҳамон инқилоби сиёсии иттилоот аст.

Иттилоот ба ҳамон андоза ки дар тасмимгириҳо ва барномарезиҳо нақши муҳиме дорад, мӯҷиби боло рафтани огоҳиҳо, биниши фардӣ, тағйири рафтор дар иҷтимоиёт низ гардидааст ва ин ҳамон инқилобӣ фарҳангии иттилоот аст.

Инфиҷори иттилоот ҷомеаро маҷбур кардааст, ки гардиши иттилоотро бо истифода аз технологияи навин маҳор кунанд ва ин ҳамон инқилоби санъатии иттилоот ё инқилоб барои иттилоот аст. Инттилоот як манбаи ҳаёт барои пешрафти илмӣ ва иқтисодӣ дар ҳар кишваре маҳсуб мешавад.

Ба ибораи дигар, иттилоот нерӯи аслии ҳаракат ва шаклдиҳандаи мардум, иҷтимоиёт ва кишварҳост ва ҷомеае, ки ба иттилоот ниёз надорад, намехоҳад ҳаракат кунад.

Имрӯз қудрати иттилоот дарвоқеъ иттикое бар он ба унвони як манбаи поённопазир бо қудрати дар ихтиёр доштани маводи аввалия ва энержӣ баробар аст. Густариш ва фузунии ҳаҷми иттилоот дар асри муосир бисёр бештар аз он чизе аст, ки мутахассисон аз он ба унвони «инфиҷори инқилоб» «ҷаҳони иттилоот» ва ё «асри иттилоот» ёд мекунанд.

Дар ҷаҳони имрӯз падидаи вопасмондагии беш аз он ки иқтисодӣ бошад, иттилоотӣ аст. Зеро ҳамон тавр ки инқилоби санъатӣ бо табдили мода ба энергия ҷаҳонро дигаргун кард, инқилоби санъатӣ низ энергияро бо умқи бештаре дигаргун мекунад.

Имрӯз бар хилофи гузашта, тавсеа бояд дар мағзҳо иттифоқ бияфтад, то ҷомеа ва тамоми қишри зиндагии башар тавсеа ёбад. Мағзи башар тавсеа намеёбад, магар бо омӯзиш интиқоли иттилоот.

Бо бакоргирии низомҳои иттилоотии нав низоми тасмимгирӣ ақлонитар мешавад ва метавонад бо суръати бештаре тасмимгирӣ кунад. Зеро мудирият қабл аз ҳар чиз як низоми тасмимгирӣ аст ва барои тасмимгирии дуруст мудир бояд ихтилооти заруриро дар ихтиёр дошта бошад.

Бо таваҷҷӯҳ ба суръати рушди технология ва густариши васеи он бидуни марокази иттилоотӣ тасмимгирӣ барои мудирон душвор аст. Барои истифодаи саҳеҳ аз иттилоот ва иттихози тасмимҳои ақлони вуҷуди системаи иттилоотии мудирият аз зарурият аст.

Ин система бояд ба гунае тарроҳӣ шавад, ки иттилооти саҳеҳро дар ихтиёри мудирон қарор диҳад ва ё истифода аз бозхӯрди иттилоот масири ҳаракати созмонро тасҳеҳ кунад. Самарабахшии ин система мусталзами он аст, ки мудирон нисбат ба масоили дарунӣ ва муҳити созмон ҳассос бошанд ва бамавқеъ ба-он аксуламал нишон диҳанд.

Додаҳо воқеиятҳо, андешаҳо мафоҳиме ҳастанд, ки бо шакле ҷамъонварӣ ва захира шудаанд. Додаҳо худашон маънии зиёдеро намерасонанд ё гироиши хосеро баён намекунанд, додаҳо иборатанд аз воқеиятҳои шаклнаёфта, ки сохтори қобили эътимод надоранд ва хом ҳастанд.

Иттилоот натиҷаи пардозиш, иртибот додан, ё хулоса кардани додаҳои хом барои падид овардани дониш ва огоҳист. Иттилоот, яъне ахборе, ки шакл дода бишаванд ва бо назми хосе ба сурати меваи расида, нарму пуроб бишавад ва шаклу қолаби аслии худро бозёбад.

Вижагиҳои иттилоот. Иттилооти судманд бар 3 сутун: дақиқ будан, бамавқеъ будан ва зирабт будан устувор аст. Ин 3 сутун муҳимтарин вижагиҳои иттилоот ба шумор меравaнд.

Маънии дақиқ будан аз як баробари 2 фаротар меравад. Дақиқ будан, яъне ҳеҷ гуна иштибоҳ ё хатое дар иттилоот роҳ надорад. Манзур аз дақиқ будани иттилоот ин аст, ки иттилоот равшан бошад ва дақиқан маънии додаҳоеро, ки бар он мубтанӣ аст, мунъакис созад.

Иттилооти дақиқ тасвири дақиқеро дар ихтиёри дарёфткунанда қарор медиҳад ва ин амр эҳтимолан мусталзами он аст, ки иттилоот ба сурати намудор ва на ба сурати ҷадвал ироа шавад.

Маънии дақиқ будан ин аст, ки иттилоот аз ҳар гуна «ҷиҳатгирӣ ва ҷонибдорӣ» мубарро бошад. Қарор гирифтан ба мавқеи иттилоот дар ихтиёри дарёфткунандагон вижагии муҳими дигари иттилоот судманд аст.

Зирабт будан охирин вижагии муҳими иттилооти судманд аст. Дар ин ҷо сирфан ин пурсиш матраҳ аст:

Оё иттилоот ба чӣ касе ва чи гуна? ки аз сӯи дарёфткунанда матраҳ мегардад, посух мегӯяд?
Анвои иттилооти роҳбурди иҷтимоии мавриди ниёзи куллияи раддаҳои мудирият.
1.Иттилооти миллӣ. 2.Иттилооти геостратегӣ. 3.Иттилооти фаннӣ.4. Иттилооти роҳбурдӣ

Аҷзои ташкилдиҳандаи системаҳои иттилоотӣ сарфи назар аз ин ки дар хидмати чӣ созмоне бошанд, аз шаш ҷузъи дарундод, моделҳо, бурундод, технология, пойгоҳи додаҳо ва контролҳо ташкил меёбанд.

Вижагиҳои системаи иттилоотии мудирият.

А) Бамавқеъ будани иттилоот амре аст, ки бояд тавассути масрафкунандаи он мушаххас шавад ва агар иттилооти дақиқ ба ҳангоми ниёз ироа нашавад, мумкин аст, дар замони баъдӣ судманд воқеъ набошад, ё судмандии андаке дошта бошад.

Ҳарчанд, ки мумкин аст, чунин нуктае возеҳ ва маъмул ба назар бирасад, аммо бо ин ҳол ҳанӯз нуктаи муҳиме ба шумор меравад. Зеро ироаи бамавқеъ ва дақиқи иттилоот ҷузви ҳадафҳои умдаи ҳар системаи иттилоотӣ ба ҳисоб меояд.

Шояд мудир бештари иттилоотеро, ки ба таври муназзам дарёфт менамояд фаромӯш созад, вале система бояд битавонад, ҳатто ба дархостҳои якбораи мудир низ посухгӯ бошад.

Ин амр мумкин аст ба андаке тароҳии изофӣ ниёз дошта бошад, зеро ин қобилият бонки иттилоотии сохтори мутафовутеро талаб мекунад. Ҳарчанд ки бозёбии ин навъ иттилоот душвортар мегардад, вале бо ин ҳама як чунин тавоне, ки дар даруни система эҷод мешавад, ба хазинаҳояш меарзад.

Мудирон алоқае ба донистани садҳо фаъолияте, ки ба таври ризоятбахш анҷом мешавад, балки мехоҳанд аз авомиле, ки хориҷ аз контрол ҳастанд, ё базудӣ аз контрол хориҷ аз контрол хориҷ мешаванд, огоҳӣ ёбанд. Ҳангоме, ки одаме тавони номаҳдуди компютерро дар тавлиди гузоришҳое, ки ҳастанд, баррасӣ мекунад, гузориши мудирият бар мабнои истисно бениҳоят аҳамият пайдо менамояд.

Системаҳои ҷорӣ бояд бо тағйироти сохти афзорхо ва нармафзорҳо, ки дар асари густариши фаъолиятҳо дар оянда рух медиҳад, созгорӣ дошта бошад. Бахшҳои зиёде дар заминаи интихоби стратегӣ ҷузъ ба ҷузъ вуҷуд дорад, ки дар бораи ҳар яки он батафсил баҳс хоҳад шуд.

Вале ин нуқта ҷолиб аст, ки дар сурати ҳифзи вижагии идғомпазире мазоёи ҳар ду стратегияи тарроҳиро метавон дошт. Тавони идғомро умуман созгорӣ меноманд. Созгорӣ бад ин маънӣ аст, ки моделҳои гуногуни як хатти тавлиди «мантиқ» тарроҳии яксонеро бипазиранд. Бо суръатҳои мутафовут натоиҷи мушобеҳеро тавлид кунанд. Ҳамчунин ин ки битавонанд барномарезии компютериро, ки барои як алгӯи кучак анҷомаш диҳанд, барои алгӯи бузургтар низ ба кор баранд, дар сурате, ки акси он имконпазир набошад.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки шояд ин ғайрилозим ба назар бирасад, аммо агар тамоми шароити қаблӣ фароҳам бошад, вале ба хар далел система мавриди пазиришии ба коргирандагони он набошад, муваффақ нахоҳад буд.

Бисёр иттифоқ меафтад, ки алорағми исбот муфид будани системаи барои мудирон, ба далели имтинои коркунон бидуни истифода мондааст, дар баъзе аз маворид харобкорӣ дар система аз ҷониби коркунон низ мушоҳида шудааст.

Ниёзҳои амалиёти худи системаи иттилоотӣ:

а). Қобили эътимод будан б). Ба ҳама дастрас будан в). Қобили иньитоф будан г). Барномаи замони истиқрор ғ). Умури мавриди интизор ва имкони рушду таҳаввул

д). Қобилияти иттилоот. Ҳадафи ниҳоии системаи иттилоотӣ таҳияи иттилоот барои мудирон ба манзури кумак ба онон дар ахзи тасмим аст, дар ҳоле, ки бештари системаҳои иттилоотии мудирият сирфан мудиронро дар ахзи тасмим ҳимоят мекунанд, вале дар баъзе маворид метавонанд, баъзе тасмимоти такрориро, ки маъмулан дар сатҳи пойини созмон ахз мешавад, ба ӯҳда бигиранд.

Нақши иттилоот: Иттилоот қоидатан бояд ё дониши тасмимгирандаро афзоиш диҳад ва ё аз мизони тардиди вай бихоҳад.

Мазоёи системаи иттилоотӣ. Системаи иттилоотӣ мазоёе доранд, ки чунин системаҳо ба таври куллӣ дорои қобилияти эътимод ҳастанд ва додаҳое, ки вориди система мешаванд, маъмулан боқӣ мемонанд ва дар тарроҳии системаи иттилоотӣ маълулан ин диққат ба кор меравад, ки маҷмӯаи нисбатан комиле аз иттилоот дар дастраси касоне, ки моил ба истифода аз онҳо ҳастанд, қарор гирад.

Мазияти дигари системаи иттилоотӣ вуҷуди як бонки иттилоотӣ, вуҷуди як бонки иттилооти умумӣ мебошад. Мудирон ин имконро мeёбанд, ки маҷмӯаи воҳиде аз иттилоотро мавриди баррасӣ қарор дода, огоҳона нисбат ба он аксуламал нишон диҳанд. Ин имкон монеъ аз он мешавад, ки онҳо эҳтимолан ба ин фикр бияфтанд, ки бархе аз ҳақоиқе муҳим аз онон пинҳон нигоҳ дошта мешавад.

Тасмимгирӣ: Тасмимгирӣ исбот аст аз фароянди гузиниши матлубтарин ё мантиқтарин усул дар ҳалли як масъала ё дар ҳалли як ҳадаф.

Анвои тасмимгирӣ: Машҳуртарин дастбандӣ ба Игор Онсуф марбут аст, ки тасмимотро ба се даста табақабандӣ мекунад.

1. Тасмимоти амалиётӣ, ки ҳадафи он ба даст овардани ҳадди аксари суд аз фаъолиятҳои муассиса аст.
2. Тасмимоти идорӣ, ки ба сохтори муассиса ва ба даст овардани манобеъ марбут мешавад. Ба таври мисол тасмимоти марбут ба равобити ташкилотӣ, созмондиҳии кор, шабакаи иртиботот ва иттилоот.
3. Тасмимоти стратегӣ шомили маҳулоти марбут ба гузиниши бозор, маҳсулот, ҳадафҳои баландмуддат, тавсеадеҳиҳои муассиса, густариши бозор ва ғайра.

Ҷоя Мосч зимни таъкид бар ин ки равобити муассиса бо муҳит дар марҳилаи тасмимгирӣ пайванд мехӯрад, тасмимотро ба чаҳор даста тақсим мекунад.

1. Тасмимоти стратегӣ 2. тактикӣ 3. Тасмимоти механикӣ 4. Тасмимоти идорӣ

Марҳилаи фароянди тасмимгирӣ. Фароянди тасмимгирӣ аз марҳила ташкил шудааст. Фароянди тасмимгирӣ аз назари соҳибназарони мухталиф ба суратҳои мутафовут ироа шудааст, аммо аз як заминаи куллӣ сӯҳбат мекунанд.

- Имтинон аз вуҷуди ниёз ба як тасмим - As certain the Need toza a Dtcisson
- Таъйини меъёрҳои – Estrablish Decision criteria
- Тахсиси дараҷаи аҳамият ба меъёрҳо – Allacate welgghts to criteria
- Кашфи роҳи ҳалҳо - Develop alternative
- Арзёбии роҳи ҳалҳо - Evarvate alternative
- Интихоби беҳтарин роҳи ҳал. – Select the best alteznatives

Имрӯз иттилоот ва куллияи ҷанбаҳои зиндагии башарӣ аз аҳамияти бисёр зиёде бархӯдор аст. Густариши дастовардҳои инқилоби иттилоот ба қадри сареъ дар ҳалли пешравӣ аст, ки маҷоли инкори онро ба ассе намедиҳад ва ҳамонро ба зарурати дастёбии он водор сохтааст.

Дар ин мақола саъй шудааст, аҳамият доштани иттилооти ғанӣ, марбут, дақиқ ва ба рӯзро дар иртибот бо тасмимгирӣ ва тасмимсозии мудирон мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Мудирон барои тасҳил дар амри тасмимгирӣ ба иттилоот ниёз доранд, ки бахше аз ин иттилоот зеҳнӣ ва бахше аз он айнӣ ва қисмате дигар бурунсозмонӣ мебошад.

Тасмимгирӣ бар асоси ахбордодахо, ки аз воқеиятҳои шакл наёфта ва сохтори ғайри қобили эътимод доранд ва хом ҳастанд. Тасмимгирӣ беҳуда аст агар, ки фақат манобеи инсониву моли созмонро ба ҳадар медиҳад. Тасмимгирӣ, тасмимсозӣ бар асоси иттилооти дуруст ба ҳангоми марбут, комил ва дақиқ аст, ки мудиронро ба аҳдофи созмоне ёрӣ мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Алвони Саидмаҳдӣ. Тасмимгирӣ ва таъйини хатти машйи давлатӣ.
2. Ризоиён Алӣ. Созмон ва мудирият.
3. Саодати Исфандиёр. Фароянди тасмимгирӣ дар созмон.
4. Эроннажод Маҳдӣ. Созмон ва мудирият.
5. Тӯси Муҳаммад Алӣ. Вазифаҳои мудирон
6. Муқаддасӣ Ҷалол. Мудирияти тасмимгирӣ.
7. Барӯманд Заҳро. Беҳбуд ва бозсозии созмон.
8. Ҳақимипур Абулқосим. Тасмимгирӣ дар мудирият.

**ИССЛЕДОВАНИЕ РОЛИ ИНФОРМАЦИИ В СТРАТЕГИЧЕСКОМ ПЛАНИРОВАНИИ В ОРГАНИЗАЦИЯХ**

Понятие «информация» сегодня употребляется весьма широко и разносторонне. Трудно найти такую область знаний, где бы оно не использовалось. Как и всякий продукт, информация имеет потребителей, нуждающихся в ней, и потому обладает определенными потребительскими качествами, а также имеет и своих обладателей или производителей. С точки зрения потребителя качество используемой информации позволяет получать дополнительный экономический или моральный эффект. В данной статье автором рассматривается использование и роль информационных технологий в стратегическом планировании в организациях.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** информация, информационные технология, потребители информации, качество используемой информации

**RESEARCH OF THE ROLE OF INFORMATION IN STRATEGIC PLANNING IN THE ORGANIZATIONS**

The concept "information" is used today very widely and versatily. It is difficult to find such field of knowledge where it wouldn't be used. As well as any product, information has the consumers needing it and consequently possesses certain consumer qualities, and also has also the owners or producers. From the point of view of the consumer quality of used information allows to gain additional economic or moral effect. In this article the author considers use and a role of information technologies in strategic planning in the organizations.

**KEY WORDS:** information, information technology, consumers of information, quality of used information

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Джамшед Каёнифар*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

# НАҚШИ СТРАТЕГИИ ИНКИШОФИ МАНБАЪҲОИ ИНСОНӢ ДАР РУШДИ СОЗМОНҲО

***Аҳмад Гударзӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Аҳамияти неруи инсонӣ дар созмонҳо:** Дар тӯли асри гузашта, талошҳои мудирон барои тасаллут бар муҳит ва шакл додан ба он аз тариқи равише, ки онҳо касбу кори хешро сомон мебахшанд, мавзӯоти мушаххас ва муайянеро дунбол кардааст. Мавзӯи аслии се даҳаи аввали аср, кӯшиш аз тариқи “муҳандисии инсонӣ” беҳтар бо мақсади ақлонӣ кардани шеваҳои равиши кор буд, равише ки тайи он аз неруҳои кор барои афзоиши ситондаҳо ва баҳраварии колоҳо ва хизматрасонии тавлидӣ истифода мешуд. Ин шева дар Ҷанги ҷаҳонии дуввум ба авҷи худ расид. Пас аз Ҷанги ҷаҳонии дуввум, бо беҳбуд ёфтани вазъияти ҷомеаи инсонӣ, коргарон дархостҳоеро дар заминаи бархурдории муҳитҳои корӣ аз бархе ниёзҳои иҷтимоӣ (илова бар ниёзҳои аввалиндараҷаи ҳимоятӣ ва амниятӣ) ба миён гузоштанд. Ин мавзӯъ мудириятро водор кард, то дар пайи ёфтани роҳе барои таъмини заруратҳои ҷадид бошад. Дар ин ҷо мавзӯи дуввумро мавриди мулоҳиза қарор медиҳем: рӯйкарди равобити инсонӣ, ки бар ниёзҳои иҷтимоии афрод ва шеваҳои баровардани онҳо бо мақсади афзоиши ангеза ва баҳраварии созмон марказонида мешавад. Ин стратегия то нимаи асри XX идома ёфт, дар охирҳои даҳаи 50 ва аввалҳои даҳаи 60 мавзӯи ҷадиде бо унвони тавсеаи афрод барои пазириши масъулиятҳои бештар тавассути онҳо ба миён гузошта шуд. (Бекхар, 1969)

Аз соли 1980 нақши стратегияи манбаъҳои инсонӣ ва барномарезии стратегии ин манбаъ вориди адабиёти неруи инсонӣ шуд, ки пас аз он ба нерӯи инсонӣ ба унвони манбаи сарват ва дар вақтҳои охир низ ба унвони сармояҳои созмонӣ матраҳ шудааст.

Неруи инсонӣ, сармояҳои муҳими созмонҳо аст, ки бешак муваффақияти баландмуддати созмон ба ҷалб, бакоргирӣ, ҳифзу нигаҳдории онҳо вобаста аст. Дар созмонҳои муосир, тағйироти фазояндаи муҳитӣ ва илзомоти кории ҷадид, шароити хос ва мутафовитеро дар пай доштааст, дар вақтҳои охир манбаъҳои инсонӣ маркази аслии таваҷҷӯҳ ва тамаркузи созмонҳои навин ва мудирони пешрав буда, ин аҳамияти рӯзафзун ҳамвора бо дигаргуниҳои муҳитӣ боис шудааст ҳар рӯз нақши стратегии манбаъҳои инсонӣ беш аз пеш ошкортар гардад.

Дастёбӣ ба баҳраварии пойдор, халлоқият, навоварӣ ва сифати муносиби зиндагӣ дар гарави мудирият ва неруи инсонии коромад, асарбахш, ҳушманд ва масъулиятнок аст. Дар ҷаҳони имрӯза сарвати миллатҳоро иборат аз сарватҳои табиӣ, физикӣ ва инсонӣ медонанд. Оморҳо нишондиҳандаи нақши таъйинкунандаи неруи инсонӣ дар эҷод, ҳифз ва густариши сарвати миллӣ аст.

| гурӯҳбандии кишварҳо | дарсад аз кулли сарвати ҷаҳонӣ | саҳми манбаъҳои инсонӣ | саҳми сарвати физикӣ | саҳми сарвати табиӣ |
|---|---|---|---|---|
| 66 кишвари содиркунандаи | 4/6% | 36% | 20% | 44% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ашёи хом | | | | |
| 100 кишвари дар ҳоли инкишоф | 15/9% | 56% | 16% | 28% |
| 29 кишвари саноатӣ бо даромади зиёд | 79/6% | 67% | 16% | 17% |

**Манбаъ: Бонки ҷаҳонӣ**

Гарчанде ки ин омори ду даҳаи қабл мебошад, вале ба назар мерасад, бо назардошти ошкор шудани нақши манбаъҳои инсонӣ, саҳми ин манбаъ афзоиш ҳам ёфтааст.

Бо тавաҷҷӯҳ ба пайдо шудани нақши асосӣ ва таъйинкунандаи манбаъҳои инсонӣ дар рушд ва пешрафти кишварҳо, дидгоҳҳои ҷадид ба нақши неруи инсонӣ ва шеваҳои кор аҳамият ва баҳои бештаре медиҳад.

Тавсияи такрорӣ дар хусуси коркарди манбаъҳои инсонӣ ин аст, ки битавон аз имтиёзи афзояндаи коркунон ба манзалаи як мавзӯи муҳим ва пураҳамият аз лиҳози дастёбӣ ба стратегияи созмон баҳраи кофӣ барад.

Портер (1990) мегӯяд: як созмон барои ба даст овардани муваффақият ва имтиёзҳои рақобатӣ бояд ба тавсеаи навоварӣ ва тағйиру таҳаввул ӯҳдадор бошад. Манбаъҳои муҳим ва аслии ин вежагиҳо, ки ба осонӣ ҳам қобили дастёбӣ нест иборатанд аз манбаъҳои инсонии олӣ, истеъдод ва қобилияти техникии боло, ки як созмон бо мақсади муваффақият бояд аз ин вижагиҳо бархурдор бошад.

Фенингер дар пажӯҳише барои аъзоёни ҳайъат раисаи конференсияи Канада, чунин далелҳо овард, созмонҳое, ки байни стратегияи созмон ва барномарезии манбаъҳои инсонӣ робитаи таъсирбахше эҷод кардаанд, ҳангоми дучор шудан бо чунин амалкардҳо муваффақ хоҳанд шуд.

Грант (1992) навъҳои аслии манбаъҳои созмониро ба ду табақаи васеъ манқул (иборат аз дороиҳои молӣ ва физикии як созмон) ва ғайриманқул (маҳоратҳои инсонӣ, фанноварӣ ва шӯҳрат) тақсим кардааст. Баъзе созмонҳо, ки ба таври давомдор судоваранд, ба унвони созмонҳое шинохта мешаванд, ки ба манбаъҳои номанқули аслӣ аҳамияти зиёде медиҳанд.

Рушди дониш ва маҳорати коркунон ва тағйиру дигаргунӣ дар анҷоми вазифа аз ҷумлаи корҳоест, ки ба созмон аз ду ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ёрӣ мерасонад, аз ҷанбаи иқтисодӣ онро коромадтарин ва асарбахштар менамояд ва аз ҷанбаи иҷтимоӣ сабабгори боло рафтани вазифаҳои мурочиаткунандагон ва масрафкунандагони хадамоти созмон мешавад ва ин амр ниҳоятан ба баҳравариии созмон ва неруи инсонӣ оварда мерасонад.

Инкишофи манбаъҳои инсонӣ ва афзоиши баҳраварӣ ба унвони як зарурат, барои боло рафтани сатҳи зиндагии башар ва пайрезии ҷавомее бо зиндагии беҳтари оромишу осоиши инсонҳо ҳамвора, ҳадафи волои созмонҳо маъни дод мешавад. Таҳқиқоти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки робитаи бевоситаи рушди тавсеаи манбаъҳои инсонӣ ва сатҳи баҳраварӣ вуҷуд дорад. Яке аз омилҳои коронӣ ва асарбахши ҳар созмон тавсеа ва иртиқои сатҳи илмии манбаъҳои инсонии он созмон аст. Тавсеаи манбаъҳои инсонӣ бо омӯзишу тавсеаи фаъолиятҳои инсонӣ дар созмон робита дорад ва барои эҷод шудани шароити фарҳангии хосе кӯмак мекунад, ки дар он коркунон ба қувваи иловагӣ барои баҳраманд шудан аз афрод ва созмон даст ёбад, дар ин ҳолат тавсеаи манбаъҳои инсонӣ худро ба сурати хеле наздик бо баҳраварӣ ва тавсеаи созмон дар як росто ва ҳамоҳанг мебинад.

Мудирони дурандеш ба хубӣ медонанд, ки созмон яъне ҷамъе аз коркунон бо рӯҳиёт, алоқаҳо, афкор, донишу шароити физикии гуногун, ки бидуни он созмон ҳаргиз вуҷуди хориҷӣ пайдо намекунад. Ин тадовуми ҳаёти созмонӣ ва болангагии он вобаста ба заминаҳое чун халлоқият, навоварӣ ва тавсеа аст, ки метавонад ба нуфузи рӯзафзуни созмон дар ҷомеа оварда расонад.

Амалӣ шудани шароит ба сабабҳо ва омилҳои гуногун вобаста аст, ки аз ҷумла муҳимтарини ин омилҳо ҷойгоҳ ва нақши инкорнопазир ва махсуси неруи инсонӣ мебошад. Бинобар ин, агар беҳтарин роҳбурдҳои мудириятӣ ва фанноварии навин дар созмон истифода шавад, аммо созмон роҳбурди дурусти манбаъҳои инсонӣ надошта бошад, ҳаргиз маҳсул ва фароянди дилхоҳе дар хуруҷии он ба даст нахоҳад омад. Албатта, ҳузури нерӯи инсонии муваффақ ва коромад мустальзами пешшартҳое аз ҷумла ҷалб, тарбия, омӯзишу муҳофизат ва нигоҳдорӣ аст.

Дар аввалҳои соли 1980, Петер Вотерман таҳқиқотеро, ки аз 43 ширкати муҳими америкоӣ ба даст оварда буданд, мунташир кард. Ширкатҳои интихобшуда дар як давраи замонии тӯлонӣ аз назари меъёрҳои молӣ дар рутбаи болое қарор доштанд, таҳқиқоти ба амал омада далели бартарии ин ширкатҳоро дар ҳашт вежагии муҳим эълом кард, ки як омил дар ҳамаи онҳо муштарак буд ва муҳимтарин омил дар ин ҳашт вижагиро омили неруи инсонӣ баён карданд. Ин ҳашт вижагӣ иборат буданд аз:1. пойбандӣ бар иттиҳод;2. наздикӣ ба харидор;3. баҳраварӣ аз тариқи коркунон;4. озодии амал ва корофаринӣ;5. таслим шудан ба арзишҳо;6. таассуби корӣ;7. сохтори сода ва коркунони андак; 8. ҳамзамонии афзалиятҳои пойдор ва нопойдор.

***Ҳадафҳои тавсеаи манбаъҳои инсонӣ.*** Умуман, тавсеаи манбаъҳои инсонӣ бояд ҳадафҳои зеринро дунбол намояд:
- эҷоди огоҳии илмӣ ва иртиқои сатҳи иттилоот ва дониши коркунон;
- иртиқои қобилиятҳо ва тавоноиҳои коркунон ва созмонҳо;
- иртиқои сатҳи огоҳии иҷтимоии коркунон ва созмонҳо;
- тавсеаи маҳорат ва тавоноиҳои анҷоми кор;
- ба рӯз кардани иттилооти коркунон ва беҳбуди амалкарди онҳо;
- ҳамкории касбу кор ва омодасозӣ барои ҳамкории касбу кори коркунон;
- ошносозии коркунони ҷадид (ҷомеапазирӣ) бо ҳадафҳои созмон ва ошно кардани коркунони қаблӣ бо ҳадафҳои ҷадиди созмон;
- рушди шахсият ва арзишҳо ва расидан ба ҳадафҳои тадвиншудаи созмон;
- афзоиши баҳраварии коркунон.

***Нақши стратегии тавсеаи манбаъҳои инсонӣ дар рушди созмон.*** Созмон як имтиёзи рақобатӣ дорад бо номи манбаъҳои инсонӣ, чунончи аз ин имтиёз хеле хуб истифода карда ва онро инкишоф медиҳад, метавонад рушди худро то ҳудуди зиёде тазмин намояд. Саноате дар баландмуддат муваффақ хоҳад буд, ки битавонад манбаъҳои инсонии худро ба таври дуруст ва усулӣ тавсеа ва парвариш диҳанд ва ҳамвора тақвияти донишу маърифат ва маҳоратҳои техникии лозимро барои афроди пуркор ва ӯҳдадор бисозанд.

Бо таваҷҷӯҳ ба таъсири ҳаётӣ, стратегӣ ва муҳими манбаъҳои инсонӣ дар як созмон, бояд барномае муназзам ва дақиқ барои таолӣ, пешрафт, иртиқоъ ва тавсеаи ин манбаъ таҳия кард.

Бо назардошти матлабҳое, ки дар боло қайд шуд, агар бипазирем ки бахши асосии рушд ва тавсеаи созмон аз тавсеаи манбаъҳои инсонӣ вобаста аст, ва аммо бо барномарезӣ барои тавсеаи он метавонем ба рушди созмон низ умедвор бошем. Зеро унвон шуд, созмон бидуни неруи инсонӣ вуҷуди хориҷӣ надорад, барои ин кор лозим аст иқдомотеро, ки ба тавсеаи манбаъҳои инсонӣ оварда мерасонадро барномарезӣ, иҷро ва назорат намоем. Ин иқдомотро мухтасаран дар панҷ марҳилаи зерин шарҳ медиҳем:

***1. Мушаххас шудан ва эҷоди як ҷойгоҳи шуғлии муносиб барои манбаъҳои инсонӣ.*** Мудирони манбаъҳои инсонӣ дар саноат ва созмон чи ҷойгоҳе доранд ва дар куҷои созмон қарор гирифтаанд?

Ин, ки манбаъҳои инсонӣ аҳамият доранд, бояд дар иҷро ва амал нишон дод. Ихтисоси ҷойгоҳи муносиби созмонӣ барои мудирони манбаъҳои инсонӣ ҳам байни радаҳои мудирият ва ҳам байни коркунон ин боварро мустаҳкам мекунад, ки мудирияти аршад мехоҳад ба манбаъҳои инсонӣ диққат намояд. Ва аммо дар аввал ҷойгоҳи созмонии мудирони манбаъҳои инсонӣ ва дараҷаи ихтиёроти онҳоро мушаххас намоед. Наметавон гуфт, мехоҳем ба манбаъҳои инсонӣ таваҷҷӯҳ намоем, вале ҷойгоҳ дархӯри таваҷҷӯҳе барои мудирони он мушаххас накунем, бояд зеҳн, бовар ва амал нишондиҳандаи ин аҳамият бошад.

Сипас бояд барои неруи инсонӣ ҷойгоҳи касбу кори муносиб эҷод кард, ҳар кас бо таваҷҷӯҳ ба тавонмандиҳо, маҳоратҳо дар ҷойгоҳи муносиби корӣ қарор гирад. Ин кор боиси афзоиши корой ва асарбахше хоҳад шуд. Вақте корой ва асарбахшии афрод афзоиш мёёбад, дар маҷмӯъ рӯи баҳраварӣ ва рушди созмон асар хоҳад дошт.

***2. Тадвин ва иҷрои стратегияи инкишофи манбаъҳои инсонӣ.*** Барои инкишофи манбаъҳои инсонӣ дар созмон бояд роҳбурд ва ҳадаф дошт, ин роҳбурд бояд дар ростои ҳадафҳои созмон ва таъсиргузор бар он бошад.

Дар улгуи ақлонӣ (бо нигариши силсиламаротибӣ) робитаи як тарафа ва аз боло ба поён тавсия мешуд.

Стратегияи бунгоҳ бо касбу кор стратегияи манбаъҳои инсонӣ.

Вале дар улгуҳои афзоянда, робитаи таомулӣ ва дутарафа дар назар гирифта шудааст.

стратегияи бунгоҳ ё ё касбу кор ← ⟷ стратегияи манбаъҳои инсонӣ

неруҳои ниҳодӣ

Дар тадвини стратегияи тавсеаи манбаъҳои инсонӣ: мақсадҳои мушаххас, қувватҳо, заъфҳо, ниҳодҳо ва фурсатҳо намоёну равшан мегарданд. Сипас бо интихоби стратегияи муносиб ва иҷрои он бояд ба арзёбии стратегӣ пардохт.

Агар саноат ё созмон дорои стратегия бошад ва стратегияи инкишофи манбаъҳои инсонӣ низ дар ростои ҳадафҳои он таъриф ва иҷро шавад ба рушди созмон кӯмак хоҳад кард.

***3. Тадвин ва иҷрои зерсохторҳои инкишофи манбаъҳои инсонӣ дар ростои стратегияи вобаста.*** Ин зерсохторҳо метавонанд аз қабили зерсохторҳои ҷалбу бакоргирӣ, омӯзишу инкишоф, нигаҳдорӣ ва ҷуброни хидмат ва равобити коркунони таъриф тадвин ва иҷро шаванд.

Чунончи ин зерсохторҳо ба ҳамроҳи барномаҳое, ки дар қисмати баъдӣ зикр хоҳад шуд, ба дурустӣ тадвин ва иҷро шавад, ба рӯҳияи коркунон, эҳсоси адолат, ангезиш, шоистасолорӣ таъсири мусбат дошта ва боиси боло рафтани бахраварӣ дар созмон хоҳад шуд.

***4. Тадвин ва иҷрои барномаҳо ва пружаҳои инкишофи манбаъҳои инсонӣ дар ростои стратегияи зерсохторҳо ва стратегияи манбаъҳои инсонӣ.*** Ин барномаҳо ва пружаҳо дар асоси ниёз метавонанд шомили: низомҳои шоистасолорӣ, ҷонишинпарварӣ, мудирияти дониш, мушорикати коркунон, арзёбии амалкард, низомҳои ангезишӣ, чархиш, ғанисозӣ ва корроҳи шуғлӣ, низомҳои қадрдонӣ ва подош ва барномаҳои олӣ бошад.

Бо иҷрои ин мавридҳо метавон манбаъҳои инсониро инкишоф дод.

***5. Қадами ниҳоӣ: бозхӯрд ва арзёбии чаҳор марҳилаи қаблӣ (мониторинг).*** Марҳилаҳое, ки унвон шуданд, ба сурати мураттаб назорат ва дар давраҳои муайян арзёбӣ ва бознигарӣ мешаванд. Барӯзрасонии системаҳо ва барномаҳо аз ба фаромӯшӣ супурдан ва марги онҳо пешгирӣ менамоянд ва боис мешавад, ки монеаҳо шиносоӣ ва роҳкорҳое барои тадовум ва истимрору беҳбуд мушаххас шавад.

Чунончи, панҷ марҳилаи унвоншуда ба хубӣ иҷро шаванд ҳаммонанди ангуштони як даст кӯмаки шоёне ба анҷоми идеяҳо хоҳад намуд ва дар ниҳоят ба тавсеаи инсонҳо ва баҳравар шудани онҳо анҷомида ва дар рушди созмон муассир хоҳад буд. Ба сурате ки таҷриба низ онро дар ширкатҳо муваффақ таъйид карда ва дар матлабҳои қаблӣ низ ба он ишора шуд.

Аҳамияти рӯзафзун ва инкорнашавандаи инкишофи манбаъҳои инсонӣ, натанҳо дар рафъи чолишҳо балки барои бақо ва рушди созмон чорасоз хоҳад буд. Албатта, аз манзари дигар низ бояд бигӯем, ки дарвоқеъ моҳият дар ҳоли тағйири кор, шароити рақобатӣ, фишорҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳоким бар саноеъ чи дар бӯъди миллӣ ва чи дар байналмилалӣ онҳоро маҷбур ба таваҷҷӯҳ ба бақо, рушд ва тавсеа хоҳад кард. Зеро дар ғайри ин сурат маҳкум ба фано хоҳад шуд. Бо иттихози сиёсатҳо, барномаҳо ва стратегияҳои инкишофи манбаъҳои инсонӣ ба унвони яке аз манбаъҳои арзишманди неруи ҳаракатдиҳандаи созмонҳо, метавонем ба рушди он низ умедвор бошем. Ин нақшро мешавад аз роҳи таваҷҷӯҳ ба ҷойгоҳи саноеъи инсонӣ ҳам дар бовар ва ҳам дар амал, тадвин ва иҷрои стратегияи тавсеаи манбаъҳои инсонӣ, тадвин ва иҷрои зерсохторҳои тавсеаи манбаъҳои инсонӣ, иҷрои барнома ва пружаҳои вобаста ва арзёбӣ ва бозхӯрди ин барномаҳо ифо намуд. Қатъан бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи ширкатҳои муваффақ ва бо лиҳози бумӣ ва ниҳодина шудани барномаҳо, нақши стратегияи инкишофи манбаъҳои инсонӣ бар рушди созмон қобили таваҷҷӯҳ хоҳад буд.

## АДАБИЁТ


1. Лондӣ Авлид ва Корлинк Аллен. Тарҷумаи Абтаҳӣ, Сайидҳасан ва ҳамкорон. Мудирияти стратегияи манбаъҳои инсонӣ. Чопи "Хуршед" - Теҳрон, 1386.
2. Аъробӣ Сайидмуҳаммад, Файёзӣ Марҷон. Стратегияи манбаъҳои инсонӣ. Институти ИЗ-и Эрон, Теҳрон, 1387.
3. Тадаюнӣ Сайид Довуд. Манбаъҳои инсонӣ пояҳои асосии рушди созмон. Теҳрон, 1386.
4. Соҳибқиронӣ Муҳаммад. Нақши тавсеаи манбаъҳои инсонӣ дар бахраварии созмон. Сайти Бозори кор, 1387.
5. Фараҳӣ Белуӣ Ризо. Рӯйкардҳои навин дар мудирияти стратегияи манбаъҳои инсонӣ. Моҳномаи "Тадбир", шумораи 198, 1387.
6. Грейвз Ҷим. Тарҷумаи Пурсодиқ Носир. Мудирияти стратегияи манбаъҳои инсонӣ, Оййиж, Теҳрон, 1387.
7. Мирхонӣ Халилӣ, Раҳимиён Ашраф. Нақши стратегияи тавсеаи манбаъҳои инсонӣ дар рушди саноати мошинсозӣ. Маҷаллаи саноати мошин, 1389.


## СТРАТЕГИЧЕСКАЯ РОЛЬ РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В РАЗВИТИИ ОРГАНИЗАЦИЙ


По оценкам специалистов, в индустриально развитых странах роль человеческого фактора выше, а во многих развивающихся государствах, где высок удельный вес показателей стоимости природных ресурсов, человеческий капитал составляет примерно половину национального богатства стран. Человек является главным элементом производительных сил, субъектом производственных отношений. В статье автором рассматривается стратегическая роль развития человеческого капитала в развитии организаций.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** человеческий капитал, сущность человеческого капитала, экономическая эффективность, инвестиции в человеческий капитал, воспроизводство национального человеческого капитала, профессиональная квалификация.


## STRATEGIC ROLE OF DEVELOPMENT OF THE HUMAN CAPITAL IN DEVELOPMENT OF THE ORGANIZATIONS


By estimates of experts, in industrially developed countries the role of a human factor is higher, and in many developing states where specific weight of cost indexes of natural resources is high, the human capital makes about a half of national wealth of the countries. The person is the main element of productive forces, the subject of relations of production. In article the author considers a strategic role of development of the human capital in development of the organizations.

**KEY WORDS:** human capital, essence of the human capital, economic efficiency, investments into the human capital, reproduction of the national human capital, professional qualification.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** *Ахмад Гударзи*- соискатель Таджикского национального университета

# ТАВСИАИ ГАРДИШГАРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БАР ИҚТИСОД

***Ризо Исмоили Оқобобоӣ***
**Пажӯҳишгоҳи иктисод ва демографияи АИ ҶТ**

Тавсиаи гардишгарӣ, як зарурати иқтисодӣ аст ва ин воқеиятро ҳар бор, ки шохисҳо ва омор иттилооти иқтисодиро мурур кунем, бештар дар мёёбем. Санъати туризм чанд қадам бештар то кушодани рутбаи нахустин меҳвари тиҷори ҷаҳонӣ фосила надорад ва чунон густурда ва фарогир дар ҳавзаи табаддулоти иқтисодӣ кишварҳои ҷаҳон зоҳир шудааст, ки тақрибан ҳеҷ кучои дунё ҳатто нуқоте, ки аз камтарин зарфияти ҷазби гардишгар бархурдоранд, талош дар ҷазби гардишгарро ба унвони яке аз манобеи даромад дар баровардаҳои иқтисодиашон аз назар дур намедоранд.

**Тавсиаи гардишгарӣ роҳе ба сӯйи иқтисоди пойдор.** Гардишгарӣ, яке аз пуётарин фаъолиятҳои иқтисодии асри ҳозир аст, ки нақши муҳиме дар тавсиаи пойдори маҳаллӣ ифо мекунад. Ин санъат аз тариқи таркиб ва ба коргирӣ ҳамзамони манобеи дохилӣ ва хориҷӣ, манофеи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, зистмуҳитӣ ва фарҳангии зиёдеро ба ҳамроҳ дорад.

Дар бисёр аз кишварҳо, имрӯза гардишгарӣ нерӯи аслӣ беҳбуд ва рушди иқтисоди кишвар маҳсуб шуда ва бо фароҳам овардан фурсати роҳбурде ба иқтисоди маҳаллӣ дигаргуни бахшида, муҷиби эҷоди иштиғол шуда, эҷоди даромад мекунад ва боиси афзоиши арзиши манобеи ворид шаванда ба муҳити маҳаллӣ мешавад.

Аз ин рӯ, гардишгарӣ, яке аз гузинаи авалия дар амри тавсиа ба ҳисоб меояд ва аркони муҳими он иборатанд аз: муҳити зист, фарҳанги маҳаллӣ дар канори ризоят, мувофиқати маҳаллӣ барои пазириши гардиш.

**Чӣ гуна метавонем барномаи роҳбурдии муносибе тароҳӣ кунем?** Ташхиси саҳеҳ, нахустин қадами як барномарезии мувафақ аст, барои дарки воқеияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ як қаламрав, дастёбӣ ба як ташхиси саҳеҳи ҳаёти аст. Таҳлил додаҳои мавҷуд аз тариқи истодан ба мавқеияти воқеӣ минтақа ба натиҷаи дуруст, яъне ҳалли мушкилоти роҳбурди мунчар мешавад.

Роҳҳои мутафовите барои расидан ба ташхиси саҳеҳ вуҷуд дорад. Яке аз маъруфтарини онҳо ба номи таҳлил **SWOT** шинохта мешавад, ин равиш минтақаи гардишгарӣ аст. Дар ин равиш нуқоти заъф ва қувват, фурсатҳо ва таҳдидҳои гузашта, ҳол ва оянда, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Мизони таъсиргузори ин равиш бастагӣ ба равишшиносӣ мавриди иҷтимои ҳама воҳидҳои маҳаллии фаъол дар ин замина дорад. Мумкин аст бисёр судманд бошад агар коргузорони берунӣ монанди коргузорони тавсиаи гардишгарӣ ва ширкати мушовир дар ин замина истифода шавад.

Ба ҳар рӯй барои дастёбӣ ба як барномаи роҳбурде дар тавсиаи гардишгарӣ бояд таҳлили манобеи мавҷуд ва дар дастраси қаламрав, шинохти муштариён, интихоби роҳбурди тиҷорӣ муносиб ва муҳандисии муҷаддид мавқеияти гардишгарӣ дошта бошем.

**Гардишгарӣ ва тавсиаи маҳалии як қаламрав.** Рушди гардишгарӣ дар даҳаҳои охир ба гунае буда, ки дар манотиқи мухталифи дунё ба ошкоро дида шудааст. Фароянди ҷаҳонисозӣ ба таври мушаххаси тавсиа ин бахшро тахти таъсир қарор дода ва марзҳоро ба унвони яке аз мушкилоти муҳим барои он, аз байн бурдааст.

Ҳаракатҳои ҷамъияти ва манобеъ, авомили дохилӣ дар ин дигаргуни маҳсуб шуда ва исбот мекунанд, гардишгарӣ зарфияти болое барои таъсиргузори дошта ва метавонад парчамдори тавсиаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар қаламравҳои мухталиф бошад.

Зербахшҳои иқтисодӣ каме вуҷуд доранд, ки аз чунин тамоюлпазирӣ ва қобилияти татбиқ бо муҳите, ки дар он амал мекунанд, баҳраманд бошанд ва ин далел иртиботи бахсҳои гардишгарӣ бо мавқеиятҳои роҳбурди барои тавсиаи маҳаллӣ аст, аммо гардишгарӣ иртиботи тантотанге бо дигар авомили иқтисодӣ дорад ва авомили мухталиф даст ба дасти ҳам медиҳанд, то кишваре аз масири гардишгарӣ ба муваффақиятҳои иқтисодӣ бирасад.

Дар чорчӯби гуфтумонҳои эҷоди иштиғол ва сармоягузорӣ низ гардишгарӣ метавонад воситаи муҳиме барои тавсиа сарват бошад. Фаротар аз ин гардишгарӣ таъсироти мусбате дар тақвияти арзишҳои бумии минтақа, исботи арзишҳои фарҳангии маҳаллӣ, гушудани ҷавомеи маҳаллӣ ба рӯйи таъсироти хориҷӣ ва тавсиаи тавони билқувваи як қаламрав мегузорад, ки шоёни таваҷҷӯҳ аст, аммо чӣ гуна?

Эҷоди шароити лозим барои фаъолияти ин минтақа ба унвони минтақаи гардишгарӣ фароянди печидае аст ва мушкилоти фарорӯи он ғолибан аз ба камол расидан ва идеол шуданаш ҷилавгирӣ мекунад. Амалкарди саҳеҳи як минтақаи ҳадафи гардишгарӣ ба таври мустақим ва инҳисорӣ ба теъдоди гардишгароне, ки аз он боздид мекунанд, барнамегардад, балки ин адад сирфан як шохис ва дастовард аст ва набояд асос қарор гирад ва ё ба унвони нуқтае барои оғози тафсири чархаи зиндагии печидаи як минтақаи гардишгарӣ интихоб шавад.

Аз сӯйи дигар эҷоди як минтақа ҳадафи ҷадиди даруни ҷараёнҳо ва шабакаҳои мавҷуд дар бозор, кори содае нест ва фурӯши чизе, ки тоза оғоз ба фаъолият карда, мушкилоти зиёдеро ба дунбол дорад.Аз ин рӯ ниҳодҳои иҷроии маҳаллӣ бояд дар ҷиҳати баланд бардоштани вазъият бофти иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолият кунанд, ба наҳве, ки дар сармоягузорони минтақа барои сармоягузорӣ дар зерсохтҳои марбут ба хадамоти гардишгарӣ монанди меҳмонхона, ресторан ва ғ… ангеза эҷод кунанд.

**Гардишгарӣ ва эҷоди иштиғол.** Тавони билқувваи гардишгарӣ барои иштиғолзойи яке аз вижагиҳои муҳими ин санъат аст, хадамоти зиёде дар бахши гардишгарӣ то кунун ба вуҷуд омадааст ва зарфияти болои барои эҷоди хадамоти ҷаддиди дигар низ вуҷуд дорад ва аз ин гузашта гардишгарӣ тавони ҷазби нерӯҳои зиёдатии соири бахшҳои иқтисодиро низ дорад.

Аммо яке аз мушкилоти нигаронкунанда дар ин арса истиҳдоми контрол нашуда ва беравияи нерӯҳои ғайри мутахассис аст ва ин амр дар дарозмуддат метавонад ба уфти шаддиди кайфият хадамоти ироашуда дар ин бахш ва коҳиши матлубият ва ба пойин шудани арзиши он дар бозор мунҷар шавад. Далоили шаклгири чунин вазъияти зиёд аст аз ҷумлаи ин ки дар манотиқи шароити иқтисодӣ нобасомон сабаб мешавад, ки қисмате аз нерӯҳои кор мутааллиқ ва бахшҳои дигар ба бахши гардишгарӣ интиқол пайдо кунанд ва табдил ба муҷриёни тӯрҳои кучак шаванд. Ин тағйир ногаҳони он қадар сари иттифоқ меафтад, ки барномаҳои омӯзиши саҳеҳ ва коромад наметавонад барои он пешбинӣ шавад.

Ҳамчунин дар манотиқе, ки ҳеҷ ҳамоҳангӣ дар заминаи гардишгарӣ ба вуҷуд надорад, фаъолиятҳои гардишгарӣ ба таври ғаризи сомон ёфта аст, ки ин офат ба вижа дар заминаи гардишгарии рустоӣ зиёд ба чашм мехӯрад. Ба ин тартиб тахассусгароӣ мавриди ғафлат воқеъ мешавад ва дар ин ҷо ҳам дубора аҳамияти дахолат ба ҳангоми ниҳодҳои иҷроии умумӣ дар баргузории давраҳо ва барномаҳои омӯзиши худро нишон медиҳад.

**Нақши санъати гардишгарӣ бар тағйиркунандаҳои иқтисодӣ.** Манзур аз зариби такосури теъдоди дафаъоте аст, ки даромади ҳосила аз ҷаҳонгардӣ дар иқтисоди миллӣ ба гардиш дар меояд.

Дар миқёси васеъ, андозаи зариби такосури вобаста бар ин аст, ки бахши зиёди арзаи колоҳо ва хадамоти ҷаҳонгардӣ то чӣ ҳад тавониста ба хубӣ тавсиа ёбад. Дар сурате ки воридоти колоҳои хориҷиро ба ҳадди ақал расонем ва хадамот ва колоҳои маҳаллӣ ва дохилӣ масраф шавад таъсири зариби такосури ба маротиб зиёд хоҳад буд, то масрафи колоҳои воридотӣ.

Чун ҷаҳонгардӣ санъати корбар аст ва бисёре аз саноеӣ кӯчак ва бузург ба он рабт дорад. Бинобар ин, таъсири зариби такосури он нисбат ба дигар саноеъ бештар аст, лизо ин санъат ба далели зариби такосури болоие, ки дорад нисбат ба дигар саноеъ дорои дастовардҳое аст аз ҷумла, иштиғолзойӣ ва агар кишварҳо сохтори иқтисодӣ муносибе дошта бошанд табақаи маҳруми ҷомеа ҳам саҳми бештаре аз он мебаранд.

**Вижагиҳое, ки боис шуда ҷаҳонгардӣ ба унвони як санъати бартар интихоб шавад иборатанд аз:**
**а)** Манобеи умдаи иқтисодӣ; **б)** Зудбоздеҳ будан ва бениёз будан ба сармоягузории калон; **в)** Мазиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва зистмуҳитӣ; **г)** Эҷоди амнияти тавсиа дар равобити сиёсии байни кишварҳо.

**Гардишгарӣ ва сармоягузорӣ.** Таҷрибаи кишварҳои осиёии ҷануби шарқӣ ва кишварҳои ғарбӣ нишон медиҳад, ки танҳо бо такя бар ду меъёр густариши гардишгарӣ ва сармоягузорӣ хориҷӣ метавон иқтисоди як кишварро бо таҳавуллоти асосӣ рӯ ба рӯ кард. Аз тарафи дигар бинобар таҳлили коршиносони ҷазби сармоягузории хориҷӣ калиди дигаргунии санъатӣ ва иқтисодӣ кишвар маҳсуб мешавад. Густариши гардишгарӣ бо таваҷҷӯҳ ба марокизи саёҳатӣ ва зиёратӣ ва манотиқи ноб ва истиснои табиӣ метавонад дар равнақи саноеи дохилӣ муассир бошад. Зеро маъмулан гардишгарони беҳтарин ва дар дастрастарин содиркунандагони саноеи ҳар кишвар маҳсуб мешавад ва ҳатто бисёре аз кишварҳои туристии дунё бо эҷоди ҷашнвораҳои харид ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ, ҳамчунин тахфифи хосе дар заминаи ҳамлу нақл ва имконоти иқомати қоил мешаванд, то гардишгаронро ба манзури хариди саноеи дохилии худ ба кишварашон бикашонанд.

**Таъсири гардишгари электроники бар санъати туризм.** Гардишгарии электроники нуқтаи муштараке байни гардишгарӣ ва фановарӣ иттилоот аст. Имрӯза ин ду падида аз фаъолиятҳои умда ва бисёр муҳим дар эҷоди даромад ва эҷоди фурсати шуғли дар ҷаҳон ба шумор меоянд. Фановарии иттилоот аз ҳудуди ду даҳа гузашта дар бахши гардишгарӣ ба кор гирифта шуда ва дар ин муддат

раванди рӯ ба рушд дошта аст. Ба унвони намуна истифода аз интернет барои резерв ҷо дар меҳмонхона, резерв билети ҳавопаймо дар ҳама ҷойи дунё амри роиҷ аст. Бар асоси омор комиссиюни гардишгарии Канада, як чаҳорум мардуми Канада ва 35% аз хонаводаҳои амрикойи сафари интернети мекунанд ва тақрибан бидуни сарфи ҳазина ва вақт, ба ҳама ҷо меравaнд ва лаззат мебаранд.
Дар сурати эътиқод ба рақобати будани ин бахш истиқбол аз фановарии иттилоот ва заминасозӣ тавсиаи гардишгарии электроники аз мавзӯъҳои асосӣ ва таъйинкунанда хоҳад буд. Ин навъ гардишгарӣ барои муаррифӣ ҷозибаҳои бостонӣ, биноҳои ҷаззоб, ашёи қиматӣ ва ҳар падидаи моддии дорои форум, ҳаҷм ва андозаи корбурд дорад ва барои тамоми кишварҳо ба хусус кишварҳои тавсиа наёфта ва дар ҳоли тавсиа, ки ағлаб аз имконот ва зерсохтҳои муносиб ва кофӣ бархурдор нестанд ё эҳдоси тавсиаи онҳо бисёр гарон ва дар кӯтоҳмуддат ғайри мумкин аст, муносибтар аст.

Бинобар ин тавсиаи ин навъ гардишгарӣ дар манотиқ ва кишварҳои аҳамияти таъйинкунанда хоҳад дошт, ки умдатарин таъйиди онҳо бар боздид аз мероси бостонӣ ва соири падидаҳои моддӣ дорои форум ва ҳаҷм ва андоза аст. Ин навъ гардишгарӣ дар кишварҳои дорои мушкил дар хусуси нерӯи инсонӣ омӯзиш дида аз ҷумла, тӯргардонӣ ва роҳнамоёни тӯр муассир хоҳад буд. Гардишгарӣ электроники барои афроди монанди муҳаққиқон, ки сирфан барои мутолиа ба рӯйи як ҷозиба аз он боздид мекунанд, бисёр муфид аст, чаро ки имкони баррасӣ ва мутолиаро то ҳаде дар маҳалли зиндагӣ ё таҳқиқи худ хоҳанд дошт.

Дар ин навъ гардишгарӣ имкони муаррифии саноеи дастӣ вуҷуд дошта ва ҳатто аз тариқи тиҷорати электроник ба фурӯши тавлидот ва саноеи дастӣ кумак мешавад. Ҳамчунин ин навъ гардишгарӣ гузинаи ҷадид барои кунтрул ва маҳори осори манфии иҷтимоӣ ва нигарониҳои билқувваи гардишгарӣ барои бархе кишварҳо аст. Ба унвони намуна кишварҳое, ки аз иртиботи мустақими афроди ҷомеаи худ бо хориҷиҳо нигарон ҳастанд аз ин тариқ метавонанд ҷозибаҳо ва мероси худро муаррифӣ кунанд.

**Паёмадҳои билқувваи тавсиаи гардишгарӣ бар иштиғол.** Дар ҳоли ҳозир гардишгарӣ фаъолияти қудратманд ва ҳирфаии бузург дар сатҳи ҷаҳон аст. Ба наҳве, ки ибтидо қабл аз нафт, онгоҳ ҳам радифи он сипас болотар аз он қарор дорад. Дар соли 1992 аз ҳар 15 нафар шоғил дар ҷаҳон, як нафар дар бахши гардишгарӣ фаъол будаанд ва кулли шоғилони ин бахш дар ҳамон сол 130 миллиюн нафар будааст. Дар ҳоли ҳозир мизони 10% аз шоғилони дунё дар машоғили вобаста ба бахши гардишгарӣ фаъолият доранд. Мизони даромади фаъолияти гардишгарӣ аз соли 1950 то 1992 ба 132 баробар шуда ва тибқи баровардаҳои қабли дар соли 2005 беш аз 150 миллиюн нафар дар ин бахш машғӯл ба кор шудаанд.

Аз соли 1990 то соли 2005 ҳудуди 40 миллиюн шуғл дар ин бахш эҷод шуда аст ва аз соли 2000 то кунун низ ҳар сола 750 миллиюн нафар ба гардишгарӣ мепардозанд. Даромади гардишгарӣ дар соли 2005 ҳудуди 5\6 даромади нохолиси ҷаҳон будааст. Бар асоси эъломи созмони ҷаҳони гардишгарӣ дар соли 2010 дар ҳудуди 1 миллиарду 18 миллиюн нафар ба гардишгарӣ машғул будаанд ва даромади ҳосил аз гардишгарии байналмилалӣ дар ҳамон сол ба ҳудуди 1 ҳазор миллиард доллар расид.

**Арзиш ва аҳамияти санъати ҷаҳонгардӣ.** Навъе тафаккури суннатӣ мабни бар ин ки машоғили вобаста ба санъати гардишгарӣ ба лиҳози маҳорат ва мизони музди дарёфте дар радаи пойини қарор доранд, дар миёни сиёсатмадорон ба чашм мехурад. Ба назари онҳо идомаи ин равиш барои қарни 21 аслан иқтисодӣ ва **наздик** ба сарфа нест, аммо ба назар меояд, ки ин қабил афрод дар ҳангоми арзёбӣ машоғили марбут ба ин санъат авомиле аз ҷумлаи масоили зайлро дар назар намегиранд.

Санъати ҷаҳонгардӣ наметавонад ба дур аз баҳраманди аз пешрафти ҳосила дар улуми мухталиф бошад. Ин санъат дунболи мавқеиятҳое аст, ки мудирони бо техник болоро дар пустҳо ва муносиби мухталиф, дафтари ҳавопаймойи ва машоғили вобаста ба кор бигуморанд. Онҳо дунболи фурсате ҳастанд, ки системҳои муратабат ба кори худро ба охирин таҷҳизоти компютерӣ муҷаҳҳаз созанд ва албатта ба дунболи ин ҳастанд то тароҳӣ ва барномарезиҳои усулиро мади назари худ қарор диҳанд ва онҳоро пиёда кунанд.

Дар мавриди музд ва подоши афроди бо машоғили мухталиф дар ин санъат бояд изҳор дошт, ки мизони дастмузд дар ин бахш аз дастмуздҳое, ки ба дигар санъатгарон пардохт мешавад на танҳо камтар нест, балки дар мавоқеъ ҳатто бештар мебошад. Дар сатҳи мухталифи ин санъат метавон машоғили тахассуси ва қобили аҳамиятро мушоҳида кард. Дар зимн бояд изъон дошт, ки афроди бисёре низ дар ин санъат ҳузӯр доранд, ки дорои собиқа ва таҷрибиёти гуногуне дар ин бахш ҳастанд. Бояд дар назар дошт, ки дар ҳангоми бекорӣ ҳар шуғли вулӯ ночиз дар сатҳи пойин метавонад бисёр муҳим бошад. Бисёре аз кишварҳои санъатӣ ҳам акнун шоҳиди ҳузӯри дар сади болойи аз афроди бекор ҳастанд ва дар ин байн бештари афроде, ки ба чашм меҳӯранд маҳорат ва тахассусе надоранд, лизо ин ҷо аст, ки ҳар шуғле ҳоизи аҳамият аст ва дар ин иҷтимоот, ин қабил шуғлҳои бисёр пойин низ дорои мартабаи болойи мебошанд.

Дар ҷавомеъ ва кишварҳои бо иқтисод бартар, ки мушкили бекори камтар доранд низ афроди бо тахассуси боло ва ҳатто афроди бо тахассуси пойин низ метавонанд дорои ҷойгоҳи марбут ба худ бошанд. Онҳо дар ҳар сурат қодир ҳастанд муҷиботи афзоиши даромади бештар дар ҷомеаро фароҳам созанд.

Хотирнишон месозад муҳимтарин авомиле, ки дар ҷазби сармояҳои саргардон ба бахши ҷаҳонгардӣ ва дар натиҷа ба сармоягузорӣ бештар мунҷар мешавад, иборатанд аз:

**1.**Ҷиддияти бештар дар амри таблиғи санъати ҷаҳонгардӣ ба унвони манбае барои истиҳдом ва ба коргирии афроди бештар.

**2.**Анҷоми талошҳое дар амри равшан сохтани иртиботи мавҷуд байни санъати ҷаҳонгардӣ ва истиҳдоми афрод ва ироаи омор ва арқоми марбут ба ин бахш.

**3.**Парҳез ва ҷилавгирӣ аз бурӯзи масоил даст ва по гир аз аз ҷумлаи мавоние, ки дар бахши ҷазби нерӯи кор вуҷуд дошта ё аҳёнан дар созмонҳо ва бахшҳои мухталифи санъати вуҷуд дорад ва ҷиҳатдиҳӣ барои расидан ба навоварӣ, халлоқият ва ташвиқ ба амри таҳқиқ бештар дар заминаи санъати ҷаҳонгардӣ барои расидан ба шароити беҳтар ва ҷойгузини навоварӣ.

**4.** Рафъи мавонеи мавҷуд дар хусуси масоили марбут ба санъати ҷаҳонгардӣ аз тариқи тақвият, бахши хусуси ва равшан сохтан ва сароҳат додан ба қавонини марбута.

**5.** Сармоягузорӣ дар умури зербиноии кишвар, ки мунҷар ба густариш ва тавсиаи фурӯдгоҳо ва хатҳои роҳи оҳан ва ғ… хоҳад шуд. Дар саноеъ вобаста ба санъати ҷаҳонгардӣ дар ҳар ҳол бояд муроoти дарёфти молиёти машоғили гуногунро кард.

**6.** Анҷоми талошҳо барои шиносонидани аҳамияти санъати ҷаҳонгардӣ ба мардум ва ин ки афрод бидонанд ҷамоати бисёр зиёде дар бахшҳои мухталифи ин санъат машғул ба кор ҳастанд ё метавонанд бошанд.

**7.** Ҳамчунин бояд талошҳоеро дар ҷиҳати афзоиш сатҳи савод ва маълумот ва иҷрои барномаҳое ҷиҳати таълими тахассусҳои лозим барои беҳбуди маҳоратҳо ва халлоқиятҳо ва хадамоти ҷонибӣ анҷом дод.

**Дипломати гардишгарӣ.** Ба эътиқоди бисёре аз коршиносон, муваффақият ё шикасти санъати ҷаҳонгардӣ дар ҳар кишвар ба таври мустақим ба аъмоли сиёсатҳои ҳимоятӣ давлат боз мегардад ба наҳве, ки ҳарчи қадар ҳимояти давлат нисбат ба гардишгарӣ густурдатар бошад, шукуфойи ин бахш ҳам бештар хоҳад буд.

Таҷрибаи Чин, Иморати Муттаҳидаи арабӣ ва бисёре аз кишварҳои дигар дар солҳои охир ҳоки аз ин аст, ки фароҳам кардани зерсохтҳои муносиб дар хусуси гардишгарӣ, рушди иқтисодӣ ва афзоиши қобили таваҷҷӯҳ даромадро барои ин кишварҳо ба армуғон оварда аст. Аз сӯйи дигар маҷмӯаи авомили тӯлӣ ва арзӣ сабаб гашта то давлатмардон ба падидаи гардишгарӣ ба далели нақши муассире, ки метавонад ифо кунад ба унвони як **аҳром** дар равобити дипломатӣ бингаранд, чаро ки ин санъат метавонад кишварро аз ҳолати иқтисодӣ маҳсули раҳойи бахшад.

Имрӯза бозори нафт, қаҳва, коучу ва бисёре аз колоҳои дигар, ки ба унвони манбаи даромади бархе аз кишварҳо маҳсуб мешавад, метавонад ба василаи қудратҳои **зинафъ** ва рақиб дучори талотум ё офатхез шавад.

Сармоягузории андак дар гардишгарӣ нисбат ба дигар саноеъ метавонад тағйирҳои бисёр мусбатеро ба ҳамроҳ дошта бошад. Аз сӯйи дигар таъсиргузори, ки гардишгарӣ дар иқтисоди кишварҳо дорад мӯҷиб шуда, то гардишгарӣ ба унвони яке аз мавзӯъҳои гуфтугӯ байни ҳайатҳои баландпояи хориҷӣ ба шумор ояд. Ба иборати дигар «дипломатӣ бар пояи гардишгарӣ» шакл гирифта ва аз ин рӯ муваффақ шуда, ба тадриҷ ҷойи худро дар **маоҳадот** ва қарордодҳои байналмилалӣ боз кунад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки роҳи гардишгарон барои вуруд ба кишвар аз сафоратхонаҳо мегузарад ва давлат ҳам ба сафиронаш ба унвони баландпоятарин намояндагони худ ихтиёроти зиёде ато карда ва онҳо ба таври мустақим ва ғайри мустақим нақши боризеро дар пазириши гардишгарон ифо мекунанд, лизо сафирони муҳтарам бо аъмоли дипломатӣ хос ва бо риояти тамоми ҷонибҳо ва масоили дохилӣ ва хориҷӣ ва минтақаи гардишгариро мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳанд, чаро ки иҷройи шудани «дипломати гардишгарӣ» таъсири бисёр мустақиме дар масоили иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ хоҳад дошт.

### АДАБИЁТ


1. Албонӣ Сайид Маҳдӣ. Усул ва бинои ҷаҳонгардӣ. Теҳрон, интишороти Бунёди мустазъафон,1283.

2. Бек Муҳаммадӣ Ҳасан. Нигориши нав ба осори иқтисодӣ тавсиаи ҷаҳонгардӣ, иттилооти сиёсӣ-иқтисодӣ шумораи 157-158, 1379.

3. Попули Яздӣ, Муҳаммад Ҳусайн ва Маҳди Сақоӣ. Гардишгарӣ (моҳият ва мафоҳим), созмони интишороти Вазорати фарҳанг ва Иршоди исломӣ, соли 1385.

5. Доналд Лоидбарг. Ам дар иқтисоди гардишгарӣ, мутарҷим Муҳаммадризо Фарзин.Ширкати чоп ва нашри бозоргонӣ, 1383.

6. World tourism organization Economy magazine tourism highlights, zoll, Madrid, Spain.

## РАЗВИТИЕ ТУРИЗМА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ

Туризм является одной из крупнейших и динамичных отраслей экономики. Высокие темпы его развития, большие объёмы валютных поступлений активно влияют на различные сектора экономики, что способствует формированию собственной туристской индустрии. Для повышения уровня жизни населения, получения новых знаний, дополнительных источников дохода, устойчивого и стабильного развития многие страны заинтересованы в развитии туризма своей страны.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** :туризм, развитие туризма, формирование туристской индустрии, . дополнительные источникидохода.

## DEVELOPMENT OF TOURISM AND ITS INFLUENCE ON ECONOMY

Tourism is one of the largest and dynamic branches of economy. High rates of its development, large volumes of currency receipts actively influence on various sector of economy that promotes formation of own tourist industry. For increase of a standard of living of the population, receiving new knowledge, additional sources of the income, sustainable and stable development many countries are interested in development of tourism of the country.

**KEY WORDS:** tourism, tourism development, formation of the tourist industry. additional income sources.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ризо Исмоили Окобобои*** - соискатель Института экономики и демографии АН РТ

# КОРБУРДИ РАВИШҲОИ ПЕШБИНИИ ФУРӮШ ДАР ТАХМИНИ НЕРӮИ ИНСОНИИ СОЗМОНҲО

*Ҳасан Султонӣ*
**Пажӯҳишгоҳи иқтисод ва демографияи АИ ҶТ**

Чолишҳои зиёде бар тақозои нерӯи инсонӣ асар мегузорад, ки тағйирот дар муҳит, созмон ва нерӯи кор аз он ҷумла ҳастанд. Ин авомил дар барномаҳои баландмуддат ва кӯтоҳмуддати иштиғол муштараканд. Бархе аз ин авомил ва далоил дар контроли созмон ва бархе дигар хориҷ аз контроли созмон ҳастанд.

**Чолишҳои берунӣ.** Пешбинии пешрафтҳои муҳити созмон дар кӯтоҳмуддат, барои мутахассисини персоналӣ мушкил аст ва гоҳе авқот тахмини он дар баландмуддат низ ғайримумкин аст. Соири пешрафтҳои иқтисодӣ низ дорои асари қобили таваҷҷӯҳ, аммо мушкил барои тахмин ҳастанд, таварум, адами иштиғол ва нархи баҳра намунаҳое аз ин даст ҳастанд, ки бахши сохтмонсозӣ ва ниёз барои коргарони сохтмониро коҳиш медиҳанд. Пешбинии чолишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва қонунӣ осонтар аст, аммо табаоти он ба нудрат ошкор аст.

Технологияи равиши анҷоми фаъолиятҳои тиҷориро тағйир медиҳад, аммо пешбинӣ ва арзёбии он мушкил аст. Эътиқоди бисёре аз афрод бар ин буд, ки муаррифии компютер боиси бекории васеъ хоҳад шуд, дар ҳоле ки имрӯза санъати компютер ба таври мустақим ё ғайримустақим боиси иштиғоли милионҳо нафар шудааст. Технология барномарезии нерӯи инсониро печида мекунад, зеро гироиш ба коҳиши иштиғол дар як воҳид (ба таври намуна, ҳисобдорӣ) ва афзоиши иштиғол дар қисмате дигар (монанди амалиёти компютерӣ)-ро дорад. Афзоиши истифода аз компютер – ба хусус шабакаҳои компютерҳои шахсии муртабит бо якдигар – ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки созмондиҳии муҷаддад ва ё «кӯчак кардан»-ро эъмол кунанд, ки худ муҷиби печидагии бештари фароянди барномарезии нерӯи инсонӣ мешавад. Истифода аз роботҳо ва соири ашколи автоматӣ ба сурати компютерӣ бидуни шак барномарезии иштиғолро ҳатто печидатар хоҳад кард.

Рақибҳо чолиши берунии дигаре ҳастанд, ки бар тақозои нерӯи инсонӣ асар мегузоранд. Рушди рақобати хориҷӣ бисёре аз созмонҳоро дар саросари дунё маҷбур кардааст, то барои бақои иқтисодӣ, нерӯи кори худро коҳиш диҳанд. Талош барои ҳазинаҳои поинтари нерӯи кор, бархе аз ширкатҳоро маҷбур ба тахсиси муҷаддади таҷҳизот ё якпорча кардани амалиёти худ дар саноее монанди автомобил, электроник, пардозиши додаҳо ва ҳатто таҳқиқ ва тавсиа кардааст.

**Тасмимгирҳои созмонӣ.** Тасмимҳои аслии созмонӣ бар тақозои нерӯи инсонӣ асар мегузорад. Барномаи стратегии созмон аз муассиртарин тасмимоти созмонӣ аст. Барномаи стратегӣ созмонро ба аҳдофи баландмуддат монанди нархи рушд, маҳсулоти ҷадид, бозорҳо, ё хадамот муттаҳид мекунад. Ин аҳдоф теъдод ва навъи коркунони мавриди ниёзи ояндаро таъйин мекунад. Агар қарор бошад аҳдофи баландмуддат бароварда шавад, мутахассисини персоналӣ бояд барномарезии нерӯи инсонии баландмуддатеро тадвин кунанд, ки муносиб бо барномаи стратегӣ бошад. Дар кӯтоҳмуддат, барномарезон, барномаҳои стратегиро ба сурати амалиётӣ дар қолиби буҷа меёбанд. Коҳишҳо ё афзоишҳои буҷа муҳимтарин асарро бар ниёзҳои нерӯи инсонӣ дар кӯтоҳмуддат доранд.

Пешбиниҳои фурӯш ва тавлид агарчи ба диққати будҷаҳо нестанд, аммо мумкин аст, таваҷҷӯҳи сареътар ба тағйироти кӯтоҳмуддати тақозои нерӯи инсониро муҷиб шаванд.

Нодида гирифтани таъдил нисбат ба тақозои иштиғоли коҳишёфта мумкин аст, мусталзами коҳиши нерӯи инсонӣ ё ихроҷ шавад.

Фаъолиятҳои ҷадид низ ба маънои тағйири ниёзҳои нерӯи инсонӣ аст. Ҳангоме ки як фаъолияти ҷадид дар даруни ширкат аз ибтидо шурӯъ шудааст, замони анҷоми кор мумкин аст, ба барномарезон фурсат диҳад, то барномаҳои иштиғоли баландмуддат ва кӯтоҳмуддатро тадвин кунанд. Фаъолияти ҷадиде, ки бо як харид ё идғом шурӯъ шуда бошад, муҷиби як бознигарии отӣ аз ниёзҳои нерӯи инсонӣ мешавад ва метавонад мунтаҳӣ ба созмондиҳии муҷаддад ва ё тарроҳии ҷадиди мушоғил шавад. Созмондиҳии муҷаддад, ба хусус баъд аз як харид ё идғом, метавонад ба шиддат ниёзҳои нерӯи инсониро тағйир диҳад. Афзун бар он, тарроҳии муҷаддади машоғил сатҳи маҳоратҳои мавриди ниёзи отии коркунонро тағйир медиҳад. Замоне ки ширкатҳо ба таври мустамар ба харид, идғом, ҳазфи қисматҳо, вуруд ба фаъолиятҳои ҷадид ва раҳоӣ аз фаъолиятҳои қадимӣ даст мезананд, мудирият бояд асоси тасмимҳои стратегии худро беш аз пеш бар мулоҳизоти нерӯи инсонӣ поярезӣ кунад: татбиқи маҳоратҳо бо машоғил, нигаҳдории персанали калидӣ пас аз якпорчагӣ, ҳалли мушкилоти нерӯи инсонӣ, ки аз тағйироте монанди технологияи ҷадид ё такмили таҷҳизот ба вуҷуд меояд.

**Нерӯи кор.** Тақозо барои нерӯи инсонӣ бо амалиёте монанди бознишастагӣ, истеъфо, инфисол, фавт ва мураххасӣ, таъдил ва ислоҳ мешавад. Ҳангоме ки теъдоди зиёде аз коркунон даргири ин масъала бошанд, таҷоруби гузашта маъмулан ба унвони як роҳнамои дақиқи мантиқӣ ба кор гирифта мешавад. Аммо, такя бар таҷоруби гузашта бад-ин маъност, ки мутахассисини персоналӣ бояд нисбат ба тағйироте, ки раванди гузаштаро мунҳариф месозад ҳассос бошад.

**Шеваҳои пешбинӣ.** Пешбиниҳои нерӯи инсонӣ талошҳоест дар тахмини тақозои отии созмон ба нерӯи инсонӣ. Шеваҳои пешбинӣ маҳдудае аз равишҳои ғайрирасмӣ то печидаро дар бар мегирад, аммо, ҳатто печидатарини равишҳо низ комилан дақиқ нестанд, балки дар беҳтарин ҳолат ҳам тахмин ба шумор меоянд. Аксари ширкатҳо фақат баровардҳои тасодуфӣ дар бораиояндаи наздик мекунанд. Ба ҳамон андоза, ки ширкатҳо дар пешбинии ниёзҳо ба нерӯи инсонӣ таҷриба касб мекунанд, мумкин аст, битавонанд аз равишҳои печидатаре истифода кунанд (ба хусус агар битавонанд, ҳазинаи нерӯи мутахассисро таҳаммул кунанд). Акнун ба шарҳи ҳар як аз равишҳои пешбинӣ мепардозем.

**Равишҳои пешбинии баровардиотии ниёзҳои манобеи инсонӣ**

| **Равишҳои дигар** | **Раванди отӣ** | **Мутахассисин** |
|---|---|---|
| таҷзия ва таҳлили барномарезӣ ва будҷа | фароёбӣ Extrapolation. | тасмимҳои онӣ ва ғайрирасмӣ |
| таҷзия ва таҳлили фаъолиятҳои ҷадид | шохиссозӣ Indexation. | баррасии расмии мутахассисин |
| моделҳои компютерӣ | таҷзия ва таҳлили омор | равиши гурӯҳи исмӣ Nominal Group Technique (NGT). |
| | | равиши делфӣ Delphi Technique. |

**Пешбиниҳои мутахассисин.** Пешбинии мутахассисин бар пояи қазоват онҳоест, ки аз ниёзҳои отӣ ба нерӯи инсонӣ огоҳ ҳастанд. Аз он ҷо ки аксари тасмимоти иштиғол тавассути мудирони саф гирифта мешавад, барномарезони нерӯи инсонӣ бояд равишҳоеро барои огоҳ шудан аз ниёзҳои иштиғоли мудирон таъбия кунанд. Дар созмонҳои кӯчак мудирони амалиётӣ ё мудири персоналӣ мумкин аст, дорои тамоми иттилооти мавриди ниёз бошанд. Дар созмонҳои бузургтар содатарини равишҳо, мутолиа ва баррасии мудиронест, ки дар бораи ниёзҳои отии воҳидҳо ба нерӯи инсонӣ тахассусҳои ниҳоӣ доранд.

Баррасӣ мумкин аст, як оморгирии ғайрирасмӣ, як пурсишномаи мактуб, ё як баҳси мутамарказ бо истифода аз равиши гурӯҳи исмӣ (NGT) бошад. Дар равиши гурӯҳи исмӣ, гурӯҳе байни 5 то 15 нафар аз мудиронро интихоб мекунем ва як масъала, монанди «Чӣ омиле боиси тағйири ниёзҳои мо барои нерӯи инсонӣ дар соли оянда хоҳад шуд?»-ро барои онҳо матраҳ мекунем. Сипас ҳар як пешниҳодҳои худро бо ҳар теъдод посух менависад. Пас аз панҷ то даҳ дақиқа пешниҳодҳо дар ҷаласае матраҳ мешавад, то замоне ки тамоми назарҳои навишташуда ва ё ҳар назари ҷадиди натиҷа гирифташуда, аз баҳс бознависӣ шавад. Пешниҳодҳо, мавриди баҳс қарор мегирад ва бо раъйи ҳар узв се то панҷ пешниҳоди бисёр муҳим мушаххас мешавад.

Агар мутахассисин аз равиши гурӯҳи исмӣ ба тавофуқ ноил нашаванд, равиши печидаи дигаре ба номи равиши делфӣ метавонад ба равиши баррасӣ изофа шавад. Ин равиш баровардҳои ниёзҳои нерӯи инсониро тавассути гурӯҳе аз мутахассисин, ки маъмулан мудирон ҳастанд мушаххас мекунад. Сипас барномарезони воҳиди персоналӣ ба унвони воситаҳоӣ, посухҳои мухталифро хулоса мекунанд ва ёфтаҳои худро ба мутахассисин гузориш медиҳанд. Пас аз дарёфти ин бозхур бори дигар аз

мутахассисин назархоҳӣ мешавад, ин амал бори дигар такрор мешавад ва то он ҷо идома меёбад, ки пешниҳодҳо ба ҳам наздик шаванд (маъмулан чаҳор ё панҷ пешниҳод кофӣ аст). Барои намуна, воҳиди персоналӣ мумкин аст, аз тамоми мудирон ва сарпарастони воҳиди тавлид назархоҳӣ кунад, то дар бораи теъдоди ҷойгузиниҳое, ки дар соли оянда мавриди ниёз аст, тавофуқе ба даст оварад.

Ба таври хулоса, равиши делфӣ як равиши расмӣ барои касби тавофуқ дар миёни шуморе аз мутахассисин бо истифода аз як маҷмӯаи пурсишномаҳост. Камоли матлуб он аст, ки мутахассисин надонанд чӣ каси дигаре дар додани пешниҳод даргир аст. Равиши делфӣ шомили мароҳили зер аст:

1. Ироаи масъала ба аъзои гурӯҳ барои ёфтани роҳи ҳалли билқувва аз тариқи пурсишнома;
2. Такмили пурсишнома тавассути ҳар як аз аъзои гурӯҳ;
3. Ҷамъоварии натоиҷ, табйин ва ироаи як пурсишномаи дақиқтар ва таҷдиди назаршуда ба аъзои гурӯҳ;
4. Такмили пурсишномаи ҷадид тавассути аъзои гурӯҳ;

Ин фароянд он қадар идома меёбад то тавофуқ ҳосил шавад.

**Пешбиниҳо бар асоси раванд.** Шояд сареътарин равиши пешбинӣ, баррасии раванди гузашта бошад. Ду равиши бисёр сода «фароёбӣ ва шохиссозӣ» аст. Равиши фароёбӣ иборат аст, аз таъмими нархҳои гузашта ба оянда. Барои намуна, агар ба таври мутавассит 20 коргари тавлид дар тайи ду соли гузашта дар ҳар моҳ истиҳдом шудаанд, фароёбӣ, ки ба оянда мутамоил аст пешбинӣ хоҳад кард, ки 240 коргари тавлид дар хилоли соли оянда изофа хоҳад шуд.

Равиши шохиссозӣ як равиши пешбинии ниёзҳои иштиғоли отӣ аст, ки рушди иштиғолро дар муқобили як шохиси хос андозагирӣ мекунад. Як намунаи маъмул, нисбати тавлиди коркунон ба фурӯш аст. Ба унвони намуна, мумкин аст барномарезон ба ин натиҷа расанд, ки дар изои ҳар мизони муайян афзоиш дар фурӯш, воҳиди тавлид ниёз ба афзоиши ду коргар дар хатти мунтож дорад.

Фароёбӣ ва шохиссозӣ дар кӯтоҳмуддат тахминҳои хоме ҳастанд, зеро фарз бар ин аст, ки авомили муассир дар тақозо – берунӣ, созмонӣ ва нерӯи кор – собит хоҳанд монд, ки дар воқеият ба нудрат инчунин аст. Ин равишҳо барои пешбинии нерӯи инсонӣ дар баландмуддат аз диққати болоӣ бархурдор нестанд. Таҷзия ва таҳлилҳои омории печидатар баррасии авомили аслии тағйироти тақозоро имконпазир месозад.

**Соири равишҳои пешбинӣ.** Равишҳои дигаре вуҷуд дорад, ки барномарезон метавонанд тақозои отии нерӯи инсониро пешбинӣ кунанд. Равиши таҷзия ва таҳлили барномарезӣ ва буҷа яке аз онҳост. Созмонҳое, ки ниёз ба барномарезии нерӯи инсонӣ доранд, маъмулан дорои буҷаҳои тафсилӣ ва барномаҳои баландмуддат ҳастанд. Мутолиаи буҷаи ҳар воҳид дар созмон ихтиёроти молӣ барои коркунони бештарро маълум месозад. Ин иттилоот ба изофаи фароёбии тағйироти нерӯи кор (истеъфо ва инфисол) метавонад баровардҳои ниёз ба нерӯи инсонӣ дар кӯтоҳмуддатро мушаххас кунад. Баровардҳои баландмуддат метавонад аз барномаҳои баландмуддати ҳар воҳид ё қисмат ба даст ояд.

Ҳангоме, ки фаъолиятҳои ҷадид барномарезии иштиғолро печида мекунад, барномарезон метавонанд таҷзия ва таҳлили фаъолияти ҷадидро ба кор баранд. Таҷзия ва таҳлили фаъолияти ҷадид мусталзами он аст, ки барномарезон ниёз ба нерӯи инсониро аз тариқи муқоиса бо ширкатҳое, ки амалиёти мушобеҳ анҷом медиҳанд баровард кунанд. Барои намуна, як ширкати нефтӣ, ки барои боз кардани як маъдани зуғолсанг барномарезӣ мекунад ниёзҳои иштиғоли отии худро метавонад, бо мутолиаи сутуҳи иштиғоли соири маодани зуғолсанг ба даст оварад.

Дар равишҳои печидатари пешбинӣ аз компютер истифода мекунанд. Моделҳои компютерӣ маҷмӯае аз формулаҳои риёзӣ аст, ки ба таври ҳамзамон аз равишҳои фароёбӣ, шохиссозӣ, натоиҷи баррасиҳо ва баровардҳои тағйироти нерӯи кор ба манзури муҳосибаи ниёзҳои отӣ ба нерӯи инсонӣ истифода мекунад. Бо гузашти замон, тағйироти воқеӣ дар тақозоҳои нерӯи инсонӣ барои полоиши формулаҳои компютерӣ ба кор бурда мешавад.

Дар пешбинии нерӯи инсонӣ чаҳор сатҳи печида вуҷуд дорад. Мароҳили пешбинии нерӯи инсонӣ аз баҳсҳои сода шурӯъ ва ба системҳои бисёр печидаи пешбинии компютерӣ хатм мешавад. Равишҳои печидатар дар созмонҳои бузург, ки дорои солиёне таҷриба ҳастанд ба кор меравад, дар ҳоле ки ширкатҳои кӯчак ё созмонҳое, ки тоза шурӯъ ба пешбинии ниёз ба нерӯи инсонӣ мекунанд, ба эҳтимоли зиёд аз сатҳи аввал шурӯъ карда ва дар фароянди пешбинӣ дар ҷустуҷӯи диққати бештар ба мароҳили дигар ҳаракат мекунанд. Бархе аз равишҳои пешбинӣ дорои моҳияти каммӣ аст, дар ҳоле ки бархе дигар дорои моҳияти кайфӣ ҳастанд. Чанд равиши дигари пешбинӣ, ки маъруф ҳастанд ба таври мухтасар баҳс мешавад.

**Пешбинӣ бар мабнои сифр** (Zero-base forecasting)**.** Равиши пешбинӣ бар мабнои сифр аз сатҳи феълии иштиғоли созмон ба унвони нуқтаи шурӯъ барои таъйини ниёзҳои отӣ истифода мекунад. Агар корманде бознишаста ё аз хидмат мунфасил шавад ва ё ба ҳар далеле созмонро тарк кунад, ин пӯсти холӣ ба таври худкор пур намешавад, балки бо анҷоми як таҷзия ва таҳлил таъйин мегардад, ки

оё созмон метавонад пур кардани пӯсти холиро тавҷеҳ кунад. Замоне ки ба назар мерасад машоғили ҷадиде мавриди ниёз аст, диққати мушобеҳе дар мавриди эҷоди ин машоғили ҷадид ба кор бурда мешавад. Калиди аслии пешбинӣ бар мабнои сифр анҷоми як таҷзия ва таҳлили комил аз ниёзҳои созмон ба нерӯи инсонӣ дар тавҷеҳи тасмимгириҳои иштиғол аст.

**Равиши поин ба боло** (Bottom-up approach)**.** Бархе аз созмонҳо мумкин аст, аз равиши поин ба боло барои пешбинии нерӯи инсонӣ истифода кунанд. Чунин равише бар ин мантиқ устувор аст, ки мудири ҳар воҳид огоҳтарин фард дар бораи ниёзҳои иштиғол аст. Равиши поин ба боло як равиши пешбинӣ аст, ки пешрафти суудӣ дар созмонро аз воҳидҳои поинтари созмоне, ки ниҳоятан ба манзури фароҳам кардани тахмини кулли ниёзҳои иштиғол аст анҷом медиҳад. Ҳар сатҳи мутаволӣ дар созмон ниёзҳои иштиғоли худро пешбинӣ мекунад. Чунончи мудирон ниёзҳои персоналии худро ба таври адворӣ пешбинӣ кунанд ва ниёзҳои иштиғоли феълии худро бо ниёзҳои пешбинишуда муқоиса ва ба воҳиди персоналӣ замони кофӣ барои кашфи манобеи дохилӣ ва хориҷии нерӯи инсонӣ бидиҳанд, натиҷа метавонад як пешбинии нерӯи инсонии асарбахш бошад. Бар тибқи назар яке аз дастандаркорон, маъмултарин равиши пешбинии нерӯи инсонӣ, такяи асосӣ бар қазовати мудирони воҳид, ҳамроҳ бо таҷзия ва таҳлилҳои омори пояӣ аст.

**Истифода аз мутағайирҳои пешбинӣ** (Predictor variables)**.** Равиши дигари пешбинии ниёзҳои нерӯи инсонӣ, истифода аз ниёзҳои иштиғоли гузашта ба унвони як мутағайири пешбинии ниёзҳои отӣ аст. Яке аз муфидтарин мутағайирҳои шинохташудаи пешбинӣ, ки бар сатҳи иштиғол асар мегузорад, ҳаҷми фурӯш аст. Робитаи мавҷуди байни тақозо ва теъдоди нерӯи инсонии мавриди ниёз, як робитаи мусбат аст, яъне ҳарчи фурӯш изофа шавад, бар теъдоди коркунони мавриди ниёз изофа мешавад. Бо истифода аз ин равиш, мудирони қодир ба тахмини теъдоди коркунони лозим дар сутуҳи мухталифи тақозо ҳастанд.

**Таҷзия ва таҳлили регресюн** (Regression analysis)**.** Барои пешбинии як омил (мутағайири вобаста) бо огоҳӣ аз соири авомил (мутағайирҳои мустақил) ба кор бурда мешавад. Ҳангоме, ки як мутағайири вобаста ва як мутағйири мустақил вуҷуд дорад, фарояндро регресюни хаттии сода меномем, ҳангоме ки беш аз як мутағайири мустақил вуҷуд дорад, равишро регресюни чандҷониба меноманд.

Ба далели равобити мустақими мавҷуд байни тақозо барои тавлидот ва хадамоти як ширкат ва сатҳи иштиғол, ғолибан аз таҷзия ва таҳлили регресюн барои пешбинии сатҳи иштиғол истифода мешавад. Аммо дар бештари маворид, сатҳи иштиғол тавассути чандин мутағайири мустақил таъйин мегардад, ки дар ин ҳолат регресюни чандҷониба мавриди ниёз аст. Ба ҷои пешбинии сутуҳи иштиғол танҳо тавассути иттилооти фурӯш, мумкин аст, аз мутағайирҳои дигаре монанди сатҳи корои нерӯи кор истифода шавад. Регресюни чандҷониба, дар муқоиса бо регресюни хаттии сода, ғолибан натоиҷи бартаре ба вуҷуд меоварад, зеро авомили мухталифе, ки мумкин аст бар сутуҳи иштиғол асар бигзорадро пешбинӣ мекунад.

**Шабеҳсозӣ** (Simulation)**.** Равише аст, ки дар он бо кӯмаки компютер як модели аз системи воқеиро таҷзия ва таҳлил мекунем, мудел намунае аз дунёи воқеӣ аст, бинобар ин як мудели шабеҳсозӣ талоше дар ироаи вазъияти дунёи воқеӣ ба василаи мантиқи риёзӣ, ба манзури пешбинӣ мавзӯе аст, ки воқеан иттифоқ хоҳад афтод. Равиши шабеҳсозӣ ба мудирони персоналӣ кӯмак мекунад, то саволҳое аз ин гунаро матраҳ кунанд: «Чӣ рух хоҳад дод, агар…» аз нуқтаи назари мудирияти манобеи инсонӣ, як мудели шабеҳсозӣ барои намоиши равобити таомилии бисёре, ки миёни сатҳи иштиғол ва соири мутағайирҳо вуҷуд дорад табиийн мешавад:

- Чӣ иттифоқе рух медиҳад, агар даҳ дарсад аз коркунон изофаи корӣ кунанд?
- Чӣ рух хоҳад дод, агар корхонаро ба ду ё се шифт табдил кунем?

Бо таваҷҷӯҳ ба ҳадафи мо аз табиини мудел, мудири манобеи инсонӣ метавонад, иттилооти қобили таваҷҷӯҳе аз як масъалаи хос қабл аз ахзи ҳар тасмими воқеӣ ба даст оварад.

**Натиҷагирӣ.** Ба манзури пешбинии мизони ниёз ба манобеи инсонӣ, ибтидо бояд мизони тақозо барои колоҳо ва ё хидматеро, ки созмони мавриди баррасӣ, тавлид ё ироа медиҳад тахмин зад. Ин тахмин сипас ба тақозо барои нафар – соати табдил мешавад. Барномаҳои баландмуддати ба дастомада, заруратан, шарҳи куллии ниёзҳои муҳтамал ҳастанд. Теъдоди муайяне аз ниёзҳо тахминзада ё ба далели диққати камӣ, ки дар ибтидо вуҷуд доштааст, ба куллӣ ҳазф мешаванд. Аммо ҳар қадар барномарезон бо илали тақозо ва равишҳои пешбинии он ошнотар шаванд, пешбинии тақозо барои манобеи инсонӣ дақиқтар хоҳад шуд. Ба далели мушаххастар будани барномаҳои кӯтоҳмуддат, мумкин аст онҳоро ба сурати ҷадвали иштиғол гузориш дод. Як ҷадвали иштиғоли ниёзҳои марбут ба иштиғоли отиро барои ҳар навъ шуғл ба сурати феҳраст арза мекунад. Феҳраст мумкин аст, марбут ба машоғили муайян ё тахминӣ аз ниёзҳо бар ҳасби диққати иттилоот асосӣ бошад. Ҷадовали иштиғол, ки ҷадовали нерӯи инсонӣ низ номида мешавад, хеле дақиқ ва комил

нестанд, зеро онҳо фақат дар ҳадди тахминианд, аммо ҳамин тахминҳо ба мутахассисини манобеи инсонӣ имкон медиҳад, ки тақозо ва арзаи кӯтоҳмуддатро бо якдигар мунтабиқ кунанд.

**Ачзои тақозои отӣ барои манобеи инсонӣ**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Далоили вуҷуди тақозо | Берунӣ | → | Равишҳои пешбинӣ | Мутахассисин | → | Кӯтоҳмуддат |
| | Созмонӣ | | | Раванди гузашта | | Тақозо барои манобеи инсонӣ |
| | Бозоркор | | | Соири равишҳо | | Баландмуддат |

Ҳангоме, ки пешбиниҳои отии тақозо барои нерӯи инсонӣ анҷом гирифт, гоми баъдӣ пур кардани машоғили пешбинӣ шудааст. Ду манбаи таъмини арзаи нерӯи инсонӣ вуҷуд дорад: манобеи дохилӣ ва манобеи хориҷӣ. Арзаи дохилии коркунони феълиро, ки метавонанд иртиқо ёбанд, мунтақил шаванд, ё ба манзури пур кардани машоғили холӣ таназзули мақом ёбанд, шомил мешавад. Манобеи хориҷӣ арзаи шомили афроди ғайришоғил ва коркунони созмонҳои дигар аст.

## АДАБИЁТ


1. Douglas McGregor. The Human Side of Enterprise (New York: McGraw-Hill, 1960), pp. 33-34, 47–48.
2. Kearney W.J. "The Value of Behaviorally Based Performance Appraisal," Business Horizons, Vol. 19 (June 1976): 75–83.
3. Langer S. (1988). The Abbott, Langer and Associates compensation report. Crete, IL: Abbott, Langer and Associates.
4. Lawler E.E. III, Pay and Organizational Effectiveness: A Psychological View (New York: McGraw-Hill Book Company, 1971), p.71.
5. Likert and Likert. New Ways of Managing Confict, pp. 48–50, 75.
6. McCulloch K.J. Selecting Employeess Safely under The Law. Englewood cliffs, NJ: Prentice Hall, 1981.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕТОДОВ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ПРОДАЖ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА ОРГАНИЗАЦИЙ


Понятие человеческого капитала является естественным развитием и обобщением понятий человеческого фактора, человеческого ресурса, человеческого потенциала и интеллектуального капитала. В то же время человеческий капитал является более широкой экономической категорией. Главными составляющими человеческого капитала являются ментальность, образование и накопленные знания. В статье автором рассматривается использование методов прогнозирования продаж в определении человеческого капитала организаций.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** человеческий капитал, понятие человеческого капитала, ментальность, образование и накопленные знания, использование методов прогнозирования продаж


## USE OF METHODS OF FORECASTING OF SALES IN DEFINITION OF THE HUMAN CAPITAL OF THE ORGANIZATIONS


The concept of the human capital is natural development and generalization of concepts of a human factor, a human resource, human potential and the intellectual capital. At the same time the human capital is wider economic category. The main components of the human capital are mentality, education and the saved-up knowledge. In article the author considers use of methods of forecasting of sales in definition of the human capital of the organizations.



**KEY WORDS:** the human capital, concept of the human capital, mentality, education and the saved-up knowledge, use of methods of forecasting of sales



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** *Хасан Султони* – соискатель Института экономики и демографии АН РТ


# ИРТИБОТИ БАЙНИ МУДИРИЯТИ ЗАНҶИРАИ ТАЪМИН (SCM) БО ТАВЛИДИ ЧОБУК (AM)


***Муҳаммад Алии Иноятии Шероз***

**Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Андимишк, Эрон**


Ширкатҳо дар қарни бисту якуми баид бар чолишҳои таъмини тақозоҳои муштариён барои маҳсулот бо кайфияти боло, аммо бо қимати поин ғалаба кунанд. Барои ин ҳадаф ширкатҳои бояд ба ниёзҳои мунҳасир ба фард ва ба суръати дар ҳоли тағйир посухгӯ бошанд. Акнун ширкатҳо ба таври ҷиддӣ дар ҳоли кашф омили билқувва мафҳум мудирият занҷираи таъмин (SCM) ҳастанд, то рушди даромадашонро беҳбуд бахшанд. Мудирияти муаттари занҷираи таъмини статегияи муваффақият дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва электроникӣ аст. Занҷираи таъмини посухгӯи шеваҳои ҷадид иҷрои ширкатҳо барои рафъи ин ҷолишҳоро унвон мекунад. Занҷираи таъмини посухгӯи породоим санъати ҷаҳони

тавлид дар қарни бистуякумро нишон медиҳад. Дар муҳити дар ҳоли тағйир ва рақобат ниёз ба тавзеҳи роҳи ҳалҳои бо коромади ҳазина барои созмонҳо ва тасҳилот вуҷуд дорад, ки бисёр иньитофпазир бошанд ва ба ниёзҳои бозор ё муштариён посухгӯ бошанд. Дар ин ҷо ҳадаф чорчӯбае барои сохтани занҷираи таъмин аст, ки иньитофпазир (мулоимтар) ва посухгӯ бошад. Мудирияти занҷираи таъмин ба сурати ҳамоҳангӣ ва танзими манобеъ ва баҳонасозӣ фаъолиятҳо дар миёни занҷираи арзиш ба манзури дастёбӣ ба мазитҳои рақобатӣ таъриф мешавад.

Мудирияти занҷираи таъмин ҳамоҳанги созмон мавриди ниёз дар ширкати чобук ё маҷозиро тасҳил мекунад. Инҳо иборат ҳастанд аз:

1. Тавсиаи шабакаи иттилоот ба ҳам муттасил шуда, дарбаргиранда гурӯҳи мунтахабӣ аз арзакунандагони омӯзишдида
2. Таодили мувофиқ миёни сатҳи поин (мизони камӣ аз мавҷудиҳо) мавҷудиҳо бо хидмати таҳвил ё кайфиятболӣ
3. Тарраҳӣ маҳсулоти навовар бо ҳамкории фаъоли арзакунандагон,
4. Таҳвил бо коромади хазинаи маҳсулоти хуб ба муштариёни муносиб дар замони муносиб.

Мафҳум ё таърифи занҷираи таъмини посухгӯ дар тасвири шумораи 1 ба тасвир кашида шудааст. Се фаъолкунандаи амудаи занҷираи таъмини посухгӯ яъне занҷираи арзиш ё як шабакаи мушорикатӣ аз ширкат, технологияҳо ва системаҳои иттилоот (IT), ва мудирияти дониш вуҷуд доранд. Таомил миёни ин занҷираи таъмини посухгӯ аст, ки дар он арзакуандагон нақши амудаҳои дар анҷоми фаъолиятҳои арзиши афзоянда ифоъ мекунанд.

Бо назар гирифтани вижагиҳои кулли истротиҷиҳо ва технологиҳои тавлиди чобук ва мудирияти занҷираи фаъолкунандагон занҷираи таъмини посухгӯ метавонанд ба сурати (1) барномарезии истротажик, (2) ширкатимаҷозӣ (3), мудирияти дониш ва фановарии иттилоот таъриф шаванд.

Бо баррасии мақолот кутуби марбут ба тавлиди чобук ва занҷираи таъмини таъмин ин се омили ба унвони аҷзои аслӣ тавсеи занҷираи таъмини посухгӯ шинохта шуданд. Аз ин рӯ ин баррасӣ бар мабнои се шохис амудаи занҷираи таъмини посухгӯ: (1) барномарезии истротиҷӣ (2) ширкати (тиҷорат) маҷозӣ (3), мудирияти дониш ва фановарӣ иттилоот қарор гирифтааст . Ҳадаф ин баррасии таъйини истротиҷиҳои муносиб, равишҳо ва технологияҳо аст, ки беҳбуди занҷираи таъмини посухгӯро имконпазир месозад. Барпои дастёбӣ ба чобукӣ мумкин аст ба тамарказ бар барномарезии истротиҷик, ширкати маҷозӣ ва дониш ва мудирияти фановарӣ иттилоот ниёз бошад. Ҷадвали зер хулосаи ин истротиҷиҳо, техникаҳо ва технологияҳо барои мудирияти занҷираҳои таъмин ва тавлиди чобук бар асоси баррасии кутуб ва мақолот бар баргузидашуда дар ҷадвали шумораи як ирона мешавад:

| Астротиҷиҳо, техникаҳо ва фановарии занҷираи таъмини посухгӯ ё тавлиди чобук | Манобеъ | Маирҳои табақабандӣ |
|---|---|---|
| Тимҳо, чанд риштае, шабакаи ширкатҳои IT KM машорикаткунанда, занҷираи лаҷистик, робитаи мушорикатӣ ва ҳамкорӣ бо арзакунандагон, нармафзор иньатофпазир барои чобукӣ, беҳбуди тавлидкунандагон, қарордодӣ, муҳандиси замон, сиёсатҳои иттилоотии бозоргонӣ, стратегияҳои робитаи муштарӣ ва арзакунанда, статегияи таъвиқ, ширкати тавзеъшуда, тафавузи ихтиёри корманд BTO-SCM، TOC ، TRIZ | [ 3-5، 12-30] pellew ، (1996) Kusiak (1997) Yusuf (1999) | Барномарезии истротиҷик |
| Шабакаи арзакунандагон, (салоҳиятҳо ҳастай, иттиҳодҳои истротиҷик, омӯзиш ва таҳсил, иртибот, фановарии иттилоот монанди барномарезии манобеи сармоягузорӣ, барқарории иртибот барои занҷираи таъмини ҷаҳонӣ, мудирияти фарояндҳо, тавсияи мушорикат, шабакаи лаҷистики коромад, тимҳои тафавузи ихтиёрдодашуда (қудратдодашуда), ҳамоити қонунӣ, лаҷистики маҷозӣ, тавлиди маҷозӣ, фановариҳои иртиботот ва компютер, робита ва сохтори созмонӣ | [ 3-5 ،31-41] | Ширкат ё созмони маҷозӣ |

| | | |
|---|---|---|
| Ширкатҳои тасмимгиранда ва ҳискунанда ، EDI ، хушманд AD/CAM интернет MRPII чорчуби ، WWW ، тиҷорат электроник мудирияти додаҳо мудириятманобеъ CRM инсонӣ системаи иттилоотӣ ё фановарии иттилоот дар хусуси личастик и маъкус, интихоботи фановарӣ ، ECR ، ، иттилоотӣ ё системаи иттилоот RFID ва барномарезии манобеи тиҷорӣ ва руботҳо CRM | [ 31 ، 13 ، 42– 51 ] Вилдинг (1998) | Мудирияти дониш ва фановарии иттилоот |

Ҷадвали 2 – муқоисаи маҳсули холис ё занҷираи таъмин, чобук ва занҷираи таъмин

| Занҷираи таъмини посухгӯ | Чобукӣ | Маҳсули холис ё занҷираи таъмин | Аҳдоф ва таъйинкунандагон |
|---|---|---|---|
| Ҳазинаҳои коҳишёфта, суръат ва инъатофпазирии афзоишёфта | Суръат ва инъатофпазирии афзоишёфта, ҳазинаи меъёри амуди ва аслӣ нест | Ҳахинаҳои коҳишёфта, суръат мутавассит ва инъатофпазирӣ | Аҳдоф |
| Мудирияти таъмин, иттиҳодҳо истротичик, манобеъёбии хориҷӣ ва ҷаҳонӣ ва фановарии иттилоот | Салоҳиятҳо (тавоноиҳои) ҳастаӣ, манобеъёбии хориҷии ҷаҳонӣ, ширкатҳои маҷозӣ | Теъдоди арзакунандагон, манобеъёбӣ аз хориҷ, фановарии иттилоот | Барномарезии истротичик |
| Ширкати маҷозӣ якпорчасозии занҷираи таъмин ва фановарии иттилоот | Ширкати маҷозӣ ташкили мушорикат бар мабнои салоҳиятҳо (тавоноиҳо) ҳастаӣ ва фановарии иттилоот | Беҳбуди арзакунанда | Сохтори созмон |
| Омӯзиш ва таҳсил барои фаъолият дар муҳити ҷаҳонӣ, системаҳои барномарезии манобеи тиҷорӣ | Нерӯи кори чобук ва огоҳ, системаҳои барномарезии манобеи тиҷорӣ | Якпорчасозии занячираи таъмин коргарони огоҳ | Дониш ва фановарии иттилоот |

**Татбиқи навъи масъул бо занҷираи таъмин.**

Дар ҷадвали зер вижагиҳои се навъи занҷираи таъмин аз назари се навъи маҳсул мавриди муқоиса қарор гирифтааст, ки унвони мисоли занҷираи таъмини чобук барои маҳсули стандарт номуносиб аст ва… дар ҳақиқат ҷадвали зер баёнгари ин мавзӯъ аст, ки барои тавлиди ҳар навъи маҳсули занҷираи таъмини хосе мавриди ниёз аст ва ёфтани ин интибоқ метавонад барои ширкати занҷираи таъмин мувсари тарроҳӣ вочаро кунад.

Ҷадвали 3 – татбиқи навъи маҳсул бо занҷираи таъмин

| Абдоӣ | Таркибӣ | Стандарт | Навъи маҳсул / Занҷираи Томин |
|---|---|---|---|
| Комилан муносиб | Тақрибан муносиб | Номуносиб | Занҷираи томини чобук |
| Тақрибан муносиб | Комилан муносиб | Тақрибан муносиб | Занҷираи томини таркибӣ |
| Номуносиб | Тақрибан муносиб | Комилан муносиб | Занҷираи томини ноб |

**Табақабандии занҷираи таъмин бо таваҷҷӯҳ ба навъ ва чархаи умри маҳсул.**

Ҷадвали зер таъйин мекунад, ки таваҷҷӯҳ ба навъи маҳсулӣ ва чарахаи умри маҳсули занҷираи мавриди назар таъйин мешавад. Ба унвони мисол, чунончи навъи маҳсули таркибӣ (стандарт ва обдоӣ) бошад, навъи занҷираи таъмини муносиб дар тамоми мароҳили умри маҳсули чобук мебошад.

**Ҷадвали 4 – табақабандии занҷираи таъмин бо таваҷҷӯҳ ба навъ ва чархаи умри маҳсул**

| Таркибӣ | Абдоӣ | Истондорд | Навъи маҳсул / Занҷираи таъмин |
|---|---|---|---|
| Занҷираи таъмини чобук | Занҷираи томини чобук | Занҷираи таъмини ноб | Муаррифӣ |
| | | | Рушд |
| | Занҷираи таъмини ноб ва ё таркибӣ | | Булуғ (рушд) |
| | | | Танзил |

Чорчӯбе барои беҳбуди занҷираи таъмини посухгӯ

Дар ин бахши чорчӯба барои беҳбуди занҷираи таъмини посухгӯ бар мабнои баррасии мақолот ва бархе таҷоруб мавриди гузориш шуда дар робита бо занҷираи таъмини посухгӯ ирона шудааст. Ин мудел бар мабнои се мудел амуда қарор гирифтааст.

1. Барномарезии истротиҷик, 2. Ширкат ё созмонӣ. 3. Дониш ва фановарии иттилоот.

Ин чорчӯба фақат бар истротиҷиҳо ва тактикҳо мутамарказ аст, амалиёт мутамарказ нест. Ба таври куллӣ бахши амудаи замон чархаи тавлид ба василаи замон беҳбуди маҳсули тасҳим мешавад. Коҳиши замони чарха беҳбуди маҳсул дар занҷираи таъмини посухгӯ барои рафъи ниёзҳо дар ҳоли тағйири бозор ба василаи тарроҳӣ муҷаддад ба таври муносиби манобеъ дар дастрас ва беҳбуди арзакунандагон муҳим аст. Занҷираи таъмини чобук бояд муҳандиси муҷаддад шавад, то аз аҳди бесуботӣ барояд. Аммо ҳанӯз ба таври судовар муштариёнро арзон намекунад. Ин аҳамияти дастёбӣ ба занҷираи таъмини якпорча шуда барои коҳиши кулли замон чарха ва аз ин рӯ инъатофпазирӣ ва посухдиҳиро нишон медиҳад. Мавриди зер калиди муваффақият занҷираи таъмини посухгӯ ҳастанд, кӯтоҳ кардан кулли чарха, ҳамоҳанг кардани ҷараёни кор дар табақоти мухталифи занҷираи таъмин, системаҳои пуштибонӣ тасмими хуб, коҳиши муддати замонҳои таҳвили иттилоот ва ҷараёноти мавод, якпорча сохтани иттилоот дар мавриди амалиёт, коҳиши сутӯҳи зиёд ва зарфияти инъитофпазир. Намудори зер чорчӯбе барои беҳбуди занҷираи таъмини посухгӯ, ки аз ҷамъбандӣ аз дидгоҳи чанд донишманде бошад, роҳ нишон медиҳад.

**Натиҷагирӣ**. Дар ин мақола чорчубе барои беҳбуди системаи занҷираи таъмини посухгӯ ироа шудааст. Аҳдофи аслии ин мақола таъкид бар аҳамияти ҳам мудирияти занҷираи таъмин ва ҳам тиҷорати фаъол аст. Эътиқод бар ин будааст, ки чобукӣ танҳо бо занҷираи таъмин ба даст меояд. Албата, ин занҷираи таъмини чобук метавонад бо фановарии иттилоот пешрафта ва сармоягузорӣ дар дониш ва фановарии иттилоот беҳбуд дода шавад. Зимни ин ки бояд дар назар дошта бошем, таъйини навъи занҷираи таъмин ва интибоқи он бастагӣ ба навъи маҳсул ва чархаи умур маҳсул дорад. Як занҷираи таъмини чобук вобаста ба тавсияи арзакунандагони ҷаҳонӣ ё мушорикатҳо ва системаҳои барномарезии манобеи сармоягузорӣ аст. Чорчуби мафҳумие барои беҳбуди занҷираи таъмини посухгӯ бо ҳадафи дастёбӣ ба суръат, инъатофпазирӣ ва коҳиши қиммат пешниҳод шудааст. Аз рӯи шохасҳои амалкард ва системаҳои матрик боисте барои занҷираи таъмини посухгӯ беҳбуд дода шаванд ин бояд бар мабнои мизони судманди фановарии иттилоот ё системаи иттилоот, суръат ва посухдиҳӣ занҷираи таъмин қарор дода шудааст. Ин ниёз дорад ба ин ки фарояндҳои бозоргонӣ пеш аз иҷрои ИТ/ИС муҳандисии муҷаддад шаванд. Сармоягузорӣ дар дониш ва фановарии иттилоот барои дастёбӣ ба чобукӣ дар занҷираи таъмин зарурӣ аст.

### АДАБИЁТ


1. Ҷаъфар Нажод Аҳмад. Мудирияти занҷираи таъмин. Маҷаллаи Дониши мудирият.


### СВЯЗЬ МЕЖДУ МЕНЕДЖМЕНТОМ СИСТЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ И УСКОРЕННЫМ ПРОИЗВОДСТВОМ


Менеджмент системы обеспечения является одним из важнейших стратегий в развитии производства. Автором в данной статье рассматривается связь между менеджментом системы обеспечения и ускоренным производством.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** менеджмент, система менеджмента, развитие производства, ускоренное производство, компании.


### COMMUNICATION BETWEEN MANAGEMENT OF SYSTEM OF PROVIDING AND THE ACCELERATED PRODUCTION


Management of system of providing is one of the major strategy in production development. The author in this article considers communication between management of system of providing and the accelerated production.



**KEY WORDS:** management, management system, the production development, the accelerated production, the companies.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** *Мухаммад Али Иноятu Шероз* – член научного состава Свободного исламского университета города Андимишк, Иран.

# ДАСТОВАРДҲОИ ТАВОНМАНДСОЗИИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ ДАР СОЗМОНҲО

***Фардин Ҳасании Қалъа Ҳасан***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дастандаркорони манобеи инсонӣ афродро танҳо ба унвони нерӯи кор (work force) дар назар намегиранд ва ҳадафашон фақат ҳадди аксарсозии потенсиали манобеи инсонӣ нест, балки ба гуфтаи Крис Орчрис ҳадаф ин аст, ки чи гуна метавон ниёзҳои афродро ва созмонро талфиқ ва ҳам росто кард. (Орчрис 1964)

Таҳқиқот нишон додааст, ки иртиботи мустақиме байни рушди тавсияи манобеи инсонӣ ва баҳраварии созмонҳо вуҷуд дорад. Лизо, аҳдофи тавсияи манобеи инсонӣ дар созмонҳоро метавон ба ихтисори чунин баён кард:

- Эъҷоди огоҳии илмӣ ва иртиқои сатҳи иттилоот ва дониши коркунон.
- Иртиқои қобилиятҳо ва тавоноии коркунон, таъҳиди бештари онон ва беҳбуди кайфияти корҳо дар созмон.
- Иртиқои огоҳии иҷтимоӣ ва ризоияти шуғлӣ дар коркунони созмонҳо.
- Тавсияи маҳорат ва тавоноиҳои анҷоми кор ва иртиботи беҳтари коркунон бо мудирон ва сарпарастон.
Ҳамин тавр, назаре, ки профессор Н. Турсунов ва ҳаводорони эшон дар бораи дар «доруламони муғулҳо» қарор гирифтани шаҳри Хуҷанд сареҳан бар пояи ривояти мардумӣ, ки дар тӯли таърих бо далоили мухталифи иҷтимоӣ шакл гирифтааст, сохта шуда ва бо воқеияти таърихӣ созгор нест.

Мутазаккир бояд шуд, ки бори нахуст ин дидгоҳ дар «Манокиби шайх Маслиҳатдин» ироа шудааст. Дар нодиртарин нусхаи хаттии «Маноқиби шайх Маслиҳатдини Хуҷандӣ», ки ҳамакнун дар китобхонаи Ганҷбахши Исломободи Покистон зери шумораи 5703 нигаҳдорӣ мешавад, омадааст:

*«Кофари тотор ба Хуҷанд омад. Ҳазрати шайх Маслаҳатдин ҷодари каромот бар ин вилоят кашидӣ, лоҷарам ин вилоят аз дасти тотор маҳфуз монд.»* (3. вараҷи 70). Дар зимн, нусхаи ишорашуда

аз «Маноқиб» дар муқоиса бо нусхае, ки дар Академияи илмҳои Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад (2), бартар аст, ки албатта баррасии он худ аз мавзӯоти ҷудогонаест, бояд дар оянда сурат бигирад.

Профессор Назирҷон Турсунов ва тарафдорони эшон, бидуни ин ки маншаи эҷоди ҳамчунин ривоятро баррасӣ намоянд, онро як воқеияти таърихӣ пиндоштаанд. Чунин ба назар мерасад, ривоёти «таърихӣ», ки ҳамакнун дар миёни мардум машҳуранд, дар тӯли замон тавассути муршидон ва ҳаводорони шайх барои машҳур кардани ҷойгоҳ ва «каромоти шайх» сохта шудаанд. Чун баҳси ин мавзӯъ худ масъалаи ҷудост, дар ҷойи дигар ба таври муфассал зимни муаррифӣ ва баррасии нусхаи хаттии мазбури шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ хоҳад омад.

## АДАБИЁТ


1. Вассоф. Таҳрири "Таърихи Вассоф". Ба қалами Аб-дулмуҳаммад Оятӣ. Теҳрон, 1372 ҳ. / 1993,с. 406 .
2. Манакиб-и шейх Маслахат д-дина Худжанди. Рукопись. // Архив АН Тадж. ССР, Ф.-7 (Личный фонд акад. А.А. Семенова, оп. I, д. 36).
3. Маноқиби Ҳазрати шайх Маслаҳатдин. Нусахаи хаттии Китобхонаи Ганҷбахши Покистон, шумораи 5703, - 208 с.
4. Ҳамдуллоҳ Мустафвии Қазвинӣ. Зафарнома. Ба инзимоми «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ. (Ба тасҳеҳи Ҳамдуллоҳ Қазвинӣ). Чопи акси рангӣ аз рӯи нусхаи хаттти муаррихи 807 ҳ. Дар китобхонаи Британиё. (Or 2833). Маркази нашри Донишгоҳии Эрон ва Интишороти Академи Улуми Утриш. Зери назари д-р Насруллоҳи Пурҷаводӣ, д-р Нусратуллоҳ Растгор. Пешгуфтори д-р Нусратуллоҳ Растгор. Дар 2 муҷаллад. Теҳрон-Вийен. 1377 ҳ./ 1999.
5. Джамал ад-дин Карши. Мулхакат ас-Сурах. - Материалы по истории Средней и Центральной Азии X - XIX вв. - Ташкент: Фан, 1988.-с. 100 - 133.
6. Бойматов Л.Д. Накде бар пажӯҳишҳои таърихӣ. Масоили таърихи аҳди муғул. // Эроншинохт, 1378, №12, с. 108 – 129.
7. Бойматов Л. Темурмалик дар ҳофизаи таърихии Хуҷанд. // Кайҳони фарҳангӣ, 1383, Шаҳривармоҳ, № 215, с. 62 - 64.
8. Бойматов Л. Темурмалик. // Донинишномаи Ҷаҳони Исломӣ. Ҷилди 8. Теҳрон, 1383, с. 827 - 828.
9. Бойматов Л.Д. Достони Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар бораи Темурмалик. // Абохтар, 1383 ҳ. /2004, соли севвум, пойиз ва зимистон, № паёпай 9 - 10, с. 107 - 116.
10. Бойматов Л. Накде бар таълифи прфессор Назирҷон Турсунзод. Таърих ва фарҳанги мардуми Хуҷанд. // Кайҳони фарҳангиӣ, 1384, Обон, шумораи 229, с. 52-54.
11. Бойматов Л. Д. Аз Темурмалик чӣ медонем? - Душанбе, 2006, -142 с.
12. Мӯсозода Ҳ.Ҳ. Ҳазрати Бузургвор ё худ назаре ба ҳаёт ва фаъолияти Шайх Маслиҳатдин Бадеуддин Нурӣ раҳимаҳуллоҳ. Хуҷанд, 2001, - 111 с.
13. Турсунов Н. Ҳафтхони Темурмалик.Тадқиқоти илмӣ. Хуҷанд, 2003.
14. Турсунов Н. Ҳаёти илмӣ-адабӣ ва фарҳанги Хуҷанд дар замони муғулон. // Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши солонаи «Таърихи забон ва адабиёти форсӣ». Бо ҳиммати дуктур Муҳаммад Сарвари Муллоӣ. Донишгоҳи Ҳурмузгон. - Бандар Аббос., 1378, - с. 57 - 61.
15. Турсунов Н. Аз шамъи ҳасуд офтоб зи фалак наафтад. // Суғд, 2004, август, № 29 - 33.
16. Бойматов Л.Д. Материалы по монгольскому периоду истории Ходжента. Рец. акад. Б.И. Искандаров. Депон. в НПИЦентре от 27.10.1994. № 69 (950)-Та 94.-Душанбе, 1994, - 112 с.
17. Бойматов Л.Д. Худжанд в 1219 - 1250 гг. Темурмалик. ИМЭМО АН РТ. Депон. НПИЦентре от 25. 01. 1997, № 3 (1097) - Та 97. Душанбе, 1997, -152 с.
18. Петрушевский И.П. Поход монгольских войск в Среднюю Азию в 1219-1224 гг. И его последствия. // Татаро - монголы в Азии и Европе. Сборник статей. Изд-е 2-е. М., 1977.
19. Турсунов Н. Семь подвигов Тимур-малика. Научное исследование. Худжанд, 2004.


## БЫЛ ЛИ ПОМИЛОВАН ХУДЖАНД МОНГОЛАМИ?


В данной статье автор попытается доказать, что Худжанд вопреки мнениям некоторых исследователей во время монгольского завоевания (в 1219 г.) не был пощажен завоевателями. Автор считает, что шейх Маслахатдин Худжанди не играл ту роль, которую ученые приписывают ему во время осады города монгольскими польчищами.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Хаджент, шейх Муслихиддин Худжанди, Тимурмалик, история века монголов.


## WAS KHUJAND SPARED BY MONGOLS?


Author of this article tries to prove, that in spite of opinions of some contemporary investigators of Khujand were not forgive by Mongols in the time of Mongols invasion (in 1219 ) and author says that shaikh Maslahatdin Khujandi didn’t play that role, which added to him.



**KEY WORDS:** Khujand, sheikh Muslikhiddin Hudzhandi, Timurmalik, history of an eyelid of Mongols.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Лукмон Бойматов*** – соискатель Академии наук Республики Таджикистан

# АВВАЛИН РӮЁРӮИИ РУСҲО БО ЭРОНИЁН (МОЗАНДАРОНИҲО)

*Раҳмат Раззоқӣ*
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ**

Мавқеияти табиӣ ва ҷуғрофии дарёи Мозандарон аз дер боз на танҳо барои эрониён, балки барои ақвоми бегона, дуртарини онҳо аз савоҳили Эрон (русҳо) шинохта шуда буд ва барои тиҷорат ва судури коло аз он минтақа ба дигар манотиқи осиёӣ ба он савоҳил киштӣ меронданд ва аз ҳамон рӯзгор қасди дастандозӣ ва тасарруфи онро дар дар сар мепарваронданд. Ин амр дар давраи Пётри Кабир суръат ва созмондиҳии бештаре пайдо кард ва боис шуд, ҳамалоти мукарраре ба савоҳили дарёи Мозандарон сурат гирад.

Аввалин ҳамлаи русҳо ба савоҳили дарёи Мозандарон дар ибтидои қарни даҳуми мелодӣ оғоз шуд ва то авоили қарни бистум идома дошт, ки дар ин муддат савоҳил ва ҷазоири дарёи Мозандарон борҳо мавриди ишғоли русҳо қарор гирифт. Ҳукуматҳои эронӣ дар рӯёрӯӣ бо онҳо борҳо аз худ муқовимат ва шоистагӣ нишон додаанд. Ин амр то даврони таърихи муосири Эрон ва нимаҳои он истимрор дошта ва фасле аз таърихи дипломосии Эронро падид овардааст.

Дар садаҳои нахустини исломӣ русҳо ҳамалоте ба каронаҳои дарёи Мозандарон ва ҷазоири он кардаанд. Нахустин ҳамлаи русҳо дар соли 900 мелодӣ муқорини охирин соли ҳукумати Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ будааст. Ҳамлаи дигари онон дар соли 910 мелодӣ рӯй дод, ки русҳо бо 16 киштӣ ҷазоири обсукун (Миёнкола ва Ошуродеҳ) ва савоҳили дарёро тороҷ карда, мусулмононро куштанд ва амволи ононро ба яғмо burданд. Дар ҳамин замон Абуззарғом Аҳмад ибни ал-Қасм, волии Сорӣ, ин воқеаро барои Абулаббос, ҳокими Табаристон, навишт ва ӯ сипоҳе ба кумакаш фиристод. Русҳо дар ин вақт дар Анҷила (Миёнкола) фуруд омада буданд.[1] Ҳамлаи дигари русҳо дар соли 944 мелодӣ ба ҷазоири ҷанубу шарқии дарёи Мозандарон ва савоҳили он мебошад.[2]

Ҷазираи Ошуродеҳ ба сабаби мавқеияти сукулҷайшӣ ва наздикӣ ба даҳонаи халиҷ ва умқи кофӣ барои лангарандозии киштиҳо муносиб буд. Русҳоро, ки ба эҷоди хатти киштиронӣ дар дарёи Мозандарон иқдом карда буданд, бар он дошт, ки ин ҷазираро барои эҷоди як истгоҳи дарёии бозаргонӣ (дар савоҳили Эрон), дар ихтиёр дошта бошанд. Бе баҳона барои иқдом ба ин кор посухи манфии шоҳ Аббоси дуввуми Сафавӣ ба бозаргонони русӣ буд, ки аз пардохтани молиёти гумрукӣ имтиноъ карда буданд. Бинобар ин, қазоқҳои Ҷануби Русия дар соли 1665 мелодӣ ба Мозандарон ҳамла карданд ва Фараҳобод-маркази он иёлотро оташ заданд ва пас аз он дар шабаҳҷазираи Миёнкола ва ҷазоири наздик ба он мустақар шуданд, вале эрониён ононро аз ин нуқта берун ронданд.[3]

Русия барои қудратнамоии худ дар дарёи Мозандарон ва огоҳ шудан аз нақши ҷазоири он андешаи сайтара бар он минтақаро дар сар мепарваронд. Ин амр дар давраи Пётри Кабир суръат ва созмондиҳии бештаре пайдо карда ва замоне ки Боку ва Лоҳиҷон ишғол шуда ва артиши Русия ба сӯи Мозандарон ҳаракат кард, эҳтимоли тасхири ҷазираи Обсукун (Миёнкола -Ошуродеҳ) беш аз ҳамеша чашмгир шуд, ки бо марги Пётр ва зуҳури Нодиршоҳи Афшор мавқеияти ҷадиде падид омад.

Мутолиа ва баррасӣ дар бораи дарёи Мозандарон, ки аз замони Пётри Кабир равнақ ёфта буд, ҳар рӯз русҳоро бар аҳволи дарё ва савоҳили он огоҳтар месохт. Саёҳони ҷосус ба баҳонаҳои гуногун дар дарё ва соҳил гардиш карда ва ба чигунагии авзоъ ва аҳволи ҷуғрофиёӣ ва иқтисодӣ огоҳӣ меёфтанд ва ба назар мерасад, ки аз ҳамон замон ба аҳамияти истротижикии Ҷанубу Шарқии дарёи Мозандарон ва ҷазираи Обсукун бо Миёнкола пай бурда буданд ва ба ҳамин далел, Пётри Кабир бар тасхири ҳама ҷои Мозандарон аз шарқ то ғарб ва русӣ кардани тамоми дарёи Мозандарон пофишорӣ ва талош мекард. Бо ба қудрат расидани Нодиршоҳ андак-андак мавқеияти эрониён дар шимоли кишвар чи дар дарё ва чи дар замин истиҳком ёфт. Нодиршоҳ, ки нисбат ба дарёи шимол андешаҳои вижае дошт, дар масири тақвияти қувваи баҳрияи Эрон кӯшиш кард ва дар соли 1741 ба кумаки як нохудои маъруфи англисӣ ба номи Ҷон Алтуон, ки баъдҳо мубошири Нодиршоҳ дар умури дарёии Мозандарон шуд, бо лақаби Ҷамолбек маъмурият сохтани киштиҳои тиҷоратӣ ва ҷангиро гирифт.[4]

Қудрати Нодирӣ чанд соле дар баробари таҷовузоти русҳо пойдорӣ нишон дод, аммо пас аз кушта шудани вай ва барқарории низоми мулукуттавоифи давраи ҷадидӣ аз ошӯб ва фитнаҳо дар таърихи Эрон падид омад. Дар давраи Каримхон Занд, ки тақрибан авзои Эрон сомон ёфта буд, русҳо бори дигар дар замони Оқомуҳаммадхон кӯшиданд, то роҳе ба савоҳили ҷануби дарёи Мозандарон пайдо кунанд. Вейнович, сардори русӣ, дар соли 1782 мелодӣ бо чанд киштӣ ба савоҳили дарёи Мозандарон (Миёнкола ва Ошуродеҳ) омада ва аз Оқомуҳаммадхон иҷоза хост, то тиҷоратхонае дар он ҷо доир кунад. Аммо ба ҷои тиҷоратхона дижи низомӣ бо 18 ирода тӯп бино кард, вале Оқомуҳаммадхон бо тадобири хос онҳоро водор ба тарки он ҷо ва хароб кардани қалъа сохт.[5]

Дар набардҳои баъдӣ  Оқомуҳаммадхон дар Қафқоз, савоҳили эронии дарёи Мозандарон ҳамвора аз хатар дур монд ва пас аз и вай дар истимрори таҷовузоти русҳо ба  Қафқоз ва барпоии ду силсила ҷанг ва ворид сохтани осебҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба Эрон, дарёи Мозандарон низ дар маъразы навъи ҷадиде аз таҷовузот қарор гирифт. Ва ҷазираҳои Обсукун ва минтақаҳои ҷунубу шарқии дарё ҳам  аз он зиёнҳо захми фаровон бардошт.

Ихтилоф бо русҳо ба сари Ошуродеҳ ва ҷазоиру савоҳили ҷанубии дарёи Мозандарон ҳамчунон боқӣ монд, то ба инъиқоди ду паймони Гулистон ва Туркманчой дар (солҳои 1813 ва 1828) таи моддае дар ҳар ду паймон, доштани нови ҷангӣ дар дарёи  Мозандарон фақат ба давлати Рус ихтисос ёфт.[6]

Давлати Эрон, ки аз доштани киштиҳои муҷаҳҳази ҷангӣ дар дарёи Мозандарон мамнуъ шуда буд, дар соли 1836 барои саркӯбии duздони дарёии туркман, ки ба савоҳили Мозандарон ҳамла мекарданд, аз давлати Русия дархости кӯмаки дарёӣ кард.[7]

Давлати Рус ва шахси тизор  посух доданд, ки худ анҷоми он корро ба ӯҳда хоҳанд гирифт. Аммо русҳо аз ин дархост суд ҷустанд ва ҷазоири  Ошуродеҳро ишғол карданд ва сипас ба халиҷи Ҳусайнқулӣ, Чакишлар, Чаликан ва халиҷи Балҷон, ки ҳама асмо дар воқеъ ҷазву қаламрави Эрон буд, низ даст ёфтанд. Русҳо бо ишғоли  Ошуродеҳ ба рағми эътирозоти шадиди Эрон ва Инглистон дар он ҷо пойгоҳе эҷод карданд.[8]

Дар соли 1837 шахсе ба номи Қиёт, ки раиси ҷамоати туркманҳои каронаи Астарободбуд, ба ҷазираи Чаркан (Чаликан) дастбурд зад ва гурӯҳеро асир кард. Давлати Эрон, бо ин ки аз шеваи русҳо иттилоъ дошт, аз он давлат дархости ду киштии ҷангӣ кард, вале пеш аз расидани киштиҳои русӣ, ҳокими Мозандарон – Қиёт ва ёрони ӯро саркӯб кард. Сипас, Эрон ба давлати Русия эълом кард, ки ба киштиҳои онон ниёзе надорад ва бояд каронаи Астарободро тарк кунанд.[9]

Дар соли 1841 Кантимид вазири мухтори рус расман аз шоҳи Эрон иҷоза хост, ки русҳо ҷазираи Ошуродеҳро ишғол кунанд ва пойгоҳи дарёӣ бисозанд ва аз он ҷо барои дафъи таҷовузҳои туркманон баҳра бигиранд.[10] Зоҳиран давлати Эрон ба ин дархост посухи мусоид надод. Бо ин ҳама дар соли 1842 русҳо саросари ҷазоири Ошуродеҳро ишғол карданд ва чанд иморат, бемористон ва чор сарбозхона бо 400 сарбоз дар он ҷо сохтанд. Ин сарбозон ҳамагӣ аз оҳангарӣ, дурудгарӣ, нонвоӣ, киштисозӣ, хонасозӣ ва тӯпчигарӣ иттилои комил доштанд ва лангаргоҳе барои вуруди киштиҳояшон бино карданд ва 5 киштии ҷангӣ дар он ҷой доданд. Низ 4 ирода тӯп  ва шаш боби анбор ва қӯрхона (корхонаи аслиҳасозӣ) сохтанд ва шабҳо дар атрофи Ошуродеҳ ба нигаҳбонӣ пардохтанд. Давлати Эрон пай дар пай ба рафтори русҳо эътироз мекард, аммо русҳо дар муқобили ин эътироз чунин посух медоданд, ки мо бар ҳасби даъвати шоҳ омадаем ва ҳузури киштиҳо дар Ошуродеҳ барои дафъи шарри туркманҳо ва ҳифзи амнияти минтақа зарурат дорад.[11]

Русҳо дар соли 1846 аз Муҳаммадшоҳ иҷоза хостанд то киштиҳои ҷангии худро ба каронаи ҷанубу шарқии дарёи Мозандарон ва ҷазоири Ошуродеҳ ворид кунанд. Ин дархост бо эътирози шоҳ ва садри аъзами вақт Ҳоҷимирзо Оғосӣ рӯ ба рӯ гашт. Аммо саранҷом ба Муҳаммадамин Беглярбегии Гелон дастур дода шуд, ки аз вуруди киштиҳои ҷангии рус  ба савоҳили Эрон ҷилавгирӣ нашавад.[12]

Дар солҳои 1850-18851 ҳангоми салтанати Носириддиншоҳ ва садорати Мирзотақихон Амири Кабир ҷамъе аз туркманҳо ғафлатан ба ҷазираи Ошуродеҳ юриш оварданд ва чанд тан аз итбоъи давлати русро, ки дар он ҷо сукунат доштанд, куштанд. Кунсули Русия, муқими Мозандарон ин воқеаро ба таҳрики шоҳзода Маҳдиқулимирзо, ҳокими Мозандарон донист ва ба Долгорукий вазири мухтори давлати Русия муқими Теҳрон гузориш дод. Вазири мухтор аз Мирзотақихон Амири Кабир азли шоҳзодаро аз ҳукумати Мозандарон хостор шуд, аммо дархости вай аз сӯи садри аъзами Эрон пазируфта нагашт. Тузоразлӣ  фармонравоии Мозандаронро аз Носириддиншоҳ хостор шуд. Амири Кабир мутақоид нашуд ва барои рафъи суитафоҳум Мирзоаббосмуншиpo ба унвони сафири фавқулода равонаи Петербург кард.[13] Сафир номаҳои шоҳ ва амирро ба Николай ва садри аъзами он тақдим дошт. Андаке нагузашт, ки амир аз садорат маъзул шуд ва музокирот дар бораи савоҳили дарёи Мозандарон ва Ошуродеҳ ба фаромӯшӣ супурда шуд ва сафир дар январи соли 1852  бидуни ахзи натиҷа ба Теҳрон боз омад.[14]

Ошуродеҳ ва дигар ҷазоири савоҳили Мозандарон аз соли 1851, ки музокироти Эрон бо давлати Рус барои истирдоди он  ба азли Амири Кабир дар бутаи фаромӯшӣ афтод, то соли 1961 дар ихтиёри давлати Рус буд. Саранҷом пас аз сукути Тизорисм нахуст тибқи ёддоштҳои 14 июни соли 1918 ва 26 июли соли 1919 русҳо аз ҳокимият бар Ошуродеҳ ва дигар ҷазоири Мозандарон чашм пӯшиданд. Андаке баъд пояи паймони дӯстӣ миёни ду давлат-Эрон ва Русия 26  феврали соли 1921 Мускув инъиқод ёфт. Русия ҷазоири Ошуродеҳ ва ҷазоири дигареро, ки дар савоҳили Мозандарон бар пояи паймони 27 маи соли 1893 ба тасарруфи худ дароварда буд, ба Эрон бозгардонд.[15] Тибқи ҳамин муоҳада давлатайни Эрон ва Русия аз ҳуқуқи баробар дар амри киштиронӣ дар дарёи Мозандарон зери парчамҳои худ бархӯрдор шуданд.

**АДАБИЁТ**

1. Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Исфандиёр. Таърихи Табаристон. Ба кӯшиши Аббос Иқбол. –Теҳрон, 1320, с. 266.
2. Абуалӣ Мисквайи Розӣ. Таҷорибу-л-умам. Алинақии Манзавӣ. –Теҳрон: Интишороти Тус, 1376, с. 95.
3. С. Сойкис. Таърихи Эрон. Тарҷумаи Муҳаммадтақи Фахрдоъийӣ Гелонӣ. Ҷилди 2. –Теҳрон: Дунёи китоб, 1368, с. 306.
4. Орвай Петер. Таърихи Эрон ба ривояти Кембриҷи давраи Афшория ва Зандия. Тарҷумаи Муртазо Соқибфар. –Теҳрон: Ҷомӣ, 1384, с. 341.
5. Муҳаммадҳасанхон Эътимоду-с-Салтана. Таърихи мунтазами Носирӣ.Ба тасҳеҳи Муҳаммад Исмоил Ризвонӣ. –Теҳрон: Дунёи китоб, 1363, с. 1390.
6. Лардкарзен Ҷорҷ. Эрон ва қазияи Эрон. Тарҷумаи Ғуломалии Ваҳиди Мозандаронӣ. –Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1350, с. 700.
7. С. Сойкис. Таърихи Эрон, с. 497.
8. К. Транзию. Рақобати Рус ва Инглис дар Эрон ва Афғонистон. Тарҷумаи Аббоси Озарин. –Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашро китоб, 1359, с. 60.
9. Одамият Фаридун. Амири икабир ва Эрон. –Теҳрон: Муассисаи матбуотии Амири кабир,1334, с. 267.
10. Л. Робину. Мозандарон ва Асиарободс. 112.
11. Одамият Фаридун. Амири кабир ва Эрон, с. 267.
12. Ҳамон ҷо, с. 473.
13. Баёнӣ Хонбобо. Панҷоҳ соли таърихи Эрони давраи Носирӣ. Ҷ. 2.Теҳрон: Нашри илм, 1375, с. 95; Одамият Фаридун. Амири кабир ва Эрон, с.287.
14. Одамият Фаридун. Амири кабир ва Эрон, с. 299.
15. Абулфатҳ Вусуқи Замонӣ. Ошурдеҳ ва Ҳирот ду камингоҳи истиъмор.–Теҳрон:Нашри гӯё,1363, с. 113.


**ПЕРВЫЕ ОТКРЫТЫЕ ПРОТИВОБОРСТВА РУССКИХ С ИРАНЦАМИ (МОЗАНАДАРАНЦАМИ)**


В статье рассматривается проблема о первых открытых противоборствах России и Ирана по вопросу Каспийского моря (реки Мозандаран). Первое противоборство Русских войск с иранцами началась ещё в начале десятого века и продолжалось вплоть до начала двадцатого века. В этот период районы и острова, расположенные вдоль берегов Каспийского моря неоднократно переходили от одной сторонни к другой и иранцы в этих противоборствах оказивали русским сильное сопротивление.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Иран,Россия, Мозандаран остров, берег, Миёнкола, Ошуродень, корабль, нападение, противостояние туркмены.


**FIRST OPEN DISPUTES OF RUSSIANS WITH IRANIANS (MOZANDARANIANS)**


The article the matter of the first open disputes of Russia with Iran on Caspian matter (Mozandaran river). The first battles of Russian army with Iranians began in early tens century and continued up to beginning of twenties century. In this period domionation over the districts and islands located along Caspian changed several times, and Iranians demonstrated stong opposition during these disputes.



**KEY WORDS:** Iran, Russia, Mozandaran, island, shore, Miankola, Oshurodeh, ship, intrusion, battle, disputes, navy, turkmen.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Рахмат Раззоки*** – соискатель Академии наук Республики Таджикистан


# ТАҲҚИҚЕ ДАР НАСАБИ ТОҲИРИЁН


***Ҳамиди Кӯҳансол***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Таърихнависон дар борои насаби Тоҳир ибни Ҳусайн Зуляминин ахбор ва ривоёти гуногун зикр кардаанд. Бархе аз эшон асли Тоҳириёнро ба Рустами Достон ва гурӯҳи дигар бо фосилаи бисту ду насл ба Манучеҳри подшоҳ расонидаанд.

Усулан, чун Рустами Достон ва Манучеҳри подшоҳ ду номи достони бостонӣ ҳастанд, қабули ин силсиланасаб имконпазир нест. Устод Сайид Нафисӣ асли достонӣ будани ашхос бо ин исмҳоро нодида гирифтаву изҳори назар мекунад, ки ин силсиланасаб маҷуел нест. Вале маҷъул будани онро гуноҳи худи Тоҳириён медонад, на ҷоилини муаррих ва муддаиёни таърих ва чунин тавҷеҳ кардаанд, ки: «Ин гуна насабсозиро амирон ва подшоҳоне, ки дар қуруни нахустини ҳиҷрӣ зиндагӣ мекардаанд, бисёр меписандиданд, чунон ки Саффориён ва Сомониён низ аз ин гуна насабҳои маҷъӯл доштанд. Аз гуфтаи устод Нафисӣ чунин бармеояд, ки Тоҳириён низ ин насаби маҷъулро ё худ сохтанд ва ё агар дигаре сохтааст, эшон писандиданд ва бар он саҳм гузоштаанд. Агар манзури устод Нафисӣ чунин бошад, қабули ин маънӣ барои мо бисёр душвор аст, зеро:

1.Тоҳириён ва аҷдоди ин хонадон гумном набуданд, то ба ҷаъли насаб бихоҳанд онро тағйир диҳанд ва худро ашрофзода қаламдод кунанд, балки то он ҷо ки таърих нишон медиҳад, ҳамаи ниёкон мусаллам,

Тоҳир ибни Ҳусайн ё Тоҳириён, фармондеҳ ва ҳукмрону соҳибмансабу аз бузургони қавлу аъёни Хуросон будаанд, ки дар ҷои худ хоҳем гуфт.

2.Афроди хонадони Тоҳирӣ газофагӯй ва лофзан набуданд ва он чи буданд, барои худ пазируфта буданд ва ба он ифтихор доштанд ва ин матолиб аз гуфтаи Тоҳирибниҳусайн комилан машҳуд аст. Тоҳир худ басароҳат гуфтааст:

"Ҳангоме ки аз Хуросон берун шудам, марди Хуросонӣ ба шумор мерафтам ва агар аз табақаи ашрофи он набудам, аз табақаи пойини иҷтимоъ низ набудам". Падари Тоҳир ибни Ҳусайн низ бад-ин амр ишора намудааст ва ҳатто фарзандаш Тоҳирро аз табақаи аъёну ашроф ва саршинос муаррифӣ кардааст. Ин маънӣ дар насиҳате, ки падар ба фарзандаш Тоҳир менамуд, комилан машҳуд ва ошкор аст. Ҳусайн гуфтааст: «Ту, ки аз тухмаи кӯҳан ва хонадони устуворӣ…»

Вале чун Тоҳир ибни Ҳусейн марди бошахсият, муаддабу мутавозеъ буд, ҳамвораву ҳамеша риояти хотири халифа ва мақоми ӯро менамуд, Рӯҳи тавозеҳ дар баробари бузургтар ӯро водор ба эҳтироми халифаи Маъмун менамуд, то он ҷо ки дар яке аз гуфтаҳояш худро роҳзану биёбонгард хондааст. Албатта, манзури Тоҳир ибни Ҳусайн аз ба кор бурдани калимаи роҳзан ва дузд он ҳам дар маҳзари хоси халифа Маъмун, ба мафҳуми ҳақиқии дуздӣ ва роҳзанӣ набудааст, зеро Тоҳир марди ҷангҷӯй ва силаҳшӯр буд ва ҳамеша аз тарафи ҳукком ва волиён ба ҷангҳои расмӣ эъзом мешуд ва аз он ҷо ки ҷангҳои зиёде бо хориҷиён мекард, баногоҳ роҳро ба хавориҷи кишвари хеш мебаст ва аҳёнан бо эшон шабохун мезад. Аз ин рӯ, ғолибан дар ҳоли биёбонгардӣ ва таъқиби ашрору хавориҷ буд ва дар камингоҳ умр ба сар мебурд. Аз ин рӯ, худро ба роҳзан ташбеҳ кардааст.

Аз ин ташбеҳ ва ташбеҳ дар ин муносибати махсус ва дар маҳзари хоси халифа низ ибо надоштааст. Дар натиҷаи таҳқиқи илмӣ дар зиндагии Тоҳир дармеёбем, ки вай амалан ва ҳақиқатан роҳзан набудааст. Агар нависандагоне ӯро чунин муаррифӣ кардаанд, дар асари иштибоҳ дар фаҳму дарки маънии иборат ва таносуби он бо воқеияти зиндагии гӯяндааш будааст.

3. Тамоми афроди хонадони Тоҳирӣ аҳли илму адаб ва фазлу камол будаанд. Ва касе, ки дорои чунин мақоми арзанда бошад, ӯро ниёзе ба ҷаъли насаб нест, балки тарҷеҳ медиҳад, ки марди худсохта бошад, то ин ки ба гузашта ё насаби худ биболад. Назири адаб ва тавозеъ Тоҳирро дар баробари халифаи Маъмун дар фарзанди барумандаш Абдулло бинни Тоҳир – амири Хуросон низ дармеёбем. Абдулло, ки аз фазоили илмӣ ва шуҷоату нерӯмандӣ комилан бархӯрдор буд, дар номае, ки ба халифа навиштааст, худро бандаи халифа навиштааст, худро бандаи халифаи Маъмун ва хоназоди вай қаламдод кардааст. Дар ҳоле ки аз ҳолати Абдулло ба хубӣ ошкор аст, ки ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳ банда ва хоназоди ҳеҷ кас набудааст, балки вафодорӣ ва фурӯтании ӯ дар баробари халифа ӯро бар ин дошт, ки чунин таъбиреро дар баробари бузургтар ба забон ҷорӣ намояд.

Маъмулан, ки марди доно ва ботадбир буд, аз асолати хонаводагӣ тарбияти олӣ ва шоистагиву лаёқат Абдуллоҳ бинни Тоҳир иттилои комил дошт. Чун ба садоқату вафодорӣ ва самимияти Абдулоҳ имон дошт, аз ин ихлосу вафодории Абдуллоҳ изҳори боварӣ дошт ва дар муқобили тавозеҳи ӯ абёте суруда ӯро бародари хеш хитоб намуда, он абётро барояш фиристод ва пайваста бо якдигар ба табодули номаҳои дӯстона мепардохтанд. Бинобар ин, гумон намеравад, ки касоне, ки бо ин мавқеият ва шахсияти илмӣ ва сиёсӣ ниёзе ба насабтарошӣ дошта бошанд ва агар аҳёнан Тоҳириён дар мушоираву мунозира сухани ба назм ё наср гуфта бошанд, ба назар фақат ҷанбаи фаннӣ доштааст ва мехостанд, нишон диҳанд, ки дар тамоми фунуни санъати шеърӣ ва адабӣ тасаллути комил дорад ва аз удабо ва сухансароён ақаб нестанд. Аз ин рӯ, гумон меравад, ки фармудаи марҳум устод Сайид Нафисӣ дар мавриди Тоҳириён аз боби қазоват сареъ будааст, ки мумкин аст, нодуруст бошад. Зеро фармудаанд: «Тоҳириён дониста ё нодониста насаби худро ба Манучеҳр расониданд». Мавриди таамул аст! Шояд ҳам қазовати оҷилонаи устод дар асари навиштаи бархе аз ховаршиносон ва бавижа Эдвард Брауни англис, ки Тоҳириёнро аз нажоди араб дониставу эронӣ будани эшонро бидуни зикри далели қобили қабул мавриди маҷҳӯл донистааст, ки мо, албатта, асолат ва эронӣ будани бетардиди ин хонадони Тоҳириро дар ҷои дигар муфассалан баррасӣ хоҳем кард, ки онҳо насаби Тоҳир бинни Ҳусайнро чунин менависанд: Тоҳир ибни Ҳусайн бинни Мусааб бинни Зариқ (бинни Асъад бинни Родувия) ва Зариқ бинни Зодон ё Бодон бинни Асъад ва Зариқ бинни Моҳон. Кӯшиш менамоем, то он чи ба савоб наздиктар аст, дарёбем ва бипазирем:

Тавре ки машҳуд аст, тамоми муаррихин то Мусааб бо ҳам мутафиқанд, яъне Тоҳир бинни Ҳусайн бинни Мусааб бинни ….. ва аз Мусааб ба моқабл мавриди ихтилоф аст, ки бояд мавриди расидагӣ қарор гирад.

Дар барои калимоти Бодон ё Зодон назари устод Сайид Нафисӣ чунин аст: «Бодон ҳатман бахато аст, вале Зодон дар номҳои Эронӣ дида мешавад ва калимаи Зодан иштиқоқе аст аз зодан ва зода шудан». Бинобар ин, вуруди калимаи Асъад, Бодон дар ному насаби Тоҳириён дар асар иштибоҳи бархе аз муаррихин аст. Аз ин рӯ, ба эҳтимоми қариб ба яқин баёзаро баёда ё баёза гуфтаанд ва ба мурури замон баёдон ё баёзон ва дар охир бодон ё бозон кардаанд. Албатта, калимаи Зодон дар

номҳои эронӣ дида шудааст, ки имтидоди ин истеъмолот ба аҳди исломӣ низ кашида шуд. Вале ҳеҷ як аз исмҳои Асъад, Бодон Зодон зоҳиран ба аҷдоди Тоҳир бинни Ҳусейн иртиботе надоштааст. Қозӣ Минҳоҷи Сироҷи Ҷузҷонӣ-муаллифи табақоти носирӣ ба соли 259м –658ҳ ва ҳамчунин Масъудии мутаваффо ва ба соли 957м – 346ҳ аз Зариқ баболоро бо асомии гуногун овper. Шояд маъхаз саҳеҳ набудааст. Аммо ин мутаваффо ба соли 282м -681ҳ, Зариқ бинни Моҳон низ нақл кардааст ва Гардезии мутаваффо соли 592м –444ҳ; Зариқ бинни Моҳон навиштааст: “Калимаи Моҳон дар сарзамини Хуросон ба унвони номи ашхос ба кор рафтааст ва намунаҳои он Моҳон ҷадди Алӣ бинни Исо бинни Моҳон, сардори лашкари Амин дар ҷанг бо Маъмун аст, Моҳон падари Бакир бинни Моҳон аст. Ва ашхоси дигаре, ки дар Таърихи Табарӣ омадаанд ва муосири Моҳон ҷадди бузурги Тоҳир буданд, ки далели ин иддао аст”.

Калимаи Зариқ низ дар ин ҷо қобили баҳс аст, зеро дар баъзе маъхазҳо номи ҷадди Тоҳирро Зариқ ва дар ҷойи дигар Разиқ ёд кардаанд. Марҳум устод Сайид Нафисӣ гуфтаанд: “Ҳамвора дар китобҳо иштибоҳ кардаанд ва ба ҷои он ки Зариқ бинависанд, Разиқ навиштаанд. Ҳол он ки Зариқ номи мурғе аст, ки онро ба форсӣ пӯпак меноманд ва дар ин замон онро ҳудҳуд мегӯянд ва ин лафз дар номҳои ашхос ба кор рафтааст, вале лафзи Разиқ дар номи ашхос ба кор нарафтааст, чунин калимаеро дар забони арабӣ иштиқоқ накардаанд.»

Ба адои эҳтиром ба мақоми марҳум устод Нафисӣ бояд бигӯем, ки калимаи Разиқро бар Зариқ тарҷеҳ медиҳам, зеро ба фарзи ин ки эҳтимолан калимаи Разиқ бар вазни фаъил тасғири ризқ назди аъроб ба кор нарафта бошад, бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки ин лафз дар Хуросон ва дар хонаводаи эронӣ ба кор рафтанд ва номгузорӣ шудааст, на дар Арабистон ё яке аз манотиқи арабӣ ба хубӣ воқиф будаанд ва қавоиди он забонро омӯхта буданд, ки исми арабиро бо вазни фаъил метавон тасғир намуд. Аз тарафи эрониён низ тасғирро барои нишон додани ашёи кӯчак ва ё дӯст доштанӣ ба кор мубурданд, монанди: писарак, духтарак, тифлак…

Аз ин рӯ, ин тифли наврасида ҳаммонанди ризқу рӯзӣ ва мувҳибати худододе барои волидайнаш ба шумор мерафт, шояд таваллуд ва қудуми ӯро фоли нек гуфтаанд ва аз тасғир дар забони арабӣ илҳом гирифта, қиёс кардаанд ва худи он навзодро разиқ номида бошанд ва ин мавзӯъ ҳеҷ истиғроб ё истибъоде надорад. Сарфи назар аз ин ҳадсу тахминҳо исми илмро ҳар чи ба кор баранд, ҳамон аст ва иртиботе ба араб ё ғайриараб надорад, вонгаҳе оё наметавон ангошт, ки калимаи Разиқ муаррабе аз калимаи форсиюласл бошад? Зеро калимаи рӯзӣ (ба маънии ризқ) дар забони паҳлавии Сосонӣ рӯзик будааст. Ва шояд бо табдили коф ба қоф онро Разик номида бошанд. Калимаи рӯзик низ дар забони форсии сосонӣ ба унвони исми илм ба кор рафтааст ва номи ҷадвалӣ будааст ва дар наздикии шаҳри Марв, ки дар наздикии он осёбе қарор доштааст ва Яздигурди саввум дар он ҷо ба қатл расид. Зубайдӣ гуфтааст, ки: “Зариқ (бор вазни амир, ки самъонӣ ва соғонӣ онро чунин талаффуз кардаанд) исми рӯдхонае будааст, дар Марв, ки маҳаллаи бузурге (шаҳри бузург) бар он рӯдхона қарор доштааст. Ин рӯдхона имрӯз (яъне дар замони Зубайдӣ) хориҷи шаҳри Марв ҷорӣ аст ва ҳеҷ гуна иморату сохтмоне бар он дида намешавад.

Бо ироаи ин намунаи тасмияи исми хос ва илм дар мавриди рӯд ва ё ҷӯй, ҷадвал равшан аст, ки калимаи рӯзик мавҷуд будаву ба кор мерафтааст. Ин калима муарраб ҳам шудааст ва ҳатто дар арабӣ номи диже будааст дар Яман. Аммо, ин ки, оё ба манзури тасмияи ашхос, араб иқдом ба тасмия кардааст ё хайр? Бояд бигӯем: то он ҷо ки ман ҷустуҷӯ кардам, танҳо дар Тоҷуларӯси Зубайдӣ ба сивуҳашт нафар бархӯрд кардам, ки дорои номи Разиқ будаанд ва Зубайдӣ пас аз зикри он меафзояд: “Аламир Тоҳир бинн Ҳусайн бинни Мусоаб бинни Разиқ волади Тоҳир, ба тавре ки мулоҳиза мешавад, илова бар сиву ҳашт нафар ба номи Разиқ ин луғатдони маъруф сариҳан номи ҷадди Тоҳир бинни Ҳусайнро Разиқ донистааст на Зариқ ва ба ҷуз вай дигарон низ овардаад”.

Ҳангоми мурочиа бо аснод ва мадорики таърихӣ беҳтар аст, таваҷҷӯҳи худро ба китоб риҷоли бештар маътуф дорем ва дар ин маврид аз манобеъ ва бахусус онҳо, ки диққати бештаре маъзул доштаанд, илҳом бигирем. Шамсиддин Абӯабдулло Муҳаммад бинни Аҳмад бинни Усмон ва … мутаваффо ба соли 347м -748ҳ дар китоби нафиси худ мавсум ба «Алмуштабоҳ фи самоъуриҷол» Разикро баргузида ва Тоҳир бинни Ҳусейн Мусааб ибни Разиқ гуфтааст. Ин исмро бо ҳамин забт дар китоби дигари худ «Ба номи алибриқӣ хабар мин ғайр» низ овардааст. Албатта, бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки Заҳабӣ барои расидан ба ҳақиқати асмои риҷол ба манзури сабту табдил дар китобе, ки асари ҷовидонае мемонад, заҳамоти зиёде кашида, дар забти асмоъи саҳеҳ диққат ва таалluқи зиёде ба кор бурдааст ва дар натиҷа, калимаи Разикро номи ҳақиқиву воқеии падари Мусааб ё ба иборати дигар, ҷадди Тоҳир бинни Ҳусейн пазируфта ва бо камоли сароҳат ва бидуни камтарин тардид дар китоби худ оварда ва бар он ҳисса гузоштааст. Гордезӣ низ ин исмро Разиқ сабт кардааст.

Илова бар маъхази арабии фавқуззикр, Гардезӣ, яке аз манобеи таърихии қадим ба забони форсӣ бармехӯрем, ки аз мадорик ва аснодҳи мусаллами мо ба шумор меравад, он «Таърихи Сиистон» аст.

Бино ба таҳқиқу баррасии домандоре, ки марҳум устод –Муҳаммад Тақии Маликушшуаро Баҳор дар муқаддимаи китоби «Таърихи Сиистон» ба амал овардааст, ба ин натиҷа расидааст, ки китоби мазбур дар Мавороуннаҳру Хуросон таҳрир ва тадвин шуда, ба сабки иншо нигориш ёфтааст. Устод Баҳор барои исботи назари таҳқиқии худ ба ин натиҷа расидаанд, ки китоби мазбур дар таърихи ҳамзамон бо давраи Сомониён ё наздик ба он (қабл ё баъд) навишта шудааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин таҳқиқоти илмӣ, ки аз ҷониби устод Баҳор анҷом ёфт, он аст, ки Сомониён низ чун Тоҳириён Хуросонӣ будаанд.

Тоҳириёну Сомониён дар ҳақиқат яке будаанд, зеро қаламрави Тоҳириён ва Сомониён ҳамон Хуросон будааст. Ба иттилои ин мардум аз номҳои маҳаллии мардуми минтақа ва хонаводаҳои саршиноси он ҷо ва ҳатто амокин ва бақои он маҳдуда беш аз соири афроде аст, ки хуросонӣ набудаанд. Дар бораи Хуросон ва Хуросониён ё Сиистон ва таърихи он мардуми он диёр изҳори назар кардаанд ва ба таҳриру тадвин пардохтаанд.

Бо ин ташреҳ, метавон гуфт, ки шояд соҳиби «Таърихи Сиистон» аз номҳои саҳеҳи Тоҳириёни Хуросон иттилои кофӣ доштааст, ки ҳарфи «ро»-ро бар ҳарфи «зо» муқаддам доштааст. Аммо, ин ки чи гуна калимаи дигар ба ҷои калимаи Розиқ навишта шудааст? Ба назар мерасад, ки яке ба иллати ташобеҳи ҳуруфи ин ду калима аст, ки разиқ хато рафтааст. Бавижа, агар бидонем, ки дар расмулхати гузашта, ки бо қалами дурушт, қалами ной навишта мешуд, ҳарфи вов қадре дунболагир буд ва дами вов қадре ба боло кашида мешуд ва то ҳудуде шабеҳ ва ҳаммонанди ҳарфи қоф дармеояд ва қоф ҷилвагар мешуд, лизо, ба эҳтимоли қавӣ шояд нависандаи калимаи рази ту дар китоби «Таърихи Сиистон» ҳақиқатан Разиқ навиштааст, вале аз ниҳодани нуқтаҳои ҳарф фаромӯш кардааст ва дар асари ин иштибоҳ нависанда калимаи разиқ, разтақ (бо ҳазфи нуқтаи ё) даромадааст, ки мусаҳеҳ ё носух онро рази ту тасаввур кардааст ва ё ин ки дар чопи «Таърихи Сиистон» корманди чопхона ва ҳуруфчин ба ҷои лафзи разиқ калимаи рази ту дидаву ин ҳуруфро чидаву чоп кардааст ва ба-дин гуна дастраси хонандагон қарор гирифтааст. Ба ҳар хол, манзури мо аз истинод бо ин матлаб аз «Таърихи Сиистон» ин буд, ки бигӯем, ин мадраки қадимии Эронӣ ҳам ҳарфи «ро»-ро бар ҳарфи «зо» муқаддам доштааст, на ва раз… навиштааст, на зар…, ки ба унвони санад ва мадорики мӯътабар аз он дар исботи руҷҳони ақидаи худ ва руҷҳони разиқ бар зариқ ба кор бурдем.

Албатта, муаррихин ва нависандагоне ҳам ҳарфи «зо»-ро бар ҳарфи «ро» тарҷеҳ додаанд ва ё ин ки аз разиқнависон хабаре надоштанд. Ин катиба, ки аз нависандагони ба номи исломӣ дар қарни саввуми ҳиҷрӣ будааст, чунин гуфтааст: Тоҳир бинни Ҳусейн бинни Мусааб бинни Зариқ… ва ба тавре ки қаблан гуфтем, Ибн Халкон низ дар ҷое Зариқ дида буд, Масъудӣ ӯро Зариқ гуфта буд. Ҳамчунин манобеи дигар ва устод Нозимулатбоъ, доктур Муҳаммад Мӯъин Зариқро худҳуд надонистаанд, балки онро мурғи шикорӣ ё бози сапед маъно додаанд. Ба ҳар ҳол, бо зикри мавориде чанд марбут ба назари тарафдорони тақдими «ро» ва мудаиёни тақдими «зо» ва тасреҳ дар изҳори назари шахсӣ ба унвони тарҷеҳи Разиқ бар Зариқ, ки хушбахтона, оғои Аббос Парвиз ҳам ба ҳамин натиҷа расидаанд, насаби Тоҳирро бо ин тартиби баррасӣ шуда, муаррафӣ мекунем: Тоҳир бинни Ҳусейн бинни Мусааб бинни Разиқ бинни Моҳон-мулаққаб ба Абӯтиб маъруф ба Зулмяминин.

## АДАБИЁТ


1. Таърихи хонадони Тоҳирӣ. Устод Сайид Нафисӣ, Теҳрон, 1345 ш.
2. Таърихи Сиистон, тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор, Теҳрон, 1214ш.
3. Табақоти носирӣ, Қозӣ Минҳоҷиддин Абӯ Умар Усмон бинни Сироҷиддин. Кобул, 1360.
4. Рӯзгор ва таърихи Эрон аз оғоз то сукути Паҳлавӣ. Таълифи доктор Абдулҳусайн Зарринкуб. Теҳрон, 1318.
5. Маҷаллаи баррасиҳои таърихӣ, Ситоди артиш, Теҳрон, форсӣ.


## ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИИ ДИНАСТИИ ТАХИРИДОВ


Данная статья посвящена изучению истории династии Тахиридов, представители которых были просвещенными и очень уважемыми людьми своей эпохи.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Тахириды, династия Тахиридов, исторические документы, воспитание, преемственность.


## STUDYING OF HISTORY OF THE DYNASTY TAKHIRIDOV


This article is devoted to studying of history of a dynasty Takhiridov which representatives were educated and very uvazhemy people of the era.



**KEY WORDS:** Takhirida, dynasty Takhiridov, historical documents, education, continuity.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хамид Кухансол*** - соискатель Таджикского национального унивеситета

# МУАРРИФИИ «САРЕҲУЛМУЛК» ПЕРОМУНИ АСНОДИ ВАҚФӢ

*Маҳнози Раҳимфар*
**Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Яке аз нусхаҳои «Сареҳулмулк» дар музеи миллии Эрон маҳфуз аст, ки ҳоло ба баррасии он пардохта мешавад.

«Сареҳулмулк» ба маҷмӯаи аснод ва қиболаҳои мулкӣ итлоқ мегардад. Ин нусхаҳо ағлаб тавассути афроде, ки мутамавил, буда амлоки бисёре доштаанд, таҳия мегардид, то моликияти ин амлок мушаххас ва тасбит гардад.

Дар мадорики мактуб мавҷуд аз давраи Сафавӣ аз «Сареҳулмулк»-ҳои мутааддиде ном бурда шудааст. Аз маъруфтарин «Сареҳулмулк»-ҳои ин давра метавон аз «Сареҳулмулк»-ҳои таҳийашуда аз амлоки мутааллиқ ба буқъаи шайх Сафиаддин ном бурд.

Яке аз шоҳони Сафавӣ, ки нисбат ба таҳияи «Сареҳулмулк»-и буқъаи шайх Сафӣ таваҷҷӯҳи хосе мабзул дошт, шоҳ Таҳмосб буд. Шоҳ Таҳмосб барои эҷоди назм ва тартиб дар амлоки остонаи шайх Сафиаддин ва ҷилавгирӣ аз парокандагии онҳо дастур, дода тамоми аснод ва қиболаҳои амлоки вақфӣ ва харидоришударо тавассути Абдибек ҷамъоварӣ ва тадвин намуд.

Дар замони шоҳ Аббос низ кори ҷамъоварӣ ва тадвини аснод ва қиболаҳои буқъа идома ёфт. Дар ин замон муставфии мавқуфоти остонаи шайх Сафӣ Муҳаммадтоҳири Исфаҳонӣ ба баррасии аснод пардохта ва «Сареҳулмулк»-и амлоки остонаро тадвин кард.

**Муаррифии «Сареҳулмулк»-и музеи миллии Эрон.** Яке аз нусхаҳои «Сареҳулмулк»-ҳои музеи миллии Эрон, ки дар ин ҷо мавриди баррасӣ қарор мегирад, дорои шумораи 3719 аст. Ин нусха ба дастури шоҳ Таҳмосб, тавассути Абдибек дар соли 1547 гирдоварӣ ва таълиф шудааст.

Абъоди он 31/7 х 19/5 сантиметр мебошад ва дорои 393 саҳифа аст. Матни он ба хатти насх ва настаълиқ, буда баъзе аз иборатҳо ва унвонҳо ба ранги шангарф аст. Дорои ҷилди тимоҷи қаҳваӣ аст, ки рӯи он бо нуқуши гиёҳӣ, ҳайвонӣ ва паррандаи даруни таранҷ тазйин шудааст. Дар сафҳаи оғози ин китоб вақфномаи маъруфи шоҳ Аббос вуҷуд дорад. Дар болои сафҳаи аввали китоб маҳалли мӯҳри шоҳ Таҳмосб қарор дорад.

Дар сафаҳоти 14-16 Абдибек дар мавриди замон ва иллати тадвини китоб ва чигунагии танзими аснод ба тафсил шарҳ додааст.[1] Ҳамчунин, ӯ бахше аз сафаҳоти оғози ин китобро ба тавсифи биноҳо ва иморотҳои остонаи шайх Сафӣ ихтисос додаст. Ин тавсиф дар қолаби назм ва наср аст.[2]

**Баррасии нусхаҳои муаррифишуда.** Бо баррасии нусхаҳои мазкур аз назари замони тадвини китоб метавон онро дар ду бахш мавриди мутолиа қарор дод: а) замони шоҳ Таҳмосб; б) пас аз замони шоҳ Таҳмосб (эҳтимолан шоҳ Аббос).

**а). Замони шоҳ Таҳмосб.** Қисмати умдаи китоб дар замони шоҳ Таҳмосб ва тавассути Абдибек таҳия ва танзим шудааст. Бар асоси шарҳи Абдибек ва он чи дар ин нусха вуҷуд дорад, асноди амлоки мутааллиқ ба остонаи шайх Сафӣ ба ин тартиб танзим шудааст:

1. «Ҳарфи аввал», аснод ва қаболаи амлокиро, ки Абдибек дидааст. Абдибек ин бахшро «ҳарфи аввал » номидааст. Ӯ ибтидо ба зикри асноди амлокӣ мепардозад, ки дар Ардабел вуҷуд доранд ва сипас асноди амлокиро, ки дар хориҷ аз Ардабел мебошанд, шарҳ медиҳад. Дар ин қисмат, ҳамчунин ӯ ба асноде мепардозад, ки сиғаи вакф дошта, дар дафтари остона ва тумори девони аъло сабт нашуда будаанд.

2. «Ҳарфи сонӣ». Абдибек ин қисматро низ «ҳарфи сонӣ» меномад ва дар он ба зикри асноди амлокӣ мепардозад, ки надидааст, вале сабт шудаанд. Ҳамчунин, аснодеро, ки сиғаи вақф надоштаанд ва сабт шуда буданд, дар ин бахш овардааст.

3. Аснод ва қаболаи амлокӣ ба исми фарзандони шайх Сафиаддин. Дар ин бахш ба зикри асноде мепардозад, ки ба исми фарзандони шайх Сафиаддин, бавижа шайх Садриддин, мебошад. Ин аснод сиғаи вақф надошта ва ба сабт расида буданд. Ҳамчунин, асноде, ки ба исми фарзандони шайх Сафиаддин буда ва ворисӣ надоштаанд, дар ин қисмат шарҳ дода шудааст.

4. Асноди сабтшуда дар тумор. Дар сафҳаи 369 китоб Абдибек шарҳеро ироиа медиҳад, ки бо унвони «радифи хотима» оғоз мешавад. Дар он ҷо ӯ аз тумори фарсудае ёд мекунад, ки аксари асомӣ дар он аз байн рафта ва баъзеро умдан аз байн бурдаанд. Абдибек бо баррасии ин тумор ба аснод ва қаболаҳое даст ёфт, ки вақфи хонадони шайх Сафӣ будааст, вале фоқиди номи вақфкунанда мебошанд. Ӯ дар китоб бахшеро ба ин аснод ихтисос додаст. Дар ин аснод қисматҳое аз байн рафтааст. Ӯ ин қисматҳоро сафед гузошта ё бо қалами қирмиз «баёз» навиштааст ва асноде, ки такрорӣ буданд, даври онҳо хатти доирашакл кашидааст. Дар поёни ин қисмат Абдибек дар матни кӯтоҳи форсӣ итмоми нигориши китобро бидуни қайди таърих эълом медорад.

5. **Асноди шоҳ Исмоил.** Абдибек, ҳамон гуна ки дар оғози китоб ишора карда буд, асноди вақфиёти марбут ба шоҳ Исмоилро ҷудогона овардааст. Ӯ пас аз поёни бахши марбут ба асноди мавҷуд дар тумор қисмати баъд аз онро ба ин мавзӯъҳо ихтисос додаст:

**б) Пас аз замони шоҳ Таҳмосб (эҳтимолан шоҳ Аббос).** Дар сафҳоти поёнии китоб тағйироте, бавижа аз назари хат ва замони таҳрир вуҷуд дорад ва фоқиди таърихи нигоришу номи китоб аст. Ин бахш шомили ин аснод аст:

**1. Асноди амлоки вақфии Қазвин.** Пас аз итмоми бахши марбута ба шоҳ Исмоил унвон шудааст, «ки қаболот ва асноди баъд аз ин ба мутолиа расад» ва сипас асноди вақфи амлокии дар Қазвин мутааллиқ ба шоҳ Пошохоним ва Аҳмадбеки Човшалу бо таърихи 1592 оварда шудааст.

2. Вақфномаи амир Темури Кураконӣ. Дар интиҳои китоб шарҳи комиле аз чигунагии дастёбии шоҳ Аббос ба вақфномаи маъруфи амир Темури Кураконӣ аз даруни дарахте дар замони фатҳи қалъаи «Андхуд»-и Шибирғон дар Балх дар соли 1602 омадааст[3] ва бо зикри вақфномаи амир Темури Кураконӣ, ки дар соли 1403 танзим шудааст, китоб хотима меёбад.[4]

Ба назар мерасад, натиҷаи муаррифишуда қадимтарин нусхаи мавҷуд аз «Сареҳулмулк»-ҳои буқъаи шайх Сафӣ аст. Ҳарчанд ки дар матни китоб зимни баррасии асноди мухталиф мукаррараn ба нусхаи фарсуда ва қадиме бо таърихи 1343 ишора шудааст.

Ҳамон гуна ки зикр шуд, нусхаи мавриди баҳс дар соли 1567 тавассути Абдибек танзим шудааст. Ба назар мерасад, ин замони оғози тадвини он бошад, зеро дар поёни бахше, ки ба шарҳи асноди амлоки фарзандони шайх Сафиаддин мепардозад, қайд мекунад, ки ин қисматро дар соли 1569 ба поён расондааст ва сипас ба бахшҳои дигар мепардозад. Дар интиҳо зимни эъломи поёни китоб таърихи онро зикр намекунад. Бо мурурe ба зиндагиномаи Абдибек метавон таърихи эҳтимолии поёни китобро ёфт.

Абдибек дар соли 1566 аз корҳои девонӣ канора гирифт ва то соли 1572 дар Ардабел умр ба сар бурд. Ӯ дар таи ин солҳо илова бар китоби «Сареҳулмулк» китоби «Такмилату-л-ахбор»-ро (1570) ба поён расонд. Ӯ барои муддати кӯтоҳе ба Қазвин рафта, сипас ба Ардабел бозгашт ва то поёни умр (1580) дар он ҷо монд.[5]

Дар натиҷа, замони поёни китобро (бахше, ки тавассути Абдибек навишта шудааст) метавон дар таи солҳои 1569-1580 ва ба эҳтимоли зиёд ҳамзамон бо поёни китоби «Такмилату-л-ахбор» (1580) донист.

Баррасии ҳошиянависиҳои китоб нишон медиҳад, ки он дар солҳои мухталиф, бавижа, аз соли 1591 ба баъд, борҳо мавриди баррасӣ ва таҷдиди назар қарор гирифтааст.

Дар ду сафҳаи ибтидои китоб ёддоштҳое вуҷуд доранд, ки сиҳатии нусхаро таъйид менамояд. Дар бархе аз онҳо теъдоди варақҳои навишта ва нонавишта қайд шудааст ва ҳамаи онҳо мӯҳр шудаанд. Яке аз онҳо дорои таърихи 1697 ва дигаре дорои таърихи 1784 аст. Бақия фоқиди таърих мебошанд.

Хулоса, мавориди зикршуда намоёнгари он аст, ки ҳарчанд нигориши китоб ва баррасии асноди вақфии буқъаи шайх Сафӣ тавассути Абдибек оғоз гардидааст, вале пас аз ӯ низ то солҳои баъд ин кор тадовум ёфта ва тавассути котиби дигаре, ки барои мо ношинохта аст, нигориш шудааст. Ҳошиянависиҳо низ далел аз он аст, ки асноди ин китоб дар таи солҳо баъд аз Абдибек низ мавриди бознигарӣ қарор гирифтааст.

## АДАБИЁТ


1. Абдибек дар тӯли китоб чандинбор ба ин мавзӯъ ишора кардааст ва таъкид дорад, ки аз асноди мавҷуд дар хазонаи остона фехристе таҳия карда онро бо асноди сабтшуда дар дафтари остона ва тумори девони аъло муқобила кардааст. Сареху-л-мулк. Микрофилми шумораи 1658 китобхонаи марказии донишгоҳи Теҳрон. –с. 320, 343-345.
2. Абдибек илова бар анҷоми умури девонӣ дар сурудани шеър ва нигориши осори таърихӣ дар қолаби шеър шӯҳрати бесазое доштааст. Метавон ба 4135 байти дар васфи шаҳри Қазвин (пойтахти Сафавиён) ва биноҳои таърихии он дар замони шоҳ Таҳмосб сурудааст, ишора намуд. Ишроқӣ Эҳсон. Наққошиҳои Кохи чиҳилсвтуни Қазвин ва коххои дигари сафавӣ аз хилоли манзумаи Абдибеки Шерозӣ. Ҳунар ва мардум. Давраи 16, шумораи 182, Озар, 1356. –с. 902.
3. Барои огоҳии бештар аз чигунагии фатҳи қалъа руҷӯъ шавад ба Искандарбеки Туркман. Таърихи оламорои Аббосӣ. –Теҳрон: Амири кабир, 1334. –с. 421-424.
4. Барои огоҳии бештар аз ин санад руҷӯъ шавад ба Искандарбеки Туркман. Таърихи оламорои Аббосӣ. –с. 16.
5. Ҷаъфариён Расул. Ҳукумати исломӣ. Дидгоҳҳои сиёсии Абдибеки Шерозӣ дар бораи шоҳ Таҳмосб. Шумораи 16, тобистони 1379. –с. 240.


## СВЕДЕНИЯ О «САРЕХУ-Л-МУЛК» НА ОСНОВЕ ВАКУФНЫХ ДОКУМЕНТОВ


В статье рассматривается вопрос о существовании многочисленных списков «Сареху-л-мулк»-а, содержащих вакуфные документы, и отмечается, что самым известным из них был «Сареху-л-мулк», принадлежащий шейху Сафиаддину, составленный в 1547 г. по велению шаха Тахмаcба. Оно хранится в национальном музее Ирана под номером 3719. В статье приводится описание вышеуказанного списка и его краткое содержание.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** вакуфные документы, «Сареху-л-мулк», шейху Сафиаддин, национальный музей Ирана, краткое содержание.

**INFORMATION ABOUT “SAREHU-L-MULK” BASED ON VAKF DOCUMENTS**

The article discussed the existence of great number of lists of “Sarehu-l-mulk”, which Vakf documents contain, and notes the most famous was “Sarehu-l-mulk” of Sheikh Safiaddin gathered in 1547 upon the order of Shah Tahmasb. It is kept at the National Museum of Iran unber number 3719. The article describes the said list and its brief contents.

**KEYWORDS: vakufny documents, "Sarekhu-l-mulk", to Safiaddin's sheikh, national museum of Iran, summary.**

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Махноз Рахимфар*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АНРТ

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ САФАРНОМАИ МАҲМУД ИБНИ ВАЛӢ «БАҲРУЛАСРОР ФИ МАНОҚИБУЛАХЁР»

***Ҳусайни Фаррухёр***
**Донишгоҳи Озоди воҳиди Кошон,Эрон**

Сафарнома навиштаҳое аст, ки нависанда дар он ба шарҳи рӯйдодҳо ва шунидаҳои сафари худ мепардозад. Сафарномаҳо зимни сабти воқеаи таърихӣ чашмандози мухталиф аз зиндагии рӯзмарраи мардум дар шаҳрҳо ва даврае аз таърихи як сарзамин аст, ки бо таваҷҷӯҳ ба шахс ва ғайрирасмӣ будани онҳо аҳамияти вижае дорад. Иттилооти гаронбаҳоро аз авзои зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ, ки аз арзиши муаррихон ва гузоришнависони расмӣ пинҳон мемонад ва ё тавоноии ироаи онҳо нест, дар гузоришҳои сафарномаҳо метавон дарёфт. Ин навъ осор ба унвони манобеи мустанад ва равшан барои пажӯҳишгарони ҳавзаҳои улуми иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ маҳсуб мешавад.

Сафарноманависӣ суннати куҳан ва ғанӣ дар Эрон ва мусулмон аст. Қадимтарин сафарноманависон дар миёни мусулмонон иборатанд аз: Абу Дулаф ибни Муҳалҳил (қарни X), Ибни Фазлон (қарни X), Ал-Идрис (қарни XII), Ибни Ҷубайр (авоили қарни XIII) ва маъруфтарин сафарнома аз Ибни Батута (1377) ва машҳуртарин сафарномаи форсӣ «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодийнӣ (мутавафии 1088) аст.

Ҷаҳонгардон бо ҳадафи сайру саёҳат ва бархе ҳам бо ҳадафҳои таблиғоти мазҳабӣ, манофеи тиҷорӣ, маъмуриятҳои сиёсӣ, арзаи ҳусни кунҷковӣ ва гоҳ тафреҳу хушгузаронӣ сурат пазируфтааст. Дар гузашта ёддошти ҷаҳонгардон бо унвони сафарнома зикри саргузашти таҷориб ва хотироти бештар дида мешавад ва ба мурури замон, ин навъ навиштаҳо иттилооти дигар аз авзои зиндагии мардум, боварҳо ва оинҳои равобити инсонии фардӣ ва иҷтимоии вайро дар худ ҷой додаст. Ин навъ хотироти сафар дарвоқеъ равшангари таърихи иҷтимоии пурҳаҷме аз диёрҳои мухталиф аст. Сафарномаҳо гузорише аз таҷрибаҳои шахсии нависанда аст, ба рӯйдодҳои гузоришшуда дар он. Ба гунае ки нависанда бо худ дахолат дар он дошта ва ё дидаҳо ва шунидаҳоро нақл мекунад, бо далели он ки худ ба асли мавзӯъ наздик буда, иттилооти ироашуда ҷузъе аз дасти аввал маҳсуб мегардад, ки камтар дар манобеи дигаронро метавон ёфт.

Яке аз осори арзишманд сафарномаи «Баҳруласрор фи маноқибулахёр» навиштаи Маҳмуд ибни Валии Балхӣ аст.

Вай дар ҳудуди соли 1595 дар Балх ба дунё омад ва барои касби илму дониш ба Бухоро рафт ва дар он ҷо муқим буд. Ғайр аз ҳудуди ҳафт соли сафар бақияи умрро дар ҳамон ҷо гузаронид ва сипас аз марг ӯро дар зодгоҳаш ба хок супориданд.

Маҳмуд ибни Валӣ соҳиби завқи шеър буд ва шаш дафтар ҳудуди 50 ҳазор байт суруд: «Муҳаббатнома», «Гулкада», «Наҷми соқиб», «Нузҳатулларвоҳ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва як девон. Бештари ин сурудаҳо ба иқтизои буҳури «Хамса»-и Низомӣ аст. Вай дар ҷавонӣ ба тасаввуф гироиш пайдо кард ва дар оғози роҳ ба Сайид Миракшоҳи Ҳусайнӣ дил супурд ва ба хостаи муродаш китоби «Равоиҳи тайиба»-ро таълиф кард. Пас аз даргузашти Сайид Миракшоҳи Ҳусайнӣ (1624) сафари ҳафтсолаашро ба Ҳиндустон оғоз кард, ки дар соли 1637 ба Балх баргашт. Пас аз баргашт ба хоҳиши Нодир Муҳаммадхони ҳоким ёддоштҳои сафари худро дар китобе бо унвони «Баҳруласрор фи маноқибулахёр» ба риштаи таҳрир даровард. Чунон ки худ дар оғози китоб гуфтааст, ҳадафаш аз ин сафари чандсола маҳз мушоҳидот ва холис тамошо буд. Бештарин таваҷҷӯҳи вай дар сафар ёфтани аҷоиб ва шигифтиҳои табиӣ ва зиндагӣ аст. Сафари Маҳмуд ибни Валӣ дар поёни шавволи 1624 аз Балх оғоз шуд ва шаҳрҳо ва рустоҳои мухталифро таи ҳафт сол тай кард ва саранҷом дар бистуми муҳаррами оғози соли 1632 ба Балх баргашт. Масири сафари Маҳмуд ибни Амирвалӣ чунин буд: Балх, Пешовар, Куркатрӣ (атрофи Пешовар), Ҳасанабдол, Лоҳур (1627), Деҳлӣ (аз роҳи Сарҳинд),

Акра (аз роҳи Ҷалолобод), Банорас, Патна, Ҳоҷипур, Довонопур, Бардавон, Саиднайпур, Хурддеҳа, Ҷагнот, Канорак, Кулобаҳор, Ҳайдаробод, Дакан, Беҷопур, Аҳмаднигар, Адиса, Катак (се сол), Агра, Фатҳпур, Алур, Сакар, Беҳкар, Ҳарноӣ, Пешин, Ҳирот ва Балх.

«Баҳруласрор фи маноқибулахёр» иборат аз муқаддима, ҳафт ҷилд, ҳар кадоме аз онҳо дар навбати худ аз чаҳор қисм ва хулоса иборатанд. То замони мо танҳо ҷилди аввал, ки мазмуни ҷуғрофӣ-таърихӣ дорад ва шашӯми он, ки маводи таърихиро дорост, расидааст, ки таърихи қоонҳои муғулро то замони ҳукмронии ҳокими бухорӣ Нодирмуҳаммадхон фаро мегирад. Он қисмати ин асар, ки дарбаргири маводи ҷуғрофӣ ва таърихи умумист, дар захираи ИШ АИ ҶУ, дастхати №2372 ва дастнависи №7418 маҳфуз аст. Он қисми асари Маҳмуд ибни Валӣ, ки ба масоили таърихи умумӣ ихтисос дода шудааст, дар Лондон дар китобхонаи «Индиа оффис»(№575) мавҷуд аст.

В.В. Бартолд дастнависи лондониро таҳқиқ намуда, порчаҳои матни форсии онро ба нашр расонид.[1] Ин асар моломол аз маводи воқеии мухталифан дорои хусусиятҳои иҷтимоӣ, ҷуғрофисӣ ва тарҷимаиҳолӣ мебошад. Дар ин ҷо тафсири муфассали Балх, инчунин маълумотҳои ҳасбиҳолӣ дар бораи баъзе сарлашкарон ва пешвоёни қабилаҳои кӯчӣ оварда мешавад. Муаллиф маросимҳои дар дарбори волии Балх Нодирмуҳаммадхон вуҷуддоштаро ба таври дақиқ тафсир медиҳад.[2]

Дар соли 1977 қисмати ҷуғрофиёии асари Маҳмуд ибни Валӣ «Баҳруласрор фи маноқибу-л-ахёр»» ба забони русӣ ба нашр расид.[3] Тарҷимаи иқтибосҳо аз «Баҳруласрор фи маноқибулахёр»-и Маҳмуд ибни Валӣ, ки дар асоси асари интишоршудаи дастнависҳои хаттии №2372, 1718 ва дастнависи №575-и китобхонаи «Индиа оффис» анҷом гирифтааст, дар соли 1988 ба нашр расидааст.[4] Асари Маҳмуд ибн Валӣ «Баҳр аласрор фи маноқибалахёр», ки аслан қисми саввуми ҷилди аввалро дар бар мегирад, соли 1984 дар Кароҷӣ нашр гардид.[5] Соли 1980 дар Покистон қисмати ба Ҳиндустон ва Сейлон бахшидаи Маҳмуд ибни Валӣ аз сӯи профессори риёзатул-ислом Саҳеҳ дар 106 саҳифа мунташир шуд:

**Ҳадафи сафари Маҳмуд ибни Валӣ.** Нависандаи «Баҳруласрор фи маноқибулахёр» дар миёнаи китоб гоҳ-гоҳе ба ҳадафи сафари худ ишора кардааст, ки муҳимтарини он илова бар ташвиқи дини Ислом ва сайри сафар мебошад: мушоҳидоти бадоеи саноеъ ва ғароиби вадоеъ мубодирот намуд. Дар тамомати он сайру сафар маҳз мушоҳидат ва холиси тамошо манзур буд. Чун рӯз шуд ба маросими назора ва тамошои он бино қиём намуда «аз тамошои он бино низ захираи ибрате бардоштам».[6]

Ин ки чаро нависанда ҳиндро барои сайру саёҳат баргузид, чунин навиштааст: «Чун фарохнои ҳинд машҳун ба нуфуси мавзун ва мувашшаҳ ба наводири гуногун ва мазоҳири вола бар қудрати комила ва манозири мубайина аз латоиф ва авотиф шомила буд ва осор ва ибдоъ ва асрори ихтироъ дар он ҳудуд пайдо ва ҳувайдо… .».[7]

Маҳмуд ибни Валӣ бар асоси гироиши сӯфиёна дар оғози сафари Бандпир тариқатеро дар чеҳраи «бегонае, ки нури ягонагӣ аз симои шуураш метофт, мебинад, ки тӯшаҳои сайру сафарро ба ӯ ёдовар мешавад. Зинҳор ки дар ин шохсор ба азми дона холи боли омол нигоише» чаро ки бояд баҳуш буд, чунки «то дар қафас малолу маҳбаси ихтилоли аҳвол дарнаяфтӣ» ва дар ин сайру сафар бояд: «ҳумои тақоҳат дар ҳавои омол бол нагшояд ва ба ҳар донае ром нагардад ва ба ҳар шох ором нагирад.
Хушо, мурғи зирак дар ин турфа роғ,
Ки нашниданаш бар кулӯхе калоғ».[8]

Нависанда бар он аст, ки албатта, бояд ин дурри мавоизро шунида ва ба-дон амал карда, чаро ки «хизрқадаму масеҳодам» буда.

Ин пири хизрқадаму масеҳодам гоҳе ба ҷилваҳои дигар ҳам рух менамуд, агарчи нависанда гоҳе бар мадори лағзиш ва хато қарор мегирифт ва дар баробари хостаҳои нафс бетоб мешуд.[9] Ин ки мурure бар муҳтавои ин сафарнома хоҳем то арзишҳои мӯҳтавои ин сафарнома ошкортар гардад. Дар поён нигоҳе ба вижагиҳои нашри ин асар хоҳем дошт.

**Одоб ва русум.** Яке аз вижагии сафарномаҳо гузориш аз одоб ва русуми мардуми шаҳрҳо ва рустоҳое аст, ки ба таври табиӣ аз нигоҳи бисёре аз нависандагону гузоришгарони таърихӣ пинҳон мемонд. Дар сафарномаи «Баҳруласрор фи маноқибулахёр» бисёре аз ин навъ гузоришҳо дида мешавад. Вай дар шаҳрҳо ва рустоҳо ба одобу русуме, ки барои ӯ қобили таваҷҷуҳ буд, гузориш кардааст. Аз ҷумлаи ин гузоришҳо иборатанд аз маросими таҷриди муртозу ҷӯкиро худ шоҳиду нозир буд ва гузорише аз онро овардааст.[10]

Яке аз гузоришҳои «Баҳруласрор» шеваи ибодат ва парастиши фақиру ғании ҳиндуҳо дар маъбад ва дар баробари будкадаҳост. Нависанда худ дар иҷрои ин маросим ҳузур дошт ва ҷузъиёти барномаи ибодатро шоҳид буд. Ин маросим, ки бо ҳузури ҳамаи ҳиндуҳои он диёр баргузор шуд, дар сапедадам рӯзи ибодати нахуст пардадорӣ ва бараҳманони бузург ба баёни нависанда дар он диёр залолати ноқус бо вазни беш аз панҷ ман ба садо дармеоянд, ба гунае ки ҳамагон онро мешунаванд. «онгоҳ» закур ва иноси сағиру кабири ҳунуд озими канори Ҷамнадруд гашта, риҷолу нисои бешоиба, абову аҳёи бо ҳам мутавазиҷ ва аз он адо мубтаҳӣ ба маросим… мубодирот намоянд.[11]

Аз маросими «ратҷоира» (аз одоти парастиши ҳиндуҳо) дар буткадаи Ҷангнот батафсил гузориш кардааст.[12]

Яке аз одоб ва русуми қобили таваҷҷӯҳ гузориши нависанда аз маросими сӯги шиаёни Лоҳур аст. Ин маросим дар миёни шиаёни Лоҳур дар даҳаи нахусти моҳи муҳаррам ба муносибати шаҳодати имом Ҳусайн, алайҳи салом, наберагони ҳазрати расул, саллаллоҳу алаҳи вассалам аст. Дар ин гузориш илова бар чигунагии одоби сӯгвории матраҳшуда натоиҷи мусбат ва манфии он ба тафсил омадааст.[13]

**Гузоришҳои таърихӣ.** Маҳмуд ибн Валӣ ба бархе аз рухдодҳои таърихӣ ва сиёсии каму беш дорои аҳамият ишора кардааст, монанди набарди байни Шерхон-ҳокими Қандаҳор ва Алимардонхон (1638) ва пирӯзии Алимардонхон бо нуфузи сиёсӣ ва мазҳабии Роҷамони Синг (1614) ҳокими Ариса ва Катак дар замони ҳукумати Акбаршоҳ (1014-962 ҳ.) ва фармонравоии Шоҳҷаҳон (1069-1037 ҳ.қ.).

**Дидор аз мазорҳо ва биноҳои таърихӣ.** Дидор аз мазорҳо ва маконҳои вижа аз ҷумлаи нукоти муҳиме аст, ки дар сафарномаҳо дида мешавад, ки барои пажуҳишгарон қобили аҳамият аст.

Нависандаи «Баҳруласрор» дар муддати иқомати худ дар Деҳлӣ аз мадорис ва масоҷид ва работҳои фаровоне сухан мегӯяд. Вай як рӯзро ба дидани мазорҳо ихтисос дод. Аз ҷумлаи он мазорҳо «мазори Файз Осор шайх Низомии авлиё ва Хоҷа Хусрави Таркуллоҳ» ва Хоҷа Ҳасани Деҳлавӣ ва Фармон Ҳумоюнпошо аст».[14]

Ба ҳангоми иқомат дар Фатҳпур ба зиёрати марқади Хоҷа Муиниддини Чаштӣ (аз бузургони тасаввуф) ва низ зиёрати турбати Амирҳусайни Хингсавор расид.[15] Асари қадами ҳазрати Одам, алайҳиссалом бар фарози кӯҳ бар санге пайдо буд, инро зиёрат кард ва гузориш кард.[16]

**Тавсифи биноҳо.** Яке аз барҷастагиҳои сафарномаҳо тавсифи биноҳо ва сохтмонҳост, ки мӯҷиби шинохти навъи меъморӣ ва фарҳанги меъмории мубтанӣ бар боварҳо ва арзишҳои марқум ва диёрӣ аст, чунонки дар рӯзгори мо ҳам пайдост навъи меъмории биноҳои хусусӣ ва умумӣ нишон аз навъи нигариш ва фарҳанги имрӯзиён аст. Ба ҳар рӯй нависандаи «Баҳру-л-асрор» навъи биноҳо ва сохтмонҳои шигифтро тавсиф кардааст. Аз ҷумла, тавсифи буткадаи «Мастура» дар маконе ба ҳамин ном аст. Аз ғароиби он сарзамин аввал биное аст махрутийушшакл. Ин бино наздики ба соҳили Ҷамнад рӯд таъсис ёфтааст ва он аз мустаҳдасоти Роҷамонксанг аст, ки яке аз умарои Акбаршоҳ буд».[17]

Нависанда вақте ба Фатҳпур расид аз зебоиҳои табиии он гуфтааст:

Бинои ин балдаи тайиба бар домани кӯҳе муассис аст ва толоби бузург дар тӯли чиҳил ҷариб ва арзи садупанҷоҳ заръ, ҳар як ҷониби шаҳр банди исмат вуқӯъ дорад ва дар ниҳоят толоби мазкур имороти подшоҳӣ аз маҳалҳои манбаъ ва манозир ва ғурафоти рафеъ ва боғе дар ғояти таро аст. Майдоне дар ниҳояти вусъат ва соири нишеманҳои олӣ аз даршан ва ом ва хос ва ғуслхона ва ғайра золик ороста ва пироста аст. Дар идома аз имороти муаззами Имодуддавлаи Теҳронӣ ҳам сухан гуфтааст.

**Гузориши ҳолҳо.** Нависандаи «Баҳруласрор» дар сайру саёҳати худ гом аз шигифте ва таҳаввули ҳолҳои инсонҳо гузориш мекунад, ки илова бар ҳаловати гузоришҳо нукоти муҳими ахлоқӣ ва ирфониро дар худ нуҳуфта дорад. Вақте занеро аз Паргаманот ба асорат гирифтанд ва дар миёни асирон шунид, ки Шувайшро куштанд. Сипас аз ҷазаъ ва назъ хост худро дар фироқи Шувайш, ки даҳ сол бо ӯ нарди ишқ бохта буд, аз байн бибурд, ҳеҷ василае наёфт то худро аз ёрӣ даровард. Саранҷом забонашро бо кути тамом аз бех барканд ва ҷон ба ҷонофарин дар роҳи муҳаббат таслим кард.[18]

Гузориш аз шӯридагии дӯсте аз дӯстони ҳиндии бисёр зебо ва гӯё ироиа шуд. Моҷаро аз он ҷо оғоз шуд, ки дӯсташ ба якбора як сол ғайбат кард ва саранҷом пас аз талош ӯро ёфта дид, ки дар санамкадаи Мотикпур бар хокистар нишаста ва абвоби ихтилот бар рӯи ошно ва бегона фурӯ баста. Онгоҳ дарёфт, ки муҳаббати оташ дар хирмани нангу номаш дарандохта ва садамати ишқ мабонии сабру таҳаммулаш халалманд ва мутазалзил сохта шудааст.

Талоши нависанда ва барои ба маъшуқ расонидани суде бахшида, чаро, ки ошиқ дар шаҳди ишқ лаззат ёфта, ки маъшуқ барои ӯ ҳаловате надошт. Агар маро хоҳиши висол мебудӣ, рӯзе ҳазор бор ӯро бурда ин саманкада овард, аммо чошнии ишқи ҳаловӣ дар кор мазоқам карда, ки шаҳди омой дар ком аҳволи лаззат намедиҳад:

Муҳаббат ба ҷое расонида кор,
Ки маҳбуб ҳам аз миён баста бор.

Ба ҳангоми иқомат дар Фатҳпур шахсе, ки оташи ишқ ба ҳақиқат вуҷуди ӯро сӯхта, сухан мегӯяд, ки аз паси инқилоби дарунӣ ошуфтаву парешон ба сурати маҷонӣ даромада, чаҳор моҳ дар вартаи оташи ишқ месӯхт, чунон ки ба баёни он дили сӯхта мегӯяд: «сари шуури ғаюр» ба мадориҷ ва масориҳи ҳеҷ ҷинс аз сурур ва хусур фуруд намеояд.[19]

**Тавсифи шигифтиҳои табиӣ** Нависанда борҳо дар китоб ёдовар шуд, ки яке аз аҳдофи сафараш афзоиши диданиҳои аҷоиб ва шигифтагиҳои сарзаминҳои дигар ҳаст. Ҳар ҷо шигифти табииро мушоҳида карда, ба риштаи таҳрир даровард. Намунаҳо: Чоҳи оби ширин ва шӯр ва чигунагии

пайдоиши он дар паи қасам ёд кардани ду нафар; дарахти танумандe, ки ресмони сад зарьӣ дар перомуни он ба ҳам намерасид, вале дастори се зарьӣ ба ҳам мепайваст; оби чашмае, ки обаш лимуни турш буд; барги дарахти сурхранг, ки агар моргазида аз он мехӯрд, дар дам дармон мешуд, вале агар шахси солиме онро мехӯрд, дар дам ҷон месупурд; дарахти анба дар рустои Онҷо пур, мевааш ба ҷои мағзи занбӯр дар он парвариш мееёфт, вақте дона шикаста мешуд, занбӯр ба парвоз дармеомад; ғоре, ки дар вуруди он чашмаи иксиарӣ аст, ки як қатраи он сад ман мис ва оҳанро тилло мекард, аммо ҳар кас бар дари он ғор мерафт, хартуме берун меомад ва ӯро ба дарун мебурд ва баргаште набуд ва…[20]

**Тавсифи манозири табиӣ** Ҷозибаҳои табиӣ яке аз далоилҳои сайру саёҳат аст, ки аз дер боз мавриди таваҷҷӯҳи ҷаҳонгардӣ буд. Нависандаи китоби «Баҳруласрор» гоҳ чунон масҳури шигифтҳои табиӣ мешуд, ки ногузир ба шарҳу тавсифи он мепардохт. Тавсифи фазоҳои табиии шаҳрҳо ва русто дар ин сафарнома дида мешавад, аз ҷумлаи онҳо васфи рустои Саҳранд (Сарҳинд) бодиққат ва зарофати тамом аст: «Алҳақ маъмураи мазкура дар латофати ҳаво ва таровати фазо дар он фарохно якто ва беҳамто аст… Ба боғи Ҳофиз нузуле арзонӣ дошта…, боғи мазкур тахсисан ду ҳазор ҷириб хоҳад буд. Як ҷониби он дарёи Ҷамна дар ҷараён аст ва дар миёни он чунин ҷангал ва беша аст маҳфуф».

Дар ин боғ бинои шигифте аст, ки ба хостаи ҳозирон ба даври худ мечархид: «Хонае ба назар даромад мудавваршакл, ки бар фарози чархе асос ёфта буд. Ҳар гоҳ чарх ба васоил ва васоит дар ҳаракат меомад, хонаи мастура низ бо тамомати маҷлисиён ба ҳаракати даврӣ дар гардиш меомад».

-вақте дар масҷиде се рӯз мӯътакиф шуда, то ҳол ва ҳавои сӯфиёна дар сар бимонд ва….аз оби кам мабош, ки дар ҳар чи афтод, аз ранги худ баромада, ранги ҳамон гирифт;[21] дар дигаргунии ҳоли худ, ки гоҳ аз либоси таҷаррӯд берун омада, гоҳ дар кисвати тааллуқ даромада, чунин гуфтааст: қалам дар ихтиёри ӯст.

**Корбурди таркиботи киноӣ** Дар китоби «Баҳруласрор» бисёре аз вожаҳо ва таркиботи вижа ба кор рафтааст, ки барои талошгарони ҳавзаи забон ва фарҳангвожагон қобили таваҷҷуҳ аст: подаромадагӣ, восита, миёнҷӣ.[22] Корбурди вожаҳо ва истилоҳоти мардуми ҳинд ин вожагон гоҳ дар зиёди оддии мардум ба кор мерафта, гоҳ ин вожагон истилоҳоти махсуси оину кеши мардум аст. Комилии ин вожагон ном, маконҳо, рудҳо ва….мебошад, ки барои баррасии таҳавулоти забонӣ бисёр арзишманд аст. Бархе аз ин навъ вожагон иборатанд аз: куркатрӣ, доми дос, каловантон, думийнон, автори ашара, пуча, диндутӣ, берогӣ, бешан ва…[23]

Китоби «Баҳру-л-асрор фи маноқибулахёр» навиштаи Маҳмуд ибни Валӣ аз осори қобили таваҷҷӯҳи қарни 16 мебошад, ки сафари худро аз зодгоҳаш Балх оғоз карда ва бисёре аз шаҳрҳо ва рустоҳоро дид ва пас аз ҳафт сол ба зодгоҳаш баргашт, ки дидаҳо ва шунидаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва аҷоиби табиӣ ва ҳузури вай дар маросиму барномаҳои ибодӣ ва иҷтимоии ҳиндуҳо ва гузориши ин рӯйдодҳо бар арзиши китоб афзудааст.

## АДАБИЁТ


1. В.В. Бартольд. Отчет о командировке в Туркестан. // ЗВОРАО. XV. -1904. -с. 232; Ҳамон муаллиф: Церемониал при дворе узбакских ханов в XVII в. // Соч. -Т. II. -Ч. 2. -М., 1964. –с. 388.
2. В.В. Бартольд. Церемониал при дворе узбакских ханов в XVII в., с. 389 и сл.
3. Махмуд ибн Вали. Море тайн о доблести благородных (география) / Введение, перевод с персидского, примечания и указатели Б.А. Ахмедова. -Ташкент, 1977.
4. Б.А. Ахмедов. Махмуд ибн Вали. Бахру-л-асрор фи манокибу-л-ахёр» (извлечения из «Бахру-л-асрор фи манокибу-л-ахёр»// Материалы по истории Средней и Центральной Азии X-X1X вв. -Ташкент, 1988. -с. 240-255.
5. МаҲмуд ибн Валқ «БаҲр ал-асрор фи манoѕиб ал-ахёр». Ѕарочқ: Анчумани таърихи Покистон, 1984.
6. МаҲмуд ибни Амир Валқ . БаҲру-л-асрор фи манoѕибу-л-ахёр». –Карочқ, 1980, с. 40.
7. Ҳамон ҷо, с. 1.
8. Ҳамон ҷо, с. 3.
9. Ҳамон ҷо, с. 26.
10. Ҳамон ҷо, с. 4-5.
11. Ҳамон ҷо, с. 14-15.
12. Ҳамон ҷо, с. 35-36.
13. Ҳамон ҷо, с. 8-9.
14. Ҳамон ҷо, с. 13.
15. Ҳамон ҷо, с. 89.
16. Ҳамон ҷо, с. 45.
17. Ҳамон ҷо, с. 12-13.
18. Ҳамон ҷо, с. 80-81.
19. Ҳамон ҷо, с. 91.

20. Ҳамон ҷо, с.41-45.
21. Ҳамон ҷо, с. 7.
22. Ҳамон ҷо, с. 82.
23. Ҳамон ҷо, с. 5-15.

**НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СОЧИНЕНИЯ МАХМУДА ИБН ВАЛИ «БАХРУ-Л-АСРОР ФИ МАНОКИБУ-Л-АХЁР»**

Балхский учёный Махмуд ибн Вали после своего семигодичного путешествия по городам Индии по указанию балхского правителя Надирмухаммедхана написал своё энциклопедическое сочинение «Бахру-л-асрор фи манокибу-л-ахёр», где наряду с историческими событиями описывает обычаи и нравы народов Индии. Автор в труде описывает свои наблюдения и при этом придерживается особого литературного стиля при описании природы, священных мест, исторических событий и знаменитых личностей. Он употребляет индийские и арабские слова и словосочетания в риторическом слоге, что представляет для читателя некоторые трудности в понимании их смысла.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** история, культура, язык, событиия, описание, источник, путешествие, медресе, мечеть, природа, город.

**SOME PECULARITIES OF MAHMUD IBN ALI `S BOOK “BAHR AL ASRAR FI MANOKIBU-L- AKHYAR”**

A Balkh scientist Mahmud ibn Vali was sent to India by the ruler of Balkh. After his seven year`s travel to cities of India he wrote his first encyclopaedic work “Bahr al Asrar fi Manokibu-l-Akhyar” where together with the historical events he describes customs and traditions of Indian people. In his work the author describes his observations and at the same time keeps a special literary style when describing nature, mosques, historical events and famous personalities. He uses Indian and Arabic words and word-combinations in the rythoric syllable which are difficult for the reader to understand their meanings.

**KEY WORDS:** history, culture, language, events, description, source, travel, madrasah, mosque, nature, city.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хусайн Фаррухёр*** – соискатель Института истории, археологии и этнографии АН РТ, член научного состава Свободного университета города Кошон, Иран

## АНГЛИЯ ВА МАШРУТА

***Қурбоналии Ганҷиҷомишӯронӣ***
**Донишгоҳи Озоди исломии воҳиди Озодшаҳр, Эрон**

Бурузи як инқилоб марҳуни бар ҳам ниҳода шудани авомили бисёрест, ки баррасии ҳар кадом ниёзманди мутолиаи ҷудогона аст. Дар маҷмӯаи авомил нақши Англия дар Инқилоби машрута аз ҷумлаи авомилест, ки на ба иллати ҳамсӯӣ бо он, балки ба далели ташреҳи ин омил дар канори дигар авомил ба он пардохта шудааст. Нигариши равшанфикрони Эрон ба Ғарбро метавон ба ду мақтаи таърихии қабл ва баъд аз шаҳривари бист тақсим намуд. Ошноӣ, ки дар мақтаи аввал мунҷар ба бархурд бо демукросӣ ва порлумон ва баробарӣ, ки дар кишварҳои ғарбӣ, бахусус Англия вуҷуд дошт, гардид ва дар мақтаи баъдӣ мақому манзалати Ғарб якбора таназзул ёфт. Дар мақтаи аввал буд, ки бо рӯи кор омадан ва иқдомоти ислоҳталабоне назири Аббосмирзо, Қоиммақом, Амир Кабир, Мирзоҳусайнхони Мушируддавла ва мунавварарулфикроне ҳамчун Мирзомалкумхон ва ғайра, ки сабаби ошноӣ бо пешрафтҳо ва тафаккуроти ғарб гардид. Нуфузи фарҳангу тамаддуни Англияро дар ин давра (Қоҷор) метавон нохоста арзёбӣ намуд, аммо замоне ки рақобати байни ду кишвари Россия Англия дар Эрон, ки ҳар як хоҳони касби имтиёзи бештаре буданд, мудохилотро ба сурати огоҳона табдил намуд, то қабл аз воқеаи танбоку кишвари Англия қудрати биломунозеҳ дар Эрон буд, аммо пас аз шикаст дар наҳзати танбоку қудрати худро ба нафъи рақиби деринаи хеш, яъне Русия аз даст дод ва сабаб гардид, то Англия дар ду даҳаи боқимонда ба Инқилоби машрута даст ба фаъолиятҳое бизанад, ки мунҷар ба тағйири сохтор дар ҳукумат ва баргашти қудрат ё навъе тавозуни қудрат дар Эрон гардад. Ибтидо барои касби манофеъ ва ҳифзи он бо Инқилоби машрута ҳамсӯ гардид, вале ногаҳон ба он пушт кард ва бо қарордоди 1907 м. бо Русия хатти батлон бар омоли мардум кашид.

Таърихи муосири Эрон аҳаммияти фаровон бавижа дар тӯли таърихи ин сарзамин ёфта, зеро бештарини таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии эрониён дар ин ду қарни ахир рӯй додааст ва ба ҳамин ҷиҳат ҷойи сухани бисёр дорад. Қазоват дар мавриди рӯйдодҳо ва ашхосе, ки замоне дар маконе бо шароити муҳитӣ, сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии хоси хеш мезистаанд, кори саҳлу осоне намебошад. Танҳо муаррих бо мадорики одию маънавӣ ва шуҳудии давраи мавриди назар метавонад ҳақоиқро аз батни мадорики мавҷуд берун биёварад ва ба онҳо назм диҳад, зеро ки муаррих наметавонад ба гузашта боз гардад. Ба ҳар хол дар таърихи муосири Эрон, бахусус дар замони қоҷор

сарзамини Эрон дучори фарозу нишебҳои бисёре гардидааст, ки ишора ба ҳар як аз он маворид ҷойи баҳсу баррасӣ дорад ва аз аҳамияти хос бархӯрдор аст.

Ба таври куллӣ мо эрониён, ки ҳар гоҳ номи силсилаи Қоҷор ба гӯшамон мерасид, як эҳсоси номатлуб дар зеҳни мо нақш менамояд ва он ҳам ҷизе ҷуз ирқи миллию ватанпарастии эронӣ нест, ки сабаби он мешавад, зеро дар ин замон сарзаминҳои зиёдеро махсус дар шимоли Эрон ба нафъи давлати Русия аз даст додаем ва ҳамчунин аз даст рафтани сарзамини Афғонистон бо дахолати мустақими кишвари Англия, ки моил набуд аз ҳарифи қудратманди худ - Русия ақиб бимонад. Ҳар гоҳ суҳбат аз имтиёзе ба нафъи яке аз ду кишвар мешуд, дигаре низ дар садади гирифтани имтиёзе дар ҳамон радиф ва ҳатто сангинтар аз он буд.

Кишвари Эрон дар он барҳа (пора) аз замон ва ба иллати фақри иқтисодӣ ва заъфи низомӣ ва ҳамчунин эҳтиёҷоти моддӣ ба ин ду қудрат вобаста буд ва аз ҳама муҳимтар соҳибони қудрат дар ин давра аз кифояти лозим дар умури кишвардорӣ бархурдор набуданд; ҳар гоҳ подшоҳе ва садри аъзаме рӯи кор меомаданд, бо гароиш ба яке аз ин ду кишвар хатти маши сиёсии худро таъйин ва муҷрии сиёсатҳои онҳо мешуданд. Танҳо дар замонҳои хос шоҳиди ашхоси ватанпарасте, ки дорои ирқи миллӣ буданд, ҳастем. Ашхосе ҳамчун Қоиммақому Фароҳонӣ ва Амири Кабирҳо, ки саъй дар ҳифзи сарзамини Эрон ва мухолифат бо дахолати ҳар кишвари бегона дар умури дохилии кишвари Эрон буданд.

Аммо давлатҳои Россия ва Англия ҳар гоҳ шахсеро бо усули худ мувофиқ намедиданд, тасмим ба аз миён бардоштани он мегирифтанд ва бароҳатӣ хостаи худро амалӣ месохтанд. Он чи мусаллам аст, яке аз рӯйдодҳои муҳими таърихи муосири Эрон воқеаи Инқилоби машрутият аст, ки яке аз нуқоти атф дар таърихи меҳани азизи мост ва боиси дигаргуниҳои фаровон дар абъоди сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ шудааст.

Дар бораи наҳзати машрутият чандин китобу мақола бо бардоштҳову довариҳои яксон ва дар чанд маврид бардоштҳое мутафовит навишта шудааст. Он чи аз маҷмӯаи мундариҷоти ин китобҳо ва бардоштҳо ба даст меояд, нобасомониҳои иқтисодию иҷтимоии даврони Музаффаруддиншоҳ, набудани амнияти адолати иҷтимоӣ, судҷӯию зӯргӯии ҳукком, манофеи гурӯҳи хос ва сиёсати хориҷӣ, ки аз ин қиём ҳимоят мекард ва дар канори он ошноии мунавварулфикрон бо тамаддуну пешрафти Ғарб ва вуҷуди ислоҳталабон будааст.

Он чи мусаллам аст, бурузи Инқилоб марҳуни бар ҳам ниҳода шудани авомили бисёрест, ки баррасии ҳар кадом аз онҳо ниёзманди мутолиаи ҷудогона аст ва ба воситаи ҷойгоҳи таърихии он ниёзманди пажӯҳишҳои ҷудогона мебошад. Инқилоби машрута яке аз нуқоти атф дар таърихи меҳани азизи мост, инқилобе, ки метавон шурӯи онро дар ду даҳа қабл, дар ҷунбиши танбоку дар абъоди кӯчактаре ёфт.

Дар маҷмӯае аз авомили ёдшуда саъй шудааст, то ба нақши Англия дар Инқилоби машрута ба таври муҷаззо пардохта шавад, на ба иллати ҳамсӯӣ бо он, балки ба далели ташреҳи ин нақш дар канори дигар авомили таъсиргузор дар Инқилоби машрутият мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Машрутият қавонини бидуни демукросӣ ва тафкики қувваҳо ва ғайра масоиле буд, ки ошноии он тавассути эрониён реша дар қабл ва ошноӣ бо Ғарб дошт.

Нигариши равшанфикрони Эрон ба Ғарбро метавон ба ду мақтаи таърихии қабл ва баъд аз шаҳривари бист тақсим намуд. Дар мақтаи аввал арзёбии равшанфикрон аз Ғарб бисёр мусбат буд. Ғарб барои таҳсилкардагон, равшанфикрон ва ислоҳталабон ва шуморе аз нухбагони сиёсиямон оянда аз пешрафту тараққӣ ва тааққулгароӣ, демукросӣ ва озодӣ, баробарию инсонгароӣ буд. Дар мақтаи дувум баръакс мақому манзалати Ғарб якбора таназзул ёфт. Ғарб ба Ғарбе, ки имрӯз дар фарҳанги сиёсию иҷтимоии мо матраҳ аст, нузул пайдо кард.

Дар мақтаи аввал рӯи кор омадан ва иқдомоти ислоҳталабоне назири Аббосмирзо, Қоиммақом, Амири Кабир, Мирзоҳусайнхони Мушируддавла ва мунавварулфикроне ҳамчун Мирзомалкумхон, ки сабаби ошноӣ бо пешрафтҳову тафаккуроти ғарбӣ гардид. Дар канори ин масоил мудохилоти Россия Англия дар ҷиҳати касби имтиёзоти бештар ва фишору нуфузи низомии онон ба назар мерасид.

Аз ҷумлаи воқеаҳои таъсиргузори дигар дар Инқилоби машрутият, ки Англия дар як сӯи он қарор дошт, воқеаи танбоку ва шикасти Англия дар ин воқеа аст, ки боиси аз даст рафтани қудрати моддию маънавии Британиё ба нафъи рақиби деринаи хеш, яъне Русия мебошад, сабаб гардид. Англия дар ду даҳаи боқимонда ба Инқилоби машрутият даст ба фаъолиятҳое бизанад, ки мунҷар ба тағйири сохтор дар ҳукумат ва баргашти қудрат ё навъе тавозуни қудрат дар Эрон гардад. Фикри ислоҳоте дар Эрон, ислоҳоте ки аз дарун сабаби коҳиш ва аз байн рафтани Русия дар Эрон гардад.

Фурсате ки дар ду даҳаи баъд аз воқеаи Режӣ насиби Англия гардид ба он эътимоду наздикии табақоти мухталифи ҷомеаи Эрон ба ин кишвар буд ва ҳангоми таҳассун ин сафоратро баргузиданд,

ки дар гуфтаҳои Тақизода аз машрутаталабон ва вакилони Маҷлис дар мавриди ин эътиқоду ҳамсӯию эътимод комилан машҳуд аст, аммо русҳо аз ҳамон ибтидо бо он мухолиф буданд.

Аҳруми аъмоли нуфузи русҳо дар Эрон ба таври суннатӣ дарбори қоҷор буд. Аммо дар натиҷаи машрута дарбори қоҷор бахши умдае аз нуфузи қудрати сиёсияшро аз даст дод, масъалаи муҳиме, ки Англия ба он алоқаи бисёр дошт. Алоқамандӣ, ки метавон дар гуфтаҳои лорд Ҳординг - вазири умури хориҷаи Англия дар мавриди таваҷҷӯҳ ба ислоҳот дар Эрон гузоришоти Онет Дестра аз мутахассисини хориҷӣ дар ҳимояти бечунучарои Англия аз машрута ва муҳосиботи Англия ва навиштаҳои Серсил Испринг Ройс - вазири мухтори Англия дар Эрон ва сэр Персил Сойкс - дигар нависандаи Эрон дар мавриди ба даст овардани машрута дар Эрон мушоҳида намуд.

Ба таври воқеъ он чи машрутаи Эрон хонда мешавад, чараёне буд, ки бар бистари норизоиятии умумӣ аз зулму ситами Қоҷор ва нуфузи истилои бегонагон бар кишвар ва муқоиса намудани кишвари Эрон бо пешрафтҳову тамаддуни Ғарб тавассути мардум ва авомили мухталиф, ки дар он ифои нақш менамуданд, ба вуқӯъ пайваст. Аммо дар сайри ҳаракати худ бо мудохилаи бегонагон муҳоҷир шуд. Аз ҳамон ибтидо қудратҳои бегона, бахусус Англия ё ҳамон истеъмор кӯшиданд, то машрутаро дар сайри матлубашон ҳидоят кунанд ва маҳори инқилобро дар даст гиранд.

Дар ин пажӯҳиш саъй шудааст, то аз аксари манобеу иттилоот истифода шавад. Ин иттилоот низ шомили манобеи дастаи аввал, хотироту кутуби навишташуда дар давраи машрутият тавассути шарқшиносони Англиягӣ ва нависандагони дохилӣ ва ҳамчунин мутолиаи рӯзномаҳои давраи қоҷор мебошад, ки дар пешинаи таҳқиқ мавриди нақду баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Ин пажӯҳиш дорои каму костҳое ва эродоти фаровонест. Лизо, бо камоли майл пазирои роҳнамоиҳо ва интиқодоти муфид ҳастем, зеро ки ин амр кӯмаки шоёне дар бартараф кардани эродот ва комил намудани ин таҳқиқ хоҳад намуд.

Кишвари Англия ҳамеша дар давраҳои гузашта, бахусус дар давраи коҷор нақши босазое дар заминаи сиёсати хориҷию дохилии кишвари мо - Эрон доштааст. Нуфузи сиёсии Англия дар ин даврон дорои фарозу нишебҳои бисёр буд, зеро он кишвар ҳамвора бо кишваре қудратманд ба монанди Русия мувоҷеҳ буд, ки дар касби нуфузи сиёсию иқтисодӣ дар Эрон ин кишвар (Бритониё)-ро бо мушкил рӯбарӯ месохт.

То қабл аз воқеаи Режӣ (танбоку) шоҳиди қудрати рӯзафзуни Англия дар дарбори Эрон ҳастем, ба тавре ки нуфузи Бритониё мавриди баҳси тамоми маҳфилҳои сиёсии он замон буд. Тавре ки то қабл аз наҳзати танбоку тамоми муҳраҳои сиёсӣ, аз ҷумла садри аъзамҳои Эрон, аз ҷумла Мирзоҳусайнхони Сипаҳсолор ва Мирзоалиасғархони Атобаки аъзам бо назари ин кишвар ба кӯмаки шоёни Бритониё рӯи кор омаданд ва муҷрии сиёсатҳои Англия дар Эрон буданд. Ба назар мерасад нақшпазирии давлати Англия дар Инқилоби машрутиятро метавон реша дар наҳзати танбоку ва шикасти Англия дар ин қиём донист. Мушкилоти сиёсии фаровоне, ки аз ҷумлаи паёмадҳои Режӣ буд, гиребонгири кишвари Англия гардид. Дар ин даврон шоҳид ҳастем, ки то ду даҳаи баъд Англия тамоми қудрати худро дар Эрон ва дарбори подшоҳӣ якбора аз даст дод ва кишвар дар амни Русия ниҳода шуд. Албатта ба нақши Русия ҳамеша чи дар даврони наҳзати танбоку ва алоқамандӣ ба ин пирӯзӣ тавассути мардум ва чи дар даврони машрутият ва алоқамандӣ ба шикасти мардум дар ин инқилоб ҳоизи аҳамият аст.

Ба назар мерасад, ки Англия ҳамвора дар пайи фурсате буд, то қудрати аздастрафтаро бозёбад, аз даст рафтани қудрате, ки метавон бо мутолиаи қиёми танбоку ва таҳқиқоти дар чанд соли боқимонда аз Инқилоби машрутият онро мавриди арзёбӣ ва натиҷаи онро дар машрутият ёфт намуд.

Мутолиаву баррасии табақоти мухталифи ҷомеа ва ин ки оё миллати Эрон дар он замон бо машрутият ва аҳдофи он ошноӣ доштаанд ва мушкилоте, ки дар ин замина миллат бо он мувоҷеҳ буд ва ин ки чи гуна ин раванд дар Эрон шакл пазируфт, ки дар баррасии абъоди мухталифи мавзӯи мавриди назар саъй шудааст, то ба решаӣ ошноии мардум бо машрутият ишора шавад. Дар мутолиаи ин даврон метавон бори дигар нақши Ғарб ва Англияро мушоҳида намуд. Фарҳангу тамаддуне, ки дар он замон аз пешрафти босазое бархӯрдор буд ва бо вуруди таҳсилкардагони ғарбии эронӣ ин тафаккуроту ошноӣ вориди кишвар шуд ва табақае ба номи равшанфикрон дар Эрон ба вуҷуд омад.

Баррасии ин мавзӯъ, ки оё Англия метавонист муваффақ ба қарор додани ин ҷараёноти фикрӣ ба нафъи манфиатҳои сиёсии худ шавад ё не, масоилест, ки ин пажӯҳиш ба дунболи он аст ва замоне ки Инқилоби машрута дар ҳоли шаклгирию қудратёбӣ буд, Англия чӣ гуна саъйро дошт, то раҳбарии ин инқилобро аз дасти уламо хориҷ ва ба нафъи хеш ба ҳаракат дароварад ва мутолиботу хостаҳои мардумро ба дарбор ва шоҳ интиқол диҳад.

Ҳамеша дар ба вуҷуд омадани як иллат авомили мухталифе ифои нақш менамоянд. Ин нақшҳо ё аз пеш таъйин шудаанд ва ё бо таваҷҷӯҳ ба шароиту замон бар авомил таҳмил мешаванд. Нақши Англия дар Инқилоби машрута аз авомилест, ки дар канори дигар метавон онро мавриди баррасӣ қарор дод.

Ҳамон тавр ки ба он ишора гардид, пас аз нақшпазирии Англия дар Инқилоби машрута, ки дар ин пажӯҳиш ба шарҳи далоиле, ки боиси он гардид, ишора хоҳад шуд, дар идома низ рӯйкарди Англия ба машрута пас аз пирӯзии машрутият ва имзои он ва таъйид тавассути Музаффаруддиншоҳ дар соли 1324 ҳ.қ. бо таваҷҷӯҳ ба нуқтаи назароти мухталиф мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Наздикии мутааҷҷибонае, ки кишвари Англия ба Русия пас аз пирӯзии машрута пайдо мекунад, ки метавон онро аз абъоди мухталиф мавриди баррасӣ қарор дод, ки паёмадҳои он қарордоди 1907 м. ва тақсими Эрон ба се минтақа буд; минтақаи нуфузи Англия дар ҷануб ва минтақаи нуфузи Русия дар шимол ва минтақаи бетараф, ки дар марказ ва таҳти ихтиёри ҳукумати Эрон қарор мегирифт. Қарордоде, ки хатти бутлон бар омолу орзуҳои кишвари Эрон мекашид ва дилбастагию итминон, ки мардуми Эрон дар ба даст овардани машрута ба Англия доштанд ва бо ҳимояти ин кишвар ба далоили мухталиф онро ба даст оварда буданд якбора онро аз даст доданд.

Англияиҳо, ки то қабл аз пирӯзии машрутият ба ин натиҷа расида буданд, ки метавонанд ба тафкики қувваҳо ва хориҷ кардани дарбор аз дасти русҳо ба унвони абзори эъмоли нуфузи онҳо тавассути машрута даст ёбанд, дар идома бо пушт намудан ба машрута ва миллати Эрон бори дигар дар пайи ба даст овардани манфиатҳои ҷадидтар тағйири мавзеъ медиҳанд.

Дар ин пажӯҳиш саъй шудааст, то аз манобеи дастаи аввал ва мӯътабар истифода шавад ва ҳадафи он баррасии ин авомил ва нақши Англия дар машрутият дар канори авомили дохилӣ (иҷтимоию иқтисодӣ) мебошад.

Аҳамият ва зарурати ин таҳқиқ. Дар бораи наҳзати машрута чандин китобу мақола бо бардоштҳое мутафовит навишта шудааст. Он чи аз маҷмӯаи мундариҷоти ин китобҳо ва бардоштҳо ба даст меояд, нобасомониҳои иқтисодию иҷтимоии даврони Музаффаруддиншоҳ, набудани амнияту адолати иҷтимоӣ, судҷӯию зӯргӯии ҳукком, манфиатҳои гурӯҳи хос ва сиёсати хориҷӣ, ки аз ин қиём ҳимоят мекард ва дар канори он ошноии мунавварулфикрон бо тамаддуну пешрафти Ғарб ва вуҷуди ислоҳталабон будааст ва ҳамон тавр ки дар муқаддимаи пажӯҳиш навиштем, бурузи як инқилоб марҳуни бар ҳам ниҳода шудани авомили бисёрест, ки баррасии ҳар кадом аз онҳо ниёзманди мутолиаи ҷудогона аст ва ба воситаи ҷойгоҳи таърихии он ниёзманди пажӯҳишҳои ҷудогона мебошад.

Он чи мусаллам аст, дар пардохтану баррасӣ ба як воқеаи таърихӣ ҳар чӣ мавзуот ба таври тахассусӣ ва тафкикшуда баррасӣ шавад, метавон дар баррасии ҳар илал ба таври дақиқтар ва мутолиоти густардатар пардохта шавад. Албатта мебоист муҳаққиқ бо он мавзӯъ на мухолиф ва на ҳамсӯ бошад, то сабаби тасарруфе дар баёни воқеиёт гардад. Ба ҳар ҳол баррасии нақши Англия дар Инқилоби машрутият низ яке аз авомили дахил дар Инқилоби машрута будааст, ки на ба далели ҳамсӯию ҳамдостонӣ бо ин нақш, балки аз ҷиҳати вуҷуди ин воқеа ва баррасии ин иллат дар канори дигар авомили таъсиргузор дар Инқилоби машрутият будааст.

Раванди ошноии мардуми Эрон бо пешрафтҳои Ғарб дар заминаҳои мухталифи иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва барқарории демукросӣ вуҷуди қавонини мудавван ва порлумон (Маҷлис) дар ин ҷавомеъ, ки сабаби огоҳии мардум аз ақибафтодагии хеш ва дар идома муқоисаи кишвар бо ҷавомеи ғарбӣ, ки сабаби фикри эҷоди ислоҳот дар Эрон гардид. Зарурати баррасии ин раванд ва нақши Англия дар марҳалаи аввал аз нукоти ҳоизи аҳамияти анҷоми ин таҳқиқ мебошад.

Марҳалаи баъд нигариши Англия ба кишвари Эрон дар ҳангоми вуқӯи наҳзати танбоку ва барномаҳое, ки ин кишвар аз ин замон ва баъд дар Эрон ба иҷро овард. Он чи мусаллам аст, кишвари Англия ҳамвора дар мароҳили гуногуни таърихӣ саъй намудааст, то ҷиҳати касби манофе дар кишварҳои мухталиф аз ҳарбаҳои гуногун бо таваҷҷӯҳ ба шароити замонӣ ва омодагии он миллати ҷомеаи мавриди назар истифода намояд, ки кишвари мо Эрон низ аз ин амр мустасно набуд. Пас, яке дигар аз заруриёти анҷоми ин таҳқиқ шиносондани чеҳраи воқеии истеъмори Англия, ки дар ин даврон, ки бо ахзи сиёсатҳои мутафовит дар қиболи Эрон саъй дар бадастгирии хатти маши сиёсии кишвар доштааст, ҳамон тавр ки бо баррасиҳои мутафовит метавон ба амалкардҳои Русия низ дар вокуниш ба ин аъмол ва ё дар канори он пай бурд ва бо вуҷуди кутуби мухталиф дар ин замина боз ҳам метавон ба натиҷаҳои ҷадидтар даст пайдо намуд.

Ташреҳи нақшпазирии Англия дар Инқилоби машрутият, ки ҳамвора бархе аз нависандагони Англиягӣ саъй дар нишон додани ин масъала ҳастанд, ки Англия машрутаро ба Эрон эъто намудааст.

Ба ҳар ҳол зарурати масъала эҷоб менамояд, ки дар ин пажӯҳиш ба саъйи Англия дар ба даст овардани манофеи аздастрафтаи хеш пас аз воқеаи Режӣ пардохта шуда ва мавриди баррасию нақд қарор бигирад, ки чи гуна бо ҳамсӯ шудан бо машрута саъй дорад, то нуфузи Русияро дар ҳукумати марказӣ ва дарбор таъдил ва навъе тағйири равиш дар аъмоли ҳукумат падид оварад, то ҷойи пои дигар боз намояд ва он чизе нест, ҷуз касби манофе дар кишвари Эрон, ки албатта чеҳраи воқеии ин кишварро метавон дар баррасӣ, ки пас аз Инқилоби машрутият ва дар солҳои 1907 м. ба баъд ва ё аз қарордоди нангини 1907 м. ва тақсими Эрон сурат мегирад, мушоҳида намуд.

Чунин шинохте аз нақши Англия дар Инқилоби машрутият метавонад ба фаҳми саҳеҳтари таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ бианҷомад ва дар ин замина моро дар шинохти нақши авомили хориҷӣ дар иттифоқоти дохилӣ ва дар масоили таърихию иҷтимоӣ ва сиёсии кишварамон кӯмак намояд ва чеҳраи воқеии ин қудратҳо ва шинохти манофеи аслии онҳо дар як кишвар моро раҳнамун бошад, то бо биниши дақиқ сафҳоро аз якдигар ҷудо ва пас аз шинохт онҳоро дар ҷараёни як иттифоқ ва вуқӯи он дар канори якдигар мавриди мутолиа қарор диҳем.

Он чи мусаллам аст, дар таҷзияву таҳлили илали решаҳо ва авомили Инқилоби сиёсии Эрон (машрута) барои касе, ки бихоҳад фақат ба навиштаҳо ва манобеи марбут ба ин давра аз таърихи Эрон муттакӣ бошад, кори душворе нест, зеро дар навиштаҳову китобҳо тақрибан ба сурати якнавохт аз ҳаводису пешомадҳое, ки аз ҳайси замон муқаддам бар таърихи инқилоб будааст, сухан ронда шуда ва нависандагон як силсила ҳаводису масоили гуногунро ба унвони илали инқилоб зикр кардаанд ва шаммае аз навиштаҳои нависандагони дохилию хориҷиро, ки дастрас мебошад, ба назари хонандагон мерасонем. Осори нависандагони дохилӣ Нозимулисломи Кирмонӣ дар китоби «Таърихи бедории эрониён», ки онро бояд нахустин маҷмӯаи мудавван аз вақоеу ҳаводиси марбут ба инқилоби Эрон донист, аз масоилу вақоеи сухан ба миён оварда, ки нишон медиҳад, нависандаи китоб решаи инқилобро ба даврони салтанати Носируддиншоҳ марбут сохтаву воқеаи инҳисори танбоку аз тарафи шоҳро ба як нафар хориҷӣ ва муқовимати манфии мардуми Эронро дар баробари иродаву фармони шоҳ нахустин нишонаи бедории мардум донистааст. Аз кӯшишҳо ва хитобаҳои Саййидҷамолуддини Асадободӣ, ки дар асри Носируддиншоҳ мезист ва таъсири онҳо дар миёни афроди равшанфикр аз табақаи мутавассит монанди шайх Аҳмади Рӯҳии Кирмонӣ, Мирзооқохони Кирмонӣ ва Мирзоҳасанхони Хабирулмулк ва амсоли онон ва низ аз Мирзомалкумхон - узви вазорати умури хориҷа намояндаи сиёсии Эрон дар Фаронсаву Италиё ва нависандаи рӯзномаи «Қонун» ва Мирзоалихони Аминуддавла ва мардони сиёсии асри Носируддиншоҳ ва касони дигар дар ин китоб ба унвони авомили бедории мардуми Эрон ва нақши онҳо дар Инқилоби машрута сухан ба миён омадааст. Нозимулислом аз Мирзотақихон Амири Кабир ва иқдомоти ӯ дар роҳи ислоҳи умури молию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сухан рондааст ва ҳамчунин муаллифи китоби «Таърихи бедории эрониён» нақши умдае аз рӯҳониён ва воизу рӯзноманависонро дар амри наҳзати фикрию бедории мардум ташреҳ намудаву ба таври куллӣ аз авомили мустаиди гуногун дар пирӯзии ин наҳзат ном бурдааст.

Саййидаҳмади Касравӣ нависандаи китоби «Таърихи машрутаи Эрон» китобе, ки нахустин чопи он дар соли 1319 ҳ./1359 ҳ.қ. интишор ёфта, зери унвони «Эрониён чӣ гуна бедор шуданд?» шикасти Эрон дар баробари Россия Англия ва рақобати сиёсии он ду давлатро дар Эрон дар муқаддима илали бедории мардум қарор додаву сипас ба тартиб аз иқдомоти ислоҳии Ҳоҷи Мирзоҳасанхони Сипаҳсолор (Мушируддавла) ва Саййидҷамолуддини Асадободӣ ва Мирзомалкумхон сухан рондаву оғози бедорӣ дар тӯдаи Эронро монанди Нозимулисломи Кирмонӣ эътои имтиёзи инҳисори танбоку аз тарафи Носируддиншоҳ ва муқовимати манфии мардум дар баробари он имтиёз донистааст. Касравӣ он гоҳ ба нақши дабистонҳову рӯзномаҳо дар бедории афкори мардум ишора кардаву рӯзномаи форсии «Ахтар» чопи Истонбул ва ғайра онҳоро ситудаву аз хадамоти фарҳангии Ҳоҷи Мирзоҳасани Рушдия дар мавриди таъсиси мадраса ба сабки ҷадид ва иҷрои шеваву равиши ҷадиди таълими алифбо ба василаи ӯ дар соли 1305 ҳ.қ. сухан рондаву пас шарҳе дар бораи Аминуддавла нигошта ва аз он марди сиёсӣ ба некӣ ёд кардааст. Вай пас аз он ки ба гуфтугӯи Музаффаруддиншоҳ ва садри аъзами ӯ ва Мирзоалихони Аминуддавла дар авоили подшоҳии Музаффаруддиншоҳ ба нақл аз рӯзномаи «Ҳаблулматин» - чопи Ҳиндустон ишора карда, чунин менависад:

«Пайдост, ки ин гуфтугӯ дар оғози тахтнишинии шоҳ (чунон ки «Ҳаблулматин» навиштааст) набудаву ду чиз дар ин ҷо бисёр шигифтангез аст: Яке он ки бо ин ташнагии шоҳ ба раво гардондани қонун ва дуруст гардондани корҳо сустии Аминуддавла аз чӣ буд?.. Дигар ин ки шоҳ бо ин дилхоҳ орзу чӣ гуна Аминуддавларо бардоштаву Аминуссултонро дубора оварда?.. Пайдост, ки дастҳои пинҳону ниҳоне дар кор буда ва ростӣ он аст, ки дар ин ҳангом ҳамсояи шимолӣ ба кӯшишҳое бархоставу барои даст доштан дар корҳои Эрон талоши бисёр мекард. Ҳар чӣ ҳаст, Аминуддавла хам марди далеру тавоно набуда, вагарна бо ин ҳамдостонии шоҳ ба сахтиҳо чира даромадӣ».

Масъалаи вомҳои давлат аз давлатҳои Россия Англия дар бахши мардум аз мусташорони белгиягӣ, ки дар умури гумрукоту молия кор мекарданд, дар китоби Аҳмади Касравӣ ҷузви илали бедорӣ ва наҳзати машрутахоҳӣ зикр шудааст.

Дуктур Маҳдӣ Маликзода дар китоби «Зиндагонии Маликулмутакаллимин» зери унвони «Авомили муассири пайдоиши машрутият» масоилеро зикр кардааст, ки баъзе аз онҳоро бояд аз илали бедории афкори мардум ва баъзе дигар аз авомили муассир дар пирӯзии машрутахоҳон донист.

Ин нависанда баъзе аз масоили дигарро, ки Нозумулислом ва Саййидаҳмади Касравӣ дар таълифоти худ ба унвони бедории афкор ва наҳзати машрутаи Эрон зикр кардаанд ва шарҳи онҳо болотар гузашт, дар китоби худ овардаву илова бар онҳо худ ба мавзӯи дигар дар ин замина ишора кардааст:

1. Кушта шудани Носируддиншоҳ ба дасти озодмарди фидокор Мирзоризои Кирмонӣ, ки натиҷаи он решакан шудани дарахти куҳани истибдоду зулм ва ин иқдом дар тамоми ҷаҳон, бахусус Эрон дорои таъсири босазое будааст.

2. Султон Музаффаруддиншоҳ фитратан меҳрубон ва **аз** ситамкорӣ ба дур ва тамоюл ба сахтгирию истибдоди мутлақ надошт. Аҳмади Касравӣ низ ба он ишора кардааст. Давраи салтанати ӯ офоқи Эронро рӯшноӣ бахшидаву тарвиҷи маорифи ҷадид, таъсиси мадориси миллӣ равнақ гирифтаву боби омадшуд бо дунёи мутамаддин боз шудаву бисёре аз ҷавонони эронӣ барои таҳсилу тарбият ба Урупо рафтаанд ва низ матбуоти хориҷӣ осонтар аз давраи Музаффаруддиншоҳ ба дасти Эрониёни равшанфикри босавод мерасидааст.

3. Рӯзномаи «Сурайё», ки дар Қоҳира интишор меёфта, бо он ки умраш кӯтоҳ буда, дар равшан кардани афкори эрониён ва бунёни асоси адлу дод саҳми бузурге доштааст.

4. Маҳдуд шумурдани Мирзоалиасғархони Атобак, ки сарсилсилаи мустабидин буда, аз садорату рӯи кор омадани Айнуддавла рӯҳи тозае дар пайкари пайравони озодӣ ва тараққии кишвар дамидаву замзамаи ташкили адолатхома ва масъулияти вузаро дар миёни мардум шунида шудааст.

5. Наҳзатҳои инқилобии Русия ва муҷоҳидати озодмардони сарзамини ҳамсоя дар барафкандани асоси истибдод, ки пайдарпай аз нуқоти мухталифаи он кишвари паҳновар шӯълаи сӯзон забона мекашид, дар равшан кардани афкори Эрон ва мардумони ин сомон саҳми муҳимме доштааст ва озодихоҳони Эрон аз мусоидату ҳамкории муҷоҳидини озодихоҳ бархурдор будаанд.

6. Тараққиёти сареи Ҷопон аз авомили муассир дар танаббуҳи афкори эрониён будаву собит кардааст, ки растгорию тараққӣ ҷуз дар сояи машрутият муяссар нагардад ва басти тамаддун дар дониш ҷуз дар партави нури адолату қонун ба даст наёяд.

7. Ҳуҷуми нерӯҳои Бритониё ба сарзамини Тронсул дар Африкои Ҷанубӣ ва муқовимату пойдории рашидонаи мардуми он сарзамин дар баробари қудрати азими ҷангии Бритониё ҳусни аҷоибу таҳсини ҳамаи миллали дунёро нисбат ба мардуми ғаюри Тронсул барангехта ва ин фидокорӣ барои милали заиф сармашқи бузурге гардидааст.

8. Ҷанги Ҷопону Русия яке аз муҳимтарин авомили бедории эрониён шуд, ки дар июли 1905 м./ 1327 қ. иттифоқ афтода ва иллати таъсири он дар Эрон ин буд, ки дар он замон давлати истибдодии Рус ба авҷи қудрату иқтидор расидаву нуфузи сиёсӣ ва мудохилоти ғайримашрӯъи он давлат дар тамоми мамолики ҳамҷавор рӯзафзӯн ва қудрати Русия ба пояе расида буд, ки бими он мерафт, ки кишвари Эрон мавриди тохтутози он давлати муқтадир қарор гирад ва истиқлолу тамомияти худро аз даст диҳад ва тардиде барои мардумони огоҳ набуд, ки гӯи ҷанги Россия Ҷопон ба шикасти Русия хотима намеёфт, нобудии Эрон ҳатмӣ ва ғайри қобили инкор буд.

Дар миёни нависандагони хориҷӣ Эдвард Брауни англис, ки кутуби мутааддид дар бораи Эрон таълиф карда бо ишқу алоқаи фаровон Инқилоби Машрутаи Эронро дар китоб зери унвони «Инқилоби Эрон» мавриди баҳсу таҷзияву таҳлили дақиқ қарор додаву зимни инқилоб аз нависандагони муғризи урупоӣ, ки матолибе нораво дар бораи наҳзати машрутахоҳии Эрон навиштаанд, он сифотро ба умуми мардум нисбат дода, албатта дар порае ҷиҳоди гароишоти Англияӣ ва кӯмакҳоеро, ки онон ба пирӯзии машрута карданд, пинҳон накардаву дар муқобил ба коршиканиҳои Русия дар ин боб ишора кардааст.

Эдвард Браун тақрибан ҷамеи он чиро ки Нозимулисломи Кирмонӣ дар китоби «Таърихи бедории эрониён» ба унвони авомилу мӯҷиботи инқилоб шарҳ додаву ҳамчунин бо матолиби Касравӣ низ мушобиҳатҳои фаровон дорад, бо ин тафовут, ки ӯ як фарди Англияӣ будаву шахсан ҳеч гуна нафъи хосе дар ҷараёни Инқилоби Эрон надоштааст ва ҳаводису авомили муҷиботи инқилоб ва пирӯзии онро аз нуқтаи диди як нависандаи ғайриэронӣ мавриди таҷзияву таҳлил қарор додааст ва албатта бо ҳамон андак гароишоте, ки вай натавониста аз онҳо бароҳатӣ бигзарад.

## АДАБИЁТ


1. Оли Аҳмад Ҷалол. Дар хидмат ва хиёнати равшанфикрон. Интишороти Фирдавсӣ. Теҳрон, 1376.
2. Оброҳомиён Ярвонд. Эрони байни инқилоб. Тарҷумаи Аҳмади Гулмаҳмадӣ, Муҳаммадиброҳим Фаттоҳӣ ва Лайлоашри Най. Теҳрон, 1377.
3. Илгорд Ҳомид. Дин ва давлат дар Эрон, нақши уламо дар давраи қоҷор. Тарҷумаи Абулқосими Сиррӣ. Интишороти Қудс. Теҳрон, 1355-1356.
4. Одамият Фаридун. Андешаву тараққӣ ва ҳукумати қонунии асри Сипаҳсолор. Интишороти Хоразмӣ. Теҳрон, 1351.

5. Аминуддавла Мирзоалихон. Хотироти сиёсии Мирзоалихони Аминуддавла, бо кушиши Ҳофизи Фармонфармоён. Интишороти Амир Кабир. Теҳрон, 1370.
6. Аминуддавла Мирзоалихон. Сафарномаи Аминуддавла. Бо муқаддимаи доктор Алии Аминӣ ва бо кӯшиши Исломи Козимия. Интишороти Қудс. Теҳрон, 1325.
7. Амри Суҳроб. Зиндагонии Сиёсии Атобаки аъзам. Муқаддима аз Иброҳими Сафоӣ. Чопи Шарқ. Теҳрон.

## АНГЛИЯ И КОНСТИТУЦИОННАЯ РЕВОЛЮЦИЯ

В данной статье автором изучается история взаимоотношений Ирана и Англии, а также отношение Англии и России к совершению Конституционной революции в Иране.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Конституционная революция в Иране, взаимоотношения Ирана и Англии, отношение Англии к Конституционной революции в Иране, Англия, Россия, Иран.

## ENGLAND AND CONSTITUTIONAL REVOLUTION

In this article the author studies history of relationship of Iran and England, and also the relation of England and Russia to commission of the Constitutional revolution in Iran.

**KEY WORDS:** The constitutional revolution in Iran, relationship of Iran and England, the relation of England to the Constitutional revolution in Iran, England, Russia, Iran.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Курбонали Ганджиджомиишурони*** – член научного состава Свободного исламского университета города Озодшахр, Иран

# РИЗОҚУЛИХОН ВА «САФАРНОМАИ ХОРАЗМ» - ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

***Меҳдӣ Ҷаъфаризода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар нимаи дуюми қарни XIX милодӣ кишварҳои бузурги сармоядор ба дараҷаи инкишофи баланди инҳисорӣ расиданд. Аммо Эрон ба монанди пештара ҳамчун давлати қафомондаи феодалӣ боқӣ монда буд. Мамлакатро сулолаи Қоҷор идора мекарданд. Дар нимаи дуввуми қарни XIX дар тахти салтанати Эрон Носириддиншоҳи Қоҷор (1848-1896 м.) ҳукмронӣ мекард, то солҳои шастум Англия тақрибан тамоми Ҳиндустонро забт карда буд. Аммо шӯриши бузурги халқӣ (1857-1859), ки дар Ҳиндустон бо номи шӯриши Сипоҳиён маъруф аст, зарурияти пайвастани Ҳиндустонро ба василаи телеграф ба Лондон ба миён оварда буд. Илова бар ин, забти Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи тазорӣ боиси зиддияти шадиди ин ду кишвар дар ҳудуди Эрон гардида буд. Русия ҳеҷ гоҳ наметавонист розӣ шавад, ки дар минтақаҳои ҷанубии вай ба монанди Англия як давлат мустаҳкам шавад. Аз тарафи дигар, мустаҳкам шудани мавқеи Русия дар Осиёи Марказӣ манфиатҳои Англияро дар ҳудуди Эрон ва Афғонистон зери хатар мегузошт. Эрон дар нимаи дуввуми қарни XIX ба таври оҳиста аз як давлати мустақил, ба сурати як давлати тобеи Англия ва Русия даромада буд. Бо тамоми талошҳое, ки ба назар мерасид, шоҳи Эрон дар ҳифзи тамомияти арз анҷом медод, лекин иқтисоди кишвар заиф ва ду абарқудрати замон дар наздикии ӯ, ки ҳар як хоҳони имтиёзи бештар буданд, вуҷуд дошт, ки монеи расидани истиқлоли давлат мешуд. Ин раванд ба сурати «осоишта» ба амал меомад, яъне давлатҳои империалистӣ пеш аз ҳама Англия ба воситаи фишори дипломатӣ, ба воситаи ҷалб намудани ходимони давлатӣ ба ришва ва дигар найрангҳои сиёсӣ дар ҳудуди Эрон имтиёзоти бисёре ба даст оварда буданд. Дар мавриди рақобат ва тазодҳои Русия ва Англия дар Эрон ва Осиёи Марказӣ таҳқиқот ва асарҳо бисёр навишта шуда, ки ҳар кадом ҳосили канкош (таҳқиқ, ҷустуҷӯ) дар манобеи таърихӣ, асноди равобити хориҷӣ, хотирот, сафарномаҳо, рӯзномаҳои даврaӣ ва номаҳои мавриди назар ва бисёре аз манобеи дигар ба таври куллӣ суд ҷустаанд, мебошанд. Зарурати мутолиаи ин мавзӯъ, на таърихнигорӣ бар асоси манобеи мухталиф, ки баёни воқеии такрориро пушиш диҳад, балки ба назар мерасад, метавон бо шинохти сиёсию давлатӣ ва вобастагони сиёсии нимаи дуввуми асри XIX, дар канори ошноӣ бо осори ҳамзамони ин соҳибмансабон ва гузоришоте, ки онон дар канори хатимаши сиёсии худ ва аз нигоҳи худ ба масоиле, ки мо баъдҳо дар таърих хондаем, ироа медиҳанд. Дар дили онҳо мунтақидин ва хосторони таҳаввулоти нав дида мешуд. Нигоҳи онҳо ба иттифоқоти рӯзи Эрон, давлат ва ҳамчунин иттилооти мунҳасир ба фарди онон ва кӯмаке ба пайгирии он алоқаманд, ба масоили таърихӣ, ки метавонанд, то ба мурoҷиаи мустақим ба ин манобеъ ҳамзамон ва ошноӣ ба гароишоти сиёсии ин шахсиятҳо, наҳваи чигунагии бархурд бо ин манобеъ ва иттилоотеро, ки онон ба даст медиҳанд, фаро гиранд. Навиштаҳои ононро мавриди мутолиа ва нақд

қарор дода ва ҳақоиқи таърихӣ ва иттифоқоти хос аз он нигоҳи ин ҳамзамонон пай баранд. Аҳамияти ин мавзӯъро метавон дар нигоҳи дигар, яъне ҳамроҳ шудан бо сайри иттифоқоти муҳими таърихӣ дар ин даврон, низ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт. Хотирот ва ёддоштҳо, тавсиф ва ташреҳи вақоеи замони муаллиф ё замонҳои наздик ба ӯст, ки андеша ва гароишҳои сиёсии муаллиф дар онҳо намоён аст. Ин манобеъ дорои иттилооти судманде дар бораи авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, дарборӣ ва девонӣ аст. Гурӯҳи дигаре аз «Сафарномаҳо»-и форсии қарни XIX, шарҳи сафоратҳо «Сафарномаҳо»-ст, ки дар мийёни ин навъ кутуб, аз баъзе ҷиҳот, бояд маҳсули адабии хоси даврони Қоҷор башумор оянд. Ин сафарномаҳо хотироти аъзои ҳайъатҳои расмии гуногуне аст, ки ба хориҷ – бештар ба Аврупо – эъзом мешаванд. Ин осор бо гузоришҳои ҳайъатҳои мазбур фарқ дорад ва дар тайфи густурдатаре навишта мешудааст. Мушаххасаи осори онҳо илова ба ироаи гузоришҳои мутанаввеъ аҳамият додан ба хотироти мубтанӣ бар мушоҳидоти шахсӣ, сироҳат дар ибрози ақида, ва мавзеъгирии мусбат нисбат ба мазоҳири ҷадиди тамаддун ва муассисоти фарҳангӣ ва сиёсии мушоҳида шуда дар хориҷ аст. Онҳо ҳам ба ҳамватанонашон дар хусуси рушан зоқулӣ ва фарзандонаш даст пайдо намуданд.

Хоразм сарзамини куҳистон аст, ки аз дер боз гарӣ ва касби иттилоот дар бораи Аврупо кӯмак карданд. Афроди эронӣ-тоҷик, ки дар сарзамини худи Эрон рушду нуму пайдо карданд ва то дараҷаи пешрафти сиёсӣ ва мансаб дар Эрон ба монанди Ри бахше аз қаламрави сиёсӣ, ҷуғрофиёӣ ва ба вижа фарҳангии Эрон ба шумор мерафтааст. Дар рӯзгори Сафавиён, бо қудрат ёфтани қавми узбак муқаддамоти ҷудо шудани ин сарзамин аз хоки Эрон андак-андак фароҳам омад ва дар рӯзгори Қоҷор дастандозии Русияи тазорӣ ба Туркистон ва мудохилаи истеъмории Англия дар Ҳиндустон ва Афғонистон ҷудоии Хоразм аз Эрон, ки то он ҳангом ҷузъи Хуросони бузург шумурда мешуд, воқеият ёфт. Шоҳони Қоҷор ба пазириши ин воқеият тан дар доданд, аммо то замони Носириддиншоҳ ҳанӯз Марв ва Ҳиротро ҷузъи қаламрави худ мешумурданд ва нисбат ба он чи дар Хоразм ва маркази он Хива мегузашт, алоқа нишон медоданд. Урдукашии Сарҳанг Исмоилхон Мирпанҷа аз тарафи Ҳисомуссалтана ба сӯи Марв дар ҳудуди соли 1851м (1269қ.) як мавриди мушаххас аз ин таваҷҷӯҳро нишон медиҳад. Ин урдукашӣ бо ангезаи истиқрори амният ва пешгирӣ аз таҷовузи туркманони Хива сурат пазируфт (Хотироти асорат).

Ризоқули Ҳидоят (1215-1288қ / 1800-1870) нависанда ва шоири мутахаллис ба Ҳидоят, маъруфи Лилбошӣ ва машҳур ба Шерозӣ, мулаққаб ба Хонӣ ва Амирушшуаро, ки насабаш ба Камоли Хуҷандӣ мерасад, дар Теҳрон ба дунё омад. Падараш аз аъёни қарияи Чордеҳ аз тавобеъи Домғон буд ва дар замони Фатҳалишоҳ ба хидмати Ҳусайнали Мирзо фармонфармои Форс расид ва ҳамон ҷо даргузашт. Пас аз фавти падар Ҳидоят ба ҳамроҳи модар ва бастагонаш ба Теҳрон омад ва сипас ба Мозандарон рафт. Пас аз чанд сол, ки модараш қасди зиёрати Макка дошт, ба Форс рафт ва дар хидмати Муҳаммад Маҳдихон мутахаллис ба шаҳна машғул ба таҳсил шуд. Вай хадамоти идории худро аз дастгоҳи Ҳусайнали Мирзо оғоз кард. Дар ин давра, ки Фатҳалишоҳ ба Шероз рафт, ба сабаби шоистагии Ризоқулӣ унвон ва лақаби Амирушшуаро ба вай дод. Пас аз марги Фатҳалишоҳ муддате дар хидмати волиёни Форс, аз ҷумла Фирӯз Мирзо ва Фаридун Мирзо буд, то ин ки озими Теҳрон шуд ва ба хидмати Мирзо Оқои Садри Аъзам расид. Муҳаммадшоҳ таълим ва тарбияти фарзанди худ Аббос Мирзои ноибуссалтанаи (дувум)–ро ба вай вогузор кард ва ба ҳамин ҷиҳат ба Лилбошӣ маъруф шуд. Дар оғози салтанати Носириддиншоҳ ва аз тарафи Мирзо Тақихон Амири Кабир ба сафорати Хоразм маъмур шуд (1850м.). Дар бозгашт гузориши сафари худро ба унвони «Сафарномаи Хоразм» тақдими Носириддиншоҳ кард, чаро ки Амири Кабир маъзул шуда буд. Ин «Сафарнома» шомили шарҳи роҳ ва асомии билод ва мавқеияти ҷуғрофии манотиқи Хоразм ва иттифоқоти рӯзмарра ишора дорад ва асомии саркардагон ва ҳаводиси ин сафарро шомил мешавад. Ин «Сафарнома»-ро метавон ҳамчун манбаи таърихӣ дар боби иттилоъ аз авзоъ ва аҳволи хоноти Хоразм ва наҳваи амалкарди давлат дар он давра мавриди истифода қарор дод. Пас аз бозгашт ба Теҳрон ба кӯмаки Алиқули Мирзо ба раёсати Дорулфунун мансуб шуд. Албатта, Лисонулмулк Сипеҳр дар «Носихуттаворих» ин мансабро мутааллиқ ба қабл аз маъмурияти Ҳидоят ба хоразм зикр кардааст ва менависад: «… ва ҳам дар ин сол Ризоқулихон нозими мадрасаи Дорулфунун, ки дар фунуни назм ва наср балоғате ба камол дошт, маъмур ба сафари Хоразм гашт…» ва дар идома ба мулоқоти Ризоқулихон бо фармондеҳи хони Хӯқанд ва далели рафтани хони Хуқанд ба Марв ва асирони Эронӣ ишора дорад.

Ризоқули Мирзо дар соли 1279қ./1862 м. ба лалагии Музаффариддин Мирзо интихоб ва ҳамроҳи ӯ ба Озарбойҷон рафт ва пас аз бозгашт ба Теҳрон инзиво гузид. Вай дар масҷиди Ҳидояти Теҳрон ба хок супурда шуд. Аз дигар осори вай «Тазкираи Риёзулорифин» мабнӣ бар шарҳи ҳоли урафо, фузало, ҳукамо, удабо, шуаро аз мутақаддимин ва мутааххирин ва муосирин; «Тазкираи маҷмаъ-ул-фусаҳо» дар шаш ҷилд; мулҳақоти «Таърихи равзат-ус-сафои Носирӣ» дар се ҷилд, ки илҳоқӣ аст, ба таърихи «Равзат-ус-сафо» таълифи Муҳаммад бинии Бурҳониддин Ховандшоҳ; муаллиф ба дастури Носириддиншоҳ ин се ҷилдро ба ҷилдҳои «Равзат-ус-сафо» афзудааст. Ҷилди

ҳаштум, вақоеи подшоҳони Сафавия ва Афшория ва шарҳи уламо ва риҷоли он замон; ҷилди нуҳум, таърихи Зандия ва шарҳи ҳоли уламои он давра ва тоифаи Қоҷор Оқо Муҳаммадхон ва Фатҳалишоҳ ва ҷилди даҳум, вақоеи Муҳаммадшоҳ ва даҳ соли аввали салтанати Носириддиншоҳ, то соли 1274қ / 1857 м. аст ва бисёре аз осори адабии дигар, ки мунтасаб ба ӯст.

«Сафарнома»-и Ризоқулиро нахустин бор Шарл Шиффери франсавӣ бар мабнои ду нусхаи хаттӣ, матни форсии «Сафарнома»-ро ҳамроҳ бо тарҷумаи франсавии он дар Аврупо интишор кард. Ҳидоят зимни зикри ҷуғрофиёи манотиқи Хоразм ва иттифоқоти рӯзмарра, ба зикри насаби амири Бухоро ва шаҳрҳои Хуҷанд, Усрушана, Ахсикат, Андиҷон, Исфаранг, Тошканд, Қароқум, Фороб ва Чоч ва ғайра мепардозад. Он чи дар ин «Сафарнома» ҷалби назар мекунад саъйи нависанда дар садоқати ривояту умури вақоеъ ва бетарафӣ дар бардоштҳост.

Аммо зикри иқдомоти Носириддиншоҳ дар масоили дохилӣ ва умури марбут ба Ҳирот ва Марв ва ғайра комилан аъмоли шоҳро тасдиқ менамояд. Ба унвони мисол, дар робита бо азли Амири Кабир менависад: «Баъд аз вуруд ба Дорулхилофаи Теҳрон (Амир Кабир) аморати низом (ва садорат) ёфт ва пас аз соле чанд ҳамоно аз мақоми худ туғён ва тааддӣ(саркашӣ) кард. Ба ишорати шоҳ рақам бар саҳифаи ҳолаш кашида шуд ва бо он ҷоҳ (мақом), ғурур ва тасаллут дар кунҷи азлат ва зовияи зиллат бе банд ва муқайяд ва бе нигаҳбон маҳбус монд ва ашки ҳасрат аз дида барафшонд… Ҳазрати подшоҳ гардуни эҳтишом аз камоли раъфат Мирзо Тақихонро ба мансаби аморати низом барқарор сохт ва ӯро низ дархури ташрифӣ оростанд, вале чун бахт аз ӯ баргашта буд, рӯй аз остони подшоҳи ислом печида ва ба давлати Русия мутавассил гардид. Худ ва бародараш ба вазирони давлатҳои хориҷа мултаҷо шуданд ва халқи Эрон аз ин ҷиҳат ба ҳам баромаданд… Ҳазрати подшоҳ ба вазири мухтори давлати Русия эълом фармуданд, ки ҳимояти ин марди ёғӣ(шӯришгар) иллати ранҷиши аҳолии Эрон тамом аст, балки мояи балвои ом… ».

Ба ҳар ҳол, нависанда саъй дорад, то ба монанди бисёре аз наздикони ба дарбор, муҳри тайидӣ бар амалкарди шоҳ дар тасмимаш зада бошад ва ин гуфторро то маҷбур шудани шоҳ ба фиристодани Амири Кабир ба Кошон барои дур нигаҳ доштани вай аз Теҳрон ва интихоби Мирзо Оқохони Нурӣ ва Тамҷид аз вай идома медиҳад. «Сафарнома»-и дигари мавсум ба «махзан-ул-вақоеъ» ба қалами Мирзо Ҳусайн бинни Абдуллоҳ Табрезӣ саробии гаронмоя аст, ки нишондиҳандаи аҳамияти масоили марбут ба он бахш аз Осиёи Марказист, ки Эрон барои худ камокон ҳаққи моликият қоил буд. Ӯ низ чун дигарон муншии яке аз ҳайатҳои эъзомӣ ба хориҷ буд. Кори ин ҳайат, ки таҳти раёсати Фарруххони Кошӣ мулаққаб ба Аминулмулк (баъдҳо ба Аминуддавла) қарор дошт, имзои аҳдномаи Порис буд, ки дар таърихи 4 марти соли 1857 байни Эрон ва Англия мунъақид гардид. Иллати эъзоми ин ҳайат рӯйдодҳое буд, ки пас аз дуввумин муҳосираи Ҳирот тавассути Эрон ба вуқӯъ пайваст. Ин буҳрон пас аз 15 соли рокид мондани масъалаи Ҳирот аз муҳосираи қаблӣ дар замони Муҳаммадшоҳ ва ин бор дар замони Носириддиншоҳ ва садорати Аъзамии Мирзо Оқохони Нурӣ, ки ба доштани робитаҳои ҳасана  бо Англия шӯҳрат дошт, ба вуқӯъ пайваст. (сафарномаи гармрудӣ). Дар ин давра аз ҷумлаи иттифоқот масъалаи Марв буд. Дар соли 1274қ. (1857м.) сипоҳиёни Эрон ба фармондеҳии Султон Мурод Мирзо Ҳисомуссалтана Марвро мутасарриф шуданд, вале дере нагузашт, ки туркманон амнияти Хуросонро мутазалзил сохтанд. Дар соли 1860м. шоҳзода Ҳамза Мирзо Шамсуддавла бародари Ҳисомуссалтана ва пешкории Мирзо Муҳаммад Оштиёнӣ Қавомуддавла бо лашкаре анбуҳ аз тарафи дарбори Эрон маъмури саркубии Туркманон гардид. Дар ин ҷанг байни Шамсуддавла ва Қавомуддавла ихтилоф афтод ва боиси тазъифи сипоҳи Эрон шуд. Ҳамза Мирзо аз рӯи ҷаҳолат сипоҳиёни худро аз шаҳри мустаҳками Марв хориҷ сохт ва лашкариёни Эрон мавриди ҳамлаи ногаҳонии қабилаи Теке қарор гирифтанд ва ба сахтӣ аз туркманон шикаст хурданд ва бисёре аз сипоҳиён кушта шуданд ё асир гаштанд. Аз ҷумла аккоси франсавӣ ба номи Блюквил, ки Носириддиншоҳ ӯро барои аксбардорӣ ва наққошӣ аз майдони набард ҳамроҳи урду(лашкар) фиристода буд, ба дасти туркманон асир шуд ва муддати 18 моҳ дар дасти онон гирифтор буд. Шикасти Эрон дар муқобили туркманон боиси ҳаракати фазояндаи русҳо дар Осиёи Марказӣ шуд. Русҳо ибтидо шаҳри Хуқанд ва баъд шаҳрҳои Бухоро ва Хеваро тасхир карданд. Аминуддавла дар бораи тарҳи ин нақша дар Дорушшӯрои Кабирӣ ва шикасти он сухан гуфта аст ва тақсирро ба гардани нақшаи шоҳ меандозад ва ин ки шоҳ дар пешниҳоди нақша тавассути Дорушшӯро мухолиф мекунад ва мегуяд, таҳиякунандаи ин нақша хар аст ва тариқи дигарро барои ҳамла дар назар мегирад.[1]

Русҳо барои ҷалби туркманҳо ба ҷониби хеш, маъмуронеро, ки ба миёни онон фиристоданд, то бо руасои қабилаҳои Таркуман тарҳи дустӣ бирезанд. Дар ин миён туркманҳои чорво гоҳ ба гоҳ ба дохили марзи Эрон ҳамла мекарданд ва мутақобилан туркманҳои таҳти тобеияти Эрон низ ба даруни марзи Русия ҳуҷум мебурданд ва дастбурд мезаданд. Дар комиссионе, ки дар гунбади қобус ташкил шуд ва ба ҳамин ном маъруф аст, раёсати ҳайати эронӣ ба ӯҳдаи Али Ашрафхон муҳандис ва раёсати ҳайати русӣ ба Смэронский буд, ки ин комиссион нақши муҳиме дар пешгирӣ аз даргириҳо ва

таҷовузоти марзӣ ифо кард. Дар соли 1857 м. туркманҳо муҷаддадан ҳамалоти худро ба навоҳии Хуросон оғоз карданд, ки дар асноди вазорати умури хориҷаи Эрон асноде аз фурӯши аслиҳа тавассути русҳо ба онон вуҷуд дорад. Дар замони Ҳашматуддавла волии Хуросон ва Қавомуддавла, ки маъмури саркубии онон шуда буданд, ихтилоф дар гирифт ва мунҷар ба шикасти нируҳои Эрон дар наздикии Марв гардид ва иддаи зиёд асир шуданд ва туркманон низ ба ғоратгарии хеш афзуданд. Бо ин ки Эрон шикаст хурд, аммо ин ҳадафро ки мутеъ сохтани туркманҳо буд, ҳамчунон дунбол мекард. Чунон ки Мирзо Ҳусайнхон Сипаҳсолорро, ки пас аз Мирзо Муҳаммадхон Сипаҳсолор ба вазорати Носириддиншоҳ мансуб шуд, Ҳоҷӣ Мирзо Разихон Муаззамалмулкро махфиёна ба Марв фиристод ва ӯ муваффақ шуд туркманҳоро ба тамкини давлати Эрон водор намояд. Сипас ҳокиме аз тарафи Эрон ба Марв гумошта шуд ва 20 тан аз туркманҳо барои инъиқоди қарордод ба Теҳрон омаданд, аммо русҳои тазор аз ин амр иттилоъ ёфта ва мавонеъро ба вуҷуд оварданд. Мақоран бо даргирии Эрон бо туркманҳо дар соли 1856 (1272 қ) Тошканд ва дар соли 1868 (1285қ) Бухоро ва Самарқанд ва дар соли 1869 Хеваро ҳам тасхир кард. Ва дар наздикии руди Утрек мустақар гардид ва сарзамини каронаи Омударё (Ҷайҳун) низ дар қаламрави мутасаррифоти русияи тазорӣ дар омад ва туркманҳои Теке низ дар соли 1880 аз русҳо шикаст хӯрданд ва аз перомуни Марв ба Сарахси кӯҳна бозгаштанд.

Давлати Русия барои тасбити қудрати худ дар ин минтақа шурӯъ ба кашидани хатти оҳан ва тамаркузи нерӯи низомӣ намуд. Бад-ин тартиб, ҳокимияти Эрон дар Марв ва арозии марзи шимолии Хуросон дар он тарафи Атрак аз байн рафт. Бо ворид кардани шикасти ниҳоии туркманҳои Ямут дар авохири 1878м. тавассути Сартип Лозанов роҳ барои Жанрол Скобелев дар ҷанг бо туркманҳо ҳамвор шуд, ба тавре, ки дар соли 1880м. Русия дар қисмати шарқии дарёи Хазар ҳам бо Эрон ҳамсоя шуд.

Қарордоди сарҳадии Ахал дар 21 декабри соли 1881 м. (29 муҳаррами 1299 қ), ки Мирзо Саидхон Муътамин-ал-мулк вазири хориҷаи Эрон ва Иван Зиновьев вазири мухтор ва элчии махсуси Русия онро имзо карданд, ҷузъиёти амрро мушаххас кард. Бинобар ин, мушаххас мешавад, ки кашмакашиҳои марзии байни Эрон ва Русия вуҷуд дошта ва Носириддиншоҳ саъй бар ин дошта, ки вазъияти шаҳрҳои марзиро беҳбуд бубахшад ва ҳадафҳои Русия ва таваҷҷӯҳи онон ба Осиёи Марказиро, ки дар ду ҳадафи иқтисодӣ ва сиёсӣ метавон дар назар гирифт, ҳам музайяд бар иллат буд.

Дар соли 1885 м.(1303 қ) ба муҷиби фасли дуввуми Ахал протоколе (суратмаҷлисе) роҷеъ ба хатти сарҳадӣ имзо шуд ва ниҳоятан дар давраи Носириддиншоҳ ва дар таърихи 27 майи соли 1893 (23 зулқаъдаи 1310 қ) дар таъқиби аҳдномаҳо ва протоколҳои фавқуззикр қарордоде дар боби Фирӯза ва Ҳисор ба имзои Мирзо Алиаскархон Садри аъзами Эрон ва Бютцев вазири мухтори Русия мубодила гардид. Номи қабилаҳои сайёр ва хушнишини туркмани Ямут мебошад, ки бештар дар Эрон ва атрофи Марв ва теппа сукунат доранд.[2]

Амири Кабир дар сиёсати хориҷӣ равиши мувозинаи манфӣ дар пеш гирифт ва ба ҳеҷ як аз давлатҳои он рӯз чун Рус ва Англия рӯйи хуш нишон намедод. Ҳамчунин дар фикри он буд, ки марзҳои Эронро ба давраи шоҳ Аббоси Сафавӣ расонда, таҳким дар марзҳо ба вуҷуд оварад ва намунаи боризи он фиристодани Ризоқулихони Ҳидоят ба сафорати Хоразм буд, зеро ки аксари иёлот ва вилоёти Мовароуннаҳр, то он вақт ҷузъе аз хоки Эрон маҳсуб мешуданд ва барои ҷомаи амал пушондан бад-он мебоист аз авзоъ ва аҳволи Мовароуннаҳр иттилои комил ҳосил мекард ва ин аз мулоқоти амир бо Ризоқулихони сафир ба хубӣ машҳуд аст. Бо зуҳури Сафавия дар Эрон ва мақорани он Шайбониён дар Мовароуннаҳр таззоди мазҳабӣ мийёни ду силсилаи шиа ва суннӣ боло гирифт. То ҷойе ки ҷанг миёни ду хонадон ба ҷанги мазҳабӣ табдил шуд ва аз он пас асиронӣ Эронро сарбозони Шайбонӣ ба унвони барда (ғулом) дар бозорҳои Хева, Бухоро, Самарқанд ва Хуқанд ба фурӯш мерасонданд ва ин амр, ҷанг, асорат ва бардафурушӣ, то замони Носириддиншоҳ низ идома дошт.

Нуктаи ҳоизи аҳамият дар он давра ин аст, ки муаррихини давраи қоҷор, аз ҷумла Ризоқулихон Ҳидоят вомдори дастгоҳи давлатӣ будаанд ва агар метавонистанд матолиберо бино ба мулоҳизоте матраҳ кунанд. Мебоистӣ худро назорат мекарданд ва ба дунболи ҳамин масъала ин нуктаро бояд ёдовар шавам, ки аз назари муаррихини ин давра, аз ҷумла Ризоқулихон иродаи худованд дар ҳама умури ҷорӣ ва сорӣ аст. Алорағми ин бовар Ризоқулихони Ҳидоят бар ин нукта таъкид мекунад, ки дунболаи боварҳое аст ва худи ӯ ҳам дар суқути давлати Сафавия иллатҳоро бармешумурад. Кори бузургонро ба афроди хирад супурдан ва корҳои кӯчакро ба бузургон супурдан, яке аз он иллатҳо ба шумор меравад. Нуктаи ҳоизи аҳамияти дигар ин аст, ки як коргузори англис ба номи Томсон ҳамроҳи ӯ ба Хоразм сафар мекунад, дар бозгашт ӯ ҳам теъдоде аз асирони Эрониро ба Эрон бармегардонад. Нуктаи калидӣ дар мавриди “Сафарномаи Хоразм” машрут ба ду “Сафарнома”-и дигар, аз ҷумла “Сафарномаи Бухоро” асари Аббос Қулихони Сартип ва дигаре “Рӯзномаи сафари Хоразм” асари Муҳаммадалии Ғафур аст. “Сафарномаи Бухоро” ба дунболи дархости англисҳо аз Муҳаммадшоҳ ба манзури хулосаи Ҷ. Вулф, ки асири амир Насрулло - амири Бухоро шуда буд, сурат мегирад, ки дар зимни он фиристодаи Муҳаммадшоҳ мебоист ҳам дар бораи ҳокимияти Эрон бар минтақаи Марв ва ҳам дар бораи хариду фурӯши асирони Эронӣ ва манъии он тавассути амир Насруллоҳ дар он минтақа

суҳбат кунад, ки дар мавриди Вулф муваффақ мешаван, ӯро аз марг наҷот диҳанд ва иддаои Амир Насрулло дар мавриди хариду фурӯши асирон ин аст, ки ин маврид як қазияи қадимӣ аст ва уламо бояд дар бораи он назар диҳанд. Бо вуҷуди ин қариб 1500 асири эрониро ҳамроҳи сафири Эрон ба Эрон мефиристанд. Иддаои Амир Насрулло дар мавриди ҳокимияти Эрон бар минтақаи Марв ва ҳам ин буд, ки бояд шоҳи Эрон неруе барои нигоҳдории ин ба минтақа бифиристанд, ки монеъ аз тохтутозҳои хоразмиҳо ва туркманҳо шавад.

Шарл Ҳенри Август Шиффер, ки бештар ба номи Шарл Шиффер шинохта аст, эроншиноси маъруф мусофири машриқзамин ва ховаршиноси пуркор ва номдори франсавист, ки дар соли 1820 дар Порис мутаваллид шуд ва дар соли 1898, яъне соли саввуми салтанати Музаффариддиншоҳ дар ҳамон шаҳр даргузашт. Вай дар муддати умри худ ба таълиф, тарҷума, чоп ва интишори китобҳои марбут ба Машриқзамин пардохтааст. Ӯ дар ҷавонӣ дар мадрасаи забонҳои шарқии Порис таҳсил кард ва ба истихдоми Вазорати умури хориҷаи Фаронса даромад. Ин ховаршинос дар соли 1857 ба Порис фаро хонда шуд ва ба симмати(мансаби) устоди забони форсӣ даромад ва дар соли 1867 ба симати мудири мадрасаи забонҳои шарқӣ мансуб шуд. Дар соли 1878 ба узвияти Фарҳангистони катибаҳо ва адабиёт интихоб шуд ва дар созмони он ҳам таҷдиди назар кард ва онро тавсеа дод. Шиффер соҳиби осори бисёр, аз ҷумла мунтахаботи эронист, ки дар солҳои 1883 то 1885 дар Порис чоп шуд. Вай баъзе аз осори форсӣ, аз ҷумла "Сиёсатнома"-и Хоҷа Низомулмулкро ба табъ расонд, бархеро ба франсавӣ тарҷума кард ва "Сафарнома"-и Носири Хисравро бо тарҷумаи фаронсавӣ ва таалликот ва феҳрастҳо мунташир намуд. Эдуард Браун дар ҷилди саввуми "Таърихи адабиёти Эрон аз Саъдӣ то Ҷомӣ" зимни баршумурдани манобеи таърихӣ гузидаи Ҳамдуллоҳи Муставфӣ аз "Сайралмулук"-и Хоҷа Низомулмулк ном бурда ва дар ҳошияи он тавзеҳ дода, ки дар Порис Шиффер мусташриқи фаронсавӣ ба соли 1891 ба табъ расондааст. Шиффер илова бар ин, таърихи Бухороро ҳам табъ намуда ва хадамоти дигар дар ин маворид анҷом додааст. Вай китоби "Аҷоиб-ал-Ҳинд"–ро бо матни арабӣ ба чоп расонида, бар китоби Рафаэл Думонс зери унвони вазъи Эрон муқаддима навишта ҳамчунин китоби "Байён-ул-адён"-и Абулмаолиро низ нашр додааст. Беҳтарин манбае, ки барои феҳрасти осори Шиффер дар робита бо Эрон ва забони форсӣ дар даст аст, "Китобшиносии тамаддуни Эронӣ" дар забони фаронса аст. Шиффер дар муддати маъмурияти худ дар Ховарзамин 276 нусхаи хаттии форсии нафис ва 239 нусхаи туркӣ харидорӣ карда, ки баъдан ба Китобхонаи миллии Порис эҳдо намудааст. Ҳамчунин нахустин бор Шиффер бар мабнои ду нусхаи хаттӣ матни форсии Сафарномаи Хоразмро ҳамроҳ бо тарҷумаи фаронсавии он дар Аврупо мунташир кард ва ин чоп ба кӯшиши Ҷамшеди Каёнфар бар мабнои нусхаи хаттии китобхонаи "Кохи гулистон" ва чопи Шиффер сурат гирифтааст. Дар ҳудуди соли 1950, яке дигар аз давлатмардони олимақоми Эрон дар замоне ки синнаш аз 80 (ҳаштодсолагӣ) гузашта буд, хотироташро, ки то соли 1948 мерасид, ба риштаи таҳрир даровард. Вай китоби худро бо шарҳи муфассале аз даврони Носириддиншоҳ ва шарҳи таърихи хонаводаи худ оғоз кардааст. Шояд битавон гуфт, ҳеҷ кас ба андозаи муаллифи ин китоб Маҳди Қулихон Ҳидоят (Мухбируссалтана) ҷиҳати навиштани шарҳи ҳоли ин подшоҳ салоҳият надошт. Зеро Ризоқули Ҳидоят сиёсатмадор ва адиби маъруф, мураббии шоҳзодагон, нахустин нозими мадрасаи Дорулфунун (нахустин мадрсаи олии фаннии Эрон, ки ба сабки донишгоҳҳои Аврупо дар соли 1851 таъсис шуд), падарбузурги вай будааст, падараш ҳам Алиқулихони Ҳидоят аст, ки дар замони Носириддиншоҳ вазири мухобирот буд, ва дар таъсиси идораи телеграфи Эрон саҳми босазое дошт ва лақабаш Мухбируддавла буд, ки баъд аз фавти ӯ ба яке аз бародарони муаллиф дода шуд. Бародари дигараш Муртазоқулихон Санеуддавла дар авохири салтанати Носириддиншоҳ вазорати почтаро ӯҳдадор буд.[3]

Нависандагони бисёр дар боби масоили Эрон ва таваҷҷӯҳи давлат ба сарзамини мутааллиқ ба худ матолиб навиштаанд, аз ҷумла Абдуллоҳ Муставфӣ, ки ба ёғи(саркаш) шудани афғонҳо аз Эрон, фатҳи Ҳирот, ҳамлаи англисҳо ба савоҳили Халиҷи Форс ва музокироти сулҳ (Порис) Фаррухони Ғаффорӣ мулаққаб ба Аминулмулк ишора дорад ва ин ваҷҳ ташобеҳ дар назар ба амалкарди англисҳо ва хиёнати онон дар боби Ҳирот ва ҳамла ба Эрон бо Лисонулмулк Сипеҳр ва аксари хоқабиланависони дигар вуҷуд дорад.

**Муставфи Абдуллоҳ.** Шарҳи зиндагонии ман ё таърихи иҷтимоӣ ва идории давраи Қоҷор дар 3 ҷилд. Теҳрон, Завор, чопи аввал 1325 ш.

Эътимодуссалтана низ дар асари "Алмаъсар ва аласар" ба нақли машоғили муҳими салтанатӣ сиёсӣ ва сафоратхонаҳои хориҷӣ ва зикри ашхоси он пардохтааст. Ба унвони мисол вақте дар ин асар ба зикри вақоеи соли 1266 қ/ 1849 м. мепардозад, менависад: "Назми мамлакат дар ин сол ба дараҷаи камол расида, умдаи ихтилоле, ки дар кишвар ба назар меомад, фитнаи солор ва иғтишоши (шӯришҳо) кори Хуросон буд, ки аз таваҷҷӯҳи авлиёи давлати ҷовиднизом мубаддал ба интизом шуда сурати ихтитом ёфт", ки дар канори ҳар гузориш аз Эрон ба ҳаводиси кишварҳои англия, Италия, Дон-Марк, Фаронса, Голандия ва ғайра мепардозад. Ин китоб иттилооти ҷомее ҳам дар бораи туркманон ва

саркашиҳои онон ва иттиофқоти Ҳирот ва ҷо ба ҷойҳои қудрат, ки дар он манотиқ сурат мегирифт, алорағми ҳимояти шахсии муаллиф аз давлат ва шоҳи Эрон медиҳад. Дар зикри вақоеи соли 1267қ /1850 м. ба дафъи ашрори туркман ва омадани ҳадоё аз Хоразм ба дарбори Эрон ва рафтани сафорат аз Эрон ба Хоразм ишора дорад. Ӯ дар зикри вақоеи соли 1269 қ /1852 м. менависад: "Дар ин сол арозии хони туркмон бо шаст нафар аз руасо ва ришсафедони тарокимаи Сарахс барои таахҳуди хидматгузорӣ ба Машҳади муқаддас омаданд, ки ҳамеша навкари давлат ва машғули хидмат бошанд".

Дар мавриди иқдомоти шоҳ дар соли 1270 қ/1853 м. мегуяд: "ва ин айём ҳуккоми ҳумоюнӣ шарафи судур ёфт (иҷозати ҳузур), ки қалъаи мустаҳкаме дар Марв сохта ба қадри зарурат сохлуи (ҷойгоҳи низомӣ) қушунӣ дар он ҷо гузорида шуд. Ва халифаи Марв, ки аризаи машъар бар изҳори убудият ба дарбори давлат мадор фиристода буд..." дар идома муаллиф ҳамон тавр ки аз гуфтаҳои вай ба назар мерасад, авзоъ ва аҳволро бо таваҷҷӯҳ ба шӯришҳо ва саркашиҳо дар Хуросон ва Марв, ҳамчунон назоратро дар дасти давлат медонад. Ӯ дар ироаи авзои соли 1271 қ/ 1854 м. менависад: "Ришсафедон ва руасои тарокимаи Сарахс аз тоифаи Оқтамиш ва Туқтамиш, ки ҳар тоифаи дувоздаҳ қабила ва ҳар қабила ҳазор хонаворанд ба хидмати Навоб Фармонфармо ҳукмрони Хуросон омада изҳори инқиёди (эътироф кардани) Марв ва тақозои хидматгузорӣ ба ин давлати улиё (давлати бузург) намуда ва..." ҳама чиз дар мавриди Марв ва тарокима гӯё хуб пеш мерафт. Ҳамон тавр ки дар мавриди Ҳирот мебоист ин иттифоқ меафтод ва бо харҷу марҷ алайҳи оромиши давлат дар ин минтақа, бо як ҳуҷуми сипоҳи Эрно мешуд, ки дубора авзоъ ором мегардад ва ин минтақа ба дасти соҳибонаш идора гардад. Аммо чи шуд ки ба як бора варақ баргашт ва чи далоиле сабаби ҷудоии ин манотиқ барои ҳамеша аз давлати Эрон гардид? Оё гарданкашии зотии ин ақвом ва эҳсосоти ҷудоиталабона ва ё ҳимояти давлати хориҷа аз он шӯришҳо ва таҳрики онон ва ё на? Вуҷуди ду абарқудрат дар ин минтақа бо дидгоҳҳои империалистӣ, ки ҳар як мунтазири фурсат буданд, то бар хоки мустаъмароти худ бияфзоянд? Дар ин ҷо шояд бархе ин назарро дошта бошанд, ки давлати марказӣ тавони ҳифзи он сарзаминҳоро надошт ва ё истифода аз алфозе монанд надоштани арза ва амсоли он; аммо ба назар мерасад, ки бо андаке қабули ин мавзӯъ иллати аслии онро бояд дар доштани ҳарифони бисёр қудратмандтар бо дидгоҳҳои хоси онон дар он давра ҷустуҷӯ кард, ки дар он вақт шояд давлати он замонро ҳам мебоист мавриди ташвиқ қарор дод, то ин хоки боқимондаро ҳам тавонистанд аз дасти онон, ҳифз кунанд. Роҷеъ ба ин масоил саъй шудааст, то дар бахши марбут ба Лисонулмулки Сипеҳр ва пардохтан ба муоҳидаи Порис ва дар ҳангоми ироаи хотироти Арфаъуддавла ва пардохтан ба қарордоди Ахал ва нақди он бар асоси мадорик ва асноди мавҷуди мавриди баррасӣ қарор гирад. (Ҳамон ҷо: с.1741. – ҳамон ҷо, с. 1754. – ҳамон ҷо.с.1766 (Алмаъсар ва алосор))

Исмоил Мирпанҷа дар асари хеш бо унвони рӯзномаи Мамдуҳаи Хоразм ва Хива, ки худи ин унвонро баргузида ва баъд аз он бо унвони Хотироти асорат шинохта мешавад аз қароин ин тавр ба назар мерасад, ки Исмоилхон Сарҳанг дар охирҳои соли 1851 м. аз Теҳрон озими Хуросон шудааст ва аз сӯи Ҳисомуссалтана волии Хуросон барои кӯмак ба мардуми Марв ва пешгирӣ аз таҷовузоти Муҳаммадаминхон волии Хоразм ба он ҳудуд гусел шудааст, ки инро Хурмавҷӣ дар зикри вақоеи соли 1852 м. нақл кардааст. Маъмурияти Исмоилхон Сарҳанг ба шарҳе, ки худи ӯ додааст, бо шикаст мувоҷеҳ шуд. Ӯ ва фарзандаш ва чанд нафар аз соҳибмансабони афвоҷ (сипоҳиён) асир шуданд ва ба Хива интиқол ёфтанд. Ӯ пас аз 10 соли асорат аз зиндон фирор кард, ибтидо ба Хуросон рафт ва сипас раҳсипори Дорулхилофа шуд ва ба супориши Носириддиншоҳ шарҳи маъмурият ва мушоҳидоти худро тадвин кард. (Мирпанҷа, Исмоил (Сарҳанг); Хотироти асорат (Рӯзномаи сафари Хоразм ва Хева); бо кӯшиши Сафоуддин Табариён. Теҳрон, пажӯҳиш ва мутолиоти фарҳангӣ, 1370. Ҳамон ҷо: 27-28.).

Хотироти асорат ҳовии нукот ва иттилооти ҷолиб ва судманд дар бораи урдукашӣ аз Машҳад ба Марв, мавқеияти ҷуғрофии минтақа, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум, ташкилоти ҳукумат, наҳваи молиётгирӣ, нархи баробари пул, маишати иёлот, одоб ва русуми мардум, чигунагии иртиботи давлатҳои Русия ва Англия бо хавонини (хонҳо) маҳал ва монанди инҳост. Зимни ин ки нависанда ҳар куҷо фурсат мeёбад, аз шаъну шукӯҳи худ ва бародараш, ки дар Хуросон вафот карда ба тафсил сухан мегӯяд ва худро соҳибназар, огоҳ ва дилсӯзи мулк ва давлат менамоянд. Ӯ дар тавсифҳое, ки аз нуқот медиҳад дақиқ аст. Гумон ин аст, ки Сарҳанг Исмоил ҳамон Исмоилхони Қароча Доғӣ Фаррошбошӣ, ки номаш дар робита бо шӯрише, ки дар соли 1848м. тавассути сарбозони озарбойҷонӣ алайҳи Амир Кабир дар Теҳрон барпо шуд, маъруф шудааст. Шарҳи кӯтоҳе аз аҳволашро Маҳдии Бомдод дар ҷилди аввали шарҳи ҳоли риҷоли Эрон овардааст. Нависанда айнулвақоеъ зимни баршумурдани иқдомоти Амир Кабир аз қабили таъйини коргузорон дар ҳар як аз билоди Эрон, маъмур намудани аҷзоъ ва Жанродконсулҳо ба давлатҳои хориҷа, эҷоди солхуҳои низомӣ дар ҳар як аз сарҳадоти Эрон, таъсиси чопорхона (пост) ва пӯстхона ба ҳар шаҳре барои осоиши мардум ва сандуқи адолат гузоштан

ва ғайра, ҳамчунин ба қатли Амир ба вузуҳ тавассути муғарризини давлатӣ, ки албатта, ба таври дақиқ аз онҳо ном намебарад, ишора мекунад.

Ҳамчунин, вай ба ҳузури Эрон дар Ҳирот ва сару сомон додани авзои он ҷо ба тавассути Ҳашаматуддавла ба ҳамроҳии Заҳируддавла ишора дорад, ки нишонгари дахолати мустақими Эрон дар он минтақа дар ин солҳост ва дар идома низ аз омадани ҳадяҳо аз ҷониби Заҳируддавла бо ҷамъе аз хавонини Ҳирот ба Теҳрон дар соли 1853 менависад. Зикри тохтутози туркманон дар соли 1851 бо 4000 (чаҳор ҳазор) савори Туркман ба ҳамроҳи 500 (панҷсад) савораи Сиркон, ки муттафиқан барои тохту този навоҳии Хуросон омада буданд ва бархе ҳам атрофи Турбатиҳайдария тохту тоз ва ғорат намуданд ва саркуб ва қатл ва асорати иддае аз онон ва ором шудани авзоъ ба тавассути ҳукоми давлатӣ; ки боз дар ин гузориш ҳам метавон ба мусибат воқеан мустамари туркманон дар Эрон дар ин даврон ва ин навоҳӣ пай бурд ва наздик шудани бештари Эрон ба қарордодҳое ҳамчун Ахал ва розӣ шудан ба чунин пешниҳодҳое, дар сурате, ки ба гуфтаи Ҳиравӣ, ки ишора дорад, ба ҳузури Эрон дар манотиқе ҳамчун Марв ба далели истимдоди кӯмак аз тарафи халифаи Марв аз Ҳисомуссалтанаи волии Хуросон илова бар қушуни солхуи Марв, ки аз тарафи давлати Эрон ҷиҳати мутааризот, ки аз тарафи хони Урганҷ мешуд, шоҳиди ҳузури Эрон дар ин манотиқ ҳастем.

Ҳиравӣ дар бораи ҷанги сипоҳи Эрон бо хони Хива дар соли 1271 қ./ 1854 м. ва далоили таърихӣ бар инқиёди ин сарзаминҳо ба Эрон менависад: "вақте қатли хони Хива, Муҳаммадаминхон ба дасти асокири Эрон дар навоҳии Сарахс ба ҳамин сол иттифоқ афтод. Табйини он ки ҳуком ва хавонин бо иқтидори Хоразм, ки мамлакати маъруф ва шаҳри ҳолияи он Хева аз қадимулайём дар силсилаи итоати давлат ва салотини Эрон будаанд ва агар як вақте худсарӣ мекарданд, сардамдорони эронӣ ба танбияи онҳо маъмур мешуданд. Дар аҳди Муҳаммадшоҳ – ҳобуллоҳ сароҳ – ҳукумати Хоразм ба Муҳаммадаминхон расид ва чун саргармиҳои дигар дар Эрон буд, эътиное ба навоҳии Хоразм ва амри ҳукоми он сафаҳот нашуд. Луҳазо машорулиё (Муҳаммадаминхон) тамаррyд аз хадамот намуд, саҳл аст, балки чанд ба хаёли тасарруфи Марв афтод. Ва бо ин ки Марв раъёи он махсус мутааллиқ ба давлати Эрон буданд, дар ҳар ду сол як дафъа лашкаре аз Хоразм ба Марв меовард ва ба исми закот чизе мегирифт, то дар авоили салтанати Носириддиншоҳ боз ба тамаи Ахзи закот урдуе ба Марв овард ва навоби Ҳисомуссалтана, ки волии Хуросон буд, афвоҷе ба ҷанги ӯ фиристод ва ӯро шикасти фоҳиш дод. Лашкариёни ӯ аз узбак ва туркман ороста мешуд, ки боз дубора ба ин иқдом бо 40 000 (чиҳил ҳазор) савор даст зад, ки тавассути Фармонфармо волии Хуросон шикаст хурд ва бисёр мақтул ва асири Эрон шуданд ва худи Муҳаммадаминхон низ мақтул гашт".

Дар идома вай ба қарордоди Ахал ва ҷудоии ин навоҳӣ аз Эрон ба нафъи русҳо ва розӣ намудани шоҳи Эрон барои раҳоӣ аз таъдиёти туркманон, тавассути атрофиён наздик ишора дорад, ки дар ироаи хотироти Арфауддавла зикри он омадааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки метавон дар ироаи гуфтори ин нависанда гароишоти вижае ба давлати Русия бо таваҷҷӯҳ ба таъмини молӣ сиёсии онҳо аз вай мушоҳида кард, аммо аз ду ҷиҳат мавриди таваҷҷӯҳ аст; нахуст ин ки бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин ҳимоят дар канори иттилооте аз рӯзгори хеш, ногузир аз катмони баъзе ҳақоиқ ва ҷалби қулуби риҷол набудааст. Аз ҷумла ишора ба қатли Амир ва қарордоди Ахал, аммо бо зиракии хос метавон дар ҳимояти баъзе аз афроди давлатӣ дар навиштаҳояш ба гароишоти сиёсӣ ва наздикии вай ба Русия пай бурд. Дигар ин ки бо таваҷҷӯҳ ба ҳузураш дар Хуросон иттилооти муфидеро дар ихтиёри хонанда қарор медиҳад.[4]

Лисонулмулк Сипеҳр низ дар асари худ ба масъалаи Ҳирот ва нақши англисҳо пардохтааст ва дигарӣ масъалаи туркманҳо ва масъалаи хоноти Хоразм ва Марв мебошад, ки дар ин манотиқ русҳо низ нақши худро хоҳанд ёфт.[5]

Он чи мусаллам аст, барои Эрон минтақаи Осиёи Миёна аз аҳамияти босазое бархӯрдор буда ва ба ҳар тартибе ки буд, давлати Эрон қасди ҳифзи ин манотиқро доштааст ва наметавон Эронро ҷудо аз ин манотиқ, ки рӯзе мутааллиқ ба ӯ дошта, донист ва таърихи онро то нимаи дуввуми асри XIX аз ҳам ҷудо донист. Бо мутолиаи "Сафарномаи Хоразм"-и Ризоқулихони Ҳидоят ва дигар осори ҳамзамон метавон ба ин муҳим даст пайдо намуд. Охирин ҳайати расмии эронӣ, ки дар нимаи дуввуми қарни XIX ба ин манотиқ омаданд ва шарҳи маъмурияти Ҳидоят ба Хева, ки дар "Сафарномаи Хоразм" ироа шудааст, дарёфти таърихи дипломатияи Эрон ва қудрати рӯ ба афвали он дар ин давраи мавриди истисноӣ аст.

Афроди эронӣ-тоҷик, ки дар сарзамини худи Эрон рущду нумӯ пайдо карданд ва то дараҷае пешрафти сиёсӣ ва мансаб дар Эрон ба монанди Ризоқулӣ ва фарзандонаш даст пайдо намуданд. Ризоқули Ҳидоят (1215-1288қ / 1800-1870) нависанда ва шоири мутахаллис ба Ҳидоят, маъруфи Лилбошӣ ва машҳур ба Шерозӣ, мулаққаб ба Хонӣ ва Амирушшуаро, ки насабаш ба Камоли Хуҷандӣ мерасад, дар Теҳрон ба дунё омад.

Хоразм сарзамини кӯҳистон аст, ки аз дер боз бахше аз қаламрави сиёсӣ, ҷуғрофиёӣ ва бавижа фарҳангии Эрон ба шумор мерафтааст. Дар рӯзгори Сафавиён, бо қудрат ёфтани қавми узбак муқаддамоти ҷудо шудани ин сарзамин аз хоки Эрон андак-андак фароҳам омад ва дар рӯзгори Қоҷор

дастандозии Русияи тазорӣ ба Туркистон ва мудохилаи истеъмории Англия дар Ҳиндустон ва Афғонистон ҷудоии Хоразм аз Эрон, ки то он ҳангом ҷузъи Хуросони бузург шумурда мешуд, воқеият ёфт. Шоҳони Қоҷор ба пазириши ин воқеият тан дар доданд, аммо то замони Носириддиншоҳ ҳанӯз Марв ва Ҳиротро ҷузъи қаламрави худ мешумурданд ва нисбат ба он чи дар Хоразм ва маркази он Хива мегузашт, алоқа нишон медоданд. Урдукашии Сарҳанг Исмоилхон Мирпанҷа аз тарафи Ҳисомуссалтана ба сӯи Марв дар ҳудуди соли 1851м (1269 қ.) як мавриди мушаххас аз ин таваҷҷӯҳро нишон медиҳад. Ин урдукашӣ бо ангезаи истиқрори амният ва пешгирӣ аз таҷовузи туркманони Хива сурат пазируфт (Хотироти асорат). "Сафарнома"-и Ризоқулиро нахустин бор Шарл Шифферi франсавӣ бар мабнои ду нусхаи хаттӣ, матни форсии «Сафарнома»-ро ҳамроҳ бо тарҷумаи франсавии он дар Аврупо интишор кард. Ҳидоят зимни зикри ҷуғрофиёи манотиқи Хоразм ва иттиофқоти рӯзмарра, ба зикри насаби амири Бухоро ва шаҳрҳои Хуҷанд, Усрушана, Ахсикат, Андиҷон, Исфаранг, Тошканд, Қароқум ва Фороб ва Чоч ва ғайра мепардозад. Он чи дар ин «Сафарнома" ҷалби назар мекунад саъйи нависанда дар садоқати ривояту умури вақоеъ ва бетарафӣ дар бардоштҳост. Аммо зикри иқдомоти Носириддиншоҳ дар масоили дохилӣ ва умури марбут ба Ҳирот ва Марв ва ғайара комилан аъмоли шоҳро тасдиқ менамояд.


### АДАБИЁТ

[1] . Хотироти сиёсии Аминуддавла.с. 16-18.

[1] . (Асноди вазорати хориҷа; 1313қ; Асноди марбута ба равобит ва номаҳо байни Эрон ва Русия дар давраи Носириддиншох). Барои огоҳӣ аз ҷузъиёти қарордоди Ахал муроҷиат шавад ба: Асноди вазорати умури хориҷаи Эрон; (Асноде аз равобити Эрон бо манотиқи Осиёи Марказӣ шумораи санад 36; Теҳрон, Интишороти Аснод. 1372 ш. с183).

[1] Ҳидоят Маҳдиқулихон. Хотирот ва хатарот. Тушае аз таърихи шаш подшоҳ ва гушае аз давраи зиндагии ман. Теҳрон, завор, чопи дуввум 1343 ш.

[1] Риёзии Ҳиравӣ Муҳаммадюсуф. Айнулвақоеъ ба эҳтимоми Асаф Фикрат. Теҳрон, интишорот ва омузиши инқилоби исломӣ, 1372 ш. – ҳамон ҷо.с.36 ва 52. – ҳамон ҷо.с.39 ва 66.- ҳамон ҷо. с. 52. – ҳамон ҷо.с. 67-68. – ҳамон ҷо.с.70, 104.

[1] Сипеҳр Муҳаммадтақӣ Лисонулмулк. Носихуттаворихи салотини Қоҷор. Ҷ.1. ба тасҳеҳи Муҳаммадбоқири Беҳбудӣ. – Теҳрон, Китобфурушии исломия. 1353ш. с.3.; ҷ.2.- с.264., 296-298; ҷ.4. с.76-77.



### РИЗОКУЛИХАН И ЕГО ПРОИЗВЕДЕНИЕ «САФАРНАМЕ ХАРЕЗМА» КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

Данная статья посвящена изучению исторического труда известного персидско-таджикско ученого-историка Ризокули Хидоята «Сафарнаме Харезма», где подробно изложена история этого древнего города, его политическое положение, география и дипломатические отношения с Россией, Ираном и Англией.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** история, политика, географическое положение, Хорезм, Иран, Россия, Англия, исторический экскурс.



### RIZOKULIKHAN AND HIS WORK «TO SAFARNAMA OF KHORESM» AS HISTORICAL SOURCE

This article is devoted to studying of historical work of the known Persian-Tajik scientist-historian Rizokuli Hidoyata to "Safarnama Harezma" where the history of this ancient city, its political situation, geography and diplomatic relations with Russia, Iran and England is in detail stated.



**KEY WORDS:** history, policy, geographical position, Khoresm, Iran, Russia, England, historical digression



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** *Махди Джафаризаде* – соискатель Таджикского национального университета


## АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИСИ «ДОРУЛФУНУН» (ХОНАИ ИЛМ) ДАР ИНКИШОФИ МАКТАБИ НАҚҚОШӢ ВА РАССОМӢ


***Маҳмуди Ҳимматӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Равобити Эрон ва кишварҳои хориҷӣ густариши нуфузи давлатҳо дар Эрон боиси пайдоиши нигоҳи навин дар инкишофи минбаъдаи таърихи наққошӣ ва рассомӣ дар кишвар гардида буд. Зарурист, инкишофи таърихи ин санъатро яке аз мардҳои бузурги Эрон Муҳаммад Тақихони Фароҳонӣ маъруф ба Амири Кабир хуб медонист. Вай кӯшиш дошт, ки ба санъати наққошӣ як роҳи усули замонӣ дода шавад. Амири Кабир аз соли 1848 то 1851 ба сифати вазири аввали Носриддиншоҳи Қоҷор (1848-1896 м.) хидмат кардааст. Амири Кабир санъати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро хуб медонист. Барои гирифтани садди роҳи густариши нуфузи бегонагон ва қувват бахшидан ба иқтисодиёти кишвар, инчунин ташкили артиши замонӣ ва як силсила чораҳои ислоҳотӣ мегузаронад,

ки яке аз муҳимтарини онҳо ташкили мактаби замона бо номи "Дорулфунун" (хонаи илм) мебошад. Амири Кабир хуб медонист, ки бе омода кардани мутахассисони варзида пешравии кишвар аз имконият берун аст. Барои ҳамин ҳам, "Дорулфунун" бояд, ки мутахассисони шохаи низомӣ, соҳиби доктории ҳайвонот ва бисёри дигаре ихтисосҳоро тайёр мекард. Барои ҳамин, аз хориҷа барои тадрисе дар "Дорулфунун" мутахассисони варзидаро даъват карда буд. Роҳбари илмии "Дорулфунун" яке аз ходимони маъруфи илм, фарҳанг ва адабиёти Эрон Ризоқулихони Ҳидоят буд.

Ризоқулихони Ҳидоят яке аз авлодони Камоли Хуҷандӣ худро медонист. Яке аз бахшҳои хеле муҳими "Дорулфунун" бахшида ба санъати наққошӣ ва рассомӣ мешавад, ки дар он шогирдони хеле зиёде таълим мегирифтанд. Ва Эрониён онро такмил ва инкишоф медоданд.

Бар сайри таърихии омӯзиши ҳунар дар Эрон, ибтидо то пеш аз таъсиси омӯзишгоҳи "Дорулфунун", ҳамвора шеваи омӯзиши устоду шогирдӣ ё муридӣ соя афкандааст ва ҳунарҷӯёну шогирдон дар коргоҳу ҳунаркадаи суннатии устодон ва муридон таълим мегирифтанд. Устод дар усул ва мартабаи волотар рамузи ҳунариро зина ба зина ба шогирдон интиқол медод. Ин раванд то миёнаҳои садаи гузашта низ идома дошт. Бо оғози кори мадорисии назири: дорулфунун, маҷмаъуссаноеъ, ҳунаристони наққошӣ ва мадориси баъдӣ, ба мурури равиши суннати омӯзиши устод-шогирдӣ поён гирифт ва ба сурати академик ва илмӣ ғолибан бар пояи шеваҳои ғарбӣ,бунёди омӯзиши навини ҳунарӣ дар Эрон пайрезӣ шуд. Дар ин мақола ба таърихчае бар фаъолиятҳои нахустин мадориси омӯзиши ҳунарӣ дар Эрон пардохта шудааст.[1]

Пеш аз фаъолиятҳои мадрасаӣ "Дорулфунун" дар аҳди Носируддиншоҳи Қоҷор дар соли 1856 м. ду коршиноси фаронсавӣ ба номҳои Буско, Равнон барои омӯзиши дастаи музики низом гурӯҳе ташкил доданд. Ин нахустин гом дар масири омӯзиши ҳунар дар Эрон буд, ки рафта-рафта сурати илмиву академикро ба худ гирифт. Бунёдгузори мадрасаи дорулфунун Мирзо Таққихони Амири Кабир (1744 м. Кошон, 1789 м.) вазири батадбири Носируддиншоҳ буд. Бо таъсиси ин мадраса дар сохтори омӯзишии кишвар таҳаввулоте падид омад ва барои аввалин бор мубоҳису ёфтаҳои ҷадиди илмӣ тавассути устодони аврупоӣ бо ҷавонони алоқаманд ба омӯзиш шурӯъ кард.

«Шӯъбаҳои таҳсилии ин мадраса иборатанд аз: пиёданизом, саворанизом, тӯпхона, муҳандисӣ, пизишкиву ҷарроҳӣ, дорӯшиносӣ ва коншиносӣ. Дар тамоми шӯъбаҳо забони фаронса ва умумии табиииву риёзиву таърих, ҷуғрофиё тадрис мешавад ва баъдҳо забони англисиву русӣ, наққошиву мусиқиро дар барнома ворид карданд. Ба ин тартиб, мадраса шомили дурусе аз мутавассита ва маводе аз таъмимоти оливу фаннӣ буд. Дар таърихи тӯлонии мамлакат ин нахустин бор аст, ки давлат мустақиман иқдом ба таъсиси омӯзишгоҳ намуда, тамоми махориҷи таъсис ва нигаҳдорию идоравии онро бар ӯҳда гирифта, аввалин дафъа аст, ки давлат барои худ масъулияте дар амри таълим қоил шудаву ба ҳамин ҷиҳат аст, ки соли 1789 м. таъсиси "Дорулфунун"-ро мабдаи таҳаввул ва давраи ҷадид дар фарҳанг бояд шумурд.[2]

Меъмории мадраса низ нуқтаи атфе дар меъмории шаҳри Теҳрон бар асоси гунае аз меъмории фарангӣ дар Теҳрон маҳсуб мешавад.

Ин мадраса тавассути Мирзо Ризо-муҳандисбошӣ тарроҳӣ ва тавассути Муҳаммад Таққихони-меъморбошӣ иҷро шуд.

Дар соли 1789 м. мадрасаи «Музик низом» ба унвони яке аз шӯъбаҳои "Дорулфунун" кори худро оғоз кард. Давраи ин шӯъба шаш сол буд ва ҳашт клос дошт. Шогирдон пас аз давраи муайян, дар клоси панҷуми қисмати музики артиш вориди хидмат мешаванд. Аз мудирони даврaҳои гуногуни мадраса бисёриҳоро метавон ишора кард. Дар шӯъбаи наққошии мадраса "Дорулфунун" масъулияти амӯзиш бар ӯҳдаи Масюкнистон ва Мазинуддавла буд. Масюкнистон наққоши фаронсавӣ бо таҳсилкардаҳои Эронии муқими фаронса ошноӣ дошт. Алӣ Акбар Мазинуддавла наққоши аҳди Носирӣ, пас аз фарогирии наққошӣ дар Порис ва бозгашт ба Эрон муддати 15 сол муаллими забони фаронсавӣ, наққошиву мусиқии мадрасаи "Дорулфунун" буд. Аз ҷумлаи шогирдони барҷастаи вай Камолулмалик аст, ки мабонии наққоширо аз Мазинуддавла омӯхт.[3]

Тадриси ҳунарҳои мусиқиву наққошӣ барои нахустин бор дар мадрасаи "Дорулфунун" бар асоси усули шеваҳои акадамекии ғарбӣ ва бо мударрисоне таҳти таолими мадориси ҳунарии Аврупо, нуқтаи оғозини таърихи омӯзишҳои ҳунарҳои расмӣ дар Эрон буд.

Ҳунаристони наққошии Эрон. Мирзо Абулҳасанхони Ғаффории Кошонӣ мулаққаб ба Саниулмалик-наққоши тасвиргар,чопгару ҳунарманди барҷастаи аҳди Носирӣ, муассиси нахустини ҳунаристон ва пешгоми ҳунари грофик дар Эрон аст. Вай зери назари Маҳралӣ наққошӣ омӯхт ва сипас ба ҷамъулнаққошони дарбор пайваст.

Дар соли 1789 м. ба ҳимояти дарбор раҳсипори Итолиё шуд ва дар мавзеъҳои Рум, Ватикан ба рамузи наққошии аврупоӣ бо нусхабардорӣ аз осори ҳунармандони барҷаста пардохт.

Пас аз чаҳор соли ҳунаромӯзиву касби таҷруба дар соли 1787 м. дар дуввумин соли салтанати Носируддиншоҳ ба Эрон бозгашт. Раҳоварди пурбори ин сафар наққошиҳои рангӣ ва таъсирпазирӣ

аз равиши ҳунаркадаҳои аврупоӣ ва шинохти осори онон буд, ки сабаби роҳандозии маҷмаулсаноеи Носирӣ ва сипас ҳунаристони наққошии Эрон шуд.[4]

Бо таъсиси маҷмаъуссаноеъ ё маҷмаъудоруссаноеи Носирӣ тавассути Абӯлҳасани Ғаффорӣ дар Теҳрон, теъдоде аз ҳунармандон ва санъатгарон зимни ишғол ба умури тахассусии худ бо шогирдон кор мекарданд ва ба онҳо омӯзиш медоданд. Дар соли 1790 м. мусаввирсозии нусхаи хаттии достонҳои "Ҳазору як шаб" дар шаш ҷилд ва муштамил бар 1655 сафҳа тасвир ба дастури Носируддиншоҳ ба ӯ ва шогирдонаш супурда шуд. Кори мусаввирсозӣ, хушнависӣ, тазҳиб ва таҷмиди ин китоб муддати ҳафт сол ба тӯл анҷомид ва дар ин муддат 34 ҳунарманд ба танзими он пардохтанд. Ин асари арзишманд дар китобхонаи Кохи Гулистон маҳфӯз аст.

Чанде баъд, дар соли 1798 м. аз сӯи Носируддиншоҳ ба ӯ лақаби "Саниъуллмулк" ато шуд. Сипас дар соли 1799 м. иҷозаи таъсиси мадрасаи давлатии наққошӣ ва чопро дарёфт дошт.[5]

Пас аз бозгашти Муҳаммади Ғаффорӣ мулаққаб ба " Камолулмулк" аз сафари мутолиотӣ дар Аврупо ва нахустин рӯйдоди сабтшудаи омӯзиши расмии ҳунар ва нуқтаи атфе дар таърихи омӯзиши ҳунарҳои таҷассумӣ ба мафҳуми илмӣ дар таърихи муосири Эрон бо таъсиси "Мадрасаи Мустазарфа" дар соли 1810 м. дар боғи нигористони Теҳрон оғоз шуд.

Ин мадраса бо ҷалби ҳимоят ва таъсиси дарбору давлати вақт Қоҷор ва бар асоси бинишу машйи ҳунарии Камолулмулк ба шакли мадориси ҳунарии навини Аврупо ба раёсати вай шурӯъ ба фаъолият кард.

Ҳадафи Камолулмулк аз таъсиси мадрасаи Саноеи Мустазарфа, тарбияти ҳунарҷӯён ба равиши академикии ғарбӣ буд. Агарчӣ ин мадраса ҳеҷ гоҳ сурати як академии воқеӣ ба худ нагирифт, роҳи пешрафти ҳунарҳои гуногунро дар Эрон кушод. Бо талоши Камолулмулк дар муддати 15 соли сарпарастии мадрасаи мазбур, шумораи наққошӣ ва муҷассамасозии бархӯрдор аз тавоноиҳои фаннӣ парвариш ёфтанд.[6]

Исмоили Оштиёнӣ аз шогирдони Камолукмулк мӯътақид буд:

"Бузургтарин хадамоти санъатии Камолулмулк эҷоди мадрасаи Саноеи Мустазарфа буд, ки пеш аз вай Абӯлҳасанхони Саниулмулк аз асотиди бузург ва навобиға буд, вале дар муддати зиндагии ҳунарӣ сабки тозае эҷод накард"

Дар ин мадраса шогирдони Камолулмулк ҳамагӣ ба ройгон таҳсил мекарданд ва мадраса ба унвони яке аз марокизи фарҳангӣ мавриди таваҷҷӯҳи мардум ва ҳатто бегонагон ва риҷоли сиёсиву дарборӣ қарор дошт. Давраи омӯзишии мадраса дар сатҳи оддӣ-чаҳор ва олӣ-шаш сол буд ва фориғуттаҳсилон аз Камолулмулк "Огоҳинома" мегирифтанд.

Аммо саранҷом Камолулмулк дар пайи мудохилоти вузарои маориф дар умури мадраса ва боло гирифтани кашмакашу ихтилофот бо онҳо ва асари хастагиву фарсудагии ношӣ аз ин ихтилофот аз раёсати мадраса истеъфо дод ва билохира дар соли 1927 м. бо канорагирии ӯ мувофиқат шуд.[7]

Камолулмулк пас аз канорагирӣ Исмоили Оштиёниро ба унвони ҷонишини шоиста муаррифӣ кард. Аз ҷумла, иқдомоту ибтикороти даврони раёсати вай гирифтани раъйи "Шӯрои олии фарҳанг ва ҳунар" барои табдили мадраса ба "Ҳунаристони олии саноеи Мустазарфа" ва тадриси нигоргирӣ, онотомӣ, риёзиёт, таърихи ҳунарҳои зебо, кодрбандӣ ва пешомад дар ҳунаристони олӣ буд. Пас аз чанде ба ҷои Оштиёнӣ раёсати Ҳунаристон ба Абӯлҳасани Сиддиқӣ-дигар шогирди мумтози Камолулмулк вогузор шуд.

Дар соли 1818 м. клоси музики мадрасаии "Дорулфунун" аз он ҷудо ва ба сурати мадрасаи мустақил зери назари Вазорати маориф дар созмон додани он густариш ёфт. Ин аввалин мадрасаи мустақил барои омӯзиши мусиқии клоссикии ғарбӣ ба равиши илмӣ дар Эрон буд. Дар ин мадраса ба ҷуз низомиён, ки музики низом фаро мегирифтанд, шогирдони ғайринизомӣ ҳам машғули фарогирии мусиқии клоссик шуданд. Баъдҳо дар соли 1930 м. бо дастури Вазорати маорифи вақт, шогирдони мадрасаи мусиқии давлатӣ ба омӯзиши суруд дар чанд дабистони Теҳрон пардохтанд.[8]

Тайи солҳои 1821 то 1834 м. мадрасаи олии мусиқии давлатӣ мадрасаи Мусиқор ва дар ниҳоят ҳунаристони мусиқӣ ташкил шуданд. Дар соли 1837 м. барномаи дарсии ҳунаристон ба тасвиби Шӯрои Олии фарҳанг ва ҳунар расид. Дар соли 1838 м. идорае ба номи идораи мусиқӣ дар Вазорати фарҳанг ташкил ёфт ва омӯзиш, назорат, таълифи китобҳои дарсии мусиқӣ ва иҷрои консертҳоро бар ӯҳда гирифт ва амалан мутавалии идораи умури ҳунаристони мусиқӣ шуд. Дар ин байн, ҳунаристони мусиқӣ ба Ҳунаристони олии мусиқӣ тағйири ном ёфт ва муддати омӯзиши он аз ду сол ба чаҳор сол афзоиш ёфт.[9]

Баъд аз барпо шудани мадрасаи саноеи Мустазарафа зери назари Камолулмулк дар соли 1810 м. шеваҳои навини аврупоӣ ба унвони ҳунар аз роҳ расид ва мавриди таваҷҷӯҳ ва алоқаи наққошон қарор гирифт. Барои ин ки шеваҳои ҳунарҳои суннатии Эрон ба фаромӯшиву нобудӣ кашонда нашавад, илова бар мадрасаи мазбур дар соли 1830 м. ба эҳтимоми устод Ҳусайн Тоҳирзодаи Беҳзод

ҳунаристоне ҳам барои тарвиҷи ҳунарҳои суннатии Эронӣ ва саноеи Мустазарафаи миллӣ таъсис шуд, ки Мадрасаи саноеи қадима низ хонда мешуд.[10]

Саид Алии Наср дастандаркори театр ва масъули Кумитаи созмони парвариши афкор дар давлати вақт, дар ҳоле ки муовинати Вазорати ҳунарро бар ӯҳда дошт, доираи намоишеро дар созмони парвариши афкор таъсис кард. Сипас, бо ҳамкории соири фаъолони театрии аврупо рафта, даъват аз ҳамаи фаъолони театр ва тадвини барномаи дарсии консерваторияи ҳунари дромотики Порис кори худро дар бахше аз порки Алоуддавла ва бо таъсиси ҳунаристони ҳунарпешагӣ оғоз кард.

Гурӯҳе аз ҳунармандон ва фаъолони театрӣ, аз ҷумла Абдулҳусайни Нӯшин, Алии Дарёбегӣ бо ин ҳунаристон ҳамкорӣ доштанд. Мадраса дар урдубиҳишти 1839 м. расман ифтитоҳ шуд ва барои аввалин бор дар таърихи театри Эрон мадрасаи расмӣ бо барномаи саҳеҳ, ки мавoди илмӣ ва илмии он мутобиқи барномаи консерваторияи Порис буд, ба вуҷуд омад. Ба навиштаи Мустафо Аскубӣ аз ҷумлаи мударрисони ҳунаристон Алинасри Иноятуллоҳи Шайбонӣ, Рафеъ Ҳолатӣ, доктор Ризозода Шафақ, Абдулҳусайни Нӯшин, доктор Маҳдии Номдор, Фазлуллоҳ Бойгон, Алӣ Асғари Гармсерӣ буданд.[11]

Бо ҳиммати Исмоили Оштиёнӣ-шогирди барҷастаи Камолулмулк ва раиси мадрасаи саноеи Мустазарфа ба поси иродат ва гиромидошти устод Камолулмулк Ҳунаристони Камолулмулкро дар соли 1839 м. дар Теҳрон таъсис кард. Ӯ аввалин раиси ҳунаристон буд ва ба даъвати вай иддае аз ҳунармандони ҳунарҳои таҷассумӣ дар он ҷо тадвин мекарданд. Аз ҷумлаи мударрисони мадраса метавон ба Баҳром  Оливандӣ, Иброҳими Ҷаъфарии Зарринқалам, Муҳаммад Муқим ва Алии Қаҳҳорӣ ишора кард.

Нахустин мадрасаи ҳунарии давлатӣ дар сатҳи омӯзиши олӣ дар Эрон аст. Дар соли 1840 м. ин донишкада бо идғоми клосҳои мавҷуди меъмориву наққошӣ ва муҷассамасозӣ вобаста ба Вазорати ҳунар, нахуст таҳти назорати Вазорати фарҳанг дар Теҳрон ва дар маҳалли мадрасаи Хони Марвӣ оғоз ба кор кард. Дар соли 1842 м. бо истиқлоли Донишгоҳи Теҳрон ба илали қонуни ин Донишгоҳ бо номи ҳунаркада ҷузъи мадрасаи олӣ замимаи Донишгоҳи Теҳрон ба шумор омад. Саранҷом, дар соли 1849 м. бо тасвиби маҷлис бо номи собиқи худ расман ба унвони “Донишкадаи ҳунарҳои зебо” ба фаъолияти худ идома дод ва дар маҳалли феълӣ мустақар шуд.[12]

Дар соли 1849 м. ба ҳиммати Рӯҳуллоҳ Холиқӣ-муҳаққиқи мусиқиву мусиқидони Ҳунаристони мусиқии миллӣ барои эҳёи ҳунари мусиқии Эронӣ ва миллӣ дар баробари нафйи он аз сӯи тарафдорони мусиқии ғарбӣ бунёд карда шуд. Ин ҳунаристон, дар шароите ки ҳунаристони олии мусиқӣ ба мусиқии ғарбӣ аҳамияти бештарро дорад ва монеаи ҳар гуна осори мусиқии милливу суннатӣ буд, оғоз ба кор кард.

Тайи фаъолияти 27-солаи ҳунаристони мусиқии миллӣ бисёре аз созҳои азёдрафтаи мусиқии суннатии Эрон тавассути асотид бартару барҷастатар мусиқии миллӣ тадрис шуд ва ин ҳунаристон сарманшаи хадамоти бисёре дар мусиқии Эронӣ шуд. Идораи ҳунаристон дар чанд сол ба таври миллӣ буд, вале пас аз чанде зери назари идораи ҳунарҳои зебои кишвар ҷузъи яке аз воҳидҳои тобеи он идора гардид ва дар соли 1859 м. номи ҳунаристон ба Ҳунаристони олии мусиқии миллӣ тағйир кард.[13]

Муддате пас аз Ҷанги Ҷаҳонии Дуввум, ки Эрон аз ҳар назар, бавижа фарҳанг ва ҳунар садамаи фаровон дида буд, барои нахустин бор дар таърихи хушнависӣ бо ҳиммати олии иддае аз устодони хушнавис ба ном чун: Саид Ҳусайни Мирхонӣ, Саид Ҳасани Алиакбари Кова ва баъдҳо Ҷавод Шарифӣ ва тане чанд аз дӯстдорони фарҳангу ҳунар ва устодоне ҳамчун доктор Маҳдии Баёнӣ барои эҳёи хат ва хушнависиву сару сомон доданд. Дар соли 1850 м. Анҷумани хушнависони Эрон дар клосҳои хушнависии идораи ҳунарҳои зебо зери назари Вазорати омӯзишу парвариш ва бо теъдоди маҳдуде аз ҳунарҷӯён хушнависӣ ташкил шуд ва кори худро оғоз кард. Дар 19-уми шаҳривари соли 1885 м. ба ҳиммати устодони хушнавис мавриди ишора ба таври расмӣ бо унвони Анҷумани хушнависони Эрон фаъолияти анҷуман оғоз шуд ва бо барномаҳо ҳаракатҳои муассир самар дар ин ҳавза ҷалби дубораи хушнависони гӯшанишин тафвиқ ёфт

Дар ин замон, бо иштироки иддае аз устодони қадим кори анҷуман вусъат ёфт ва тайи солҳои 1867 - 1878 м., ки нуқтаи атфе дар таърихи омӯзиши ҳунари хушнависӣ дар анҷуман буд, 11 шӯъба дар бахши шаҳристонҳо эҷод шуд. Масъулияти анҷуман ибтидо бар ӯҳдаи доктор Маҳдии Баёнӣ буд ва пас аз фавти эшон Хусрави Заимӣ масъулияти онро то пирӯзии инқилоби Исломӣ бар ӯҳда дошт. Ин анҷуман дар ҳоли ҳозир пурсобиқатарин созмони ҳунарии хусусии кишвар аст, ки пас аз инқилоб комилан мустақил ва бидуни ҳимоятҳои давлатӣ ва бо ҳаққи узвияти аъзо ва ҳамроҳии устодони бузурге чун устод Ғуломҳусайни Амирхонӣ идора мешавад.[14]

Бо нигоҳи оморӣ ба фаъолиятҳои анҷуман ба ин натиҷа  мерасем, ки 500 ҳунарҷӯ пеш аз инқилоб, 19 ҳазор ҳунарҷӯ то соли 1889 м. ва дар ҳоли ҳозир 20 устод, 220 шӯъбаи анҷуман, 40 ҳазор ҳунарҷӯ, 6 ҳазор мумтоз, раҳоварди беш аз панҷ даҳа ҳузури арзишманд ва пурбори анҷумани ғайридавлатии хушнависони Эрон аст.[15]

Идораи кулли ҳунарҳои зебои Теҳрон дар соли 1861 м. Ҳунаркадаи ҳунарҳои тазйиниро ба қасди тарбияти коршиносони барҷаста дар заминаи ҳунарҳои корбурдӣ таъсис кард. Ин ҳунаркада на танҳо имконе барои идомаи таҳсили фориғуттаҳсилони ҳунаристонҳо падид овард, балки бо эҷоди риштаҳои ҷадид, қисмате аз ниёзҳои омӯзишии насли ҷадидро посух дод. Даҳҳо нақош ва муҷассамасоз ва тарроҳи навгаро зери назари устодони Эронӣ ва хориҷии ин ҳунаркада тарбият ёфтанд, ки бар таҳаввулоти баъдии ҳунари муосир таъсиргузор шуданд.

Ба ин тартиб, ҳаракати фарогир ва бесобиқа дар ҳамаи арсаҳои ҳунарҳо оғоз шуд. Номи ҳунаркада чанде баъд ба Донишкадаи ҳунарҳои тазйиниву пас аз инқилоби Исломӣ ба муҷтамеи донишгоҳии ҳунар ва сипас ба Донишгоҳи ҳунар тағйир ёфт.[17]


**АДАБИЁТ**

1. Оштиёнӣ Исмоил. Шарҳи ҳол ва таърихи ҳаёти Камолулмулк ҳунар ва мардум. Шумораи 7, Урдубиҳишти соли 1863.
2. Деҳхудо Алӣ Акбар. Луғатномаи Деҳхудо. Теҳрон, чопи дуввум. Ҳусайнӣ Саид Маҳдӣ. Коргоҳи ҳунар. Интишороти мадрасаи Теҳрон, чопи аввал.
3. Амирхони Ғуломҳусайн. Гуфтугӯ бо устод Ғуломҳусайн Амирхонӣ. Симурғ, шумораи 1, баҳмани соли 1869.
4. Аҳмади Аҳмадризо. Мадрасаи мусиқӣ мадрасаи набард ва рақобат бар сари мусиқии миллӣ ва клоссик, Лавҳ, шумораи 14, исфанди соли 1892.
5. Ҳиротӣ Муҳаммад Маҳдӣ, Омӯзиши ҳунарҳои таҷассумӣ дар Эрон, рушди омӯзиши ҳунар, шумораи 1, пойизи соли 1902.
6. Оштиёнӣ Исмоил. Ҳунар ва мардум, шумораи 94, мурдоди соли 1870.
7. Фаслномаи ҳунар. Шумораи 7. Теҳрон: 1995.
8. Номаи ҳунар. Теҳрон, 2001.
9. Рушди омӯзиши ҳунар. Теҳрон, 2004.
10. Рушди омӯзиши ҳунар. Теҳрон, 2006.
11. Фаслномаи ҳунар. Теҳрон, 1999.
12. Маҷалаи ҳирфии рассом. Теҳрон, 2002.
13. Рушди омӯзиши ҳунар. Теҳрон, 2005.
14. Камолулмулк. Теҳрон, 1892.
15. Ҳамон ҷо.
16. Ҳамон ҷо.
17. Ҳамон ҷо.


## ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ «ДОРУЛФУНУН» («ДОМА НАУКИ») В РАЗВИТИИ ШКОЛЫ ЖИВОПИСИ И РИСОВАНИЯ


В времена правления Каджаров иранское общество с одной стороны, сильно страдало от деспотизма иранской администрации и неспокойной обстановки в стране, с другой стороны вследствие присутствия элементов западной цивилизации и деятельности просветительских течений, сильно было увлечено модернизмом. В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению история создания «Дорулфунун» («Дом науки») в Иране во времена правления Насереддиншаха Каджара в XIX веке. Также автором рассмотрена история развития искусств в Иране до периода создания «Дорулфунун» («Дома науки»).



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** искусство, живопись, рисование, «Дорулфунун» («Дом науки») в Иране, история создания,


## FROM HISTORY OF CREATION OF "DORULFUNUN" («THE SCIENCE HOUSE») IN DEVELOPMENT OF SCHOOL OF PAINTING AND DRAWING


At the end of board Kadzharov the Iranian society on the one hand, strongly suffered from despotism of the Iranian administration and insecurity in the country, on the other hand owing to presence of elements of the western civilization and activity of educational currents was strong keen on a modernism. In this article by the author it is subjected to studying and consideration history of creation of "Dorulfunun" («The science house») in Iran at the time of Nasereddinshakh Kadzhar's board in the XIX century. Also the author considered history of development of arts in Iran till the period of creation of "Dorulfunun" («The science house»).



KEY WORDS: art, painting, drawing, "Dorulfunun" («The science house») in Iran, history of creation,



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Махмуд Химмати*** – соискатель таджикского национального университета

<u>**ҶОМЕАШИНОСӢ – ОБЩЕСТВОВЕДЕНИЕ**</u>

# МУЛЛОСАДРО ВА НИЗОМИ ФАЛСАФИИ Ӯ

*Алии Каҳвонзода*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афкори Муллосудур ва фалсафаи ӯ имрӯза дар кишвари Эрон ва бархе аз дигар нуқот гарм аст. Ҳамаи забон ба таҳсин ва тамҷиди ӯ гушодаанд ва аз фалсафаи ӯ як низоми сарбаста ва комиле сохтаанд. Ҳикмати мутолиба, ки дар ҳақиқат илтиқот ё таркибе аз низомҳои фалсафӣ пеш аз Муллосадро аз ҷумлаи машоъ, ишроқ, ирфон, калом ва мактаби Қуръон мебошад дар нигоҳи нахуст чашми ҳар фарди борикбин ва нуқодиро ба сабаби созгории зоҳирии ҳама бахшҳои он ё ҳам хайре карда ва монеи нигоҳи амиқ ва нақодона ба он шудааст.

Ахиран дар миёни донишҷӯён ва андешамандони аҳли фалсафа боб шудааст, ки оро ва андешаҳои Муллосадроро бо бархе аз орои ва андешаҳои файласуфони ғарбӣ аз ҷумлаи Конт, Ҳегил, Ниче, Ҳоидгар ва ғайра бидуни таваҷҷӯҳ мабонӣ ва муаллифаҳои ҳар кадом, муқоиса ва татбиқ мекунанд. Ин татбиқ дар ҳоле сурат мегирад, ки замина ва замона, пешфарзҳо, муаллифҳо ва дағдағаҳои фалсафаи Муллосадроро бо заминаҳо ва пешфарзҳои файласуфони мазкур (ва ҳатто аксар қариб ба иттифоқи файласуфони ғарбӣ) мутафовут аст. Зеро Мулосадро дар як сабт комилан мутафовути гом бар медорад, вай вомдори мероси мутафаккирон, амсоли Ибни Сино, Форобӣ, Ибни Рушд, Шайх Ашроқ, Ибни Арабӣ ва ғайра мебошад, ки дағдағаҳои онҳо бештар оштӣ додани ақл бо ваҳӣ, ба баёни дигари фалсафа бо шаръ асту бас. Метавон гуфт, ки Парвизи Форобӣ ва Ибни Сино, ки бо Муллосадро ба авҷ мерасад қобили муқоиса бо даврони тафаккури қуруни вустоӣ аст, ки ақли бидуни ваҳӣ кӯр аст ва файласуф бояд «имон биёварад то бифаҳмад».

Бо пазириши ин нукта бояд гуфт, ки дағдағаи файласуфони ғарбӣ аз реннсонс ба баъд, бо дағдағаи файласуфони қуруни вусто мутафовут аст. Бинобар ин, ҳарчанд мумкин аст, миёни фалсафаи Муллосадроӣ, шабоҳатҳои ҷузъӣ бо файласуфони ғарбӣ аз реннсонс(инқилоби санъатӣ) ба баъд ёфт, аммо ин нуқтаи шарикҳо шомили мабонии фалсафии онҳо мешавад. Ба унвони мисол, оё ақл мавриди баҳси Конт ва маъноии ӯ аз ақл дар назар дорад ҳамон ақле аст, ки Муллосадро мурод мекунад? Ақли Контӣ рӯшангарӣ аст, ба баёни дигар на ақли фарои инсонӣ, балки ҳамин ақли башарӣ бо ин шароит хос мебошад. Аммо ақл мавриди баҳси Садро танҳо ба ақли башарӣ маҳдуд намешавад. Ҳол бо дар назар гирифтани ҳамин тафовут, чи гуна метавон шинохтшиносии Садроро бо шинохтшиносии Контӣ муқоиса ва татбиқ кард?

Аз ин тафовутҳои мабноӣ дар файласуфони ғарб бо фалсафаи Муллосадро бисёр метавон ёфт, вале қасди мо дар ин ҷо баршуморидани ин тафовутҳо ва нуқоти ихтилоф нест. Танҳо метавон гуфт, ки дар татбиқҳои казоӣ, ки миёни фалсафаи Садро бо файласуфони ғарбӣ анҷом мегирад, беш аз ин ки бо шабоҳатҳо ва нуқоти муштарак даст ёбанд ба ихтилофҳои амиқе даст меёзанд.

Мутаассифона, ба далели бархе масоил ва мушкилот дар кишвари мо пас аз Мулосадро чароғи фалсафа ва ҳикмат хомӯш шуд ва файласуфи баъд аз ӯ, ки дорои мактаби мунҳасир ба фардӣ бошад, зуҳур накард. Агар мутафаккирони дигаре ҳам пас аз ӯ, по ба арсаи вуҷуд гузоштанд ё шогирдони билофасли вай буданд ва ё донишмандоне буданд, ки ба наҳви ғайримустақим мутаассир аз ӯ буданд ва ҳамагӣ дар сирри фалсафаи вай гом бармедоштанд. Ва инҳо куллияти низоми Садроиро пазируфтанд ва ҷуз дар мавриди ҷузъӣ натавонистанд чизе бар он биафзоянд.

Ҳикмати Садроӣ ба сабаби омехтагиаш бо масоили калом, Қуръон, дин ва ғайра роҳро бар нақди ҳама ҷанбаъ бастааст. Ба қавли Ҷаводи Таботабоӣ адами тааммули ҷиддӣ дар бораи мақоми Мулосадро ба далели ин аст, ки «низоми фалсафаи ӯ ба дунболи тафсире, ки метавон вижагиҳои аҳкоми ҷазоии шаръиро дар он ёфт, ба навъе аз идеологии расмӣ табдил шудааст» (Таботабоӣ,с.8-247) .

Нуктаи дигар ин ки ҳамин ҷамъ будани низоми Садроӣ худ манъ аз нақд ва баррасӣ аст, зеро фалсафаи ӯро наметавон бо як меъёри хос санҷид. Аз боби мисоли вай дар як ҷо аз далели ақлӣ кӯмак мегирад ва билофосила далоили каломӣ ва ҳатто оёти қуръониро меоварад. Ҳол мутафаккир намедонад, ки чӣ меъёри (ақл, шаръ ва ғайра) бо ин масъала рӯбарӯ шавад. Нуктаи дигар ин ки бархе аз муфассирон ва ҳаводорони фалсафаи Садроӣ фалсафа ва низоми фалсафии вайро комилтарин ва бенуқстарин низоми лиҳоз мекунанд, ки вай барои ҳамеша сухани охирро гуфтааст. Ин дар ҳоле аст, ки дар фалсафа ва улуми ақлӣ ҳеҷ гоҳ сухани ниҳоӣ гуфта нахоҳад шуд ва масоили ақлӣ ва фалсафӣ ҳамвора мавриди баҳс ва баррасӣ буда ва ҳаст. Ин мавонеъ ва бисёре масоили дигар даст ба дасти ҳам додаанд, то фалсафаи Садроӣ нақди амалӣ нашавад ва бо дидаи иғмоз мавриди мутолиа қарор нагирад ва ин амр (ба унвони яке аз далоили мӯҳим) худ боиси ракуди фалсафии исломӣ шудааст.

Дар ин гуфтор қасди мо нақдфалсафаи Садронист ва ин аз ҳавсалаи ин гуфтор кӯтоҳ хориҷ аст, аммо саъй барои ин аст, то ба наҳви ҳар чанд кӯтоҳ ва норасо, чанд нуктаи интиқодиро дар фалсафаи Садроӣ ва ба таври кулли фалсафаи исломӣ мавриди таваҷҷӯҳ ва иноёти соҳибназарон қарор гирад, то курсуӣ (камбинӣ) барои фалсафа дар кишвар боз ёбем.

**Ақл ё ваҳӣ.** Яке аз масоили бисёр муҳим дар таърихи фалсафа робита ва нисбат миёни ақл ва ваҳӣ будааст. Ин масъала ба фалсафаи исломӣ маҳдуд намешавад, балки дар ғарб низ мутакаллимон ва фалсафаи қуруни вастоӣ низ даргири ин масъала будаанд. Ин амр ба табъи фалсафаи исломӣ аз ҷумлаи Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд ва дигарон, яке аз масоили муҳим ва маркази сиқли (мағзи) ҳикмати Садроӣ аст. Усулан ҳар илме барои худ мавзӯъ дорад ва низ дорои ҳад ва марзи мушаххас ҳам ҳаст.

Мавзӯи як илм ҳудуд ва абзор ва васила мавриди корбурди он илмро маъни ва мушаххас мекунад. Фалсафа низ аз ин нукта мустасибе нест. Маъмулан фалсафа тибқи адои худ файласуфон бо абзори ақл ба шинохти мавҷуд аз он ҷиҳат, ки мавҷуд аст, мепардозад. Дар ин росто файласуф ҳарчанд мумкин аст аз қувваи дигар, аз ҷумла ҳис ё тахаюл дар маротиби пойин шинохт кӯмак гирад, аммо дар маротибаи волотар вақти ақл ва коркард ва амали онро молик қарор медиҳад.

Бо ин тавзеҳоти кӯтоҳ Муллосадро дар масоили фалсафӣ сарфан ба ақли иктифо намекунад, балки ваҳиро низ ба унвони як манбаъ шинохти лиҳоз мекунад. Аз назари вай ақл дар пешгоҳи ваҳӣ боисти зону бизанад. Ба баёни дигар, агар ақл ва шинохтҳои баромада аз он бихоҳад саҳеҳ бошад, бояд дар партав ваҳӣ онро санҷид. Дар ҳақиқат ақл на асл, балки тобеъ аст. Ҳол агар файласуф дар боби ҷаҳон ва падидорҳои мавҷуд дар он бипардозад, он гоҳ истидлолҳо ва натоиҷи вай саҳеҳ хоҳад буд, ки онро ба пешгоҳи ваҳӣ бибарад ва ё ҳадди ақал мавриди тайиди ваҳӣ бо шаръ бошад. Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар муқаддимаи хуиш бар «Алшавоҳид алраббубиа» менависад: «Ӯ (Муллосадро) муътақид аст, ки ақл то ба нур шурӯи муаввар нагардад ва ба водии кашф ва шуҳуд қадам нагузорад ба ҷое намерасад, чи онки ақл ва ҳақоиқ ҳосилае аз сир ва равиши ақл то дар маълуми хуруҷи фонӣ нашавад ва аз мақоми ҳиҷоби фонӣ нагардад, ҳақоиқ маҳол аст». (саҳ. 2).

Дар натиҷа ақл боисти гӯиш ба фармони ваҳӣ (ва он ҳам дар қолаби шаръ) бошад ва бидуни шаръ наметавонад саропо боистад. Агар ин нуктаро бипазирем, ҳангоме ки ӯ аз ақл ва бароҳин (бухрон) ақлӣ сухан ба миён миёварад, боиси этибор ва сиҳати бароҳини ақлиро на дар партави худи ақл, балки дар пешгоҳ ба унвони як меъёри волотар бисанҷем.

Албата замина ва замонаи зиндагии Муллосадроро ба ин наҳваи андеша ва тавҷеъ ва ақли каломӣ ва шаръӣ ва низ тафаккури ирфонӣ ва талфиқи ин ҳама бо ҳам иҷозаи арзи андом медод, Дар воқеъи аср ва замонаи Муллосадро ба дунболи ҷамъи миёни шариат ва таассуф буд. Садро низ дар идомаи ҳамин сабт бо ҷамъи шариат ва таассуф ва идғоми (якҷоя) он дар андешаи ақлонӣ, яъне фалсафа заминаи завол ва инҳитоти ниҳоии андешаи ақлониро дар Эрон фароҳам кард (Таботабоӣ.с. 238).

Сарфи назар аз кӯшишҳои файласуфони пеш аз ӯ дар боби таваҷҷӯҳи ақлонии дин ва масоили динӣ, даврони зиндагии Муллосадро, давраҳои сарнавиштсоз дар таърих буд, зеро ҳукумати Сафавия ба унвони аввалин ҳукумати мустақили шиъӣ ба таври расмӣ арзи андом карда буд. Ҳарчанд ин ҳукумат мабнои фикрӣ ва идеологияи хуиширо аз мутафаккирони қабл аз Муллосадро аз қабили Ибни Арабӣ, Воҷеҳ Насируддини Тӯсӣ ва дигарон гирифта буд, Муллосадро низ аз ин қазия чандон ба давр набуд. Ҳатто бо қабули ин, ки Муллосадро чандон миёнаи бо ҳукумат Сафавия надошт, боз вай ногузир аз тафаккур ва андешидан дар ростои сиёсати ҳукумати Сафавӣ буд.

**Асолати вуҷуд ё асолати мӯҳит** Ба қавли шореҳон ва тарафдорони ҳукумат Садроӣ, назарияи асолати вуҷуд зербино ва нуқтаи шурӯъ фалсафаи Садроӣ аст. Дар воқеъ, усули дигар низоми фалсафии Муллосадро, аз чумлаи ташкики вуҷуд ва…мубтанӣ бар ҳамин асли бунёдӣ аст. Ба зағми нигоранда тамоиз миёни асолати вуҷуд ва асолати муҳит решааш ба тамоиз миёни вуҷуд ва муҳит бармегардад, ки ибтидои Форобӣ ва сипас Ибни Сино матраҳ кардаанд. Тамоиз миёни вуҷуд ва муҳит аз тариқи осор ва китоби Ибни Сино ба ғарб роҳ ёфт ва дар фалсафаи Тумос Оквинос машҳур аст. Аммо бар хилофи назари бисёре аз шореҳон ва соҳибназарон, ки тамоиз миёни вуҷуд ва муҳитро яке аз дастовардҳои фалсафаи исломӣ медонанд ва ба он мубоҳот мекунанд, бояд гуфт: «Эй кош ин тамоизро миёни вуҷуд ва муҳит намегузоштанд».

Ба назар мерасад яке аз авомили дар ҷо задани фалсафаи исломӣ ҳамин тамоиз гузоштанҳо ба қавли Ҳегел ин тамоизгузориҳо мухтаси (ихтисосдошта) фаҳм аст ва барои дарки вуҷуди ин ду боисти ба марҳалаи ақл биравем ва баҳсҳои хушк ва миёнтуҳӣ (холӣ, пуч) дар боби мафоҳими сарф аст.

Зеро бо тамоиз гузоштан миёни мафоҳим ва баҳс бар сари худ мафоҳими фалсафа ба ҳолати исто(сокин) дармеояд ва ба ҳадафи худ (агар битавон барои он ҳадафе дар назар гирифт) нахоҳад расид. Асло бар фарзи ин ки вуҷуд ва моҳит яке асил ва дигаре эътиборӣ бошад, чӣ фарқе ба ҳоли мо мекунад? Тозабашарро даст баста тар мекунад ва нерӯи амал ва корро аз ӯ мегирад.

Дар натиҷа метавон гуфт, ки Муллосадро пирӯзаи Форобӣ ва Ибни Синоро ба ҳамон ҳолати аввалия ҳифз кардааст ва чандон ба пеш набурдааст, зеро аслан зоти масъала ба гунае ки қобили пеш бурдан ва пеш рафтан нест. Худ сурати масъала иллати тарҳ шуда буд.

**Вуҷуд ва шинохт** Масъалаи қобили баҳс дар ҳикмати Садроӣ масъалаи шинохт ва нисбати ин ду боб ҳам мебошад. Дар низоми Садроӣ алорағм (бо вуҷуди) ин ки аз танозир миёни маротиб шинохт ва маротиби вуҷуди сухан рафтааст, тамоюзи мушахас миёни вуҷуд ва шинохт вуҷуд надорад. Дар ин низом шинохт бо вуҷуд мусовӣ аст. Ба баёни дигар, вуҷуд ҳамон илм аст.

Илм ҳам ба гунае аз вуҷуд ва муҷаррад аз модда аст ва ҳам дорои маротиб ва ҳар чи аз адами мабро бошад, шиддати нудрат ва илмият он пештар аст (Саҷодӣ, с.105). Чунонки дар «Алшавоҳиди рававия» мегӯяд: «Ҳамоно вуҷуд дар ҳар мавҷуди айни илм ва қудрат ва… аст» (с.7). Тибқи ин назар метавон гуфт, ки ҳар ки олимтар ё баръакс, ҳар ки дорои мартабаи вуҷуди волотаре бошад, мартабаи илмияш низ дар соҳати волотаре қарор дорад. Пас агар вуҷуд ва илм бо ҳам мусовӣ ҳастанд, танозир ва тақобил маротиби онҳо чигуна метавон тасвир кард?

**Фалсафа ва мавзӯи он** Ишколи дигар ин аст, ки Муллосадро баҳс дар боби вуҷуд ва авориза зоти он – яъне мавҷуд аз он ҷиҳат, ки мавҷуд аст – ро мутааллиқи илм медонад ва фалсафа (Исфор.с.28). Аммо билфосила, мавзӯи илми илоҳиро мавҷуд мутааллиқ медонад на мутааллиқи вуҷуд. Ва ин чизе чуз мусодира ба матлуб нест, зеро ӯ аз ҳамон ибтидои фалсафаи худ, вуҷуд мутааллиқро исбот карда бошад, мегӯяд: «Ин мавҷуди мутааллиқ бояд ба зоти хуиш, ошкор бошад ва бениёз аз таъриф ва исботи асфор» (с.29).

Аммо дар оин боз ба таноқис меафтад, чу нагар ин мавҷуди мутааллиқ бино ба фарз бе ин аст ва бениёз аз исбот, чаро худ Муллосадро баъдан ба исботи ин мавҷуди мутааллиқ мубодират (иқдом кардан) меварзид ва бисёр ҳам ба он мубоҳот ва ифтихор мекунад ва бароҳини дигар ҳукамо ва мутаккалимонро ба бод интиқод мегирад?

**Муллосадрои воқеӣ** Муллосадро дар боби бадеҳи будан ва яқин бароҳини низоми хуиш ва ба таври куллӣ кулли дастгоҳи фалсафии худ, ҳеҷ шаке надорад. Борҳо ҷиҳати низомашро бар соири мутафаккирон ва философияи пеш аз худ гушзад мекунад, муқаддимаи китоби асфори (сафарҳо) ӯ шоҳиде бар ин муддаост. Дар ҳақиқат худи вай гоҳе чунон ҳарф мезанад, гӯё ҳақиқати том дар дастгоҳи фикри ӯ нуҳуфта ва ҳамаи масоил роҳи ҳалли ниҳоияшро ёфтааст. Эҳтимолан, ҳамин изҳороти худи вай боис шуда, ки шореҳон ва тарафдорони фалсафаи ӯ дар боби аҳамияти ҳикмати ӯ ғулув (дурӯғ) кунанд ва роҳи иғроқ ва муболиға бипӯиянд. Чунон ки Ҷалолуддин Оштиёнӣ дар боби аҳамияти осор ва китоби ӯ дар муқаддимаи шоҳид менависад: «Китоби ӯ аз нақоиси (нукс) соири ҳукамо ва урафо мабаро аст, на афкораш муштамил бар авҳоми бархе аз фалсафа дар китоби ӯ дида мешавад ва на турҳоти авомсуфия, ки ба ваҷҳи ман алаҷӯ ва қобил интибоқ ба бароҳини илмӣ ва назарӣ намебошад ва… » (Шавоҳид алрабония, с.8).

Магар осори худи Муллосадро машҳун аз ин авҳом (ман истилоҳи талҳотро ба кор намебарам) нест, ки ба ҳеҷ ваҷҳ «қобили интибоқ ба бароҳини илмӣ ва назарӣ» намебошад аз боби масоил оё аз тариқи бурҳон фалсафӣ мутфин, метавон вуҷуди ақлии фаъол ва наҳвоӣ файзи ӯ бар нуфузи инсонӣ дар ҳангоми шинохтро исбот кард?

Вай дар муқаддимаи исфор менависад: «Ман дар дарёи зарфими ҳикмат, садафҳои илмӣ ёфтам, ки устувор ба садафҳои аз бароҳини маҳкам ва пур аз ҷавоҳири нукоти гаронбаҳо буд…» (Исфор, с. 7), аммо ба назар мерасад, ки ин чизе ҷуз як идао нест.

**Натиҷаи баҳс** Фалсафаи Муллосадро низ ба воковӣ (дубора) ва нақди бештаре дорад. Ба ҷойи ин ки машҳур ва шефтаи бархе истидлолҳо ва мавзуот ба зоҳири фалсафӣ мавриди баҳси вай шавем, бояд бо диди фаррох ва нақди олимона ба онҳо нигарист. Ва ҳамонанди худи ӯ, ки борҳо мегӯяд: «Ман нуқоти заъф ва муғолатаҳои ҳукамо ва дигаронро кашф карда ва роҳ дурустро нишон додаам».

Мо низ бояд нуқоти заъфи фалсафаи ӯ ва муғотилоти нуҳуфта дар паси истидлолҳои ӯро кашф кунем ва дар додгоҳи ақлӣ эҳзор (даъват) кунем ва ба доварӣ биншинем. Бояд ҳарчӣ бештар аз чеҳраи коризматики (нерӯ) ҳикмати Садроӣ тақлил диҳем ва ба фалсафаи ӯ ҳамчун соири файласуфон ба дур аз ҳар гунаи пеш фарз зеҳнӣ бархурд кунем.

Ин накд сарфан мавориди ҷузъии фалсафаи ӯро пӯшиш намедиҳад, балки равиши фалсафаи ӯ, мутамоиз кардан ҳавзаҳои мутафовути ҳикмати Садроӣ аз қабили фалсафа, ирфон, калом ва ғайраро низ бар мегирад. Ба заъми нигоранда, бояд фалсафаи Садроиро ба аҷзоӣ ташкил диҳандаш тақсим ва марзи ҳар якеро ба наҳви дақиқ мушаххас ва мутамоиз кард. Ба унвони мисол ҳавзаи фалсафаро аз ирфон, ирфонро аз калом ва ақлро аз ваҳӣ ва ғайра ҷудо кунем, то ҳеҷ кадом вории водии дигаре нашавад.

## АДАБИЁТ


1. Саҷҷодӣ Саид Ҷаъфар. Фалсафаи вуҷудия. Интишороти Таҳурӣ, чопи аввал. 1384.

2. Шерозӣ Садриддин (Муллосадро). Асфар, ҷ.1. Тарҷумаи Муҳаммад Хоҷуӣ. Интишороти Мавлӣ, чопи дуввум. 1380.
3. Шерозӣ Садриддин. Шавоҳиди рабония бо хоҳиши Сабзаворӣ, Маркази нашри Донишгоҳ, чопи дуввум, 1360.

**МУЛЛОСАДРО И ЕГО ФИЛОСОФСКОЕ УЧЕНИЕ**

В статье исследуется философское учение Мулло Садро. Принята попытка показать личность философа на основе первоисточников. Автор научно обосновывает самобытность учения Мулло Садро.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** философское учение Мулло Садро, личность философа, самобытность учения Мулло Садро.

**МУЛЛОСАДРО И ЕГО ФИЛОСОФСКОЕ УЧЕНИЕ**

The paper is sues philosophic teaching Mullo Sadro. Author shows philosophical individuality of thinker in the base of sources. There is also argument the originality of philosophic doctrine of Mullo Sadro.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** философское учение Мулло Садро, личность философа, самобытность учения Мулло Садро.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Кахвонзода*** – соискатель факультета Таджикского национального университета

# ИШҚ ДАР АНДЕШАИ ФАЛСАФИИ АФЛОТУН

***Зӯҳра Музаффарӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддини Айнӣ**

Бар хилофи асотири фалсафаи материалистии Юнон Афлотун таҳлили наве аз ишқро ироа медиҳад, ки дар он ишқ на моҳияти илоҳӣ ва на ҳувияти ғаризӣ дорад, балки рӯҳе (demon) аст, ки инсонро ба дунёи улӯҳият мутаассил мекунад. Ба андешаи Афлотун, ишқ сафро– як навъи тамоили инсонӣ (desire) аст, ки ҳадафи он ба даст овардани зебоӣ аст. Дар «Симпозиум»-и Афлотун тамоми аносири ишқ монанди зебоӣ, такшир ва ҳатто шинохт бар меҳвари муқоиса асли моддӣ ва маънавӣ мегарданд. Дар ин муқоиса, он чи сайри каломи ишқро мумкин месозад, унсури шинохт аст. Дар сафарсууди Афлотун ҳар чи ба марҳилаҳои болоии ишқ мерасем, унсури шинохт ҳам инкишоф мeёбад. Дар охирин марҳила Афлотун ба зебоии мутлақ унвони хирадро медиҳад. Ба ин тартиб, алорағми ин ки Афлотун тафсири наве аз ишқро ироа медиҳад, дидгоҳи каломи меҳварии (Logo centricm) ӯ нигариши ғолиби фалсафаи Юнон аст.

Дар таҳлили фалсафаи Афлотун ,ки умдатан дар китоби «Симпозиум» ба он пардохта шудааст, мо ба тавсифи ҷадиде дар бораи ишқ рӯ ба рӯ мешавем. Ин тавсиф на ҷанбаи илоҳӣ дорад ва на ғаризаи инсонӣ аст. Ишқ моҳияти сайрнопазирӣ дорад, ки ҳадафи аслии он ба даст овардани зебоӣ аст. Аммо моҳияти зебоӣ дар таърифи Афлотун чист? Оё силсилаи мураттаби зебоӣ аз тақобулҳои дугона бархӯрдор аст? Нақши унсури шинохт дар ҳаракати болоравии ишқ чист? Ва дар поён ин савол пеш меояд, ки оё зебоии мутлақ дар Афлотун ҳамон хирад аст? Ҳадафи мақола ин аст, ки бо баррасии таърифи Афлотун аз ишқ дар ҷойгоҳи фалсафа ва астотири Юнон ба саволоти боло посух дода ва сипас аз ин ба мавзӯи аслии баҳс бипардозад. Чӣ гуна Афлотун дар таҳлили худ унсури шинохтро вориди сайри такомули ишқ мекунад ва онро бо болотарин асли дунёӣ, яъне зебоии мутлақ дар як радиф мегузорад?

**Устураи Юнон ва ишқ дар фалсафаи Афлотун.** Дар асотири Юнон худои ишқ (Eros) худои офариниш аст ва дар вақти пеш аз давраи эллинӣ (pre–Hellenism) сабаби вуҷуди мавҷудот ҳисоб мешуд. Худое аст, ки ҷаҳонро аз беназмӣ ва нестӣ ба вуҷуд меоварад. Аммо моҳияти худои ишқ дар асотири Юнон аз ин ҳам фаротар меравад. Дар достони худои ишқ(Eros) ва рӯҳ (Psyche) мо бо вижагии комилан инсонӣ дар худои ишқ рӯ ба рӯ мешавем, ки ин худо орзуҳо ва ранҷҳои инсонӣ дорад. Ин дақиқан ҳамон вижагие аст, ки баъдҳо дар фалсафаи Юнон роҳ пайдо мекунад, яъне, аз як тараф, ишқ рӯҳи илоҳӣ таъриф мешавад ва, аз тарафи дигар, тамоилоти инсонӣ дорад. Дар воқеъ, парадокси аслие, ки дар худои асотирии ишқ вуҷуд дорад, ин аст, ки дар айни доштани қудрати офариниши ишқ ва зебоӣ худ ниёз ба ишқ дорад.

Ба иборати дигар, ӯ низ ҳувияти ошиқ ва ҳам маъшуқро дорад. Дар ростои ҳувияти маъшуқ аст, ки муҳаббати ҷовидониро ба инсон ҳадя медиҳад ва ба ин тартиб восита дар миёни инсон ва илоҳиёт мешавад. Алберт Генрих ин дугонагӣ ва парадокси инсон ва худоро дар Дионисус (худои боварӣ) нишон медиҳад. Аз назари ӯ, Дионисус (Dionysus) шахсияти чандқутбӣ дорад. Худое аст инсони ангор, яъне худое, ки ниқоби инсон дорад (Henrisch 1993: 19). Дар «Симпозиум» низ мехонем, ки худо бо инсон иртибот барқарор намекунад, магар аз тариқи ишқ, ки тамоми ҳарфҳо ва паёмашро, чи дар хоб ва чи дар бедорӣ ба инсон мунтақил мекунад. (Plato 1970: 203 a).

Дар навиштаҳои Афлотун вожаҳои гуногуне, ки барои мафҳуми ишқ ба кор рафтаанд, решаёбии каломии онҳо моро ба фалсафаи Афлотун дар бораи ишқ роҳнамоӣ намесозад, чунки ӯ дар осораш вожаҳоеро ба сурати гуногун ба кор мебарад, ки ин вожаҳо суботи маъноӣ надоранд. Илова бар ин, ихтилоф ва мушорикати маъноии онҳо таърифи мафҳуми худи ишқро хатчадор намекунад. Ба ҳар ҳол, Афлотун дар китоби «Симпозиум» аз вожаи худои ишқ (Eros) истифода мекунад. Суқрот, ки дар воқеъ сухангӯйи Афлотун дар ин китоб аст, мабнои таҳлилашро аз ишқ бар пояи достони асотирие мегузорад, ки меҳвари таърифи ӯ аз ишқ мебошад.

Ин достон, ки ба ҳаёт ва тавлиди ишқ марбут аст, моҳияти инсонии ишқро ба навъе дигар тақвият медиҳад. Суқрот дар ин китоб тавзеҳ медиҳад, ки ишқ фарзанди Прус (Pros) ба маънои сарват ва Пениа (Penia) ба маънои фақр аст ва никоҳи ӯ дар ҷашни Афродит (Aphrodite"s) дар ангурзор баста шуд. Ба ҳамин далел, Эрос аз падару модари хеш табиати онҳоро ба ирс бурдааст. Монанди модари хеш дар фақр ва тангдастӣ аст ва ҳамчун падари хеш дар ҷустуҷӯйи зебоӣ ва хирад аст. (Plato 1970: 203 b–d).

Бар хилофи тасвири худои ишқ дар асотири Юнон Афлотун ба ӯ моҳияти инсонӣ медиҳад ва бо истилоҳ фардиятзудоӣ мекунад. Аз ҳамин рӯ, Афлотун вожаи Эросро ба маънои худои ишқ ба кор намебарад ва бо кӯчак навиштани ҳарф онро ба як мафҳум табдил медиҳад. Аз назари ӯ ишқ на танҳо худо нест, балки мавҷуди асотирӣ низ нест. Бинобар ин, ишқ хусусияти инсонӣ аст ва тамоиле аст барои ба даст овардани чизе, ки инсон надорад.(Plato 1970:199 d). Чунин худо ва чунин таҳлил аз ишқ бар хилофи тасвири асотирии он натиҷаҳои комилан фалсафӣ дар бар дорад. Табиати ишқ табиати ниёз аст ва дар банди тасалсили(пайвастагии) ҳастӣ ва нестӣ он чизе аст, ки онро надорад.

Ҷек Лекен аз ин тасалсил таъбири хосе мекунад. Аз назари ӯ ишқи Афлотун бар мабнои ҳарим устувор шудааст (Lakan 1988: 223). Албатта, ин таъбир бар ин маъно аст, ки ишқи Афлотун дар асл фанопазир аст ва маҳтум ба сайри дониш аст, аммо бо ҷиҳат додан ба ишқ файласуф метавонад сайри болоеро тай кунад ва ба зебоии мутлақ бирасад.

Бинобар ин, ба Афлотун иҷоза медиҳад, ки ишқро ба унвони моҳияти инсонӣ ва фанопазир бар мабнои назарияи мисл табақабандӣ кунад. Аммо он чи ки Афлотунро аз назарияи материалистии Юнон ҷудо мекунад, ворид намудани унсури ҷовидонӣ аст. Дар интиҳои занҷири адам ва тамоил барои касби зебоӣ ё, ба ибораи дигар, дар интиҳои занҷири ҳузур ва ғоиб ишқи ҷовидонӣ қарор дорад.

Файласуфи афлотунӣ касе аст, ки дар боло рафтан аз зинаҳои сууд ба марҳилае мерасад, ки ӯро ба суботи ҷовидонаи зебоӣ мерасонад. Ба ин тартиб, Афлотун аз ишқ ба унвони як робита истифода мекунад, ки инсонро ба абадияти илоҳӣ алоқаманд мекунад.

**Зебоӣ ва унсури шинохт (хирад).** Аз дидгоҳи Афлотун ишқ асосан тамоиле аст, ки ҳадафи он «суботи доимии зебоӣ» аст. Дар ин ҷо мебинем, ки ду нуктаи муҳим дар таърифи Афлотун вуҷуд дорад, ки Афлотун дар «Симпозиум» ҳеҷ гуна тавзеҳи фалсафӣ барои он ироа намекунад. Нуктаи аввал, ин ки Афлотун моҳияти мавҷудият ва маншаи адамро тавзеҳ намедиҳад. Нуктаи дуввум, ин ки Афлотун таърифи дақиқе аз зебоӣ ироа намекунад. Ба иборати дигар, ӯ ин амрро мусаллам мегирад, ки ҳадафи ишқ зебоӣ аст, на нуқсон (Plato 1970: 201 a) ва ин нерӯи ҷаҳонӣ аст, ки бар тамоми олам ҳукм меронад. Танҳо тавзеҳе, ки мо метавонем пешниҳод кунем, ин аст, ки ишқ нерӯи ҷаҳонӣ аст, ки ҳама мавҷудот ба унвони қонуни ҳоким бар ҷаҳон онро дунбол мекунанд. Аммо дар айни ҳол, ишқ нерӯи илоҳӣ аст, чаро ки Афлотун такшир ва тавлиди зебоиро ба унвони асли абадӣ дар олами фано тафсир мекунад. Бинобар ин, зебоӣ табдил ба воқеияти мутлақ мешавад. Воқеияте, ки инсонро ба илоҳиёт расонда ва абадияти ӯро тазмин мекунад. «Зебоӣ тавлид ва такшир аст. Ҳангоме ки қудрати борваре ба мавҷуде зебо наздик мешавад, бахшанда аст».(Plato 1970: 206 d).

Зебоӣ ин қудратро дорад, ки ба инсони фанопазир ҳастии ҷовидона бахшад. Дар бахше аз сӯҳбаташ Диотима (Diotima) зебоиро табақабандӣ карда ва марҳилаҳои мухталифи онро, ки дар воқеъ зебоии мутлақро инъикос мекунанд, баён мекунад. Бинобар ин, зебоӣ на мафҳум аст ва на модда. Аз рӯйи ҳастишиносии Афлотун зебоӣ низ дорои мартабаҳое аст, ки онро ба зебоии мутлақ восил мекунанд.

Дар «Симпозиум» корбурд танҳо ин аст, ки ҳадафи аслии он ишқ аст ва файласуфро барои расидан ба рӯияти зебоии мутлақ лозим аст, нишонаҳои мухталифи онро дарк кунад. Моҳияти зебоӣ дар охирин марҳилаи сафари файласуф ин аст, ки мутлақ аст: «абадӣ аст, на маргро мешиносад ва на ҳаётро, на ҳаракат дорад, на сукун» (Plato 1970: 211a). Дар ҳоле ки дар табақоти поинтар шахс фанопазир ва мутағайир аст, ин ба маънои он аст, ки зебоӣ дар табақоти зерин аз моҳияти нисбӣ бархӯрдор аст. Ба ин сабаб дарёфти он дар шароити мухталиф тағйир мeёбад. Дар поёни сӯҳбаташ Диотима таъкид мекунад, ки зебоии ҳақиқӣ илоҳӣ ва ҷовидонӣ аст. Илова бар ин, дар охирин марҳила шинохти зебоии мутлақ аст, ки файласуф метавонад зебоии мутлақро худ эҷод кунад. Зебоие, ки: «холис, ноб ва равшан аст, олудагиҳои ҷисму рангҳо ва нихватҳои зиндагии моддӣ ба он нуфуз накардааст». (Plato 1970: 211 a).

Вижагиҳое, ки Диотима дар васфи зебоии мутлақ меоварад, дар воқеъ ҳамон вижагиҳои мисл ҳастанд: «мунҳасир ба фард, ягона, абадӣ ва он чи ки зебоиҳои фанопазир аз он нишот мегиранд»

(Irwin 1977: 57). Афлотун дар тақсимбандии ҷаҳон онро ба олами мисл ва олами модда тақсим кардааст. Олами мислро дунёи моҳиятҳо тасвир мекунад, ки тағйирнопазир аст ва мавҷудияти ҳар чизе дар он аст.

Бар хилофи он олами воқеӣ маҳалли тағйир аст, ки дар банди замон ва макон аст. Дунёе аст, ки ҳар чизе дар он маҳтуми гузаштан аз доираи тавлид, рушд ва марг аст. Аммо он чи ки ба ақидаи Афлотун ин ду оламро ба ҳам наздик мекунад, ин аст, ки ҳар чизе дар олами модда аз моҳияти абадӣ бархӯрдор аст ва фақат қолаби моддии худро иваз мекунад. Тазод миёни модда ва рӯҳ дар қолаби фалсафии Афлотун дар воқеъ, ҳамон тазоди миёни асл ва сурати моддӣ аст.

Ба кӯмаки назарияи мисл Афлотун на танҳо зебоиро ба унвони як асл матраҳ мекунад, балки онро бо болотарин мисл дар назария мегирад. Чунин таҳлил аз зебоӣ дар «Симпозиум» зебоиро дар пайвстагии фалсафаи дугонагӣ қарор медиҳад. Зебоӣ дорои суратҳое мешавад, ки дар олами модда маҳкум ба такшир ва фано ҳастанд. Барои дарки зебоӣ бояд моҳияти зебоиро бишиносем, чаро ки зебоӣ дар олами модда сирфан сурате аз асли зебоӣ аст, ки танҳо ҳақиқати ҷовидонаи ашё аст. Ҳар он чӣ бар модда мегузарад, моҳияти онҳоро тағйир намедиҳад. «Ҳастӣ танҳо воқеияти бахшидан ба мисол (асл) аст, ҳарчанд ки асл воқеӣ аст, ҳатто агар дар сурати моддӣ ба вуҷуд наояд» (Irwin 1977: 58). Ба назари Властон низ назарияи мисл ҳар мавзӯеро дар фалсафаи Афлотун таҳти таъсир қарор медиҳад. Хирад, ишқ, иртиботи байни ҷузъ ва кул, замон ва абадият, дунёи ҳис ва дунёи зеҳн ҳама бар мабнои ин назария тафсир мешавад. «Дунёи мисл ҳамеша дар як сӯ қарор мегирад ва ҳувияти замонбандӣ дар сӯи дигар. Дар ин байн ҳувиятҳое, ки дар партави инъикоси абадият дар ҳоли эҳё ҳастанд». (Vlachos 1981: 33). Яке аз нукоте, ки дар пардохти Афлотун аз ишқ муҳим аст ва таъсири зиёде дар таъбирҳои маънавии ишқ дар ҳавзаи шеърӣ дорад, ин аст, ки ба иллати қарор додани зебоии ҷисмӣ-моддӣ дар марҳилаҳои аввалияи болоравӣ зебоии заминӣ ва ба табъи он ишқи инсонӣ аз назари Афлотун навъи ҳақире аз ишқ маҳсуб мешавад. Ба рағми он ки онро мазмум намекунад, ин боис шудааст, ки онро дур аз моҳият ва асли зебоӣ дар назар гирад. Чаро ки хирадро дар канори ишқи маънавӣ ва дар пояҳои болотари ишқ қарор медиҳад. Инъикоси ин масъала дар таърихи таназзули шеъри Ғарб ба хубӣ қобили таҳлил аст, ки дар ин ҷо ба он намепардозем.

Бинобар ин, дар таърифи Афлотун аз ишқ ба ин натиҷа мерасем, ки зебоӣ ҳадафи аслии ишқ аст ва дорои силсилаи мартабаҳое аст, ки бар асоси назарияи асли афлотунӣ бино шудааст, монанди зебоии ҷисм, рӯҳ, ниҳодҳо, қонунҳо ва улум. Бо ин ҳол, танҳо як ҳувияти ҷовидона ва ҳақиқӣ барои ҳар як ашё вуҷуд дорад, ки маъмулан ба унвони моддӣ шинохта мешавад. Илова бар ин, дар назарияи сууди Афлотун зебоӣ болотарин шакли мисл аст ва файласуф аз шинохт ва дарки зебоии моддӣ шурӯъ мекунад, то ба шинохи аслии зебоӣ бирасад. Фалсафаи дугонаи Афлотун, яъне таззод миёни рӯҳ ва ҷисм вузӯҳи худро дар силсилаи мартабаҳои зебоӣ нишон медиҳад. Аммо он чи дар ин силсилаҳои мартабаҳо аҳамият дорад, ин аст, ки дар ҳаракат аз зебоии ҷисмонӣ ба зебоии маънавӣ унсури шинохт афзоиш меёбад ва ба ҳамон нисбат унсури моддиёт коҳиш меёбад. Авҷи шинохт дар охирин марҳилаи дарёфти зебоии мутлақ сурат мегирад, замоне ки файласуф қодир ба рӯияти камоли зебоӣ аст. Ин моро ба натиҷае мерасонад, ки зебоии мутлақе, ки Афлотун аз он ба унвони ғоя ва ҳадафи ишқ ёд мекунад, ҳамон хирад аст. Ба иборати дигар, бо мушаххас намудани унсури шинохт дар сайри болои файласуф метавонем ҳувияти ишқро дар мизони шинохт бубинем. Чаро ки бар мабнои таърифи Афлотун ҳадафи ғоявии ишқ касби хирад ё ҳамон шинохти зебоӣ аст. Бинобар ин, дар уруҷи афлотунӣ ишқ сирфан канал (равиш)-е аст, ки файласуф метавонад аз тариқи он ба хирад даст ёбад. Аз назари баъзе аз мунтақидон монанди Крумбле равиши таҳлили Афлотун дар «Симпозиум» монанди соири китобҳояш, беш аз он ки ҷанбаи илҳомӣ дошта бошад, аз навъи шеваи омӯзиш ва шинохт бархӯрдор аст. (Crumble 1963: 43-47). Дар ҳар марҳила дар сафари худ файласуф ба ин шинохт мерасад, ки бозтобҳои зебоӣ дар ин ҷаҳон фанопазиранд, аммо ин шинохт бо сууди файласуф бо дарёфти зебоии мутлақ дар охирин марҳила бо хирад табдил мешавад. Бинобар ин, бо гуфтаи Кумингс(Cummings) дар назарияи сууди Афлотун ишқ ҳамон шинохт аст. Илова бар ин, Кумингс мӯътақид аст, ки расидан ба хубӣ ба назари Афлотун ҳамон шинохти хубӣ аст ва шинохти хубӣ ба маънои огоҳӣ аз хубии мутлақ аст. Сипас ба ин натиҷа мерасад, ки ишқи Афлотун, дар воқеъ як навъ дурандешии абадӣ дар дунёи мисл аст. (Cummings 1976:24-25). Карсон низ шабоҳати байни ишқ ва хирадро ба шакли дигаре баён мекунад ва мегӯяд, ки дар забони юнонӣ луғати тафаккур ва ҷозибаи ишқ аз як реша бархӯрдоранд ва ин худ хатти яксони хирад ва ишқро тавзеҳ медиҳад. (Carson 1988: 71). Дар воқеъ тафаккур худ инъикос аз ишқ аст, ки эҳтиёҷ ба шинохт дорад ва ба ҳамин далел аст, ки ишқ дар марҳилаҳои болоии сууд пурратар мешавад, то ба дарёфти мисл бирасад. Ин нишонгари марказияти мисл ба унвони хирад дар назарияи Афлотун ва каломи калидӣ будани ҳаракати сууд аст.

Бинобар ин, файласуфи афлотунӣ бо ҷойгузин кардани ишқ ва зебоии маънавӣ ба ҷои ишқу зебоии дунявӣ дар чараёни сууд аз суратҳои моддӣ ба дунёи мисл мерасад.

Ҳоло ба баҳси такшири зебоӣ бармегардем. Ҳамон тавре ки ишора шуд, моҳияти зебоии моддӣ ин аст, ки маҳтум ба такшир аст ва аз ин ҷиҳат аст,ки такшири зебоӣ дар марҳилаҳои поини файласуф ба тавлиди ҷисм хотима меёбад. Ба иборати дигар, файласуф дар бархӯрд ва шинохти зебоии ҷисм сирфан тасвири худро дар ҷисми дигар ба вуҷуд меорад. Ба ҳамин сабаб аст, ки Афлотун такшири зебоиро навъи ҷовидонӣ медонад. Чаро ки бо ин кор файласуф худро вориди занҷири ҷовидонӣ мегардонад, аммо фақат дар қолаби ҷисмҳои гуногун. Файласуф дар охирин марҳилаи дарёфти зебоӣ ба шинохти такшир мепардозад, яъне худро тавлид мекунад, ҳамон тавре ки дар китоби «Ҷумҳур» низ файласуф ошиқи ҳақиқат ва вуҷуд аст. Дар охир шинохт ва ҳақиқатро эҷод мекунад ва ин ҳаракати комилан пӯёст, зеро файласуф дар амали тавлид ба навъе эҷодкунанда аст ва дар марҳилаи болоӣ на тасвире аз зебоӣ, балки худи зебоиро эҷод мекунад. Дар заминаи эҷодкории файласуф Куммингс ба нуктаи муҳиме ишора мекунад: қудрати эҷодкорӣ, ки дар «Ҷумҳур»-и Афлотун мавриди танқид қарор мегирад, тақлиди ангеза ва тасвирҳое аз ҳақиқатҳои дунявии мисл ҳастанд. Ин тақлид аз он ҷиҳат нолозим аст, ки дур аз ҳақиқат ва асли зебоӣ аст (Cummings 1976:27). Аммо дар «Симпозиум» файласуф ба марҳилае аз шинохт мерасад, ки қодир аст, асл ва моҳияти зебоиро мушоҳида кунад. Бинобар ин, имкон дорад, бо тақлид ба асли дунявии мисл ба зебоӣ ба унвони як манбаи илоҳӣ нигоҳ накунад, ки ӯро дар ин ҳаракат ёрӣ додааст. Дар фароянди эҷод файласуф худро бо ҳувияти аслии зебоӣ, ки болотарин вуҷуд ва асли дунёи мисл аст, яке мегирад ва ба ин далел метавонад зебоии абадӣ, яъне хирадро биофарад.

Дар таҳлили Афлотун мебинем, ки ишқ бар мабнои маҷмӯае аз тақобулҳои биношуда аст. Онро ба ду навъ– моддӣ ва ғайримоддӣ тақсим мекунад ва ин дақиқан ҳамон таҳлиле аст, ки дар фалсафаи материалистии Юнон вуҷуд дорад. Бар ин асос, зебоӣ низ дорои ҳамон силсилаи мартаба аст. Дар сайри сууди худ файласуф аз марҳилаҳои мухталифи зебоии моддӣ гузашта, ба марҳилаҳои зебоии маъанавӣ мерасад ва дар ниҳояти сууд ба зебоии мутлақ(асли зебоӣ) дар дунёи мисл даст меёбад. Дар ин марҳилаҳо мебинем, ки на танҳо тақобул ва дугонагӣ ҳоким бар зебоӣ аст, балки ҳар чи ба марҳилаҳои болоӣ мерасем, унсури шинохт низ дар он афзоиш меёбад. Дар интиҳои ин сайри баланд Афлотун зебоии мутлақро бо хирад якҷо мегузорад. Ҳар чи ба дунёи мисл наздиктар мешавем, зебоӣ хосияти ғайримоддӣ меёбад. Марҳилаҳое, ки Афлотун дар ҳаракати суудии файласуф матраҳ мекунад, ҳама ба сӯи зебоии мутлақ ва эҷоди хирад равона шудаанд. Ба ин тартиб, файласуф ин қудрати эҷодро пайдо мекунад, ки бо дурандешӣ дар дунёи мисл ҳувиятҳои асили мислро биофарад. Илова бар ин, унсури каломи ишқ, ки дар тамоми марҳилаҳои сууди афлотунӣ машҳуд аст, ҳам афзоиши унсури хирад ва шинохт дар марҳилаҳои сууд ва ҳам қудрати эҷоди файласуф дар офариниши асли абадӣ моҳияти каломи ишқи афлотуниро тазмин мекунад. Дар ин сохтори пӯёии «Симпозиум» файласуф ва ошиқ ҳар ду яке мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Carson Anne. Eros, The Bittersweet: An Essay. Princeton. Princeton university press. 1988.
2. Crumble IM. An Examination of Plato s Doctrines: Plato on Know ledge and Reality. Vole ll. London: Rout ledge and keg an Paul. 1963.
3. Cumming S. P.W. Eros as procreation in Beauty. Apportion 10:2, 1976.
4. Hal Perrine David. ((Plato an Erotic Reciprocity.)) Classical Antiquity 5: 60-80. 1986.
5. Hen rich. Albert. ((He Hass a God in Him)) Human and Divine in the Modern Percertions of Dionysus, in Masks of Dionysus edited bi Thom ash. Carpenter and Christopher A. Fare one. l theca: COM ell University Press. Irwin. Terence. Plato" s moral theory: the early and muddle dialogues. Oxford: Clarendon press. 1993.
6. Vlastos Gregory. Platonic studies. Princeton, new jersey: Princeton university press. 1981.


## ЛЮБОВЬ В ФИЛОСОФСКИХ ВОЗЗРЕНИЯХ ПЛАТОНА


В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению значение и сущность любви в философских воззрениях Платона.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Платон, философские воззрения, значение и сущность любви, материалистическая философия, греческая мифология..


## PLATON'S PHILOSOPHY OF LOVE AND LOGO CENTRISM


In this article the author subjected to consideration and studying value and essence of love in Platon's philosophical views.



**KEY WORDS:** Platon, philosophical views, value and essence of love, materialistic philosophy, Greek mythology.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Зухра Музаффари*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ҶАҲОНӢ ШУДАН ВА ОЯНДАИ ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Ғуломҳасани Мубинӣ***
**Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Падидаи ҷаҳонӣ шудан баъд аз фурӯпошии Шӯравии собиқ мавзӯот ва таҳаввулоти ҷадидеро вориди низоми байналмилалӣ кард. Раҳоии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз мадори ҳокимияти Ҷамоҳири иттиҳоди Шӯравӣ фурсатеро падид овард, то таомулоти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои раҳошуда аз ҳолати баста ба боз табдил шавад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ шомили Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбакистон баъд аз касби истиқлол амалкарди муваффақе аз раванди ҳамгироӣ ва минтақагароиро таҷриба накарданд. Ба далели заъфи сохторҳои иқтисодӣ ва амниятӣ мушкилоти иқтисодӣ ва касодии низоми бозори озоди рақобатӣ бо чолишҳои асоситаре рӯ ба рӯ шуданд. Аз ин ҷиҳат, ояндаи ҳамгироӣ дар ин кишварҳо бо таваҷҷӯҳ ба раванди ҷаҳонӣ шудан заиф ба назар мерасад.

Вожаи ҷаҳонӣ шудан дар нимаи дуввуми соли 1980 таҳти унвони назарияи ҷаҳонӣ шудан аз тарафи Роналд Робертсон бо иборати дарҳам фишурдагии ҷаҳон ва табдили он ба макони воҳид таъриф шуд. Албатта аз авоили даҳаи 1990 мавриди таваҷҷӯҳи таҳлилгарон ва пажӯҳишгарон воқеъ шуд. Бо ин вуҷуд, мафҳуми ҷаҳонӣ шудан ҳанӯз як муаммои чандзалъӣ аст. Ҷаҳонӣ шудан яке аз мавзӯоте аст, ки дар ҳоли ҳозир бисёре аз рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятии кишвар ба василаи он таҳлил мешавад. Гоҳе ҷаҳонӣ шудан ба унвони як фароянд мавриди таваҷҷӯҳ мебошад. Дар ин ҳолат, ҷаҳонӣ шудан фароянде аст, ки маътуф ба даврони ҷадид аст ва дар асри фаросанъат ва фароиттилоот ва иртибот тақвият шудааст. Ин фароянд бо навгароӣ ва тавсиаи низоми сармоядорӣ ҳамзамон шуд, ки "дар нигоҳи ҷаҳонӣ шудан ба унвони як фароянд, ҳаракати ҷавомеъ ба даврони навин фоқиди сужа ё фаъолияти мушаххасе аст". Ҷаҳонӣ шудан дар қалби як пружа ва барномаи муайян сурат мегирад, ки таҳти таъсири назми Ҳижмуник ва сиёсати қудратҳои бузург барои иҷрои қавоиди низоми сармоядории саросари ҷаҳон аст, ки аз он ба ҷаҳонисозӣ тафсир мешавад. Дар ин нигоҳ, "ҷаҳонӣ шудан дорои фоиле мушаххас ва марказияте аст, ки ба сурати огоҳона ва аз рӯи ирода дар паи таҳқиқ бахшидан ба аҳдофи хосе дар ҷаҳон ва эҷоди назми султа ва ситра бахшидан ба арзишҳо ва қавоиди низоми сармоядории ғарбӣ дар ҷаҳон мебошад, ки ғолибан аз тариқи санъатисозӣ ва барномаҳои тавсиа будааст".

Дар маҷмӯъ агарчи истилоҳоти ҷаҳонӣ шудан ва ҷаҳонисозӣ ҳар як адабиёти хосро матраҳ мекунад, аммо он чи барои кишварҳо ба унвони як воқеият бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад, тағйир ва таҳаввули сохторӣ дар равобити байналмиллалӣ аст. Дар миёни таҳлилгарон Ҷеймс Рузно дар мутолиоти худ бар равобити фаромиллӣ ва ҷаҳонӣ ба унвони як ҷабри текнулужӣ ишора мекунад, ки дар он равобити байни ҳукуматҳо аз тариқи равобити байни афрод ва гурӯҳҳои ғайридавлатӣ такмил мешавад. Аз тарафи дигар, он чи дар қарни бистум, бавижа авоили қарни бисту якум боиси шитоби ҷараёни ҷаҳонӣ шудан гардид, мавзӯи инқилоби иртиботот ва иттилоот ва зуҳури фановарии ҷадид аст, ки раванди ҳамгироии кишварҳоро дар шароити шиканандае қарор медиҳад. Зеро дар шароити ҷадид шоҳиди шаклгирии марзҳое ҳастем, ки мунтабиқ бар марзҳои ҷуғрофиёӣ ва сарзаминӣ нест. Олун Добено ҷаҳонӣ шуданро ҳавли чаҳор меҳвар таъриф мекунад, ки иборатанд аз:

а) тавсиаи фаротар аз миллату давлат; б) густариши ношӣ аз инқилоби иртиботӣ ва иттилоотӣ; в) навъи ҷадиде аз таориз миёни сармоя ва кор, ношӣ аз қудрати ҷадиди сармояи молӣ; г) тавсиа ва густариши тиҷорати ҷаҳонӣ аз тариқи ворид кардан ва пазириши бозаргонони ҷадид аз кишварҳои ҷануб.

Дар ҳақиқат, истилоҳи ҷаҳонӣ шудан дар асри ҷадид дар бозорҳои ҷаҳонӣ комилан озод ба кор меравад ва ба муқаррароти озодии комил дар даруни кишварҳо ва мобайни онҳо мунҷар мешавад. Дар як бардошти куллӣ метавон барои тафҳими мафҳуми ҷаҳонӣ шудан шохисҳоеро ба унвони молики кор дар назар гирифт, ки иборатанд аз: а) камранг шудани марзҳои миёнфазоӣ, дохилӣ ва хориҷӣ; б) тағйири камӣ ва кайфӣ дар маҷмӯаи қудратҳои мусаллат дар низоми байналмилалӣ. в) тағйири қонунҳо, марокизи тавлиди қудрат, амният ва сарват; г) густариши сареи иртиботот; д) бесуботӣ; е) адами коркарди муассири назми қадим.

Бинобар ин, бо афзоиши амвоҷи ҷаҳонӣ шудан дар ибъоди мухталиф ва густариши иртиботот ва таомулоти фаромиллӣ ва ҷаҳонӣ фавосили замонӣ ва маконӣ аз байн меравад ва бар мизони огоҳиҳои афрод дар сатҳи ҳамгироӣ ва гароишоти ҷаҳонӣ наздик мекунад.

Ҳамон тавре ки ишора шуд, таҳаввулоти фароянди ҷаҳонӣ шудан марзҳои ҷуғрофиёии кишварҳоро осебпазир карда. тағйироти зиёдеро дар ҳавзаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иртиботӣ ва амниятии кишварҳо эҷод кардааст. Ин воқеияти ҷаҳонӣ кишварҳоро ба самти таомули муассир бо якдигар дар шуои ҷаҳонӣ ҳидоят мекунад. Саволи муҳим ин ҷост, ки оё кишварҳо метавонанд дар асри ҷаҳонӣ

шудан дар қолаби ҳамгироии минтақавӣ идомаи фаъолият диҳанд ва сохторҳои минтақавии худро ҳифз кунанд? "Ҳамгироии минтақавӣ аз назари илмӣ фароянде таърифшуда аст, ки бар асоси он воҳидҳои миллӣ, бо таваҷҷӯҳ ба як маркази ҷадиди вафодорӣ, фаъолиятҳо ва интизороти худро ба он маътуф месозанд" Аммо бояд пазируфт, ки раванди ҳамгироӣ зарфиятҳои билқувваи кишварҳоро ба билфеъл табдил мекунад ва қудрати моддӣ ва маънавии онҳоро дар қолаби минтақагароӣ тақвият месозад. Ин амр имкони таомули муассири кишварҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ фароҳам месозад. Таҳаққуқи ин амр, албатта, мусталзами тақвияти сохторҳои иқтисодӣ, низоми фарҳангӣ ва иттилооти иртиботии кишварҳои минтақа дар раванди ҳамгироӣ аст. Имрӯз аҳамияти созмонҳои минтақавӣ ба сурати инкорнопазире аз сӯйи ҳамаи кишварҳо пазируфта шудааст. Дар воқеъ, онҳо мӯътақиданд, ки ҳамкориҳои минтақаӣ заминаҳои сарват, сулҳ ва субот хоҳад буд. ЭКО аз ҷумлаи ин созмонҳост.

Ба назар мерасад, ки амвоҷи сареҳи ҷаҳонӣ шудан фароянди ҳамгироии кишварҳои мустақар дар Осиёи Марказиро осебпазир месозад. Зеро авомиле назири заъф дар сохторҳои иқтисоди ин кишварҳо, вуҷуди бозорҳои сиёҳ ва ғайриқонунӣ ва вуҷуди иқтисоди ғайрирасмӣ дар ин кишварҳо ва сатҳи поини ҳамкориҳои минтақавӣ, фасоди давлатӣ, бофти тақрибан мутамаркази давлатҳо ва адами рушди иқтисоди бозори озод дар ин кишварҳо имкони тавонмандсозии кишварҳои Осиёи Марказиро дар бархӯрд бо падидаи ҷаҳонӣ шудан заиф месозад. Бетардид оянда раванди ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ростои тақвияти ҳамкории минтақавӣ ва фароминтақавӣ, эътимодсозӣ, рушди иқтисодӣ, шаффофияти муомилоти тиҷорӣ, ҳалли бӯҳрони ҳувият, тақвияти ниҳодҳои минтақавӣ ва танишзудоии минтақавӣ ба муваффақият мерасад.

Ҷаҳонӣ шудан муҷиби нуфузпазирии марзҳои ҷуғрофиёӣ, таҳаввул дар ҳувияти миллӣ ва афзоиши равобити фаромиллии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гардидааст. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар вазъияти ҷадид бо таваҷҷӯҳ ба заъфи иқтисодӣ ва сатҳи поини ҳамкории минтақавӣ бо анвои чолишҳо ва маҳдудиятҳои ҷадид рӯ ба рӯ мебошанд. Дар асри ҷаҳонӣ шудан таҳкими раванди ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ ниёзманди афзоиши ҳамкориҳои минтақавӣ ва зарфиятсозии сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ, фарҳангӣ, иртибототӣ ва иттилоотӣ дар арсаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аст.

Дар даврони ҷаҳонӣ шудан Осиёи Марказӣ ба унвони минтақаи бархӯрдор аз имконоти билқувваи иқтисодӣ мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор мегирад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз истиқлол дар таҳкими фароянди ҳамгироӣ бо мушкилоти дохилӣ ва сатҳи поини ҳамкориҳои минтақавӣ рӯ ба рӯ шуданд. Мавонеи иқтисодӣ, танишҳои қавмӣ, фасоди идорӣ ва адами густариши тиҷорати озод ва адами шаффофият дар сиёсатҳои тиҷории кишварҳои минтақа ояндаи ҳамгироии минтақавиро суст нишон медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Richard Longhorne. "The coming of Globalization, its Evdition and contemporari conseguences" Newyork. Rigrove 2001, p. 2.
2. Сержилотуша. Ғарбисозии ҷаҳон, тарҷумаи Фарҳод Муштоқи Санъат, Самт, Теҳрон, 2000 .
3. Вортез Мелком. Ҷаҳонӣ шудан, тарҷумаи Исмоили Марвонӣ. Созмони мудирият, Теҳрон, 2000.
4. Ихвон Занҷонии Дориюш. Ҷаҳонӣ шудан ва сиёсати хориҷӣ. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмиллалӣ, Теҳрон, 2004.
5. Кулоии Аллаҳӣ. Бозии бузурги ҷадид дар Осиёи Марказӣ. Дафтари мутолиоти сиёсӣ ва байналмилалӣ, Теҳрон, 2005.
6. Нодирпури Бобак, Осиёи Марказӣ, ЭКО ва ҳамгироӣ. Фаслномаи тахассусии улуми сиёсӣ, Теҳрон, 2009.


## ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И БУДУЩЕЕ ИНТЕГРАЦИИ В ЦЕТРАЛЬНОЙ АЗИИ


В данной статье даётся определение глобализации, вскрывается ее сущность и основные признаки, выявляются основные глобализационные процессы и их последствия. Также в статье отражается наличие интеграционных процессов в современном мире, интенсивных взаимодействий между государствами в разных сферах общественной жизни на примере стран Центральной Азии.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** глобализация, интеграция, . интеграционные процессы, сферы общественной жизни, стран ы Центральной Азии.


## GLOBALIZATION AND THE INTEGRATION FUTURE IN TSETRALNA OF ASIA


In this article globalization definition is made, its essence and the main signs is opened, the main globalization processes and their consequences come to light. Also in article existence of integration processes in the modern world, intensive interactions between the states in different spheres of public life is reflected in an example of the countries of Central Asia.



**KEY WORDS:** globalization, integration. integration processes, spheres of public life, countries ы Central Asia.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Гуломҳасани Мубини*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

# ҶОЙГОҲИ ИНСОН ДАР НИЗОМИ ҲАСТӢ АЗ ДИДГОҲИ «ҚУРЪОН»-И КАРИМ

***Али Маҳдавӣ Таловакӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҳар мактаб ва мазҳабе, ки дар бораи инсон сухан мегӯяд, ба таври табиӣ аз ҷиҳати мухталиф инсонро мавриди мутолиаву баррасӣ қарор медиҳад. Аммо дар ин миён баҳс аз дидгоҳи он мактабу мазҳаб дар бораи инсон дорои аҳамияти махсус мебошад. Дар ин нигариши куллӣ ва иҷмолӣ таъйини ҷойгоҳу манзалати инсон дар низоми ҳастӣ яке аз меҳварҳое, аст, ки бояд ба таври зарурӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад. Замоне ки аз ҷойгоҳ ва манзалати одамӣ дар ҷаҳони ҳастӣ сухан мегӯем, мурод ва мақсади мо ин таъйини мизони қобилиятҳои моддӣ ва физикиву иқтидору баҳрамандии инсон дар муқоиса бо соири ҳайвонот ба мавҷудоти зинда нест, зеро ки бе ягон шакку шубҳа инсон бо таваҷҷӯҳ ба ҳушу қудрати обзорсозии худ ва баҳрамандӣ аз унсури забону имкони эҷоди равобити фарҳангӣ ва табодули иттилоот, тафаввуқи физикиву техникӣ бар ҳама мавҷудоти курраи замин дорад ва ҳукми худро бар ҳамаи онҳо таҳмил кардааст ва аз ин ҷиҳат аз ҷойгоҳи мумтоз ва рафие бархӯрдор мебошад.

Мақсуд аз таъйини мақому манзалат ва ҷойгоҳи инсон, қазоват дар бораи арзишҳои маънавиву ахлоқии инсон аст. Ба ин маънӣ, ки инсонҳо аз каламоти билқувва ва билфеъле бархӯрдор мебошанд. Аммо оё дар фазоилу камолоти арзишиву ахлоқӣ, мавҷуди дигаре монанд ба ӯ ёфт мешавад? Оё инсон дар роҳи расидан ба ғоёту камолоти хеш аз истеъдодҳои хосе баҳраманд шудааст? Оё инсон ба лиҳози хайроту камолот ба авҷи мартабае хоҳад расид, ки ҳеҷ монандие дар миёни дигар мавҷудот надошта бошад? Бархе аз дидгоҳҳои бадбинона нисбат ба инсон дар ин корҳо имтиёзи хосеро барои одамӣ дар назар намегиранд ва имтиёзи ӯро дар ҳамон бартариҳои моддиву физикӣ медонанд. Зеро бо пазириши биниши материалистӣ инсон дар модда хулоса мешавад ва дар ҳадди як системаи мошини печида таназзул пайдо мекунад. Бархе аз онон, ҳатто ин имтиёзот ва бартариҳои физикиро мояи сукути ахлоқӣ ва таназзули арзишии ҳар чи бештари инсон медонанд, зеро ин тавонмандиҳо сабаб шудааст, ки башарият аз ҳар мавҷуде болотар бошад. Лекин дар ин мақола ба суроғи оёти қуръонӣ рафта бо баррасии се мафҳум хилофат, каромат ва амонатдорӣ, ҷойгоҳ ва манзалати инсонро муаррифӣ хоҳем кард.

Хилофат дар луғат ба маънои пушти сар омадан, ҷонишин шудан ва аз пайи чизе даромадан аст. Масалан, ҳар насли ҷадиде ҷонишину халифаи насли ҷадиде, ҷонишину халифаи насли қаблӣ аст, шабу рӯз халифаи якдигар ҳастанд, ки яке аз пайи дигаре меояд.

Калимаи хилофат ва лафзи халифа ба худии худ дорои бори арзише нест ва фазилат ё разилатеро намефаҳмонад. Ин нукта дар хилофат ва ҷонишинӣ комилан дақиқу равшан аст. Бори арзиши хилофат дар умури эътибориву қарордодӣ назири муносиби иҷтимоӣ ва раёсату ҳукумат вобаста ба мизони эътинову эътиборе аст, ки ҷомеа барои он мансаб ё мутассадии қаблии он қоил мешавад, мутаносиб ба он шаъну манзалат, дорои бори арзиши мусбат ё манфӣ мегардад.

Дар мавориде, ки хилофат ва ҷонишинии чизе, мусталзам доштани қобилиятҳо ва камолоту фазоили фардии фаровон бошад ва халифа шудан бо дастёбӣ ба камомоту тавоноиҳои хосе бошад, он ҷонишинӣ ё хилофат дигар эътибору қарордоде нахоҳад дошт. Зеро фуқдони он фазоилу камолот шарти воқеии ҷонишинӣ ва хилофатро мунтафӣ месозад, илова бар он ки ҷонишинӣ вуҷуди камоли воқеӣ хоҳад буд, на ҳоқӣ аз мансаби иҷтимоӣ. Дар ин гуна маворид хилофат риштае дар воқеият ва тавоноиҳову камолоти фардӣ дорад ва халифаву ҷонишин шудан муҷиби имтиёз ва бартариву манзалат хоҳад буд, зеро эҳрози ин мақом дар воқеъ ба маънои дастёбӣ ба камолоту вижагиҳои хосе аст, ки дигарон дар он ҳад аз он камолот баҳрае надоранд.

Мақоми халифаи илоҳии инсон, ки «Қуръон» аз он парда бардоштааст, аз навъи хилофати таквинӣ аст, на хилофати эътиборӣ ва ё қарордодӣ. Дар ояи 30 сураи Бақара, ки дар он сухан гуфтани худованд бо малоика дар бораи хилофати инсон омадааст; аз хилқати одам ба унвони қарор додани халифа ба рӯи замин ёд шудааст.

«Парвардигори ту ба фариштагон» фармуд: ман дар замин халифае қарор хоҳам дод. Онон гуфтанд: Оё дар он касеро қарор медиҳӣ, ки фасоду хунрезӣ кунад, дар ҳоле ки туро тақдис мекунем ва тасбеҳ мегӯем. Худо фармуд: Ман чизеро медонам, ки шумо намедонед». Дар ин ҷо бояд ба ду пурсиши муҳим посух гуфт: Нахуст он ки мақоми халифаи илоҳӣ чист ва чӣ хусусиятҳоеро дорад? Баъдан он ки оё ин мақом ихтисос ба ҳазрати Одам (а) доштааст, ё барои ҳамаи инсонҳо, ё дар миёни башар фақат иддае ба ин мақом мерасанд?

Дар посух ба пурсиши аввал зикри ин нукта лозим аст, ки хилофат қоиммақоме ва ё ҷонишине аст, ки ин амр ҳосил намешавад, магар он ки халифа дар ҳама мақом ҳикоятгари ҷонишин бошад. Бинобар ин, халифаи Худо кассе аст, ки беш аз соирин бо Худованд иртиботе дошта бошад. Аз он ҷо

ки Худованд манбаи ҳамаи камолоту хайрат аст ва феълаш аз ҳар шарру фасоде орӣ аст, халифаи ӯ низ бояд дар камолоту ҳайроти ҳақ таъоло комилтарин ва беҳтарин махлуқот бошад.

Аз ояи фавқ бармеояд, ки соҳиби ин мақом аз ҳама малоикаву фариштаҳо бартар аст. Зеро малоика ба ишора ба фасодангезии инсон дар рӯи замин ва лаёқату салоҳияти худ ба далели касрати ибодату тақдиси парвардигор мӯҳтарамона аз Худованд дархост карданд, ки ин мақому манзалат ба онҳо ато карда шавад. Худованд низ бо тарҳи масъалаи илм нишон дод, ки расидан ба ин мақом хусусиятеро талаб менамояд, ки малоика бо ҳама дарачаву камолоти вуҷудӣ шоистагии онро доро буда наметавонад. Шоҳиди дигар бар бартарии халифаи Худованд нисбат ба малоика он аст, ки ҳамаи онҳо, ҳатто малоика муқарраби парвардигор дар баробари одам маъмур ба саҷдаи ӯ шуданд. Аз оёти «Қуръон»-и карим чунин истифода мешавад, ки маншаъ ва воситаи расидан ба ин мақоми илму маърифат ин ҳамон илму маърифате аст,ки инсон тавони дастёбӣ ба онро дорад ва малоика бо ҳама назоҳату таҳорату тақаддуси хеш зарфияти вуҷуди онро надоштаанд. Ин қобилият ва тавоноии башарӣ аз чунон арзише бархӯрдор аст, ки ҳама заъфҳо ва фасодҳо ва хунрезиҳои ӯро таҳти шуоъ қарор медиҳад ва интихоби халифаи худоро аз миёни навъи башар тавҷеҳ мекунад:

«Худо ба одам ҳама асмоъро омӯхт,баъдан онҳоро бар фариштагон арза дошт ва фармуд: маро аз номҳои эшон хабар диҳед, агар ростгӯёнд, гуфтанд: ту муназзаҳӣ, мо илме надорем. Ҷуз он чӣ ту ба мо омӯхтаӣ, ҳамоно ту доноӣ ва ҳаким ҳастӣ. Ба одам фармуданд: Онҳоро аз ин номҳо огоҳ кун».

Дар «Қуръон» баёни мустақим ва равшане дар бораи ҳақиқат (асмоъ) вуҷуд надорад. Бархе аз муфассирон бо истифода аз «Қуръон» ва шоҳидҳои зиёде эҳтимол додаанд, ки асмоъ мутааллиқ ба оламе ва роъйи олам малоика бошад, аламе, ки илм ба он мусталзам ва доштани камоле бартар аз рутбаи вуҷудӣ ва камоли малоика аст. Назди ин муфассирон илм ба асмоъ, аз боби илм ба луғат ва асомии ашёъ нест; балки аз боби шинохт мусаммо ва ҳақоиқ аст. Луғатшиносӣ ва фаро гирифтани асомии ашхос ва ашёъ агарчи дорои арзиши хоси худ аст, аммо сирфан шинохтан мафҳуме аст ва далолат бар камоли ҳақиқии онҳо намекунад, бар хилофи онҳо шинохти ҳузурӣ ва ғайримафҳумии ҳақоиқ ва мавҷудоти мутаолӣ аст, зеро шинохти шуҳудӣ як вуҷуди мутаолӣ, мусталзами навъи тақарруб ба он аст. Бинобар ин, инсоне, ки муваффақ ба дарки ин ҳақоиқу вуҷудот бартар шавад ба лиҳози вуҷуде аз марзи рутбаи малоика гузар карда ва ба он олим фавқонӣ тақарруби вуҷудӣ пайдо кардааст.

Бар асоси ин назария олами асмоъ ҳамон олами хазоин аст, ки аслу решаи ҳамаи ашё дар онҷост ва ашёу мавҷудоти ин олам, таназулёфтаи он ҳақоиқ ва хазинаҳо ҳастанд:

«Ва ҳеҷ чиз нест, магар он ки ганҷинаҳои он назди мост ва мо онро ба андозаи муайян фурӯ намефиристем.

Ба ҳар ҳол халифаи илоҳӣ касе аст, ки аз ҷиҳати камоли руҳӣ ва дарҷи илму маърифат ба ҷое мерасад, ки муаллими малоика мешавад.

Баҳси дигари муҳим он аст, ки ин мақоми маънавӣ барои чӣ касоне қарор дода шудааст. Ба далоиле бояд гуфт, ки ин мақоми мухтаси Одам (а) нест. Далели аввал он ки дар ояе ёд шудааст:
«Ҷумла исмӣ аст ва дар он аз сиғаи исми фоил истифода шудааст, ки маҷмӯан чунин таъбире истимрори хилофатро мерасонад, бар хилофи он ки ҷумлаи феълия биёяд ва гуфта шавад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ истимрорро намерасонад». Агар танҳо Одам (а) халифаи Худованд буд, ба кор бурдани сиғаи исми фоил ба лиҳози адабӣ муносиб набуд.

Далели дуввум он аст, ки малоика барои исботи дастёбӣ ба мақом, ба фасодангезии башар дар замин ва хунрез будани он ишора кардаанд, холо он ки агар халифа қарор гирифтан (халифаи шудан) танҳо барои шахси одам (а) буд, чунин истидлоле асосан маврид надошт: Зеро Одам (а) маъсум буд ва ҳар гуна фасоду шарре аз сохти ӯ дур буд.

Саввум он ки дар «Қуръон» ба халифа будани бархе дигар низ тасреҳ шудааст.

«Эй Довуд, туро дар рӯи замин халифа будани ҳамаи инсонҳо ғайриқобили қабул аст, зеро дар байни одамиён касоне вуҷуд доранд, ки ба тағйири «Қуръон» аз ҳайвонот низ пасттаранд ва қулуби онон ба санг ва сахтар аз он ташбеҳ шудааст.

Танҳо сухане, ки бояд гуф, ин аст, ки заминаи шаъну шарафи расидан ба ин мақому манзалат дар фитрати ҳамаи инсонҳо қарор дода шудааст.

Каромат зидди даноату пастӣ аст ва Карим касе аст, ки аз назоҳату фазилат ва бузургӣ бархӯрдор аст. Дар «Қуръон»-и шариф Худованд, Қуръон, малоика, паёмбар (с) бо сифат (каромат) сутуда шудаанд:

«Ба ростӣ мо фарзандони одамро гиромӣ доштем ва ононро дар хушкӣ ва дарё барнишондем ва аз чизҳои покиза ба эшон рӯзӣ додем ва онҳоро бар бисёре аз офаридаҳои худ бартарӣ додем.»

Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки ин каромати ом каромати зотӣ аст, на иқтисобӣ. Мурод аз (каромати зотӣ) он аст, ки ба таври таквинӣ, ҳилқати одамӣ ба гунае аст, ки қабулиятҳо ва тавоноиҳои хосе ба ӯ ато шудааст ва ба воситаи ин вижагиҳо дар ҷойгоҳе бартаре нисбат ба бисёре аз махлуқоти илоҳӣ

қарор гирифтааст. Аммо мурод аз каромати иктисобӣ он мақому манзалате аст, ки инсон дар сояи ихтиёри худ ба он даст меёбад.

Тафовути каромати зотӣ ва иктисобӣ дар ин аст, ки каромати зотӣ умумият дошта, шомили ҳамаи инсонҳо мебошад, аммо каромати иктисобӣ ихтисос ба иддае хоса аз инсонҳо дорад, яъне касоне, ки ба камолот ихтиёран даст пайдо мекунад.

Он дастае аз оёте, ки инсонро ғоят ва ҳадаф аз хилқати бисёре аз мавҷудот муаррифӣ кардаасту онҳоро дар хидмати инсон медонад, шоҳиди дигаре бар каромати зотии инсон аст:

«Оё надонистед, ки Худо ончиро, ки дар осмонҳо ва ончиро, ки дар замин аст, мусаххари шумо сохтаву неъматҳои ботину зоҳири худро бар шумо тамом кардааст». Сураи Луқмон, ояи 20.

«Ӯ касе аст, ки ҳамаи он чиро, ки дар замин аст, барои шумо халқ кард». Сураи бақара, ояи 29.

Калимаи мо фисамовот дар ояи 20 сураи луқмон шомили малоика мешавад. Бинобар ин, малоика низ дар хидмати инсон ҳастанд ва дар ҷиҳати сомон додани умури дунё ва охирати ӯ талош мекунанд. Гурӯҳе коргузори амри ваҳю ҳидояти инсонанд ва гурӯҳҳои дигар аъмоли ӯро сабту забт мекунанд ва иддае дигар вазифаи қабзи рӯҳи ӯро бар ӯҳда доранд. Пас дар гиромидошт ва каромату таълими таквини инсон ҳамин кифоя аст, ки ҳамаи аҳли осмону замин ба гунае дар хидмати ӯ ҳастанд.

Далели дигар бар каромати зотӣ ва тақвинии башарият ин истеъдодҳо ва заминаҳое ҳастанд, ки ҷиҳати расидан ба дараҷаи олии камоли илоҳӣ дар вуҷуди ӯ ниҳода шудааст. Фитрати илоҳӣ ва ахлоқии башар ва омӯхтани фуҷуру тақво ба ӯ ва атои дастгоҳи идрокӣ, вижа ба ӯ ва бархӯрдории ӯ аз қудрати интихоб аз муҳимтарини ин заминаҳои таквинӣ аст.

Замина ва истеъдоди расидан ба олитарин дараҷаи каромат ба ҳамаи инсонҳо ато шудааст, агарчӣ фақат бархе аз онҳо ин заминаҳои таквиниро шукуфо карда, ба каромати иктисобӣ ноил мешаванд.

«Аз Қуръон ва ривоёт ба даст меояд, ки касби каромат дар натиҷаи тақво ба даст меояд». Сураи тин, ояи 4-6.

«Дар рӯи замин касе назди Худои субҳон ва баландмартаба каримтар аз касе нест, ки мутеи авомири парвардигор бошад».

Дар бораи он ки инсон амонатдори илоҳӣ аст, дар ояи 72 сураи аҳзоб чунин омадааст! «Инсон ба унвони мавҷуде, ки бори сангини амонати илоҳиро бар душ мекашад, муаррифӣ шудааст». «Мо амонатро бар осмонҳову замину кӯҳҳо арза кардем, пас аз таҳаммули он сар боз заданд ва аз он ҳароснок шуданд ва инсон онро бардошт, ба ростӣ ӯ ситамгари нодон буд».

Муфассирон дар бораи ин амонат эҳтимолоти мутаадиде додаанд. Ғолибонро (ихтиёр) ё (таклиф) ва ё он чизе, ки таклифи муқаддима расидан ба он аст, яъне вилояти илоҳӣ ва такмили илмиву амалӣ ба воситаи ҳақоиқи дин ва ҳақ(қ) таоло доштаанд. Инсон ба воситаи аъбудият ва ихлосу ҷаҳду талош метавонад ба мақоми илоҳӣ ноил гардад, яъне Худованд мутаваллии умури ӯ дар ҳамаи корҳои ӯ гардад ва мустақиман таҳти вилояти илоҳӣ ва тарбияти ӯ воқеъ гардад.

Ин камоли ихтиёрӣ мазияте аст, ки танҳо одамӣ вусул ба онро дорост, зеро танҳо ӯст, ки метавонад аз хок ва олами моддӣ ба авҷи ихлос болу пар бикшояд.

Ба хилофи мавҷудоти дигар, ки сирфан бар асоси табиат ва зоти хеш ба самти камоли табии худ (на камоли ихтиёрӣ) дар ҳаракат ҳастанд. Мавҷудоти дигар камоли хешро бар дӯш мекашанд, аммо ин инсон аст, ки худ бармегузинад, ки чи кунад ва ба кадом қисм аз тамоюлоти табии худ аҳамият бидиҳад ва чи гироиш ҳоеро саркуб кунад ва чун қудрати интихобу гузиниш дорад, ҳама масъулият мутаваҷеҳи шахси ӯст.

Аз ин ҷо ки ҳам муқаддамоти ин камоли ихтиёрӣ (ихтиёр ва таклиф) ва ҳам нафси он камоли ихтиёрӣ (вилояти куллияи илоҳӣ) аз Худованд аст ва инсон дар доштани онҳо аз худ истиқлоле надорад, аз он ба (амонати илоҳӣ) таъбир шудааст, амонате, ки инсон бояд хурматашро пос дорад ва аз авоқиби хиёнат дар он дар ҳарос бошад.

Далолати зоҳирии оя бар ин аст, ки гӯё иҷтимое дар кор будааст, ки дар он ҳама мавҷудот ҳузур доштаанд ва чунин амонате тавассути Худованд арза шудааст ва мавҷудоти дигар ба иллати огоҳӣ аз авоқиби амонатдорӣ аз пазириши он худдорӣ карданд ва ин инсон буд, ки дар он амонатеро бар ӯҳда гирифт. Ин маънои зоҳирӣ дар сурате қобили қабул аст, ки мӯҳтавои он (тамсил) набошад ва ахбор аз як воқеа бошад.

Ба назар чунин мерасад, ки лаҳни ояи шарифа тамсилӣ аст ва ба забони тамсил аз як амри таквинӣ парда бардошта шудааст. Ҳақиқат ин аст, ки ба лиҳози сохтмони вуҷудӣ аз чунон истеъдод ва қобилияте бархӯрдор шуда, ки метавонад ба он камолоти ихтиёрӣ дастрасӣ дошта бошад. Ин воқеият, ки инсон таквинан чунин қобилиятҳоеро дорад, ки дигарон фоқиди он ҳастанд, дар забони тамсил ба арзаи амонат ба худдории дигар мавҷудот ва пазириши инсон таъбир шудааст.

Таъбири (зулм ва ҷаҳл)-ро дар ин оя набояд ба мазаммату сарзаниши ҳамаи инсонҳо дар пазириши ин амонат тафсир кард: Зеро ба назар мерасад, ки ин таъбир тавсифи инсон бошад на қазовати арзишҳо дар барои кулли инсонҳои мавҷуди

мухтор, гоҳ аз роҳи маърифат имони комил ва амали солеҳ ба камоли ихтиёрии худ мерасад. Дар ин сурат, одамон бо интихоби нодурусти хеш ва фасодангезӣ ҷаҳл меварзанд ва бар хештан ситам мекунанд ва аз камоли ниҳоии хеш боз мемонанд.

Воқеият ин аст, ки бартариҳои таквинӣ ба физикии одамӣ нисбат ба дигар мавҷудот ба худии худ навъе фазилат ва каромат маҳсуб дониста мешавад, агарчи инҳирофи масир аз ин тавонмандиҳо қазовати манфиеро дар пайи худ дорад. Бинобар ин, бо мусаллам донистани ин гуна манзалатҳои моддиву физикӣ барои инсон, бо мурочиа ба оёти «Қуръон»-ӣ низ ин ҳақиқат намуд пайдо мекунад, ки ба лиҳози арзишӣ низ ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ ба иборати болотаре аз дигар махлуқот аст. Дар хотима бори дигар мутазаккир мешавем, ки мурoду мақсад ҳамон манзалати инсон аст, зеро дар миёни инсонҳо афроди палид ва ҷинояткору кӯтаҳфикрон низ вуҷуд доранд.

Дар охир, дар муроҷиаи иҷмолӣ ба «Қуръон»-и шариф бо се мафҳум рӯбарӯ мешавем, ки метавонанд ҷойгоҳ ва манзалати инсон бошанд. Инсон дар «Қуръон» ба унвони халифаи Худо ӯро каромат бахшида, амонатдори худ қарор додааст, муаррифӣ гардидааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ин навъ сегона – халифат, каромат ва амонатдорӣ ба инсон ихтисос дода шудааст, дар бораи мавҷудоти дигар ба кор нарафтааст.

## АДАБИЁТ


1. Деҳхудо Алӣ Акбар. Луғатнома, Теҳрон – Донишгоҳи Теҳрон.
2. «Қуръон»-и Карим
3. Мисбоҳи Яздӣ, Муҳаммад Тақӣ, Маорифи Қуръон, ҷ.3 чопи аввал, 1367с -366 саҳ.
4. Таботабоӣ Муҳаммад Ҳусайн. Алмизон фи тафсирулқуръон, чопи дуввум, Теҳрон 1394 ҳ.қ., ҷ.1, саҳ. 117-119,
5. Садриддин Шерозӣ, Муҳаммад бинни Иброҳим. Мафотиҳулғайб. Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ соли 1363, саҳ 330.


## МЕСТО ЧЕЛОВЕКА В СИСТЕМЕ БЫТИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ «СВЯЩЕННОГО КОРАНА»


Священный Коран считается главным и важнейшим источником теоретической и практической философии. Кораническая доктрина о человеке является самой совершенной концепцией о сущности и природе человека. Коран ставит статус человека превыше всего существующего: выше земли, неба, ангелов и т.д., но в тоже время считает его самым ужасным, опасным, хищным и диким животным. С точки зрения Корана, человек является таким существом, которое способно покорить мир, покорить и принудить ангелов к служению; но в то же время он может оказаться в самой гуще адского огня. Согласно Корану, человек - это есть существо, которое должно само думать о себе и само определить свою судьбу»



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Священный Коран, человек, религиозность, духовно-нравственное совершенствование, отрицательные качества человека, проблемы человека.


## PLACE OF THE PERSON IN LIFE SYSTEM FROM THE POINT OF VIEW OF «THE SACRED KORAN»


The sacred Koran is considered the main thing and the most important source of theoretical and practical philosophy. The Koranic doctrine about the person is the most perfect concept about essence and human nature. The Koran puts the status of the person of above all existing: higher than the earth, the sky, angels etc., but during too time considers him as the most awful, dangerous, predatory and wild animal. From the point of view of the Koran, people is such being who is capable to conquer the world, to subdue and force angels to service; but at the same time it can appear in the thick of a hellfire. According to the Koran, the person is there is a being who should think itself of itself and itself to define the destiny»



**KEY WORDS:** Sacred Koran, person, religiousness, spiritual and moral improvement, negative qualities of the person, problem of the person.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Махдави Таловаки*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# АНДЕШАИ ФАЛСАФӢ ВА ТАКОМУЛИИ ИБНИ СИНО (980-1037)


***Муҳаммадисмоили Исмоилии Оҳангар***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**


Номи ӯ Абдуллоҳи Ҳусейн ибни Абдуллоҳ ибни Сино аст. Ӯ дар соли 980 дар деҳаи Афшини Бухоро мутаваллид шуд ва дар соли 1037 дар Ҳамадони Эрон даргузашт ва дар он ҷо ба хок супурда шуд. Ӯ дар Ғарб бо номи Авитсена маъруф аст. Ибни Сино фанҳои фалсафа, равоншиносӣ, дин, риёзиёт, биология, табиатшиносӣ, мусиқӣ, нуҷум ва мантиқро хеле хуб медонист ва доиратулмаорифи илмҳои даврони худ буд. Назарияҳое дар илмҳо дорад, ки ҳанӯз ҳам тавассути донишмандон, назарияпарварон ва муаққиқон мавриди истифода қарор мегиранд. Ибни Сино мантиқу ҳандаса ва ситорашиносиро назди устодони эронӣ, мисли Абӯабдуллоҳи Нотили Мозандаронӣ ва Абӯсаҳли Масеҳи Ҷурҷонӣ омӯхтааст. Ӯ аз тариқи осори фалсафии Форобӣ тавонист баҳсҳои фалсафиро дарк кунад.

**А). Фалсафа аз дидгохи Ибни Сино.** Аз назари Ибни Сино ҳадафи фалсафа иборат аз илм ба ҳақиқатҳои ашё ба андозаи тавоноии инсон мебошад. Ӯ фалсафаро ба ду даста тақсим мекунад: фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ. Фалсафаи назарӣ дар ҷустуҷӯи илм ба ҳакикат аст ва фалсафаи амалӣ дар ҷустуҷӯи илм ва хайр аст.

Ибни Сино фалсафаи Арастуро бо дидгоҳҳои муфассирони Искандария ва фалсафаи навафлотунӣ омехта кард. Ӯ бо истеъдоди хоси худ онҳоро бо назари яктопарастӣ даромехт. Ба ин тариқ, дар фалсафаи машшоӣ баҳсҳое овард, ки он дар асли юнонӣ вуҷуд надошт. Ибни Сино барои фалсафаи юнонӣ эҳтироми бисёр мегузошт, вале саъй дошт, то афкори фалсафии худро бо аҳкоми исломӣ мутобиқат намояд. Ибни Сино асосан як файласуфи вуҷудгаро буд. Ба ин маъно, ки таҳқиқоти фалсафиро мабнӣ бар баҳсҳои вуҷуд ниҳодааст ва илм бар шайъро иборат аз илм ба вуҷуди он шайъ медонад. Ба назари Ибни Сино воқеяти ҳар шайъ дар вуҷуди он шайъ аст ва тамоми фазилатҳо монанди некӣ ва зебоии ашё аз ҷанбаҳои вуҷудии онҳо сарчашма мегирад. Ӯ эътиқод дорад, ки байни тамоми мавҷудоте, ки дар силсиламаротиб мавҷуданд, муҷаррадот ё ақлҳо дар мартабаҳои аъло ва бақияи мавҷудот дар мартабаҳои поинтар қарор гирифтаанд. Ба ин тартиб, аслҳои фалсафии ӯ аз ҷавҳарҳои муҷаррад, сурат,ҷисм ва хайюло (модда) иборатанд. Аз назари ӯ, модда пастарин мартабаи вуҷуд аст.

Ибни Сино аз ҷумлаи касонест, ки дар мавзӯъҳои Арасту батафсил матлаб навиштааст. Ӯ донишҳои ҳафтгонаи файласуфонро дар «Китобушшифо» гирдоварӣ карда, онҳоро дар китоби «Анначот» ва китоби «Ишорот ва танбеҳот» тавзеҳ додааст. Вале дар бисёре аз баҳсҳо бо Арасту ихтилофи назар дорад ва назарҳои худро низ зикр намудааст. «Китобушшифо» доиратулмаорифи илмҳо ва фалсафа дар Эрон ба шумор меравад, ки бахши тибиёти он шӯҳрати ҷаҳонӣ дорад. Ӯ китоби тиббии «Алқонун» ва муҳимтарин китоби фалсафии худро «Ашшифо» ном ниҳод. Ин номгузорӣ ба хотири ин аст, ки Ибни Сино бо ин амал хост бифаҳмонад, ки аҳамияти тибби нафсҳо назди ӯ камтар аз тибби бадан нест. Фалсафаи ӯ мутаассир аз тиб ва тибби ӯ мутаассир аз фалсафа мебошад ва ба таъбири пешиниён, ки фалсафа тибби рӯҳ ва тиб фалсафаи бадан аст, далели ҳамин назар аст. Ибни Сино дар китоби «Ашшифо» барои ҳеҷ баҳсу матлабҳои фалсафиву илмӣ ҷое боқӣ нагузошта, онро тавре навиштааст, ки хонандаҳои он ба китобҳои дигар мӯҳтоҷ набошанд.

**Б). Назарияи такомулии Ибни Сино.** Дар паси такомули айнии ҳамаи намудҳо нерӯи ишқ, ки ҳамаи талошҳо ва ҷунбишҳову пешрафтҳо аз ӯст, дида мешавад. Ибни Сино ишқро ҷустуҷӯи зебоӣ донист ва аз ҳамин ҷиҳат ҳастиро ба се даста тақсим мекунад: 1) он чи дар ҳадафи камол аст; 2) он чи дар ҳадаф нуқсон дорад; 3) он чи воситаи ин ду ҳадаф аст. Сеюмӣ барои ҳастӣ ҳақиқат надорад, зеро он чи ҳаст, ё ба мартабаи камол расидааст, ё аз нуқсон ба камол мерасад. Ормонгароии инсонӣ ҳамоно ҳаракати ишқ ба сӯйи ҷамол аст ва ҷамол аз назари Ибни Сино ҳамон камол аст. Мавҷудот ҷунон сиришта шудаанд, ки аз адам безорӣ меҷӯянд ва дӯст доранд, ки фардияти худро ба суратҳои гуногун намоиш диҳанд. Моддаи номураттаб, ки зотан мурда ва бешуур аст, дар партави нерӯи ниҳонии ишқ суратҳои гуногун ба худ мегирад ва ҳамвора ба дараҷаҳои болотари зебоӣ меравад. Бар асари такопӯи нерӯи ишқ мартабаҳо дар паноҳи ҷаҳони моддӣ падид меоянд:

**1).** Мавҷудоти беҷон аз сурат, модда ва кайфият таркиб ёфтаанд. Кайфият ба мавзӯъ ё ҷавҳари худ тавассути нерӯи ишқ мепайвандад ва моддаи номураттаб ба сурати ҷамъ омада, ҳамвора аз сурате ба сурати дигар мегузарад.

**2).** Нерӯи ишқ хостори тамаркуз ва ваҳдат аст. Пас олами наботӣ, ки пеш аз олами беҷон ва камтар аз олами ҳайвонӣ дархӯри ин тамаркузу вахдат аст, ҳақиқат мегирад. Дар олами наботӣ нафси наботӣ шакл мегирад ва ба се амал мепардозад: а) ғизогирӣ; б) нумӯъ; в) афзоиш. Ин амалиёт чизе ҷуз таҷаллиёти ишқ нест. Ғизогирӣ боиси дарёфти маводи берунӣ ва табдили он ба маводи дарунӣ аст. Нумӯъ боиси афзоиш ва ҳамоҳангии андомҳои бадан аст. Афзоиш василае барои таваллуд ва бақои насл аст, ки сурати дигаре аз ишқ аст.

**3).** Дар олами ҳайвонӣ нерӯи ишқ тамаркузи бештаре меёбад. Пас, мизоҷи ҳайвонӣ ба вуҷуд меояд ва ба ваҳдату такопӯ беш аз пеш имкон медиҳад. Дар олами инсонӣ ин ваҳдат қувват мегирад ва шууру фикрро инкишоф медиҳад.

**В). Анвои ақл аз дидгохи Ибни Сино**. Ибни Сино ақлро ба гурӯҳи назарӣ ва амалӣ тақсим мекунад. Ӯ барои ақли назарӣ марҳалаҳои такомули зерро дар назар гирифтааст: Якум, ақли ҳаюлоӣ, дуюм, ақли билмулк, сеюм, ақли билфеъл, чорум, ақли мустафод.

Бояд гуфт, ки Ибни Сино бунёди назариявии ақлҳои чоргона ва масъалаи ақли фаъолро аз Форобӣ иқтибос кардааст. Марҳалаи аввали ақл: ақл ҳанӯз ҳеҷ нақше напазируфтааст, вале истеъдоди қабули ҳар нақши маънавӣ ё ҳар маъқулиро дорад. Дар ин марҳала ақл ҳаюлоӣ (ақли моддӣ) номида мешавад. Аз он ҷиҳат ҳайюлоӣ гӯянд, ки ба ҳайюлои нахустин, дар зоти худ ба ҳеҷ чи аз сувар мусаввар нест ва барои ҳар навъ шаклпазирӣ истеъдод ва қобилият дорад, ташбеҳ шудааст. Марҳалаи дуюм ақли мумкин ном дорад ва он замоне падид меояд, ки нафси нотиқа аз марҳилаи ақли хаюлоӣ қадаме

болотар гирифтааст. Аз қобилият ва истеъдоди маҳз хориҷ шуда ва ба дарки маъқулоти аввалия ноил шудааст. Ҳадаф аз маъқулоти аввал муқаддимаҳое мебошанд, ки ба ёрии онҳо тасдиқ воқеъ мешавад ва инсон бидуни ниёз ба фикру ёдгирӣ ва касб кардан боварӣ дорад. Мисли ин ки мо эътиқоде дорем, ки кул бузургтар аз ҷузъ аст. Ҳангоме ки ин андоза аз илм ба ақли назарӣ ворид ва ориз шуда бошад, ақл маъқулоти аввалияро дарёбад, он гоҳ ақли билмулк номида мешавад. Марҳилаи сеюм ақли билфеъл аст. Ин қувва замоне падид меояд, ки ақл ба ёрии маъқулоти аввалин ва баъдии худро ба дарки маъқулоти дуюмӣ, ки иктисобӣ ҳастанд, мерасонанд. Ин маълумот дар нафси инсон захира мешавад ва худи фард ба ин огоҳиҳо ва тавоноиҳо боварӣ дорад. Одамӣ медонад, ки он огоҳиро таҳаввул кардааст ва аз они ӯст ва ҳар вақт бихоҳад метавонад онҳоро дар назар биоварад ва ба мутолиаи онҳо бипардозад. Ин марҳала аз нафси нотиқа аз он ҷиҳат ақли билфеъл хонда шуд, ки огоҳиҳо ва маълумот дар он билфеъл мавҷуд аст ва хоҷат ба иктисоби ҷадиди онҳо вуҷуд надорад. Ин ақл, ҳар гоҳ ки бихоҳад, метавонад бидуни иктисобу такаллуф ва ёдгирӣ андеша кунад. Марҳилаи чаҳорум ақли мустафод аст. Он вақте аст, ки нафс бо ҳам ба мушоҳидаи маъқулот мепардозад. Нафс медонад, ки билфеъл ба андешаи онҳо машғул аст. Ақли назариявӣ дар ин марҳила ақли мутлақ мешавад. Яъне, чуноне ки дар марҳилаи нахустин қувваи мутлақ бо қувваи ҳайюлоӣ буд, феълият ёфтааст. Аммо номи мустафод аз ин ҷиҳат ба ин марҳилаи нафси нотиқа дода шудааст, ки маъқулоти он аз ақли дигаре, ки доиман билфеъл аст, мустафод ҳастанд. Пас ҳар гоҳ суратҳои маъқул дар ақл ҳосил шаванд ва ақл онҳоро таҳаввул кунад ва бидонад, ки билфеъл онҳоро таҳаввул мекунад, қувваи ақли мустафод номида мешавад.

**Ақли фаъол** иборат аст аз ҳақиқате, ки пеш бурдани марҳалаҳои чоргонаи ақлро тараққӣ додааст. Ақли фаъол, ки дар хориҷ аз нафси инсонӣ ҷой дорад, ба ақл аз марҳилаи ақли билфеъл ба марҳалаи ақли мустафод ёрӣ мекунад. Нисбияти робитаи ақли фаъол бо нафсҳои инсонӣ монанди робитаи нури офтоб ба қувваи биноӣ аст.

**Ақли қудсӣ**: Ибни Сино илова ба ақлҳои чоргона ба ақли дигаре боварӣ дошт, ки онро ақли қудсӣ номидааст. Ҷинси ин ақл ба назари ӯ аз навъи ақли билмулк ва мартабаҳои болотар аз он дониста шудааст. Касе ба ин мартаба аз ақл ноил мешавад, ки қувваи ҳадс дар ӯ бисёр шадид бошад. Яъне аз шиддати сафо ва иктисор ба ақли фаъол ва мабдаҳои ақлӣ доимо ҳадсро ба кор барад ва суратҳое, ки дар ақли фаъол аст, такрор ё наздик дар нафси ӯ нақш бибандад.

Ибно Сино эътиқод дорад, ки инсон барои ин ки битавонад маҷҳулотро дарк кунад, лозим аст ҳадди воситҳоеро пайдо кунад, ки ба василаи онҳо маҷҳулҳоро ба маълумҳо табдил кунад. Масалан, агар касе маънои манзумаи шамсиро бихоҳад дарк кунад, бояд муқаддимоти илми нуҷумро бидонад, вагарна ҳар қадар ба мағзи худ фишор биоварад, нametaвонад ба мафҳуми манзумаи шамсӣ пай бибарад. Гоҳе иттифоқ меафтад, ки шахс бидуни доштани муқаддимоти кофӣ тез ба ҳадди восит мерасад. Яъне ҳадди восит худ ба худ ба ӯ арза мешавад, мисли ин ки аз олами ғайб ба ӯ илҳом шудааст. Ин кори зеҳнро ҳадс меноманд, ки худ дар муқобили андеша қарор дорад. Қувваи ҳадс дар ҳамаи афрод яксон нест. Баъзе аз мардум бакуллӣ аз он бебаҳраанд ё бисёр камбаҳра ҳастанд. Баъзе дигар ба таври мутавассит аз он суд мебаранд ва иддаи каме ҳам ба ҳадди аъло аз он бархӯрдор мебошанд. Аз назари Ибни Сино бештари анбиёи илоҳӣ ба ин мартаба аз ақл мерасанд ва дар миёни афроди башар бузургтарин саҳмро аз қувваи ҳадс он бузургон бурдаанд.

## АДАБИЁТ


1. Алӣ Абдуллоҳ Дифоъ ва Ҷалоли Шуғӣ. Машоҳири физик дар тамаддуни Ислом. Тарҷумаи Муҳаммадзода Ризо. Нашри Пажӯҳишгоҳи умумиинсонии мутолиоти фарҳанг, чопи аввал. – Теҳрон, 1382. с. 16.

2. Алиакбари Вилоятӣ. Пуёии фарҳанг ва тамаддуни Эрон ва Ислом. Ҷилди 1. Нашри вазорати хориҷӣ, чопи сеюм, – Теҳрон, 1383. 257с.

3. Ибни Сино. Табииёти Донишномаи Алоӣ. Тасҳеҳи Сайидмухаммади Мушкот, чопи 2, Интишороти анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ. – Ҳамадон,

4. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Сайри фалсафа дар Эрон. Тарчимаи О.Х. Ориёнпур, чопи аввал. Интишороти Нигоҳ, – Теҳрон, 1380, с. 49-50.

5. Сайидҳусайни Наср ва Уливер Лиман. Таърихи фалсафаи исломӣ. Ҷилди 1. Тарҷумаи ҷамъе аз устодони фалсафа. Нашриёти Ҳикмат, чопи аввал. –Теҳрон, 1383. – с. 400 - 402.

6. Ҳенри Томос. Бузургони фалсафа. Тарҷумаи Фаридуни Бадраӣ. Интишороти илмии фарҳангӣ. – Теҳрон,1348. с. 10-11.


## ФИЛОСОФСКИЕ ВОЗЗРЕНИЯ ИБН СИНЫ


Гений - великий гуманист, теоретик, энциклопедист выдающийся мыслитель и учёный Востока Ибн Сино, имя в мировом значении - мы знаем как «Авиценна». Его заслуга состоит в том, что его деятельность охватывает значение всей мировой культуры и развития всего человечества. Он освоил такие сложнейшие предметы, как философия, логика, физика, математика, геометрия, арифметика, астрономия, музыка, медицина и ещё ряд бесконечных предметов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Ибн Сино, «Авиценна», гений, философские воззрения, выдающийся мыслитель и учёный Востока.

**PHILOSOPHICAL VIEWS OF IBN SINO**

The genius - the great humanist, the theorist, the Encyclopaedist the outstanding thinker and the scientist of the East Ibn Sino, a name in world value - we know as "Avicenna". His merit consists that its activity covers value of all world culture and development of all mankind. It mastered such most difficult subjects, as philosophy, logic, physics, mathematics, geometry, arithmetics, astronomy, music, medicine and some more infinite subjects.
**KEY WORDS:** Ibn Sino, "Avicenna", genius, philosophical views, outstanding thinker and scientist of the East.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** *Мухаммадисмоил Исмоилии Охангар* – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# МАБНОИ ИШТИҒОЛИ ЗАНОН
## *(Ислом ва Эрон)*

***Фарзонаи Аждарӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҳар ҷомеае аам аз рустоиву шаҳрӣ, кишоварзию санъатӣ, занон соате аз вақти худро ба умури кишоварзӣ ва кор дар марзааву домдорӣ ва дар шаҳрҳо, дар корхонаҳо ва баъдҳо бахше аз вақти худро ба гузаронидан дар муҳитҳои омӯзишӣ ва идорӣ ихтисос доданд. Ин фаъолиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ дар канори кори ихтисосии занон, ки ба унвони вазоифи сегонаи эшон матраҳ аст, яъне ҳамсарӣ, тарбияту нигаҳдорӣ аз фарзандон ва тадбири манзил бо хонадорӣ қарор гирифт.

Дар тамоми ҷавомеъ навъи тақсими кор вуҷуд дорад, ки дар ин тақсимбандӣ корҳои хоси занон аст ва корҳои хоси мардон. Аммо моҳияти корҳое, ки ба василаи мард ё зан анҷом мешавад, дар ҷавомеъ мухталифу мутафовут аст [1], ки ба фарҳанг, урф, одот ва таърихи ҳар кишваре иртибот дорад.

Бо инқилоби санъатии садаи XIX кори муздӣ аз ихтисосӣ будани мардон хориҷ шуд ва занон низ вориди кори муздӣ шуданд. Ба табъи он кор, занон аз хона ҷудо ва ба корхона ва идороту амсоли он мунтақил шуданд ва ба ин тартиб, занон низ арсаи фаъолияти ҷудо аз хона касб карданд.

Ба далели эҷоди ниёзҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, рӯҳӣ ва равонӣ, занон ниёз ба машоғиле доштанд, ки даромадзо буда, ба истиқлоли миллии онон кӯмак намояд. Ин тағйирот кам-кам дар барномарезиҳои баландмӯддат ва кӯтоҳмуддати давлатхо мадди назар қарор гирифт.

Баррасии таърихчаи кори занон, иртиботи печида миёни кор дар хона ва кор дар бозорро ошкор мекунад[2]. Дар мафҳуми ҷадид иштиғоли занон ба он навъ аз фаъолиятиҳои иқтисодӣ итлоқ мешавад, ки дар соати муайян ва дар азои музду дур аз хона анҷом шавад [3].

Дар ин шакли ҷадид, иштиғоли занон аз вазъияти инъитофпазир ва ихтиёрӣ, ки дар гузашта доштанд, ба вазъияти истихдомӣ ва ғайриихтиёрӣ табдил шуда, дастхуши ифроту тафритҳое аз сӯи соҳибназарону андешамандон гардид ва дидгоҳҳои гуногуни мувофиқу мухолифи он матраҳ шуд.

**Нигариши Ислом ба иштиғоли занон.** Ба рағми таъкиди Қуръони Карим ва Суннати набавӣ (с) роҷеъ ба ҳуқуқи фардиву иҷтимоии занон ва таъкид бар риояти ин ҳуқуқ аз тарафи ҷомеа, ҳамсар, падар ва дигарон дар тӯли таърих, ба далели нигаришҳои ҳамроҳ бо эҳтиёти ифротӣ, заминаи инзивои занон ҳамвора дар кишварҳои исломӣ ва дар Ғарб ба навъи дигар дида шудааст. Масоили занон чи дар заминаи ҳуқуқӣ, чи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ, аксаран бо нигоҳи воҳид мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст, ҳол он ки бояд ба сохтори табиӣ ва ниёзҳои фитрии онон дар тасвиби қавонин ва таҳлилҳои гуногун марбут ба ин гурӯҳ таваҷҷӯҳ шавад ва ба қавли марҳум дуктур Шариатӣ (ҷомеашинос ва исломшиноси мутааххири Эрон), «Масъалаи зан чи аз назари эҳсос ва чи аз назари иҷтимоъ, ҳамчунон дар қарни мо матраҳ аст ва чун илм натавонистааст онро ҳал кунад, хоҳ нохоҳ дар марҳалаи ақида мондааст» [4]. Масъалаи иштиғоли занон монанди дигар масоили онон дастхуши фарозу нишебҳое қарор гирифта, ки ҳеҷ мабнои шаръӣ урфӣ ва табиӣ надорад. Иштиғоли занон ба маънои кори даромадзо ба худи худ ҳеҷ мамнуъияте дар Ислом надорад [5], балки ёрӣ расонидани зан ба шавҳар дар умури дунявӣ ва ухравӣ, ба унвони яке аз вижагиҳои занони шоиста мавриди таъкид қарор гирифтааст. Улгӯи иштиғол мавриди таваҷҷӯҳи Ислом, тақсими кори ҷинсиятӣ ва бар асоси адолати ҷинсиятист. Ба ин маъно, ки кори зан муносиб бо тавону нерӯ ва ҳифзи кароматии вай ҳамроҳ бошад.

Ҷумҳурии Исломии Эрон бар асоси таолими исломӣ аз миёни ҳамаи ин таобир ва таърифҳо рӯйкарди ҷадидеро ба номи «Адолати ҷинсиятӣ» матраҳ сохтааст. Дар ин ҳинҷор мӯълафаҳои адолат дар ҳама ҷанбаҳои зиндагии фардиву ҷамъӣ ва омӯзишӣ барои занон вуҷуд дорад, ки ҳама дар гиру табйини ҳувияти зан (шоистагиҳо, фаъолиятҳо ва вижагиҳои мунҳасир ба фарди ӯ) мебошад. Атои ҳуқуқи иҷтимоӣ, аз ҷумла моликияти фардӣ, истиқлоли иқтисодӣ, ҳақи кору тиҷорат ва дар айни ҳол

мутааҳид сохтани мард ба таъмини зиндагии вай, ба гунае ки ҳатто барои шир додани кӯдак метавонад дастмузд аз ҳамсари хеш мутолаба намояд ва низ тасовии ҳуқуқи инсонии ӯ бо мард, аз авомилест, ки занро дар ҷомеа муқтадир ва дар баробари мард, ки ҳамроҳ мехоста бар зан тасаллути мустабидона дошта бошад, мустақил сохтааст. Ислом, дар айни ҳол, ки бо табъизоти мавҷуд миёни зану мард ба шиддат мубориза мекунад, аз мусовоту баробарӣ миёни ин ду (ғайр аз масоили ибодӣ ва маънавӣ) низ ҷонибдорӣ намекунад. Ислом на тарафдори табъиз аст, на мӯътақид ба тасовӣ, балки мекӯшад, то дар ҷомеа ҳар якеро дар ҷойгоҳи табиӣ ва ҳақиқии хеш биншонад. Табъизро ҷиноят медонад ва тасовиро нодурусту нораво. Дар тамоми ҷавомеъ навъи тақсими кор бар ҳасби ҷинсият вуҷуд дорад, ба ин маъно, ки вазоифи сегонаи занон хоси эшон ва корҳои хоси мардон аст. Вале бо гузашти замон ва тағйири сохторҳои иҷтимоӣ, ҳавзаи фаъолияти занон аз маҳдудаи хона фаротар рафта, шомили касб доштану иттилоот, интиқоли иттилооту таҳқиқот ва ироаи хидмат ба ҷомеа, бо истифода аз таҷриботи зиндагӣ ва воқеӣ шудааст. Ҳамзамон, бо пешрафти илму технолоҷӣ ва тағйири сохтори иқтисодии ҷавомеъ, занон ҳуқуқи тоза ҷиҳати ҳузури иҷтимоӣ ба даст овардаанд. Ҳар навъи фаъолияти илмӣ, фарҳангӣ, тиҷорӣ, иқтисодиву сиёсӣ ва… барои зан муҷоз дониста шудааст ва занон дар умури молӣ худ мустақил буда, даромади онон хоси эшон аст.

Касби мавқеиятҳои шуғлӣ, манут ба ҳусни интихоби ҳар як аз зану мард дар шинохти истеъдодҳои ҷисмиву рӯҳӣ ва ёфти массири муваффақият мутаносиб бо мавқеият ва авзоу аҳволест, ки интихоби шуғл низ аз ин амр мустаснӣ нест.

Бо нигариши мусбат ба масъалаи иштиғоли занон ҳамвора бояд бо рафъи мавонеъу кайфият, ҳузури эшон дар саҳнаҳои гуногун ва эҷоди тадобир муносиби замону макон ва иқтизоноти рӯз андеша шавад. Ва шеваи кори омаде, ки бо ҳифзи ҳуқуқи хонавода тавъам бошад, мадди назар ва мавриди таъйид қарор гирад.

Барои ҷилвагирӣ аз ҳар гуна ифроту тафрит, ироаи улгӯии муносиби иштиғол барои зани мусалмон ва таърифи ҷадиде аз он шоиставу боиста аст. Имрӯз иштиғол ба монанди мушорикати иҷтимоии занон ва муассир дар мушорикати сиёсии эшон дар назар аст.

Беҳбуд бахшидан ба вазъияти занон ва ба табъи он ҷомеа дар канори авомили сохтории дигар, ба мушорикати иҷтимоиву сиёсӣ ва ба вижа дар саҳнаҳои мудирият ва иқтисод, ки аз вазоифи муҳимест, зарурӣ мебошад, зеро «мушорикати як меъёри арзишманд дар микёси ҷаҳонист ва барои шаҳрвандони марду зан як унсури ҳаётӣ дар расидан ба таолии иҷтимоӣ мебошад» [6].

Эҷоди фурсатҳои шуғлӣ барои занон дар канори корҳои хонагии сегонае, ки бар ӯҳда доранд, фаробандиест, ки дар тавсиаи ҳар кишваре қобили радабандист ва ғайр аз таҳсилу тахассус, яке аз ҷанбаҳои мушорикати хоси занон аст, ки дар қонун низ барои он пешбиниҳое шудааст.

Ҷомеаи адолатмеҳвар, ҷомеаест, ки ба таври нисбӣ фоқиди табъизҳои нораво ва нобаробариҳои иҷтимоиву таъзиботи фарҳангӣ ва қавмӣ бошад ва имконот ба таври мусовӣ бо таваҷҷӯҳ ба вижагиҳои ҳар гурӯҳ дар ихтиёри онон барои дастёбӣ ба пешрафту тараққӣ қарор гирад.

Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки доиядору парчамдори адолати иҷтимоӣ дар дунёст, ба ин муҳим дар қавонин ва низ дар иҷро таваҷҷӯҳ шудааст.

Мабнои нигариш ба иштиғоли зан дар Ҷумҳурии Исломии Эрон «адолати ҷинсиятӣ» ба ҷои «тасовии ҷинсиятӣ» мебошад, ки баргирифта, аз таъолими Қуръон ва мутуни дигари Ислом аст.

Навъи ҳузури зан дар ҷомеа ва ҷойгоҳи ӯ чи дар мақоми иштиғол ба шуғли бодаромаду дур аз хона ва чи аз навъи иштиғолҳои хонагӣ ё вазоифи хонадорӣ ва тарбияти фарзанду ҳамсардорӣ, ба таъриф аз «ҳувияти зан» бозмегардад.

Мабнои иҷтимоии ҳузури зан дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бо таваҷҷӯҳ ба ҳувияти инсонӣ, илова бар ҳувияти зан будан, ҳамсарӣ ва модарист.

Бинобар ин, ҳар ҷойгоҳ мақоми моддигароёнаи шоистаи зан нест, балки ҳувияти зан дар гиру фасонаест, ки касб мекунад ва дар навъи муодилоти иҷтимоист, ки бо ин ҳувияти асил каромат мебахшад.

Бинобар ин, тасовӣ ва баробархоҳие, ки ба воситаи ҷинсу ҷинсият дар макотиби ғарбӣ ва фаминист матраҳ аст, дуни шону манзалати зани мусалмон дониста шудааст.

Дар таолими пешвоёни Ислом, аз Алӣ (а) нақл шудааст, ки: Дар номае, ки ба фарзандашон, имом Ҳасан (а) навиштаанд, дар мавриди зан чунин сифориш доранд, ки «умури фавқи тавони занро ба вай вомагузор, ба ин далел, ки зан гул (латиф) аст, на шахсе, ки дар ҳар амре тавоноӣ дошта бошад» [7].

Нигоҳи ислом ба зан бисёр васеъ ва ба дур аз тангназариҳои роиҷбуда ва ҳузури иҷтимоии вай дар канори масъулияти хона ва хонадорӣ бо таъкид бар ҳувияти воқеии зан ва ё табйини тафовутҳои байни зану мард мебошад [8].

Бар асоси он чи гуфта шуд, ҳузури иҷтимоии зан ва таомили вай дар ҷомеа ба манзури иштиғол ва ироаи хадамот низ, бояд тобеи чунин табйине аз ҳувияти зан ва ҳамроҳ бо маърифат ва тавоноии

ҷисмиву рӯҳии вай бошад, чаро ки кори хориҷ аз тавони зан бахусус? ин ки дар канори кори хонагии вай бошад, ҷисму рӯҳи занро дастхуши фарсоиш қарор дода, ӯро дар анҷоми вазоифи фардӣ ва иҷтимоӣ нотавон месозад.

Дар як намунагирӣ, дар соли 1971 аз корзанони хонадор ин натиҷа ба даст омад, ки «занон ба таври миёнагин 77 соат дар ҳафта ба хонадорӣ мепардохтанд.

Поёнтарин мизон, яъне 48 соатро зане сарф мекард, ки кори тамоми вақт (берун аз хона) ҳам дошт ва болотарин мизон 105 соат буд» [9].

Кору иштиғоли хориҷ аз хона кори изофист, ки бар занон ба воситаи таҳаввулоту тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳмил мешавад.

Бояд дар ин замина, машоғилеро эҷод кард, ки зан дар сурати лузуму вуҷуби ниёз ба кор ва доштани дастмузд, бо фарсоиши камтаре аз аз назари ҷисмӣ ва рӯҳӣ ҳамроҳ бошад.

Яке аз мушкилот, дар хусуси иштиғоли занон низ ҳамин адми вуҷуди шуғли муносиб барои онон аст, ки аз тарафе бо вазъияти табиӣ ва ҷисмии зан муносиб бошад, аз тарафи дигар, монеи анҷому вазоифи модарӣ ва дигар вазоифи хонагии вай набошад, ки ин мушкилест, на танҳо дар Эрон, балки дар ҳама ҷавомеъ, дар робита бо кори занон вуҷуд дорад.

Ҷумҳурии Исломии Эрон дар сададаст, ин чолишро дар партави маърифат ҳосила аз маорифи Ислом ва эҷоди таодил муртафеъ созад ва бар асоси адолати ҷинсиятӣ, ки ба ҷаҳон низ пешниҳод мекунад, ба ҷои тасовӣ ва баробарӣ бо мардон, ки онро зулму ситам ба зан медонад, ба адолати созмонӣ ва иртиқои ҷойгоҳи занон дар ҳавзаи саҳмиябандии занону мардон иқдом намояд ва дар ин навъ тақсимбандӣ бахшҳои созмонӣ, бо таваҷҷӯҳ ба қобилиятҳои вижа ва мунҳасир ба фарди занон баргирифта, аз нақши мукаммали онон таъриф мегардад, на бар асоси ҷинсу ҷинсият, ки саҳмиябандиро илзомӣ менамояд.

Чунончи, дар бархе аз кишварҳои ғарбӣ, сирф риояти баробарии теъдоди зану мард дар ниҳоду давонири давлатӣ илзомист [10].

Риояти тасовии қавонин дар миёни занону мардон дар касби ҷойгоҳҳои шуғлӣ, бидуни дар назар гирифтани тавонмандиву шоистасолорӣ, ҷомеаро ба сӯи сустӣ ва азкориафтодагӣ савқ хоҳад дод. Ва рафта-рафта, ҷойгоҳи зану мард дастхӯш тағйир мешавад.

Дар риояти ҷинсиятӣ, бидуни ҳеҷ чолише марду зан дар ҷойгоҳи шоистаи худ қарор мегиранд, ҳол он ки системаи баробарии ҷинсиятӣ, ба ҳадар рафтани тавоноӣ ва ба хатар афтодани саломатии зан чолишҳои зиёде дар ҷомеа алайҳи зан эҷод мешавад.

Адолати ҷинсиятро, ки ба ҷои тасовӣ ва баробарии ҷинсиятӣ пешниҳод мешавад метавон чунин таъриф кард: «Нигариш бархоста аз шоистагиву такрими зан ва додани ҷойгоҳи шуғли шоиста ба ӯ, чунон ки мардон аз он бархӯрдоранд», адолати ҷинсӣ, саодати башариро бо аҳамият бахшидан ба ҳувияти воқеии зан таъмин менамояд ва аз ба коргирии занон дар машоғиле, ки аз ҳадду тавони онҳо ба ҷиҳати ҳувиятӣ ва хилқатӣ хориҷ аст, пешгирӣ карда, ҷойгоҳи шоистаи вайро бо дар назар гирифтани тафовутҳо ва адолати табиии ду ҷинс таъйин мекунад. Зан дар ин нигариш бо ҳифзи ҳувият ва каромати худ, илова бар нақши табиӣ, ба нақшҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии худ ба нисбати тавонмандиҳо ва тавоноиҳояш ноил шуда, нақши модарӣ ва ҳамсарии ӯ хадшадор намегардад ва ҷомеа дар амнияти рӯҳӣ ва равонӣ қарор мегирад.

Вазъияти бозори кори занон дар солҳои мухталиф, бино ба шароити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, дастхуши тағйироту навсонотӣ будааст, вале ба таври куллӣ, дар қавонини Эрон бахусус, дар қонуни асосӣ ба ин муҳим таваҷҷӯҳ шуда, ба таври одилона, барои ин муҳим пешбиниҳо ва заминасозӣ ҷиҳати вазъи қавонин шудааст.

Бо шаклгирии инқилоби исломии Эрон ва таъкиди раҳбари кабири Инқилоб (Имом Хумайнӣ, р.), бар нақши муассири занон дар пирӯзии Инқилоб ва арсаҳои иҷтимоии занон ба ҳузур дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ тарғиб шудаанд.

Имом Хумайнӣ ба зан ва ҳузури иҷтимоии эшон чунин назар дошта, ки: «дар низоми исломӣ зан ҳамон ҳуқуқеро дорад, ки мард дорад, ҳақи таҳсил, ҳақи кор, ҳақи моликият, ҳақи рой додан ва ҳақи рой гирифтан»[11]. Дар даврони Инқилоб ва ҷанг занон монанди мардон дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва ҳамагонӣ нақш ифо карданд. Пас аз поёни ҷанг ва оғози даврони созандагӣ, арсаҳои мухталифи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва... барои ҳузур ва фаъолияти занон муҳаё гардид.

Бо боз шудани арсаҳои гуногун барои ҳузури воқеии занон дар заминаҳои касбии илму маърифат, бисёре аз занон ва духтарон вориди арсаҳои омӯзиши илмӣ шуда, дар таҳсилу касби рутбаҳои болои илмӣ мувафақ буданд, бисёре дигар, дар муҳитҳои омӯзишӣ машғул ба тадрис шуданд ва бо ҳадафи сохтани насли ҷавони оянда, кишварро тазмин намуданд.

Шароити даврони созандагӣ ва шукуфоии инқилоб ниёзи ҳар чи бештари ҳузури занон дар арсаи созандагӣ ва тавсиаи кишварро намоёнтар сохт ва ин фикрро, ки аз ибтидо тавассути мухолифони инқилоби исломӣ дар ҷаҳон, бахусус, дар мавриди занон шоеъ сохта буданд, маҳв

карданд, зеро ки «дар солҳои ибтидоии инқилоб, ин таваҳҳум пеш омад, ки занон бояд сирфан нақши суннатии худро ифо карда, танҳо ӯҳдадори умури манзил бошанд».

Дар даврони созандагӣ, ниёз ба ҳузури фаъоли занон ба унвони ниме аз ҷамъияти фаъоли созанда, пӯё ва тавонои кишвар эҳсос шуд ва бо лағви бисёре аз маҳдудиятҳои ҷинсиятӣ, ки дар риштаҳои донишгоҳӣ, бахусус, риштаҳои фаннӣ – муҳандисӣ барои занон вуҷуд дошт. Занон тавонистанд тавоноиҳои воқеии худро дар омӯхтани сахттарин ва ҳасостарин риштаҳои таҳсилӣ ва пиёда кардани дақиқ, маҳоратҳои илмии худро дар арсаҳои гуногуни созандагӣ нишон диҳанд.

Дар Эрон, қонуни асосӣ муҳимтарин пуштивонаи ҳузури иҷтимоии занон дар арсаҳои кору фаъолиятҳои тавлидиву иқтисодӣ мебошад, ки бар фаъолиятҳои иқтисодии занон ва лузуми ҳимояту пуштибонии давлат ва масъулини иҷроияи кишвар таъкид дорад.

Асли 20-и қонуни асосӣ: «Ҳама афроди миллат, аъам аз зану мард, яксон дар ҳимояти қонун қарор доранд ва аз ҳама ҳуқуқи инсонӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо риояти мувозини исломӣ бархӯрдоранд» [12].

Дар қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон, илова бар аҳамият додан ба нақши модарии зан ва таъкид бар ҳифзи каромат ва ҳувияти инсонии зан, ҳақи мусовӣ бо мардон дар заминаи таҳсили илм ва иштиғол ба кор, муайян шудааст. Ба таври мисол, асли саввуми қонуни асосӣ, дар банди 14 бар таъмини ҳуқуқи ҳамаҷонибаи афрод, аъм аз зану мард ва эҷоди амнияти қазоии одилона барои ҳама ва тасовии умум дар баробари қонунро таъкид мекунад.

Асли 21-и ҳамин қонун, ба таври сареҳ, давлатро мувазафф мекунад, ки ҳуқуқи занонро дар тамоми ҷиҳати бори оияти мувозини исломӣ тазмин намуда, умури зерро анҷом диҳад:

«1. Эҷоди заминаҳои мусоид барои рушди шахсияти зан ва эҳёи ҳуқуқи моддӣ ва маънавии ӯ.

2. Ҳимояти модарон, ба хусус, дар даврони бордориву ҳазонати фарзанд ва ҳимоят аз кӯдакони бесарпараст.

3. Эҷоди додгоҳҳои солеҳ барои каёну бақои хонавода (додгоҳи хоси хонавода).

4. Эҷоди бимаи хоси бевагону занони солхӯрда ва бесарпараст».

Дар қонуни асосии Эрон барои хонавода ва вазифаи занон дар ҳифзу бақои насл, ҷойгоҳи махсусе қоил шудааст, ки дар муқаддимаи қонуни асосӣ бар ин масъалаи муҳим сареҳан ишора мекунад.

«Зан зимни бозёфтани вазифаи хатир ва пурарҷи модарӣ дар парвариши инсонҳои мактабӣ пешоҳанг ва худ ҳамразми мардон дар майдонҳои фаъоли ҳаёт мебошад. Дар натиҷаи пазироии масъулияти хатиртар ва дидгоҳи исломӣ бархӯрдор аз арзиш ва каромати волотар хоҳад буд».

Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломӣ, баргирифта аз манобеи динӣ буда, аз ҷамеи ҷиҳот маслиҳати занонро лиҳоз кардааст, бо ин дидгоҳи машоғили сахт ва зиёновар, ки муносиб бо табиати вуҷудии занон буда, шахсияту каромати вайро хадшадор месозад, мамнӯъ гардидааст. Ин масъала дар қавонини мавзӯӣ, аз ҷумла, қонуни кори Ҷумҳурии Исломии Эрон низ тасреҳ шудааст.

Мубҳаси чаҳорум аз фасли саввуми қонуни кор, муқаррароти хоси кори занонро матраҳ месозад, ки дар моддаи 75 ин қонун мегӯяд: «Анҷоми корҳои сахту зиёновар ва низ ҳамли бор бештар аз ҳадди миҷоз барои коргарони зан мамнӯъ аст» [13].

Дар моддаи 76-и ҳамин қонун барои модарони машоғил 90 рӯзи мурахасии даврони зоймон ва бордорӣ пешбинӣ шуда ва низ дар моддаи 77 ҳамин қонун пешбинӣ карда шудааст, ки агар навъи кор барои занон сахт ва хатарнок бошад, кори беҳтару сабуктар ба вай ирҷоъ шавад. Муҳимтар аз инҳо, масъалае, ки ҳатто дар кишварҳои мутараққӣ ба он бетаваҷҷӯҳӣ ва ё камтаваҷҷӯҳӣ шуда, дарёфти ҳуқуқи баробар бо ҳамкорони мард дар шароити мусовӣ мебошад.

Моддаи 38 қонуни кори Ҷумҳурии Исломӣ: «Барои анҷоми кори мусовӣ, ки дар шароити мусовӣ дар як коргоҳ анҷом мегирад, бояд ба зану мард дастмузди мусовӣ пардохт шавад, «табъиз дар таъйини мизони дастмузд, бар асоси син, ҷинс, нажод, қавмият ва эътиқоти сиёсиву мазҳабӣ мамнӯъ аст» [14].

Ба ин тартиб, мебинем, ки заминаи фаъолияти касби шуғлу даромади мустақил барои занон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон низоманд буда, дар ҳимояти қонун қарор дорад. Ба тавре ки замина барои занон дар пардохтан ба машоғиле, ки дар шону мутаносиб бо рӯҳия ва ҳурмати хонаводагии эшон бошад, фароҳам шавад ва ҳеҷ гуна мамониате барои кор аз лиҳози қонун ва ҳамчунин шаръ вуҷуд надорад. Ин масоил  ва низ эҷоди тасҳилот дар касби ҷойгоҳи мудирият барои занон.мавриди таваҷҷӯҳ ва таъкиди раҳбарону масъулин ва коргузорон дар низоми Ҷумҳурии Исломӣ мебошад. Ҳар гуна мамониат аз ин амр бо пуштивонаи қонунӣ ва қазоӣ қобили пайгарду пайгирӣ аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва таъкиди раҳбарони бузургвори кишвар, давлатҳо мувазафанд, ки дар барномаҳои баландмуддат ва кӯтоҳмуддат ва низ дар тасмимгириҳои рифоҳӣ, беҳдоштӣ, шуғлӣ ва амниятӣ заминаи иштиғоли занонро бо таваҷҷӯҳ ба омори таҳсилкардагони зан дар кишвар муҳаё созанд.

Эҷоди имконоти лозим, аз ҷумла, ҳимоятҳои қонунӣ дар заминаи бима, кори нимавақти занон, тасҳилот ҷиҳати кӯмак дар нигаҳдории фарзандон, бознишастагиҳои пеш аз мавъид ва низ пардохти сахтии кор ба занон, ба таваҷҷӯҳ ба кор музоаф доштан ва низ эҳтисоби кори хонагӣ, ба унвони кори боарзиш афзуда метавонад; ба занон дар доштани шуғл, даромад ва бима кӯмак карда, умед ба зиндагиву шодобӣ ва рӯҳияи мақовиму эътиқод ба нафс барои парвариши наслҳои ояндаро фароҳам созад.

Афзоиши муҳими занон барои мушорикат дар саҳнаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иктисодӣ ва фарҳангӣ инкорнопазир аст. Ин амри кӯмаки давлатҳо дар эҷоди тамҳилот бар асоси адолати ҷинсиятиро қатъитар мекунад.

Ба назар мерасад, ки имрӯз, масъалаи иштиғоли занон аз ҳадди боядҳои иҷтимоӣ фаротар рафта, дар зумраи воҷибҳои зарурии аклӣ қарор мегирад. Зеро, агарчи бар ҳасби шароити иҷтимоӣ ва хонаводагӣ ба таври қонунӣ, шаръиву урфӣ дар ҷавомеи исломӣ таъмини маоши хонавода бар ӯҳдаи мардон аст, вале баъзе мардон ба далоили гуногун, аз ҷумла беморӣ, бекорӣ, адами тавоноӣ дар таъмини махориҷи зиндагӣ аз ин чаҳорчӯб хориҷ мешаванд ва ё занони муҷаррад, ки таҳти такаффули касе нестанд, ё занони шавҳардоре, ки шавҳарони эшон бино ба далоиле, аз касби даромад ва аз пардохти нафақа оҷиз ҳастанд ва ё заноне, ки шавҳарони эшон хонаводаро тарку раҳо кардаанд ва анвои дигар аз навъи эшон барои таъмини ниёзҳои аввалияи ҳаёту зиндагӣ, ниёз ба кору ҳирфа ва машғули муносиб бо даромади кофӣ барои таъмини зиндагӣ доранд.

Бояд барои ин қишр аз занон тадобире дар ҷиҳати таъмину ҳимоятҳои иҷтимоӣ андешида шавад, ғайр аз созмонҳои ҳимоятӣ аз ин занон, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон вуҷуд дорад, монанди Кумитаи имдоди Имом Хумайнӣ ва созмони беҳзистӣ, ки сарпарастии ин занонро ӯҳдадор мешаванд, иштиғол ба кор ва даромад барои ин навъ занон воҷибу зарурист, ки хоҳ-нохоҳ, бояд дар мадади рафъи мушкилот мавҷуд бувад.

Ҳатто, барои модароне, ки бино ба шароити хонаводагӣ, яъне доштани авлоди сағир ё маълул, ё камсаводу бетахассусе, ки қудрати таъмини худ ва хонаводаро надоранд, ҳукумат бояд ва лозим аст, ки ғайри вазифа таъмини маошу сарпарастӣ, заминаи кору талоши даромадро низ фароҳам намояд.

**Хулоса.** Инқилоби ислом бо раҳнамудҳо ва дидгоҳҳои раҳбари кабири инқилоби исломӣ, Имом Хумайнӣ, тағйир дар сиёсатҳои куллии кишвар ва тағйири нигариш ба масоили занон, рӯйкарди фаъолияти занон аз хона ба муҳити иҷтимоӣ, тарҳи вуҷуби ҳузури занон дар ҷараёни пирӯзии инқилоб, монанди мардон ва ҳатто пешравтар аз онон, тавассути раҳбарии инқилоб, занонро мудаъӣ доштани ҳуқуқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиву омӯзишӣ мусовии мардон намуд. Ҳузури занон дар ташаккул ва фаъолиятҳои занон дар муҳитҳои омӯзишӣ, таҳсилӣ… ва тавқеоти эшонро аз қонунгузорон ва барномарезону мудирони иҷтимоӣ бештар намуд ва интизори тағйиру эҷоди роҳкорҳои қонунӣ ва шаръӣ бо таваҷҷӯҳ ба мафтӯҳ будани боби иҷтиҳод ва тағйир дар муқтазиёти шаръиро дар ин қишри азим ба вуҷуд овард.

Масъалаи иштиғоли занон, ки мутаззамин даромаду равнақи иқтисодӣ барои занон мебошад, яке аз бахшҳои фаъолияти иҷтимоии онон аст. Барномаҳои тавсиа дар ҳар кишваре бо ҳадафи иртиқои сатҳи зиндагии ҳама афроди ҷомеа тарроҳӣ мешавад. Дар ин миён занон интизор доранд, ки таҳаввулоту барномарезиҳои калон шомили ҳалли онон низ шуда, тағйироти мусбат дар беҳбудии кайфияти зиндагии онон ба вуҷуд ояд. Дар ҳоли ҳозир вазъияти занон дар ҷомеаи мо ба гунаест ки ниёзманди ин таваҷҷӯҳ ва тағйир, то дастёбӣ ба сатҳи матлуби зиндагии фардиву иҷтимоӣ тавом бо кароматн инсонӣ мебошад. Таи се даҳа баъд аз инқилоби исломӣ таҳаввулоти густурда ва амиқ дар ҳамаи сутуҳ, ҷомеаро мутаҳаввил сохта, дар бахши занон низ ба вузӯҳи ин тағйиру таҳаввулот дида мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Қуръони Карим. Тарҷумаи Алоҳии Қаъшаӣ.
2. Наҳҷулбалоға. Тарҷ. Файзулислом.
3. Обут Помило, Волос Клар. Ҷомеашиносии занон. Тарҷ. Манижа Наҷми Ироқӣ. – Теҳрон, чопи панҷум, 1387.
4. Заъфаронҷӣ, Лайло Содот. Иштиғоли занон. – Теҳрон - /Маркази умури занон ва хонаводаи Раёсати ҷумҳурӣ, 1388.
5. Шеросби Набавӣ Алӣ. Зан дар чашму дили Муҳаммад (с). – Теҳрон, «Нури ҳикмат», 1374.
6. Табйини мабонии адолати ҷинсиятӣ. /Вазорати умури хориҷаи ҶИЭ. – Теҳрон, 1377.
7. Муҳаммад Ризо. Зебоии Нажод. Ҳувият ва нақшҳои ҷинсиятӣ. //Дафтари мутолиот ва таҳқиқоти занон. – Қум - Баҳор, 1388.
8. Ҳуромилӣ Муҳаммад бини Ҳасан. Васоил-ушшиъа, ч. 20, с. 170.
9. Бӯстон (Наҷафӣ) Ҳусейн. Ислом ва тафовутҳои ҷинсиятӣ. //Пажӯҳишгоҳи ҳавза ва Донишгоҳ. – Қум - Баҳор, 1388.
10. Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Эрон. //Тадвини Ғуломризо Ҳуҷатии Ашрафӣ. – Теҳрон, «Ганҷи дониш», 1388.
11. Қонуни кор. //Тадвини Ҷаҳонгир Мансур. – Теҳрон, 1381.

12. Оят Алохӣ Захро. Маншури ҳуқуқ ва масъулиятҳои занон дар низоми Ҷумҳурии исломии Эрон. /Маркази умури занон ва хонаводаи Раёсати ҷумҳурӣ. – Теҳрон, 1386.

## ОСНОВЫ ЗАНЯТОСТИ ЖЕНЩИН
## *(ИСЛАМ И ИРАН)*

Сегодня вопрос занятости женщин является одним из основных условий общественного устройства, характеризующий совокупность отношений по поводу их участия в трудовой и общественной деятельности. Занятость, является не только источником дохода, обеспечивающим достойный уровень и качество жизни семьи, но и важнейшей предпосылкой развития и дальнейшего экономического роста. Вопрос занятости, является одним из основных условий общественного устройства, характеризующих совокупность отношений по поводу участия женщин, в трудовой деятельности. В статье изложено современное состояние и пути решения проблемы занятости женщин. в Исламской Республике Иран.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** человеческое развитие, потенциал, рынок труда, занятость, экономический рост, проблема занятости женщин, Ислам, иранское общество.

## BASES OF EMPLOYMENT OF WOMEN (ISLAM AND IRAN)

Today the question of employment of women is one of the main conditions of the social system, characterizing set of the relations concerning their participation in labor and public work. Employment, is not only the source of the income providing worthy level and quality of life of a family, but also the most important precondition of development and further economic growth. The employment question, is one of the main conditions of a social system characterizing set of the relations concerning participation of women, in labor activity. In article the current state and solutions of a problem of employment of women is stated. in the Islamic Republic Iran.

**KEY WORDS:** human development, potential, labor market, employment, economic growth, problem of employment of women, Islam, Iranian society.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фарзона Аждари*** – соискатель Таджикского национального университета

# МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛИИ ЭРОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИМИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Амонулло Шуҷоӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҳоҷирати инсонҳо аз маконе ба макони дигар аз замонҳои қадим мавҷуд буд ва ҳеҷ гоҳ қать нагардидааст. Вале муҳоҷиратҳои беравия ва беқоидаи кунунӣ ҳосили тавсеаи номутавозини ҷомеа аст ва барномаи натиҷабахше барои анҷоми он мавҷуд нест ва ба далели ҳамин бебарномагӣ мушкилотеро ба вуҷуд овардааст.

Бисёр равшан аст, ки ҳеҷ кишваре ва ё абарқудрате муҳоҷиратҳои беравия ва бесарусомон ва ҳинҷорҳои иҷтимоиро намеписандад ва бо эҷоди нобасомонӣ ва осебҳои гуногуни иҷтимоӣ амнияти ҷомеаро ба хатар биандозад. Аммо озодии муҳоҷиратҳои дохилӣ ва набудани имкони манъи таҳарруке ба ҷобаҷои он ва гуногунии мавридҳо боис шудааст дар бисёри мавқеъҳо ин раванди бесарусомонии муҳоҷират идома дошта бошад. Тавзеи номутавозини имконот ва рушди номутавозини баъзе аз шаҳрҳо ки ба харобӣ ё набудани таваҷҷӯҳ ба соири шаҳрҳо ва мардумони он дар як садсолаи гузашта ба ин тараф ва ба вижа пас аз ислоҳоти арзӣ сурат гирифт ва боиси халогии даромади байни русто ва шаҳр, ва инчунин шаҳрҳои кӯчак бо калоншаҳрҳо гардид.

Огоҳии рустоиён ва сокинони шаҳрҳои кӯчак аз авзоъ ва аҳволи калоншаҳрҳо боис шудааст, то ки рустоиён ҳасади тавоное, ки доранд наздикарин шаҳр ва рустои худ ва ё яке аз калоншаҳрҳоро барои зиндагӣ интихоб намоянд.

Бисёре аз сокинони шаҳрҳо низ барои осоиши иҷтимоӣ ва даромади бештар ва ё маҳрумиятҳои маҳалли зиндагӣ ва ҷазабаи мақсад ба калоншаҳрҳо муҳоҷират менамоянд ва метавон ин идаоро дошт, ки муҳоҷиратҳои беравияи рустоиён ба шаҳрҳо ва ё калоншаҳрҳо ва низ сокинони шаҳрҳои кучак ба калоншаҳрҳо боиси эҷоди навъи беадолатӣ ва бесуботии иҷтимоӣ шудаанд, ки натиҷаи манфии онро бо хароҷотҳои зиёд наметавон ба куллӣ бартараф кард. Ва шояд бархе аз ин нобасомониҳо ва ноҳинҷориҳо дар ҷомеа мондагор ҳам бишаванд. Дар муҳоҷирати рустоиён на танҳо фардҳо ва хонаводаашон аз рустоҳо ба шаҳрҳо ва ё калоншаҳрҳо мераванд, балки фарҳанги рустоӣ, афкори қабилавӣ, руҳияи ҷанговарӣ ва такравиро низ бо худ ба шаҳр мебаранд. Фарҳангҳои хурди рустоӣ, ки интиқолдиҳандагони он муҳоҷирон аз рустоҳои мухталифи наздики як шаҳр ҳастанд бо фарҳанги шаҳрӣ ҳамхонӣ надоранд ва ба ҳамин далел интиқолдиҳандагони он фарҳангҳо дар шаҳрҳо низ гарчи бештар бо ҳам дар як нуқта сокин мешаванд ва аз як симхат барқ мегиранд ва аз як хатти

қубур оби ошомиданӣ истифода мекунанд, вале навъи нигоҳи онҳо ба зиндагӣ, рафтуомад бо мардум ва таомул бо якдигар бисёр мутафовит аст ва ҳамин амр боис мешавад дар сурате, ки муштаракоти мусбати фарҳанги миллӣ ба сурати қавӣ намоён нашавад носозгории иҷтимоӣ шуруъ мешавад ва оромиши ҷомеа ба ҳам мехурад.

Тафовут дар даромад ва навъи рафтор дар кӯча ва хиёбон дар бархурд бо ҳамдигар ва дар маҳаллаҳое аз шаҳр, ки муҳоҷирон ҳузури фаъоле доранд боиси ноҳамоҳангии иҷтимоӣ мешавад ва бурузи даргириҳои маҳаллиро иҷтинобнопазир менамояд. Иштироки мардум дар анҷоми умур, ки метавонад амнияти иҷтимоӣ ва оромишро дар пай дошта бошад ин дар сурате муяссар аст, ки фаҳми фардҳо аз мавзӯот то ҳадди зиёде ҳаммонанд бошад. Аммо дар сурате ки тафовути дидгоҳҳо бисёр зиёд ва ё навъи нигоҳҳо на танҳо мухталиф, ки мухолиф бошад. Фаъолият имконпазир нест дар назари шаҳрнишинон, рустоиён, одамҳои ақибафтода ва камфикре ҳастанд ва мӯътақидан онҳо дар бисёре маворид аз одоб ва русуми иҷтимоӣ чизе намедонанд ва дар натиҷа нигоҳи таҳқиромезе нисбат ба онхо доранд ва худро иҷтимоитар ва донотар медонанд. Ва дар муқобил рустоиён низ шаҳрнишинонро афроди кулоҳбардор, дуруғгӯ ва баъзан бедин медонанд ва мусаллам аст то замоне, ки ин ду дидгоҳ ин гуна бошад ҳамзистии мусолиматомез бисёр мушкил аст. Дар баъзе мавридҳо низ муҳоҷирон аз минтақаҳои кӯҳистонӣ ба шаҳрҳо муҳоҷират менамоянд ва на танҳо дар нигоҳи шаҳрнишинҳо, ки дар нигоҳи рустоиҳои муҳоҷир ба шаҳр низ ғариб ҳастанд ва сайъ мекунанд чандон иртиботе бо онҳо барқарор нашавад ва ба ҳамин далел калоншаҳрҳо маҷмӯае шудаанд ноҳамоҳанг, номуттасил ва беиртибот.

Огоҳии рустоиён аз авзо ва аҳволи шаҳрнишинон ва умед ба ин ки онҳо низ рӯзе ба дур аз маҳрумиятҳои рустоӣ, фишорҳои қабилавӣ, даргириҳои маҳаллӣ ва фақри густурда раҳоӣ ёбанд ва худ ва фарзандонашон ба оромиш бирасанд ва ё битавонанд бо таҳсил дар шаҳр ба мақоми давлатӣ, ки маъмулан орзӯи бузург барои як рустоист даст ёбанд ба шаҳрҳо муҳоҷират мекунанд. Баррасиҳо нишон медиҳанд, ки ибтидо одамоне, ки даромади бештаре доштанд ва бо шаҳрнишинон дар рафту омад буданд ва бо зебоиҳои шаҳрӣ ва даромади болои онҳо ошноӣ доштанд барои оромиши бештар ва фирор аз маҳрумиятҳои бешумори русто ба шаҳрҳо муҳоҷират кардаанд ва пас аз он бо зоҳири ороста барои диду боздид ва саркшӣ ба хешовандон ба рустояшон меомаданд ва фахрфурӯшӣ мекарданд. Дар пайи онҳо афроди дигаре низ барои расидан ба зиндагии беҳтар ва ҳамсон шудан бо гурӯҳи аввал муҳоҷират кардаанд. Теъдоди анбуҳи шаҳрнишинони ҷадид дар кишварҳои фақири ҷаҳон ва чизе дар ҳудуди саду бисту панҷ ҳазор шаҳрванди ҷадид дар рӯз дар саросари ҷаҳон натиҷаи фаровонии густурдаи муҳоҷиратҳои русто ба шаҳр ба изофаи оҳанги болои афзоиши табии ҷамъият ба шумор меояд. Дар муқобил дар кишварҳои пешрафтатар тақрибан соле 7 миллион сокини шаҳрӣ ба ҷамъияти шаҳрҳои кӯчак ва бузург изофа мешаванд.[1]

Мардуме, ки дар як минтақаи хос ва як русто зиндагӣ мекунанд маъмулан ба наздиктарин шаҳр муҳоҷират ва ба сурати гуруҳи мушаххас (маҳаллаи туркҳо, маҳаллаи лулиҳо, маҳаллаи арабҳо ва ғ.) дар як макон ва ҳамҷавори ҳам сокин мешаванд. Бояд гуфт, ки то дер замоне онҳо шаҳрӣ намешаванд, балки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд. Яъне фарҳанг ва одоб ва русуми рустоиёнро ба шаҳр бурдаанд ва на танҳо худ сокини шаҳр шудаанд, балки руҳи рафтории рустоиро низ дар шаҳр сокин кардаанд. Руҳи рафторие, ки камтарин созгорӣ ҳам бо руҳи рафтории шаҳрӣ надорад ва бо бисёре аз он рафторҳо бегонааст ва чандон инъитоф низ аз худ нишон намедиҳад. Ба осебҳои иҷтимоӣ аз дили ҳамин носозгорӣ берун меояд.

Тасаллути ангезаи иқтисодӣ, қавонини бад ва золимона, молиётҳои сангин, об ва ҳавои номуносиб, муҳитҳои иҷтимоии номатбуъ тамоман дар эҷоди ҷараёнҳои муҳоҷират муассир буда ва ҳануз ҳам ҳаст.[2]

Бисёре аз афроди равшанфикр ва тезҳуш ҳастанд, ки дар рустоҳо ба шуғли омӯзгорӣ машғуланд ва агар дар калоншаҳрҳо зиндагӣ мекарданд бешак ба таҳсилоти такмил мепардохтанд ва чи басо дар риштаҳои мухталиф саромади дигарон будаанд вале ҳузури онон дар рустоҳо ва адами вуҷуди ангеза дар он муҳит боис шуда аз тамоми ҳуши онҳо ҷомеа бенасиб бимонад ва ҳатто дар бахш ва ё минтақаи худ низ дуруст шинохта нашванд. Вақте ин афрод, ки теъдодашон низ кам нест вазъи ҳоли худро бо соирине, ки ба навое расидаанд, муқоиса мекунанд, ҳам худро сарзаниш мекунанд ва ҳам ҷомеаро ва танҳо роҳи ҳузури фаъол дар иҷтиморо муҳоҷират ва вуруд ба гуруҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар шаҳрҳо мебинанд. Ҷустуҷӯ дар пайи омӯзиши болотар ба муҳоҷиратҳои байнишаҳрӣ ва муҳоҷиратҳои русто-шаҳрӣ меанҷомад. Ба назари Гулде Г. омӯзиш муҳимтарин далел барои муҳоҷират ба Карочи дар Покистон будааст. Фирори дохилии марзҳо ба ҳаракати гурӯҳи таҳсилкарда ба шаҳр мунҷар мешавад, дар ҳоле ки афроди бесавод дар навоҳии рустоӣ боқӣ мемонанд.[3]

Дар рустоҳо ва шаҳрҳои кучак танҳо ду гурӯҳи зерин муҳоҷират намекунанд:

1.Касоне, ки ҳузурашон дар шаҳр на танҳо хеҷ натиҷае мусбати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои онҳо дар пай надорад, балки он чиро ки ҳам доранд шояд аз даст бидиҳанд, зеро на даромади болое доранд ва на фарзанде барои таҳсил дар шаҳрҳо;

2.Онҳое, ки ба воситаи ҳузурашон дар русто ва ё шаҳри кӯчак соҳиби мавқеияти вижа ҳастанд ва ин мавқеиятро барои худ ба монанди ҳуввияти иҷтимоӣ медонанд ва муҳоҷираташон ба шаҳрҳо боиси аз даст додани ин мавқеият мешавад.

Кучмандон ва кишоварзони куҳансол ва онҳое, ки бесаводанд ва на танҳо дороии лозимро барои муҳоҷират ба шаҳр надоранд, балки имкони эҷоди даромади муносиб ҳам дар шаҳр барояшон муяссар нест. Ҷузъи гурӯҳи аввалӣ ва сарони қабилаҳо дар шаҳрҳои кӯчак ва рустоҳо, ки то кунун руҳияи салаҳшурӣ ва гарданкашӣ дар онҳо дорои арзиш ва аҳамият аст бархе кадхудоён ва ришсафедон, дуонависони маҳаллӣ ва касоне, ки аз доштаҳои худ розианд ва ангезаи қавӣ барои муҳоҷират надоранд ҷузъи гурӯҳи дуввуманд. Лозим ба зикр аст, чунончи афроди куҳансоли аз гурӯҳи дуввум аз шаҳр ё рустои худ ба нуқтаи дигаре ҳам муҳоҷират намояд бештари вақтҳо зиндагии худро дар мабдаъ сипари мекунанд. Ва дар тамом ё аксари маросимот, ҷашнҳо, умрон ва ободии минтақа ширкат менамоянд ва сайъ мекунанд ба узвияташон дар мақом ё мавқеияти қаблӣ латмае ворид нашавад.

Бо гузашти замон ин навъ тарзи тафаккур ва андеша ба далели адами бозтавлид ё ба куллӣ аз байн меравад ва ё ба ҳадди ақал мерасад. Масалан, дар ҳоли ҳозир низ резиши фаровоне дошта ва ҳатто чунин андешае дар фарзандони ин гуруҳ аз афрод ҳам рӯйише надоштааст.

Агар рустоҳо ва шаҳрҳои кӯчак бо тавзеҳи эътибороти вижа ва бо оҳанги рушди беш аз калоншаҳрҳо ба гунаи тавсеа наёбанд, ки ҷазабаи илмӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳатто мавқеиятҳои сиёсии онҳо аз ҷазабаи ҳамин авомил дар шаҳрҳо бештар шавад, дар кишвари Эрон оҳанги муҳоҷират чунон идома хоҳад ёфт, ки шояд рӯзе камтар аз даҳ дар сад ҷамъиятро дар рустоҳо дошта бошад.

Бар асоси гузориши маркази омори Эрон, ки дар ҷадвали сафҳаи баъд омадааст, дар соли 2003 аз соли 1881 то соли 1921 раванди муҳоҷират аз русто ба шаҳр ва ё раванди афзоиши ҷамъияти шаҳрҳо нисбат ба рустоҳо оҳанги рушди бисёр камтаре дошта, вале аз соли 1921 то 1941 каме бештар шудааст. Албатта, дар ҳамин муддат, яъне аз 1921 то 1941 нархи муҳоҷират аз русто раванди афзоишӣ доштааст. Дар соли 1956 дар сади шахрнишинӣ 31,4 % буда, вале бар поёни соли 1996 ба 61/3 дар сад расида ва пешбиниҳои анҷомшуда нишон медиҳад, ки то поёни соли 2021 ҳудуди 70% мардуми Эрон шаҳрнишин хоҳанд буд.[4] Яъне дар тӯли 65 сол шаҳрнишинӣ бо афзоиши ҳудуди 40% рӯ ба рӯ хоҳад буд ва аз 31/4 дар сади шаҳрнишинӣ дар соли 1956 ба ҳудуди 70% шаҳрнишинӣ дар соли 2021 шамсӣ хоҳем расид.

Ҳуҷуми густурдаи рустоиён ба шаҳрҳо метавонад далоили ҳамчун даромади бештар, таҳсилоти осонтар, курсҳои омӯзишӣ, забонҳои хориҷӣ, зебоиҳои шаҳрӣ, ҷанбъаҳои иҷтимоӣ дар шаҳрҳо ва камбуди даромад дар рустоҳо, қаҳтсолӣ, камбуди замини кишоварзӣ бо таваҷҷӯҳ ба афзоиши нархи ҷамъият ва адами тавфиқ дар кучмандиҳои суннатӣ ва амсоли он бошад.

Дар ҳоли ҳозир аксари ҷавононе, ки ба зоҳир сокини рустоҳо ҳастанд, дар ҳақиқат дар тӯли рӯз дар шаҳрҳо кор мекунанд ва метавон гуфт русто ҳолати хобгоҳро барои онҳо дорад.

Ҷамъияти кишвар, тағйироту тавзеҳи он байни солҳои 1881-1941

| Шарҳ | Ҷамъият (ҳазор нафар) | | | Мутавассити рушди солона (%) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1881 | 1921 | 1941 | 1881-1921 | 1921-1941 |
| Шаҳр | 1964 | 2718 | 3850 | 816% | 1,756% |
| Рустоӣ | 5990 | 6989 | 8983 | 515% | 1,262% |

1-манбаъ: гузориши маркази омории Эрон дар соли 2003

Нархи рушди ҷамъияти шаҳрӣ ва рустоӣ ва нархи муҳоҷирати солҳои 1881 то 1951

| Шарҳ | Ҷамъият (ҳазор нафар) | | | Мутавассити рушди солона (%) |
|---|---|---|---|---|
| | 1881-1921 | 1921-1941 | 1881-1921 | 1921-1941 |
| Шаҳрӣ | 523% | 1,278 | 293%+ | 478%+ |
| Рустоӣ | 523% | 1,278 | 008%+ | 16%+ |

2. шомили ҷамъияти ғайрисокин мебошад. манбаъ: маркази омори Эрон, соли 2003.

Ҷадвали раванди шаҳрнишинӣ дар Эрон тайи 41 сол

| Соли саршуморӣ | Шаҳрнишинӣ (%) | Афзоиш дар фосилаҳо саршумориҳо | Афзоиши мутавссити солона дар фосилаҳо |
|---|---|---|---|
| 1335 | 31,4 | — | — |
| 1345 | 39,1 | 7,7 | 77% |
| 1355 | 46,9 | 7,8 | 78% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1365 | 54,3 | 7,4 | 74% |
| 1370 | 57 | 2.7 | 54% |
| 1375 | 61,3 | 4,3 | 86% |

Ҷадвали оянданигарии шаҳрнишинӣ дар Эрон то соли 2021

| Сол | Шаҳрнишинӣ бо фоиз |
|---|---|
| 1380 | 63,1 |
| 1390 | 66,3 |
| 1400 | 69,9 |

Манбаъ: гузориши маркази омории Эрон, соли 2003.

Вуҷуди хонаҳои хасин ва кулбаҳои вайрона ва сохтусозҳои ғайристандарт ва ғайри маҷоз дар ҳошияи шаҳрҳо нишон медиҳад, ки орзуи расидан ба зиндагии беҳтар дар мавридҳои зиёд ба саробе табдил шуда ва на танҳо чизе ба даст наёвардаанд, балки доштаҳои мусбати ахлоқии худро низ то ҳадде аз даст додаанд ва гирифториҳои зиндагӣ бисёре аз хонаводаҳоро, ки рӯзе дар ахлоқ ва рафтор ва некукорӣ саромад будаанд ба ботлоқи ноҳинҷориҳо кашонидааст.

Бо итминони комил метавон гуфт ба ҷуз ақаллияти ночиз, ки ё навъи корашон ба гунаест, ки имкони анҷоми он дар маркази шаҳрҳо вуҷуд надорад ва ё аз фарҳанги шаҳрӣ фароянд (лулиҳо) ва ё бо нияти рафторҳои хилофи қонун ба дунболи гурезгоҳ ва ё нукоте бе ному нишонанд аксари ҳошиянишинҳо танҳо аз рӯи ночорӣ ин шивеаи зиндагиро баргузидаанд. Ва ба маҳзи ин ки имкони зиндагӣ дар маркази шаҳрҳо барояшон омода шавад аз хонаҳои хасин хориҷ мешаванд ва ҳамчун соири шаҳрнишинҳо дар маҳалли муносиб зиндагӣ мекунанд.

Дар натиҷа фақри мутлақ, ки ин гурӯҳ аз афродро аз рустоҳо ба ҳошияи шаҳрҳо кашондааст на танҳо аз хонаҳои коҳгилӣ, ки дар рустоҳо доштаанд бенасиб карда, балки дар хонаҳои хасин ба маротиб бадтар ва ноамнтар сокин шудаанд ва ба ҳамин далел метавон гуфт, ки ҳар кадом яке аз ин хонаҳои хасин ба монанди як бемории саратон дар пайкараи иҷтимоъ аст.

Гузиниши ин навъ зиндагӣ далоиле дорад, ки иборатанд аз: ҳамнишинӣ бо соири рустоиёне, ки онҳоро мешиносанд; шабнишиниҳои мардона ва муровидоти рӯзонаи занон ва духтарон; нигаҳдории бузу гусфанду мурғ; қарор гирифтан дар як ҳошияи амниятӣ; ҳазинаи поёни зиндагӣ.

Ҳошиянишинӣ ва сокиншавии ғайрирасмӣ падидаест, ки ба дунболи таҳаввулоти сохторӣ ва бурузи масоил ва мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ монанди ҷараёни сареи шаҳрнишинӣ ва муҳоҷиратҳои рустоии бебарнома дар бештари кишварҳои ҷаҳон ба вижа кишварҳои ҷаҳони сеюм ба вуҷуд омдааст. Ин мушкили шаҳрӣ сирфан масъалаи физикӣ нест ва аз авомили калони сохторӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ношӣ мешавад рушди фазояндаи ҷамъияти шаҳрӣ аз тавони созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷиҳати тавсеа ва ироаи хадамот ва таҳсилоти барои ин ҷамъияти фазоянда пеша гирифта ва бароварда нашудани ниёзи маскан ва сарпаноҳи гурӯҳҳои камдаромад дар фазои расмӣ ва барномарезишудаи шаҳрӣ ҳошиянишинӣ ва сокиншавии ғайрирасмиро ба гунаи бесобиқа густариш додаст.[5]

Шоёни зикр аст теъдоди аз рустоиёне, ки ба шаҳрҳо муҳоҷират кардаанд кормандони давлат будаанд ва дар ҳақиқат вазъияти инҳо бо таваҷҷӯҳ ба ин ки маҳалли таҳсилашон дар шаҳрҳо буда ва бо фарҳанги шаҳрӣ ошноӣ доштаанд бо вазъияти соирин бисёр мутафовит аст ва маъмулан ин афрод дар марокизи шаҳрҳо ва ҳамчун шаҳрнишинон зиндагӣ мекунанд ва чандон зарбаи аз мушкилоти шаҳрӣ намебинанд ва худ низ боиси осебҳои иҷтимоӣ намешаванд. Вале ҳамеша ин тавр нест ва дар бештари мавоқеъ муҳоҷиратҳо чандон огоҳона намебошад.

Мардуме, ки ба сӯи шаҳракҳо ҳаракат мекунанд ба хубӣ намедонанд, ки чи чизе мехоҳанд ё ин ки умедвор ҳастанд ба куҷо бирасанд. Тасмим барои муҳоҷират натиҷаи як сири аз таъсирот аст, ки баъзе аз онҳо ҳатто тасодуфӣ ва иттифоқӣ аст. Яке аз роҳҳои муҳими ин навъ муҳоҷират ин аст, ки монанди як падидаи ҷамъиятӣ баррасӣ шуда ва хусусияти синнӣ ва ҷинсии ин ҷамъият дар назар гирифта нашвад, агарчи муҳоҷират беш аз марг (таваллуд дар бисёре аз кишварҳои камтавсеаёфта) дар назорати афроди муассир аст, аммо авомили муҳитӣ ва мавқеияте низ бар ин падида таъсир мегузоранд, то нишон диҳанд, ки модели муҳоҷирати наслӣ воқеъгароёна аст. [6]

Барои пайгирии ҳалли ҳамин мушкилот буд, ки давлати Ҷумҳурии исломии Эрон дар солҳои охир мубодират ба сохту сози анбуҳ дар қолиби тарҳи маскани меҳр кардааст, то шояд битавонад бо ин мушкили иҷтимоӣ бархурди мантиқӣ дошта бошад ва дар ҳадди тавон аз раванди густариши ҳошиянишинӣ бикоҳад.

Агар ин тарҳ муваффақ шавад ва ҳошиянишинӣ дар атрофи шаҳрҳо коҳиш ёбад худ муваффақияти бузурге аст.

Ҳузури муҳоҷирини рустоӣ ё кучманчиён дар ҳошияи шаҳрҳо ва эҷоди хонаҳои хасин ва ғайриқонунӣ ва бидуни муҷаввиз аз раиси шаҳр ва дар натиҷа истифода аз обу барқи ғайриқонунӣ сабаб мешавад фарзандони ин афрод дар кӯдакӣ бо ҳамин руҳия бор биёянд ва иҷтиъморо аз таодул хориҷ намоянд ва ба дуздӣ, сирқат, кашмакашӣ ва дар ниҳоят зиндон сар дар биёваранд. Паёмадҳое, ки дар сурати адами муҳоҷират ва ҳошиянишинӣ шояд ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин густурдагӣ рух наменамуд.

Шаҳр як муҳити бумзистие аст, ки ба далели анбуҳи ҷамъият шароити зиндагии хосеро эҷод мекунанд. Дар ҳоле, ки интизор мерафт шаҳр боиси ҳамоҳангӣ ва ягонагӣ шавад ҷомеашиносони мактаби Чикаго дар мутолиоти шаҳри худ баръакс ба вуҷуди касрат аз гурӯҳҳои кӯчаки вобаста ба тавсеаи ҳинҷоршиканиҳо ва каҷравиҳо хабар медиҳанд. [7]

Натоиҷ ва паёмадҳои муҳоҷирати рустоиён ба шаҳрҳо бисёр гуногун аст ва мумкин аст барои гурӯҳе муфид ва барои гурӯҳи дигар зиёновар бошад. Вале он чи мусаллам аст носозгории фарҳангӣ аввалин мушкилоти пеши рӯи ҳар муҳоҷир аст, ки ин мушкил барои рустоиёни муҳоҷир ба шаҳрҳо, ки мушкилоти иқтисодии зиёде низ доранд бештар аст. Ҳузури муҳоҷирини рустоӣ ки шуғли аксари онҳо кишоварзӣ ва кучмандӣ буда ва ба шаҳрҳое муҳоҷират кардаанд, ки ниёз ба коргари сода ва моҳир доранд танҳо метавонад ба унвони коргари сода ва дар корҳои аввалияти ибтидоӣ ба кор гирифта шаванд ва ҳеҷ унвон ин даромади кам посухгӯи ҳазинаи зиндагии шаҳриро надорад ва ин гурӯҳ маҷбуранд бо ҳамон фарҳанги рустоӣ ва масрафи ғизоҳои суннатии рустоӣ дар шаҳрҳо низ идомаи ҳаёт диҳанд, вале фарзандони онҳо ва баъзан ҳатто ҳамсарони онҳо таҳаммули ин дугонагӣ ва шикофи даромадиро надоранд ва дар натиҷа ихтилофоти хонаводагӣ шуруъ мешавад ва омори талоқ ва мушкилоти қабл ва баъд аз он инкишоф меёбад.

Фарҳанги миллии моро дар воқеъ бояд ба ду қисмат тақсим кард: яке фарҳанги динӣ ва дигаре фарҳанги ангошташудаи таърихӣ. Мушкилоти мо дар мавриди он қисмат аз фарҳанги ангошташудаи таърихист, ки иҷозат намедиҳад дар масири илмӣ шудан, ақлӣ шудан, абзорӣ шудан ва тафаккури беҳтар ҳаракат кунем.[8]

Ҳузури фарзандони муҳоҷирини рустоӣ дар мадрасаҳои донишгоҳҳо ва дар канори донишомӯзон ва донишҷӯёни шаҳрнишин ва нигоҳи таҳқиромези шаҳриҳо аз як тараф ва эҳсоси ҳақорати донишомӯзони рустоӣ бо либосҳои на чандон муди рӯз ва баъзан кухна ва мундарис (дар ҳоли ҳозир ин мушкил камтар шудааст) аз як тараф боис мешавад, ки гарчи инҳо зоҳиран дар канори ҳаманд вале аз лиҳози зеҳнӣ ва отифӣ километрҳо бо ҳам фосила дошта бошанд ва нохоста ба ҳам кина биварзанд ва уқдаҳое ба вуҷуд ояд, ки кушодани он агар бо барномаи саҳеҳ ва олимона набошад ба ноамнии иҷтимоӣ мунҷар мешавад. Ин таҳқирҳо уқдаҳо ва кинаҳои ҷомеаро аз иттиҳод, таомул ва мушорикат, ки метавонад боиси тавфиқ ва пешрафти ҷавомеъ бошад дур мекунад ва ҳолати аз ба истилоҳ ҷанги сардро байни рустоӣ ва шаҳрӣ эҷод менамояд. Чунончи низоми ахлоқии муносиб (низоми ахлоқии дини ислом ва ҳамбастагии миллӣ) ин мушкилотро ҳал нанамояд баид аст ин мушкил ба роҳатӣ ҳал шавад.

Низоми ахлоқӣ ҳамчун низоми ҳуқуқӣ то ҳадди зиёде аз таҳаввулоти ҷаҳони хориҷ ва наҳваи зисти инсонҳо таъсир мепазирад. Таҳаввулоте ки дар сохтори зисти инсонҳо ва наҳваи иртибот миёни эшон дар ҷаҳони модерн рух додаст, таҷдиди назари бунёдинро дар ахлоқи суннатӣ илзом мекунад. Аз ҷумла таҳаввулоти муҳиме, ки дар ҷаҳони ҷадид рух додааст наздикии беш аз пеши инсонҳои саросари ҷаҳон ва бо бастагии рӯзафзуни эшони якдигар аст. [9]

Тафовутҳои фарҳангӣ, ба вижа дар нуқтаи ҷудоӣ ва тазод то чанд насли баъд низ вуҷуд дорад ва шояд ҳеҷ гоҳ ҳам аз байн наравад. Магар ин ки шахси муҳоҷир бо хонаводаи худ дар нуқтае зиндагӣ кунад, ки имкони дастрасӣ барои фарзандон, наберагонаш бо ҳомилони фарҳанге, ки ӯ дошта муяссар набошад.

Усулан фаромушии фарҳанги худӣ ва ё тағйири рафтори қатъӣ ба гунае, ки куллияи русумоти фарҳанги худро битавон нодида гирифт ва расму русуми ҷадидеро пеша кард, имконпазир нест.

Ҳамин тавр, бояд гуфт ҷозибаи шаҳрҳо ва дофеаи рустоҳо ва орзуҳои бузурге, ки инсонҳо дар сар дороанд боис мешавад ҳамвора ба дунболи гузиниш ва интихоби ҷо ва макони беҳтаре бошанд вале ҳар гоҳ ин орзуҳо ба сурати беқоида пайгиршавад мушкилоти фардӣ ва иҷтимоии зиёдеро ба ҳамроҳ меоварад. Дар солҳои пас аз ислоҳоти арзӣ ба шурқи инкишофи саноатӣ ва хариди технология дар Эрон, ки мутаассифона, ба иллати набудани барномарезии саҳеҳи муҳоҷират шурӯъ шуд, мушкилоти зиёдеро дар пай дошт. Таҳқиқот ва пажӯҳишҳои анҷомшуда нишон медиҳад, ки пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ ва шурӯи муҷаддади муҳоҷиратҳо мушкилот бештар шуд ва муҳаққиқин ва донишпажӯҳон роҳҳои бисёр муносиберо барои ҳалли мушкилот ироа доданд вале ба ҳамон далоили пешгуфта, яъне озодии ҷобаҷоӣ дар дохили кишвар ва тафовути бисёр зиёд даромад дар шаҳрҳо ва калоншаҳрҳо дар муқоиса бо рустоҳо ва шаҳрҳои кӯчак ва низ соири ҷозибаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва монанди он маҷоли барои ҳалли мушкил боқӣ нагузошт. Ҳошиянишинии хонаҳои хасин ва масканҳои ғайриқонунӣ оссби ҷиддӣ ҳастанд ва натоиҷи ҳосил аз он барои ҷомеа як фоҷеаи

бузурге аст. Пас барои ҳалли ин мушкил ҳиммати бузург лозим аст ва давлатмардон ва масъулиин муҳтарам бояд ба ин муҳим таваҷҷӯҳи вижа бинамоянд. Агар оин осебҳои иҷтимоиро сиёсӣ ва амниятӣ ба ҳисоб биёварем мушкил ҳал нахоҳад шуд, балки бояд бо нигоҳи илмӣ дар пайи ҳалли мушкилот буд то битавон ин бемориҳоро мудово кард.

Агар авомили маҳрумиятҳо бартараф ва ё ба ҳадди ақал бирасад ва бо сохтусози бештар ва навсозии умрону соири шаҳрҳо ва рустоҳо ва низ муассисоти омӯзишӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва монанди он дар ҳадди лузум муҳайё гардад калоншаҳрҳо ҳам дигар ҷазабаи болое нахоҳанд дошт ва муҳоҷират босарфа нахоҳад буд.

Давлати Ҷумҳурии исломии Эрон барои ҳалли порае аз ин мушкилот дар қолиби тарҳи маскани меҳр иқтидомоти хубе анҷом дода ки агар ин тарҳ муваффақ шавад, аз раванди ҳошиянишинӣ коста ва дар ниҳоят то ҳадди зиёде мушкилот ва аворизи он низ назорат мешавад.


**АДАБИЁТ**

1. Роберт Б. Потер, Селелуид Ивенз. Шаҳр дар ҷаҳони дар ҳоли тавсеа. Тарҷумаи Каюмарси Эрондуст, Маҳдии Деҳқони Маншодӣ, Метро Аҳмадӣ. Интишороти созмони шаҳрдориҳо ва деҳёриҳои кишвар. –Теҳрон, 1384. –с. 17.
2. Теадор Майкл. Муҳоҷирати дохилӣ дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа. Тарҷумаи Леҳасоизода Абдулло. Интишороти дафтари байналмиллаии вазорати КОР. –Теҳрон. –с. 13-20.
3. Lipton M. 1980. Migration from rural areas of poor countries: the impaction rural productivity and income distribution, world development, 8, 1-24.
4. Гузориши маркази омори Эрон. –Теҳрон, 1382.
5. Ҳодизодаи Базоз. Мраям. Ҳошиянишин ва роҳкорҳои созмондиҳии он дар ҷаҳон. Интишороти озарбарзин, чопи дуввум, _теҳрон. 1384. Пешгуфтор.
6. Занҷонӣ Ҳабибулло. Муҳоҷират. Интишороти Самт. –Теҳрон, 1380. –с. 7.
7. Фиалкут Янкел. Ҷомеашиносии шаҳр. Мутарҷим Некгуҳар Абдулҳусейн. Чопи нақши ҷаҳон. –Теҳрон, 1383. –с. 63-64.
8. Сариулқалам дуктур Маҳмуд. Тавсеаи ҷаҳони сеюм ва низоми байналмилал. Нашри сафир. соли саввум. –Теҳрон, 1375. –с.148-149.
9. Нароқӣ Ораш. Ахлоқи ҳуқуқи башар. Интишороти нигоҳи муосир. –Теҳрон, 1388. –с. 5.


**ВНУТРЕННЯЯ МИГРАЦИЯ ИРАНА И ЕЕ СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ В СОВРЕМЕННОЕ ВРЕМЯ**


В данной статье автор рассматривает процесс внутренней миграции Исламской Республики Ирана и интерпретирует ее различные аспекты. Особенно, он подчеркивает миграцию между городами и селами, а также четко отражает проблемы урбанизации на конкретных примерах.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** внутренняя миграция, внешняя миграция, урбанизация, смешивание население, нужда, расселение, беженец, возбудитель миграции, легальная миграция, гражданин, страхование, работодатель


**INTERNAL MIGRATION OF IRAN AND ITS SPECIFIC FEATURES IN MODERN TIMES**


In this article the author examines the process of internal migration of the Islamic Republic of Iran, and interprets its various aspects. Especially, it emphasizes migration between urban and rural areas, and clearly reflects the problems of urbanization in concrete examples.



**KEY WORDS:** internal migration, international migration, urbanization, population mixing, poverty, resettlement, refugee, agent migration, legal migration, national insurance, the employer



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Амонулло Шуджои*** – аспирант Таджикского национального университета


# ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИИ ШАҲИД БИҲИШТӢ (ДАБИРИ КУЛЛИ ҲИЗБИ ҶУМҲУРИИ ЭРОН) ҚАБЛ АЗ ИНҚИЛОБИ ИСЛОМӢ


***Маҷид Ҳақиқатбаён***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Баррасии фаъолиятҳои ташкилоти Шаҳид Биҳиштӣ метавонад ба унвони яке аз муҳимтарин таҷрибаҳои гаронбаҳои пешорӯйи миллати мусулмони Эрон қарор гирад, зеро бар хилофи назари бархе аз мазҳабиюн, ки эътиқоди чандоне ба роҳандозии ташкилоти мунсаҷам ва мудирн надоранд, Шаҳид Биҳиштӣ дар нақши як рӯҳонии барҷаста ва идиюлуги исломӣ дар амал на танҳо ба тадбини тиюрики зарурати эҷоди ташкилот пардохт, балки, алорағми тамомии тазйиқоти фаровони режими шоҳ, амалан, ба роҳандозии як ташкилоти васеъ ва ба далели зарурати замон ҷудогона пардохт.

Ҳамчунин, пас аз Инқилоби исломӣ низ бузургтарин ташкилоти Эрон таҳти унвони ҳизби Ҷумҳурии Исломӣ тавассути эшон шакл гирифт. Ҷиҳати баррасии ҳарчи дақиқтари иқдомоти ташкилоти Шаҳид Биҳиштӣ ба сурати гузаро, зайлан, таҳти унвони «Фаъолиятҳои ташкилоти марбут ба Шаҳид Биҳиштӣ қабл аз Инқилоби исломӣ» мепардозем.

Ин фаъолиятҳо шомили умури фарҳангӣ, хориҷ аз кишвар, иртибот бо аҳзоб ва гурӯҳҳо, умури хайрия, умури иқтисодии ғайри интифоӣ, ситоди ҳимояти инқилоб мегардад, ки шарҳи ҳар кадом аз онҳо бад- ин тартиб мебошад:

**Умури фарҳангӣ.** Умури фарҳангии ташкилот зери назари Шаҳид Биҳиштӣ шомили мавориди зайл будааст: умури пажӯҳишӣ, умури марбут ба рӯҳоният ва ҳавзаҳои илмия, умури марбут ба донишомӯзон, таблиғоти исломӣ, умури марбут ба донишгоҳҳо ва донишҷӯён, умури марбут ба хориҷ аз кишвар, иртибот бо аҳзоб ва гурӯҳҳо, умури марбут ба хоҳарон ва хонавода, умури хайрия, умури иқтисодии ғайриинтифоӣ ва ситоди ҳимояти Инқилоби исломӣ

**Умури пажӯҳишӣ.** Аввалин бахши умури фарҳангӣ дар фаъолиятҳои ташкилотии Шаҳид Биҳиштӣ умури пажӯҳишӣ интихоб гардидааст, ки худ ин амр низ ба ду бахш: умури пажӯҳишии мактуб ва ғайримактуб тақсим мегардад:

**Умури пажӯҳишии мактуб.** Манзур аз ин унвон он аст, ки дар ин бахш аз фаъолиятҳои Шаҳид Биҳиштӣ тавлиди китобҳое ба сурати дастаҷамъӣ мадди назар будааст, монанди китоби «Шинохти ислом» ҳамроҳ бо Шаҳид Боҳунар ва оқои Алигулзод Ғафурӣ ва ё нашриёте ҳамчун «Мактаби ташайюъ» ва ё ҷузавоте ҳамчун ба сурати кори гурӯҳӣ таҳия мешудааст, то дар ҷиҳати аҳдофи ислом мавриди истифода қарор гирад. Аз дигар маҳсулоти ин бахш аз фаъолиятҳои Шаҳид Биҳиштӣ шурӯи тарҷимаи Қуръон ҳамроҳ бо духтари эшон будааст.

**Умури пажӯҳишии ҳосил аз гуфтугӯ.** Яке аз роҳҳое, ки Шаҳид Биҳиштӣ барои густариши пайванд миёни нирӯҳои мазҳабӣ ба кор мегирифтанд, эҷоди ҳалқаҳои гуфтугӯ бар меҳваре хос будааст, ки дар бисёре аз мавориди ҳосили ин гуфтугӯҳо ҷамъоварӣ ва табдил ба як асари фарҳангӣ гардиааст. Барои мисол, дар ин робита метавон ба ташкили шӯрои таҳияи фишҳои мутолиотӣ, шӯрои баррасии «Копитол»- и Маркс, шӯроҳои таҳқиқотии ёрони Кирмон ва шӯрои таҳияи роҳнамои мутолиот ишора намуд.

**Шӯрои таҳияи фишҳои мутолиотии марбут ба усули фиқҳ.** Ин шӯро ба кӯмаки Ҳамроҳонӣ, ҳамчун Шаҳид Боҳунар, Оятуллоҳ Мӯсавии Ардабилӣ ташкил мешуд. Наҳваи таҳияи муназзами фишҳо ба тартибе буд, ки муҳаққиқин ба роҳатӣ метавонистанд мавзӯи қуръонии марбут ба фиқҳро дар миёни онҳо биёбанд. Бино буд дар абвоби пажӯҳишии дигар низ фишҳое ба ҳамин тартиб таҳия шавад

**Ҳалқаи баррасии «Копитол»- и Маркс.** Шаҳид Биҳиштӣ ҳалқаи илмии баррасии китоби «Копитол»- и Моркcро бо ҳамроҳии афроде ҳамчун дуктур Намозӣ ташкил дода буданд ва дар ин ҷаласа ба баррасии китоби «Копитол»- и Маркс ва ҳошияҳое, ки Шаҳид Биҳиштӣ ба китоби «Копитол» ба забони олмонӣ зада буд ва назароти дигар афрод пардохта мешуд. Таъсири ин ҷаласот дар амиқтар кардани иттилооти Шаҳид Биҳиштӣ аз мактаби морксизм ба ҳадде буд, ки шояд ба тавони эшон, ки ҷузъи чанд нафари маъдуд аз морксшиносони Эрон дар замони худ қарор кард.

**Шӯрои таҳияи роҳнамои мутолиотӣ.** Шаҳид Биҳиштӣ аз он ҷо ки тамоил дошт мутолиоти ҷавонон ва донишҷӯён ва туллоб ва афроди алоқаманд ба мутолиа аз рӯйи тасодуф ва бидуни тарроҳӣ набошад, гурӯҳеро ташкил дода буд, ки роҳнамоиро ба сурати намудори мутолиотӣ таҳия намоянд. Ҷаласоти коргурӯҳи ин бахш ба сурати ҳафтагӣ баргузор мегардидааст.

**Ҷаласоти ҳалқаи Кирмон.** Ҷаласоти ин коргурӯҳ ба сурати мақтаӣ барои баррасӣ бар рӯйи мавзӯоти таъйиншуда аз сӯйи гурӯҳ ташкил мегардидааст.

**Умури марбут ба ҳавзаҳои илмия ва рӯҳоният.** Ҳамон гуна ки аз шакли намудори бахши фарҳангӣ намоён аст, яке аз васеътарин корҳои ташкилоти Шаҳид Биҳиштӣ ба ҳавзаҳои илмия ва рӯҳоният марбут мебошад. Фаъолиятҳои ташкилотии Шаҳид Биҳиштӣ дар ин бахшро метавон ба ду қисмат: талош дар ҷиҳати тағйири равия ва улгусозӣ бароиислоҳи ҳавзаҳо ва сохти кадрҳои ташкилотӣ тақсим намуд:

**Талош дар ҷиҳати тағйири равия.** Шаҳид Биҳиштӣ аз оғози вуруд ба ҳавзаи илмия дар фикри тағйир дар равияи ин ниҳоди фарҳангӣ будааст ва дар ин роҳ иқдомоти мухталиферо таҷриба намуд, ки метавон мавориди зайлро дар ин замина баршумурд:

**Тағйири равия дар низоми маблағ.** Шаҳид Биҳиштӣ дар ин замина чунин баён доштаанд: «Дар соли 1326, яъне як сол баъд аз вуруд ба Қум бо марҳум оқои Мутаҳҳарӣ ва оқои Мунтазирӣ ва умдае аз бародарон, ҳудуди ҳаждаҳ нафар, барномае танзим кардем, ки биравем ба дуртарин рустоҳо барои таблиғ ва ду сол ин барномаро анҷом додем. Дар моҳи рамазон, ки гарм буда, бо ҳазинаи худмон мерафтем барои таблиғ, албатта, худамон пул надоштем. Марҳум оятуллоҳ Боруҷердӣ тавассути Имом Хумайнӣ он мавқеъ бо эшон буданд, нафаре сад тумон дар соли 16 ва нафаре саду панҷоҳ тумон

дар соли 27 ба унвони ҳазинаи сафар ба мо доданд. Чун қарор бар ин буд, ки ба ҳар рустое меравем, маҷбур набошем музоҳими як рустоӣ ба унвони меҳмони ӯ бошем ва харҷи хӯрокмонро дар он як моҳ худамон бидиҳем ва барои кирояи омаду рафт ва ҳазинаи зиндагии як моҳ харҷи сафарро бо худамон мебурдем, фаъолиятҳои дигаре ҳам дар дохили ҳавза доштем ва инҳо муфассал аст.»

Ҳамон гуна ки мушоҳида мешавад, як фаъолияти гурӯҳӣ бо тарҳе нав шакл гирифтааст, аввалан, сафар ба дуртарин нуқот, сониян, бо харҷи худи рӯҳоният барои умум ворид шудани фишор ба рустоиён.

**Тағйири улгу дар фаъолиятҳои пажӯҳишии ҳавза.** Маъмулан, рӯҳоният то он замон бештар ба масоиле ҳамчун таҳорат ва ибодат мепардохтанд ва умуре ҳамчун ҳукумати исломӣ ба далели сиёсӣ будан аз адоди мавзӯоти таҳқиқотии ҳавза хориҷ буд. Аммо, Шаҳид Биҳиштӣ бо дарки зарурати ин матлаб ба фикри ташкили коргурӯҳ баррасии ҳукумати исломӣ уфтода ва дар ин бора чунин изҳори назар мекунанд: «Соли 1341, иштибоҳ накарда бошам, 41 ё авоили 42, дар як ҷашни мабъас, ки донишҷӯёни Донишгоҳи Теҳрон дар Амиробод солуни ғизохӯрӣ барпо карда буданд, даъват карданд, ки ман дар он рӯзи мабъас суханронӣ кунам. Дар ин суханронӣ мавзӯеро ман матраҳ кардам, ба унвони «Мубориза бо таҳриф яке аз ҳадафҳои» баъсат аст». Ва дар ин суханронӣ тарҳи як кори таҳқиқотии исломиро ироа кардам, ки он суханронӣ баъдҳо дар мактаби ташайюъ чоп шуд. Марҳум ??нажод ва чандтои дигар аз донишҷӯён, ки барои ин даъват ба Қум омада буданд ва иддае дигар аз туллоби ҷавон боз он ҷо буданд. Инҳо исрор карданд, ки ин кори таҳқиқотӣ оғоз бишавад. Дар пойизи ҳамон сол мо кори таҳқиқотиро оғоз кардем ва бо ширкати иддае аз фузало дар заминаи ҳукумат дар ислом мо ҳамвора ба масъалаи сомон додани андешаи ҳукумати исломӣ ва мушаххас кардани низоми исломӣ алоқаманд будем ва инро ба сурати як кори таҳқиқотӣ оғоз кардем. Ин корҳои мухталиф буд, ки ба ҳукумат гарон омад ва маро ночор карданд ба Теҳрон биёям ва дар Теҳрон он ҳамкориро бо Қум идома медодем.

**Ироаи тарҳи улгуи ташкилотии рӯҳоният барои тағйири вазъияти ҷомеа**. Шаҳид Биҳиштӣ дар мақолаи «Рӯҳоният дар ислом ва миёни муслимин» дар китоби «Баҳсе дар бораи марҷаият ва рӯҳоният» таҳти ановини «Таблиғот» ва «Таълиму тартиб» ва як қисмати муҳимми дигар тайи эҷоди як ташкилоти дохилӣ ва хориҷиро барои тағйири вазъияти мусулмонон ироа намояд. Ва ин мақоларо метавон яке аз муҳимтарин мақолоти ироашуда тавассути як рӯҳонӣ донист, ки ломолом аз ҳарфҳое нав ва муҳаққиқона дар бораи вазъияти ҳол ваояндаи рӯҳоният аст. Таъсиси рӯҳонияти муборизи Шамирон ва ниҳоятан, рӯҳонияти муборизи Теҳронро метавон таблури ин фикр донист, ки дар бахшҳои баъдӣ ба он мепардозем.

**Улгусозӣ бароиислоҳи ҳавзаҳо ва сохти кадрҳои ташкилотӣ.** Шаҳид Биҳиштӣ ҷиҳати он ки аввалан ба роҳатӣ битавонад афкори худро дар хусуси ислоҳи ҳавзаҳо ба ҳамагон намоёнад ва сониян бо кодрсозӣояндаи ташкилоти мавриди назари худро таъмин намояд, иқдом ба фаъолият барои таъсиси мадориси ҷадид дар ҳавзаи илмия намуд ва номҳои ин мадорис «Мунтазирия» («Ҳаққонӣ»), «Алавӣ» ва «Шаҳрзо» буданд. Шахси эшон дар ин бора чунин изҳор доштаанд: «Дар соли 1339 мо сахт ба фикри сомон додан ба ҳавзаи илмия уфтодем ва мударрисини ҳавза ҷаласоти мутааддиде доштанд, барои барномарезии назми ҳавза ва созмондиҳӣ ба ҳавза. Дар дуто аз ин ҷаласот банда ҳам ширкат доштам. Мо дар яке аз ҷаласот ба самар расидан ва дар ин ҷаласа оқои Раббонии Шерозӣ ва марҳум оқои Шаҳид Саидӣ ва хеле дигар аз бародарон ширкат доштанд. Оқои Мушкинӣ ва хелеҳои дигар ва мо дар як барномае дар тӯли як муддате тавонистем як тарҳ ва барномаи таҳсилоти улуми исломӣ таҳия кунем, дар ҳафтдаҳ сол. Ва ин пояе шуд барои ташкили мадориси намунае, ки намунаи маъруфтараш мадрасаи «Ҳаққония» ё мадрасаи «Мунтазирия», ба номи Маҳдии Мунтазирӣ аст, вале ба номи «Ҳаққонӣ», ки созандаи он сохтмон аст, марде аст, ки воқеан ишқ ва алоқа, сармоя ва ҳама чизашро рӯйи сохтани ин сохтмон гузошт. Худованд ӯро ба подоши хайр маъҷур бидорад, ба номи ӯ маъруф шуд. Мадрасаи «Ҳаққонӣ» таъсис шуд ва ин барнома дар он ҷо иҷро шуд ва дар ин мадорис боз миқдоре аз диққат мегузошт ва сарф мешуд.»

Ҷолиб он ки Шаҳид Биҳиштӣ дар ин мадраса аҳаммияти зиёде ба омӯзиши забони англисӣ медоданд ва худи эшон низ дар ин мадраса фалсафаи Ғарбро низ тадрис менамуданд ва шарти эшон бо марҷаъ барои ташкили ин мадраса ва ахзи кӯмаки молӣ аз онҳо адами дахолати онҳо дар мудирияти ин мадраса будааст, ки танҳо Оятуллоҳ Майлонӣ ин шартро мепазирад.

Дар ин мадорис озмуни вурудӣ ба озмун барои пешрафти дарсӣ ва озмун барои гирифтани дараҷаи таҳсилӣ гузошта шуд ва мушкил дар сармояи гунаӣ буд, ки фориғуттаҳсил битавонад ба роҳатӣ бар асоси равишҳои ҷадид таҳқиқ намояд.

Мадориси Оятуллоҳ Гулпойгонӣ барои аввалин бор шеваи ҷадиди аъмол шуд. Шаҳид Биҳиштӣ тарроҳи ин мадраса буд. Эшон ба фикр уфтода буд, ки таҳаввулоте дар ҳавза ба вуҷуд оварад ва мутадди дарсии ҳавзаро тағйир дода ва барои ин кор мадрасаи «Алавӣ» (мадрасаи Оятуллоҳ Гулпойгонӣ)- ро интихоб карда буд. Рӯзҳои аввал, ки вориди ин мадраса шудам, марҳум Биҳиштиро

бар, хилофи маъмули фузало ва уламо, бисёр муназзам бо абҳат ва шекпӯш дидам. Шаҳид Биҳиштӣ ва марҳум Раббонии Шерозӣ дар ҷаласаи аввал ба туллоб гуфтанд: ҳар кас мехоҳад дар ин мадраса бимонад, бояд имтиҳони вурудӣ бидиҳад ва дар ҳар мақтаъ бояд қабул шавад, то ҷавози суд ба мақотеи дигарро ба даст оварад. Ҳамчунин, ғайр аз дарсҳои маъмули ҳавза дарсҳои дигаре, аз ҷумла риёзиёт, таърих, адабиёти форсиро низ бояд бихонад.

**Иқдом дар заминаи ислоҳи умури донишомӯзон ва эҷоди ҳастаҳои ташкилотӣ дар ин хусус.** Ҳушмандонатарин иқдомоти ташкилотии Шаҳид Биҳиштӣ фаъолиятҳои эшон дар бораи вазъияти донишомӯзони мадориси омӯзиш ва парвариши кишвар мебошад. Ин иқдомотро метавон ба ду бахш: иқдом дар тағйири кутуби динии омӯзиш ва парвариш ва ташкили мадориси улгу тақсим кард.

**Иқдом дар тағйири кутуби динии омӯзиш ва парвариш.** Кутуби динии омӯзиш ва парвариши низоми қадим китобҳое буданд, ки бо забони қадимӣ нигориш шуда буданд ва мутуни онҳо низ бисёр печида ва хастакунанда ва бидуни ҳадафи мушаххас буданд, ба гунае ки клосҳо дар замони баргузории ин дарс хастакунанда ва гоҳ боиси масхара намудани мавзӯоти динӣ мегаштанд.

Шаҳид Биҳиштӣ огоҳона мутаваҷҷеҳ гардида буд, ки агар бихоҳад ҳукумати исломӣ дар Эрон истиқрор ёбад, бояд пояҳои ин иқдомро дар мадориси омӯзиш ва парвариш гузошт, зеро насли ояндасоз дар ин мадорис муҷтамаанд ва баданаи аслии ояндаи кишвар низ бояд бо равиши ҷадид сохта шуда ва ҳатталмақдур, дар ин масир по гузошт. Бад- ин хотир, Шаҳид Биҳиштӣ, ки метавонист пас аз бозгашт аз Олмон ба ҳавзаи илмия рафта ва пояҳои марҷаияти худро мӯҳкам намояд, барои ризоияти Худованд кор дар мадорис ва кутуби дарсиро ба тадрис дар ҳавзаи илмия тарҷеҳ дода ва алорағми тазаккуроти бисёре аз дӯстон «Кор барои Худо»- ро ба «ояндаи илмии худ» тарҷеҳ доданд.

Шаҳид Биҳиштӣ дар бораи ин иқдом чунин баён доранд: «Дар ҳамон солҳо (солҳои 1341- 42) ба фикри ин уфтодем, ки бо дӯстон ин китобҳо ва барномаи таълимоти динии мадорисро, ки имконе барои тағйираш фароҳам омада буд, тағйир бидиҳем. Дур аз дастгоҳҳои ҷаҳаннамии режим дар ҷаласоте тавонистем ин корро поягузорӣ кунем ва пояи барномаи ҷадид ва китобҳои ҷадиди таълимоти диниро бо оқои дуктур Боҳунар ва оқои дуктур Ғафурӣ ва оқои Барқаӣ ва баъзе аз дӯстони оқои Рази Шерозӣ, ки муддати каме бо мо ҳамкорӣ доштанд ва баъзе дигар монанди марҳум Рӯзбеҳ, ки хеле нақши муассире доштанд, бо ҳамкории инҳо пояҳои ин барнома фароҳам шуд.»

Албатта, дар канори ин иқдом Шаҳид Биҳиштӣ клосҳое барои омӯзиши муаллимони динии мадорис тарроҳӣ ва иҷро карданд, то натиҷатан ин кор ба беҳтарин шакл иҷро гардад.

**Ташкили мадориси улгу дар системи омӯзиш ва парвариш.** Шаҳид Биҳиштӣ, ки медонист бояд бо улгусозӣ афкори худро дар ҳама заминаҳо ба мардум нишон дода ва натиҷатан ҳамагонро ба ин гуна аъмоли солеҳ тарғиб намояд, ба фикри улгусозӣ дар муҳити омӯзиш ва парвариш уфтода ва тадриҷан мадориси писарона ва духтаронае бо системаи ҷадид таъсис намуда, то ҳам кадрҳои ташкилотии худро аз онҳо таҳия намояд ва ҳам бо истифода аз пӯшиши ин мадорис ҷаласоти ташкилотии муборизаро дар онҳо баргузор намояд. Шурӯи эҳтироми Шаҳид Биҳиштӣ барои ин кор қабл аз сафар ба Олмон ва бо роҳандозии мадрасаи «Дин ва дониш» дар Қум буд ва пас аз бозгашт аз Олмон эшон бо таъсиси мадориси «Рифоҳ» ва «Камол» ва бо ташвиқи мудирони мадрасаи «Алавӣ» ва мадорисе мушобеҳ саъй дар ниҳодина кардани таъсиси ин гуна мадорис намуд. Шаҳид Биҳиштӣ дар бораи таъсиси мадрасаи «Дин ва дониш» дар соли 1333 дар Қум, ки то соли 1342 низ истимрор ёфт, чунин изҳор доштанд: «Дар он мавқеъ ин тавр ба зеҳнам расид, ки барои сохтани кадрҳо як воҳиди намунаи фарҳангӣ ба вуҷуд биёварем ва дар онҷо навҷавонҳоро он гунна ба фикр мекунем, бисозем ва дар Қум дабиристони «Дин ва дониш»- ро ба ҳамин манзур таъсис кардем.»

Нуктаи муҳим дар ин изҳори назар сароҳати лаҳҷаи Шаҳид Биҳиштӣ барои кадрсозӣ тавассути ин мадраса аст. Арзиши боқӣ мондани ин мадорис барои Шаҳид Биҳиштӣ ба ҳадде буд, ки дар он замон, ҳатто, ба Оятуллоҳ Қозӣ тавсия карда буданд, ки ба дархости Совок дар заминаи насби акси шоҳ дар мадраса таваҷҷӯҳ намояд, то дабиристони оқои Қозӣ, ки ба тавсияи Шаҳид Биҳиштӣ дар Қум ба вуҷуд омада буд, татвил нагардад.

**Таблиғоти исломӣ.** Ҳастаҳои ташкилотии мавриди назари Шаҳид Биҳиштӣ барои таблиғоти исломиро ба ду қисмат: ҷаласоти ҳайати мазҳабӣ ва таблиғоти мазҳабии ғайриҳайатӣ метавон тақсим кард.

**Ҷаласоти ҳайатҳои мазҳабӣ.** Шаҳид Биҳиштӣ бо ҷаласоти мазҳабии мактаби Қуръон, мактаби Арризо ва Ансорулҳусайн пайванд дошт. Ҷаласоти мактаби Қуръон дар соли 1350 ва ҷаласоти мактабурризо дар соли 1351 ташкил шуд ва дар ин ҷаласот ҳудуди 400 ала 500 нафар дар он ширкат мекарданд ва Шаҳид Биҳиштӣ дар ин ҷаласот саъй дар амиқ кардани «шинохт»- и мардум ва муборизон, ки дар ин ҷаласот ширкат мекарданд, дошт.

**Таблиғоти мазҳабии ғайриҳайатӣ.** Миқдори ин таблиғот, умдатан, дар маҳофили «Гуфтори моҳ», «Ҳусайнияи иршод», «Анҷумани исломии муҳандисон», «Анҷумани исломии пизишкон» ва «Конуни тавҳид» дунбол мешуд.

**Ҷаласоти «Гуфтори моҳ».** Барои аввалин бор Шаҳид Биҳиштӣ иқдом ба баргузории ҷаласоти моҳона таҳти унвони «Гуфтори моҳ» намуд. Ин ҷаласот дорои шеваи ҷадиде буд, ки бар асоси он дар солҳои баъд пояи «Ҳусайнияи иршод» бино ниҳода шуд. Дар ин ҷаласот, ки ба сурати моҳона ташкил мешуд, суханрон ба сурати ҷиддӣ бар рӯйи мабоҳис кор мекард ва пас аз ироаи он матолиб забт ва пиёда шуда ва ба сурати ҷазавот ва китобҳо ироа мешуд. Ин ҳамон равише буд, ки бар асоси он «Ҳусайнияи иршод» ва барномаҳои худро поярезӣ намуд.

Шаҳид Биҳиштӣ дар ин бора чунин баён доштаанд: «Фаъолиятҳои «Ҳусайнияи иршод», ки дунёи фаъолиятҳо ва ҷаласот ва гуфторҳое буд, ки қаблан дар солҳои 1338 то 1341 идома дошт ва боз он ҷо ҳам як нуқтаи пайванде, ки бо дӯстони донишгоҳӣ доштем, бинобар ин, «Ҳусайнияи иршод» пеш омад ва ин корро густариш дод.»

**«Ҳусайнияи иршод».** Ҳамон гуна ки дар матолиби фавқ мутазаккир шудем, усулан, шеваи баргузории ҷаласоти «Ҳусайнияи иршод» аз ҷаласоти «Гуфтори моҳ» улгубардорӣ шуда ва Шаҳид Биҳиштӣ пас аз бозгашт аз Олмон дар мудирияти ин «Ҳусайния»
Кӯмакҳоеро низ менамуд.

Шаҳид Биҳиштӣ дар яке аз хотироти худ дар бораи ин «Ҳусайния» чунин баён доштаанд: «Ҳусайнияи иршод» тоза кораш рӯ ба сомон ва авҷ мерафт ва дар ҷаласоти марбут ба беҳбуди фаъолияти «Ҳусайния» буд, ки гаҳ- гоҳе бо эшон (Оятуллоҳ Толиқонӣ) дар робита будем ва машварат мекардем.»

**«Анҷумани исломии муҳандисон ва пизишкон».** Яке аз фаъолиятҳои ташкилотии Шаҳид биҳиштӣ узвият дар . «Анҷумани исломии муҳандисон» буд, ки суханрониҳои эшон дар ин марказ ба унвони манбае аз афкори эшон, ки ҳанӯз қобили дастрасӣ аст, шинохта мешавад. Ба ҳар ҳол, бар асоси аснoди Совок, Шаҳид Биҳиштӣ ва ҳамроҳ бо марҳум Муҳандис Бозаргон ва оқои Тоғиён ва марҳум Ядуллоҳ Саҳобӣ узвияти ин анҷумани исломиро, ки ҳар понздаҳ рӯзе як бор ҷаласоташ баргузор мешуд, доштааст. Эшон дар «Анҷумани исломии пизишкон» низ фаъолияте мушобеҳи анҷумани фавқро доштанд.

**«Конуни тавҳид».** Ҳарчанд фаъолияти аслӣ дар таъсиси «Конуни тавҳид». Бар дӯши Оятуллоҳ Мӯсавии Ардабилӣ буд, аммо Шаҳид Биҳиштӣ бо эшон дар ин замина ҳамкорӣ ва ҳамроҳӣ менамуд, ба гунае ки аввалин дафтари марказии Ҳизби ҷумҳурии исломӣ дар ин «Конун» эҷод гардид.

**Иқдом дар заминаи ислоҳи донишгоҳҳо ва эҷоди ҳастаҳои марбут ба ин марказ.** Фаъолиятҳои Шаҳид Биҳиштӣ дар ин арсаро метавон ба се даста тақсим намуд: фаъолиятҳое ҷиҳати пайванди ҳавза ва донишгоҳу мадорис, иқдомоте муназзам бар рӯйи донишҷӯёни мунтахаб, суханрониҳои умумӣ барои донишҷӯён.

**Фаъолиятҳое ҷиҳати пайванди ҳавза ва донишгоҳу мадорис.** Дар солҳои аввалияи даҳаи чиҳили шамсӣ фазои илмӣ ва фарҳангии кишвар ба гунае буд, ки донишҷӯён ва асотиди донишгоҳ, аз як тараф, ва туллобу мударрисини ҳавза. Аз тарафи дигар, чандон рағбате ба дидори якдигар надоштанд ва истилоҳан, ки бисёре аз мавориди дарки муштараке аз масоил ва мушкилоти рӯзгори худ надоштанд ва режими шоҳ низ мутамоил буд, то вазъият ба ҳамин минвол боқӣ монда, то бо вуҷуди ин шикофи бузург тафриқа миёни миллат ҳамчунин истимрор дошта ва пояҳои наҳзати исломӣ натавонад шакл пазирад. Дар ин миён барои аввалин бор Шаҳид Биҳиштӣ бо нигаронӣ аз ин вазъият бо таъсиси «Конуни исломии донишомӯзон ва фарҳангиёни Қум» дар пайи эҷоди ваҳдат миёни нирӯҳои донишгоҳӣ ва ҳавзаӣ уфтод. Албатта, шояд интихоби номи «Конуни донишомӯзон» барои ин кор аз он рӯ будааст, ки пӯшише барои фиреби Совок бошад. Шаҳиди мазлум дуктур Биҳиштӣ дар ин бора чунин изҳор доштаанд: «Дар соли 39 ё 40 (шояд 39) иқдом кардем барои эҷоди як конуни исломии донишомӯзон ва фарҳангиёни Қум ва аввалин маҷмаи ҳамоҳангкунанда ва наздиккунандаи рӯҳонӣ ва донишҷӯ, ки пайвандашон муборак буд ва чун муборак буд, доранд имрӯзро ба ҳам мезананд, аввалин пайвандро дар он шаҳр ба вуҷуд овардем. Рӯҳонӣ, донишҷӯ, донишомӯз, фарҳангӣ дар масҷид рӯзҳои ҷумъа гирди ҳам меомаданд ва баҳсҳои созандаи исломӣ доштем, боз ҳам бо оҳанги иҷтимоӣ.»

Албатта, эшон Шаҳиди Муфтиҳро барои масъулияти пайгирии ин конун бармегузинанд, ки ин кор то баъд аз пирӯзии Инқилоби исломӣ истимрор ёфт. Шаҳид Биҳиштӣ дар бораи ин интихоб низ чунин баён доштаанд: «Дар Қум ба муносибати тақвияти пайванди донишомӯз ва фарҳангӣ ва донишҷӯ ва талаба ба эҷоди «Конуни донишомӯзони Қум» даст задем ва масъулияти мустақими ин корро бародар ва ҳамкор ва дӯсти азизам марҳум шаҳид дуктур Муфтиҳ ба даст гирифтанд. Бисёр ҷаласоти ҷолибе буд, дар ҳар ҳафта яке аз мо суханронӣ мекардем ва дӯстон аз Теҳрон меомаданд. Гоҳе марҳум Мутаҳҳарӣ ва гоҳе дигарон, мударрисини Қум меомаданд. Дар як масҷид ва дар як ҷаласа талаба ва донишомӯз ва донишҷӯ ва фарҳангӣ ҳама даври ҳам менишастанд.»

**Барқарории ҷаласот барои донишҷӯёни мунтахаб.** Аз дигар иқдомоти Шаҳид Биҳиштӣ кадрсозӣ дар миёни донишҷӯёни мунтахаби эшон буд. Ин кадрсозӣ бештар дар ҷаласоти чаҳоршанбе, шабҳо дар манзили эшон сурат мепазируфт. Албатта, ҳамроҳ бо донишҷӯён ақшори дигаре низ дар ин

ҷаласот ширкат мекарданд, аммо мабоҳиси матруҳа бештар марбут ба донишҷӯён ва посух ба суолоти онҳо буд, монанди мабоҳиси марбут ба далели тағйири идиюлужии созмони муҷоҳидини халқ, ки дар ҷиҳати посух ба суолоти донишҷӯён матраҳ мешуд. Аз наздиктарин донишҷӯён ба эшон, ки баъдҳо низ ба унвони яке аз аъзои шӯрои марказии ҳизб тавассути Шаҳид Биҳиштӣ баргузида шуд, Шаҳид Ҳасани Иҷорадор буд, ки шояд битавон гуфт ба унвони робити донишгоҳии эшон ҷиҳати муборизоти донишҷӯён фаъолият менамуд.

**Ҷаласоти суханронии умумӣ барои донишгоҳиён.** Ҷаласоти «Гуфтори моҳ», «Конуни донишомӯзон», «Анҷуманҳои исломии муҳандисон ва пизишкон», «Ҳусайнияи иршод», «Конуни тавҳид ва донишгоҳҳо» аз ин қабил мебошанд.

**Ҳамоҳангӣ бо донишҷӯёни хориҷ аз кишвар.** Мисдоқҳои ин гуна фаъолиятҳои Шаҳид Биҳиштӣ бо донишҷӯён ва донишгоҳиёни хориҷ аз кишварро метавон дар тахсилоти зайл ёфт, то бунёнгузории Иттиҳодияи анҷуманҳои исломии Урупо ва иртибот бо донишҷӯёни эронӣ дар Амрико, ки дар сафаҳоти оянда ба ин мавориди ба шакли комилтаре пардохта хоҳад шуд.

**Иртибот бо рӯшанфикрони мусулмон.** Яке аз талошҳои Шаҳид Биҳиштӣ барои ҳамоҳанг намудани муборизони мусулмон, барқарории иртибот бо рӯшанфикрони мусулмони мубориз ва ҳидояту ҳимоят аз онҳо ва ахзи назариёти онон ҷиҳати ислоҳи ҳаракоти наҳзат ва худи эшон низ мебошад. Аз муҳимтарин рӯшанфикроне, ки дар ин чорчӯб метавон ба онҳо ишора намуд, дуктур Шариатӣ, Муҳандис Бозаргон, дуктур Паймон, Дориюш Фуруҳар ва Муҳандис Маводӣ мебошанд. Дар ин хусус ҳимояти бешоибаи Шаҳид Биҳиштӣ аз дуктур Шариатӣ то ҷое пеш рафт, ки эшон маҷбур шуданд аз сӯйи рӯҳониёни қишрӣ иттиҳомоти фаровонеро таҳаммул намоянд.

**Клосҳои густаришӣ.** Манзур аз ин унвон он аст, ки Шаҳид Биҳиштӣ дар замоне ба фикри баргузории клосҳое уфтоданд, ки ширкаткунандагон дар он худ бонии клосҳое мушобеҳ ба афроди дигар бигарданд ва ба ҳамин тартиб афроди ширкаткунанда дар клосҳои баъдӣ низ худ бонии клосҳои мушобеҳ гарданд. Бад- ин тартиб, мушоҳида мегардад, таркиби ин клосҳо ба сурати сохтори як созмон тарроҳӣ шудааст, ки афроди он ба сурати тасоудӣ густариш мeёбанд. Шаҳид Риҷоӣ дар бораи яке аз ин клосҳо чунин изҳор доштаанд: «Мо болои дуктур Биҳиштӣ як ҷаласаи ҳафтагии мазҳабӣ доштем, ки эшон 15 нафарро интихоб карда буданд. Таълимоти мактабиро дар як ҷаласа омода кардем. Баъд ҳам боз гӯш медодем ва омода мешудем, ки дар оянда худамон гардонандагони клосҳои дигар бошем. Тақрибан, тамоми афроде, ки дар он ҷаласа буданд, дорои парвандаи сиёсӣ буда ва мо дар он ҷаласа ба таври мухтасар, тақрибан, ҷамъ мешудем ва камтар касе аз он ҷаласа мутталеъ буд.»

**Ташкилоти хориҷ аз кишвар зери назари Шаҳид Биҳиштӣ**. Маҷмӯаҳои ташкилотии зери назари Шаҳид Биҳиштиро ба як эътибор метавон дар се дастаи зер ҷой дод: маркази исломии Ҳомбург, донишҷӯёни хориҷ аз кишвар ва масоили марбут ба Лубнон.

**Маркази исломии Ҳомбург**. Аввалан, фаъолияти Шаҳид Биҳиштӣ дар ин марказ ба тавсияи мароҷеи он замон, ба вижа Оятуллоҳ Майлонӣ, сурат пазируфт ва марҷаи бузурги дигаре ба номи Оятуллоҳ Аҳмади Хонсорӣ мӯҷиботи омода шудани гузарномаи эшонро фароҳам намуд.

Пас аз истиқрори Шаҳид Биҳиштӣ ва хонавода дар Ҳомбург, эшон дар оғоз барномаи омода шудани сохтмони нимасохтаи масҷидро фароҳам намуданд ва онгоҳ ба тадриҷ ташкилоти нисбатан густардаеро барои маркази фавқ ба вуҷуд оварданд, ки зайлан ба онҳо мепардозем:

**Таблиғоти исломии масҷид ба василаи анҷоми суханронӣ.** То он замон дар Урупо, усулан, мусулмонон ташкилоти муносибе барои таблиғи ислом надоштанд ва аз ин рӯ, Шаҳид Биҳиштӣ се гуна барнома барои суханрониҳои таблиғӣ дар Ҳомбург пай ниҳоданд: суханрониҳои ҳафтагӣ, моҳона ва мақтаӣ

**Сандуқи ҷамъоварии кӯмакҳо.** Шаҳид Биҳиштӣ бо пай ниҳодани Сандуқи ҷамъоварии кӯмакҳо ҳисобдории сахтеро ҳам барои он қарор додан два интишори билони моли муназзам аз равишҳои собити ин сандуқ буд.

**Мушовара ва посухгӯйӣ ба мусулмонон**. Аз он ҷо ки овозаи шиддати ин марказ пас аз чанде ба тамоми Урупо ва ҳатто, мусулмонони Амрико расида буд, марказ табдил ба маҳалли мурочиаи онҳо барои посух гирифтан аз суолоташон шуд. Ин суолот аз тамомии Олмон ва Урупо ва, ҳатто, Амрико буд. Шаҳид Биҳиштӣ дар ин хусус чунин изҳор доштаанд: «Иқомати ман дар Ҳомбург буд, вале ҳавзаи фаъолияти ман кулли Олмон, бахусус Итриш буд ва як миқдори каме ҳам Суис ва Инглис буд ва аммо иртиботи мо бо ҳама кишварҳо ва иртиботи кутубӣ бо Суид, Ҳуланд, Билжик, Амрико, Итолиё, Фаронса. Бо ин кишварҳо мо иртибот доштем.»

**Эҷоди ҳастаҳои ташкилотии эрониёни муқими Эрон.** Ба ҷуз Анҷумани исломии донишҷӯёни Урупо, ки дар бахши баъдӣ ба он мепардозем, Шаҳид Биҳиштӣ ҷиҳати муташаккил шудани эрониён ва мусулмонони Эрон дар Урупо иқдомоте намуданд ва дар ин роҳ номи қаблии ташкилоти марбут ба масҷиди Ҳомбург, яъне «Ҷамъияти исломии эрониён дар Ҳомбург»- ро ба «Маркази исломии Ҳомбург» тағйир дода, то битавонанд тамомии мусулмононро зери як сақф ҷамъ оваранд ва зоҳири

масҷидро низ чунон ороиш доданд, то мусулмонони аҳли суннат низ бо рағбат ба ин масҷид рӯй оваранд.

**Ҷамъияти мусулмонони Итриш.** Ин ҷамъият бо назари Шаҳид Биҳиштӣ ташкил шуда ва асосномаи он низ бо назари эшон тадвин шуд.

**Иртибот бо муборизони дохилӣ.** Яке аз иқдомоти Шаҳид Биҳиштӣ дар Олмон огоҳӣ аз ахбори Эрон ва иртибот бо муборизони дохилӣ буд, ки ин кор ба ду тариқ: ирсоли нома ва даъват аз онҳо сурат мепазируфт

**Чопи нашриёт.** Ду нашрия: «Садои ислом» ва «Исломи мубориз» аз тарафи масҷид дар маркази исломӣ интишор меёфт, ки ин нашриёт зидди забон низ мунташир мешудааст.

**Суханронии хориҷ аз масҷид.** Яке дигар аз равишҳои таблиғоти исломии Шаҳид Биҳиштӣ дар тӯли муддати иқомати эшон дар Ҳомбург, суханрониҳое буд, ки эшон дар хориҷ аз масҷид ва Маркази исломии Ҳомбург ачом медоданд ва ин суханрониҳо, умдатан, дар калисоҳо, маҳофили донишҷӯйӣ ҳамчун кунфронсиюн сурат пазируфтааст.

**Ситоди ҷамъоварии кӯмак ба Фаластин.** Дар пайи ҳамлаи густардаи хурдодмоҳи соли 1346 шамсӣ ба аъроб, ки ба ҷанги шашрӯзаи аъроб ва Исроил машҳур гардид ва дархости ирсоли кӯмак ба онҳо ба василаи Баёнияи 17 хурдоди ҳамон сол Имоми Шаҳид Биҳиштӣ иқдом ба таъсиси Сандуқи ҳимоят аз мардуми Фаластин дар Маркази исломии Ҳомбург намуд.

**Мудирияти пас аз бозгашт.** Пас аз бозгашти Шаҳид Биҳиштӣ ба Эрон ва мамониати режими шоҳ аз хуруҷи эшон аз Эрон, Шаҳид Биҳиштӣ то охири умр ҳамчунон мудирияти кулли ин марказро аз Эрон ба ӯҳда доштанд ва зимни интихоби аимаи ҷамоати баъдӣ бо кӯмаки молӣ ва ҳидояти фикрӣ ба умуроти ин марказ мепардохтанд.

**Иттиҳодияи анҷуманҳои исломии донишҷӯён дар Урупо.** То қабл аз ташкили ин ташаккул, усулан, донишҷӯёни мусулмони эронӣ дар Урупо дорои ташкилоти хоси худ набуда ва ин донишҷӯён дар баробари ташаккули густардаи «Кунфронсиюни ҷаҳонӣ», ки мутааллиқ ба донишҷӯён чапгаро буд, эҳсоси камбуд менамуданд. Ба ҳар ҳол, бо пешниҳоди аввалияи чанд тан аз донишҷӯён, Шаҳид Биҳиштӣ зимни қабули он назар медиҳанд, ки барои он ки ташкили ин иттиҳодия латма ба ваҳдати мусулмонон назанад, бо изофа кардани вожаи «форсизабонон» ба «Иттиҳодияи донишҷӯён» изофа шуда ва сипас бо ҳимоятҳои молӣ ва фикрии эшон бунёни ин иттиҳодия гузошта мешавад.

Шаҳид Биҳиштӣ дар ин бора чунин баён доштаанд: «Чанд тан аз дӯстони донишҷӯйии боимон ва боихлос, ки манн ҳамеша бояд аз онҳо ба некӣ ёд кунам, дар Гис ва Брονшуй ва баъзе аз шаҳрҳои дигари Олмон зиндагӣ мекарданд, номае навиштанд, ки фалонӣ, мо тасмим гирифтаем як созмони донишҷӯйии исломии эронӣ дуруст кунем. Назар чист? Ба онҳо навиштам: руфақо, агли фикр бисёр хуб аст. Ба ҳамин далел, бо он мувофиқам. Аммо, аз ин ки шумо бихоҳед аз он созмони ҷомеи исломӣ-донишҷӯйӣ муншааб шавед ва бигӯед: мо як созмони донишҷӯйии исломии эронӣ ҳастем, аз ин хушам намеояд ва ин бар хилофи мантиқи ислом аст. Ба шумо пешниҳод мекунем кортонро шурӯъ кунед. Аммо, бо ин ном: «Иттиҳодияи донишҷӯёни мусулмон дар Урупо- гурӯҳи форсизабонон» ҳисоб биёяд. Яъне, мо узве ва буғзе аз он иттиҳодия ҳастем, вале ба забони форсӣ фаъолият мекунем. Ин дӯстони мухлис фаҳмида, бидуни ҳеч назари дигар ин пешниҳодро қабул карданд.

Дӯстон, бародарон ва хоҳарони азиз! Хушбахтона, ин талоши пайгири ҷавонони мо бо ҳамкории мудовим ва бедареғи Маркази исломии Ҳомбург дар ин чанд сол бад- он ҷо расидааст, ки инак, дар чордаҳ шаҳри донишгоҳии Олмон ва Итриш Анҷумани исломии донишҷӯёни гурӯҳи форсизабон бо ташкилоти муназзам вуҷуд дорад.»

Ҳамчунин, донишҷӯёни эронии муқими Итриш низ зери назари Шаҳид Биҳиштӣ Анҷумани исломии худро ташкил карда, ки гузориши он дар яке аз гузоришоти Совок омадааст.

**Иртибот бо донишҷӯёни мусулмони эронии муқими Амрико.** Шаҳид Биҳиштӣ зимни иртиботи кутубӣ бо ин донишҷӯён як бор низ ҷиҳати рафъи ихтилофот ва мушовара дар умури ташаккули онон ба Амрико сафар намуд.

**Иртибот бо мусулмонони Лубнон.** Яке дигар аз меҳварҳои иртиботии хориҷ аз кишвари Шаҳид Биҳиштӣ пайванд бо масоил ва мавориди мусулмонон ва шииёни Лубнон буд. Фаъолиятҳои эшон дар Лубнон аз ду тариқ анҷом мепазируфт. Меҳвари аввал иртибот, машварат ва ҳамкорӣ бо Имом Мӯсо-садри ҳаракати амали Лубнон буд, ки як бор бо сафар дар ин замина фаъолияти волое намуд

## ОРГАНИЗАТОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ШАХИДА БИХИШТИ (РУКОВОДИТЕЛЯ ПАРТИИ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ) ДО ИСЛАМСКОЙ РЕВОЛЮЦИИ

В данной статье автором подвергнуто изучению и рассмотрению организаторская, культурная, международная, благотворительная и революционная деятельность Шахида Бихишти – руководителя Исламской партии Ирана до свершения Исламской революции в Иране. После свершения Исламской революции в Иране самая крупная и влиятельная организация в Иране - Партия Исламской Республики также начала свою деятельность под руководством Шахида Бихишти.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Исламская партия Ирана, Шахид Бихишти, революционная деятельность, руководитель партии, революция.

**ORGANIZING ACTIVITY OF SHAHID BIKHISHTI (THE HEAD OF PARTY OF THE ISLAMIC REPUBLIC) BEFORE ISLAMIC REVOLUTION**

In this article by the author it is subjected to studying and consideration organizing, cultural, international, charitable and revolutionary activity of Shahid Bikhishti – the head of Islamic party of Iran to a fulfillment of Islamic revolution in Iran. After a fulfillment of Islamic revolution in Iran the largest and influential organization in Iran - the Party of the Islamic Republic also began the activity under the direction of Shahid Bikhishti.
**KEY WORDS:** Islamic party of Iran, Shahid Bikhishti, revolutionary activity, head of party, revolution.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Маджид Хакикатбаён*** – соискатель Таджикского национального университета.

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ЭРОН

***Маҳдии Темуриён***
**Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ**

Яке аз фарояндҳои аслӣ дар ҷараёни навсозии кишварҳои дар ҳоли (тараққиёт масъалаи иштироки оммаи мардум ва ҷавонон дар ҷараёноти сиёсӣ аст.

Дар ин кишварҳо мардум бо таваҷҷӯҳи ба огоҳиҳое, ки аз системаи сиёсии кишварҳои тараққӣ ёфта дорад, хостори мушорикат дар таъйини сарнавишти сиёсии мамлакати худ мебошад. Дар ҳоле, ки роҳбарони сиёсӣ дар ин кишварҳо дорои ду нав аксуламал гуногуни худ мебошад, ки яке пеш аз инқилоб буд ва дигараш баъд аз инқилоб буд. Дар баъзе аз кишварҳо роҳбарони сиёсии ширкати мардумро дар фаъолиятҳои сиёсӣ ташфиқ мекунанд. Ба гурӯҳи мардум иҷозати мудохила дар сиёсатро медиҳанд. Ва дар бархе дигар аз кишварҳои ҳоким монеъ аз ширкат дар таъйини сарнавишти хеш мешавад.

Дар дастаи аввал озодӣ ва демократӣ ба ҳар ҷиҳат тамрин мегардад. Дар ҳоле, ки дар дастаи дуввум сиёсатҳои сиёсии худкома эъмол мешавад. Иштироки сиёсӣ аз муҳимтарин, аз асоситарин мутолиботи ҷавонони кишвар аст.

**Ҷавонон ва сиёсат:** Муҳаққиқи амрикоӣ Сиюро ширкати ҷавонон дар сиёсатро ба унвони «Фароянди кашфи ва ибрози ҳуввиятҳо» ёд кардаанд ва саранҷом ин ки ҳар гуна кунишё вокунише, ки мазмуне ё пайомади сиёсӣ аст ва бо ҳадафи таъсиргузорие бар авомиле бархурдор аст. Аз қудрат ва манофии сурат мегирад.[1]

Упомянем и о сходстве российских и иранских концепций развития мировой цивилизации в XXI веке, выявленном на российско-иранских переговорах в Москве по вопросам стратегической стабильности в 2000 г. Российская идея многополярности мира соответствует иранской концепции «диалога цивилизаций». Каковы же могут быть перспективы стратегического партнерства России и Ирана (прежде всего, в геополитическом плане)? Зонами (регионами) согласованной политики Ирана и России сегодня, очевидно, можно считать Закавказье, Среднюю Азию, Афганистан и собственно Каспийское море. Не в последней степени именно вышеперечисленные аргументы «за» сотрудничество России и Ирана для США имеют явно другое значение. Задержка с началом военной акции против Ирана объясняется, скорее всего только улаживанием дипломатических вопросов. Дело в том, что, вторгаясь в Иран, США в очередной раз затрагивают стратегические интересы Евросоюза, России и Китая. Остроту геополитическим проблемам региона придает тот факт, что он находится в сфере стратегических интересов крупнейшей мировой державы, претендующей на монопольное положение в решении вопросов мировой политики, делении государств на «плохие» и «хорошие», где главным критерием выступает лояльность-нелояльность (или готовность-неготовность) к демократическим преобразованиям. Навязывая миру свое «черно-белое» восприятие некоторых стран США фактически выступают одним из серьезных дестабилизирующих факторов на авансцене мировой политики. Решение сложных международных вопросов с помощью военного вмешательства свидетельствует, как минимум, о некомпетентности и недальновидности американских политиков, их претензии на мировое господство, что никак не соответствует облику «демократического государства».

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Александров И. А. Монархии Персидского залива. Этап модернизации М.: Международные отношения, 2000.
2. Аль Хамид Джабайль. США и Персидский залив: способы обеспечения американской гегемонии. - Дубай, 2001.
3. Аль-Гунайм Я. Ю. Кувейт: ответ захватчикам, М., "М-ОКО", 2001 г., 128 с. 2001.
4. Васильев А.М. Персидский залив в эпицентре бури, М., "Наука", 1983 г., 287 с.
5. Закария М.Г., Яковлев А.И. Нефтяные монархии Аравии на пороге XXI века, М., Институт изучения Израиля и Ближнего Востока, 1998 г., 412 с.
6. Ибрагимов С.Д. Ислам и внешняя политика арабских монархий Персидского залива в 80-е гг., М., "Наука", 1991 г. 389 с.
7. Кулагина Л.М., Ахмедов В.М. Иран выходит из изоляции //Иран: ислам и власть. Сб. статей. М., 2001.
8. Майбах Х. Стратегия конфликта. Лондон, 1999.
9. Маквайер Ф. Военно-промышленный комплекс стран - участниц ССАГПЗ. Вызовы и ответы. Нью-Йорк, 2001.



**СТОЛКНОВЕНИЕ ИНТЕРЕСОВ ИРАНА И США В РЕГИОНЕ ПЕРСИДСКОГО ЗАЛИВА**

Персидский залив имеет особую геополитическую значимость в мировой политике. Исходя из этого, автор на основе глубокого научного анализа всесторонне анализирует интересы Ирана и США в экономическом, политическом и геополитическом плане в этом регионе.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Персидский залив, стратегический интерес, геополитические интересы, нефтяные ресурсы, регион, партнерства, стабильности.



**COLLISION OF INTERESTS OF IRAN AND THE USA IN THE REGION OF THE PERSIAN GULF**

The Persian Gulf has the special geopolitical importance in world politics. Proceeding from it, the author on the basis of the deep scientific analysis comprehensively analyzes interests of Iran and the USA in the economic, political and geopolitical plan in this region.



**KEY WORDS:** Persian Gulf, strategic interest, geopolitical interests, oil resources, region, partnership, stability.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Тохирхани*** – преподаватель филиала Свободного исламского университета в Таджикистане


# ҲАҚИҚАТИ МУШОҲИДА АЗ ДИДГОҲИ ИБНИ АРАБӢ


***Маҳини Фараҳонӣ***

**Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**


Дар ирфон Ибни Арабӣ бештарин таваҷҷӯҳ ба илм, маърифат ва кашфиёт шуда аст, ки дақиқтарин баҳси ирфонӣ аз они Ибни Арабӣ аст, чун, ки Ибни Арабӣ дар ниҳояти сулук аз мавҷҳои дарёи бе поён ва маърифати илоҳӣ расид ва ӯ ба ҳамроҳи Исо ва Мусои калим ва Одам абул Башар қадам бардошта ва иддаои шайху шуюхӣ мекунад. Ӯ нубувват ва воқеъ шудани рисолат ва динро ҳар се ба даст дорад ва худро модари шариат ва вориси нубувват ва башоратдиҳандаи рисолат ва дорандаи вилоят медонад. Мактаби Ибни Арабӣ аз назари ирфон ва равишҳои андеша бо мактаби орифони дигар фарқ дорад. Ибни Арабӣ аз назари Ирфон ва равишҳои андеша бо мактаби ирфонии дигар фарқ дорад. Ӯ шариатро бар маънои қишрӣ ва зоҳирӣ надониста, аз фусуси Одамия ва Муҳаммадия ва Идрисия гирифта, то фусуси дигар ҳамаро ҳикоят кунанда аз сайру сулук медонад, ки Анбиёи бузург дар роҳи расидан ба ҳақ доштаанд. Назарияҳои Ибни Арабӣ ончи ба унвони кашфу мукошифа ва шуҳуд ё мушоҳида матраҳ аст муҳимтарин шоҳиди таҷрибаи динӣ ба шумор меояд, ки аз он дар фарҳанги ҳозираи [1] мағрибзамин ба унвони таҷрибаи ирфонӣ ёд мешавад. Ибни Арабӣ бештар аз "ишроқ" таъсир гирифта аст[2] ва мактаби шайх Акбар падидае аст , ки дар бистари фарҳангӣ исломӣ ба вуҷуд омада ва дар ин миён нақши муҳиме аз он аст, ки аз паёмбар ва Эмомони бузург ва сипас шайхони бузурги суфия, монанди баъдиҳо Иброҳими Адҳам, Робиаи Адвия оғоз ва тавассути касоне монанди Бастомӣ, Ҷунайд ва Харақонӣ, Ғаззолӣ ва дигар орифони бузург идома пайдо кард.

Муҳийиддин дар "Футуҳот" илмро ба эътибор дастабандӣ карда аст. Илми иктисобӣ илме аст, ки бо амали инсон ҳосил ояд, аммо дар илми ғайбӣ амале даркор нест ва аз бӯрҳону истидлоли мантиқӣ ва фалсафӣ ба даст намеояд. Манзури Ибни Арабӣ ин аст, ки ин илм дар соҳибони қалбҳо ва мушоҳидаҳо ва мукошифаҳо мебошад, на обидон ва зоҳидон ва на махсуси сӯфиён. Ҳамчунин Ибни Арабӣ дар заминаи касби маърифат ба Ҳақтаоло ба ду тариқ эътиқод дод. Роҳи аввал далел ва фикр аст, ки далел ва фикр, ки дар маърази хато ҳастанд ва фақат фикр медонад, ки Ҳақтаоло аст ва роҳи дуюм кашф аст, ки хато ва иштибоҳ мумкин нест ва роҳи дуюм аз роҳи аввал беҳтар аст.

Байни илм ва маърифат фарқ мегузорад. Ӯ маърифатро азамати илоҳӣ медонад ва илмро аз

тарики фикр ба даст меояд, ки имкони шак ва шубҳа аст вале маърифат аз тарики кашф ва шууд ба даст меояд ва шакку шубҳа дар он вуҷуд надорад.

Ибни Арабӣ бовар дорад, ки маърифати бандагон бар се қисм аст: толибони ақлҳо, толибони қалбҳо, толибони шуҳуд, ки Ибни Арабӣ бештар шуҳудро дар назар дорад, ки аз Анбиё ва Паёмбарон тақлид мекунад. Пайрави ҳақиқи онҳое ҳастанд, ки ба шуҳуд мерасанд ва Ибни Арабӣ бовар дорад, ки ақлҳои аҳли эмон фаҳмиданд танҳо ба воситаи риёзат, муҷоҳидат ва дил буридан аз алоқаҳо ва холи сохтани маҳалли дил ва пок кардани қалб метавонанд ба кашфу шуҳуд даст пайдо кунанд, аз ин рӯ мӯътақид аст, ки солик бояд се марҳала Тахаллӣ [3]-Таҳаллӣ-Таҷаллиро [4] бигузаронад, то қалби ориф монанди ойина соф сайқал дода шавад ва нурҳо дар қалби ориф битобад ва боз таҷҷаллӣ се қисм аст. Таҷҷаллии зот, таҷҷаллии сифатҳо ва таҷаллии феълҳо аст, ки нахустин таҷаллие, ки бар солик дарояд афъол аст [5] ва онгоҳ таҷҷаллии сифатҳо ва сипас таҷҷаллии зот аст. Ибни Арабӣ равиши тазкияро бар пояи назарияи тазкияи (Катер Син) дар ойини нави Афлотун ва Масеҳият устувор медонад. Ӯ бовар дорад, ки нафс, қалб, рӯҳ, ки аз равони инсон ва моддӣ ва таҷҷарруд надорад, дар асл илоҳӣ мебошанд ва ба хотири пайвастан бо бадан ва иртибот бо олами ҳаюло аст ва ин узв аз нафс ҳасос аст, ки инсонро аз мартабаи олии он сукут медиҳад. Аз нигоҳи Ибни Арабӣ тазкия се мартаба дорад. Тазкияи нафс, тасфияи қалб, ва таҷҷаллии рӯҳ.

Ибни Арабӣ бар ин ақида аст, ки барои расидан аввал ду амал зарӯрат дорад тавба ва дарҳам куфтани ҳавасҳо.[6] Барои расидан ба мартабаи дуюм, хилват ва зикраст ва мартабаи сеюм, эмони сӯфиёна, ки дарҳои рӯҳро барои илҳомоти алавӣ ва осмонӣ мекушояд кифоят мекунад.[7]

Шайх муҳимтарин омил дар пайдоиши ирфон дар миёни мусалмонон ва таваҷҷӯҳи онҳо ба масъалаҳои кашф ва шуҳуд ва илова бар фикр, андеша ва далелҳо раъйи дигар (тарики пешина), ки басо арҷмандтар ва бартар аз тарики андеша аст ва мӯътақид аст, ки танҳо абзори қобили эътимод барои таҳсили илмро қалб медонад, ӯ эътиқод дорад, ки вақте қалби мо Ҳақтаолоро дар бар мегирад, дигар ҳеҷ як аз махлуқот ҳамроҳи Худо дар қалб намегунҷад ва мисли ин ки қалб пур аз Худо мешавад. Маънои ин сухан ин аст, ки вақте Ҳақ бар қалб таҷҷаллӣ мекунад ва қалби ӯро менигарад [8], дигар наметавонад бо будани Худо ба ғайри ӯ назар кунад ва қалб аз тарики эмон гунҷоиши ҳақиқат меёбад ва ба маърифат мерасад. Роҳи маърифат аз даруни қалб аст ва ҳар кас эмон надорад худо ва оламро наметавонад бишиносад. Қалб моро аз роҳи эмон ба маърифат мерасонад. Ибни Арабӣ мӯътақид аст, дар ин ҳангом аст, ки мӯъминонро ба муойина ва мушоҳидаи нақл ва интиқол медиҳад. Ибни Арабӣ барои баёни моҳияти мушоҳида се таърифро матраҳ мекунад: Мушоҳидаи халқ ва он дидани ашё ба далелҳои тавҳид, мушоҳидаи халқ аст дар халқ ва он дидан аст. Дар ашё ва мушоҳида[9] ҳақ аст бидуни халқ ва он ҳақиқати яқин аст ва бидуни шак. Ибни Арабӣ ба ҳар шаъй ду гуна нигоҳ мекунад, истиқлолӣ ва оятӣ.

Ӯ истиқлолро ин тавр баён мекунад вақте ки ориф ба об нигоҳ мекунад, фақат онро ба унвони об менигардад ва иртиботи ин шайъро аз ҳақ бурида аст вале гоҳе ба як шайъ нигоҳ мекунанд ва он шайъ мазҳар ва ояти Ҳақт аоло мебинад ва агар ашёъро ба унвони оятҳои Ҳақ нигоҳ кунад, ба мақоми мушоҳида расида аст. Мушоҳидаи дуюм дар ҳақиқат мазҳари ҳақро дар ашёъ мебинад ва ба назари Ибни Арабӣ қисми сеюми рӯъяти дидани зот Ҳақ аст. Ӯ дар мушоҳида матраҳ мекунад, ки шуҳуд ва шоҳид аст, ки аз Ҳақ дар қалб мебошад, вале дар рӯъят манзур дидани зоти Ҳақ таоло аст ва Ибни Арабӣ мӯътақид аст, ки боре чигунагии мушоҳидаи Худо бар ин бовар аст, ки ҳақ нур ва халқ зулмат аст. Ҳамон тавре ки шабу рӯз бо ҳам ҷамъ [10] намо шаванд нур ва зулмат ҳам бо ҳам ҷамънамо шаванд ва агар нафси ҳақиқатан ҳақро мушоҳида кунанд дигар халқро наметавонанд мушоҳида кунанд. Ибни Арабӣ ба ин нукта бисёр ишора мекунад, ки Ҳақ таоло дар ин дунё қобили шуҳуд нест. Ӯ дар бораи макошифот мефармояд, ки касоне, ки дорои мафтуҳи боз кардани кашфиёт ҳастанд дидагонашон дар номҳои ба ғайр аз ҳақ намо афтодаанд ва Ибни Арабӣ мукошифаро бар се қисм медонад: Мукошифаи илм, мукошифаи ҳол ва мукошифаи ваҷд.[11]

Мукошифаи илм: Ибодат аз таҳқиқи амонат аст ба василаи фаҳм ва манзур он аст, ки шахс ҳангоми таҷҷаллӣ машҳуд, онҷиро мақсад аз он таҷаллӣ барои ӯ аст, бифаҳмад ва бишносад, зеро таҷҷаллӣ ҷуз барои он нест, ки шахс чизеро бифаҳмад, ки пеш аз он намедониста аст. Ҳадафи кашф, яъне даст пайдо кардани маърифат дар нафс аст.

Мукошифаи ҳол: Таҳқиқи зиёдати ҳол аст манзур аз ҳол, ҳар санъате аст, ки шахс дар замоне ба он мавсуф буда аст дар воқеъ ҳоло ҳамон санъат аст. яъне агар ориф шахсеро дар ҳолате ё сифатӣ хос мушоҳида кард ва аз ин ҳол ё сифат ба ҳақиқате, ки таъвили ин ҳол ё сифати изофа карда, худ бар он аст, мунтақил шуд, ӯ дорои мукошифаи зиёдатии ҳол аст.[12] Сеюмин мукошифа ваҷд аст, ки таҳқиқ ишора аст, ки манзури он ду гунаи маҷолис аст. Навъи аввал шахс танҳо бо Ҳақ таоло аст ва навъи дуюми маҷлиси аст, ки шахсони дигаре бо он шахс мушорикат доранд чи кам ё чи зиёд. Дар назди Ибни Арабӣ мукошифа ва мушоҳида тафовут дорад макошифа ба маъонӣ аст ва мушоҳида ба зот таалуқ дорад. Мукошифа бар ҳукми номҳо (асмоъ) ва мушоҳида ба сабаби мусаммо. Ибни Арабӣ

мукошифаро аз мусоҳида комилтар донистааст. Кашфи ирфонӣ аз табиати [13] инсон сарчашма мегирад ва ба хостгори он майли табии инсон ба Худо аст. Аз он ҷо, ки таърифи инсон дар ирфон "ҳайвон халифа" аст ва бояд дар ӯ майл бошад ва ин майл дар асл ва зоти одами ба амонат гузошта шуда аст.

Ибни Арабӣ бар шуҳуд такя мекунад, ки аз сунхи илми ҳузурӣ аст ва дар айни ҳол, ки навъи огаҳӣ аст, аз ҳавзаи фаъолиятҳои зеҳнӣ ва ақлӣ берун аст. Аз назари Ибни Арабӣ мутааллиқи ирфон, ҳастии мутлақ аст, ки ориф мутобиқи рутбаи сулуки худ таҷҷаллии хос аз ӯро мееёбад ва дар ниҳоят ба таҷрибаи фанои дар зоти аҳадият роҳ мееёбад, ки албатта мартабаи баъд аз ғайби мутлақ аст, ки касеро ба он роҳе нест. Ибни Арабӣ тавсифи мутааллиқи таҷрибаи ирфониро дар як низоми халқ печидае, ки маҳдудаи он ваҳдати вуҷуд аст, мубтани месозад. Бешак ирфони назарӣ, ки поягузор ва падари он дар ҷаҳони ислом шинохта шуда як низоми фалсафӣ бар асоси ирфон аст. Аз назари Ибни Арабӣ вилоят [14] мақоми касбшаванда аст, ки ҳар инсони омодае метавонад бо қадам ниҳодан дар роҳи сулук ба он даст биёбад. Вале аз ҷумла номҳои Ҳақ таоло аст ва Ибни Арабӣ бовар дорад, ки вилоят яке аз буъдҳои Ҳақ таоло, ки ба шумор меравад ва ин номи Илоҳӣ дар ориф вақте, ки ӯ ба авҷи таҷрибаи ирфонии худ, яъне фано даст мееёбанд ва таҷаллӣ мекунад ва ӯ мазҳари номи валӣ мегардад ва валӣ номи муштараки Ҳақ таоло ва инсон аст. Дар миёни инсонҳо шахсоне ҳастанд, ки ба мақоми вилоят даст ёфтаанд валии Худованд [15] мебошад. Ибни Арабӣ ишора ваҳӣ мекунад ва ваҳӣ он аст, ки ба суръат дар нафси шунаванда асар мегузорад ва ин корро ҷузъи орифон ба шууни илоҳӣ касе дар намеояд. Ваҳӣ ба маънои шитобанда ва тезрав аст. Боз Ибни Арабӣ ишора мекунад ба инсони комил, ки аввалин касе аст, ки истилоҳи “инсони комил”-ро [16] дар ирфони исломӣ гузошт Ибни Арабӣ буд ва ӯ мӯътақид аст, ки ҳар инсоне қобили ба садр-ул-мунтаҳо ва қоба қавсайн бирасад ва он мақоми вилоят аст ва ӯ уруҷ ва меъроҷ, руҳониро барои инсонҳо як кори оддӣ медонад. Инсонҳо дар масири сайру сулуки худ дар мазоҳир ва маҷолҳои гуногун зуҳур пайдо мекунанд ва гоҳе мазҳари Мусо аст ва онгоҳ, ки бояд мутаҷҷаллӣ ба сифатҳои ӯ мешавад ва инсони комил тамоми китобат ва вазорат уруҷ мекунад. Яъне дорои камолоти Исоӣ ва Мусоӣ ва Ҳорунӣ шавад то битавонад ӯро инсони комил ва кибрити аҳмар ва анқои Симурғ номад. Инсони комил тамоми мақомоти Анбиёро як ҷо доро аст, агар надошта бошад комил нахоҳад буд.

## АДАБИЁТ


1. Мӯйиддини Алҷандӣ. Шарҳи фусус-ул-ҳикмат. Бо кӯшиши Сайид Ҷалолиддини Оштиёнӣ. Чопхонаи Машҳад, 1361.- с. 10.
2. Фазлуллоҳи Зиёи Нур. Ваҳдати вуҷуд дар осори Ибни Арабӣ. Ношир: Завораи Теҳрон, 1369.-с. 59.
3. Муҳаммадтақии Фаъолӣ. Таҷрибаи динӣ ва мукошифаи ирфонӣ. Ношир: Пажӯҳишгоҳ ва фарҳангандешии исломӣ, 1369.- с. 185.
4. Муҳиддини ибни Арабӣ. Футуҳоти Макия. Тарҷумаи Муҳаммади Хоҷӯйи. Ношир: Мавло, 1385.- с. 352.
5. Муҳиддини ибни Арабӣ. Тӯҳфаи суфраи ҳазратул бирра. Истанбул, 1300.- с. 12.
6. Муҳиддини ибни Арабӣ. Ҳиҷоби ҳастӣ. Тарҷумаи Гули Бобосаид. Ношир: Шафиқӣ, 1379.- с. 93.
7. Вансик. 1919, Китоби ямома ло бини басира.- Лидан, Барил- Муқадима- с. 84.
8. Муҳиддини ибни Арабӣ. Тӯҳфаи суфраи ҳазратул бирра. Истанбул, 1300.- фасли авввал.
9. Фусус-ал-ҳикмат, фасли шаъибӣ
10. Муҳиддини ибни Арабӣ. Футуҳоти Макия. Тачумаи Муҳаммади Хоҷӯйи. Ношир: Мавло, 1385.- Ҷ. 9 -с. 402.
11. Муҳиддини ибни Арабӣ. Футуҳоти Макия. Тачумаи Муҳаммади Хоҷӯйи. Ношир: Мавло, 1385.- Ҷ. 9.- с. 403.
12. Ҳамон ҷо с.406.
13. Ҳамон ҷо с.409.
14. Муҳиддини ибни Арабӣ. Футуҳоти Макия. Бирут дор аҳё-ул сиросул арабия. Ҷ. 4.- с. 56.
15. Муҳиддини ибни Арабӣ. Фусус-ил-ҳикмат.Тасҳеҳи Абӯлаълои Афифӣ. Ношир: Интишороти Заҳро,Теҳрон.- 1366.- с. 135.
16. Муҳиддини ибни Арабӣ. Фусус-ул-ҳикмат.Тасҳеҳи Абӯлаълои Афифӣ. Ношир: Интишороти Заҳро,Теҳрон.- 1366.- с. 135.
17. Алии Шервонӣ. Мабнои назари таҷрибаи динӣ. Ношир: Бӯстони Китоб, 1388. – с. 198.
18. Муҳиддини ибни Арабӣ. Бето. Футуҳоти Макия. Усмони Яҳё. Миср.- Ҷ. 5.-с. 458.


## ИСТИННОСТЬ НАБЛЮДЕНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН АРАБИ


В получении знаний Ибн Араби обращает внимание на науку, образование и исследования, которые являются точным аргументом в получении знаний, потому что Ибн Араби постиг божье учение в конце своей жизни как суфи и был признан наряду с другими предсказателями. Он определил разницу между наукой и образованием. Он был уверен, что люди, которые получают образование, делятся на три группы: те, которые желают получить знания; те, которые желают великие перемены, те, которые следуют наблюдениям предсказателей.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** точка зрения, наука, образование, суфи, знание.

**THE TRUTH OF THE SUPERVISION FROM IBNI ARABI'S VIEWPOINT**

In getting knowledge Ibni Arabi pays a lot of attention to the science, education and research which is the exact argument of knowledge, because Ibni Arabi reached the God's studies at the end of his life as a Sufi and he was together with the prophets. He determined the differences between the science and education. He was sure that people who getting the education divide into 3 parts: who desires to obtain knowledge, who desires the great changes, who follows the observation of prophets.
**KEY WORDS:** viewpoint, science, education, Sufi, knowledge.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Махини Фарахони*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

# ЧАРХИШИ ҚУДРАТ НИЁЗИ ҶОМЕАИ МО

***Муҳаммадҷаводи Покравон***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи сиёсии кишвари Эрон соли 1979 милодӣ (1357 ҳ.ш) як инқилоби азим, бо як роҳбари қудратманду ҳузури васеи миллионҳо мардум алайҳи низоми ҳоким шакл гирифт ва дар ниҳоят мунҷар ба фурӯпошии низоми куҳансол гардид. Бар ин бовар ҳастем, ки инқилоби исломӣ дар қарни ҳозир, як нуқтаи атфи таърихӣ маҳсуб мегардид ва ин ки бо фурӯпошии низом, андешаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳанги ҷадиде пешорӯи мардум ва миллат қарор гирифт.

Андешаҳои адолатхоҳона, озодиталабона, андешаҳои мубтанӣ бар ислом ва арзишҳои осмонӣ ва инсонӣ, миллӣ, мазҳабӣ, чапу рост ва …. Ва дар ҷо-ҷои ин сарзамин дар чашмандози худ, уфуқи зебое аз таомули сиёсӣ ва тавофуқ бар мабонӣ ва усулу аҳдофи баланд дар меҳани исломӣ ва фазои озод аз тафаккуру андешаҳои сиёсиро ба намоиш мегузошт.

Валекин ин моҳи асали даврони инқилоб хеле ба тӯл наанҷомид, ки аз ҳамон ибтидои пирӯзии инқилоб ихтилофот ва мунозираҳои сиёсӣ ношӣ аз гурӯҳбандиҳо ва дастаҷоти сиёсӣ, ки ҳар як мубтанӣ бар як дидгоҳ ва таҳлили хос аз шароити инқилоб буданд, ба вуҷуд омад. Ба гунае, ки дар тадовуми ин фазои масмум ношӣ аз сӯъи тафоҳумҳои сиёсӣ, мутаассифона хушунат бар рафтори сиёсӣ, фарҳангӣ, гурӯҳҳои даргир бо қудрат баромада, аз инқилоб ба вуҷуд омад ва муҷаддадан суннати ғалати чархаи маъюби қудрат мубтанӣ бар зӯр, бозпарварӣ ва ҳоким гардид, ки қатъан ин вазъияти матлуби инқилобиюн ва роҳбарону ҳокимон ва масъулони кишвар набуд. Террор, хушунат, адами пазириши назариёти гуногун дар сарлавҳаи бозигарони сиёсӣ қарор гирифт. Дар ин навишта ба дунболи посух ба ин суол ҳастем, ки роҳкори бурунрафт аз масолу мушкилоти сиёсӣ ва мунозираҳои ҷорӣ дар ҷомеаи Эрон чист? Лизо бо таваҷҷӯҳ ба ин муқаддима ба нукоти фимобайн мепардозем.

**Вижагиҳои низоми қабл аз инқилоб.** Дар ин ҷо суоле матраҳ аст ва он ин аст, ки низоми қабл аз инқилоб чӣ вижагиҳоеро дошт, ки дар ниҳоят дар муқобили эътирози умумӣ қарор гирифта, мувоҷеҳ бо инқилоби мардумӣ гардид ва мунҷар ба фурӯпошии он шуд. Беҳтар аст дар ин ҷо ишорае ҳарчанд кӯтоҳ ба вижаиҳо ва хислатҳои низоми мазкур шавад, то илалу авомили он беҳтар мавриди арзишёбӣ воқеъ шавад.

Он чи ки ба лиҳози дидгоҳҳои роҳбарӣ ва масъулони инқилоб барои нафйи салтанат матраҳ шуд ва мавриди иқболи умумӣ ва сипас эътирозот воқеъ шуд, ин буд, ки ҳокимият ва салтанат бар зӯру қудрат иттико дорад ва лизо ин ҳокимият бидуни дар назар гирифтани хост ва ҳуқуқи мардум бар ҳокимият идома медиҳад, ки дар ҳамин замина дар андешаҳои сиёсии роҳбари инқилоб ҳазрати Имом Хумайнӣ дар боби нафйи салтанат, таъкид дорад ба ин ки:

Салтанат мутако бар зӯру таворис мутако аст, ки ҳарду хилофи ислом аст ва ё салтанат мутако бар орои мардум нест ва мардум ҳеҷ нақше дар таъйини салтанат надорад. Дар ҷои дигар мегӯянд, дар низоми салтанатӣ ҳеҷ назорате бар султон сурат намегирад. Салтанат дар Эрон ҳамвора моҳияти золимонае дошта бошад.

Лизо он чӣ ки дар мавриди вифоқи умумӣ дар нафйи салтанат ва ҳокимият ба иллати истифодаву итикои он ба қудрат ва султаи истибдодӣ ва низомӣ «иртиҷоӣ ва он ҳам аз бадтарин навъи иртиҷоъ» муҷиби инҳироф ва фасоди сохтори сиёсӣ гардида, ки дар ниҳоят муҷиби эътирозоти умумӣ ва суқути ин режим гардид ва низоми ҷадид бо меъёрҳои тоза ҷойгузини он шуд.

Пас аз пирӯзии инқилоби исломӣ аҳдоф ва ормонҳои мутанавеъ аз тарафи гурӯҳҳо ва ташаккули сиёсӣ матраҳ гардид, ки навиди як ҷомеаи мутакассир ва бархӯрдор аз андешаҳои мутанаввеъро медод.

Валекин аз ҳамон рӯзи инқилоб, ихтилофот ва мунозироти сиёсии фимобайни бозигарони сиёсӣ ва ҳар як аз гурӯҳҳо, созмонҳои сиёсӣ теорияҳои худро наҷотбахши инқилоб медонистанд ва то

ҷое ба ин назарияҳо такя карданд, ки баъдан аз тариқи хушунат низ асрор бар таҳаққуқи он доштанд. Ба назар мерасад он чи ки лозим аст, мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад, фарҳанги сиёсии ҳоким бар ҷомеаи Эрон аст, ки метавон решаи бисёре аз ихтилофотро ба он нисбат дод. Лозим аст ибтидо фарҳанг ва сипас фарҳанги сиёсӣ дар ин ҷо таъриф шавад.

**Таърифи фарҳанг.** Нигоҳе ба доиратулмаорифҳо ва катаби марҷаъ ва андешаҳои соҳибназарон баёнгари таърифи мутааддид ва мутанаввеъ аз фарҳанг мебошад, намунаҳое аз он таъриф:

Фаронтс Фонван фарҳангро маҷмӯае аз ҳаракат ва равишҳои фикрӣ, ки бархӯрди башар бо табиат ва бо ҳамнавъаш ба вуҷуд меояд, медонад. Таорифи бисёр дигаре дар хусуси фарҳанг ироа шудааст, ки метавон гуфт:

Ба таври куллӣ фарҳанг ба маънии тамоми фаъолиятҳои зеҳнӣ ва мазоҳу тазоҳуроти иҷтимоӣ ва фардӣ монанди рафтор, гуфтор кирдор хӯрок, пӯшок, одобу русум, андешаҳо, ақидаҳо ва осори ҳунарии мардум як кишвар аст.

Лизо, бо таваҷҷӯҳ ба таорифе, ки аз фарҳанг ироа шуд, матлуб аст таърифе аз фарҳанги сиёсӣ ироа шавад, ки барои аввалин бор «Габриел Алмонд» онро дар илми сиёсат ба кор гирифт, ки ӯ дар таърифи худ мегӯяд: «Ҳар низоми сиёсӣ дар даврони алгуи хос аз самтгирӣ барои куниши сиёсӣ фаъолият дорад, ки хуб аст онро фарҳанги сиёсӣ биномем.

Дар таърифи дигаре, ки омадааст, шояд битавон азъон намуд, ки таъриф аз фарҳанги сиёсат тавассути «Лусин Бой» таърифи ҷомее бошад, чаро ки ба эътиқоди ӯ, фарҳанги сиёсӣ иборат аст, аз дидгоҳҳо, эҳсосоти сиёсиву идрокот, ки рафтори сиёсиро дар ҳар ҷомеае таъйин кардаву ҳидоят мекунад.

Аҷзои фарҳанги сиёсӣ як тӯдаи анбошта ва мутафовут намебошад, балки алгӯҳои муназзам ва ба ҳам пайвастае аст, ки дар канори ҳам қарор доранд ва мутақобилан якдигарро тақвият мекунад. (Лусин Бой, Фарҳанги сиёсӣ, номаи фарҳанг, шумораи 5 ва 6 саҳифаи 39).

Агар чунончи ҳамин таърифро мабнои баррасии таъсири фарҳанги сиёсӣ дар ҳар ҷомеае тобеи аз фарҳанги умумӣ ва ё вижагиҳои ҷиҳатгирии рафтори сиёсӣ дар тақобул ва ё таомул бо қудрати сиёсии ҷомеа мебошад. Дар тӯли садаҳои гузашта дар Эрон навъан ҳокимият бар асоси қудрату зӯри мулук ва салотини аъмол мешудааст ва ҳамин мавзӯъ ва тарвиҷи ин фарҳанг дар ҷомеаи Эрон муҷиби бавуҷуд омадани фарҳанги қудрат дар ҳавзаи умумӣ гардидааст. Ҳокимияти мутлаки давлатҳо ва нигоҳи раиятӣ ба инсонҳо боиси надида гирифтани ҳуқуқи онҳо шудааст. Ба ҳамин далел аст, ки дар ҷавомеи ҷаҳони саввумӣ риёсат бар мардум матраҳ аст, то мудирият масоилу хостаҳои онҳо.

Мутолиоти фарҳанги сиёсӣ дар Эрон баёнгари ин мавзӯъ аст, ки фардгароии манфӣ, тақлид, тафаккури қазову қадар, сӯи зан ва фуқдони рӯҳияи дастаҷамъӣ аз ҷумлаи вижагиҳое аст, ки фарҳанги сиёсии Эрониёнро рақам медонад. Нақши низомҳои истибдодӣ дар тӯли таърих низ ба ин мавзӯъ таъкид дорад, ки ба иллати баста будани системаи сиёсии кишвар, элзомоти хоси худро ба фарҳанги Эрон таҳмил кардааст. Яке аз вижагиҳои дигаре, ки қабл ва баъд аз инқилоб дар байни гурӯҳҳо ва неруҳои сиёсиву иҷтимоӣ машҳуд мебошад, надоштани тасоҳул аст, ки ҳамвора мунозироти фимобайни гурӯҳҳои сиёсиро мазоиф сохтааст. Мушаххас шудани иқтидори низом, ки аз вижагиҳои ҳокимияти салотин дар ҷомеаи Эрон будааст ва иҷоза надодан ба неруҳои иҷтимоӣ ҷиҳати ҳузур дар қудрати сиёсиву доман задан ба тамаркузи қудрат, аз ҷумла таъкиди онҳо дар иъмоли султаи худ будааст.

**Тадовими мунозимот ва ихтилофоти сиёсӣ баъд аз инқилоб.** Пеш аз пирӯзии инқилоб, ки шоҳиди рушди гурӯҳҳо ва созмонҳои сиёсӣ будем, мутаассифона ба иллати ҳамон интиқоли шароити фарҳанги сиёсии қаблӣ ба даврони пас аз инқилоб, шоҳиди низоъҳо, даргириҳо ва ихтилофоти шадиди қавмӣ, қабилавӣ ношӣ аз ҳамин хислатҳои фарҳангӣ мебошем.

Ба унвони мисол, пас аз пирӯзии инқилоб, ки тайи он пирӯзиҳои мухталиф пас аз солҳо, ҳокимият ва султаи мубтанӣ бар зӯру қудрат, тавонистанд озодона ба интишори рӯзнома ва ё иҷтимоъоти сиёсии аланӣ пардохтанд, аммо ба делели надоштани таҷрибаи зиндагӣ дар фазои бозии сиёсӣ ва низ надоштани кори ҷамъе дар байни куллияи неруҳои сиёсӣ, фазои мазкур ба мунозиоти домангир табдил шуда, бар таҳаввулоти баъдиинқилоб низ таъсири бисёре гузорад. Гурӯҳҳои сиёсии даврони нахусти инқилоб мисли гурӯҳҳои чапгарои коммунист, аввалин рӯёрӯйии худро бо ҳамапурсии инқилоби исломӣ дар хусуси таъйини навъи низом дар соли 58 ҳиҷрии шамсӣ (1980 мелодӣ) эълом карданд ва аз мардум хостаанд, дар референдум ширкат накарда, онро таҳрим карданд. Мавзӯе, ки бо хости умумӣ ва сиёсатҳои низоми ҷадид шакл гирифта, аз инқилоб мунофот ва муҷиби таоризоти бисёре гашт.

Бухрони дигаре, ки гурӯҳҳои чапгаро бо он рӯбарӯ шуданд, даргириҳои шабеҳи низомӣ дар шимоли шарқии Эрон ба ҳангоми инқилоб буд, ки ба иллати вуҷуди заминаи мушкилоти иҷтимоӣ дар

он ҷо фаъол шуданд ва бӯҳронеро барои ҷомеаи Эрон, ки тоза аз низоми муқтадири куҳан раҳо шуда буд, ба вуҷуд оварданд.

Гурӯҳҳо ва ҷараёноти дигар маъойистӣ ва сталинистӣ низ буданд, ки онҳо низ алорағми тамойили аввалия ба давлати муваққат бархоста аз инқилоб, хеле зуд сиёсатҳои тақобул бо низоми ҷадиди баъд аз инқилобро иттихоз намуданд ва ба мунозиа бо низоми ҷадид пардохта ва ба шиддат хостори сарнагунии низоми ҷадид буданд.

Ба ҳар ҳол намунаҳои фавқ мунозиоти фимобайни ибтидоии пирӯзии инқилоб буда, дар тадовими он то кунун ихтилофот ва мунозиоти сиёсӣ дар фарҳанги сиёсии Эрон фимобайни гурӯҳҳо ва ташаккулҳои сиёсӣ ҳамчунон идома дорад.

Мавзӯъҳо ва мафҳумҳои мутааддид дар ҳавзаи назар ва андеша ва ҳам дар ҳавзаи сиёсатҳои муттахиза, ҳамчунон маҳалли ихтилоф буда, ки ношӣ аз ихтилоф дар мабонии фикрӣ ва бо рӯйкардҳои мутафовутро метавон мавриди таваҷҷӯҳ қарор дод.

Яке аз рӯйкардҳое, ки нигоҳи комилан манфӣ ва бадбинона ва баъдан тавтиаангорона ба ин ихтилоф фикрӣ дорад ва онро натиҷаи «бозиҳои сиёсӣ» дар низоми Ҷумҳурии исломии Эрон медонад ва қойил ба ин аст, ки бозигарони сиёсӣ дар даруни низом ба ин ихтилофот доман мезананд, баҳрабардории лозимро дошта бошанд.

Рӯйкарди дигаре ҳаст, ки барои «ихтилофи фикрӣ» ҷараёноти фаъоли сиёсии кишвари асолат ва воқеият қоил аст. Далели он ҳам ин аст, ки дар ҳама солҳои пас аз пирӯзии инқилоб ҷараёноти вуҷуд дошта ва бо гузашти замон шаффофтар ва барҷастатар «низ» шудааст. Он чи ки ба назар мерасад, воқеан вуҷуд дорад, тафсирҳое аст, ки аз ҳаққи ҳокимият маншаъ мегирад ва ду тафсир аз ин ҳаққи ҳокимият дар муқобили ҳам қарор гирифта «ду тафсири мардумсолорона ва иқтидоргароёна, ки имрӯз чолиши аслии байни ду ҷиноҳи сиёсии фаъоли кишварро ташкил медиҳад ва реша дар навъи биниш ва нигариши ин ду ҷиноҳ ба инсон дорад». Ҳар ду ҷараёни аслӣ барои мабонии мубоҳиси худ ба мутуни истинодкарда тарҷеҳ медиҳанд, ки бо таваҷҷӯҳ ба собиқа ва таърих истиноди ҳар ду ҷараён бахше аз воқеиятро ироа медиҳад. Валекин он чи ки имрӯз бо он мувоҷеҳ ҳастем, чист?

Воқеъият ин аст, ки ҷомеаи имрӯзаи Эрон бо чашмҳои бузург мувоҷеҳ аст, ки мебоист ҳамаи касоне, ки нисбат ба кишвар таахҳудеро доранд, аъам аз дастандаркорон, гурӯҳҳо ва ҷараёнҳои сиёсӣ, масоили асосӣ ва мушкилоти ҷомеаро табйин ва посухҳои худро равшан созанд. Дар идома ба баъзе аз чолишҳои дар пешрав мепардозем. Яке аз чолишҳои пешрав, рушди ҷамъияте аст, ки дар мабнои иттилооти оморӣ ҷамъияти Эрон аз даҳ миллион нафар дар поении даҳаи ҳаштуми қарни 13 ҳиҷрии шамсӣ наздик ба 60 миллион нафар дар соли 70 афзоиш ёфтааст ва пешбинии коршиносон ин аст, ки тайи даҳаи оянда ба 100 миллион хоҳад расид. Сохтори ҷамъиятӣ тахти таъсири густариши падидаи шаҳрнишинӣ ба дигаргуниҳое дучор гаштааст, ки маншаи пайдоиши бозтобҳои мутанаввеъ ва мутааддид гаштааст. Афзоиши ҷамъият ҳамроҳ бо густариши шаҳрнишинӣ ва бо таваҷҷӯҳ ба ҳарами синнии ҷамъияти кишвар бивижа ҳузури насли ҷавон ва хостгоҳҳо ва ниёзҳои мутафовути онон, хосса дағдағаи иштиғол, маскан ва издивоҷ… ва …. абзорҳои ҷадидтареро барои посухгӯйи металабад.

Дигар аз чолишҳои пешрав, шабакаҳои иртиботиву иттилоотӣ, фановариҳои ҷадид ба унвони абзорҳои коромад, ки барои барқарории иртиботи танготанг байни шаҳрвандон бо ниҳодҳо ва созмонҳои марбута мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ин шабакаҳо ба даруни фазоҳои фарҳангҳои мавҷуди дунё роҳ меёбад ва фурсатҳову таҳдидҳоро ба вуҷуд овардааст. Ҳамин мавзӯъ ба унвони яке аз ҳавзаҳои фановариву текнулужӣ дар канори соири авомили фароянд ҷаҳонӣ шуданро шакл медиҳад ва осору паёмадҳое мисли зуҳури деҳкадаҳои электруники ҷаҳонӣ, инқилоби иттилоотӣ ва ғайраҳоро навид медиҳад. Лизо ин фароянди ҷаҳонӣ шудан, имкони иҷрои сиёсатҳои муттахиза ба мафҳуми суннатиро ба чолиш кашида, мунтафӣ месозад. Ба унвони мисол, дар ҳавзаи иқтисодӣ, фароянди ҷаҳонӣ шудан, фарояндҳои молӣ ва иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ тобеи корҳои дохилӣ ва маҳаллӣ нахоҳад буд, ҳатто имкони конроли иқтисоди миллӣ тавассути давлатҳо мушкилсоз мешавад.

Ниҳоди рӯҳоният, ки имрӯз дар ҷомеаи Эрон нақши бисёр барҷастаеро дар пирӯзии инқилоб ва пас аз он дар аъмоли ҳукумат бар ӯҳда дорад, дар ироаи як мабониву андешаи мусаллат ва мубтанӣ бар тасаллут ба охирин дастовардҳои башарӣ ва мустазҳар ба мабонии инсоншиносӣ мантиқ бо фитрат ва инсони рушдёфтаи имрӯза, метавонад дар ин замина пешгом ва мабонии назарии худро дар маърази афкори умумӣ ва сиёсатмадорони кишвар қарор диҳад. Он чи ки метавон изҳор кард, ин аст, ки чи теорияҳое барои ҷомеа тавассути ин ниҳод ироа шудааст? Ба назар мерасад, ки то ироаи як назарияи фалсафӣ ва сиёсии ҷомеъ, ки дар ҳавзаи андеша, дар бунаи нақди мудирон ва ноқидон қарор гирифта нукоти заъфу қуввати он равшан гардад ва дигар ин, ки дар арсаи амал низ тавфиқоти нисбӣ дар ҳалли мушкилоти ҷории кишвар ба даст оварад, роҳи тӯлонӣ дар пеш аст. Барои ҷилавгирӣ аз бозгашти чархаи маъюби ҳокимият мубтанӣ бар қудрату зӯр, ки фоқиди мантиқи муваҷҷеҳи иъмоли ҳокимият будаву дар даруни он парваришдиҳанда мунозиоти сиёсиву иҷтимоӣ мегардад, мебоист

мушорикат дар ҷомеаи Эронро ниҳодина ва аз тариқи ниҳодҳои мушорикатӣ муносибот ва элзомоти онро таррохӣ кард.

Бо таваҷҷӯҳ ба он чӣ дар матн баён гардидааст, ки бо таваҷҷӯҳ ба мунозиоту ихтилофоти мавҷуд дар фазои сиёсии ҷомеаи Эрон бивижа дар айёми интихобот, ки барҷастатар мегардад, барои ҷилавгирӣ аз чархаи маъюби ноамнии иҷтимоӣ ношӣ аз фазои озодии шикананда ва қудрати мубтанӣ бар зӯр ниёзманд ба як иқтидори сиёсӣ мебошем, ки ин иқдидори сиёсӣ дорои вижагиҳои хоси худ мебошад, ки фехриствор ба он ишора мешавад.

Ибтидо лозим аст аз иқдироти сиёсӣ як таърифи иҷмолӣ дошта ва сипас ба вижагиҳо ва мавонеи он бипардозем, иқтидори сиёсӣ ба он ҷанба аз қудрати мусаллате дар ҷомеа итлоқ мешавад, ки аз ду вижагии машруият ва мақбулият барзӯрдор бошад, ки он дар иқтидори миллӣ ба манзури пешбурди мақосид аз пеш таъйин шуда, тавоноии худро ба намоиш гузорад. Лизо дар айни ниёз ба иқтидори сиёсӣ, мебоист ин иқтидори вижагиҳои худро низ дошта бошад, ки иборат аст, аз:

1. Иҷрои қонун ва қонунгароӣ
2. Мушорикати зиёди мардум дар фароянди тасмимсозӣ ва тасмимгирӣ
3. Ба расмият шинохтани ниҳодҳои маданӣ дар чаҳорчӯби қонуни асосӣ.
4. Таваҷҷӯҳ ба манобеи миллӣ
5. Ҳалли мунозиот аз тариқи мусолиматомез ва вуҷуди аҳзобу гурӯҳҳои сиёсӣ дар чаҳорчӯби қонун.
6. Нақдпазирии сиёсӣ.
7. Ҳамоҳангии сохтори тасмимгирӣ.
8. Тарвиҷи рӯҳияи мусолиматҷӯиву иҷтимоӣ ва эҷоди оромиш дар ҷомеа.
9. Ташвиқу тарғиб аз итоатпазирии қавонин
10. Вафодорӣ ба ҳуввияту арзишҳои мутаолии исломӣ ва миллӣ ва….

Қоидатан мавонее бар сариқтидори сиёсӣ мутасаввир аст, ки чунончи мавриди таваҷҷӯҳ қарор нигарад, мутаҳаммили хисорот ва осебҳои иҷтимоӣ хоҳем буд, ки бахше аз он мавонеъро метавон ба таври зайл ишора кард: Анбошти қудрат ва адами тавзеи он; Қонунгурезӣ.;Гусастани системаи дарунӣ ва дугонии арзишӣ дар даруни ҳокимияти сиёсӣ. Бардошти чандгона аз Қонуни асосӣ.Набуди иттифоқи назар байни нухбагони сиёсӣ .Нотавонии ҳукумат дар иҷрои тасмимоти мухтаххиза. Нотавонӣ дар барқарории назми дохилӣ. Ифроту тафрит дар иҷрои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ

Натиҷаи ин ки барои расидан ба як иқтидори сиёсии ҷомеъ ва ҷилвагирӣ аз мавонеи иқтидори сиёсӣ ва бо таваҷҷӯҳ бар ин ки мунозиот ва ихтилофоти сиёсии мавҷуд мебоист роҳе барои таомул дошта, аз ихтилофоти фарсоишӣ парҳез шавад ва дигар ин ки мебоист чархаи қудрати сиёсӣ дар ҷомеаи Эрон аз як пуштувонае ва ё мантиқи қавие мунтабиқ бо аҳнои умумӣ бархӯрдор бошад, то ҳар як аз гурӯҳҳо ва ҷараёноти сиёсии қонунӣ дар чорчӯби қонун имкони ироаи андешаҳои худро дар бутаи амал, санҷиш ва арзёбӣ онро ба даст оваранд.

## АДАБИЁТ


1. Имом Хумайнӣ, Рухуллоҳ. Саҳифаи нур, ҷилди 4, саҳ. 24.; ҷилди 3, с 140.
2. Оли Ғафур, Саид Муҳаммадтақӣ. Нақши фарҳанг дар сохтори сиёсии Эрони муосир, соли дуввум, шумораи саввум, с. 112.
3. Ошӯрӣ Дориюш. Таърифҳо ва мафҳуми фарҳанг, Теҳрон, с.39.
4. Ормин – Муҳсин. Китоби истилоҳот ва пурсишҳои асосӣ. с.16-20.


## ВРАЩЕНИЕ МОГУЩЕСТВА ПОТРЕБНОСТЬ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА


В данной статье автором рассматривается культура и политическая культура на примере Исламской республики Иран до и после исламской революции 1979 года. Также изучается политическая ситуация между политическими группами и организациями в иранском обществе в целом.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** общество, культура, политика, политическая культура, Иран, политические группы, иранское общество.


## POWER ROTATION REQUIREMENT OF MODERN SOCIETY


In this article the author considers culture and political culture on an example of the Islamic republic Iran before Islamic revolution of 1979. Also the political situation between political groups and the organizations in the Iranian society as a whole is studied.



**KEY WORDS:** society, culture, policy, political culture, Iran, political groups, Iranian society.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Джавод Покравон*** **-** соискатель Таджикского национального университета

## ФИЛОЛОГИЯ

# НАҚШҲОИ НАҲВИИ ПАСОЯНДИ – РО ДАР «ГУЛИСТОН» - И САЪДӢ


*Аҳмад Мансури Разӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Пасоянди -ро дар забони Эрони бостон маънои мустақил дошта ва имрӯз арзиши дастурӣ (грамматикӣ) пайдо кардааст. Ин ҳарф, ки дар ҳоли ҳозир бештар нишони мафъули мутлақ (бевосита) аст, дар давраҳои гузашта хусусан асри IV то VIII ҳиҷрӣ нишонаи анвои пуркунандаҳо ва таъкиди нақшҳои гуногуни ҷумла будааст ва ҷойгоҳи вижаи наҳвӣ доштааст. Намунаҳои мухталифи он дар «Гулистон»-и Саъдӣ намоёнгари воқеият ва метавон имрӯз аз ин қобилияти забонӣ баҳраманд шуд.

Ҳуруфи калимотие ҳастанд, ки дорои маънои мустақил нестанд ва танҳо барои эҷоди робита миёни аҷзои калом ба кор меравaнд. Дар забоншиносӣ гоҳе истилоҳи **тиҳӣ** ва **пур** ки аз чинӣ иқтибос шудааст, барои онҳо ба кор меравад, ба ин маънӣ, ки ин калимот ибтидо дорои истиқлоли маънӣ буда ва дар забони форсии бостон ғолибан қайд (зарф) будаанд ва сипас маънии мустақилро аз даст дода ва ба тадриҷ танҳо дар маънии ҳарф ва дар маънии сонавӣ ба кор рафтаанд.(8)

Ҳуруф анвои мухталиф доранд ва иборатанд аз ҳуруфи изофа, ҳарфи рабт, ҳарфи нишона. Ин ҳуруф барои таъйини мақоми калима дар сохтани ҷумла ба кор меравaнд. Пасванди –ро калимаест, ки ғолибан (на ҳамеша) дар ҷумла бо мафъул меояд ва нисбат ба феъле, ки ба он омада маъниҳои мухталиф эҷод мекунад ва мавридҳои истеъмоли он мунҳасир ба ин нест, ки калимоти қабл аз худро ҳатман ба ҳолати мафъулӣ даровард. Маънии пасоянди –ро бо афъоле, ки дар ҷумла ҳамроҳи он меояд, ошкор мегардад. Агар бо феълҳое назири **гуфтан, супурдан, назар кардан** ва ғайра ояд, ба таври вузӯҳ маънии «ба»-ро мерасонад ва агар бо феълҳои мисли *аҳд бастан, муқоиса кардан, таносуб доштан* ояд, маънии «бо»-ро мерасонад:

Луқмонро гуфтанд; Маликро дашном додан гирифт; Ҷавонмардеро дар ҷанги тотор ҷароҳате расид.

Дар адабиёти муосир бештар таъйинкунандаи мақоми мафъул дар ҷумла аст. Дар форсии дарӣ аҳли забон баъзе мавридҳо ҳарфи изофӣ, ки маълум будааст, кофӣ барои баёни мақсад нашмурда ва онро ба ҳарфи дигаре мубаддал мекунанд. Масалан, ҳарфи «мар»-ро барои таъкиди мафъул пеш аз *он* ба кор мебурданд ва гоҳе барои таъкиди атфи баён ва бадал ба кор мерафтааст. Мисли: писари хешро бо сипоҳе бисёр муфаззалро ба Сиистон фиристод. Пасоянди –ро ба маъниҳои «ба», «барои», «бар», «дар» фаҳмида мешавад.

Маликушшуаро Баҳор дар баёни сабки Саъдӣ шаш«–ро»-и зоидро дар «Гулистон» нишон медиҳад, ки бояд гуфт қудамо ҳеҷ ҳарферо зоид ба кор набурдаанд ва барои ҳуруф корбурдҳои гуногун аз ҷумла таъкид, баёни ҳол ва ғайра дар назар доштаанд. Ба ҳар ҳол ин анвоъро аз назаргоҳи эшон оварда андешаҳои хешро перомуни онҳо иброз медорем.

**1. Ро-и зоид аломати мафъули мутлақ.** Порсоеро дидам; Аблаҳеро дидам; Обидеро подшоҳе талаб кард; Якеро аз бузургон ба маҳфиле андар сутуданд.

**2. Аломати тахсиси мутлақ:** Олиме мӯътабарро мунозира афтод бо яке аз мулоҳида (бо як бедин); Бозаргонеро ҳазор дирам хисорот афтод; Зоҳидро ин сухан қабул наомад ва рӯй битофт.

Ба ақидаи Аллома Деххудо, ин навъи –ро маънии махсус намедиҳад, вале ба назари нигоранда бояд онро «ро»-и таъкиди мубтадо (ниҳод) номид, ки маънии феълро тағйир медиҳад.

**3. Аломати изофаи мутлақ:** Маликро ҳусни тақрири фақеҳ ва тақрири ҷавоби ӯ мувофиқи рой омад; Султонро дил аз ин сухан ба ҳам баромад (дили султон); Ин «ро»-ро факи изофат низ мегӯянд.

**4. Аломати тахсис дар ҳолати фоилӣ:** Дарвешеро шунидам, ки ба ғоре дарнишаста буд; Хоҷаеро бандае буд; Якеро аз мулуки форс ангуштарии гаронмоя буд; Якеро аз вузаро писаре буд.

Ба назари мо, дар мисоли аввал таъкиди мубтадо (ниҳод) аст ва дар мисолҳои боқимонда зимни таъкиди мубтадо (ниҳод) маънии феълро ба дорандагӣ тағйир медиҳад ва аз ин ҷиҳат метавон онро «ро»-и моликият номид.

**5. Аломати тахсис дар ҳолати мафъулӣ:** Подшоҳеро ҳикоят кунанд, ки ба куштани бегуноҳе фармон дод; Пирамардеро гуфтанд чаро зан накунӣ?; Якеро аз дӯстон гуфтам, ки…

Алома Деххудо ин унвонро қабул надорад. Ба назари нигоранда, «-ро» дар мисолҳои мавриди назар нишондиҳандаи нақши мафъули бевосита нест ва бояд онҳоро ба унвони пуркунандаи борагӣ (дар бораи) ва пуркунандаи сӯӣ (ба) дар назар гирифт. Ҳамчунон ки дар ин бобат андешаи муаллифони «Наҳви забони тоҷикӣ» Белинский ва Ҳоҷизода пазируфтанӣ аст(3).

**6. Қайди тахсис ба маънии барои:** Яке аз вазирон гуфташ: - поси хотири маликро раво бошад, ки чанд рӯзе ба шаҳр андароӣ (яъне, барои пос).

Белинитский ва Ҳоҷизода дар хусуси пасванди «ро» чунин қазоват мекунанд. «Пасоянди –ро се ҳолат дорад: 1) Агар фоил зикр нашавад, мафъул ҷонишини он мешавад ва пасоянд ҳазф мешавад. 2) Агар мафъул номуайян бошад, пасоянди –ро ҳазф мешавад. (Ман китоб(ро) мехонам)». Нуктаи ахир бар хилофи назари духтур Мушкотиддинӣ аст. Ӯ мӯътақид аст, ки китоб муарифа ва –ро бар сари он ворид мешавад ва исми хосу ҷонишин низ ҳамин хел аст ва –ро бар сари он ворид мешавад: Китобро мехонам; Алиро ба унвони намоянда интихоб карданд. 3) Пасоянди –ро барои ифодаи моликият ва ҳамчунин ифодаи сӯи ба ҷои пешоянди «ба» метавонад биёяд: Дар Эрон маро як нафар дӯст буд, ки бо ман чу мағз бо ду пӯст буд (Лоҳутӣ). Шодиро гуфтам (ба Шодӣ гуфтам). (6)

Дар «Гулистон»-и Саъдӣ пасоянди –ро чун нишонаи моликият ва сӯи ба таври фаровон корбурд шудааст. Дар ин хусус Муҳаммад Ҷаводи Шариат мегӯяд: «Ҳарфи –ро илова бар он ки гоҳе ҳарфи изофа аст ва ба маъноҳои **ба, аз барои ва дар бораи** меояд, се ҳолати дигар низ дорад: а) Овардани он зарур аст: Баъд аз исми хос – муаррифа – исми ҷинс – замир; б) Овардани он дуруст нест: Баъд аз исми накаре ва ҷинс. В) Овардан ва наёвардан ҳар ду ҷоиз аст: Накаре бо фосила ва муаррифае, ки аломати он ҳазф шуда бошад.

Профессор Б. Камолидинов дар китоби наҳви забони тоҷикӣ дар бораи мафъул чунин мегӯяд:

Мафъули (объект), амалу ҳолат ба ду тариқа фаҳмида мешавад:

Дар ҷумлаи сода бо пуркунанда, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда: 1) Дар корхона ному насабамро пурсиданд; 2) Дар корхона пурсиданд, ки ному насабам чист. Пасоянди –ро дар ҷумлаи якум нақши мафъули бевосита ва пайвандаки «ки» дар ҷумлаи дуюм нақши мафъули бевоситаро нишон медиҳад.

Бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки профессор дуруст таъкид мекунад, ки мафъули «объект» амал ва ҳолат ба ду тариқа ифода мегардад. Бинобар ин, ҷумлаи «дар корхона ному насабамро пурсиданд» баробар аст бо ҷумлаи «дар корхона пурсиданд, ки ному насабам чист»:

Пуркунандаҳо низ нӯҳ (9) қисманд, ки ҷиҳати сӯйро бо пешоянди «ба», замону маконро бо «дар» ба «бар», ҳамроҳиро бо «бо», баромадро бо «аз» сабабиро бо «барои», ниҳоятро бо «то», борагиро бо «дар бораи» истисноро бо «ба ҷуз», «ба ғайр аз» ва фаромадро бо «-ро» нишон медиҳанд ва аломати фаромад пасонади таъсир ва ҳаракатро мефаҳмонад, мисол: Асб ду фарсангро дар як соат забар кард (чиро? – ду фарсангро).(2)

Пасвандҳо дар забони форсии тоҷикӣ ба таври куллӣ часпаки –ро ба таври куллӣ се коркард доранд; а) калимасозӣ (сарфӣ), б) калимабандӣ (наҳвӣ), в) оҳангбахшӣ (наҳвӣ). Пасванди –ро нақши калимасозӣ надорад, зеро, маънии вожаро тағйир намедиҳад. Барҷастатарин вазифаи –ро таъйини нақши мафъулии калимот дар ҳайати ҷумла мебошад. Вақте ки калима дар нақши мафъулӣ ин пасвандро мегирад, мафъул мушаххас мегардад: яъне, пасванди –ро феълан маънии дастурӣ эҷод мекунад.

Дар осори боарзиши адабиёти форсу тоҷики асри IV то VIII ҳиҷрии қамарӣ ин ҳарф бисёр корбурд дошта ва нақшҳои мутафовитро дар ҷумла ба ӯҳда гирифтааст. Дар «Гулистон»-и Саъдӣ, ки яке аз шоҳкорҳои адабиёти асри VII ҳиҷрӣ ва муҳимтарин китоби таълимӣ маҳсуб меёбад, ҳарфи –ро ба таври фаровон ба кор рафтааст. Саъдии Шерозӣ ки беҳтарин донандаи каломи форсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад, аз имконоти ҳарфи –ро дар адои матлаб ба таври густарда истифода кардааст.

**Анвои ҳарфи «ро» дар «Гулистон».** Дар ин хусус мо «Гулистон»-и Саъдиро ба таври густарда мавриди таҳқиқ қарор додем ва мушаххас кардем, ки дар «Гулистон» ҳарфи –ро беш аз 770 маротиба бо маъниҳои дастурии гуногун ба кор рафтааст. Мо ин шеваҳои корбурди пасванди «-ро»-ро дар асоси маводи «Гулистон» чунин дастабандӣ кардем:

**1. Нишони мафъули сареҳ (бевосита).** Ин тарзи ифода чунин аст: Исм +ро: Пасоянд бевосита баъд аз мафъул қарор мегирад ва нишондиҳандаи нақши мафъул дар ҷумла аст ва гоҳе иттифоқ меафтад, ки байни –ро ва мафъул фосила меафтад ва набояд онро бо «–ро»-и таъкидниҳодӣ (мубтадо), ки ҳамроҳи «бахри» ва «барои» меояд, яксон донист. Мисол:

Маҳрами рози дили шайдои худ,
Кас намебинам зи хосу омро (Ҳофиз)

Яъне касеро аз хосу Ом). Мисоли дигар: Якеро аз бузургон ба маҳфиле андар ҳаме сутуданд. Яъне, яке аз бузургонро дар маҳфиле ситоиш карданд.

Дар адабиёти муосири Эрон ва Тоҷикистон «–ро» серистифодатарин нишонаи мафъули бевосита шинохта мешавад ва дар «Гулистон»-и Саъдӣ низ бисёр корбурдро барои нишон додан нақши мафъули бевосита доштааст. Теъдоди дақиқи корбурди ин пасванд дар ин нақш 279-то аст. Чанд мисол: Дӯстонро куҷо кунӣ маҳрум; Хоби нӯшини бомдоди раҳил; Боз дорад пиёдаро зи Сабил; Гардиши замон айши рабеи онро ба тайиши хариф мубаддал накунад; Давлати ҷовид ёфт, ҳар ки накӯном зист, К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро; Васфи туро гар кунанд в-ар накунанд аҳли фазл; Ҳар ки гардан ба даъво афрозад, хештанро ба гардан андозад.

Дар ҳамаи ин мисолҳо пасоянди –ро мафъули сареҳ аст. Мар +исм +ро, мафъули сареҳ ва муаккад. Бисёре аз донишмандони илми забоншиносӣ лафзи «мар»-ро ки дар асрҳои ёдшуда ба кор мерафта, нишонаи таъкиди мафъул медонад. Чанд мисол: аз «Гулистон»-и Саъдӣ

Зи ду чиз гиранд мар мамлакатро,
Яке парниёнӣ, яке заъфаронӣ.

Беҳунарон мар ҳунармандро натавонанд, ки бубинад; Вазир гуфт: - эй малик, ту мар халқро парешон барои чӣ мекунӣ, магар сари подшоҳӣ надорӣ?;

Мар ӯро расад кибриё ва манӣ,
Ки мулкаш қадим асту зоташ ғанӣ.

Ба назари мо, дар ҷумлаи охир пасоянди «–ро»- ба маънии «ба» низ фаҳмида мешавад. Муҳаммад Ҷаводи Шариат пасоянди «–ро»-ро ба маънои яке аз ҳуруфи изофа, ки қабл аз мафъули бавосита бо пуркунандаҳо меоянд, медонад ва гоҳе зоид мешуморад ва байти мазкурро шоҳид меорад:

Ман низ агарчи ношикебам,
Рӯзе ду барои маслиҳатро.

Мо истилоҳи зоидро муносиби ин пасоянд надониста, онро ҳамчун ҳарфи изофа барои таъкиди мафъули бавосита (пуркунанда) медонем. Пасванди «-ро» барои адои нақши таъкиди мафъули бавосита 12-маротиба дар «Гулистон» ба кор рафтааст.

**2. Нишонаи факки изофа:** Дар «Гулистон»-и Саъдӣ барои адои ин нақш пасоянди «-ро» бо таври фаровон ба кор рафтааст. Бо ҷобаҷо кардани музоф ва мазофуналайҳ пасоянди –ро дар байни онҳо қарор мегирад ва ҳукми нақшнамоии изофа дорад. Дар ин ҷо –ро дар сохтори маъноии ҷумла ҷойгоҳе надорад ва аз байн меравад. Мисол:

Эй мурғи саҳар, ишқ зи парвона биёмӯз,
К-он сӯхтаро ҷон шуду овоз наомад.

Ҳар чӣ напояд, дилбастагиро нашояд; Дар либосе, ки мутакаллимонро ба кор ояд ва мутарассилонро балоғат бияфзояд:

Дар ин муддат, ки моро вақт хуш буд,
Зи ҳиҷрат шашсаду панҷоҳу шаш буд.
Онро рӯй дар маслиҳат буд ва бинои ин бар хупс:
Ёри нопойдор дӯст мадор,
Дӯстиро нашояд ин ғаддор.

Маликро раҳмат дар дил омад (раҳмат дар дили малик); Саворонро, ба гуфти ӯ, таҳаввур зиёдат гашт (таҳаввури саворон);
Рост чун бонгаш аз даҳан бархост; Халқро мӯй бар бадан бархост,
Ташнаро дил нахоҳад оби зулол, Кӯза бигзашт бар даҳони секунҷ. Аз ин навъ пуркунанда 71 адад дар «Гулистон» ба кор рафтааст.

**3.Ба унвони ҳарфи изофа (барои пуркунандаҳо):** Ҳарфи нишонаи-ро метавонад нишондиҳандаи анвои пуркунандаҳо (мафъули бавосита) бошад ва муносибатҳои наҳвии гуногунро дар ҷумла эҷод кунад.

Пасоянди –ро ба маънои «ба». Ин нақши пасоянди –ро ҳанӯз дар асри XVI дар «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Насорӣ таъкид шудааст.(9) Ин донишманди забондон ва забоншинос барои тақвияти андешааш ин байти Саъдиро овардааст:

Шунидам дар вақти назъи равон,
Ба Ҳурмуз чунин гуфт Нӯшервон.

Дар байти фавқ, воқеан, ба ҳамвазифаи пасванди –ро аст, яъне Ҳурмузро гуфт:
Борони раҳмати беҳисобаш ҳамаро расида; Фарроши боди Саборо гуфта, то фарши зумуррадин бигустурд; Дояи абри баҳориро фармуда, то банноти наботро дар маҳди замин бипарварад; Луқмонро гуфтанд: - Ӯро гуфтам, ки аз ин бӯстон, ки будӣ, моро чӣ тӯҳфа каромат кардӣ; Ин маликро дашном дод.
Дар ин мисолҳо Саъдии Шерозӣ ҳарфи «-ро»-ро бо қобилияти пуркунандаи сӯй ба ҷои пешоянди «ба» ба кор бурдааст.

Ин навъ аз ҳарфи -ро баъди аз нишонаи мафъули сареҳ ва нишонаи моликият, дорандагӣ бештарин корбурдро бо теъдоди 90-то дар «Гулистон» дорад.

Пасоянди –ро ба маънои «барои»: ба унвони пуркунандаи сабабӣ ба ҷои пешоянди барои ба кор меравад, мисол:

Домане пур кунам ҳадяи асҳобро.
Ҳикмати маҳз аст агар лутфи ҷаҳонофарин,
Хос кунад бандае маслиҳати омро.
Ғараз нақшест, ки аз мо боз монад,

Ки гетиро намебинам бақое.

Маро он дурӯғ писандидатар омад аз ин рост, ки ту гуфтӣ; Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбад аст. Дар ин нақш ҳарчанд –ро ба сурати нишонае ба исм васл мешавад, вале мантиқан муродифи пешоянди изофии «барои» будааст. Пуркунандае, ки ба воситаи –ро ба феъл рабт пайдо мекунад корбурдаш дар «Гулистон» 69 – то аст.

**Пасоянди –ро ба маънои «бар».** Пасоянди –ро дар «Гулистон»-и Саъдӣ гоҳо чун муродифи «бар» ба кор рафтааст ва он пуркунандаҳое, ки пасванди –ро онҳоро бо феъл, яъне хабари ҷумла рабт додааст, пуркунандаҳои бавоситаанд, на бевосита. Мисол, *Дарахтонро ба хилъати* наврӯзӣ қабои *сабзварақ дар бар* карда, атфоли шохро ба қудуми мавсими рабеъ кулоҳи шукуфа бар сар ниҳод; Об бирез оташи бедодро; Абнои ҷинси моро нашояд ҷуз ба ростӣ сухан гуфтан; Эй сер, туро нони ҷавин хуш нанамояд:

Ҷу узве ба дард оварад рӯзгор,

Дигар узвҳоро намонад қарор.

Маликро ин тарки адаб нописанд омад; Мутакаллимро то касе айб нагирад, суханаш салоҳ напазирад.

Дар ин мисолҳо пасоянди –ро пуркунандаи маконӣ ва ба ҷои бар омадааст ва дар «Гулистон» 32-то ба ин маънӣ кор рафтааст.

**Пасоянди –ро ба маънои «аз».** Пасоянди –ро чун пуркунандаи бавосита дар «Гулистон»-и Саъдӣ 26 маротиба ба кор рафтааст. Чунончи: Маликро нафасе сард аз сари дард баромад; Сияҳгӯшро пурсиданд, ки мулозимати сӯҳбати шерат ба чӣ ваҷҳ ихтиёр омад?

Дар ин мисолҳо пасоянди –ро ба маънии «аз» ба кор рафтааст. Воқеан, Маликушшуарои Баҳор низ ин маънии пасоянди «-ро»-ро таъкид намуда ва чунин мисолҳоро шоҳид овардааст: Луқмонро пурсиданд; Бузургеро пурсиданд; Қазоро ману пире аз Форёб.(5)

Як вижагии корбурди «-ро» дар «Гулистон»-и Саъдӣ ин аст, ки пасоянди –ро бо калимаҳои мафҳуми замонидошта васл гардида, чун муродифи пешоянди «дар» барои ифодаи мафҳуми замон корбаст мешавад. Мисол: Субҳро сабӯҳ хӯранд ва рӯзро ба рӯза буданд. (Дар субҳ ва дар рӯз маънӣ медиҳад); Ҷои таваҷҷӯҳ аст, ки дар ҳамин қолаб ифодаи пасоянди –ро чун муродифи «дар» пуркунандаи бавоситаро низ ба феъл рабт додааст. Мисол аз «Гулистон»: Гуфт: - эй малик, ман *туро* дар ин ки кардӣ, хатое намебинам.

**Пасоянди –ро ба маънои «дар муқобили».** Дар «Гулистон» пасоянди –ро ба маънии «дар муқобили» низ ба кор меравад. Чунончи, дар мисоли ҷафо кардӣ, ҷафо дидӣ ҷафоро. Яъне дар муқобили ҷафо карданат ту ҳам ҷафо дидӣ.

**Пасоянди –ро ба маънои «дар бораи».** Ба ин маънӣ дар «Гулистон»-и Саъдӣ шаш ҷумла ба кор рафтааст, ки намунае аз онҳо ин ду мисол аст: Гадое ҳавлро (дар бораи гадое ҳавл) ҳикоят кунанд; Подшоҳеро ҳикоят кунанд.

Пасоянди-ро ба маънии «бо» ҳамагӣ як бор ба кор рафтааст. Мисол: Ин бигуфту падарро (бо падар) видоъ кард.

**4. –Ро – нишонаи моликият. Аз** забоншиносони таърихи забон чун Маликуш- шуарои Баҳор дар ин бора чунин қазоват мекунанд: «–Ро ба маънои моликият: Ҳар чи *дарвешонро рост* вақфи мӯҳтоҷон аст. Яъне моли дарвешон аст». Дар «Луғатнома»-и Деххудо ба ҳамин маънӣ омадааст. Ва туро пурсанд аз ғанимат, бигӯй *худойрост* (моли худо) ва пайғамбаррост (моли паёмабар).

Гар мухайяр бикунандам ба қиёмат, ки чӣ хоҳӣ?

-Дӯст *марову* ҳама неъмати Фирдавс шуморо.(3,5)

Воқеан, ҳамчунон ки дар мисолҳои фавқ, ки аз «луғатнома»-и Деххудо иқтибос шудааст, мушаххас аст, ки пасоянди –ро ба маънии моли касе аст ва моликиятро мерасонад. Пжӯҳиши мо нишон дод, ки пасоянди –ро ба ин маънӣ дар «Гулистон» 5 бор ба кор рафтааст.

Дар иртибот бо «-Ро»-и нишонаи моликият, ба маънии дорандагӣ забоншиносони ҷадиди эронӣ чунин мегӯянд: Дар баъзе аз ҷумлаҳои исniодӣ (исмӣ) овардани ҳарфи –ро боиси табдили феъли *ҳаст, буд* ба маънии дорад, яъне дорандагӣ ва моликият мешавад: Ин навъи –ро дар «Гулистон» ниҳоят зиёд истифода шудааст. Дуктур Мушкотиддин ин навъи пасояндро дар гурӯҳи исмия бо робитаи дастурӣ доранда бо ҳамроҳи феъли будан қарор медиҳад. Мисол: Подшоҳеро писаре буд; Зи нерӯ бувад мардро ростӣ; Маро аз моли дунё ҳамин як хурҷин китоб аст. Ба ҳамин маънӣ муаллифони «Наҳви забони тоҷикӣ» Белинский ва Ҳоҷизода низ мисоле овардаанд:

Дар Эрон маро як нафар дӯст буд,

Ки бо ман чу мағз бо ду пӯст буд.

(Лоҳутӣ)

Яъне ман дар Эрон як нафар дӯст доштам («-ро»-и таъкидниҳод) ва монанди:

Худоро бар он банда бахшоиш аст,

Ки халқ аз вуҷудаш дар осоиш аст.

Муҳаммад Ҷаводи Шариат онро аломати изофа медонад. 3-он гаҳ, ки туро бар мани мискин назар аст; Иқлими Порсро ғам аз осеби даҳр нест; китоби «Гулистоне» тавонам тасниф кард, ки боди хазонро бар варақи ӯ дасти татовул набошад; Дар ҳолате ки маликро парвои ӯ набуд, арза доштанд, ки фалон дарвеш истодааст. Касеро бар неку бади ман иттилоъ набошад. Дар «Гулистон»-и Саъдӣ пасоянди –ро ҳамчун нишонаи моликият бо теъдоди 94-то омадааст.

**5. Нишонаи қайд (зарфи замону макон):** Пасоянди –ро дар ҷумла гоҳе ҳоли замону маконро мерасонад ва бо мавриди каме тафовут дорад. Шавоҳиде аз ин навъи –ро дар шеъру насри форсӣ вуҷуд дорад ва аллома Муҳаммад Қазвинӣ аз он бо номи «–ро-и тавқития ва зарфия» ёд кардаанд. Маликушшуаро Баҳор онро фақат барои таъкиди маънӣ дониста ва мислоҳои зеринро чун намуна овардаанд: Фардоро хидмат мерасам; **Шабро** ба бӯстон бо яке аз дӯстон иттифоқ афтод.

Ин ҷумлаҳоро мо метавонем бидуни пасоянди –ро маънӣ кунем ва ба ин тарз биоварем:ҳангоми фардо ва ҳангоми шаб.

**6. Нишонаи ихтисос.** Гоҳе пасоянди –ро дар миёни ҷумла ба маънии махсус аст ва метавонад ихтисос ба қисм дошта бошад., ё фақат маънии махсус бидиҳад. Ин навъ –ро дар замони муосир ҳамроҳи ҳарфи «ба» муайяни қисми муаккад аст. Чунончи: Худоро аз табиби ман пурсед, ки охир кай шавад ин нотавон беҳ (Ҳофиз). Аллоҳро (туро ба Худо қасам). Туро ба Имом Ризо; Худоро, даст аз ман бидор; Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро.

Ин«ро»-ро «–ро»-и қасам низ гуфтаанд. Дар «Гулистон»-и Саъдӣ «–ро» ба маънии махсус 5 бор ба кор рафтааст. Мисол: Миннат худойро азза ва ҷалла, ки гилат аз хор баромад ва хор аз гул ба дар омад, яъне миннат махсуси Худое аст…

**7. «–Ро»-и таъкиднихол (мубтадо):** Як навъи пасоняди –ро фаровон дар «Гулистон» ба кор рафтааст ва дар баёни маънии ҷумла таъкид бар нақши ниҳод дорад. Ин ҳарф дар зоҳир бо мавриди 4/2 шабоҳат дорад, вале дар ботин тафовути муҳтавоӣ бо мавриди мазкур дорад ва маънии дорандагӣ дар феълро намерасонад. Мисол: Подшоҳеро шунидам, ки ба куштани асире ишорат кард; Маликзодаеро шунидам, ки кӯтоҳ буд ва ҳақир; Маликро аз ин сухан табассум омад; Молдореро шунидам, ки ба бухл чунон маъруф буд, ки Ҳотами той ба карам; Дар ин қолаби ифода пуркунандаи бевоситае, ки ҳарфи нишонаи «ро» гирифтааст, ҳамзамон нақши фоили (мубтадои) ҷумлаи пайравро адо мекунад. Ва пасоянди «ро» илова бар нақши асосии худ, ки таъйини мафъули амал аст, барои робитаи наҳвии ҷумлаи пайрав ба сарҷумла саҳми муҳимро адо менамояд. Аз ин навъ –ро дар «Гулистон» 75 маротиба ба кор рафтааст.

«Гулистон»-и Саъдӣ ба унвони яке аз бузургтарин ва арзишмандтарин китобҳои адабии осори асри XIV форсу тоҷик аз дидгоҳҳои гуногун қобили баррасӣ ва шинохт аст ва таваҷҷӯҳ ба гузашти замонҳои тӯлонӣ гарди айём бар варақаҳои он нишаста ва гулбаргҳои он тоза ва пуртароват аст. Аз ин лиҳоз, метавон қобилиятҳои забонии онро мавриди тадқиқ, инкишоф ва истифода қарор дод. Бо баррасии пасоняди –ро дар забони форсии тоҷикӣ ба ин натиҷа мерасем, ки ин ҳарф коркардҳои гуногун дошта ва анвои мухталифи он дар «Гулистон»-и Саъдӣ фаровон ба кор рафтааст ва бо шинохти онҳо метавон ба унвони захираҳои забонӣ дар осори мансур ва манзуми муосир аз он баҳра бурд. Хусусан, ин ки дар форсии тоҷикӣ ин ҳарф бештарин корбурдро доштааст ва дар кишварҳои форсизабон, ки идомаи форсии бостон аст, фазои бештаре барои истифода аз он фароҳам аст ва шоирону нависандагон метавонанд аз ин қобилиятҳои забонӣ ба наҳви беҳтаре баҳра гиранд ва дар осори худ онро ба кор бибаранд.

## АДАБИЁТ


1. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ. Душанбе, 2010.- 188 с.
2. Белинитский А.М., Ҳоҷизода Б. Наҳви забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2010.- 140 с.
3. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома. -Теҳрон, Ҷилди 25. 1342.- 400 с.
4. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2006.- 79 с.
5. Маликушшуаро Баҳор Муҳаммад Тақӣ. Сабкшиносӣ. –Теҳрон. 1326.- 470 с.
6. Мушкотиддини Маҳдӣ. Дастури забони форсӣ. -Теҳрон, 1387.- 247с.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе, 1982.- 452 с.
8. Нотилӣ Хонларӣ Парвиз. Дастури забони форсӣ. Чопи 4. –Теҳрон. 1363. - 367 с.
9. Фирдавсӣ А. Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷикӣ (сарфу наҳв). -Душанбе, 2009.- 127 с.
10. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор – Душанбе, 1998. -114 с.
11. Шариат Муҳаммад Ҷавод. Дастури забони форсӣ. -Теҳрон, 1371.- 459 с.

**СИНТАКСИЧЕСКАЯ РОЛЬ ПОСЛЕЛОГА «РО» В «ГУЛИСТАН» -Е СААДИ**

Произведение Саади «Гулистан» является одним из великих творений XIV века в персидско-таджикской литературе. В данной статье автор рассматривает языковые особенности данного произведения, в особенности использование послелога «ро», который очень широко использован писателем в данном произведении.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** персидско-таджикская литература, .Саади, «гулистон», языковые особенности, использование послелога «ро».

**SYNTACTIC ROLE OF THE POSTPOSITION "RO" TO "GULISTAN" - E SAADI**

Saadi's work "Gulistan" is one of great creations of the XIV century in the Persian-Tajik literature. In this article the author considers language features of this work, in particular postposition use «ро» which is very widely used by the writer in this work.

**KEY WORDS:** Persian-Tajik literature.Saadi, "Gulistan", language features, postposition use «ro»,



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ахмад Мансури Рази*** – соискатель Таджикского национального университета


# НАМОД ВА НАМОДПАРДОЗӢ ДАР ШЕЪРИ ФАРЗОНАИ ХУҶАНДӢ


***Суҳайло Ҳусайнӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Намод (symbole) аз калимаи юнонии symbolon гирифта шудааст. Ба маънии аломат, нишона ва асар барои шиносоӣ аст. Ҷузъи аввали калима ба маънои ҳам ва ҷузъи дуввуми он, яъне ҷуфт кардан ва рехтан аст. Дар кул ба маънои ба ҳам пайвастан ва иттисол аст. Яке аз умумитарин маънӣ, ки ба калимаи намод медиҳанд, ин аст, ки ҳар чизе ки илова бар маънои зоҳирии худ бар маъное дигар ҳам далолат кунад. Пул Рику, файласуфи фаронсавӣ мегӯяд: «Намод ҳар гуна сохтори далолаткунандаест, ки дар он маънои оғозин ва сареҳ ҳамроҳи худ маъноҳои дигареро пеш меоварад ва ин маъноҳо номустақим ва суварӣ ҳастанд ва сирфан аз роҳи маънои нахустин шинохта мешаванд».

Намод дар адаби форсӣ ба маънои намуд, намо ва намоянда омадааст ва дар мутуни адаби форсӣ аз номи дигари намод бисёр зикр мешавад. Ин калимаи рамз аст, ки ба маънои ишора кардан бо лаб ва ё чашм ва ё бо абрӯ аст, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ беш аз чаҳор бор аз калимаи рамз истифода шудааст. Намунае аз шеъри Фирдавсӣ:

Ту инро дурӯғу фасона мадон,  
Ба яксон равиш дар замона мадон.  
Аз ӯ ҳар чи андар хӯрад бо хирад,  
В-агар бар раҳи рамз маънӣ барад.

Аз авохири қарни нӯздаҳум дар Урупо ба баъд мутолиаи улуми ҷадид ва кӯшиш дар ҷиҳат ёфтани андешаҳои нав сабаб шуд бузургон ва ҳунармандон бихоҳанд мафоҳимро ба забони сода баён накунанд ва мухотабро ба кашфу шуҳуд вомедоранд. Беҳтарин роҳ, дарвоқеъ, ҳалли муаммои адабӣ буд бо мафҳуме сода ва ба таври ғайримустақим ва ба сурати розу рамз ва намод баён мешуд. Таъсири андешаҳои Шупинҳовр ва тахайюлоти Адгор Олунпу дар пайдоиши андешаҳои намодгароӣ муассир будааст. Аз раҳравони ин мактаб Будлир, Истифон Молорма, Варлан ва Рамбу ҳастанд.

Намод ва намодгароӣ ибтидо аз кишвари Фаронса оғоз шуд ва ба соири кишварҳо низ русух кард. Ба таври намуна дар кишвари Русия бузургоне ҳамчун Блук Аликсондр Аликсондрувич номи пешвои симбулисти Русия байни солҳои 1900 то 1920- ро гирифт. Шоирони намодгаро аз даҳаи 1980 ва ё оғози қарни бистум ба самти намодгароӣ, ба вижа намодгароии инсонӣ, гироиш ёфтанд. Шахсе ба номи Барюсуф баён мекунад: «шоири намодгаро мекӯшад ба ёрии шеъраш ҳоли хосеро дар хонанда барангезад.» Он чи дар шеъри Русия вуҷуд дорад, ин аст, ки шоирони намодгарои рус тавонистанд ҳам санъати шеърро боло бубаранд ва ҳам бо нигарише ирфонӣ ҷаҳонро дар мафоҳими як низоми сохта ва пардохтаи симбулҳо қаламдод кунанд.

**Вижагиҳои умдаи намодҳо.** Намодҳо ба аносири мавҷуд дар олами маҳсус таваҷҷӯҳ доранд. Шоир барои сохти намоди аносири мавҷуд дар атрофи худ ҳамчун гиёҳон, ҷонварон, ашё, афлок ва …-ро дастмояи худ қарор медиҳад. Корл Густовюнг мегӯяд: «намод беҳтарин тасвир барои таҷассуми чизи ношинохтаест, ки наметавон онро ба шеваи рӯшантар нишон дод.»

Намодҳо қудрати таъвилпазирӣ доранд. Як унсури намодин метавонад шомили маъноҳои гуногуне бошад. Он чи дар намодҳо ҷилвагарӣ мекунад, қудрати шукуфоии шоир дар корбурдҳои намод аст. Ҳосили ин кор иртиботи бисёр миёни таҷрибаҳои айнӣ ва зеҳнии шоир аст. Масалан, «гули сурх» илова бар намоди зебоӣ ба намодҳои дигар ҳамчун: ишқ, ҷавонӣ, кӯтоҳии умр ва шодобӣ ишора дорад.

1. Намодҳо миёни дол ва мадлул иртибот барқарор мекунанд. Ҳар намод ду унсур дорад:

а) дол: сурати калима аст;

б) мадлул: ҳамон маънои ботинӣ ва аслии калима аст

Шоир дар сохти ҳар намод илова бар сурат ба маънои калима таваҷҷӯҳ мекунад. Дар айни ҳол, бояд пазируфт, ҳамвора мадлул (маъно) аз дол густардатар ва пурмафҳумтар аст.

4. **Иртиботи намод бо сувари хиёл**. Ҳамон гуна ки дар бораи вижагиҳои намод гуфта шуд, намодҳо фақат ба як маъно маҳдуд намешаванд ва қодир мебошанд бо анвои сувари хиёл (ташбеҳ, истиора, маҷоз ва киноя) ҳамроҳ шаванд. Ҳар гоҳ намодҳо бар маъное ғайри маънои зоҳирии он марбут шавад, дар радифи сувари хиёле ҳамчун истиора қарор мегирад. Гоҳе илова бар маънои истиории худ бо мафоҳими дорои маънои ҳақиқӣ иртибот дорад, ки ба он киноя мегӯянд. Аммо, он чи муҳим аст, намодҳо ба хотири таваҷҷӯҳ ба мафоҳими иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳатто, зеҳнӣ ва фардӣ ҷойгоҳи хосе ва бартаре дар адабиёти мо ёфтаанд.

5. Шеър монанди мусиқӣ аст ва шоир бо эҳсос ва отифа ҳолоти даруниашро бо оҳангу мусиқии калимот баён медорад. Дар шеъри намодин ба мусиқӣ арзиши воло дода мешавад ва ҳар кас бо таваҷҷӯҳ ба эҳсос ва дарки худ шеъри намодинро мефаҳмад.

**Тақсимбандии намодҳо.** Намодҳо дар адабиёт ба ду дастаи муҳим тақсимбандӣ мешаванд:

1. Намодҳои умумӣ. Гоҳе маворид шоирон ба сурати қарордодӣ аз намодҳое баҳра мебаранд, ки худ халққунандаи он нестанд. Ин даста муқаллиди шоирони бузурганд, завқ ва ибтикор надоранд ва чизҳоеро мегӯянд, ки борҳо дигарон пеш аз он такрор кардаанд.
2. Намодҳои шахсӣ. Дастаи дуввум, агарчи аз баёни симбулҳои маъмулӣ ҳам ибое надоранд, вале дар бисёре аз ҷоҳо худ бо истифода аз истеъдоди ҳунарӣ симбулҳои зебо меофаринанд ва симбулҳоеро, ки қаблан дигарон овардаанд, дар тасвире зеботар дубора меоваранд. Дар ин миён гоҳе шоирон ба ибдои намодҳое мепардозанд, ки хоси худи онҳост. Ба таври намуна, оина дар шеъри Фурӯғ намоди хотироти зеҳн ва фикр аст.

**Ҷойгоҳи намод дар адабиёти Эрон ва Тоҷикистон.** Намод ва намодгароӣ дар адабиёти форсӣ собиқае дерина дорад. Шоирон аз намод баҳрае фаровон бурдаанд. Намоди адабӣ, агарчи дар оғоз як падидаи зебоӣ аст, аммо кам- кам аз маҳдудаи маъношиносӣ ва мантиқи забонӣ дур мешавад ва қаламрави маъноӣ ва отифии болотаре месозад. Шоирон дар шеърҳои қадим бознамодҳое ҳамчун сарв, парвона, шамъ, булбул ва ғайра бисёр истифода кардаанд. Лозим ба зикр аст, бакоргирии забони намодин ва чандмаъноӣ яке аз вижагиҳои асосии адабиёти ирфонӣ аст. Шоир барои баёни андешаҳои орифонаи худ бо абзори калимот ва алфоз, ки дар назари шоир ҳар кадом маъное хос дорад, ба илқои афкори худ мепардозад. Намунаҳое аз намод дар адабии ирфонӣ дар зайл нақл мешавад:

Фаридаддини Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё»: «Ошкоро дар харобии вуҷуди худ шудам, лоҷарам дар хештан сад ганҷи пинҳон ёфтам.»

Мавлавӣ дар маснавии худ, дафтари шашум мегӯяд:

Он Зулайхо аз <u>сипандон</u> то ба <u>уд</u>
Номи ҷумла чиз <u>Юсуф</u> карда буд.

Хуршед дар шеъри Мавлоно(«Девони шамс») паёми аслии фикру андешаи ӯро дарбар мегирад. Бо муодилҳое ҳамчун: шамс ва офтоб:

Гаҳе хуршедро монам, гаҳе дарёи гавҳарро,
Дарун иззи фалак дорам, бурун зилли замин дорам.

Ҳофиз, шоири гаронсанги асри ҳаштуми ҳиҷрӣ устоди беназир дар бакоргирии унсури намод барои баёни ғайримустақим ва киноӣ аст:

Гар бувад умр ба <u>майхона</u> расам бори дигар,
Ба ҷуз аз хидмати <u>риндон</u> накунам кори дигар.

Бедил:

<u>Чароғи хомушам</u>, ҳасратнигоҳи маҳфили хешам,
<u>Сипанде</u> пой то сар доғам, аммо бар дили хешам.

Ҷомӣ:

Бе парда ҷамоли <u>дӯст</u> дидӣ
В- аз <u>парда</u> ба <u>пардагӣ</u> расидӣ.

Он чи лозим ба зикр аст, дар шеъри суннатӣ корбурди бисёр намодҳо бо доштани маънои возеҳ ва рӯшани он сабаб шудааст, ки намодҳо ҷойгоҳи балоғи камарзише биёбанд, дар ҳоле ки дар шеъри нав шоир ба дунболи калимоти хоси худ аст. Гоҳе шоир бо гироиш ба аносири табиӣ ба халқи намод мепардозад. Гоҳе ҳам онҳоро тағйир медиҳад ва ба он ҳолу ҳавои мазҳабӣ ва ҳунарӣ мебахшад. Шоир ба хотири истифода аз симбул ва намоди ашъораш мубҳам ва жарф аст. Намодҳое, ки шоири муосир интихоб мекунад, шомили шақоиқ, тӯфон, панҷара, девор, шаб ва ғайра аст.

Шоирон ва ҳунармандони тоҷик дар миёни фарозу фурудҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замони худ, ки бисёр дар ашъоршон таъсир доштааст, аз унсури намод барои баёни ғайримустақим ва пурмаънои

калом баҳра мебурданд. Мусаллам аст, ҳар гоҳ шароити иҷтимоӣ ва сиёсӣ иҷоза надиҳад, ки шоир андешаҳоро бепарда баён кунад, пас калимот беҳтарин пӯшиш барои баёни андешаҳост. Дар миёни шоирони шаҳири тоҷик номи бузургоне ҳамчун: устод Садриддин Айнӣ, устод Абулқосим Лоҳутӣ ва Пайрав Сулаймонӣ ва Мирзо Турсунзода ҷилвагарӣ мекунад. Ин шоирон бисёр аз унсури намод барои баёни афкор ва андешаҳои худ баҳра гирифтаанд. Барои намуна, «Суруди озодӣ» («Марши ҳуррият»)-и Айнӣ, «Инқилоби сурх»-и Лоҳутӣ, «Нишони бенишонӣ»-и Пайрав Сулаймонӣ, «Водии Ҳисор»-и Мирзо Турсунзода аз ашъори намодин ҳастанд.

Мавзӯоти умдаи ашъори тоҷик ватан ва эҳсоси меҳанпарастӣ, ҳисси худшиносӣ ва худогоҳӣ, шинохти воқеии инсон, зинда нигаҳ доштани фарҳанги миллӣ ва бумӣ, фарҳанг ва забони модарӣ, андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ё мазомини ирфонӣ ва динӣ аст.

Дар миёни шоирони муосири тоҷик, ки аз унсури намод баҳра бурдаанд, номи Мӯъмин Қаноат- Нимои Тоҷикистон- дида мешавад. Дар шеъри «Гули бодом»-и худ калимаи <u>бодом</u> илова бар он ки наздик шудани баҳорро навид медиҳад, намоде аз шодӣ ва хуррамӣ аст. Шоирони дигаре ҳамчун: Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Аскар Ҳаким ва дигарон ҳастанд. Ин шоирони намодгарои тоҷик аз миёни мавзӯоти мавҷуд унсури намодро бештар барои баёни мазомини сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ё андешаҳои мазҳабӣ ба кор мебаранд.

Намунае аз шеъри Лоиқ:

Гӯйиё, як нафас тоҷикро таърих дод оинае,
То дар ӯ бинад нишони хештанро,
То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро.
Лек, шодикаф шуду оина аз дасташ фитод,
Хештанро ҳам надиду дигаронро ҳам надид.

«Гулчини Лоиқ»

Камол Насруллоҳ, Зиё Абдуллоҳ, Сиёвуш, Абдулқодири Раҳим, Муҳаммадалии Муродӣ, Фарзона ва дигарон идомадиҳандагони роҳи тозае ҳастанд, ки бо талошҳои Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор кушуда шудааст.

**Ҷойгоҳи намод ва намодпардозӣ дар шеъри Фарзонаи Хуҷандӣ.** Дар миёни шоирони тоҷик ба суроғи яке аз ҷавонтарин ва пуркортарин шоирзани Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ меравем, то дар канори арҷ ниҳодан ба бузургони шеъру адаби Тоҷикистон бо баррасии комили ашъори ӯ, Фарзонаи Хуҷандиро аз боби унсури намодгароӣ бештар бишиносем. Ӯ қасд дорад «ҷароғи афрӯхтаи шоироне ҳамчун Рӯдакии Самарқандӣ, Сайфи Фарғонӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва Камоли Хуҷандиро фурӯзон нигоҳ дорад ва ба дигарон дар оянда мунтақил кунад.» Фарзона шоире ҷавон ва навгаро дар шеъри муосири тоҷик аст. Нигоҳи шеърии ӯ нигоҳе зариф ва мӯшикофона ба сӯйи ҷаҳони ношинохтаҳост.

Дар ашъори Фарзона калимот ва ибороти намодин ва симбулик бисёр вуҷуд дорад. Таваҷҷӯҳи ӯ ба ашъори симбулик шеърашро арзиш ва умқи бисёр бахшидааст. Ҳамон гуна ки Нимо Юшиҷ дар бораи симбул мӯътақид аст, ки: «симбулҳо шеърро амиқ мекунанд, домана медиҳанд, виқор медиҳанд ва хонанда худро дар баробари азамате меёбад.»

Бояд изъон дошт, Фарзона низ монанди шоирони муосири Эрон дорои фарҳанги вожагони хосе аст. Ӯ рафторҳои дарунии худро дар қолаби бархе аз вожаҳо ироа медиҳад. Такрори бархе вожаҳо дар саросари девони шеъраш дар канори содагӣ ва имрӯзӣ будан нишон аз андешаҳои арзишманди ӯ дорад. Фарзона дар миёни маҷмӯаи ашъораш аз ҳамон оғоз ба унсури намод таваҷҷӯҳе хос нишон додаст. Ба вижа, дар баёни мавзӯоте, ки дар бораи ватан ва ишқ ба меҳан ва ё масоили иҷтимоии замони худ аст, унсури намодро зинатбахши ашъораш намудааст. Нахустин маҷмӯаи шеъри ӯ «Тулӯи хандарез» ва дар идома «Шабехуни барқ» аст. Ӯ дар аввалин шеъраш «Гули зардолу мерезад» пас аз тавсифи табиат ба сӯйи намодҳои зебо гароиш меёбад:

Баҳор, андар оғӯшат ҷаҳон ҳамдастӣ мехоҳад,
Ҳама дил ҳастӣ мехоҳад,
Дили ман мастӣ мехоҳад.
Тапиш дар барги гули шабнам басе ширину мастона,
Вале аз чӣ тапиш дорад дили бешакки Фарзона?
Гули зардолу мерезад.

Ҳар чи мегузарад, дар девонҳои дигари эшон ба вобастаи мутолиаи осори бузургони Эрон ва ҷаҳон ва таъсирпазирӣ аз онҳо намодҳо тозатар ва бо мазомини навин ва иҷтимоитар ба кор меравад. Фарзонаи Хуҷандӣ дар ашъори намодин дар канори пайравӣ аз устоди худ Лоиқ Шералӣ ва соири шоирони намодгарои тоҷик, ба ашъори шоирони клосик ҳамчун: Мавлавӣ, Бедили Деҳлавӣ ва шоирони муосир ҳамчун: Фурӯғи Фаррухзод ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ дар намодсозӣ гароиш доштааст. Намунаҳое аз мутобиқатҳои шеърӣ:

Мавлавӣ:

Чу ғуломи офтобам, ҳам аз офтоб гӯям,
На шабам, на шабпарастам, ки ҳадиси хоб гӯям.

Фарзона:

Шаст занам бар офтоб, нур шикор мекунам,
Бегила мезиям дигар, шукри баҳор мекунам.

Шеъри Сӯҳроб:

Ва Худое, ки дар ин наздикӣ аст,
Лойи он шаббӯҳо, пойи он кочи баланд,
Рӯйи огоҳии об,
Рӯйи қонуни дарахт.

Фарзона дар бакоргирии аносири намодин аз симбулҳои равшан ва саҳеҳ баҳра мебарад, то роҳаттар бо мухотабаш иртибот барқарор кунад.

**Дар ашъори Фарзона аносири симбулик ба чанд дастаи муҳим тақсимбандӣ мешавад.** «Таърихи намодгароӣ нишон медиҳад, ки ҳар чизе метавонад маънои намодин пайдо кунад, монанди ашёи табиӣ (сангҳо, гиёҳон, ҳайвонот, инсонҳо, кӯҳҳо, дарраҳо, хуршедҳо, моҳ, об, оташ) ва ё он чи дастсози инсон аст (монанди: хона, киштӣ ва худрав) ва ё, ҳатто, ашколи таҷридӣ (монанди: аъдод, сегӯша, чаҳоргӯша ва доира) ва дар ин ҳақиқат тамомии ҷаҳон як намоди билқувва аст». Инсон бо гароиши табиӣ, ки ба офариниши намодҳо дорад, ба гунае нохудогоҳ ашё ё ашколро тағйир медиҳад (ва бад-ин сон ба онҳо аҳамияти равонии бисёр муҳиме медиҳад), то ҳолате мазҳабӣ ё ҳунарӣ ба худ бигиранд».

Дар миёни ашъори Фарзона аносири намодин бисёр аст, лизо онҳоро бо чанд дастаи муҳим тақсим намудем ва барои ҳар қисмат чанд шоҳид мисол низ нақл кардем.

Бакоргирии аносири табиат. Ҳар як аз шоирони муосир бо нигоҳи хоси худ ва зовияи диди махсусаш ба табиат менигарад ва тарҳҳои тозаеро дар зеҳнаш муҷассам мекунад. Яке аз пуркорбурдтарин намодҳо дар шеъри Фарзонаи Хуҷандӣ марбут ба ин даста аст. Шоир бо тасвирҳое, ки аз шабу рӯз ва ё фаслҳои чаҳоргона медиҳад, нақшҳои тозае аз намодро бо баҳрагирӣ аз табиат пиромуни худ меофарид:

Эй субҳ, субҳ, субҳ
Эй ёр, ёр, ёр.
Бигзор дар қаламрави зулмат садои ман
Хуршедҳои гумшударо ҷустуҷӯ кунад.

Субҳ мазҳари покии аҳуроӣ аст ва худ мӯътариф аст вожаи субҳро барои пур шудан аз нури маънавият борҳо такрор мекунад:

Забони такрори вожаи субҳро дӯст медорад.
Субҳ чист?
Субҳ дар ниҳоди мо
Тулӯи нури аҳуроист дар ин сиёҳистон.
Биё, ба субҳи аҳуроӣ оварем имон.

Шоир субҳ ва офтобро мазҳари покӣ медонад:

Ёри мо рӯйид аз пайванди нуру офтоб,
Ман нагӯям кист ӯ, оина бину худ биёб.

Шоир дар шеъри «Дар бирез субҳ» аз оғоз аз нуру рӯшанӣ сухан мегӯяд ва худро дар оби нур ғусл медиҳад, мехоҳад аз тамоми сиёҳиҳои замона дур шавад. Пайваста ба ин менозад, ки:

Ман тифли ховарам,
Бояд ки субҳ созаму хуршед офарам.
Дар ман бирез субҳ.

Хуршед симбули ҳақиқат аст, гармо мебахшад, поккунанда аст, дар рӯйиши гиёҳон нақши асосӣ дорад. Гоҳе низ хуршед намоди инсони комиласт. Рӯҳ дар баробари ҷисм ва ё маъно дар баробари зоҳир аст. Хуршед мазҳари зиндагӣ ва ҳаёт ва умед ва ёдоварии рӯзгори хуши зиндагӣ аст. Ин унсур ҳамчун ниқобе рӯёрӯйи нури илоҳӣ аст, ки агар бе ҳиҷоб бошад, мавҷудоти заминиро кӯр карда месӯзонад. Муодили ин калима офтоб ва шамс аст:

Эй офтоби дур,
Сад сол шуд, ки ман
Бо як шарораат ба қаноат нишастаам.
Зиндонаму зи равзанаи тангам гузар намо,
Нури хуҷастаам.

Ва ё:

Падараш хуршед аст,

Чӣ гӯямат, ки ту ҳам ломпи нимбисмилро
Ҷойи хуршед мегузинӣ.

Дар ин миён хуршед низ дар канори таъбироте монанди: хуршеди хунранг, талолуи хуршед, нигоҳи офтобӣ, ҳарфи офтобӣ, офтоби шабнамнӯш, овардани ҷумалоте бо нигоҳи мусбат: Дили ман дар нигоҳи офтоб аст ва ё: Ман ба офтоб ишқ меварзам, ҳамчунин: Дилро, ки бӯйи андӯҳи зимистон мекард, офтоб додам. Дар ҷое дигар ба ҳақиқати намодини офтоб ин гуна ишора мекунад:

Ман медонам, ки ҳанӯз офтоб
Имо дорад бар садоқати ман.
Ва медонам, ки агар гуноҳ кардам,
Аз офтоб ҷудо хоҳам шуд.

Дили шоир бо офтоб пайванде амиқ ва дерина дорад. Нури хуршед бориқаҳои маънавиятро бар қалби шоир мерезад:

Баъд аз ин дили ман дар никоҳи хуршед аст,
Вақте ки шумо пардаҳои ғафлатро
Дар чашмҳои шиша мекашед,
Ман бо офтоб ишқ меварзам.

Фарзона гоҳе дар ашъораш аз аносири намодин ба сурати тазод ба кор мебарад. Ба таври мисол, тазод миёни нур ва зулмат дар шеъри «Ҳосили кашфи ман» аз ин тазод ба беҳтарин шакл баҳра мебарад:

Гулпардаро фикандаву наззора мекунам
Дар шишаи мижа сойидани офтобро.
Эй кош, чашми фитрати ман низ мефиканд
Хуршедгуна аз рухи зулмат ниқобро.

Рӯҳи лутф ва шоиронаи Фарзона дар миёнҳои намодҳои поке дар бораи себ бо таъбири: меваи себ, дарахти себ, гули себ ёд мешавад. Дар фарҳанги симбулҳо себ рамзи маърифат ва дониш аст ё орзуҳои заминӣ. Бино ба тафосири ғарбӣ, себ ҳамон дарахти маърифати неку ба даст, ки саранҷом Ҳаво аз меваи он хӯрд ва боиси тард шудани худ ва Одам аз биҳишт шуд. Дар сураи «Бақара», ояи 33 омада: «Наздик ба ин дарахт нашавед, ки аз ситамкорон хоҳед буд». Дар «Таврот» низ дар боби дуввум омада: «Аммо, аз дарахти маърифати неку бад зинҳор нахӯрӣ».

Таъбири шоир аз ин меваи биҳиштӣ ин аст, ки: «Ваҳ- ваҳ, гули себ чи шамими малакутӣ дорад». Истифода аз ин аносир дар ашъори Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва Фурӯғ низ вуҷуд дорад. Дар канори Фарзона бо истифода аз ҳамин аносир дар қолабе намодин ба накди иҷтимоӣ мепардозад, вақте рӯзи маргиҳо гиребони мардумро гирифтааст ва зебоиҳоро намебинанд:

Вақте гули себро ба забон меорам,
Мардум ба ханда мегӯянд:
Себро бигзор, зардолу гӯ,
Дар ӯ лаёқаташ бештар аст.

Шоир дар баробари шӯру ҳоли табиати баҳорӣ, ки сармо ва яхбандонро паси сар гузошта ва нафаси тоза мекашад, онгоҳ ки борони баҳорӣ дар баробари сабзаҳо бо фурӯтанӣ бар саршон мечакад, ӯ низ дар баробари ин шукуфтагиҳои табиат:

Ман низ сар ниҳам сари зонуи сабзаҳо,
Фориғ зи шӯру валвалаи даҳр як дамак,
Хобам дар ошёнаи гул ҳамчу шабнамак.

Бо фаро расидани фасли баҳор шоир ба тавсифи манозири дилкаши табиат ва зебоии он мепардозад. Дар ашъори Фарзона шоир аз зоҳир по фаротар мегузорад ва бо баёне намодин ба васфи авзоъ ва аҳволи сиёсиву иҷтимоии рӯзгор мепардозад.

Ва омадани баҳорро бо иноятӣ Худованд ҳамроҳ бо хушбинӣ ва пирӯзӣ медонад ва ин гуна мужда медиҳад:

Бовар кун, ки баҳори хуҷаста
Бозӣ меояд.
Ва ту дар вуҷуди хастаат
Лағзишҳои панҷаи обии абри найсонро
Чун навозишҳои ангушти Худованд мепазирӣ.

Дар миёни фаслҳо зимистонро мазҳари ноумедӣ ва яъс ва торикӣ медонад:

Ҳар бор дар кӯчаҳои маҳзуни даймоҳ
Ба ҷустуҷӯйи касе хоҳам рафт.

Ҳарчанд зимистон дар канори маонии манфӣ ва баёни ғаму андӯҳ дар ашъораш мазҳари покиҳо ва оромиш ва хилват аст. Дарахт симбули зиндагӣ ва ҳаёт ва гоҳе худи шоир аст. Фарзона дар маҷмӯаи шеъри зайл ба ин намод ишора мекунад:

Фурсатам ҳаст,
Меравам, дасти нозукамро
Дар гардани дурушти дарахти танҳо мегузорам.
Яъне ки ба гӯши зиндагӣ мегӯям,
Ки пас аз зулму хиёнат низ варо
Боз ҳам сахт дӯст медорам…

Симбул ё намод нишона ва рамзе аз шайъ ва ё амре аст, ки шайъ ва ё амри дигарро илқо мекунад. Дар ин миён он чи ормон ва хостаи як шоири намодгарро баён мекунад, ин аст, ки: «дар ҷаҳон ҳақоиқи махфӣ, ботинӣ ва рамзомез ва муаммогунае вуҷуд доранд, ки бо чашми зоҳирбин ва гӯши зоҳиршунав имкони дидан ва шунидани онҳо вуҷуд надорад. Ба назари онҳо он чи инсон мебинад, ҳис мекунад ва мефаҳмад, ҳақиқати аслӣ ва аввалӣ нестанд, зеро инсон дар шароит ва мавқеияте нест, ки битавонад ҳақиқати аслӣ ва аввалиро мушоҳида ва фаҳм кунад» Дар шеъри шоироне ҳамчун Фарзонаи Хуҷандӣ гоҳе ба луғот ва истилоҳоте бармехӯрем, ки нисбат ба кулли вожагони мавриди истифода ҷанбаи калидӣ ва меҳварӣ доранд, гӯйӣ шоир барои баёни ин калимот рисолати хосе дорад ва ба ҳар баҳонае онро такрор мекунад. Бояд изъон дошт, бо кӯмаки ин вожаҳо метавон ба сабки шоир пай барем. Ин калимот мабонии андешаҳои шоирро мушаххас мекунад. Корбурди бархе вожаҳои хос ҳамчун: субҳ, хуршед, шабнам, себ, шаб ва ғайра нишонҳое аз намодгароии шоир дорад. Шоир дар паноҳи симбулҳо метавонад бо хонандаи худ иртибот барқарор кунад. Бештари ин намодсозӣ шоирро дар истифода аз аносири мавҷуд дар табиат ва он чи дар олами воқеъ аст ва дар идома эҳсоси миллигароӣ ва таваҷҷӯҳ ба мазомини иҷтимоӣ ва сиёсии замони худ аст.

## АДАБИЁТ


1. Алӣ Асғари Бундшахриёрӣ. Робитаҳои адабии Эрон ва Тоҷикистон ва таъсири он бар шеъри нави Тоҷикистон:- Теҳрон: «Пажӯҳишномаи улуми инсонӣ», №. 54, 1386.
2. Вилфурд Гарин, Арл Либри… Мабонии нақди адабӣ. Тарҷумаи Фарзона Тоҳирӣ:- Теҳрон: «Нилуфар», 1376.
3. Д. С. Мирски. Таърихи адабиёти Русия. Тарҷумаи Иброҳим Юнусӣ:- Теҳрон: «Амири Кабир», 1372.
4. Муҳаммад Носир. Таҳаввули мавзӯъ ва маъно дар шеъри муосир:- теҳрон: «Нишона», 1382.
5. Тақипури Номдориён. Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ:- Теҳрон: «Илмӣ ва фарҳангӣ», 1368.
6. Титус Буркҳорт. Рамзпардозӣ. Тарҷумаи Ҷалол Сатторӣ:- Теҳрон: «Суруш», 1370.
7. Ҳасан Анӯша. Фарҳангномаи адабии форсӣ:- Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, ч. 2, 1380-1381.
8. Ҳусайн Меъморӣ. Таърихи адабиёти ҷаҳон ва нақди осор:- Теҳрон: «Ояндагон», 1387.
9. Ҷавод Тоҳирӣ. Мақоми рамз ва симбул дар «Маснавӣ»- и Мавлавӣ:- теҳрон: «Сафири умед», №. 7, 2010.
10. Фарҳод НозирзодаКирмонӣ. Намодгароӣ дар адабиёти намоишӣ:- Теҳрон: «Барг», ч. 1 ва 2, 1368.


## СИМВОЛЫ И СОЗДАНИЕ СИМВОЛОВ В ПОЭЗИИ ФАРЗОНЫ


Применение символов и символизмов в персидской литературе имеет очень давнюю историю. Поэты для выражения своих мыслей очень широко применяли данные литературные приёмы. В данной статье автор, анализируя лирическую поэзию Фарзоны Худжанди, рассматривает применение символов и символизмов в ее поэзии.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: символы, символизм, Фарзона Худжанди, поэзия Фарзоны, символы, символизмы, литературные приёмы, применение символов, символизм.


## SYMBOLS AND SYMBOLISM IN FARZONA POETRY


Application of symbols and simvolizm in the Persian literature has very old story. Poets very widely applied these literary receptions to expression of the thoughts. In this article the author, analyzing Farzona Hudzhandi's lyrical poetry, considers application of symbols and simvolizm in her poetry.



**KEY WORDS:** symbols, symbolism, Farzona Hudzhandi, Farzona's poetry, symbols, simvolizm, literary receptions, application of symbols, symbolism.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сухайло Хусейни*** – соискатель Таджикского национального университета

# ДИДГОҲҲОИ ҚАЙСАРИ АМИНПУР ДАР БОРАИ ОЗОДӢ

*Лайло Каримии Валуҷойӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Он чи ки як шоирро ташаххус мебахшад, ҷаҳонбинӣ ва идиулужии ӯст. Дар навбати худ он чи ин ҷаҳонбиниро шакл медиҳад, таҳти авомили мухталифе қарор дорад. Баъзеҳо мӯътақиданд, ки шоирону нависандагон зодаи муҳиту авомили он ҳастанд, ҷудо аз ин, ки муҳити иҷтимоии хонавода ва мизони илму огоҳии шоир бе таъсир нест, лекин авомили болотару бартарро низ набояд фаромӯш кард ва он ҳамоно ба навъи андешаву завқу нерӯи тахайюли шоир мебошад. Ҳол бо истинод аз гуфтори донишмандон ин ду мавридро бештар тавзеҳ медиҳем. Доктор Пурномдориён дар китоби «Сафар дар меҳ» чунин менависад: «Шахсияти шоир ва навъе зистану назаргоҳҳо ва даргириҳои вай фазои фикриву отифӣ ва заминаи зеҳниву рӯҳии хосеро дар ӯ эҷод мекунад, ки ба иқтизои он нисбат ба баъзе аз ангезаҳои беруниву дарунӣ ва отифӣ ҳассосияти бештаре пайдо мекунад ва аз тариқи таъсир аз ин ангезаҳои хос сареътар даргири аҳволи шоирона ва ҳодисаи зеҳнӣ мегардад». [2, 68]

Донишманди дигаре дар ин бора чунин менависад: «Афкору аҳволи шоир маҳсулу натиҷаи як силсила авомили гуногун аз қабили: замону макон, авзои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, дину мазҳаб, фалсафаву ирфон ва донишу биниши шуаро мебошанд, ки дар парвариши завқу қареҳа ва кайфияти андешаву назари онҳо муассир аст. Лизо, ҳар асари адабӣ ҳамон қадар, ки алфозу таъбирот ва таркиботи калимот ва ҳунарнамоиҳои сувариву лафзӣ аҳамият дорад, андешае, ки дар он асар нуҳуфтааст низ дархӯри таваҷҷӯҳу баррасӣ аст. Шак нест, ки ҳар шоир шеваи хоси худро дорад, маонии мухталиферо дар шеър ба риштаи назм дармеоварад, ки сабки вайро мутамойиз аз дигар шоирон менамояд».
[4, 12]

Яке аз хусусиятҳои шоирони мутааҳҳиду парварда дар домани тарбияти исломӣ ин аст, ки пайғоми худро ба унвони рисолат ба гӯши мардум бирасонанд. Зеро он чӣ дар ҳастӣ ва мавҷудияти ҷомеа нақши басазо дорад, фарҳанги як ҷомеа аст. Фарҳанги ҳар ҷомеа дарвоқеъ мавҷудияту ҳуввияти он ҷомеаро ташкил медиҳад. Зимни мутолеаи осори Қайсар равшан мегардад, ки аз ҷумлаи мавзӯъое, ки бештар мавриди таваҷҷӯҳу таъкиди ӯст, озодӣ аст. Аз қадимулайём ин гавҳари боарзишу гаронбаҳо ҳамвора мавриди таваҷҷӯҳу таъкиди вижаи шоирону бузургони ҳавзаи андешаву адаб будааст.

Дар тӯли таърих аз ҷумлаи гирифториҳои зиндагии башарӣ ин буд, ки афроде тавонову қудратманд дар садад будаанд, то афроди заифро ба унвони барда дар хидмат бигиранд ва ба навъе аз онҳо истисмор кунанд. Фиристодагони илоҳӣ низ бар ин ҳадаф омаданд, то инсонҳоро ҳидоят кунанд ва барои наҷоти мустазъифон ва мубориза бо фасоду ширк ва дунёпарастӣ афкори хуфтаи одамиёнро барои қиём ба иқомаи адлу дод бедорӣ диҳанд. Натанҳо барои инсон асорат ва дар қайду банд будани дигаронро намеписандиданд, балки ҳатто аз ин ки инсон дар бандӣ ва асири ҳавои нафсу шаҳват буданро ҳамчунин мазмуму зишт мешумурданд.

Ҳар мавҷуди зиндае агар мехоҳад роҳи такомулро тай кунад ва ба рушди лозим бирасад аз бунёнитарин эҳтиёҷоташ озодӣ аст. Озодӣ муҳаббати илоҳӣ, ки ба инсон арзонӣ шуда, гоҳе мумкин аст, ки ин озодӣ ба содагӣ ба даст наёяд ва мавонеи ҷулӯи рушдашро бигирад. Дар чунин шароите бояд, ки инсони озода барои ба даст овардани ин гавҳари беҳамто ба қиёму наҳзат бархезад ва онро ба ҳар қимате, ки шуд ба даст оварад, ҳатто агар ниёз бошад, хуни худро дар ин роҳ бирезад, зеро «Озодӣ яке аз лавозимоти ҳаёту такомул аст.» [3,15]

Аз замони инқилоби Фаронса дар қарни ҳаждаҳум тақрибан ҳудуди 200 сол қабл замзамаи озодӣ бар сари забонҳо афтод ва ба тадриҷ мафҳуми густурдае пайдо кард, то ҷое ки шоири имрӯз озодиро яке аз муқаддасоти худ медонад.

Имрӯза анвои шинохташудае аз озодӣ вуҷуд дорад, ки иборатанд аз: озодии иҷтимоӣ, озодии баён, озодии қавмиву миллиятӣ, озодии матбуот, озодии занон, озодии ҷинсӣ, озодии мазҳаб ва … саранҷом озодии сиёсӣ.

Бештари рӯшанфикрон озодии сиёсиро дар байни анвои шинохташудаи озодӣ муҳимтарин талаққӣ мекунанд ва дигар озодиҳоро абзоре зарурӣ барои дастёбӣ ба озодии сиёсӣ медонанд.

Бузургтарин зарару хусрони асри мо ин аст, ки ҳамвора аз озодӣ, манзурашон озодии иҷтимоӣ аст. Яке аз тазодҳои иҷтимоии имрӯзи башар ин аст, ки он гоҳ ки аз озодӣ сухан ба миён меоваранд, аз озодии асосӣ ва бунёдин, ки ҳамон озодии маънавӣ аст, ғофиланд. Дар ҳоле, ки башар озодии иҷтимоиро замоне мӯҳтарам мешуморад, ки асири худ набошад.

Ҳоло бо таваҷҷӯҳ ба ин тавзеҳот бубинем тарҳи озодиву озодагӣ дар ашъори Қайсари Аминпур чӣ гуна ҷилва ёфтааст.

Аминпур дар маҷмӯаи «Ба қавли парасту» [53] бо сурудани ашъори худ саъй дорад панҷараи тозаеро барои навҷавонон бигушояд, чаро ки кӯдакону навҷавонон зудтар таҳти таъсир қарор менегаранд ва ин таъсирпазирӣ аз тариқи шеър, қиссаву филмнома сареътар анҷом мепазирад. Ба ҳамин ҷиҳат ӯ аввалин шеърашро ихтисос ба мавзӯи озодӣ додаст:

*Чаро мардум қафасро офариданд?*
*Чаро парвонаро аз шоха чиданд?*
*Чаро парвозҳоро пар шикастанд?*
*Чаро овозҳоро сар буриданд?*
*Пас аз кашфи қафас, парвоз пажмурд*
*Сурудан бар лаби булбул гираҳ хӯрд.*
*Чаро лабханди гул пар – пар шуду рехт,*
*Чӣ шуд он орзуҳои баҳорӣ?*
*… Худо пар дод, то парвоз бошад*
*Гулӯе дод, то овоз бошад.*
*Худо мехост боғи осмонҳо,*
*Ба рӯи мо ҳамеша боз бошад.*
*Худо болу пару парвозашон дод,*
*Вале мардум даруни худ хазиданд.*
*Худо ҳафт осмони бозро сохт,*
*Вале мардум қафасро офариданд. [1, 6 – 7]*

Комилан пайдост, ки Аминпур бо сурудани ин шеър дар аввалин маҷмӯа ва қарор додани он дар сафаҳоти нахустини китоб бисёр барои ин гавҳари муқаддаси озодӣ арзиш қоил аст ва аз ҳамон ибтидо саъй дорад дар зеҳни хонандаи ҷавон нуфуз кунад ва бигӯяд ҳар мавҷуди зиндае, агар ки мехоҳад роҳи такомулро тай кунад ва ба рушди лозима бирасад, аз эҳтиёҷоти мубраму асосияш озодӣ аст. Шоир сахт мутааҷҷибу шигифтзада аст аз ин, ки чӣ касе қафасро ихтироъ кард, зеро қафас аз ибтидоитарин васоили зоҳирии ба асорат кашидан аст. Шоир дар ин шеър бештар ба дунболи озодии иҷтимоӣ ва озодии баён аст. Ин абёт баёнгари он аст, ки Худо инсонҳоро озод офарид ва касе бо кашфи қафас ин як неъмату муҳибати илоҳиро аз инсон гирифтааст, яъне башар худаш барои ҳамнавъони хеш мушкилофаринӣ мекунад.

*Илоҳӣ ба зебоии содагӣ,*
*Ба волоии авҷи уфтодагӣ*
*Раҳоям макун ҷуз ба банди ғамат*
*Асирам макун ҷуз ба озодагӣ [ 6, 84]*

Дар ин абёт гӯйӣ навъе таноқуз дар гуфтори шоир дида мешавад, бо он ки озодагӣ мухолифи асорат аст ва ҳар кас, ки асил бошад дигар озода наметавонад бошад. Бо ин ҳол ин таноқуз нишондиҳандаи таъкиди шоир рӯи калимаи «озодӣ» аст. Ин гавҳари муқаддасро он чунон мӯҳтарам мешуморад, ки Худовандро қасам ёд мекунад, ки агар ҳатто рӯзе қарор аст асир шавад, фақат асири озодӣ бошаду бас:

*Ин ҷо ҳам ҳар лаҳза мепурсанд:*
*«Ҳолат чӣ тӯр аст?»*
*Аммо касе як бор*
*Аз ман напурсид:*
*Болат… [6, 27]*

Ин байт фазоеро барои мо тасреҳ мекунад, ки шоир гӯё дар миёни ҷамъе ва дар фазое ҳаст, ки эҳсоси гирифториву дар банд будан мекунад, гӯё ҳама мехоҳанд фақат аз ҳоли зоҳирии ӯ бохабар шаванд ва касе ба ҳақиқат ҳоли ӯро намепурсад, яъне ҷӯёи ҳоли воқеии ӯ нестанд. Аминпур мисли паррандае худро дар ин қафаси хокӣ гирифтор мебинад ва барои раҳоӣ аз чанги дунёи хокӣ ниёзманди бол аст, аммо афсус, ки болҳои ӯ тавони парвоз надорад. Истифода аз калимаи «бол», ки намоду санбули озодӣ аст, нишон медиҳад, ки шоир ба дунболи озодӣ аст, аммо на аз навъи роиҷ ва маъмулӣ аст, ки шоир барои ба даст овардани он ҳолаш чандон мусоид нест ва орому қарор надорад.

Дар намунаи шеърҳое, ки ба унвони шоҳид мисол оварда шуд, то исбот намоем, ки Қайсар ба дунболи озодӣ ва озодагӣ аст, саранҷом ба ин шеър бармехӯрем, ки дар он шоир чи ба сурати намодӣ ва чи истиорӣ аз аносиру ашёе сӯҳбат мекунад, ки озодӣ сареҳан ба зеҳни хонанда тадоӣ мешавад, комилан гӯёи ин ҳақиқат аст ва бар гуфтаҳои мо сиҳа мегузорад, ки шоир худро дар ин ҷаҳон гирифтору дар банд мебинад ба тавре ки ба ҳар чизе, ки пиромунаш назар меандозад ҷуз осори зиндонӣ шудан дар ин сарои сипанҷ чизи дигар ба зеҳнаш хутур намекунад:

*Ҷома роҳ роҳ/ Пои ҷома роҳ роҳ/ Милаҳои рӯ ба рӯ/ Роҳ роҳ/ Пушти сояи рӯшани мижа, нигоҳ/ Роҳ роҳ/ Рӯи шонаҳо/ Роҳ роҳ тозиёнаҳо/ Ошёнаҳо/ Лонаҳои кучаки сиёҳ/ Бе пару парранда роҳ роҳ/ Гиряҳои*

*шӯру хандаҳои талх гоҳ гоҳ/ Роҳ роҳ/ Дар миёни ин ҷаҳон роҳ роҳ/ Ин ҳазор роҳ/ Роҳ/ Роҳ/ Кӯ?/ Куҷост роҳ? [ 6,66 – 67]*

Гавҳари гаронбаҳои озодӣ чи ба унвони ниёзи фитрӣ ва дарунӣ ва чи ба унвони ниёзи иҷтимоиву сиёсии афрод ҳамвора мавриди таваҷҷӯҳ ва таъкиди бузургони андеша ва ҳавзаи адабӣ ва сиёсию иҷтимоӣ будааст. Шоирону адибон ва мутафаккирони адабӣ дар канори масоили динӣ ва ақидатӣ таваҷҷӯҳи вижае ба мақулаи «озодӣ» доштаанд. Пас аз баррасӣ дар ашъори Қайсари Аминпур дарёфтем, ки гавҳари гаронбаҳои озодӣ аз диди тезбини ӯ ҳам пинҳон намондааст ва бардоштҳои мухталифи ӯ аз озодӣ пинҳону ошкори ашъори ӯро пӯшондааст. Далели ин таваҷҷӯҳӣ ин аст, ки озодӣ муҳаббати иллоҳӣ аст, ки ба инсон арзонӣ шудааст, инсон бояд озод ва раҳо зиндагӣ кунад то истеъдодҳои инсониаш ба фаъолият бирасад. Чунончи Қайсар дар китоби «Гулҳо ҳама офтобгардонанд»[6] дар ин шеъраш сурудааст: *Аммо даре, ки боз набошад/ Дигар на дар, ки девор/ Аммо парранда баста агар бошад/ Дигар парранда нест, ки мурдор/* [6] Комилан пайдост Қайсар шукуфоии қобилиятҳо ва болandaгии тавоноиҳои инсонро дар гарави раҳоӣ ва озодӣ медонад ва инчунин аст, ки ниёзманди фазои бозу каме офтоб ва орзуманди панҷарае ҳарчанд кучак аст, чаро, ки маҳсур шудан дар маҳдудаи баста бидуни панҷара тафаккури инсонро маҳдуд мекунад.

Ба андешаи нигоранда Амипур дар сухан аз озодӣ бештар аз тасвирҳое мисли дар панҷара ва парранда баҳра ҷустааст, ҳарчанд тасовири шоир тозаву ибдоӣ нестанд, аммо шоир бо онҳо бархӯрди тозае дорад.

*Девор ҳақ надошта бошад бар панҷара бирӯяд/ [ 13]*

Сухани охир ин, ки озодӣ дар нигоҳи Қайсар як камол ва арзиш барои инсонҳост, ки таваҷҷӯҳ ба он нақши ҳаётӣ ва вижае дар зиндагии башар хоҳад дошт. [62 ]

**АДАБИЁТ**


1. Доварӣ Ардаконӣ Ризо. Фарҳанги хурд ва озодӣ. Теҳрон, интишороти Соқӣ, 1378.
2. Пурномдориён Тақӣ. Сафар дар меҳ.Теҳрон, чопи аввал, интишороти Зимистон, 1376.
3. Муттаҳарӣ Муртазо. Озодии маънавӣ. Теҳрон, интишороти Садро.
4. Шаҷиъӣ Пурон. Сувари Маонии шеъри порсӣ дар мактаби дарунгароӣ, интишороти Завор,1362.
5. Аминпур Қайсар. Ба қавли парасту. Теҳрон, нашри Уфуқ, 1386.
6. Аминпур Қайсар. Гулҳо ҳама офтобгардонанд. Теҳрон, интишороти Марворид, 1380.
7. Аминпур Қайсар. Ойинаҳои ногаҳон. Теҳрон, нашри Уфуқ, 1372.



**ВЗГЛЯДЫ КАЙСАРА АМИНПУРА О СВОБОДЕ**

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению тема свободы в поэзии иранского поэта Кайсара Аминпура, который духовную свободу считает одним из величайших достояний человека.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Кайсар Аминпур, свободолюбие, тема свободы в поэзии Аминпура, духовная свобода, мировоззрение поэта, идеологическая свобода.



**SIGHTS OF KAJSARA АМИНПУРА ABOUT FREEDOM**

In given article by the author it is subjected consideration and studying freedom theme in poetry of Iranian poet Kaysar Aminpur which considers spiritual freedom as one of the greatest properties of the person.



**KEY WORDS:** Kaysar Aminpur, свободолюбие, freedom theme in poetry of Aminpur, spiritual freedom, outlook of the poet, ideological freedom.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Лайло Карими Валуджсойи*** - аспирант кафедры иранской филологии ТНУ


## ТАЪСИРИ «ШОҲНОМА» ДАР ҲИФЗИ ВОЖАГОНИ ФОРСӢ


***Содиқлу Халилуллоҳ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ яке аз бузургтарин ганҷинаҳои забони форсӣ буда, ки пур аз вожаҳои асил ва таркибҳову истилоҳоти адабӣ аст. Шеъри Фирдавсӣ дар тӯли садаҳои дароз ин ҳама вожа ва истилоҳро дар паноҳи ҳифозати худ гирифтааст. Ҳар кас пажӯҳишгарона ва бо дидаи диққат ба баргҳои «Шоҳнома» назар афканад, дармеёбад, ки ин ганҷинаи гаронбори сухан чи моя аз назари вожаҳои басити зебо ғанӣ ва чӣ миқдор аз луғатҳои мураккаб саршор аст.

Ин вожаҳо ва истилоҳҳо ҳар як дар ҷои худ ба қадре некӯ ба кор рафтааст ва тавре маъnус ба зеҳн қарор гирифта, ки гӯӣ дар замоне наздик ба даврони мо суруда шудааст.

Устод ва ҳакими бузургвор Фирдавсии Тусӣ дар интихоби калимаҳо барои мафоҳим ва матолиби худ он қадар устодӣ ва забардастӣ нишон додааст, ки ҳам алфозро шиква бахшида, ҳам маониро ҷон додааст. Баробари лафзу маънӣ аз ҳайси дурахшандагӣ шеъри «Шоҳнома»-ро ҳар чи бештар дилнишин ва мақсуди гӯяндаи баландпояшонро ҳар чи бештар таъмин кардааст.

Дар «Шоҳнома» ба нудрат вожае наметавон ёфт, ки дар ҷои дурусти худ ба кор нарафта бошад ва дар ин ҳунар, ки иборат аз ба кор гумоштани луғатҳо дар масдоқҳои воқеӣ аст, Фирдавсӣ доди сухан дода, барои шоирон ва нависандагони давронҳои баъд аз худ меъёрҳои некӯ ба ёдгор ниҳодааст.

Агар касе бихоҳад дар забони форсӣ як фарҳанги луғот таҳия кунад ва ҷуз «Шоҳнома» китобе дигар дар даст надошта бошад, бо берун овардани вожаҳо аз китоб ва зикри шавоҳиди шеър аз Фирдавсӣ муваффақ ба таълифи ҷомеътарин фарҳанг хоҳад буд.

Илова бар ин барои таълифи қавоиди дастури забони форсӣ низ «Шоҳнома» яке аз беҳтарин маъхазҳои асил ба шумор меояд. Аз ин рӯ, метавон Фирдавсиро зиндакунандаи забони форсӣ номид ва ӯ ин лақабро солҳост ба ҳукми довари эрониёни дилогоҳ ба даст овардааст.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ яке аз пурмоятарин ва бениёзтарин ганҷинаҳо аз назари дарбар доштани вожаҳо ва истилоҳҳои адабии забони порсӣ аст ва бешак аз ин ҷиҳат бузургтарин ва нахустин китобе аст, ки посдори калимоти дуруст ва зебои забони дарӣ гардида, онҳоро бо сиҳат ва амонат ба дасти мо супурдааст.

Фирдавсӣ бо намоиш додани ин луғатҳои фасеҳ ва дилнишин дар шористони шукӯҳманди ашъори ширин худи вожаҳо ва истилоҳҳои асилро шаҳрбанд карда, онҳоро аз бесару сомонӣ ва дарбадариву офот таҳриф ва фаромӯшӣ ва саргаштагӣ наҷот бахшидааст.

Таркибҳои ширин ва вожаҳои дилнишин дар «Шоҳнома» ба ҳадде фаровон аст, ки пас аз хондани як достон зеҳни одамӣ аз вожагони фаҳим ва дилпазири форсӣ анбошта мешавад ва пас аз фароғат аз хондани он саргузашт, гӯйи ҳар як аз он калимот дар пеши назар ҷилвагарӣ ва дар соҳати андеша худнамоӣ мекунад.

Феъли ҳоли «тозанон» ба маънии дар ҳоли тохтан ва гузин кун ба маънии интихоб кун ва ҳамгурӯҳ ба маънии гурӯҳе аз дастаҳои воҳид аст, ки ҳамдасти ҳам ҳастанд:

> Бирав тозанон то ба Албурзкӯҳ,
> Гузин кун яке лашкару ҳамгурӯҳ.

Дар байти зерин кирдор, ба маънии монанд ва соягоҳ, яъне ҷое, ки соя густурда шуда бошад, омада:

> Ҷавоне ба кирдори тобанда моҳ,
> Нишаста бар он тахт дар соягоҳ.

Дар абёти зер **ниҳод** ба маънии вазъу вазну тартиб, **гӯянда -** забон ва бинандаро кинoя аз чашм гирифтааст:

> Бигӯям туро ман нишони Қубод,
> Ки ӯро чи гунаст расму ниҳод.
> Агар шоҳ фармон диҳад бандаро,
> Ки бигшоям аз банда гӯяндаро.
> Ба бинандагон офаринандаро,
> Набинӣ маранҷон ду бинандаро.

Мисли ҳамин вожаҳои боло (асб), ованд (бурҳон, далел), чома (шеър), хунида (маърифат), поёб (тоқату тавоноӣ) ва бурӯ (абрӯ) дар байтҳои алоҳида маънӣ равшан намудаанд. Вожаи **деворгар** чӣ андоза зебову дилнишин ба маънии **бино** омадааст:

> На сим аст бо ман на зарру гуҳар,
> На хишту на обу на **деворгар**.

Ибораҳои маҷозӣ низ дар «Шоҳнома» касби маънӣ намуда, ифодаҳову ҷумлаҳоро зеботар гардонидаанд. Чунончи ибораҳои маҷозии **дурафшӣ кардан**, яъне машҳур ва ангуштнамо шудан ва **бод дар қафас кардан**, яъне кори беҳуда кардан дар абёти зер аз килки маъниофари шоир берун омадаанд:

> Ба гуфтори Гарсевази бадниҳон,
> **Дурафшӣ макун** хешро дар ҷаҳон.
> Магӯй он чи ҳаргиз нагуфтаст кас,
> Ба мардӣ **макун бодро дар қафас**.

Ё ки:

> Бад-ӯ гуфт шоҳ, эй бади бадҳунар,
> Чаро карди ин бум зеру забар?

Дар байти боло **бадҳунарро** ба маънии касе, ки ҳунараш бо сӯи ният ҳамроҳ бошад ва зердастии худро дар ҳунарҳо ба забони дигарон ба кор бурдааст:

Дар байти дигар, **пушт – пушт** ба маънии ҳамдостонӣ ва иттифоқ аст:

Ки гард ду бародар ниҳод пушт-пушт,
Тани кӯҳро хок монад ба мушт.

Ҳамин тавр **анҷуман шудан** ба маънии ҷамъ шудан, гирд омаданд, вожаи **пархошхар** ба маънии мубоserieзу ҷангталаб, **ҳамгӯша** ба маънии муодилу ҳамтироз, **овезиш** ба маънии ҷангу муҷодила, **аспрес** ба маънии майдон, **тезвир** ба маънии тезҳушу дорандаи ҳофизаи қавӣ истифода шудаанд.

Дар байти поён тухтан ба маънии адои вом омадааст:

Набояд, ки ёбад тиҳӣ дастранҷ,
Ки ганҷур вомаш **битузад** зи ганҷ.

Дар поён Фирдавсӣ **бози паймон шудан**ро ба маънии бар сари аҳду омадан овардааст, чунонки дар байтҳои дигар **боз ҷой шудан**ро ба маънии ба ҷои худ боз рафтан ба кор бурдааст:

Бигӯяд ҳамон ки пушаймон шавад,
Ба хубӣ зи сар **бозӣ паймон** шавад.

Вожаҳои **афсунманиш** ба маънии найрангбоз, **киштманд** ба маънии мазраа, киштзор, ҷаҳонбин ба маънии маҷозии чашми хеш (яъне фарзанд) дар шоҳасар ба кор рафтаанд.

Дар байти зер **бар об** ба маънии бошитоб ва бедиранг омадааст, чунон ки **бар об гуфтанро** «Бурҳони қатеъ» ба маънии ҳозирҷавобӣ ва бе тааммул гуфтан маънӣ кардааст:

Чу ман баргузаштам зи Ҷайҳун **бар об**,
Зи Турон ба Чин рафта Афросиёб.

Дар абёти поён **навишта** ба маънии тақдир, сарнавиш ва таъбири **ба андом кардан** ба маънии мураттабу муҳаё намудан аст:

**Навишта** нагардид ба парҳез боз,
Набояд кашидан суханҳо дароз.
Ҳамон шер оҳанги Баҳром кард,
Биғурриду ҷангаш ба андом кард.

Ибораҳои маҷозии «говат ба чарм андар аст, яъне номаълум будани санҷоми кор ва нигаронии оянда будан», **рӯзгори дурушт** – рӯзҳои мусибат, бе роҳ кардан – гумроҳ кардан дар «Шоҳнома» истифода шудаанд:

Зи ҷанг оштӣ бегумон беҳтар аст,
Нигаҳ кун, ки **говат ба чарм андар аст.**
Хунук он ки бошад варо чун ту пушт,
Бувад эмин аз **рӯзгори дурушт.**
Ки маро дили иблис **бероҳ кард,**
Зи ҳар некӯӣ даст кӯтоҳ кард.

Абёти ёдшуда намунаи мухтасаре буд аз шеърҳои ҳовии вижагон ва истилоҳҳову таркибҳое, ки ҳазорҳо аз қобили он алфоз дар «Шоҳнома» ба кор рафта, забони форсиро фаҳомат, зебоӣ ва ғино бахшидааст. Яке аз натоиҷи татабӯъ дар «Шоҳнома» ва ошноии комил бо сиёқи сухани Фирдавсӣ он аст, ки барои сохтани таркибҳои ҷадиди луғавӣ, ки тибқи услуби саҳеҳи забони форсӣ бошад, зеҳни соҳибназаронро парвариш медиҳад ва меъёри дуруст ба дасти онон месупорад. Барои ин гуна афроди сухансанҷ лозим аст, ки дар «Шоҳнома» беш аз ҳар китоби дигар ковишгарӣ ва ғурур намоянд.

Таъсири «Шоҳнома» дар шеъри форсӣ

«Шоҳнома» бидуни тардид яке аз муҳимтарин осори манзуми ҳамосӣ дар дунёст ва Фирдавсӣ яке аз бузургтарин шоирони ҳамосасарои олам ба шумор меравад.

Тарҷумаи «Шоҳнома» ба василаи Жюл Моли фаронсавӣ, Фредик Гукарт ва Фон Шоки олмонӣ ва Жузеф Шомпюни Англис ва бисёре дигар, инчунин таҳқиқоти Нелдеке, Отава Кремсики, ховаршиносон ва донишмандони олмонию рус ва дигарон аз ҷумла шавоҳиди ин ҳақиқати маҳз аст, ки «Шоҳнома» шоҳкорист ҷовидонӣ, ки барои башарият дар олитарин сатҳи ифтихор қарор дорад.

Абёти «Шоҳнома» аз ҳамаи мазоёи шеъри хуб бархурдор аст. Шевоӣ расоӣ, фахомати оҳанг, зебоии вожаҳо ва баландии маонӣ аз вижагиҳои шеъри «Шоҳнома» аст.

Фирдавсӣ бо ин ки дар кори таснифи «Шоҳнома» пойбанди баҳри мутақориб буда, дар назм кардани ҳамаи матолибе, ки барои сурудани «Шоҳнома» пеши назар дошта, тавоноии ҳайратангезе нишон додааст ва ба беҳтарин шева аз ӯҳдаи ин кори бузург баромадааст.

Ин гӯяндаи тавоно дар ҳама гунаҳои шеър аз базмиву размӣ тавсифӣ ва ахлоқӣ, муфохира ва худситоӣ, зуҳдӣ ва ҳакимӣ дар «Шоҳнома» доди сухан дода, ҳаққи лафзу маъниро адо кардааст.

Аз ҷумлаи вижагиҳои ашъори «Шоҳнома» равонӣ ва расонии онҳост. Ба қисме, ки бештар абёти тавре фасеҳ ва балеғ ва ошно ба зеҳн суруда шудааст, ки агар Фирдавсӣ дар ин замон ҳам зинда шавад ва бихоҳад онҳоро аз нав бисарояд, аз ин беҳтар натавонад суруд.

Мулоҳиза мешавад, он ҷо ки Рустам ба Исфандиёр бо хашмгинӣ посух медиҳад, чӣ моя аз шевоӣ дар сухани Фирдавсӣ нуҳуфтааст.

Чи нозӣ бад-ин тоҷи гуштосбӣ?
Бад-ин бораву тахти луҳросбӣ?
Ки гуфтат бирав дасти Рустам бубанд?
Набандад маро даст чархи баланд.
Маро хорӣ аз пузишу хоҳиш аст,
В-аз ин нарм гуфтан маро коҳиш аст.
Ман аз кӯдакӣ то шудаастам куҳан,
Бад-ин гуна аз кас набудам сухан.

Яке дигар аз имтиёзҳои ашъори «Шоҳнома» он аст, ки Фирдавсӣ он чиро ба шеър даровардa, бо эътиқод овардааст. Шеър вақте устувор ва дилнишин мегардад, ки аз сари ихлос ва эътиқод гуфта шуда бошад ва чун Фирдавсӣ дар назми «Шоҳнома» бо алоқаи хос сухан гуфтааст ва ба он чи гуфта, мӯътақид буда, шеъраш дар ниҳояти гироӣ ва дар ҳадди волоӣ инсиҷом аст.

Рӯҳи шеър ва ҷозибаи абад дар лобалои абёти «Шоҳнома» ҷобаҷо намудор аст. Ҳар кас бо алоқа ва ҳавсалаи кофӣ ба хондани «Шоҳнома» рӯй овард, дар ҳудуди фаҳму дарки худ бо талқинҳои олӣ ва омӯзандагиҳои арзишманд ва бузургвориҳо, родмардиҳо ва озодиҳое рӯбарӯ мешавад ва рӯҳи ташнаи ӯ аз зулоли маърифат ба бинишу воломанишӣ сероб мегардад.

Шеъри Фирдвасӣ ҷомеи байни лафзу маънӣ аст ва мундариҷоти «Шоҳнома» намоишгари ҷомеъ аз адаби дарс ва нафс аст. Фаровонии таркибҳои зебо, вожаҳои асил, истилоҳҳои дилпазир, матлаби ҳикматомез ва саҳнаороиҳои паҳлавонӣ дар ин китоби гаронқадр, онро ба сурати дарёи хурушоне аз таҷаллиёти шеър ва ҳикмату ҳунар даровардааст. Ба ин ҷиҳат аст, ки ҳамвора «Шоҳнома» барои ғаввосони доништалаб ва ҳунарҷӯ ба манзалаи дарёи гуҳархез ба шумор мерафтааст. Шоирону нависандагони порсизабон барои парвариши завқу табъи худ ва иҳота ба услубҳои сухан ба он рӯй овардаанд ва қарни худро аз он моя ва нерӯ бахшидаанд.

Бинобар ин шоиста аст, ки бигӯем «Шоҳнома» на танҳо бузургтарин ганҷинаи шеъри адаби форсӣ аст, балки дар айни ҳол ҳаққи бузургӣ дар гаронбор кардани ганҷинаҳои дигари шеър дорад ва ангораҳои мухталифро дар фунуни суханварӣ аз ҷиҳати маъно ва мазмун ба дасти гӯяндагон додааст.

Ба ҳамин ҷиҳат шуморе аз бузургтарин шоирони порсигӯ забон ба ситоиши Фирдавсӣ кушодаанд ва ҳаққи бузургиро ки ӯ ба гардани шеъри порсӣ дорад, ёд карданд.

Аз он ҷумла Низомӣ мегӯяд:

Сухангӯи пешина донои Тус,
Ки орост рӯи сухан чун арус.

Шайх Саъдӣ дар «Бӯстон» мефармоянд:

Чи хуш гуфт Фирдавсии покзод,
Ки раҳмат бар он турбати пок бод.

Заҳири Форёбӣ сурудааст:

Фирдавс мақом бодат, эй Фирдавсӣ,
Инсоф, ки нек додаӣ доди сухан.

Фирдавсӣ чунон шоири тавоное аст, ки ба иқтизои мавқеъ ва мақом, лигоми андеша ва авотифи хонандаро ба даст мегирад ва ӯро ба дилхоҳи худ аз ин сӯ ба он сӯ мекашонад. Гоҳ ирқи миллатдӯстӣ ва ғурури миллӣ ва нажодиро бармеангезад ва гоҳе одамиро ва ибратомӯз мегардонад. Як ҷо ӯро андарзҳои ахлоқӣ медиҳад ва бо тадбири манзил ва сиёсатандӯзӣ ошно месозад ва ҷои дигаре вайро ба маъракаороиҳои диловарона дилбаста мекунад ва бо худ ба майдонҳои ҷанг мебарад. Ҳамон гуна ки паҳнии корзорро ба оин сомон медиҳад, хилватгоҳи ишқ ва шефтагиро сози нӯшхорӣ мебахшад ва шигифто, ки ҳаргиз дар ҳеҷ маврид аз забардастӣ ва устодӣ бознамемонад.

Бубинем ҷое, ки бурдборӣ ва сукун лозим аст, чӣ мегӯяд?

Сари мардуми бурдборӣ бувад,
Чу тезӣ кунӣ тан ба хорӣ бувад.
Камозорию бурдборӣ гузин,
Ки ин аст оину фарҳангу дин.

Ва бубинед он ҷо ки далерию пархешгарӣ дархур аст, чӣ мефармояд?

Чи хуш гуфт мар ҷуфтро наррашер,
Ки фарзанди мо гар набошад далер.
Бибуррем аз ӯ меҳру пайванд пок,
Падар-ш оби дарёву модар-ш хок.

Бо ин васф беҳтар аст бигӯем, барҷастатарин қисмати «Шоҳнома» аз ҷиҳати шеърӣ ва ҳунарӣ қисматҳои драмавӣ, яъне достонҳои паҳлавонӣ ва саҳнасанҷиҳои ҷангӣ аст, ки дар ин ҳунарнамоӣ

Фирдавсӣ пояи суханро ба осмон бурдааст ва касеро ёрои баробарӣ ва ҳамсарӣ бо ӯ набуда ва нест. Яке аз муҳимтарин ҳунарҳои шеърӣ он аст, ки шоир мадракоти зеҳн ва тахайюлоти худро тавре васф кунад, ки нақши онҳо ба хонанда мунтақил гардад ва мавзӯъ мавриди васф дар зеҳни дигарон ба хубӣ намоиш дода шавад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» он ҷо ки саҳнаҳое аз манзараи майдони ҷангро васф мекунад, ба гунае устодона аз ӯҳдаи тавсиф баромад, ки гӯӣ одамиро дар ҳоли мушоҳидаи он манзара қарор додааст. Бешак, Фирдавсӣ ҳаққи бузурге бар гардани фарҳангу адаби забони дарӣ ва тамоми фарҳангдӯстони олам дорад.

## АДАБИЁТ


1. Саид Мустафо. Бо Фирдавсӣ сулуки суфиёна то ёри Симурғ. Теҳрон, 1380.
2. Адиб Баруманд. Ба пешгоҳи Фирдавсӣ. Теҳрон, 1379.
3. Исломӣ Нудушан. Баҳори сухангӯй ва сероб. Теҳрон, 1380.
4. Баҳор. Пажӯҳиш дар асотири Эрон. 1381.
5. Ҳамидиён Саид. Ҳунари Фирдавсӣ. Теҳрон, 1372.


## ВЛИЯНИЕ «ШАХНАМЕ» НА СОХРАНЕНИЕ ПЕРСИДСКИХ СЛОВ


Данная статья посвящена изучению и рассмотрению влияния произведения «Шахнаме» Фирдоуси на сохранение и изучение персидских слов. Данное произведение является великой сокровищницей персидского языка, в котором очень много подлинных слов и литературных терминов. Поэзия Фирдоуси в течении многих веков сохраняет в себе это богатство персидского языка, которое передается из поколения в поколение.



**Ключевые слова:** Фирдоуси, «Шахнаме», персидский язык, персидские слова, сохранение, источник, богатство персидского языка, подлинные слова, литературные термины.


## INFLUENCE TO "SHAKHNAMA" ON PRESERVATION OF THE PERSIAN WORDS


This article is devoted to studying and consideration of influence of work "Shakhnama" by Firdausi on preservation and studying of the Persian words. This work is a great treasury of the Persian language in which there are a lot of original words and literary terms. The poetry of Firdausi within many centuries keeps in itself this richness of the Persian language which passes from father to son.



**Key words:** Фирдоуси, "Shakhnama", Persian language, Persian words, preservation, source, richness of the Persian language, original words, literary terms.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Содиклу Халиллулох*** – соискатель Таджикского национального университета


# ТАФСИРИ «МАН» АЗ НИГОҲИ ШАЙХ МАҲМУДИ ШАБИСТАРӢ ДАР «ГУЛШАНИ РОЗ»


***Муҳаммадкозим Муҳаммади Богмуллоӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Вожаи «ман» ба таври куллӣ рамзе аз «ҳастӣ» ва ҳақиқате аз чистӣ аст, ки уламову урафои мутасаввиф, умуман ва шайх Маҳмуди Шабистасрӣ хусусан аз он бисёр гуфтааст, аммо ба ин мавзӯъ қабл аз ҳама аҳли фалсафа даст задаанд.

Аз ҷумла, Ибни Рушди араб (595–520) бузургтарин ва охирин файласуфи исломӣ ақида дошт ки: «дин таъбири рамзии ҳақоиқи фалсафӣ аст». Ин тафаккур ва назария дар осори манзум ва мансури шуарову нависандагони мутасаввиф комилан пайдову ошкор шудааст ва ин раванд то поёни даврони тасаввиф идома меёбад.

Манзумаи «Гулшани роз» аз шайх Маҳмуди Шабистарӣ дарвоқеъ посухе мебошад, машҳун аз рамзу роз ба суолоти «Амир Ҳусайни Ҳиравӣ», ки дар қолаби маснавӣ суруда шудаву имрӯз яке аз осори маъруф ва машҳури шуарои аҳли тасаввуф дар адаби форсӣ ба шумор меравад.

Гарчи шайх Маҳмуди Шабистарӣ, худ қабл аз сароиши ин манзума ҳаргиз шеър нагуфта ва худро шоир намедонист, лекин ӯ дар ин маҷмӯа бино ба зарурату бо таваҷҷӯҳ ба пурсишҳои мавсуф, ки ба шеър будаанд, лоҷарам посухро ба забони шеър додаст ва худ чунин таъкид мекунад:

Ба наср арчи катаб бисёр месохт,
Ба назми маснавӣ ҳаргиз напардохт.

Бинобар ин, возеҳ аст, ки «дар раҳгузари замон ва бино ба зарурати калому баён ӯ низ бенасиб аз ин гуна сухан гуфтан набуд, дар ниҳоят бар ин саёқи муваффақ ба сурудани маснавӣ мавриди назар мегардад, ки имрӯз забонзади ҳамаи муҳаққиқону донишпажӯҳон аст.

Дар ҳамин бора нигоранда қаблан низ, дар китоби «Ҳадиси бекаму беше» шарҳи «Гулшани роз»-ро ёдоварӣ намудааст, ки: «Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ҳаргиз шоир набуд, вале холиқи яке аз бузургтарин ва пурмӯҳтавотарин маснавиҳои ирфонии забони форсӣ аст, ки ҳар байти он даре аст шаҳроҳ ва лулӯи «лоло» аст»

«Гулшани роз» беш аз он ки мубайяни зеҳн аст ва забони шайх Маҳмуди Шабистарӣ ва афкори ӯ дар ҳалқаи ирфон бошад; бештар як гуфтугӯи ирфон аст, ки бисёре аз зароиф ва дақоиқи ирфонро дар матни гуфтугӯии худ ташреҳ ва бо таъбироте рамзолуд баён намудааст. Яке аз пурсишҳои Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ аз Шабистарӣ дар ҳақиқат маънии «ман» аст, ки появу меҳвари аслии ин таҳқиқ мебошад.

Ки бошам ман маро аз ман хабар кун,
Чӣ маънӣ дорад андар худ сафар кун.

Ва ӯ низ дар посух чунин гуфтааст:

Дигар кардӣ савол аз ман, ки ман кист?
Маро аз ман хабар кун, то ки ман кист?
Ҳақиқат к-аз таъйин шуд муайян,
Ту ӯро дар иборат гуфтаӣ ман».

Ба ҳамин равиш дар идомаи 18 байти дигар дар шарҳи «ман» овардааст, ки мо онҳоро ташреҳ ва таҳлил мекунем.

«Ман» ва ҳақиқати он, яке аз шигифтиҳои олами ҳастӣ аст ва пай бурдан ба гунаи он аз диди ирфонӣ бисёр душвор аст.

Одами ҳар чӣ бештар дар бораи аслу воқеияти «ман» ғур кунад бештар ба ҳайраташ меафзояд.

Онҷо ки Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, орифи бузурги қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ дар девони Шамс изҳор медорад, ки:

Кист дар дида, ки аз дида бурун менигарад,
Ё чӣ ҷон аст, нагӯйи, ки манаш пираҳанам.
Кист дар гӯш, ки ӯ мешунавад овозам,
Ё кудом аст, сухан мениҳад андар даҳанам.

Худованд дар «Қуръон» мефармояд: «Наҳна акраба алайк мин ҳаблворид».

Шабистарӣ низ дар ин замина овардааст, ки аз фарти наздикӣ ба Худо, инсон аз хештан дурр мешавад. Зеро одамӣ ҳар чӣ бештар дар зоти Ҳудо андеша кунад, аз ӯ дуртар мешавад. Андеша кардан роҳест барои ёфтан ва расидан ба воситае, ки тафаккуркунандаро ба мурод наздиктар кунад ва дар ин роҳ чун ниҳоят наздикӣ ҳосил аст, ҳар воситаву далеле, ки зеҳни одамӣ халқ кунад, боиси дурӣ аз ҳаққу ҳиҷоб ва монеъ дар баробари ӯ мешавад. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар тафсири ин маънӣ дар «Маснавии маънавӣ» ёдоварӣ мекунад, ки:

«Ту фикандӣ тири фикратро баид,
Эй камону тирҳо пардохта.
Сайд наздику ту дур андохта
Ҳар кӣ дур андозтар ӯ дуртар
В-аз чунин ганҷаст ӯ маҳҷуртар,
Ку бадӯ чандон, ки афсун медавад.
Аз муроди дил ҷудотар мешавад.»

Ӯ якест дар ҳоле, ки бениҳоят аст. Ӯ дар ниҳоят ҳастӣ бидоят аст. Ӯ «ҳам аввал асту ҳам охир» ҳам зоҳир асту ҳам ботин. Ӯ «ҳастии мутлақ» аст. Ӯ холиқи хастиҳои зебо аст. Шабистарӣ низ дар «Гулшании роз» ва дар посух ба Амир Ҳусайни Ҳиравӣ дар маънии «ман» хулосаи расое мегӯяд:

Чу ҳаст мутлақ ояд дар ишорат,
Ба лафзи «ман» кунанд аз вай иборат.

Бинобар ин, дар асоси сурудаҳои Аттори Нишопурӣ дар абёти зер «ҳастии мутлақ» ному нишоне надорад ва дар ҳеҷ иборату баёне намеғунҷад.

Дам мазан чун дар иборат н-оядат
Он магар чун дар ишорат н-оядат
На иборат мепазирад, на баён,
На кассе зӯ ном донад, на нишон.

Ӯ дар айни бенишонӣ, ҳазорон нишона дорад, ӯ дар айни беномӣ ҳазорон ном дорад, ки ҳар кадом худ нақшеву тарҳе доранд ва ҳама аз аслу зоти ҳастии худ бехабаранд. Ҳамон тавр, ки об низ чунин аст. Паҳно ва густурда дорад, дорои мавҷ ва домана аст. Гоҳе қатра аст ва гоҳе бекарона, гоҳе ором асту гоҳе сокин, гоҳе хурӯшон асту гоҳе каф бар лаб дорад ва гоҳе ҳиҷоб дар сар, ҳолӣ ва миён тиҳӣ, гоҳ дар замин асту гоҳ дар осмон.

Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ҳақиқати «ҳастӣ»-ро дарё медонад ва чунин назар дорад:

Чу дäре аст ваҳдат, лек пурхун,
К-аз ӯ хезад ҳазорон мавҷи Маҷнун.
Нагирад қатрае борон зи дарё
Чи гуна ёфт чандин шаклу асмо
Бухору абру борону наму гул,
Наботу ҷонвар, инсони коҳил
Ҳама як қатра буд охир дар аввал
К-аз ӯ шуд ин ҳама ашё мумусил
Ин гуфтаи дуруст баробари назарияи «Фахриддин Ироқӣ» аст, ки мегӯяд:
Дарёнафаси занд бухор гӯянд,
Мутароким шавад, абр хонанд,
Фурӯ чакад боронаш ном ниҳанд,
Ҷамъ шавад ва ба дарё бипайвандад.
Ҳамон дарё бувад, ки бувад.

Ҳамаи ин ҳолатҳои об мисоле аст, ки барои дарки беҳтари ваҳдати вуҷуд барои «ҳастии мутлақ» шаклу ҳолатҳои мухталифи об ҳама «яке» ҳастанд, дар ҳоле, ки аслу зоти худро намешиносанд. Ҳама ба дунболи ҳастии бенишони худ ҳастанд ва аз мабдаъу асли худ бехабаранд.

Дар ин доираи ҳастӣ ҳама фақат худро мебинанд. Ҳама «ман» будани худро меҳвар медонанд ва танҳо ба худ меандешанд. Ҳастиро аз равзанаи «ман» мебинанд. Ҳама мағруранд ва бар дигарон менозанд, чунин одамҳо ҳанӯз худро нашинохтаанд. Асли худро надида ва наёфтаанд. Онҳо «ман»-ро нашинохтаанд. Онҳо нафаҳмидаанд, ки аслу ҳастии онҳо «яке» аст. Онҳо бояд дар талотуми дарё ва дар оромиши саҳро, танҳо ба дунболи «ман»-и худ аст ва фосила ғубор аст ва тирагӣ, кибр аст ва ғурур. Монеъ аст, бехабарӣ, нодонӣ аст, ноогоҳӣ. Одаме дар дунёи ҳастӣ барои раҳоӣ аз ман ва вуҷуде бояд ҳофизвор ҳиҷоби ҳастии худро ба канор андозад, то шояд аксе аз рухи ёрро дар ҷоми дили софишуда, мушоҳида кунад.

Ҳиҷобвор барандозам аз нишоти кулоҳ,
Агар зи рӯи ту аксе ба ҷоми мо афтад.
Ва чӣ зебо сурудааст Ҳофизи Шерозӣ,
Ҳиҷоби чеҳраи ҷон мешавад ғубори танам.
Хушо даме, ки аз ин чеҳра парда барафканам.

Инсони роҳрафта ва вораста бояд «ман»-и ҳиҷобии худро дар куллияти дарёи ҳастӣ ҷустуҷӯ кунад. Ҳамон тавр, ки шайхи огоҳу доно аз ҳақоиқ, низ зоти худро дар ҳастии мутлақ мебинад ва дармеёбаду мегӯяд, ки то одамӣ худро нашиносад, ҳаргиз холиқу офаринандае худро нахоҳад шинохт. Орифе, ки ҳақро дарёфта ва худ «ман»-ро дарбохта, яқинан аз марҳилаи худшиносӣ дар гузашта ва ба марҳилаи худшиносӣ расидааст.

Дар ҷаҳони ҳастӣ ҳамаи мавҷудот бар асоси назми ҳоким, ки тобеи машият ва иродаи илоҳӣ аст, дорои мартабаву дараҷоте ҳастанд, ки аз байни онҳо инсон болотарин дараҷаро дорад. Ҳамон тавр, ки медонед, инсон ашрафтарин махлуқот аст, болотарин дараҷаи камол дар байни мавҷудоти оламро дорад. То ҷое, ки мақоми ҷонишинии худовандро бар дӯш мекашад ва бори амонати илоҳиро бар рӯи замин ӯҳладор аст. Ӯст, ки метавонад худро бишносад. Ҳам ӯст, ки метавонад холиқ ва бавуҷудоварандаи худро дарк кунад. Ӯст, ки медонад ҳадаф аз ҳалқу офариниши мавҷудот чист?

Ӯст, ки ҳамвора ба дунболи такомул дар ҷаҳони ҳастӣ аст. Ӯ ба дунболи кашфи ибҳомоти перомуни худ ва расидан ба куллаи огоҳӣ ва доноӣ аст. Ӯ дорои ду бӯъди зоҳириву ботинӣ аст. Ӯ ҳам дорои сурат аст, ҳам дорои маънӣ. Ӯ дар ин рутба бо дигар мавҷудоти олам, мушобеҳ аст ва тафовут надорад.

Ҳар чизе, ки бинӣ бо зарурат,
Дуо лам дорад, аз маъниву сурат.

Олами маънӣ ҳамон ҳақиқати вуҷудии инсон аст ва олами сурат, ҷисми зоҳириву унсури хоки одамӣ аст. Олами сурат ва олами маънӣ дар назари орифон ҳамон аст, ки дар иборат бо вожаи «ман» баён шудааст. Дар байни орифон, рӯҳ, ки ҳақиқати одамиро ташкил медиҳад, ҳамон «ман» аст, ки ҷузъи асливу вобастаи инсон аст.

Ҳоҷа Насруддини Тусӣ файласуф дар рисолаи «Фусусалақоид» дар ин бора чунин назар дорад: Он чӣ одамӣ бар ӯ ишора мекунад, дар он ҳол, ки мегӯяд ман, ҳолӣ набуд аз он ки ҷавҳар буд арз. Агар арз буд, бояд дар маҳал бошад ва он маҳал баду мавсуф буд. Ва маълум аст, ки ҳеҷ чиз ба ғайри хеш мавсуф аст. Пас ҷавҳар буд ва ин ҷавоҳир, ки бадӯ изофат кунанд, олоти ӯ бошанд дар афъоле, ки мекунад ва меёбад, пас он ҷавҳари мадорик ва олам бувад ва мо ин мақоми ӯро «рӯҳ» ном ниҳодем.

Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ориф дар ин бора нигоҳи дигар дорад ва гунаи дигар тафсир мекунад:

Ба лафзи ман на инсон аст махсус,
Ки то гӯйӣ бадан ҷон аст махсус.
Мани ту бартар аз ҷону тан омад.
Ки ин ҳар ду зи аҷзои ман омад.

«Ман» вожае аст, ҷомеъ ва густурда, ки густурдаи он ҳама мумкиноти олами ҳастиро шомил мешавад, зеро ин вожаи рухнамуне аз «ҳастии мутлақ дорад ва бар асоси назарияи Аттори Нишопурӣ ҳамон тавр, ки қаблан низ ишора шуд: ҳаққи шому нишоне надорад ва лекин чун дар олами ҳастӣ мутаайн мешавад, лафзи «ман» ба худ мегирад. Шайх Маҳмуди Шабистарӣ низ дар «Гулшани роз» дар боби «ҳастии мутлақ» ва «ман»-и воқеӣ ингуна сурудааст:

Чу ҳасти мутлақ ояд дар ишорат,
Ба лафзи ман кунанд, аз вай иборат.
Ҳақиқат к-аз таъйин шуд муайян,
Ту ӯро дар иборат гуфтаӣ «ман»

Бинобар ин, инсони хокӣ чун чизе аз олами ҳастӣ аст, ҳақиқати вуҷуди ӯ бо каламаи «ман» таъбир мешавад. Ин нуқта он қадар зариф ва амиқ аст, ки орифи восил ҳақро дар худ меёбад ва бо ҳақ яке мешавад. Мансурвор дам аз «аналҳақ» мезанад ва ҳамчун орифи роҳҷуста дар ҳаққи «Боязиди Бастомӣ» садои субҳонии мо сар медиҳад ва ин чунин аст, ки орифони бузург аз марҳилаи худшиносӣ гузашта ба марҳилаи ҳақшиносӣ расидаву ҳамаи чизро аз Худо мебинанд ва ҷомаи ҳақ бар он мепӯшонанд.

Ин нуқтаро низ набояд фаромӯш кард, ки Шайх Маҳмуди Шабистарӣ бешакку шубҳа мутаассир аз андешаву афкори «Ибн Арабӣ» ва бозгӯкунандаи таълимоти мактаби ӯст. Ба ҳамин далел, ин ду шайх дар боби «Воҷибалвуҷуд» ваҳдати назари одами мутлақ дорем, ки ҳар ду фано ва нестӣ дар онҳо роҳ надорад, яъне ҳар ду лоязоланд. Дуруст баробар бо гуфтори охири Шайх Маҳмуди Шабистарӣ аст, ки:

Ӯ ҳастии мутлақ ояд дар ишорат
Ба лафзи ман кунанд, аз вай ишорат.
Ҳақиқат к-аз таъйин шуд муайян,
Ту ӯро дар иборат гуфтаӣ «ман»

Асосан андешаҳои шайх Муҳиддин ибн Арабӣ маъруф ба шайхи Акбар дар ду асл «ваҳдати вуҷуд» ва «вилоят» хулоса мешавад. Ибн Арабӣ ин ду фаслро дар фасли аввал ва дуввуми китоби «Фусусалҳукм» ба сурати ҷомеъ ва комил овардааст ва ин дар ҳолест, ки пеш аз Арабӣ низ ин назария дар байни урафо вуҷуд доштааст.

Эй даруни ҷон буруни ҷон тӯӣ,
Ҳар чӣ гӯям «он наӣ» ҳам он тӯӣ

Мавзӯи ваҳдати вуҷуд мавзӯе аст, ки дар калому баёни аксари урафои тасаввуф ба чашм мерасад татобиқу ташобеҳи ин назария дар байни урафои қуруни мухталиф ҳокӣ аз таъсирпазирии онҳо аз афкору андешаҳои якдигар аст ва ин баррасӣ комилан дар рубоии зер аз «Шайх Рӯзбаҳони Шерозӣ» ошкор аст ва комилан нишон аз таъсиргузориву таъсирпазирии афкори урафо ва шуаро аз якдигар аст:

Дар ҷустани Ҷоми Ҷам ҷаҳон паймудам.
Рӯзе нанишаставу шабе нағнудам.

Ин сухани дуруст ҳамин паёми Шайх Маҳмуди Шабистарӣ дар байти зер дорад, ки бо баёни дигар ва дар қолаби яке дигар аз авзони шеърӣ суруда шудааст ва нишонгари тафаккури «ваҳдати вуҷуд» аст, ки ҳама дорои як бори маънои мебошанд.

Тӯйӣ ту нусхаи нақши илоҳӣ
Биҷӯ аз хеш ҳар чизе, ки хоҳӣ

Ва ё дар қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар рубоиёти худ чунин нақл кардааст:

Эй нусхаи илоҳӣ, ки тӯйӣ
В-ай оинаи ҷамоли шоҳӣ, ки тӯйӣ.
Ба берун зи ту нест ҳар чӣ дар олам ҳаст
Дар худ биталаб ҳар он чӣ хоҳӣ, тӯйӣ.

Дар ҳамин замина, ки калимаи каҳорат машҳур шуда, ки яке аз мавориди иттиҳоми ӯ дар додгоҳи калисо буда ин аст, ки гуфтааст: «Иллати худо будани худо» «манам». Ӯ худо буданашро аз «ман» мегирад ва рабиюларбоб буданашро аз «хеш». Ӯ ҳамчунин мегӯяд: Қабл аз ин ки махлуқот дар кор бошанд, худо – худо набуд.

Ин гуфта баробари ҳамон чизе аст, ки Ибн Арабӣ тавзеҳ додаст, ки: зот агар аз ин нисбатҳо урён шавад «Оллоҳ» нахоҳад буд. Ин нисбатҳоро аъёни мо эҷод кардааст, мо ба воситае ӯро «оллоҳ»

кардаем. Ӯ шинохта намешавад, магар он ки мо шинохта намешавад, магар он ки мо шинохта шавем ва ояи «ман арфа нафса фақад урфа робаҳ» дар «Қуръон» низ далели возеҳ ва мушаххас бар ин иддаост.

Пайдост, ки Шайх Маҳмуди Шабистарӣ аз Қуръон ва улуми қуръонӣ суд чуста ва сахт таҳти таъсири оро ва афкори Ибни Арабӣ поягузори мактаби «Ваҳдати вуҷуд» қарор дорад. Дар воқеъ мояи аслии назорати ин орифи бузург аз Қуръону ирфон аст; то ҷое, ки метавон ӯро яке аз пайравону шореҳони мактаби Ибни Арабӣ донист. Зеро тавонистааст ба диққати ирфон назареро дар тарозӯи нақду тафсир қарор диҳад.

Мавқеияти ҳастии шиносоии инсон дар ҷаҳони ҳастӣ иборате аст, ки инсонҳо камтар ба он пардохтаанд ва ҳама мушкилоти мавҷуд дар ҷаҳони ҳастӣ, ношӣ аз одами шинохт ва фуқдони огоҳии инсон аз ин мавқеият аст. Агар одамӣ мавқеияти инсонии худро дарк кунад ва ҷойгоҳу пойгоҳи худро дар ҳастиву офариниш бишиносад дар воқеъ муттасил ба мабдаъ ва хостгоҳи аслии худованд хоҳад буд. Ирфон, умуман, оинаи тамоми намои шахсияти инсон аст, ки нодониву ҷаҳолатҳои ӯро ба ӯ менамоянд ва ба ӯ дорем озодиву каромат медиҳанд. Ибн Арабӣ мегӯяд: «Худо шинохта намешавад, магар он ки мо ношинохта шавем». Ҳамчунин ӯ гуфтааст: Агар ӯ набуд, мо пайдо намешудем ва агар мо набудем, ӯ ба воситаи нисбати асмоъи мухталифмаъноӣ, ки ба худ нисбат медиҳад, таксир пайдо намекард. Пас кулли амри мутаваққиф бар мо ва бар ӯст. Мо ба ӯем ва ӯ бар мост.

Акҳорат дар ҳамин замина мегӯяд: «Онон ки дар даруни худ худоро наёфтаанд ва танҳо дар бурун дар ҷустуҷӯйи ӯ мепардозанд, бар хато меравад».

Муҳаммад Лоҳиҷӣ яке аз дигар урафои қарни нӯҳуми ҳиҷрӣ дар ҳамин бора мазмуне дорад: Нест комил дар ҷаҳон он кас, ки дарё айни ӯст, Айни дарё ҳар кӣ шуд, медон, ки марди коми ласт.

Мо ҳама дарёву дарё айни мо буда, вале,
Мойи мо дар миёни мову дарё ҳойил аст.
Чашми дарё бин касе дорад, ки ғарқи баҳр шуд,
В-арна нақши мавҷ бинад, ҳар кӣ ӯ бар соҳил аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба баррасии кӯтоҳ анҷом шуда, дар ин гуфтор Шайх Маҳмуди Шабистарӣ «вуҷуд»-ро дар саҳнаи ҳастии мухтаси «Худо» медонад ва зоҳири асливу мабдаи ҳар чизро ҳақ мепиндорад ва соири мавҷудоти олами ҳастиро вуҷуди бебуд дониста ва аз он ба унвони маҳзаре аз асмоъ ва сифати илоҳӣ ёд мекунад.

Дар ин Машҳад яке шуд ҷамъу афрод,
Чу воҳид, саре андар айни аъдод.
Ту он ҷамъе, ки айни воҳид омад
Ту он воҳид ки айни касрат омад.

Дар тафсири ин ду байт Шабистарӣ чунин назар дорад:

Ҳаминтавр, ки аъдоди риёзӣ дар зоҳир ҷудо аз ҳам ҳастанд ва ҳар кадом бори маънои ҷудогонае доранд, дар ҳоле, ки ҳама яке ҳастанд; ба иборате тавр ба тавр мешаванд ва шакли дигаре ба худ мегиранд, масалан, адади 10, ҳамон адади як аст, ки бо қарор гирифтани адади сифр дар канори он тағйири шакл дода, адади дигарро таъриф мекунад; Одамӣ низ ҳар гоҳ муваффақ ба мушоҳидаи ҷамоли ҳақ шавад, қатъиян ба мурод расида, дар он лаҳза ҳама оламро яке мебинад ва он «як» ҳақ аст.

Ба таври куллӣ аз дидгоҳи Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ҷисму ҷони одамӣ аз вобастаҳои «ман» ҳастанд ва зуҳуру вуҷуди онҳо қойим ба «ман» аст. Бинобар ин, лафзи «ман» махсуси инсон ва ё рӯҳ нест, одамӣ бояд аз олами хокӣ ҷудо шавад, ба мода наяндешад ва аз банди таъликоти дунявӣ раҳоӣ ёбад, то битавонад «вуҷуди аслӣ» ва «ҳасти»-ии ҳақиқӣ ва ҳақиқати худро бишносад.

Пас ҳангоме, ки парда ва монеъи «ману ту» аз миён бардошта шавад, аҳкоми фақеҳе, кешу мазҳаб низ бемаъно мешавад, зеро воситаи вуҷуди «ману ту» аст, «ману ту» низ вобастаи ҷисму ҷони одамӣ аст. Агар чунин назару падидае рух намояд ва «ману ту»-е дар миён набошад, каъба масҷид, куништ, дайр ва … тафовуте ба ҳам надошта ва як маъно хоҳанд буд. Барои расидан ба ин ҳадаф роҳ кӯтоҳ аст ва мақсуд фароҳам. Лоҷарам бояд аз «ман»-ҳои маҷозӣ гузашт ва ба «ман»-и ҳақиқӣ расид ва аз саҳрои даҳшатнок «вуҷуди бибувад» гузашт ва бо «дарёи ҳастиву лоязоли илоҳӣ» дӯст ва даст ёфт. Шабистарӣ ба ин далел «ман»-ро дар дараҷаи боло ва бартар қарор додааст, зеро вай ба ин мавзӯъ аз даричаи назарияи ваҳдати вуҷуд нагаристааст Ӯ ақидаи Аҳмади Ғазолиро дунболагирӣ кардааст, ки тибқи он «ошиқи маъшуқро аз худи худ худтар аст. Ӯ бар ӯ аз дидаи ӯ менигарад.

Агар соддатар бигӯем, «ман»-и он солик восиле аст, ки соҳиби басират асту чашми ботинӣ ва қалбӣ дорад. Чунин шахсе қобилияти «эътибор» ё «иборат» ба маънои қуръонии он, яъне рафтан аз ҳоли шуҳудӣ ба ҳоли ботиниро дорад. Ба иборати дигар чунин ибрат гирифтан мунтаҳо ба кашфи ҳақоиқи ботинӣ мегардад ва ҳамин кашф муҷиби бедории «ман» мешавад.

**АДАБИЁТ**

1. Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ, доктор Тақии пури Номдориён, интишороти илмиву фарҳангӣ, с. 1367 с. 16.
2. Амир Ҳусайни Ҳиравӣ. Аз урафо ва шуарову нависандагони шиамазҳаб дар қарни ҳафтум ва ҳаштуми ҳиҷрӣ аст. с. 1367.
3. Тусӣ Хоҷа Насруддин Рисолаи Қиссасулақоид. Фасли чаҳорум. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон.с.1362.
4. Ироқӣ Фаҳриддин. Маҷмӯаи осори Фаҳриддини Ироқӣ. Ба тасҳиҳи доктор Насрини Муҳташам. Теҳрон, с. 1382.
5. Шарҳи «Гулшани роз»-и Шайх Маҳмуди Шабистарӣ, Муҳаммад Козим, Интишороти мелод, Теҳрон, с. 1389.

**ТОЛКОВАНИЕ СЛОВА «Я» С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МАХМУДА ШАБИСТАРИ В ПОЭТИЧЕСКОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ «ГУЛШАНИ РОЗ»**

В данной статье автором рассматривается толкование слова «Я» с точки зрения персидско-таджикского поэта-мистика XIII века шейха Махмуда Шабистари в поэтическом произведении «Гулшани роз». Он дает три его толкования: значение и смысл и цель и смысл использования данного слова , а также его религиозно-философский смысль.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Шабистари, «Гулшан-и роз», толкование слова «Я», значение, религиозно-философский смысль.

**WORD "I" INTERPRETATION FROM THE POINT OF VIEW OF MAHMOUD SHABISTARI IN POETIC WORK «GULSHANI OF ROSES»**

In this article the author considers word "I" interpretation from the point of view of the Persian-Tajik poet mystic of the XIII century of sheikh Mahmoud Shabistari in poetic work «Gulshani of roses». It gives its three interpretation: value and sense and purpose and sense of use of this word, and also its religious and philosophical смысль.

**KEY WORDS:** Shabistari, «Gulshan-i of roses», word "I" interpretation, value, religious and philosophical sense.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммад Козим Мухаммад Богмуллои*** – соискатель Таджикского национального университета

# ТАҲЛИЛИ РОҲУ РАВИШ ШОИРОНАИ РАЪДӢ ОЗАРАХШӢ ДАР СУРУДАНИ ҚАСИДАИ «НИГОҲ» ВА БАРРАСИИ ОН АЗ МАНЗАРИ ИЛМИ БАЁН

***Озито Бегларӣ***
**Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии АИ ҶТ**

Мо ҳар лаҳза ва ҳар ҷо бо нигоҳ ва анвоъҳои нигоҳҳо сару кор дорем, аммо дар зеҳни шоир ҳар чиз ранги шоирона ба худ мегирад. Тахайюл, устоди олии қадри ҳунар ва устоди зиндагӣ ва ҷавҳари шеър аст. Бе тардид, машҳуртарин шеъри Ғуломалихони Раъдӣ Озархушӣ қасидаи «нигоҳ» аст, ки дар соли 1314 (ҳ.қ.) суруда аст; шеъри «нигоҳ» ё дар воқеъ шеъре дар бораи «нигоҳ» ва онро ба бародари безабони худ эҳдо кардааст.

Мо аз онон, ки тавонои сухан гуфтан надоранд сухане намешунавем, аммо чи медонем, ки фарохнои андешаешон чист, чи басо ба оламҳое бисёр густурдатар аз дунёи маҳдуди мо роҳ доранд, ки мо аз он ғофилем, зеро сукути зоҳирии эшонро дар назар мегирем, ҳол он ки сухан монанди замон, маҳдуд аст ва сукут чун абадият беинтиҳост.

Манзумаи «нигоҳ» ба шеваи Хуросонии содаи садаҳои нахустини шеъри форсӣ, шеъри давраи Ғазнавӣ суруда шудааст, яъне даврае, ки ҳануз вожаҳои **тозӣ**, ба густурдагӣ, ба забону шеъри форсӣ ворид нашуда буд, албатта шеъри ин давра, дар ағлаби қолабҳо, оҳангҳо ва максҳои хос хеш дорад ба назар меояд, ки ҳам аз назари вожагонӣ ва ҳам ба лиҳози оҳангҳо ва максҳо, шеъри Раъда, бавижа, ба сабки Фаррухии Сиистонӣ бисёр наздик аст. Бо ин ҳама шеъри Раъдӣ, агар аз як вожаи он, яъне фоқияи «бунён» сарфи назар кунем, ба форсии сара суруда шуда аст. Аммо бо вуҷуди чанд таъқиди забонии ошкор, ба ҳеҷ рӯй, тасаннӯе аз об дар наёмадааст.

Маликушшуарои Баҳор, устоди ягонаи шеъри хуросонӣ ҳам, ба ривояти яке аз шогирдонаш ва ҳам ба ривояти Раъдӣ, чунин эътиқод дошт: ин шеър «Чунон бо маҳорат ва бетакаллуф ба форсии сара суруда шуда, ки ман нахустин бор ки онро хондам дар наёфтам, ки аз луғатҳои арабӣ холӣ аст, зеро дар ҳеҷ як аз байтҳои он, бидуни таваҷҷӯҳ ва диққат, ба чунин илтизоме наметавон пай бурд».

Дархӯри таваҷҷӯҳ аст, ки Раъдӣ шакли суннатии қасидаро дар ин чакома ба кулли нодида гирифта аст: аз ташбиб (насиб ё тағаззул) ҳадди ақал ба шакли кулишаи он, тахаллус ва танаи аслӣ ва низ шаритае, ки дар қасида ба шеваи қадим гурезнопазир аст дар «нигоҳ» хабаре нест. Илова бар ин, «дар адабиёти форсӣ, аз чашм ва ҷилваҳои нигоҳ, фаровон сухан рафтааст, аммо бегумон, ҳеҷ шоире васфе бад-ин шарҳ аз «нигоҳ» напардохтааст ва аз ин лиҳоз, чакомаи Раъдӣ асаре беназир аст».

Ҳамчу меъмор чирадаст афрохт
Аз маводи куҳан, имората нав
Рехт дар қолабе, ки буд аз пеш
Фикри нав, шеъри нав, иборати нав.

Бад-ин тартиб аҷиб нест, ки дар нимаи нахустини садаи чаҳорадаҳуми шамсмӣ, ибтикори дарунмояи шеъри «нигоҳ» сабаб шуд, то онро шеъри «нав» ё наздик ба нав бидонанд ё ҳатто дар маҷмӯаҳое аз шеъри навгароёна нақл кунанд, аммо пас аз ин давра, бештар, суннатгароён буданд, ки бо ин шеър ҳамдилӣ нишон доданд ва дар мисл, онро «дар радифи яке аз шевотарин қасидаҳои забони порсӣ» шумурданд: «Чакомае дар лафз ва маънии мунсаҷам ва ҷазил бо мазмуне бикр ва бадеъ, ки ҳам аз завқи саршор ва қареҳаи пурбори сароянда ҳикоят мекард ва ҳам аз мутолеоти амиқ ва мустанади ӯ дар осори назмӣ ва насрии забони форсӣ, тайи қарнҳои мутамодӣ нишоне бориз ва ошкор дошт».

Чаҳордаҳ сол пас аз манзумаи Раъдӣ, Ҳушанг Ибтиҳоҷ (Ҳ.А.Соя) дар соли 1328 яке аз ғазалҳои бисёр машҳури худро ки «Забони нигоҳ» ном дорад суруд. Ду байт аз ғазали ҳаштбайтӣ, то ҳадде, ба лиҳози дарунмоя, ба манзумаи Раъдӣ наздик аст:

Нашавад фоши касе, он чи миёни ману туст,
Гӯш кун бо лаби хомӯш сухан мегӯям.
То ишороти назар, нома расони ману туст,
Посухам гӯ ба ногоҳӣ, ки забони ману туст.

Ҳамчунин Масъӯди Фарзод, соҳиби яке аз завқҳои латифи шоирӣ, дар рисолае перомуни «ҷараёнҳои умда дар адабиёти Эрон» зимни ишора ба қасидаҳои ғайримадҳӣ, ки шоир дар онҳо «дар бораи матлабе амиқ ва зиёд сухан додааст», аз се қасида ба унвони «қасоиди бузурги форсӣ» ва «дорои арзишҳои ҷовид» ёд мекунад; қасидае аз Абдулвосеи Ҷабалӣ бо ин матлаъ:

Мансух шуда муруввату маъдум шуд вафо,
З-ин ҳар ду ном монд чу симурғу кимиё.

Ва қасидае аз Ҳасан Васуқулдавла бо ин оғоз:

Бигзашт дар ҳайрат ба ман бас моҳҳо ва солҳо,
Чун аст ҳолро бигзарад боқӣ бидон минволҳо.

Ва қасидаи нигоҳ аз Раъдӣ Озархушӣ бо матлаи зер:

Ман надонам ба нигоҳи ту чи розест ниҳон,
Ки мар он роз тавон дидану гуфтан натавон.

**Баҳс ва баррасӣ.** Шеъри «нигоҳ» шаш бахш дорад, бахши нахустин он ки бо байти зер оғоз мегардад:

Ман надонам ба нигоҳ ту чи розест ниҳон,
Ки мар он роз тавон дидану гуфтан натвон. (саҳ.11)

Ин бахш ки шомили панҷ байти аз ин қасида мебошад, инсоне аз «нигоҳ»-и инсонӣ дигар сухан мегӯяд. Ин ду инсон метавонанд ошиқ ва маъшуқ бошанд ва метавонанд ҳам набошанд, зеро ин нукта бо ҳолате аз ибҳом ба баён омадааст.

Бахши дуюм низ шомили 10 байт, бо ин матлаъ:

Чи ҷаҳонест, ҷаҳон нигаҳ онҷо ки буд,
Аз баду нек ҷаҳон ҳар чи биҷӯянд нишон. (саҳ.12)

Инони сухан ба ситоиши «нигоҳ» дар мавқеиятҳои гуногуни шодӣ ва андӯҳ, ширинӣ ва талхӣ дода мешавад.

Бахши сеюм низ шомили 5 байт бад-ин гуна оғоз мегардад:

Ҳарчи гӯяд нигаҳат ҳамраҳи ӯ дон бовар,
Ҳарчи гӯяд суханат ҳамсари ӯ дор гумон. (ҳамон ҷо)

Онро метавон пайвасте бар бахши дуюм донист, бо ин тафовут, ки дар бахши охир таъкид, бештар, бар пайравӣ ва истифода аз шева ва тариқате ба номи «нигоҳ» аст.

Бахши чаҳорум бо байти зер оғоз ва шомили 4 байт мебошад:

Чу шудам шефтаи рӯи ту аз шарм маро,
Бар лаб овардани он шефтагӣ буд гарон. (ҳамон ҷо)

«Ту» -и бахши нахуст аз ибҳом ба дар меояд ва ошкор мешавад, ки сухан аз нигоҳи ошиқӣ ба маъшуқ аст. Дасткам, ибороти «чу шудам шефтаи рӯи ту» чунин гумоне дар хонанда бар меангезад. Илова бар ин, се байти поёнӣ, ин бахшро метавон аз ҷумла пураҳамияттарин байтҳои ин манзумаи 49 байтӣ донист. Ин се байт дар воқеъ, баёни айнӣ аз иддае шоирона дар таваҷҷӯҳ ба дарунмояе ба номи «нигоҳ» аст:

Ман фурӯ монда дар андеша, ки ногоҳ нигоҳ,
Чист аз гӯшаи чашми ману омад ба миён.
Дар дами бо ту бигуфт он чи маро буд ба дил,
Кард душвортарин кор ба зӯдӣ осон. (ҳамон ҷо)
Ту ба посух нигаҳе кардиву дар чашм задан,
Гуфтани гуфта шуд ва баста шуд он гаҳ паймон. (саҳ.14)

Бахши панҷум низ шомили 13 байт бад-ин сурат оғоз мегардад:

Ман бар онам, ки яке рӯз расад дар гетӣ,
Ки пароканда шавад кохи суханро «бунён». (ҳамон ҷо)

Ва дар ниҳоят бахши шашум, ки бахши поёнии ин қасида мебошад, шомили 8 байт ва бо байти зер оғоз мегардад:

Дар чунон рӯз маро орзӯе хоҳад буд
Орзӯе, ки ҳаме дорам акнун пажмон (саҳ.10)

Пас аз оғози ин бахш, берун аз матн, «ба бародар бе забонам» унвон ёфта ва ба ӯ тақдим шудааст. Ошиқ аз дарди дил бо маъшуқ (бандҳои нахуст ва чаҳорум) ё ситоиш аз нигоҳ (бандҳои дуюм, сеюм ва панҷум) ба куллӣ дур мешавад ва бо лаҳни дарднок аз «бародари бечора забон баста» ҳарф мезанад ва мисраи дуюми байти сеюм, то поёнии шеър, бо сухан мегӯяд.

Таъбир «ба бародари безабонам» дар девони Раъдӣ дар болои вопасин бахши шеър омадааст, аммо ин таъбир, тақрибан, дар ҳамаи чопҳои пешини шеър ва ҳатто дар дастнавис нашр ёфта аз шоир, пас аз унвони шеър ва пеш аз оғози қасида нақл шудааст. Илова бар ин, дар яке аз мунтахабҳои машҳур аз шеъри суннатгароии асри нав, унвони «нигоҳ» ҳазф шудааст ва ба ҷои он, «ба бародари безабонам» ба сурати унвон барои қасида шудааст. Ҳамчунин таҳлиле, ки яке аз донишварони адабӣ ва фарҳангӣ асар аз ин шеър ба даст дода аст, бар асоси гуфтугӯи шоир бо бародари безабонаш, аз оғоз, то поёнии шеър аст, аммо шоир ба ин тафсири мӯътариз буда ва навишта аст:

«Агар чи ман он чакомаро ба бародари безабонам» эҳдо кардам вале ҳар форсизабони шеършиносе ба осонӣ дар меёбад, ки қисмати аъзами он чакомаи чиҳилу нӯҳ байтӣ, яъне чиҳилу як байти аввали он, тағаззулӣ аст, ки дар он шоир аз нигоҳи маъшуқаи он рӯз (ҳамсари оянда)-и худ сухан мегӯяд. Пас сухане аз «бародари безабон» дар миён нест ва фақат дар ҳашт байти охир, ки аз шаш як ҳиссаи чакома аст, гӯянда ба «бародари безабон»-и худ меандешид ва аз ӯ ёд мекунад».

Ба он чи Раъдӣ дар бораи шеъри худ гуфта аст, эътироз шуда ва хулосаи ин эътироз он аст: «Миёни он чи дар шеър, шакл ёфта ва он чи нияти боз гуфтаи шоир аст, фарқи асосӣ вуҷуд дорад ва шеърдӯстон ва шеършиносон дарёфташон ҷуз он буда, ки гуфтааст. Бо мутолеаи дақиқ, ҷузв ба ҷузв ва ҷузъ ба ҷузъи шеър меёбем, ки ҳақ ба ҷониби шоир аст ва бе шак, ҳамаи шеъри гуфтугӯи ровӣ бо «бародари безабонаш» нест. Шеър дар ситоиши «нигоҳ» аст ва танҳо дар бахши поёнии сухан аз «бародари безабон» ба миён меояд, аммо ба назар мерасад, ки шоир, худ ба навъе дар ин дарки нодуруст саҳмдор будааст. Нахуст, эҳдои шеър ба «бародар», ки аз нашри «девон» ва дар оғози шеър мебошад ба ин бардошт доман задаст; дуюм, он ки шеър, бахусус дар бахши оғозини худ, нишонаи ошкорӣ надорад, то дарёбем, ки ровӣ дар мақоми ошиқ бо маъшуқ дар гуфтугӯст. Албатта, дар бахши чаҳорум, ин нукта аз ибҳом ба дар меояд, аммо ба назар мерасад бисёре аз касоне, ки ин шеърро хондаанд, ин нишонаҳоро дарнаёфта ва ё нодида гирифтаанд.

Он чи дар ин чакома шоир аз он сухан мегӯяд «нигоҳ» аст ва ҳаловат ва кайфиёти гуногун ва забони пуррамзу роз ва хомуши он, яъне манозири гуногуни «ҷаҳони нигоҳ»-ро дар пардаи шеър фаро менамояд. Дуруст аст, ки дар адабиёти форсӣ аз чашму ҷилваҳои нигоҳ фаровон сухан рафтааст, аммо бе гумон ҳеҷ шоире васфе бад-ин шарҳ аз нигоҳ напардохтааст ва аз ин лиҳоз чакомаи Раъдӣ беназир аст. Қитъаи кӯтоҳ ва шеваи «ошиқи ориятӣ» асари Табъи Васақулдавла низ шеърӣ зебоест, ки дар он сароянда як мазмунро ҳунармандона парварда ва чашмони шуху дили маъшӯқро чашмасорҳои соф ва оинагун ташбеҳ кардааст, яъне ҳамчунон ки дар шабонгоҳ нақши ситораҳо дар оби софи чашма аён мегардад, бод сатҳи обро дар лағзиш меоаварад ва он нақшҳои зеборо аз рӯи об мезудояд, аз чашмҳои маъшӯқ низ гоҳ нӯри ишқ метобад ва гоҳ бар асари боди ҳавас, оташи хашм ҷониши он мешавад, ки намудори ишқи ориятӣ аст ва ба қавли шоир «оре асаре намонд аз мустамирҳо» аммо чакомаи «нигоҳ»-и Раъдӣ монанди симфонияи баланд ва густурда аст, ки дорои авҷ ва фурудҳо ва харакатҳои гуногун аст, дар айни ҳол «тимӣ» воҳидро илқо мекунад. Ба иборати дигар ин шеър бо он ки ҳар лаҳза тобиш ва паришӣ хос дорад ва ба манзалаи қитъаҳои нав ва гуногун дар васфи нигоҳ аст бар асри ваҳдат ва якпорчагӣ ҳоким бар чакома, ба ҳам пайваста аст. Бад-ин сабаб нигоҳ, хоса дар чеҳраи зиёде маъшуқ, дар оғози чакомаи Раъдӣ тасвире чунин ҷовидона пайдо кардааст.

Ман надонам ба нигоҳи ту чи розест ниҳон!
Ки мар он тавон дидану гуфтан натавон. (саҳ.11)

Ки шунидааст ниҳоне, ки дарояд дар чашм?
Ё ки дидаст падиде, ки набояд ба забон? (ҳамон ҷо)

Як ҷаҳон рози даромехта дорӣ ба нигоҳ,
Дар ду чашми ту фурӯхтаст, магар рози ҷаҳон. (ҳамон ҷо)

Чу ба суям нигари лузум ва бо худ гӯям,
Ки ҷаҳонест пур аз роз ба сӯям нигарон. (ҳамон ҷо)

Бас ки дар рози ҷаҳон хира фурумондастам,
Шавам аз дидани ҳам рози ҷаҳон саргардон. (ҳамон ҷо).

Гӯё ҷанбаи розноки «нигоҳ» беш аз ҳар чизи назари шоирро ҷалб карда, ки онро ҳарчи боризтар нақш кардааст. Рози диданӣ ва бартар аз тавони баён. Мазмуни байти дуюм ва мувозина дар аҷзои ду мисраи он низ фикрро устуворӣ бахшида ва дар байти баъд ҷаҳон пур аз рози нигоҳ, ки такрор мешавад худ аз пайи ҳамин андеша аст ва саранҷом, расидан ба ин нукта ва қиёси ҳакимона, ки таомул дар рози ҷаҳон ҳайратафзост, дидани нигоҳи маъшуқ низ сабаби дилдодагӣ ва саргаштагӣ аст.

Ин такрорҳо ва таъкид бар рози «нигоҳ», дарёфти оқои доктор Ҳусайни Хатибӣ устоди Донишгоҳро аз ин чакома тасдиқ мекунад, ки: «Шоир бо таъсири хотире аз дарди «безабонии бародар», ки ба забони нигоҳ сухан мегуфт чакомаро бо тағаззуле зиёд ва нав дар мазмуни нигоҳ бо диди як равоншинос оғоз мекунад. Гӯё вай рознокии нигоҳи бародари безабонро дар нигоҳи пурҷозибаи маъшуқ низ дида аст ва баид нест, бархе хонандагон бо мулоҳизаи аҳднома «ба бародари безабонам» дар садри қасида дар чопҳои пешини он, чунин иштибоҳ карда бошанд, ки мухотиби матлаъ низ шояд ҳамон бародари безабон аст. Аз ин пас шоир мутаваҷҷеҳ аст ба «ҷаҳони нигоҳ» ва шигифтагиҳое, ки вай дар он мебинад. Дар ҳақиқат ӯ инъикоси ончиро дар замир ва андешаи мардум, аз хубу бад ва зишту зебо, мегузарад ва дар ҷаҳони беруна ҷанбаи таҳаққуқ ва амал ба худ мегирад дар нигоҳҳои онон ҷилвагар меёбад».

Аз ин рӯ аз ҳолоти нигоҳ ва таъсири он, чунин сухан мегӯяд:

Чи ҷаҳонест ҷаҳон нигаҳи он ҷо ки буд,
Аз баду неки ҷаҳон ҳар чи биҷӯянд нишон. (саҳ.11)
Гаҳ аз ӯ дод падид ояду гоҳе бедод,
Гаҳ аз ӯ дард ҳаме хезаду гоҳе дармон. (ҳамон ҷо).
Нигаҳи модари пурмеҳри намудорӣ аз ин,
Нигаҳи душмани пуркина нишонӣ аз он. (ҳамон ҷо)
Ба даме хонаи дил гардад аз ӯ вайрона,
Ба даме низ зи вайрона кунад ободон. (ҳамон ҷо).

Ҳамаи ҳарфҳои «ҷ-н» дар байти аввал ва таъкидҳои савтӣ бар калимоти «ҷаҳон-ҷаҳони нигаҳ», «дод-бедод», «дард-дармон», «модар-пурмеҳр», «душман-пуркина», «вайрона ва ободон» дар бофти сухан, барҷастагии хосеро ки мӯҳтавои ин калимот, дар зеҳни шоир дошта ба мо низ илқо мекунад. Дар чакомаи «нигоҳ» хаёли шоир пару бол мегирад ва мазмунҳои тозае ва зебо меофаринад ва ҷону дидаву дилро дарё ва боду тӯфон ва киштӣ ва соҳил пайванд медиҳад ва тасвирҳои дилкаш дар баёни мақсуди хеш ва чигунагии ҷилваи ҳолоти ҷон ва замир дар нигоҳ ва рафтори мо арза медорад. Саранҷом низ орзӯ мекунад, ки бар дарёи ҷон, ишқ, фармон ронд ва мавҷҳои киштвуҷудро дар масири ӯ ба ҳаркат даровард анд:

Ҷони мо ҳаст ба кирдори гарон дарёӣ,
Ки дилу дида бар он дарё бошад ду карон. (ҳамон ҷо)
Дил шавад шод чу чашм афтад бар зебоӣ,
Чашм гирад чу дил мард буд ношодон. (ҳамон ҷо).
З-он ки тӯфон чу ба дарё зи каронӣ хезад,
Ба карон дигараш низ бизояд тӯфон. (ҳамон ҷо)
Бошад андешаи мову нигаҳи мо чун бод,
Баҳри ангехтани тӯфони барҷаста миён. (ҳамон ҷо).
Тан чу киштӣ ҳама бозичаи ин тӯфон аст,
В-андар ин бозӣ то дугмаи марги равон. (ҳамон ҷо).
Эй шӯх нигаҳ, ки тӯфон шавад аз меҳр падид,
То ба тӯфон биспорад сару ҷон киштибон. (ҳамон ҷо)

Шоир ба нуктае зарифандеша аст, ончи дар даруни мо мегузарад бозтоби он дар нигоҳамон ҷилва густурда; ҳатто ҳайвонот низ аз ин қоида истисно нестанд. Аз ин рӯ вай таъбири «забони нигоҳ»-ро ихтиёр кардааст, ки ҳамагӣ ва ҳама ҷое аст самимонатар ва содиқтар аз забони нутқ, ки маҳалли таоммулу тардид аст.

Бо ин назар, ки сарояндаи чакома ба мавзӯъ нигариста, нигоҳҳо оинаи софе ва равиши ҷаҳон ва дилҳост; ба зоҳири хомуш, аммо розгӯй ва намудори ҳолоти гуногун, ё ба таъбири вай ба манзалаи «партаве тофта аз кохи равон».

Ҳарчи гӯяд нигаҳат ҳамраҳи ӯ дони бовар,
Ҳарчӣ гӯяд суханат ҳамсари ӯ дори гумон. (саҳ.13)
Зуди равшан шавадат аз нигаҳи барраву шер,
К-ин буд барраи бечораву он шери жаён. (ҳамон ҷо)
Нигаҳи барра туро гӯяд биштобу бибинад,
Нигаҳи шери туро гӯяд бигрезу намо! (ҳамон ҷо).
На шигифти оранги ин гуна будан з-он ки буд,

Партаве тофта аз равзанаи кохи равон. (ҳамон ҷо)
Гар зи меҳр ояд чун меҳр битобад бар дил,
Вар з-ин ки з-ояд дар дил бихалад чун пайкон. (ҳамон ҷо).

Дар байтҳои боло, илова бар тасвирҳои зебо ва мазомини бадеъ, бархӯрдорӣ аз нерӯи савтӣ ва балоғӣ дар такрори бархе калимот, мувозинаи байни мисраъҳои аксари байтҳо ва низ иртиботи лафзӣ ва маънавии зарифи байни калимоти «меҳр» ва «тобад», «кин» ва амсоли он дархури таваҷҷӯҳ аст. Илова бар он, тавоноии шоир дар гузиниши калимот ва таркиботи хуштарош, расо ва мутаносиб, бориз аст. Агар ин фарзро бипазирем, ки калимоти финафса, сарфи назар аз тарзи корбурдашон, зишт, зебо, зариф, сабук, сангин ё ноҳамворанд, фарзи дигаре ҳам ба мувозинати он падид меояд, ки мавзӯи шеър, худ ба худ ба кор гирифтани гузидае хос ва муносиб аз вожагонро эҷоб мекунад, ҳамон лутфу таносубе, ки дар бофти байтҳои боло ва тарзи таъбири шоир метавонад дид.

Инак андешае сарояндаи боз мутаваҷҷӯҳи нигоҳи маъшуқ мешавад ва розу ниёзе, ки ба забони нигоҳ бо ӯ дошта аст:

Ёди пурмеҳри нигоҳи ту дар он рӯзи нахуст,
Наравад аз дили ман то наравад аз тану ҷон. (ҳамон ҷо).
Чу шудам шефтаи рӯи ту аз шарм маро,
Бар лаб овардани он шефтагӣ буд гарон. (ҳамон ҷо)
Ба гӯлу дар бифишурдӣ зи сузан, шарми гӯлу,
Ба даҳон дарбизадӣ мушт гарониши ба даҳон. (ҳамон ҷо)

Дар се чаҳор байти оғозин, таъсири нахустини нигоҳи дилнавоз ва дилбарии маъшуқ ва кайфияти шигифтагӣ ба ӯ ва шарм аз гуфтор дар айни эҷоз ба хубӣ баён шудааст. Дар байтҳои охир мазмуни зарифи ва тоза аз табъи шоир таровида аст, бад-ин маъно, ки дар гиру дори дилдодагӣ ва аз сухани боз монанди нигоҳи ошиқ, душвориро осон мекунад ва ончиро дар дил мегузорад боз мегӯяд ва бо нигоҳи посух мешунавад ва ду нигоҳ бо ҳам паймони ошиқ мебанданд.

Аз ин пас андешаи шоир авҷ мегирад: аз аволими фардӣ фаротар меравад ва орзӯи ҷаҳонӣ фориғ аз риё ва тазвир ва дурӯғ, фикри ӯро ба оламе ормонӣ мекашонад, ки дар он нигоҳ ҷонишини сухан аст ва чун нигоҳҳо василаи дарёфти мақосид аст, ногузири дарунҳо софӣ ва равшан ва бекина хоҳад буд; ҷаҳони ишқ ва сулҳу оштӣ, ки орзӯи таҳаққуқи он дар саросари девони шоир мавҷ мезанад ва ба назари ӯ ғояти офарини низ ҷузъи ин нест:

Ман баронам ки яке рӯз расад дар гетӣ,
Ки пароканда шавад кохи суханро бунёд. (ҳамон ҷо).
Ба нигоҳе ҳама гӯянд ба ҳам рози дарун,
В-андар он рӯз расад рӯзи суханро поён. (ҳамон ҷо)
Ба нигаҳ нома нависад ва бихонанд суруд,
Ҳам бихонанду бигиранду барорaнд фиғон. (ҳамон ҷо)
Бингаронад нишонаҳои нигоҳ дар дафтар,
То нигаҳнома шавад шоҳнома ҷовидон. (ҳамон ҷо)
Хоҳам он рӯз шавам зиндау бо чанд нигоҳ,
Ҷома дар меҳри ту пардозаму созам девон. (ҳамон ҷо)
В-ар шигифт ояндат акнун зиниҳон гӯйи ман,
Ки чунон коршигирфе шавад осон ба чи сон.(ҳамон ҷо)

Аксар байтҳои боло дорои мазмуни тоза аст. Ба нигоҳи нома навиштан ва ба нигоҳи суруд хондан, хандидан, гиристан, нишонаҳои нигоҳ дар дафтари нигоштан ва нигоҳномаи навиштан, ҷомеа пардохтан бо чанд нигоҳ сухан гуфтан ба чашм аз ин қабил аст ва саранҷом фармонравоии нигоҳро маҳоруни чирагии Яздон бар аҳриман донистан.

Поёнии чакома сӯзу ҳоли хосе дорад. Дарде, ки дар ҷони шоир чанг андохта ва шояд дар саросари қасида аз он фориғ набуда бе ихтиёр аз сухани ӯ метаровад: Ғамгусорӣ ва ҳамдилӣ бо бародари безабони хеш, ҷаҳон ва забони нигоҳ, таҳнаи тавоноии бародари хомӯши вай ва касоне чун ӯ тавонад буд, ки як ҷаҳони рост бо нигоҳи худ даромехта доранд.

Дар байтҳои зер аз як сӯ отифаи инсонӣ ҷилва гирифт, ки ба сурати ғояти орзӯи шоир аз истиқрори забон нигоҳ баёншуда ва аз сӯи дигар лутфи эҳсос ва ҳусни таъбири ӯ бориз аст, ки чигуна бо суханони кӯтоҳ ва ҷонсуз аз ғами пойдор ва орзуи дерини бародар ва низ хештан парда бар мегирад ва бояд ёд кард, ки модар ва андуҳи марги ӯ ба каломи хештан таъсири дигар мебахшад.

Дар чунон рӯз маро орзуе хоҳад буд,
Орзӯе ки ҳаме дорадам акнун пажмон. (ҳамон ҷо)
Хоҳам он дам, ки нигаҳ ҷои сухан гираду ман,
Дидаро баршуда бинам ба сари тахти забон. (ҳамон ҷо)
Дасти бечора бародар, ки забонбаста буд,

Гираму гӯям: ҳон! Дод дили худ биситонд!

Чакомаи «нигоҳ» 75-сол пеш суруда ва чоп шудааст ва аз ҳамон рӯзгор ҳусн қабул ва шуҳрат ёфта ва чи бисёр шеъри дӯстон, ки байтҳое аз онро ба хотир супурданд. Агар ривоҷ ва бақои шеър яке аз меъёрҳои арзиш ва эътибори он бошад метавон гуфт, ки қасидаи мазбури ин сифатро аҳроз кардааст. «Нигоҳ» илова бар он ки аз назари мазмун, мӯҳтаво ва эҳсоси шоиронаи ғанӣ ва гирост аз зебоии баён низ бархӯрдор аст. Вақте дар назар оварем, ки саросари шеър ба порсӣ сара аст ва фақат калимаи арабӣ «бунён» дар он ба кор рафта аст, онгаҳ ба чираи дасти шоир дар забони форсӣ ва табъи моявари ӯ пай мебарем, ки чигуна бе он ки ба вожаҳои номунавис ниёманд шавад тавониста аст, ҳамаи маънои борик ва авотифи латиф ва андешаҳои баландеро, ки дар замир ва зеҳн дошта ба хубӣ адо кунад ва ба мо мунтақил намояд.

Ба ҳамин сабаб, чунон ки пештар низ ишора шуд устоди суханшиносӣ монанди Маликушшуарои Баҳор дар бораи ин шеър гуфтааст: «Чунон бо маҳорат ва бетакаллуф ба форсии сара суруда шуда, ки ман нахустинбор, ки онро хондам дар наёфтам, ки аз луғоти арабӣ холӣ аст, зеро дар ҳеҷ як аз байтҳои он, бидуни диққат ва таваҷҷӯҳ, ба чунин илтизомӣ наметавон пай бурд».

Раъдӣ мӯътақид аст, ки «забони шеъру адаби Эрон бояд ба тарзи баёни амсоли Саъдӣ ва Ҳофиз (ки илова бар калимоти форсӣ шомили порае аз вожаҳои тозии ноъмус ва роиҷ дар забони форсӣ аз дербоз аст) мутакко бошад, зеро он вожаҳо пас аз чандин сада истеъмоли паёпаи форсӣ шудаанд». Аммо ин шеваи порсии сара, ки дар чакомаҳои «хоркан» ва «дарои корвон» низ дида мешавад, ба қавли худ шоир навъе табъозмоӣ буда аст. Вай сабабгори сурудани чакомаи «нигоҳ»-ро ба ин услуб, дар мақолаи машрӯҳ ба қалам овардааст.

**Натиҷагирӣ.** Раъдӣ Озарахшӣ шоире набуд, балки адиби суханшинос, сухансанҷ ва фозили гаронмоя буд ва ин ҳама, гарчӣ дар так-таки сурудаҳояш эҳсос мешавад, аммо дар шумори сурудаҳояш, ки порсии сареҳ суруда аст, барҷастатар ва намоёнтар аст. Ба хотир дошта бошед, ки сухансароёни чанд дар ним қарни охир ба расо омаданд ва порсии сареҳ навиштаанд ва сурудаанд; лекин бо мутолеаи осори бархе аз ин донишмандон ва арҷмандон навъи қиробат ва тасаннӯъ дида мешавад, ки сурудаҳои Раъдӣ мутафовут бо онҳост. Дар ин шеър, хонанда ошно бо забони меъёри имрӯз дар оғоз мутаваччеҳи сареҳ будани он намешавад; магар он ки аз пеш бидонад ва ё бо диққат мушикофона сареҳгии онро дарёбад; ва ин мерасонад, ки забони ин шеър равон ва ошност ва набудӣ вожаҳои тозӣ халаъ ё хилале дар он эҷод накардааст.

**Нуктаи 1:** Тамоми ин қасида ба делели он ки шоир худро мулзам намудааст, ки аз вожагони арабӣ ҷузъ калимаи «бунён» истифода накунад дорои (эъноти луззуми молоёлзам) аст.

**Нуктаи 2:** Ин қасида дорои «бароати истиҳлол» аст, ки байтҳои аввалияи он қобили мушоҳида аст.

**Нуктаи 3:** Бо таваҷҷӯҳ ба теъдоди ороиҳо дар кулли қоидаи «нигоҳ» метавон натиҷа гирифт, ки шоир илова бар истифода аз забони сода, пок ва холӣ аз душворӣ ва қаробати дар шеър, бо дури аз тасаннӯъ ва тазъини бемавриди сухан, аз ин ҷанба низ муроқиби саломатии шеър будааст ва дар воқеъ, дар маҷмӯъ, сухани «саҳл ва мумтанӣ» падид овардааст, чунонки ороиҳои мавҷуд низ аксаран аз ороиҳои бисёр сода ва роиҷ дар шеър ва ҳатто сухани маъмулӣ ва муҳоварагии форсӣ аст, ҳамчун мурootунaзир ва тазод.

Агар ривоҷу бақои (Permanenc) шеър яке аз меъёрҳои арзиш ва эътибори он бошад, метавон гуфт, ки қасидаи «нигоҳ» ин сифатро иҳроз кардааст. «Нигоҳ» илова бар он ки аз назари мазмун ва мӯҳтаво ва эҳсоси шоирон ғанӣ ва гирост, аз зебоии баён низ бархӯрдор аст. Вақте дар назар оварем, ки саросари шеър ба порсии сарра аст ва фақат як калимаи арабӣ «буне» дар он кор рафта аст, онгоҳ ба чирадастии шоир дар забони форсӣ ва табъмоярӣ ӯ пай мебарем, ки чигуна бе он ки ба вожаҳое номӯънус ниёманд шавад, тавонистааст ҳамаи маънои борик ва авотифи латиф ва андешаҳои баландеро, ки дар замир ва зеҳн дошта, ба хубӣ адо куна два ба мо мунтақил намояд. Чакомаи «нигоҳ» дар шеъри муосири форсӣ ҷои худро боз карда ва сароядаи онро баланд овоз сохтааст».

## АДАБИЁТ


1. Ҳуқуқӣ муҳаммад. Шеъри нав аз оғоз то имрӯз., ч.2,Солис ва Юшиҷ, ч.2. 1377.
2. Ҳамид Шерозӣ. Дарёи гавҳар, ч.3.
3. Раъдӣ Озарахшӣ Ғуломалӣ. Нигоҳ (маҷмӯае аз ашъор). Гуфтор, Теҳрон, ч.1, 1364.
4. Равшан Замсир Маҳдӣ. Ёди ёрон. Китобхонаи Мустафо, 1371.
5. Зарринкӯб Абдулхусайн. Шеъри бедурӯғ шеъри бениқоб. Теҳрон, 1372.
6. Обидӣ Комёр. Шоире аз диёри Озарбойҷон. Теҳрон, нашри Солис, опии аввал, 1388.
7. Обидӣ Комёр. Дар зилоли шеър (ҳафтодсол зиндагӣ ва шеъри Ҳушанги Ибтиҳоҷ).
8. Обидӣ Комёр. Дар зилоли шеър. Солис, Теҳрон, 1377.
9. Обидӣ Комёр. Бо таронаи борон. Солис, Теҳрон, 1379.

10. Гулчини маънӣ, Аҳмад: гулзори маънӣ (маҷмӯаи намунаҳои аз баргузидаи осори бузургони дониш ва ҳунари Эронзамин дар нимаи қарни охир ба интихоб ва имзои худашон). Интишороти Мо, ҷ.3,6. , 1378
11. Юсуфӣ Ғуломҳусайн. Чашмаи равшан (дидоре бо шоирон), Илмӣ, 1349.

**АНАЛИЗ ПОЭТИЧЕСКОГО МАСТЕРСТВА РАЪДИ ОЗАРАХШИ В СОЧИНЕНИИ КАСЫДЫ «НИГОХ» («ВЗГЛЯД») И И ЕГО ИССЛЕДВАНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПОЭТИЧЕСКОЙ РИТОРИКИ**

Статья посвящена изучению и анализу поэтического мастерства персидского поэта Раъди Озарахши в сочинении касыды «Нигох» («Взгляд»).

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** поэтическое мастерство, касыда, Раъди Озарахши, персидская поэзия, поэтическая риторика.

**THE ANALYSIS OF POETIC SKILL OF RAJDI OZARAKHSHA IN KASYDA'S COMPOSITION "NIGOKH" ("LOOK") AND HIS ISSLEDVANIYE FROM THE POINT OF VIEW OF POETIC RHETORIC**

Article is devoted to studying and the analysis of poetic skill of the Persian poet Rajdi Ozarakhsha in the composition касыды "Nigokh" ("Look").

**KEY WORDS:** poetic skill, касыда, Rajdi Ozarakhsha, Persian poetry, poetic rhetoric.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Озито Беклари*** – соискатель Института гуманитарных наук АН РТ

# ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР «ФАРҲАНГИ ФОРСӢ»-И АМИД

***Шопур Аббосӣ***
**Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ**

Ҳар вожае, ки аз забони дигар вориди забони форсӣ шуда бошад, вожаи иқтибосӣ (дар форсӣ-дахил) номида мешавад. Муҳимтарин вожаҳои иқтибосӣ дар забони форсии муосир, вожаҳое ҳастанд, ки аз забони туркӣ, арабӣ, франсузӣ, русӣ ва англисӣ вориди забони форсӣ шудаанд. Дар ин мақола ба таври мухтасар ба таърих ва иллати нуфузи вожаҳои иқтибосӣ ишора мешавад, ки дар яке фарҳангҳои мӯътабари тафсирии забони форсии муосири Эрон устоди зиндаёд Ҳасани Амид мавриди шарҳ қарор гирифтаанд.

**1. Вожаҳои туркӣ:** маншаи забони туркиро кӯҳҳои Урал, Олтой (Шимоли Туркистон) дар муҷовирати кишвари Чин донистаанд, ки кам-кам дар асари ҷобаҷоӣ ва кӯчҳои қавмӣ ва ё таҳоҷумот, ба бахшҳои бузурге аз Осиё, бавижа Осиёи Марказӣ ва гӯшаҳое аз Аврупо расидааст.[1]

Дар қарни IV, V ва VI мелодӣ гурӯҳҳое аз нажодҳои мухталиф дар бахшҳои Ҷанубӣ ва Ғарбии Осиё сокин шуданд. (Ҳунҳо) гурӯҳе аз онон буданд, ки аз элу қабилаҳои мардуми Чин ба ҳисоб меомаданд ва дар пайи фишори фармонравоёни Чин аз он сарзамин ронда шуда буданд. Мабдаи пайдоиши қабилаҳои турк ва забони туркӣ дар Эрон ва нуфузи он ба таври ошкор дар забони форсӣ аз даврони силсилаи эронии Сомониён мебошад.[2] Аммо густариши ҷамъиятии туркҳо дар ҳадде, ки чеҳраи ҷуғрофиёии забони Эронро дучори тағйир намуда бошад, ба замони Салҷуқиён марбут мешавад.[3] Мисолҳое аз вожаҳои туркии роиҷ дар забони форсӣ: «Оқо» - бузург, сарвар; «олочиқ» – хайма, хонаи чӯбин; «ил» (дар тоҷикӣ эл) – тоифа, қабила, гурӯҳи мардуми чодарнишин; «бушқоб» – зарфи чинӣ ё луобӣ ё филизии паҳн ва мудаввар; «ботлоқ» – мурдоб, замини пургилу лой; «обчеҳ» – хоҳар; «олиш» – ивазу бадал кардан, таъвиз, табдил; «чапав» – ғорат, яғмо; «қиброқ» – чобук, чолок.[4]

**2. Вожаҳои арабӣ дар забони форсӣ:** аз қарни XII мелодӣ, яъне аз замони пирӯзии арабҳо бар эрониён (621-651м.), тамаддуни Эрон зери нуфузи арабҳо қарор гирифт. Дар ҷараёни ин ғалаба бар авзо ва аҳволи ҷадид буд, ки вожаҳои арабӣ вориди забони форсӣ шуд.[5] Теъдоде аз вожаҳои арабӣ ибтидо дар китобҳои мисли тарҷумаи «Таърихи Балъамӣ», «Тафсири Табарӣ», «Таърихи Сиистон» ва «Ҳудуд-ул-олам» навишта шудаанд. Ин луғот ба иллати эҳтиёҷ ё тақлид дар матнҳои китобҳои қадим дарҷ шудаанд, ки нуфузи идорӣ ва таъсири созмонҳои кишварӣ, омили умдаи ин амал будааст.[6] Далелҳои умдаи нуфузи вожаҳои арабӣ ба забони форсӣ иборатанд аз:

1. Бар асари таҳсили бештари шоирон ва нависандагон дар мадрасаҳо, ҳамаи онон бо забон ва адабиёти арабӣ ошноӣ доштанд, зеро дар мадрасаҳо омӯхтани ду илми умумӣ ҷоиз буд - улуми динӣ ва улуми адабӣ.

2. Яке аз шароити муҳими дабирӣ ва шоирӣ ошноии шуаро бо бисёре аз матнҳои адабии араб ва ҳамчунин, ҳифз доштани қисмате аз онҳо будааст. Ин амр худ василаи ҷадиде барои ошноӣ бо забони арабӣ ва таркибот ва таъбирот ва калимаҳои он забон ва муҷоз донистани худ дар касрати корбурди онҳо дар осори форсӣ будааст.

3. Он ки забони шеър аз боби эҳтиёҷи шоир ба калимаҳои бештаре дар баёни афкор ва мазмунҳо, қофияпардозӣ боиси бакоргирии миқдори зиёде аз калимаҳои арабӣ шуд ва аз ин тариқ низ бисёре аз таркибот ва калимаҳои ғайрилозими арабӣ ба забони форсӣ роҳ ёфт.

4. Тақлиди нависандагон ва дабирон аз нависандагони арабизабон боиси вуруди миқдори бисёр зиёде аз луғоти арабӣ ба забони форсӣ шуд.[7]

Чанд мисол аз вожаҳои арабӣ роиҷ дар забони форсӣ: «охир» – дигар, ғайр; «оро» – андешаҳо; «офот» – осебҳо; «абад» – ҳамеша, ҷовид, доим; «иҷозат» - рухсат додан, раво доштан; «бадан» – тан, ҷисм; «ҳамоса» – шуҷоат, далерӣ, диловарӣ; «ҷодда» – роҳи васеъ ва бузург, шоҳроҳ.[8]

**3. Вожаҳои французӣ дар забони форсӣ:** яке аз мушаххасоти забони форсии ҷадид ин аст, ки миқдори зиёде аз луғот ва истилоҳоти аврупоӣ, бавижа аз забони французӣ дар он ворид шудааст. Ин воридот натанҳо дар забони муҳовира аст, балки дар навиштор ҳам, чи дар наср ва чи дар шеър корбурд дорад. Роҳҳои нуфузи забони французӣ ба забони форсӣ: аз аҳди Сафавия ба муносибати рафту омади сафирон ва бозаргонони мамлакатҳои хориҷа ба Эрон ва ҳамчунин вуруди сафирони эронӣ ба он кишварҳо ба тадриҷ баъзе луғатҳо аз забонҳои бегона вориди забони форсӣ шуд. Дар замони Қоҷория ба муносибати фиристодани сафирон ба кишварҳои аврупоӣ ва таъсиси сафоратхонаҳо ва консулхонаҳои онон дар Теҳрон ва шаҳрҳои дигар ва ҳамчунин пас аз фиристодани муҳасилони эронӣ дар замони Носириддиншоҳ ва эҷоди робитаҳои мустақим байни Эрон ва кишварҳои Ғарбӣ, ҳуҷуми луғатҳои аврупоӣ ошкортар шуд. Аз миёни забонҳои аврупоӣ беш аз ҳама луғати забони французӣ вориди забони форсӣ шудааст.[9]

Дар аҳди Қоҷор, Аббос Мирзо Ноибулсалтана теъдоде аз ҷавонони бо истеъдоди эрониро дар соли 1820 м. барои омӯхтани улум ва фунуни ҷадид ба Фаронса фиристоданд. Ин донишҷӯён, яке аз муҳимтарин ва аслитарин омилҳои вуруди луғати французӣ ба забони форсӣ буданд, бавижа дар нимаи дуввуми қарни XIX теъдоди донишҷӯён афзоиш ёфт ва ҳазорон донишҷӯи эронӣ барои идомаи таҳсил ба Фаронса рафтанд.

Таъсиси Дорулфунун аз дигар омилҳои нуфузи луғати французӣ ба забони форсӣ буд. Бо талоши Амир Кабир ва ба фармони Носириддиншоҳ дар соли 1851 м. Дорулфунун таъсис шуд. Дар ин колеҷи техникӣ забон ва адабиёти французӣ, тиб, улуми табиӣ, муҳандисӣ ва риёзӣ тадрис мешуд. Интихоби забони французӣ ба унвони яке аз маводи дарсии мадрасаҳои мутавассита ва олӣ ва фаъолияти муаллимони французӣ, ки барои тадриси улуми Ғарбӣ ба Эрон даъват шуда буданд, аз дигар омилҳои муҳими густариши нуфузи забони французӣ дар Эрон мебошанд.

Тарҷумаи китобҳои фарҳангӣ ба забони форсӣ аз дигар омилҳои нуфузи луғатҳои французӣ ба забони форсӣ мебошад. Ҳамзамон бо рафту омади устодони фарҳангӣ дар Дорулфунун, тарҷумаи китобҳои Аврупоӣ, бавижа китобҳои ба забони французӣ дар Эрон шурӯъ шуд. Таърихи воқеаҳои Наполеон аввалин китобест, ки аз французӣ ба забони форсӣ тарҷума шудааст ва пас аз он метавон ба осоре чун: Наполеони I, Телмот, Кент Монто Кристов, таърихи Вилҳам, Сосониён, се туфангдор ва сафарномаи Станлӣ ишора кард.[10] Соири иллатҳои нуфузи луғати французӣ дар забони форсӣ: ахзи баъзе аз вожаҳои французӣ ба иллати надоштани муодили форсӣ будааст, мисли: парлумон – кабинет – комисион – портӣ – академӣ.

Баъзе луғатҳои французӣ бо ҳамроҳи ашёи навин вориди забони форсӣ шуд, мисли: синамо – тамбр – айроплан – мошин – граммофон – телефон – телеграф.

Баъзе луғат ба иллати худнамоӣ ва фахр фурушӣ, баъзе шоирон ва нависандагон вориди забони форсӣ шудааст. Мисли: клос – люкс – шик – мерсӣ – программ – паразит.[11] Чанд мисол аз роиҷтарин вожаҳои французӣ дар забони форсӣ: амбуланс – автомобили бузурги ҳамли беморон ва осебдидагон; ампул – шишаи сарбаста, ки дар он доруи махсуси тазриқро ҷо диҳанд; шок – зарба, такони шадид; стамп – муҳре, ки рӯи коғаз мезананд; шусе – ҷоддаи ҳамвор ва қумрезишуда; бисквит – навъе аз нони ширин ва хушк ва сабук вазн; суп – обгушт, хуроки обдор ки бо гушт, сабзӣ, ҳавиҷ ё чизи дигар бипазанд; палто – либоси зимистонаи захим, ки рӯи либосҳои дигар мепӯшанд; клос – дараҷа, табақа, мартаба, утоқи дарс.[12]

**4. Вожаҳои русӣ дар забони форсӣ:** Эрону Русия ба иллати ҳамсоягӣ ва ниёзҳои муштараки иқтисодӣ, санъатӣ ва фарҳангӣ аз қарнҳои пеш, то кунун бо якдигар иртиботи наздик ва самимона ва мубтанӣ бар эҳтироми мутақобил доранд. Ба ҳамиин хотир, бисёре аз вожаҳои русӣ вориди забони форсӣ шудааст ва дар байни ҳамаи мардуми Эрон мутадовил шудааст. Мисол: борш – хуроки обдор, ки бо гушт ва барги карам ва гавҷи фарангӣ ва баъзе чизҳои дигар дуруст мекунанд; пут – миқёси вазн дар Русия муодили 16кг; дума – маҷлиси намояндагони миллат; стакан – пиёлаи шишагӣ ё булурӣ барои чой хурдан; пиражки – навъи нон ширинӣ; чилик – зарфи ҳалабӣ ё пластикии бузург, ки дар он равған ё нефт ё чизи дигар бирезанд; дурушка – гардунаи чорчарха, ки бо асп кашида мешавад.[13]

**5. Вожаҳои англисӣ дар забони форсӣ:** аз замони подшоҳони Қоҷор (1810м) ба иллати тавсеаи иртиботи фарҳангӣ ва илмӣ ва ниёзҳои иқтисодию тиҷорӣ вожаҳои англисӣ низ дар забони форсӣ

нуфуз доштааст, ки ба баъзе мавридҳои он ишора мешавад. Мисол: стадион – варзишгоҳ, майдони варзиш, старт – шурӯъ кардан, ҳаракат кардан; стартер – шурӯъкунанда; скваж – навъи бозӣ шабеҳ бо теннис ва ракетка дар як чордеворӣ ба арзи 18,5 ва тӯлӣ 32 по сурат мегирад; тоир – лостики рӯи чархи автомобил; олергия – ҳассосияти баъзе аз мардум дар муқобили баъзе аз бӯҳо ва ё обу ҳаво; кайк – навъе аз ширин, ки бо орду равғану тухми мурғ ва шакар дуруст мекунанд.[14]

Вожаҳои дахил ба иллати мухталиф, аз ҷумла иртиботи иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ, тиҷорӣ, таҳсил, тадрис, тарҷума, султаи низомӣ ва нуфузи динӣ вориди забони форсӣ шудаанд. Бисёре аз вожаҳои дахил дар назди умуми мардум роиҷ шуданд. Яъне ҳамаи мардум он вожаҳоро мешиносанд, мефаҳманд ва дар забони гуфтор ва навиштор ба кор мебаранд.

Тавре ки мебинем, «Фарҳанги форсӣ»-и Амид, ки барои омӯзиши умум ва бо нияти як навъ кӯмакрасонӣ барои ба меъёр овардани забони навишторӣ ва гуфтории форсии муосир мураттаб ва тадвин гаштааст, дар қатори воҳидҳои луғавии худӣ, яъне форсӣ, ба сабту шарҳи маъвои вожаҳову истилоҳоти иқтибосии дар форсӣ роиҷ аҳамаияти зиёд додааст.

## АДАБИЁТ


1. Исмоили Ҳодӣ. Фарҳангии турки навин. Чопи аввал. Интитшороти Аҳрор. Табрез.- 1379-.с.24.
2. Алии Мӯъмин. Туркӣ дар форсӣ. Чопи аввали муаллиф. Ҳамадон.- 1371. -с.3-4.
3. Меҳрии Боқирӣ. Таърихи забонии форсӣ. Чопи 11. Интишороти Донишгоҳи Паёми Нур. Теҳрон, 1382.-с. 106.
4. Ҳасани Амид. Фарҳанги форсии Амид. Ду ҷилдӣ, чопи 28, Амиркабир. Теҳрон, 1386.
5. Муҳаммади Исҳоқ. Шеъри ҷадиди форсӣ. Тарҷумаи Сируси Шамиссо. Интишороти Фирдавс. Теҳрон, 1379. –с. 82.
6. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. Ҷилди 1. Чопи 7. Интишороти Амири кабир. Теҳрон, 1380 ҳ.- с. 266.
7. Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. Хулосаи ҷилди аввал. Теҳрон, - с.195-196.
8. Ҳасани Амид. Фарҳанги форсии Амид. Дуҷилдӣ, чопи 28, Амири кабир. Теҳрон, 1386.
9. Муҳаммади Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 1, чопи 13, Интишороти Амири кабир. Теҳрон, 1378 ҳ.-с. 3637.
10. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. Ҷилди 3, чопи 7. Интишороти Амири кабир. Теҳрон, 1380.- с. 347,
11. Муҳаммади Исҳоқ. Шеъри ҷадиди форсӣ. Тарҷумаи Сируси Шамиссо. Интишороти Фирдавс. Теҳрон,1379. – с. 90-93.
12. Ҳасани Амид. Фарҳанги форсии Амид. Дуҷилдӣ, чопи 28, Амири кабир. Теҳрон, 1386.
13. Ҳасани Амид. Фарҳанги форсии Амид. Дуҷилдӣ, чопи 28, Амири кабир. Теҳрон, 1386.
14. Ҳасани Амид. Фарҳанги форсии Амид. Дуҷилдӣ, чопи 28, Амири кабир. Теҳрон, 1386.


## ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА В «ПЕРСИДСКОМ СЛОВАРЕ» ХАМИДА


«Персидский словарь» Хасана Амида, который состоит их двух томов , первый раз был издан в 1958 году и до сегодняшнего дня он издавался 28 раз, Данный словарь является одним из известных толковых словарей персидского языка. В немвпервые наряду с толкованием персидских слов, также были даны толкования турецких, арабских слов , которые вошли в персидский язык, а также слов из европейских языков: русский, английский и французкий языков.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** «Персидский словарь» Хасана Амида, толковый словарь, заимствованные слова, толкованием персидских слов,


## LOAN WORDS IN «THE PERSIAN DICTIONARY» HAMIDA


«The Persian dictionary» Hasan Amid who consists their two volumes, the first time was published in 1958 and till today it was published 28 times, This dictionary is one of known explanatory dictionaries of the Persian language. In nemvpervy along with interpretation of the Persian words, interpretation of Turkish, Arab words which entered into the Persian language, and also words from the European languages also were given: Russian, English and French of languages.



**KEY WORDS:** «Persian dictionary» Hasan Amid, explanatory dictionary, loan words, interpretation of the Persian words,



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Шопур Аббоси*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им .А. Рудаки АН РТ

# ФАР(Р) ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ

*Ақили Замонӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Инсонҳои бузург дар ҷомеа маншаи асарҳои бузурге буданд, ки гоҳ дигарон тавовни идроки онро надоштанд. Дар бисёре аз шароит, вуҷуди хос, хусусияти қудрати фавқулода низ барчидагии ин мавзӯъ меафзояд. Ин тавон мазоиф ва ҳатто болотар аз он, ҳамон аст, ки дар сояи фарр ва файзи иллоҳи ба инсонҳои вижаи иноят мешавад.

Шоиста аст, то бо талош ва диққат аз завои гуногун дар кутоҳтарин маҷол, ки аз ҳавсалаи мақола хориҷ нашавад ба баррасии абъоди мухталифи он бипардозем ва назари хонандагони азизу муҳаққиқро ба мутолеаи осори гуногуне, ки дар ин замина тавассути соҳибназарон гаронқадриро дар таҳқиқ ва ҷастор сипарӣ кардаанд, ҷалб намоем.

Равиши таҳқиқ. Бо иноят ба мавзӯе, ки худаш нақши бузурге дар интихоби равиши таҳқиқ дорад, танҳо равише ки дар ин замина метавонад моро ёрӣ кунад ва дар мавзӯъ санг бигузорад. Равиши таҳқиқи китобхонаи чустор дар лобалои китобҳо ва таҳқиқот мебошад.

Ҳадафи таҳқиқот. Ба унвони яе форсӣ забон ва кассе, ки алоқаи фаровон ба забон ва фарҳанги форсӣ дорад ва дар риштаи забон ва адабиёти форсӣ низ таҳсил мекунад барои боз кардани гӯшаҳое аз эътиқодоти куҳани ин сарзамин оинӣ ва мардумони покнажод, ва бартараф кардани суолоти бисёр, ки дар зеҳни замири ҳар ошиқ ба фарҳангу миллати худ ба вуҷуд меояд, саъй намудам, то дар мавриди яке аз розометарин ва арзишмандтарин унсури арзишманди вуҷуди бузургони номовари таърихи фарҳанги худ таҳқиқ ва густор намоем.

Маънои вожаи фар(р). Фар(р) дар паҳлавӣ (xvarrah) (хура), дар форси миёна (farrah) (фара) ва дар Авесто (xvarnah) (хварна) аст. Ва барои он маънoҳои гуногуне зикр кардаанд, аз ҷумла дар луғатномаи Деҳхудо дар зер калимаи <u>фарр</u> омадааст:

Фарр, яъне шаъну шавкат, рафъат, шукӯҳ, фар, хура ва фарраҳӣ аст ва дар форсии ҷадид фарах, фархунда, фархон аз ҳамин реша аст. Ҳамчунин барои фарр маънои партав, равшанӣ тобиш, тобдорӣ, барозиш ва зебоӣ, барозандагӣ ва зебандагӣ зикр кардаанд. [1]

Фарр (ф-а-р-р), дар луғат ба маънои шаъну шавкат, шукӯҳ ва азамат маънӣ шудааст ба ин намунаҳо диққат кунед:

Бар оини шоҳони пешин равем
Ҳамон аз пайи фара ва дин равем.
(Фирдавсӣ)
З-он бару бозу ва з-он дасту дилу фарраву бурз,
З-он ба ҷанг омадан ва кӯшиш бо шерри урён
(Фаррухии Сиистонӣ)

ва ё ин намуна аз Ҳаким Носири Қубодиёнӣ

Чу мардум аз фарри дин фурӯ монд,
Дунё надиҳаш зебу на фарра.

Ҳамчунин фарр бо талаффузи (ф-а-р-и) дар забони паҳлавӣ (фарра) аст ва дар форси бостон (фареҳиё) ба маънои <u>бисёр</u> ва <u>афзун</u> ва <u>зиёда</u> маънӣ шудааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба намунаҳои боло, ки аз назари луғавӣ баён шуд, фарр нерӯи хос, ки лозимаи саодат ва беҳрӯзии одамӣ будааст. Дар фарҳанги куҳани эронӣ ва забони авастоӣ <u>фарр ё хурра</u> ба сурати <u>варғана</u>/ ё мурғи <u>ворғун</u> тамсил шудааст дар ҳақиқат фарра ҳамон <u>нури яздӣ</u> аст, ки бар касе метобад ва ӯро дорои қобилиятҳои беназир мекунад.

Байни фарр ва хурра ва ё хурр ба маънои хуршед иртиботи луғавӣ барқарор аст. Чаро ки хуршед зуҳури равшанӣ-зебоӣ- камол ва ҷамол будааст

Байни фарр/фарра ва пар пайвандии устураҳое барқарор аст, бадеҳист, чунон ки мазҳари парвоз ва болидан аст, низ пурриҳумой мазҳари саодат-иқбол ва тезпарвозӣ бошад. Дар асотири эронӣ аз мурғи афсонавии ба ном Симурғ сухан рафтааст, ки ҳаммонанди ҳумо аст. Ин мурғи афсонавӣ дар кӯҳи Қоф зиндагӣ мекунад, ҳаммонанди Симурғи <u>анқо</u> низ ба ин сифат аст.

Кӯҳи Қоф дунёест, дар паҳнои асотире, ки аз рамзу роз пур аст. Дар таъбири ирфонӣ кӯҳи Қоф ба олами камолу дунёи бартар тамсил ва ташбеҳ шудааст. Бинобар нақли ривоёт мурғ фармонравои кӯҳи Қоф аст ва иродаи яздӣ роҳнамоӣ ӯст. Низ дар достонҳои кӯҳан ин мурғи афсонавӣ ба ҷодугарӣ ва илму хирад шӯҳрат ёфтааст.

Дар достони Зодани Рустам, аз модар симурғ мазҳар ҳаёту зоиш ва зояндагӣ ва илму хирад аст. Дар дунёи асотир нақду баррасии ин матолиб ба уфуқҳои дигаре ҳам кашида мешавад.

Хулоса, ин ки фарр чизе муодили тадбир ва андешаву хираду равнаку чилои зиндагӣ аст. Вучуди ин устураи тамсилӣ аз чараёни чистии зиндагии одамӣ дар расидани ӯ ба камолу идроки оламӣ аст, ки намудори омолу орзухояш мебошад. Таркиби ду чузъи фар ва ханг ба маънои илму дониш аст ва тарбияту одобу аклу хирад ва он чи марбут ба омӯзишу парвариши одамӣ шавад.

Низ фарханг ба маънои шохи дарахте, ки дар замин хобонида бошанд ва сипас чои дигар сар бароварда ва он шохро дар чои дигар нихол кунанд. Хамчунин корез ва каноти обро низ фарханг гуфтаанд.

Ин вожа бо ин гуна таъбирот дар забонхои ғарбӣ ба номи култур хонда мешавад, ки ба маънои кишт ва зараъ аст, омӯзишу парваришу саноату адабиёту хунар ва билохира тахзиб кавои нафсонӣ, ки билтабъи аз лихози мафхум бо он чи ба номи фарханг мехонем, наздик аст. Дар лахчахои мутадовили Хуросон калимаи фарханг ба маънои корез ва дахонаи каноту об хануз зинда ва мавриди истифода аст.

Дар бештари манотики Хуросон шаклхои мухталифе аз ин таркиб ба кор меравад монанди фарханг, дамфарра, дахани пара сурфа ва ғайра, ки дар хамаи мавридмурод каноти корезу мазхари об аст. Мафхуми дигар аз фарханг об аст, ки вучуди он дар чашмахо ва канотхо ва корезхост ва он чи имрӯз ба унвони фарханг ва нигахдорандаи чомеа дар баробари хучуми зидди фархангхо ифои накш мекунад хамон накши об барои хаёт ва идомаи зиндагӣ дар манотики рустоӣ ва шахри кадимӣ ва чадид аст, яъне беоб ва фарханг ва бефархангу об наметавон хаёте барои чомеаи инсонӣ тасаввур кард, пас таркиби изофаи фарханг об метавонад, изофаи асотирӣ бошад.

Дар Куръони Карим низ беш аз шаст мавриди калимаи об (мой) ба кор рафта, ки дар хамаи маворид сухани Хак таоло нозир бар латифае аз хилкат аст, ки дар таквини хаёти одамӣ унсуре мунхасир ба фард аст. Худованд мефармояд: «Ва чаално минал мойи кулли шайъ хатто афалоюъминун». [2] (Таъкид ба кофирон аст, ки Худо хамаи чизхоро аз об офарид, вале онхо панд намегиранд).

Куръон дар чойи дигар аз об ба лафзи муборак ёд мекунад: «Ва назалано минассамои мои муборако». [3] (Аз осмон обро фурӯ овардем).

Аз ин рӯ об дар фарханги Эрон бисёр ахамият доштааст ва хатто барои он дар канори рӯдхо ва дарёхо бо кандани чукурӣ маросими курбониро анчом меоварданд то ду фаришта нигахбони об саломати бошанд ин ду фаришта ба номхои Апамниёт ва Анахито ё нохид ном дошт. Ва кандани чукурӣ барои ин буда, ки хуни курбонӣ дар об ворид нашавад ва боиси олӯдагии он нашавад.

Дар фарханги эронӣ ва исломӣ мо ханӯз одат барои талаби борону оби хифзшуда, ки мардум бо хондани намоз ва дуо ва анчоми курбонӣ ва таксими гӯшт ва ё таоми фукаро аз Худованд талаби борон мекунанд ва хатто дар бисёре аз минтакахои Эрон шеъру таронахои ниёишгуна барои талаби борон суруда шуда ва вирди забонхо дар кӯча ва майдонхо мегардид.

Барои пай бурдан ба мохияти вокеӣ фарра ва таъсири шигарфи он дар лахзахои мухим ва таърихсоз дар баёни тахлил гунае гузари Сиёвуш аз оташ ва чигунагии ин рӯйдодхои мухими «Шохнома» ва Авесто матолиберо ба инхисор баён мекунем.

Чи гуна оташ бар Сиёвуш коргир намеафтад? Агарчи Сиёвуш дар асл язди баракат, бахшанда ва худои боварӣ буда ва ба кавли худаш офаринанда ӯро аз фарри хеш офаридааст.

Ва аз он чо ки тухми мардумон аз асл оташ аст ва ба тарики аввалӣ Сиёвуш марде бо чисму чон на сиришти оташ аст ва на танхо зебо ва пахлавон, ки танаш дар покӣ ва бегунохӣ хамчун тани Зардушт ба покӣ гавхари оташ аст (оташ бузургтарин поккунанда аст) ва билохира аз он чо, ки Сиёвуш росттарини ростон аст ва ростӣ худ хам гавхари оташ аст! Оё боз хам далеле бокӣ мемонад, ки оташ ба Сиёвуш газанде бирасонад?

Ва ба ростӣ агар оташ ва Сиёвуш хар ду минуянд, оё далеле вучуд дорад, падаре фарзанди худро ва ё бародаре бародари худро нобуд кунад ва ё ба ӯ газанде бирасонад?

Аз чониби дигар, гузари Сиёвуш аз оташ нишондихандаи таваллуди дигари ӯст, пас бехуда нест, ки пеш аз ба чой овардани савганд бо пӯшидани чомахои сапед ва:

Пароканда кофур бар хештан
Чунон чун буд расмсоз кафан

Худро ба таври намодин меороядо, то фарохам овардани мукаддимоти як зиндагӣ дубора ва навин хамчун кӯдаке бегунох ва маъсум дубора мутаваллид шуд. Ва ба инсон аст, ки Сиёвуш дар оташ фурӯ меравад ва аз он ба саломат берун меояд.

Пас чун Сиёвушои дорои фарраи эздӣ аст ва вучуди ӯ аз навъи вучуди Худованд аст. Оташ бар ӯ сарду саломат мешавад. Зоти фарра аз навъи нури оташ ва гиромӣ аст ва оташ оташро намесӯзонад, ин чанбаи маънавии достон аст ва аммо аз назари чисмӣ ва моддӣ вучуди Сиёвуш аз хок аст ба алокае мокони либоси сафед бар тан карда, мушку кофур бар тан зада, ки хама аз чанбаи моддӣ ва заминии он хикоят дорад, боз хам оташ вучуди модии ӯро намесӯзонад ин ба он маъно аст, ки унсури дигаре аз аносири чахоргона ғайр аз оташу об хок низ метавонад аз навъи фарра бошад,

ҳарчанд аз мақому арзиши оташ бархурдор нест, яъне хок дар асари иноятиХудованд ва ёфтани фарра метавонад ба мақоми форамӣ, яъне оташ бирасад ва иттилоъ пайдо кунад.

Маънои истилоҳии фарр. Бо таваҷҷӯҳ ба эътиқоди посухи эрониён ба имдодҳои ғайбӣ ва зурурат бархурдорӣ аз таълими паёмбарон, ки ҳомилони ваҳйи илоҳӣ буданд ва дилбастагии инсон ба пуштувонаҳои маънавӣ боис шудааст ҳукамо ва донишмандон фаровоне дар мавриди фарр ва маънои он ибрози назар кунанд.

Мирҷалолиддини Казозӣ мегӯяд: Фарри эзадӣ яке аз куҳантарин ва пуровозатарин бани мояҳои фарҳангӣ ва боваршинохтӣ дар Эрони бостон ва ҷаҳонбинии Зардуштӣ аст. Дар оини маздиясно вазифаи динии ҳар инсон ин аст, коре ки аз лиҳози иҷтимоӣ ва табақотӣ ба ӯҳда дорад ба беҳтарин шакл анҷом диҳад. Мубад бояд оинҳои диниро ба ҷо орад ва онро ба дигарон омӯзиш диҳад. Шоҳ бояд душманони миллати ориёиро шикаст диҳад. Кишоварз бояд дар рӯи замин кор кунад. Артиш бояд набард кунад ва … ҳама корҳои мардум арзиши динии хосе дорад ва анҷоми ин корҳо аз рӯи виҷдон ба таҷдиди ҳаёт кӯмак хоҳад кард. Ин таҷдиди ҳаёт замоне иттифоқ меафтад, ки дар ҳамаи табақоти иҷтимоӣ мардум вазифаи худро беайбу нуқс анҷом диҳанд. Ба ҳамин далел аст, ки ҳар инсоне фар (р) дарёфт мекунад, то ӯро дар анҷоми корҳое, ки ҳирфаи табақотиаш мутобиқат дорад, кӯмак намояд. Шоҳон, мубадон ва низ Зардушт фарри махсуси худро доранд. [4] Ҳеҷ инсоне бидуни вуҷуди фарр наметавонад маъмурияти худро ба хубӣ анҷом диҳад.

Ин нерӯ аз аввалин лаҳзаи ташкили олам то охарин амал, яъне фаршгард ва истиҳола шудани он ба дасти сушиёнатҳо ё даркор аст.

Ҷавҳари саросар нур, ки махлуқоти Урмуздро вуҷуди худ падид меоварад. Нури қудсу баракат, ки нерӯ ва тақдири атошуда ба як мавҷудро эътидол мебахшад. Ва барои мавҷудот пирӯзӣ бар марг ва табоҳиро фароҳам мекунад. Марге, ки офаридаҳои Аҳурамаздоро аз ҷониби нерӯҳои Аҳримании торикӣ ворид шудааст. Бинобар ин зотан бо умедворӣ ба сарои дигар тавъам аст.

Фарр фурӯғи эзадӣ ва ҳамон нури сотеҳ аз нури Аланвор аст, ки анвори муҷаррада аз ҷумлаи нафси инсониро ба вуҷуд овардааст ва низ ашроқи он бар нафс сабаб мешавад, ки нафси дунёи ҳақиқии худро дарк кунад. Худи нафс низ аз асли хирад ва нури худовандӣ аст.

Дар воқеъ фар(р) унсуре аст, ки нафс бо он нурро ки аз ҷинси худаш аст, дарк мекунад ва ҳамон тасвире аст, ки рӯҳ дар мавҷудот ва ашё мунъакис месозад. Дар Авасто низ ба кароти фара ва фаррамандон сухан рафтааст. Ҳамчунин аз нерӯи ин нур аст, ки касе дар калимоти нафсонӣ ва рӯҳонӣ ороста шавад ва аз сӯи худованд барои роҳнамоии мардумон барангехта гардад ба мақоми пайғамбарӣ расад ва шоистаи илҳоми эзадӣ гардад.Ба иборати дигар он ки муиди таъйиди азалӣ аст, хоҳ подшоҳ ва хоҳ порсо ва хоҳ нерӯманд ва ҳунарманд дорои фарраи эзадӣ аст.

Сӯҳравардӣ аз пайи эҳёи хирад ва ҳикмати олиҳаи Эрони қадим дар олами Ислом будааст ва мубоҳиси ҳоланур ва шинохти фариштагони маздои бар уфуқ диди ӯ чирағӣ дорад. Дар андешаи Шайх Ашроқ Хур (дар форсӣ бо сакина) дар арабӣ дар иртибот) аз мафҳуми сакина маънии сокин шудан ва раҳли иқомат афкандан фаҳмидан мешавад. Шайх ин мафҳумро бо анвори маънавӣ махсус дар иртибот қарор медиҳад, ки дар нафс, аскон мебояд ва дар ин сурат, нафс ба (ҳайкали нуронӣ) табдил мешавад, ҳамчунон, ки вожаи арабии (шахина) ва ба маънои ҳузури нопайдои Иллоҳӣ дар Қудсулқудс ҳайкал аст.

Сӯҳравардӣ фарди бархӯрдор аз фарраи эзадиро матола меномад ва дар таърифи матола мегӯяд: Матола касе аст, ки дар ӯ фарри Иллоҳӣ бошад, ки бад-он василаи ашёиро боллазот андар ёбад.

Вуҷуди ҷаҳон ҳеҷ гоҳ аз вуҷуди чунин ҳакиме холӣ нест. Кор ва ҳақиқат бевосита аз масдар ҷилло мегирад ва аз мавриди ғайб мутолеъ аст ва ҳамон касе аст, ки ҳама ӯро қутб меноманд.

Вай қудрат ва тавоноии худро аз роҳи анвор тобонда ва бориқаҳои худоӣ ба даст меоварад ва нафсаш аз анвори муҷаррадаи малакутӣ ашроқ мегардад ва аз навори Худо рӯшноӣ мепазирад.

Ҷолиб аст бидонем Шайхи Ашроқ дар поени китоби «Муториҳот»-и худ, изофаи хурраро бар ҳасби истеъдод ва қобилияти нафс ва таркиби самовиёти тилисмоти онҳо бо таъсироти анвори муҷаррадаи рӯҳонӣ ба се қисм тақсим мекунад: Агар кори қаҳрия бар нафс ғолиб бошад, соҳиби хурра, далер, қоҳир ва пирӯзманд мешавад. Агар бар нафс, муҳаббат ва ишқварзӣ ғолиб бошад, асари хурра сабаби некбахтии соҳибаш ва майл ва ишқи нуфус ба ӯ мегардад. Агар таркиби таъсироти анвор ва самовиёт дар натиҷаи қобилияти нафс дар ҳадди эътидол ба камол бошад ва баҳраи ҳайати нур тавассути хуршеди азам зиёд бошад, соҳиби хурра, подшоҳе бузург ва дорои дониш, фазилат ва иқбол хоҳад буд.

Сӯҳравардӣ дар ҷои дигар, хурраро аксири илм ва қудрат медонад, ки нури Ҳақтаоло аст, ки нафс дар партави он дорои қудрат ва қобилияти хориқуллода мегардад ва дар поёни рисолаи Симурғ менависад, ки ҳар кас ҳикмати бидонад ва бар сипосу тақдиси нури анвор мудовимат намояд, ба ӯ

хурраи каёнӣ медиҳанд фарру анворе мебахшанд, раиси табиат ва олам мешавад, ба ӯ аз олам ёрӣ ва нусрат мерасад, суханаш дар олами алавӣ шунида мешавад ва хобу илҳом ба ӯ камол мерасад.

Гарчи Худованд ба инсон фарраи эзадӣ мебахшад, аммо агар ҳар касе дил ба олудагӣ ва каҷандешӣ дод, фарраи эзадӣ аз ӯ гусаста мешавад. Пас гарчи фард ба ихтиёри худ наметавонад дорои фарраи яздӣ шавад, аммо дар нигоҳи доштан ё аз даст доданион метавонад нақш дошта бошад.

Фарра дар ривояти таърихии миллии Эрон намуди ҳаққонияти ва машрутият буд ва ҳеҷ подшоҳе наметавонист бидуни доштани он бо комравоӣ фармон баранд. Будани он пирӯзӣ ва набудани он нишони хашми Яздон ва фурӯ афкандан аз тахти шоҳӣ ва шикаст буд. Дар «Шоҳнома» ишора шуда, ки мардуми Эрон бар ин ақида буданд, ки Худованд ба ҳастӣ, нерӯе ба номи фарр бахшид ва ҳар чиз аз он бархӯрдор аст. Ва ҳар даста аз мардумон фарри вижаи худро доранд.

Дар Авасто аз ду навъ фарр ёд шудааст:

1. Фарр ё хурнаи Эронӣ (AIRANEM_XVARENAH). Унсуре, ки дар саросари таърихи ривоятии Эрон ба чашм меҳӯрад, ҳисси нерӯманди миллигароӣ аст. Дар Авасто тавсифи сарзамини аслии ориёиҳо, фахр ва аровнеро ошкор месозад, ки ақвоми пайрави Авасто ба сарзамини худ меварзиданд. Эрониёни бостон мӯътақид буданд, ки фарри эронӣ, фарри миллии эрониён аст, ки Аҳурамаздо онро офарида ва ҳофизи эронзамин будааст ва ориёиҳоро қодир мекунад то бар душман ғалаба ёбанд.

Ҳамчунин ин фарри эронӣ аст, ки ба эрониён сутур, рама, сарват, шукӯҳ, хирад, дониш ва давлат мебахшад. Ин фар махсуси эрониён аст ва ғайри эрониён наметавонанд онро касб кунанд. Устод Ёҳаққӣ мӯътақид аст, ки: Фарри эронӣ иборат аз қудрат, шукӯҳ ва ба вижа нерӯи фавқулодаи Маздо- офаридае, ки Эронзаминро ҳамвора дар баробари душманон ва ғайри эрониён нигаҳбонӣ карда, аз партави ҳамин фарр, сарзамини Эрон шаҳри ҳамвора мустақил ва нерӯманд буда ва душманон наметавонистанд бар он чира шаванд.

2. Фарри каёнӣ (KVAENEM_XVARENAH). Меҳрдоди Баҳор мӯътақид аст: Иҷтимои инсонҳоро подшоҳон ҳидоят мекунанд, ки машрутияти онон баста ба илтифот ва инояти Худост ва ин илтифоти эзадӣ ҳамон фаррӣ каёнӣ ва ё подшоҳӣ аст, ки бо подшоҳони шоиста, ҳамвора зомини пирӯзии онҳост. Дар Эрони бостон фарри эзадӣ омили машрутиятдиҳанда ба шоҳ ва тавҷеҳкунандаи қудрати ӯст. Фарри эзадӣ, фараҳмандӣ ва фарраҳӣ, шарте аслии подшоҳӣ аст. Тибқи назарияи эронӣ подшоҳе ва ҳукумат (дар даврони бостон) шоҳ, шоҳдорӣ фарраи яздӣ аст. Ба ин маъно, ки аз дигар афроди башар, бартар ва ноибу ҷонишини Худо дар рӯи замин аст. Ҳар шоҳе бояд вижагиҳое дошта бошад, ки иборатанд аз: доштани фарри эзадӣ доштани аслу насаб, омодагӣ барои омӯхтан аз дигарон ва хирад, ки ба маъноитамизи нек аз бад аст. Аммо доштани фарри эзадӣ бо ҳукми Илоҳӣ, асли инсонист, ки бидуни он тухм ва нажод ҳам кифоят намекунад. Доштани фарри яздӣ аз вижагиҳои подшоҳӣ дар миёни ҳамаи ақвом аст, на фақат дар Эрон ва дар миёни Эрониён, балки ҳар подшоҳе дар рези фалак дорандаи фарри эзадӣ аст, ки равшан ва нажоду фарзонагӣ аз фурӯғи ҳамон аст. Пас машрутияти шоҳ фақат ношӣ аз баргузидагӣ аз ҷониби Худованд ва доштани фарри эзадӣ аст. Бинобар ин, дар баробари Худованд ва дар баробари халқ шоҳ масъулият дорад. Бадеҳист, ки дар чунин мақоме, шоҳ бояд сарчашма ва дороии мақому қудрати иҷтимоӣ ва халлоқият бошад. Аз ҳар ки мехоҳад бигирад ва ба ҳар ки мехоҳад бидиҳад. Дар калом ҳарфи ӯ қонун ва қонун ҳарфи ӯст.

Чигунагии интиқоли фарр. Баҳраварӣ аз фарр, фақат пас аз хешкорӣ мумкин мешавад, ки вазифаи равон аст. Бар асоси иштибоҳоте, ки дар тарҷума ва дарёфти матнҳои Зардуштӣ дар ин замин роҳёфта аст, ин эътиқод бавуҷуд омада аст, ки дар оғоз бо тани инсон фаррае офарида мешавад, дар ҳоле ки чунин нест, бо инсон, фаррае офарида намешавад. Инсон метавонад дорои фарра бошад ё набошад, ҳатто агар касе фарраро ба даст оварда мумкин аст онро аз даст бидиҳад. Чунон ки аз ибороти мумкин дар катибаҳои мехи Ҳахоманишӣ бармеояд, шоҳони Ҳахоманишӣ, порсӣ ва аз нажоди ориёӣ буданд ва ин аз шароити лозими шоҳ машрӯъ буд.

Он тавр ки аз мутолиаи китобҳои гуногун бармеояд, ба назар мерасад, ки фарра бештар ба сурати мурасанӣ мунтақил мегардида аст. Аммо иддае низ мӯътақиданд, ки фарра мурасанӣ нест, чунон ки доктор Ҷалилдӯстхоҳ дар ин марид мегӯяд, бар хилофи бардошти иддае, дар Эрони бостон фарри каён ҳамвора аз як шаҳриёр ба дигаре ва аз падар ба писар интиқол намеёфт ва фурӯҳвандӣ бо бештар шарти муҳими хешкорӣ ҳамвора буд ва ҳар чо ки хушкорӣ як шаҳриёр ба нохушкорӣ табдил мешуд, билфосила фар аз ӯ ҷудо мегашт.

Албатта ба назар мерасад, ки бештари шоҳони каёнӣ ва баъдҳо шоҳонӣ Сосонӣ, фарраи шоҳиро аз падарони худ ба ирс бурдаанд аз оғоз то поении фармонравоии Сосониён ҳамвора фарде аз нажоди Сосонӣ подшоҳ мешуд ва касе, ки шоҳзодаи Сосонӣ набуд ба қудрат метавонист вафодорӣ ва ҳимояти ашроф ва рӯҳониёнро ҷалб кунад. Эътиқод ба ин ки фарри шоҳӣ пушт дар пушт ба як шоҳзода мерасад, сабаб мегардид, ки ҳамвора яке аз хонадони шоҳӣ барои подшоҳӣ интихоб шавад.

Ирсӣ будани фарраро дар давраҳои баъд дар имомони шиа мебинем, ки файзи фара ва имомат ва инояти Илоҳӣ аз падар ба писар мерасид.

Инсон дар тӯли таърихи ҳаёти башарӣ дар рӯ ба рӯ бо мушкилот ва хатароти адида ба нидои фитрати худоҷӯи худ нохудогоҳ посухи мусбат дода, дар ҷараёни иртибот ва иттисол бо мубадо ва холиқи ҳастӣ бо баҳрагирӣ аз зарфиятҳо, тавони ақлӣ ва тасвироти зеҳнии худ, номҳо ва шаклҳои гуногунеро халқ мекунад ва ба мадади онҳо худро қудрати лоязоли он қодири мутлақ мутасил мекунад.

Иртиботи инсон бо Худо дар шаклҳои гуногун ва одобу суннати мухталиф эҷод шуда ва то кунун идома ёфтааст. Пешрафтатарин равиши иртиботи Худо бо инсон бо таваҷҷӯҳ ба қудрати идрок ва тавонмандии ақлии ӯ шеваи иртиот бо ваҷҳе аст. Инсонҳо тавони нодиданӣ ва ношунидани будани Худорро дарк намуданд. Ва ин ба хотири тараққӣ ва қудрати дарки болоии ӯст. Лизо, дар гузашта бештар тасаввури иртиботи инсон бо Худо ба василаи дидан ва шунидан ба таври куллии ҳаввоси зоҳирӣ буд.

Хулоса, фарраи эзадӣ, ки дар шаклҳои мухталиф матраҳ гардид, баёни ин ҳақиқат аст, ки ҳам инсон як иртиботи ҳамешагӣ ва доимӣ бо Худо дошта ва ҳам ин ки шакли иртибот бо Худо дар давраҳои мухталиф, гуногун будааст. Пас қабули фарде, ки замоми кори мардум ва ҳокимият бар онҳоро бар ӯҳда дорад, ба шарте аст, ки ӯ робита ва воситаи файзи Худо бар мардум бошад ва битавонад бар қалбҳо ва дилҳо ҳукумат кунад, ки ин беҳтарин навъи ҳукумат аст. Ва худро вақфи кори онҳо кунад.Дар ин ҳолат аст, ки хӯшӣ ва ризоияти шоҳ ва ҳоким боиси вуфури неъмат ва хӯшии мардумон мешавад ва ғаму андӯҳи ӯ боиси ғуссаи мардум ва хушксолӣ ва офат дар мамлакат мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Эътимод Муқаддам Алиқалӣ. Фарр дар «Шоҳнома». Интишороти вазорати фарҳанг ва ҳунар, 1352.
2. Ушидари Ҷаҳонгир. Донишномаи Маздиясно. Теҳрон, маркази нашр, 1378.
3. Буали Ҷи.О. Таърихи Эрон аз Салукиён то фурӯпошии давлати Сосонӣ. Теҳрон, Амир Кабир, 1368.
4. Меҳрдод Баҳор. Авасто куҳантарин ганҷинаи манзуми Эронии бостонӣ. Огаҳ, 1377.
5. Деххудо Алиакбар. Луғатномаи Деххудо. Теҳрон, Донишгоҳи Теҳрон, 1325.
6. Сӯҳравардӣ Шаҳобиддин. Ҳикмат-ул-ашроқ. Теҳрон Донишгоҳи теҳрон, 1361.
7. Видан Гран гетто. Динҳои Эрон. 1377.
8. Казозӣ Мирҷалолиддин. Аз гунаи дигар. Теҳрон, Нашри Марказ, 1368.
9. Мавлавӣ Морижон. Эрони бостон. Машҳад, Тӯс, 1377.


### ФАРР (ВЕЛИКОЛЕПИЕ, СИЯНИЕ) В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ


В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению значение и использование слова «Фарр» (великолепие, сияние) в «Шахнаме» Фирдоуси.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** слово «фарр», «Шахнаме» Фирдоуси, значение слова «фарр», словарь, использование.


### FARR (MAGNIFICENCE, LIGHT) IN "SHAKHNAMA" FIRDOUSI


In this article the author subjected to consideration and studying value and word "Farr" use (magnificence, light) in "Shakhnama" by Firdousi.



**KEY WORDS:** word of "headlights", "Shakhnama" of Firdousi, word meaning of "headlights", dictionary, use.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Акили Замони*** – соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни


# НИГОҲЕ БА БАЪЗЕ АНОСИРИ ДОСТОНИИ «ҲАСАНАКИ ВАЗИР»


***Мансури Аюб Қурбоналӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Бидуни тардид «шӯрангезтарин, бебадилтарин ва ҷолибангезтарин қисмати китоби «Таърихи Байҳақӣ» моҷарои бардор кардани Бӯалӣ Ҳасани Микоил маъруф ба «Ҳасанаки Вазир» аст». Ва албатта, ин амр ба ин хотир аст, ки моҷарои бардор кардани Ҳасанаки Вазир вижагиҳои мунҳасир ба фардӣ ва пардохтан ба он аҳамияти босазо дорад. Ва дар ҳақиқат шарҳи ҷузъи ҳаводиси он, ҳаммонанди нигине бар китоби «Таърихи Байҳақӣ» медурахшад; лизо дар ин мақола сайъ дорем ба ҷанбаъҳои мухталифи достонӣ ва сохтории он бипардозем. Аммо қабл аз ҳама зикри ин нуктаро лозим медонем, ки сохторшиносии достоннависии мавриди назари мо марбут ба достони ҷадид ва ба истилоҳ достони модерн аст. Лекин дар достоне, ки Абулфазли Байҳақӣ онро нақл мекунад, дуруст

ҳамин сохтори таърифшуда ба хубӣ риоя шудааст ва нишонаи он аст, ҳамин меъёрҳо дар асари Байҳақии Дабир, намоён аст. Феълан ба шарҳу баёни мухтасари баъзе аз аносири достонии мавҷуд дар достони «Ҳасанаки Вазир» мепардозем:

**Зовиядид:** Дуруст аст, ки «Таърихи Байҳақӣ» як китоби таърихист ва ба табааи он достони бардор кардани Ҳасанаки Вазир ҳам аз ин гуна ривояти таърихӣ баҳра мебарад, аммо равшан аст, ки ин достон дар шакли куллӣ аз зовиядиди « шахси севум» ё ҳамон «донои кулл» баҳра мебарад, яъне ровии достон Абулфазли Дабир ҳамчун донои кулл, ки аз зовия боло ва мусаллат ва бо огоҳии комил ба шарҳи муовакқа мепардозад; ҳарчанд дар ин байн аз зовияи диди «аввалшахс» ҳам дар бархе маворид бе баҳра нест. Яъне Абулфазл худ вориди достон мешавад ва ба идомаи навъи достон машғул мегардад, ки худи ҳамин амр, яъне дарҳам омехтани ду зовиядиди шахси сеюм ва аввалшахс ва ба ин истифода кардани аз онҳо дар ҷои худ то андозае ба қуввати ин асар афзудааст.

Он гуна ки аз шавоҳиди достон бармеояд, зоҳиран Абулфазли Байҳақӣ ба унвони як муаррихи адиб ва нуктасанҷ дар беруни достон истода ва танҳо ривоятгари ҳаводиси марбут ба он мебошад; «Чун Ҳасанакро аз Буст ба Ҳирот оварданд, Бӯсаҳли Зузанӣ ӯро ба Алии Роиз, чокари хеш супурд ва расид бад-ӯ аз анвои истихфоф он чи расид, ки чун бозҷуст набудӣ кор ва ҳоли ӯро интиқомҳо ва ташаффиҳо рафт…» (Байҳақӣ, 179).

Аммо гоҳе он ҷо ниёз аст ва шароити достон иҷоб мекунад, худи нигоранда дохил шуда ва ба хонанда мутазаккир мешавад, ки ин шарҳи ҳодиса аз як санад ва воқеиятнигорӣ бархурдор аст ва он мушоҳидаи нависанда мебошад; «чун ин кавкабаҳ рост шуд, ман, ки Булфазлам ва қавми беруни торам ба дӯконҳо будем нишаста дар интизори Ҳасанак. Як соат бибуд, ки Ҳасанак пайдо омад…» (Байҳақӣ, 173).

Шояд ин ҳузури нигоранда дар лобалои ҳаводиси достон як зарурарти имконнопазир аст, зеро агар ғайр аз ин бошад, калон таъсиргузориашро аз ҷиҳати ростӣ ва боварпазирии хонанда аз даст медиҳад. Барои ин ки яке аз румузи ҷо афтодан ва мақбал воқеъ шудани достон воқеӣ ва рост ҷилва кардани достон аст; ба хотири ҳамин аз назари мухотаб, алорағми куҳан будани асар интихоби зовиядид аз тарафи Абулфазли Байҳақӣ ба устодӣ ҳарчи тамомтар анҷом шудааст, зеро бар хилофи достонҳои ба истилоҳ модерни имрӯзӣ, ки маъмулан дар саросари асар танҳо аз як зовиядид баҳра мебаранд, Абулфазли Дабир бо таваҷҷӯҳ ба шароит ва ҳаводиси пешомада бо маҳорати бисёр тағйири ривоят дода зовиядидеро интихоб карда ва ба шарҳи ҳаводиси достони худ мепардозад. Чунонки гоҳе дар достон аст ва унвони яке аз шахсиятҳои достонаш ҳаракат мекунад ва он чиро мебинад бе ҳеҷ каму костӣ шарҳ медиҳад. Гоҳе ҳам дар беруни достон истода ва ҳам монанди як ровии донои кулл ба шарҳи ҳаводис мепардозад. Пас, ба ҳамин далел аст, ки сухан ва достони ӯ аз назари шеваи ривоят аз ибтидо то интиҳо бар мухотаб таъсири босазо мегузорад.

**Шахсиятпардозӣ:** Яке аз муҳимтарин вижагиҳои достонии мавриди таваҷҷӯҳи «Таърихи Байҳақӣ» шахсиятпардозиҳо ва тавсифоти ҷомеъ ва ҳунармандонаи Абулфазли Байҳақист. Байҳақӣ ба хубӣ ашхоси достонҳо ва ривоятҳои пешро мешиносад ва бо шеваҳои мухталифу мутанаввӣ ононро ба хонандагон мешиносонад. «Ҳунари Байҳақӣ дар пардохти шахсиятҳо ва намоиши ҳолоти дарунӣ ва берунии ашхос ва таҷассуми ҳаводис ба ваҷҳи зинда ва муассир бар касе пӯшида нест. Китоби ӯ аз ин ҳайс бисёр моядор ва дархури мулоҳиза аст». Саҳ.

Бидуни тартиб бояд изҳор намуд қавитарин нуктаи достонпардозии Байҳақӣ шахсиятпардозӣ дар китоби ӯст. Гӯё дар китоби «Таърихи Байҳақӣ» шахсиятҳо ҳамагӣ зинда ва пӯё ҳастанд ва ҳамчун инсонҳои зинда ба ин тараф ва он тараф ҳаракат мекунанд, сухан мегӯянд ва ҳаммонанди ҳамагон ба идомаи зиндагии хеш машғуланд. Пас, бо ин авсоф бояд гуфт, ки Байҳақӣ бо васвоси ҳар чи тамомтар саъй кардааст, шахсиятҳои зинда ва пӯёро дар назари мо муҷассам кунад, ки ҳар кадомашон бо рафтор ва кирдорҳо ва кунишҳои худ, худ ва он чиро, ки дар дарунашон ҳаст, ба мо нишон диҳанд; Масалан, замоне ки Ҳасанакро ҷиҳати муҳокима ба маҷлис ворид мекунанд, Байҳақӣ бо баёни ин нукта, ки; «Ҳама агар хостанд ва ё на бархостанд». Яъне равшан сохтани чеҳраҳои муҳофизи кор ба истилоҳи имрӯза «Нон бо нархи рӯзхӯр» ва дар идома «Бӯсаҳли Зӯзанӣ бар хашми худ тоқат надошт, бархост натамом ва бар хештан межакид». (Байҳақӣ, 172). Ва сухани Хоҷа Аҳмади Ҳасан, ки «Дар ҳама корҳо нотамомӣ» ҳам чеҳраи кареҳ ва бераҳми аз Бӯсаҳл ва ҳам чеҳраи мунсиф ва тақрибан ҷавонмарди аз Аҳмади Ҳасан дар авохири умри Ҳасанак ба намоиш мегузорад.

Дарвоқеъ, авҷи ҳунари шахсиятпардозии достонии Абулфазли Байҳақӣ дар достони «Ҳасанаки Вазир» намуд пайдо кардааст; ба тавре ки дар як достони даҳсаҳфагӣ беш аз бист шахсияти номбаршуда вуҷуд дорад; шахсиятҳое, ки ҳар кадомашон дар ҷои худ аз заруриёти достон ба шумор меравад ва набудани яке аз онҳо ба достон зарбаи ҷуброннопазир ворид мекунад.

Дар ин достон мо бо се нав шахсият ё ҳамон характер рӯ ба рӯ ҳастем; аз як тараф теъдоде аз шахсиятҳои хуб ва мунсиф: назири Аҳмади Ҳасани Маймандӣ, Бӯнасри Мушкон ва падари Амид Абдураззоқ, ки дар маҳалли сиқли онҳо Ҳасанаки Вазир қарор дорад ва аз он сӯйи дигар, теъдоди

шахсиятҳои бад ва фитнаангез назири Алии Роиз ва Халифа ва Микоил, ки ҳамагӣ ҳавли меҳвари Бӯсаҳли Зӯзанӣ дар ҳоли чархиш ҳастанд ва саранҷом дар миёни ин шахсиятҳои хуб ва бад тeъдоде аз шахсиятҳои ба истилоҳ хокистариранг ё ҳатто сиёҳилашкар ҳам қарор доранд, ки танҳо дар мавоқеи ниёз ҳозир мешаванд ва дар ҳадди тавони худ ба достон ва ҳаводиси он суръат медиҳанд. Тағобули шахсиятҳои хуб ва бади достон ва ба дунболаш омадан ва рафтани шахсиятҳои хокистариранг ба дарун ва беруни достон шӯр ва ҳаяҷони хоссе ба ин достон додааст ва ҷолиб он ки замони ин суръат хуб ва матлуб аст, ки бо чошнӣ эътимод ҳамроҳ мешавад. Яъне Абулфазли Байҳақӣ бо ҳассосияти ҳарчи тамомтар ва бо салоҳияти комил ба пардозиши шахсиятҳои достониаш пардохта ва худ бо салоҳият мегӯяд, ки дар ғиболи ҳеҷ кадом – вало ин ки дӯстам ҳастанд – ҷониби ифрот ва удул аз ҳақро дар пеш нагирифтаст. «Ва пас аз Ҳасанак ин Микоил бисёр балоҳо дид ва меҳнатҳо кашид ва имрӯз барҷо аст ва ба ибодат ва Қуръон хондан машғул шуданд – чун дӯсти зишт кунад, чӣ чора аз боз гуфтан ва…»САҳ.

Ҳамон гуна ки гуфта шуд, Байҳақӣ гоҳе о вориди достон шуда ба муаррифии шахсиятҳои достонаш мепардозад, ки ба зоҳир имрӯз ин амр чандон матлуб нест ва заъфи достон ба ҳисоб меояд. Лекин дар ин таърих чунин нест ва ҳақиқатан аз лавни дигар аст. Дар таъриф ва муаррифӣ кардани шахсияти Бӯсаҳл чунин мехонем: «Ин Бӯсаҳл марди имомзода ва мӯҳташам ва фозил ва адиб буд, аммо шарорат ва заорати дар табъи вай муаккад шуда – вало табдилалхалқилло ва бо он шарорат дилсӯзӣ надошт…» (Байҳақӣ, 168)

Ва ин муаррифии мустақими шахсияти Бӯсаҳли Зӯзанӣ на танҳо ба достон зарба намезанад, балки дар дунболаи матлаб дар хидмати нависанда ва сутури ба нигориш даромадаи ӯст. Яъне бо дар канори ҳам қарор гирифтани тавсифи ҳолоти ботинии афрод ва тавсифи саҳнаҳои берунии достон, масалан, бераҳмии Бӯсаҳл ҳатто дар лаҳзаи эъдом чаро ки ба коргардони ӯ «худӣ, рӯйпӯши оҳанӣ биёварданд амдан танг…» (Байҳақӣ, 176)

То ҷое, ки маҷбур ба таъвизи он мешаванд « то худӣ фарохтар оварданд» … (Байҳақӣ, 176). Ва ҳатто зиштар рӯи Бӯсаҳли Зӯзанӣ «сари Ҳасанак пинҳон ба мо оварда буданд ва бидоштӣ дар табақи боми Каъба пас гуфт навбоваҳ овардаанд ва аз ӯ микаббаҳ бардоштанд…» (саҳ 178)

Бинобар ин мо дар камтар достоне суроғ дорем, ки нависанда тавониста бошад бо истифода аз калимоти кӯтоҳ ва ба истилоҳ чаккушӣ ҳолоти дарунии шахсияти худро бо иттифоқоти перомуни он вафқ бидиҳад. Филмасал, он ҷое ки Ҳасанаки Вазир бо иқтидори ҳарчи тамомтар аз каронаи бозор пайдояш мешавад, дуруст мисли он аст, ки як дурбини филмбардорӣ бо ҳунармандии ҳар чи тамомтар он чиро, ки иттифоқ медиҳад, ироа медиҳад. «Ва саворон рафта буданд бо пиёдагон то Ҳасанакро биёранд, чун аксарони бозори ошиқон даровarданд ва ба миёни шористон расид, Микоил бад-он ҷо бидошта буд, пазираи вай омад, вайро муоҷар хонд ва дашномҳои зишт дод…» (Байҳақӣ, 178).

**Саҳнапардозӣ ва муҳити достон. Ҳаста:** Ҳаста ва пайранги достони Ҳасанаки Вазирро ҳамон чизе ташкил медиҳад, ки дар адабиёти кӯҳани эронзамин бисёр шоҳиди он будем; набард ва кашокаши байни мардию номардӣ, хубӣ ва бадӣ, зиштӣ ва зебоӣ ва ҳаққу ботил. Мисли ин ки дар адабиёти кӯҳани мо ин як асл будааст, ки дар тамоми осори адабӣ ҳамвора хубӣ ва бадӣ дар муқобили ҳам ва дар тазод бо якдигар буданд ва гӯё ин ҳам як асл буда, ки ҳамеша ба зоҳир ботил пирӯз мешуда ва натиҷаи кор ҷури дигаре мешудааст, яъне пирӯзии ҳақ алайҳи ботил, он ҳам дар қазовати ояндагон! Назири достони омиёнаи «Хайру Шар». Дар достони «Ҳасанаки Вазир» ҳам ҳаста ва шолудаи аслӣ ҳамон набарди хайру шар аст, набарде, ки дар дили худ решаҳои кӯҳан дорад ва сарчашма гирифта аз уғдакушоии Султон Масъуди Ғазнавиаст ва шахсе чун Бӯсаҳли Зӯзанӣ, ки гӯё ташнаи қудрат ва озоррасонанда ба дигарон ва дар худ навъи бемории «содисм: озоррасонӣ» дорад, ки гардонандаи он ҳодиса мебошад; ҳарчанд Ҳасанак бетадбирӣ карда ва гуфта, ки: «Амиратро бигӯй, ки ман он чи кунам ба фармони Худованди худ мекунам, агар вақте тахти мулк ба ту расад Ҳасанакро бардор бояд кард» (Байҳақӣ, 169). Аммо ҳамон як ҷумла фурсатеро фароҳам кард, то Бӯсаҳли Зӯзанӣ, ки Абулфазли Байҳақӣ дар муаррифии шахсияташ мегӯяд: «Ҳамеша чашм ниҳода будӣ то подшоҳи бузург ва аббор ба чокаре хашм гирифтӣ ва он чокарро низ лат задӣ ва фурӯ гирифтӣ. Ин мард аз карона биҷастӣ ва фурсате ҷустӣ ва тазриб кардӣ ва алами бузург бад-ин чокар расонидӣ ва он гоҳ лоф задӣ, ки фалонро ман фурӯ гирифтам…»(Байҳақӣ, 168). «Ӯро ночавонмардони фурӯ гирад ва Байҳақӣ низ фурсат ҷуста тинати бади ӯро бо шарҳи он ҷумла ба ин рафтор ба тасвир мекашад, аммо дар саросари достон аст, ки бо бурузи шахсияти дарунии Бӯсаҳли Зӯзанӣ дар рафторҳояш ба ҳастии ҳаводиси достон қавом ва ҷиҳат медиҳад. Бешак, он чи дар достони «Ҳасанаки Вазир» таҳти унвони ҳаста ва пайранг намуд дорад, ки кашокаши байни хубӣ ва бадист, ки бо чошнӣ интиқом ангехта шудааст ва нишоне аз кинатузӣ дорад. Зоҳиран омили аслии ин кинатузӣ Султон Маҳмуди Ғазнавиаст, ки бо бетадбирии базри фитна ва осебро душманиро дар даруни фарзандони худ мекунад ва ашхоси ҳаммонанди Бӯсаҳли Зӯзанӣ ба ин оташи интиқом доман мезананд.

Дар достони «Ҳасанаки Вазир он чи беш аз дигар авомил намоён аст, авҷ ва фурудҳои достонӣ мебошад. Аслан метавон гуфт, ки ин достон аз ҳамон ибтидо бо авҷ шурӯъ мешавад; яъне Байҳақӣ дар ҳамон ибтидои достон мегӯяд: «Фасле хоҳам набишт дар ибтидои ин ҳоли бардор кардани ин мард ва пас ба шарҳи қисса шуда» (Байҳақӣ, 168). Ин авҷ ҳамроҳ бо фурудҳоест, ки ба сурати пастию баландиҳои достон дида мешавад. Ҷолиб он ки ин авҷи достон ба сурати хафиф ва гоҳ ба шакли намоён то охир идома дорад, яъне поёни достон, ки зоҳиран бояд ба сурати фуру два натиҷагирӣ анҷомад, бо баёни шарҳи ҳоли мухтасари аз модари Ҳасанак ба поён мерасад; «ва модари Ҳасанак зане буд сахтҷигар. Ӯро чунон шунудам, ки ду-се моҳ ин ҳадис пинҳон доштанд, чун бишнид, ҷаззае накард. Чунонки занон кунанд, балки бигирист ба дард, чунонки ҳозирон аз дарди ӯ хун гиристанд» (Байҳақӣ, 179).

**Ваҷҳи фоҷиа:** Аз дигар мушаххасоти достон рӯй овардан ба мояҳои фоҷеа аст. Бисёре аз достонҳо ва достонвораҳои таърихии ин дебои хусравонӣ монанди «достони «Афшин ва Будлаф», марги Бӯнасри Мушкон» ва фуругирии Бубакри Ҳасирӣ низ ҳаммонанди «бардор кардани Ҳасанак» ва …» саршор аз мояҳои тирожик ва барои бозсозӣ ва бозофарии намоишҳо ва намоишвораҳо бисёр мустаид аст. «Ва ҳамаи халқ мегиристанд» (Байҳақӣ, 179). Ба ҳар ҳол, достони «Ҳасанаки Вазир» як достони маъмулӣ нест, балки дар дили худаш рагҳои аз фоҷеавӣ ҳам дорад ва онро метавон як асари фоҷеавӣ номид ва аз ин ҳайс мавриди баррасӣ қарор дорад, лекин онро ҳам ба фурсати дигар мегузорем.

**АДАБИЁТ**


1. Байҳақӣ Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн, Таърихи Байҳақӣ. Муқаддима, тасҳеҳ, тавзеҳот ва феҳристҳо Ёҳақӣ Муҳаммадҷаъфар., Саиди Маҳдӣ, чопи аввал, 1388. Интишороти «Сухан» - Теҳрон.
2. Рашидии Кӯчак Маҳдӣ. Шеваҳои шахсиятпардозӣ ва таҳлили муҳимтарин шахсиятҳо дар «Таърихи Байҳақӣ» (22.10.1388 шамсӣ)
3. Таърихи комили Эрон қабл аз ислом. Ҳасани Пирниё., баъд аз ислом Аббоси Иқболи Оштиёнӣ, давраи паҳлавӣ Парвизи Бобоӣ. Теҳрон: Нигоҳ, чопи панҷум, 1388.
4. Ёҳақӣ Муҳаммадҷаъфар ва Сайидӣ Маҳдӣ. Дебои хусравонӣ, Интишороти Ҷомӣ, чопи ҳаштум, 1387 ш.
5. Сулаймонӣ Мӯҳсин. Фанни достоннависӣ. Интишороти Амири кабир. Чопи панҷум.Соли
6. Хурдчашм, Акбар. Ҷусторе дар достони «Ҳасанаки Вазир» (Офтоб дод. ir ) 22.10.1388. ба нақл аз рӯзнома, рисолаи 26 тир 1386 .
7. Абулфазл Байҳақӣ. Шарҳи Хатиб Раҳбар, Халил. Интишороти Маҳтоб, чопи шашум, 1376 ш.


**ВЗГЛЯД НА НЕКОТОРЫЕ ЭПИЧЕСКИЕ ЭЛЕМЕНТЫ РАССКАЗА «ХАСАНАКИ ВАЗИР»**


Данная статья изучает историю написания и эпические элементы рассказа «Хасанаки Вазир» из исторической книги Абулфазла Байхаки «История Байхаки».



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** «История Байхаки», «Хасанаки Вазир», эпические элементы рассказа «Хасанаки Вазир»


**VIEW OF SOME EPIC ELEMENTS OF THE STORY "HASANAKA VAZIR"**


This article studies history of writing and epic elements of the story "Hasanaki Vazir" from Abulfazl Baykhaki's historical book «Baykhaka's History».



**KEY WORDS:** «Baykhaka's history», "Hasanaki Vazir", epic elements of the story "Hasanaki Vazir"



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мансури Аюб Қурбонали*** – соискатель таджикского национального университета

## ПЕДАГОГИКА

# ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЗАМЕСТИТЕЛЯ ДИРЕКТОРА ШКОЛЫ ПО ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ РАБОТЕ

*Н. Ниъматов*
**Таджикский национальный университет**

В структуре организаторской деятельности заместителя директора школы по воспитательной работе важное место занимает мотивировка предстоящей деятельности, инструктирование, формирование убежденности в необходимости выполнения данного поручения, обеспечение единства действий педагогического и ученического коллективов, оказание непосредственной помощи в процессе выполнения работы, выбор наиболее адекватных форм стимулирования деятельности. Организаторская деятельность заместителя директора школы по воспитательной работе включает и такое необходимое действие, как оценка хода и результатов конкретного дела.

Организаторская деятельность заместителя директора школы по воспитательной работе направлена также на формирование педагогического коллектива, коллектива единомышленников. В этой работе особую роль играют личностные качества заместителя директора школы по воспитательной работе –его профессионализм, общая и педагогическая культура, заинтересованность в делах школы, учителей и учащихся, умение ставить задачи и добиваться их решения.

Одним из показателей организаторской культуры заместителя директора школы по воспитательной работе является его умение рационально распределять время свое и своих подчиненных. Важно иметь в виду, что заместители директора школы по воспитательной работе кроме административных функций осуществляют и педагогическую деятельность, оставаясь учителем какого-либо предмета. Основное время заместителя директора школы по воспитательной работе занимает административная работа, но его педагогическая деятельность должна быть примером для всех других преподавателей, только в этом случае заместитель директора школы по воспитательной работе может быть учителем своих учителей. Это обстоятельство требует значительных временных затрат на подготовку к урокам, изучение новинок психолого-педагогической литературы.

Умение целесообразно использовать время – основа научной организации труда учителя, заместителя директора школы по воспитательной работе. Это тем более важно иметь в виду при имеющейся фактической перегрузке как учителей, так и администрации школы. Существует несколько видов организационных структур управления образовательным учреждением: линейная, линейно-функциональная, дивизиональная, проектная и матричная. Наиболее часто встречающаяся организационная структура образовательного учреждения – линейно- функциональная. Говоря об организационных структурах управления образовательных учреждений, нельзя не сказать об уровнях управляющей системы. Структура управляющей системы большинства школ представлена 4-мя уровнями управления.

Первый уровень – директор школы, руководители совета школы, ученического комитета, общественных объединений. Этот уровень определяет стратегические направления развития школы.

Второй уровень – заместители директора школы, школьный психолог, организатор детского движения, помощник директора школы по административно- хозяйственной части, а также органы и объединения, участвующие в самоуправлении.

Третий уровень – учителя, воспитатели, классные руководители, выполняющие управленческие функции по отношению к учащимся и родителям, детским объединениям, кружкам в системе внеучебной деятельности.

Четвертый уровень – учащиеся, органы классного и общешкольного ученического самоуправления. Выделение данного уровня подчеркивает субъект - субъективный характер отношений между учителями и учениками.

Таким образом, процесс управления педагогическим коллективом требует от заместителя директора школы по воспитательной работе высокого уровня профессионализма. Профессиональным заместителем директора школы по воспитательной работе считается тот, который на этапе реализации той или иной управленческой функции демонстрирует только положительные личностные качества, используя для этого эффективные принципы и методы взаимодействия с коллективом.

Эффективность протекания управленческого процесса, настроение людей в организации, отношения между сотрудниками зависят от множества факторов: непосредственных условий работы, профессионализма кадровых работников, уровня управленческого состава и др. И одну из первых ролей в ряду этих факторов играет личность заместителя директора школы по воспитательной работе.

В процессе учебно–воспитательной работы заместителя директора школы по воспитательной работе основные роли играют индувидиально–психологические качества личности каждого члена педагогического коллектива.

К индивидуально-психологическим свойствам личности относятся темперамент, характер, направленность и способность.

1. Темперамент – это сочетание индивидуальных свойств, определяющих динамическую сторону поведения (4).

Согласно классификации Гиппократа, выделяются 4 основных темперамента: холерик, сангвиник, флегматик, меланхолик. По классификации К. Юнга – Г. Айзенка выделяются 4 соответствующих типа: экстраверты – высокотревожный и малотревожный, интроверты малотревожный и высокотревожный.

Темперамент обладает определенным набором психологических проявлений в деятельности субъекта: активность, реактивность, динамичность, эмоциональность, тревожность, чувствительность и др.

Учет свойств темперамента очень важен для профессионального отбора людей к тем видам деятельности, где требуется быстрая переработка информации, распределенность внимания, стрессоустойчивость и другие качества. Поскольку темперамент есть устойчивая природная основа поведения индивида, следует стремиться не к переделке типа, а к нахождению для каждого темперамента наиболее подходящих способов реализации его качеств, благоприятных для конкретного вида деятельности; ибо каждый человек, тренируясь в выполнении определенных профессиональных задач, вырабатывает некоторый приемлемый темп и стиль деятельности.

Поэтому при индивидуальном подходе к сотрудникам необходимо подбирать формы деятельности (по напряженности, темпу работы, наличию стрессовых ситуаций и др.), к которым легче адаптируется тот или иной тип темперамента.

Холерик – сильный, неуравновешенный, возбуждаемый тип, высоко тревожный экстраверт[4]. Он наиболее продуктивен там, где требуется высокая активность, увлеченность, концентрация внимания, лидерство, высокая ролевая активность и т.п. Но его следует по возможности отстранить от конфликтных ситуаций, строго объективно оценивать его успехи и тактично указывать на недостатки, воспитывать выдержку и самообладание.

Сангвиник – сильный, уравновешенный, лабильный тип, малотревожный экстраверт[4]. Он быстро приспосабливается к новым условиям, быстро решает текущие оперативные задачи, обладает быстрой переключаемостью внимания, высокой эмоциональностью, контактностью, коммуникативностью. Его можно использовать для разрядки конфликтных ситуаций в группе, организации совместных действий, лидерства. Сангвиники мало подвержены нервным срывам, стрессоустойчивы. Однако они мало продуктивны в условиях монотонной деятельности, требующей длительного напряженного внимания, склонны к перемене обстановки и видам деятельности.

Флегматик – сильный, уравновешенный инертный тип, малотревожный интроверт[4]. Он не заменим в ситуациях, требующих пристального внимания, обстоятельности в делах, терпения, неторопливости, продуктивен в монотонных условиях. Однако он испытывает значительные трудности при необходимости быстрого ориентирования на изменение ситуаций, быстрого принятия решений при ориентации конфликтных и стрессовых ситуациях. Малопригоден он и для скоростной переработки учебной и производственной информации; социально пассивен, не претендует на лидерство в группах, малообщителен и малоэмоционален.

Меланхолик – слабый тип нервной системы, высокотревожный интроверт[4]. Это сложный высокочувствительный тип, требующий тактичного подхода и «щадящего» образа жизни. Малопригодный к нервным перегрузкам, к преодолению стрессовых ситуаций, в которых часто теряется, затормаживается; неконфликтен, но беззащитен перед конфликтами, старается их обходить, а не разрешать, не претендует на лидерство, но в хорошем коллективе исполнителен, отзывчив, ищет опору в более сильной личности. В спокойной жизненной ситуации, не требующей перенапряжения, может проявлять высокую интеллектуальную и практическую работоспособность, вдумчивость, ответственность, исполнительность.

2. Характер – это сочетание устойчивых свойств поведения, определяющих отношение субъекта к окружающей действительности. Структура характера рассматривается прежде всего по сложившимся у человека типам отношений (отношение к самому себе, другим людям, к деятельности и коллективу).

Характер является результатом развития личности в онтогенезе в связи с закреплением в поведении индивида различных проявлений психических процессов: познавательных, эмоциональных и волевых. Потому в связи с генезисом характера различают три группы черт:

- интеллектуальные черты (критичность, наблюдательность, мечтательность и др.);
- эмоциональные черты (чуткость, тщеславие, честность и др.);
- волевые черты (целеустремленность, принципиальность, настойчивость и др.).

В условиях профотбора учителей на определенные должности (например, на должности классного руководителя и т.п.) большую роль играет психодиагностика черт характера, так как именно характер определяет пригодность человека к нормальному общению и добросовестному отношению к выполняемой работе.

3. Направленность личности – это проявление жизненных устремлений человека и его мотивации. Структура направленности складывается из потребностей, интересов, идеалов человека.

Направленность личности всегда социально обусловлена и формируется путем воспитания. Существуют 3 вида направленности личности:

Личная –создается преобладанием в мотивационной структуре мотивов собственного благополучия, самоутверждения, личного покоя (престижная, авторитетная, эгоистическая направленность).

Коллективистическая (общественная или альтруистическая – бескорыстное служение другим людям) имеет место тогда, когда поступки человека преимущественно побуждаются интересами и потребностями общества, группы, других людей, т.е. преобладает коллективистический и альтруистические мотивы.

Деловая направленность - преобладание мотивов, порождаемых самой деятельностью, увлечение процессом деятельности, бескорыстное стремление к истинности, познанию, овладению новым умением, глубокие интересы к любой области жизни, науки, искусства.

4. Способности, по определению А.Н. Леонтьева, это такие свойства индивида, совокупность которых обуславливает успешность выполнения некоторой деятельности.

Выделяют различные виды способностей. По отношению к деятельности различают:

- общие способности, как основа успешности выполнения различных видов деятельности (работоспособность, настойчивость, активность и т.д.);

- специальные (профессиональные) способности как основа успешности выполнения конкретных видов деятельности (управленческой, трудовой, педагогической)[93].

Управленческая деятельность требует от заместителя директора школы по воспитательной работе организаторских, коммуникативных, научно-познавательных, конструктивных, перцептивных, суггестивных, экспрессивных и других способностей.

Способности не являются готовым природным даром человека, ибо в их основе лежит природная одаренность, которая превращается в способности только в благоприятных условиях обучения, тренировки, воспитания личности в целом.

На основе общего анализа исследований психологов в области менеджмента все качества, которыми должен обладать современный заместитель директора школы по воспитательной работе, можно разделить на пять групп: 1)общечеловеческие качества; 2)психофизиологические качества; 3)деловые качества и организаторские способности; 4)коммуникативные качества; 5)профессиональные знания.

В первую группу, то есть группу общечеловеческих качеств заместителя директора школы по воспитательной работе включаются следующие: трудолюбие, принципиальность, честность, обязательность, верность слову, самокритичность, гуманность, тактичность, справедливость, целеустремленность, альтруизм, высокая культура, безупречная нравственность, энергичность, работоспособность, выдержанность, любовь к своему делу, оптимистичность, требовательность к себе и другим, чувство юмора, внешняя привлекательность (опрятность, стиль одежды и т.д.).

К группе психофизиологических свойств личности относятся: крепкое здоровье, стрессоустойчивость, общий уровень развития, интеллектуальные свойства (наблюдательность, аналитичность мышления, устойчивость и распределенность внимания, оперативность и логичность памяти,способность к прогнозированию ситуаций и результатов деятельности), индивидуально-психологические свойства (темперамент, направленность личности).

К деловым качествам и организаторским способностям, по нашему мнению, относятся: инициативность, самостоятельность в решении вопросов, самоорганизованность (умение беречь свое и чужое время, пунктуальность и точность); дисциплинированность, исполнительность, умение четко определить цель и поставить задачу; способность менять стиль поведения в зависимости от условий, умение расставить кадры и организовать их взаимодействие, способность мобилизовать коллектив и повести его за собой; умение контролировать деятельность подчиненных, способность и стремление оперативно принимать решения, способность и стремление объективно анализировать и оценивать результаты, умение стимулировать подчиненных; творческий подход к порученному делу; умение поддерживать инициативу, стремление использовать все новое, прогрессивное; умение поддерживать свой авторитет.

В группу коммуникативных качеств мы включаем умение заместителя директора школы по воспитательной работе устанавливать деловые отношения с вышестоящими и смежными руководителями, с подчиненными, умение поддерживать нормальный психологический климат в коллективе, умение общаться (культура речи, умение слушать и т.д.), умение выступать публично.

К профессиональным знаниям, которыми должен владеть современный заместитель директора школы по воспитательной работе, мы относим: знание науки об управлении (основы менеджмента, управление персоналом и др.); применение на практике современных организационно-управленческих принципов и методов; умение работать с документацией.

Если заместитель директора школы по воспитательной работе будет обладать всеми вышеназванными качествами, его можно считать идеальным.

Безусловно, каждое из качеств заместителя директора школы по воспитательной работе оказывает влияние на эффективность работы подчиненных и в целом - организации.

Грамотный заместитель директора школы по воспитательной работе никогда не допустит такого количества недостатков в себе и своей деятельности, постоянно будет работать над самовоспитанием, совершенствованием и самообразованием.

Все личностные качества заместителя директора школы по воспитательной работе проявляются в его стиле управления. Стиль управления – это определенная система предпочитаемых руководителем способов, методов и форм управленческой деятельности.

Выбор того или иного стиля руководства обусловлен множеством взаимодействующих объективных и субъективных факторов.

К объективным факторам можно отнести такие, как содержание выполняемой деятельности, мера трудности решаемых задач, сложность условий, в которых осуществляется их решение, иерархическая структура руководства и подчинения, социально-политическая ситуация, социально-психологический климат в коллективе и др.

К субъективным факторам следует отнести типологические свойства нервной системы (темперамент), свойства характера, направленность, способности человека, привычные способы деятельности, общения, принятия решений, знаний, опыт, убеждения.

Эффективность работы заместителя директора школы по воспитательной работе зависит как от него самого, так и от всего педагогического коллектива. Ниже приводятся факторы, снижающие эффективность работы заместителя директора школы по воспитательной работе и зависящие от него самого: не планирует работу (ни свою, ни своего подразделения); выполняет сначала приятную и знакомую работу; не доверяет своим подчиненным и выполняет их работу сам; не умеет использовать в интересах работы своих подчиненных; направляет работу персонала непосредственно, вместо того чтобы руководить путем постановки целей и задач, опираясь на самоуправление; принимает слишком много решений за педагогический коллектив, считая, что таким путем держит все нити управления в своих руках, а на самом деле тормозит развитие своих коллег в вопросах принятия решений и перегружает себя работой; не знает своих коллег и не интересуется их работой, их личными планами на будущее; не хочет или не умеет разговаривать откровенно со своими коллегами; не верит в способности членов педагогического коллектива; не определяет порядок срочности и важности своих работ и не составляет плана рационального использования рабочего времени.

Факторы, снижающие эффективность работы заместителя директора школы по воспитательной работе, зависящие от педагогического коллектива, который:

а) не готовит как следует вопросы, с которыми намерен обратиться к заместителю директора школы по воспитательной работе и отнимает рабочее время у обоих;

б) боится сам принимать решения и постоянно обращается к заместителю директору школы по воспитательной работе;

в) не планирует использование своего рабочего времени и выполнение порученных ему заданий и этим самым мешает плановой работе заместителя директора школы по воспитательной работе;

г) не знает точно своего задания, своих полномочий и назначения своей работы;

д) не умеет апеллировать своему руководителю и берется за выполнение заданий, не относящихся к нему, или работ, с которыми он заведомо не справится;

е) не находит общего языка с заместителем директора школы по воспитательной работе;

ж) не привык сам разбираться в полученных заданиях, а любит получать всегда готовые инструкции от других; сам не знает, к чему стремится в жизни.

Вышеуказанные факторы всегда действуют на педагогический климат. Психологический климат – это эмоциональная окраска психологических связей членов коллектива, возникающая на основе их близости, симпатии, совпадения характеров, интересов, склонностей. Он считал, что климат отношений между людьми состоит из трех климатических зон. Первая климатическая зона – социальный климат, который определяется тем, насколько в данной группе осознаны цели и задачи, насколько здесь гарантировано соблюдение всех конституционных прав и обязанностей работников как граждан. Вторая климатическая зона - моральный климат, который определяется тем, какие моральные ценности в данной группе являются принятыми. Третья климатическая зона – это психологический климат, те неофициальные отношения, которые складываются

между работниками, находящимися в непосредственном контакте друг с другом. Психологический климат - это микроклимат, зона действия которого значительно локальнее социального и морального климата.

Термин «социально-психологический климат» часто принято ставить в один ряд с понятием духовной атмосферы, духа коллектива и преобладающего настроения. В какой-то мере для сближения выше-названных понятий есть определенные основания: социально-психологический климат всегда характеризуется специфической для совместной деятельности людей атмосферой психологического и эмоционального настроя и состояния каждого его учителя, индивида и, несомненно, зависит от общего состояния окружающих его людей. В свою очередь атмосфера той или иной общности или группы проявляется через характер психологической настроенности людей, которая может быть деятельной или созерцательной, жизнерадостной или пессимистичной и т.д.

А.Н. Лутошкин считал, что психологический климат коллектива – это общий эмоциональный настрой коллектива, в котором соединяются настроения людей, их душевные переживания и волнения, отношения людей друг к другу, к работе, к окружающим событиям. Главным, что образует психологический климат, является эмоциональное состояние или настроение коллектива[5].

Психический настрой или настроение общности представляет собой эквивалент динамической структуры психологического состояния общности, проявляющегося в характере направленности группового внимания и уровня его эмоциональной тональности.

Духовная атмосфера – это специфическое психическое состояние той или иной группы людей, проявляющееся в общении их друг с другом и стиле совместного поведения.

Сама атмосфера может быть достаточно изменчивой и характеризоваться, как правило, высокой степенью подвижности. Атмосфера –это неустойчивая, постоянно изменяющаяся и подчас неуловимая сторона коллективного сознания.

Таким образом, под социально-психологическим климатом подразумевается преобладающая и относительно устойчивая духовная атмосфера или психический настрой коллектива, проявляющийся как в отношениях людей друг к другу, так и в их отношении к общему делу».

Понятие «социально-психологический климат коллектива» отражает характер взаимоотношений между людьми, преобладающий тон общественного настроения в педагогическом коллективе, связанный с удовлетворением условий жизнедеятельности, стилем и уровнем управления и другими факторами.

Другой стороной, характеризующей динамику социально-психологического климата коллектива, являются так называемые «климатические возмущения».

К «климатическим возмущениям» относят естественные колебания эмоционального состояния в коллективе, периодически возникающие подьемы и спады настроения у большинства его членов, которые могут происходить как в течение одного дня, так и на протяжении более длительного периода. Они связаны с изменением условий взаимодействия внутри группы или изменением окружающей среды. Термин «климатические возмущения» несет в себя как негативную, так и позитивную окраску, поскольку эти возмущения могут мешать, а могут и благоприятствовать жизнедеятельности коллектива.

Работа заместителя директора школы по воспитательной работе -такой вид трудовой деятельности, который просто невозможен вне общения. Структура педагогического труда насчитывает, по мнению психологов, более двухсот компонентов. Но одной из самых сложных его сторон является общение, либо через живое, непосредственное общение заместителя директора школы по воспитательной работе с коллегами, с детьми осуществляется в педагогической работе – воздействие личности на личность. От стиля и форм взаимодействия заместителя директора школы по воспитательной работе зависит его эмоциональный настрой. Очень часто заместитель директора школы по воспитательной работе, идя на работу, не может оставить груз домашних проблем, которые пополняются проблемами коллектива. Заместитель директора школы по воспитательной работе не всегда может преодолеть свой негативный эмоциональный настрой и «щедро» делится им с окружающими детьми и учителями.

Таким образом, необходимо помочь педагогу найти правильные пути взаимодействия с коллегами, которые посодействуют создать в коллективе такую психологическую атмосферу, чтобы каждый педагог мог свободно проявлять свои желания, чувствовать себя значимым членом коллектива. Для этого эмоциональный настрой педагогического коллектива должен нести положительный заряд. Итак, можно сделать вывод, что эмоциональное благополучие и профессиональная деятельность заместителя директора школы по воспитательной работе зависят от его психологического настроя, который, в свою очередь, зависит от положительного микроклимата, созданного в коллективе.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Кулюткин, Ю.Н. Психология обучения взрослых Текст. /Ю.Н. Кулюткин. - М.: Просвещение, 1985. - 128 с.
2. Леонтьев, А.А. Деятельность. Сознание. Личность Текст. /А.А. Леонтьев. - М.: Политиздат, 1975. - 304 с.
3. Лазарев, В.С. Управление образованием на пороге новой эпохи Текст. // Педагогика.- 1995.-№5.- 11-20.

4. Маркова, А.К. Психология труда учителя Текст. книга для учителя /А.К.Маркова. - М.: Просвещение, 1993. - 192 с.
5. Андреев, В.И. Педагогика Текст. учебный курс для творческого саморазвития. - 2-е изд. - Казань: Центр инновационных технологий, 2000. -608 с.

## ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЗАМЕСТИТЕЛЯ ДИРЕКТОРА ШКОЛЫ ПО ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ РАБОТЕ

В структуре организаторской деятельности заместителя директора школы по воспитательной работе важное место занимает мотивировка предстоящей деятельности, инструктирование, формирование убежденности в необходимости выполнения данного поручения, обеспечение единства действий педагогического и ученического коллективов, оказание непосредственной помощи в процессе выполнения работы, выбор наиболее адекватных форм стимулирования деятельности. В данной статье автором рассматриваются особенности деятельности заместителя директора школы по воспитательной работе.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** заместитель директора школы по воспитательной работе , структура организаторской деятельности заместителя директора школы, педагогический и ученический коллектив, стимулирование деятельности.

## FEATURES OF ACTIVITY OF THE DEPUTY DIRECTOR OF SCHOOL ON EDUCATIONAL WORK

In structure of organizing activity of the deputy director of school on educational work the important place is occupied by motivation of the forthcoming activity, instructing, conviction formation in need of performance of the given assignment, ensuring unity of actions of pedagogical and student's collectives, rendering of the direct help in process of performance of work, a choice of the most adequate forms of stimulation of activity. In this article by the author are considered
features of activity of the deputy director of school on educational work.
**KEY WORDS:** the deputy director of school on educational work, structure of organizing activity of the deputy director of school, pedagogical and student's collective, activity stimulation.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ниьматов Н.*** – старший преподаватель кафедры педагогики Таджикского национального университета

# НАҚШИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ ДАР ИҶТИМОИСОЗИИ ДУХТАРОНИ МУШКИЛТАРБИЯТ

***Хадичаи Таваккулӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Раванди рӯ ба рушди падидаи нохушоянди фирори духтарон ва паёмадҳои равони иҷтимоӣ ва беҳдоштие аз ин падида, иқдоми ҷиддиеро барои дармони ин масъала зарурӣ сохтааст. Тарки манзил, мадраса шаҳр ва ғайраҳо ба унвони як мӯъзели иҷтимоӣ маъсуб мешавад, ки ба ҳар далеле чун фишорҳои ноши аз хушунат, табъиз, нобаробарӣ, тамоюл ба моҷароҷӯӣ, касби манзалат ва ё камақлӣ ва фиребхӯрдагӣ ва гоҳе ба иллате адами саломати фикрӣ ва рӯҳӣ, ки назари коршиносони иҷтимоӣ, равоншиносон ва хусусан масъулини тальлим ва тарбиятро ба худ ҷалб карда, эҳтимоми ҷиддӣ ва дар чигунагии мувоҷеҳӣ бо ин падидаи эшон ва пешгирӣ аз онро металабад. Таълим ва тарбият ба маънии парвариши фард ба унвони як мавҷуди ҳадафдор, мустақил (худфармон) нақши аслӣ ва калидиро бояд иҷро кунад, ки дар се ҳита (муҳит)-и рушди шинохтӣ ва ҳаракатӣ бояд иттифоқ биафтад.

Аҳдофи таълим ва тарбият ва шеваи найли ба ин аҳдоф аз авомил ва нерӯҳои иҷтимоисозии афрод мебошад. Ҷунбиши ислоҳоти таълим ва тарбият, тамоюл бо арзише дар ҷомеа аст ва моҳияти он ба гунаест, ки имкон дорад дар ҳидоят ва тавлиди барномаҳои тарбиятии афрод асари густардае дошта бошанд. Имрӯз иҷтимоисозии афрод ҷузъи ҷудонашудании таълим ва тарбият ба шумор меравад. Ниёзҳо, тамоюлот ва арзишҳо, гироишҳо ва нерӯҳои иҷтимоӣ бар иҷтимоисозии таълим ва тарбият асаргузор аст.

**Аҳдофи таълиму тарбият дар иҷтимоисозӣ.** Ҳадаф аз такомули шинохти таълим ва тарбият тавсиаи маърифат ва боло бурдани фаҳм ва идрок аст ва иртиботи мусбат ва маънидоре бо боло бурдани такомули ақлӣ, ҷисмӣ ва ҳаяҷонӣ ҳикоят дорад. Дар ҳиттаи отифӣ, ки шаклдиҳандаи фалсафаи поя ва булуқ ва такомули фард аст, ин ҳитта аз таълиму тарбият кӯмак мекунад, ки ба худшукуфтагӣ ва иззати нафс даст ёфта ва бо вокуниши солим ва усулӣ аз худ инкори беҳбуд ёбад. Иттиҳоди ҳамбастагӣ зербинои аҳдофи фардӣ ва гурӯҳист. Афрод аҳамият ва арзиши зиндагии ҷамъӣ, мушорикат дар осоиши умумиро дарк мекунад. Ин қаламрав фазои муносиберо барои тавсиаи арзишҳои башардӯстона, шинохти арзишҳои муассир ва дастёбӣ ба зиндагии пурборро ба вуҷуд меоварад. Рушди ҳаракат муҷиби ҷиҳатдиҳии зиндагии афрод ба сӯи аҳдофи арзишманд мешавад, ки зиндагии шахсӣ аз тариқи ташхиси хуб аз бад, рақобат барои аҳдофи арзишманд, дарки арзишҳои зоҳирӣ ва ботинӣ, шинохти равишҳои истибдодӣ ва демократӣ ва ташхиси стандартҳои рафтории

фард ва ҷомеаро меомӯзад. Афзоиши маҳоратҳои иртиботӣ ва иҷтимоӣ аз аҳдофи таълим ва тарбият ба шумор меравад, ки аз тариқи фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва тимӣ қобили вусул аст, ки дар такомули шахсият, созгорӣ бо шароити гурӯҳӣ, тавсиаи стандартҳои рафторӣ, офариниши эҳсоси тааллуқ, такомули мавозини ахлоқӣ ва дар ниҳоят тафаккур ба талош ва умед ба оянда хоҳад шуд.

**Анвои мушкилоти рафторӣ.** Баҳс ва баррасиҳо дар бораи фирор ва бехонумонӣ дар миёни навҷавонон чунин нишон медиҳад, ки мутобиқи хусусиёти равонӣ, иҷтимоии зер хатари пешрафти анвои мушкилоти рафторӣ, ки мунҷар ба фирор мешаванд, афзоиш ёфт:

1. Шароити комилан номуносиби хонавода, мисли суистифода аз кӯдак, ғафлат, бадрафторӣ, мушкилоти ҳаяҷонӣ ва рафтории волидайн, беалоқагии волидайн ва фуқдони маҳоратҳои марбут ба тарбияти кӯдак;
2. Эҷоди синдруми мушкилоти рафтории чандҷониба дар кӯдак, мисли парсазанӣ, рафторҳои зидди иҷтимоӣ, тахаллуф, суистифодаи маводи мухаддир ва машруботи алкулӣ ва рафторҳои мухотиромез ҳамроҳ бо бесуботии ҳаяҷонӣ;
3. Синни поини шурӯи мушкилоти хонаводагӣ ва синдруми мушкилоти рафтории навҷавонон ва вуҷуди доимии ин авомили хатар дар тамоми сайри ҷомеапазирии навҷавон;
4. Муваффақияти кам дар мадраса, алоқа надоштан ба мадраса ва интизороти поин дар касби муваффақиятҳои таҳсилӣ;
5. Муқовимати кам нисбат ба таъсироти дӯстон ва ҳамсолони ғайрипойбанд ба ахлоқ ва иртиботи осон бо дӯстоне, ки рафторҳои зиддиҷтимоӣ доранд ва ё рафторҳои ғайриахлоқиро ташвиқ мекунанд;
6. Зиндагӣ дар шароити маҳрум аз вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоии поя, мисли зиндагӣ дар минтақаҳои маҳрум ё зиндагӣ дар хонаводае, ки фоқиди фарҳанги ғанӣ аст.

Мавриди фавқ ҳитаҳои аслӣ ҳастанд, ки метавонад барои пешгирӣ аз чархае, ки кӯдакон, навҷавонон ва ҷавонон дар он дучори мушкил шуда, рафторҳои мушкил дар онҳо таквин мейбанд, аз ҷумла фирор мекунанд ва дар хиёбон зиндагӣ менамоянд, иқдом кард. Дар идома мурури мекунем дар усули иқдомоте, ки метавонанд барои пешгирӣ аз фирор аз манзил муассир воқеъ шаванд.

**Анвои мудохилоти пешгирии поя.** Мудохилоти мубтани бар хонавода: бо мурури се ҳиттаи аввали (1, 2, 3) мазкур шуруи мудохилот дар синни поин барои пешгирии аввалия ва сонавия мантиқӣ мебошад ва ба назар мерасад, замони муносиби он давра пеш аз мадраса бошад. Бар коршиносони иҷтимоӣ дар расонаҳо, хусусан масъулони таълим ва тарбияти ҷомеа лозим ва зарурӣ аст, ки ба омӯзиши волидайн дар заминаи маҳоратҳои мутаносиби волид будан дар иртибот бо мушкилот ва ниёзҳои рӯзмарраи хонавода омӯзиш диҳанд. Ва ҳамчунин чигунагии контроли рафторҳои мушкилзои худ ва кӯдакро ба он биомӯзонанд, ки ин пуруса дар шуруфи издивоҷ ва қабли он бояд сурат гирифта бошад ва ба таври мустамар ин конунҳо фаъол бошанд. Ва баъд аз издивоҷ ҳам барномаи омӯзишии муносиб бар мабнои усули шинохтаи рафтор ба волидайн, кӯдакон ва навҷавонони дар маърази хатар дода шаванд. Муҷаддадан таъкид мешавад, ки ин барномаҳои омӯзишӣ бояд муртабит бо мушкилоти рӯзмарраи зиндагӣ дар хонаводаҳои дар маърази хатар бошанд. Ҷалласоти пайгирӣ ва ёдоварӣ низ бояд дар таи тамоми муддати давраи ҷомеапазирӣ пеш аз мадраса то навҷавонӣ, бахусус дар замонҳои интиқол (яъне вуруд ба давраи ибтидоӣ) ва замонҳое, ки навҷавонон ба хонаводаҳояшон ба назар мерасад, мушкилеро таҷриба мекунанд, баргузор шавад.

Натиҷаи матлубе аз рӯйкарди «ҳифзи хонавода» гузориш шудааст, ба хусус онҳое, ки мубтанӣ бар хонавода ҳастанд ва аз таъдили шинохти- рафторӣ ба унвони омиле барои тағйир истифода мекунанд. Дар ин росто таъкид мешавад, ки хадамот ва сервисдиҳӣ ҷиҳати ҳифзи хонавода метавонад нақши калидӣ дар пешгирӣ аз фирор ва бехонумонӣ ифо намояд.

**Мудохилоти мубтанӣ бар мадраса.** Касби муваффақияти кам дар мадраса адами вуҷуди алоқа ва интизороти поин барои таҳсил ва ояндаи шуғлӣ, таъбиз, хушунат, факр ва ғайраҳо аз авомили муҳим дар бурузи мушкилоти рафтори ва тарки таҳсили зудрас дар навҷавонон ҳастанд. Сиёсатгузорони ҷомеа, хусусан масъулони таълиму тарбият дар бурузи ин гуна мушкилотро бо тарроҳии «мадрасаи хуб» ҷилавгирӣ намоянд. Мадорис бояд макони амне барои кӯдак ва навҷавон ва ҷавон бошад. Яъне бар асоси як система ислоҳкунанда ё қавонини равшан ва мушаххас, ки таъминкунандаи ниёзҳо ва зарфиятҳо ва потенсиали донишомӯзон аст, иҷро гардад. Ва бо озода демократӣ, ки донишомӯзон муғоират надошта бошад ва барои донишомӯзон хонаводаи дуввум маҳсуб гардад. Ва ҷое барои иртиқои шароити таҳсил ва зиндагӣ барои кӯдак ва навҷавони фирорӣ аз манзил (хонаводаи аввал) муҳосиба бигардад. Ва дар рафти мушкилоти фардии донишомӯзон аз тариқи муовинати анҷумани авлиё ва мураббиён ба суръат ба кӯмаки донишомӯз рафта ва дар паи ҳали масоили он кӯшо бошад. Дар ин ҷо ба зикри чанд маврид ишора мешавад.

**Тадрис.** Дар сатҳи клос равишҳои мутааддиде вуҷуд дорад, ки то кунун натиҷаи матлуберо дар касби бештари муваффақияти таҳсил ва ахлоқи мусбати иҷтимоиро ба ҳамроҳ доштанд. Ин равишҳо

иборатанд аз: идораи клос, омӯзиш ва фарогирии мушорикатии ҳамроҳ бо назорат дар соатҳои истироҳати донишомӯзон, вуҷуди қавонини вижа бар алайҳи рафторҳои зиддиҷтимоӣ барои ҳама дар клос, баҳс дар клос дар бораи мушкилоти рафторӣ, мушовира бо мутахалифин ва қурбониёни хушунат ва ҷалби мушорикати волдидайн дар ин росто таъкид мешавад, ки дар сатҳи донишомӯзон, фаъолиятҳои пешгирӣ бояд бо мушкилоти вижаи донишомӯзони дар маърази хатар мутаносиб ба инфиродӣ бошад. Дар ин замина метавон аз иқдомоти зер истифода намуд:

1. Назорат бар ғайбатҳо;
2. Роҳнамоиҳои лозим ва умумӣ тавассути муаллимон;
3. Ироаи мушовираи фардӣ ба донишомӯзон тавассути мутахасисини умур;
4. Омӯзишҳои маҳоратҳои иҷтимоӣ дар сурати вуҷуди нуқс дар тавоноиҳои иҷтимоии донишомӯзон, ё бурузи рафторҳои муҷримонӣ;
5. Омӯзиши маҳоратҳои шинохтӣ, дар ҳангоме ки донишомӯзон дар арзёбии шинохт дар муваффақиятҳои иҷтимоӣ ишкол дорад;
6. Мушовираи хонавода ё ирҷое ба барномаҳои омӯзишӣ ва ҳимоят аз волидайн, чунончи бӯҳронҳои дохили хонавода мунҷар ба бурузи мушкилоти кӯдакон мешавад;
7. Ирҷоби мадориси ҷойгузин, маркази муроқибати рӯзона ё мадориси вижа барои омӯзиш ва расидагӣ ба парсазанӣ мукаррар ва мушкилоти рафтори ҷиддӣ ва ғайраҳо.

Барои итминон аз муассир будани мудохилоти матраҳшудаи боло, тамоми иқдомот бояд мутаносиб бо ниёзҳои вижаи ҳар донишомӯз бошад. Бинобар ин, қабл аз ҳар гуна амале бояд хатароти вижае, ки рушд ва такомули донишомӯзонро таҳдид мекунанд, ба диққат таҷзия ва таҳлил шаванд ва бар асоси он мудохилоти мутаносиб тавсиа шавад. Муаллимони оддӣ маъмулан маҳоратҳои лозим барои чунин таъзия ва таҳлилеро надоранд. Лизо, бо ба коргирии мутахассисни муҷаррад ва корозмуда дар заминаи таҳлили хатароти равонӣ-иҷтимоӣ ва муроқибат аз кӯдакон, асарбахшии барномаҳоро афзоиш дод.

Барқарории иртибот бо ҷомеа. Иқдомоти пешгирона замоне бештарин эҳтимоли муваффақиятро доранд, ки дар ҷомеае, ки навҷавон ва ҷавонон дар маразн хатар зиндагӣ мекунанд, ба таври мустамад ба кор гирифта шаванд. Барои пешгирӣ аз бурузи мушкилоти рафторӣ аз ҷомеа ва ниҳоятан фирори навҷавон ва ҷавонон бояд ҷамъи ҳадди ақалҳои иҷтимоии пояро барои имкони мушорикати онҳо дар ҷомеа фароҳам намояд. Ба ибораги дигар, мавқеиятҳои кофии шуғлӣ, маскани муносиб ва даромади мудовимро барои навҷавонон ва ҷавонон ва хонаводаи эшон таъмин намояд. Бинобар ин, тамоми сиёсатгузорон ва масъулони созмонҳо ва афроде, ки шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва ғайраҳо як ҷомеаро танзим мекунанд, бояд худашонро даргири иқдомоти пешгирона барои фирор аз манзил бидонад. Яъне хонаводаҳо, мадорис, созмонҳои иҷтимоӣ, муассисоти саломат ва рифоҳ, шахсиятҳои маҳаллӣ ва дунёи тиҷорат бояд дар ин хусус даргир шаванд. Зеро, ҳимоятҳои иҷтимоии густарда ва фарогир муҳимтарин фактуре аст, ки метавонад дар эҷод ва пешрафти мушкилоти ҷиддии рафтори фирор ва бехонумониро дар байни навҷавонон маҳор намояд.

**Тақсимбании мудохилот бар мабнои мафоҳими пешгирӣ.** Пешгирии аввалия. Шомили мудохилоте аст, ки қабл аз бурузи мушкилоти ҷомеапазирӣ анҷом мегиранд. Аҳдофи он пешгирӣ аз эҷоди мавқеиятҳои носолими тарбиятӣ ва ҳамчунин кӯмак ба эҷод ва иртиқои як муҳити муносиб барои такомули кӯдаки солим аст. Аз ин равиши пешгирӣ дар қадами аввал метавон дар сатҳи ҷамъияти умумӣ истифода кард. Лекин метавон аз он ба таври муассиртар дар зергурӯҳҳои мустаид ё дар маърази хатари ҷомеа мисли модарон, навҷавонон, хонаводаҳои бо сатҳи иҷтимоии иқтисодии поин ва соири хонаводаҳои дар маърази хатар истифода намуд.

Пешгирии аввалия дар сатҳи ҷамъияти умумӣ метавонад шомили мавориди зер бошад:

1. Ироаи иттилооти умумӣ ва панду андарз дар мавриди тарбият ва парвариши кӯдакон;
2. Ҳимоятҳои умумӣ аз хонавода ва омӯзиши волидайн.

Пешгирии аввалия мутамарказ бар ҷавомее дар маърази хатар метавонад шомили мавориди зер бошад:

1. Мудохилот дар сатҳи кӯдакони хурдсол ва пеш аз мадраса;
2. Ҳимоятҳо ва барномаҳои омӯзишии вижа барои хонавода;
3. Мудохилоти мубтанӣ бар мадраса шомили созмондиҳии мадорис, ғанисозии барномаҳо, омӯзиши донишомӯзон ва муаллимон;
4. Хадамоти вижа шомили мушовира, вуҷуди мураббӣ, хадамоти беҳдоштӣ ва корҳои довталабона;
5. Барномаҳои иштиғоли навҷавонон ва ҷавонон шомили барномаҳои омӯзишӣ дар заминаи тиҷорати шуғлӣ ва корҳои довталабона;
6. Барқарории иртибот байни ҷомеа ва мадраса ва хонавода: шомили хадамоти ҷомеаи ҷонбахшӣ.

Пешгирии сонавия шомили ду марҳила аст:

1. Фози авввал: таъйини мушкилот;
2. Фози дуввум: анҷоми мудохилот.

Дар фози таъйини мушкилот гурӯҳҳое дар маъраз хатар ва сутӯҳе авомили хатар таъйин мешаванд. Ва дар фози дуввуми мудохилот ҳарчи сареҳтар ба рафъи он мушкилот мепардозад. Аз он ҷо ки мушкилоти рафтории навҷавонон ағлаб ношӣ аз таъсироти мушкилоти хонавода дар синини аввалия мебошад. Ағлаби барномаҳои мудохилаи пешгирона бар рӯи хонаводаҳои дар маърази хатар, ки дорои кӯдакони камсину сол ҳастанд, анҷом мегирад. Пешгирии сонавия метавонад иқдоми аслии ҳифзи хонавода бо ҳадафи пешгирӣ аз ҷойгузини хориҷ аз манзилро анҷом диҳад.

**Омӯзиши умумии волидайн.** Муҳимтарин вижагии барномаҳои омӯзиши умумии волидайн он аст, ки падар ва модар амалкарди мутақобил дар хонавода ва маҳоратҳои асосие, ки барои тарбияти кӯдак лозим аст, биомӯзад. Омӯзишҳое, ки таи аслии парвариши кӯдакро назири муроқибатҳои пояи кӯдак (беҳдошт, либос пӯшонидан, қазо додан ва ғайра), омӯзиши рафторҳои муносиби иҷтимоӣ, ҳалли мушкил, назм ва инзиботи шомили худконтролӣ ва итоат, ҳимоятҳои ҳаяҷонии шомили дилбастагӣ, дарк ва ҳамдилиро пӯшиш медиҳанд. Илова бар инҳо волидайн мебоист рафторҳои муносиби тарбиятии марбут ба такомули кӯдак (мутаносиб бо синни ӯ)-ро тамрин намоянд.

**Се асли муҳими фарогирии волидайн**. Навъи аввали барномаҳои омӯзишии умумии волидайн бар мабнои асли теории фарогирӣ, рафторӣ, шинохтӣ қарор доранд. Дар ин барнома истифода аз рафторҳои аслӣ ва таъдилшуда дар тарбият ва парвариши мутақобил бо кӯдаконашонро омӯзиш медиҳанд. Волидайн маҳоратҳои тарбиятӣ, ки рафторҳои писандидаи иҷтимоӣ дар кӯдаконро тақвият мекунад, тамреҳ менамоянд. Барои мисол, онҳо фаро мегиранд, ки чи гуна таҳсил кунанд, таваҷҷӯҳ намоянд ва рафторҳои писандидаро ситоиш кунанд. Онҳо ҳам чунин равиши коҳиши рафторҳои нописанд ва зиддииҷтимоӣ дар кӯдакро омӯзиш мебинанд. Дар ин хусус эшон техникҳои нодида гирифтан ва мӯҳлат додан ва танбеҳи ахлоқии рафторҳои нописандро тамреҳ мекунанд.

Навъи дуввуми барномаи пешгирӣ дар омӯзиши умумии волидайн бар заминаҳои «равонии ҳаракатӣ» устувор аст. Намунаи муваффақи ин барнома, барномаи омӯзиши муассири волидайн аст, ки тавассути Gordon дар соли 1970 ироа шудааст. Ин барнома реша дар «равоншиносии инсонӣ» дорад. Ва иртиботи дармонии эҳтиром ва дарки мутақобилро бо унвони меҳвари тағйирот ба кор мебарад. Ҳадафи он тасбити амалкардҳои мутақобил ва мутаодили волидайн ва кӯдак дар зиндагии рӯзона аст. Ин амр барои рушди солими кӯдак илзомӣ аст. Дар ибтидо ҳам волдидайн ва ҳам кӯдак бояд биомӯзанд, ки чи гуна дар мавриди арзишҳо ва ниёзҳо ва тамоюлот ба таври муассир сӯҳбат кунанд. Ба унвони мисол, волидайн бояд биомӯзад, ки чи гуна байни мушкилоти худашон ва мушкилоти кӯдаконашон ифтироқ қоил шавад. Аз ин тариқ, кӯдакон ва волидайн фаро мегиранд, ки ҳар кадом мушкилоти худашонро доранд. Ва ҳамчунин фаро мегиранд, ки чигуна мушкилотро тавассути худашон рафъ намояд. Ин кор мунҷар ба афзоиши эътимод ба нафси волидайн ва кӯдакон ва дар маҷмӯъ масъулиятпазирии аъзои хонавода хоҳад шуд. Волидайн бояд биомӯзанд, ки ба ҷои аъмол ва бидуни посухгӯи (мисли тӯҳмат задан ва дикта кардани насиҳатҳо), дар ҳангоме ки кӯдаконашон дучори мушкил мешаванд, дарк кунанд, ки онҳо воқеан чӣ мегӯянд? Ва ҳамчунин биомӯзанд, ки чи гуна кӯдаконашонро дар ҳалли мушкилот тавассути худашон ташвиқ намоянд. Ин амр боиси иртиқои зарфияти ҳалли мушкил тавассути кӯдакон ва ба навбати худ боиси пайрезии як зиндагии мустақим ва қобили итминон дар оянда мешавад. Ва ҳамчунин волидайн меомӯзанд, ки чи гуна ин маҳоратҳои иртиботиро ба соири равобити рӯзмарраашон таъмин диҳанд. Ва билохира кӯдакон ва волидайн меомӯзанд, ки чи гуна дар мавқеиятҳое, ки бо якдигар ниёзҳо ва хостаҳои носозгор доранд, бархӯрд намоянд (Масалан, тасмимгирӣ дар мавриди авқоти фароғат ва ё таътилот). Ҳадафи ин барнома анҷоми тамрин ба касби як сареҳи маҳоратҳои тасмимгирӣ дар замони эҷоди мушкил аст. Ба тавре, ки «Ҳеҷ кас набозад» барои дастёбӣ ба ин ҳадаф кӯдакон ва волидайн меомӯзанд, ки чи гуна алоиқи носозгор ва ноҳамоҳанги худро равшан намуда ва феҳрастбандӣ намоянд. Ва чи гуна роҳи ҳалҳо ва пешниҳодоте ироа диҳанд, ки барои ҳарду тараф мавриди қабул ва пазириш ҳастанд.

Навъи саввуми барномаҳои пешгирии омӯзиши умумии волидайн, аз заминаҳои теории мутафовите истифода мекунанд. Дар ин ҷо усули барномаҳои ёдгирӣ «равонӣ-ҳаркатӣ» ва «шинохтӣ-рафторӣ» бо якдигар таркиб мешаванд. Ҳадаф аз рушд ва такомули кӯдак даст ёфтан ба рушде аст, ки ба унвони фарди масъулиятпазири иҷтимоӣ шуҷоъ, ҳамоҳанг ва ҳамкор бо дигарон талаққӣ шавад. Фарде, ки зотан мӯътақид ба арзиш ниҳодан ба ҷомеа ва мушорикати фаъолона дар он аст, барои расидан ба ин аҳдоф кӯдакон бояд дар як муҳити демократӣ парвариш ёбанд. Бар асоси ин даста аз барномаҳо фарогирии кӯдакон бештар аз тариқи мантиқӣ ва бадеҳии иқдомоти рафторҳояшон ҳосил мешавад.

1. Иқдоми ҷиддӣ барои дармони масъалаи нохушоянди фирори духтарон зарурӣ аст ва ба унвони як мӯъзели иҷтимоӣ маҳсуб мешавад.
2. Таълим ва тарбият бояд нақши аслӣ ва калидиро дар парвариши фард ба унвони мавҷуди ҳадафдор ва худфармон ва иҷтимоъсози духтарон ифо намояд.
3. Агар духтарон маҳоратҳои иртиботӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро балад бошанд, фирор намекунанд.
4. Дар бархӯрде бо мушкилот мудохилот бояд ҳатман муносиб ва мутахассисона бошад.
5. Мудохилоти мубтанӣ бар хонавода ва омӯзиши умумии волидайн ва кӯдакон бисёр муҳим ва асосӣ мебошад.
6. Мудохилоти мадрасагӣ бояд бо иқдомоти мутаносиб бо ниёзҳои вижаи ҳар донишомӯз бошад. Лизо, бо бакоргирии мутахассисини муҷаррад ва корозмуда асарбахшии барномаҳоро метавон афзоиш дод.
7. Се асли муҳим дар барномаҳои омӯзишии умумии волидайн ва навҷавонон аам аз «рафтори тирашинохта», «равонии тираҳаркатӣ» ва таркиби онҳо дар иҷтимоисозии духтарон ба кор гирифта шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Ҳаётиравшаноӣ Афсона. Баррасии фирори духтарон аз манзил бо вазъияти хонаводагӣ, шеваҳои тарбиятии волидайн ва мизони эътимод ба нафси занон. Хулоса мақолоти аввалин ҳамоиши миллии осебҳои иҷтимои дар Эрон. Ношир: Дабирхонаи ҳамоиш. 1381.
2. Қудозанде Захро. Бухрон ва фирор (таърифи илал ва пешниҳодҳои барои пешгири ва дармон). Мақолаи маркази мудохила дар бухронҳои иҷтимоии Шаҳиднавоби Сабабӣ. 1380.
3. Номҷӯён Фарида. Баррасии авомили муассир бар фирори духтарони муҷаррад 15 то 18 сола. Сокин дар маркази мудохилаи дар бухрони беҳзистӣ. Устони Хузистон, поённома. 1379.
4. Муҳаммади Шарора. Нақши муҳаббат ва меҳрварзӣ дар фароянди таълим ва тарбият. 1385.
5. Кофиаҳмадии Алиризо. Тарбияти кӯдак осон аст агар. Нашр Мутуни дарсӣ. Теҳрон, 1377.
6. Ёсоии Маҳшид ва ҳамкорон. Равоншиносии рушди кӯдак. Чопи аввал. Интишороти Пангуан, 1368.
7. Вест Дебурор ва Бучер Чорс. Мабонии тарбиятбадани ва варзиш. Тарҷумаи Аҳмади Озод. Нашри Пижмон. Теҳрон, чопи панҷум, 1386.
8. Ҷаводииягона Муҳаммадризо ва Акбари Фурууддиниадл. Масъалаи духтарони фирорӣ. Теҳрон. Тарҳи оянда барои донишгоҳи улуми беҳзистӣ ва тавонбахшии донишгоҳи Теҳрон, 1384.


**РОЛЬ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В СОЦИАЛИЗАЦИИ ТРУДНОВОСПИТУЕМЫХ ДЕВОЧЕК**


Статья посвящена изучению проблем воспитания трудновоспитуемых девочек. Также в статье рассматривается роль обучения и воспитания в социализации трудновоспитуемых девочек в Исламской Республике Иран.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:**трудновопитуемые девочки, обучение, воспитание, социализация,семья, школа.


**TRAINING AND EDUCATION ROLE IN SOCIALIZATION OF DIFFICULT GIRLS**


Article is devoted to studying of problems of education of difficult girls. Also in article the training and education role in socialization of difficult girls in the Islamic Republic Iran is considered.



**KEY WORDS:** difficult girls, training, education, socialization, family, school.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хадича Таваккули*** – соискатель Академии образования Таджикистана


# ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ (EQ) ВА ПЕШГИРӢ АЗ НАШЪАМАНДӢ


***Рубоб Раҳматӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Дар солҳои қабл аз 1990 одамҳои муваффақ нафароне буданд, ки ҳуши болое доштанд. Баъдҳо таҷриба нишон дод, ки мизони ҳуши афрод замонати муваффақияти онҳо нест, балки вижагии дигаре барои барқарории иртиботот ва муваффақият дар зиндагӣ лозим аст, ки онро ҳуши ҳаяҷонӣ мегӯянд. Дар соли 1980 бори аввал фарде бо номи Бор Он истилоҳи EQ-ро бар кор бурд ва аз соли 1985 ҳуши ҳаяҷонӣ дунболи як мавзӯи муҳим тавассути бисёре аз донишмандон пайгирӣ шуд. Донишмандон имрӯз бар ин бовар ҳастанд, ки омилҳои зиёде дар муваффақият, таҳсили шуғли зиндагии заношӯӣ ва зиндагии солим муассир ҳастанд, ки санҷиши ҳамаи онҳо имконнопазир нест, аммо вижагиҳое, монанди дарки эҳсосоти худ, ҳамдилӣ бо дигарон ва таҳаммули сахт хусусиятҳое ҳастанд, ки бо

муваффақияти афрод муртабит буда, қобили андозагирӣ (санҷиш) мебошанд. Ин вижагиҳо ҷузъе аз ҳуши ҳаяҷонӣ аст.

IQ ё ҳуши шинохтӣ як тавоноии зеҳниест, шомили истидлоли (таҳсил ва баррасӣ) барномарезӣ, ҳалли масъала, дарки афкори печида ва ёдгирии сарӣ (тунд, тез) аз таҷрибаҳо аст, аммо ҳуши ҳаяҷонӣ тавоноии истифода аз IQ мебошад. Дар воқеъ, ҳуши ҳаяҷонӣ ба мо мегӯяд, ки чи коре бояд анҷом диҳем. Ҳуши ҳаяҷонӣ шомили тавоноии мо дар ҷиҳати худшиносии ҳаяҷонӣ ва иҷтимоӣ ва маҳоратҳои лозим дар ин соҳа аст. Ин ду ҳуш аз ҳамдигар мустақил ҳастанд, вале ҳамбастагии андаке байни онҳо вуҷуд дорад. Ҳуши ҳаяҷониро ин гуна таъриф мекунанд: «*Таваҷҷӯҳ ба ҳаяҷонҳо ва корбурди муносиби онҳо дар робитаҳои инсонӣ, шинохти худ ва дигарон, тасаллут бар хостаҳои худ, истифодаи мусбат аз ҳаяҷонҳо* ***ҳуши ҳаяҷонӣ*** *номида мешавад»* (Акбарзода, 2004).

Ҳуши ҳаяҷониро метавон ба унвони тавоноии барқарории робита бо дигарон, тавоноии қазовати дуруст дар мавриди эҳсосот ва ангезаҳои дигарон ва амалкарди иҷтимоии муносиб таъриф кард (Шайхпур, 2008, с. 15).

Ду назария дар мавриди ҳуши ҳаяҷонӣ вуҷуд дорад. Назария аввал, назарияи Солувей ва Мойер (1990), ки ҳуши ҳаяҷониро ба унвони навъе аз ҳуш таъриф мекунанд, ки шомили ҳаяҷон ва отифа (навъҳои эҳсосот) аст. Ба назари Солувей ва Мойер ҳуши ҳаяҷонӣ чаҳор ҷанбаи асосӣ дорад: 1. Шинохти ҳаяҷонҳо; 2. Дарки ҳаяҷонҳо; 3. Танзими ҳаяҷонҳо; 4. Истифода аз ҳаяҷонҳо.

Назарияи дуввум дар бораи ҳуши ҳаяҷонии мутааллиқ ба Гулманд ва Бор Он мебошад. Гулманд ҳуши ҳаяҷониро аз IQ (ҳуши шинохтӣ) ҷудо карда ва мӯътақид аст, ки ҳуши ҳаяҷонӣ равиши истифодаи беҳтар аз IQ аст. Ҳуши ҳаяҷонӣ аз назари Гулманд шомили мавориди зер аст:

1. Худогоҳӣ. Худогоҳӣ ё худшиносӣ ба маънии дарки аниқи ҳаяҷоноти худ аст. Афроде, ки худшиносии болотаре доранд, нуқоти заъф ва қудрати худро беҳтар мешиносанд ва бар асоси он ниёзҳо ва ҳадафҳои худро танзим мекунад. Афроде, ки худогоҳии беҳтаре доранд, дорои худбоварии болотар ва дақиқтар дар коре ҳастанд. Онҳо масъулияти корҳоеро, ки хориҷ аз тавони онҳост, намепазирад (Шайхпур, 2003, с. 18). Афроди дорои худогоҳии боло бо эҳсосоти худ итминони бештаре доранд ва зиндагии худро бештар ҳидоят мекунанд. Дар мавриди интихоби тасмимҳои муҳими зиндагӣ монанди интихоби шуғл ба ҳамсарро бо итминони бештаре интихоб мекунад.

2. Худидоракунӣ. Ин вижагӣ ба маънии чигунагии ибрози эҳсосот аст. Яъне, равиши баёни эҳсосоти худро худамон интихоб кунем, на муҳит. Фарде, ки дорои худидоракунии хуб аст, қудрати танзими эҳсосот ва ҳаяҷоноти мухталифи худ, монанди хашм, нигаронӣ ва афсурдагиро дорад. Ин афрод аз худ шинохти муносиб доранд. Ба масоили аслӣ таваҷҷӯҳ менамоянд ва бо тағйироти пешомада дар зиндагӣ созгории бештаре дошта, дар равобити худ бо дигарон қазовати одилонае доранд.

3. Худангезишӣ ва алоқа ба пешрафт. Бисёре аз равоншиносон монанди Гулманд мӯътақиданд, ки худангезишӣ мӯҷиби пешрафт мешавад. Афроде, ки худангезии зиёд доранд, хеле сареҳтар ёд мегиранд ва ба натиҷаи рафторҳо таваҷҷӯҳ доранд. Ҳамчунин, вақте дар гурӯҳ қарор мегиранд, интиқодҳои созанда доранд. Ҳамеша нисбат ба оянда умедвор ҳастанд ва дар бораи он фикр мекунанд, ки ба чи равише метавон корҳоро беҳтар анҷом диҳанд.

4. Ҳушёрии иҷтимоӣ. Ин калима ба маънии дарки эҳсосот ва рафторҳои дигарон ва посухи муносиб ба онҳо аст. Фарде, ки дорои ҳушёрии зиёд аст, эҳсосот ва ниёзҳои дигаронро мешиносад ва бо дигарон ба зудӣ ҳамоҳанг мешавад ва онҳоро хуб дарк мекунад.

5. Маҳоратҳои иҷтимоӣ.

Ин маҳоратҳо ҳамон роҳбарияти равобит аст. Афроде, ки маҳорати иҷтимоии қавитаре доранд, ба тезӣ дӯст пайдо карда, маъмулан масири фитрии дигаронро ба ҷиҳате, ки мехоҳанд, ҳидоят мекунанд. Ин афрод ҳамеша ба дунболи касби иттилоот аз дигарон буда, аз ин иттилоот барои барқарории иртибот ба онҳо истифода мекунанд.

Озмунҳои мухталифе барои санҷиши ҳуши ҳаяҷонӣ сохта шудааст. Яке аз ин озмунҳо озмуни Бор Он аст, ки мелокҳои (унвонҳои) зерро андозагирӣ мекунад: ҳурмати нафс ё эҳтиром ба худ; худогоҳии (худшиносии) отифӣ; ҷуръатмандӣ ё ибрози вуҷуд; таҳаммули стресс ё фишори равонӣ; тавоноии контроли эҳсосот; тавонои ва эътиборбахшӣ ба эҳсосот ва афкор; тавоноии созгорӣ бо шароит; ҳалли масъала; тавоноии шинохти эҳсосоти дигарон; тавоноии мусбат будан; худшукуфоӣ ва расидан ба тавониҳои худ; шодкомӣ, эҳсоси ризоият аз зиндагӣ; интиқол, яъне вобаста набудан ба дигарон; масъулиятпазирии иҷтимоӣ (Сиёруш, 205, с. 148).

**Истифодаи ҳуши ҳаяҷонӣ.** 1. Ҳуши ҳаяҷонӣ дар муҳити кор. Ҳуши ҳаяҷонӣ дар пешрафти муҳити корӣ нақши бисёр муҳиме дорад. Бисёре аз афрод, ки аз кори худ ризоият надоранд ва кори худро бо таҳаммули фишор анҷом медиҳанд, дорои ҳуши ҳаяҷонии боло нестанд, чаро ки афроди дорои ҳуши ҳаяҷонии боло шуғлҳои муносибро барои худ интихоб мекунанд ва муҳити кории худро лаззатбахш месозанд. Афроде, ки дарси ҳуши IQ (ҳуши шинохтӣ) болотаре ҳастанд, эҳсосоти худ ва

дигаронро хуб дарк мекунанд ва барои ҳамин, дар шуғли худ мувофиқтар амал менамоянд. Ин афрод дар муҳити кор ҳамкорони хубе буда, бо дигарон робитаҳои муносиб эҷод карда, бештар аз ҳамкорони худ дар кор пешрафт мекунанд. Ба ҳамин далел, имрӯзҳо бисёре аз созмонҳо ва идораҳо дарсҳоеро ташкил мекунанд ва ба ин восита, ба кормандони худ ҳуши ҳаяҷониро омӯзиш медиҳанд, то ризоият ва муваффақият ва пешрафти бештаре дошта бошанд.

2. Ҳуши ҳаяҷонӣ дар мадраса (мактабҳо). Ҳуши ҳаяҷонӣ маҷмӯае аз маҳоратҳои гуногун аст, ки метавон онро ба дигарон омӯзиш дод ва беҳтарин ҷо барои омӯзиши он мактабҳо мебошанд. Ба назари Гулманд мактабҳо аввалин маконҳои иҷтимоӣ ҳастанд, ки метавонанд, эродҳои (заъфҳои) кӯдаконро дар заминаҳои эҳсосот ва рафторҳо ислоҳ кунанд. Ёдгирии маҳоратҳои ҳаяҷонӣ аз оила шурӯъ мешавад ва бачаҳо бо маҷмӯае аз эҳсосот вориди мадраса мешаванд. Дар мадраса маҳоратҳои кӯдакон ислоҳ мешавад (Сиёручӣ, 2007, с.222).

Аз он ҷое, ки аксари донишомӯзон ба мадраса мераванд, бинобар ин, тарбияти иҷтимоӣ ва омӯзиши маҳоратҳо дар мадраса лозим аст. Бисёре аз тадқиқот нишон додааст, ки байни ҳуши ҳаяҷонӣ ва пешрафт дар таҳсил робитаи мусбат вуҷуд дорад. Яъне донишомӯзоне, ки ҳуши ҳаяҷонии болотаре доранд, дар ёдгирӣ ва пешрафти таҳсилот муваффақтар, ҳастанд. Ба ҳамин далел дар бисёри мактабҳои дунё ба донишомӯзон ҳуши ҳаяҷонӣ омӯхта мешавад. Дар ин омӯзишҳо ба кӯдакон ва навҷавонон омӯхта мешавад, ки маҳоратҳои иҷтимоӣ, тасмимгирӣ, худшиносӣ ва шинохти дигаронро афзоиш диҳанд. Илёс ва ҳамкоронаш баъд аз анҷоми як таҳқиқи шашсола бо кӯдакон ба ин натиҷа расидаанд, ки кӯдакони дорои ҳуши ҳаяҷонии болотар бештар аз ҳамсолонашон бо муҳит ва шароит созгор гашта, камтар аз кӯдакони ҳамсоли худашон гирифтори нашъамандӣ ва истифодаи машруботи спиртӣ мешаванд. Ин кӯдакон рафторҳои пархошгаронаи камтар доранд ва сигор кам истифода мекунанд (Сиёручӣ, 2007, с. 226).

3. **Ҳуши ҳаяҷонӣ ва бемориҳои рӯҳӣ.** Афроде, ки дорои EQ-и болотаре ҳастанд, мушкилоти зиндагии худро беҳтар ҳал мекунанд ва созгории бештаре бо шароит доранд. Ба ҳамин далел, ин афрод саломатии рӯҳии бештаре доранд. EQ омили муҳиме аст, ки ба саломатии рӯҳии афрод таҳдид мекунад. Масалан, фишори равонӣ ё стресс бар зиндагии инсон таъсир мегузорад. Агар ин стресс бештар аз ҳади маъмул бошад, ба саломатии фард таҳдид мекунад. Аммо омӯзишии EQ ба афрод кӯмак мекунад, ки ба стресси (фишори равонӣ) худ ғалаба кунад. Гӯҳим ва ҳамкоронаш (2005) 158 донишҷӯро мавриди мутолиа қарор доданд ва натиҷаи тадқиқоти онҳо нишон дод, ки ҳуши ҳаяҷонӣ дар коҳиши стресс муфид аст ва EQ бо стресси кам ҳамбастагии мусбат дорад.

4. **Ҳуши ҳаяҷонӣ ва издивоҷ.** Барои доштани издивоҷи муваффақ ва зиндагии хонаводагии саршор аз хушбахтӣ бояд тавоноии дарки эҳсосот ва ниёзҳои худ ва дигаронро дошта бошем. Ба эътиқоди донишмандон афроде, ки дорои EQ-и болотаре ҳастанд, дар зиндагии заношӯии худ муваффақтар мебошанд. Онҳо эҳсосоти ҳамсари худро ба хубӣ дарк мекунанд ва нисбат ба он посухи муносиб медиҳанд. Барояшон аҳамиятнок аст, ки ҳамсарашон чи гуна фикр мекунад ва чи хостаҳое дорад. Ҳарчи бештар иттилооти фард дар мавриди эҳсосот ва вижагиҳои ҳамсараш бештар бошад, зиндагии заношӯии хубтаре хоҳад дошт. Барои доштани як зиндагии хуби заношӯӣ се тавоноии зер лозим аст:

а) тавоноии шинохти дақиқи эҳсосҳои худ ва дигарон; б) тавоноии таҳлил кардани эҳсосот; в) тавоноии идоракунии эҳсосот.

Донишмандон мутаваҷҷеҳ шуданд, ки ҳар қадар фард тавоноии бештаре барои баёни эҳсосоти худ дошта бошад, зиндагии оилавии шодтаре хоҳад дошт.

5. **Ҳуши ҳаяҷонӣ ва нашъамандӣ.** Яке аз мушкилоти асосӣ дар ҷомеаи имрӯза масрафи моводи мухаддир аст. Омилҳои мухталифе боиси нашъамандии афрод мешавад, монанди хонавода, муҳит, мактаб ва худи фард. Яке аз омилҳои муҳим, ки боиси нашъамандии навҷавонон мегардад, кам будани EQ аст. Донишмандон ба он назаранд, ки бисёре аз афроди нашъаманд эҳсосоти худ ва дигаронро наметавонанд хуб бифаҳманд ва инчунин наметавонанд бо эҳсосоти худ канор биоянд ва ин афрод барои ба як қарор омадан бо эҳсосоти манфии худ аз моводи мухаддир истифода мекунанд, то ба ин васила худро ором кунанд. Донишманд Эдвард Хонзо Ториён, ки дар бораи афроди нашъаманд кор мекунад, баён кардааст, ки афроде, ки майли шадиде ба масрафи моводи мухаддир доранд, афроде ҳастанд, ки тавоноии идоракунии эҳсосот ва баёни эҳсосоти худро надоранд.

Тадқиқот дар кишварҳои Канада, Лаҳистон ва ИМА нишон додааст, ки бештар аз ними афроди нашъаманд ва онҳое, ки машруботи спиртӣ истифода мекунанд, дорои мушкил дар баёни эҳсосоти худ ҳастанд. Ба ҳамин далел, имрӯз дар дунё ба кӯдакон ва навҷавонон EQ омӯзиш дода мешавад, то ба ин васила аз нашъаманд шудани кӯдакон ва навҷавонон дар оянда пешгирӣ шавад. Маъмулан ин омӯзишҳо иборатанд аз: омӯзиши маҳоратҳои таҳаммули нороҳатӣ, идоракунии афсурдагӣ ва изтироб, идоракунии хашм, омӯзиши ҳалли масъала ва ибрози вуҷуд, омӯзиши маҳоратҳои танзими ҳаяҷон ва дарки дигарон. (Сипеҳриён, 2007, с. 138).

Дар айни замон ҳуши ҳаяҷонӣ яке аз авомили муассир дар рушди таҳсил, муваффақияти шуғлӣ ва зиндагии оилавӣ ва пешгирӣ аз бемориҳои равонӣ аст. EQ қобили омӯзиш буда ва барои пешгирӣ аз масрафи маводи мухаддир ва машруботи спиртӣ омили муҳиме аст. Бинобар ин, дар бисёре аз ҷомеа барои пешгирӣ аз ба вуҷуд омадани мушкилот ба донишомӯзон ҳуши ҳаяҷонӣ омӯзиш дода мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Акбарзода Н.Ҳуши ҳаяҷонӣ дар дидгоҳи Солувей ва дигарон. Теҳрон, Интишороти Форобӣ, 2004.
2. Сипеҳриён Фирӯз. Ҳуши ҳаяҷонӣ аз EQ то IQ ва SQ. Урумия, Интишороти Ҷиҳоди донишгоҳӣ, 2007, 251с.
3. Сиёруҷӣ Розеф, Розеф Форгос ва Ҷон Мойер. Ҳуши ҳаяҷонӣ дар зиндагии рӯзмара. Исфаҳон, Интишороти Навишта, 2004, 352 с.
4. Шайхпур Маҳмуд ва Рӯё Бозрафшон. Ошноӣ бо озмуни ҳуши ҳаяҷонӣ. –Теҳрон, Интишороти Тандиси илм, 2008, 84 с.


## ЭМОЦИОНАЛЬНЫЕ ЧУВСТВА И ПРЕОДОТВРАЩЕНИЕ НАРКОМАНИИ


В статье рассматривается использование возможностей физических и интеллектуальных потенциалов в повседневной человеческой деятельности. Отмечается, что эти потенциалы дают возможность совершенствовать человеческую деятельность и его отношение к социальной жизни. Также отмечается, что эмоциональные чувства являются важным составляющим в борьбе с употреблением наркотиков и наркотических средств.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: эмоциональное чувства интеллектуальный потенциал, повседневная человеческая деятельность, семья, решительность, наркотики, предотвращение наркомании.


## EMOTIONAL FEELINGS AND PREODOTVRASHCHENIYE OF DRUG ADDICTION


In article use of possibilities of physical and intellectual potentials in daily human activity is considered. It is noted that these potentials give the chance to improve human activity and its relation to social life. Also it is noted that emotional feelings are to important components in fight against the use of drugs and drugs.



**KEY WORDS:** emotional feelings intellectual potential, daily human activity, family, determination, drugs, drug addiction prevention.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Рубоб Рахмати*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# БАРРАСИИ ЧИГУНАГИИ ГУЗАРОНИДАНИ ВАҚТИ ФАРОҒАТИ АФРОДИ НОБИНО БО НИГОРИШЕ БАР ТАЪРИХИ ВАРЗИШИ НОБИНОЁН ДАР ЭРОН


***Баҳроми Ҷадидӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Яке аз фаъолиятҳое, ки дар замони гузаронидани вақти фароғат муфид арзёбӣ мешавад, анҷоми фаъолиятҳои баданист. Иҷрои варзишҳои тафриҳӣ бо василаи маълулин, билохар фардҳои нобино аз аҳамияти бештаре ҳатто нисбат ба афроди ғайримаълул дорад. Зеро, мутахассисон ошно бо хусусиёти маълулин ва низ мутахассисон тарбияти баданӣ ва варзиши маълулин мӯътақиданд, ки агар варзиш барои ғайримаълулин амри ихтиёрӣ аст, барои маълулин амри воҷиб мебошад. Онҳо мӯътақиданд, ки агарчи варзиш барои афроди ғайри маълул бисёр неку ва писандида аст, аммо агар ба он напардозанд, аз тариқи фаъолиятҳои рӯзона то ҳудуде ниёзҳои ҳаракатии худро бартараф мекунанд. Аммо маълулин бояд ин ниёзҳоро бо анҷоми мураттаби фаъолиятҳои варзишӣ бартараф намоянд.

Нобиноён низ, ки худ маълулини ҳиссӣ ҳастанд, аз қоида мустасно намебошанд. Лозимаи баррасии дақиқ, дар ҳар замина доштани иттилооти кофӣ пиромуни иллал ва пешина мавриди таҳқиқ аст ва дар хусуси иттилооъ аз чигунагии тақсими авқоти рӯзона афроди нобино ва чигунагии гузаронидани уқоти фароғатии ин афрод ва мизони пардохтани эшон ба фаъолиятҳои баданӣ лозим аст, то бо анҷоми фаъолиятҳои бадании онҳо тавассути афроди нобино дар Эрон ошно шавем. Қабл аз вуруд ба баррасиии таърихи варзиши нобиноён муфид хоҳад буд, то ошноии мухтасаре аз теъдоди афроди нобино дар Эрон ва ҷаҳон касб намоем. Ба наври мутавассит дар ҳар дақиқа як нафар дар ҷаҳон нобино мешавад, 37 милион нафар дар ҷаҳон нобино ва 124-милион нафар камбино ҳастанд, ки 400-ҳазор нафар аз нобиноён дар Эрон ҳастанд ва итанҳо 77-ҳазор нафар аз онҳо шиносоӣ шудаанд. Аз сад фоизи иллати нобино шудан афроди шаст дар сад қобили пешгирист ва бист дар сад аз нобиноҳо қобили дармон аст ва бист дар сади боқимонда аз ҷамъияти нобиноён бо кӯмаки варзиш метавонанд аз зиндагии мустақил ва солим суд бибаранд.

Мафҳуми нигориши таърих ба аҳамияти дарҷи нукоти муҳим дар як қисмате аз замон боиси огоҳӣ ва сарфи хазинаи камтар ҷиҳати дастёбӣ ба таҷрибиёти афрод ва огоҳӣ аз давраҳои пешрафт мешавад. Ҳамчунин, ин амр боиси арҷ ниҳодан бар заҳамоти афроде аст, ки дар давраҳои мухталиф боиси пешрафти тавоноиҳои як риштаи варзишӣ хоҳ аз назари тарбияти баданӣ ва ё аз назари варзишӣ шудаанд. Дар давраи Қоҷориён ва қабл аз он бар тибқи ривояти пешкисватон беҳтарин муҳит аз назари варзиш ва тамрин барои афроди нобинои алоқаманд ба варзиш, ширкат дар муҳити зӯрхонаӣ буд. Дар ин муҳит эшон бидуни эҳсоси хатар аз садама дидан, метавонистанд, дар муҳити ахлоқӣ иқдом ба сохти бадан ва зеҳнӣ худ бинамоянд. Дар мусоҳиба бо яке аз пешкисватон дар хусуси собиқаи таърихии варзиши афроди нобино дар Эрон, эшон бо зикри таҷриба ва зикри мушоҳидоти пешиниёни худ изҳор медошт, ки дар охри салтанати Қоҷориён се бародари нобино дар муҳити зӯрхонаӣ дар шаҳри Нишопур солҳои тӯлонӣ иқдом ба варзиш менамуданд. Ва ишора доштанд, ки чун афроди нобино ба дунболи ёфтани муҳити амн барои иҷрои варзиш будаанд, беҳтарин муҳит дар он замон барои иҷрои тамринот муҳити зӯрхонаӣ буд. Зеро афроди нобино пас аз қарор гирифтан дар муҳити гуд (паст)-и зӯрхонаӣ ва шинохти муҳити атрофии худ бо роҳатӣ метавонистанд, дар он муҳит, бидуни он ки бархӯрд бо муҳити атроф дошта бошанд, ҳаракат намоянд. Ва дар замони истифода аз васоили хоси варзиши зӯрхонӣ монанди тахтаи шино, мил, каббода, санг ва амсоли онҳо мушкиле барои худ ва соири варзишкорон эҷод нанамоянд.

Ҳамчунин, дар ин муҳит тафроди нобино метавонистанд бо соири варзишкорон ошно шуда ва аз ин тариқ зимни муарифии худ ва тавоноиҳои худ ба эшон дӯстони соҳиби ахлоқ ва маниши паҳлавонӣ барои худ пайдо кунанд. Аз ҳудуди ним қарни ахир таваҷҷӯҳ ва расидагӣ ба умумри тарбияти баданӣ ва тавонбахшии афроди нобино ҳамвора мутаассир аз расидагӣ ба омури тарбият бадан ива тавонбахшии афроди маълул ва истисноӣ будааст.

Ҳар гоҳ расидагӣ ба умури саломатӣ ва тандурустии афроди маълул дар маркази таваҷҷӯҳ қарор дошта, омури тарбият бадании афроди нобино низ беҳбуд ёфтааст.

**Дар таи ин муддат ду давраро мутамоиз аз якдигар метавон дар назар гирифт:** а) Даврае, ки бештар тарбият баданӣ ва тавонбахшии афроди нобино дар матни таваҷҷӯҳ қарор доштааст.

Дар давраи аввал ироаи хадамоти тарбияти баданӣ ва тавонбахшӣ ба василаи созмонҳои хадамоти иҷтимоӣ, созмонҳои хайрия ва муассисаҳои хусусӣ анҷом мегирифт. Бо кӯшиши ин созмонҳо ва муассисот таваҷҷӯҳи умум ба ниёзҳо ва ҳуқуқи афроди нобино ҷалб мегардид ва таи барномаҳои муроқибати ва тавонбахшӣ ба умури таҳсилӣ, ткарбияти баданӣ ва фуғи барномаи ин афрод таваҷҷӯҳ мегардид. Ин нигоришҳо боис гардид, то пояҳои фикрии таъсиси аввалин мадориси махусуси афроди нобино дар Эрон дар соли 1336 поягузорӣ шавад. Ва аввалин мадориси хоси нобиноён (ҳудуди соли 1340) дар Теҳрон таъсис гардид. Ҳамзамон бо бозкушоии ин мадорис варзиши нобиноён ва камбиноён низ таҳти сарпарастии созмони рифоҳии нобиноён дар Эрон шуруъ ба фаъолият намуд. Баронмаҳои ин марказ бештар ҷанбаҳои тафриҳӣ, урдуӣ ва фуқиро дар бар мегирифт.

Баронмаҳои тарбияти бадани дар мадориси нобиноён бештар аз омӯзиши тарбият баданӣ шомили маҳоратҳои варзишӣ, гимнастика, кӯштӣ, шино, шатранҷ, бандансозӣ, вазнбардорӣ, омӯзиши сафбандӣ, рижа ва омӯзиши иҷрои пиромидҳои варзишӣ дар миёни духтарон ва писарони донишомӯзи нобино буд.

Дар ростои ин фаъолиятҳо баргузории урдуҳои варзишӣ ба тафриҳӣ ба таври муратаб дар дастури кори ин марказ қарор дошт. Муҷтамаи нобиноёни шабонарӯзии Шаҳид Муҳибӣ бо доро будани мавқеияти макон ва улгу пазири аз сохти маркази омӯзиши пешрафтаи байналмилалии нобиноён ба унвони бузургтарин маркази омӯзиши нобиноён дар ховари миёна ба шумор мерафт, ки амри омӯзиш ва парвариши афроди нобинои муроҷиат кунанда аз кулли кишварро ба ӯҳда дошт. Ин муҷтамаъ бо доро будани имконоти истахришино, замини футбол, утоқи варзиш, утоқи шатранҷ, клосси омӯзишӣ массаж ва классҳои фуқи барномаи дигар ӯҳдадори омӯзиши тарбият бадан ива пур кардани авқоти фароғати афроди нобиноро фароҳам менамуд.

Варзишҳои ҳамагона ва анҷоми тамриноти баданӣ дар субҳгоҳ (соати 6) тавассути донишомӯзон анҷом мешуд, ки ин тамринот, аз ҷумла фаъолиятҳои муфиди тарбият баданӣ ҳамарӯза донишомӯзони ин муҷтамаъ буд. Футбол ба унвони риштаи мавриди алоқаи афроди нобино ва нимабино аз ҳудуди соли 1341 дар ин марказ иҷро мегардид в аду замини муҷазои футбол ҷиҳати истифодаи афроди нобино ва ними бино дар он тарроҳӣ ва сохта шуда буд. Ду истахр дар ин марказ мавҷуд буд, ки дар як истахр омӯзиши варзиши шино ба афроди нав омӯз ва дар истахри дигар шинои тафриҳӣ барои ҳамаи афроди нобиное, ки дар маҳорати шино табаҳҳур ёфта буданд, қарор дошт.

Теъдоди зиёди тахтаи шатранҷи нобиноӣ дар ихтиёри хобгоҳҳо ва афрод қарор дода шуда буд, то дар авқоти фароғат дар муҳитҳои хобгоҳӣ, ё фазои сабз битавонанд иқдом ба иҷрои ин маҳорати фикрӣ бинамоянд. Бадансозӣ дар утоқи варзиш имконпазир буд. Дар ин утоқ анвои дучарха собит,

қоиқи собит, ҳолтер ва дигар васолили бадансозӣ мавчуд буд. Тахтаҳои тушкаи кӯштӣ (гӯштин) чиҳати ичрои маҳорати кӯштӣ ва ичрои ҳаракати ритмӣ, ки гимнастика ва сохти приамидҳои варзишӣ тавассути донишомӯзон мавриди истифода воқеъ мегардид.

Мучтамаи дигари нобиноён дар Теҳрон мучтамаи хазоилӣ буд, ки чиҳати пур кардани уқоти фароғати донишомӯзони нобино ба тарбият бадании эшон аз имконоти маркази тавонбахшии Рӯдаки ва имконоти мавчуд дар варзишгоҳи Шаҳид Ширудӣ, аз чумла истахри шино, куштӣ истифода мекард. Омӯзиш ва анчоми мусобиқоти шатранч низ, аз чумла варзишҳои фикрӣ буд, ки тавассути афроди нобино дар мучтамаъ барқарор гардида буд. Дар мусоҳиба бо яке аз пешкисватони нобино дар хусуси варзиш эшон ёдовар шуд, ки дар яке аз мусобиқти шатаранчи қаҳрамонии кишвар дар соли 1347 як фарди нобинои ширкаткунанда аз Рашт зимни шикаст додани кулли ҳарифон ҳоизи рутбаи авали кишварӣ дар ин ришта шуд.

б) Даврае, ки алоби бар тарбият бадан ива тавонбахшии афроди нобино, варзиш низ дар қолаби баргузории мусобиқоти дарунмарзӣ ва бурун марзӣ бар он афзуда шудааст.

Даврае, ки ало бар тарбият баданӣ ва тавонбахшии афроди нобино, варзиш низ дар қолаби баргузории мусобиқоти дарун марзӣ ва бурун марзӣ бар он афзуд шудааст. Дар соли 1357 Кумитаи Варзиши Маълулин, ки варзиши нобиноён низ бахше аз он кумита аст, таҳти сарпарастии Федератсияи пизишкӣ идора мегардид. Дар соири остонҳо варзиши маълулин таҳарруки чандоне надошт ва сирфан остонҳои монанди Кирмоншоҳ, Луристон, Исфаҳон ва Теҳрон дар заминаи варзиши маълулин ба нобиноён фаъолият менамуданд. Варзиши нобиноён таҳти қолаби Кумитаи Варзиши нобиноёни кишвар аз соли 1358 фаъолияти худро таҳти сарпарастии Федератсияи тозатаъсиси маълулин оғоз намуд.

Аввалин риштаҳое, ки афроди нобино дар онҳо ба фаъолият пардохтанд, риштаҳои варзишии гулбол, шатранч, думайдонӣ, куштӣ, вазнбардорӣ ва шудон буд. Ва аввалин мусобиқаи варзишии нобиноён ба унвони як мусобиқаи байни устони (шаҳри)-и дар риштаи гулбол ва байни чаҳор тими Исфаҳон, Луристон, Теҳрон баргузор гардид.

Тамринот ва мусобиқоти шатранч дар маҳал собиқ Кумитаи Олимпкӣ, ки ба номи Хонаи Варзиши нобиноён номида мешуд, баргузор мегардид. Шудон ба сурати тафриҳи дар канори мусобиқоти риштаҳои дигар баргузор мешуд ва шиногарони нобино низ чиҳати тамринот ба варзишгоҳи Шаҳид Ширудӣ мурочиат мекарданд. Масъулияти Федератсияи маълулинро то соли 1359 оғои Муҳандис Гурчиён бар ӯҳда доштанд.

Аввалин ҳузури байналмилалии масъулини варзиш маълулин ва нобиноёни марбут ба мусобиқоти байналмилалии афроди маълул дар Голанд буд. Ҳадаф аз ин изом касби тачоруби фаннӣ ва таҳияи манобе, қавонии ва муқаррарот ба ошно намудани фидросиёни чаҳонӣ бо варзиши маълулин ва нобиноён дар Эрон буд. Пас аз бозгашти гурӯҳи изоми аз мусобиқоти байналмилалии Голанд, аввалин давра клоссҳои варзишии мурабигарии маълулин дар чанд ришта дар ҳамон сол баргузор шуд.

Мураббиён пас аз омӯзишҳои лозим ба устонҳои худ мурочиат ва нисбат ба ташкили тимҳои варзишӣ иқдом намудаанд. Аввалин давра мусобиқоти афроди маълул ва нобино дар шаҳри Вармоҳи 1359 дар Теҳрон баргузор шуд, ки нобиноён фақат дар риштаи шатранч ширкат доштанд. Аз соли 1359 масъулияти фитросиёни маълулин бар ӯҳдаи оГои Хусрави Вафо будааст. Дар авалҳои соли 1360 семинари дар ҳотелди Инқилоби Теҳрон ташкил гардид, ки дар ин семинар аҳамияти оғоз ба кори риштаҳои мухтали варзишии нобиноён мутазакир гардид. Ва дар ростои роҳандозӣ ва тарвич ва тусии ин риштаҳои варзишӣ пайгириҳои лозим оғоз шуд.

Аз таҳавулоти дигар дар ин сол тағири номи фитросиён варзишҳои маълулин ба фитросиёни варзишҳои чонбозон ва маълулин буд. Аз соли 1360 ҳамоҳанг бо фаъолияти Кумитаи варзиши нобиноёни кишвар таҳти сарпарастии Федератсияи чонбозон ва маълулин, ҳайатҳои тарбият бадании устонҳо низ таҳти сарпарастии идороти куллӣ тарбият бадании он устон ва ҳай ати варзишии маълулини он устон ва баъзан ба сурати мустақил фаъолияти худро оғоз намудаанд.

Шурӯъ ба кор ва фаъолияти ҳайатҳои варзиши маълулин ва нобиноён дар ҳар остон бастагӣ ба назари мусбати мудирони кули тарбияти бадании ҳар устон дошт. Аз чумла, рӯйдодҳои муҳими байналмилалӣ дар заминаи варзиши афроди нобино таъсиси ташкилоти варзишҳои байналмилалии нобиноён (I.B.S.A.) дар соли 1981 мутобимқи соли 1360 дар Эрон буд, ки аз он пас охирин ахбори қавонин ва муқаррароти риштаҳои варзишии нобиноён чиҳати Кумитаи варзиши нобиноён дар Эрон низ ирсол мешуд. Дар кулли соли 1360 нуқтаи авчи аввалини фаъолиятҳои варзишии маълулин дар баъд аз инқилоби Исломӣ буд. Маҳали истиқрори Кумитаи вазиши нобиноён аз соли 1359 то соли 1362 дар маҳали собиқи Кумитаи олимпи, ки ба номи хонаи варзишии нобиноён гуфта мешуд, қарор дошт.

Аз соли 1362 ҳайати варзишҳои нобиноён аз маҳали хонаи варзиши нобиноён ба маҳали Фидросиёни варзишҳои чонбозон ва маълулин тағйири макон дод, ки то соли 1366 дар ҳамин маҳал

истиқрор дошт. Масъулияти Федератсияи варзишҳои ҷонбозон ва маълулин аз соли 1363 ба ӯҳдаи оғои Сархил қарор дошт ва то поёни мусобиқоти олампии Сиул ва Каме баъ аз он идома дошт. Аз суи дигар, бо тусии варзиш дар миёни мардон бо таъсиси анҷумани варзишҳои бонувони ҷонбоз, маълул ва нобино дар соли 1365, анҷумани фуқ аз ибтидои таъсис таҳти кӯшиши муовиноти варзиши бонувон фаъолияти худро оғоз намуд. Ин варзишгарон то пеш аз он таҳти пӯшиши Федератсияи варзишҳои ҷонбозон ва маълулин (ҳайати варзишҳои нобиноён) фаъолият мекарданд.

Маҳали истиқрори ҳайати варзиши нобиноён аз соли 1366 аз маҳали фидросиёни онбозон ва маълулин, ки маҳали дафтари умури муштараки ҳайатҳо интиқол ёфт ва аз назари Маконин низ нобиноён дорои маҳали истиқрор шуданд. Аввалин ҳузури варзишгарони нобино дар майдони байналмилаи пас аз таҳрими ду олампики Амрико ва Шӯравии собиқ марбут ба мусобиқоти параолимпики Сиул-1988 мутобиқ бо 1367 буд, ки тими гулболи нобиноён бо ҳамроҳии тимҳои мухталифи варзишии маълулин дар ини давра дар мусобиқот ҳозир шуданд. Вале бод алели қарор гирифтан дар муқобили тими ишғолгари қутс аз бозӣ имтино карданд. Ва ин амр боиси маҳрумияти даҳсола барои тими гулбол гардид.

Аз соли 1367 муҷаддадан масъулияти Федератсияи варзишҳои ҷонбозон ва маълулин бар ӯҳдаи оғои Хусрави Вафо гузошта шуд. Ба хотири шароити хоси нобиноён ва қобилиятҳои варзишӣ, ки ин азизон дар риштаҳои мухталиф аз худ нишон дода будаанд, лозим буд, имконоти вижае барои ин афрод муҳайё шавад. Лизо, дар тайи давраи мусобиқоти маълулин ва нобиноён дар соли 1367 мавзеъои ҷойгоҳи варзиши нобиноён ба кумитаи мустақим бо оғои Даргоҳӣ- раиси вақти созмони тарбият баданӣ дар миён гузошта шуд. Ва эшон, ҷиҳати он ки ҳайати нобиноён аз истиқрори амали бештаре дар фидросиён ҷонбозон ва маълулин бархурдор бошад, бо иртиқои ин ҳайат ба як Кумитаи мустақим мувафиқат намуд. Ва оғои Ҳусайени ки аз соли 1359 масъулияти ҳайати варзиши нобиноёнро бар ӯҳда доштанд, ба унвони масъули комитаи варзиши нобиноён ба хидмати худ идома доданд.

Аз он пас варзиши нобиноён дар ибтидои баргузории озмунҳои пешрӯ ва исботи лаёқати худ дар ҳифзи ҷойгоҳ ба даст омада, ба даст расид, бо имконоти бештар қарор гирифт. Омори ҷазби нобиноён ва камбиноёни варзишкор рӯ ба афзоиш буд. Лизо, дар соли 1368 мавзӯъ дар Шӯрои олии тарбият бадани матраҳ ва мувофиқат шуд, ки кумитаи варзишҳои нобиноёни Федератсияи ба сатҳи ноиб раисии Федератсияи дар умури нобиноён иртиқо ёбад, ва камокон дар ташкилоти варзишии ҷонбозон ва маълулини кишвар ба фаъолияти худ идома бидиҳанд.

Оғои Муаммоӣ дар он сол ноиб-раиси Фидросиён дар умури нобиноён шуданд. Оғои Мазлумӣ масъулияти Кумитаи варзиши нобиноёнро то соли 1370 барӯҳда гирифтанд. аз сорли 1370 ба баъд оғои Мазлуми ба унвони намояндаи раиси Федератсия ва раиси Кумитаи нобиноён ба хидмати худ идома доданд. Маҳали истиқрори варзиши нобиноён аз соли 1368 ба маҳали Федератсияи инбозон ва маълулин боз гашт.

Аз дигар тағйироти муҳим дар варзиши нобиноён дар соли 1368 иқдоми Федератсияи варзишҳои ҷонбозон ва маълулин бо бахши тарбияти бадан ива варзиши бунёди Мустазаффон ва ҷонбозон дар як дигар буд. Ба пуштибонии талошҳои суратгирифта дар соли 1358-1368 ва ҷиҳати сабти ҳарчи беҳтари мавқеияти варзиши нобиноён ва камбиноён, Фидросиёни ҷонбозон ва маълулин ва муовиноти варзиши бонувон дар даҳаи 1378-1368 аз лиҳози омӯзишӣ ва парвариши талошҳои бисёре анҷом дод. Аз ҷумла, омӯзиши риштаҳои мухталифи варзишӣ ба манзури иртиғои сатҳи огоҳии мурабиён ва доварон дар авлавият қарор гирифт.

Авали зъзоми байналмилалӣ муваффвқиятомези варзишкорони нобино дар риштаи кӯштии қаҳрамонии ҷаҳон буд. Дар ин мусобиқот, ки дар кишвари Голанд-1990 (мутобиқи 1369) баргузор шуд, тими Эрон ба мақоми аввалини ҷаҳон бо касби як медали тилло, ду нуқра ва як бронз даст ёфт. Пас аз ин пирӯзӣ варзишкорони нобино муваффақ шуданд, дар бархе аз риштаҳо монанди вазн бардорӣ, ҳузури шоиста дошта бошанд. Дар мусобиқоти вазнбардории қудратии ҷаҳон дар Испониё-1994 Амрико-1995 ва Канада-1996 се бор ба мақоми қаҳрамони ҷаҳон дар риштаи вазнбардорӣ даст ёбанд. Ҳамчунин, дар мусобиқоти байналмилалии қаҳрамонии ҷаҳон дар Австралия-1999, тавонистанд ба мақомиҳи муҳиме даст ёбанд.

Дар соли 1372 ба муносибати рӯзи ҷаҳонии нобиноён тавассути афроди нобино иҷрои намоиши варзиши зӯрхонаӣ дар солони волиболи маҷмӯаи варзиши Ширудии Теҳрон ба иҷро даромад. Дар соли 1375 таҳқиқи таҷриба перомуни омӯзиши тарбият бадани ба афроди нобино аз тариқи равиши тасовири барҷасташудаи варзишӣ тавасути нигоранда сурат гирифт ки ба унвони як равиши адиди тадриси тарбият бадани ба афроди нобино барои аввалин бор дар ҷаҳон аз тарафӣ- созмон (I.D.S.A.) мавриди тайимд қарор гирифт ва дар маҷаллаи Blind Sport муаррифӣ гардид.

Ҳамчунин дар тайи соли 1368-1375 барои аввалин бор таҳқиқот перомуни васоил ва афзор мавриди истифодаи риштахталифи варзишии афроди нобино, тавассути нигоранда сурат пазируфт, ки

16 таҳқиқ мунҷар ба эҷоди васоили ҷадид гардид. Ин ибтидо ба таъиди созмони пажӯҳишҳои илмӣ ва санъати Эрон расид ва муҷиби таҳаввулоти дар иҷрои риштаҳои варзишии гулбол, думайдонӣ, дучархасаворӣ, футбол…… гардид.

Густардагии сатҳи фаъолиятҳои варзишии нобиноён, таҳсини масъулини созмони ҷаҳони варзшиҳои нобиноён (I.B.S.A.)-ро фароҳам намуд. Дар соли 1378 дар ҷалби ҳимояти раёсати ин созмон қарор гирифт. Ҳамчунин мувофиқати раиси созмони тарбият баданӣ мунҷар ба таъсиси Федератсияи варзишҳои нобиноён дар Эрон гардид. Фаъолияти расмии ин фидросиён аз меҳрмоҳи 1378 оғоз шуд. Ва оғои Худовердӣ ба симати раёсати Федератсия интихоб шуд. Дар заминаи пажуҳиши барои аввал дар варзиши маълулин ва нобиноён як мақола дар заминаи варзиши нобиноён тавассути нигоранда ба панҷумин кунгураи байналмилалии Параолимпи ки Сиднми соли 2000 баргузор гардид *шуд ва* мавриди пазириш қарор гирифт. Ин мақола дар мавриди дучарха саворӣи нобиноён буд, ки ҳоизи рутбаи дувум гардид.

Ҳузури қудратманди вазнбардорони қудратии нобиноён пас аз соли 1378 тадовум дошт ва қаҳрамонии ин диловарон то кунун идома дошт. Эшон дар мусобиқоти Голландия-2000, Ҷумҳурии Чех-2002, Канада-2003 ва муҷаддадан Ҷумҳурии Чех-2005 чаҳор бор и дигар мақоми қаҳрамонии ҷаҳонро аз они Эрон намуд. Бо тағйироте, ки дар қавонин ба муқаррароти IBSA ба вуҷуд омад, ритаи варзишии дзюдо ҷонишини риштаи кӯштӣ гардид ва дар таи солҳои 1381 то кунун дзюдо корони нобино бар панҷ мусобиқаи байналмилали ширкат намуданд. Ва беш аз 8-медали тилло, нуқра ва биринҷӣ гирифтанд. Бар асоси интихоботи Фидросиёни нобиноён дар соли 1382 масъулияти Федератсияи варзишҳои нобиноён ва камбиноён ба ӯҳдаи оғои Ҳодизода қарор гирифт. Ҷиҳати ироаи мақолот ва дастовардҳои илмӣ ва пажуҳишии варзиши нобиноён ва бо талоши бахши омӯзиш ва пажуҳиши Фидросиёни нобиноён аввалин кунгираи варзиши нобиноён дар соли 1383 дар Теҳрон ифтитоҳ шуд.

Дар мусобиқоти параолимпӣ, ки Оте-2004 мутобиқ бо 1383 аввалин медали параолимпӣ, дар риштаи дзюдо ба даст омад. Дар маҷмӯъ аз соли 1369 то кунун варзишгарони нобино ва нимбинои кишварамон дар мусобиқаи параолимпии ҷаҳонии минтақавӣ ва байналмилалӣ мувафақ ба касби беш аз 110-медал, шомили 65-тилло, 26-нукра ва 19-биринҷӣ шуданд.

### АДАБИЁТ


1. Мусоҳиба бо 11 нафар аз соҳибназарони варзиши нобиноён
2. Медаловарони Параолампик,қаҳрамонии ҷаҳон, минтақавӣ ва байналмилалӣ. Интишороти Кумитаи байналмилалии Параолимпик, 1385.
3. Аббоси Баҳром ва Ҷамшеди Ойриё. Таърихин тарбиятӣ баданӣ ва варзиш. Интишороти ҷиҳоди донишгоҳии: чопи аввал, 1364.
4. Ризо Маҳдавинажод ва Пижмони Мӯътамадӣ. Таърихи тарбият бадани ва варзиш: Интишороти донишгоҳи Исфаҳон. чопи дувум, 1381.
5. Ҷаводи Каримӣ. Нигоҳе ба таърихи тарбият бадании ҷаҳон. Интишороти маркази нашри донишгоҳ.
6. Таърихчаи Федератсияи варзишҳои нобиноён ва камбиноён. Мутолиаи ассойти Федератсияи варзишҳои нобиноён ва камбиноён.
7. Таърихчии варзиши ҷонбозон ва маълулини кишвар Мутолиаи ассойти Фидросиёни варзишҳои нобиноён ва камбиноён.
8. Таърихчии мухтасари варзишҳои ҷонбозон ва маълулин, нобиноён ва камбиноён ба Кумитаи Миллии Параолампик. Мутолиаи аз сайти Федератсияи варзишҳои нобиноён ва камбиноён.


### ИЗУЧЕНИЕ ДОСУГА И ОТДЫХА НЕЗРЯЧИХ И ИСТОРИИ СПОРТИВНЫХ ИГР ДЛЯ НЕЗРЯЧИХ В ИРАНЕ


В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению история проведения спортивных игр для незрячих в Исламской Республике Иран, их участие в спортивных состязаниях, а также как они проводят своё свободное время и досуг.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** незрячие дети, проведение досуга, спортивные игры для незрячих, параолимпийские игры, участие незрячих в параолимпийских играх.


### STUDYING OF LEISURE AND REST BLIND AND STORIES OF SPORTS FOR BLIND IN IRAN


In this article the author subjected to consideration and studying history of carrying out sports for blind in the Islamic Republic Iran, their participation in sports meets and also as they spend a free time also leisure.



**KEY WORDS:** blind, carrying out leisure, sports for blind, Paralympics Games, participation blind in Paralympics Games.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Бахром Джадиди*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ТАЪСИРОТИ БОЗИҲОИ ХАШИНИ КОМПЮТЕРӢ БАР РАФТОРИ КӮДАКОН

*Маҷид Асадӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Фановарии компютер ба таври васеъ дар ҷомеа густариш пайдо кардааст ва бо тамомии ҷанбаҳои зиндагӣ, аз мадраса то маҳалли кор, хадамоти бонкӣ, хариду фурӯш, пардохти молиёт ва ҳатто, раъйгирӣ талфиқ шудааст. Имрӯза ин фановарӣ нақши муҳиме дар зиндагии кӯдакон ифо мекунад ва ин нақш ба суръат дар ҳоли афзоиш аст. Ба тавре ки таъдоди кӯдаконе, ки аз компутар дар манзил истифода мекунанд, рӯз ба рӯз дар ҳоли суд мебошад. Истифода аз интирнит низ ҳар рӯз дар ҳоли шитоб ва афзоиши бештаре аст. Аммо, оё ин фановарӣ зиндагии кӯдаконро беҳбуд мебахшад?

Алорағми ҷанбаҳои мусбат аз қабили ҷанбаҳои омӯзишӣ ва ироаи хадамоти иртиботӣ, роёна ва интирнит ҷанбаҳои манфӣ низ доранд. Истифодаи назорат-нашуда, бавижа вақте бо дигар фановариҳо, аз қабили тилвизион ҳамроҳ бошад, кӯдакро дар маърази хатари асароти музирри он бар такомули физикӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ қарор медиҳад, ки аз онҳо метавон ба мушкилоти биноӣ, садамоти систими искилитӣ, чоқӣ, асар бар маҳоратҳои иҷтимоӣ, мушкилоти иртиботӣ дар хонавода ва иътиёди иликтруникӣ ишора кард. Дар сурате ки компутар, агар саҳеҳ истифода шавад, асароти мусбате дорад. Бо риояти нукоте ҳангоми истифода аз компутар метавон мутмаин шуд, ки истифода аз компутар зиндагии кӯдаконро дар ҳол ва оянда беҳбуд мебахшад. Аз он ҷое ки компутар дар ҳама ҷойи зиндагӣ ҳозир аст, муҳим аст, ки бифаҳмем, чи гуна ин тикнулужӣ метавонад рушд ва такомули кӯдаконро беҳбуд бахшад ё мунҳариф кунад ва бо вуҷуди омадани мушкилоти ҷисмӣ ва рӯҳӣ чӣ асароте бар рафтори кӯдакон ва навҷавонон хоҳад дошт.

Фановарии компутар ба таври васеъ дар ҷомеа густариш пайдо кардааст ва бо тамомии ҷанбаҳои зиндагӣ, аз мадраса то маҳалли кор, хадамоти бонкӣ, хариду фурӯш, пардохти молиёт ва ҳатто, раъйгирӣ талфиқ шудааст.Муҳимтарин тағйироте, ки ин фановарӣ ба вуҷуд оварда, ба василаи моршол Мак Луҳон дар як иборат хулоса шудааст ва он табдили ҷаҳон ба як деҳкадаи ҷаҳонӣ аст, бадин маъно, кимардуми нуқоти мухталиф дар кишварҳои саросари курраи Замин ба масобаи як деҳкада имкони барқарории иртибот бо якдигар ва иттилоъ аз ахбор ва рӯйдодҳои ҷаҳониро доранд. Имрӯз ин фановарӣ нақши муҳиме дар зиндагии кӯдакон ифо мекунад, ба тавре ки таъдоди кӯдакони 17-сола дар Омрико, ки компутарро дар манзил истифода мекунанд, аз 28%-и дар соли 1996 ба 70% дар соли 2000 суд кардааст. Истифода аз интирнит низ аз 15% ба 53% дар ин давраи 5-сола афзоиш пайдо кардааст.

Суръати интишороти интирнит 9 баробар сареътар аз родию, 4 баробар сареътар аз компутарҳои шахсӣ ва 3 баробар сареътар аз тилвизион будааст. Таҳқиқот далолат дорад, ки 149 миллион нафар дар саросари дунё ба шабакаи интирнит муртабит ҳастанд, ки ба мизони 12% дар ҳар моҳ афзоиш пайдо мекунад. Баррасиҳои оморӣ дар соли 2000 баёнгари ин матлаб будааст, ки кӯдакони синни 2- 7- сола ба таври мутавассит 34 дақиқа дар рӯз аз компутар истифода мекардаанд, ки ин замон бо афзоиши син тӯлонитар мешавад; 2- 5- солагӣ 43 дақиқа дар рӯз ба таври мутавассит; кӯдакони омрикоӣ 1- 3 соат дар рӯз аз компутар барои анҷоми таколифи мадраса, сӯҳбат бо дӯстон ба таври он далоил ва бозӣ кардан истифода мекунанд. 90% кӯдакони синни мадраса дар ин кишвар ба компутар дастрасӣ доранд.

Кишвари мо, Эрон аз назари баҳрамандӣ аз интирнит дар байни 178 кишвари ҷаҳон рутбаи 87-умро дорад, ки бар асоси табақабандии Иттиҳодияи ҷаҳонии мухобирот ҷузъи кишварҳои мутавассит ба шумор меравад. 35% истифода-кунандагони интирнитро қишри ҷавон ташкил медиҳанд ва миёнгини сарфшуда барои интирнит 52 дақиқа дар ҳафта будааст.

Аммо, оё фановарии компутар зиндагии кӯдаконро беҳбуд мебахшад? Аз он ҷое ки компутар дар ҳама ҷойи зиндагӣ ҳозир аст, муҳим аст, ки бифаҳмем, чӣ гуна ин тикнулужӣ метавонад рушд ва такомули кӯдаконро беҳбуд бибахшад, ё мунҳариф кунад ва бар рафторҳои онон чӣ таъсироте хоҳад дошт.

Бо истифода аз сойти калимоти калидӣ, дар қисмати сойтҳои **YAHOO** ва **GOOGLE** ва низ мутолиаи кутуби мавҷуд дар китобхона, матолиби марбут ба таъсири интирнит бар кӯдакон ва навҷавонон, ки мӯътабар буда ва қаблан дар маҷаллот ва кутуб чоп шуда буд, ҷамъоварӣ шуда ва ба сурати мақолаи тадвинии ҳозир ҷамъбандӣ ва хулоса гардид.

**Мушкилоти ҷисмӣ**

**1. Мушкилоти биноӣ:** Ба эътиқоди пизишкон, кӯдаконе, ки ба муддати тӯлонӣ аз компутар истифода мекунанд, дар маъразi хатари наздикбинӣ қарор мегиранд. Агарчи 70% бузургсолоне, ки ба далели нигоҳи мумтад ба сафҳаи компутар ва кори тӯлонимуддат бо компутар ба алоими синдруми биноии компутар мубтало ҳастанд, таҳқиқот нишон додааст, ки кӯдакон ба далоили зайл барои ибтило ба ин синдрум мустаидтар ҳастанд:

- адами таваҷҷӯҳ ба масоили беҳдоштӣ ва саломати худ. Мумкин аст соатҳо дар муқобили сафҳаи компутар бинишинанд ва бар он тамаркуз кунанд;

- адами баёни мушкилоти бинoӣ тавассути кӯдакон ва нодида гирифтани он;

- истгоҳҳои кории компутар аглаб мутаносиб бо вазъияти болиғин тарроҳӣ мешавад ва барои кӯдакон муносиб намебошанд; қабл аз шурӯи мадраса муоянаи комиле аз чашми кӯдакон аз назардиди нуқоти дур ва наздик сурат гирад; истгоҳҳои кории компутар мутаносиб бо вазъияти кӯдакон тарроҳӣ шаванд; фосила байни монитур ва чашми кӯдак 18- 28 инч тавсия мешавад. Фосилаи компутар аз 18 инч барои кӯдакони музир аст; волидайн бояд аз рафторҳое, ки барои мушкилоти чашмӣ далолат мекунад, огоҳ бошанд, аз қабили қирмизии чашм, молиши мукаррари чашмҳо, сардард, пӯзишҳои ғайримаъмул, шикоят аз тории дид ва хушкии чашм; истифода аз пӯшишҳои махсуси сафҳаи компутар.

**2. Садамоти системи искилитӣ:** Мушкилоти навоҳии мач, гардан ва пушт кӯдаконеро, ки тӯлонимуддат аз компутар истифода мекунанд, таҳдид мекунад. Ин мушкил бо вазъияти қароргирии кӯдак дар ҳини кор бо компутар дар иртибот аст. Барои пешгирии ин садамот: қарор гирифтани қисмати фавқонии бадан дар ҳини кор бо компутар ҳифз шавад; пушт ба василаи сандалӣ ҳифз шавад;

- барои нишастан бар рӯйи сандалӣ набояд бар уқби зонуҳо фишор ворид шавад; сатҳӣ мӯҳкам (каффи замин ё бар рӯйи сатҳи шебдор) қарор гирад; гардан мутаодил бошад; зовияи байни соқи по ва рон беш аз 90 дараҷа бошад; хунсо қарор гирад(зовияи камтар аз 15 дараҷа); як маҳалли нурмол тарроҳӣ шавад, фазое, ки кӯдак битавонад ба он дастрасӣ пайдо кунад. Ба роҳатӣ бинишинад, бидуни ин ки баданашро ба таври номутаносиб хам кунад ё бипечонад; вазъияти сафҳаи компутарро чак кунед. Сафҳаи компутар тавре қарор гирад, ки кӯдак, бидуни ин ки гарданашро ба ақиб ва ҷилав хам кунад, онро ба роҳатӣ бубинад; вуҷуди таҷҳизоти муносиб дар маҳалли кор: сандалии роҳат, сафҳаи калиди сатҳи пойин бо шеби манфӣ барои кӯдак; сафҳаи монитур орӣ аз гарду ғубор бошад ва нури кофӣ мавҷуд бошад; муддати замони истифода аз компутар кунтрул шавад, зеро садамоти физикӣ бо тӯлмуддати истифода аз компутар дар иртибот аст.

**3. Чоқӣ:** Кӯдаконе, ки муддати тӯлонӣ муқобили компутар менишинанд, фаъолиятҳояшон аз фаъолиятҳои мавриди ниёзи саломатӣ (аз қабили варзиш) дур мешавад. Дар натиҷа, хатари чоқӣ афзоиш мекунад. Барои ба ҳадди ақал расондани хатари чоқӣ тавсия мешавад, ки муддати истифода аз компутар ба 1- 2 соат дар рӯз маҳдуд ва бар фаъолиятҳое аз қабили варзиш таъкид шавад.

**4. Ташаннуҷи ипилиптик:** Ташаннуҷ ба таври аввалия ба василаи шакли хосе аз ипилипси эҷод мешавад. Ипилипсии ҳассос ба нур замоне эҷод мешавад, ки кӯдак ҳассосияти болое ба нурҳои ларзон дорад. Дар ин ҳолат, замоне ки дар муқобили нурҳои дурахшони компутар ва фалошҳои ношӣ аз бозиҳои роёнаӣ қарор мегирад, ташаннуҷ оғоз мешавад. Алоим мутанаввиъ мебошад, ки шомили сардард, тағйир дар майдони бинoӣ, саргиҷа, гиҷӣ, коҳиши огоҳӣ ва ташаннуҷ мебошад. Ба маҳзи таваққуфи истифода аз компутар алоим нопадид мегардад.

**Асари интирнит бар маҳоратҳои иҷтимоӣ:** Алорағми ин ки интирнит ба унвони як фановарии шигифтовар муаррифӣ шудааст, ба маҳоратҳои иҷтимоии афрод асароти манфӣ дорад. Беҳтарин роҳ барои кашф худи замоне, ки кӯдак дар ҳоли рушд ва ёдгирӣ аст, таомул ба ёдгирии кӯдак мебошад. Ёдгирӣ аз тариқи таҷриба ва таҳарруки ҳисҳо иттифоқ меуфтад. Замоне ки кӯдак аз компутар истифода мекунад, камтар иттифоқ меуфтад. Килик кардан бар мус ва бозиҳои роёнаӣ пешрафти муносиби маҳоратҳои иҷтимоии кӯдакро ба таъхир меандозад. Замоне ки кӯдак ба интирнит мӯътод шуд, ангезааш барои таомул бо дигарон кам мешавад, ки худ асароти манфӣ бар иртиботи шахсӣ ва таомулоти иҷтимоӣ дорад.

Мутолиоти ахир нишон медиҳад, ки истифода аз интирнит сабаби эҷоди эҳсоси бадбахтӣ, танҳоӣ ва, ба таври куллӣ, коҳиши саломати равонӣ мешавад. Ашхосе, ки аз интирнит бештар истифода мекунанд, дӯстиро камтар ҳифз карда, замони камтар ба хонавода сӯҳбат мекунанд, иструсурҳои бештареро таҷриба кардаанд ва эҳсоси танҳоӣ ва афсурдагӣ мекунанд.

**Интирнит ва хонавода:** Интирнит имрӯз ҷойгоҳи вижае дар сохтори зиндагии хонаводаҳо пайдо кардааст ва компутар ба унвони як васила, аммо бо корбурде мутафовиттар, мутанаввиътар ва шахситар вориди хона шуда ва арсаи зиндагии иҷтимоиро дучори тағйир ва таҳаввул намуда ва равобити иҷтимоии ҷадиде бо вижагиҳои навин дар ҷомеа ҳоким месозад.

Далели аслии хонаводаҳо аз хариди компутар ва иртибот бо шабакаи интирнит дар манзили омӯзиш мебошад. Волидайн этиқод доранд, ки ин абзор нигариши кӯдакро ба мадраса беҳбуд мебахшад. Аммо, бо густариши сареҳи истифода аз ин фановарӣ суоли муҳиме, ки эҷод мешавад, таъсири он бар иртибототи байни аъзои хонавода аст. Истифода аз интирнит ба чанд далел бар равобити хонавода таъсир мегузорад:

- истифода аз интирнит як фаъолияти замонгир аст. Пас, метавон муддати таомули кӯдак бо хонаводаашро коҳиш дод. Замони ихтисосдодашуда барои таомул бо якдигар пешишарти иртибот бо

кайфият мебошад. Дар як мутолиа 50% хонаводаҳо баён карданд, ки муддати замоне, ки онлоин ҳастанд, камтар бо ҳам сӯҳбат мекунанд ва 41% мувофиқи ёдгирии рафторҳои зиддиичтимоӣ дар ин муддат буданд;

- интирнит кашмакашҳои чадидеро дар хонавода эчод мекунад. Вучуди фақат як компутар дар манзил рақобате байни кӯдакон ва волидайн барои истифода аз компутар эчод мекунад, ки гоҳе сабаби кашмакаш мешавад;

- истифода аз сафаҳоти виби, ки аз назари мӯҳтавиёт мутаносиби синни кӯдак намебошад, сабаби баҳс ва кашмакаш байни волидайн ва кӯдакон мешавад;

- гоҳе кашмакаш ношӣ аз дастёбии кӯдакон ба иттилооти хусусии волидайн мебошад;

- волидайн нигарон ҳастанд, ки интирнит кӯдакро аз соири фаъолиятҳо мунҳариф кунад ва ҳамчунин асари извалакунандае бар ӯ дошта бошад.

**Иътиёди иликтруникӣ:** Мутолиот нишон додааст, ки улгуҳои рафтории итиёд дар байни масрафкунандагони сангини интирнит вучуд дорад. Баррасиҳо шуюи онро аз 6% то беш аз 80% гузориш кардаанд. Нигаронкунандатарин чанбаи иътиёд ба интирнит осеб дидани кӯдакон аст. Онҳо ба роҳатӣ ба бозиҳои чанднафара, ҳатто, бахшҳои мубтазил вобаста мешаванд.

Мӯътодин ба интирнит соатҳои бисёр тӯлонӣ дар тӯли рӯз ба истифода аз ин василаи иртиботӣ мегузаронанд, ба наҳве ки амалкарди шуғлӣ ва ичтимоии онҳо таҳти таъсир қарор мегирад. Коршиносон ин навъи истифодаи ғайритабиӣ аз интирнитро истилоҳан иътиёд ба интирнит меноманд. Иллати иътиёд ба интирнит дар бисёре аз ин афрод дастёбӣ ба роҳе барои саркӯбии изтиробҳо ва танишҳои зиндагӣ аст. Ба гуфтаи пажӯҳишгарон, эҳтимоли иътиёд ба интирнит дар афроди гӯшагир ва афроде, ки дар иртиботҳои ичтимоӣ ва байнифардии худ мушкил доранд, беш аз соирин аст.

**Алоими шинохта шудани ин ихтилол:** а) истифода аз компутар барои хушгузаронӣ, шодӣ ё таскини истрис; б) эҳсоси таҳаррукпазирии ғайриқобили кунтрул ва афсурдагии замонӣ, ки аз он истифода намекунанд;в) сарфи замони тӯлонӣ ва ҳазинаи зиёд барои нармафзор ва сахтафзор, рӯзномаҳо ва фаъолиятҳои марбут ба компутар; г) бехаёл шудан нисбат ба кор, мадраса ва хонавода

Ба онҳое, ки наметавонанд аз сафҳаи компутар дур шаванд, тавсия мешавад:

- ба як шабакаи ҳимоятшуда ва солим муттасил шаванд;

- замоне ки ҳис мекунанд бояд компутарро равшан кунанд, бо касе тамос бигиранд ва бо ӯ сӯҳбат кунанд. Ин равиш рафтори шинохтӣ аст, ба ин тартиб ба афрод кӯмак мешавад, то улгуи зеҳнии худро дарёбанд ва бидонанд чӣ гуна бояд онро тағйир диҳанд.

**Бозиҳои роёнаӣ:** Имрӯза дастрасии кӯдакон ва қишри чавон ба бозиҳои иликтруникӣ ба содагӣ имконпазир аст, дар ҳоле ки аксари волидайн нисбат ба хатароти истифодаи беш аз ҳадди ин бозиҳо беиттило ҳастанд. Дар гузашта бозиҳо аз тариқи иртиботи кӯдакон бо якдигар анчом мешавад. Аммо имрӯз кӯдакон аз замони дарк ва фаҳми ин бозиҳо бештарин сооти рӯзро сарфи ин гуна бозиҳо мекунанд, дар ҳоле ки ин иртибот ҳеч гуна робитаи отифӣ ва инсонӣ эчод намекунад ва дар сурате ки агар бозиҳо фикрӣ низ бошад, таъсиргузории номатлуб бар рӯҳиёти кӯдак хоҳад дошт.

Таъсири бозиҳои роёнаӣ, бавижа дар эчоди хушунат дар кӯдакон ва навчавонон аст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки таъсири бозиҳои роёнаӣ бар рафтори хушунатомези кӯдакон ва навчавонон бастагӣ ба вучуди чанд омил дорад. Аввалин омил, ин ки дарачаи шиддати хушунат дар бозӣ чи андоза аст. Дуввум, тавоноии кӯдак барои ташхис ва тамйиз байни дунёи тахайюлӣ ва воқеияти зиндагӣ аст. Омили саввум, қудрати кӯдак барои маҳор кардани тамоилот ва ангезаҳои вучудӣ аст. Ва билохира, омили чаҳорум арзише аст, ки кӯдак дар он рушд кардааст ва ё ҳамакнун зиндагӣ мекунад ва низ арзишҳое, ки дар матн ва мӯҳтавои бозӣ мустатар аст.

Таҳқиқоти ахир далолат дорад, ки бозиҳои роёонаӣ сабаби садамоти мағзии тӯлонимуддат мешавад. Бозиҳои роёонаӣ фақат қисматҳое мағзро, ки ба биноӣ ва ҳаракат ихтисос дорад, таҳрик мекунад ва ба такомули дигар навоҳии мағз кӯмак намекунад. Кӯдаконе, ки соатҳои зиёдеро ба бозӣ ихтисос медиҳанд, лаби фурӯнтолашон такомул пайдо намекунад. Лаби фурӯнтол нақши басазое дар такомули ҳофиза, эҳсос ва ёдгирӣ дорад. Афроде, ки лаби фурӯнтоли онҳо такомул пайдо накардааст, бештар мустаиди аъмоли хушунатомез ва камтар тавоноии кунтрули рафторҳояшонро доранд. Дар муқобили фаъолиятҳое монанди муҳосиботи риёзӣ фаъолиятҳои ин қисмат аз мағзро таҳрик мекунад.

Бозиҳои роёонаии пуртаҳаррук боиси бурузи бемориҳои устухонӣ ва асабӣ дар ноҳияи дастҳо ва бозуҳо мешавад. Яке аз далоили шаббедорӣ дар кӯдакон бозиҳои тарсноки роёнаӣ мебошад. Дар бозиҳои роёнаӣ кӯдак ба танҳоӣ бозӣ мекунад ва гоҳ бидуни барномарезӣ соатҳо машғули бозӣ мешавад. Тачрибиёти даврони кӯдакӣ дар бузургсолӣ тадовум меёбад. Фарде, ки мунфаил бозӣ мекунад, то интиҳои умр мунфаил мешавад. Бархе хонаводаҳо монеи анчоми бозиҳои иликтруникӣ аз сӯйи фарзандони худ мешаванд ва, дарвоқеъ, бо мухолифат кардани фарзандонро нисбат ба истифода

аз ин бозиҳо ҳаристар мекунанд ва аз тарафе, кӯдакон аз ҳар фурсате, ҳатто пинҳонӣ, саъй дар истифода аз ин бозиҳо доранд.

**Бемориҳои ношӣ аз истифода аз компутар ва асароти он бар систими физикии бадан**. Ба назар мерасад, ки тақрибан ҳамаи ҷавониби зиндагии мо вобаста ба истифода аз компутар аст. Ба ҳамин далел аст, ки имрӯз бемориҳои ношӣ аз фишорҳои такрорӣ ё **RSL** мутадовилтар шудааст. Яке аз муҳимтарин анвои ин бемориҳо синдруми Тунили Мач ё Тондунит аст. Ҳарчанд **RSL** ҳам метавонад дар мушкилоти гардан, шона ва камару пушт буруз кунад, истифода аз компутар беш аз чанд соат дар рӯз метавонад боиси ибтило ба ин мушкилот шавад. Ҳамчунин, кибурдҳое, ки барои боло бурдани суръати тойп истифода мешаванд ва истифодаи мудовим аз мус метавонад боиси садама задан ба тондунҳо, асабҳо ва бофтҳои даст шавад. Дар мароҳили аввалия хастагӣ, беҳиссӣ ва нороҳатии умумӣ дар маҳалли осебдида эҳсос мешавад. Ҳамчунин, мумкин аст эҳсоси нотавонӣ ва ҳамоҳангӣ дар дастҳо кунед. Ҳатто, мумкин аст аз фарти дард шабҳо аз хоб бедор шавед ва қисмати осебдида ниёз ба мосож додан пайдо кунад. Ин алоим, маъмулан, баъд аз фаъолияти тӯлонӣ рух медиҳад ва пас аз итмоми кор худ ба худ бартараф мешавад. Ҳарчанд дар тӯли замон ноҳияи осебдида ҳассостар ва осебпазиртар мешавад ва ҳатто, фаъолияте ғайримуртабит бо он ноҳия ҳам боиси бурузи дард дар он мешавад. Агар ин ориза мавриди дармон қарор нагирад, хеле зуд вахимтар хоҳад шуд.

Беҳтар аст, агар яке аз ин алоимро дар худ мушоҳида кардед, сариан ин масъаларо бо мушовири пизишкии худ дар миён бигзоред. Дармони фаврӣ эҳтимоли аворизи вахимтарро коҳиш хоҳад дод. Бинобар наваоҳии осебдида, дармони **RSL** таркибе аз дармонҳо, ҳатто шикастабандӣ кардани мач ва даст аст. Дар мавориди вахимтар, мумкин аст амали ҷарроҳӣ ҳам мавриди ниёз бошад. Навъи дармон ва шиддати осебдидагӣ дар ҳар бемор мутафовит аст.

Роҳҳои бисёре барои пешгирӣ аз ин осебҳо вуҷуд дорад. Яке аз онҳо ин аст, ки монитурро дуртар ва пойин аз маҳалли нишастани худ қарор диҳед. Сандалӣ ва кибурдатон бояд тарзе танзим шаванд, ки ронҳо ва соидатон рӯйи ҳам қарор гиранд. Агар иртифои миз монеи ин аст, беҳтар аст, ки кибурдро рӯйи поятон қарор диҳед.

Ҳатман соф бинишинед ва аз ғавз кардан парҳез кунед. Набояд тавре бинишинед, ки ниёз бошад барои дастрасӣ ба кибурд ё хондани он чи рӯйи монитур аст, ба ҷилав хам шавед. Ҳар аз чанд гоҳе каме ҷобаҷо шавед ё баланд шуда ва каме қадам бизанед.

Яке аз иштибоҳоти мутадовил ин аст, ки муроқиби тариқаи қароргиримон нестем, ба вижа қарор гирифтани мачҳо ва пуштмон. Мачтон набояд ҳангоми тойп кардан рӯйи ҷое қарор бигирад ё хам шавад. Ҳар аз чанд гоҳе бояд ба мачҳо истироҳат бидиҳед.

Яке дигар аз иштибоҳот дар робита бо истифода аз кибурд ҳангоме аст, ки мехоҳем аз баъзе дастурҳо, масалан **CTRL- F** ё **ALT- C** истифода кунем. Дар ин мавоқеъ мумкин аст, бихоҳед аз як даст истифода карда ва ангуштонатонро барои тамос бо тугмаи дигар имтидод диҳед. Истифодаи мудовим ва тӯлонӣ аз ин ҳаракот мумкин аст боиси бурузи мушкил дар дастҳо ва ангуштонатон шавад. Ҳатман барои тойп кардан аз ҳар ду дастатон истифода кунед.

Барои ҷилавгирӣ аз мушкилоти камар ва пушт ҳатман соф пушти компутар бинишинед. Агар лозим бувад, метавонед аз як болиштаки такягоҳи ҳам истифода кунед. Ҳар аз чанд гоҳе вазъияти нишастани худро баррасӣ кунед.

Ҳангоми тойп кардан аз фунти муносиб истифода кунед, то ниёзе набошад, ки барои хондани матолиб ба ҷилав хам шавед ё қуз кунед.

Қарор додани дастгоҳи мус наздик ба кибурд низ метавонад аз баъзе нороҳатиҳо ва мушкилоти марбут ба гардан ва шона ҷилавгирӣ кунад.

Ҳангоми истифода аз бозиҳои компутарӣ низ риояти ин нукот зарурӣ аст.

Боло бурдани қудрат ва инъитофи баданӣ мизони хастагии баданро коҳиш медиҳад. Пас, ҳамвора варзиш кунед.

Баъд аз итмоми як рӯзи баланди корӣ дар як вони оби гарм дароз бикашед. Ин хастагии шуморо аз байн хоҳад бурд.

Ин мавоიдро барои фарзандонатон низ риоят кунед ва ҳатман ба онҳо хотирнишон шавед, ки ин нукотро риоят кунанд, мушкиле эҷод нашавад.

**Шикояти вобаста ба чашм ва биноӣ:** Бар асоси гузориши иптумитристҳо, беш аз 14% беморони мурочиакунанда дучори симптумҳои биноӣ ё чашмии вобаста ба корбурди компутар ҳастанд. Шоеътарини ин симптумҳо иборатанд аз дарди чашме, сардард, диди тор ва дардҳои гардан ё шона. Аз фоктурҳое, ки дар эҷоди ин симптумҳо дахолат доранд, метавон ба хатои инкисорӣ, тарроҳии заифи компутар, тарроҳии заифи маҳалли кор ва кори зиёд бо компутар ишора кард. Мушкилоти биноӣ ба ҳангоми кор бо компутар, умуман, муваққатӣ буда ва пас аз итмоми кор дар интиҳои рӯз рафъ шаванд. Бо ин вуҷуд, бархе аз корбарон мумкин аст ҳолоте назири диди дур, ҳатто пас аз корро

низ дошта бошанд. Дар чунини шароите ба манзури ҷилавгирӣ аз хатои инсонӣ, ба иллати мушкилоти биноӣ ва афти рондмони кор, бояд авомили эҷоди ин мушкилотро коҳиш дод.

**Ниёзҳои биноии кор бо компутар:** Ба иллати вуҷуди контрости пойин ва **glare**, калимот ва ҳуруф бар рӯйи сафҳаи монитур, мумкин аст ба роҳатӣ сафҳаи коғаз дида нашаванд. Фосила аз сафҳаи монитур ва аз зовияи дид дар кор бо компутар мутафовит аз мутолиаи як китоб ва нигориш аст. Бинобар ин, фукуси чашм ва ҳаракоти чашмӣ дар кор бо компутар шароити ҷадидеро бар системи биноӣ таҳмил мекунад. Корбарони мусинтар мумкин аст дар интибоқ бо ин шароити ҷадид дучори мушкил шаванд. Айнак бо линзи тамосии таҷвизшуда барои истифодаи умумӣ мумкин аст барои кор бо компутар муфид набуда ва линзҳои махсуси ҳирфаӣ бо тарроҳӣ, қудрат, ранг ва пӯшиши хосе барои рафъи ниёзҳои кор бо компутар ва афзоиши тавоноиҳои биноӣ ва роҳатӣ лозим бошад.

Мушкили фукуси чашм ё ҳамкории дучашмӣ мумкин аст бо айнак ё адасии тамосӣ бартараф нашавад. Дар ин сурат, як барномаи **visiontherapy** барои беҳбуди ноҳамоҳангии дучашмӣ лозим аст.

Шоёни зикр аст, истироҳат дар байни сооти кор ба мизони зиёде аз истрис ва симптумҳои биноӣ мекоҳад.

**Мушкилоти уюби инкисории тасҳеҳнашуда:** Вуҷуди ҳар гуна мушкили чашмӣ, ҳарчанд кӯчак, мумкин аст боздеҳи кор бо компутарро коҳиш диҳад. Адами тасҳеҳ ё тасҳеҳи камтари хатоҳои инкисорӣ метавонад мӯҷиби бурузи истриси биноӣ шавад. Бинобар ин, тамоми корбарони компутар бояд ба таври муназзам ва давраӣ таҳти муоянаи чашмии дақиқ қарор гиранд.

**Ашиаи хурҷӣ аз сафҳаи монитур:** Ҳамонанди аксари васоили барқӣ, компутарҳо низ ҳар ду ашиаи юниза ва ғайриюнизаро, ки шомили нури марйӣ, моварои бунафш, фаросурх, ашиаи айкас ва амвоҷи родиюӣ ҳастанд, аз худ сотеъ мекунанд. Албатта, ин амвоҷ ба лиҳози кам будани миқдори онҳо қобили андозагирӣ набуда ва хатарзо нестанд. Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта, ҳеҷ гуна иртиботи мустақиме байни ашиаи компутар ва бемориҳои чашмии назири котороктёфт нашудааст. Як нуктаи қобили таваҷҷӯҳ он аст, ки аксари компутарҳо мӯҷиби як шоржи иликтруистотик дар маҳдудаи сафҳаи монитур мешавад. Ин шорж мӯҷиби ҷазб ва таҷаммӯи гарду ғубор ва зарроти муаллақ дар ҳаво бар рӯйи сафҳаи монитур шуда ва мумкин аст ба эҷоди ҳассосиятҳои пӯстӣ ва хориши чашмӣ шавад.

**Мизони рӯшноии маҳалли кор:** Ин фоктур яке аз муҳимтарин фоктурҳои муҳитӣ дар кор бо компутар аст. Мушкилоти муртабит бо рӯшноии маҳалли кор замоне буруз мекунад, ки компутарҳоро дар маконе қарор медиҳанд, ки мизони рӯшноии онҳо муносиби корҳои навиштории маъмулӣ ва суннатӣ аст. Дар ин фазоҳо нурпардозӣ ба гунае аст, ки тасаввур меравад корбарон фаъолиятҳои худро дар зовияи диди 20 ала 40 дараҷа пойинтар аз хатти уфуқ аст. Нурҳои муҳитӣ дар майдони муҳитии дид мумкин аст мӯҷиби glare шаванд. Панҷараҳо, ломпҳои флурсинти болои сар ва ломпи рӯйи миз мумкин аст мӯҷиби ин симптум шаванд. Бо як нурпардозии муносиб метавон ин мушкилотро камтар кард. Маъмулан, афроди мусинтар дар муқоиса бо ҷавонтарҳо ба нури бештаре ниёз доранд. Афроди болои 50 сол ду баробар нури бештар лозим доранд. Шиддати рӯшноии сафҳаи монитур ва утоқ бояд болонс бошад. Барои утоқҳои ниматорик бояд аз сатҳи нуре пойинтар истифода кард.

Ба таври куллӣ, дар шароити маёъмулӣ бояд аз сутӯҳи нурии байни 200 то 700 лукс (ҳудуди 20 то 70 фут кандал) истифода кард. Ҷиҳати коҳиши glare метавон аз филтрҳои махсус бар рӯйи сафҳаи компутар истифода кард. Панҷараҳо як манбаи умдаи glare ҳастанд, корбарҳо набояд рӯ ба панҷара бинишинанд. Панҷараҳо бояд дорои пардаи қобили танзим бошанд.

Дар чанд соли ахир компутар ва интирнит ба тадриҷ то ҳадде ҷойи тилвизиюнро гирифтааст ва эҳтимол меравад, ки дарояндаи наздик нақши умдатаре аз тилвизиюнро дар зиндагии кӯдакон ва навҷавонон дошта бошад, дар сурате ки аз ин фановарӣ саҳеҳ истифода шавад, асароти мусбате дорад. Дар ҳоле ки таҳқиқот баёнгари хатароте ношӣ аз корбурди беравия ва ғалат аз он аст, ки тамомии корбарон, бавижа кӯдаконро таҳдид мекунад. Барои итминон аз истифодаи беҳина ва ин ки компутар зиндагии кӯдаконро дар ҳол ва оянда беҳбуд бахшад, ба таври куллӣ таваҷҷӯҳ ба пешниҳодҳои зер кӯмаккунанда аст:

- ошноии волидайн бо компутар ва гузарондани давраҳои омӯзишӣ дар ин замина ва дар сурати лузум, ёдгирии бархе нукот аз кӯдакон;
- сӯҳбат бо кӯдакон дар мавриди наҳваи истифода аз компутар аз сӯйи онон ва хатароте, ки дар ҳангоми онлойн шудан мумкин аст онҳоро таҳдид кунад;
- қарор додани компутар дар маконе аз манзил, ки битавон фаъолиятҳои кӯдакро таҳти назар дошт;
- маҳдуд кардани замони истифода аз компутар, дар сурате ки вай аз тамосҳои иҷтимоии худ коста бошад;
- ҳамроҳӣ бо кӯдакон ҳангоми ҳузури онон дар утоқҳои гуфтугӯи интирнитӣ;
- баррасии номаҳои иликтруникии кӯдакон ва ҳазфи паёмҳои номутаносиб. Чунин нурмафзорҳое ҳамчунин метавонанд нишонии тамомии сойтҳое, ки кӯдак ба онҳо сарзадаро сабт кунанд, то

волидайн онҳоро баррасӣ кунанд. Албатта, ҳеҷ як аз нурмафзорҳо наметавонанд ҷойгузини ҳамроҳии волидайн бо кӯдакон шаванд;
- барномаҳо мутаносиб бо рушд ва такомули кӯдак бошанд;
- ташвиқи кӯдак ба таомул бо хонавода ба ҷойи истифодаи беш аз ҳадди компутар;
- компутар ба унвони абзори мукаммали омӯзишӣ бошад, на танҳо роҳи омӯзишӣ;
- таҳияи барномаҳои омӯзишӣ барои волидайн, муаллимин ва дигар афроде, ки бо кӯдакон кор мекунанд;
- пажӯҳишҳое дар мавриди асароти истифода аз компутар бар такомули физикӣ, ҳушӣ, ақлӣ, иҷтимоӣ ва равонии кӯдакон анҷом гирад

**АДАБИЁТ**


1. Shields M.K. Beharman R.E. Children and computer technology: Analysis and recommendations. The future of children and computer technology. Vol: 10. No: 2/ Fall| winter 2000. p: 4-30.
2. Анҷумани пасумитрии Омрико. Асароти роёнаӣ дар масоили ҷисмӣ.
3. Сойти илмии донишҷӯёни Эрон. Асароти мухрибикомпутар бар рӯйи саломатӣ.
4. Шафеии Шафеъ. Интирнит ва нақши он дар зиндагии иҷтимоӣ.


**ВЛИЯНИЕ ЖЕСТОКИХ КОМПЬЮТЕРНЫХ ИГР НА ПОВЕДЕНИЕ ДЕТЕЙ**


Компьютерные технологии получили широкое распространение в мире и имеют доступ во все сферы общественной и личной жизни человечества. В данной статье автором рассматривается влияние жестоких компьютерных игр на поведение детей.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** компьютерные технологии, компьютерные игры, детские компьютерные игры, влияние компьютерных игр на детей, психика детей, жестокие игры, насильственный смысл компьютерных игр.


**INFLUENCE OF CRUEL COMPUTER GAMES ON BEHAVIOUR OF CHILDREN**


Computer technologies were widely adopted in the world and have access to all spheres of public and private life of mankind. In this article the author considers influence of cruel computer games on behavior of children.



**KEY WORDS:** computer technologies, computer games, childish computer games, influence of computer games on children, mentality of children, cruel games, violent sense of computer games.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Маджид Асади*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


## РАВИШҲОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ НАЗАРИ АТТОРИ НИШОПУРӢ


***Ризои Яздонӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Равишҳои таълиму тарбият пас аз тайини аҳдофи он амалӣ мегардад. Равиш бояд ҳисобшудаву корбурда ва ҳамаҷониба тадвин гардад, зеро мураббӣ бо ироаи равиши дуруст метавонад ба аҳдофи тайиншуда бирасад. Аттори Нишопурӣ дар маҷмӯаи осори худ, дар қолаби ашъору достон ба равишҳои тарбияти ҷолибе ишора намудааст, ки бино ба зарурат ашъору ҳикоётро низ ба таносуби равишҳо ироа мекунад, то барои пажӯҳишгарону хонандагони мӯҳтарам шеваҳо, равишҳои кории Аттори Нишопурӣ мушаххас гардад. Дар китоби таълим ва тарбияти исломӣ таълифи доктор Шариатмадорӣ, дар саҳифаи 132 равишҳои тарбиятӣ ба шарҳи зер унвон шудааст: 1.Равиши тарбиятии илму амал. 2. Равиши тарбиятии тавъам сохтани имон ва амал. 3.Тарбияти амалӣ. 4.Равиши ақлонӣ ва тарбияти исломӣ. 5. Амри ба маъруф ва наҳий аз мункар. 6. Ҷаҳду кӯшиш. 7.Тавбаву пушаймонӣ. 8. Подош ва танбеҳ. 9. Равиши панду андарз. 10. Тарбият аз тариқи зикри масал.. 11. арбият аз тариқи қисса ва саргузашти ақвом. 12. Одатгурезӣ. 13. Ибратомӯзӣ. 14. Истиқомат ва пойдорӣ.

Ин ҷо мухтасаран ба чанд намунае аз инҳо ишора мешавад:

1. **Равиши тарбиятии илму амал.** Аз дидгоҳи Аттор илме, ки бо амал тавъам набошад, наметавонад дар ҷомеа муассир бошад. Олими беамал саъйи бефоида аст. Аттор тавсия мекунад, ки мураббиён ба иҷрои гуфтори худ ӯҳдадор бошанд ва илмро бо амал тавъам намоянд. Агар олим ё мураббӣ ба гуфтаҳои худ амал накунад, эътибори илм аз байн меравад, чаро ки олим бо амали худ эътибори илмро боло мекунад ва илло таъсири ӯ ҳамон хоҳад буд, ки Аттор дар «Мантиқуттайр»-и худ мегӯяд: «Дусад гуфта,чун ним кирдор нест».
2. **Тавбаву пушаймонӣ.** Тавбаву пушаймонӣ, изҳори надомат дар муқобили амали нописанде аст, ки ба даргоҳи Худо рӯй меоварад. Аз дидгоҳи макотиби динӣ, тавба роҳи расидан ба саодат ва

полоишу мусаффо намудани рӯҳи инсон аст. Дар таълиму тарбият низ тавба метавонад ба унвони равиш мавриди арзёбӣ қарор гирад:

**Подош ва танбеҳ.** Дар осори Аттор подош ва танбеҳ ҷойгоҳи вижае дорад, зеро ки Аттор дар баёни вижагиҳои муаллим мӯътақид аст, ки ӯ бояд бо ҳилму бурдбор, боахлоқ ва дорои ороиш бошад. Ӯ танбеҳро дар таълиму тарбият муассир медонад.

Усулан, бузургоне чун Имом Муҳаммади Ғазолӣ, Абӯалӣ Сино, Хоҷа Насируддини Тусӣ ғолибан танбеҳи баданиро иқдоме медонанд, ки бояд мавриди истифода қарор гирад. Зеро яке аз роҳҳои асосии ҷилавгирӣ аз такрори амали нописанд, ин хомӯшӣ ва танбеҳ аст.

Аттор нукоти муҳими дигареро дар равиши тарбиятии фарзандон унвон мекунад:

а) тақаддуми таҳсину ташвиқ бар танбеҳ аз тарафи мураббӣ;

б) ба камол расонидани хиради фарзанд;

в) доштани касбу ҳунар дар тарбияти фарзанд муҳим аст, зеро ҳунар зоянда аст, на молу сарват;

г) таъсири шигарфи муҳит аст, ки фарзанд бо ҳамнишини бад тарбияти бад меёбад.

3. **Панду андарз.** Ҷаҳон ва ҳар онҷӣ дар он аст, барои ба ҳақиқат расидани инсон роҳҳоро мушаххасу тайин мекунад. Барои расидан ба дараҷаи камол чашмони ҳақиқатбин лозим аст. Аттор афродро ба панд гирифтан аз он чи мебинанд, ташвиқ мекунад:

Панд гир, эй дил, ки гирдоби балост,
Зиндадил шав, з-он ки маргат дар қафост. ( Мантиқуттайр, с. 250)

4. **Тарбият аз тариқи қисса ва саргузашти ақвом.** Баёни масоил аз забони қисса ва достон равиши дилчаспу дилпазир барои таълимгирандагон аст.

Аттор дар осори худ аз ин равиш истифода кардааст. Ӯ нукоти иҷтимоиро ба забони шеър баён мекунад ва барои ҳар мавзӯъ дар як шеър як натиҷа мегирад. Ҳадафи Аттор аз зикри ин қиссаҳо исботи бисёре аз масоили иҷтимоӣ аст, ки дар миёни мардум ва ҷомеа ба сурати фарҳанг вуҷуд дорад. Мақсади Аттор он аст, ки бо шеъру қиссаҳои кӯтоҳ аз забони миллатҳо ба натоиҷи тарбиятии матлуб бирасад.

5. **Одатгурезӣ.** Аттор одатгурезиро ба гунае баён мекунад, ки ҳақиқатро наҳий кардааст. Рафтору зиндагии Боязид, Харқонӣ, Абӯсаид, Аҳмади Ғазолӣ, Шамси Табрезӣ саршор аз одатгурезиву одатситезӣ мебошад ва дар омӯзишҳои ирфонии эшон муҳимтарин нуқта ин шикастани одатҳост:

Дар ҳақиқат рав, зи одат дур бош,
Не зи иблисӣ ба худ мағрур бош.
( Мусибатнома, с. 133 )

6. **Ибратомӯзӣ.** Ибратомӯзӣ гузар кардан аз умури пайдо ва рӯйдодҳои машҳуд ва расидан ба умури нопайдост. Ҳавзаи ибратомӯзӣ ва баёни сахтиҳо бисёр густурда аст ва аз қавонину суннатҳои ҳастӣ оғоз мешавад ва ба осори барҷомондаи гузаштагон ва ёди рӯйдодҳои марбут ба онҳо ба итмом мерасад. Дарду ғам ва фақру ғано барои созандагии инсон арзиши воло дорад. Ҳузну андӯҳ метавонад ношӣ аз ёди марг ё нопайдо шудани оқибат бошад. Ин ҳолат дар осори Аттор бештар як дарди ҷаҳонӣ ва оммавӣ аст, ки сабаби он зикр намешавад.

Инсон ба далели ғафлат ба дарде дучор мешавад, ки ба маҳзи огоҳӣ аз он пажмурда мешавад, монанди он дарахте, ки тоза бурида шуда бошад, ки дорои шоху барги сабзе аст, аммо пас аз чанде ба зардиву хушкӣ мегарояд.

Гар шавад зоҳир чунин дарде, ки ҳаст,
То абад бояд дар он мотам нишаст.

Бояд гуфт, ки Саъдӣ низ дар ашъори худ дар бораи ибратомӯзӣ мегӯяд:

Наравад мурғ сӯи дона фароз,
Чун дигар мурғ бубинад андар банд.
Панд гир аз масоиби дигарон,
То нагиранд дигарон ба ту панд.

7. **Истиқомат ва пойдорӣ.** Истиқомат дар таълиму тарбият монанди тамоми арсаҳои дигар одамиро комёб, пухта, обутобхӯрда менамояд ва ӯро аз ноумедиву нозпарвардагӣ дур мекунад. Аттор мефармояд, ки истиқомат ва пойдорӣ дар баробари мушкилот ҳарчанд дар зоҳир талх аст, вале таҳаммули ранҷу талхӣ барои расидан ба ширинӣ одамиро ширинком месозад, то одамӣ заҳмату дард накашад. Яке аз роҳҳои истиқомат ва пойдорӣ шукргузорӣ аст. Бандаи шукргузор хорро гул мебинад ва муноимро аз дидани неъматҳо дарк мекунад:

Шукр чист? Аз хор гул пиндоштан,
Ҷузъро нодида кул пиндоштан. ( Мусибатнома, с. 41 )

Бурдборӣ ва таҳаммули он чи ки аз сӯи Ҳақ бар сари солик меояд ва лаб аз шикоят бармебандад, аз сифоти аҳли камол аст, чаро ки чораи саргардонӣ сабр аст.

Бинобар ин, истиқомат ва таҳаммул дар баробари мушкилот боиси саодату хушбахтии инсон мешавад ва аз ошуфтагӣ наҷот медиҳад.

Аттори Нишопурӣ, ки яке аз орифону шоирони қарни 6-и ҳиҷрӣ мебошад, дар қолаби ашъору қиссаҳо равишҳои таълиму тарбияти муносибро, ки битавонад кӯдаконро саҳеҳ тарбият кунад, баён мекунад, ки онҳо иборатанд: аз талфиқи илму амал, тавъам сохтани имон ва амал, тарбияти амалӣ, равиши ақлонӣ, амри ба маъруфу наҳйи аз мункар, ҷаҳду кӯшиш, подош ва танбеҳ, панду андарз, қиссаву достон, саргузашти ақвом ва гузаштагон, ки барои тарбияти кӯдак равишҳои муносиб мебошад, то таълимгирандагон онро ҷомаи амал бипӯшонанд ва муаллимону волидайн бо таваҷҷӯҳ ба ин методҳо кӯдаконро дуруст тарбият кунанд.

### АДАБИЁТ


1. Шариатмадори Алӣ. Таълим ва тарбият. - Теҳрон, 1981. - 310 с.
2. Боқири Хусрав.Нигоҳи дубора ба таълим ва тарбият.-Теҳрон,2001- 120 с.
3. Сиддиқ Исо. Таърихи фарҳанги Эрон.– Теҳрон, 1975.- 180 с.
4. Зарринкуб Абдулҳусейн. Ёддоштҳо ва Андешаҳо. Теҳрон, 1992.- 318 с.
5. Аттори Нишопурӣ. Асрорнома. - 35 с.
6. Фурӯзонфар Бадеъуззамон. Шарҳи аҳвол ва нақди осори Аттор. Теҳрон, 1995. - 431 с.
7. Шафеи Муҳаммадризо. Ирфони Боязид.-Теҳрон,2002. - 321 с.


### МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АТТАРА НИШАПУРИ


Аттар Нишапури является одним из ярких ученых и поэтов своего времени, который жил и творил в VI в. хиджры. В своих произведениях он воспевал добро и добродетельность, призывал к к изучению наук, к порядочности и гуманизму.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Аттар Нишапури, воспитание, обучение, методы обучения и воспитания , практическое воспитание.


### TRAINING AND EDUCATION METHODS FROM THE POINT OF VIEW OF ATTAR NISHAPURI


Attar Nishapuri является one of bright scientists and poets of the time who lived and created in the VI century хиджры. In the works it sang of good and virtue, called to for studying of sciences, to decency and humanity.



**KEY WORDS:** Attar Nishapuri, education, training, training and education methods, practical education.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ризо Яздони*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


## ОМӮЗИШҲО ҶИҲАТИ ТАҚВИЯТИ ҲАВОС ВА ҶИҲАТЁБӢ


***Заҳро Шоҳӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



Дар ин мақола ҷиҳати тақвияти ҳавоси боқимонда, ки ба ҷиҳатёбӣ ва ҳаракати мо кӯмак намояд, мепардозем. Ибтидо, ба омӯзиш ва тақвияти ҳавоси панҷгона пардохта ва сипас бо мисолҳое корбурди ин ҳавосро барои кӯдак рӯшан мекунем. Сарфасли ин матолиб ба қарори зайл аст: ҳифз ва тақвияти боқимондаи биноӣ; тақвияти ҳисси шунавоӣ; тақвияти ҳисси бӯёӣ; тақвияти ҳисси ломиса; тақвияти ҳофиза.


**Омӯзиши ҳавос ва бакоргирии онҳо:** Фаъолиятҳое ҷиҳати тақвияти ҳисси бӯёӣ ва чашоӣ. Ташхиси маконҳое мухталиф аз тариқи кӯмак гирифтан аз ҳисси бӯёӣ (рестуронт, нонвойӣ, мевафурӯшӣ, сабзифурӯшӣ, моҳифурӯшӣ, қассобӣ, хушкшӯйӣ, қаннодӣ, китобхона, каффошӣ ва…).

Шинохт: ҳисси бӯёӣ аз ҳавоси бисёр муҳиме аст, ки ба кӯдаки нобино дар шинохти атрофаш кӯмак мекунад. Яъне, ӯ бо истифода аз ҳисси бӯёии худ метавонад гулҳоро бишиносад, мавқеияти худро дар маҳал ташхис диҳад ва ё фарде ба ӯ наздик мешавад, бишиносад.

Дар хеле аз маворид ҳисси чашоӣ ва бӯёиро ҳамроҳ бо ҳам меоваранд. Аз ҳисси чашоӣ метавон бештар барои ташхиси маззаҳо ва таъми ғизоҳо ва навъи онҳо истифода кард. Албатта, кӯдаки нобино бо истифода аз ҳисси бӯёӣ ба навъи ғизо пай хоҳад бурд, ки дар афроди бино ин кор шояд ибтидо бо дидан анҷом шавад. Албатта, ҳар кадом аз мо ҳам агар бо чашми баста ин корро бихоҳем анҷом диҳем, чуз ин роҳи ҳалли дигаре надорем. Дар бисёре аз маворид барои шинохти мавқеият ё мавриди ҷадид, ҳавос ба кӯмаки якдигар меоянд. Масалан, барои шинохти ғизоҳо биноӣ ба кӯмаки мо меояд ва дар кӯдаки нобино ҳисси бӯёӣ ба кӯмаки ҳисси чашоӣ хоҳад омад.

Бӯҳо гоҳе ба ҷиҳатёбӣ низ кӯмак мекунанд. Барои пайдо кардани мақсад мисли бӯйи шомпу ё ғизо дар хона, барои рафтан ба самти ҳаммом ё ошпазхона ба фарди нобино кӯмак хоҳад кард ва бӯйи

маводи ғайрихӯрокӣ, ки хатарнок ҳастанд, мисли алкул, нафт, бинзин, собун, пудри либосшӯйӣ ва..., ки бисёр низ дар ҷиҳати ҳифзи саломати ӯ муҳим ҳастанд.

Бо қарор додани кӯдаки нобино дар дар мавқеиятҳои мухталифи маконӣ ва ошно намудани ӯ ба бӯҳое, ки ҳар кадом аз ин маконҳо дорад, зимни ин ки ӯ ин муҳитҳоро мешиносад, боиси тақвияти ҳисси бӯёии ӯ низ хоҳад шуд. Кӯдак аз ин роҳ мутаваҷҷеҳ мешавад, ки ҳар макон нисбат ба навъи коре, ки дар он ҷо анҷом мешавад, бӯйи мутафовите дорад. Масалан, мағозаи нонвойӣ ва мағозаи сабзифурӯшӣ бӯҳои мухталиферо доранд. Инҳо метавонад, алоиме барои аломатгузорӣ дар муҳит барои шинохти ҷиҳот ва ё таъйини масири ӯ бошад.

**Ҳифз ва тақвияти боқимондаи биноӣ:** Баъзе аз кӯдакон мушкили биноӣ ва ё заъф дар биноӣ доранд. Бо ин кӯдакон бояд чӣ тавр бархӯрд намоем, то ҳам битавонанд аз боқимонда биноии худ истифода намоянд ва ҳам дар ҳифз ва тақвияти он бикӯшанд? Мо ба ин кӯдакон маҳдудияти биноиро дар дарки фавосили ашёъ ва ё мавонеъ ёдовар мешавем, то битавонем аз бархӯрди онҳо бо мавонеъ ҷилавгирӣ карда ва биноии онҳоро ҳифз намоем.

Ҷилавгирӣ аз ворид овардани фишор ба чашм ва ҷилавгирӣ аз бархӯрд бо мавонеъ ва ё зарба ба чашм дар ҳифзи биноӣ кӯмак менамояд. Ҳифзи беҳдошт, истифода аз васоили кӯмакӣ барои мутолиа монанди айнак, заррабин, кутуби бирил ва дуруштнависӣ низ дар ин амр кӯмаки муҳиме ҳастанд. Адами фаъолиятҳои тӯлонимуддат, ки бо истифода аз чашм бошад ва ҳамин тавр, варзиши азалоти чашм метавонад дар ҳифзи боқимондаи биноӣ кӯмак намояд(ки ин кор бо таҷвизи мутахассиси чашм муяссар мебошад).

Бо истифода аз омӯзишҳое, ки ба кӯдак дода мешавад, метавонад, масалан, бо дидани сояҳои аҷсом ва ташхис додани чароғ, мавонеъ ё аҷсомро дар наздики худ бишиносад.

**Фаъолиятҳое ҷиҳати тақвияти ҳисси шунавоӣ:**

- Омӯзиши шинохти дурӣ ва наздикии садоҳо;
- Омӯзиш ҷиҳати шиносоии садои тавлидшуда;
- Омӯзиши дарки фосила аз тариқи шунидани садоҳои гуногун;
- Омӯзиши дарки фосилаи васоили нақлия бо забти савт (аз замоне ки дур ҳастанд, то замоне ки наздик мешаванд);
- Омӯзиши навъи василаи нақлия аз рӯйи садое, ки эҷод мекунад;
- Омӯзиши шинохти паррандагон аз рӯйи садоҳояшон (калоғ, гунҷишк, хурӯс ва ...);
- Омӯзиши шинохти ҳайвонот аз рӯйи садоҳояшон (асб, гов, улоғ, гӯсфанд ва ...);
- Омӯзиши шинохти ҳашарот аз рӯйи садоҳояшон (занбӯр, пашша, магас ва ...)

Шинохт: ҳисси шунавоӣ низ ҳисси бисёр муҳиме барои кӯдаки нобино мебошад, ки аз тариқи ин ҳис метавонем муҳити атрофашро ба ӯ бишиносонем ва мавқеияти ӯро дар муҳит мушаххас кунем. Ӯ аз ин роҳ афродеро, ки дар давр ва бараш ҳастанд, ба хубӣ шиносоӣ мекунад ва қодир аст бо онҳо иртибот барқарор бикунад.

**Мусиқӣ:** Дар омӯзиши мусиқӣ нут(нота)- ҳо бо бирил навишта шудааст ва фарди нобино бо истифода аз ҳисси ломисаи даст нутҳоро мехонад ва ба шиносоии оҳанги мавриди назар мепардозад. Дар барномаҳои кӯдакони нобино саъй ба ҷойгузинӣ ва тақвияти ҳисси шунавоӣ ба ҷойи ҳисси биноӣ шудааст ва дар ин барнома низ муваффақ будаанд. Бисёре аз кӯдакони нобино бо пушткор ва саъй ва алоқаи фаровон тавонистаанд пас аз гузарондани ин роҳи пурфарозу нишеб ба дараҷаи устодӣ расида ва худ ба унвони мураббӣ ба омӯзиши дигар афроди нобино бипардозанд. Ҳатто, гоҳе дида шудааст, ки ин афрод дар таълими афроди бино низ муваффақ будаанд. Афроди нобино дар навохтани куллияи созҳо чун пиёну, вилун, сантур, даф ва ... метавонанд табаҳҳур пайдо намоянд.

**Фаъолиятҳое ҷиҳати тақвияти ҳисси ломиса:** Дар хусуси фаъолиятҳое, ки метавон дар ҷиҳати тақвияти ҳисси ломиса дар кӯдакони нобино анҷом дод, сухан бисёр аст. Дар ин ҳисси ломиса дар се бахш: ломисаи сурат, ломисаи даст ва ломисаи по мавриди баррасӣ метавонад қарор гирад:

1. <u>Ломисаи по</u>. Аз тариқи ҳисси ломисаи по мо мутаваҷҷеҳи масир ва ҷинси замин мешавем, ки аз моса, асфалт, чаман ва ... метавонад бошад. Ҳамчунин, ба василаи ҳисси ломисаи по, мо метавонем сарболоӣ, сарпойинӣ ва, ҳатто, хаткашии хиёбонҳоро ташхис диҳем. Замоне, ки ҷиҳати пайдо кардани ашёе дар берун аз утоқ, ки дастро наметавон ба рӯйи замин кашид, аз ҳисси ломисаи по суд мебарем. Дар ин ҳолат бо ҳаракати так- таки поҳо ба сурати дарунӣ саъй мекунем, то ашёи мавриди назарро пайдо намоем.

2. <u>Ломисаи даст</u>. Вақте ки мехоҳем аз ин ҳис барои пайдо кардани масир истифода кунем, бояд аз ҳисси ломисаи пушти даст истифода кунем. Агар аз канори мизе рад мешавем, набояд даст рӯйи миз бикашем, чун эҳтимоли будани васоил дар рӯйи миз ҳаст, ки мумкин аст, бирезад ва ё бишканад ва ё василаи тезе бошад, ки дастро захмӣ кунад.

<u>Нукта</u>: Дар хондан ва навиштани бирил бо ангуштон кор мешавад; зарофати пӯсти ангушт ва ҳассосияти он набояд аз байн биравад ва ё захмӣ шавад. Барои пайдо кардани роҳ мо метавонем

масирро нишонагузорӣ кунем. Масалан, уток, ки тамом мешавад, як барҷастагӣ рӯйи девор аст. Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки нишонаҳо бояд собит бошад.

3. Ломисаи сурат. Тақвияти ломисаи сурат боис мешавад, ки фарди нобино вуруд ва хуруҷи худро аз муҳитҳои баста ба муҳитҳои боз ва билъакс, мутаваҷҷеҳ шавад ва ин метавонад дар ёфтани масир ва ҷиҳати ҳаракат муассир бошад. Гӯшаи абрӯ ҷиҳати тобиши офтоб ва суръати вазиши бодро мушаххас мекунад.

Фаъолиятҳое ҷиҳати тақвияти ҳисси ломисаро ин ҷо ёдовар мешавем: шинбозӣ, гилбозӣ (қабл аз гилбозӣ аз хамир низ метавонем истифода кунем), сумбода задан (масалан, чаҳоргӯшҳои нософ) ва баъд табдили онҳо барои позили хонасозӣ, гилсозӣ, наққошии барҷаста (бо рулт кашидан, истифода аз ашколи барҷаста ва часпондан ба рӯйи коғаз, дар марҳалаи баъдӣ дар мафҳуми истифода аз моводи мухталиф: донаҳо, пӯсти меваҳо ва часпондан ба рӯйи коғаз), наққошии рӯйгунӣ бо хутути барҷаста, наққошӣ аз таҷассуми худ ва баданшон ва қарор гирифтани саҳеҳи аъзои бадан дар наққошӣ (кӯмак гирифтан аз позили бадан ва дуруст кардан)-и шакли худ бо ашколи ҳандасӣ.

**Омӯзишҳои аввалия. Маҳоратҳои аввалия ҷиҳати тақвияти ҳаввос:** Рулт кашидан рӯйи коғаз. Қайчӣ кардан(қайчии хутути мошикии камбиноён, қайчии хутути рултшуда барои афроди нобино):

- бурриш задани коғаз дар масири мустақим
- бурриш задани коғаз дар ашколи ҳандасии мусаллас, мураббаъ ва …(ба баёни содатар: сегӯш ва чаҳоргӯш ва…);
- дӯхтани рӯйи чӯб ва фибр бо наххои захим (шиносоии андозаи сӯроххо ва дӯхт дар масири мустақим ва ё ашколи мухталиф ва чӯбҳое, ки аз худ шакл доранд. Дар марҳалаи баъдӣ, чӯбҳое, ки бояд дар рӯйи он шакл дӯхт). Мафҳуми сардӣ, гармӣ, нармӣ, забарӣ, хушкӣ, хиссӣ

**Фаъолиятҳое ҷиҳати тақвияти ҳисси ломиса:** Дар ин ҷо ба фаъолиятҳое, ки дар хусуси тақвияти ҳисси ломисаи даст бояд анҷом шавад, ишора мекунем, ки ниҳоятан метавонад мунҷар ба эҷоди як маҳорат ва ояндаи шуғлии вай шавад.

**Шинбозӣ**: Бозӣ бо шин ва моса ҷиҳати тақвияти ҳисси ломисаи даст ва ҳамин тавр, дар эҷоди оромиш ва тамаркуз дар кӯдакон бисёр муфид аст ва ибтикор ва навовариро дар кӯдакон парвариш медиҳад.

**Гилбозӣ (сафолгарӣ)**: Гилбозӣ дар ҷиҳати таблури он чи кӯдак ба_он фикр мекунад, муфид аст. Яъне, таҷассуме, ки кӯдак бо дастони худаш сохта ва пардохта ва, муҳимтар аз он, баъдан барояш қобили ламс ва монданӣ аст. Гилбозиро метавон муқаддимае барои сафолгарӣ дар кӯдакон донист. Барои бачаҳои кӯчактар мо метавонем аз хамирбозӣ истифода кунем.

**Кор бо чӯб ва сумбода задан (наҷҷорӣ, муаррақ):** Дар кор бо чӯб аз корҳое сода шурӯъ мекунем ва баъд, дар мароҳили оянда, тамриноти вайро пешрафт медиҳем. Масалан, чаҳоргӯшҳои нософро ба кӯдак медиҳем ва аз ӯ мехоҳем бо сумбода луббаҳои чаҳоргӯшҳоро комилан соф намояд. Аз ин тариқ, зимни омӯзиши маҳорати сумбода задан ба ҳадафи тақвияти азалоти кафи даст ва ангуштони кӯдакон даст ёфтаем, ки баъдан аз ин чаҳоргӯшҳо метавонад ба унвони позил ҷиҳати хонасозӣ ва … низ истифода намояд.

**Муаррақ**: Барои наздик кардани фосила (ва гоҳе ҳатто аз байн бурдани фосила) байни ҷомеаи ҳунармандони нобино ва бино саъй ва талоши фаровоне шудааст. Бисёре аз афроди алоқаманд ва ҳунарманд бо ибтикор ва навоварӣ дар ин роҳ гом бардоштаанд ва саъю кӯшиши бисёр намудаанд ва тавонистаанд дар байни афроди нобино афродеро алоқаманд бо ҳунарҳои зариф ва дақиқ бинамоянд ва онҳоро дар ин роҳ ёрӣ ва кӯмак бикунанд. Муаррақ аз ҷумлаи ҳунарҳои зариф ва ҳассос аст, ки ҳатто кӯдакони нобинои мутлақ низ метавонанд онро анҷом диҳанд. Зариф будани ин ҳунар ба далели тикка- тикка будан ва номанзум будани тиккаҳои чӯб дар он аст ва ҳассос будани он ба далели истифода аз арра мебошад, ки боястӣ ниҳояти саъй дар ошноии кӯдаки нобино бо теғаи арраро бинамоем, то аз бурридани ангуштонаш ҷилавгирӣ намоем (зеро ангуштони кӯдаки нобино ба масобаи чашмони фарди бино ҳастанд).

**Наққошӣ:** Мабҳаси наққошӣ дар хусуси афроди нобино матлабе бисёр ғариб ба назар меояд, вале бо таҷрибиёте, ки бо кӯдакони нобино анҷом додаем, тавонистаем ба муваффақиятҳои чашмгире даст ёбем. Албатта, мӯътақидем, чун кор бисёр ҷадид мебошад, ҳатман назароти созанда метавонад боиси пешрафти бештари кор бишавад. Барои анҷоми фаъолияти наққошии яксарӣ маҳоратҳои аввалияи зерин лозим ва зарурӣ мебошанд: Наққошӣ бо хутути рултшуда; Наққошӣ бо истифода аз часпондани ашколи ҳандасӣ ба даври ҳам(позулбозӣ- корти пустол);Наққошӣ бо истифода аз часпондани ашколи ҳандасӣ ба сурати шакли ҳайвонот ва таҷассум аз баданшон ва тарзи саҳеҳ қарор гирифтани аъзои бадан; Наққошии барҷаста бо истифода аз қарор додани моводи мухталиф мисли донаҳо, пӯсти меваҳо ва часпондани дохили нуқоти рулти кашида; Наққошии дохили зарф ё рӯйи батареи пластикӣ; Наққошии рӯйгунӣ бо хутути барҷаста; Кори рӯйи даст; Тоблуҳои барҷаста;

Омӯзиши рангҳо(барои нобиноён); Омӯзиши рангҳо(барои нимабиноён); Кор бар рӯйи синӣ ва батариҳои пластикӣ бо ранг.

**1. Рулт кашидан:** Кӯдаки нобино ибтидо бояд битавонад дар масири мустақим рулт бикашад ва баъд бо рулт битавонад хутути боз ва бастаро расм кунад.

**2. Қайчӣ кардан(марҳалаи аввал):** Кӯдаки нобино баъд аз омӯхтани маҳорати рулт кашидан дар хатти мустақим ва хутути мунҳанӣ бояд ёд бигирад, ки ин хутутро қайчӣ намояд. Барои кӯдакони нимабино метавон аз баргаҳое, ки рӯйи он бо можик хат кашида шуда, истифода намуд, то онҳо аз рӯйи хутут қайчӣ бикунанд. Дар ибтидо ҳадафи аслии мо қайчӣ кардани коғаз дар масири мустақим аст ва қайчӣ кардан рӯйи хутути мунҳанӣ дар марҳалаи баъдӣ қарор дорад. Албатта, мо бо таваҷҷӯҳ ба тафовут дар тавонмандиҳои кӯдакони нобино онҳоро омӯзиш медиҳем ва наметавон ҳеч замони мушаххасро барои омӯзиши ду фарди нобино дар назар гирифт. Дар ин гуна фаъолиятҳо кӯдак ниёз ба ҳамоҳангии асабӣ- узлонӣ дорад. Яъне он чиро ки омӯхта битавонад, иҷро кунад, ки ин тавони иҷро дар кӯдакон мутафовит мебошад. Бинобар ин, иҷрои ин фаъолиятҳо ниёз ба сабр ва ҳавсала ва пушткори мураббӣ ва кӯдаки нобино дорад, ки бо дилгармӣ корро шурӯъ карда ва бо саъйю кӯшиш коршонро идома диҳанд.

**Қайчӣ кардан(марҳалаи дуввум):** Дар ин марҳала аз кӯдаки нобино мехоҳем, ки шакли сегӯш ва чаҳоргӯшро бароямон рулт намояд. Ва баъд аз ин ки тавонист ин корро бо тамринҳои мудовим ба дурустӣ анҷом диҳад, қайчӣ кардани сегӯш ва чаҳоргӯшро аз ӯ мехоҳем ва баъд ба дунболи ашколи ҳандасии дигар меравем, мисли доира, лузӣ ва ғайра.

Лозим ба ёдварӣ аст, ки тарсим ва даровардани ин ашкол ҷузъи маҳоратҳои пояи мо ба ҳисоб меоянд ва дар оянда бо таваҷҷӯҳ ба ин нукоте, ки кӯдак ёд гирифта, омӯзиш хоҳем дод. Ӯ, бо аз канори ҳам гузоридани ин ашкол, метавонад наққошиҳои барҷастаеро дуруст намояд, ки баъд аз онҳо корти табрик дуруст намояд ва ё тоблуе барҷаста таҳия кунад.

**3. Дӯхтани рӯйи чӯби фибр**: Метавон фибре ба абъоди 20-30 см-ро дар назар гирифт, ки сӯроххое дар ҷоҳои мухталифи он вуҷуд дорад. Албатта, андозаи сӯроххо бояд мутафовит бошад. Кӯдаки нобино бо нахи захим дар сӯроххои фибр шурӯъ ба дӯхтан мекунад. Ибтидо кӯдакро озод мегузорем, то ба ҳар шакле, ки дӯст дорад, фақат амали дӯхтанро анҷом диҳад. Баъд бо истифода аз андозаи сӯроххо аз ӯ мехоҳем, ки аз сӯроххои кӯчак ва ё бузург фақат нахро рад бикунад. Дар марҳалаи баъдӣ, аз ӯ мехоҳем, ки шаклеро дар назар бигирад ва бидӯзад. Албатта, фибрҳое, ки шакли ҳайвонотро низ доранд, вуҷуд дорад, ки кӯдак метавонад давр то даври онро бидӯзад. Баъд аз муддате, ки кӯдак аз рӯйи шакл ҳайвонотро дӯхт, аз ӯ мехоҳем, ки ин шаклро худаш рӯйи ҳамон фибри аввалия(ки бидуни шакл аст) бидӯзад ва тарҳашро пайдо кунад.

Тамоми ин фаъолиятҳо, ки ба тартиб дар ин мабҳас омадааст, қадамҳое аст барои ба тасвир овардан ва таҷассуми он чизе, ки як кӯдаки нобино ҳис мекунад ва мароҳиле аст, ки ҷиҳати омӯзиши наққошӣ пешниҳод мешавад.

**Тарсими ашкол бо нуқоти барҷаста(мидоди нобиноӣ- рулт):** Қаблан ёдовар шудем, ки кӯдаки нобино рулт кашидан рӯйи хутути мустақимро ёд гирифтааст. Ҳол ӯ метавонад ҳар шаклеро, ки дӯст дорад, бо истифода аз рулт рӯйи коғаз биёварад. Ва худ бо ламси ҳар он чи ки тарсим кардааст, ба тасҳеҳ ҳаракаташро бипардозад. Тарсими ашкол бо истифода аз мидоди нобиноӣ ва лавҳ низ дар байни кӯдакони нобино бисёр дида шуда, ки ба унвони чашмаи худҷӯш аз он ёд мекунем ва баъд бо омӯзишҳое метавон ин тасовирро муназзамтар ва зеботар намуд.

**Наққошии рӯйгунӣ:** Ҷиҳати иҷрои наққошӣ бар рӯйгунӣ фаъолияти худро бо ашколи сода шурӯъ мекунем ва оҳиста- оҳиста омӯзишро такмил менамоем. Барои мушаххас шудани даври ашкол бояд аз дӯхт истифода намуд, то барҷаста шавад. Ҷиҳати ҷаззобтар шудани ашкол барои гурӯҳи нимабино аз рангҳои шод ва тунд истифода мекунем.

**Нукта**: барои дӯхти тасвири тарсимшудаи рӯйгунӣ метавон аз кӯдакони нимабино кӯмак гирифт.

Қабл аз шурӯи кор тамоми тасвири барҷастакуниро дар ихтиёри кӯдакон мегузорем, то комилан ламс кунанд ва бо кулли тасвир ошно шуда ва таҷассуме аз он тасвир дар зеҳни худ ба вуҷуд оваранд. Сипас, рангҳои муаттар (монанди гувош)-ро дар ихтиёри кӯдаки нобино қарор медиҳем, то дохили хутути барҷастаро ба дилхоҳи худ ранг намояд. Лозим ба зикр аст, қаблан барои тақвияти ҳисси бӯёӣ аз анвои меваҳо, сабзиҷот ва ғайра истифода кардем. Ҳоло барои муаттар кардани рангҳо кофӣ аст, масалан, чанд қатра усонси мавизро дохили ранги зард бирезем.

**Кор рӯйи дасти чӯбӣ:** Истифода аз ашколи чӯбӣ барои кӯдакони нобино бисёр муфид ва муносиб аст, зеро дар ҳангоми ламс шакли худро ҳифз мекунад ва ба далели муқовим будан метавон фаъолиятҳоро ба роҳатӣ рӯйи он анҷом дод. Бо истифода аз дастҳои чӯбӣ метавонед фаъолиятҳои зерро анҷом диҳед: гузоштани кафи дастҳо рӯйи ҳар кадом аз дастҳои чӯбӣ; шумориши ангуштон; тафовут дар қадди ангуштон; омӯзиши дасти рост ва чап; омӯзиши ангуштони дасти рост ва чап;

дуруст кардани тасвири барчастаи ҳар як аз афроди хонавода бар рӯйи ангуштон; фаъолиятҳои ибтикорӣ ва барчаста бар рӯйи дастҳо.

Дасти чӯбӣ як мисоли кӯчак аз ин намунаи фаъолиятҳо аст, ки шумо метавонед бо ибтикор ва халлоқият ва бар асоси ниёзи омӯзишии кӯдакон намунаҳои дигареро тарроҳӣ карда ва истифода намоед.

**Тоблуҳои барчаста:** Кӯдакони нобино пас аз фаро гирифтани омӯзиши ашколи мухталиф метавонанд аз канори ҳам часпондани ҳар кадом аз онҳо ашколи мухталиферо дуруст кунанд.

Барои он ки аз сардаргумии кӯдакони нобино ҷилавгирӣ кунед, ҳамеша саъй кунед, роҳнамои фаъолиятҳоятонро ҳам ба сурати барчаста ва ҳам ба сурат бирил дошта бошед. Дар акси зер рӯйи як коғази обӣ ашколи мухталифе ба сурати барчаста вуҷуд дорад, ки дар зери он ба сурати бирил исм ва шакли он тавзеҳ дода шудааст. Албатта, ҳар навъи василаи наққошӣ аам аз можик ё мидод ва ғайраро дар ихтиёри кӯдакон қарор медиҳем, то кӯдакони нимабино ва ё ҳатто нобино битавонанд он чиро, ки мехоҳанд ва ё дар зеҳн доранд, бароямон ба тасвир дароваранд.

**Омӯзиши рангҳо ба афроди нобино:** Мо барои омӯзиш ва шинохти рангҳо дар наққошӣ метавонем рангҳоро бо бӯ ҳамроҳ кунем. Ҳамон тавр ки ба ёд дорем, масалан, меваҳое мисли пуртуқол хотираи ранги норинҷӣ, мавиз- ранги зард, хиёр- ранги сабз ва ё тути фарангӣ ранги қирмизро ба ёди мо меоваранд ва мо метавонем зимни омӯзиши рангҳо бо гувош ё можик чанд қатра аз усонси ин меваҳоро ба ранги онҳо изофа кунем ва аз ин тариқ кӯдаки нобинои мо бо бӯйидани ҳар кадом мутаваҷҷеҳи ранги онҳо хоҳад шуд.

Дар рангомезии тарҳи мавриди назарамон бояд хутути наққошӣ ба шакли барчаста бошад. Масалан, дар рӯйи коғаз хутути рулт кашида шуда бошад ва ё рӯйгунӣ бо нахи дӯхта шуда бошад ва ..., то кӯдаки нобино бо ташхис додани муҳити наққошӣ ба рангомезии он бипардозад.

Барои омӯзиши рангҳои мухталиф дар коғазҳои рангӣ метавон ҳар ранги коғазро дар як нойлуни ҷудогона гузорад, сипас, ба пунбаи кӯчаке қадре усонси меваи мавриди назарро зада ва дар нойлуни коғази рангӣ гузорад ва дари онро баст. Масалан, чанд қатра усонси пуртуқолро рӯйи пунба рехта ва дохили нойлуни коғазӣ рангии норинҷӣ гузорад ва дарашро баст. Кӯдаки нобино ҳар вақт коғази норинҷӣ эҳтиёҷ дошта бошад, аз тариқи ҳисси бӯёии худ метавонад ранги коғази мавриди назари худро аз дохили ҳар нойлун бардорад ва фаъолияти ҳунарии худро анҷом диҳад.

**Кори дастӣ ва наққошӣ бар рӯйи синӣ ва батариҳои плостикӣ:** Дар бахши омӯзиши рангҳо, дар хусуси шинохти рангҳо масоилеро матраҳ намудем. Ҳол, бо истифода аз рангҳои мухталиф ба василаи қалами мӯ ё ангушт ба ранг кардан ва ё наққошӣ бар рӯйи зуруфи плостикӣ мепардозем. Аз ҷумлаи мазиятҳои ин фаъолият сода будани кор дар ҳини анҷом мебошад. Ҳамчунин, метавон бо изофа намудани коғазҳои рангӣ рубон ва тиккаҳои порчаи ашколи мутафовитеро бар рӯйи ин зуруф эҷод кард ва бо таваҷҷӯҳ бо завқ ва ибтикори кӯдак метавонад бо бурриш задани батариҳо шакли ҷадидеро дуруст бикунад.

**Талақҳои кӯмаки омӯзишӣ ҷиҳати афроди камбино:** Дар баъзе аз клосҳои омӯзишӣ ҷиҳати омӯзиши баъзе мафоҳими идрокӣ ба афроди камбино аз варақаҳои нозуки талақ истифода мекунанд, ки бар рӯйи он тасвире нақш бастааст. Кудаки камбино дар ҷулӯи тоблуи марбута қарор гирифта ва бо таваҷҷӯҳ ба гӯйи оинаи чархандае, ки дар канори тасовир қарор дорад ва инъикоси нуре, ки бар гӯй ва тасовир ба вуҷуд меояд, тасовири барроқи ҷолиберо мушоҳида хоҳад кард.

**Дарки мафоҳими ҳиссӣ (гармӣ, сардӣ, нармӣ, зибрӣ, хушкӣ, хайсӣ):** Агарчи шояд ин мафоҳим дар ин ҷо ба назар он тавр коройӣ надошта бошад, валекин хоҳед дид, ки тамоми ин мафоҳим барои кӯдак бисёр коромад хоҳад буд. Ба далели боло будани ҳассосияти ҳисси ломиса дар нобиноён нисбат ба афроди оддӣ мо тафовути андаки гармо ва сарморо метавонем аз кӯдакмон суол намоем. Ҳамин тавр, андак тафовут байни нармӣ ва зибрӣ дар корҳои баъдӣ бисёр ба кор меоянд. Хушкӣ ва хайсӣ низ, ки шояд битавонем андак рутубатро ҳатто ҳис намоянд, аз ин ҷумла мебошанд. Валекин ин маворид бояд дар кӯдак парвариш дода шавад, то беҳтар битавонад аз он истифода намояд.

Ёдгирии ин мафоҳим дар шиносоии муҳити атрофи нобино метавонад ба ӯ кӯмак кунад ва иртиботи мутақобилашро бо муҳит бештар кунад ва дар баъзе аз маворид муҳофизат аз ӯро низ муҷиб мешавад.

Дар ҳамомехтани тамоми омӯхтаҳо ва маҳоратҳои ёддодашуда ба кӯдаки нобино ӯро қодир месозад, то битавонад фаъолиятҳои ибтикории зиёдеро анҷом диҳад. Пас, саъй намоем, фаъолиятҳои мунсаҷим ва дунболадорро ба кӯдакон ёд диҳем.

**Маҳоратҳо ҷиҳати тақвияти ҷиҳатёбӣ ва ҳаракат:** Ҷиҳатёбӣ, яъне ин ки фард барои таъйини вазъияти худ ва иртибот бо ашё пиромуни муҳиташ аз ҳавоси худ истифода кунад. Афзоиши огоҳии нобино аз муҳит барои ҳаракати мустақили ӯ зарурӣ аст ва дар ҳангоми ҳаракат метавонад амнияти ӯро тазмин кунад ва тасаллути бештаре бар муҳит дошта бошад.

Пешниёзҳое, ки барои тақвияти маҳорати ҷиҳатёбӣ ва ҳаракат лозим аст, монанди: парвариши ҳавос ва шинохти бадан, дар фусули қабл ба онҳо ишора шуд. Дар мабҳаси ҷиҳатёбӣ ва ҳаракат ба омӯзиши маҳорати ҳаракат бо роҳнамои бино, тикникҳои ҳифозатӣ ва маҳоратҳои корбурди асо ва ғайра пардохта мешавад, ки дар китобҳои таҳаррук ва ҷиҳатёбӣ ба тафсил ба ин маворид пардохтаанд. Дар ин ҷо ба аҳдофи куллии таҳаррук ва ҷиҳатёбӣ ва мавориде, ки бояд ба як кӯдаки нобино дар буд ва вуруд ба мадраса (дар хусуси таҳаррук ва ҷиҳатёбӣ) омӯхт, мепардозем.

**Ҳадафҳои куллӣ:**1. Ҷиҳотро бишиносад. 2. Аъзо ва андомҳои баданро бишиносад ва ном бибарад. 3. Тариқаи саҳеҳи истодан ва ҳамоҳангии байни аъзои баданро биёмӯзад. 4. Бо нукоти айманӣ дар ҳангоми роҳ рафтан, нишастан ва истодан ошно шавад. 5. Муҳитҳои гуногунро бишиносад ва тафовути онҳоро ташхис диҳад(муҳити боз, муҳити баста…). 6. Ҳаракати инфиродӣ ва бидуни кӯмак ба дигаронро биёмӯзад. 7. Бо васоили мавҷуд дар муҳит ошно шавад ва истифода ва нигаҳдорӣ аз онҳоро бидонад. 8. Наҳваи истифода, савор ва пиёда шудан аз васоили нақлияро бидонад.

**Ҳадафҳои рафторӣ:** 1. Битавонад дуруст биистад, бинишинад, роҳ биравад ва бидавад. 2. Муҳитҳои мухталифро аз якдигар тафкик намояд. 3. Бо кӯмаки фарди роҳнамо рафтуомад кунад ва ба танҳоӣ қодир ба ҳаракат ва рафтуомад бошад. 4. Битавонад аз нуқоте чун ҷӯйҳо ва луббаҳо убур кунад. 5. Битавонад бо истифода аз кӯмаки фарди роҳнамо аз нуқоте чун лубба ва ҷӯй убур кунад. 6. Бо нармишҳо ва анвои ҳаракот ошно шавад (роҳ рафтан ба равишҳои гуногун, ҳаракати оҳиста бо кӯмак ва ҳамоҳангии дастҳо ва поҳо, ҳаракати рӯйи луббаҳои камиртифоъ, рӯйи панҷаи по истодан, чархидан рӯйи як по , ҷуфти по паридан, ҳифзи таодул бар рӯйи як по, роҳ рафтан ба самти ақиб, ҳамли чизе дар ҳоли роҳ рафтан, ҳаракат бар рӯйи сутӯҳи гуногун, убур аз луббаҳо, ҳаракат аз чап, рост, ақиб ва ҷулу). 7. Назм ва тартиб дар истодани сафро риоят кунад (саффи клос, саффи субҳгоҳӣ, саффи сирвис ва… ). 8. Қодир ба боло рафтан ва пойин омадан аз паллаҳо бо кӯмаки нардаҳо ва сойири ҳифозҳо бошад. 9. Бо истифода аз кӯмаки фарди роҳнамо қодир ба боло рафтан ва пойин омадан аз паллаҳо бошад. 10. Васоилеро, ки рӯйи замин афтода, биёбад ва ба таври саҳеҳ аз рӯйи замин бардорад ва дар ҷойи махсуси худаш қарор диҳад. 11. Васоилеро, ки рӯйи замин афтодааст, бо кашидани по (ба шакли мунҳанӣ) рӯйи замин шайъеро пайдо кунад ва бардорад. 12. Васоилеро, ки рӯйи замин (фарш ва мавкат) афтода, бо кашидани даст(ба шакли мунҳанӣ) пайдо кунад ва бардорад.


### АДАБИЁТ

1. Руйстун Робирт. Ломиса. Аз маҷмӯаи «Ҳавоси панҷгона»:- Теҳрон: Калом, чопи чаҳорум, 1370.
2. Ҷадидӣ Баҳром. Муқоисаи асари омӯзиши тасовири барҷаста ва омӯзиши каломӣ бар ёдгирии фаъолиятҳои бадании донишомӯзони нобино:- Теҳрон, 1372.
3. Шоҳӣ Заҳро. Муқоисаи таъсири ду равиши омӯзишии тасовири барҷаста ва ламси ҳаракат бар ёдгирии ҳаракоти баданӣ дар донишомӯзони нобино:- Теҳрон, 1374.
4. Сиддиқ Муҳаммадризо. Сайре гузаро дар омӯзиш ва беҳзистии маълулини нобино:- Теҳрон: Рӯдакӣ, чопи аввал, 1363
5. Сиддиқ Муҳаммадризо. Ҷазавоти маҳоратҳои аввалия:- Теҳрон, 1370.
6. Фатӣ Манзар, Карбосизода Шамсуззамон. Ҷазавоти дарсии маҳорати ламс:- Теҳрон, 1372.
7. Фит Ҳолисоф. Тарбияти баданӣ ва бозпарварӣ барои рушд, созгорӣ ва беҳбудии маълулон, 1369.
8. Ҳолоҳон Дониилпи Кофман Ҷеймз. Кӯдакони истисноӣ. Муқаддимае бар омӯзишҳои вижа, 1371.
9. Hallahan Daniel P. Kauffman, James M: Exceptional to Special Education. Fourth Edition. 1988.
10. Eye Health Committee American School Health Association: Teaching about vision. First Edition. 1960.


### ЗАНЯТИЯ ПО УКРЕПЛЕНИЮ ОРГАНОВ ЧУВСТВ У СЛЕПЫХ ДЕТЕЙ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ


В данной статье автором рассматриваются пути и методы проведения различных занятий по укреплению органов чувств у слепых идетей, а также рассматриваются их использование. Приводятся примеры различных игр, которые способствуют укреплению органов чувсту данной категории детей.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** органы чувств, укрепление органов чувств у слепых детей, занятия, различные игры.


### CLASSES IN STRENGTHENING OF SENSE ORGANS AT BLIND CHILDREN AND THEIR USE


In this article the author considers ways and methods of carrying out various classes in strengthening of sense organs at blind ideate, and also are considered their use. Examples of various games which promote strengthening of to this category of children are given.



**KEY WORDS:** sense organs, strengthening of sense organs at blind children, occupations, various games.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Захро Шохи*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# АҲАМИЯТИ ҲУЗУРИ МУРАББИЁНИ БЕҲДОШТ ДАР БЕҲДОШТИ МУҲИТИ СИНФ ВА ҲАВЛИИ МАКТАБ ДАР МАКТАБҲОИ ДУХТАРОНАИ ШАҲРИСТОНҲОИ ВИЛОЯТИ ТЕҲРОН

*Акрами Ҳофизӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар ин таҳқиқ нақши мураббиёни беҳдошт (санитарӣ) дар беҳдошт(саломат)-и муҳити синф ва ҳавлии мадраса дар мактабҳои духтаронаи шаҳристонҳои вилояти Теҳрон мавриди баррасӣ қарор гирифта аст.

Мақсади умумӣ дар ин пажӯҳиш таъсири иштироки мураббиёни беҳдошти мактабҳо дар заминаи риоят кардани нукоти беҳдоштӣ дар муҳити синф ва ҳавлии мадраса ва ироаи пешниҳодҳо бар асоси ёфтаҳои пажӯҳиш ҷиҳати ислоҳ кардани вазъияти мавҷудбудаи он аст, бо умеди он ки битавонем стандартҳои беҳдоштиро дар тамоми мактабҳо пиёда(роҳандозӣ ё амалӣ) кунем.

Ҷомеаи оморӣ (ҷое, ки дар бораи он тадқиқот мешавад) дар ин таҳқиқ ҳама мактабҳои ибтидоии духтаронаи шаҳристонҳои вилояти Теҳрон аст.

Равиши омории таҷзия ва таҳлили додаҳо озмуни **"Маҷзур Хи"** аст. Натиҷаҳои ин таҳқиқ нишон дод, ки:

- Байни вазъияти беҳдошти(санитари)-и беҳдошт(саломат)-и муҳити синф ва ҳавлии мактаб ва будану набудани мураббии беҳдошт ва мутағайирҳои беҳдоштӣ мисли вазъияти низофат(тозагӣ)-и дохили синфҳо, вазъияти низофати шишаҳо ва тирезаҳо, вазъияти низофати мизҳо ва курсиҳо, ҷамъоварии партовҳо аз синфҳо, дуруст будани паризҳо(разведка)-и барқии синфҳо, вазъи низофати ҳавлии мадраса ва ҷамъоварии партовҳо аз ҳавлии мактабҳо ихтилофи маънидори оморӣ мушоҳида шуд. Ва ба таври куллӣ таъсироти мусбати мураббиёни беҳдоштӣ дар мактабҳо, бо таваҷҷӯҳ ба ёфтаҳои ин пажӯҳиш, инкорнопазир аст.

Таълим ва тарбият дар шароити ором ва беҳдоштӣ(солим) сабаби афзоиши тамаркуз(диққат), иштиёқ(хоҳиш)-и тайёр будан ва диққат кардан дар ёдгирӣ мешавад. Бинобар ин, дониши беҳдоштӣ бояд аз аввали синни кӯдакӣ омӯхта шавад. Пас, сармоягузории ҷомеаҳо дар заминаи саломатӣ ва омӯзиши донишомӯзон коре аст, ки зербиноӣ (фундаменталӣ) ҳисоб мегардад, зеро боло бурдани сатҳи огоҳиҳо(иттилоот)-и беҳдоштӣ нақши муҳиме дар тағйири биниш(ҷаҳонбинӣ) ва амалкарди афроди ҷомеа дорад, бинобар ин, ҳар гуна сармоягузорӣ дар ин замина таъсири муҳиме дар оҳанг(навъ)-и рушд ва пешрафти ҷомеа хоҳад дошт.

Агар ҳамаи ҷаҳонро ба шакли як мавҷуди куллӣ дар назар бигирем, бидуни шак муҳити зист(зиндагӣ) беш аз дигар омилҳо ба беҳдошту саломатии мардум таъсир мегузорад.(2) Беҳтарсозии муҳити зист, ҳамон тавр, ки аз номаш пайдост, тамоми робитаҳои печида байни муҳитеро, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад ва чанду чуни саломатиро, ки аз он баҳраманд мешавад, дар бар мегирад ва дармонҳои пизишкиро сабаб мегардад.

Донишмандони зистшиносӣ(биологӣ) ҳама назари якхела доранд, ки таъсири омилҳои ирсӣ дар таъини сарнавишти мавҷудоти зинда ҳар қадар қавитар бошад, дар муҳити номусоид хунсо мегардад ва бар ин асос аст, ки беҳдошт ва беҳбуди муҳити зист дар раъс (сар)-и барномаҳои давлатҳо қарор дошта ва ҳар чи афроди ҷомеае бештар бо усули беҳдоштӣ, махсусан, муҳити зист ошноӣ ёбанд, зимни зиндагии беҳтар ва тӯлонитар аз назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ рушди бештаре хоҳанд дошт(3), агар афроди ҷомеа ҳадди ақал 12 сол аз ҳассостарин даврони зиндагӣ ва марҳилаҳои рушди худро ба хотири таълим ва тарбияти солим дар мактабҳо сипарӣ мекунанд (4).

Кӯдак қисми зиёди зиндагии худро дар муҳити мактаб сипарӣ мекунад ва дар рӯ ба рӯи таъсирҳои васеъ ва гуногуни муҳит аз назари омилҳои физикӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ қарор дорад (5).

Вазъияти донишомӯзон, махсусан беҳдошти мактабҳо ва муҳити таҳсилии онҳо, як муҳити солим ва беҳдоштӣ нест, шинохти хусусиятҳо ва мушкилоти ҷисмонӣ ва равонӣ, ин осебпазиртарин гурӯҳи иҷтимоӣ ҳамроҳ бо пешниҳоди роҳи ҳалҳо дар ҷиҳати таъмини беҳдошти ҷисму равони онҳо кори муҳим ва ҳаётӣ аст.

Дар кишвари мо ҳар рӯз беш аз 14 миллион хонанда ба мактабҳо мераванд. Барои таъмини беҳдошти онҳо ташкилоти беҳдошти мактабҳо аз ним қарн пеш созмон дода шуда ва дар тӯли ин муддат тағйирот ва таҳаввулоти бисёре низ дар он ба вуҷуд омадааст, аммо бо вуҷуди ин, собиқаи тӯлонӣ ҳануз бисёре аз масъалаҳои ибтидоии беҳдошт дар мактабҳоро бидуни ҳал боқӣ мондааст.

Бо дарназардошти ин мавзӯъ, ки мактаб дар дараҷаи аввал маконе аст, ки кӯдакон дар он тарзи зиндагӣ карданро ёд мегиранд ва низ бештари афрод барои зиндагии муваффақ ба аҳамияти беҳдошт таваҷҷӯҳ доранд, бинобар ин, бояд барномаи комили иттилоот ва омӯзиши беҳдошт, ки шомили имрӯз ва оянда бошад, барои кӯдакон дар назар гирифт.

Ин иттилоот мебоист мувофиқи фаҳми кӯдакон ва аз нуқтаи назари ёдгирӣ барои онҳо ҷолиб бошад. Гарри ва Фулер ақида доранд, ки омӯзиши беҳдошт як хидмати беҳдоштӣ бо аҳамияти ҳаётӣ аст, ки кӯдаконро барои марҳилаҳои баъдии зиндагӣ тайёр менамояд (6).

**Ҳадафи омӯзиши беҳдоштро метавон дар се қисм хулоса намуд:**

1.Таълим ва тарбияти кӯдакон ва ҷавонон барои ҳифз, беҳбуд ва саломатии фард то битавонанд рӯҳан ва ҷисман ва ахлоқан афроде солим ва бонишот тарбия шаванд ва ба ҳоли худ ва оилаю ҷомеаашон фоидаовар бошанд.

2.Ба вуҷуд овардани фаҳми комил дар хонандагон, ки онҳо падарону модарони оянда хоҳанд буд ва дар чигунагии зиндагии беҳдоштӣ ва тағйири одатҳои носаҳеҳи беҳдоштии онҳо ва ҷойгузин намудани онҳо бо равишҳо ва одатҳои саҳеҳ кори муассир аст.

Иттилооти беҳдоштӣ, ки дар мактабҳо мебоист омӯзиш дода шавад, иборат аз мавзӯъҳое аз қабили покизагӣ ва беҳдошти шахсӣ дар рушду нумӯ, хӯрокхӯрии дуруст, иҷобати мизоҷ, нигаҳбонии хуб аз аъзои ҳиссии бадан ва дандонҳо, таносуби андом, хоб ва истироҳат, тафреҳ ва варзиш, эҷоди муҳити беҳдоштӣ, беҳдошти равонӣ ва татбиқ кардани он бо ҷомеа ва муҳит, пешгирӣ аз бемориҳои гузаранда, тасодуфҳо ва дур будан аз хатар мебошад(7). Мактаб яке аз муҳимтарин мақоми созмонёфтаи иҷтимоӣ аст, ки бояд бо фароҳам намудани муҳити солим ва беҳдоштӣ ба ҷисму равони кӯдакони ҷомеа имкони шукуфоӣ бидиҳад ва онҳоро нисбат ба дигар ашхос, оила ва иҷтимоъ масъулиятшинос ба бор оварад ва аз онҳо падарону модарони шоиста, лоиқу коромад ва муфид бо вазъияти иҷтимоъ бисозанд (8).

Дар мавриди омӯзишгоҳ истилоҳи муҳит бояд дар куллитарин шакли он мавриди мутолиа қарор гирад. Ба иборат дигар, муҳити мадраса маънии васеъ дошта ва на танҳо иборат аз иттилооти лозим аз вазъи сохтмон аст, балки огоҳии кофӣ аз ҳудуди мактаб ва вазъи беҳдоштии он, маҳалли таъсис, асбобу анҷоми амниятии омӯзишгоҳ ва васоилу иртибототи рафторӣ ва равонӣ байни масъулони мактаб ва шогирд низ мебошад. Дар ҳақиқат муҳити ҳар омӯзишгоҳ бояд тавре муҷаҳҳаз бошад, ки дар он эҳтимоли ба вуҷуд омадани ҳеҷ гуна хатарҳои ҷисмӣ, равонӣ ва ахлоқӣ барои кӯдаконе, ки дар он ба таҳсил машғул ҳастанд, вуҷуд надошта бошад.

Меъёри масоҳати замини мавриди ниёз ҷиҳати бунёди мактаб миқдори хонандагоне аст, ки бояд дар он мактаб ба таҳсил машғул шаванд ва бар ин асос ҳадди ақалли масоҳати замини лозим барои бунёди як мактаби рустоӣ ё шаҳрӣ бедарназардошти теъдоди ками хонандагон байни 800 то 1000 метри квадратӣ аст.

Ҳамчунин, замини варзиш ва бозӣ низ барои ҳар кӯдак дар ҳудуди 2/5 то 5 метри квадратӣ дар назар гирифта шавад. Заминҳои бозӣ бояд соф ва ҳамвор буда ва дар тарафи офтобгири сохтмон қарор гиранд ва фарши он тавре бошад, ки ҳангоми бозӣ гарду хок нахезад ва аз назари ҷойгиршавӣ ҳангоми пеши бодро гирифтан дар баландӣ ё пастӣ набошад. Ба таври куллӣ барои мактабҳои ибтидоӣ ҳадди ақал 2000 метри квадратӣ барои ҳар сад хонанда ба изофаи 1000 метри квадратӣ барои 100 хонандаи иловагӣ бояд дар назар гирифта шавад(7).

Ақида бар ин аст, ки тарҳи сохтмон ва вазъи қисмҳои мухталифи мактаб аз қабили омӯзишӣ ва хадамот, бояд бар асоси синни хонанда анҷом гирад. Теъдоди зиёди хонандагон ва густариши барномаҳои омӯзишӣ низ бояд дар тарҳи аввалия пешбинӣ шаванд. Сохтмони мактаб бояд ба тарзе тарроҳӣ ва бунёд шавад, ки дар сурати лозим битавон ба осонӣ дар барномаҳои омӯзишии он таҷдиди назар кард (3).

Сохтмони якошёна барои мактаб муносибтар аст ва агар ба иллате сохтмони дуошёна бино шуда бошад, хонандагони солашон поинтарро бояд дар ошёнаи якум қарор дод. Дар мактабҳои ибтидоӣ беҳтар аст синфҳои хонандагони хурдсол дар ошёнаҳои поин қарор дода шавад. Ошёнаҳои синфӣ барои дабистонҳо, давраи роҳнамоӣ ҳадди аксар ду ошёна ва барои дабиристон ҳадди аксар се ошёна иҷозат аст (9).

Бар асоси стандартҳо, коргоҳ ва озмоишгоҳ тибқи муқаррарот китобхона ва салони варзишӣ барои мактабҳои калон дар назар гирифта шавад.

Ба таври тарбиятӣ барои як синфи 30 нафарӣ утоқи дарозиаш 8 метр,бараш 6 метр ва баландиаш 4 метр муносиб аст. Масоҳати лозим дар синф бо ҳисоб кардани ҳар хонанда бояд ҳадди ақал 1/25 метри квадратӣ ва ба таври куллӣ муҳити лозим барои ҳар хонанда 4/5 метри мукааб (4/5м$^3$) аст. Девори синфҳо бояд комилан хушк ва бидуни шикофи ҳархела ва ҳадди ақалл ба баландии 1/5 метр аз фарши синф қобили шустушӯ буда (монанди ранги рӯған – пластик) ва бақияи девор ба ранги маъмулӣ ва ба тарзе сохта шавад, ки аз гузарондани садо ба синфҳои паҳлӯӣ пешгирӣ кунад. Фарши синфҳо бояд қобили шустушӯ, ҳамвор ва бидуни шикоф буда ва лағжандаю намнок набошад. Сақф низ соф ва бидуни порагию шикоф ва ба ранги равшан бошад, то нурро беҳтар инъикос кунад.

Дар ин пажӯҳиш мақсади асосӣ таъсири иштироки мураббиёни беҳдошти мактабҳо бар вазъияти беҳдошти синфҳо ва ҳавлии мактабҳо иборат аз ҳафт фарзияи фаръӣ(ғайри асосӣ) ба шарҳи зерин мебошад: вазъияти тозагии маҳвата(дохил)-и синфҳо; вазъияти тозагии шишаҳо ва тирезаҳо; -вазъияти тозагии мизу курсиҳои синфҳо;дуруст будани париз (разведка)-ҳои барқи синфҳо; ҷамъоварии партов (мусор) аз синфҳо;вазъияти тозагии ҳавлии мадраса;ҷамъоварии партов аз ҳавлии мадраса.

Натиҷаҳои ин пажӯҳиш ба саволҳои зерин посух хоҳад дод:

1. Вазъияти беҳдошти муҳити синф ва ҳавлии мактабҳои ибтидоии духтаронаи шаҳракҳои вилояти Теҳрон, ки назораткунандаи беҳдошт(санитарӣ) надоранд, чӣ гуна аст?

2. Вазъияти беҳдошти муҳити синф ва ҳавлии мактабҳои ибтидоии духтаронаи шаҳракҳои вилояти Теҳрон, ки назораткунандаи беҳдошт(санитарӣ) доранд, чӣ гуна аст?

3. Оё байни вазъияти беҳдошти муҳити синф ва ҳавлии мактабҳои ибтидоии духтаронаи шаҳракҳои вилояти Теҳрон ва мавҷуд будан ё набудани назораткунандаи беҳдошт робита вуҷуд дорад?

Равиши таҳқиқ дар ин пажӯҳиш равиши ниматаҷрибии пасрӯйдодӣ аст, зеро муҳаққиқ имкони ҳеҷ гуна дасткорӣ ва тағйир дар мутағайирҳоро надошта ва сирфан андозаи мутағайирҳоро пас аз ба вуқуъ омадан мавриди санҷиш ва арзёбӣ қарор медиҳад.

Дар ин таҳқиқ муҳаққиқ сирфан вазъияти беҳдошти муҳити мактабҳоро бе дасткори(тағйир)-и мутағайир(тағйирёбандаҳо) мавриди баррасӣ ва озмун қарор медиҳад.

Ҷомеаи мавриди таҳқиқ дар ин пажӯҳиш, ҳамаи мактабҳои ибтидоии духтаронаи шаҳристонҳои вилояти Теҳрон аст ва кӯдакони аз 7 то 12 сола дар шифтҳо(сменаҳо)-и собити субҳ, собити аср ва ё гуногун дар онҳо таҳсил менамоянд.

Дар ин пажӯҳиш намунаи таҳқиқи мактабҳои ибтидоии духтаронаи шаҳристонҳои вилояти Теҳрон аст, ки дорои шароити мактабҳои мавриди таҳқиқ мебошанд.

Равиши гирдоварии иттилоот мушоҳидаи мустақим бо истифода аз формаи феҳристи контрол мебошад. Ин форма дорои 7 савол аст, ки ҳар савол ба як фарзи фаръӣ(ғайри асосӣ) марбут аст ва натиҷаи ҳосил аз ҳар савол пас аз истихроҷ дар ҷадвали ҷудогона оварда шудааст.

Ҷиҳати таъини равоии илмӣ, воситаҳои гирдоварии додаҳо аз равиши равоии мӯҳтаво(мафҳум) истифода мешавад.

Ба ин тартиб, ки бо мутолиаи китобҳою нашрияҳо ва пажӯҳишҳои дигар, феҳристи контроли мушоҳида тавассути пажӯҳишгар бо роҳнамоии роҳбари илмӣ ва мушовир таҳияву танзим мегардад ва сипас тавассути гурӯҳе аз аъзои ҳайати илмии донишгоҳҳо аз ҷиҳати мӯҳтаво ва муносиб будани он барои ин таҳқиқ ва мактабҳои мавриди таҳқиқ мавриди натиҷагирӣ қарор гирифт, ки пас аз даровардани тағйиротҳои лозим тибқи пешниҳодҳо, ҷиҳати эътибори илмӣ тайёр гардид.

Озмуни **"Маҷзур Хи"** озмуни набудани вобастагӣ аст, ба ин маъно, ки як мутағайир дигар таъсир намепазирад ва ё робита бо онҳо вуҷуд надорад, вале чун тағйирёбандаҳо ҳама сифатӣ ё маънавӣ будаанд, озмуни **"Маҷзур Хи"** беҳтарин озмун барои таҳлили додаҳо мебошад.

**Ҷадвали 6**. Натиҷаҳои озмунҳои оморӣ барои муқоисаи мактабҳое, ки мураббии беҳдошт доранд ва мактабҳое, ки мураббии беҳдошт надоранд

| **Матни савол** | **"Маҷзур Хи"-и ҳисобшуда** | **Сатҳи маънидор** |
|---|---|---|
| Вазъияти тозагии дохил ё муҳити буфет | 12/786 | 0/99 |
| Бастабанди(упаковка)-и маҳсулоти хӯрокӣ | 3/914 | - |
| Тарзи нигоҳдории маҳсулоти вайроншаванда | 8/062 | 0/95 |
| Ҷамъоварии партов(мусор) аз буфет | 12/786 | 0/99 |
| Либоси касе, ки маҳсулоти хӯрокӣ медиҳад | 20/976 | 0/999 |

Дар робита бо фарзияи рақами 5 (либоси касе, ки маҳсулоти хӯрокӣ медиҳад) ин фарзия дар сатҳи итминон (99/9%) таъид(қабул) мегардад, вале метавон чунин қазоват(ҳукм) кард, ки байни либоси касе, ки маҳсулоти хӯрокӣ медиҳад, дар мактабҳои бо мураббӣ ва мактабҳои бе мураббии беҳдошт фарқият вуҷуд дорад. Иқдомоти амалии мураббиёни беҳдошт ба ҳавзаи ихтиёроти онҳо бармегардад. Мураббиёни беҳдошт барои иҷрои хадамоти беҳдоштии мустақим бар кӯдакони бемор ва назорат бар буфете, ки маҳсулоти хӯрокӣ дорад, ихтиёроти бештаре доранд ва мустақиман дар ин заминаҳо иқдом менамоянд.

Дар робита бо фарзияи рақами 1 (вазъияти тозагии дохили буфет) ин фарзия дар сатҳи итминон (99/9%) қабул мешавад, вале метавон чунин қазоват(ҳукм) кард, ки байни вазъияти тозагии дохили буфети бомураббӣ ва буфети бемураббии беҳдошт, фарқияти маънидор вуҷуд дорад.

Дар робита бо фарзияи 4 (ҷамъоварии партов аз буфет) ин фарзия дар сатҳи итминон (99%) таъид мегардад ва метавон чунин қазоват кард, ки байни ҷамъоварии партов аз буфет дар мактабҳое, ки мураббии беҳдошт доранд ва дар мактабҳое, ки мураббии беҳдошт надоранд, фарқият вуҷуд дорад.

Аз 6–1% бемориҳои гузаранда аз тариқи ҳашарот ва ҷавандагон(газандагон) мисли пашша, магас, таракан ва мӯш мегузаранд. Онҳо омилҳои беморизоро аз маҳсулоти олӯдашуда мисли мадфуъ (г..х) ва партов ба маҳсулоти хӯрокӣ ва дар натиҷа ба инсон мунтақил менамоянд.

Тарзи нигоҳдории маҳсулоти вайроншаванда. Ин фарзияҳо бо итминон (95%) таъид мешаванд, вале метавон чунин қазоват кард, ки байни мавридҳои дар боло зикргардида, дар мактабҳое, ки мураббии беҳдошт доранд ва дар мактабҳое, ки мурабии беҳдошт надоранд, фарқияти маънидор вуҷуд дорад.

**Бастабандии маҳсулоти хӯрокӣ.** Ин фарзия мавриди қабул қарор нагирифтааст, вале наметавон хулосабарории бовариабахше дар ин бора, ки мавҷуд будани фарқияти воқеӣ ва қобили қабул байни мактабҳое, ки мураббии беҳдошт доранд ва мактабҳое, ки мураббии беҳдошт надоранд, натиҷагирии боварибахшона намуд. Шояд битавон гуфт, ки далели ин кор таваҷҷӯҳи бештари масъулони мактабҳо ба ҷанбаҳо(бахш)-и зоҳирии беҳдошт ва покизагии мактабҳо бошад. Ва ҳамчунин, дар баъзе аз мавридҳои хоса монанди бастабандии маҳсулоти хӯрокӣ ин далели ихтилофи оморӣ қобили мулоҳиза набудааст, ки бо бахшномаи идораи беҳдошти мактабҳо, буфетҳо ва маҳалҳои додани маҳсулоти хӯрокии мактабҳо бояд аз маҳсулоти хӯрокии бо бастабандии стандартӣ истифода намоянд. Ва ба таври куллӣ бастабандии маҳсулоти хӯрокӣ маъмулан дар берун аз мактаб анҷом мешавад ва нақши мураббиёни беҳдошти мактабҳо дар ин мавридба сурати мустақим нест.

**Хулосаи натиҷагириҳо иборат мебошанд аз**:

1.Вазъияти беҳдошти маҳсулоти хӯрокӣ ва буфетҳои мактабҳое, ки мураббии беҳдоштӣ надоранд, нисбатан дар ҳадди қобили қабул аст.

2.Вазъияти беҳдошти маҳсулоти хӯрокӣ ва буфетҳои мактабҳое, ки мураббии беҳдоштӣ доранд, дар ҳадди хуб аст.

3.Байни вазъияти беҳдошти маҳсулоти хӯрокӣ ва буфетҳои мактабҳо ва мавҷуд будану набудани мураббии беҳдошт дар мутағайирҳои беҳдошти маҳсулоти хӯрокӣ ва буфетҳо ихтилофи маънидори оморӣ мушоҳида шуд, яъне либоси касе, ки маҳсулоти хӯрокӣ медиҳад, вазъияти тозагии маҳвата(дохил)-и буфет, ҷамъоварии партов аз буфет, тарзи нигоҳдории маҳсулоти вайроншаванда дар мактабҳое, ки мураббии беҳдошт вуҷуд дорад, беҳтар ва дар ҳадди хуб мебошад. Мавридҳои дар боло зикр шуда, мавридҳое ҳастанд, ки мураббиёни беҳдошт бо дарназардошти ихтиёроти худ метавонанд ба таври мустақим амал намуда ва назорати фаъолона дошта бошанд. Чунончӣ, аз 5 мавзӯи мавриди мушоҳида, дар робита бо буфет ё маҳали додани маҳсулоти хӯрокӣ дар 4 мавриди он фарқияти маънидори қобили таваҷҷӯҳе байни мактабҳое, ки мураббии беҳдошт доранд ва мактабҳое, ки мураббии беҳдошт надоранд, мушоҳида мегардад ва ин нишон медиҳад, ки чунончи, ихтиёрот ва ҳита(маҳдудаи)-и назорати мустақими мураббиёни беҳдошти мактабҳо густариш ёбад, таъсирбахшии бештаре мушоҳида мегардад.

Сухани охир, масъулони корҳо, ки мехоҳанд кӯдакон ба мактаб биравaнд, дар зимни ин масъулият(ҷавобгарӣ)-ро низ пазируфтаанд, ки муҳити мадраса бояд тавре тайёр ва таҷҳизонда шавад, то куллияи имконот аз назари рушди ҷисмӣ ва фикрӣ, омӯзиши умумии масъалаҳои беҳдоштӣ барои кӯдакон аз ҳар ҷиҳат фароҳам гардад. Таъсироти мусбати иштироки мураббиёни беҳдошт дар мактабҳо бо таваҷҷӯҳ ба ёфтаҳои ин пажӯҳиш, инкорпазир нест, вале бо таваҷҷӯҳ ба камбуди мураббиёни беҳдошт, махсусан дар минтақаҳои ҷанубии шаҳристонҳои Теҳрон то дастёбӣ ба стандартҳои беҳдошти мактабҳо, фосилаи зиёде вуҷуд дорад.

## АДАБИЁТ


1. Мӯҳсинӣ, Манучеҳр: Ҷомеашиносии пизишкӣ, Теҳрон, интишороти китобхонаи Таҳварӣ, чопи Гулшан, с.34,48,94, к.с.400, 1386.
2. Нӯрӣ, Саид Муҳаммад Ризо: Беҳдошти мактабҳо, нашри Воқифӣ, Машҳад, чопи ҳафтум, с.53 то 55 ва 62 то 65, к.с.508, 1385.
3. Неккоҳ, Аббос: Усули беҳдошти муҳит, Маркази нашри донишгоҳӣ, с.308 ва 309, 13 ва 14, к.с.434, 1370.
4. Навид Адҳам, Маҳдӣ, Паёми мадраса, Муассисаи фарҳангии мадрасаи Бурҳон, с.67 то 70, к.с.151, чопи панҷум, 1382.
5. Hobson W, The Theory and Practice of Public Health, Fourth Edition. Oxford University press, London, p 529, 685 pages 1975.
6. Гари ва Фулер: Мабонии пизишкии пешгирӣ, тарҷумаи доктор Алӣ Сормӣ ва муҳандис Акбар Хамса, Теҳрон, интишороти воҳиди фавкбарномаи бахши фарҳангии Дафтари марказии ҷиҳоди донишгоҳӣ, с.91.к.с.322, 1372.
7. Фасо, Шукӯҳ: Беҳдошти омӯзишгоҳҳо, Теҳрон, интишороти идораи кулли тарбияти баданӣ, с.299 ва 9 ва 12. к.с. 380, 1370.
8. Аҳмадзода, Турон: Беҳдошти умумӣ ва пизишкии иҷтимоӣ, чопи Фароҳонӣ, к.с.272, с.209, 1356.
9. Нӯрӣ, Саид Муҳаммад Ризо: Беҳдошти мадорис, нашри Воқифӣ, Машҳад, чопи ҳафтум, с. 53 то 55, ва 62 то 65, к.с.508,1385.


## ЗНАЧЕНИЕ УЧАСТИЯ ВОСПИТАТЕЛЕЙ ПО ГИГИЕНЕ В ОБЕСПЕЧЕНИИ САНИТАРНО-ГИГИЕНИЧЕСКИХ УСЛОВИЙ УЧЕБНОГО КЛАССА ЖЕНСКИХ ШКОЛ РАЙОНОВ ТЕГЕРАНСКОЙ ОБЛАСТИ

В данной статье рассматривается роль воспитателей по гигиене в обеспечении санитарно-гигиенических условий учебного класса и школьного двора женских школ районов Тегеранской области. Общей целью данного исследования является выявление влияния участия воспитателей по гигиене в соблюдении гигиены в условиях учебного класса и школьного двора и представление предложений, основанных на результатах исследования по исправлению и улучшению существующего положения в надежде на реализацию гигиенических стандартов во всех школах.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** гигиена, обеспечение санитарно-гигиенических условий, участия воспитателей по гигиене в соблюдении гигиены в условиях учебного класса и школьного двора, реализация гигиенических стандартов во всех школах.

**INFLUENCE OF COLOR AND LIGHT TO SANITARY-HYGIENE CONDITIONS OF STUDENTS OF PRIMARY CLASSES**

In this study in the basis of recommendations of specialists of psychology and pedagogic submitted recommendations on using of kind of color and quality of light in schools and educational centers for maximum use of potential mastering of Students.Talent and ability of mastering considers as an instrument and method of education and transference of educational and educational material for youth and teenagers. Majority part of important materials and information can offer to Students with use of artistic method.
**KEY WORDS:** hygiene, providing sanitary-and-hygienic conditions, participations of tutors on hygiene in hygiene observance in the conditions of an educational class and a schoolyard, realization of hygienic standards at all schools.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Акрам Хофизи*** - соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# РАВИШИ ТАНБЕҲ ДАР ТАРБИЯТИ АХЛОҚӢ

***Мӯҳсин Ҳоҷибобоиёни Амирӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Равиши танбеҳ ба унвони охирин равиши тарбияти ахлоқист, ки аз гузашта то ба имрӯз ба унвони яке аз масоили муҳими таълиму тарбият, ҳамвора чигунагии эъмоли он мавриди баҳси андешамандон ва дастандаркорони ин ҳавза будааст.

Мо дар ин навиштор саъй дорем, ки бо тарҳи назариёти бархе аз мутафаккирони таълиму тарбият, нигоҳи бузургон ва таҷрубиёти мураббиёни ин муҳимро баррасӣ намоем.

**Б) Мафҳуми танбеҳ.** Дар луғатномаи Деххудо танбеҳ ба маъниҳои мухталифе омадааст, аз ҷумла, ба **маънии бедор кардан**, воқиф кардан бар чизе, огоҳонидан, огоҳӣ пас аз ғафлат огоҳу ҳушёр кардан. Дар истилоҳи илми маонӣ он чи аз муҷмалӣ ба андак тааммул фаҳмида мешавад, ба маънии далолат кардан бар чизе, ки аз он ғофил бошад. Ба маънии маломату сарзаниш ва сиёсату уқубат ва маҷозан дар урф ба маънии задан гуфта шуда.

Ҷамъи танбеҳ танбеҳот аст ба маънии сиёсатҳо ва насиҳатҳо; танбеҳ шудан ба маънии огоҳ шудан ва сиёсат шудану бедор шудан аз ғафлат, танбеҳ кардан ба маънии чӯб задан ва калтак задан, сиёсат кардан ва огоҳ кардан низ омадааст (3).

**Дидгоҳи андешамандони макотиби мухталиф дар хусуси танбеҳ.** Аз дер боз дидгоҳҳои мутааддид ва мутанавее дар хусуси нақши танбеҳ дар тарбият матраҳ будааст (4). Бархе аз дидгоҳҳо аз танбеҳ ба унвони яке аз абзорҳои асосии тарбият ёд карда ва бархе дигар ба нафйи комили он пардохтаанд. Макотиби дигаре низ дидгоҳҳои ҳадди восит дар бораи масъалаи танбеҳ доштаанд.

Дидгоҳҳои суннатӣ бар танбеҳ ба унвони омиле пураҳамият дар низоми таълиму тарбият таъкид меварзиданд. Тикка каломҳои мусталеҳ ва роиҷе ҳамчун «чӯби муаллим гул аст», «фарзандамро ба шумо месупорам, гӯшти он моли шумо ва пӯсту устухонаш моли ман» (ба маънои ин, ки муаллим мухтор аст, ҳар чи қадар хост, донишомӯзро бизанад, аммо танҳо бояд мутаваҷҷеҳ бошад, ки дар ҳангоми задан устухонҳои вайро хурд накунад) ва ғ. ва ё машҳур шудани чӯб, хаткаш ва шланг ба унвони «василаи кӯмакомӯзишӣ» баёнгари аҳамият ва шуюи ин дидгоҳи суннатӣ аст.

Китоби «Низоми тарбиятии ислом» аз решаҳои таърихӣ ва амиқи ин дидгоҳ дар тӯли таърих чунин ёд мекунад:

«Дар замонҳои пешин муаллимон ба манзури тарбият ва таъдиби шогирдони хеш ба танбеҳи баданӣ ё ҳабс мутавассил мешуданд ва ҳатто нисбат ба фарзандони ҳукком ва салотин ҳамин равишро иҷро мекарданд».

Абӯмарям, ки ӯҳдадори тарбияти Амин ва Маъмун буд, рӯзе Аминро бо чӯб танбеҳ кард, ки дар натиҷаи он дасти вай харош бардошт. Амин назди падари худ Ҳоруни Аббосӣ амдан дасти худро гушуд, то вай ин харошро бибинад. Ҳорун, ки мутаваҷҷеҳи хароши дасти ӯ шуда буд, аз вай пурсид: «Чӣ ҳодисае барои ту рӯй додааст?» Ва посух шунид, ки: «Абӯмарям маро задааст». Ҳорун касеро ба суроғи Абӯмарям фиристод ва пас аз омадани Абӯмарям ба ӯ гуфт: «Чӣ шудааст, ки Амин аз ту

гиламанд аст»? Абӯмарям бедиранг забон ба эътизор гушуд ва аз рафтори худ изҳори пушаймонӣ кард. Аммо Ҳорун ба вай гуфт: «Ӯро ба шиддат танбеҳ кун, чаро ки мурдан барои вай беҳтар аз он аст, ки нофаҳму кундзеҳн бошад» (5).

Абӯалӣ Сино – файласуф ва андешаманди бузурги мусалмон ташвиқу танбеҳро ба манзалаи замонати иҷрои таълиму тарбият мавриди тавсия қарор медиҳад ва масодиқи ташвиқу танбеҳро мутанаввеъ ва мутааддид медонад ва мӯътақид аст, ки вокуниши мураббӣ дар баробари рафтори нописанди мутараббӣ бояд мутаносиб ва тадриҷӣ бошад: ибтидо, рӯгардонӣ, сипас, туршрӯӣ, пас аз он тарсондан ва он, гоҳ танбеҳ аст ва мураббӣ дар шароити хосе метавонад ба танбеҳи баданӣ рӯй оварад (6).

Форобӣ – файласуфи бузурги мусалмон мегӯяд: «Танбеҳ танҳо василае барои ҷилавгирӣ аз қабоеҳ нест, балки мӯҷиби мубодират ба хайрот низ хоҳад буд. Бино бар ин, таваҷҷӯҳ ба нақши олом ва лаззот дар афрод аз ду ҷиҳат писандида аст: яке барои ҷилавгирӣ аз қабоеҳ ва дигаре ба манзури мубодират ба хайрот» (7).

Нигариши дигаре, ки дар муқобили дидгоҳи фавқ аст, назарияи танбеҳ ва муҷозоти табиист, ки дар раъси қоилон ба ин нигариш қарор дорад. Китоби «Ислом ва таълиму тарбият» дар бораи ин нигариш чунин менависад:

«Мутафаккирони ин наҳла мӯътақиданд, ки инсон ҳаргиз дар тарбияти хурдсолон ниёзе ба муҷозоту танбеҳ надоранд, зеро барои ҳар амале муҷозот ва танбеҳи табиӣ вуҷуд дорад. Кӯдаке, ки себи фосид меҳӯрад, дучори дарди дил мегардад. Тифле, ки ба оташ наздик мешавад, аз он осеб мебинад ва кӯдаке, ки бо корд бозӣ мекунад, захму ҷароҳат ӯро танбеҳу муҷозот мекунад ва билохира, барои ҳар амал ва рафтори ғайриматлубе танбеҳу муҷозоте табиӣ вуҷуд дорад, ки мутаносиб бо он мебошад... Ба ҳамин тартиб, Спинсер ҳам ба мураббиён суфориш мекунад, ки беҳтарин василa барои вусули инсон ба ғараз ва ҳадаф ин аст, ки ҳар касе самараи рафтор ва аксуламали корҳои худро шахсан бибинад, мегӯяд: «Барои таълими ахлоқ тавассул ба васоили талқинӣ коре абас ва беҳуда аст». Вай аз тариқи мисоле ин нуктаро тавзеҳ медиҳад: вақте як тифл ба замин меафтад ва пои ӯ маҷрӯҳ мешавад ва ё бо миз бархӯрд мекунад ва сараш ба дард меояд, ҷароҳату дард аксуламали табиӣ ва инъикоси қаҳрии амали ӯст ва ин дарду ранҷ ӯро вомедорад, ки дар роҳи рафтан мувозиби худ бошад ва бо таанниву эҳтиёт гом бардорад. Агарчи тифл монанди як гуноҳкор нест ва бидуни қасду ҳадаф ба замин меафтад, вале аз табиат меомӯзад, ки чӣ гуна роҳ биравад. Аз ин рӯ, аксуламали рафтори орӣ аз ҳазму эҳтиёти худро фаромӯш намекунад. Пас худи табиат ӯҳдадори таълиму тарбияти кӯдак мебошад, ба ӯ меомӯзад, ки чӣ гуна бояд дар паҳнои зиндагӣ аз шарри бадӣ бигурезад ва аз хайру некӣ пайравӣ кунад».

Спенсер мегӯяд: «Беҳтарин суннате, ки бояд дар таъдиби тифл аз он пайравӣ шавад, муҷозоти табиист, ки мутаҷонис бо амали ӯст. Аммо танбеҳи баданӣ ва тавбеху заҷри тифл аз навъи танбеҳ ва муҷозотест, ки фоқиди ҳар гуна арзиш ва аҳамият аст, чун мухолиф бо синну қонунҳои табиат аст ва назария ба ин,ки миёни ҷурми тифл ва кайфару танбеҳи таъдибии маъмул фосилае вуҷуд дорад ва бо ҳам мутаносиб нестанд, зарару зиёни чунин танбеҳоте аз нафъи он бештар аст».

Ба ҳамин ҷиҳат мегӯяд: «Идея ва масали аълои кайфари саҳеҳро бояд дар муҷозоти табиӣ ёфт, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба нидои отифаҳо ва эҳсосот гӯш фаро намедиҳад ва ҳеҷ гуна шафоату васотате назди ӯ пазируфта нест ва ба ҳеҷ рӯй дар иҷрои муҷозот аз худ тардид ва гурезе нишон намедиҳад ва ҳеҷ нирӯе наметавонад монеъ аз иҷрои ҳукми ӯ гардад. «Вай изофа мекунад ки:» Табиат бо мизоне саҳеҳ ва одилона амал мекунад ва бо ду гуна паймона ва ду навъ меъёр аъмолро намесанҷад: бо дид наменигарад, балки нисбат ба ҳама, аам аз хурдсолу бузургсол бо як дид ва меъёре воҳид аъмолро арзёбӣ мекунад».

Ба ин тартиб, Спенсер ва Руссоислоҳи тифлро дар тарбият ба табиат вогузор мекунанд ва мӯътақиданд, ки бояд муҷозоти таъдибии кӯдаку навҷавонро ба табиат вогузор кард ва аз мураббиён ба шиддат хурдагирӣ мекунанд, ки чаро аз кайфар ва муҷозоти танбеҳи табиӣ чашм мепӯшанд ва ба кайфарҳо ва муҷозоти таъдибии маъмул мутавассил мегарданд.

Интиқоде, ки Спенсер ва тарафдорони мактаби муҷозоти табиӣ ба мураббиён доранд, ин аст, ки чаро онон кӯдакону хурдсолонро таҳдид ба муҷозот мекунанд, вале ҳеҷ гуна муҷозоте дар бораи онҳо маъмул намедоранд. Аз ин рӯ, мегӯянд: «Чунин таҳдидҳои ту мӯҷиби афзоиши ҷурму тахаллуф мегардад, пас, бояд бидуни мулоҳизаву тардид, онҳо таҳдиди худро амалӣ созанд, аммо бо диққат дар орои тарафдорони мактаби муҷозоти табиӣ, мулоҳиза мешавад, ки назариёти ин мактаб ба навъе аз таноқузгӯӣ мунҷар мешавад, чаро ки, масалан, Спенсер дар назарияи худ мепазирад, ки тифл бояд дар мароҳили туфулияти хеш дар ҳадди маъқуле аз озодии мутлақ бархӯрдор бошад, лекин дар ҳамон ҳол мегӯяд, бояд монеи тифле шуд, ки дар соли севвуми умри худ бо корд бозӣ мекунад».

Гузашта аз инҳо, мушкили дигаре, ки ин назария бо он мувоҷеҳ мебошад, ин аст, ки кӯдаки хурдсол дорои он тафаккур ва фаҳми кофӣ нест, ки битавонад шахсан аз табиат ҳақоиқеро омӯхта ва

бардошти саҳеҳе аз он дошта бошад. Ба илова, навъан, муҷозоти табиӣ ҳеч гуна таносубе бо хатову иштибоҳи кӯдак надорад, балки ба дараҷоти бисёр бо он ноҳамоҳангӣ дорад. Мушкили дигари назариёти табиӣ ин аст, ки барои ҳар рафтори номатлуб ва накӯҳида муҷозоти табиӣ ва аксуламали физикӣ ва танбеҳи қаҳрӣ вуҷуд надорад, то кӯдак ба хотири онҳо аз ин гуна рафторҳо гурезон гардад ва ё асосан дар бораи ин гуна аъмол таҷрибае ба даст биоварад ва аз ин рӯ, қодир бар дарки чунин танбеҳу муҷозоте нест. Тифле, ки ширинии дӯсти худро мерабояд, аз ин сирқат эҳсоси лаззат мекунад ва қатъан дар чунин рафторе танбеҳу муҷозоти табиӣ вуҷуд дорад (8).

Бар хилофи ду дидгоҳи ифротӣ ва тафритӣ, Ислом дар танбеҳ ҳадди воситеро мепазирад, ки мо пас аз ин бад-он мепардозем.

**Мароҳили танбеҳ.** Мароҳили танбеҳ аз назари бузургон ва мураббиён иборатанд аз: танбеҳ бо нигоҳ;танбеҳ бо киноя; танбеҳ бо тазаккур дар хилват; танбеҳ бо тазаккур дар ҷамъ; танбеҳ бо зери фишори отифӣ қарор додан; танбеҳ бо задан.

Тартиби фавқ, дар воқеъ ба навъе шурӯъ аз заифтарин марҳалаи танбеҳ аст, то бартарини он, ки танбеҳи баданӣ аст.

**1.Танбеҳ бо нигоҳ**. Аввалин марҳала аз танбеҳи нигоҳ сари ду маънист, ки мураббӣ дар пайи иртикоби хато аз сӯи мутараббӣ ба ӯ менамояд. Намунае аз танбеҳ бо нигоҳро дар сираи Паёмбари Ислом (с) метавон ёфт.

Ҳазрати расул (с) замоне, ки сафаре пеш меомад, баъд аз ҳама бо духтарашон худоҳофизӣ мекарданд ва ҳар гоҳ аз сафар бармегаштанд, нахуст ба дидори ӯ мешитофтанд. Рӯзе Ҳазрат пас аз бозгашт аз сафар ба дидори духтарашон мераванд, аммо ҳазрати Фотима (саломуллоҳи алайҳо) мутаваҷҷеҳ мешаванд, ки падари бузургворашон пас аз нигоҳ ва макси кӯтоҳе хонаро тарк карданд. Эшон пас аз андаке тааммул дармеёбанд, ки ба тозагӣ парда ва овезае барои хона таҳия кардаанд ва Ҳазрати Расул (с) дар мавқеияте, ки фуқарои фаровоне дар ҷомеа вуҷуд доранд, парда доштанро бар хонаи эшон шоиста надидаанд.

Он Ҳазрат аз Салмони Форсӣ мехоҳанд, то вай парда ва овези онро бардорад ва ба Ҳазрати Расул бирасонад ва аз ҷониби вай ба падар бигӯяд, ки шумо инҳоро фурӯхта, харҷи фуқаро кунед.

Паёмбар пас аз огоҳӣ аз рафтори фарзандашон баён медоранд: «Падарат фидои ту бод» ва дар ҳоле, ки шоду хурсанд буданд, дубора ба дидори духтарашон мешитобанд.

Дар ин бархурди ислоҳӣ танҳо нигоҳе мутафовит бо гузашта ҷои мавъизаи муфассалро гирифта ва ҳазрати Фотимаро мутанаббеҳ месозад.

**2.Танбеҳ бо киноя ва талвеҳ.** Чунончи, танбеҳ бо нигоҳ таъсир набахшид, танбеҳ бо киноя ва талвеҳро бояд ба кор гирифт, ва аз тариқи ғайримустақим бо ӯ мувоҷеҳ шуд. Ҳамон гуна, ки дар иборате маъруф омада, яъне киноя ҳамеша аз тасреҳ гӯётар аст. Ҳазрати Алӣ (а) дар ин хусус мефармояд: «Лағзиши шахси оқилро бо киноя тазаккур додан барои вай аз маломати сареҳ дардноктар аст».

Ва ҳамчунин, дар мавриди бархӯрди талвеҳӣ фармудааст: «Ҳангоме, ки бо фарди оқиле бо равиши талвеҳ бархӯрд мекунӣ, дар воқеъ бо ин равия ӯро мавриди итоб қарор додӣ».

Яке аз донишҷӯён дар таҷрибаи тарбиятии хеш бо тавассул ба киноя муваффақ шуд: «Алӣ ҳамеша бо сару вазъи номураттаб ва касифе барои тамрин ба бошишгоҳ меомад. Либосҳои вай номураттаб буд, мӯҳояш жӯлида ва ғуборолуд ва дандонҳояш аз мисвок нахӯрдани солонаи онҳо ҳикоят дошт. Ман ба унвони мураббии Алӣ тасмим гирифтам ба василае Алиро мутаваҷҷеҳи кори зишташ бикунам. Барои ҳамин ба бачаҳои бошишгоҳ гуфтам: «Дар мусобиқоти интихобӣ, ки дар пеш дорем, ба боахлоқтарини шумо ҷоизаи ахлоқро хоҳам дод». Пас аз хотимаи мусобиқот ман ҷоизаи ахлоқро ба Алӣ додам. Ин ҷоиза, ки шомили шона, мисвок, хамири дандон, сачоқ, собун ва як пироҳани тоза буд. Тавре бастабандӣ шуда буд, то ҳангоми боз шудан мушаххас нашуда, ба ин тартиб, ба Алӣ эҳсоси шармандагӣ даст надиҳад. Баъд аз поёни маросим бачаҳо ба Алӣ гуфтанд: «Ба ту кафш ҷоиза доданд?» Алӣ машғули боз кардани бастаи ҷоиза шуд, ки ногаҳон сурхӣ ба чеҳраи ӯ давид ва дар ҷавоб ба сухани бачаҳо сухане бар забон наовард ва рӯзи баъд ҳам ба бошишгоҳ наомад. Аммо рӯзи дуввум, ки Алӣ ба бошишгоҳ омад, касе ӯро нашинохт: дандонҳои ӯ ҷурмгирӣ шуда ва мисвокхӯрда буданд; мӯҳояш ислоҳшуда ва шонахӯрда буданд ва либосҳояш ҳам иваз шуда ва либосҳои тамизе буданд. Алӣ он рӯз бо эҳсоси ризояту ғурур қадам бармедошт ва шояд мехост ба ин тартиб ба дигарон бигӯяд: «ман дигар он писари ғуборолуд ва жӯлидамӯи касиф нестам»».

**3.Танбеҳ ба воситаи тазаккур дар хилват.** Дар ин марҳала фард дар хилват мавриди тазаккур воқеъ мешавад, то аз хатову иштибоҳи худ дурӣ кунад. Ин равиш, ки дар воқеъ, ба яқин, барангехтани виҷдонро ҳамроҳ бо ҳифзи иззати нафси мутараббӣ дар пай дорад, метавонад бисёр созанда бошад.

Таҷрибаи тарбиятии яке аз муаллимин, ки аз тариқи тазаккур дар хилват муваффақ ба ислоҳи донишомӯзе шудааст: «Дар синфи севвуми яке аз рустоҳои Занҷон яке аз шогирдони варзишкори синф, зимни баланд кардани мӯҳояш, ҳамеша пироҳане баданнамо ба тан мекард. Ман ба

унвони муаллими ин шогирд нахуст саъй кардам ба ӯ наздик шавам. Барои ҳамин бо ӯ, ки хеле ба варзиш алоқа дошт, варзиш мекардам ва субҳҳои зуди зимистон бо ӯ ба давидан мепардохтам. Пас аз эҷоди робитаи отифии лозим бо донишомӯзи мазбур, рӯзе дар ҳоле, ки бо вай дар масири рафтан ба мактаб будем, хоҳари ӯро дидам, ки ба мактаб мерафт. Ба донишомӯз гуфтам: «Фулонӣ, ин хоҳари ту аст?» Гуфт: «Бале». Гуфтам: «Як суол аз ту мепурсам, ҷавобашро содиқона медиҳӣ?». Гуфт: «Бале». Гуфтам: «Агар ту бибинӣ, ки одаме либоси баднамо ба тан мекунад ва дар баробари хоҳари ту зоҳир мешавад, нороҳат мешавӣ ё на?». Гуфт: «Чаро, хеле ҳам нороҳат мешавам». Гуфтам: «Пас мутаваҷҷеҳ бош, худат ҳам, ки либоси номуносиб ва зананда мепӯшӣ, рӯи хоҳарони донишомӯзи дигар таъсири баде мегузорӣ ва хелеҳоро бо ин корат нороҳат мекунӣ».

Фардои он рӯз шоҳид будам, ки шогирдам на танҳо либоси баданнамояшро иваз кардааст, балки мӯҳояшро ҳам кӯтоҳ кардааст».

**4.Танбеҳ ба василаи тазаккур дар ҷамъ.** Дар сурате, ки тазаккур дар хилват таъсир надошт, ба ночор бояд иқдом ба тазаккур дар ҷамъ намуд, то балки бархе мулоҳизоти ахлоқӣ мунҷар ба таваққуфи хато шавад ва аз сӯе, ба манзури ҷилавгирӣ аз тасаррии ин хилоф ба дигарон нописанд будани он феъл мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад.

5.**Танбеҳ бо зери фишори отифӣ қарор додани афрод.** Агар шеваҳои қаблӣ натиҷа надод, мураббӣ бояд аз тариқи шеваи қаҳри отифӣ ва таҳти фишори равонӣ  қарор додани афрод онҳоро аз такрори амал боз бидорад. Чун дар ин шева авотифи фард мавриди таҳдиду муохаза қарор мегирад, аз ин рӯ, равиши муносибе дар тарки одатҳои носаҳеҳ маҳсуб мегардад.

Дар китоби «Фарҳанги ҷабҳа» дар бораи намунае аз танбеҳ бо ин равиш омадааст: «Дар яке аз клоссҳои омӯзишии шаҳид Аскариён, ки муаллими клосси омӯзиши низомӣ буд, яке аз афрод беш аз ҳад шӯхӣ мекард. Ин шаҳид мураттабан ба вай тазаккур медод, вале мавриди таваҷҷӯҳи ӯ воқеъ намешуд. Дар ҳоле, ки дигарон тасаввур мекарданд, ки тоқати мураббӣ тамом шудааст. Мураббӣ ба ҳамон шахс рӯ карду гуфт: «Бидав, биё берун». Ҳама сокит шуданд ва мунтазири бархӯрди тунди ӯ буданд. Мураббӣ гуфт: «Пойафзолатро бикаш». Ӯ пойафзолашро кашид. Мураббӣ гуфт: «Ҷуробатро ҳам бикаш». Ӯ ҷуробашро ҳам кашид ва дар ҳоле, ки ҳама бачаҳо музтариб буданд ва сукути мутлақе дар клосс ҳоким буд, шаҳид Аскариён ҳам шуду пои он размандаро бӯсид ва гуфт: «Аз барои Худо, шӯхӣ макун» (9).

6. **Танбеҳ бо задан.** Дар охирин марҳала аз мароҳили танбеҳ, агар танбеҳ бо нигоҳи маънидору киноя ва талвеҳ, тазаккур дар хилват ва тазаккур дар ҷамъ ва фишорҳои отифӣ самар надошт, он гоҳ танбеҳи баданӣ дар сатҳи маҳдуде бароиислоҳи навҷавонону ҷавонон ва контроли нисбии онон метавонад ба кор ояд.

**Нукоте муҳим дар амри танбеҳ.** Дар амри танбеҳи кӯдакон ба нукоте бояд таваҷҷӯҳ кард, ки бад-ин қарор аст:

1. Танбеҳи замонӣ сурат гирад, ки тарбияти кӯдак мутаваққиф бар он бошад, ё маслиҳати кӯдак дар он бошад.
2. Дар ҳоли нороҳативу хашм бояд аз танбеҳ худдорӣ намуд.
3. Танбеҳ набояд ба гунае бошад, ки кӯдак, волидайн ва ё мураббиву муаллимро душманони худ фарз кунад ва ё эҳсос намояд, ки дар ҳаққаш бемеҳрӣ шуда.
4. Қабл аз эъмоли танбеҳ бояд иллатҳо ва решаҳои мухталифро кашф намуд, то бо аз байн бурдани онҳо заминаҳои такрори тахаллуф аз байн биравад.
5. Агар кӯдак пеш аз танбеҳ рафтори номатлубро тарк кард ва ислоҳ шуд, набояд ӯро танбеҳ намуд.
6. Дар танбеҳи кӯдаконе, ки ба навъе дорои нуқсе дар аъзои бадани худ ҳастанд, набояд он нуқс ба рухи онҳо кашида шавад.
7. Гоҳе лозим аст, ки яке аз волидайн ё мураббиён дар робита бо кӯдаки танбеҳшуда миёнҷигарӣ намоянд, бояд муроқиб буд, то асли танбеҳ дар ҳузури кӯдак зери суол наравад.
8. Асароти танбеҳ монанди ташвиқ қобили пешбинӣ нест, чун ташвиқ мӯҷиби тақвияти як рафтор мешавад, вале дар танбеҳ аз як хилоф ӯро бозмедорем, вале ҳамеша ҷойгузини муносибе надорем.
9. Бояд муроқиб буд, ки баъзе аз донишомӯзон ба манзури ҷалби таваҷҷӯҳи ҳамсолон ва ҳамсинфҳои худ ва қаҳрамоннамоӣ зоҳиран эҳсоси хуширо аз танбеҳ нишон медиҳанд, танбеҳи ин қабил донишомӯзон дар ҷамъ асароти маъкус барҷо мегузорад.
10. Қабл аз эъмоли танбеҳ бояд реша ва иллати тахаллуфро кашф кард, то бо аз миён бурдани он аз такрори тахаллуф ҷилавгирӣ ба амал ояд.
11. Танбеҳ бояд ба унвони охирин равиши тарбиятӣ мавриди истифода қарор гирад.
12. Танбеҳи кӯдак кори бисёр ҳассосест. Мураббӣ дар танбеҳи кӯдак бояд фавқулъода дақиқ ва мӯҳтот бошад. Ба ҳамин ҷиҳат, ба авлиё ва мураббиён тавсия мешавад, то он ҷо, ки мумкин аст, ба танбеҳи баданӣ мутавассил нашаванд.

13. Танбеҳ ба сурати музоаф коре хатост, яъне ҳам задан бошад ва ҳам таънаву нешханд.
14. Танбеҳ бояд санҷидаву ҳисобшуда бошад. Набояд дар танбеҳ зиёдаравӣ намуд, чун дар асари такрор ва зиёдаравӣ асари мусбати худро аз даст медиҳад.
15. Дар мақоми танбеҳ ба рух кашидани хубиҳои ҳамсолони кӯдак ғолибан наметавонад натиҷаи муфиде дар бар дошта бошад, зеро дар бештари маворид чунин амале мӯҷиби таҳрики ҳисси ҳасодати кӯдак нисбат ба ҳамсолони худ мегардад.
16. Дар мақоми танбеҳ бояд авзои рӯҳӣ ва шароиту аҳволу мушкилоти хонаводагии кӯдакро дар назар гирифт.
17. Дар иҷрои танбеҳи зарурӣ набояд таъвикро раво донист, аз ин рӯ, набояд ба тадриҷ хатоҳои кӯдакро нодида ангошт ва пас аз тарокуми онҳо ногаҳон вайро ба шиддат мавриди интиқоду танбеҳ қарор дод.
18. Яке аз тариқҳои танбеҳ барои навҷавоне, ки рушди мазҳабӣ дорад, ин аст, ки ба ӯ тафҳим кунем, ки Худованд аз тахаллуфи ӯ розӣ ва хушнуд нест.
19. Агар кӯдак аз кораш пушаймон шуд ва аз рафтораш бозгашт, бояд ӯро ба меҳру навозиш пазиро шуд.
20. Танбеҳ ба амал ва сифати бади фард марбут аст ва ба манзури ҷудо кардани ӯ аз он сифати бад сурат мегирад ва набояд шахсияти инсониаш тавҳин ва ё таҳқир шавад.
21. Танбеҳ барои бедор кардану танаббӯҳи фард аст ва мутаносиб бо амали хатои шахс сурат мегирад. Ҳамон тавр ки пеш аз ин ишора шуд, чашмпӯшӣ , рӯй дар ҳам кашидан, тарк кардан, ишораи лафзӣ ва мавориде аз ин қабил метавонад корбурди муфиде дошта бошад.
22. Беҳтар аст танбеҳ дар пинҳонӣ анҷом гирад, магар ин ки иқдоми ошкор мӯҷиби танаббӯҳи дигарон шавад.
23. Танбеҳ бояд шарофатмандона ва мубтанӣ бар ҳаққу адолат бошад ва набояд ҷанбаи интиқомгирӣ аз сӯи танбеҳкунанда ба худ бигирад, чун дар воқеъ танбеҳ навъе муҳаббату дилсӯзист.
24. Танбеҳшаванда бояд бидонад, ки чаро танбеҳ мешавад, ба гунае ки шахс худро мустаҳаққи он бидонад ва мӯҷиботи боздорандагии ӯ аз хатои иртикобӣ бишавад.
25. Дар сурате метавон кӯдакро танбеҳ намуд, ки беш аз иртикоби амал аз халлоқ будани он огоҳ буд ва кайфари онро низ бидонад.
26. Бояд муроқиб буд, ки танбеҳи беҷо мӯҷиби эҷоди шахсиятҳои ҳақир дар донишомӯзон ва дурӯғгӯву дурӯя шудани онҳо мешавад.
27. Танбеҳи мамдӯҳ дар Ислом танбеҳест, ки фақат барои созандагӣ бошад ва танбеҳ барои ирзои нафс мазмум аст.
28. Истифода аз равиши танбеҳ равиши тарбиятии аввала нест, балки як равиши тарбиятист, ки баъд аз истифода аз равишҳои дигаре, чун такрим, рафоқату мудоро, тазаккур, гузашт, ташвиқу тарғиб ва ғайра, дар сурати ҳосил нашудани натиҷаи матлуб метавон аз ин равиш баҳра гирифт.
29. Омӯзгор пас аз танбеҳ кардани донишомӯз дубора равобити одии худро бо шогирд пеш бигирад, ба гунае ки ӯ эҳсос кунад, ки масъалаи қаблӣ тамом шуда ва пас аз ин асл бар созандагӣ ва мувофиқати ӯст.

### АДАБИЁТ


1. Тарбияти исломӣ (вижаи тарбияти ахлоқӣ), с. 20.
2. Алҳақоиқ фӣ маҳосинулахлоқ, с. 13, 54.
3. CD Барномаҳои роёнаии «Фарҳанги Деххудо». Таҳияи Муассисаи Деххудо ва Донишгоҳи Теҳрон.
4. Равоншиносии тарбиятӣ (равишҳои ислоҳӣ ва дармонӣ)-и Муртазо Мантиқӣ.
5. Шарифулкурайшӣ Боқир. Низоми тарбиятии Ислом. Идораи таблиғот ва интишороти Вазорати иршод, 1362 ҳ.ш., с. 126.
6. Орои донишмандони мусалмон дар таълиму тарбият ва мабонии он. ч. 1, с. 287.
7. Ҳамон манбаъ, ч. 2, с. 243.
8. Ҳуҷҷатӣ Сайид Муҳаммадбоқир. Ислом ва таълиму тарбият. Нашри фарҳанги исломӣ, 1358 ҳ.ш., с. 182-191.
9. Фарҳанги ҷабҳа (одоб ва русум). *Гирдоварии* Сайид Маҳдии Фаҳимӣ. Ҳавзаи ҳунарии Созмони таблиғоти исломӣ, 1369 ҳ.ш., с. 37.


## МЕТОД НАКАЗАНИЯ В НРАВСТВЕННОМ ВОСПИТАНИИ


Применение метода наказания в качестве метода крайнего в нравственном воспитании по сей день остается актуальной и спорной темой, рассматриваемой в широких научно-педагогических кругах. Автор данной статьи, исходя из постановок вышеуказанного вопроса некоторыми мыслителями и опираясь на опыт известных педагогов, подходит к анализу данной темы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** метод наказания в воспитании, нравственное воспитание, применение метода наказания в нравственном воспитании..

**THE PUNISHMENT METHOD IN MORAL EDUCATION**

Punishment as a method of moral education is the last way past that to this day as one of the important issues of education and how to apply it consistently and thinkers discussed in this field has been created. In this article author opinions and experiences with the design of some thinkers and teachers of education is paid to this important review.

**KEY WORDS:** a punishment method in vosptaniya, moral education, application of a method of punishment in moral education.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухсин Ходжибобоён Амири*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШИ ЭРОН

***Сайидисои Ҳусайнӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Васоили иртиботӣ на танҳо мардуми як кишварро беш аз гузашта ба афкор ва ақоид, одоб ва русуми забон ва сойири умури иҷтимоии кишвари худ ошно сохтааст, балки дар тавсияи тафоҳуми байналмилалӣ ва ошноии мардуми як ҷомеа ба фарҳанги ҷавомеи дигар муассир будааст.

Албатта, агар тавсияи онҳо рӯи усули саҳеҳ бошад, дар пешрафти ваҳдати фикрӣ ва ошноӣ ба аҳволи миллал истифода мешуд.

Дар иҷтимооте, ки пояи мазҳабҳо рӯи хурофот аст, мазҳабҳо тағйироти куллӣ пайдо кардаанд ва баъзе аз мазҳабҳо эътибори худро аз даст додаанд. Аммо динҳое мисли Ислом, ки маони он рӯи мантиқ ва ақли салим қарор дорад ва роҳбарони онҳо дар гузаштаи худ илму дониш будаанд, дар татбиқи ақидаҳои худ бо пешрафтҳои илмӣ дучори мушкил намешаванд.

Пешрафти илм дар баъзе аз иҷтимоот муассисоти тарбиятиро комилан тағйир додааст. Фановарии иттилоот ва иртиботот бо фурӯ рехтани марзҳои замон ва маконӣ ҷавомеи башариро дучори беҳувиятӣ ва бӯҳрон маъно мекунад, зеро ин падида муҳимтарин унсури ҳувиятсоз, яъне замону маконро таҳти таъсир қарор дода ва ба фишурдагӣ ва тарокими замон меанҷомад.[1] Бинобар ин, чун тавлиди фарҳанги дигар маконманд нест ва як ҳувиятсозии бемарзу маҷозе аз тариқи фазо эҷод шудааст, бояд омӯзишу парвариши фазоманд ҷойгузини омӯзишу парвариши маконманд шавад. Бинобр ин, бояд мактаб равиши кори муаллим, маълумоти тахассусии муаллим, итилооти умумии ӯ, мутолиоти тарбиятии ӯ, ҳама тағйир кунад.

Рушди илмҳо ва технология муассисоти иҷтимоиро комилан ба ҳам наздик кардааст. Собиқан муассисаҳои илмӣ ҷудо аз як муассисаи иқтисодӣ ё як муассисаи сиёсӣ буд, вале имрӯз таъсири мустақими ин муассисот ба рӯи якдигар бештар аз гузашта аст.

Дар иҷтимоот, ки истиқлоли сиёсӣ ва иқтисодӣ ба наҳви комил таъмин шуда аст, фурсати кофӣ барои ҳама афрод дар ҷиҳати боло бурдани вазъи иқтисодӣ ва иртиқои иҷтимоии худ мавҷуд мебошад.

Дар иҷтимооте, ки мабнои кору зиндагӣ, тасмимгирӣ рӯи ақлонӣ ё равиши саҳеҳи илмӣ аст, мизонҳо ё одобу суннатҳо низ мисли сойири одот ва афкор бо маҳаки илмӣ санҷиш мешавад. Ва он чи ки ақлу мантиқ таъйид мекунад, мепазиранд.

Рушди улум ва технологияи демократӣ ва рифоҳи иҷтимоиро ба унвони идеяҳои иҷтимоӣ матраҳ макунад.

Ахлоқ иборат аст аз рафторе, ки фард дар асари санҷиш ва тааққул аз худ зоҳир мекунад, тавсияи муассисоти бузурги тавлидӣ ва саноатӣ, истиқлол ва қудрати тафаккурро аз афрод гирифта ва онҳоро ба сурати мошин даровардааст.

Аз ин лиҳоз, тамоилоти иҷтимоии шахсияти инсонӣ заъиф шудааст. Бинобар ин, омӯзишу парвариш бояд дар таҳкими шахсияти ахлоқӣ ва истиқлоли афрод бештар бикӯшад.[2]

Хонавода, ки солиёни дароз ба унвони яке аз ниҳодҳои бунёдӣ ва созандаи иҷтимооти башарӣ буда ва ҳаст ва дар ҳар давра нақши арзандаи он дар тарбияти афроди ҷомеа, тавсиа ва тақвияти арзишҳои волои илоҳӣ ва инсонӣ ва фардӣ ва иҷтимоии он шакку тардиде наметавон ёфт. Дар ҷавомеи саноатишуда хонавода дучори таҳаввулоти амиқ ва бунёдӣ мешавад. Ин бисёр ҷолиб аст, ки инсони мутамаддини ҷаҳони пешрафта ва саноатӣ бо кӯмаки равишҳо, фанҳо ва васоили модерн аз абъоди замон мекоҳад, эҷоди иртиботҳои бештар ва мубодилоти наздиктарро фароҳам меоварад. Вале бо ин кор аз назари равонӣ, иҷтимоӣ ва отифӣ фосилаи байни инсонҳо рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад. Ҷудо шудани афроди хонавода ва сукунат ёфтани онҳо дар воҳидҳои дур аз ҳам равобити отифии

мавҷуд байни афроди хонаводаро заифтар намуда, ҳамбастагӣ ва алоқамандиҳоро маҳдудтару заифтар менамояд ва дар натиҷа, тағйироти асосӣ, ба тадриҷ хонаводаҳои суннатӣ, шакли зоҳирӣ ва моҳияти ботинии худро аз даст дода, теъдоди афроди хонавода, бахусус фарзандон нуқсон мёёбад ва рафту омадҳо камтар мешавад, бо ҷудо шудан ва дур афтодани афроди як хонавода билохира «хонаводаи суннатӣ»[3] ба сурати хонаводаи ҳастаии аср дармеояд.[4]

Ҳувият иборат аз дарки фард нисбат ба он чизест, ки бояд бошад. Фарди ҳувиятёфта касе аст, ки медонад кист? Дар зиндагӣ чӣ  аҳдоферо дунбол мекунад? Ба назари бархе муҳаққиқон ҳувият ваҳдате аст, ки байни се системаи зистӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ба вуҷуд меояд ва ба ин васила фард медонад, ки кист, чӣ мехоҳад, ба чӣ ҷомеа ва фарҳанге тааллуқ дорад, ба гузашта ва ояндааш огоҳ аст ва аҳдофи ояндаашро хуб мешиносад. Агар эҳсоси тааллуқ доштани инсон ба  ҷое ё чизе дарк шавад ва ба ҳувияти қавӣ даст ёбад, истиқлол раъйи бетшаре дорад, халлоқ аст ва тафаккури печидатаре дорад.

Дар ҷаҳонӣ шудан як навъ вогароии фарҳангӣ дар сатҳи миллӣ ва як ҳамгироии фарҳанг дар сатҳи калон ва ҷаҳонӣ дар ҳоли шаклгирӣ мебошад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин, ҷаҳонишавиро метавон дар самти таълиму тарбият чунин матраҳ кард:

1. Ҷаҳонӣ шудан то андозае таҳарруки иҷтимоиро тасарруф кардааст, боиси пахш гардидаи илмҳо шуда ва умуман иртиботро роҳат ва арзонтар намудааст;

2. Бархе аз технологияҳои иртиботӣ ва иттилотӣ донишҷӯёнро ҳатто дар манотиқи дурдаст водор кардааст, ки ба андешаҳо ва иттилоот ба китобхонаҳо дастрасӣ дошта бошанд (тамоми истифодакунандагони иттилоот);

3. Афрод ба ҷавомеи мухталиф муҳоҷират мекунанд ва пештар аз ҳар замони дигаре тавонистаанд роҷеъ ба динҳо ё фарҳангҳои мухталиф огоҳӣ биёбанд;

4. Беш аз ҳар чизи дигаре боис шудааст, ки башар ҳамдардии худро барои қурбониёни мусоиби табиӣ нишон диҳад;

5. Ҷаҳонӣ шудан сабаби афзоиши қудрати афкори умумӣ дар ҳавзаи дохилӣ ва байналмилалӣ шудааст;

6. Густариши технологияҳои иртиботӣ сабаб мешавад, то афрод, ташкилотҳо ва гурӯҳҳо аз ҷудоӣ хориҷ шуда ва бо истифода аз таҳсилоти иртиботӣ хостаҳои худро ба гӯши ҷаҳониён бирасонанд.

Иллати эҷоди мушкилот аз ҷаҳонӣ шудан ба далели нотавонии сохторҳои мавҷуд дар посӯхгӯӣ ба ниёзҳои имрӯз аст ва ин талошҳои ҷадидеро барои коҳиши ин мушкилот ва ё табдили онҳо ба фурсат металабад.

Донишомӯзони қарни бисту якум узви ҷомеаи созмонёфтае ҳастанд, ки ниёзманди омӯзиши маҳоратҳои созмондиҳии гурӯҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ростои рушди дарки фановарӣ ва баҳрагирӣ аз он, дар танзими хаттимашҳо ва сиёсатҳои омӯзишӣ мебошанд. Шаҳрвандони оянда ниёзманданд, ки барномаи зиндагии худашонро бо хаттимашиҳои навгароёна, аз як сӯй ва риояти усули иртиқоии кайфияти ёдгирӣ, кӯмак ба эҷод барои омӯзиш ва болобурдани  асарбахше, аз сӯи дигар, ҳамоҳанг намоянд. Шаҳрвандоне, ки тавоноии таҳияи лавозими марбут ба Интернетро дар ихтиёр доранд, ба роҳатӣ метавонанд иттилооти рӯзомадро  аз он сӯи ҷаҳон дарёфт доранд ва дар ҳамон ҳол иттилооти нав тавлид карда, дар ихтиёри мухотабони худ қарор диҳанд.

Аз он ҷо, ки дар раванди ҷаҳонӣ шудан иртиботот густариш  мёёбад ва афрод аз саросари дунё бо якдигар иртибот барқарор мекунанд ва бештар дар маъразӣ шинохт ва иртибот бо сойири афроди ҷаҳон қарор мегиранд, лизо, тафоҳимоти байналмиллалӣ зарурат мёёбад ва ёдгирӣ барои бо ҳам зистан ба унвони як ҳадафи муҳим дар омӯзишу парвариш дар меояд.

Ёдгирӣ барои бо ҳам зистан лозим будани ёдгирӣ, чигунагии ибрози хештан ва барқарории иртибот ба шакли муассир бо дигарон аст ва низ ба маънои омӯхтани ҳисси масъулият ва саҳим кардани дигарон ва зарурати ёдгирии ҳамкорӣ бо дигарон аст.

**Омӯзиши электроникӣ (e-learning).** Омӯзиши электроникии тасвирӣ аз омӯзишҳои мушорикатӣ ва шахсӣ дар муқоиса бо омӯзиши суннатӣ аст. Ин низоми омӯзишӣ ба далели доштани имтиёзоти зиёде метавонад зарурат ва як роҳи ҳалли мантиқӣ барои низоми омӯзишӣ бошад. Аз ҷумла, нукоти мусбати ин навъ омӯзиш метавон ба рушди кайфияти омӯзишу парвариш, коҳиши ҳазинаҳо, имконпазир шудани омӯзишҳо ва эҷоди мактаби маҷозӣ ишора кард, ки ҳамаи маворид боиси афзоиши омӯзишӣ хоҳад шуд.[5]

Яке аз самарот ва фурсати ҷаҳонӣ шудан барои таълиму тарбияти мо шикофтани марзҳо ва ҳалқаҳои бастаи дониш ва ислоҳи завоёи маърифати шинохтии он аст. Яке аз маҳдудиятҳое, ки донишомӯзон дар низомҳои омӯзишии дунё, аз ҷумла, Эрон бо он рӯбарӯ ҳастанд, арзаи алгоритмӣ ва ҳандасии дониш ва иттилоот ба онҳост. Он гуна, ки сиришти низоми омӯзишии як кишвар тақозо мекунад, албатта, агарчӣ ин як ҳақиқати мусаллам  барои низомҳои омӯзишии ҳар кишвар аст, ки донишомӯзонро мутобиқи ормонҳои худ тарбият намояд, аммо ин ба маънои ҳандасӣ кардан ва

маҳдуд кардани низоми арзаи иттилоот нест. Вуруд ба дунёи фаррохи маърифатӣ, аз ҷумла, ниёзҳои соҳибони маърифат дар асри кунунӣ аст, ки худ пешрафтаҳои азимеро дар пай хоҳад дошт ва ин ҳамон фурсате аст, ки ҷаҳонӣ шудан дар ихтиёри низоми омӯзишии мо мегузорад. Дар ниҳоят, таҳаввулоте, ки марокизи таълиму тарбият дар раванди ҷаҳонӣ шудан бо он рӯбарӯ ҳастанд, метавон ин гуна хулоса кард:

1. Ҳазфи маҳдудиятҳои физикӣ ва замони дарс;
2. Афзоиши фурсатҳои омӯзишӣ ва ёдгирии электронӣ ва Интернетӣ;
3. Афзоиши сахтафзорҳо ва нармафзорҳои омӯзиш ва ёдгирӣ;
4. Афзоиши сиёсатҳо ва пойгоҳи додаҳои омӯзишӣ ва ёдгирӣ;
5. Афзоиши имкони омӯзиш ва ёдгирии ҷамъӣ дар миқёси миллӣ ва ҷаҳонӣ;
6. Густариши тафаккури стратегӣ дар омӯзиш ва ёдгирӣ;
7. Тарвиҷи нақши таомулии ёдгирӣ ва ёддиҳӣ байни муаллим ва шогирд ва дар байни худи фарогирон ва табодули донишу андеша бо истифода аз техникаҳои шабеҳсозӣ, сенариясозӣ ва ҳифзи нақш ва бо таъкид бар ёдгирии фаъол;
8. Густариши фарҳанги худомӯзӣ, аз ҳамомӯзӣ ва ба ҳамомӯзӣ ва додани бозхӯрди мутақобил;
9. Талоши бештар дар ҷиҳати пур кардани шикофи доноӣ;
10. Талоши бештар дар ҷиҳати пур кардани холи донистан ва ба кор бастан аз тариқи таъкиди бештар бар кор, барои будани омӯзиш ва ёдгирии вебстерсозӣ барои ба коргирии омӯхта, масъалаи меҳвар шудани фурсатҳои омӯзиш ва ёдгирӣ;
11. Густариши тафаккури беҳбуд, мустамир ва тадриҷӣ ва палконӣ шудани фароянди омӯзиш ва ёдгирӣ;
12. Гароиши бештар ба самти ёдгирӣ дар ҳини амал;
13. Густариши фурсатҳои self-paced learning.

**а) Бӯъди фарҳангӣ:**

1. Ташреҳи усул ва фарҳанги исломӣ ва шайъӣ бар пояи Қуръони карим, суннати паёмбар (с) ва сираи аҳли байт (а);
2. Пешбурд, баррасӣ ва таҳқиқоти илмӣ бо таваҷҷӯҳ ба имконоти илмӣ, фаннӣ ва фарҳангӣ;
3. Иртиқои илму технология, бавижа, дар кишварсозӣ, саноатӣ ва низомӣ;
4. Боло бурдани давраҳои омӯзишии фишурдаи ҳамагонӣ;
5. Таъмини адолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;
6.Густариши қавонину муқаррарот ва густариши фазоили ахлоқӣ дар ҷомеа;
7.Таъкид бар ошноӣ бо забон ва маъорифати Қуръон;
8 . Ҳифзи осор ва мавориси фарҳангӣ ва таърихӣ;
9. Касбу ашоаи илм ва тақвияти рӯҳи илмӣ;
10. Ташвиқу тарғиби афрод ба пажӯҳиш ва абдоъ ва ибтикор ва истифода аз улуму фунун бо таъкид бар истиқлоли фарҳангӣ;
11. Тақвияти рӯҳияи хидмат ва эҳтимом ба умури мусулмонон;
12. Тақвияти рӯҳияи ҳамкорӣ дар корҳои хайр ва такомули иҷтимоӣ;
13. Эҷоди рӯҳияи тафоҳим ва бародарӣ миёни мӯъминон;

**б) Бӯъди сиёсӣ:**

1. Эҷоди шинохт, таҷзия ва таҳлили сиёсӣ;
2. Парвариши афрод ба гунае ки дар баробари сарнавишти иҷтимоӣ ва сиёсии худ эҳсоси масъулият кунад;
3. Барқарории иртибот бо соири ҷавомеи ҷаҳонӣ бар асоси адлу инсоф ва даъват ба ҳақ;
4. Барқарории равобити бародарона бо миллатҳои мусулмон ҷиҳати таҳқиқи уммати воҳиди исломӣ;
5. Барқарории равобити дӯстона ва сулҳомез бо ҷавомее, ки сари ҷангу ситез бо исломро надоранд.

Чаро низоми омӯзишу парвариш натавонист ба ин аҳдоф даст ёфта ва дар натиҷа томе баланд ба сӯи тавсиаи пойдору ҳамаҷониба бардорад? Чӣ тангноҳо ва монеаҳое бар сари роҳи ин низом барои таҳаққуқи ормонҳои он вуҷуд дорад?

## АДАБИЁТ


1. Саҷҷодӣ Сайид Абдулқиюм. Ҷаҳонӣ шудан ва асри ҳузур. Рӯзномаи Ҳамшаҳрӣ.- 3 фарвардин, 1385.-с.11.
2. Шариатмадорӣ Алӣ. Ҷомеа ва таълиму тарбияти мабонии тарбияти ҷадид. -Теҳрон: Шобак, 1374.-с.38-43.
3. Парванда Ҳасан. Муқаддимоти барномарези омӯзиши дарсӣ.-Теҳрон: интишороти дунёи пажӯҳиш, 1389.-с. 82-83.
4. Олӣ Марзия. Чолишҳо ва фурсатҳои ҷаҳонӣ шудан барои низоми таълиму тарбият.-Теҳрон,1382.-с.41.

## ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА ОБРАЗОВАНИЕ ИРАНА

Глобализация, сущностной основой, которой является информационная революция, оказывает решающее влияние на все сферы человеческой жизни - экономику, политику, культуру, язык, образование, духовно-нравственное развитие, межэтнические и межконфессиональные отношения. Все эти сферы, вовлекаясь в убыстряющийся темп освоения и обмена информацией, приобретают качественно новые черты. Автор широко рассматривает влияние глобализации на образование Ирана, о её трудностях и проблемах на современном этапе.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** глобализация, информационная революция, сферы человеческой жизни, влияние глобализации на образование Ирана, современный этап.

## GLOBALIZACIYA AND HER INFLUENCE UPON FORMATION IRAN

Globalizaciya, essence by base, which is an information revolution, renders the solving influence upon all spheres of the human life -an economy, politician, culture, language, formation, spiritual-moral development. All these spheres, involving in rate of the mastering and exchange by information, gain the qualitative new line. The Author broadly considers the influence globalization on formation Iran, about her difficulty and problem on modern stage.

**KEY WORDS:** globalization, information revolyuktsiya, spheres of human life, influence of globalization on formation of Iran, present stage.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сайидисо Хусайни*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ ДАР СИЁСАТГУЗОРИҲОИ НАВИНИ ИРОН

***Алии Марвӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Ирон мусаввабаи соли 1358 ҳиҷрӣ-шамсӣ ҳадаф ва ҷиҳати асли омӯзиш ва парваришро мушаххас кард ва ба сабаби усули саввуми қонуни асосӣ давлат муаззаф шуд барои расидан ба ҳадафҳои олӣ низоми Ҷумҳурии Исломӣ ҳамаи имконоти худро барои эҷоди муҳити мусоид барои рушди фазилатҳои ахлоқӣ, боло бурдани сатҳи огоҳиҳои умумӣ ва омӯзишу парвариш ва тарбияти баданӣ, роигон ба кор бурд ва низ асли сиюми қонуни асосӣ давлатро вазифадор кард, ки васоили таҳсилии афродро то поёни давраи мутавасита ба таври роигон густариш диҳад.

Дар ин ҷо чолишҳо ва осебҳои омӯзиш ва парваришро бо иноят ба вурудиҳо ва дарундодҳои омӯзиш ва парвариш мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки ин мавридҳо шомили мавориди зерин аст:

1. Муаллим; 2. Донишомӯз; 3. Барномаи дарсӣ; 4. Мудирият, сохтор ва ташкилот; 5. Мадраса ва фазои омӯзишӣ; 6. Таҷҳизот ва фазои омӯзишӣ; 7. Манобеи молӣ.

**1. Муаллим.** Муаллим – асоситарин унсур дар низоми омӯзиш ва парвариш аст. Ин нақши улгу, мураббъи ва роҳнамоии донишомӯзон ва ҳидояткунандаи таълиму тарбиятро бар ӯҳда дорад. Мизони салоҳият, коромадӣ, алоқамандӣ, тасаллути ҳирфаӣ, таъинкунандаи фароянди ёддиҳӣ ва ёдгирӣ аст. Лизо, дар ҳар низоми омӯзишӣ таваҷҷӯҳ ба муаллимон ва муҷириёни барномаҳо ва тарҳои омӯзишӣ ба унвони муҳимтарин омили муваффақият ё шикастдиҳандаи навовариҳои омӯзишӣ матраҳ мешаванд.

Таваҷҷӯҳ ва салоиятҳо, тавонмандиҳои мавриди интизор, вуҷуди имконот, фурсатҳо ва тасҳилоти маишӣ ҷузъи зарурияҳо аст ва эҷоди тасҳилоти бештар метавонад бар сатҳи коромади муаллимон биафзояд. Замоне, ки масъалаҳо ва мушкилоти маишатӣ ва рифоии муаллимон рӯ ба густариш бошад, зуҳури падидаи шуғли дуввум коҳиши сатҳи пойбандӣ ва ангеза барои кор ва тадрис беҳтар ғайриқобили иҷтиноб ҳастанд, ки метавонад сиёсатҳо ва барномаҳоро ба шиддат мутаассир созад ва камияту кайфияти омӯзиширо коҳиш диҳад. Бархе маҳдудиятҳо ва монеаҳо боздоранда дар иртибот бо интихоб, ҷазб, ҷойгоҳ ва масъулияти муаллим, нигаҳдорӣ, иртиқо ва рифоҳ, сатҳи тахассусӣ ва ҳирфаӣ, омӯзишҳо ва арзишҳои муаллим ва афзоиши мушорикат ва ҳамкории гурӯҳии онҳо ба шарҳи зерин аст:

1. Интихоб ва ҷазби муаллим; 2. Ҷойгоҳ ва масъулиятҳои муаллим; 3. Ҳифз ва нигаҳдорӣ, иртиқо ва рифои муаллим; 4. Сатҳи тахассусӣ ва ҳирфаии муаллим; 5. Тарбияти муаллим ва омӯзишҳои мухталиф; 6. Арзишёбии муаллим; 7. Мушорикатҷӯӣ ва ҳамкории гурӯҳии муаллимон.

**2. Донишомӯз.** Баррасии таърифи баамаломада аз омӯзиш ва парвариш нишон медиҳад, ки донишомӯз мавзӯи аслӣ ва меҳвари омӯзиш ва парвариш аст. Ҳамчунин, нигоҳи мухтасар ба вазифаҳо ва коркарди низомҳои омӯзишӣ аз дариҷаи таваҷҷӯҳ ва донишомӯз нишон медиҳад, ки онҳо бояд ба таҳаққуқи ҳадафҳои зер кӯмак кунанд:

1. Кӯмак ба донишомӯзон барои касби дарки аниқтар аз ҷаҳон.

2. Муштоқ кардани донишомӯзон барои ёдгирӣ.
3. Омода кардани донишомӯзон барои созгоршудан бо тағйирот.
4. Кӯмак ба рушди шахсият ва маҳоратҳои иҷтимоии донишомӯзон.
5. Ташвиқи маҳоратҳои тафаккур, нигоҳи мустақил ва интиқобӣ ба масъалаҳо.
6. Омодакардани донишомӯзон барои шуғли муайян.

Бо таваҷҷӯх ба ин мавридҳо, мулоҳиза мешавад, ки муҳимтарин ҳадафҳои низоми омӯзиш ва парвариш дар хусуси донишомӯз шакл мегирад ва донишомӯз ба сифати мухотаби аслии низоми омӯзишӣ, меҳвари муҳиме аст, ки ҳар қадом аз муаллифҳои низоми омӯзиш ва парвариш (сохтор, фарояндҳо, мӯҳтаво ва ғайра) бояд бо руҷӯъ ба он шакл гирад.

Баъзе осебҳо ва вижагиҳо боздорандаи муртабит бо донишомӯз дар низоми омӯзиш ва парвариши кишвар ба ин шакл аст:

1. Вуҷуди дидгоҳҳо ва бовариҳои суннатӣ ва моҳияти донишомӯз.
2. Тазод ва таоруз байни коркардҳои бахшҳои мухталифи ҷомеа.
3. Коройии заифи хонавода ба сифати ниҳоди тарбиятии аввалия.
4. Камбуди пешниёзҳои лозим барои омӯзиш.
5. Пароканда будани иттилооти лозим дар заминаҳои таҳсилӣ.
6. Камтаваҷҷӯҳӣ нисбат ба тафовутҳои фардӣ.
7. Таваҷҷӯҳи заиф ба ниёзҳои донишомӯзон дар тадвини барномаҳои дарсӣ ва равишҳои омӯзиш.
8. Вуҷуди нобаробарии ҷинсиятӣ дар дастрасии донишомӯзони духтар ва омӯзиш ва парвариши муносиб дар бархе нуқтаҳои кишвар.
9. Камтаваҷҷӯҳӣ ба аҳамияти фаъол кардани донишомӯзон дар раванди омӯзиш.
10. Заифии ангезаи дарунӣ дар донишомӯзон нисбат ба таҳсил, номуносиб будани аснодҳои ангезишии донишомӯзон, заиф будани ҳадафгузорӣ.
11. Коро набудани тарбияти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ.
12. Таваҷҷӯҳи заиф нисбат ба шохисҳои саломати равонии донишомӯзон.
13. Мушкилот марбут ба ҳувиятёбии донишомӯзон.

**3. Барномаи дарсӣ.** Мафҳум ва бардошт аз барномаи дарсӣ муттасил тағйироти қобили таваҷҷӯҳ аз қарни охир шудааст. Бардошт аз барномаи дарсӣ ба унвони як заминаи яксоншудаи дарсӣ ва мавзӯи моддаи дарсие, ки бояд ба поён бурда шавад (ки бардошти суннатӣ аст), оғоз шуда ва ба бардоштҳо ва мафҳумҳои амиқтар густурдатар ва комилтаре чун нақшаҳое барои ёдгириҳо ва ҳама таҷрибае, ки таҳти таъсири мадраса вуҷуд дорад ва он чи оқибат донишомӯз бояд мегирад ва ба кор мебандад, мунтаҳӣ мешавад. Мутаваҷҷӯҳ ба ин, баъзе осебҳо ва вижагиҳои боздоранда дар ҳавзаи барномаи дарсӣ ва равишҳои омӯзишӣ ба шарҳи зер аст:

1. Низоми барномаи дарсӣ мавзӯи мадор, бо ҷиҳатгирии интиқоли маълумот ва китобмеҳвар, камтаваҷҷӯҳ ва эҷоди фурсатҳои ёдгирии муносиб.
2. Барномаи дарсии яксон будан таваҷҷӯҳ ва тафовутҳои фардӣ ва равоншиносии донишомӯзон, бетаваҷҷӯҳӣ тафовутҳои ақлӣ, иҷтимоӣ, муҳитӣ, қавмӣ, минтақавӣ ва фарҳангӣ.
3. Надоштани назария ва доктринаи мушаххас ва фародидгоҳҳои муносиб дар ҳафзаи барномаи дарсӣ бар асоси мабнои тахассусӣ ва илмӣ-мантиқии он.
4. Низоми барномаи дарсии муқовим дар муқобили нуфузи муаллим, мутамарказ ва ҳамкорӣ, камтаваҷҷӯҳӣ ба додани ҳаққи интихоб.
5. Набудани барномаҳои дарсӣ дар муқобили вуруди навъовариҳо.
6. Вуҷуди равишҳои суннатӣ ва яксӯя дар омӯзиш.
7. Набудани вуҷуди заминаи муносиб дар барномаҳои дарсӣ ба пажӯҳиш ва тафаккури ахлоқӣ, тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ.
8. Посухгӯ набудани низоми барномаи дарсӣ ва равишҳои омӯзиш ба ниёзҳо ва интизороти ҷомеа, хонавода, интизороти миллӣ ва ҷаҳонӣ.

**4. Муддирияти сохтор ва ташкилот.** Муддирияти сохтор ва ташкилот аз бахшҳои ҳаётии ҳар созмон ба шумор меояд. Ин бахшҳо вазифаи муҳими фармондиҳӣ ва ҳидояти фаъолияти мухталифро дар кулияи сатҳ бар ӯҳда дорад ва аз ин рӯ, таваҷҷӯҳ ба коромандии онҳо зарурати иҷтинобнопазир барои ҳар созмон аст. Муҳимтарини осебҳо дар ин ҳавза ба шарҳи зер аст: а) Камтаваҷҷӯҳӣ ва қаламрав ва ҳирфаӣ – тахассуси муддирият ва раҳбарии омӯзишӣ; б) Коромадии андаки низоми мушорикатҳои дарунӣ ва берунӣ аз омӯзиш ва парвариш.

**5. Мадраса ва фазои омӯзишӣ.** Яке аз авомили муассир бар асари бахши камият ва кайфияти омӯзишӣ мадраса ва фазои омӯзишӣ аст. Замоне, ки муҳити омӯзишгоҳ танг ва дилгир буда ва фазои физикии мадраса бо теъдоди донишомӯзон таносуб надошта бошад, мушкилоти рафторӣ, ахлоқӣ ва

низомии мухталифе матраҳ мешавад, ки фишори корӣ ва равониеро бар муаллимон ва дастандаркорони омӯзишӣ ворид месозад, ки ин масъала чунин аст:

1. Ғайри стандарт будани фазои омӯзишӣ ба лиҳози нур, гармо, сармо, нокофӣ будан ва ё дилгир ва танг будани фазои ихтисосёфта ба ҳаёти мадраса ва синфхонаҳо, набудани таваҷҷӯҳ ва вуҷуди имконоти муносиб дар мадраса, монанди коргоҳ, озмоишгоҳ ва ғайра.

2. Набудани фазои лозим ва муносиб барои ироаи фаъолиятҳои берун аз барнома ва бахусус, набуди замин ва фазои муносиб барои варзиш ва фаъолиятҳои ҷисмонӣ.

3. Камбуди василаҳо ва таҷҳизот ва имконотҳои омӯзишии муносиб байни мадрасаҳои як шаҳр ва ё мадрасаҳои шаҳрҳои рустоӣ, ки заминасозии табъизҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва поин омадани пешрафти таҳсилӣ ва ёдгирии донишомӯзон мешавад.

4. Камбуди сервисҳои беҳдошт, обсардкун ва ғайра дар мадрасаҳо дар саломатии донишомӯзон таъсир хоҳад дошт.

5. Надоштани фазои ихтисосёфтае барои ҳифз ва нигаҳдории ибтикорот ва навъовариҳои донишомӯзон.

6. Кӯҳна будани сохтмонҳои бисёре аз мадрасаҳо аз омилҳои манфии таъсиркунандае бар кайфият ва камияти омӯзиш ҳисоб мешавад.

7. Набудани истифодаи матлуб аз вақти таътилии мадраса ва набудани корбурди он ҷиҳати омӯзиши бузургсолон ва омӯзиши мустамар метавонад яке аз масъалаҳое бошад, ки аз ин фазоҳои омӯзишӣ истифодаи беҳтаре сурат намегирад.

8. Баҳрагирии поин аз имконоти маҳалӣ, минтақавӣ барои густариши мадрасаҳо ва поин будани сатҳи мушорикатҳои мардумӣ, бавижа волидайн дар эҳё ва бозсозии мадраса аз омилҳои боздоранда дар тавсиаи мадраса ва фазои омӯзишӣ.

9. Истифодаи нокофӣ аз рангомезӣ ва фазосозии муносиб бо синни кӯдакон ва навҷавонон.

10. Дар назар нагирифтани фазоҳо барои ҳифз ва нигаҳдорӣ ё пуштибонӣ аз василаҳо ва таҷҳизотҳои кӯмакомӯзишӣ.

**6. Таҷҳизот ва фановарии омӯзиш.** Таҷҳизот ва фановарии омӯзиш, ба далели ин ки муваллиди фурсатҳои ёдгирӣ барои ёдгирандагон ба ҳисоб меравад, ҷойгоҳи вижае дар омӯзиш ва парвариш ёфта, ба бисёре аз фурсатҳои омӯзишӣ дар дарс ба воситаи онҳо таҳаққуқ меёбад. Фановариҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, роёнаӣ (компютерӣ) ва ғайра ва бисёре аз таҷҳизот ва моводи омӯзишӣ, ёдгирандагонро дар амри касб ва фаҳми матолиб фаъол карда ва густараи суннатии мафоҳими ёддиҳӣ-ёдгириро дигаргун сохтааст. Дар ин миён, низоми тавлид, ошноӣ, корбурдӣ ва ғайраи ин таҷҳизот аз мавзӯот ва масоиле аст, ки тамоми низомҳои омӯзишии ҷаҳон бо он рӯ ба рӯанд. Ин амр натанҳо дар барнома ва мӯҳтавои омӯзишии тарбияти муаллим таъсиргузор буда, балки ба лиҳози иҷтимоӣ низ ҷойгоҳи вижае ёфтааст ва бар низоми мушорикати волидайн дар таҷҳиз ва густариши васоили кӯмакомӯзишии мадраса муассир будааст. Аммо баъзе осебҳо ва омилҳои боздоранда дар ин иртибот чунин аст:

1. Ноҳамоҳангии сиёсатҳо ва хатимаши куллӣ дар тадоруб ва таҷҳизоти мадрасаҳо ба таҷҳизоти омӯзиш ва корбурди фановариҳои омӯзишӣ дар омӯзиш ва парвариши кишвар.

2. Поин будани сатҳи дониш ва иттилооти бахши умда аз мудирон, муаллимон, волидайн ва ба таври куллӣ ҷомеа дар хусуси мазоиёи истифода аз фановариҳои омӯзишӣ.

3. Фақри нисбӣ ба нерӯҳои нисбии моҳир ва коршинос дар заминаҳои тарроҳӣ ва корбурди таҷҳизот ва фановарии омӯзиш.

4. Набудани истифодаи пайваста ва пӯё аз василаҳо ва манобеи кӯмакомӯзишӣ дар мадраса ва синфхонаҳо.

5. Маҳдудият дар бакоргирии фановариҳои омӯзишӣ ва расонаҳо ва таҷҳизоти омӯзишии ибтидоӣ тавассути муаллимон; ба иллате ҳоким будани равиши китобмеҳварӣ ва равишҳои суннатӣ дар тадрис.

6. Маҳдудияти ошноии мударрисони тарбияти муаллим бо таҳаввуллот дар ҳавзаҳои фановариҳои омӯзишӣ ва мавод ва таҷҳизоти кӯмакомӯзишӣ.

7. Тангноҳо ва мушкилоти молии мадрасаҳо, фақри имконот, гарон будани таҷҳизот ва номуносиб барои таҷҳиз ва истифода аз василаҳои кӯмакомӯзишӣ.

8. Поён будани сатҳи дониш ва маҳорати муаллимон дар корбурди таҷҳизоти омӯзишӣ, расонаҳо ва фановариҳои навин, ҳамчунин, эътимод ба короии расонаҳои омӯзишӣ ва натавонистани истифода аз ин василаҳо.

9. Нокофӣ будани омӯзишҳо зимни хидмати муаллимон дар заминаҳои тарроҳӣ ва корбурди мавод ва манобеи омӯзишӣ ва кӯмакомӯзишӣ, таҷҳизот ва расонаҳои омӯзишӣ, фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ.

10. Маҳдудияти дастрасӣ ба далели нокофӣ будани фазои донишомӯз, надоштани маҳали ҷудогона барои насби донишгоҳҳо ва нигаҳдории мавод ва таҷҳизоти омӯзишӣ.

11. Мушкилоти нигаҳдории сахтафзорҳо, камбуди васоил барои таъмир ва бозсозии таҷҳизот ва набудани низоми пуштибоние, ки ҳамагӣ корбарии фановарии омӯзиширо маҳдуд сохтааст.

**7. Манобеи молӣ.** Таъмини манобеи молӣ ҳамвора яке аз муҳимтарин бӯҳронҳои омӯзишӣ ва парваришӣ будааст ва бисёре аз мушкилот ва проблемаҳое, ки дар қисматҳои қабл ишора шуд, мустақим ё ғайримустақим ба масъалаҳои молӣ ва эътиборӣ иртибот пайдо мекунанд. Поён будани нисбати эътибороти давлатӣ барои омӯзиш ва парвариш нисбат ба тавлиди нохолиси миллӣ, коҳиши тавъам бо навасонҳои шадид саҳми эътибороти давлатӣ барои омӯзиш ва парвариш дар буҷаи умумии кишвар ва буҷаи умури иҷтимоӣ, коҳиши аҳамияти сармоягузорӣ дар нерӯи инсонӣ ва омӯзишу парвариш, эътилофи сармоя ба нархи болои таҳсилӣ ва такрори поя - навасон ва парокандагии шадид дар саронаи таҳсили байни устонҳо ва дар дохили ҳар устон байни манотиқ ва даруни манотиқ, байни мадрасаҳо – истимрори тавзеҳи номутавозим ва номуттаносиби нерӯҳои инсонӣ дар асари тафовутҳои тавсиаи байни манотиқи мухталиф, аз ҷумла мушкилиҳои омӯзиш ва парвариш дар бӯъди таъмини манобеъ аст, ки ба таври зер шарҳ медиҳем:

1. Набудани ҳадафҳо ва маъмуриятҳо ва душвор шудани барномарезӣ ва буҷабандӣ ба далели набудани кифояти манобеи молии омӯзиш ва парвариш.

2. Душвор шудани барномарезӣ ва буҷабандӣ ба иллати камшитобии манобеи молии омӯзиш ва парвариш иборат аз асаргузории шадиди сиёсатҳои буҷаи давлат бар манобеи молӣ омӯзиш ва парвариш.

3. Набудани ҳадафҳо ва маъмуриятҳо ва душвор шудани барномарезӣ ва буҷабандӣ ба иллати набудани рушди муносибати манобеъ бо ниёзҳои камию кайфии омӯзиш ва парвариш.

4. Душвор шудани барномарезӣ ба буҷабандӣ дар Вазорати омӯзиш ва парвариш ба сабаби вуҷуди ихтилоф байни Вазорати омӯзиш ва парвариш бо соири донишгоҳҳо; афзоиши дараҷаи нотаъминотӣ дар фароянди тасмимгирӣ ва сиёсатгузориҳои молӣ, дар асари рақобати шадид миёни вазоратхонаҳо ва ниҳодҳои мухталиф ба манзури афзоиши саҳми худ аз маҳали буҷаи давлат ва манобеи эҳтимолӣ.

5. Вуҷуди муқовимат дар қиболи пешниҳоди вазъи авориз ва афзоиши молиётҳо барои омӯзиш ва парвариш аз сӯи намояндагони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо далели осори зиёновари онҳо ба корӣ ва рушди иқтисодӣ.

6. Набудани интихоб ва бакоргирии шеваҳои беҳтарсозии таъмини молӣ бо таваҷҷӯҳ ба осори ҳар як бар масъалаҳои корӣ ва баробарӣ.

Лозим ба ёдоварист, ки омӯзиш ва парвариш дар барномаи чаҳорум, ба манзури беҳбуди вазъияти омӯзиш ва парвариши кишвар ва рафъи бархе мушкилиҳо ва осебҳои мавҷуд, аҳкоми муҳим ва қобили таваҷҷӯҳи дар қонуни барномаи чаҳоруми тавсиаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии муртабит бо омӯзиш ва парвариш пешбинишуда буд, ки бо иҷрои онҳо қадамҳои муносибтаре барои рафъи мушкилиҳо ва осебҳои мавҷуд барномарезӣ шуда буд, ки бештари онҳо мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор гирифтанд ва умедворем, ки фурсатҳои оянда роҳҳои амалӣ шудани онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

## АДАБИЁТ


1. Вазорати омӯзиш ва парвариш: Оинномаи маркази тарбияти муаллим. – Теҳрон, 1362.
2. Вазорати омӯзиш ва парвариш: Тарҳи тағйири бунёди низоми омӯзиш ва парвариши Ҷумҳурии Исломии Эрон. – Теҳрон, 1367.
3. Вазорати омӯзиш ва парвариш: Тарҳи муқаддимотии ислоҳи омӯзиш ва парвариши кишвар. – Теҳрон, 1344, 1345, 1346, 1350.
4. Вазорати омӯзиш ва парвариш: Қонуни тарбияти муаллим. – Теҳрон, 1312.
5. Вазорати омӯзиш ва парвариш: Мақоми муаллим. – Теҳрон, 1369.
6. Руҳӣ Ҳусайн. Маҷмӯаи аҳам, оинномаҳо ва дастурамалҳои низоми ҷадиди омӯзиши мутавассита. – Теҳрон: Интишороти нишо, 1376.
7. Созмони барнома ва буҷа: Барномаи тавсиаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Эрон. – Теҳрон, 1367-1372.
8. Созмони умури идорӣ ва истихдомии кишварӣ. Қавонини идорӣ ва истихдомии кишвар ва ислоҳияҳои он; Созмони умури идорӣ ва истихдомии кишвар. – Теҳрон, 1368.
9. Софӣ Аҳмад. Созмон ва қавонини омӯзиш ва парвариши Эрон. – Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонии донишгоҳҳо (САМТ), 1385. – 381с.

**ОБРАЗОВАНИЕ В СИСТЕМЕ НОВОЙ ПОЛИТИКИ ИРАНА**

Известно, что развитие образования является частью социальной политики любого современного цивилизованного государства. Исламсакая Республика Иран неоднократно заявляла о необходимости приоритетного развития отечественного образования в рамках проводимой ими социальной политики. Социальная составляющая государственной политики, в том числе и в сфере образования, в научном плане разрабатывается отечественными учёными. Исходя из такого положения, автор статьи рассматривает принципы формирования новой концепции государственной образовательной политики ИРИ.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** развитие образования, социальная политика, приоритетное развитие отечественного образования, принципы формирования новой концепции государственной образовательной политики Ирана.

**EDUCATION IN ISLAMIC REPUBLIC OF POLITICS OF IRAN**

Modern education in policy of Iran in this article education teacher status the student management and curriculum and school structure and organization of teaching space and equipment ... Resources found within the system approaches the scientific perspective is discussed based on research from a number of solutions investments and strategy policy towards education is offered.

**KEY WORDS:** development of education, social policy, priority development of domestic education, principles of formation of the new concept of the state educational policy of Iran.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Марви*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# БАРРАСИИ РОБИТАИ БАЙНИ ХУДПИНДОРӢ ВА ИЗЗАТИ НАФС ДАР БАЙНИ ДОНИШҶӮЁНИ РИШТАИ РАВОНШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ ОЗОДИ ИСЛОМИИ ВОҲИДИ АБҲАР ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 1389-1390

***Ваҳида Бобохонӣ***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Озоди Исломии воҳиди Абҳар, Эрон**

Тамоми инсонҳо як нерӯи ангезиши асосӣ доранд, ки гароиш ба шукуфоӣ аст. Гароиши фитрии организм ба парваронидани тамоми истеъдодҳояш, ба тавре ки битавонад ба зиндаги идома диҳад ва пешрафт кунад. Ин таъриф илова бар ин ки гароиш ба ирзои ниёзҳои физиологӣ ба ҳаво, ғазо, об ва гароиш ба коҳиши танишро дар бар мегирад, балки ҳамчунин шомили гироише ба пешрафти худ аз тариқи рушд аст ва ҳадаф иртиқои асарбахшиамон ва аз ин рӯ, худамон аз тариқи тасаллут бар абзорҳои фарҳангӣ ва раҳоӣ аз назорати нерӯҳои берунӣ ба манзури баҳрагирӣ аз назорати дарунӣ ишора доранд.

«Худпиндорӣ» тамоми ҷанбаҳои ҳастӣ ва таҷрибаҳоеро, ки тавассути фард дар огоҳи дарк мешаванд, дар бар мегирад. Баъд аз ин ки афрод худпиндориро ташкил медиҳанд, ба сахтӣ метавонанд тағйир кунанд ва ёдгириҳои муҳим барои онҳо хеле душвор мешавад. Таҷрибаҳое, ки бо худпиндории онҳо ноҳамоҳанг аст, маъмулан ё инкор мешаванд ё ин ки фақат ба сурати таҳрифшуда пазируфта мешаванд. Худпиндории тасбитшуда тағйирро ғайримумкин намесозад, балки фақат онро душвор мекунад. Тағйир дар фазое аз пазириш тавассути дигарон роҳаттар сурат мегирад. Чунин фазо ба шахс имкон медиҳад, изтироб ва таҳдидро коҳиш диҳад ва қабул кунад, ки таҷрибаҳое, ки қаблан рад шуда буданд, ба худӣ ӯ тааллуқ доранд. Инсонҳо бо фароянди арзишгузории организм мутаваллид мешаванд, ки онҳоро қодир месозад, он даста аз таҷрибаҳое, ки зиндагиро тақвият мекунанд, ба сурати мусбат арзишгузорӣ кунанд ва барои таҷрибаҳое, ки монеъ аз рушди инсонҳо мешаванд, арзиши манфӣ қоил шаванд. Пас инсонҳо бо нерӯи шукуфокунандае ба дунё меоянд, ки онҳоро бармеангезад ва фароянди арзишгузориро танзим мекунанд.

Инсонҳо дар барқарори робита бо дунё ба воқеиятҳои ҳақиқӣ ё ноб посух намедиҳанд, балки ба воқеияте, ки таҷриба мекунанд, посух медиҳанд. Дунёи инсонҳо, дунёи таҷрибашуда ё падидории онҳо аст. Агар дигарон бихоҳанд аъмоли хоси моро дарк кунанд, бояд бикӯшанд, то ҷое ки имкон дорад, худро дар чаҳорчӯби меъёрҳои дарунии мо қарор диҳанд ва аз дунё ба гунае, ки дар огоҳии зеҳнии мо вуҷуд дорад, бохабар шаванд. Бадеҳӣ аст, ки воқеияти мо, то андозае тавассути муҳит шакл мегирад, вале мо дар офаридани дунёи зеҳнии худ, ки ҳамон чаҳорчӯби меъёрии дарунии мо аст, фаъолона ширкат дорем. Мо ба унвони бахше аз гироиши шукуфошуданамон, фаъолона мутамоиз шуданро низ оғоз мекунем. Барои ин ки бифаҳмем таҷрибаҳое, ки ҷузъе аз вуҷуд ва амалкарди мо ҳастанд, бо таҷрибаҳои дигарон чи тафовуте доранд, таҷрибаҳои хосе, ки мо аз он бархӯрдор мешавем, таҷрибаҳои шахсӣ ҳастанд. Мо метавонем бо бознамоии ин таҷрибаҳои шахсӣ дар қолаби намодҳои забонӣ бо соири намодҳо аз онҳо огоҳ шавем. Бознамоии зинда будан ва амалкардан дар огоҳӣ аз тариқи таомул бо афроди муҳим густариши бештаре мёёбад ва тасаввуре аз худро шакл медиҳад. Тасаввури мо аз худ, бардошти мо аз вижагиҳои ман, ё маро бардошти мо аз робитаҳо бо дигарон ва

дунё ва арзишҳоеро, ки ба ин бардоштҳо вобаста ҳастанд, шомил мешавад. Мафҳуми худ ба ҷанбаҳое аз як фард ишора дорад, ки ба сурати ман муайян мешавад ва маъмулан шомиле бар идрокот ва эҳсосот дар мавриди бадани худ, тавоноиҳои шахсӣ, арзишҳо ва алоқаҳо аст. Эриксон мафҳуми худро ба сурати дидгоҳе аз маҷмӯаи худ мебинад.

Ҳамон тавре ки интизор меравад, мутолиот нишон додааст, ки бо вуқӯи тағйироти шинохтӣ, тағйироти мушобеҳе низ дар шеваҳое, ки афрод дар мавриди худашон фикр мекунанд, падидор мешавад. Барои мисол як мутолиа нишон дод, ки тавсифҳои каломӣ аз худ, дар кӯдакон сатҳи амалиёти айнӣ аз навҷавонон, сатҳи амалиёти сурӣ, дорои руҷуи айнитар буд. Бархе равоншиносон хотирнишон мекунанд, ки тафаккури сурӣ роҳи ҳалле барои асоси мафҳуми худ, ки ба сурати назария дар мавриди худ дида мешавад, аст. Тафаккри сурӣ ин имконро медиҳад, то фард аз чаҳорчӯби мурочии худ фаротар рафта ва ба гунаи айнитар худро арзёбӣ кунад. Ҳамон тавре ки худмеҳварӣ аз миён меравад, онҳо метавонанд мафҳумҳои худро воқеитар бино созанд. Иззати нафс ба ин маъно аст, ки мо дар маҷмӯ чи гуна худро арзишёбӣ мекунем, ё чи эҳсосе дар мавриди худ дорем ва маъмулан бо эҳсоси хударзишмандӣ мутародиф аст. Иззати нафс ва мафҳуми худ қобили тағйиранд, аммо ағлаб тағйири онҳо бидуни талоши ҷамъӣ мушкил аст. Мафҳуми худ се коркарди муҳим дорад:

1. Байни лаззат ва ранҷ таодул барқарор мекунад.

2. Боиси ҳифзи иззати нафс мешавад.

3. Боиси созмондиҳии таҷрибиётӣ мешавад, ба гунае ки дар мавридҳои мушобеҳи баъдӣ битавон ба таври муассир муқобила кард.

Ба назар мерасад, ки мафҳуми худ ва иззати нафс нақши асосӣ дар созгории кулли равоншиносии афрод ифо мекунад. Ҳамчунин, байни пазириши худ ва пазириши дигарон робитаи мусбат вуҷуд дорад. Зоҳиран мафҳуми худ ба сурати як механизми тавсиякунанда амал мекунад ва аз тариқи он мо нисбат ба иттилооте, ки бо интизоротамон аз дигарон ва интизороти дигарон аз мо ҳамхонӣ доранд, ҳассос мешавем. Бояд таваҷҷӯҳ дошт, гарчи идроки мо аз худамон ва дигарон мумкин аст дуруст бошад, аммо лузуман ҳамеша ин тавр нест.

Ҳар таҷрибае, ки бо созмон ё сохти худ дар таззод бошад, мумкин аст ба унвони таҳдид идрок шавад. Ҳар чи қадар мизони ин идрокот бештар бошад, сохти худ сахттар ва муқовимтар хоҳад шуд, то битавонад худашро ҳифз кунад. Таҷрибаҳои носозгор бо сохти худ низ қобилияти дарк ва баррасӣ ва созмондиҳии муҷаддадро пайдо мекунад ва сохти худ чунон таҷдид мешавад, ки қобилияти ҷазби таҷрибаҳои ноҳамоҳангро пайдо мекунад. Барои ин, ки фароянди дифо аз байн биравад ва таҷрибаҳои таҳдидкунанда ба дурустӣ дар огоҳӣ таҷаллӣ кунад ва ҷазби сохти худ шавад, шароити хосе бояд вуҷуд дошта бошад. Яке он ки бояд шароити арзиш коҳиш ёбад ва дигар он ки таваҷҷӯҳ ба эҳтироми ғайришартӣ нисбат ба худ афзоиш ёбад ва боиси эътимод ба нафс ва боло рафтани иззати нафс дар фард шавад ва ин ки боварии фард аз рафтор ва афкори худ боиси боло рафтани иззати нафс мешавад.

Суолоти ин пажӯҳиш:

1. Оё байни худпиндорӣ ва иззати нафс дар байни донишҷӯёни риштаи равоншиносӣ, робитаи маънидоре вуҷуд дорад?

2. Оё иззати нафс дар байни донишҷӯёни писар, бештар аз донишҷӯёни духтари риштаи равоншиносӣ аст?

3. Оё идроке аз хештан дар байни донишҷӯёни писар бештар аз донишҷӯёни духтари риштаи равоншиносӣ аст?

Фарзияҳои аслии пажӯҳиш иборат аст аз:

1. Байни дарке аз хештан ва иззати нафс робитаи маънодор вуҷуд дорад.

2. Иззати нафс дар байни донишҷӯёни писар бештар аз донишҷӯёни духтар аст.

3. Дарке аз хештан дар байни писарони донишҷӯ бештар аз духтарони донишҷӯ аст.

Ҳадафи ин пажӯҳиш баррасии робитаи дарк аз хештан ва иззати нафс дар байни донишҷӯёни риштаи равоншиносии Донишгоҳи Озоди Исломии воҳиди Абҳар аст ва ин ки оё ин ду бо ҳам робитаи маънодоре доранд, ё на ва оё дарке аз хештан дар боло рафтани иззати нафс метавонад таъсири мусбате дошта бошад, ё на ва ин ки ҳар чи қадар фард аз худ боварии мусбат дошта бошад, эътимо ва эътимод ба нафсаш ҳам бештар ва муваффақтар хоҳад буд ва ин ки оё дарке аз хештан ва иззати нафс дар байни писарон бештар аст ва ё дар байни духтарон аст?

**Равиши пажӯҳиш** Равиши таҳқиқи ҳозир аз навъи ҳамбастагӣ аст. Барои муқоисаи худпиндорӣ ва иззати нафс дар духтарон ва писарон аз равиши омории зариби ҳамбастагии Персон истифода гардида ва ҳамчунин аз равиши омории Т мустақил истифода шудааст.

**Ҷомеаи оморӣ** Ҷомеаи омории ин пажӯҳиш шомили куллияи донишҷӯёни риштаи равоншиносии Донишгоҳи Озоди Исломии воҳиди Абҳар дар соли таҳсили 1389-1390 машғул ба таҳсил ҳастанд, ки ҷамъан 570 нафар ҳастанд, ки ҷамъи духатрон 300 ва ҷамъи писарон 270 нафар аст.

**Намуна ва равиши интихоби намуна** Бо таваҷҷӯҳ ба бароварди кулли ҷомеаи оморӣ аз 570 нафар 50 нафар ба уновни намуна интихоб гардида, ки 25 нафар духтар ва 25 нафар писар аст ва равиши намунагирӣ ба сурати тасодуфӣ аст.

**Абзори андозагирӣ** Дар ин пажӯҳиш абзори андозагирӣ ду навъ аст:

1. Пурсишномаи иззати нафси Купер Смит, ки дар робита бо эътимод дар иззати нафс аст.
2. Пурсишномаи худпиндории Бек, ки дар бораи мафҳуми фард аз хештан аст.

**Эътибор ва равоии пурсишномаҳо** Озмуни иззати нафси Купер Смит дар Эрон тавассути додситон тарҷума ва ҳинҷорёбӣ шудааст. Озмуни 58 суолии Купер Смит, эҳсосот, ақидаҳо ва вокунишҳои фардиро тавсиф мекунад ва озмудани бояд ба ин мавод бо аломатгузорӣ дар яке аз мурабаъҳои марбут ба гузинаҳои бале ё хайр посух диҳад. Дар ҳар ду шакли омузишгоҳӣ ва бузургсол, таркиби мавод феҳрести мушобеҳ аст. Зариби равоии ин озмун дар Эрон, ки бар рӯи як намуна муҳосиба шуда 0/086 ва зариби эътибори он 0/082 гузориш шудааст.

Озмуни мафҳуми хештани Бек як меъёри худгузоришӣ аз нигариши манфӣ нисбат ба худ аст. Яъне, бахше аз тасбити шинохтии афсурдагӣ, ки Бек дар соли 1976 ном бурдааст. Ин озмун аз маводи 1 то 5 рақамгузорӣ шудааст ва мавод аз поин ба боло ё аз боло ба поин баста ба боре андешаи худпиндорӣ рақамгузорӣ мешаванд ва доманаи рақамҳо аз 15 – 40 аст. Ҳинҷорёбие, ки ин озмун мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ихтилоли изтироб, ҳарос, афсурдагии асосӣ, тақдаврай ва такроршаванда аст. Равоии ин озмун 0/055 будааст ва эътибори ин озмун дар ҳамсонии дарунӣ 0/080 ва боз озмоӣ 0/088 аст.

**Ёфтаҳои пажӯҳиш** Ҷиҳати анҷоми фарзияҳои мавриди таҳқиқ аз омори истинботӣ ва равиши омории зариби ҳамбастагии Персон истифода гардидааст, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали зер оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Баррасии робитаи мафҳуми хештан ва иззати нафс

| Сатҳи маънидорӣ | DF | Т ҷадвал | Т бӯхронӣ | Зариби ҳамбастагӣ | Озмуданиҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 0/01 | 48 | 6/678 | 6/796 | 0/697 | донишҷӯёни духтар ва писар |

Чунончи дар ҷадвали 1 мушоҳида мешавад, зариби ҳамбастагии ба даст омада 0/697 бо дараҷаи озодии 48 ва Т-бӯҳронии ба даст омада 6/79 аз Т-ҷадвал, 6/678 бузургтар аст. Метавон гуфт, ки фарзи 0 таъйид шуда ва фарзи хилоф рад шудааст ва сатҳи маънидории он баробар аст бо 0/01, пас бинобар ин, метавон гуфт, ки байни мафҳуми хештан ва иззати нафс дар байни донишҷӯён робитаи маънидоре вуҷуд дорад.

Ҷиҳати анҷоми фарзияи дуввум дар мавриди муқоисаи иззати нафс дар байни писарон ва духтарон аз равиши омории Т мустақил истифода гардид, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Муқоисаи мизони иззати нафс дар байни духатрон ва писарони донишҷӯ

| Сатҳи маънидорӣ | Т ҷадвал | DF | Т ба даст омада | Миёнгин | Озмуданиҳо | Теъдод |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 0/05 | 2/876 | 48 | 2/896 | 40/8 | писарон | 25 |
| | | | | 12/38 | духтарон | 25 |

Чунончи дар ҷадвали 2 мушоҳида мешавад, чун Т-ба даст омада 2/896, аз Т-ҷадвал 2/876 бо дараҷаи озодии 48 бузургтар аст. Метавон гуфт, ки фарзи 0 таъйид шуда ва фарзи хилоф рад шудааст ва сатҳи маънидории он баробар P>0/05 аст ва натиҷа ин ки писарон аз духтарон иззати нафси бештаре доранд ва ба худ аҳамият медиҳанд.

Ҷиҳати анҷоми фарзияи севвум аз равиши омори истинботии Т мустақил истифода гардида, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 3 омода шудааст.

Ҷадвали 3. Муқоисаи мафҳуми хештан дар писарон ва духтарони донишҷӯ

| Сатҳи маънидорӣ | Т ҷадвал | DF | Т ба даст омада | Миёнгин | Озмуданиҳо | Теъдод |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 0/05 | 2/876 | 48 | 2/881 | 28/96 | писарон | 25 |
| | | | | 26/56 | духтарон | 25 |

Чунончи дар ҷадвали 3 мушоҳида мешавад, чун Т-ба даст омада 2/881 аст ва аз Т-ҷадвал 2/876 бо дараҷаи озодии 48 бузургтар аст. Пас метавон гуфт, ки фарзи 0 таъйид шуда ва фарзи хилоф рад шудааст ва сатҳи маънидории он баробари P>0/05 аст. Пас метавон гуфт, ки натиҷаи таҳқиқ ба ин сурат аст, ки мафҳуми хештан ва қабули худ дар писарон ба маротиб болотар аз духтарон аст.

**Баҳсу натиҷагирӣ** Инак ба баҳс дар мавриди ёфтаҳои пажӯҳиш мепардозем, фарзияи аввали пажӯҳиш: ҷиҳати баррасии ин фарзия аз омори истинботӣ ва равиши омории зариби ҳамбастагии Персон истифода шудааст, ки зариби ҳамбастагии ба даст омада 0/697 бо дараҷаи озодии 48 ва Т-

бӯхронии ба даст омада 6/796 аз T-ҷадвал 6/678 бузургтар аст. Метвон гуфт, ки фарзи 0 таъйид шуда ва фарзи хилоф рад шудааст ва сатҳи маънидории он баробар 0/01 аст. Пас метавон гуфт, ки байни мафҳуми хештан ва иззати нафс дар байни донишҷӯён робитаи маънидор вуҷуд дорад. Фарзияи дуввуми пажӯҳиш ҷиҳати баррасии ин фарзия аз равиши омории T мустақил истифода шудааст, ки натиҷа нишон медиҳад, ки T ба даст омада 2/896 аз T ҷадвал 2/876 бо дараҷаи озодии 48 бузургтар аст. Метавон гуфт, ки фарзи 0 таъйид шуда ва фарзи хилоф рад шудааст ва сатҳи маънидории он баробари P>0/05 аст ва натиҷа ин ки писарон нисбат ба духтарон иззати нафси бештаре доранд ва ба худ аҳамият медиҳанд. Фарзияи севвуми пажӯҳиш ҷиҳати баррасии ин фарзия аз равиши омории истинботии T мустақил истифода шудааст, ки натиҷа нишон медиҳад, ки T ба даст омада 2/881 аз T ҷадвал 2/876 бо дараҷаи озодии 48 бузургтар аст. Пас метавон гуфт, ки фарзи 0 таъйид шуда ва фарзи хилоф рад шудааст ва сатҳи маънидории он баробари P>0/05 аст. Пас метавон гуфт, ки натиҷаи таҳқиқ ба ин сурат аст, ки мафҳуми хештан ва қабули худ дар писарон ба маротиб болотар аз духатрон аст. Натиҷаҳои ба даст омада дар ин пажӯҳиш бо таҳқиқоти муҳаққиқони дигар Гудман ва Пикенс соли 2001 ва Портес ва Говел 1997, Дорму 1996 ҳамсӯ мебошад. Бо иноят ба натиҷаҳои мушоҳидашуда дар фарзияи аввал метавон баён кард, ҳамон тавре ки кӯдакон рушд мекунанд, омилҳои мухталифе бар иззати нафси онҳо таъсир мегузорад ва онҳо паёмадҳои мухталифе дар иртибот бо худ дарёфт мекунанд. Бо дар назар гирифтани таҳқиқоти пешин метавон гуфт, ки шароити хонаводагии солим ва амн барои рушд ва шахсияти фарзандон муассир аст ва боиси худпиндории мусбат ва солим ва иззати нафси боло мегардад. Гарвард 1987 ба нақл аз Биёбонгард мӯътақид аст, ки байни мафҳуми худ ва иззати нафс, нақши асосӣ дар созгории куллии равоншиносии афрод ифо мекунад. Ҳамчунин байни пазириши худ ва пазириши дигарон робитаи мусбат вуҷуд дорад. Соири мутолиот нишон медиҳанд, ки мафҳуми худ ва иззати нафс дар тайи навҷавонӣ ба шеваи пайваста рушд меёбанд, Бандеро соли 1967. Дар як мутолиаи тӯлӣ ва мақтарии се сола Ҷурм Доск 1981 мафҳуми худро дар 1600 навҷавони писар ва духтар аз хонаводаи табақоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, боло, мутавассит ва поин дар пояҳои таҳсилии дабиристон, то донишгоҳро мавриди арзёбӣ қарор дод. Вай дарёфт, ки афрод худашонро бар асоси чаҳор вижагӣ муваффақ будан, раҳбар будан, ҳамдил будан, иҷтимоӣ будан, созгор будани мардона ва занона арзёбӣ мекунанд. Доск ҳамчунин тафовутҳои ҷинсиятии пойдореро дар ҳар сол дар се вижагии фавқ дарёфт. Писарон худро дар вижагии муваффақ будан ва раҳбар будан, болотар аз духтарон арзёбӣ мекарданд. Духтарон низ худро дар вижагии ҳамдил будан ва иҷтимоӣ будан болотар аз писарон арзёбӣ мекарданд. Аммо дар мавриди аҳамияти се вижагӣ аз ин вижагиҳо бо ҳам мутафовит будан. Ин нукта бо интизороти нақши ҷинсӣ ва пажӯҳишҳои қаблӣ, ки нишон медиҳанд, масъалаи асосӣ дар рушди ҳуввият, мустақил шудан барои мардон ва робитаҳои инсонӣ барои занон ҳамхонӣ доранд.

Ҳадафи ин пажӯҳиш баррасии робитаи байни худпиндорӣ ва иззати нафс дар байни донишҷӯёни риштаи равоншиносии Донишгоҳи Озоди Исломии воҳиди Абҳар дар соли таҳсили 1389-1390 аст. Ҷомеаи мавриди мутолиаи ин пажӯҳиш, куллияи донишҷӯёни риштаи равоншиносии воҳиди Абҳар, ки дар соли таҳсили 1389-1390 машғул ба таҳсил буданд, ки ҷамъан 570 нафар аст. Ҷамъи духтарон 300 нафар ва ҷамъи писарон 270 нафар аст. Бо таваҷҷӯҳ ба бароварди куллии ҷомеаи оморӣ аз 570 нафар, 50 нафар ба унвони намуна интихоб гардид, ки 25 нафар духтар ва 25 нафар писар аст. Равиши намунагирӣ ба сурати тасодуфӣ аст, барои андозагирии мафҳуми хештан аз пурсишномаи худпиндории Бек ва барои андозагирии иззати нафс аз пурсишномаи Купер Смит истифода шуд. Фарзияҳои ин пажӯҳиш:

1. Байни мафҳуми хештан ва иззати нафс робитаи маънидор вуҷуд дорад.
2. Иззати нафс дар байни писарони донишҷӯ, бештар аз духтарони донишҷӯ аст.
3. Дарки аз хештан дар байни писарони донишҷӯ, бештар аз духтарони донишҷӯ аст.

Натиҷаи пажӯҳиш нишон дод, ки байни мафҳуми хештан ва иззати нафс дар байни донишҷӯён (духтарон ва писарон) робитаи маънидор вуҷуд дорад ва дар мавриди фарзияи дуввум, ки фарзи 0 таъйид шуд ва нишон дод, ки писарон нисбат ба духтарон иззати нафси бештаре доранд ва ба худ аҳамият медиҳанд. Ва фарзияи севвум низ таъйид шуд ва натиҷа ба ин сурат аст, ки мафҳуми хештан ва қабули худ дар писарон ба маротиб болотар аз духтарон аст.

## АДАБИЁТ


1. Биёбонгард Исмоил. Равоншиносии навҷавонон. Дафтари нашри фарҳангии исломӣ. Теҳрон, 2005.
2. Шафиободӣ Абдуллоҳ ва Носири Ғуломризо. Назарияҳои мушовира ва равондармонӣ. Маркази нашри донишгоҳӣ. Теҳрон 2002.
3. Марвиёнҳусейнӣ Ризо. Муқоисаи мушкилоти равонӣ. Рушди иҷтимоӣ ва иззати нафси донишомӯзон бо ихтилолоти хондан ва навиштани донишомӯзони одӣ. Поённомаи коршиносии аршади равоншиносии тарбиятӣ. Донишгоҳи тарбият муаллими Теҳрон. 1996.

4. Adelson J. Adolescence and generalization gap. Psychology today. 1979.
5. Bandura A. Some determinants of self-monitoring reinforcement systems. 1967.
6. Epstein S. The self-concept revisited: or a theory of a theory. American psychologist. 1973.
7. Erickson E.H. Identity: youth and crisis, New York: Norton. 1968.

## ИЗУЧЕНИЕ СВЯЗИ МЕЖДУ ВЫСОКОМЕРИЕМ И САМОЛЮБИЕМ СРЕДИ СТУДЕНТОВ СПЕЦИАЛЬНОСТИ ПСИХОЛОГИЯ СВОБОДНОГО ИСЛАМСКОГО УНИВЕРСИТЕТА ГОРОДА АБХАР В 1389-1390 УЧЕБНЫЙ ГОД

В данной статье автор изучает связь между высокомерием и самолюбием среди студентов специальности психология Свободного исламского университета города Абхар в 1389-1390 учебный год.

**КЛЮЧЕВЫЕСЛОВА:** высокомерие, самолюбие, студенты, связь между самолюбием и высокомерием, психология, девушки, юноши.

## COMMUNICATION STUDYING BETWEEN ARROGANCE AND VANITY AMONG STUDENTS OF SPECIALTY PSYCHOLOGY OF FREE ISLAMIC UNIVERSITY OF THE CITY ABKHAR IN 1389-1390 ACADEMIC YEAR

In this article the author studies communication between arrogance and vanity among students of specialty psychology of Free Islamic university of the city of Abkhar in 1389-1390 academic year.

**KEY WORDS:** arrogance, vanity, students, communication between vanity and arrogance, psychology, girls, young men.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Вахида Бобохони***– аспирантка Таджикского национального университета. Член Ученого совета Свободного исламского университета города Абхар, Иран.

# ОМӮЗИШИ ТАФАККУРИ ХАЛЛОҚ БА УНВОНИ ЯКЕ АЗ МАҲОРАТҲОИ ҲИРФАИИ МУАЛЛИМОН ВА МУДИРОНИ ОМӮЗИШӢ

***Муҳаммаднақӣ Ҳайдарӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар ҳамаи инсонҳо истеъдоди андешидан вуҷуд дорад, аммо парвариши он ба замина ва шароити матлуб ниёз дорад. Вусъат, домана ва печидагиҳои дунёи имрӯза ниёз ба парвариши инсонҳои муҷаҳҳаз ба дониш ва биниши тафаккури халлоқ (эҷодкор (creative)) дорад. Муаллим барои фароҳам кардани ин замина метавонад нақши муассире ифо намояд. Шуоринажод (1371ҳ.ш.) мӯътақид аст, ки тафаккури халлоқ истеъдод ва тавоноии шинохти равобити тоза ва муҳим дар афкор ва падидаҳои мавҷуд, ё тавоноии дарёфти равобити ҷадид, равишҳои тоза, роҳи ҳалҳои тоза ва ё ҳатто масъалаҳои ҷадид мебошад.

Буруманд (1374 ҳ.ш.) барои тафаккури халлоқ панҷ марҳиларо чун дарёфти мушкил, тадоруки иттилоот, тавлиди мисл (монанд), биниш ё равшан шудани афкор ва расидагиву корбурд зикр намудааст.

Анвои халлоқиятро метавон ба ин шарҳ дастабандӣ намуд: халлоқияти илмӣ, халлоқияти фановарона (technological creativity), халлоқияти санъатӣ, халлоқияти ҳунарӣ, халлоқияти рӯзмарра ва халлоқияти кӯдакон.

Булум (1985) мӯътақид аст, ки муаллимон нақши муҳимеро дар рушди кӯдакони халлоқ ва масъулиятпазир бозӣ мекунанд.

Доштани донишомӯзони халлоқ ниёзманди тарбияти муаллимони халлоқ мебошад.

Барои доштани омӯзиш ва парвариши халлоқ донишмандон меъёрҳо ва шароитеро баён намудаанд. Омӯзиш ва парвариш бояд заминае омода намояд, то афроди дорои истеъдод ва халлоқ ҷазби шуғли муаллимӣ шаванд. Дар маркази тарбияти муаллим ва давраҳои омӯзиш зимни хизмат (давраи корӣ) бояд ба муаллимон ва мудирони омӯзишӣ равиши кашф ва парвариши истеъдодҳои халлоқ омӯзиш дода шавад.

Таъйини салоҳиятҳои шуғли муаллим, дар асоси низоми тарбиятӣ ва навъи нигариш ба инсон аст. Ҳар мактабе мутобиқи қазовате, ки дар бораи моҳияти инсон мекунад, ормонҳои тарбиятии худро таъйин мекунад ва бар асоси ормонҳо ва аҳдофи ниҳоии таълим ва тарбия, симое аз муаллими матлуб ва мавриди назари худро шакл медиҳад.

Мактабе, ки ба қисмати ақлонии вуҷуди инсон аҳамияти махсус медиҳад, парвариши қувваи тафаккурро ҳадафи асосии низоми тарбиятии худ медонад ва барои амалӣ шудани чунин ҳадаф, муаллими мутафаккир ва дорои қудрати андешаи қавӣ тарбия мекунад.

Мактабе, ки таълим ва тарбиятро фақат дар омода кардани фард барои ҷомеа ва созгор сохтани ӯ бо арзишҳо ва анъанаҳои ҷомеа хулоса мекунад, парвариши инсони иҷтимоӣ ва созгорро ҳадафи худ медонад ва барои он, муаллимони бо чунин салоҳиятҳое тарбия мекунад.

Ба таври куллӣ, ҳар касе ва ҳар низоме дар бораи муаллим ва салоҳиятҳои ӯ ҳамон гуна меандешад, ки дар бораи моҳияти инсон фикр мекунад.

**Баёни масъала** Дар ҳамаи инсонҳо истеъдоди андешидан вуҷуд дорад. Аммо парвариши он ба замина ва шароити мусоиде ниёз дорад. Ҳамон гуна ки беҳтарин донаҳо дар дили замин бидуни фароҳам шудани шароити лозим рушд намекунанд, тухми тааққул (хирадмандӣ) низ, ки дар сиришти одамӣ ниҳода шудааст, бидуни муҳит ва шароити мусоид парвариш намеёбад. Муаллим барои фароҳам кардани ин шароит нақши муассире ифо мекунад. Зиндагӣ дар ҳар замоне, бахусус дар асри феълӣ, ки ҳам ба вусъат ва паҳншавии иттилооти илмӣ афзуда шуда ва ҳам печидагиҳои ҷанбаҳои мутафовити зиндагӣ бештар шудааст, бидуни доштани тафаккури қавӣ ва халлоқ имкон надорад.

Дар ин мақола тавзеҳ дода мешавад, ки халлоқият чист, тафаккури халлоқ ба чӣ тафаккуре гуфта мешавад ва асосан нақши муаллим дар рушд ва парвариши халлоқият ва таффаккури халлоқияти донишомӯз чист?

Халлоқият (эҷодкорӣ-creativity) аз мавзӯъҳое аст, ки дар бораи он баҳсҳои бисёре шудааст. Истилоҳи халлоқият дар заминаҳои гуногун ва дар маъниҳои мухталиф ба кор бурда шудааст, то он ҷо ки бархе аз пажӯҳишгарон онро бидуни маъни донистаанд.

Иборахои назири «муаллими халлоқ», «донишомӯзи халлоқ» ва ғайра фаровон ба кор бурда мешавад, аммо халлоқият дар мавриди афрод маънии яксоне надорад.

Халлоқият дар гузашта, падидаи ҳаммаънӣ бо нубӯғ (шукуфоии истеъдод) ҳисоб меёфт ва ҳар ҷо сухан аз халлоқият ба миён меомад, билфосила маънои нубӯғ ба зеҳн мерасид. Дар таърихи юнониёни бостон нубӯғ маънои афсонавӣ дошт. Ба ривояте, юнониён истилоҳе ба номи шайтонро пазируфта буданд, ки ҳаммаънӣ бо нубӯғ буд. Ба назари юнониён шайтон як рӯҳи нигаҳбон буд, ки бо ҳулуле ба рӯҳ ва бадани афрод ононро соҳиби тавоноиҳои фавқулода ва рағбату ангеза месохт.

Дар алоқа ба қарини XIX ва дар авали қарни XX ба манбаи ҷадиди халлоқият таваҷҷӯҳ шуд. Дар ин давра низ тафаккуре, ки халлоқият ва нубӯғро ҳаммаънӣ медонист, ҳамчунон боқӣ монд ва то асри эҳё (ренессанс) кашонда шуд. Раҳбарии ин ҷараёни илмиро Гуйлфорд (дар солҳои 1959-1966-1967) бар ӯҳда дошт.

Халлоқият ба унвони истеъдоди қудратманд дар ниҳоди одамӣ аз ҳамон даврони кӯдакӣ вуҷуд дорад. Ба қавли Роҷерз (1977) одамӣ сириштан халлоқ мутаваллид мешавад ва халлоқият дар марҳилаҳои ибтидоии зиндагӣ такомулёфта набуда, ба ҳамин далел ниёз ба таваҷҷӯҳ, ҳидоят ва тарбият дорад.

Таваҷҷӯҳ ба халлоқият имрӯз бахусус дар созмонҳо бештар аз гузашта шудааст. Тасаввури далели ин алоқаи зиёд ба халлоқият кори душворе нест. Дар фарҳанги дар ҳоли тағйире, ки заминаҳои мутолиотии ҷадиде босуръат ба вуҷуд меоянд ва дар ҳамин ҳол дигар шуғлҳо аз байн меравaнд, омодасозии ҷавонон дар мавриди нақши онҳо дар чунин ҷомеаи фаъол ва сарзинда печидатар мешавад. Агар танҳо ҳақиқатҳои хоссеро ба онҳо меомӯзем, бо ин масъалаи бисёр воқеӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки то замоне ки кӯдак дувоздаҳ солро дар як барномаи омӯзишӣ бигзаронад, он ҳақиқатҳо дигар мавриди ниёз нестанд, ё шуғлҳое ки ба хотири он омода мешуданд, дигар вуҷуд надоранд. Ин вазъиятро яке аз интиқодгарони таълиму тарбия ба номи Силберман ба хубӣ чунин баён кардааст: таълим ва тарбия барои амалӣ кардан бояд фардро барои коре омода кунанд, ки ҳанӯз вуҷуд надорад ва моҳияташро ҳатто тасаввур ҳам наметавон кард. Ин амр танҳо ба ин тариқ анҷом мепазирад, ки ба кӯдакон омӯзиш дода шавад, чи гуна ёд бигиранд ва ба онҳо навъи низоми фикрӣ дода шавад, то онҳоро қодир созад, ки андӯхтаи ақлии башарро сарфи масоили тоза кунанд.

**<u>Таърифи халлоқият</u>** Халлоқият вожаи арабӣ аст, ки решаи он халқ ба маънии офаридан аст. Дар луғатномаи форсии Деххудо халлоқият халқ кардан ва ба вуҷуд овардан аст ва халлоқ шахсе аст, ки дорои ақидаҳои нав бошад. Гилфорд халлоқиятро маҷмӯае аз тавоноиҳо ва хусусиятҳое медонад, ки боиси тафаккури халлоқ мешавад.

Туренс халлоқиятро фароянди (чарха) ҳис кардани мушкилот, масоил, шикофе дар иттилооти унсурҳои гумшуда, ҳадс (гумон) заданҳо ва тадвини фарзия дар бораи ин ноқисиҳо ва озмудани ин ҳадсҳо ва эҳтимолан таҷдиди назари онҳо ва саранҷом интиқол, таъриф кардааст.

Фарҳанги равоншиносии Пангуан халлоқиятро фароянди зеҳнӣ медонад, ки бо роҳи ҳалҳо, идеяҳо ва ба тасаввур даровардани шаклҳои ҳунарӣ, назарияҳо ё маҳсулоти нав ва бемонанд интиҳо меёбад.

Гонийеҳ мӯътақид аст, ки халлоқият навъи махсусе аз ҳалли масъала аст. Хусусияти муштараки ҳамаи таърифҳои халлоқият, таваҷҷӯҳ ба тозагӣ ва нав будан аст. Аммо, нав будан ба танҳоӣ мафҳуми

халлоқиятро равшан намекунад. Бархе аз муҳаққиқон судмандӣ ё арзишмандиро ба мафҳуми тозагӣ изофа кардаанд.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, халлоқият ба маънои халқ кардани чизи тоза ва бемонанд аст, ки ба гунаи муносиб ва муфид муҷиби ҳалли як масъала, суол ё ниёзи илмӣ, санъатӣ ва ё иҷтимоӣ шавад.

**Тафаккури халлоқ.** Қабл аз ин ки дар мавриди тафаккури халлоқ матлабе бигӯем, лозим аст, ибтидо дар хусуси таъриф ва аҳамияти тафаккур ба сурати хулоса баҳс шавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими инсон бархӯрдори ӯ аз истеъдоди тафаккур аст. Тафаккур боиси бартарии инсон аз дигар мавҷудот аст.

Шуоринажод (1385ҳ.ш.) мегӯяд: «Тафаккур фароянде аст, ки миёни муҳаррикҳо ва посухҳо воситагарӣ мекунад ва василаҳои кораш мафҳумҳо бо намодҳо ҳастанд».

Шариатмадорӣ (1367ҳ.ш.) мегӯяд: «Тафаккур ҷараёне аст, ки дар он фард кӯшиш мекунад, мушкилеро, ки бо он рӯ ба рӯ шудааст, мушаххас созад ва бо истифода аз таҷрибаҳои қаблии хеш, ба ҳалли он иқдом намояд. Тафаккур як фароянд аст, ки коркардҳои зиёде монанди тасмимгирӣ, ҳалли масъала, тафаккури интиқодӣ ва тафаккури халлоқ дорад».

**Тафаккури халлоқ чист?** Тафаккури халлоқ навъе аз тафаккур аст, ки дар он зеҳн ба таври амиқ бо як масъала даргир мешавад, ба таҷассум ва возеҳсозии он мепардозад ва ба манзури танзим кардани натиҷаи тафаккур ё дарёфти мафҳумҳои ҷадид иқдом ба кам ва зиёд кардини (эътидоли) он мекунад.

Шуоринажод (1371 ҳ.ш.) мӯътақид аст, ки тафаккури халлоқ истеъдод ва тавоноии шинохти равобити тоза ва муҳим дар афкор ва падидаҳои мавҷуд, ё тавоноии дарёфти равобити ҷадид, равишҳои тоза, роҳи ҳалҳои тоза ё ҳатто масъалаҳои ҷадид мебошад.

**Марҳилаҳои тафаккури халлоқ.** Эҷоди халлоқият маъмулан дорои марҳилаҳое аст, ки на ба унвони як равиши илмӣ, балки ба унвони як роҳнамо метавонад барои афрод дар ҳама ҷо муфид бошад.

Осборн фароянди ҳалли халлоқи масоилро шомили се марҳилаи аслӣ ва шаш марҳилаи ҷузъӣ медонист, ки ин марҳилаҳо иборатанд аз:

1. Ҳақиқатёбӣ (шомили таърифи масъала ва омодасозӣ аст).
2. Идеяёбӣ (шомили идеясозӣ ва идеяпарварӣ аст).
3. Роҳи ҳал ёфтан (шомили арзёбӣ ва гузиниш аст).

Буруманд (1374 ҳ.ш.) марҳилаҳои фароянди халлоқ дар афродро ба панҷ марҳилаи зер тақсим менамояд: 1. Дарёфти мушкил. 2. Тадоруки иттилоот. 3. Тавлиди мисл (монанд). 4. Биниш ё равшан кардани фикр. 5. Расидагӣ ва корбурд.

Албершт (1987) марҳилаҳои халлоқиятро ба ин тартиб баён мекунад: ҷазби иттилоот, илҳом, озмун, полоиш ва ироа намудан.

Ҳуш, ҳалли масъала, ихтироъ, ибдоъ (офариниш (creation)), тозагӣ, навоварӣ ва корофаринӣ аз ҷумлаи мафҳумҳои пайваст бо халлоқият мебошанд.

Таҳқиқоти охир (Буду 1358, Туренс 1972, Порenз 1963, Дибенав 1970, Филипҳюсен ва Клинкенбурд 1986) нишон додаанд, ки халлоқият (ки дар тамоми фаъолиятҳои фардӣ ва гурӯҳи инсон мушоҳида мешавад) бо шиддат ва заъфи парваришпазир дар ҳамаи инсонҳо вуҷуд дорад.

Дар хусуси халлоқият назарияҳои зиёде ҳамчун назарияҳои фалсафӣ, назарияҳои илмӣ (назарияи равонкобӣ, рафторгароӣ, шинохтгароӣ, инсонгароӣ) вуҷуд дорад.

Унсурҳои аслии халлоқият иборатанд аз: ангеза, истеъдод, талош ва пушткор, дониш ва иттилоот, таҷрибаву тасаввур ва хаёл. Пардохтан ба ҳар як аз унсурҳои номбурдашуда баҳси дигареро металабад.

**Халлоқият дар мактабҳои таълим ва тарбия.** Созмонҳо ҷиҳати рафъи ниёзҳои худ дар ҷомеаҳо фаъолиятҳои зиёде анҷом медиҳанд. Яке аз умдатарин фаъолияти созмонҳо созгорӣ ва татбиқ аст. Созгорӣ ва татбиқ заминаи рушд ва бақои созмонҳоро фароҳам менамоянд. Ин кори муҳим дар сояи таваҷҷӯҳ ба падида ва мафҳуми халлоқият ва навоварӣ дастёфтанӣ аст.

Мактаб зербинои ҳар гуна вусъатёбӣ ва тағйир дар ҷомеа ба шумор меравад, зеро бо тарбия ва шукуфоии истеъдодҳои халлоқият, тафаккури халлоқ ва ҳалли масъала дар донишомӯзон ҷомеаро ба самти шукуфоӣ ва боландагӣ раҳнамуд месозад.

**Нақши мудирияти мактаб дар рушди халлоқият.** Агар мудирони мактаб дар канори маҳоратҳои мудириятӣ аз дониш ва маҳорати халлоқият ва навоварӣ низ бархӯрдор бошанд, заминаҳои эҷод ва рушди халлоқият дар омӯзишгоҳ фароҳам меояд.

Вазифаҳои мудиронро дар эҷод ва рушди халлоқият дар созмонҳои омӯзишӣ ба шарҳи зер ном бурдаанд: тарғиби муаллимон дар ҷиҳати халлоқият; таваҷҷӯҳ ва аҳамият ба хусусиятҳо ва амалкарди донишомӯзон; тақвияти ангезаҳои (рағбатҳои) халлоқ, ҷуноне ки Омобели (1989) мегӯяд: «Мардум дар сурате халлоқтарини афрод ҷилва менамоянд, ки дар асл аз тариқи алоқа, лаззат, ризоият ва муборизаталабии мавҷуд дар он кор барангехта шуда бошанд, на он ки таҳти фишорҳои берунӣ қарор

гиранд; истифода аз сабкҳои мудирияти мушорикатӣ (иштирокӣ); тақвияти хусусиятҳои халлоқ дар мудирият; эҷоди фазои созмонии кушода, чуноне ки таҳқиқи Яғмоӣ (1375ҳ.ш.) нишон додаст, донишомӯзоне, ки дар мактабҳои дорои фазои созмонии боз таҳсил мекарданд, нисбат ба донишомӯзоне, ки дар фазои созмонии баста фаъолият доштаанд, дар озмунҳои халлоқият баҳои болотареро касб намудаанд; барқарории системаи иртиботии муассир.

**<u>Нақши муаллимони касбӣ дар рушди халлоқияти донишомӯзон</u>** Булум (1985) мӯътақид аст, ки муаллимон нақши муҳиме дар рушди кӯдакони халлоқ ва масъулиятпазир бозӣ мекунанд. Аммо агар ба клосҳои дарси муаллимон дар ҷомеа таваҷҷӯҳ кунем, бисёре аз муаллимон, бо вуҷуди ин ки мумкин аст, афроди алоқаманд ва пурталош бошанд, аммо на танҳо дар барангехтани қувваҳои халлоқи донишомӯзон ҳеҷ гуна мувафақияте надоранд, балки огоҳона ё ноогоҳона ин тавоноиро заиф ва ҳатто нобуд мекунанд.

Муаллим дар парвариши халлоқияти донишомӯзон нақши муҳиме ба ӯҳда дорад. Сомхониён дар китоби «Халлоқият ва навоварӣ» ҳашт ҷанбаи онро, ки ба шарҳи зеранд, баён намудааст:

1. Нигариши муаллим. Яке аз омилҳои асосӣ дар парвариши халлоқияти донишомӯзон навъи нигариши муаллимон ба халлоқият ва донишомӯзони халлоқ аст. Аз он ҷо ки донишомӯзони халлоқ камтар мӯтеъ ва ҳамоҳанг бо ҷамъ ҳастанд ва рафторашон қобили пешбинӣ нест, бархе муаллимон фикр мекунанд, онҳо донишомӯзони мушкилофарин ҳастанд.
2. Нақши намунавии муаллим. Нақши намунавии муаллим низ дар боло бурдани қудрати халлоқияти донишомӯзон дорои аҳамияти зиёде аст. Муаллиме, ки аз ангезаи халлоқ бархӯрдор аст, худ намунае барои халлоқ будан воқеъ мешавад ва фароянди халлоқиятро тақвият мекунад. Муаллим бояд аз лиҳози нигариш, муҳаббат, андеша, гуфтор ва амал намуна бошад.
3. Шеваҳои арзишёбии муаллим. Бар асоси намунаҳои суннатӣ мураббиён ба диққат кори донишомӯзонро зери назар доранд ва дар сурати мушоҳидаи мавриди ғайриинтизор, ба муқоисаҳои норавои донишомӯзон мепардозанд ва онҳоро танбеҳ мекунанд. Ҳамаи ин корҳо боиси заиф гардидани халлоқият мешавад. Дар намунаҳои ҷадид, арзёбӣ бештар ба шакли иттилоърасонӣ анҷом мешавад на контрол.
4. Алоқа ба риштаи дарсӣ. Муалимоне, ки иртиботи ошиқона бо ришта доранд, аксаран, донишомӯзони тавоно ва халлоқро парвариш медиҳанд.
5. Шинохте аз риштаи дарсӣ. Муаллим бояд аз риштаи дарсии худ шинохти комил дошта бошад.

Равишҳои тадрис. Муаллим метавонад бо эҷоди мавқеиятҳои хубу рағбатбарангез ва бо истифода аз шеваҳои омӯзишу ёддиҳии муассиру муносиб, заминаи лозим барои зуҳури халлоқият дар донишомӯзонро фароҳам оварад. Равишҳои суннатӣ бо сохтори дахлнопазир ва маҳдудиятҳои зиёде, ки барои донишомӯзон қоил мешавад, ҳамчунин бо интиқоли маълумот ва маҳфузот, имкони ҳар гуна рушди фикрӣ, ибтикор ва иктишофро (кашф кардан) аз ёдгирӣ салб (аз байн бурдан) мекунад. Барои парвариши халлоқият лозим аст, равиши омӯзиши иктишофӣ, фаъол ва мушорикати меҳвари тадрис қарор гирад.

6. Хусусиятҳои муаллим. Барои рушди халлоқияти донишомӯзон муаллимон бояд дорои хусусиятҳое ҳамчун интиқодпазирӣ, истиқбол аз таҷриба ва назарҳои тоза, шодобӣ ва алоқаи зиёд барои зиндагӣ ва дӯст доштани донишомӯзон бошанд.
7. Огоҳӣ аз фанҳои халлоқият. Муаллим агар надонад халлоқият чист, чи гуна метавонад онро парвариш диҳад?

Ҳусайнӣ (1387 ҳ.ш.) бо нигоҳи системӣ ба нақши муаллим дар парвариши халлоқият омилҳои зерро дар барангехтани тавоноии халлоқ ба донишомӯзон муассир медонад:

- муҳити омӯзиш. Мактабе, ки аз муҳити муносиб ва ҳисояткунанда бархӯрдор бошад, эҳсоси амнияти лозимро барои ироаи тарҳҳои ҷадиди муассир ба вуҷуд меоварад ва муаллим метавонад бо осудагии хаёл ба фаъолиятҳои нав ва халлоқ бипардозад;

- барномаи дарсӣ. Барномаи дарсии асарбахш метавонад фаъолиятҳои созандаи муаллимон ва донишомӯзонро афзоиш диҳад;

- хусусиятҳои шахсии муаллим. Омобӣ (1983) мӯътақид аст, ки муаллимон бо баёни озоди эҳсоси худ монанди ишқ, шодӣ ва кунҷковӣ дар умур метавонанд намунаи муносибе барои донишомӯзон бошанд.

- амалкард. Яке аз омилҳои муассир бар сифати ёдгирии донишомӯзон сохтори синфхона аст. Муаллимон бо эҷод сохторҳои муносиби физикӣ – отифӣ – шинохтӣ, фикрӣ, омӯзиш, тадрис ва муҳитӣ-иҷтимоӣ дар синфхона муҳити фаъол ва халлоқ ба вучуд меоварад, то тавоноии халлоқи донишомӯзонро барангезонанд.

Яке аз корҳои муҳим барои омӯзиши халлоқият дар кӯдакон тағйири куллӣ дар равиши кори муаллим ва интизороти низоми омӯзишӣ аз донишомӯзон аст. Бояд миқдоре аз вақти клосро ихтисос ба мавридҳое дод, ки ба халлоқият марбут мешаванд. Албатта, ин корро наметавон бо ихтисоси як ё ду

соат дар ҳафта ба омӯзиши халлоқият анҷом дод, балки бояд равиши тафаккури вогироро боз ва фарогир дар муқобили тафаккури ҳамгиро (баста) дар тамоми қисматҳои омӯзиш ворид кард, яъне дар тадрис ва омӯзиши тамоми дарсҳо алоқа бар тафаккури ҳамгиро, тафаккури вогирро низ дар назар гирифта шавад.

Барои имкони омӯзиши халлоқият ду шарт лозим аст: 1. Ибтидо бояд ин ақидаро, ки халлоқият сириштӣ аст ва фақат иддаи каме аз он бархӯрдоранд, канор гузошт. 2. Бояд муҳити омӯзиширо тавре тағйир дод, ки имкони зуҳур ва вусъати афкор ва аъмоли халлоқ муҳайё шавад. Дар омӯзиш бояд тафаккури вогироро бо тафаккури ҳамгиро ҳамроҳ сохт ва ба қонунҳои хушк ва дахлнопазир басанда накард. Барои парвариши донишомӯзони саромад, боҳуш ва халлоқ мавриди зер пешниҳод шудааст:
пазириши зудтар аз синни маъмул дар кӯдакистон, дабистон, мактаб ва донишгоҳ; ҳасфи (аз байн бардоштан) баъзе аз пояҳои (солҳои) таҳсилӣ (эҷоди шароити экстернатӣ);
- клосҳои хос; доштани фаъолиятҳои изофӣ; дар назар гирифтани муаллимони махсус. Агар таъсиси мактабҳо ва клосҳои махсуси донишомӯзони саромад имконпазир набошад, метавон тартибе дод, ки муаллимони таълимдида бахше аз омӯзиши ин кӯдаконро бар ӯҳда гиранд.

Сайф (1386 ҳ.ш.) мавзӯи равишҳои омӯзиши халлоқиятро бо зикри далелҳои ҷолиб, таҳти унвони равиши омӯзиши офаринандагӣ мавриди баҳс қарор дода, равишҳои зерро тавсия мекунад:

1. Таҷрибаи донишомӯзонро ба мавқеиятҳои хос маҳдуд накунед.
2. Барои баёни суолҳо ва андешаҳои ғайримаъмул ва тоза арзиш қоил шавед.
3. Фурсат барои худомӯзӣ ва ёдгирии иктишофӣ дар ихтиёри ёдгирандагон қарор диҳед.
4. Нисбат ба тафовутҳои фардии ёдгирандагон бо эҳтиром бархӯрд кунед.
5. Рафторҳои офаринандаро барои донишомӯзон сармашқ қарор диҳед.
6. Аз равишҳо ва фанҳои хоси боло бурдани сатҳи офаринандагӣ истифода кунед.

Шариатмадорӣ (1369ҳ.ш.) вазифаҳои муаллим барои парвариши фикри халлоқро ба шарҳи зер медонад: 1. Муаллим бояд матолиби дарсиро ба сурати масъала ва муаммо барои шогирдон баён кунад. 2. Таъмини эҳтиёҷоти асосии равонии донишомӯзон. 3. Иҷрои равишҳои гуногун. 4. Фаъолиятҳои шогирдон. 5. Таваҷҷӯҳ ба ихтилофи фардии шогирдон.

**Натиҷагирӣ, роҳкорҳо ва пешниҳодҳои амалӣ** Агар аз балантарин макони зиндагии кунунӣ ба гузашта нигоҳе биандозем, дархоҳем ёфт, ки зиндагии кунунӣ чи андоза аз назари имконот ва таҷҳизот бо гузашта тафовут кардааст. Ба унвони мисол, суръати ҳаракати инсон имрӯз дар асари ҳавопаймо ё равиши китобат дар дунёи имрӯз нисбат ба гузашта ё сафар ба умқи осмон ва сайёраҳои дигар ва паймудани умқи уқёнусҳо ҳама баргирифта аз истеъдоди халлоқияти башарӣ будааст. Бинобар ин, метавон мулоҳиза намуд, ки халлоқият мавзӯи ноошно ва бегона нест, ки барои вуҷуди он ниёз ба овардани далел бошад. Халлоқият ба унвони истеъоди қудратманд дар ниҳоди одамӣ аз ҳамон даврони кӯдакӣ вуҷуд дорад. Ба қавли Роҷерз (1997) одамӣ сириштан халлоқ мутаваллид мешавад, бо ин ҳол халлоқият дар марҳилаҳои ибтидоии зиндагӣ такомулёфта нест ва ба ҳамин далел, ниёз ба таваҷҷӯҳ, ҳидоят ва тарбият дорад.

Бидуни шак доштани донишомӯзони халлоқ вобаста ба муаллимони алоқаманд ва халлоқ аст. Омӯзиш ва парвариш бояд заминае омода намояд, то афроди дорои истеъоди халлоқ ҷазби шуғли муаллимӣ шаванд. Дар маркази тарбияти муаллим ва давраҳои зимни хизмат низ равишҳои кашф ва парвариши истеъдодҳои халлоқ бояд ба муаллимон ва мудирони омӯзишӣ ёд дода шавад. Дар арзишёбиҳои давравӣ аз афроди фаъол, боангеза ва тавонманд дар парвариш ва шукуфоии истеъдодҳои халлоқ эҳтиром ба амал ояд. Нуктаи охирин ин, ки ошноӣ бо равишҳои амалии парвариши тафаккури халлоқ яке аз ниёзҳои муаллимони касбӣ аст.

**<u>Роҳкорҳо ва пешниҳодҳо</u>**

1. Барномаҳои омӯзиш ва парвариш бояд аз ҳолати суннатӣ, ки саъю талош ба тарғиби донишомӯзон ба ҳифз кардан ва ёдгирии матолиби аз пеш таъйиншуда дорад, хориҷ шавад ва дар ҷиҳати тафаккури вогиро ё имкони ширкат ва дахолати донишомӯзон дар ироаи роҳи ҳалҳои халлоқ ва нав дар бораи масоил ва матолиби омӯзишӣ қадам бардорад. Истифода аз назариёти бунёдии равоншиносии мусоир ҳамчун назарияи рушди Жанпиёжии шведӣ муфид хоҳад буд.
2. Ба муаллимон омӯзиш дода шавад, ки ҳадафи аслӣ дар омӯзиши халлоқият истифодаи фаъолона аз нерӯи ибтикор ва истеъдодҳои фикрии кӯдак дар амри ёдгирӣ аст. Донишомӯзе, ки то ба ҳол нақши шунаванда ва ғайрифаъол дошт, бояд табдил ба фарди гӯянда ва фаъол шавад.
3. Бояд ба таълими дубораи дастандаркорони умури омӯзишу парвариш (яъне омӯзгорон, дабирон, мудирон, нависандагони китобҳои дарсӣ ва ғайра) таваҷҷӯҳи хосе шавад. Масъулони омӯзиш ва парвариш аксаран ба равишҳои ташвиқи тафаккури вогиро ва ёдгирии халлоқ ошно нестанд. Онҳо бояд биомӯзанд, ки синфро метавон ба ҷои муаллим-меҳварӣ ба сурати фарогирмеҳварӣ (донишомӯзмеҳварӣ) идора кард. Дар клоси фарогирмеҳварӣ муаллим нақши ёридиҳанда ва роҳнаморо дорад. Ба донишомӯзон дар амри ёдгирӣ дахолати мустақим ва асосӣ доранд.

4. Нуқтае, ки бисёр аҳамият дорад, ин аст, ки муаллимон бояд дар амри омӯзиш озодии нисбӣ дошта бошанд. Бо маҳдуд кардани муаллим ба китобҳои дарсӣ ва равишҳои муайян ва аз пеш таъйиншуда бидуни ихтиёри амал, парвариши донишомӯзи халлоқ мумкин нест. Муаллим бояд битавонад аз китобҳои гуногун ва равишҳои мухталиф дар тадрис истифода намояд. Ҷаласоти баҳс ва гуфтугӯ, ташвиқи донишомӯзон ба таҳқиқ, ҳузур дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ, ширкат дар гардишҳои илмӣ ва истифода аз василаҳои шунавоӣ ва биниши (монанди радио, телевизион, компютер ва ғайра) дар тадрис ба омӯзиши халлоқият кӯмак хоҳад кард.
5. Халлоқият бояд дар бакоргирӣ, тарбият, омӯзиш ва арзишёбии муаллимон ва мудирони омӯзишӣ аз имтиёз ва ҷойгоҳи хосе бархӯрдор бошад.
6. Таҳқиқоти густардае дар хусуси замина, монеаҳо ва роҳкорҳои парвариши халлоқ бо дар назар гирифтани шароити маҳаллӣ ва минтақавӣ анҷом ва натиҷаҳои он барои ба кор бурдани роҳкорҳои муфид ба муаллимон, мудирон ва барномарезон эълон шавад.

### АДАБИЁТ


1. Вайлз Кимбел. Мудирият ва раҳбарии омӯзишӣ (тарҷумаи Муҳаммадалии Тусӣ). – Теҳрон: Маркази омӯзиши мудирияти давлатӣ. 1376ҳ.ш.
2. Малики Ҳасан. Салоҳиятҳои ҳерфеии муаллимӣ. – Теҳрон: Мадраса. 1376 ҳ.ш.
3. Омобилӣ Тароз. Шукуфоии халлоқияти кӯдакон (тарҷумаи Ҳусайни Қосимзода ва Парвини Азимӣ). – Теҳрон: Нашри Дунёи нав. 1377ҳ.ш.
4. Пирхойефӣ Алиризо. Халлоқият ва ҳуш. – Теҳрон: Нашри Меҳри бурно. 1382 ҳ.ш.
5. Пирхойефӣ Алиризо. Халлоқият. – Теҳрон: Нашри Ҳазораи ққнус. 1384ҳ.ш.
6. Сайф Алиакбар. Равоншиносии парвариши навин. – Теҳрон: Нашри Даврон. 1386 ҳ.ш.
7. Самадоғоӣ Ҷалил. Техникҳои халлоқияти фардӣ ва гурӯҳӣ. – Теҳрон: Маркази омӯзиши мудирияти давлатӣ. 1380ҳ.ш.


### ИЗУЧЕНИЕ СОЗИДАТЕЛЬНОГО МЫШЛЕНИЯ КАК ОДНОГО ИЗ ОСНОВНЫХ ФАКТОРОВ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ


Данная статья посвящена изучению созидательного мышления как одного из основных факторов профессионального обучения и воспитания, которая играет очень важную роль в повышении профессиональных умений и навыков в процессе профессиональной деятельности в учебных заведениях



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, воспитание, созидательное мышление, основной фактор обучения, профессиональное обучение.


### STUDYING OF CREATIVE THINKING AS ONE OF MAJOR FACTORS OF VOCATIONAL TRAINING AND EDUCATION


This article is devoted to studying of creative thinking as one of major factors of vocational training and education which plays very important role in increase of professional skills in the course of professional activity in educational institutions



**KEY WORDS:** training, education, creative thinking, major factor of training, vocational training.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мухаммаднаки Хайдари*** – аспирант ТГПУ им. Садриддин Айни


# БАРРАСИИ МИЗОНИ МУВАФФАҚИЯТИ МУДИРОНИ ДОНИШГОҲҲОИ ОСТОНИ МОЗАНДАРОН ДАР ЭҶОДИ РАВОБИТИ ИНСОНӢ, ДАР МУҲИТИ ОМӮЗИШӢ АЗ ДИДГОҲИ АСОТИД (МУАЛЛИФОН)


***Ҳусейни Ҳасанзода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Раванди таҳаввулот дар омӯзиш ҳокӣ аз он аст, ки идораи донишгоҳҳо рӯз ба рӯз ба вазифаи душворе мубаддал мешавад, ки анҷом додани он ба дониш ва маҳорати рӯзафзуне ниёз дорад. Аз ин рӯ, ошноӣ бо он мафоҳими ҷадиди мудирияти омӯзишӣ ва ба рӯз кардани маҳоратҳо ва маълумот, аз вазоифи мудирони омӯзишӣ маҳсуб мешавад. Фароҳам овардани шароит ва имконоти кофӣ барои иртиқои кайфият ва навандешӣ дар мудирият низоми омӯзиши олӣ ва кӯшиш барои дастёбӣ ба шеваҳои эҷоди марокиз бартар ва асарбахш ба мутолеоти қобили мулоҳизае ниёз дорад.

Ҳамкориҳои муаассир дар муҳитҳои омӯзишӣ мусталзами вуҷуди равобити инсонӣ тавъам боэътимод ва эҳтироми мутақобила миёни мудир ва асотид ва бақияи аносири инсонӣ дар донишгоҳ аст. Дар тадқиқи ҳозир муҳаққиқ дар пайи он аст, ки бидонад: оё мудирон дар эҷоди равобити инсонӣ, дар муҳити кор муваффақ будаанд? Мудирон ба иқтизои вазоифи худ то чӣ андозае дорои маҳоратҳои

инсонӣ ҳастанд? Ба иборати дигар мудирон то чӣ мизон бо истифода аз маҳоратҳои инсонӣ дар муҳити омӯзишӣ тавонистаанд дар барқарории иртибот бо асотид муваффақ бошанд?

Мудирият дар дастгоҳи омӯзишӣ аз сатҳи донишкада то вазоратхона нақши асосӣ дар пешбурд ва таҳаққуқи аҳдофи омӯзиши олӣ дорад. Сармоягузорӣ дар мавриди тарбияти мудирони радаҳои мухталиф, бавижа, мудирони донишгоҳ ва донишкадаҳо беҳтарин ва судмандтарин навъи сармоягузорӣ аст ва таъмини он аз иқдомоти асосӣ ва бунёдӣ аст, ки зарурати он бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад. Тадқиқи ҳозир аз он ҳайс, ки мехоҳад гоми муҳиме дар ин масир бардорад, дорои аҳамият ва зарурати зиёде аст.

Ҳадафи асосии тадқиқот баррасии мизони муваффақияти мудирони донишгоҳ ва донишкадаҳо дар барқарории равобити инсонӣ дар муҳити донишгоҳ аст.

Ин тадқиқот аз навъи тавсифӣ аст, он ҳадафи тавсифи айнӣ, воқеӣ ва муназзами мавқеияти мудирон дар барқарории равобити инсонӣ дар муҳити донишгоҳ аст.

Ҷомеаи оморӣ мавриди мутолеаи куллияи асотиду коркунони донишгоҳҳои остони Мозандарон буда аст, ки дар соли 1388 ба теъдоди 7459 нафар баровард гардидааст. Ҳаҷми намуна 384 буда ва равиши намунагирӣ ба сурати тасодуфии систематикӣ будааст.

| омеаоморӣ | намунаоморӣ |
|---|---|
| 7459 | 384 |

Суолоти аслии пажӯҳиши ҳозир иборат аст аз:

Оё мудирон дар барқарории равобити инсонӣ дар муҳити донишкада аз дидгоҳи асотид ва коркунон тавфиқ доштаанд?

1- Мизони муваффақияти мудирон то чандоза мутобиқ бо рафтори намунаи ахлоқи исломӣ аст?
2- Мизони муваффақияти мудирон аз лиҳози барқарорӣ, ҳифз ва тақвияти равобити инсонӣ то чӣ ҳадде аст?
3- Мизони муваффақияти мудирон дар пур кардани шикофҳои мавҷуд аз лиҳози равобити инсонӣ дар чӣ ҳадде аст?
4- Мизони муваффақияти мудирон дар рафъи мушкилоти донишомӯзон дар чӣ ҳадде аст?
5- Мизони муваффақияти мудирон дар эҷоди муҳити муносиб ва амн барои ҳамкорон дар чӣ ҳадде аст?
6- Мизони муваффақияти мудирон дар таваҷҷӯҳ ба шинохти рӯҳиёт, эҳсосот ва аҳволи дарунии афрод дар чӣ ҳадде аст?
7- Мизони муваффақияти мудирон дар заминасозӣ барои худназоракунӣ дар чӣ ҳадде аст?
8- Мизони муваффақияти мудирон дар ташвиқ ва танбеҳ бар асоси арзёбии саҳеҳ дар чӣ ҳадде аст?
9- Мизони муваффақияти мудирон дар шинохти дақиқи мушкилот ва ахзи машварат дар бораи онҳо дар чӣ ҳадде аст?
10- -Мизони муваффақияти мудирон дар таваҷҷӯҳ ба фаросистемаи созмон барои муҳосиба ва тасмимгирӣ дар чӣ ҳадде аст?
11- Мизони муваффақияти мудирон дар барӯзрафтори раҳбарии иқтизоӣ дар чӣ ҳадде аст?

**Ёфтаҳо нишон медиҳад, ки :**

1- 52,2 дар сад аз мудирон дар эҷоди равобити инсонӣ дар муҳити омӯзишӣ дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
2- 82,8 дар сад аз мудирон дар риояти намунаи ахлоқи исломӣ дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
3- 63,2 дар сад мудирон дар ҳифз ва тақвияти равобити инсонӣ дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
4- 68,6 дар сад аз мудирон дар пур кардани шикофҳои мавҷуд ва табдили фасл ба васл дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
5- 62,1 дар сад аз мудирон дар рафъи мушкилоти донишҷӯён ва ҳамкорон дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
6- 56,2 дар сад аз мудирон дар эҷоди муҳити амн ва муносиб барои ҳамкорон дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
7- 54 дар сад аз мудирон дар таваҷҷӯҳ ба шинохти рӯҳиёт, эҳсосот ва аҳволи дарунии афрод дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
8- 100 дар сад аз мудирон дар фароҳам кардани замина барои худназора дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
9- 62,7 дар сад аз мудирон дар ташвиқ ва танбеҳ бар асоси арзёбии саҳеҳ 62,7 дар сад аз муди рон дар ташвиқ ва танбеҳ бар асоси арзёбии саҳеҳ дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.

10- 72,7 дар сад аз мудирон дар таваҷҷӯҳ ба фаросистемаи созмон барои муҳосиба ва тасмимгириҳо дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
11- 74,4 дар сад аз мудирон дар анҷоми тасмимоти худ бар асоси шинохти дақиқ дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.
12- 66,71 дар сад аз мудирон дар матлуб будани рафторҳои раҳбарии иқтисодӣ дар ҳадди зиёд ва хеле зиёд муваффақ будаанд.

**Пешниҳодҳои пажӯҳиш:**

1- Муаррифии намунаи рафтори муносиб ба мудирони донишгоҳ ва донишкадаҳо.
2- Тақвияти маҳоратҳои раҳбарӣ дар мудирони донишгоҳ ва доникадаҳо.
3- Баргузории давраҳои омӯзиш зимни хидмат барои мудирони донишгоҳ ва донишкадаҳо.
4- Тағйир ё ҳифзи бархе муқарраротва дастуруламалҳое, ки ихтиёрти мудиронро маҳдуд мекунад.
5- Арзишёбии мудирон мутобиқ бо усули мудирият ва равобити инсонӣ.


**АДАБИЁТ:**

1. Алоқо Фарид. Мудирияти манобаи инсонӣ, (таълифи Синчар Марк). Теҳрон,1378. Маркази омӯзиши мудирияти давлатӣ.
2. Ҳоҷиаминӣ Пурон. Баррасии роҳҳои ҷазби нигаҳдории муаллимини мутахассис дар манотиқи Балуҷистон аз дидгоҳи муаллимин.Теҳрон, 1380.
3. Диловар Алӣ. Равишҳои тадқиқот дар равоншиносӣ ва улуми тарбиятӣ. Теҳрон, интишороти Вироиш, 1376.
4. Деҳқони Дорюш. Тарбияти муаллими таърифии нав барои Осиёи навин.Теҳрон, 1372. Пажӯҳишкадаи таълим ва тарбияти муаллим, Такнигошт 27.
5. Ризопури Ғуломризо. Баррасии роҳҳои тарғиб ва ҷазби нерӯҳои тавонманд ва мутахассис ҷиҳҳати иҳрози пусти мудириятӣ дар омӯзиш ва парвариши Кошон, Шӯрои тадқиқоти омӯзиш ва парвариши остони Исфаҳон..


## ИЗУЧЕНИЕ УРОВНЯ ДОСТИЖЕНИЙ РУКОВОДИТЕЛЕЙ УНИВЕРСИТЕТОВ ГОРОДА МАЗАНДАРАН В ОРГАНИЗАЦИИ ВЗАИМОСВЯЗЕЙ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ


В данной статье автором рассматривается уровень достижений руководителей высших учебных заведений в деле организации взаимоотношений в педагогическом коллективе на примере вузов города Мазандаран Исламской Республики Иран .



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** высшие учебные заведения, взаимоотношения в коллективе, подготовка руководителей вузов, руководитель, преподаватели, уровень достижений руководителей.


## STUDYING OF LEVEL OF ACHIEVEMENTS OF HEADS OF UNIVERSITIES OF THE CITY OF MAZANDARAN IN THE ORGANIZATION OF RELATIONSHIP IN EDUCATION FROM THE POINT OF VIEW OF TEACHERS


In this article the author considers level of achievements of heads of higher educational institutions in the organization of relationship in pedagogical collective on an example of higher education institutions of the city of Mazandaran of the Islamic Republic Iran.



**KEY WORDS:** higher educational institutions, relationship in collective, preparation of heads of higher education institutions, the head, teachers, level of achievements of heads.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хусейн Хасанзода*** – соискатель Таджикского национального университета


# НАҚШИ РАВИШҲОИ ТАДРИСИ ФАЪОЛ ВА КОРБУРДӢ ДАР ФАРОЯНДИ ОМӮЗИШ БА УНВОНИ КОРОМАДТАРИН РАВИШ БАРОИ ОМӮЗИШ ДАР ДАВРАИ ИДОМАИ ТАҲСИЛИ МУАЛЛИМОН


***Марями Шабок***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Асри кунуниро асре медонанд, ки ҳадаф аз омӯзиш ва парвариш танҳо интиқоли мероси фарҳангӣ ва таҷрибаҳои башарӣ ба насли ҷадид нест, балки рисолати омӯзиш ва парваришро эҷоди тағйироти матлуб дар нигаришҳо, шинохтҳо ва дар ниҳоят рафтори инсонҳо медонанд.

Дар ин росто муаллим нақши бисёр муҳим ва асосиро бар ӯҳда дорад, зеро илова бар нақши ҳидоятӣ, ҳимоятӣ, тақвиятӣ ва созмон додан ба фаъолиятҳои ёдгирии донишомӯзон ва рушди ҳамоҳанги абъоди вуҷудии онон низ ба ӯҳдаи ӯст.

Муаллим барои расидан ба ҳадафҳои таъйиншуда дар фароянди омӯзиш ду масири аслиро дар пеши рӯ дорад: истифода аз равишҳои суннатӣ ва ғайрифаъол ва ё истифода аз равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ. Уламои таълиму тарбият пас аз солҳо таҳқиқ ва таҷриба ба ин натиҷа расиданд, ки муассиртарин равиши омӯзиш, фаъол кардани худи донишомӯз аст, ки аз тариқи равиши илмӣ беҳтар

муяссар мегардад. Яъне, донишомӯз ба кӯмаки тафаккур ва гувоҳии зеҳнии худ, ки дар фитрати ҳар инсон нуҳуфтааст (монанди кунҷковӣ, ҳатс, муқоиса, натиҷагирӣ, тасаввур, таҳаюл ва ғайра) метавонад мушкилеро шиносоӣ ва барои он роҳи ҳал пайдо кунад. Сипас он роҳи ҳалро ба марҳилаи иҷро бигузорад ва ба натиҷа бирасад. Дар ин навиштор мухтасар сайъ бар ин аст, ки нақши равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ дар фароянди омӯзиш дар ҳадди тавон табйин гардад.

**Таърифи равиши тардриси фаъол** Равиши тадриси фаъол ба равише итлоқ мешавад, ки дар он донишомӯзон дар ҷараёни омӯзиш нақши фаъолро ба ӯҳда доранд ва муаллим нақши роҳнамо ва ҳидояткунандаро ифо мекунад, таомули дутарафа байни донишомӯзон ва муаллим вуҷуд дорад.

**Таърифи равиши тадриси ғайрифаъол** Равиши тадриси ғайрифаъол, ба равише итлоқ мешавад, ки дар он муаллим нақши асосӣ бар ӯҳда дорад ва матолибро ғолибан ба шеваи шифоҳӣ баён мекунад ва маъмулан мутакалими ваҳдат аст ва донишомӯзон шунавандаи матолиб мебошанд.

**Таърихчаи равишҳои тадриси фаъол** Бо нигоҳе ба таърихи таълиму тарбияти ҷаҳон, дар замоне, ки омӯзиш ва парвариш ҳанӯз шакли расмӣ наёфта буд, инсонҳо фунун, донишҳо ва маҳоратҳои лозимро ба таври таҷриба меомӯхтанд ва шахсе ба исми муаллим ва шахси дигаре ба исми донишомӯз ва маконе ба унвони мадраса ё синфи дарс вуҷд надошт, балки ҳар фарде, ки матолиб ё фунуни бештаре медонист, ба масобаи муаллим ва касе, ки мехост чизеро ёд бигирад, донишомӯз буд. Табиат ҳам ба унвони мадраса ё синфи дарс қаламдод мешуд. Дар ҳақиқат равиши тадриси фаъол бакор гирифта мешуд, бинобар ин, метавон гуфт, ки хидмати бакоргирии равишҳои тадриси фаъол ба хидмати омӯзиш ва парвариши ғайрирасмӣ мерасад. Дар гузашта афроде ҳамчун Суқрот, Жонжок Русо, Ҷон Дюӣ, Ҷон Пёжӣ ва Брунер, аҳамияти равишҳои тадриси фаъолро дарк намуда, аз он истифода менамуданд. (Назарияи ёдгирии Алиакбари Саид, 2004).

**Зарурати бакоргирии равишҳои тадриси фаъол** Чаҳор асли пешниҳоди комиссияи байналмилалии таълим ва тарбият:

Комиссияи байналмилалии омӯзиш ва парвариш мегӯяд: «Омӯзиш ва парвариш дар тӯли зиндагӣ ба чаҳор сутун устувор аст: ёдгирӣ барои донистан, ёдгирӣ барои анҷом додан, ёдгирӣ барои бо ҳам зистан ва ёдгирӣ барои зистан». Агар донишомӯз ё ёдгиранда битавонад мавзӯи ёдгириро он тавр ҳазм кунад, ки маънӣ ва мафҳуми онро ба худаш, зиндагиаш, шаҳраш, мардум ва ба ҷомеааш пайванд диҳад, натанҳо матолибро ба гунае ёд мегирад, ки ҳаргиз фаромӯш накунад, балки мизони алоқааш ба ёдгирӣ бештар ва бештар хоҳад шуд ва ба ҷустуҷӯи матолиби тозатар хоҳад рафт.

Ёдгирӣ барои донистан, яъне ёд гирифтани равиши ёдгирӣ ва истифода аз фурсатҳое, ки омӯзиш ва парвариш дар тӯлӣ зиндагӣ фароҳам меоварад. Ин фурсатҳо на як бор, балки борҳо ва борҳо бояд фароҳамояд.

Ёдгирӣ барои анҷом додан, яъне донишомӯзон дар вақти таҳсил, ин фурсатро ба даст меоваранд, ки тавоноиҳои худро аз тариқи талош ва даргир шудан бо таҷрибаҳои амалӣ ва анҷом додани фаъолиятҳои иҷтимоӣ густариш диҳанд.

Ёдгирӣ барои бо ҳам зистан, ба думболи таҳаққуқи ҳадафҳое аст, ки инсонҳо ҳамдигарро беҳтар дарк кунанд, бо тафоҳум, ҳақшиносӣ ва ҳамбастагӣ бо ҳам зиндагӣ кунанд ва дар муқобил бо мушкилот ва бӯҳронҳо ба таври дастаҷамъӣ, мушорикат, ҳамкорӣ ва ҳамдардӣ, ғамхории якдигар бошанд ва ҳурмат, каромат ва меҳрубонии инсониро пос доранд.

Ёдгирӣ барои зистан, яъне шахсияти ҳар фардончунон рушд кунад, ки битавонад худро ҳидоят кунад, тасмим бигирад ва доварии дуруст анҷом диҳад. Ин амр ҳосил намешавад, магар ин ки қувваҳои зеҳнӣ, қудрати истидлол, ҳусни зебоишиносӣ, истеъдодҳои ҷисмонӣ ва маҳорат дар барқарории иртибот бо дигарон дар тӯлӣ умр, бавижа, даврони таҳсил, тамрин, тақвият ва таҳким шавад. Агар дар бораи ин чаҳор асли пешниҳодии комиссияи байналмилалии таълим ва тарбият таамул ва тафаккур кард ва он гоҳ бихоҳем, онро иҷро кунем, оё бо шеваҳои омӯзиши мустақим ва ё ғайрифаъол метавонем ин чаҳор навъ ёдигириро дар мадорис думбол кунем. Равшан аст, ки иҷрои ин чаҳор асл дар мадорис ниёз ба равишҳои фаъол ва корбурди фароянди омӯзиш дорад. Бинобар ин, низомҳои расмии омӯзиш бояд аз омӯзишҳои мустақим (муаллим-меҳвар) ва шеваҳои иттилоърасонӣ расман дурӣ кунанд ва мадорис низ батадриҷ бояд ба майдони таҷрибаҳои илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ табдил шавад.(Ёдгирӣ. Доктор Елсон ва Ҳергниҳон, 1997).

**Парвариши қувваи тафаккур ва халлоқият танҳо бо равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ** Ин фарзия ки «оби ҳаёт» вуҷуд дорад ва кӯдак бо хӯрдани он дар дам ба инсони комил табдил мешавад, хиёле беш нест. Зеро инсонҳо бо ин тариқ ва ҳамроҳ бо талош ва касби дониш ва таҷрибаҳои амалӣ, ба тадриҷ ба зевари маърифат, улум ва фунун ороста мешаванд ва дар вақти гузар аз ин манзилҳо ва ҳамин тариқ аст, ки нахуст болиғ, рашид ва оқил мешаванд ва он гоҳ ба тадриҷ қадам дар роҳи камол мегузоранд ва ба манзилгоҳи «оби ҳаёт» мерасанд. Равишҳои тадриси суннатӣ ва ғайрифаъол ва ё ба иборати муаллим-меҳвар наметавонад донишомӯзонро ба тафаккур водорад ва дар онҳо халлоқият эҷод кард ва онро парвариш диҳад. Ба таъбири Павло Ферре ёдгирии пӯё, ёдигрӣ ба модели «Бонкӣ»

аст. Донишомӯз тайи як термин батадриҷ матолиброр дар зеҳни худ захира мекунад ва ҳамонҳоро дар имтиҳон пас медиҳад. Беҳтарин нумра ба касе дода мешавад, ки амонатҳои супоридашуда ба сандуқи ҳофизаро ба таври комил ва бидуни нуқсон пас бидиҳад. Равишҳои ғайрифаъол ва ғайрикорбурдии халлоқияти билқуввае, ки дар ниҳоди ҳар инсоне, ки аз баъд ба таваллуд гузоштаашро хомӯш менамояд. Танҳо равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ ва донишомӯз-меҳвар аст, ки мунтаҳӣ ба парвариши қувваи тафаккур ва халлоқият дар инсонҳо мешавад. Иброҳом Мазлум мегӯяд: «Халлоқият тавоноии билқуввае аст, ки баъд аз таваллуд ба ҳамаи инсонҳо дода шудааст». Аммо аксари инсонҳо ин хасисаро дар даврони фарҳангпазирии худ аз даст медиҳад. Равоншиносон аз рушди халлоқият, беш аз ҳама ба ҳалли масъала таъкид доранд. Онон мӯътақиданд, ки «ҳалли масъала» гарчи аз таҷрибиёти гузашта илҳом мегирад, аммо ҳалли масъалаҳо ба шеваи тоза (халлоқона) мумкин аст, фаросӯи таҷрибаҳои пешини фард ҳаракат намуд. Равиши ҳалли масъала яке аз равишҳои фаъоли тадрис мебошад. Тамоси фаъол бо муҳити зисти табиӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дар воқеъ, бистар ва манобеи иттилоотии таҷрибаи халлоқона маҳсуб мешавад ва агар муҳити хонаводагӣ ва таҳсилии кӯдак дуруст ва ғанӣ бошад, ба ҳамон андоза халлоқияти кӯдак бештар хоҳад шуд ва ин ҳама танҳо бо равиши тадриси корбурдӣ ва фаъол дар фароянди омӯзиш муяссар хоҳад шуд. Равиши тадриси ғайрифаъол донишомӯзро мутеъ ва сарсупурдаи муаллим мекунад ва аз бурузи халлоқияти афрод ҷилавгирӣ менамояд. Куйит Поровел Прук мегӯяд: «Дар сурате ки донишомӯз маҷбур бошад тариқаи мушаххас ва маҳдудеро дар ёдгирӣ думбол кунад, ба ёдгирӣ нигариши манфӣ пайдо мекунад ва дар поён мутеъ ва сарсупоридаи муаллим хоҳад шуд». (Равоншиносии ёдгирӣ. Тарҷумаи Муҳаммаднақии Фароҳонӣ, 2005).

Рузейн Шойн - мутафаккири таълиму тарбият мегӯяд: «Ёд додани хуб аз чашмони ёдгиранда пайдо аст. Аммо ёд додани муваффақиятомез аз гуфтор ва рафтори ёдгиранда падидор мешавад». Манзури Рузейн Шойн аз ин гуфтаи пурмаънӣ ин аст, ки байни ёд додани худ ва ёд додани муваффақиятомез тафовути зиёде вуҷуд дорад. Инсонҳо ҳамеша чизҳоеро ёд мегиранд, ки ба хостҳо, хислатҳо ва тавоноиҳои худашон таносуб дошта бошанд, ё ба зиндагии онҳо марбут шаванд. Тамоми рафторҳое, ки аз инсонҳо мушоҳида мекунем, бар пояи ҳамин асл устуворанд. Агар донишомӯз ё ёдгиранда битавонад мавзӯи ёдгириро он тавр ҳазм кунад, ки маънӣ ва мафҳуми онро ба худаш, зиндагиаш, шаҳраш, мардум ва ба ҷомеааш пайванд диҳад, натанҳо матлабро ба гунае ёд мегирад, ки ҳаргиз фаромӯш накунад, балки мизони алоқааш ба ёдгирӣ бештар хоҳад шуд ва ба ҷустуҷӯи иттилооти тозатаре хоҳад рафт. Барои расидан ба ин амр бояд аз равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ истифода намуд. Аммо агар ёд доданҳо ба гунае бошад, ки ёдгирандагон водор шаванд, аз худ рафторе нишон диҳанд, ки ҳаргиз ба мафҳуми воқеии он пай набурдаанд, ё ба равишҳое амал кунанд, ки ба вуҷуди худашон ва ё даруни худашон иртиботе барқарор накунанд, эҳсос хоҳанд кард, фарди беҳуда ва бесамар ҳастанд, ё бозичаи дасти муаллим ва падару модари худ қарор гирифтаанд. Ҳар ёдгиранда (донишомӯз) бо даргир шудани мустақим бо матолиби ёд гирифтани (дарс), чунон меомӯзанд ва ба ёдгириҳо ва боварҳои амиқ мерасанд, ки бидуни фосила дар ҷиҳати огоҳиҳои тозатар ва бештар қадам бар медорад ва мехоҳад боз ҳам бидонад.

Хидмати истифода аз равишҳои тадриси фаъол, ба хидмати омӯзиш ва парвариши ғайрирасмӣ мерасад ва афроде ҳамчун Суқрот, Жондок Русо, Ҷон Дюӣ, Ҷон Пёже ва Брунер аҳамияти равишҳои тадриси фаъолро дарк намуда, аз он истифода менамуданд. Дар равиши омӯзиши Ислом низ такя бар парвариши фикрӣ ва парҳез аз тақлид ва такрори матолиб бидуни дарки саҳеҳи он матраҳ мебошад ва дар мавриди истифода аз равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ дар фароянди омӯзиш бисёр таъкид шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти омӯзишӣ нишон додааст, ки донишомӯзон аз тариқи ёдгирии фаъол ба сатҳи болотаре аз дарку фаҳм ноил мешаванд. Ёдгирии фаъол ҳамчунин дар тавсеа ва эҷоди фурсатҳои баҳси гурӯҳӣ муҳити бисёр муносиб барои донишомӯзони хиҷолатӣ фароҳам меорад. Чаҳор асли пешниҳоди комиссияи байналмилалии таълим ва тарбият мабнӣ бар «ёдгирӣ барои донистан, ёдгирӣ барои анҷом додан, ёдгирӣ барои бо ҳам зистан ва ёдигрӣ барои зистан» танҳо бо истифода аз равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ ва дурӣ аз равишҳои ғайрифаъол ва суннатӣ имконпазир мебошад. Парвариши қувваи тафаккур ва халлоқият ва ёд додани муваффақиятомез танҳо бо равишҳои тадриси фаъол ва корбурдӣ имконпазир аст. Фақат омӯзиш бо равиши фаъол ва корбурдӣ метавонад донишмандони халлоқеро дар оянда таҳвили ҷомеа ва башарият бидиҳад.

Аввалин монеаи корбурдӣ равишҳои тадриси фаъол аз тариқи системаи омӯзиш ва парвариш бар фард таҳмил мешавад. Теъдоди донишомӯзон хориҷ аз (нисбати донишомӯз ба муаллим) стандарт аст. Омӯзиш ва парвариш, агарчи аз ин амр огоҳ аст, аммо маҳдудияти имконот ва тақозои омӯзиш ва парвариш ба манзалаи як ҳаққи иҷтимоӣ аз тарафи мардум, аз як тараф ва пазириши ҳамаи донишомӯзон аз тарафи мадраса, барои таърифи баробарии иҷтимоӣ, аз тарафи дигар, имкони таносуби мавзун нисбати донишомӯз ва муаллимро барои корбурдӣ равишҳои фаъоли тадрис мушкил кардааст. Лизо, барои анҷоми ин амр зарурӣ аст, ба тариқи муқтазӣ ин мушкил муртафеъ (аз байн

рафтан) гардад. Равишҳои тадриси суннатӣ ва ғайрифаъол, ё ба иборати муаллим-меҳвар, наметавонад донишомӯзонро ба тафаккур водорад ва дар онҳо халлоқият эҷод карда, онро парвариш диҳад. Барои тадрис бо «рӯйкарди равишҳои фаъол ва корбурдӣ», биниш, дониш ва маҳорати муаллим лозим аст. Лизо, бояд марказҳои тарбиятмуаллим ва зимни хидмат барои бакоргирии равишҳои фаъол ва корбурдӣ дар фароянди омӯзиш, омӯзишҳои мавриди ниёзро ба муаллимон бидиҳанд. Муаллимон бояд дар шароити феълии омӯзиш ва парвариш қадам ба қадам тадриси худро ба шеваҳои фаъол ва корбурдӣ муҷаҳаз кунанд.

**Равишҳои тадриси фаъоли улуми таҷрибавӣ дар Япония.** Яке аз муҳимтарини ҳадафҳои омӯзишии улум дар Япония, ки бо тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар ҳамоҳанг аст, омӯзиши улум ва фановарӣ, тавоноии фикр кардан, тасмимгирӣ ва шинохти табиат ва қонунҳои ҳоким бар он аст. Дар мадориси ибтидоии Япония, дар зинаҳои якум ва дуюм (ба тартиб 6 ва 7 солаҳо) аз як барномаи дарсии дарҳамтанида таҳти унвони «мутолиаи муҳити зиндагӣ» истифода мешавад. Дар ин барномаи дарсӣ донишомӯзон бо падидаҳои илмии муҳити иҷтимоӣ, табиӣ ва зиндагии рӯзонаи худ ошно мешаванд, то ба як диди илмӣ даст ёбанд. Ин давраи омӯзишӣ, бештар ба касби таҷриба ва анҷоми фаъолиятҳои амалӣ таъкид дорад. Дар тӯли ин ду сол (якум ва дуюми ибтидоӣ), муаллимон вазифадоранд, то фароянди омӯзишро бар се ҳита мутамарказ намоянд. Ин ҳитаҳо иборатанд аз: мавҷудоти зинда ва муҳити онҳо, модда ва энергия, курраи замин ва ҷаҳон. Ин ҳитаҳо шомили мавзӯоте аз зистшиносӣ, физика, химия ва заминшиносӣ ҳастанд (Нодингз, 1999 ба нақл аз Саркор Оронӣ, 2002).

Ҳадафҳои мавриди назар дар омӯзиши улуми давраи ибтидоии Япония ва барномаи дарсии ин давра иборатанд аз: рушди тавоноии ҳалли масъала, алоқа ба табиат ва унс гирифтан ба он ва дарки падидаҳо ва ашёи табиӣ аст (Mayer, 2004).

Дар низоми омӯзишии Япония, барномаи дарсӣ фаъолият-меҳвар буда ва гуногунии китобҳои дарсӣ бо назорати системаи марказӣ дида мешавад. Фароянди ёддиҳӣ-ёдгирии улум дар Япония аз навъи фаъол буда, муаллим нақши роҳнамо, мушовир ва нозирро ифо мекунад. Низои арзишёбии Япония низ фаъолият-меҳвар буда ва бештар ба се нуктаи аслӣ таъкид мешавад:

1. Короӣ ва муфид будани мизони ёддиҳӣ-ёдгирӣ.
2. Инъикосдиҳандаи қобилиятҳо ва тавоноиҳои донишомӯзон.
3. Сабки натиҷаҳои анвои фаъолиятҳо дар корнома ба сурати камӣ ва кайфӣ.

Дар низоми омӯзишии кишвари Япония бештарин таъкид бар рӯйкарди мушорикати авлиёи донишомӯзон дода мешавад. Тамоми кадри омӯзишӣ аз раиси минтақа гирифта, то муаллим ба хубӣ аз ислоҳоти навини омӯзишӣ ҳадафҳо ва интизороти он ба хубӣ огоҳанд. Маркази ислоҳоти мубтанӣ бар донишомӯз-меҳварӣ дар суханони ҳамаи омилҳои мадраса ошкоро дида мешавад. Дар синфҳои дарси улум мафҳумҳои илмӣ ба сурати яктарафа ба донишомӯзон омӯзиш дода намешавад, балки донишомӯзон равиши омӯхтанро фаро мегиранд. Дар синфҳои дарси улум фаъолияти донишомӯзон дар синфи дарс нишон медиҳад, ки натанҳо ҳамаи фаъолиятҳо ва нақшҳо бар ӯҳдаи муаллим нест, балки муаллим фақат ба унвони яке аз омилҳои омӯзишӣ нақши мушовир ва ҳидояти ҷараёни ёддиҳӣ-ёдгириро бар ӯҳда дорад ва фақат суханрон нест. Донишомӯзон бо анҷоми фаъолиятҳои омӯзишӣ натанҳо дар касби маҳоратҳои донишӣ кӯшо ҳастанд, балки маҳоратҳои амалкардӣ ва нигаришии онҳо низ мутаносиб бо маҳоратҳои донишӣ рушд меёбад. Ин амр сабаб мешавад, то халлоқият ва навоварӣ дар байни донишомӯзон ба наҳви чашмгире дида шавад ва онон фаъолона дар рӯйкардҳои ҳалли масъала ширкат намоянд. (Саркор Оронӣ ва Муқаддам, ба нақл аз Стиглер ва Ҳибрет, 2004).

Дар низоми омӯзиш ва парвариши Япония чизе ба мисли имтиҳони ниҳоӣ вуҷуд надорад ва донишомӯзон дар ин давра бо имтиҳон ба он сурате, ки дар соири кишварҳо маъмул аст, бархӯрд намекунанд (Қандолӣ, 1994).

Агар амалкарди низоми омӯзишӣ дар қолаби ислоҳоти вурудӣ ва хуруҷӣ мавриди баҳс қарор гирад, низоми арзишёбӣ, бо таваҷҷӯҳ ба равишҳои фаъол дар Япония ба сурати зер амал мекунад:

- Вурудӣ (дар қолаби мавзӯҳои дарсӣ) бар асоси мавзӯъҳое, ки мӯҳтавои омӯзиширо мушаххас мекунад ва муаллимон бояд онро дар назар бигиранд, мавриди арзёбӣ қарор мегирад.
- Хуруҷӣ (дар қолаби муваффақиятҳои таҳсилӣ ва рушд ва тавсеа) бар асоси як низоми арзишёбӣ мушаххас мешавад ва санҷише, ки натиҷаи он дар корномаи донишомӯз сабт мешавад. Ин баргаи сабти нумраҳо ҳам барои санҷиши амалкард ба кор гирифта мешавад ва ҳам заминаи бархӯрд аз санҷиши амалкардро барои роҳнамо фароҳам мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Оронӣ Саркор. Равиши тадрис. Интишороти огоҳ. Теҳрон, 2002.

2. Бароҳими Муҳаммаднақӣ. Равоншиносии ёдгирӣ. Интишороти самт. Теҳрон, 2005.
3. Сайф Алиакбар. Равоншиносии ёдгирӣ. Интишороти самт. Теҳрон, 2004.
4. Шабонӣ Ҳасан. Равиши тадриси пешрафта. Интишороти маърифат. Теҳрон, 1999.
5. Қандолӣ Алиакбар. Ёддиҳӣ-ёдгирӣ. Интишороти Ястурум. Теҳрон, 1994.

## РОЛЬ МЕТОДОВ АКТИВНОГО ОБУЧЕНИЯ И ЕГО ПРИМЕНЕНИЕ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ КАК НАИЛУЧШЕГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ В ПЕРИОД ПЕРЕПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЕЙ

В данной статье автором рассматривается роль методов активного обучения и его применение в учебном процессе как наилучшего метода обучения в период переподготовки учителей. Также автором рассматриваются способы применения активного обучения на примере учебных заведений Японии.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, воспитание, методы обучения, методы активного обучения, преподаватели ,ученики, переподготовки учителей.

## ROLE OF METHODS OF ACTIVE TRAINING AND ITS APPLICATION IN EDUCATIONAL PROCESS AS BEST METHOD OF TRAINING IN RETRAINING OF TEACHERS

In this article the author considers a role of methods of active training and its application in educational process as best method of training in retraining of teachers. Also the author considers ways of application of active training on an example of educational institutions of Japan.

**KEY WORDS:** training, education, training methods, methods of active training, teachers, pupils, retraining of teachers.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Марями Шабок*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ МАҶОЗӢ

***Орвини Тавакулӣ***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Таҳсили маҷозӣ як зуҳуроти воҳид ва комилан ҷадиду аз таърихи таҳсилоти умумӣ ва касбии суннатӣ ҷудо набуда, баръакс, аз он сарчашма гирифта, давомдиҳандаи таҷрибаи пешин аст, вале бо унсурҳои алоҳидаи нав ва технологияи дигари тадрис. Аз тарафи дигар, суръат ва сатҳи тавлиди илм дар ҷаҳон ба равишҳои навин гирдоварӣ, пардозиш ва пахш кардани иттилоот, сабаби ба вуҷуд омадани давраи иҷтимоии хосае бо номи«Асри иттилоот» шудааст. Таъсири амиқи ин давра бар нишондиҳандаҳои гуногуни ҳаёти ҳар ҷомеа комилан маълум аст. Ин гуфтаро метавон дар муқоиса шарҳ дод.

Аз корҳои содаи тайёр кардани билетҳои сафарӣ ва ё харидорӣ аз фурӯшгоҳҳо то амалҳои печдарпечи назорат ба гардиши корҳои бонкӣ дар сатҳи васеъ ва назорат ба системаҳои пахши энергия аз роҳи дур, ҳатто дидгоҳҳои васеътари донишгоҳҳои маҷозӣ, тиҷорати электроникӣ ва маҷмӯаи ин тағйиротҳо сарогози он давронест, ки дар диди васеъ ба он тамаддуни иттилоотӣ ном дорад.

Мафҳуми ин асри нав дар муқоиса бо бахшҳои гуногуни дигари тамаддуни башарӣ тасдиқ мешавад. Дар назари куллӣ метавон чаҳор давраи асосиро дар комил шудани ҳаёти иҷтимоии башар ба назар гирифт, ки такя ба андешаи Ҳ. Ҳимматободӣ аз «Тамаддуни қабилаӣ, тамаддуни рустоӣ (кишоварзӣ), тамаддуни саноатӣ ва тамаддуни иттилоотӣ» [1, с.21] иборат аст. Бояд гуфт, ки як зумра олимони дигари ҷомеашинос низ бо баъзе фарқиятҳо ба ҳамин ақида мувофиқанд.

Муҳимтарин хусусияти тамаддунҳои қадим кӯчак будани ҷомеаҳои шаклгирифта ва суст будани рушди он будааст. Ин ҳолат ҳарчанд сабаби ташкил шудани нахустин сарчашмаҳои маданият бошад, тахарруки он сабабгори барҳамхӯрии расму оинҳо ва суннатҳои мухталиф дар саросари курраи замин шудааст. Вале моҳияти мутаҳаррики он монеаи амиқтар шудани афкор ва ифодагари хусусиятҳои ҷомеа ба маънии имрӯзӣ буда, ба ҳамин далел низ омӯзиш ба сурати низоми ташаккулнаёфта дар шакли аз насл ба насли афрод интиқол дода мешудааст. Яъне, мактаб дар фаҳмиши феълии он вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, имрӯз наметавон нишонае аз низоми шаклгирифтаи ин омӯзишҳоро ҷустуҷӯ кард.

Илм низ ҳамин роҳи дуру дарози ноҳамворро тай намудааст. Илм дар давраи то ба таърих ворид шудани инсон вуҷуд надошт. Вале дар баробари муттасил рушд ёфтан ва паҳн шудани ҷомеаҳои қадим ва ба ҳам пайвастани қавмҳои кӯчак сабабгори пешрафти касбу ҳунар, тавлидоти маҳсулоти ниёзи инсонҳо ва муносибатҳои доду гирифт дар байни одамон давлатҳои аввалин ба вуҷуд омаданд. Ин падидаҳо талаботи мардумро ба донистани муҳити зист, қонуниятҳои табиат, донишҳо

дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни шуғл, аз он ҷумла кишоварзӣ, косибӣ, сафар ба ҷойҳои дур ва ғайра ба тавлиди аввалин донишҳои илмӣ сабаб шуданд.

Муҳимтарин хусусияти тамаддуни ин давраинаи инсонӣ пайдоиши мақомоти гуногуни иҷтимоӣ, аз он ҷумла шакли оддитарини мактаб, омӯзгор ва шогирди он мебошад. Ба ҳамин далел низ оҳиста-оҳиста аз рукнҳои аслии тарбиятӣ, яъне мадорис (мактабҳо) пайдо шуданд. Гарчӣ сурати аввалияи ин мактабҳо бисёр фарққунанда буд, аммо монанди низоми таълим се унсури асосӣ - муаллим, фарогир (хонанда) ва синфро дар бар мегирифт.

Дар баробари васеъшавии фаъолияти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва талош барои дониш дар бораи одаму олам ҳаҷми кашфиётҳои илмӣ беш аз пеш афзуд. Дар натиҷаи ин намудҳои оддитарини техника – технологияи механикӣ ихтироъ ва мавриди истифода қарор дода шуд. Бо мурури замон муассисаҳои оддии таълимӣ ва мактабҳои илмӣ тавлид ёфтанд. Илова ба ин, ба сабаби маҳдудияти номгӯи илмҳо дар мактабҳои ин давра, камтар метавон тақсимоти марҳилаии илмомӯзӣ ва дастабандии онро мулоҳиза намуд. Ба ҳамин далел низ олимони ин даврон шахсиятҳои ҳамаи илмҳо будаанд, на мутахассисони як равия (илм). Сайри пешрафти робитаҳои иҷтимоӣ ва таъсири мутақобилаи илму истеҳсолот, аз як тараф ва илму истеҳсолот ва ҷомеа, аз тарафи дигар, дар асри XVIII ба рух додани инқилоби саноатӣ такони бузурге шуд. Ин падидаи пурзӯр ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаи онвақта таҳаввулоти инқилобӣ ворид намуд.

Нуктаи муҳими дигари давраи нав ба вуҷуд омадани илмҳои бевосита ба истеҳсолот ва техника алоқаманд мебошад. Ин падида ба навшавии рисолати мактабу маориф, мазмуну мундариҷаи таҳсилот ва усулҳои тадрис таъсири мусбат расонид. Қариб дар ҳамаи намудҳои мактабҳо китобҳои дарсӣ навишта шуданд ва ин воситаи таълим дар худ асосҳои илмҳои замонро инъикос карда буданд.

Андешаи афзалиятнок дар ин даврон тахассусӣ кардани корҳо ва дар ин замина тарбияти инсонҳои моҳиру донандаи яке аз ин тахассусҳо буд. Маҳз ба ин сабаб табақабандии дараҷаҳои таҳсилӣ, арзи вуҷуд намудани шаклҳои нави мактабҳо, падид омадани донишгоҳҳои гуногун ва муассисаҳои таълимии касбӣ аз нишондиҳандаҳои асосии низоми омӯзишии ин даврон аст.

Дар асри XIX дар мамлакатҳои империалистии Аврупо ва ИМА табаддулоти саноатӣ ба амал омад. Дар натиҷаи ин дар истеҳсолот техника ва технологияи механикӣ то як дараҷа бо техникаи дорои ҳаракатдиҳандаи дарунсӯз иваз шуд. Нерӯи барқ кашф, телеграф, қатора, тайёра, автомобил , киштиҳои буғӣ ва ғайра ихтироъ ва мавриди истифода қарор гирифтанд. Ин навгониҳои технологӣ ба пешрафти мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ оварда расониданд. Истеҳсолоти онвақта ба мактабҳои ҷавобгӯи ниёзи онҳо эҳтиёҷи зиёд пайдо намуданд ва чунин мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ тадриҷан тавлид ёфта, доман паҳн намуданд. Барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва усулҳои тадриси донишомӯзон дар ин таълимгоҳҳо аз таълимгоҳҳои пешина дар самти зарурати иқтисодию иҷтимоии худ фарқ мекарданд.

Тавре ки педагоги шинохтаи Ирон мегӯяд, «…ин давра аз ҳаёти иҷтимоии башар ҳанӯз комилан ба поён нарасидааст, лекин дар нимаи дуюми садаи XX бо рушди фановариҳои иртиботӣ ва низ ниёзи рӯзафзуни башар ба шаклҳои мухталифи иттилоот, оғози даврони нав ба вуҷуд омад, ки дар он ҳаёти ҷомеаҳо вобаста ба гардиши иттилоот хоҳад буд. Дар ин даврон бар хилофи даврони тамаддуни саноатӣ, ки ҷаҳон рӯз ба рӯз васеътар мегардад, ҷаҳон ба самти кӯчакӣ (майда шудан)…ба сӯи деҳкадаи ҷаҳонӣ пеш меравад» [4, с.87].

Созу кори тамаддуни иттилоотӣ на бар пояи фановариҳои вобаста ба даврони саноатӣ, яъне фановарии истеҳсолкунанда, ки бар пояи пардозиши дода (таҳлили далелҳо) ва ҳосили корбаст (истифода)-и фановарии иттилоот аст, муҳимтарин хусусияти ин даврон суръати бештар ва такя ба иттилоот ба унвони ашёи хоми мавриди ниёзи саноатҳост ва бо назардошти даврони тамаддуни саноатӣ, ки дар он бештари таваҷҷӯҳ ба тақсими кор ба риштаҳои ихтисосӣ ва ба таъбири дигар нигоҳи рӯякӣ дар корҳо буд. Дар ин даврон бо мурури замон бори дигар як навъ дидгоҳи куллинигарӣ ба корҳо халал ворид месохт . Аммо ин куллинигарӣ бо маънои маъмулшуда дар даврони тамаддуни рустоӣ фарқияти моҳиятӣ дорад. Ба ин маънӣ, ки дар он даврон куллинигарӣ, аввалан, ба далели дур будани фазои тафаккури илмӣ аз зиндагии иҷтимоӣ ва, сониян, ба далели маҳдудияту шумори ками нишондиҳандаҳои илмӣ буд. Лекин дар ин даврон куллинигарӣ посухе ба дидгоҳи ифротии ҳоким бар даврони саноатӣ бар яккисматӣ кардани афрод ва тахассусӣ кардани аксарияти корҳо буд.

**Аз таърихи омӯзиши маҷозӣ.** Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти Абдуллоҳ Алӣ Исмоилӣ иҷозатномаи аввалини радиои омӯзишии донишгоҳӣ дар соли 1921 содир шуд, ки аввалин пояи шаклгирии омӯзиши электроникӣ маҳсуб мегардад [3, с.1-4] Бо такомулу пешрафти расонаҳо (воситаҳои ахбори омма), технологияи омӯзиши аз роҳи дур низ дучори тағйирот шуд ва донишгоҳҳо бо истифодаи таркибе аз восатаҳои чандрасонаии мултимедиа ва сохторҳои идорӣ барои пуштибонии омӯзиш шурӯъ ба корбурдӣ кардан дар иртибот бо омӯзиши маҷозӣ намуданд. Компютерҳои шахсӣ

ва интернет боиси бозофаринии чеҳраи омӯзиш шуданд ва сабабҳои ёдгирию омӯзиши донишҷӯёнро аз фосила(масофа)-и дур фароҳам карданд.

Омӯзиши аз роҳи дур аввалин бор дар асри XIX ба унвони таҳсилоти мукотибавӣ шинохта шуд. Пас аз чанд муддат таҳсилоти мукотибаӣ бо истифода аз системаи пустӣ (почта) фарогир шуд ва мактабҳо ва муассисаҳои идорӣ салоҳияти ба ташкили омӯзиш аз роҳи дур бо истифода аз пуст (почта) пардохтанд ва иртиботи навиштории муаллимон ва донишомӯзонро барқарор карданд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико танҳо кишвари асосгузори таҳсилоти мукотибаӣ набуд, балки кишварҳои аврупоӣ низ аз аввалҳои даҳаи 40 асри XX барои омӯзиши хулосанависӣ ва забон ҷорӣ карданд. Ин падидаи навро М.Ҳасанзода бо истифода аз сарчашмаҳои дигар чунин менигорад: «Дар соли 1837 ба хотири харочотҳои почтаӣ як овознигори англисӣ бо номи Эйзак. Питмен аз тезнависӣ барои омӯзиш додани давраҳои мукотибавӣ дар Британия истифода кард. Вай равиши худро, ки бар асоси усули садоӣ ба ҷои усули имлоӣ буд…» [2, с.13].

Равиши хулосанависии Эйзак Питман бо 15 забон татбиқ дода шуда ва имрӯз яке аз корбурдитарин равишҳои кӯтоҳнависӣ дар ҷаҳон аст. То замоне, ки дар соли 1844 Самуел Морс телеграфи электрикиро ихтироъ кард, як омиле барои беҳтар шудани иртибот гардид.

Аввалин давраи омӯзишӣ аз роҳи дури донишгоҳӣ дар соли 1892 таъсис шуд, ки бо ҳамкории идораи пуст (почта) идора мешуд.

Ҳарчанд ки дар мавридҳои бисёр омӯзиши электроникӣ ба танҳоӣ метавонад посухгӯи ниёзҳои омӯзишӣ бошад, аммо дар қарни ҷадид танҳо чизе, ки касро метавонад аз дигар рақибон пештар гузорад, ёдгирии тезтар аст. Ҳамзамон ва ҳамроҳ бо таҳаввулоту тағйироти васее, ки дар ҷаҳон ба вуҷуд омадааст, дар ин самт ва дидгоҳҳои андешамандон нисбат ба омӯзишу ёдгирӣ низ таҳаввулоте доштааст. Дар гузашта ҷиҳати омӯзиш **Training**-ро истифода мебурданд, ки ба маънои омӯзиш додан ҳаммаъно аст ва сипас вожаи **Learning**-ро ба кор мебурдагӣ шуданд, ки маънои он дониш андӯхтан аст.

Сайри роҳи тараққии ҷомеа ва густариши омӯзиши электроникӣ ба суръат идома пайдо кардааст. Вале амалишавии ин воситаи таълим бо маънии томи он аз охирҳои солҳои 90-уми асри XX дар кишварҳои Аврупо ва ИМА оғоз шудааст.

**Таъсири тамаддуни иттилоотӣ ба ниҳодҳои омӯзишӣ.** Яке аз муаррификунандаҳои асосии тамаддуни иттилоотӣ арзи вуҷуд кардани ҷомеаи иттилоотӣ аст. Роҳи асосии ҳаёти ин ҷомеа гардишу пардозиши иттилоот ва ҷузъи мутаҳаррики он компютер мебошад. Пояи асосии гардиши иттилоот низ бузургроҳҳои иртиботии ба вуҷуд омада аз пешрафти технологӣ, яъне интернет аст. Рушди афзояндаи бахшҳои мухталифи ин даврон аз ҳаёти иҷтимоӣ бисёр васеъ буда, ба тавре ки пас аз гузашти муддате аз падид омадани интернет шаклҳои гуногуни он чунон дар тору пуди зиндагии рӯзмарра танида шудааст, ки зиндагӣ бе ин имконот ғайри қобили тасаввур менамояд. Нишондиҳандаҳои омории марбут ба ин намуди иттилоот нишон медиҳанд, ки истифодабарандагони интернет аз 407 миллион нафари соли 2001, дар соли 2010 ба беш аз 1,6 миллиард нафар расидааст. Ба қавли олими амрикоӣ Карол Суан «Сайри падид омадани воситаҳо ва хадамоти марбут ба интернет чунон тез аст, ки феҳрист кардани онҳо низ бисёр мушкил аст. Аз падидаҳои ҷаҳонӣ ва фарогир, аз қабили китобхонаҳои диҷитолӣ ва бонкдории электроникӣ гирифта то корҳои шахсӣ чун фиристодани кортҳои (открытка) табрикии электроникӣ, хариду фурӯши электроникӣ ва истифода аз яхдони интернетӣ » [5, с.306].

Илова бар ин, бояд ба як тафовути асосӣ бо дигар расонаҳо низ ҳамчун яке аз нуқтаҳои қуввати бемамониати он ишора намуд: агар рӯзнома ва китоб, расонаи мактуб, радиои интиқолдиҳандаи овоз ва телевизион расонаи интиқолдиҳандаи тасвиру сурат буд, интернет илова бар ин се омил интиқолдиҳандаи ҳисси сомеа низ хоҳад буд. Пешбинӣ мешавад, ки то охирҳои соли 2014 битавон ба бӯи муаттар **I smell** истифода аз барномаҳое, ки бо компютер пайваст мешаванд электроникӣ бо номи мухталифро бо шиддату заифии қобили танзим аз тариқи интернет дарёфт намуд. Бо маънии он ки таҳқиқоти васее барои интиқол додани ҳисси ломиса аз тариқи интернет дар ҳоли анҷом шудан аст [6].

Ба ин тартиб, мулоҳиза мешавад, ки оянда аз они ҷомеаи иттилоотӣ ва зиндагии оромишбахш дар гарави истифодаи дурусти воситаҳои марбут ба технологии иттилоотӣ аст. Маълум аст, ки дар ин сурат шаклҳои мухталиф тавсиа ва фарҳанги ҷомеаҳо аз тариқи ин фазои иттилоотӣ қобили навиштан аст. Ин ҳамон чизест, ки аз он ҳамчун тамаддуни иттилоотӣ номида мешавад. Ҳамчунон, ки ишора шуд, мактабҳо ва муҳитҳои омӯзишии ҳозира реша дар тамаддуни рустоӣ дорад ва гарчӣ дар даврони саноатӣ ба назми он бисёр афзуда шудааст. Лекин чаҳорчӯбҳои меъёрию қавонинӣ дар низоми омӯзишӣ сабаби ба вуҷуд омадани мушкилоти зиёде дар заминаи таълиму тарбият фарогир шудааст. Аз ин рӯ, бисёре аз мутафаккирон ва назарияпардозони омӯзишӣ бо шикастани қолабҳои маъмулшуда саъй бар раҳосозии ёдгирандагон аз ҳисорҳои худсохтаи мактабҳо доштанд, ки шояд муҳимтарини онҳо тарҳ ё худ лоиҳаи омӯзиши барномаи Эскинер дар даҳаи 1960-ум буд. Дар он саъй шуда буд, ки бо

ҷойгузин кардани мошин ба ҷои муаллим ва синф барои ёдгирандагон равишҳои нав пешниҳод намояд.

### ЛИТЕРАТУРА

1. Ҳайдарӣ Аматободӣ ва Мусавӣ Захро. Низоми барномарезии дарси мутаносиб бо тавсияи саводи итилоотӣ,маимутолиотибарномарезӣ. Соли аввал, шумораичаҳорум. 2008 - 127с.
2. Ҳасанзода Маҳмудва Муҳсин Оқо Касирӣ. Донишгоҳҳои маҷозӣ маҳали муносиби барои таҳсил дар қарни 21, фаслномаи таҳқиқоти иттилоотрасонӣ ва китобхонаҳои умумӣ, соли 11-ум, шумораи (43), 2008, 20с.
3. Алӣ Исмоилии Абдулло. Омӯзиш ва парвариш, омӯзишиолӣ. Маҷмӯаи мақолоти омӯзиши олӣ. 2009, 203с.
4. Мунтазир Ғуломалӣ. Китобҳои диномикии роҳкори аслии таҳқиқи муҳитҳои омӯзиши маҷозӣ. Донишгоҳи тарбияти мударис. Равишҳои таҳқиқ ва чигунагии арзишёбии он дар улуми инсонӣ. Теҳрон. Интишороти Бадр.2003 - 273с.
5. Swan, K. Virtual interaction: Design factors affecting student satisfaction and perceived learning in asynchronous online courses. Distance Education, 2(2). 2001 -453 pages.
6. Overton, R. Learning System Architecture Lab. Architecture for User Centric Learning Management Systems , http://www.lsal.cmu.edu (2002).

### ИСТОРИЯ ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению история дистанционного образования. История развития социальных отношений и взаимовлияние науки и производства в обществе в XVIII веке дали толчок к свершению промышленной революции . Это великое событие мирового значения внес огромные преобразования во все сферы тогдашнего общества

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, дистанционное обучение, история дистанционного обучения, технологии, средства массовой информации, информационное пространство.

### THE HISTORY OF E-LEARNING

***Arvin Tavakoli***
**Department of Education, Marvdasht Branch, Islamic Azad University, Marvdasht, Iran**

Virtual learning for the first time in the nineteenth century was known as correspondence education. After some time, correspondence education using the postal system. Schools and other institutions which had facilities using it and it was established writing communicate between teachers and students. United States was not the only country providing education by correspondence, European countries but also from the early 40s to teach short courses offered programming language. In 1837 due to the cost of mailing, an English transliteration whose name was Isaac Pittman, taught correspondence courses used in Great Britain. His own method was based on phonetic spelling which was explained in his book called ((the correct Shorthand pattern)) in 1837. This article is trying to explain the history of e-learning and how it was established.

**KEY WORD:** training, E-learning, history of E-learning, education technology, Medias, informational environment

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Орвин Таваккули*** – аспирант Академии образования Таджикистана. Телефоны: **93 469 71 80; 98 917 707 73 70**. E-mail: **arvin_tavakoli@yahoo.com**

## МУДИРИЯТИ СИНФ

***Зухре Кове***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Пешрафти ҳар ҷомеа ба чигунагии кайфияти омӯзиш ва парвариши он ҷомеа бастагӣ дорад. Омӯзиш ва парвариш агар роҳи демократӣ ва равиши илмӣ пеш гирад, заминаи эҷоди ҷомеаи пешрафтаро муҳайё месозад. Ба манзури расидан ба ин демократия, риояти қонун, назм ва эҷоди нигариши мусбат дар ин замина ва эъмоли он тавассути афроди як ҷомеа, бахусус мутаваллиёни амри хатири (муҳими) таълим ва тарбият, зарурат меёбад. Ҳадафи аслии мақола муаррифӣ ва пешниҳодҳо барои мудирияти муассири синфи дарс мебошад. Дар ин мақола ба сабкҳои мухталифи ёдгирӣ, аз ҷумла сабки иқтидоргароёна, сабки мустабидона ва сабки озодгузорӣ ишора шудааст. Ҳамчунин, роҳкорҳои зерини ислоҳи рафтор, ки шоимили истидлол кардан, усул ва равишҳои тағйири рафтор мешаванд, шарҳ дода шудааст: 1. Усул ва равишҳои тағйири рафтори шомили як равишҳои афзоиши нерӯмандии рафторҳои матлуби мавҷуд. 2. Равишҳои эҷоди рафторҳои матлуби тоза. 3. Равишҳои нигаҳдории рафторҳои матлуб. 4. Равишҳои коҳиш ва ҳазфи рафторҳои номатлуб.

Бегумон, дар даврони муосир ҳирфаи тадрис яке аз душвортарин машоғил маҳсуб мегардад. Зеро, илова бар огоҳӣ аз дониши тахассусӣ, ҳар муаллиме бояд аз ҳунар ва таҷрибаи тадрис низ бархӯрдор бошад. Муаллимони муваффақ ба шеваҳои мутафовит амал мекунанд, аммо дар як рӯйкард бо ҳам муштараканд, ки он тавоноии идора кардани синфи худ ба таври муассир ва коромад

мебошад. Бидуни маҳоратҳои мавриди ниёз барои амали кардани ин кор ҳатто муаллимони алоқаманд ва муталеъ низ шикаст хоҳанд хӯрд. Маҳоратҳои муайяни бисёре вуҷуд доранд, ки будани онҳо барои муаллимон дар дараҷаи аввал аҳамият қарор дорад ва мудирияти синф аз ҷумлаи мавридҳое аст, ки муаллимон барои ифои муассири вазифаи худ ба онҳо ниёз доранд. Мудирияти синф метавонад яке аз муассиртарин омилҳо ва ҳастаи аслии маҳоратҳои тадрис бошанд, ки ҳам донишҷӯмуаллимон ва ҳам муаллимони ботаҷриба бояд ҳамвора онро беҳбуд бахшанд. Аз ин рӯ, дар ин мақола сайъ шудааст, роҳбурдҳое барои идораи муассири синфи дарс муаррифӣ ва пешниҳод шавад.

**Мафҳуми идораи синф** Сарфи назар аз ин ки муаллим бо чи равише омӯзиш медиҳад ва ҳадафҳои ӯ аз омӯзиш чӣ ҳастанд, лозим аст синфи дарсро ба сурати мавқеияти муносиб барои ёдгирӣ даровард. Ба иқдомоте, ки муаллим бад-ин манзур анҷом медиҳад, идораи синфи дарс (мудирияти синфи дарс) мегӯянд. Таърифҳои мутааддиде аз идораи синфи дарс ироа шудааст, ки дар идома бархе аз онҳоро аз назар мегузаронем: Вулфолк (2004) идораи синфи дарсро мавриди истифода қарор додани фунуни эҷод ва ҳифзи як муҳити солим ва холӣ аз мушкилоти рафторӣ медонад. Фотско ва Маккелор (2005) иқдомоте, ки муаллим барои эҷоди як муҳити созанда ба кор мегирад; Крукшонк Ҷенкинс ва Мутаколов (2006) истифода аз тадбирҳо ва равишҳои мавриди ниёзро барои эҷод ва ҳифзи муҳите, ки дар он ёдгирӣ сурат мегирад, муҳим мешуморад.

**Зарурати идораи синф** Идораи саҳеҳи синф аз масоили муҳими омӯзишӣ аст, зеро аз тариқи муаллим метавонад рафторҳои музоҳимро ислоҳ намояд ва бо эҷоди муҳити ором ва бидуни таниш ва даргирӣ ширкати донишомӯзонро дар фаъолиятҳои ёдгирӣ афзоиш диҳад. Идораи синфи дарс ба наҳви муассир фаъолиятҳои ёдгириро дар донишомӯзон ба ҳадди аксар мерасонад. Дар омӯзиши шогирд-меҳвар донишомӯзон ағлаб машғули кори гурӯҳӣ ва ё кор бар рӯи прӯжаҳои таҳқиқӣ навиштан, озмоиш кардан ва соири фаъолиятҳои фардӣ ва гурӯҳӣ ҳастанд ва дар ҷараёни омӯзиш ёдгиранда-меҳвар ҳамчунин тамоюл вуҷуд дорад, ки муаллим бештар роҳнамо ва ҳидоятгари гурӯҳ ва низ тасҳилкунанда бошад. Дар натиҷа, дар ин навъ омӯзиш, идораи синфи дарс маънидор нест ва умдатан идораи синфи дарс марбут ба омӯзиши муаллим-меҳвар мешавад. Зеро, дар равишҳо ин навъ омӯзиш аст, ки донишомӯзон ағлаб ба таври гурӯҳӣ дар синфи дарс ҳузур меёбанд ва барои истифода аз тадриси муаллим бояд муқаррароти синфро риоят кунанд. Дар таҳлили муҳити синфӣ Волтер Дувил (1968) шаш вижагиро ба бозтобӣ аз печидагии мушкилоти билқувва баён мекунад:

1. Синфи дарс чандбӯъдӣ аст, яъне илова бар хондан, навиштан ва ғайра фаъолиятҳое монанди бозӣ кардан, иртибот бо дӯстон ва ғайраро шомил мешавад.
2. Фаъолиятҳо ҳамзамон рӯх медиҳанд.
3. Воқеа дар синф ба суръат рух медиҳад ва маъмулан ба як посухи фардӣ ниёз дорад.
4. Воқеаҳо ағлаб қобили пешбинӣ ҳастанд. Яъне, бо тамоми тарроҳиҳои дақиқи муаллим боз иттифоқоти ғайрипешбинӣ рух медиҳад.

Агарчи истилоҳи инзиботро муаллимон, мудирон ва донишомӯзон фаровон мавариди истифода қарор медиҳанд, аммо ҳамеша онро беҳтарин калимаи мумкин барои он манзури хос намедонанд. Яке аз далоили ин тарҷеҳ ба ҳаракатҳои фалсафии охир дар таълиму тарбият бар мегардад, ки метавон гуфт, осонгиртар, инсонгаротар ва кӯдак-меҳвартар аст.

**Тафовути инзибот бо идораи синф** Агарчи ду истилоҳи эҷоди инзибот ва мудирияти синф ағлаб ҳамрадиф дониста мешаванд, миёни онҳо тафовути муҳиме вуҷуд дорад. Ба баёни сода, мудирияти синф ба танзими фаъолиятҳои синфӣ, ба манзури тасҳил ва ёдгирӣ ишора дорад. Аммо эҷоди инзибот ба аъмоле ишора мекунад, ки муаллимон ба далели рафторҳои мӯхталкунанда дар фаъолиятҳои синфӣ аз ҷониби донишомӯзон анҷом медиҳанд.

**Роҳбурдҳои пешгирона дар синфи дарс** Башак, дар синфи дарс низ монанди тиб бояд ба пешгирӣ беш аз ислоҳ аҳамият дод. Роҳбурдҳои пешгирона ба мизони зиёд ба идораи синф бастагӣ дорад, яъне, ба тартиб додани фаъолиятҳои тадрис ва ёдгирӣ. Ёфтани тавсияҳо барои кӯмак ба муаллимон дар мудирияти синф ба манзури ҷилавгирӣ аз бурузи мушкилоти инзиботӣ мушкил нест, балки муҳимтарин омил дар синфи дарс шахсияти муаллим аст, зеро донишомӯзон дар маҷмӯаи вижагиҳои фарор ва интизоми шахсиятро таъриф мекунанд ва далелҳое барои дӯст доштан ё дӯст надоштани муаллимон меёбанд.

**Эҷоди як муҳити мусбат барои ёдгирӣ** Роҳбурдҳои кул шомили истифода аз роҳбурдҳои мухтадирона ва идораи муассири фаъолиятҳои гурӯҳӣ мешавад. Истифода аз роҳбурди мухтадирона барои идораи синфи дарс донишомӯзонро ташвиқ мекунад, то мутафаккирон ва амалкунандагони мустақил бошанд. Ин роҳбурд нуқтаи муқобили ду роҳбурди мустабидона ва озодгузорӣ аст. Роҳбурди мустабидонаи идораи синфи дарс маҳдудкунанда ва танбеҳгар аст. Тамаркузи аслӣ дар ин равиш ҳифзи назм ва тартиб аст, то омӯзиш ва ёдгирӣ. Ин муаллимон маҳдудият ва контроли шадиде бар шогирдони худ доранд ва низ мубодилаи (иртиботи) каме бо шогирдони худ доранд. Роҳбурди

озодгузорӣ дар синфи дарс ба шогирдон, худгардонии қобили таваҷҷӯҳе медиҳад, аммо барои онҳо ҳимояти камӣ ба манзури эҷоди маҳоратҳои ёдгирӣ ва идораи рафтор фароҳам месозад.

**Худинзиботӣ ва музокира** Худинзиботӣ, яъне, ин ки мо масъулияти назм додан ба худро бо муқаррароте, ки аз тарафи ҷомеа таъйин шудааст, бидуни ниёз ба қудрати болотаре, ки ҳар лаҳза ба мо бигӯяд, ки чи бояд бикунем, бипазирем. Глосер (1969) дар китоби худ бо унвони мадориси бидуни шикаст дидгоҳҳоеро пешниҳод мекунад, ки бар асоси он агар кӯдакон битавонанд дарк кунанд, ки чаро қавоиди муайяне ба иҷро дар меоянд, ё дар мавриди рафторҳои матлуб дар синф ба онҳо сӯҳбат шавад, мушкилоти марбут ба идораи синфи дарс камтар хоҳад шуд. Глосер идао мекунад, ки сарфи вақт аз сарфи муаллимон барои тавзеҳи муқаррароте, ки худ ба онҳо эътиқод доранд ва ҳамчунин дархост аз донишомӯзон барои назар додан ва таъдили ин муқаррарот бо ироаи муқаррароти ҷадиди мавриди назари худашон муфид ва арзишманд аст. Бинобар ин, яке аз суолҳои бунёдӣ ва муҳим дар мавариди музокира сирфан ин нест, ки дар бораи чи чизе бояд музокира шавад, балки ин аст, ки кӯдакон метавонанд ниёз ба муқарраротро дарк кунанд. Яке аз омилҳои аслии зикршуда барои фарсудагии равонии муаллимон фиқдони инзибот дар синф аст. Бархе тактикаҳо вуҷуд доранд, ки муаллимон метавонанд ҷиҳати кӯмак ба ҳадди аксари истифода аз замони ёдгирӣ дар синф аз он баҳра бибаранд:

***1. Барномарезӣ*** Барномарезии хуб кӯмаки зиёде ба эҷоди фазои муносиб дар синф мекунад ва ин худ боиси тасҳили ёдгирӣ мешавад. Барномарезӣ ба маънои ин аст, ки ҳар рӯз барномаҳои дарсӣ ва ҳар он чи барои иҷрои ин барномаҳо лозим аст, омода кунем.

***2. Роҳбурдҳои омӯзишӣ:*** а) Роҳбурдҳои бакоргирии қонунҳо дар синфи дарс: қонунҳо бояд мантиқӣ ва зарурӣ бошанд; қонунҳо бояд равшан ва қобили дарк бошанд, яъне маънои он мушаххас бошад; қонунҳо бояд бо аҳдофи ёдгирӣ ва омӯзиш ҳамоҳанг бошанд; қонунҳои синф бояд бо қонунҳои мадраса ҳамоҳанг бошад.

б) Роҳнамудҳои омӯзишӣ барои эҷоди равобити мусбат бо шогирдон: шогирдонро ба мушорикат ва пазириши масъулият водор кунед; ба рафтори мусбат подош диҳед; тақвияткунандаҳои муассирро интихоб кунед; аз подош ба манзури фароҳам кардани иттилоот дар бораи маҳорат истифода кунед, на назорати рафтори шогирдон.

в) Роҳбурдҳои омӯзишӣ барои водор кардани шогирдон ба мушорикат ва масъулиятпазирӣ: шогирдонро дар тарроҳӣ, ибтикор ва омӯзиши синф ва мадраса ширкат диҳед; шогирдонро ташвиқ кунед, то дар бораи рафтори худ қазоват кунанд; агар донишомӯз узрхоҳӣ кард, бидонед барои фирор ва иҷтиноб аз масъулият аст; аз онҳо бипурсед дар мавқеияти баъдӣ чи кор хоҳанд кард.

г) Пешниҳодҳо барои ҳифзи назорати дарс: аз рӯзи аввалин дар фикри эҷоди қонунҳо барои синф бошед; бо донишомӯзон самимӣ, вале қотеъ ва бо итминон амал кунед, (махсусан рӯзи аввал); аз таҳдид худдорӣ кунед; истифода аз шеваҳои тағйири рафтор дошта бошед.

д) Роҳбурдҳои мудирияти муваффақи синф: Ҳузури бемавқеъ, омодагии комил, истиқрори сареҳи синф барои шурӯъ, таъкид бар ҳамкории синф, истифода қотеъ ва муассир аз садо ва ҳушёрӣ нисбат ба воқеаҳои синф ва таҳлили ин воқеаҳо ва истифода аз равишҳои муносиб барои муқобили ба он; базли таваҷҷӯҳи муносиби муаллим ба донишомӯзон ва парҳез аз муқоиса: сареҳ нумра додан; итминон аз вафо ба аҳд.

**Сабкҳои мухталифи идораи синф** Бар асоси як дастабандӣ се сабк пешниҳод мешавад:

***1. Сабки иқтидоргароёна (демократияи қонунмадор)*** Дар синфҳое, ки ба ин сабк идора мешавад, муаллим ва шогирд бо таваҷҷӯҳ ба риояти ҳуқуқи якдигар рафтор мекунанд ва нисбат ба ҳам эҳтироми комил доранд. Дар ин шароити омӯзишӣ рафторҳо дар маҳдудаи қонунҳо ва муқаррарот сурат мегирад.

***2. Сабки мустабиддона (таҳакумомез)*** Дар ин сабк танҳо муаллим аст, ки бар кулли синф ҳукумат мекунад ва ҳеҷ шогирде ҳаққи изҳори вуҷуд надорад. Дар ин сабк қонунҳо ва муқарраротe вуҷуд надорад ва ё агар вуҷуд дошта бошад, ба нафъи муаллим тафсир мешавад.

***3. Сабки озодгузорӣ (беинон ва осонгир)*** Дар ин сабк ҳеҷ қоида ва зобитае ҳоким бар рафтори донишомӯз нест ва ҳар касе, ба ҳар тариқе, ки дилаш мехоҳад, рафтор ва амал мекунад. Донишомӯзон дар ин гуна синфҳо аз маҳорати таҳсилии нокофӣ бархӯрдоранд.

**Сабки муносиби идораи синф** Беҳтарин сабки идораи синф сабки иқтидоргароии озод ва нишона ё демократияи қонунмадорона аст.

**Роҳкорҳои ислоҳӣ** Мо дар ин ҷо ду навъ роҳкории ислоҳиро зикр мекунем:

***1. Истидлол кардан*** Яъне додани тавзеҳоти мантиқӣ; яъне ироаи далоиле ба кӯдакон барои анҷом надодани рафтори нобаҳанҷор ва ё далоиле барои анҷоми рафтори дигар. Масалан, ба ҷои гуфтани ангуштонатро нашикан чун маҷбур хоҳӣ шуд пас аз таътил дар синф бимонӣ. Бояд бигӯем ангуштҳоятро нашикан чун ҳавоси бачаҳо парт мешаванд ва музоҳими мутолиаи онҳо ҳастем. Мушаххас аст, ҷумлаи аввал аз таҳдиду танбеҳ истифода шудааст ва ҷумлаи дуюм аз истидлол.

**2. *Истифода аз равишҳои тағйири рафтор дар син*** Тағйири рафтор истифода аз усул ва равишҳои равоншиносии ёдгирӣ, бавижа, равоншиносии ёдгирии рафторӣ бо ҳадафи ислоҳи рафтори донишомӯзон аст. Истилоҳи дақиқтаре, ки маъмулан ба ҷои он ба кор меравад, таҳлили корбурдии рафтор аст, ки ба маънои корбасти усули ёдгирии рафторӣ ба қасди фаҳмидан ва тағйири рафтор аст.

Равишҳои тағйир ва ислоҳи рафтор ба чаҳор даста тақсим мешавад:

***1. Равишҳои афзоиши нерӯмандии рафторҳои матлуби мавҷуд.*** Ин равиш ба ду даста тақсим мешавад: аввал тақвияти мусбат (яъне додани подош баъд аз рафтори мунҷар ба нерӯманд шудан); дуввум тақвияти манфӣ (ҳазфи тақвияткунанда ё ҷилавгирӣ аз вуқӯи он).

***2. Равишҳои эҷоди рафторҳои матлуби тоза.*** Дар ин равиш муаллим яке аз аҷзои содаи рафтори донишомӯзро бармегузинад ва батадриҷ бар печидагии он меафзояд, то ба рафтори мавриди назар бирасад.

***3. Равишҳои нигаҳдории рафторҳои матлуб.*** Тақвияти пайваста дар оғози ёдгирӣ зарурӣ аст, аммо пас аз он ки рафтори мавриди назар ба хубӣ омӯхта шуда ва ё фаровонии он ба сатҳи дилхоҳ расад, бояд тақвияти пайё-пайро раҳо карда ва аз равиши тақвияти нопайваста истифода кунем.

***4. Равишҳои коҳиш ва ҳазфи рафторҳои номатлуб,*** ки дар он муҳаррикҳои назораткунандаи рафтор тадриҷан бо муҳаррикҳои назораткунанда ҷонишин мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Броун Соли. Роҳнамои тадриси муассир. Тарҷумаи Куруши Фатҳии Воҷоргоҳ. Теҳрон, 1382.
2. Билер Роберт Фредрик. Корбурди равоншиносӣ дар омӯзиш. Тарҷумаи Парвини Кадивар. Маркази нашри донишгоҳӣ. Теҳрон, 1376.
3. Тойлестон Дуновокер. Он чи ҳар муаллим бояд бидонад мудирияти синф ва синфи дарсӣ. Тарҷумаи Баҳмани Иброҳимӣ, Алии Исмоилӣ. Интишороти Шалок. Теҳрон, 1386.
4. Рег Едвор Кенрод. Мудирияти синф дар дабистон. Тарҷумаи Алиризо Киёманиш, Комрони Ганҷӣ. Интишороти Рушд. Теҳрон, 1382.
5. Сонтрок Ҷон. Равоншиносии тарбиятӣ. Тарҷумаи Муртазо Умедиён. Интишороти донишгоҳи Язд. Язд, 1385.
6. Сайф Алиакбар. Тағйири рафтор ва рафтори дармонӣ. Интишороти Даврон. Теҳрон, 1387.
7. Сайф Алиакбар. Равоншиносии парваришии навин, равоншиносии ёдгирӣ ва омӯзиш. Интишороти Даврон. Теҳрон, 1387.


**УПРАВЛЕНИЕ УЧЕБНЫМ КЛАССОМ**


В данной статье автором рассматриваются способы и методы управления учебным классом во время проведения учебных уроков со стороны учителей. Особое внимание уделяется умениям и навыкам учителей в управлении классом, а также умению преподавания уроков и объяснению учебного материала.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** учебный класс, управление учебным классом, объяснение учебного материала, умениям и навыкам учителей в управлении классом, объяснению учебного материала.


**MANAGEMENT OF THE EDUCATIONAL CLASS**


In this article the author considers ways and methods of control over an educational class during carrying out educational lessons from teachers. The special attention is given to skills of teachers in management of a class, and also to ability of teaching of lessons and an explanation of a training material.



**KEY WORDS:** an educational class, management of an educational class, an explanation of a training material, to skills of teachers in management of a class, to an explanation of a training material.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Зухре Кове*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ ДИДГОҲИ УСТОД МУТАҲҲАРӢ


***Фаребо Атоӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Таълиму тарбият дар зиндагии башар муҳимтарин ва асоситарин ҷанбаи зиндагӣ аст, ба гунае ки ҳар гуна авҷоҷу инҳироф дар он боиси инҳироф дар ҳама умури зиндагӣ мешавад. Тавоноиҳои инсон дар зиндагӣ буруз ва зуҳур пайдо мекунад ва инсонияти инсон таҳаққуқ меёбад. Дар Ислом ба ин мавзӯи муҳим таваҷҷӯҳи бисёр шуда ва қавоиди муносибе барои рушди инсон таъин гардидааст. Бадеҳӣ аст, «як мактаб, ки дорои ҳадафҳои мушаххас аст ва муқаррароти ҳамаҷонибае дорад ва ислоҳи

системи ҳуқуқӣ ва системи иқтисодӣ ва системи сиёсӣ дорад наметавонад як системи хоси омӯзишӣ надошта бошад» (Мутаҳҳарӣ, 1374: 6). Аз ҷумлаи мавзӯоти асосӣ, ки лозим аст тарҳ шавад, ин аст, ки тарбият чист? Оё тарбият махсуси инсон аст ё мавҷудоти дигар ва ё ашёи дигар низ тирбиятпазиранд? Дар моҳияти тарбият метавон гуфт: «тарбият аз санъат фарқ дорад. Бо таваҷҷӯҳ ба ҳамин тафовут, инсон метавонад ҷиҳати тарбиятро бишносад. Санъат, «сохтан» аст, ба маънии ин, ки шайъ, ё ашёро таҳти навъе перостан ва оростан қарор медиҳанд; миёни ашё ва қавои онҳо иртибот барқарор мекунанд. Қад ва васлҳое дар ҷиҳати матлуби инсон сурат мегирад ва он гоҳ ин шайъ мешавад маснӯӣ аз маснӯъҳои инсон. Фарз кунед, ки аз гил як ҳалқа ангуштар ва ё зевари дигаре месозем. Онро шакл медиҳем ва ё ба қавли маъруф пардохт мекунем; вазъи махсусе ба он медиҳем ва мешавад як маснӯъ барои мо. Вале тарбият парвариш додан аст, ба феълият даровардан ва парвардан ва лиҳазо тарбият фақат дар мавриди ҷондорҳо, яъне гиёҳ ва ҳайвону инсон содиқ аст (Мутаҳҳарӣ, 1374:55-57). Ҳадафи тарбияти исломӣ, парвариши инсони муқарраби Илоҳӣ аст, ки шкалаи динӣ дар вуҷуди ӯ ба таври комил шакл бигирад ва рафторҳои динии решадор аз ӯ сар бизанад. Фалсафаи ҳилқати башарро низ дар ҳамин нуқта метавон ёфт, ки Худованд инсонро барои ин офарид, ки ӯ ба василаи тарбияти саҳеҳ, камол ёбад ва ба сари манзили мақсуд бирасад. Бо илм ба ин ҳадафи ғоӣ тарбияти Исломӣ аҳамият ва ҷойгоҳи хосе пайдо мекунад. Тарбияти Исломӣ ба эҷоди вазъияти муносибе итлоқ мешавад, ки заминаро барои буруз ва зуҳури истеъдодҳои фитрии одамӣ фароҳам мекунад ва ӯро боландатар ва камолёфтатар месозад. Ҳар замон фурсату имкон барои фаъолият ёфтани истеъдодҳо фароҳам машавад, он замон қадр ва арзиш пайдо мекунад. Ба ҳамин далел, метавон дар тафаккури исломӣ сухан аз умури муқаддас ва номуқаддас гуфт. Умури муқаддас умуре аст, ки мансуб ба Худованди мутаъол ва мӯҷиби рушди инсон мешавад. Умури номуқаддас умуре аст, ки Худованд онҳоро номатлуб ва музир ба ҳоли одамӣ муаррифӣ карда ва одамиёнро аз иҷрои онҳо боздоштааст. Бо ин рӯйкард, ҳар қадар рушдӣ воқеӣ пайдо кунад ва ба Худованд наздик шавад, ҳарим пайдо мекунад. Барои вуруд ба ин ҳарим бояд одоберо муроот кард ва қавоидеро ба ҷон харид. Тарбияти исломӣ низ ба далели иртиботаш бо фитрати Илоҳии инсон, арзиш ва аҳамияти волое пайдо мекунад ва ба улуми муқаддасе табдил мешавад. Ҳарчанд тарбият дар мафҳуми куллӣ мақулае боарзиш аст, тарбияти исломӣ ба далели интисоб ба Ислом қиммат пайдо мекунад. Бар ин асос, вуруд ба арсаи тарбияти исломӣ ба усул ва қавоиди вижа ниёз дорад.

Мутафаккири шаҳид аллома Мутаҳҳарӣ ба унвони андешманди исломӣ дар хусуси усули таълим ва тарбияти исломӣ масоилеро матраҳ карда аст, ки баррасӣ ва ирояи онҳо метавонад фазои фикрии мушаххасеро дар тарибяти исломӣ ба вуҷуд оварад ва ба ковишгарони арсаи таълим ва тарбият ёрӣ расонад.

**Асли ҳамоҳангӣ бо фитрат:**Дар вуҷуди инсон аз сӯи Худованди Мутаъол вижагиҳое қарор дода шудааст, ки ӯро аз соири мавҷудот мутамоиз мекунад; хирадварзӣ, ҳақиқатҷӯӣ, зебогароӣ, адолатталабӣ, Худогароӣ ва соири вижагиҳои зотӣ, ки аз ҷумлаи ин истеъдодҳои фитриро ташкил медиҳанд. Маҷмӯаи вазъияти зиндагии одамӣ бояд ба гунае сомон ёбад, ки ин вижагиҳо рушд намоянд. Таълим ва тарбият дар байни маҷмӯаи умуре, ки зиндагии одамиро шакл медиҳад, муҳимтарин ва асаргузортарин омиле аст ва бояд бо истеъдодҳои олии фитрӣ ҳамоҳанг бошад. Лузуми ин ҳамоҳангӣ ба таври комил мавриди таъиди ақл аст.

Аз назари ақлӣ агар вазъи ҳоким бар фитрат ва бо фитрат ҳамсӯ набошад, истеъдодҳои олии одамӣ рушд намекунад. Муҳити ғайриақлонӣ наметавонад ақлро рушд диҳад ва муҳити ғайримаънавӣ наметавонад маънавиятро дар инсон парвариш диҳад. «Агар инсон дорои як силсила фитриёт бошад, қатъан тарбият бояд бо дарназар гирифтани тамоми фитратиёт сурат гирад. Чун қатъан тарбият бояд бо дар назар гирифтани ҳамон фитриёт сурат гирад. Тарбият, яъне рушд ва парвариш додан, ин бар асоси қабул кардани як силсила истеъдодҳо ва ба таъбири имрӯзиҳо як силсила вижагиҳои инсон аст.

Инсонро ду тавр метавон сохт: яке сохтан он чунон ки ашёро месозанд; яъне созанда фақат манзури худро дар назар мегирад ва фардро ба шакле дармеоварад, ки он манзурро таъмин кунад; ҳол бо ноқис кардан ё комил намудани он. Дигар, тарбият, яъне парвариш додани истеъдодҳои воқеии инсон. Ӯ агар истеъдоди ақлонӣ ва фикрат дорад ва чуну чаро дар масоил дорад, инро бояд парвариш дод, на ин ки онҳоро кушт» (Мутаҳҳарӣ, 1374:8).

Асли эътидол: Дуввумин асле, ки дар таълим ва тарбияти исломӣ бояд риоя шавад, эътидол аст. Эътидол дар муқобили ифрот ва тафрит аст. Ифрот, яъне зиёдаравӣ кардан дар чизе ва тафрит, яъне кам дидан ва кам овардани чизе. Ҳар кадом аз ин ду мӯҷиби ихтилоф дар бақо, истимрор ва саломати умур мешавад. Дар таълиму тарбият низ, ки бо рӯҳ ва равони инсонҳо сару кор дорад, парҳез аз ифрот ва тафрит аз лавозими таълим ва тарбият коромад ва таъсиргузор аст. Ифрот ҷурм ба вуҷуд меоварад ва тафрит холо ва костӣ.

**Асли ҷомеият:** Манзур аз ҷомеият, ҳамаҷонибанигарии таълим ва тарбияти исломӣ ба моҳияти инсон аст. Ҳеҷ як аз ҷанбаҳои шахсияти инсон аз назари Ислом дур намемонад ва ҳар кадом бояд ба рушди муқаррари худ бирасад. Ин ки дар Қуръон инсон « рашид» муаррифӣ мешавад, мурод ҳамин инсон аст. Рашид, яъне касе ки ҳама ибъоди вуҷудии ӯ рушд кардааст. Агар як ҷанба рушд кунад ва соир ҷанбаҳо рокид ва муъаттал бимонад ва ё ин ки дар ҷиҳати ғайриусулии худ рушд ёбад, парвариши воқеъӣ ва асил ба вуқӯъ хоҳад пайваст.

«Ҷомеъият дар Қуръон бо эътидол дар тарбият, робитаи бисёр наздик дорад. Тарбияти ҷомеа аст, ки метавон инсони мӯътадил ба вуҷуд овард. Дар ғайри ин мавридм, ҳам инсон латма мебинад ва ҳам тарбияти ӯ. Якҷониба будани як қонун ва ё як мактаб далели мансух шудани худро ба ҳамроҳ дорад. Омили муассир ва ҳоким, ки дар зиндагии инсонҳо фаровон аст чашмпӯшӣ аз ҳар як аз онҳо худ ба худ адами таодул эҷод мекунад. муҳимтарин рукни ҷовид мондан таваҷҷӯҳ ба ҳама ҷавониби моддӣ, рӯҳӣ, фардиву иҷтимоӣ аст. Ҷамеият ва ҳамаҷониба будани таълимоти исломӣ мавриди қабули исломшиносон аст» (Мутаҳарӣ,1380; 59).

**Асли таъмини ниёзҳои воқеӣ:** Ниёзҳои инсонро метавон ба ду даста тақсим кард. Баъзе аз онҳо қобили эҳсос аст, яъне метавон онҳоро дарк кард. Дар муқобили он, бархе аз ниёҳоро наметавон эҳсос намуд магар ин ки як коршинос онҳоро ба одамӣ ёдовар шавад.Саломати инсон бо дарки ҳар ду даста ниёзҳо ва таъмини маъқул ва мантиқии онҳо иртибот пайдо мекунад. Ба унвони мисол, вақте ташна ҳастем, мефаҳмем, ки ба об ниёз дорем.Вале агар бадани мо ба навъи хосе аз витамин ниёз дошта бошад мутаваҷҷеҳ намешавем, балки пизишк бояд ба мо ёдоварӣ кунад.Дар масоили рӯҳӣ, отифӣ ва эътиқодӣ ҳам ин вижагӣ вуҷуд дорад. Ниёзҳои моддиро осонтар аз ниёзҳои ғайримоддӣ метавон ташхис дод. Дар таълиму тарбият вазифа дорем, ниёзҳои асил, вале ғайриқобили эҳсоси мурработиро ба ӯ бифаҳмонем ва дар ҷиҳати таъмин ва бартараф кардани он ниёзҳо талош кунем. Агар тарбият сирфан бар меҳвари ниёзҳои махсус ва моддӣ қарор гирад, одам аз марҳалаи ҳайвонии худ фосилаи зиёде нахоҳад гирифт. Шарти расидан ба инсоният таъмини ниёзҳои решадори ғаёримоддӣ аст.

Шаҳид Мутаххарӣ дар тавзеҳи қонуни ниёз мефармояд: «Дар қонун эҳтиёҷи 3 чиз аст: аввал, бояд ниёз ба чизе бошад; дуввум, ин ки чизи дигаре ин ниёзро бартараф накунад; саввум, ин ки эҳсоси ин ниёз пайдо бишавад… Дунёи имрӯз ҳамон гуна ба Пайғамбари Акрам (с) мӯҳтоҷ аст, ки дар ҳазору чаҳорсад сол буд. Ман то кунун дар ду китоб ин ҷумлаҳои маъруфи Бернард Шоуро хондаам, ҷӣ олӣ мегӯяд: «Касе мисли ман ҳақ дорад барои кишвару ҷомеаи худаш пешбинӣ кунад, ман пешбинӣ мекунам, ки Урупои фардо дини Муҳаммад (с) гироиш пайдо хоҳад кард. Баъд мавзӯи калисоро унвон мекунад. Мегӯяд: «Калисо дар гузашта хиёнат кард, чеҳраи ин марди бузургро мушавваш кард. Мардуми Урупо надонистанд». Баъд мегӯяд: «Танҳо агар марде монанди ӯ соҳиби олам бишавад ва бар олам ҳукумат бикунад, қодир бар ҳалли мушкилоти олам аст. Ғайри ӯ касе қодир бар ҳоли мушкилоти олам нест» (Мутаххарӣ, 28-29, 1380). Аз ин нигариш метавон ба роҳатӣ асли ниёзи офариниишро барои таълиму тарбият интинтоҷ кард. Агар ба башар бояд фаҳмонд, ки ба дини Ислом ниёз дорад, Ба тириқи аввалӣ ба кӯдакон ва навҷавонон бояд фаҳмонд, ки бидуни дин наметавонанд зиндагӣ кунанд. Ва навъи зиндагӣ бар мабнои эътиқодоти диниро ёд бигиранд. Яқинан агар фарзандони ин марзу бум бо меъёрҳои динӣ тарбият шаванд ва ин нуктаи муҳимро ба хубӣ дарёбанд, ки ҳазфи дин аз зиндагӣ ба маънои гирифтани рӯҳ аз бадан аст, талош хоҳанд кард, рафтори худро бо ризои Худо ва салоҳи мардум танзим кунанд.

**Асли таъкид ба тарбияти давраи кӯдакӣ:** Фитрати илоҳии инсон дар тарбияти исломӣ арзишмандтарин чиз дар олами ҳастӣ аст. Ба гунае ки набояд чизеро бар он тарҷеҳ дод. Агар гуфтор ё кирдоре хилофи қавонини фитрат бошад, бояд сареҳан нисбат ба ислоҳи он иқдом шавад. Замоне ки фитрат дастхӯрда ва илоҳӣ аст, яъне даврони кӯдакӣ бояд нисбат ба тарбияту шаклдиҳии он иқдом ва заминаро барои марохили баъдии рушд фароҳам кард. Фитрат ба дарахте шабоҳат дорад, ки бояд аз ҳамон ибтидои рӯиш аз он муроқибат шавад ва дар ҳар марҳалае обёрии лозим ба амал ояд, то ба тадриҷ ба дарахте тануманд ва бо тароват табдил шавад. Рафторҳои инсонӣ ва илоҳиро метавон меваҳои ин дарахт маҳсуб кард. Бо таваҷҷӯҳ ба ин фароянди бисёр муҳим, донишмандони таълиму тарбият ба тасбияту таҳкими сифоти неки ахлоқӣ аз даврони кӯдакӣ таъкиди фаровон доштаанд.

Шаҳид Мутаххарӣ зимни ишора ба назари уламои тарбияти қадим дар хусуси таҳкими фазоили ахлоқӣ дар одамӣ мефармояд: «Уламои қадим дар таърифи адолат мегуфтанд: «Адолат малакаи тақво ва парҳезкорӣ аст, яъне тақво ва парҳезкорӣ барои инсон малака шуда бошад ва ҳатто мегуфтанд инсон он вақт дорои ахлоқи фозила аст, ки дар олами хоб ҳам зидди он ахлоқ аз ӯ содир нашавад. Масалан, он қадар ростгӯ бошад, ки ҳатто дар олами хоб ҳам дурӯғ нагӯяд. Бар ин асос аст, ки эҳтимоми зиёде мешавад, ки тарбият дар сиинини кӯдакӣ сурат гирад. Аслан гуфта мешавад, тарбият фанни ташкили одат аст. Рӯҳияи инсон дар ибтидо ҳукми модда, шакл ва қобили инъиқоде мисли гаҷро дорад, ки ибтидо онро дар об мерезанд…. (Мутаххарӣ, 77-78, 1384).

Аз дидгоҳи Шаҳид Мутаххарӣ метавон ба осонӣ ин нукотро истинбот кард:

1. Тарбияти даврони кӯдакӣ поя ва асос аст.

2. Дар давраҳои наҷавонӣ ва ҷавонӣ нисбат ба давраи кӯдакӣ имкони тарбиёт коҳиш пайдо мекунад.

3. Агар як сифат дар вуҷуди инсон малака шуд, зудудани он бисёр мушкил хоҳад буд.

**Асли тавозуни умури собит ва умури муттағайир:** Инсонҳо аз ин, ки дар инсоният воҳид ва муштарак ҳастанд, бархе ниёзҳои собит ва муштарак доранд ва чун вазъи ҳоким бар зиндагиаштон фарқ мекунад, доиман дар ҳоли тағйир ҳастанд. Аз тарафе, ҳар кадом аз ниёзҳои собит ва муттағайир дар зиндагии инсон ҷойгоҳи хоси худро дорад ва бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад. Дар таълиму тарбият низ бояд дар ҳама аносири аслии тарбият байни умури собит ва муттағайир тавозун вуҷуд дошта бошад. Ба унвони мисол, донистани «ҳақиқати умур» як ниёзи собит аст. Ҳама инсонҳо дар тӯли таърих дунболи ҳақиқат будаанд, вале ин ки ҳақиқати умур кадом аст ва чи гуна бояд ҳақоиқро шинохт, аз ҷанбаҳои мутағайири зиндагӣ гирифта мешавад. Масалан, вақте мебинем, дар расонаҳои ҷамъӣ ва фановарии иттилоот тағйироти асосӣ ба вуҷуд омадааст, наметавон гуфт, ман барои кашфи ҳақоиқи умури олам қасди баҳрагирӣ аз васоилу абзорро надорам. Агар ин гуна бияндешем, яқинан дар хеле аз умур ақаб мемонем, дар ҳоле ки истифода аз онҳо ҳеҷ гуна мубоянд бо умури собит надорад.Ба таъбри Шаҳид Мутаҳҳарӣ яке аз румузи хотамият ва ҷовидонӣ будани дини ислом ин аст, ки «барои эҳтиёҷоти собит ва доимии башар, қавонини собит ва лоинтағийириро дар назар гирифта ва барои авзоъ ва аҳволи мутағайир вазъи мутағайириро пешбинӣ кардааст.

Порае аз ниёзҳои башар, чи дар заминаҳои фардӣ ва чи дар заминаҳои иҷтимоӣ, вазъи собите дорад, ки дар ҳама заминаҳои иҷтимоӣ яксон аст. Низоме, ки инсон бояд ба ғароизи худ бидиҳад, ахлоқ номида мешавад ва низоме, ки бояд ба иҷтимоъ бидиҳад, адолат хонда мешавад ва робитае, ки бояд бо Холиқи худ дошта бошад ва имони худро таҷдид ва такмил кунад, ибодат номида мешавад» (Мутаҳҳарӣ, 1380:59-66).

**Асли ҳидоятхоҳӣ:** Худованди Мутаъол бандаи худро дар ҳар вазъияте таҳти назар дорад. Ҳар қадар банда роҳ гум кунад, боз Худованд толиби ҳидоят ва тарбияти ӯст. Мураббиёну муаллимоне, ки аз мактаби Ислом таъсири асосӣ гирифта бошанд, ба таври нисбӣ аз ҳамин сифати мутлақи Илоҳӣ бояд баҳраманд шуда бошанд. Шаҳид Мутаҳҳарӣ мӯътақид аст, ки таассуби мо ба Ислом ва касоне, ки зери ливои Ислом зиндагӣ мекунанд, набояд дар ҳадде бошад, ки алайҳи онҳое, ки зери ливои ислом нестанд, бадхоҳ бошем ва ҳидояти онҳоро аз Худованди Мутаол талаб накунем.

«Вақте ки инҳо (афроди зидди Ислом) ҳидоят намешаванд ва гузашта аз ин ба сурати хор дар сари роҳи дигарон дармеоянд, бояд ба онҳо бо чашми як монеъ нигоҳ кард, вале набояд бадхоҳашон буд….»Мутаҳҳарӣ, 1374:257)

**Асли ҳикматҷӯӣ:** Ҳикмат ба маънои бурҳони холис аст. Гоҳе бурҳон қавӣ нест ва ба шоибаҳои гуногун олуда аст ва таъсири лозимро дар шунаванда ба ҷо намегузорад ва ҳидоят намекунад.Ҳама пайғамбарон ва инсонҳои солеҳ нақши ҳакимона дошта ва зимни ироаи ҳакимонаи паём талош кардаанд, ки инсонҳои ҳаким парвариш диҳанд.Агар Худованд ба бандаи солеҳи худ ҳикмат меомӯзад, бандаи ӯ низ ба унвони мураббии тарбияти исломӣ бояд ба фарогирон ҳикмат биёмӯзад. Яъне, онҳоро ба сӯи бурҳонҳои холис роҳнамоӣ кунад.» Ҳадиси маъруф аст, ки ҳикмат гумшудаи мӯъмин аст.

**Асли баҳрагирӣ аз ирода:** Инсон мавҷуди мухтор ва боирода аст, ки умури худро бо ихтиёр анҷом медиҳад. Бар ҳамин далел, Худованди Мутаъол ёфтану ҳаракат кардани роҳи ростро бар ӯҳдаи худи афрод гузошта аст.

**Асли талозум ва таносуби илму ақл:** Ақл ва илм ба якдигар ниёз доранд ва бояд тавъам бошанд. Ақл барои андешидан ба илм ниёз дорад ва илм барои рушд ва тавсеа ба ақл мӯҳтоҷ аст.

**Асли инсоният дӯстӣ:** Тафаккури исломӣ зимни эҳтиром ба инсон инсониятро беш аз инсон мӯҳтарам ва арзишманд мешуморад. «Инсонро бояд дӯст дошт ба хотири инсоният….» ( Мутаҳҳарӣ, 1374:359).

**Асли пайванди тарбият бо маънавиёт:** Байни тарбият ва маънавият робитаи зотӣ вуҷуд дорад. «Агар инсон алоқаманд ба тарбияти худаш ва фарзандонаш ба тарбияти исломӣ ҳаст ва ё мехоҳад афродеро тарбият кунад, воқеан бояд ба масъалаи ниёиш, дуъо ва ибодат аҳамият бидиҳад…» (Мутаҳҳарӣ, 1374:341).

Он чи дар ин мақола ироа шуд, маҷмӯъаи усуле буд, ки бар асоси дидгоҳи аллома шаҳид Мутаҳҳарӣ танзим шуда буд. Манзур шудааст, ки илоҳӣ шудани одамӣ дар асари шукуфоии истеъдодҳои фитрӣ дар партави омузаҳои динӣ анҷом мепазирад. Бидуни ҳамоҳангии мӯҳтавои тарбият бо гироишҳои фитрӣ наметавон ба ғояти тарбияти исломӣ расид.

## АДАБИЁТ

1. Қуръони Карим.

2. Шаҳидӣ Саъидҷаъфар. Нахҷ-ул-балоға. Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ,1373.
3. Алиашраф Ҷавдат Таққӣ. Нақши одат дар тарбияти исломӣ. Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1378.
4. Калинӣ Муҳаммад бинни Яъқуб бинни Исҳоқ. Усули кофӣ. Тарҷумаи Муҳаммадбоқир. Теҳрон: Нашри исломӣ, 1300.
5. Мутаҳаррӣ Муртазо. Ошноӣ бо Қуръон.ч.7,8,9, Теҳрон: Интишороти Садро,1378.
6. Мутаҳаррӣ Муртазо. Понздаҳ гуфтор. Теҳрон: Интишороти Садро,1380.

**МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ШАХИДА МУТАХХАРИ**

Обучение и воспитание является очень важным и основным аспектом в жизни общества. В исламе проблемам воспитания и обучения уделяется огромное внимание,.Также предназначены соответствующие нормы и законы относительно обучения и воспитания. В данной статье автором рассматриваются методы обучения и воспитания с точки зрения исламского ученого и просветителя Шахида Мутаххари.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, воспитание, ислам, методы обучения и воспитания в исламе, Шахид Мутаххари, нормы и законы.

**TRAINING AND EDUCATION METHODS FROM THE POINT OF VIEW OF SHAHID MUTAKHKHARI**

Training and education is very important and main aspect in society life. In Islam the huge attention is paid to problems of education and training. The relevant standards and laws concerning training and education are also intended. In this article the author considers training and education methods from the point of view of the Islamic scientist and the educator of Shahid Mutakhkhari.

**KEY WORDS:** training, education, Islam, training and education methods in Islam, Shahid Mutakhkhari, norms and laws.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фаребо Атои*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

## КОРБУРДИ БОЗИДАРМОНӢ ДАР ОМӮЗИШИ ДОНИШОМӮЗОНИ БЕШФАЪОЛ

***Ҷавод Носеҳ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Шурӯи бозиро метавон ба гузаштаҳои дур, ҳатто аз оғози пайдоиши инсон нисбат дод ва инсон барои рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии худ ниёз ба тафаккур дорад ва бозӣ хамирмояи тафаккур аст. Бозӣ кӯдакро қодир месозад, то худро бо воқеиятҳои зиндагӣ вифқ диҳад ва мафоҳими дунёи иҷтимоӣ ва айниро дар худ рушд диҳад. Кӯдак бо вуҷуди давраи тӯлонии вобастагӣ, рафтораш камтар ғаризӣ аст ва на танҳо бояд маҳоратҳои баданӣ, балки бояд маҳоратҳои иҷтимоиро биомӯзад.

Ба таври куллӣ, бозӣ фурсатест, ки ба кӯдак дода мешавад, то эҳсосот ва масоили худро аз тариқи он баён кунад. Яъне, ҳамон тавр, ки бузургсол масоили худро аз тариқи он баён менамояд, кӯдак низ вақте ки озодона бозӣ мекунад, шахсияти худро баён менамояд ва эҳсосоту нигаришҳои худро, ки барои берун овардан фишор меоваранд, раҳо месозад. Вақте кӯдак битавонад роҳ биравад, бо тела додан ва кашидани асбоббозиҳои чархдор бозӣ мекунад.

Алоқа ба асбоббозӣ зиёд аст ва ин алоқа ношӣ аз ин ҳақиқат аст, ки кӯдак фарз мекунад асбоббозиҳои ӯ зинда ҳастанд, яъне мисли худи ӯ метавонанд роҳ бираванд, ҳарф бизананд ва эҳсос дошта бошанд. Кӯдак аз тариқи бозӣ эҳсосоташро тақвият мекунад ва маҳоратҳояшро афзоиш медиҳад.

Дар воқеъ, метавонем бигӯем, иштиёқи кӯдак ба кашфи дунё, бавижа, ҳангоме ки ӯ роҳ меравад ва ашёро аз рӯи қасд дасткорӣ мекунад, боис мешавад, ки худро кашф кунад ва аз худ тасвири ҷадид бисозад. Равобити кӯдак бо ҷаҳон аз тариқи ҳақоиқ ва эҳсосоти вижаи худаш ҳидоят мешавад. Ӯ меомӯзад, ки чи гуна ёд бигирад, кашф мекунад, ки чи гуна метавонад бо дунё канор биёяд ва вазоифи худро ба хубӣ анҷом диҳад. Бар маҳоратҳо ва техникҳои гуногун ва фарояндҳои намодин бо равиши махсус ба худаш ғалаба намояд, сипас ба худ ва тавоноиаш барои пайванд бо дунё эътимод кунад ва омода шавад, ки умурро ёд бигирад.

Хулоса, ин ки бозӣ василаи тағзияи рӯҳ аст ва саломатии рӯҳии кӯдак дар гарави бозӣ аст. Ва донишомӯзони бешфаъол, ки дорои энергияи мозод ва зиёде ҳастанд, бояст бо барномаи энергия ин донишомӯзонро бар асоси барномарезии ҳодаффизор ҷиҳат дод, то битавон мизони зиёде аз энергияи анбоштаи донишомӯзро гирифт ва баъд аз он донишомӯз метавонад бо диққат ва таваҷҷӯҳи бештаре вақт сарфи ёдгирӣ намояд ва имрӯза дар кишвари Эрон аз тариқи утоқҳои бозидармонӣ бозиҳои кӯдаконро ҷиҳат медиҳанд.

***Таърифи бозӣ:***Бозӣ ҷанбаҳои васееро дар бар мегирад. Гуногунии ин абъод боис шуда, то таърифҳои зиёде аз бозӣ ироа гардад. Ҳар кадом аз ин таърифҳо ҷанбае аз бозиро барҷаста намуда ва кӯшиши ин аст, ки таърифи амалкарде аз бозӣ ироа гардад.

Дар «Фарҳанги бузург»-и Вебстер бозӣ ба суратҳои зайл таъриф шудааст:

А) ҳаракат, ҷунбиш ва фаъолият ба масобаи ҳаракати азулот (мушакҳо);

Б) озодӣ ё маҳдудае барои ҳаракат ё ҷунбиш

В) фаъолият ё тамрин барои саргармӣ, тафреҳ, ё варзиш.

Спенсер бозиро ангезаи масрафи беҳадафи энергияи зиёдии бадан медонад ва Лазаверс назарияи рафъи хастагиро дар мавриди бозӣ матраҳ мекунад.

Аз назари Адлер, бозӣ фарояндест, ки омодасозии кӯдакро барои оянда мушаххас мекунад ва Фрейд такрори бозиро бар асоси лаззате медонад, ки аз кашфи дубора ва шинохти як кори ошно ба даст меояд.

Улин Амуик бозиҳои кӯдаконро ба ду дастаи мутамоиз тақсим кардааст:

- бозиҳои худангехта;
- бозиҳои барномарезишуда.

Бозии худангехтаро кӯдакони хурдсол дар ҳар ҷо, ки бошанд, иҷро мекунанд – зерзамини холи хона, зиболадони (партовгоҳ)-и шаҳр, утоқи нишеман бо мебели зебо ё маҳди кӯдаки муҷаҳҳаз бо васоили зебо – нуқоте ҳастанд, ки кӯдаконро ба бозӣ фаро мехонанд. Ваҷҳи мумаййизаи бозии худангехта иртиботи зариф ва ғолибан ғайрикаломии мавҷуд байни бозикунони як гурӯҳ ва таъйини нақшҳо ва муқарраротаст.

**Бозии кӯдак.** Муддати мадиде буд, ки бозии кӯдак барои равоншиносӣ ношинохта буд, зеро ки дар ин замина аз бозӣ мутолиаи усулии ҳайвон аз кӯдак пешӣ гирифта буд. Бидуни тардид, мураббиёни таълиму тарбияти классикӣ дар замони Рабела Монтин, Лак Торсу ба аҳамияти бозии кӯдакона таваҷҷӯҳ намудаанд, вале бидуни он ки дар ин замина мутолиае ҷиддӣ анҷом дода бошанд, аввалин мутолиаи ҷиддии Гросс дар заминаи бозӣ дар соли 1896 дар мавриди ҳайвонот анҷом гирифт ва пас аз он дар соли 1899 Гросс мутолиаи худро дар чаҳорчӯбе, ки қаблан барои бозии ҳайвонот баргузида буд, дар мавриди инсон идома дод.

Ин навъи идрок аз бозии кӯдакона, ки ҳамонанди як фаъолияти пайваста ба бозии ҳайвон бошад, то замони Клапард идома дошт: баъдан ба тамоюлот ва эҳтиёҷот аҳамият дода мешуд ва фаъолияти кӯдакона, ҳамонанди бурузи тамоюлоти гуногун ва эҳтиёҷоти мутааддиде мавриди назар қарор мегирифт, ки ҳар як аз онҳо навъе бозиро тафсир менамуд. Бино бар ин, бозӣ тамрини тамоюлот аст, ки Гросс онро «пештамрин» меномид. Бозӣ тадоруки бинанда барои як зиндагии ҳақиқист, ки дар он ин тамоюлот маҳалли табиии корбурди худро мeёбанд. Бозиҳои набардӣ омодагӣ барои муқобала бо душвориҳост ва таронаҳое, ки ҳамроҳ бо он духтарбачаҳо дастҳои якдигарро мегиранд ва доирамонанд мерақсанд ва аз ишқу издивоҷ сухан мегӯянд, ба масобаи ёдгирӣ дар заминаи эҳсосотест, ки ба хонаводаҳои оянда истеҳком мебахшанд.

Асбоббозии кӯдакона ва табиати айнии фаъолиятҳои кӯдакона дар дараҷаи аввали аҳамият қарор мегирифт, вале форми бозӣ ва фикре, ки ба тамоми тазоҳуроти он ҷон мебахшид, ба сурати мубҳам ба ҷой боқӣ монда буд. Бозиҳои гуногун ва ихтисосоти онҳо мавриди мутолиа қарор мегирифт, на фаъолияти кӯдакона дар асли худ.

Қабл аз шурӯи бозиҳо лозим аст нукоти зер мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад:

1. Бигузоред, кӯдак барои худ фикр кунад; вақти зиёде дар ихтиёри ӯ қарор диҳед, ҳаргиз посухро ҳозиру омода ба кӯдак нагӯед, магар дар мавориди истисноӣ, ки он ҳам фақат бояд ба ишораи мухтасаре иктифо шавад. Ҳар роҳи ҳалле, ки ӯ худаш пайдо кунад, ба кӯдак эътимод ба нафс дода ва мушкили баъдиро барояш осонтар месозад.
2. Иҷоза диҳед, ҳар кореро, ки лозим аст (аз қабили рехтани моеъ аз зарфе ба зарфи дигар, чидани мукаабҳои рангӣ ва ғайра), кӯдак худаш онро анҷом бидиҳад. Аз ин ки вақти зиёде гирифта мешавад ва ё чизҳое рӯи замин мерезад ва талаф мегардад, набояд нигарон буд. Бояд коре кунед, ки бозиро ба сурати таҷрибаи лаззатбахше барои кӯдак дароваред[1].

Ҳадди аксар беш аз 10 то 15 дақиқа ба ҳар бозӣ идома диҳед, зеро дар сурате, ки ҳар бозӣ дар ҳар бор зиёд анҷом шавад, асари худро аз даст хоҳад дод. Барои кӯдаки 4-сола ҳар ҷаласаи бозиро кӯтоҳтар ҳам метавонед анҷом диҳед. Замоне, ки кӯдаки шумо ҳанӯз хаста нашуда ва иштиёқ ба бозиро аз даст надодааст, бозиро мутаваққиф кунед.

**Бозидармонӣ.** Кӯдакони боҳуш муддати камтаре ба як бозӣ машғул мешаванд, чаро ки хоҳони танаввӯъ ҳастанд. Дар ҳар син бачаҳо бозиҳои хосеро меписанданд, навзодон дасту по задан, бозии кӯдакони 6-моҳа ҳиҷоҳои бе маънӣ ва бакоргирии даст барои гирифтани асбоббозӣ, дар ҳаштмоҳагӣ бо андохтани асбоббозӣ бар замин ва бардоштани он ба таври муккарар дар даҳмоҳагӣ гузоштани ашё ба даруни ҷаъба ва берун овардани он, дар ҳаждаҳмоҳагӣ бозиҳои тақлидӣ аз рафтори волидайн

ва бузургтарҳо ва дар дусолагӣ бештар ҷанбаи тамрини ҷисмонӣ дорад ва дар марҳалаи се то ҳафтсолагӣ фаъолиятҳои гурӯҳӣ бар бозии фардӣ тарҷеҳ дода мешавад ва дар синнини ҳашт то дувоздаҳсолагӣ бозиҳои созмондиҳишуда тарҷеҳ дорад.

**Муҳит.** Кӯдакон дар саросари дунё бозӣ мекунанд ва муҳит фақат дар навъи бозӣ таъсир мегузорад. Дар ҳар кишваре, шаҳре ва ҳатто дар нуқоти боло ва пойини шаҳр бозиҳои гуногун байни кӯдакон роиҷ аст. Фарҳанги ҳар ҷомеа дар бозии афроди он таъсир мегузорад.

**Арзишҳои бозӣ.** Арзиши ҷисмонии бозӣ аз назари ҳаракатии кӯдак аз тариқи бозӣ ҳисси биноӣ, шунавоӣ ва ломисаи худро парвариш медиҳад. Ва аъзои баданаш ҳамоҳангии бештаре пайдо мекунад. Ба эътиқоди равоншиносон, бозӣ ба кӯдак фурсат медиҳад, ки тавоноиҳои ҷисмониашро дар муқоиса бо меъёрҳои худ ва дигарон озмоиш кунад.

**Арзиши иҷтимоии бозӣ.** Кӯдак аз тариқи бозӣ муҳити атрофии худро кашф карда ва нахустин гомҳои иҷтимоӣ шуданро бармедорад. Кӯдакон аз тариқи бозӣ ёд мегиранд, ки чи гуна метавон мавриди пазириши гурӯҳ воқеъ шуд, ниёзҳои дигаронро рафъ кард ва ниёзҳои худро ба атрофиён шиносонд. Илова бар ин, мафоҳими муҳиме, ки барои зиндагии иҷтимоӣ ниёз дорад, назири навбат гирифтан, сабру ҳавсала нишон додан, эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон ва онҳо пирӯзӣ ва шикастро меомӯзанд.

Ҳарлок мегӯяд: «Кӯдак дар бозӣ бо афроди ҳамбозии худ ёд мегирад, ки чи тавр бо афроди ғайрифомил равобити иҷтимоӣ барқарор кунад ва мушкилоти ношӣ аз ин равобитро ҳал кунад. Кӯдакон ағлаб барои аввалин бор аз роҳи бозии дастаҷамъӣ ба арзиши кӯдакони дигар, ки бидуни онҳо бозӣ мақдур нест, пай мебаранд».

Нақшҳои иҷтимоӣ аз ҳудуди шашсолагӣ аз тариқи бозӣ омӯхта мешавад ва онҳо нақши бузургсолонро мегиранд ва ҳамонандсозӣ мекунанд. Кӯдаконе, ки дар даврони кӯдакӣ аз фурсатҳои муносибе бархурдор будаанд, баъдан камтар рафторҳои хасмона доранд.

**Арзиши ахлоқии бозӣ.** Аз омилҳои муҳими тарбияти ахлоқии кӯдак бозии мафҳумҳо ва арзишҳои ахлоқӣ ба василаи кӯдак дар мегардад ва рафторҳои хуб аз рафторҳои бад шиносоӣ шуда ва ёд мегиранд, ки агар бихоҳад дар бозии як фард қобили қабул бошад, бояд дурусткор ва боинсоф бошад.

Имрӯз бозидармонӣ дар ташхис ва дармони мушкилоти рӯҳӣ ва отифии кӯдакон ҷойгоҳи бисёр болое дорад. Аз тариқи бозидармонӣ метавон эҳсосоти нокомӣ, изтироб ва тарси кӯдаконро шинохт ва лизо, бозӣ барои дармонгарон василаест, то ба дунёи кӯдакон пай бибаранд ва ба тағйироти шахсиятии муносиб иқдом намоянд.

**Бозӣ ва рушд.** Дарки комили аҳамият ва арзиши бозӣ ба замони нисбатан тӯлонӣ ва мушоҳидаи тафсилии бозӣ ба ҷузъиёти комили он эҳтиёҷ дорад. Мутолиоти систематики анҷомшуда ба василаи муҳаққиқон, аз ҷумла, хонум Мэри Шрейден нишон медиҳад, ки коркардҳои ношӣ аз лаҳза-лаҳзаи бозӣ барои ҳар кӯдак бахше аз нақши густурдатаре ҳастанд, ки бозӣ дар рушди куллии кӯдак ифо мекунад. Ба иборати дигар, бозӣ ба рушд ва такомули кӯдакон кӯмак мекунад.

**Рушд.** Манзур аз рушду такомул чизе фаротар аз фақат «бузургтар» шудан аст, аз ба даст овардан ва ба коргирии ҳама маҳоратҳо ва тавоноӣ, ки ба унвони афроди бузургсол аз онҳо истифода мекунем. Рушди кӯдакон таркиби печидае аз тағйироти пешравандест, ки метавонад ба шакли зер ба аҷзои кӯчактар тақсим гардад:

**Бӯъди ҷисмонӣ.** Кӯдакон ба тадриҷ контроли худро бар ҳаракот афзоиш медиҳанд. Ин контрол шомили маҳоратҳои ҳаракатӣ (аз ҳар ду навъ – дурушт ва зариф) ва маҳоратҳои биноӣ аст. Ҳамчунон ки биноии кӯдак таҳаввул меёбад, ба таври физояндае тавоноии нигоҳ кардан ва дидани фосилаҳои дуру наздикро пайдо мекунад. Рушди маҳоратҳои ҳаракатии зариф ба ӯ имкон медиҳад, ки ашёро дасткорӣ кунад. Масалан, банди кафшро бибандад ва наққошӣ бикашад, маҳоратҳои ҳаракатии бузургтар ӯро қодир ба анҷоми ҳаракоти бузург, назири партоб кардан ва ё гирифтани ашё мекунад.

**Аҳамият ва арзиши бозӣ.** Аз тамошои бозии кӯдакон метавон дарёфт, ки бозӣ як мавзӯи муҳаррик ва ташвиққунанда аст. Бачаҳо дар асари бозӣ ба то ҳадди зиёде аз назари отифӣ ирзоъ мешаванд. Ҳарчанд тафовутҳои мавҷуд дар бозиҳои кӯдакон ҳамеша равшану возеҳ нестанд ё ба роҳатӣ дарк намешаванд, вале ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки битавон коркардҳои мутамоизеро, ки бозӣ барои кӯдак дорад, ташхис дод. Хонум Мэри Шрейден ин коркардҳоро ба унвонҳое назири *маҳоратёбӣ, ҷустуҷӯ, кордармонӣ* ва *тафреҳ* зикр кардааст, мавоидест, ки як кӯдаки бешфаъол ба он ниёзи зарурӣ дошта, то битавонад худро барои бархе маҳоратҳо омода созад.

**Маҳоратёбӣ.** Кӯдакон ҳамзамон бо бузургтар шудан, батадриҷ кифояти худро дар анҷоми фаъолиятҳое назири либос пӯшидан, ғизо хӯрдан ё посух додан ба телефон такмил мекунанд. Бозӣ метавонад дар ёдгирӣ ва амал ба ин гуна фаъолиятҳо нақш дошта бошад.

**Ҷустуҷӯ.** Кӯдакон бо истифода аз фарояндҳои мушоҳида, ковидан, баҳсу гуфтугӯ ва иктишоф дар бораи дунёи атрофии худ иттилоотеро касб мекунанд. Барои мисол, кӯдакон дар бораи хосиятҳои об маълумоти ёд мегиранд ва мутаваҷҷеҳ мешаванд, ки баъзе чизҳо сайёл ҳастанд ва баъзе сокину ҷомид. Бозӣ кардан фурсати зиёде барои ин навъ ёдгирии ғайрирасмӣ фароҳам мекунад.

**Кордармонӣ.** Бозӣ метавонад таъсироти таскиндиҳанда ва ё парешонкунандаи ҳавос аз як мавзӯро дошта бошад. Бозӣ метавонад ба роҳатӣ муҷиби фирор аз як вазъияти бадшуда ва ё муҷиби бетаваҷҷӯҳӣ ба умуре шавад, ки аз назари физикӣ ё отифӣ нохушоянд ҳастанд.

**Тафреҳ.** Ин мавзӯъ шояд омодатарин коркарди бозӣ аст, ки ба зеҳн хутур мекунад. Бачаҳо ба василаи бозӣ худро машғул ва саргарм мекунанд. Бачаҳо аз ин тариқ ба роҳатӣ аз вақти худ лаззат мебаранд ва шодоб мешаванд.

Ҳама кӯдакон дар ҳар ҷои дунё, ки бошанд, бозӣ мекунанд. Бозӣ василаи табиии кӯдак барои баёни вуҷуди худ мебошад. Бозӣ кӯдакро қодир месозад, то худро бо воқеиятҳои зиндагӣ вифқ диҳад ва мафҳумҳои дунёи иҷтимоӣ ва айниро дар худ рушд диҳад. Кӯдакии инсон бо вуҷуди давраи тӯлонии вобастагӣ, рафтораш камтар ғаризӣ аст ва на танҳо бояд маҳоратҳои баданӣ, балки бояд маҳоратҳои иҷтимоиро низ биомӯзад. Бозии кӯдак замоне оғоз мешавад, ки онҳо дар ҳоли ёдгирӣ ҳастанд, ки чи гуна аз калимаҳо истифода намоянд ва афкорашонро ба ҳам муртабит созанд. Мушоҳидаи кӯдакони қабл аз дабистон ин ҳақиқатро собит мекунад, ки бачаҳо бидуни истироҳат мураттабан бозӣ мекунанд ва чунон саргарми бозӣ мешаванд, ки гуруснагӣ ва ташнагии худро низ фаромӯш менамоянд. Ба таври куллӣ, бозӣ фурсатест, ки ба кӯдак дода мешавад, то эҳсосот ва масоили худро аз тариқи он баён намояд. Яъне ҳамон тавр ки бузургсолҳо масоили худро аз тариқи сӯҳбат кардан баён менамоянд, кӯдак низ, вақте ки озодона бозӣ мекунад, шахсияти худро баён мекунад ва эҳсосоту нигаришҳои худро, ки барои берун омадан фишор меоваранд, раҳо месозад. Вақте кӯдак битавонад роҳ биравад, бо тела додану кашидани асбоббозиҳои чархдор бозӣ мекунад. Алоқа ба асбоббозӣ зиёд аст ва ин алоқа ношӣ аз ин ҳақиқат аст, ки кӯдак фарз мекунад асбоббозиҳои ӯ арзанда ҳастанд, яъне мисли худи ӯ метавонанд роҳ биравaнд, ҳарф бизананд ва эҳсос дошта бошанд.

Ба таври куллӣ, дар ибтидо кӯдак ба бозиҳое алоқа нишон медиҳад, ки дар онҳо давидан вуҷуд дорад ва баъд аз он бозиҳои маҳбуби ӯ зиёдтар мешаванд, ки қонунҳое бар онҳо ҳоким ҳастанд. Агар ба бозии духтарбачаҳое, ки машғули холабозӣ ҳастанд, таваҷҷӯҳ кунед, хоҳед дид, ки то чи ҳад тибқи қавонини хос бозӣ мекунанд. Бозиҳои ҳамроҳ бо фаъолият барои такомули рушди азулонии кӯдак зарурист. Бозӣ маҳоратҳои ҳаракатӣ ва ҳамоҳангии кӯдакро рушд медиҳад. Кӯдак дар сесолагӣ алоқаманд ба масъалаи таодул, андоза ва равишҳои рӯи ҳам савор кардани мукаабҳо аст.

Дар чаҳорсолагӣ тарҳҳои морпече дуруст мекунад, ки ба сустӣ рӯи ҳам савор ҳастанд ва онҳоро ба сурати бурҷ дармеоварад. Агар кӯдак дар ин давра аз зиндагӣ бо мушкилоти асосӣ мувоҷеҳ шавад, рушди шахсиятии кӯдакро дар навъи бозии ӯ метавон баррасӣ намуд. Бештари равоншиносон бозиро василаи шинохти кӯдак қарор додаанд ва мӯътақиданд, ки ба василаи бозӣ метавон нороҳатиҳои отифӣ ва равонии кӯдакро шинохт ва ба дармони онҳо пардохт.

Кӯдак аз тариқи бозӣ эҳсосоташро тақвият мекунад ва маҳоратҳояшро афзоиш медиҳад. Бозиҳои гурӯҳӣ ва иҷтимоӣ дар созгории иҷтимоии кӯдак нақши умдае доранд ва таомул дар бозӣ бо дигар кӯдакон кӯдакро қодир месозад, то тасаввурашро аз худ ва дигарон рушд диҳад. Бад-ин тариқ, кӯдак тавоноӣ гирифтани нақши дигаронро дар худ рушд медиҳад, то битавонад аз ин тариқ пешбинӣ намояд, ки дар оянда чи иттифоқе хоҳад уфтод, то рафтори худро бо он созгор намояд.

Кӯдак дар ин навъ бозиҳо шурӯъ ба арзёбии тавоноиҳои худ дар муқобили дигарон мекунад ва ҳувият ё «тасаввур аз худ»-ро рушд медиҳад. Аммо бозии фардӣ метавонад ба кӯдак фурсат диҳад, то бидуни тарс аз танбеҳи садама, дунёи худро бисозад, мушкилоти ҳаяҷонии худро ҳал кунад ва чизҳое дар бораи дунёи атрофиёнаш ёд бигирад. Бозӣ рушди маҳоратҳои иҷтимоиро муҷиб мегардад, маҳоратҳое, ки дар раванди таомул бо дигарон омӯхта мешавад. Ин навъ бозӣ, яъне бозиҳои иҷтимоӣ, хусусан, барои бачаҳои камрӯ ва бо эътимод ба нафси пойин муассир аст.

Кӯдакон бояд муқаррароти баъзе аз бозиҳоро ёд бигиранд ва аз он пайравӣ кунанд. Барои бозӣ, кӯдакон бояд асбоббозиҳоро байни худашон тақсим кунанд. Лаззате, ки бозӣ барои кӯдакон ба вуҷуд меоварад, дар сесолагӣ боиси ҳамкорӣ ва ҳамбастагии байни онҳо мешавад. Дар бозӣ кӯдак дифоъ аз ҳақ, эҳтиром ба дигарон, ҳамкорӣ, шарик шудан дар зиндагиро меомӯзад. Ва бад-ин тартиб, одоби муоширaт ва барқарории равобити иҷтимоиро ёд мегирад. Бозӣ дар кӯдакони қабл аз дабистон як саргармӣ аст. Бо рафтан ба мадраса бозӣ тамом намешавад ва вақте кӯдак бузург мегардад, фақат навъи бозӣ тағйир мекунад.

Ба ҳамон нисбат, ки бозӣ муҷиби созгорӣ бо масоили даврони кӯдакӣ мешавад, бар рӯи созгориҳои баъдӣ дар даврони бузургсолӣ низ таъсир мегузорад. Дар воқеъ, метавонем бигӯем, ки иштиёқи кӯдак ба кашфи дунё, бавижа, ҳангоме ки ӯ роҳ меравад ва ашёро аз рӯи қад дасткорӣ мекунад, боис мешавад, ки «худ»-ро кашф ва аз «худ» тасвири ҷадид бисозад.

Равобити кӯдак бо ҷаҳон аз тариқи ақоид ва эҳсосоти вижаи худаш ҳидоят мешавад. Ӯ меомӯзад, ки чи гуна ёд бигирад, кашф кунад, ки чи гуна бо дунё метавонад канор биёяд ва аз ӯҳдаи вазифаҳои зиндагӣ барояд, бар маҳоратҳо ва техникҳои гуногун ва фароянди намодин бо равиши махсус ба худаш ғалаба намояд, сипас, ба худ ва тавоноиаш барои пайванд бо дунёи намодин эътимод кунад ва омода шавад, то умурро ёд бигирад.

Бозӣ василаест ҷиҳати ошкор кардани фароянди рушди шахсият, ки ба кӯмаки он кӯдак ёд мегирад ва ин тағйироти гуногунро аз тариқи кашф, дасткорӣ кардан ва истифода аз ашёи ҳайвонот, мардум ва воқеаҳо ба унвони фурсатҳое ҷиҳати халқи зиндагии мушаххаси худ, ба таври мукаррар тамрин мекунад. Кӯдак дар бозӣ кӯшиши мекунад, ки мушкилот ва тазодҳояшро ҳал намояд.

Ба таври куллӣ, кӯдаке, ки бозӣ мекунад, ҳоким бар дунёи хеш аст қонунҳои бозиро худаш тарроҳӣ ва лағв мекунад. Ғайр аз ҳамсолони худ, дӯст надоранд касе ба ин дунё дохил шавад. Усулан, вақте кӯдакони хурдсол бозӣ мекунанд, дӯст надоранд бузургтарҳо, ки онҳоро зери назар бигиранд. Агар шахси бузургтаре бихоҳад дар бозии онҳо ширкат кунад, нороҳат мешаванд. Агар касе бихоҳад васоили бозии онҳоро ҷо ба ҷо кунад, асабонӣ мешаванд, мисли озмоишгаре, ки дӯст надорад, ки касе дар кораш мудохила кунад. Агар касе логоҳоеро, ки кӯдак рӯи ҳам қарор додааст, ба ҳам бирезад, шурӯъ ба гиря мекунад, гӯӣ дубора сохтани онҳо мумкин нест; чун аз назари кӯдак, логоҳоеро, ки рӯи ҳам қарор додааст, нишон аз як сохтмони бузург аст ва ҷолибу ҳол ин, ки барои бузургтарҳо ин гуна нест. Дар бозӣ кӯдак дур аз фармонҳои волидайн, мисли *мебоист, биншин, ин корро накун* ё *бикун,* ӯ дар дунёи бозӣ озодӣ ва истиқлоли том дорад.

Кӯдак дар бозӣ арӯсаки худро ғизо медиҳад, мӯҳояшро шона мезанад, либосҳои ӯро иваз мекунад ва ӯро мехобонад. Дар воқеъ, тамоми корҳоеро мекунад, ки модараш барои ӯ анҷом медиҳад, ҳатто ҳарфҳоеро, ки модар ба ӯ мезанад, такрор мекунад. Ӯ рафторҳоеро, ки аз модар дида ва парварондааст, ҳамон рафторҳоро аз худ нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, ҳаводиси зиндагии рӯзмарраро бо изофа кардани эҳсосоти хеш дар бозӣ ироа медиҳад ва ҳар гуна ки бо кӯдакон рафтор мешавад, ҳамон гуна рафтор мекунанд. Масалан, агар яке аз наздикони кӯдак фавт кунад, кӯдак дар бозӣ ин ҳодисаро ба намоиш мегузорад, яъне яке аз дӯстони худро рӯи замин мехобонад ва худаш духтур мешавад ва саъй мекунад, ки дар ҳини бозӣ барои тарс аз марг ва номафҳум будани мавзӯъ роҳи ҳалле пайдо кунад. Бо зинда кардани шахси мурда ба василаи сӯзандоруи сеҳрангез мавзӯи маргро ҳал менамояд.

Дар ин бозӣ кӯдак фақат ёдгириҳои худро ба намоиш намегузорад, балки эҳсосоти худро низ буруз медиҳад. Дар воқеъ, бозӣ василаест барои баёни эҳсосоти кӯдак, ки бад-ин васила ӯ нороҳатӣ, тарс ва нигаронии худро баён мекунад ва бо эҷод кардани як натиҷаи шодибахш, ба хушҳолии аввалияи худ бозмегардад. Ӯ баъд аз оромиши хотире, ки баъд аз бозӣ ба даст меоварад, ба модари ғамгини худ мегӯяд: «бубин, модар, ман бозӣ кардам ва дигар нороҳат нестам, чаро намеоӣ, бо ман бозӣ кунӣ?» аст. Агар бозиро аз кӯдак бигирем, зиндагиро аз ӯ гирифтаем. Бозӣ мӯҷиби тақвияти халлоқияти кӯдак мешавад. Дар бозӣ кӯдак мисли бузургтарҳо худашро қавӣ ва тавоно эҳсос мекунад.

Барои мисол, аз назари ӯ, ҷӯбе, ки бар он савор шудааст, як аспи ваҳшӣ аст, ки контроли он эҳтиёҷ ба маҳорату тавоноӣ дорад. Фикр мекунад, ҳавопаймое дорад, ки метавонад ӯро ба ақсои дуртар бибарад ва бо аслиҳае, ки дар даст дорад, қавитарин фард аст ва дар бозӣ худашро шабеҳи шахсе мекунад, ки дӯст дорад ва бидуни таваҷҷӯҳ ба син ва мавқеияти хеш худро ҳамрадифи он шахс медонад. Кӯдак дар бозӣ як робитаи маънодор байни дунёи хаёл ва воқеият барқарор мекунад. Ӯ чизҳоеро, ки дарк намекунад, аз ғирболи бозӣ убур медиҳад ва онҳоро ба шакле қобили фаҳм дармеоварад, ба шакле, ки дар мантиқи худ қабул дорад.

Кӯдак нақши дӯстон, хоҳарон, бародарон ва волидайнро тақлид мекунад. Дар бозӣ худро ба ҷои шахсиятҳои мухталиф мегузорад, нақшҳои падар, модар ва муаллимро иҷро мекунад. Ба нақши духтури фидокоре дармеояд, баъд аз чанд дақиқа дузди бадкор ва сипас, полис мешавад. Кӯдак дар ҳоле ки нақши шахсиятҳои мухталифро бозӣ мекунад, шахсияти худашро беҳтар мешиносад ва хусусиятҳои ахлоқии худро шиносоӣ мекунад. Ӯ дар бозӣ ёд мегирад, ки чи чиз хуб ва чи чиз бад аст.

Кӯдак дар зимни тақлиди рафтори бузургсолон саъй мекунад, бо пӯшидани либоси онҳо бозии худро воқеӣ нишон диҳад. Пӯшидани либос ва истифода аз васоили махсуси бузургсолон яке аз саргармиҳои мавриди алоқаи кӯдак аст. Агарчи дар ба кор бурдани ин васоил заҳмати зиёдеро мутаҳаммил мешавад, аммо майл ба кашф ва ламси воқеиятҳо ӯро омодаи пазириши ин заҳмат менамояд.

Бозиҳои тақлидӣ ва намоишӣ ба ҳам шабеҳ ҳастанд. Дар ҳақиқат, бозии тақлидӣ худ навъе бозии намоишӣ аст. Аммо дар бозии тақлидӣ кӯдак саъй мекунад нақшеро тақлид намояд, дар ҳоле ки дар бозии намоишӣ кӯдак илова бар тақлиди нақш, интизори худро низ аз он нақш баён медорад.

Фробл дар китоби «Омӯзиши инсон» менависад: «Бозӣ болотарин марҳалаи рушди инсон дар ин давра аз зиндагӣ мебошад, зеро бозӣ инъикосе аз фаъолиятҳои дарунӣ ва ҷилвае аз худфаъолии

фард аст. Бозӣ содиқонатарин ва поктарин фаъолият ва намунае аз зиндагӣ ва табиати ниҳонӣ ва дарунии фард мебошад. Бозӣ озодӣ, ризояти хотир, самимиятро барои кӯдак фароҳам менамояд».

Аз назари Декарли, бозӣ бо таҳарруки ҷанбаҳои ҳиссӣ, ҳаракатӣ, тахайюлӣ, ҳушӣ ва иҷтимоӣ ҳам ба унвони равиши ёдгирӣ ва ҳам ба унвони василаи баён аз арзиши омӯзишӣ ва созандагии қобили таваҷҷӯҳе бархурдор аст. Ба ақидаи Пйежа, бозӣ роҳест барои дастрасӣ ба ҷаҳони берун ва ламси он, ба гунае ки бо вазъи кунунии фард мутобиқат кунад. Фрейд бозиро фаъолияте тахлиявӣ медонад, фаъолияте, ки кӯдаконро бо мавқеиятҳо ва шароити душвор мувоҷеҳ месозад. Кӯдак худро дар бозӣ бо рӯйдодҳои озордиҳанда ва номатлуб даргир мекунад, то дар мавқеияти хаёлии бозӣ бо ранҷ набарде рӯёрӯӣ дошта бошад.

Дар назарияи Пйежа ҷанбаи шинохтии бозӣ, дар назарияи Фрейд ҷанбаи отифии он мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Бозӣ дорои арзишҳои ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ, омӯзишӣ, тарбиятӣ ва дармонӣ мебошад. Аз назари ҳиссӣ-ҳаракатӣ боиси парвариши ҳисси биноӣ, шунавоӣ ва ломисаи кӯдак ва аз назари иҷтимоӣ боиси рушди ҷанбаҳои иҷтимоии шахсияти кӯдак мешавад.

Яке аз муҳимтарин омилҳои муассир дар тарбияти ахлоқии кӯдак бозӣ мебошад. Кӯдакон аз тариқи бозӣ, мафҳумҳо ва арзишҳои ахлоқиро фаро мегиранд. Кӯдак меомӯзад, ки усул ва қонунҳои ахлоқиро ҳангоми бозӣ дар муҳити хона ва мадраса ба сурате дақиқ ва комил риоят кунад.

Аз дидгоҳи омӯзишӣ ва тарбиятӣ, кӯдакон, бавижа, дар бозиҳои омӯзишӣ ба мафҳумҳои зеҳнии ҷадиде дастрасӣ пайдо мекунанд. Матолиби омӯхтанӣ дар ҳини бозӣ бидуни фишор ва бо майлу рағбат фаро гирифта мешаванд ва метавон гуфт, бархе матолиби дарсиро боясти фақат дар хилоли бозӣ ба кӯдакон омӯзиш дод.

Имрӯз арзиши дармонии бозӣ аз тариқи бозидармонӣ, ҷойгоҳи худро дар амри ташхиси масоил ва мушкилоти равонии кӯдакон ва дармони онҳо пайдо кардааст ва дар мавқеи бозӣ метавон рафторҳои кӯдаконро зери назар гирифт ва бо решаёбии мушкилоти кӯдакон, ба дармони онон пардохт.

Бозӣ барои кӯдак як фаъолияти табиӣ ва нашъатгирифта аз фитрати ӯст. Кӯдак аз тариқи бозӣ наҳваи зиндагӣ дар ҷомеаро таҷриба мекунад ва аз ин роҳ кунҷковии табиии кӯдакон барангехта мешавад. Дар зимни бозӣ маҳоратҳои ҷадиде касб мекунад ва боиси рушд, иттико ба нафс, ошноӣ бо муҳит ва шинохти тавоноиҳои кӯдак мешавад. Карл Гросс аз тариқи бозиҳои ҳайвонот ин назарияро матраҳ мекунад, ки бозӣ тамринест, ки инсонро барои зиндагӣ омода намуда ва дар рушди ҷисмонӣ ва ёдгириҳои ӯ таъсири басазое дорад.

Аз назари Гросс, ҳамон гуна ки бачаҳои ҷонварон зимни бозӣ ба тамрини ғаризаҳои хосе, ҳамчун шикор, пайкор ва ҷуфтёбӣ мепардозанд, кӯдак бо бозӣ кардан тавоноиҳои худро ба озмоиш гузошта ва маҳоратҳои иҷтимоии худро тақвият менамояд.

Наққошӣ ба унвони як бозӣ ба кӯдак фурсат медиҳад, то иттилоот ва аъмолеро, ки аз дунёи берун касб мекунад, аз ҳам ҷудо созад ва сипас дубора онҳоро таркиб намояд. Дар наққошии кӯдакони ақибмондагии зеҳнӣ, масоил ва мушкилоте, ки дар барқарории иртибот бо дигарон доранд, намоён мебошад. Наққошии ин кӯдакон барои муддати тӯлонӣ дорои мавзӯъ ва хусусиёти худҷӯӣ ва аҷулона аст. Ин кӯдакон бештар бо шаклҳо ва намодҳои сода ва бидуни сензура унс доранд ва мушкилоти худро ба ҳамин шакл баён мекунанд, ҳарчанд баррасии наққошиҳои кӯдакони ақибмондаи зеҳнӣ мусталзими таҷзия ва таҳлили дарозмуддати муҳити отифии онон мебошад.

Дар бозиҳои намоишӣ кӯдак нақшҳои мухталиферо ба ӯҳда мегирад ва аз тариқи онҳо шахсияти худро ошкор месозад. Кӯдак аз ин тариқ нақши воқеии худро пайдо карда ва бо бозиҳое чун ғизо пӯхтан, бачадорӣ кардан, рангомезӣ кардани аксҳо, ҷавоб додан ба телефон, даъвати дӯстон ва пазироӣ аз онҳо, ба тамрини нақши худ дар бузургсолӣ машғул мешавад.

Бозӣ аз даруни кӯдак нашъат гирифта ва баёнкунандаи посухи шахсӣ ва асилу воқеии ӯ ба муҳиташ мебошад ва метавонад ҷанбаҳои халлоқи шахсияти кӯдакро парвариш диҳад ва фаъолияте баёнкунанда аст, ки қобилият ва қудратҳои тахаййюлии кӯдакро ба шукуфоӣ мерасонад.

Мураббиён барои ташвиқи ҷанбаҳои халлоқ дар бозии кӯдак бояд аз дахолати мустақим дар бозӣ ва тасаллут бар он парҳез намоянд. Вале дар айни ҳол, тавоноии кӯдакро барои ибрози вуҷуд ва фаъолият тақвият намоянд. Мураббиён бояд бо фароҳам кардани заминаҳои таҷрибаҳои воқеии зиндагӣ, рушди бозиҳои халлоқро барои кӯдакон фароҳам оваранд. Гардишҳои амалӣ, ширкат дар маросим ва ҷашнҳо ва гурӯҳҳои мухталиф ва фаъолиятҳои амалӣ ба пурбор шудани таҷрубиёти кӯдакон меанҷомад.

**Анвои бозӣ аз таваллуд то шашсолагӣ.** Шиносоии анвои мухталифи бозӣ, ки баёнгари пешрафт дар ҳитаҳои мухталифи рушдӣ ва нақши онҳо дар ин пешрафтҳост, комилан мумкин ба назар мерасад. Назарияпардозон дар мавриди беҳтарин равиши дастабандӣ намудани унсурҳои бозӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мешаванд. Тақсимбандии интихобӣ дар ин ҷо мунъакискунандаи назароти Мэри

Шрейден аст, аммо ин тақсимбандӣ ҳам ба гунае баст ёфта, то шомили истилоҳоти тозатаре ҳам шавад, ки барои анвои бозӣ вуҷуд дорад.

**Бозии фаъол.** Бозии фаъол барои рушди ҷисмонӣ ва физикӣ муҳим аст. Чун дар ин навъ бозӣ сар, тана, дасту по дар фаъолиятҳое назири нишастан, синахез рафтан, истодан, давидан, паридан, боло рафтан, партоб кардан, лагад задан ва гирифтан ба кор меравнд. Бозии фаъхол мумкин аст шомили бозии пурхушунат ҳам бишавад ва ба ин тартиб, василае барои ба даст овардани қудрату тавоноӣ, чобукӣ ва ҳамоҳангии аъзо бошад. Бозии фаъол мумкин аст дар кӯдакон аз ҳамон овони кӯдакӣ шурӯъ шавад, яъне ҳамон замоне, ки онҳо шурӯъ ба контрол ва дар ихтиёр даровардани сару дастҳо мекунанд.

**Бозии маҳоратӣ ва иктишофӣ.** Бозии маҳоратӣ ва иктишофӣ маъмулан дар ҳудуди синни семоҳагӣ, яъне вақте ки бачаҳо шурӯъ ба бозӣ бо ангуштон мекунанд, оғоз мешавад. Ин навъи бозӣ барои рушди ҳиссӣ, ҳаракоти зариф ва ҳамоҳангии чашму даст муҳим аст. Ин навъ бозӣ шомили кашфи кӯдак аз муҳиташ ва пай бурдан ба хосиятҳои Аше аз тариқи ҳисси биноӣ, шунавоӣ, ломиса, бӯёӣ ва чашоӣ аст. Бозии махоратӣ ва иктишофӣ дар дарки кӯдак аз пойдории ашёӣ ва дар дарёфт ва ба кор бурдани замон ва фазо нақш дорад.

**Бозии тақлидӣ.** Атфол ва кӯдакон ҳаракатҳо ва фаъолиятҳоеро, ки ба каррот аз бузургтарҳо мебинанд, тақлид мекунанд ва ин як бӯъди муҳим аз рушди намодӣ, шинохтӣ ва иҷтимоии онҳост. Бозии тақлидӣ нишонгари он аст, ки кӯдак ҳаракат ё фаъолиятеро мушоҳида карда ва қодир аст ташхис диҳад, ки он ҳаракат такрор мешавад ва мавзӯе маънодор аст. Бозии тақлидӣ дар воқеъ он чиро, ки кӯдак дар муҳити атрофаш мебинад ва мешунавад, инъикос медиҳад, яъне ҳар чизеро, ки дар зиндагии рӯзмарра ва шароити иҷтимоӣ ва фарҳангии ӯ вуҷуд дорад. Бозии тақлидӣ аз он рӯ зарурат дорад, ки як бача сареътарин ва муассиртарин роҳи анҷоми фаъолиятҳоеро, ки аз назари ӯ муҳим ҳастанд, аз он тариқ ёд мегирад.

**Бозии созанда.** Бозии созанда шомили халқи чизе, монанди як чарх бо истифода аз блокҳои сохтмонӣ аст. Лозимаи чунин коре, таркибе аз ҳаракатҳои дақиқ ва зариф аст.

Барои сохтани як чиз, кӯдак на танҳо бояд қодир ба дасткории унсурҳо ва аҷзо бошад, балки бояд қодир бошад, ки он чизро муҷассам созад ва тарҳи онро дар зеҳни худ тарроҳӣ кунад.

**Бозии нақш.** Кӯдакон аз тариқи мушоҳида ва тақлиди рафторҳо шурӯъ ба эҷоди мавқеиятҳои идеясозӣ барои худ мекунанд. Нақшбозӣ кардан метавонад беҳтарин шароити истифода аз ҳадди ақали имконотро фароҳам оварад. Ҳар навъ фаъолияте, ки ҷанбаи лаззат надошта бошад, як навъ бозӣ аст. Ва ҳар навъ фаъолияти зеҳнӣ, ҷисмӣ, фикрӣ, тахаййюл як навъ бозӣ аст, ки кӯдак ба кор мебарад ва риояти қонун ё ҳуқуқи дигаронро метавон аз тариқи бозӣ омӯзиш дод. Аз се то панҷсолагӣ, ки кӯдак дучори худпиндорӣ ва худмеҳварӣ мебошад, метавон мафҳумҳои ахлоқии вафоро аз тариқи бозӣ омӯзиш дод.

Барои такомули шахсияти як фард фақат аз тариқи фаъолияти равонӣ ё бозӣ муяссар аст ва Мейли Чамп мегӯяд, ки аз тариқи бозӣ аст, ки кӯдак метавонад як инсон бошад ва дар ҷое дигар Хоҷа Насируддини Тӯсӣ мегӯяд: «Бачаи одамӣ гарчи одамизод аст, лек инсон нест».

Бозӣ хамирмояи тафаккур аст. Бозӣ талафи вақт нест, кам бозӣ кардан ӯро маҳрум месозад аз бисёре мавқеиятҳои фарогире, ки дар оянда барояш пеш меояд.

Бисёре ақида доранд, ки бештари халлоқияти Нодиршоҳ реша дар даврони кӯдакии ӯ дорад.

Барои расидан ба камоли кӯдак бозӣ зарур аст. Бозӣ хоси тамоми умр аст, мунтаҳо шакл ва навъи он фарқ мекунад. Масалан, дар кишвари Индонезия бузургтарин мусобиқа дар бодбодаки ҳаво кардан, дар Эрон киштӣ дар Бразилия футбол ва Сибир лижаронӣ бо таваҷҷӯҳ ба шароити муҳитӣ шаклҳои бозӣ мутафовит аст.Маҳрум кардани кӯдак аз бозӣ барои муддати зиёде метавонад изтироб ва заминаи стрессҳои равониро ба ҳамроҳ дошта бошад. Ба бозӣ метавон ҷиҳат дод. Ва аз ҳар навъ бозӣ ҷиҳати тақвияти кӯдак метавон суд ҷӯст. Бозӣ як фаъолияти ҷисмӣ ё фикрӣ ба манзури лаззат ва тафреҳи бидуни фишори хориҷи аст ва фард ба сурати довталаб ба он мепардозад ва ҳадафи хосеро таъқиб намекунад. Ва кор як навъ фаъолияти ҷисмӣ ё фикрист, ки фард метавонад аз анҷоми он лаззат бибарад ё набарад. Бархе барои бозӣ ва кори тафкикӣ қоил нестанд, онҳо мегӯянд: «марзе барои тафкики бозӣ ва кор надорем ва бастагӣ ба ҳадаф дорад, бастагӣ ба истинботи фард дорад. Масалан, наққошӣ барои фарде метавонад лаззатбахш бошад ва наққошӣ барои касе, ки мехоҳад имрори маош кунад, мешавад кор».

## АДАБИЁТ

1. Шарп. Бозӣ тафаккури кӯдак аст. Тарҷ. доктор Қосим Қозӣ.- Теҳрон, Мадрасаи олии Порс, сафҳаи 63.

**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЛЕЧЕБНЫХ ИГР В ОБУЧЕНИИ ГИПЕРАКТИВНЫХ УЧЕНИКОВ**

Первым шагом в деле лечения детей посредством игр является создание подходящей среды, для того чтобы ребёнок мог выразить свои взгляды, мечты, чувства и сохранить их. В статье автором рассматривается проблема обучения гиперактивных детей посредством лечебных игр.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** игра, значение игры в воспитании и обучении, связь ребёнка с внешним миром, внутренний мир ребёнка, выражение чувств.

**USE OF MEDICAL GAMES IN TRAINING OF HYPER ACTIVE PUPILS**

The first step in treatment of children by means of games is creation of the suitable environment in order that the child could express the views, dreams, feelings and to keep them. In article the author considers a problem of training of hyper active children by means of medical games.

**KEY WORDS:** game, value of game in education and training, communication of the child with the outside world, an inner world of the child, expression of feelings.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** *Джавод Носех* – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ТАРБИЯТИ АХЛОҚӢ АЗ ДИДГОҲИ ИМОМ МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ

***Фотимаи Артӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Баҳси тарбияти ахлоқӣ ҳамвора мавриди таваҷҷӯҳи андешамандони улуми тарбиятӣ ва уламои улуми ахлоқӣ будааст. Ҳамчунин, бо дар назар гирифтани ин, ки зербинои ҳар милок арзише, ки хостори ниҳоде шудан ва даруни кардани он дар вуҷуди инсонҳо ҳастем, дар низоми омӯзиш ва парварш поярезӣ мегардад. Ба ин ҷиҳат аст, ки уламо, файласуфон ва донишмандони таълиму тарбият бо тарҳи мақолаи тарбияти ахлоқӣ дар омӯзиш ва пажӯҳиш, онро аз завоёи мухталиф (усул, мабонӣ, аҳдоф, равишҳо, мӯҳтаво, …) ва аз дидгоҳи мутафаккирон ва донишмандони мусалмон мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

**Тарбият аз дидгоҳи Ғаззолӣ.** Барои он ки амали тарбият ба натиҷаи матлуб бирасад, мураббӣ бояд аз абъоди мухталифи вуҷуди инсонӣ ва хусусиёти ӯ шинохт ва огоҳӣ дошта бошад. Пас навъи шинохт ва тарзи талаққии ӯ аз инсон ва вижагиҳояш санги бинои тарбият ба ҳисоб меояд.

Чунон ки: «Аз дидгоҳи Ғазолӣ инсон мураккаб аз тан ва ҷон буда ва ҳақиқати инон ҳамон ботини ӯст ва тан маркаб ва тобеи нафс аст. Тан аз олами модда ва рӯҳ аз олами амр ва ғайб ва аз ҷинси гавҳари фариштагон аст, ки аз маъдани аслии худ, яъне ҳазрати Улуҳият омадааст ва ба он ҷо боз хоҳад гашт. Рӯҳ дар ин ҷо ба ғурбат барои тиҷорат омадааст, то зоди охиратро аз ин олам баргирад. Таклиф ва савоб ва ақоид барои вай аст ва он чи аз ибодот ва маосӣ бар ҷавориҳ зоҳир мешавад, аз осори ӯст ва бо шинохти он инсон хештанро ва ба дунболи он Парвардигорро хоҳад шинохт ва дар воқеъ маърифати қалбу ҳақиқати ӯ софиши асосии дину тариқи соликин аст ва саодату шақовати одамӣ аз нафас аст».

Ғазолӣ камоли инсонро дар эътидол байни қувои чаҳоргонаи «ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адл» дониста ва мӯътақид аст, ки ин эътидол аз роҳи камоли фитрӣ, монанди анбиё ва ё аз роҳи касби ахлоқ ҳосил мешавад.

Ғаззолӣ маънои тарбиятро ба ин гуна баён медорад, ки мураббӣ бояд «ахлоқи бад аз вай (одамӣ) биситонад ва берун андозаду ахлоқи некӯ ба ҷои он ниҳад ва маънии тарбият ин аст. Ҳамчун барзгаре, ки ғалларо тарбият кунад, ҳар гиёҳе, ки бо ғалла биканад ва барандозаду ҳамчунин санге ва кулухе, ки дар миёни киштзор бошад, берун андозад ва аз берун обу куд оварад, то ғалла парварда ва накӯ барояд. Бар ин асос, Ғазолӣ монанди ғолиби уламои гузашта тарбиятро амри таквинӣ медонад, ки ҳадафи он эҷоди хулқи некӯ дар инсон аст».

Назариёти тарбиятии Ғаззолиро бештар метавон дар бархе аз осори вай монанди «Кимиёи саодат», «Насиҳаталмулук», рисолаи «Эҳёулулум», «Аладаб фидин» ва рисолаи «Фотиҳа алулум» ҷустуҷӯ намуд, ки назариёти муҳими ӯро дар боби тарбият метавон ба таври хулоса ба ин шарҳ баён намуд: «Ғазолӣ таҳсили илмро ба тамоми мусулмонон лозим мешуморад ва дар боби ин, ки чи илме бояд омӯхт, баҳс мекунад ва чунин натиҷа мегирад, ки талаб кардани илм бар ҳамаи мусулмонон фариза аст, ки ҳеҷ мусалмоне аз ҷинси илм мустағнӣ нест. Аммо илм як ҷинс нест ва дар ҳаққи ҳар касе баробар нест, балки бо аҳволу авқот бигирад. Ба ақидаи Ғазолӣ, дили поки кӯдак чун гавҳари нафисе аст ва тарбиятро шабеҳ ба зироат кунад, ки тамоюлот ба кӯдакро чун алафи ҳарза аз киштзор хориҷ кунад. Бинобар ин, бояд таваҷҷӯҳи махсус ба тарбияти ӯ дошт ва аз оғоз ӯро боодоб парвариш дод, то сухан дар ӯ чун нақш дар санг пойдор бимонад.

Саввумин нуктае, ки Ғазолӣ тазаккур медиҳад, ин аст, ки дар атфол ҳисси тақлид қавӣ аст ва чашми онҳо ба рафтори омӯзгор ва гӯши онҳо бар гуфтори ӯст. Ҳар чиро некӯ донанд, онон низ некӯ донанд ва ҳар чиро нописанд шуморад, онон низ нописанд шуморанд. Бинобар ин, омӯзгор бояд муроқиби гуфтору рафтори хеш бошад – бо кӯдакон зиёд сухан нагӯяд, дар ҳузури онҳо бо касе мазоҳ накунад, бовиқору боҳайбат бошад».

**Ахлоқ аз дидгоҳи Ғазолӣ.** Ғазолӣ, қабл аз ин ки даврони таҳаввули рӯҳӣ ва сайру сулукаш оғоз гардад, дар китоби «Мизоналамал» ахлоқро ба ин гуна таъриф кардааст: «Ахлоқ иборат аст аз ислоҳу виростани қувваи сегонаи тафаккур ва шаҳвату ғазаб». Ва боз дар ҷои дигаре аз ҳамин китоб дар бораи таърифи ахлоқ менависад, ки сутурдан тамоми одоте аст, ки шаръи муқаддаси ислом ҷузъиёти онҳоро мушаххас карда ва онҳоро ба гунае мавзеҳ бахшида, ки нохушояндашон шиносанда аст ва бояд ҳамон гуна, ки аз қозурот ва палидиҳо фосила гирифт, аз онҳо низ фосила гирифт ва одоти нек ва иштиёқ ба онҳоро бояд ҷойгузини чунон одоти носутурда қарор дод».

Аммо дар китоби «Эҳёи улуми дин», ки баъд аз таҳаввули рӯҳии хеш ва дар охири амр навиштааст, ахлоқро ба ин гуна баён мекунад: «Ахлоқ ҳайъат ва ҳолате росих дар нафс аст, ки дар зили он ҳолат, рафтори одамӣ тавъам бо равонӣ ва осонӣ ва бидуни ниёз ба андеша ва таомул анҷом мегирад. Агар ин ҳолати нафсонӣ заминаи судури афъоле бошад, ки ақалан ва шаръан некӯ ва сутуда бошад, ахлоқи некӯ ва дар ғайри ин сурат хулқи бад меноманд.

Вай ҳамчунин барои ахлоқ чаҳор мафҳумро қоил аст, ки иборатанд, аз:1. Рафтори зишт ва зебо. .2. Тавоноӣ барои анҷоми он ду..3. Шиносоии он ду. 4. Ҳолате дар нафс, ки аз раҳгузари он, гароише фаросӯи яке аз он ду омил падид ояд ва анҷоми яке аз он ду амал барои ӯ ҳамвор гардад».

Ғазолӣ се мафҳуми аввалро рад намуда ва ахлоқро ба мафҳуми чаҳоруми он мепазирад.

**Таърифи тарбияти ахлоқӣ аз дидгоҳи Ғаззолӣ.** Таърифи тарбияти ахлоқӣ аз дидгоҳи Ғазолӣ иборат аст аз ислоҳ ва эътидол бахшидани тадриҷӣ ба қувои сегона: шаҳват, ғазаб ва ақл аз тариқи маърифат, риёзат ва истимрори он барои расидан ба қурби Оллоҳ. Ин ҷараён чунон дар нафас русух пайдо кунад, ки боис шавад инсон ба инсонӣ ва бидуни тааммул ва андеша ба он амал намояд ва ҷузъи малаки нафсонии ӯ гардад.

Зуҳурати тадриҷии қувоии сегона низ ба ин далел аст, ки: «Тартиби зуҳури қувои нафс (дар тақсимбандии умумии ахлоқиюн) чунин аст, ки ибтидо, қувваи шаҳват ҳодис мешавад. Уламои ахлоқ далели ин масъаларо медонанд, ки кӯдак ба маҳзи таваллуд, бе ин ки таълиме дида бошад, шир талаб мекунад. Дар марҳалаи баъд қувваи ғазабӣ падид меояд ва кӯдак дар асари он, умуреро, ки мояи озори ӯ ҳастанд, аз худ дафъ мекунад. Пеш аз ҳудуси ин амр, қувваи тамиз зуҳур мекунад. Дар воқеъ, ҳангоме ки ин ду қувва мазбур ба ҳадди кофӣ рушд намуданд, ин қувва ҳодис мешавад ва ибтидо, ба сурати қувваи ҳаё худнамоӣ мекунад, ки кӯдак дар натиҷаи он қодир мешавад, байни аъмоли зишт ва нописанд бо аъмоли писандида тафовут бигзорад. Қувваи тамиз ниҳоятан ба идроки куллиёт тавоно мегардад ва ақл ном мегирад».

**Аҳдофи тарбияти ахлоқӣ аз дидгоҳи Ғаззолӣ.** Ғаззолӣ ҳадафи ахлоқӣ ва тарбияти ахлоқиро аввалан, касби саодати диду дунё медонад ва дунёро васила ва абзоре барои расидан ба саодати ухравӣ донистааст, ки саодати дунё дар асари се чиз ба даст меояд: Аввал, фазилати нафс, монанди илм ва хушхӯӣ; дуввум, фазилати тан монанди сиҳату саломатӣ; сеюм, фазилатҳое хориҷ аз тан, монанди молу хона. Дар байн фазилати нафсро болотар аз бақия дониста ва эътиқод дорад, ки ба василаи он метавон саодати охиратро тазмин кард. Сонияи, ба даст овардани ризо ва хушнудии Худоро ба дур мондан аз муҳаррамот медонад. Солисан, мутеъ сохтани нафси аммораро таҳзиби ахлоқ медонад.

**Мӯҳтавои тарбияти ахлоқӣ.** Ғазолӣ ба ёдгирии баъзе аз улум аҳамият медиҳад. Чун онҳоро дар роҳи расидан ба мақоми қурби Ҳақ муассир медонад, вале ба ин ҳақиқат мутазаккир мешавад, ки умр кӯтоҳ аст ва мумкин аст, фаро гирифтани ҳамаи ин улум муяссар нагардад. Лизо, дар мӯҳтавои тарбияти ахлоқӣ бар китоб ва суннат такя дошта ва Қуръонро меҳвари аслии мӯҳтавои тарбият медонад. Ғазолӣ мӯътақид аст, ки барнома ва мӯҳтавои мактаб бояд иборат бошад, аз хондан, навиштан, Қуръон, ахбор (таърих) ва ҳикояти порсоён, сирати саҳобаҳо, ашъоре, ки шаҳватангез набошад, ахлоқ, адаб ва рӯзе як соат бозӣ.

**Қуръон:** Ғазолӣ илми Қуръонро ба чор қисмат кардааст: Нахуст, он чи таалуқ ба лафз дорад, чун илми қироат, ки ба рӯҳонии саҳеҳи Қуръон мепардозад; Дуввум, махориҷи ҳуруф ё илми таҷвид, ки дар он ба қавоиди мухталифи таҷвид мепардозад; Сеюм, он чи таалуқ, ки ба маънӣ дорад, монанди тафсир; Чаҳорум, он чи таалуқ ба аҳком дорад, чун носиху мансух ва ому хос.

**Қавоиди арабӣ:** Яке аз муқаддимоти омӯзиши Қуръон ёдгирии забони арабӣ ва қавоиди он мебошад, ки барои дарку фаҳми Қуръон аз нукоти асосӣ ба ҳисоб меояд.

**Достонгӯӣ:** Ғаззолӣ қиссаҳои паёмбарон ва Қуръон ва ҳикояти аброр ва солиҳонро аз мӯҳтавои тарбияти ахлоқӣ дониста, лекин ба ростгӯӣ ва парҳез аз хаёлпардозӣ дар он таъкид мекунад.

**Шеър:** Ғаззолӣ самоъ ва шеърро машрут ба ин, ки шаҳватангез набошад ва мазмуну мӯҳтавои ахлоқӣ дошта бошад, барои омӯзиши кӯдакон тавсия мекунад.

**Варзишу бозӣ:** Ғаззолӣ, ҳамчунин, ба варзишу бозӣ таваҷҷӯҳ карда ва онро боиси рафъи хастагии кӯдак аз омӯзиш ва шӯру нишоти вай медонад.


**АДАБИЁТ**

1. Дафтари ҳамкории ҳавза ва донишгоҳ, фалсафа ва тарбият. Интишороти Самт. Теҳрон, с. 298, 1372.
2. Муҳаммади Атторон. Орои мураббиёни бузурги мусалмон дар бораи тарбияти кӯдак. Интишороти мадраса. С.73.1369.
3. Абӯҳомид Ғазолӣ. Айҳол валад.Тарҷумаи Боқири Ғуборӣ. Интишороти ҷиҳод Донишгоҳ, 1264, с. 25-26.
4. Абдулкарим Усмон. Равоншиносӣ аз дидгоҳӣ Ғазолӣ ва донишмандони исломӣ, Муҳаммадбоқири Ҳуҷҷатӣ, дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1371.
5. Ҳусайнии Деҳширӣ Фазлулоҳ. Нигориши тарбияти ахлоқии навҷавонон аз дидгоҳи ислом, рисолаи коршиносии Аршаг Донишгоҳи тарбияти мударрис, 1370.


**НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИМАМА МУХАММАДА ГАЗАЛИ**


Данная статья посвящена изучению и рассмотрению проблем нравственного воспитания личности с точки зрения Имама Мухаммада Газали.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** воспитание, нравственное воспитание, Имам Мухаммад Газали, игры, сказания, значение нравственного воспитания.


**MORAL EDUCATION FROM THE POINT OF VIEW OF IMAM MUKHAMMAD GAZALI**


This article is devoted to studying and consideration of problems of moral education of the personality from the point of view of Imam Mahomed Gazali.



**KEY WORDS:** education, moral education, Imam Mahomed Gazali, games, legends, value of moral education.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фотима Арти*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИҚЛОЛИ ЗАМОНИИ ДОНИШГОҲҲОИ ДАВЛАТИИ ЭРОН


***Ҳоди Раззоқ Марандӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Асоси истиқлол созмони донишгоҳҳоро мизони зарурии истиқлоли донишгоҳ аз авомили хориҷӣ, барои созмондиҳӣ ва ҳукумронӣ, тавзеи дохилии манобеи молӣ, касби даромад аз манобеи ғайри давлатӣ, истиҳдоми коркунон, танзими шароити пажӯҳиш ва озодӣ дар иҷрои пажӯҳиш ва тадрис, таъриф мекунанд. **(IAU, cited in Wongsamarn, 2003: 52:130).** Юнеско меъёр «Истиқлоли зарурӣ»-ро имкони «тасмимгирии асарбахш» эълом мекунад. **J. (UNESCO, 1997,p. 28:114)**

Дар ин таҳқиқ сайъ мешавад бо баррасии манобеи китобхонавӣ ва нигаришҳои соҳибназарон ва мудирону раёсати донишгоҳҳо ва соири манфиатдорон ва бо истифода аз дидгоҳҳои назарии марбут, мизони истиқлоли мавҷуд ва тағйироти эҳтимолии мавриди ниёз дар «ҳудуди ихтиёрот» ва бо иборати дигар мизони истиқлоли «зарурӣ» ё мизони «истиқлоли асарбахш» донишгоҳҳои давлатӣ вобаста ба Вазорати улум таҳқиқот ва фановариро оварда ва абъоди мухталифи онро таҳлил намуд.

Аҳамияти ин гуна таҳқиқотро метавон, ба қарори зер баршумурд.

1. Таъйини мизони муносиби истиқлоли донишгоҳӣ, мавзӯи асоси барои донишгоҳҳо аст ва шоистаи таваҷҷӯҳу таҳқиқ аст. Истиқлоли донишгоҳҳо мавзӯест, ки ба таври зотӣ аз таълиму тартиб дарк мешавад ва барои тадриси пурбор таҳқиқи муассир ва ибтикори халлоқ зарурат дорад. **(Chapman,' 1983, P.39 :25)**

2. Истиқлоли донишгоҳҳо дорои табиати печидаест ва мизони он вобастагии зиёде ба муҳити иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар донишгоҳ дорад. **(Yokoyama, 2008 :126 ; Chiang, 2004:26 )** ва барои таъйини мизони ихтиёроти донишгоҳҳои ҳар кишвар ё ҳатто ҳар иёлот лозим аст, пажӯҳишҳои илмӣ дар муҳити марбут анҷом шавад.

**Донишгоҳи мудерн**. Он чи донишгоҳои мудерн талаққӣ мешавад аз ҳаволии қарни 19 дар қитъаи Аврупо шурӯъ ба густариш намуд ниҳодҳои омӯзиши динӣ-калисоӣ, бештар ба дунболи интиқоли дониш собити ваҳи бар дигарон буданд ва ҳол он, ки дар донишгоҳҳои ҷадид бештар бар навоварӣ ва тавлиди илм таъкид мешавад. Аз ин рӯ, пажӯҳиши табдил ба яке аз коркардҳои аслии донишгоҳ шуд ва дар Олмон ҳатто ҷойгоҳи арҷмандтар аз омӯзиш, ки боли дигар шумурда мешавад ба дастовардҳо king, **2006, iПр.90:64**

Вилиам Ван Гумболд (1767-1835) олими олмонӣ меъмор ва мудофеи сохтори донишгоҳест, ки имрӯза барои мо бисёр ошно аст. Вай тарҳ ва мантиқи донишгоҳҳоро ба равиши бисёр равшан ташреъ намуд. Дар системаи Ван Гумболд озодии андеша ва таҳқиқ муҳимтарин зарурати зиндагии донишгоҳ аст. Ин ба-дин маънӣ аст, ки таҳқиқ набояд тавассути манофеи сиёсӣ ё динӣ маҳдуд шавад. Бинобар ин аъзои ҳайати илмӣ бо огоҳии комил ва бо ангезаи ҷустуҷӯйи дониш (ва на ба фармони раҳбарони сиёсӣ ва калисо) барои танзими фаъолиятҳои фикрии якдигар фаъол мешаванд. Ин навъ аз донишгоҳҳои фавқулода муваффақ шуданд ва дар ҷавомеи ғарбӣ бо суръат ба маркизи бисёр пешрафтаи дониш табдил гардиданд (Greenwood & Levin, 2000, P.87:45)

**Дидгоҳҳои иҷтимоӣ дар бораи донишгоҳ**. Вот **(Watts, 1992:120 )** се дидгоҳи мухталиф дар бораи нақши донишгоҳҳо дар ҷомеаро баён намуд: дидгоҳи абзорӣ, дидгоҳи истиқлолгаро ва дидгоҳи мутақобилан ба ҳам вобаста. Ин се дидгоҳ ба таври мухтасар тавзеҳ дода мешавад:

**1. Дидгоҳи абзорӣ**: Вот изҳор кард, ки ҷомеа дар ҳоли чархаш аз иқтисоди саноатӣ ба иқтисоди дониш меҳвар аст, ки дар он бахши азим шуғлҳои ҷадид ба пардози дониш ва истиқлоли он марбут аст ва на ба пардозиши модда.

Баҳраварӣ ва равнақи ҷомеа эҳтимолан ба миқдори зиёд ба «беҳтарин истифода аз афкори фановарона марбут аст ва на ба истифода аз неруи ҷисмонии коргарҳо ва мошинҳои саноатӣ» (P.76) «Бинобар ин, донишгоҳҳои абзори аслии ҷомеа ба бартарӣ ва рифоҳи иқтисодӣ мебошанд». (P. 76:120).

**2. Дидгоҳи истиқлолгаро**. Аз назари Вот **(Watts, 1992:120)** дидгоҳи истиқлолгаро бар ин нукта таъкид мекунад, ки донишгоҳҳо ба унвони маркази ёдгирӣ ва таҳқиқ алоқаманданд ба ҳифзу тавлиди дониш барои аҳдофи худ ҳастанд ва на алоқаманд ба ҳифзу тавсеаи иқтисоди сиёсӣ. Вот **(Watts, 1992:120)** таъкид кард, ки тарафдорони ин дидгоҳ ҳамчунин, мӯътақиданд, ки дидгоҳи абзорӣ, ки донишоҳоро барои ниёзҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии фаврӣ мавриди истифода қарор медиҳад, нақши ҳаётии донишгоҳро таҳлил мебарад.

**3. Дидгоҳи мутақобилан ба ҳам вобаста**. Вот **(Watts, 1992:120)** мӯътақид аст, ки «имкони тавофиқи аносири зоҳиран мутазод дидгоҳи абзорӣ ва дидгоҳи истиқлолгаро» вуҷуд дорад. (P.79) Нақши донишгоҳ дар ин сурат натанҳо яке аз бартарафкунандагони ниёзҳои ҷомеа, балки яке аз бузургтарини онҳо хоҳад буд. (PP.79-80) Донишгоҳои алоқаманд ба таҳқиқ дар мавзӯоти ҷадид дар марзҳои дониш ва таҷриба аст ва фақат ба ниёзҳои фаврии ҷомеа фикр намекунад. Аз он ҷо, ки ба назар мерасад таҷониси табиӣ байни аҳдофи донишгоҳ ва талоши ҷомеа барои дастёбӣ ба ин аҳдоф вуҷуд дорад. Вот **(Watts, 1992:120)** эълон дошт нақши зотӣ ва арзиши донишгоҳ ба унвони як муассиса наметавонад, ҷудо аз ҷомеа пойдор бимонад.

**Моделҳои ҳукумронӣ дар донишгоҳҳо**. Дур замонест, ки системаҳои ҳукумронии омӯзиши олӣ дар барномаҳои мутолеот омӯзиши олӣ қарор дорад. Дар талош барои шинохти созмон ва мудирияти донишгоҳо чанд тан аз муҳаққиқин таъбирҳои барои ҳукумронӣ дар донишгоҳҳо матраҳ карданд. Ин бахш ба таври хулоса дидгоҳҳои Кларк **(Clark, 1983)**, Нюв ва Ванугат (Neave & Vught, 1994:85) ва Вот Watts, 1992:120 мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дидгоҳи Вот дар бораи чигунагии созмондиҳи ва идораи донишгоҳҳо.

Вот (Watts, 1992:120) барои идораи донишгоҳҳо чаҳор амали муассирро муаррифӣ менамояд:

1. Департаментҳо ё ҳайатҳои илмӣ ё шӯрои олии донишгоҳо, раҳбарон муовинон, раиси донишгоҳ, руасои донишкадаҳо, ки меъёрҳо ва арзишҳои академикиро тадвин мекунанд.

2. Тасмимоти сиёсӣ аз натиҷабозии қудрат дар баъзе аз заминаҳои сиёсӣ аз қабили қонунгузорӣ, ҳайати давлат ва раёсати ҷумҳурӣ.

3. Мукарарароти идорӣ, бавижа аз тариқи мудирияти системаи мудирияти олӣ ё муассисоти он ва ё тавассути вазорати марбут.

4. Амалкарди бозор ба шарте, ки рафтори он аз қабл тавассути ширкатҳои бузург ё тасмимоти сиёсӣ тарроҳӣ нашуда бошад.

**Мусаддаси ҳамкорӣ**. Кларк (Clark,1983:28) се омилро дар системаи ҳукумронии омӯзиши олӣ мушаххас намуд: Ихтиёр ва қудрати ҳукумат, бозор ва ҳукумати академикӣ. Ин се омил ба унвони неруҳои таъйинкунандае ташхис дода шудаанд, ки аз тариқи таомули дарунӣ, як системаи омӯзиши олиро мавзун мекунанд. Кларк (1983) ин се механизми аслиро дар як тарҳ таркиб намуд ва ба он **мусаддаси ҳамкорӣ** ном ниҳод.

**Модели контроли давлатӣ ва модели назорати давлатӣ.** Бо баррасии анвои шеваҳои ҳукумронӣ бар донишгоҳҳо, Нию ва Вигҳат ду моделро аз якдигар ташхис додаанд:

1. Модели контроли давлатӣ; 2. Модели назорати давлатӣ.

(Neave & Vught, 1994, p.9:85) Модели контроли давлатӣ равиши суннатии Аврупои Қораӣ мебошад. Ба тавре, ки қудрат дар байни як таркиб ҳайати илмӣ ва биюрократии давлатӣ тавзеҳ шудааст. (Clark) Ин системаҳои омӯзиши олӣ ба василаи давлат эҷод шудаанд ва ағлаб ба таври комил тавассути давлат пуштибонии молӣ мешаванд. Ба илова давлат бар бисёре аз фароиндҳо назорат дорад ва барномарези бисёр бонуфузи система аст (Neave & Vught, 1994, p.9:85).

Нию ва Вигҳат (1994) натиҷа гирифтаанд, ки модели контроли давлатӣ ағлаб ҳангоме ба кор гирифта мешавад, ки системаи омӯзиши олӣ барои таъмини ниёзи неруи инсонӣ мушаххас ба кор гирифта шавад. Бинобар ин бо эълом ниёзи тақвияти иқтисоди миллӣ, машруияти худро дар контроли зувоёи системаи омӯзиши олӣ пайдо мекунад (С. 10).

Нию ва Вон Вигҳат вижагиҳои модели назорати давлатиро ба сурати зер ҷамъбандӣ кардаанд. Дар ин модел дахолат аз сӯйи давлат заиф аст. Давлат ба манзури тазмини кайфияти академикӣ ва таъмини сатҳи ҳадди ақалӣ аз масъулиятпазирӣ бар системаи омӯзиши олӣ назорат мекунад ва онро бо обзорҳои қонунгузорӣ машруҳ ва контроли сахт, таҳти таъсир намедиҳад.

**Истиқлоли асосӣ ва истиқлоли фароиндӣ.** Бар асоси санади кор (1997:51) IAU [9] абъоди мухталифи истиқлол аз якдигар қобили тамиз мебошанд. Бердол (Berdahl) дар тафовути байни истиқлоли асосӣ ва истиқлоли фароиндӣ қоил шуд. Вай истиқлоли асосиро чунин таъриф кард: «Ихтиёри донишгоҳ ё коллеҷ ба таври куллӣ дар таъйини аҳдоф ва барномаҳо» (С.172) ва санъаткор (IAU) онро чунин таъриф кард: «Ҳаққи донишгоҳ дар таъйини барномаҳои омӯзишӣ ва аҳдофи худ» (С.4). Истиқлоли фароиндӣ тавассути Бердол инчунин таъриф гардид: «Ихтиёри донишгоҳ ё коллеҷ ба таври куллӣ дар таъйини равишҳое, ки аҳдоф ва барномаҳои худро таҳқиқ созад» (С.171). Санъаткор (IAU) онро инчунин таъриф кардаанд: «Ҳаққи донишгоҳ дар таъйини равишҳо ва озорҳои бакоргирӣ дар иҷрои увлиятҳои пешбинишуда ва тасвибшуда ба унвони бахше аз сиёсати умумӣ мебошад» (С.4). Ҳар ду истиқлоли асосӣ ва истиқлоли фароиндӣ барои тавзеҳи амалкарди донишгоҳ муҳим мебошанд. Бердол (1990, 18).

Дар баррасии робитаи байни истиқлоли асосӣ ва истиқлоли фароиндӣ Бердол (1990) ҳамчунин тавзеҳ дод, ки: «Ин муфид аст, ки дониста шавад оё ҳукумат дар мавзӯоти фароиндӣ дахолат мекунад ё дар мавзӯоти асосӣ. Аввало (яъне назорати қабл аз иҷро, контроли харид, персонал, баъзе ҷанбаҳои сармоягузорӣ) метавонад, барои масоили академикӣ мушкилсоз бошад ва ағлаб коҳишдиҳандаи короӣ. Аммо барои ҷилавгирӣ аз ноил шудани донишгоҳҳо ё коллеҷҳо ба аҳдофи худ кофӣ нест. Баръакс фаъолиятҳои ҳукумат, ки бар аҳдофи асосӣ таъсир мегузорад, қалби масоили академикиро нишона мегирад. Он чи ки дар ин замина ҳассоси ниёз аст, гуфтугӯ дар бораи нақшҳои эҳтиромомези ҳукумат ва донишгоҳҳо аст, ки ба навъи ҳамкорӣ ва тақсими қудрат мунтаҳӣ шавад ва нақши ҳар як дар тасмимгириҳои марбут ба ҳавзаи асосии донишгоҳ мушаххас гардад.

**Натиҷагирӣ:** дар таҳқиқ мушаххас гардид, ки дахолати қобили таваҷҷӯҳи давлат дар ҳайатҳои ҳафтгонаи фавқ ба тартиби аз камтар ба бештар иборат аст: 1. Ҳайати барномаи дарсӣ ва тадрис; 2. Таҳқиқ ва интишор; 3. Стандартҳои илмӣ; 4. Умури коркунон; 5. Умури ҳукмронӣ; 6. Умури идорӣ ва молӣ; 7. Умури донишҷӯён.

Зимнан аз назари посухгӯён дахолати давлат дар умури ҳафтгонаи фавқуззикр хеле зиёд арзёбӣ гардид.

- Гурӯҳҳои мавриди мутолиа хоҳони истиқлоли бештари донишгоҳҳои давлатии Эрон дар куллияи ҳитаҳои тасмимгирии умум, аз ҳитаи истиқлоли фароиндӣ ва ҳитаи истиқлоли асосӣ мебошанд.
- Эҳтимолан вижагиҳои мавриди назари гурӯҳҳои мавриди мутолиа дар бораи истиқлоли асарбахши донишгоҳҳои давлатии Эрон ношӣ аз густариши ҷаҳонӣ шудан ба омӯзиши оллии Эрон аст.
- Мутобиқи қонунҳо ва муқаррароти ҷорӣ донишгоҳҳои давлатии Эрон дар нӯҳ маврид аз се ва панҷ маврид мавзӯи тасмимгирӣ дорои истиқлол мебошанд. Ин мавзӯъ тасмимгирӣ узви ҳитаи истиқлоли фароиндӣ мебошад.
- Ҳамчунин, тибқи қонунҳо ва муқаррароти мавҷуд донишгоҳҳои Эрон дар ёздаҳ маврид фаъолияти донишгоҳӣ фоқиди истиқлол мебошанд ва адами истиқлоли ин ёздаҳ маврид аз сӯйи гурӯҳҳои мавриди мутолиа тайид шуд. Ба назар мерасад, ки ин ёздаҳ мавзӯи тасмимгирӣ умдатан дар ҳитаи ҳамоҳангӣ, назорат ва аъмоли сиёсатҳои калони давлат қарор дорад.

**Баҳс:** бо таваҷҷӯҳ ба ҳудуди ихтиёроти донишгоҳҳои давлатии Эрон метавон гуфт, ки нигоҳ ба донишгоҳҳои Эрон обзорӣ мебошад. Ёфтаҳои ҳосил дар бораи саволи дуюм нишон медиҳад, ки донишгоҳҳои тавлатии Эрон интизор доранд, ки нигоҳ ба онҳо обзорӣ набошад. Аз ёфтаҳои таҳқиқ

натиҷа мешавад, ки муҳимтарин омили муассир дар идораи донишгоҳҳои Эрон муқаррароти идорӣ аст. Ҳамчунин, тасмимоти сиёсӣ дуюмин омили муҳим дар идораи донишгоҳҳои Эрон аст. Аз ду омили боқимонда, омили марбут ба амалкарди бозор метавонад, таъйинкунанда бошад.

- Андерсон ва Ҷонсон (Anderson & Johnson, 1998:6) дарёфтанд, ки ду ҳавзае, ки давлатҳо беш аз соири ҳавзаҳо дахолат мекунанд, иборатанд аз стандартҳои донишгоҳӣ ва умури молию идорӣ;
- Ҳавзаҳое, ки давлатҳо камтар аз ҳама дахолат мекунанд, ҳавзаи барномаи омӯзишӣ ва тадрису ҳавзаи умури ҳукумронӣ монанди шӯроҳо, ҳайати амнон ва анҷуманҳои донишҷӯйи аст.
- Бо таваҷҷӯҳ ба ёфтаҳои таҳқиқ дар бораи суоли аввал дар ҳавзае, ки давлат дар Эрон бештарин дахолат менамояд, аз умури донишҷӯён бо рақами 27/75 аз 30 ва умури идории молӣ бо 25/46 аз 30 ва дар ду ҳавзае, ки камтарин дахолат менамояд, иборатанд аз барномаи дарсӣ ва тадрис бо рақами 17/ 8 аз 30 ва таҳқиқу интишор бо рақами 18 / 75 бо рақами 30 мебошад.
- Бисёре аз соҳибназарон мӯътақиданд, ки бар асоси тасвири вобастагии манобеъ ин мизони истиқлоли донишгоҳӣ ва миқдори манобеи молӣ ва ё тануи манобеи молии донишгоҳҳо ҳаддиаксар иртиботи вуҷуд дорад ва мумкин аст, ин тавр ба назар ояд, ки бо вуҷуди вобастагии шадиди молӣ донишгоҳҳои давлатии Эрон ба манобеи давлатӣ, имкони густариши истиқлоли вуҷуд надошта бошад. Аммо як таҳқиқ тавассути Ҷедот (Jadot1981, 53) натиҷа гирифт, ки дар як муассисаи омӯзиши олӣ таҳти контроли зиёди давлат, эътимоди давлат бар чигунагии идораи фаъолиятҳо аз сӯйи донишгоҳ, таъсири мустақими бештар бар мизони истиқлоли донишгоҳӣ дорад.

## АДАБИЁТ


1. International Association of Universities (IAU) Working Document (1997). Retrieved on 12 November 2010 from: http://www.unesco.org/iau/h^
2. United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO) (1997). *The recodes of the 29th Session of the general Conference;* Resolutions (V. 1, PP. 26-36). Austrian/Paris: UNESCO.
3. Chapman, J. W. (1983). *The western University on Trial.* University of California Press.
4. Yokoyama, K.. (2008). *"Neo-Liberal "governmentality" in The English and Japnese higher education systems ",* Scopus-International studies in Sociology of Education Vol. 18, No. 3-4, PP. 231-247.
5. Watts, R. (1992). *University and Public Policy.* In J. Cutt & R. Dobel (Eds). *Public Purse, Public Purpose: Autonomy and Accountability in groves of academe.* Halifax, Canada: The Institute for Research on Public Policy, (PP. 51-74).
6. Clark, B. R. (1983). *The higher education system: Academic organization in cross national Perspective.* Berkeley, CA: University of California Press.


### ОСОБЕННОСТИ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ АВТОНОМИИ ГОСУДАРСТВЕННЫХ УНИВЕРСИТЕТОВ ИРАНА


В данной статье автором на основе изучения различных материалов, а также теоретических взглядов представителей сферы образования рассматриваются особенности и эффективные формы институциональной автономии государственных университетов на примере государственных университетов Исламской Республики Иран.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** институциональная автономия государственных университетов, автономия, самообеспечение, самофинансирование, теоретический взгляд.


### FEATURES OF THE INSTITUTIONAL AUTONOMY OF THE STATE UNIVERSITIES OF IRAN


In this article the author on the basis of studying of various materials and also theoretical views of representatives of education considers features and effective forms of an institutional autonomy of the state universities on an example of the state universities of the Islamic Republic Iran.



**KEY WORDS:** institutional autonomy of the state universities, autonomy, self-sufficiency, self-financing, theoretical look.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Ходи Раззок Маранди*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# ЗАРУРАТИ ТАВАҶҶӮҲ БА ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШИ НОБИНОЁН


***Алӣ Акбар Мударрис Муқаддам***
**Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Ҳадафи аслии омӯзиш ва парвариши кӯдакони нобино кӯмак ба онон аст, то битавонанд аз зарфиятҳо ва тавоноиҳои худ ҳадди аксар истифода бибаранд. Агарчи як донишомӯзи нобино биноиашро ба даст нахоҳад овард, аммо қодир аст бо истифода аз фурсатҳои баробар, ки ҳаққи онон аст, ҳаммонанди донишомӯзони оддӣ биёмӯзанд ва зиндагӣ кунанд. Дар ин росто, муаллимон ва мураббиён нақши муҳимеро ифода мекунанд ва таваҷҷӯҳ ба чунин қонун аҳамияти бузург дорад.

Биеёре аз соҳибназарон мӯътақиданд, ки ҳадафи аслӣ аз таълиму тарбият кӯмак ба донишомӯз дар касби беҳтарин рушди ақлонӣ ва шахсии ӯст. Ба иборати дигар, таълим ва тарбият, вусъат бахшидан ва такомули қобилиятҳои фард то сарҳади камоли ӯст. Рушди тавоноиҳои ақлӣ шарти даст ёфтан ба озодӣ ва истиқлоли фикрӣ аст. Ин тавоноиҳо ба фард имкон медиҳад, ки афкори равияҳо ва амалкардҳоро дарк карда, осонтар ба ҳадафҳои худ ноил ояд ва тааҳҳудоти худро ба ҷомеа бипардозад.

Панҷ ҳадафи аслӣ барои мадраса вуҷуд доштааст:

1. Кӯмак ба ҳар донишомӯз дар ёдгирии хондан, навиштан ва риёзиёт.
2. Кӯмак ба пешбурди рушду такомули шахсии ҳар донишомӯз.
3. Кӯмак ба ҳар донишомӯз то шаҳрванди муфид шавад.
4. Кӯмак ба ҳар донишомӯз дар омода шудан барои як пеша.
5. Кӯмак ба ҳар донишомӯз ва ба густариши арзишҳои ҳунарӣ ва завқи зебошиносии ҳар муҳассил.

Баҳрамандӣ аз омӯзиш ва дастёбӣ ба ҳадафҳои ёдшуда, ҳаққи мусалламӣ ҳар донишомӯз аз оддиву истисноӣ аст. Он чӣ дар касби ин ҳадафҳо барои донишомӯзони оддӣ ва истисноӣ мутафовут ба назар мерасад, бакоргирии равишҳо ва обзорҳои омӯзишӣ бо таваҷҷӯҳ ба ниёзмандиҳо ва маҳдудиятҳои донишомӯзони истисноӣ ва нобино аст.

Имрӯз бо вуҷуди пешрафтҳои илмиву фановариҳои шигифти тамаддуни башарӣ, пешгириҳо ва маълулиятҳои мухталиф ва маҳви падидаи нохушоянди нобиноӣ ва чузъ дар мавриди бисёр маъдуд орзӯе беш нест. Нобиноён ба унвони қишри ғайриқобили ағмозӣ аз ҷомеа дар сутӯҳи мухталифи синнӣ матраҳ шудаанд. Кӯдаки нобино барои нахустин бор дар фазои хонавода нафас мекашад. Афроди хонавода нахустин касоне ҳастанд, ки кӯдаки нобино ҳузури онҳоро дарк мекунад. Бинобар ин, падару модари кӯдаки нобино нахустин омӯзгорон ва созандагони бинои шахсиятии ӯ ҳастанд.

Падару модаре, ки ба таври ғайримунтазира кӯдаки нобиноеро дар оғӯш мегиранд, бо эҳсоси омехта бо нобовариву адами қабули ин воқеият нохоста ба изтироби андешаи «чи кунам» имрӯз ва нигарониву ваҳшати «чӣ хоҳад шуд» фардо рӯ ба рӯ мешаванд. Ин эҳсос дар рӯҳияву эҳсосоти ин тифли кӯчак ва маъсум асар мегузорад. Эҳсоси ноамниро дар замири ӯ тақвият медиҳад. Иттикои ба нафасро аз ӯ мегирад ва ба худёриву истиқлоли вай зиён мерасонад. Ба ҳамин ҷиҳат, омӯзиш ва роҳнамоии падару модари кӯдаки нобино дар дараҷаи аваал заруритар аз худи ӯст.

Баъзе волидайни кӯдаки нобино нобиноии ӯро фоҷиаи бузург мепиндоранд ва намедонанд, ки дарки онҳо аз фарзандашон ба куллӣ бо дарки вай аз худаш мутафовут аст.Кӯдаке, ки аз ибтидои таваллуд нобино будааст, аслан намедонад, ки аз чи чизе маҳрум шудаву ё чи чизеро аз даст додаст ва дигарон бо ӯ мутафовутанд. Ин ноогоҳӣ аз худ то муддатҳо идома дорад. Аммо касоне, ки дар даврае аз зиндагӣ, бинои худро аз даст додаанд бо мушкили бештаре мувоҷеҳанд ва бояд ин воқеиятро бипазиранд ва саъй дар интибоқу созгорӣ бо муҳит ва иҷтимоъ намоянд. Волидайн ва мураббиён дар ин созгорӣ ва интибоқ нақши муҳимеро ифо мекунанд.

Эҳсосе, ки кӯдаки нобино аз ҷаҳони атрофии худ дорад, ба тадриҷ ба василаи соири ҳавос барои ӯ фароҳам меояд. Ӯ аз дарки шакли куллии ашёъ оҷиз аст. Лизо, барои шиносоии олами хориҷ ба кӯмаки дигарон эҳтиёҷ дорад.

Фаъолиятҳои омӯзишӣ ба сурати густурдае бо ҳисси биноӣ бастагӣ дорад. Барои мисол, ёдгирии рангҳо, мушоҳидаи ҳайвонот, дарки мафоҳим аз ҳолатҳои чеҳраву соири андомҳо, хондани китобҳои чопӣ, эҳсосу идроки сохт бо чашм, тамоман барои кӯдаконе, ки дучори осебҳои биноӣ ҳастанд, маҳдуд аст. Онон бояд тавассути ҳисси ломиса ва шунавоӣ муҳаррикҳоро ламс кунанд ва ё бишнаванд.

Маъмулан муаллим дар клосҳои махсуси донишомӯзони нобино ва нимабино бо 3 гурӯҳи мухталиф аз донишомӯзон мувоҷеҳ мебошанд:

1.Донишомӯзе, ки ба ҳеҷ ваҷҳ қодир ба истифода аз ҳисси биноӣ набудааст, мебоист аз тариқи қаломе ва ё равишҳои ҳиссӣ дар амри омӯзиш ва парвариши онҳо талош кард.

2.Донишомӯзоне, ки илова бар он ки дучори нуқси биноӣ ҳастанд, бо кӯмаку омӯзиш метавонанд то ҳудуде аз тариқи ҳисси биноӣ биёмӯзанд.

3.Донишомӯзоне, ки мебоист аз тариқ ва равишҳои мухталиф (биноӣ, шунавоӣ, ломиса) ба омӯзиш ва парвариши онон пардохт.

Ин донишомӯзон монанди шогирдони оддӣ ба ангезаҳои ақлонӣ, ҳимоятҳои иҷтимоӣ, равонӣ ва фаъолиятҳои ҷисмонӣ ниёз доранд. Агарчи ин донишомӯзон маълуланд, вале бо омӯзишҳои саҳеҳ метавонанд ба узве муассир ва фаъол барои ҷомеаи худ табдил шаванд. Онҳо қодиранд ва ҳам ҳақ доранд, ки аз ҳуқуқ ва мазоёи баробар бо донишомӯзони оддӣ бархӯрдор бошанд. Бинобар ин, барномаҳои омӯзишӣ, ки барои донишомӯзони оддӣ таъйин мешавад, бояд барои инҳо низ муносиб ва қобили истифода бошад. Бо ин тафовут, ки ин шогирдон илова бар барномаҳои оддӣ, ба

омӯзишҳои зиёд ниёз доранд, ки битавонанд, ниёзҳои мунҳасир ба фарди ононро, ки ношӣ аз биноӣ аст, ҷуброн намоянд.

Ин ниёзҳо аз ҳамон давраи пешидабистонӣ вуҷуд дорад, ки бояд волидайн ва мураббиён талош намоянд, илова бар омӯзиши маҳоратҳо ва истифодаи ҳадди аксар аз соири ҳавос, дар эҷоди эҳсоси арзишманд, афзоиши эътимод ба нафс, афзоиши таъомулоти иҷтимоӣ, афзоиши тавоноии корёбӣ ва интихоби шуғл ба кӯдак кӯмак намоянд.

Кӯдаки нобино дар саннини пеш аз дабистон омодагии пазириши омӯзишҳоеро дорад, ки ба касби маҳорати худёрӣ мунҷар мешавад. Лекин аз он ҷое, ки бештари мароҳили ёдгирӣ дар ин саннин аз таърики тақлид сурат мегирад, шоиста аст дигар ҳавоси вай ба ҳадде тақвият дода шавад, ки битавонад ҷойгузини ҳисси биноӣ шавад. Дар вақти тақвияти ҳавас дар ҳар фурсати муносиб бо гуфтани матолиби ширину ҷаззоб муҳити ӯро тавсифу қобили дарк намуд, то қодир ба тақлид шавад. Ҳамчунин, бояд ба рушди ҳаракат ва тақвияти маҳоратҳои ҷиҳатёбии кӯдак таваҷҷӯҳи хосе доштан лозим аст. Кӯдак дар ин синну сол дорои энергияи фаровону ҳаяҷони бисёр барои таҳарруку бозӣ аст ва батадриҷ ба тафовутҳои худ бо дигарон пай мебарад ва кам-кам ба маҳдудиятҳои худ меандешад. Бояд ӯро бо муҳити зиндагӣ ошно кард, то эҳсоси амният кунад. Шароити ширкати ӯро дар бозиҳои гурӯҳӣ бо ҳамсолонаш фароҳам сохт. Ӯро бо тавонмандиҳои худ ошно ва тавоноиҳояшро фароҳам сохт. Агар кӯдак раҳо шудаву дар худ фурӯ равад, батадриҷ аз фароянди рушди ақибмонда ва аз бистари табиии иҷтимоъ мунзавӣ мешавад.

Дарвоқеъ, бисёре аз донишомӯзон, ки ба иллати нуқси биноӣ қодир ба истифода аз китобҳои дарсии маъмулии мадорис нестанд ва аз назари омӯзишӣ нобино маҳсуб мегарданд, то ҳудуде аз қудрати биноӣ ҳастанд, аммо мизони диди онҳо аз 20/200 бештар ва аз 20/70 камтар аст, ҷузъи афроди нимабино маҳсуб мегарданд ва аз назари омӯзишӣ кӯдак ва донишомӯзи нобино ва ё нимабиное маҳсуб мешаванд, ки қодир ба истифода аз китобу барномаҳои оддии омӯзиш ва парвариш набуда ва лозим аст, барои онон равишҳову васоили дигаре тадорук дид.

Бидуни шакку шубҳа, нуқси биноӣ дар эҳрози таҷзия ва касби дониш маҳдудиятҳое эҷод мекунад, вале ин маҳдудиятҳо ба он андоза нест, ки фарди нобиноро аз тамоми фаъолиятҳои омӯзишӣ, фарогирии таҷрибаандӯзӣ маҳрум гардонанд. Чӣ бисёранд афроди нобино, ки дар омӯзиши бисёре аз улуму фунун аз биноён низ беҳтар амал кардаанд.

Нобиноён дар умури инсонӣ пешрафти қобили таваҷҷӯҳ доранд. Дар мусиқӣ мумтоз мешаванд. Бархе аз корҳоро муштаракан бо биноён анҷом медиҳанд. Фикр ва дасти онон бо кӯмаку диди биноён бар бисёре аз мушкилот фойиқ меояд.

Пешрафти таҳсили ин қабил кӯдакон ба 3 далели умда ҳамроҳ бо таъхир аст, зеро:

1. Ба далели мушкилоти биноиву ниёз ба ҷарроҳӣ, ғайбатҳои васеъ дар мадраса доранд.

2. Ин қабил кӯдакон дар синни болотар вориди мадраса мешаванд.

3. Адами вуҷуди барномаҳои омӯзишии муносиб боис мешавад, ки ниёзҳои хоси ин кӯдакон фароҳам нашавад ва умуман ин қабил кӯдакон нисбат ба ҳамасолони худ аз лиҳози пешрафти таҳсилӣ 2 сол таъхир доранд.

Агар низоми омӯзишӣ барои донишомӯзоне, ки зербаноӣ лозимӣ аз ёдгирии таҷрибавиро доранд, маводи омӯзишии муносибе фароҳам кунад ва чунончи хадамоти ҳимоятии муносиб ба изофаи омӯзгорон бо салоҳият ва кифоят дар заминаи кӯдакони нобино ва мураббиёни пурҳаракату ҷиҳатёбӣ вуҷуд дошта бошанд, дар ин сурат барномаи омӯзиши донишомӯзони бино барои донишомӯзони маълули биноӣ «фурсати баробар будан»-ро фароҳам хоҳад кард.

Донишомӯзони мубтало ба осеби биноӣ ниёз ба истифода аз фановариҳои ҷадиди омӯзишӣ, муҳити муносиби омӯзишӣ, дастрасии кофӣ ба маводи барномаҳои дарсӣ ва хадамоти кӯмакӣ доранд, то битавонанд монанди донишомӯзони оддӣ масири муваффақияти хешро дар зиндагӣ тай намоянд. Илова бар ин, омӯзишҳои мустамар дар як замони кӯтоҳ бо мавқеиятҳо ва созгории бештар бо муҳит ва тавсеаи маҳоратҳои дидорӣ таваҷҷӯҳ кардан, таъкид ва радёбии ашёъ зарурӣ аст.

Илова бар ин, он чи ки дар омӯзиш ва парвариши ин кӯдакон нақши зиёде дорад, мураббиён ва муаллимон ҳастанд. Онон дар фарогирии маҳоратҳо барои як зиндагии мустақил дар кӯдаки нобино таъсири фаровоне доранд. Омӯзгороне, ки текнулужиҳои мухталифро барои таҳқиқи ҳадафҳои мутафовути омӯзишӣ истифода менамоянд, гоми муҳим дар барқарории як низоми коромад ва муассир дар хидматрасонӣ ба донишомӯзони мубтало ба осеби биноӣ ба пеш мегузоранд.

Барои рӯёрӯӣ бо ниёзҳои густурдаву ҳамаҷонибаи донишомӯзони оддӣ ва истисноӣ дар мадорис, омӯзиши мушовирон, истондортӣ будани барномаҳои омӯзишӣ ва дарси онон бар асоси назарияҳои рушд, равоншиносии ёдгирии зарурӣ ба назар мерасад. Қонуни ҷаҳонии «Асои сафед»-и кӯдак метавонад, роҳнамои хубе барои ҳимояти ин кӯдакон ва фароҳам кардани шароити таълиму тарбияти онон бошад. Ин қонун аввалин бор тавассути як риёзидони барҷастаи колифорниёӣ Навел Перу ва шогирдаш тадвин гардид ва 15-уми октябрро рӯзи байналмилалии «Асои сафед» номгузорӣ

карданд. Ин қонун тасвири ҷадиде аз нобиноён дар ҷомеа ироа медиҳад ва аз нобиноён мехоҳад, ки барои ҳимоят аз манофеи худ аз ин қонун муталеъ бошанд ва онро ба таъйиди давлати худ бирасонанд. Муҳимтарин мавориди ин қонун иборат аст, аз:

1. Давлат мувazзаф аст нобиноёну дигар маълулони ҷисмиро ташвиқ намояд, то дар тамоми умури иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ширкат намоянд.

2. Давлат мувazзаф аст, нобиноён ва дигар маълулони ҷисмиро дар бахшҳои давлатӣ, дар мадориси давлатӣ бо шароити мусовӣ ҳаммонанди дигар афроди ҷомеа бипазиранд, магар маълулияти хос дар онон монеи анҷоми кор шавад.

3. Нобиноён ва дигар маълулони ҷисмӣ ҳаққи баробар доранд, ки аз макон, таъҳсилот, имтиёзот, васоили ҳамлу нақл монанди ҳавопаймо, қатора, автомобил, киштӣ, автобус, ҳотелҳо, мусофирхонаҳо ва дигар маконҳои илмӣ, марокизи тафриҳӣ, мазҳабӣ ва ғайра, ки умуми мардум аз он баҳраманданд, истифода намоянд.

4. Бояд барои донишомӯзони мубтало ба осеби биноӣ (нобино ва камбино) анвои мухталифе аз текнулужӣ аз қабили электроник, микрокомпютерҳо, сидӣ, дивидӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар имконот фароҳам шавад, то онон битавонанд бо алоқаву беҳдошти равонии беҳтаре эҳсоси тавоноӣ ёд бигиранд ва шод зиндагӣ кунанд.

## АДАБИЁТ


1. Дабирӣ Исфаҳонӣ. Омӯзиш ва парвариши донишомӯзони истинсаноӣ (нобиноён). Теҳрон, 2006.
2. Милонифар Беҳрӯз. Равоншиносии кӯдакон ва навҷавонони истинсаноӣ. Теҳрон, 1990.
3. Сайфи Нароқӣ Маря. Равоншиносӣ ва омӯзиши кӯдакони истинсаноӣ. Теҳрон, 2001.
4. Афрӯзи Ғуломалӣ. Равоншиносӣ ва омӯзишу парвариши кӯдакони истинсаноӣ. Теҳрон, 1995.


## ВАЖНОСТЬ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ СЛЕПЫХ ДЕТЕЙ


Основной целью обучения и воспитания слепых детей является помощь им в адаптации к окружающей их жизни. В статье автором рассматривается важность обучения и воспитания слепых детей .



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, воспитание, слепые дети, адаптация к окружающей жизни, важность обучения и воспитания слепых детей .


## IMPORTANCE OF TRAINING AND EDUCATION OF BLIND CHILDREN


Main objective of training and education of blind children is the help to them in adaptation to life surrounding them. In article the author considers importance of training and education of blind children.



**KEY WORDS:** training, education, blind children, adaptation to surrounding life, importance of training and education of blind children.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Али Акбар Мударрис Мукаддам*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


# АСОСҲОИ РАВОНИИ ФАРОГИРИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ


***Хусрави Иброҳими Тақизода***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Мо дар асри робитаҳо ва иттилоот зиндагӣ мекунем. Дар ин аср ҷаҳон ба шакли як маҳаллаи ҷаҳонӣ даромадааст, ки робита омили бисёр муҳим мебошад ва калиди ҳамаи робитаҳо забон аст. Ҳамаи ҷомеаҳо омӯзиши забони хориҷии зиндаро, ки барои посух додан ба эҳтиёҷоти илмӣ, таткиқотӣ ва иҷтимоии инсон мебошад, роҳ дар дастури кор ва барномаи омӯзиш ва парвариши фарзандони худ қарор додаанд. То ҳоло қадамҳои бузурге дар заминаи чигунагии интиқоли мафҳум ва омӯзиши забони дуюм илова бар забони модарӣ бардошта шудааст ва ҳарсола синни омӯзиши забон коҳиш дода шуда, ҳатто дар баъзе кишварҳо ҳамроҳ бо забони модарӣ дар маҳди кӯдакҳо ва мактабхонҳо ба омӯзиши забони хориҷӣ иқдом мекунанд.

Кӯдакон ҳам маҳорати физикӣ ва ҳам маҳорати гуфтугӯиро дар вазъиятҳои беназм инкишоф медиҳанд. Бузургтарин бахши таҷрибаи онҳо бо модарон ва ё нигаҳбонони онҳо аст. Ҳатто, ҳангоме ки бештар аз як нигаҳдоранда лозим бошад, теъдоди кӯдакон маъмулан маҳдуд аст ва онҳо ба як кудак таваҷҷӯҳ доранд. Омӯзиш агар ба суръати худбахудӣ ва бидуни сохтор бошад, бо ин ҳама кори пайваста барои кӯдак якхела аст.

Вазифаи мактаб ин аст, ки сатҳи таҷрибаи кӯдаконро инкишоф диҳанд ва имкониятҳои ҷалбкунандаро фароҳам кунанд, ҷараёнҳои ёдгириро назм диҳанд ва ба рушди маҳоратҳои фикрии кӯдакон кӯмак кунанд. Саранҷом, ин ки ба кӯдакон дар ёдгирӣ ихтиёр ва масъулият бидиҳанд.

Кӯдакон роҳбурдҳоеро дар хона барои шинохти ҷаҳони атрофи худ ва барои андешидан дар бораи таҷрибаи худ ва барои баёни тааҷҷуби худ, аз ин ки чизи ҷадидеро мебинанд, инкишоф медиҳанд, ки ин навовариҳо набояд дар мактаб ҷойгузини чизе шавад, балки лозим аст дар мактаб ба василаи муаллимони варзида ва моҳир бо кумак кардан ба бачаҳо барои кашфи нерӯҳои худашон боиси афзоиш гардад.

Кӯдакон, қабл аз ин ки ба мактаб биёянд, гуфтугукунандаи моҳире ҳастанд. Онҳо медонанд, ки чи забонеро истифода баранд ва чи гуна калимаҳоро ба таври дуруст истифода баранд. Кӯдакон, ҳангоме ки шароитҳои навро таҷриба мекунанд ва бо калонсолони ҷадид мулоқот мекунанд ва ё бо кӯдакони дигар сӯҳбат мекунанд, онҳо аз забон барои таъбиру тафсир ва барои саволгузорӣ ва барпои баёни назари худ бо истифода аз забон идома медиҳанд. Бо кӯмаки муаллимон ва роҳнамоиҳои моҳиронаи онҳо забони кӯдакон инкишоф меёбад ва дар муҳити мактаб шукуфо мешавад. Эҷодӣ маънӣ дар гуфтор ва гуфтугӯ ва сӯҳбат як фаъолияти гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ аст. Муаллими ботаҷриба медонад, ки чи гуна фазоеро эҷод кунад, ки дар он таҷрибаҳои берун аз мактабии кӯдакон санҷида шавад ва дар бораи онҳо сӯҳбат гузаронида шавад. Муаллими зирак огоҳ аст, ки дар куҷо назарҳо ва ақидаҳои кӯдакон бо эҳтиром гӯш карда мешавад. Ин муаллимон ҳамчунин хабар доранд, ки кӯдакон он чиро, ки медонанд, чи гуна бо эҳтиром баён кунанд.

Агарчи кӯдакон мумкин аст, ки натавонанд хеле хуб фикри худашонро баён кунанд, дар ҳақиқат масрафкунандаҳои ботаҷриба ҳастанд, ба шакли ҳам шинохтӣ ва ҳам забонӣ. Ин кӯдакон барои ёд гирифтани забони худ идома медиҳанд ва ба монанди ҳамсолони худ дар ҳамон забон аз назари рушд яксон ҳастанд, аммо рушди онҳо дар як забони дигар рух доданд ва дар як фарҳанги дигар. Ҳоло, ин кӯдакон бояд, ҷараёни интиқоли он чиро, ки медонанд, ба матни ҷадид шурӯъ намоянд ва ба рушди худ дар ду забон идома диҳанд.

Ҳамаи кӯдакон ба ғайр аз онҳое, ки бе ҷиҳати асабӣ, шадиддат, осеб дидаанд, метавонанд ба ёдгирии забон пардохт намоянд. Агарчи, дар байни забонҳои аввал ва дуюм ба ҷиҳати ёд гирифтани забон шабоҳатҳои зиёде вуҷуд дорад, аммо тафовутҳои зиёде ҳам вуҷуд дорад, ки наметавонем онҳоро нодида гӯем.

Кӯдакони навраси англисизабон забони дигареро намедонанд, вале онҳо дар бисьёре аз маҳоратҳо, ки барои шунидан ва ҳарф задан лозим аст, маҳорат доранд. Онҳо медонанд, ки забон чист ва чи гуна аз забон барои дархост кардан, тақозо додан, даъват кардан ва барои иҷтимоӣ шудан ва хеле чизҳои дигар истифода кунанд.

Ҳамаи кӯдакони хурдсол бисьёр хуб барои омӯхтани забон барангехта мешаванд. Ин кӯдакони хурдсол бо ишқ, муҳаббат, алоқа, таваҷҷӯҳ, ташвиқ, таъриф ва ситоиш дар баробари фаъолиятҳои каломӣ ва забонии худ иҳота шудаанд. Ин кӯдакон пайваста ҳар фаъолиятро барои эҷоди робита ба амал меорад. Кӯдаконе, ки забони дуюмро ёд мегиранд, ба ҳар ҳол мумкин ҳаст ҳамон аҳамият ва ниёзро барои эҷоди робита ва гуфтугӯ ба забони англисӣ, ҳамчун забони дуюм дар худ эҳсос накунанд. Он чуноне ки ҳамсолони онҳо эҳсос мекунанд, нестанд. Онҳо метавонанд қаблан худро маҷбур ба фаҳмидани калимоти забони дуюм ба забони модарии худ бисозанд. Талоши зотии онҳо барои ҳарф задан ба забони англисӣ (забони дуюм) дар дохили мактаб бо ташвиқ ва таъриф ҳамроҳ нашавад. Аммо дар муқобил, бо ханда кардан ва масхара кардани дигарон рӯ ба рӯ шаванд, бар иловаи ин ки ин кӯдакон мумкин аст забони англисиро (забони дуюм) фақат дар мактаб шунаванд ва ҳаргиз дар хонаи худ нашунаванд. Ба таври ки онҳо фурсати камтаре барои дарёфти нишонаҳо ва ишорат барои барангехта шудан ҷиҳати омӯхтани забонро надонанд. Бадбахтона, ин кӯдакон агар хоҳанд ва талош кунанд, забони дуюмро дар хона сӯҳбат кунанд ва ба кор баранд, падар ва модар ва атрофиён ба сахтӣ метавонанд маънии ҳарфҳои бачаи худро намефаҳманд ва ба шакли забони фарзанди худ таваҷҷӯхе надоранд.

Вақте ин кӯдакон талош мекунанд, ки забони англисиро (забони дуюм) дар мактаб ба кор баранд, муаллими онҳо бештар ба шакли ҳарф задании онҳо таваҷҷӯҳ дорад ва бе пайёми дохили сӯҳбати онҳо таваҷҷӯхе надорад. Кӯдакони хурдсол забони модарии худро кам-кам дар тӯли чандин сол ёд мегиранд ва дар ёдгирии забони модарӣ ҳеҷ фишоре аз тарафи волидайн ва атрофиён дарёфт намедоранд. Кӯдакони хурдсол ҳар гоҳ ба таври худ ба худӣ фаъолияте кунанд ва пешрафтеро дар сӯҳбат кардан аз худ нишон диҳанд, аз ҷониби падар ва модар бо истиқбол рӯ ба рӯ мешаванд. Вақте барои кӯдакон лозим мешавад, ки дар мактаб забони англисиро (забони дуюм) ёд бигиранд, фазо хеле тафоввут дорад. Дар ин ҷо, яъне дар мактаб, маъмулан фишорҳои қобили мулоҳиза аз ҷониби муаллимон барои ёд гирифтани забони тоза вуҷуд дорад.

Ин фишор фақат аз тарафи муаллим эҷод намешавад, балки мумкин аст аз тарафи дигар кӯдакон ва муҳити мактаб ва қонуни мактаб эҷод гардад. Дар ёд гирифтани забони дуюм бояд хамаи мураббиён фаъолияти худи кӯдакро бо ҷоиза ҳамроҳ кунанд, ба хусус корҳое, ки ба шакли иттифоқӣ анҷом медиҳанд.

Ҳамаи кӯдакони хурдсол мафҳумҳои мисли шакл, рангро хеле зуд дар солҳои аввали зиндагӣ ёд мегиранд. Баъзе аз ин мафҳумҳо ба содагӣ ба забони онҳо ҷо ба ҷо мешаванд. Аммо дигар мафҳум хеле сахт ҳастанд ва ба осонӣ ҷо ба ҷо намешаванд. Ҳамин мафҳум ҳастанд, ки барои кӯдакон асбоби иштибоҳотро эҷод мекунанд. Масалан, ранги таркибӣ (тайф) дар ҳамаи фарҳангҳо ба як шакл тақсим намешаванд. Дар забони англисӣ ранги таркибӣ бо ду ранг-сабз, зард бо калимаҳои ҷудогона тақсим мешаванд. Аммо дар фарҳангҳо ва забонҳои дигар онро дохили як калима нишон медиҳанд ва баён мекунанд. Ҳамаи кӯдакон эҳтиёҷ доранд, ки моделҳои забони англисиро ҳам ба василаи калонсолон ва ҳам ба кӯмаки ҳамсолони худ ёд бигиранд ва дар маҳалҳои мухталиф шунаванд. Лозим аст бигӯянд, ки дар ҳар забон як қоида барои тақлид вуҷуд дорад, агарчи ҳамаи садоҳои забони англисӣ дар дигар забонҳо ёфт намешавад.

Кӯдакон ниёз доранд, ки бо забон бозӣ кунанд. Онҳо талош мекунанд калимаҳоро созанд ва онҳоро озмоиш кунанд ва бозхурд дарёфт кунанд, дубора талош кунанд. Ин ҳамон равише ҳаст, ки кӯдакон қоидаҳоро меомӯзанд ва худашонро бо он ва дунёи атрофи худ созгор мекунанд. Ин ҷараён дар ҳамаи навомӯзон дида мешавад. Ҳамаи кӯдакон бе доштани як забони калонсоли одатёфта ва мутаносиби фаҳмиши худашон ниёз доранд. Кӯдакон ниёз доранд, таҷрибаҳои мухталифро бо як мафҳум дар маҳалҳои мутафовит ва бо афроди мухталиф дошта бошанд. Ҳар таҷрибаи тоза аз баъзе ислоҳот аз мафҳуми қаблан ба даст меояд.

Шинохти ашъё бо ин мафҳум оғоз мегардад, ки худи ин мафҳум ба шакли мустақим ва шахсӣ ҳаст. Монанди қисматҳои мухталифи бадан (даст, пой, чашм, гӯш), либос, ашёи мактабӣ, радиф кардан бар асоси ранг, шакл, андоза, теъдод, вазифа, ҷинс ки мустақим, шахсӣ ва воқеӣ ҳастанд.

Муқоиса кардан, фарқ гузоштан миёни онҳо шинохти робитаҳои фазоӣ мисли наздик, дур, пеш, ақиб, зер, рӯ, боло, поён, канор, пушт, миёнинҳо ҳама мафҳумҳое ҳастанд, ки муаллимони ботаҷриба ва варзида бо содагӣ метавонанд дар дохили мактабхона ба кӯдакон фаҳмонанд.

Ҳамчунин дар мактабхона фурсатҳои зиёде барои омӯзиши расмӣ ва ғайрирасмӣ дар бораи робитаи фазоӣ вуҷуд дорад, масалан, фаъолиятҳое монанди бозиҳо, корҳои дастӣ, ҳама ниёзманди эҷоди фурсатҳое барои рушди инкишофи кӯдакон дар бораи робитаи фазоӣ ҳастанд, ки муаллимони кӯдакони хурдсол метавонанд ба онҳо таваҷҷӯҳ карда, ба навомӯзон омӯзиш бидиҳанд.

Муаллимон метавонанд бо кӯмаки фурсатҳое, ки дар мактабхона эҷод мекунанд, мафҳумҳоеро, ки дар бораи робитаи замонӣ ҳастанд, ба кӯдакони хурдсол бо осонӣ омӯзиш диҳанд. Монанди гузашта (дирӯз), ҳоло (имрӯз), оянда (пагоҳ), қабл, баъд ва ғайра.

Мафҳумҳои замонӣ камтар аз мафҳумҳои фазоӣ айнан ҳастанд. Ёд гирифтани ин мафҳум барои кудакони хурдсол каме заҳмат дорад ва онҳо барои омӯхтани ин мафҳум мушкилоти бештаре доранд.

Баъзе аз чанбаҳои замон монанди нигоҳ ба самти оянда ва ё ба хотир доштани навбат ва ё ваъдаи мулоқот мафҳуме ҳастанд, ки бо фарҳанги ҳар ҷомеа ё миллате робита доранд ва бояд муаллимон ба он таваҷҷӯҳ кунанд.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ВСЕОБЪЕМЛЮЩЕГО ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ У ДЕТЕЙ МЛАДШЕГО ШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

Данная статья посвящена изучению психологических особенностей всеобъемлющего обучения иностранных языков у детей младшего школьного возраста. Задачей школы является развитие уровня усвоения и умственных навыков школьников, начиная с первого класса общеобразовательной школы. Именно в младшем школьном возрасте прививаются все те важные умения и навыки, которые пригодятся школьнику в процессе его обучения и воспитания.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** дети младшего школьного возраста, умственные навыки, обучение иностранных языков, обучение, воспитание.

## PSYCHOLOGICAL FEATURES OF COMPREHENSIVE TRAINING OF FOREIGN LANGUAGES AT CHILDREN OF YOUNGER SCHOOL AGE

This article is devoted to studying of psychological features of comprehensive training of foreign languages at children of younger school age. A task of school is development of level of assimilation and intellectual skills of school students, since the first class of comprehensive school. At younger school age all those important skills which will be useful to the school student in the course of his training and education take root.

**KEY WORDS:** children of younger school age, intellectual skills, training of foreign languages, training, education.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Хусрав Иброхим Такизода*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина айни

# БАРРАСӢ ВА ТАЪСИРИ НАҚШИ ХОНАВОДА БАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТИ КӮДАКОНИ ЭРОНӢ

*Фарибо Боқирӣ Боқон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар байни тамомии ниҳодҳо, созмонҳо ва муассисоти иҷтимоӣ, хонавода муҳимтарин ва арзишмандтарин ва асарбахштарин нақшҳоро дорост. Хонавода табиитарин ва машрӯътарин воҳиди тавлиди мисл ва фарогиртарин воҳидҳои иҷтимоӣ аст, зеро ҳамаи аъзои ҷомеаро дар бар мегирад. Афрод аз сӯи хонавода ва дар хонавода гом ба арсаи ҳастӣ мениҳанд ва ҷомеа низ аз ташаккули афрод қавом ва ҳастӣ меёбад ва аз он ҷо, ки ниҳоди хонавода муваллиди нерӯи инсонӣ ва маъбари соири ниҳодҳои иҷтимоӣ аст, лизо, хонавода аз аркони умда ва ниҳодҳои аслии ҳар ҷомеа ба шумор меравад. Баҳинҷорӣ ё нобаҳинҷории ҷомеа дар гирави шароити умумии хонаводаҳост ва ҳеҷ як аз осебҳои иҷтимоӣ фориғ аз таъсири хонавода падид намеояд, лизо, ҳеҷ ҷомеае наметавонад иддаое саломат кунад, магар он ки аз хонаводае солим бархӯрдор бошад ва аз тарафи дигар, хонавода бароянд ва инъикосе аз кулли ҷомеа аст. Нақши аслӣ ва ошкори хонавода интиқоли сина ба синаи арзишҳо ва мероси фарҳангӣ ва эътиқодӣ, ҳифзи равобити хешовандӣ, парвариш ва тарбияти насл ва таъмини ниёзҳои асосӣ – инсонӣ ба билохира эҷоди таодули равонӣ ва отифӣ дар афрод аст. Ҳарими хонавода сангар аст. Ҷойгоҳи амн ва рушд аст, пойгоҳе барои ҳифзи фитрат аз хатар ва зери хокистар рафтан аст. Ин ҳаримро бояд аз нобаҳинҷориҳо, инҳирофҳо дур дошт ва барои ҳаёти фарде, ки мехоҳад 60-70 сол дар ин арса зиндагӣ кунад, бояд андешид.

Хонавода гаҳвораи аслии тарбият аст, коргоҳи улгӯсозӣ аст, заминасози таҳаввул ва такомул аст, муҳити рушд аст. Мо ҳеҷ бунёдеро намешиносем, ки дар ҷанбаи сарнавиштсозӣ ва тарбият аз хонавода муассиртар бошад, чаро? Зеро, кӯдак дарсҳои аслӣ ва асосиии худро аз хонавода фаро мегирад. Хонавода ҳастии аслии ҳар ҷомеаест ва агарчи ин ҳастӣ кӯчак аст, лекин мағз ва бунёди ҳар ҷомеае аст. Эътбори ахлоқӣ ва фарҳангии ҳар хонаводае дар тавоноии тарбияти кӯдакон ва парварондани онҳост.

Дунёи имрӯз некӯ дарёфтааст, ки бо эҷоди тазалзул дар аркони хонавода чи балое бар сари худ овардааст. Ба-дин назар, дар садади таъмини амният ва ҳифзи хонавода ва тақвияти он аст ва аз ин тариқ, зимни ҷуброни гузашта мехоҳад роҳ ва расми некӯе дар ҷомеа падид оварад!!

Воқеият ин аст, ки агар бихоҳем дар ҷомеаи башарӣ, хайр ва сулҳ, амният ва ваҳдат, тавофуқ ва исор, саховат ва эҳсон, инсоният ва тақво бошад, ногузирем ин заминаҳоро аз хонаводаҳо оғоз кунем ва ба пайрезии усул ва шеваҳое бипардозем, ки дар он хонаводаҳо зинда ва муҳкам ва пойдор бимонанд, ҳатто имрӯза дар дунёи мо гироише аст барои ба хидмат даровардани улуми инсонӣ дар ислоҳ ва тақвияти хонавода. Давлатҳо саъй доранд ба таҳияи завобит ва қавонине бипардозанд, ки бар асоси он ҷилави муталошӣ шудан ва тазалзули хонаводаҳоро бигиранд.

**Таърифи хонавода ба унвони як систем:** Бар асоси таърифи системӣ (Френч, 1977): Хонавода аз гурӯҳи афрод ва маҷмӯаҳое аз қавонин ва муқарраротт, ки таъйинкунандаи равобити байни афрод ва амалкардҳои онҳо аст, ташкил шудааст. Дар таърифи системии хонавода қавонини ҳоким бар ҳар системе бар он ҷорӣ аст. Барои мисол:

1. **Тамомият:** Амалкарди кулли хонавода бештар аз маҷмӯи амалкардҳои афрод аст.
2. **Тағйирпазирӣ:** Афрод дар даруни системи хонавода дар абъоди мухталифи ҷисмонӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дастхуши тағйироти мудовим ҳастанд. Фароянди ин тағйирот дар қолиби қавонин ва муқарраротн хонавода қобили таъриф аст.
3. **Худназмӣ:** Хонавода алорағми тағйироти мудовим аз дарун муроқибат мешавад ва пайваста як суботи нисбӣ дар хонаводаи ҳоким аст. Ба баёни дигар, хонавода як системи органикии боз аст, ки бо вуҷуди ин ҳақиқат, ки таҳти таъсири нерӯи мудовими дохилӣ қарор дорад, як субот ва таодули нисбӣ ва худҷӯш бар он ҳоким аст.

Мо барои баён ва ташреҳи нақш ва таъсири хонавода бар таълим ва тарбияти фарзандон ниёз ба шиносоии аносур ва фактурҳои зайл дорем: Иртибот. 2. Отифа ва муҳабат. 3. Иқтисод. 4. Огоҳӣ. 5. Таваллуд. 6. Омӯзиши хонавода.

**Иртибот**: Хонавода омӯзишгоҳи рафтор ва кирдори кӯдак аст. Навъи равобити падарон ва модарон бо якдигар ва тарзи бархӯрд ва мавзеъгириҳо дар қиболи кӯдак худ метавонад аз авомили муассир ва таъсиргузор маҳсуб шавад.

Таҳқиқоти равонпизишкон дар бораи рӯҳиёт ва рафтори афроди номутаодил ва нобаҳинҷор нишон додааст, ки ағлаби хушунатҳо, асабиятҳо, тундмизоҷиҳо ва ҳатто ихтилолот ва ибтилооти равонии кӯдакон ва навҷавонон ба иллати вуҷуди хонаводаи нобасомони онҳо будааст. Ба иборате, ағлаби мунҳарифон ва лағзишкорон, ба ҷои он ки психопат бошанд, сусюпот ҳастанд, ба иборати

дигар ба ҷои ин, ки аз бемори ва ихтилолоти равонӣ ранҷ бибаранд, аз заминаҳои иҷтимоӣ ва ҷараёноте, ки реша дар ҷамъ доранд, ранҷ мебаранд. Ин амр, махсусан замоне содиқтар аст, ки кӯдак дар солҳои аввалияи таҷориб ва ҳаёти худ дар хонавода бошад.

Ончи ки ногузирем ва мулзам ба эҷоби он: «Зарурати эҷоди равиши воҳид» аст, агар падарон ва модарон хостори онанд, ки кӯдак бар асари раъй ва назари онҳо ва бар мабнои шева ва улгӯе, ки онон далолат мекунанд, парвариш ёбад, ногузир бояд воридоти зеҳнии атфолро мавриди таваҷҷӯҳ ва иноят қарор диханд ва дарёбанд, ки кӯдак аз чӣ касони дигаре ғайр аз падар ва модар улгӯ мегиранд ва чӣ касоне дар ӯ нуфуз доранд, агарчи дар як хонаводаи мутаорифи эронӣ, бародарон ва хоҳарон ва аҳёнан падарбузургҳо ва модарбузургҳо зиндагӣ мекунанд ва ҳама дар хатти воҳиде аз лиҳози тарбият қарор доранд, вале воқеият ин аст, ки тафовутҳои умдае дар шева ва амал ва ҳам дар тарзи фикрҳо вуҷуд дорад.

Гарчи ин мумкин аст дар робита бо аҷдод содиқ набошад, зеро онон афроди муҷарраб ва хайрхоҳанд, вале дар робита бо бародарон ва хоҳарони аршад содиқтар аст, аз он ҷиҳат ки аввалан, мизони таҷорибӣ онҳо андак аст. Сониян, кӯдаки хурдсолро дар мавориде бо дидаи рақиб ва музоҳим менигаранд. Солисан, инон гоҳе барои дастёбӣ ба аҳдоф ва мақосид кӯдакро василa ва тӯъмаи хеш қарор медиҳанд ва мӯҷиби ворид омадани садамот ва латамоти ҷуброннопазире бар шахсияти тифл мешаванд. Дар хонаводае, ки писар ва духтаре, падар ва модаре, падарбузарг ва модарабузурге зиндагӣ мекунанд, бо ин ки иддаашон аз шаш нафар таҷовуз намекунад, аммо ҳудуди сӣ гуна равобит дар байни онҳо барқарор аст, ки ҳар кадом аз ҷиҳати гуногуне бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад.

Касрати иртибот ва танаввӯи он барои кӯдак аз ҷиҳати мутааддиде муфид аст, ба шарте, ки андешида ва аз рӯи ҳисоб бошад. Тифл дар сояи он ба шодобӣ ва нишот даст меёбад, иҷтимоитар мешавад, ба завобит ва қавонин ошнотар ва омилтар мешавад. Тавони контрол ва тасаллуташ бар худ зиёдтар мегардад. Бо фарҳанги васее ошно мешавад ва лекин акси ин қазия низ содиқ аст.

Дар касрати танаввуъ, кӯдак ногузир аст аз яке дастур бигирад ва тобеи як амр ва наҳй бошад. То битавонад бад-он гӯш супурда ва онро итоат намояд.

Таадуди манобеи фармондеҳӣ натанҳо заминаро барои сардаргумии онҳо фароҳам хоҳад кард, балки дар мавориде мумкин аст, кӯдакро ба исён кашонда ва ё нисбат ба амр ва наҳйҳо ӯро бетафовут гардонда ва ё дар мавориде вазъи хатарноктаре падид оварад, ки он ёфтани чеҳраи мунофиқонае ва дурӯӣ дар ҳукм ва амал аст ва ба силоҳ ва маслиҳати кӯдакон ва ҳаёти ҳол ва ояндаи онҳо нест.

Вақте тамосҳо ва бархӯрдҳо мутааддид бошад, асароти ногуворе бар рӯи шахсияти кӯдак мегузорад ва роҳро барои суботи рафтори ӯ баста мешавад ва тарбияти чунин кӯдаке тарбияти хос аст, ки на ба вазъи волидайн ва рафтори ӯ шабоҳат дорад ва на ҳатто дигар аъзои хонавода, ки ҳар кадом ба наҳве дар ӯ таъсир доштаанд ва хонаводае, ки инчунин амал кунад, хонаводаи нобасомон ва оризасоз аст.

Муҳаббат зарурати рушд ва ҳаёти кӯдак аст ва тифл аз тариқи он ба шодӣ ва нишот даст меёбад. Дар амри нақши муҳаббат дар таълим ва тарбият ончи бар дили кӯдак менишинад ва ӯро ором, мӯътадил ва табиӣ месозад, муҳаббати ба андоза аст на кам, на беш, на ифрот, на тарфит, аммо, мутаассифона, мо ҳамвора ду сари меҳварро нуқтаи дид ва амал қарор медҳем ё ифрот, ё тафрит, ки ҳар ду беморгуна аст, аммо чаро ифрот? Ва чаро тафрит?

- Ба далели такфарзанд будан, танҳо писари хонавода ё танҳо духтари хонавода будан;
- Марги пай дар паи фарзандон;
- Исрор дар ин, ки фарзандонашонро мубодии одоб ва муошират бор оваранд ва ё аз бурузи анвои укдаҳо дар вай ҷилавгирӣ намоянд;
- Баландпарвозиҳои волидайн барои кӯдакон;
- Вуҷуди изтироби беморгунаи волидайн дар тамоми заминаҳо; аам аз изтиробҳои шуғлӣ, таҳсилӣ;
- Танҳоӣ ва бекории волидайн;
- Адами созиш бо ҳамсар, ки боис мешвад тамоми таваҷҷӯҳ ба кӯдак маътуф гардад;
- Фавти яке аз завҷайн;
- Кӯшиш дар ҷиҳати ҷалби таваҷҷӯҳи кӯдак ва ҷалби афкор ва гироишҳои кӯдак;
- Касрати фарзандон;
- Кости маоши волидайн;
- Дахолати атрофиён ва бастагони наздик.

Кӯдакони ифротӣ ё тафритӣ зудтар аз бақияи кӯдакон дар баробари мушкилот мелағжанд. Мо бояд фурсати рушд кардан, фурсати хато карданро ба кӯдаконамон бидиҳем. Онон ниёз ба таҷрибаҳои замони кӯдакӣ бо назорати волидайн доранд. Волидайне, ки фурсати таҷриба кардан ва омӯхтанро аз кӯдакони худ салб мекунанд ё ба доми ифрот меафтанд, ё ба доми тафрит Дар он сурат ояндаи тифл ба мухотира хоҳад афтод, чаро ки мо шахсияти кӯдаконамонро бад танидаем, аз онон мавҷудоти заиф,

мутаваққеъ, зудранҷ, айбҷӯ ва нобаҳинҷор халқ кардем ва ҳамин амр аст, ки баъзан заминаи вуруди фарзандонамонро ба доираи ҷурм ва безеҳ фароҳам меоварад.

Нақши иқтисод: Вақте манобеи даромад боло ва ё поин бошад дар ҳар ду маврид қобили таваҷҷӯҳ аст, аммо он чи бештар мавзӯи баҳс аст, нақши фақр бар таълиму тарбият аст. Фақр фазои хонаводаро ноамн мекунад, волидайни фақир дар назди фарзандон эътибор ва хайсияти лозимро надоранд. Фақр барои кӯдак оризаофарин аст. Ҳатто гоҳе мумкин аст ҳайсияти хонаводаро дастхуши худ созад, барои мисол; танҳо кофист решаҳои олудагӣ ва инҳирофи ҷинсиро дар кӯдакон ҷустуҷӯ кунед ва дарёбед, ки яке аз илали он ҳамин масъалаи фақр аст. Афсурдагӣ, инзивоҷӯӣ, эҳсоси ҳақорат, эҳсоси раҳошудагӣ, зудранҷӣ, ҷароҳатҳои дарунӣ ҳама меваҳои талхи фақранд.

**Огоҳӣ ё ғафлат??** Бисёрӣ аз волидайн худро огоҳ талаққӣ мекунанд, аммо фарқ аст байни огоҳӣ ва ҷаҳл! Огоҳӣ мунҷар ба рушд аст ва кайфияти таълим ва тарбиятро иртиқо мебахшад, лекин ҷаҳл бехабарӣ аз мақулаи фавқ аст. Дунёи имрӯз, дунёи пур аз тазодҳо ва авориз аст. Одамӣ ҳар лаҳза дар маърази фанои ҷисмӣ ва ахлоқист ва бо ҳамаи имконоте, ки барои башари имрӯз аст, бояд гуфт, ки нисбат ба гузашта, басе маҳдудтар ва маҷбуртар аст. Ба ҳангоме ки савори автомобил мешавед, дигар молики ҷони худ нестед ва ҳангоме ки дар ҷараёни иҷтимоъ қарор мегиред, монанди касе мешавед, ки дар ҷараёни сайл қарор гирифтаед. Ҷаҳл ва ғафлати волидайн заминае сӯи тарбиятро барои фарзандон фароҳам меоварад. Бар асоси омор 27% табаҳкорон волидайни ҷоҳил ва ноогоҳ доштаанд, ки дар парвариши шахсияти онҳо контрол ва мизони ҳисобшуда вуҷуд надоштааст. Падар ва модароне, ки ҷоҳил ва ғофил бошанд, кӯдаконашон барои сару сомон додан аз зиндагии худ ба дунболи касби огоҳӣ хоҳанд рафт!! Баргузории клосҳои омузиши хонаваода дар Эрон аз тариқи тарбияти мударисини омӯзиши хонавода гоми мусбатест дар ин росто, аммо он чи ки ҳанӯз ҳам камранг мондааст, ҳузури падарон дар ин клосҳост ва яккутбӣ кардани таълиму тарбият ба суи модарон фароянди нохушояндест, ки ҳанӯз дар Эрон ва шояд дар бисёре аз кишварҳои дигар машҳуд аст. Кӯдакони огоҳ ба ноогоҳии волидайн; роҳу расме дар пеш мегиранд, ки дар он битавонанд бо сӯиистифода аз ҷаҳли волидайни худ ба хостаҳои худ ҷомаи амал бипӯшонанд. Кӯдакони волидайни ҷоҳил худро раҳо ва озод эҳсос мекунанд. Ва ин эҳсоси раҳошудагӣ барои ӯ арзон тамом намешавад. Дар зимн, ин асл фаромӯш нашавад, ҳарчи сатҳи фарҳангии волидайн поинтар, ғафлаташон бештар ва ҳаёти ахлоқӣ ва тарбиятии кӯдак бештар дар маърази мухотира хоҳад афтод. **Таволуд** (касрати фарзанд ва сӯи тарбият): Нуктаи қобили таассуф ин аст, ки онҳо, ки тавон ва ҳол ва лаёқати кофӣ барои тарбияти фарзандро доранд, худро ба умури бисёре саргарм карда ва ба доштани яке ду фарзанд он ҳам ба сурати ёдгори умр басанда кардаанд ва он диггарон, ки чунин тавон ва лаёқатеро надоранд ба тавлид ва таксир пардохта ва муҷиботи нигарониро ҳам барои худ ва ҳам барои кӯдаконашон фароҳам меоваранд. Мо мункири он нестем, ки мардони бузург ва хонаводаҳои шариф ҳам дар мавориде соҳиби фарзандоне мутааддиданд, вале ағлаби хонаводаҳои пурҷамъиятро табақаи фақири ҷомеа ташкил медиханд, ки камдаро маданд. Тавони вақтгузории лозимро барои тарбияти фарзанд надоранд ва ҳатто муҳити маскунии муносиберо барои фарзандони худ наметавонанд таъмин кунанд ва лизо, фарзандонашон дар хонавода шоҳиди беназмиҳо, бебандубориҳо ва сӯи муоширатанд ва маълум нест, фарҷоми корашон ҷӣ хоҳад шуд? Авориз чунин касрат:

- Камранг шудани авотифи байни ҳамсарӣ;
- Фақри отифии кӯдакон – фақри ахлоқӣ;
- Фиқдони муҳити лозим ва кофӣ ҷиҳати пешрафти таҳсилӣ;
- Паст будани сатҳи зинадгӣ;
- Фақи иқтисодӣ ва сӯитағзия;
- Тааддуди манобеи фармондеҳӣ;
- Ақабмондагии дарсии инчунин кӯдакон бисёр зиёд аст, зеро волидайн имкони расидагии дарсиро надоранд. Баррасӣ дар як ҷомеаи ғарбӣ нишон додааст, ки 47% шогирдони мадорис марбут ба хонаводаҳое будааст, ки 6 фарзанд ё бештар доштаанд;
- Афзоиши хатари инҳироф ва лағзиш;
- Ворид шудани зудбаҳангоми кӯдакон ба дунёи кор;
- Издивоҷҳои зудҳангоми фарзандон;
- Боло будани омори талоқ дар байни ҳамсарон ва фарзандони ин қабил хонаводаҳо.

Омӯзиши хонавода: Омӯзиши хонавода яке дигар аз равишҳои муасиир ва ғайримустақими муқобила бо афти дарсӣ – нособзгориҳои таҳсилӣ ва рафторӣ аст, ки аз солҳои 1960 мелодӣ ибтидо, дар Амрико, сипас, дар Аврупо ва соири кишварҳо ривоҷ ёфт. Тарафдорони кор бо волидайн ва омӯзиши онон бо таъкид бар нотавонии низомҳои омӯзишӣ ва баъзе дигар аз созмонҳои иҷтимоӣ дар мубориза бо хушунат, безеҳкорӣ ва суистифодаи ҷинсӣ аз кӯдакон, ақида доранд, ки дар мубориа бо масъалаи афти таҳсилӣ ва носозгории равонӣ ва иҷтимоӣ ва хушунате, ки дар хонавода дар мавриди кӯдакон анҷом мешавад, муассиртарин роҳи ҳал, танзими барномаҳое дар ҷиҳати огоҳӣ додан ба авлиё ва

ҷалби ҳамкории онон аст. Яке дигар аз далоили ривоҷ ва шукуфоии барномаҳои омӯзиши авлиё, ниёз ва тақозои рӯзафзуни хонавода барои касби иттилоот дар мавриди рушд ва ниёзҳои кӯдакон аст. Натоиҷи таҳқиқоти васее, ки тавассути Гудсен ва Ҳесс (1976) дар Ғарб, бавижа, дар манотиқи пурҷамъият ва ғайримураффаъ анҷом шуда намудори ин воқеият аст, ки волидайн ба ин қабил огоҳиҳо ба шиддат ниёзманданд.

Пуртво (1983) дар мутолиоти худ дар заминаи асари муҳити хонаводагӣ бар созгории таҳсилӣ ва иҷтимоии кӯдакон ба ин натиҷа даст ёфт, ки 70% рушди кӯдакон таҳти тасъири воқеиятҳои зиндагии хонавода (рафтор, нигаришҳо, хусусиёти шахсиятӣ, тавоноиҳои зеҳнӣ, мақом ва мавқеияти иҷтимоӣ ва муҳити зиндагии волидайн) қарор дорад, ки ҳосили ин рушд метавонад тавҷеҳкунандаи 74/40% тафовути амалкарди таҳсилии кӯдакони ҳафтсола дар поёнии соли аввали ибтидоӣ бошад. Ин муҳаққиқ ва ҳамкори ӯ, Дупонт асари муҳити хонаводагиро бар рушди каломии кӯдак мавриди таҳлил қарор дода ва бар таъсири муҳими хонавода дар эҷоди маҳоратҳои каломӣ таъкид доштаанд.

Фавоиди баргузории клосҳои омӯзиши хонавода:

- Ҳамвора мушорикати авлиё дар рушди шинохтӣ ва иҷтимоии кӯдак мусбат арзёбӣ шудааст;

- Барномаҳое, ки дар мадраса ё дар муҳити зиндагии кӯдак дар ҷиҳати афзоиши маҳоратҳои тарбиятии водлидайн ташкил мешавад ва фаъолиятҳоеро ба онон меомӯзад, то дар хона бо фарзандони худ анҷом диханд;

- Ин омӯзишҳо чи ба сурати омӯзиш бошад ва чи ба сурати ироаи пешниҳодҳои тарбиятӣ ё гурӯҳдармонӣ, ин аст, ки муҳити моддӣ ва фарҳангӣ ва кайфияти тарбиятии муҳити хонавода иртиқо ёбад ва волидайн битавонанд аз масъулиятҳои худ дар заминаи рушди отифӣ, шинохтӣ ва ҳракатии фарзандони худ огоҳӣ ёбанд. Омӯзиши хонавода ва эҷоди пайванд байни хона ва мадраса аз барномаҳои муфиди дигарест, ки мадориси мо метавонанд барои тазмини асарбахшии таълиму тарбият дар мадраса аз он истифода кунанд. Дар Эрон зарфияти омӯзишу парвариши волидайн ва асароте, ки хонавода метавонад дар беҳбуди вазъияти таҳсилӣ ва рафтории донишомӯзон дошта бошад, камтар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти мухталиф (Бозаргон, Заҳро; 1375) ва тамосҳои анҷомгирифта бо авлиё нишондиҳандаи тамоюли онҳо ба ҳамкорӣ бо мадраса дар ҷиҳати беҳбуди кайфияти таҳсили фарзандонашон аст. Бинобар ин, нақши муҳими хонаводаро дар муваффақияти барномаҳои тарбиятӣ набояд фаромӯш кард. Омили дигар дар муваффақияти ин барномаҳо тақвияти эҳсоси масъулият дар муаллимон; огоҳ кардани онон аз асароти муҳими навъи нигариши худ ва интизоре, ки аз донишомӯзон доранд; таъсири равишҳои тадрис таомули он ба вазъияти таҳсилии донишомӯзон аст. Бадеҳист, ки бо таҳввул дар барномаҳои маркизи тарбиятмуаллим ва таҷдиди назар дар барномаҳои омӯзиш зимни хидмат метавон камбудҳои ҳирфаии муаллимон, бавижа ноошноии ононро бо чигунагии эҷоди равобити мусбат бо авлиё ҷуброн кард. Дар ин миён нақши муҳими мадраса ва анҷуманҳои авлиё ва мураббиёнро дар ҷалби мушорикат, омӯзиши волидайн ва баҳрагирӣ аз зарфият ва истеъдодҳои билқувваи хонавода набояд фаромӯш кард.

Хонавода омӯзишгоҳи рафтори кӯдак аст, навъи равобити падарон ва модарон бо якдигар ва тарзи бархӯрд ва мавзеъгириҳо дар қиболи кӯдак худ аз авомили таъсиргузор ва асарбахш маҳсуб мешавад.

Мо барои идораи дурусти хонавода ба завобит ва муқаррароте ниёз дорем ва волидайн бояд муҷрии ин завобит ва ҳофизи он дар муҳити хонавода бошанд. Табиист, ки дар чунин сурате падарон ва модарон аз санадият ва иқтидоре бархӯрдор хоҳанд шуд. Оре, хонавода омӯзишгоҳи рафтор ва кирдори кӯдак аст, зеро кӯдак меҳр ва вафо, лабханд ва туршрӯӣ, шарофат ва инҳирофро аз хонавода меомӯзад. Ӯ ба иллати заъфи ақлоӣ, адами истиқлоли фикрӣ ва иқтисодӣ наметавонад аз таъсироти он дур бошад. Тамоюлоте, ки кӯдаки имрӯз аз хонаводаи худ нишон медиҳад, дар поягузориҳои баъдии зиндагии иҷтимоии ӯ ва равиши баъдии ҳаёташ нақши фавқуллода дорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Дуктур Фарҳудӣ. Парвариши кӯдак ва рафъи мушкилоти равонӣ..
2. Дуктур Сайид Абулқосими Ҳусайнӣ. Усули беҳдошти равонӣ.
3. Дуктур Манучеҳриён. Ҷаро атфол нософзор мешаванд.
4. Тарҷумаи Муҳаммади Ҳиҷозӣ. Шодкомӣ..
5. Тарҷумаи дуктур Оворагон. Равоншиносии кӯдак.
6. Тарҷумаи Ваҳиди Мозандаронӣ. Равоншиносии илмӣ барои ҳамагон.
7. Тарҷумаи Ғуломалии Сармад. Равоншиносии кӯдак.
8. Дуктур Баёнӣ. Хонавода ва тадобири тарбиятӣ.

**ИССЛЕДОВАНИЕ И ВЛИЯНИЕ РОЛИ СЕМЬИ НА ОБУЧЕНИЕ И ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ В ИРАНЕ**

В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению роль семьи в обучении и воспитании детей в Иране. Воспитание в семье предопределяет создание нравственных, духовных, эмоциональных и других основ личности. Семейное воспитание играет значительную роль в воспитании и формировании личности ребенка, поэтому ему следует уделить внимание не только родителям, но и учителям работающим с родителями. Неблагополучие семьи отражается на обучении и воспитании ребенка в школе.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** семья, школа, обучение, воспитание, образование и воспитание ребенка, взаимосвязь школы и семьи, взаимоотношениях учителей, учеников и родителей в воспитании детей.

**RESEARCH AND INFLUENCE OF THE ROLE OF THE FAMILY ON TRAINING AND EDUCATION OF CHILDREN IN IRAN**

In this article by the author it is subjected to consideration and studying a family role in training and education of children in Iran. Education in a family predetermines creation of moral, spiritual, emotional and other bases of the personality. Family education plays a significant role in education and formation of the identity of the child therefore he should pay attention not only to parents, but also the teachers working with parents. Trouble of a family is reflected in training and education of the child at school.

**KEY WORDS:** a family, school, training, education, education and education of the child, interrelation of school and a family, relationship of teachers, pupils and parents in education of children.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Фариба Багери Баган***-соискатель кафедры педагогики ТНУ

# БАРРАСИИ НАЗАРОТИ ТАРБИЯТИИ СОҲИБНАЗАРОНИ ТАЪРИХИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТИ ЭРОН

***Нуралӣ Тунӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар ин мақола ба таври мухтасар ба баррасии назароти тарбиятии 5 тан аз соҳибназарони таълиму тарбият, яъне Ибни Сино, Унсурулмаолӣ, Ғазолӣ, Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва Саъдӣ пардохтем. Асосан, аз маҷмӯи назароти ин нависандагони бузурги таълиму тарбият метавон истинтоҷ кард: кӯдакро мӯътақид ба Худо ва шариати Ислом бор биёваранд. Кӯдакро ороста ба ахлоқи ҳасана кунанд ва одоти некӯро дар ӯ эҷод кунанд ва корҳои зиштро дар назари ӯ мазмум ҷилва диҳанд, то аз онҳо мутанаффир шаванд ва дурӣ ҷӯянд.

**Омӯхтани ҳунар ва пеша ва роҳи имрори маош, беҳдошт ва тандурустӣ** Равиши таълиму тарбият, ба ақидаи ин донишмандон, бар пояи эътидол ва миёнаварӣ будааст, яъне ташвиқу таҳдид ва биму умед бо ҳам ба кор раванд.

Дар ҷараёни таълиму тарбият авомили мутааддиде дахолат доранд, ки яке аз муҳимтарини онҳо, ки ба унвони муҷрии ниҳоии барномаҳои тарбиятӣ ба ифои нақш мепардозад, муаллим аст. Ба қавли Крим(1993) муаллим дар марокизи фароянди омӯзиш қарор дорад ва бо таъкид ё чашмпӯшиҳои худ бар аҳамияти матлабе меафзояд ё онро нодида меангорад. Ӯ дар ҷараёни омӯзиш ва парвариш ин имконро дорад, ки донишомӯзонро ба фаъолият водорад ва ё ба инфиол бикашонад (шариатмадорӣ), чаро ки дар мутамарказтарин низомҳои омӯзишӣ низ муаллим дар ҳавзаи клоси дарс озод аст (Луи, 1991) ва ба унвони сукондори киштии таълиму тарбият ба анҷоми вазифа мепардозад.

Ӯ бо бакоргирии шеваҳои хос метавонад аз интиқоли сирфи маълумот фаро равад (Диюи, 1993) ва парвариши тамоилоти табиии кӯдак, бавижа тамоил ба кашф бар асоси таҷрибаро ташвиқ кунад ва кӯдаконро ёрӣ диҳад, то ба ҷойи ба даст овардани иттилоот пажӯҳиш дар умурро ёд бигиранд(Билир, 1369).

Бо таваҷҷӯҳ ба аҳамияти равиш ва чигунагии тадрис, акнун масъала ин аст, ки бо кадом даста аз шеваҳои ёддиҳӣ- ёдгирӣ шароитеро фароҳам кард, то донишомӯзон бо алоқа ёд бигиранд, дар ҷараёни омӯзиш фаъол бошанд ва маҳоратҳои асосиро касб кунанд.

Дар посух ба ин масоил ба мутолиаи дидгоҳҳои чанд тан аз донишмандони исломии эронӣ дар мавриди равишҳои омӯзиш пардохтем. Ибтидо, оро ва ақоиди тарбиятии Ибни Сино дар бораи равишҳои таълиму тарбият баён гардад. Сипас, назароти Кайковус ибни Искандар дар хусуси равиши таълим ва омӯзиши олӣ матраҳ мешавад. Он гоҳ, равиши тарбият аз назари Ғазолӣ мавриди баҳс қарор мегирад. Ба дунболи он, тафаккуроти Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар бораи равиши таълим баррасӣ мегардад. Баъдан, ба тартиб, назароти Саъдӣ, Авҳадӣ ва Ҷомӣ дар ҷанбаҳои мухталифи таълиму тарбияти кӯдакон унвон мегардад.

**Ибни Сино.** Нахустин донишманд ва мураббии машҳуре, ки пас аз Ислом бо сароҳат роҷеъ ба таълиму тарбият назароте иброз карда, Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Вай яке аз наводири донишмандони номии ҷаҳон ба шумор меравад. Дар Машриқзамин баъд аз Арасту ва Ҷолинус ӯро хотами ҳукамо ва пизишкон ва донишмандон шумурдаанд.(Вакилиён, 1374).

**Равиши таълиму тарбият аз назари Ибни Сино.** Ба эътиқоди ӯ, муаллим бояд бо дин, дурусткор, хирадманд, покиза ва муваққир буда ва бо равиши таълиму тарбияти кӯдакон ва таҳзиби ахлоқи онон ошно бошад ва битавонад кӯдаконро аз ҷанбаҳои мухталиф бишиносад, қареҳаи ононро бисанҷад ва ҳуши эшонро биёмӯзад.

Дар равиши таълиму тарбият Ибни Сино ақида дорад, ки муаллим бояд кӯдакро замоне ташвиқ ва гоҳе таҳдид кунад ва, чунончи ин амал натиҷа надод, аз танбеҳ истифода кунад.

Вай эътиқод дорад, ки муаллим ба ҳангоми тадрис боясти равияе мӯътадил дошта бошад, яъне на худро чунон вонамуд созад, ки кӯдак ҷуръати суол кардан надошта бошад ва чунон бо мулоимат ва оромӣ рафтор кунад, ки кӯдак ҷасур ва дилгир гардад ва ба матолиби ӯ таваҷҷӯҳе нишон надиҳад.

Ибни Сино шаш навъи таълимро ба шарҳи зер баён месозад:

1. **Таълими зеҳнӣ**, ки дар он омӯзгор як мавзӯи куллиро барои шогирд баён месозад ва аз он мавзӯи куллӣ амри маҷҳулро маълум мекунад, монанди шарҳ додани иллати ҳавз дар зимистон.

2. **Таълими саноӣ,** яъне омӯхтан, ки бакоргирӣ ва истифода аз абзор ва олоте, ки барои ҳар санъате зарурӣ аст, монанди: матта, ранда ва арра дар дуредгарӣ.

3. **Таълими талқинӣ**, барои ёд гирифтан аз роҳи талқин ба кор гирифта мешавад, монанди: тамаркуз додани ҳаввос ва такрори ашъор барои ҳифз кардани онҳо.

4. **Таълими таадцубӣ**, омӯхтани одоти писандида ва нек аз роҳи панду андарз аст.

5. **Таълими тақлидӣ**, ки дар он шогирд суханони омӯзгорро бедиранг ва бидуни далел мепазирад. Ногуфта намонад, ки рафтори муаллим бояд ба наҳве бошад, ки мавриди эътимод қарор гирад, то ин навъи таълим имконпазир гардад.

6. **Таълими танбеҳӣ**, огоҳ сохтани шогирд аз румуз ва илал ва осор ва ҳаводисе, ки рӯзона мушоҳида мекунад, монанди: иллати шақвати аҷсом ё чашмак задани ситораҳо ё нузули борон.

**Кайковус ибни Искандар**. Кайковус ибни Искандар мулаққаб ба Унсурулмаолӣ дар соли 412 мутаваллид шуд ва дар синни шасту сесолагӣ натиҷаи таҷрибиёт ва матолиби худро барои фарзандаш Гелоншоҳ ба нигориш дароварда, ки ба «Қобуснома» шӯҳрат дорад. Ин китоб шомили чиҳилу чаҳор боб мебошад, ки бештар назароти тарбиятии ӯ мебошад(ба нақл аз Вакилиён).

**Равиши таълиму тарбияти Кайковус ибни Искандар**. Равиши тарбият тибқи назари Кайковус бояд сахт ва муттакӣ ба ҳайбат ва қудрати муаллим бошад. Агар кӯдак коҳилӣ кунад, муаллим бояд вайро бизанад, то бар тани худ комилан мусаллат шавад ва дар мавқеи задан падар набояд ба фарзанд шафқат барад. Лекин, худи ӯ ҳам набояд ба василаи муаллим сиёсат кунад, то кинаи падар дар дил нагирад. Кудак ҳар чиро биёмӯзад, бояд бад- он амал кунад.

Ба назари Кайковус, мусоҳибат ва ҳамнишнӣ таъсири бисёр дар ахлоқ дорад. Ҳамин ҷиҳат, мукаррар тавсия мекунад, ки кӯдакро бо мардони некӯхисол маҳшур ва аз афроди бад дур нигоҳ доранд. Вақте фарзанд болиғ шуд, боядаш мутааҳҳил сохт, вале набояд аз хешони зан ихтиёр кард, балки бояд аз хонаводаҳои дигарон васлат намуд, то бар нуфузи хонадон афзуда шавад.

Унсурулмаолӣ нисбат ба духтарон шафқат меварзид ва аз падару модар мехоҳад, ки пайваста бо онҳо мехрубонӣ кунанд ва аз хостаи хеш нахуст ӯро шавҳар диҳанд, то вазъи норавои ӯ каме ҷуброн шавад.

**Имом Муҳаммад Ғазолӣ**. Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ дар соли 450 ҳиҷрии қамарӣ дар атрофи Тӯс мутаваллид шуд ва тавонист дар соли 484 самти мударрисии «Низомия»-и Бағдодро, ки аз арҷмандтарин мақоми илмӣ буд, ба даст оварад. Муҳимтарин таълифоти ӯ ба забони форсӣ яке «Кимиёи саодат» ва дигаре «Насиҳатулмулук» мебошад, ки назароти тарбиятии вай дар ин осор омадааст.

Дар равиши тарбият назараш чунин аст:

1. Матолибро бояд аз тариқи талқин дар дил ва сари кӯдак ҷой дод.

2. Тифлро бояд, то он ки мумкин аст, ташвиқ кард ва ҳамеша обрӯйи ӯро ҳифз кард, то шахсият пайдо кунад. Дар ин хусус бо ибороте шево фармояд: «Тифл агар биёмӯхт ва бад- он кор накард(падар ё муаллим) насиҳат кунад ва панд диҳад ва ӯро ба Худои азза ва ҷалла битарсонад. Валекин, бояд ки ин сӯҳбат дар хилват бувад, то он шафқат бошад, ки насиҳат дар фазиҳат кардан бувад ва он чи гӯяд, ба лутф гӯяд, на ба унф.»

3. Ҳар чи ба тифл омӯхта шавад, бояд бад- он амал кунад, зеро илми муҷаррад ва назарӣ ба инсон кӯмак намекунад ва асаре ба он муртабит нест.

4. Бо кӯдакон бояд ба меҳрубонӣ рафтор кард ва аз бозии онон хушҳол шуд ва дар шодии онҳо ширкат ҷуст.

5. Таъдиби тифл бояд ҳатталимкон бо таҳдид анҷом шавад ва дар сурате ки муассир наюфтад, бояд вайро зад, вале ба ҳангоми задан ӯро ба таҳаммул водошт ва аз фарёд кардан ва шафеъ барангехтан манъ кард.
6. Тифлро ба содагӣ дар хӯрок ва либос ва васоили истироҳат бояд одат дод.
7. Падар бояд ҳашмати худро ба фарзанд нигоҳ дорад.

Ғазолӣ дар мавриди духтарон тавсия кардааст, ки бо онҳо бо эҳсон ва мадоро рафтор шавад.

Созмоне, ки барои таълиму тарбият пешниҳод мекунад, дар ваҳлаи аввал хона ва мактаб аст. Ба эътиқоди вай, муаллим бояд муттақӣ ва некӯкор буда ва муроқиби гуфтор ва рафтори хеш бошад. Бо кӯдакон зиёд сухан нагӯяд ва дар ҳузури онон бо касе мазоҳ накунад ва бовиқор ва боҳайбат бошад.

Шогирд бояд муаллими худро чи дар зоҳир ва чи дар ботин эҳтиром бигзорад ва ӯро аз падар азизтар бидонад, зеро падар сабаби зиндагонии фонӣ ва устод зиндагонии боқӣ аст.

Ғазолӣ барои тарбияти кӯдак се марҳалаи муҳимро пешниҳод мекунад:
1. Вақте кӯдак ба синни ҳафтсолагӣ расид, ӯро бо мадоро ба таҳорат ва, ҳамчунин, хондани намоз дастур диҳанд.
2. Вақте кӯдак ба даҳсолагӣ расид, агар дар мактаб тақсире бошад, бояд танбеҳ гардад ва боясти аъмоле чун дурӯғ гуфтан, дуздӣ ва ҳаромхӯриро дар назари кӯдак бисёр зишт ва нописанд ҷилва диҳанд.
3. Ҳангоме ки кӯдак ба синни булуғ мерасад, лозим аст бо тадбир ӯро аз илал ва асрори одобе, ки ба вай омӯхтаанд, огоҳ созад.

**Хоҷа Насириддини Тӯсӣ**. Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар соли 597 мутаваллид гардид ва дар Хуросон парвариш ёфт ва дар Бағдод ба соли 672 вафот ёфт. Вай муҳимтарин фузалои асри хеш ба шумор мерафт ва дар тамоми олами Ислом шӯҳрат ва овозаи ӯ дар фалсафа ва риёзӣ печида буд, то он ҷо ки ӯро Устодулбашар лақаб додаанд.

Муҳимтарин китоби форсии Хоҷа Насириддин «Ахлоқи Носирӣ» мебошад. «Ахлоқи Носирӣ» комилтарин китоб ба забони форсӣ дар заминаи ахлоқ ва муштамил бар таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудирн аст.

Созмон, ки Хоҷа дар таълиму тарбият пешниҳод мекунад, дар ваҳлаи аввал хона ва баъд мактаб аст. Ба назари вай муаллим бояд оқил, диндор, ширинсухан, бовиқор, боҳайбат, бомурувват ва воқифу огоҳ ба тарбияти атфол бошад.

Кӯдак ҳам то метавонад, бояд ҳурмати муаллим, мураббӣ ва устоди худро пос дорад ва ба ҳангоми эҳтиёҷ аз кӯмак ва ёрии эшон дареғ наварзад.

Дар равиши омӯзиш ва парвариш эътиқод дошт, ки:
1. Муаллим бояд ба табиати кӯдак пай бурда ва истеъдоди ӯро кашф ва риштаи таҳсил ё ҳунариро, ки бояд биёмӯзад, муайян созад.
2. Шогирд боясти аз роҳи такрор ва тазкори мутавотир дарсро малакаи зеҳни худ созад, то матолиби омӯхташуда аз фаромӯш шудан раҳоӣ ёбад.
3. Шогирд бояд аз тариқи бакоргирии ҳофиза дарсро фаро гирад.
4. Кӯдак ҳамнишинҳои муносиб интихоб кунад ва аз муҷолисат бо афроди нобоб ва шурур иҷтиноб кунад.
5. Тавассул ба танбеҳи баданӣ дар сурати коҳилӣ ва сустии шогирд.
6. Таваҷҷӯҳ ба варзиш ба ҳангоми муморисат дар фан ё ҳунаре.

Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ба таври иҷмол ба омӯзиш ва парвариши духтарон ишора карда ва айнан равиши тарбиятии писаронро дар духтарон ҳам пешниҳод карда, бо ин тафовут, ки ба парвариш, виқор, иффат, ҳаё ва хасоили дигаре, ки барои онон шоста аст, таъкид дошта ва хотирнишон шудааст, ки сирфан ҳунарҳоеро бояд ба занон омӯхт, ки барои онон писандида аст.

**Саъдӣ**. Саъдӣ дар ҳудуди соли 610 ҳиҷрӣ дар Шероз мутаваллид шуд ва дар ҳудуди соли 630 ба Бағдод ва сипас аз Ироқ ва Шом ва Ҳиҷоз ва Яман ва Офриқои Шимолӣ ва Хоразм ва Балх ва Панҷоби Ҳиндустон бо ранҷи фаровон ва дасти тиҳӣ дидан карда ва дар соли 650 ба Шероз бозгашт. Ва раҳоварди ин сафари тӯлонӣ пас аз таҳсил дар «Низомия»- и Бағдод яке китоби «Бӯстон» аст, ки маснавии ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва тарбиятии ӯ ба шумор меравад ва дигаре китоби «Гулистон» аст, ки муштамил бар ҳикоёти омӯзанда ҳамроҳ бо ашъори нағз мебошад. Ҳарду китоб дар навъи худ беназир мебошанд ва назароти тарбиятии Саъдӣ дар ҳамин ду китоб баён шудааст.

**Ақоиди Саъдӣ дар боби тарбият**. Саъдиро бояд аз нофизтарин мураббиён ва муаллимони ахлоқи Эрон хонд, зеро калимоти қисор ва панду андарзҳо ва амсол ва ҳукми ӯ ба ҳадде шево ва сода ва дилнишин ва равон ва зебо аст, ки дар замири форсизабонон нақш мебандад ва дар рафтору кирдори онҳо табъан муассир аст.

Саъдӣ мӯътақид аст, ки одамӣ ҳуш ва истеъдод ва одоти нек ва зиштро аз падару модар ирс мебарад ва, бинобар ин, касе ки фитратан шоиста аст, тарбият дар ӯ таъсир дорад ва касе ки номустаид аст, тарбият дар ӯ муассир нест:

Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асаре бошад.
Ҳич сайқал накӯ надонад кард,
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад.
Илм, чандон ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.
Не муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое бар ӯ китобе чанд.

Саввумин нуктае, ки Саъдӣ тазаккур медиҳад, ин аст: кӯдакро аз қарини бад дур доранд, зеро ҳамнишинӣ ва мусоҳибат дар ахлоқи одамӣ таъсири бисёр дорад ва ин маъниро ба анҳои мухталиф баён кардааст:

Гар нишинад фаришта бо дев,
Ваҳшат омӯзаду хиёнату рев.
Аз бадон некӯйӣ наёмӯзӣ,
Накунад гург пӯстиндӯзӣ.

Саранҷом, Саъдӣ мӯътақид аст, ки тифлро бояд ба сахтӣ одат дод ва ӯро ба нозу неъмат бипарваронд ва илло одат ба роҳатӣ ва танбалӣ кунад ва дар баробари олом ва масоиб тоби муқовимат нахоҳад дошт ва навмед ва бечора хоҳад шуд:

Писар, чун падар нозукаш парвард,
Бисёр рӯзгорро, ки сахтӣ бурд.

Дар айни ҳол, тавсия мекунад, ки аз фарзанд нигаҳдорӣ кунанд ва ҳоҷоти машрӯи ӯро бароваранд:

Писарро накӯ дору роҳат расон,
Ки чашмаш намонад ба дасти касон.

**АДАБИЁТ**


1. Алӣ Муҳаммад Алмосӣ. Таърихи омӯзиш ва парвариши ислом ва Эрон:- Теҳрон: «Амири Кабир», 1386.
2. Алӣ Муҳаммад Алмосӣ. Таҳаввули таълим ва тарбият: :- Теҳрон: «Рушд», 1382.
3. Амонуллоҳ Сафавӣ. Таърихи омӯзиш ва парвариши Эрон:- Теҳрон: «Рушд», 1383.
4. Манучеҳр Вакилиён. Таърихи омӯзиш ва парвариш дар ислом ва Эрон:- Теҳрон: «Паёми нур», 1374.


## ИССЛЕДОВАНИЕ ЭТИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ В ИСТОРИИ ОБРАЗОВАНИЯ И ВОСПИТАНИЯ В ИРАНЕ


Образование и воспитание являются основными социальными факторами развития каждого государства. Без информации о вчерашнем обучении и воспитании невозможно решить современные проблемы образования и воспитания. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению этические взгляды таких просветителей как Ибн Сина, Имам Газали, Насриддин Туси и Саади об обучении и воспитании.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** образование , воспитание, этические взгляды, Ибн Сина, Имам Газали, Насриддин Туси и Саади.


## RESEARCH OF ETHICAL VIEWS OF EDUCATORS IN THE HISTORY OF EDUCATION AND EDUCATION IN IRAN


Education and education are the major social factors of development of each state. Without information on yesterday's training and education it is impossible to solve modern problems of education and education. In this article the author subjected to consideration and studying ethical views of such educators as Ibn Hsing, Imam Gazali, Nasriddin Tusi and Saadi about training and education.



**KEY WORDS:** education, education, ethical views, Ibn Hsing, Imam Gazali, Nasriddin Tusi and Saadi.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Нурал Туни*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# ТАЪСИРИ ЁДГИРИИ МУШОРАКАТӢ АЗ НАВЪИ ҶИГСОВ ДАР ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛИ ДОНИШОМӮЗОН

*Самари Хушномфард*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Улгуҳои тадрис абзори муҳиме барои кушодани роҳи созмондиҳии омӯзишу парвариш дар ҷиҳати истифода аз навъҳои хуш ва афзоиши ёдгирӣ аст. Улгуҳои тадриси мушоракати рӯйкарди омӯзиши муносиб барои истифода аз масъалакушоиву тафаккур ва таҳқиқ бо таваҷҷӯҳ ба барнома, аҳдоф ва имконот дар ихтиёр мегузорад. Улгуҳои тадриси мушоракатӣ ба лиҳози сохторӣ зерма҆ҷмӯаи хонаводаи улгуҳои иҷтимоӣ ва барои омӯзиши ҳамкорӣ аст. Дар улгуҳои тадриси мушоракатӣ донишомӯзон нақши асосӣ бар ӯҳда доранд. Муаллим ба унвони роҳнамо ва ҳидояткунанда амал мекунаду вазива дорад, шароити ёдгириро фароҳам намояд. Улгуҳои тадриси мушоракатӣ донишмоӯзонро ба гуфтугӯ, ҷустуҷӯ, тафаккур ва омӯзиши якдигар фаро мехонад.

Улгуҳои гуногуне дар ёдгирии мушоракати муаррифӣ шудаанд, ки улгуи Ҷигсов яке аз муҳимтарини онҳо талаққӣ мешавад. Дар он донишомӯзон ба манзури дастёбӣ ба як ҳадафи мушаххас ва барои иҷрои комили вазифаи маҳула бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд. Маъмулан донишомӯзон ба тимҳои барои мутолиаи фасле аз китоби дарсӣ гурӯҳбандӣ мешаванд. Он гоҳ ҳар кадом аз аъзои тим қисмате аз фаслро мутолиа намуда ва масъули омӯзиши он ба соири аъзои тими худ мешаванд. Синфҳои Ҷигсов илова бар эҷоди амният ҳисси ҳамкориву самимият ва ҷустуҷӯи орӣ аз тақаллубу рақобатҳои хушунатбор ва ҷилавгирӣ аз ҷустани отифи манфиву ҳисси ҳасодат дар донишомӯзон дар муҳити мадорис ба интиқоли илму дониш бо улгуи ҳадафманду муносиб ба донишомӯзон ва густариши маҳоратҳои онон кӯмак мекунад.

Дар таҳқиқи шабаҳи озмоишии ҳозир улгуи тадриси мушоракатӣ Ҷигсови мутағайири мустақил ва пешрафти таҳсили донишомӯзони мутағайир вобаста аст. Дар ин таҳқиқ рақами миёнагини гурӯҳи озмоишӣ дар муқобили 86-умин садаки тавзеи фаровонии кулли синфи шогирдон қарор гирифт ва натиҷа нишондиҳандаи тафовути бориз дар пешрафти донишомӯзони ду гурӯҳи озмоишӣ ва контролу афзоиши ёдгирии донишомӯзон ва пешрафти таҳсили онҳо дар улгуи Ҷигсов мебошад.

Он чи ки ба таври ададӣ намоиш дода мешавад, мубтанӣ бар таъсироти омӯзишии мустақим ва ҳисобшудаи улгу бар пешрафти таҳсили донишомӯзон аст. Аммо таъсироти парваришӣ ва ғайримустақими истифода аз улгуи Ҷигсов бар маҳоратҳои иҷтимоӣ, фардӣ, шинохтӣ, рафторӣ ва худогоҳии донишомӯзон, ки бисёр зиёд аст, мусоҳиба нашудааст. Натоиҷи ин таҳқиқ таъсири истифода аз ин улгу дар дарсҳои дигар ва пояҳову мақотеи мухталифро навид медиҳад. Истифода аз формулаи андозаи асари баррасӣ муаллимонро барои нишон додани таъсири улгуҳои ҷадиди тадрис дар таҳқиқи ҳадафҳои омӯзишӣ ва муқоисаи он бо равиши тадриси суннатӣ осон месозад.

Ҳастаҳои аслии тадрис тартиби муҳитҳои муносиби таомули фарояндӣ ва наҳваи ёдгирии донишомӯзон аст. Улгуи тадрис тавсифгари муҳити ёдгирӣ аст ва дар чорчӯбаи он таҳлили муҳтаво, тарҳрезӣ ва тадвини барномаи таҳсилӣ, омӯзишӣ ва дарсӣ то бозандешиву дубора шаклдиҳии муҳтавои китоб, тамринот, барномаҳои чандрасонаӣ, барномаҳои ёдгирӣ ба кӯмаки роёна ва билохира арзишёбӣ ҷой мегирад. Аз он ҷо, ки улгуҳои ёдгирӣ барои омӯхтани донишомӯзон аст, барои рушдунумӯ ва барномаҳои муносиби онон ба вижа барои донишомӯзоне муносибанд, ки пешиниҳои ёдгирии онон мавриде барои мулоҳиза аст.

Ҳадаф аз тадрис афзоиши тавоноии ёдгирӣ асту баҳрагирӣ аз мавчудияти ҳушӣ барои он муносиб аст. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти ҷадид улуми тарбиятӣ таъйиди таъсири умдаи омӯзишу парвариш бар ҳуши чандгона аст. Улгуҳои тадрис абзори муҳим барои гушудани роҳи созмондиҳии омӯзишу парвариш барои баҳрагирӣ аз навъҳои ҳуш ва афзоиши ёдгирӣ аст. Бинобар ин, бисёре аз тафовутҳое, ки дар ағлаби омӯзишҳои суннатӣ боздорандаи ёдгирӣ ҳастанд, монанди тафовутҳои нажодӣ, ҷинсӣ, фарҳангӣ ва заминаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар муқобили қудрати омӯзишу парвариш бо улгуҳои тадрис, ки воситаи омӯзиш ба хештанро дар ихтиёри донишомӯзон қарор медиҳад, ночиз аст.

Тадриси хуб натиҷааш хуб ёд гирифтани донишомӯзон аст. Донишомӯзоне, ки хуб ёд мегиранд, роҳбурдҳои хуби ёдгирифтан ва касби омӯзишу парваришро дар худ тавсеа медиҳанд. Улгуҳои тадрис ба донишомӯзон кӯмак мекунад, ки захираҳои ин роҳбурдҳо дар онон тавсеа ёбад. Ин улгуҳо ба рушди донишомӯзон ба масобаи фардӣ бо тавоноии афзоиши тафаккур ва рафтори оқилонаву сохтани маҳоратҳо ва тааҳуддоти иҷтимоӣ ёрӣ мерасонанд. Тадрис фазоянда сохтани ҷомеаҳои ёдгирандагоне аст, ки маҳоратҳояшонро барои омӯзиш ба худ гирд меоваранд ва ба кор мегиранд.

Баррасии табақабандии мутааддиду мутафовите, ки дар бораи шеваҳо ва улгуҳои тадрис дар дидгоҳҳову маконҳои мутафовит, ҷадид ё қадим матраҳшуда нишон медиҳад, ҳалли масъала ва андешидану таҳқиқ кардан нишонгари муваффақтарини онҳост. Улгуи тадриси мушоракатӣ дар баробари улгуи тадриси суннатӣ рӯйкарди омӯзиши муносибе барои истифода аз масъалакушоиву тафаккур ва таҳқиқ бо таваҷҷӯҳ ба барнома, ҳадаф имконот аст.

Улгуи тадриси мушоракатӣ. Дар ин улгу донишомӯзон нақши асосӣ бар ӯҳда доранд. Бинобар ин, улгуе аст, ки донишомӯз меҳвар ва фаъолияти ёдгиранда аз усули он аст. Муаллим дар ин улгу нақши роҳнамо ва ҳидояткунандаро дорад ва муваззаф аст, ки шароити ёдгириро фароҳам намояд.

Улгуи суннатӣ. Дар улгуи суннатӣ ё ғайрифаъол муаллим вазифаи аслиро бар ӯҳда дорад ва донишомӯз барои ёдгирӣ бояд аз ӯ итоат кунад. Дар ин низом ҳамкорӣ ва равобити миёни гурӯҳӣ комилан заиф аст, ба тафовутҳои фардӣ таваҷҷӯҳ намешавад, фаъолияти муаллим худ мушоракатӣ аст, муаллим сирфан бар матолибу мафҳумҳои китоб такя дорад, муаллим ба такрори дақиқи матолиб аз сӯйи донишомӯзон таъкид дорад ва хулоса ин ки кори муаллим дар ҳукми манбаъ ва махзани иттилоотӣ муваззаф аст, ки иттилоотро ба зеҳни донишомӯзон интиқол диҳад.

Бо ба коргирии улгуҳои тадрис зимни он ки ба донишомӯзон дар касби иттилоот, назарот, маҳоратҳо, роҳҳои тафаккур ва ибрози назарашон кӯмак мешавад, воситаи ёдгирӣ ва наҳви ёдгириро низ ба онон меомӯзанд. Дар воқеъ натиҷаи дарозмуддати омӯзиш бо улгуҳои тадрис, истеъдодҳои афзудаи донишомӯзон барои ёдгирии осонтар ва муассиртар ба далели донишу маҳорате, ки касб кардаанд ва чирагии онон бар фароиндҳои ёдгирӣ мебошад. Навъи тадрис таъсири босазо бар тавоноиҳои донишомӯз бар омӯзиш ба худ мегузорад ва муаллимони муваффақ ҳамроҳи ироадиҳандагон фараҳманду мутақоидгар нестанд, балки онон донишомӯзони худро ба таклифи солими шинохтӣ ва иҷтимоӣ ворид мекунанду ба онон роҳи баҳрагирии муассир аз онҳоро ёд медиҳанд.

Ёдгирии мушоракатӣ. Аз миёни улгуҳои бисёр гуногуни тадрис метавон ба ёдгирии мушоракатӣ ишора кард. Ин улгу аз назари сохторӣ зермаҷмӯаи хонаводаи улгуҳои иҷтимоӣ ва барои омӯзиши ҳамкорӣ аст. Созу кори ин улгу ба сабаби вуҷуди омилҳои боризу муассире чун равобити мусбат миёни аъзо, ҳамкорӣ дар гурӯҳҳои ёдгирӣ, масъулиятпазирии фардӣ ва паёмадҳои ризояти бахши гурӯҳӣ, мӯҷиби дастовардҳои мусбат ва шохас дар омӯзишу парвариши донишомӯзон шудааст. Ёдгирии мушоракатӣ бо эҷоди шароити муносиб барои омӯхтани стротегияҳои ёдгирӣ ба интиқоли ёдгирӣ аз тариқи гурӯҳ ба фард вокуниши мутақобил миёни фарогирон бо сутуҳи тавоноии илмӣ ноҳангом дар синф кӯмак мекунад. Ин улгу барои муваффақияти таҳсилии донишомӯзон улгуи муносиб ва шинохта шудааст. Ба баёни муаллифони китоб: «Ҳангоми кор кардан бо якдигар энержии ҷамъӣ ба вуҷуд меоварем, ки онро ҷамъафзоӣ меноманд. Улгуҳои иҷтимоии тадрис барои ин ба вуҷуд омадаанд, ки донишомӯзон бо эҷоди ҷамъҳои ёдгирӣ битавонанд аз бартарияти ин падида бархурдор шаванд. Дар асл мудирияти синфи дарс мавзӯи тавсеаи равобити мубтанӣ бар ҳам ёрӣ дар синфи дарс аст».

Дар ин тарҳ улгуи тадриси мушоракатӣ ба унвони улгуи тадриси матлуб пешниҳод шудааст. Ин таъкид бо таваҷҷӯҳ ба дидгоҳи мутахассисон ва андешаварони улуми тарбиятӣ зарурӣ аст. Улгуи тадриси мушоракатӣ аз навъи чигсов метавонад ҳадафҳои тадрис ба шеваи мушоракатиро матлубтар таҳқиқ бахшад.

Ошноӣ бо заминаи ёдгирии мушоракатӣ. Дар гузашта ва дин эътиқод доштан пизишки хуб касе аст, ки доруе таҷвиз кунад, ки кӯдак дар ҳангоми хӯрдани он дандонҳояшро калид намояд, ба ҳамин тартиб дар бораи тадрис ва ёдгирӣ эътиқод бар ин буд, ки синфҳои сокит синфҳои ёдгирии воқеӣ ҳастанд. Ҳамчунин донишомӯзоне, ки дар ҳини тадриси муаллим сокит буданд, донишомӯзи мунзабит ба ҳисоб меомаданд ва вазифаи муаллими хуб таҷвизи дониши маҳз ва усули мунтақӣ буд. Имрӯз бисёре аз мадорис дар судуди тадвини барномаҳое ҳастанд, ки донишомӯзонро ба баёни ақоид ва мушоракат дар ёдгирӣ даъват кунанд. Ин гуна барномаҳо, ки бо унвони ёдгирии мушоракатӣ баён мешаванд, донишомӯзонро ба баҳс, музокира ва дар ниҳоят омӯзиши якдигар фаро мехонанд. Ёдгирии мушоракатӣ дар ҳақиқат ба масобаи роҳи ҳалли муқобала бо анбӯҳе аз мушкилоти омӯзишу парвариш ва роҳбурди муваффақи омӯзишӣ пазируфта шудааст ва дар он ҳамаи донишомӯзон ба ҳамроҳи муаллим дар фароянди тадрису ёдгирӣ мушоракат мекунанд.

Улгуи ёдгирии мушоракатӣ дар аввалҳои даҳаи 1980-и мелодӣ мавриди истифодаи синфҳои мадориси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қарор гирифт. Девид ва Роҷар Ҷонсон бо таъкид бар гирдиҳамоии гурӯҳҳои кӯчаки донишомӯзон аҷзои аслии ин стротегияи ёддиҳӣ – ёдгириро муаррифӣ карданд. Улгуи ин ду муҳаққиқ дорои 5 унсур барои муваффақияти ёдгирии мушоракатӣ буд. Ин маворид шомили таомули чеҳра ба чеҳра, равобити мусбат миёни аъзо, масъулиятпазирии фардӣ, маҳоратҳои иҷтимоии мушоракатӣ ва пайомадҳои гурӯҳӣ ҳастанд.

Ёдгирии мушоракатӣ улгуе аз омӯзиш аст, ки донишомӯзон ба манзури дастёбӣ ба ҳадафи мушаххас ва барои иҷрои комили як вазифаи мушкил бо якдигар дар он ҳамкорӣ мекунанд. Дар бархе аз улгуҳои ёдгирии мушоракатӣ донишомӯзон барои иҷрои як вазифаи мунфарид бо ҳам кор мекунанд. Дар улгуҳои дигар ҳар як аз аъзои гурӯҳ ба сурати мустақил рӯйи яке аз ҷанбаҳои илмии вазифаи мушкил ба фаъолият мепардозанд.

Улгуи тадрис ба шеваи мушоракатӣ муҳимтарин улгу аз миёни сохторҳои омӯзиши гурӯҳӣ аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти Шорон нишон медиҳад: «Донишомӯзоне, ки дар синфҳое бо чунон созмоне дар гурӯҳҳои дунафарӣ ё чанднафарӣ кор мекунанд, ба якдигар омӯзиш медиҳанд ва аз подошҳои муштарак бархурдор мешаванд, нисбат ба донишомӯзоне, ки бо равиши баррасии фардӣ ва маъмул дар тарҳи бозхонии омӯзиш мебинанд, аз чирагии бештаре бар матолиби дарс бархурдоранд. Ин улгу ҳамчунин масъулияти муштарак, таомул ва эҳсосоти мусбаттар нисбат ба таклифҳо ва афроди дигар эҷод мекунанд, равобити беҳтар миёни гурӯҳе ба вуҷуд меоварад ва мунҷар ба тасвири беҳтаре аз хештан барои донишомӯзоне бо пешина пешрафти таҳсили заиф мешавад. Ба таври куллӣ натиҷаҳои фарзияҳоеро таъйид мекунад, ки дар истифода аз равишҳои ёдгирии ҳамёрӣ вуҷуд дорад».

Донишомӯзон дар сохтори омӯзишӣ меомӯзанд, ки ҳамдигар ва маконеро, ки дар он омӯзиш мебинанд, бештар дӯст дошта бошанд. Иззати нафси болотаре ба даст оваранд ва маҳоратҳои иҷтимоиро ба наҳви муассиртаре биомӯзанд ва ба кор баранд. Дар ёдгирии мушоракатӣ донишомӯзон барои ҳалли масъалаҳо, мурури имтиҳоноти синф, анҷом додани фаъолиятҳои озмоишгоҳӣ бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд. Дар ҳамаи мавридҳои боло омили ҳамкорӣ нақши муҳимеро иҷро мекунад. Дар ёдгирии мушорикатӣ улгуҳои гуногуне муаррифӣ шудаанд, ки улгуи Ҷигсов яке аз муҳимтарини онҳост. Як қатор олимон бо таҳқиқе улгуи мушорикатиро бо равиши тадриси ғайрифаъол дар мадрасаҳои Канада муқоиса кардаву натиҷа гирифтаан, ки истифодаи бештар аз улгуи тадриси мушоракатӣ сабаб мешавад, ки донишомӯзон ба истиқлолу нигаришҳои мусбат нисбат ба дарс, муаллим ва худашон даст ёбанд. Олимони дигар, аз он ҷумла Кант нишон додаанд, ки тадриси мушоракатӣ сабаби ҳамкории бештари донишомӯзон ва коҳиши мушкилоти мудирияти синф мешавад. Гиҷ ва Барлонар дар таҳқиқ нишон додаанд, ки кайфияти ёдгирӣ дар улгуи тадриси мушоракатӣ бештар аз улгуи ғайрифаъол аст. Дар таҳқиқи дигар, ки дар бораи корҳои улгуи Ҷигсов анҷом шуд, эълом гардидааст, ки 20 % мадрасаҳо дар ИМА аз улгуи Ҷигсов истифода мекунанд. Тибқи ин эълом дастрасӣ ба шабакаи интернет кӯмаки зиёде ба истифода аз ин улгу карда ва фунуни ин улгуро ба осонӣ дар дастраси ҳамагон қарор додааст. Ҳамчунин эълом шудааст, ки муаллимон метавонанд дар ироаи дарсҳо ба сурати мушоракатӣ амал мекунанд ва дарсҳои марбутро аз тариқи интернет ва утоқҳои гуфтугӯии интернетӣ касб намоянд.

Улгуи ёдгирии мушоракатӣ аз навъи Ҷигсов. Улгуи Ҷигсов, ки Оливат Орунсун ибдоъ карда, ба унвони улгуи ёдгирии мушоракатӣ бо корбурди ҷадид муаррифӣ шудааст. Бо ин улгу донишомӯзон дар бахше аз мавзуоти дарсӣ, ки муваззаф ба ёдгирии он ҳастанд, маҳорати комил ба даст меоваранд ва сипас омӯхтаҳои худро ба соири аъзои гурӯҳи худ меомӯзанд. Бартарияти улгуи Ҷигсов ин аст, ки агарчӣ натиҷаҳои ҳосил аз талоши ҳар донишомӯз бо донишомӯзи дигар мутафовит аст, вале ба ҳамаи донишомӯзон бо тавоноиҳои мутафовит ба таври яксон масъулияти лозимро ато мекунад. Дар улгуи Ҷигсов маъмулан донишомӯзон барои мутолиаи як фасл аз як китоби дарсӣ гурӯҳбандӣ мешаванд. Пас аз он ҳар кадом аз аъзои гурӯҳҳо як қисмат аз ин фаслро мутолиа мекунанд ва масъули омӯзиши он қисмат ба соири аъзои гурӯҳи худ мешавад. Ба гуфтаи Ҷон Мак Дониел мудири маркази пешгирӣ аз рафторҳои хушунатомез синфҳои Ҷигсов бояд ба сурати ҷиддӣ дар мадрасаҳои кишвар ба кор гирифта шаванд. Чун ин улгуи омӯзишӣ бо эҷоди ҳисси самимият ва ҳамёрӣ аз рӯҳияи хушунатбор ва даст задан ба рафторҳои таҳоҷамӣ ҷилавгирӣ мекунад. Ӯ эълом кард, ки ҳадди ақал бартарияти синфҳои Ҷигсов эҷоди амният дар муҳити мадрасаҳо ва ҳадди аксар бартарияти онҳо интиқоли улум ва дониш бо улгуи ҳадафманду муносиб ба донишомӯзон аст. Донишомӯзон дар синфҳои Ҷигсов бо таъкид бар ҳисси ҳамкориву самимият ба густариши маҳоратҳои хеш мепардозанд. Алан Берг муаллими синфи шашуми мадрасаи Тарнар воқеъ дар минтақаи Санлуизи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико эълом мекунад, ки дар синфҳои Ҷигсов ҳамаи кӯшишҳои донишомӯзон дар анҷом додани корҳои илмиву омӯзишӣ ба шакли мушоракатӣ ва аз байн бурдани ихтилофи назарҳо хулоса мешавад.

Имрӯза улгуи Ҷигсов дар сатҳи академик истифодаи рӯзафзун дорад. Масалан, дар институтҳои политехникии кишвари Мексика дар назар аст аз улгуи мушоракатии Ҷигсов барои омӯзиши риштаҳои гуногуни улум истифода шавад. Бар асоси натиҷаҳои ба даст омада аз пурсишномае, ки устодон ва пажӯҳишгарони ин донишгоҳ дар бораи ин улгуи мушорикатӣ такмил кардан, истифода аз ин улгу метавонад ниёзҳои воқеии донишҷӯёнро бароварда кунад.

Дар синфҳои мубтанӣ бар улгуи Ҷигсов аз улгуи ёдгирии мушорикатӣ истифода мешавад. Агар нақши ҳар донишомӯз бунёдӣ бошад, пас, вуҷуди ҳар донишомӯз низ зарурӣ аст ва ин дақиқан ҳамон чизе аст, ки сабаби муассири воқеъ шудани ин стротегия шудааст. Равиши кори ин улгу ба

шарҳи зер аст: донишомӯзон дар як синфи таърих ба гурӯҳҳои 5 ё 6 – нафарӣ тақсим мешаванд. Фарз кунед дарси онҳо ёдгирии Ҷанги 2-юми ҷаҳонӣ аст. Дар як гурӯҳи Ҷигсов Сулаймон масъули таҳқиқ дар бораи зуҳури қудрати Гитлер дар Олмон қабл аз Ҷанги ҷаҳонӣ аст. Узви дигари гурӯҳ Исмоил вазифа дорад, иттилооти марбут ба урдугоҳҳои кори иҷбориро гирдоварӣ кунад. Паймон масъули гирдоварии иттилооти марбут ба Англия дар ҷанг аст. Мавлуда бояд дар бораи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ дар Ҷанги ҷаҳонӣ таҳқиқ кунад. Тирдод дар бораи вуруди Ҷопон ба Ҷанги ҷаҳонӣ иттилоот ҷамъ мекунад. Карим дар бораи пешрафти бомбаи атомӣ мутолиа мекунад.

Саранҷом ҳар донишомӯз ба гурӯҳи Ҷигсови худ боз мегардад ва сайъ мекунад, то гузориши комилан муназзамеро ба гурӯҳи худ ироа диҳад. Мавқеият ба таври вижае созмондиҳӣ шудааст. Барои ҳар узв танҳо роҳи дастёбӣ ба иттилооти панҷ нафари дигар дақиқан гуш додан ба гузорише аст, ки ҳар фард ироа медиҳад. Бинобар ин, агар Тирдод Паймонро дӯст надошта бошад ё агар Сулаймонро дӯсти самимии худ қаламдод накунад ё бо ӯ созгорӣ надошта бошад ва ё ӯро масхара кунад, наметавонад дар озмуне, ки пеши рӯ дорад, муваффақ шавад.

Барои афзоиши эҳтимоли сиҳатии ҳар гузориш донишомӯзон билофосила онро ба гурӯҳи ҷигсови худ боз намегардонад, балки ибтидо лозим аст ҳар як аз ин гурӯҳҳо бо афроди узви гурӯҳи дигар, ки вазифаи мутолиаи бахши муштаракро ба ӯҳда доранд, ки гурӯҳи ҷадиде ташкил диҳанд. Масалан, донишомӯзоне, ки вазифаи баррасии мавзӯи бомбаи атомиро ба ӯҳда доранд, таҳти унвони гурӯҳи мутахассисон бо ҳам мулоқот мекунанд, иттилоот ҷамъоварӣ мекунанду дар натиҷа, дар иҳотаи мавзӯашон хубраҳу моҳир мешавнд ва наҳве ироаи онро тамрин мекунанд. Мо ин гурӯҳро гурӯҳи мутахассис меномем. Ин кор мумкин аст барои донишомӯзоне, ки ибтидо барои ёдгирӣ ё табақабандии бахши маҳула ба онҳо мушкил доранд, муфид бошад, зеро ин кор ба онҳо иҷоза медиҳад, то бо мутахассисони дигар тамрин кунанд.

Ҳар фарди ироадиҳанда бояд як бор сареъ гузориш диҳад. Гурӯҳҳои Ҷигсов дубора таркиббандии номутаҷониси аввалияи худро ташкил медиҳанд. Коршиноси бомбаи атомӣ дар ҳар гурӯҳ ба аъзои дигари гурӯҳ дар бораи пешрафти бомбаи атомӣ омӯзиш медиҳад. Ҳар донишомӯз дар ҳар гурӯҳ ба ҳамаи аъзои он гурӯҳ дар бораи риштаи тахассусии худ омӯзиш медиҳанд. Сипас аз донишомӯзони озмунӣ дар бораи Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ гирифта мешавад.

Иддаои улгуҳои тадриси мушоракатӣ дар хонаводаи улгуҳои иҷтимоӣ барои таҳқиқ ёфтани бисёре аз орзуҳои таълиму тартиб барои парвариши ҳамаҷонибаи донишомӯзон чӣ дар мутолиоти татбиқӣ ва чӣ ба тариқи озмоишӣ озмуда ва таъйид шудааст. Бинобар ин, гарчӣ таҳқиқоти таъсири истифода аз улгуҳои мушоракатиро ба рӯшанӣ баён кардааст, аммо истифода аз улгуи мушоракатии Ҷигсов бо таваҷҷӯҳ ба андозаи асари муҳосибашуда ва низ озмуни тай нишондиҳандаи таъсири бисёр хубу чашмгири он дар тадриси таърихи синфи панҷум аст. Натиҷаҳои ин таҳқиқ таъсири истифода аз ин улгуро дар дарсҳои дигар ва пояҳову мақотеи мутафовит навид медиҳад. Истифода аз формулаи андозаи асари баррасӣ муаллимонро барои нишон додани таъсири улгуҳои ҷадиди тадрис дар таҳқиқ ёфтани аҳдофи омӯзишӣ ва муқоисаи он бо равиши тадриси суннатӣ осон мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Орманд Муҳаммад. Робитаи нигариши муаллимон ба улгуи тадриси фаъол бо вижагиҳои шаххсиву ҳирфаии онҳо. Теҳрон, 1371.
2. Пюжа Жан. Тарбият ба куҷо раҳ месупорад? Теҳрон, 1369.
3. Шаъбони Варкӣ, Бахтиёр. Рӯйкардҳои ёддиҳӣ – ёдгирӣ. Машҳад, 1375.
4. Aronson W. Nobody left to hate: Teaching compassion after Columbine. New York, 2000.
5. Harvey O J, Hunt D ва Schroeder H. Conceptual sustems and personality organization. New York: Wiley, 1961.


## ВЛИЯНИЕ СОВМЕСТНОГО ОБУЧЕНИЯ ТИПА ДЖИГСОВА НА РАЗВИТИЕ ОБУЧЕНИЯ


В данной статье автор изучает влияние совместного обучения на улучшение обучения и восприятия обучающимися учебного материала. Автор указывает на положительные стороны такого обучения, так как посредством совместного обучения улучшается обучение и восприятие учебного материала. Также автор рассматривает совместное обучение типа Джигсова.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, изучение, совместное обучение, восприятие, освоение учебного материала, воспитание.


## CO-EDUCATION INFLUENCE SUCH AS DZHIGSOV ON TRAINING DEVELOPMENT


In this article the author studies influence of coeducation on training and perception improvement being trained a training material. The author points to positive sides of such training as by means of coeducation training and perception of a training material improve. Also the author considers coeducation such as Dzhigsov.



**KEY WORDS:** training, studying, coeducation, perception, development of a training material, education.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Самари Хушномфард*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# УСУЛ ВА МАБОНИИ ТАРБИЯТИ БАДАНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ТАРБИЯТИ ИСЛОМӢ

*Зуҳре Рашод Уқонӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Усул ва мабонӣ яке аз аркони муҳими ҳар илм ва шояд муҳимтарин рукни он бошад. Илми тарбияти баданӣ дорои аҳдоф, мабонӣ ва усули хоси худ аст. Албатта, усул ва мабониро аз фалсафаи илмҳо метавон ба даст овард, лекин сай шудааст ба Ислом на аз диди як мактаби фалсафӣ, балки ба унвони маҷмӯае аз дастурот ва қавонини динӣ нигариста шавад, ҳарчанд баҳси усул ва мабонӣ ба таври зоти фалсафӣ аст.

Тарбияти баданӣ як илми корбурдӣ аст, ки сай дорад бо истифода аз улуми мухталиф ҳамчун равоншиносӣ ва физиологӣ, тағйироти матлубро эҷод кунад. Бинобар ин, илми тарбияти баданӣ ҳамон тавре, ки баъзан мавонии худро аз улуми фавқ ахз мекунад, метавонад мавонии динии худро аз манобеи Исломӣ ба даст оварад. Ин мабонӣ ба илми тарбияти баданӣ собиқаи исломӣ медиҳад, ки моро аз мабонии дигар бениёз месозад. Ҳадафи нигорандагон аз бӯъди назарӣ, тадвини назарии аҳдоф, мабонӣ, усул ва равишҳои тарбияти баданӣ дар Ислом аст ва дар ҷанбаи илмӣ, ин тадвинро метавон роҳнамои амал қарор дод ва заминае барои арзёбии тарбияти бадании мавҷуд фароҳам овард. Дар ин маврид таҳқиқоти андаке сурат гирифтааст, ҳамчунин манобеи форсӣ камтар ба ин баҳс аз дидгоҳи исломӣ нигаристаанд ва манобеи лотинӣ ҳам аз дидгоҳи дигаре ба он таваҷҷӯҳ кардаанд.

Доштани фалсафа ва дидгоҳи фалсафӣ барои тарбияти баданӣ зарурӣ аст. Ҷим Пори иллати иртиботи фалсафа бо илми варзишро дар моҳияти теорикии тамрин нуҳуфта медонад. Яъне, ҳар тамрин (амал) як моҳияти назарӣ дорад ва он моҳият бо фалсафа иртибот пайдо мекунад. Ба эътиқоде, китоб моро фаъолияти ҷисмонӣ поя ва асосе аст, барои расидан ба арзишҳои инсонӣ. Арнолд мегӯяд: «Дар тӯли 2000 соли гузашта иртибот байни зиндагии ҷисмонӣ ва зиндагии ахлоқӣ аз назари фалсафӣ ва тарбиятӣ ҳамвора мавриди баҳс будааст ва дар ниҳоят, мушаххас шудаст, варзиш аз назари тарбияти муфид аст ва метавонад ахлоқро рушд диҳад». Тарбияти баданӣ ва варзиш дорои нақшҳо ба аҳдофи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тарбиятӣ аст, ҳамон тавре ки дар Англияи қарни XIX варзиш чунин будааст ва бояд барои рафъи мушкилоти мавҷуд варзиш ба ахлоқ ва фалсафаи ахлоқӣ ва тарбиятии варзиш таваҷҷӯҳ шавад. Ҳамчун усули варзиш бар асоси фалсафаи ахлоқ пайрезӣ мешавад.

Ҳигз дар хусуси варзиш ва мазҳаб мегӯяд: «Ҳамон тавре ки амал тобеъ ва сояе аз фикр аст, байни мазҳаб ва варзиш низ чунин робитае вуҷуд дорад ва ҳар як метавонад тобеи дигаре бошад». Албатта, бастагӣ дорад, ки аз кадом паҳлу бингарем». Первиш варзишро мазҳабӣ медонад, ки на мазҳаби холис аст ва на амри ғайримазҳабӣ, балки мазиятҳо ва вижагиҳои худашро дорад. Бархе варзишро як мазҳаби фардӣ медонанд, ҳатто беҳтар аз яҳудият ва масеҳият. Бар асоси назари ӯ, варзиш метавонад як роҳи саҳеҳ ба умури рӯҳонӣ ва ба самти умури ахлоқиро тарбият кунад. Ӯ мӯътақид аст, ки варзиш ва фаъолият бояд бо андеша ҳамроҳ шавад, зеро ҳам ба мо таҷрибаи рӯҳонӣ медиҳад ва ҳам мӯҷиб мешавад, дар муҳитҳои иҷтимоӣ монанди бозор ба хонавода ба эҳсосҳои табиӣ чун адолат ва хуб будан таваҷҷӯҳ кунем.

**Равишшиносии таҳқиқ.** Дар ин пажӯҳиш аз равиши таҳлилӣ мӯҳтаво истифода шудааст, то битавон суханҳо ва паёмҳои муртабит бо мавзӯъро тафсир ва таҳлил кард. Назар ба иртиботи байни таълим ва тарбият бо тарбияти баданӣ ниёз ба баррасии китобҳои тарбияти Исломӣ аст. Таҷзияю таҳлили мӯҳтаво яке аз равишҳои ҷамоварӣ ва таҳлили иттилоот дар улуми иҷтимоӣ ва инсонӣ аст, ки ахиран мавриди таваҷҷӯҳи зиёде қарор гирифтааст. Дар ин равиш пажӯҳишгар, ба ҷои он ки нигаришҳо, бовар҃о ва дидгоҳҳои афродро аз тариқи пурсишнома мавариди санҷиш қарор диҳад, паёмҳоеро, ки онон тавсиа кардаанд, мавриди барраси қарор медиҳанд. Дар ин ҷо аз равиши кайфии таҳлили мӯҳтаво истифода шуда ва ба маънои пинҳони паёмҳо низ таваҷҷӯҳ шудааст.

**Натиҷа.** Натиҷаи пажӯҳиш бо таваҷҷӯҳ ба баҳсҳои он дар се қисмат ироа мешавад:

**а) Имкони иртибот байни илм ва дин таҳти «илми динӣ».** Назарияҳои марбут ба иртиботи илм ва дин ду дастаанд: Дастаи аввал, бо вуҷуди иртибот эътиқод надоранд, зеро илм ва динро ду мавзӯи ҷудо аз ҳам медонанд, ки баҳси мо ба ин даста бар намегардад. Дастаи дуввум, мӯътақиданд ба вуҷуди иртибот, аммо дар навъ ва чигунагии иртибот ихтилофи назар доранд. Манзур аз илм дар илми динӣ улуми таҷриба ва манзур аз улуми таҷриба, сирфан улуми таҷрибаи инсонӣ аст, мисли равоншиносии исломӣ ва ҷомеашиносии исломӣ.

Дар бораи маърифатшиносӣ ду навъ дидгоҳ вуҷуд дорад: 1 ваҳдатгароӣ; 2 касратгароӣ. Бар асоси навъе аз касратгароии маърифатшинохта, ки онро касратгароии тадохулӣ меноманд, таъбири «илми динӣ» дастикам дар як ҳолат таъбири бомаъност. Аз ин рӯ, байни илм ва дин метавон пайванде барқарор кард. Ба тавре ки маърифатҳои динӣ битавонанд дар суратбандии назарияҳо ва фарзияи

илмӣ илҳомбахш ва таъсиргузор бошанд, ки аз ин раҳгузар илми динӣ ба таври назарӣ мафҳум пайдо мекунад. Албатта, чунончи ин фарзияҳо ба равиши таҷриба маҳак зада шаванд ва пазируфта шаванд, дар ин сурат, илми динӣ дар амал таҳаққуқ мепазирад.

Натиҷа ин, ки илми тарбияти баданӣ ҳам ба унвони як илми корбурда метавонад собиқаи исломӣ ба худ бигирад. Яъне, усулан илми тарбияти бадании исломӣ аз буъди назарӣ имконпазир аст ва чунончи омӯзишҳои динӣ ба қадри кофӣ дар Қуръон ва ҳадис ёфт мешавад, дар шаклдиҳӣ назарияҳои тарбияти баданӣ метавон аз онҳо илҳом гирифт ва дар мақоми амал, илм тарбияти бадании исломиро муҳаққақ кард.

**б) Аҳдофи тарбияти баданӣ.** Аҳдофи як мактаби тарбиятӣ бар асоси биниши хосе аст, ки ба инсон ва низоми арзишӣ идеали ӯ дорад. Аз ин рӯ, барои баёни аҳдофи тарбияти баданӣ ба шинохти инсон ва баёни вижагиҳои ӯ ниёзмандем. Аҳдоф, илова бар он ки интиҳо ва ҷиҳати масирро равшан месозанд, ба воситаи ишрофе, ки бар усул доранд, дар тадвини онҳо метавонанд ба мо кӯмак кунанд. Аҳдофи тарбияти баданӣ аз аҳдофи исломӣ ҷудо нест. Бо таваҷҷӯҳ ба иртиботи фард бо Худо, худаш ва дигарон, аҳдофи тарбияти бадании дар робита бо Худо ҳамон аҳдофи ниҳои маҳсуб мешаванд. Ҳадафи ниҳоии он бояд ҳамон ҳадафи ниҳоии тарбияти исломӣ, яъне наздики бо Худо бошад ва дар сурати қудратманд кардани бадан ин амр моро мутмаинтар ба мақсад мерасонад. Аҳдофи воситаӣ дар масири аҳдофи ниҳоӣ аст, ки ҷузъитар ва равшантар матраҳ мешавад. Манзур аз аҳдофи воситаӣ он аст, ки бо фарзи доштани ҷисми солим, нерӯманд ва бонишот битавонем ба аҳдофи ниҳоӣ даст ёбем. Аҳдофи ҷузъии тарбияти баданӣ пойинтарин марҳилаи аҳдофро ташкил медиҳад. Бо ба даст овардани аҳдофи ҷузъӣ метавонем ба аҳдофи воситаӣ ва ниҳоӣ бирасем.

**с) Мавонии усул ва равишҳои тарбияти баданӣ.** Пас, мавоние, ки таълим ва тарбият бар онҳо такя дорад, маҷмӯаи қонунмандиҳои шинохташуда дар улуми назарӣ чун равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ аст ва ҷанбаи тавсифӣ дорад. Аз тарафи усули таълим ва тарбият маҷмӯаи дастуроте аст, ки бо таваҷҷӯҳ ба қонунмандиҳои мазкаур ба даст меоянд. Агарчи дар манобеи исломӣ сӯҳбате аз улуми назарӣ ва корбурдӣ наст, лекин ба таври мушобеҳ қонунмандиҳои куллӣ (вижагиҳои инсон)-ро, ки ҷанбаи тавсифӣ доранд ва дастурулуламалҳои куллиро, ки ҷанбаи таҷвизӣ доранд, метавон пайдо кард.

Бо таваҷҷӯҳ ба таорифи мазкур, чун тарбияти баданӣ ҳам як илми корбурдӣ аст, метавон таориф ва мафоҳими ёдшударо дар мавриди мабонӣ, усул ва равишҳои тарбияти баданӣ содиқ донист. Мабонӣ дар ду қисмати фардӣ ва иҷтимоӣ баён мешавад. Мабонии фардӣ, бо таваҷҷӯҳ ба ду буъди будани инсон, нафс, бадан ва ғайра ва мабонии иҷтимоӣ, бо таваҷҷӯҳ ба ин ки вазъияти баданӣ дар наҳваи барқарорӣи равобити иҷтимоӣ муассир аст, баён мешавад. Усул низ ҳамчун мабонӣ ба ду навъ: фардӣ ва иҷтимоӣ тақсим мешавад. Барои ҳар асл чандин равиш зикр мешавад, ки бо таваҷҷӯҳ ба шароити замонӣ ва маконӣ қобили тағйиранд.

**Баҳсу натиҷагирӣ.** Дар тадвини назарӣ аҳдоф мабонӣ, усул ва равишҳои тарбияти баданӣ аз дидгоҳи Ислом масъалаи аввал ин буд, ки оё метавон байни дини Ислом ва илми тарбияти баданӣ иртибот барқарор кард?

Натоиҷи пажӯҳиш нишон дод, ки ба таври назарӣ ин иртибот имкон дорад. Яъне, омӯзишҳои исломӣ метавонанд илҳомбахши фарзияҳо ва назарияҳои илми тарбияти баданӣ қарор гиранд. Ин робита зимни тадвини аҳдоф, мабонӣ ва усули тарбияти баданӣ дар Ислом, амалан маҳсус буд. Муҳим ин аст, ки аз ин дидгоҳҳо дар илм истифода шаванд ва амалкарди тарбияти баданӣ мавриди арзёбӣ қарор гиранд. Бад-ин васила, метавон ба тарбияти бадании мавҷуд собиқаи исломӣ дод. Камбудии дидгоҳҳои исломӣ дар тарбияти бадании кунунӣ ва амалӣ нашудан ба он комилан равшан аст.

Бархе аз мушкилоти кунунии варзиш, ношӣ аз камтаваҷҷӯҳӣ ба аҳдофи ниҳоии тарбияти баданӣ (наздикӣ ба Худо), ҳадаф шудани варзиш, камтаваҷҷӯҳӣ ба фазоили ахлоқӣ, бетаваҷҷӯҳӣ ба касби қудрати нафсонӣ ва тақаддуми он бар қудрати ҷисмӣ, камбудии маънавият дар варзиш, таблиғоти носаҳеҳ дар расонаҳои варзишист. Аз ин рӯ, бояд ба усул ва мабонии динӣ, тарбияти баданӣ бештар таваҷҷӯҳ кард. Агар тарбияти бадании кунуниро бо мабонии динии бадастомада бисанҷем, мизони амал ба он мушаххас мешавад. Ҳамчунин, беҳтар аст мабҳаси мабонии динии тарбияти баданӣ дар дарси усул ва мабонӣ гунҷонида шавад.

## АДАБИЁТ


1. Арнолд Питер Ҷей. Ҷанбаҳои ахлоқии тарбияти бадании ҳаракатӣ. Интишороти идораи куллии омӯзишу парвариш. Теҳрон, 1372.
2. Боқири Хусрав. Нигоҳи дубора ба тарбияти исломӣ. Интишороти Мадраса. Теҳрон, 1376.
3. Сиҷ Ҷорҷ Эч. Асароти фаъолияти баданӣ бар рушди иҷтимоии кӯдакон. Интишороти Омӯзиш ва парвариш. Теҳрон, 1372.
4. Вест Дивро ва Бучер Чолз. Мабонии тарбияти баданӣ ва варзиш. Интишороти Кумитаи миллии Олампик. Теҳрон, 1372.

5. Полсти Ил Ор. Таҳлили муҳтаво дар улуми иҷтимоӣ ва инсонӣ. Интишорроти Донишгоҳи Алома Табутабоӣ. Теҳрон, 1373.
6. Breivik G. "President address philosophic society as a carrier of social Journal of the philosophy of Sport. 1998. Vol XXV. P 103-118.

## МЕТОДЫ И СПОСОБЫ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И СПОРТА В ИСЛАМЕ

Физическое воспитание признается всеми гуманистами как важная сторона воспитания личности, в целях укрепления здоровья и развития физических сил. О благотворном влиянии движений на физическое развитие человечество знало уже при первобытно-общинном строе. Нравственное, эстетическое, воспитание детей тесно связано с воспитанием физическим. Именно труд, наряду с физическими упражнениями и закалкой закладывает фундамент здоровья ребенка и его долголетия.. В данной статье автором рассматриваются методы и способы физического воспитания и спорта в исламе

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** физическое воспитание, Ислам, физические упражнения, физическое развитие, наука о физическом воспитании.

## METHODS AND WAYS OF PHYSICAL TRAINING AND SPORTS IN ISLAM

Physical training admits all humanists as the important party of education of the personality, with a view of strengthening of health and development of physical forces. The mankind knew about beneficial influence of movements on physical development already at a primitive-communal system. Moral, esthetic, education of children is closely connected with education physical. Work, along with physical exercises and training lays the foundation for health of the child and his longevity. In this article the author considers methods and ways of physical training and sports in Islam

**KEY WORDS:** physical training, Islam, physical exercises, physical development, a science about physical training.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Зухре Рашод Укони*** **– соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни**

# ҶОМЕАИ ДИНӢ ВА ҶАҲОНӢ ШУДАН: ФУРСАТҲО ВА ҶОЛИШҲО

***Мино Ҳоҷизода***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Агар «ҷаҳонӣ шудан» ба маънои ин бошад, ки амрҳои мухталиф дар ҷаҳони имрӯз бо якдигар дар таомуланд ва нисбат ба якдигар таъсир ва таъсири мутақобил доранд, ба мададу васоили иртиботҳои ҷамъӣ ва расонаҳо хабари ҳар ҳодисае дар гӯшае аз дунё метавонад дар сартосари ҷаҳон пахшшуда ва таъсиргузор бошад.[1] Дар ин сурат ҷомеаҳои динӣ, яъне ҷомеаҳое ки аксарияти онҳо диндор ба яке аз динҳои зиндаи ҷаҳонанд, низ наметавонанд аз ин таъсирот барканор монда ва тан ба тағйир надиҳанд. Вазъияти мутафовут бо гузашта, зеро қавмҳо ва миллатҳои гуногуни давраҳои пеш, дар муқоиса бо вазъи имрӯз аз якдигар бехабар ва ба якдигар бетаъсир будаанд. Дар воқеъ ҷомеаҳои динӣ дар ҷараёни ин дигаргуниҳо ва таъсирот, ки бо шитоби зиёд дар ҳоли вуқуъ аст, ҳам фурсатҳое барои баҳрамандӣ меёбанд ва ҳам бо ҷолишҳое рӯ ба рӯ мешаванд, яъне ҳам метавонанд аз вазъи ҷадид ва имконоти фароҳамомада судҳое бибаранд ва ҳам дар асари ин вазъ бо умури номатлубе рӯ ба рӯ шуд ва камобеш ҳам шудаанд. Ошнои бо ин имкониятҳо ва хабар ёфтан аз умури номатлуб метавонад дар ҷомеаҳои динӣ омодагии бештаре барои мувоҷиҳа бо лавозимоти даврони нав эҷод кунад.

Ҷаҳонӣ шудан ба маъное, ки зикр кардем чан фурсат барои ҷомеаи дини фароҳам мекунад, ки бояд онҳоро ғанимат шумурд:

А) Шинохтани нуқтаҳои заъфи фарҳанги динии худ ва дар натиҷа сайъ дар даврони онҳо. Агар назари баъзе аз муҳаққиқинро дар такфики се чиз дар дин бипазирем, яъне дини якро маҷмӯаи мутуни муқаддаси динӣ ва дини дуро маҷмӯаи шарҳ ва тафсирҳои ин матнҳо, ки дар тӯли таърих ба дасти олимон ва пайравони он дин навишта шудаанд ва дини серо маҷмӯаи рафтори амалии пайравони он дин дар тӯли таърих ва осор ва натиҷаҳои он амалҳо бидонем.[2] Дар ин сурат комилан эҳтимол дорад, ки ошноии пайравони динҳои мухталиф бо якдигар онон ро ба бархе аз нуқтаҳои заиф дар фарҳанги динии худ (яъне дини 2 ва дини 3) огоҳ кунад. Ҷаро, ки танҳо дини як, яъне матнҳои муқаддас аст, ки аз назари пайравони ҳар дине ба дур аз хатто ва фоқиди айб ва нуқс аст. Ин таъбири қадима, ки таърифи чизҳои боздодҳо, яъне ҳар чизро, ки ба кӯмаки зидди он метавон шинохт, нишон медиҳад, ки онҳо ҳам ба ин амал таваҷҷӯҳ доштанд, ки шинохти беҳтари ҳар чизе аз роҳи фаҳми муқобили он чиз, бо амрҳои дигар ва муқоисаи он бо онҳо имконпазир аст. Ҷаҳонишудан комилан, ин имконро дар ихтиёри пайравони динҳо ва ҷомеаҳои динӣ мегузорад, ки ба сурати ҳарчи густурдатаре бо душманон ва ағёри дини худ ошно шуда, аз ин роҳ вусъати диди бештаре пайдо кунанд. Шояд ҳам ба нуқтаҳои заъфи фарҳанги дини худ ошно шаванд. Ин шинохт мусалламан барои касоне, ки фақат

бо дини худ ва ҷомеаи динии худ сару кор доранд фароҳам намешавад ва аз ин рӯ, ин афрод наметавонанд аз шинохти дуруст ва аниқе нисбат ба фарҳанги динии худ баҳраманд шаванд.

Б) Шинохтани нуқтаҳои қувват дар фарҳанги дини дигарон васеъ дар баҳраманди аз онҳо ва ҷазбу ҳазми онҳо мутаносиб бо ҷомеаи дини худ. Он чи дар бораи роҳ ва расми шинохти нуқтаҳои заъф дар фарҳанги динӣ гуфта шуд дар ин бора низ, қобили зикр аст. Нуқтаҳои кувват дар ин 2 ва 3 аз роҳи ошноӣ бо динҳо ва фарҳангҳои дигар барҷастатар шуда, имкони шиносоӣ ва тақвияти онҳо фароҳам мешавад.

В) Канор гузоштани даъвоҳое, ки боиси нафрин ва тардиди динҳои дигар мешаванд. Дар натиҷаи ошноӣ бо фарҳанги динии дигарон тайи ба вуҷуд иштирокоти бисёре бо онҳо мебарем ва дар меёбем, ки дигар наметавон ҳамаи динҳоро ба ҷуз дини худ ботил ва радкарда шумурд. Бо мулоҳизаи унсурҳои ахлоқӣ ва маънавии муштарак ин сухани Мавлоно вузуҳи бештаре барои мо меёбад, ки ҳақиқат дар як ҷо мутамарказ нашуда ва дар сартосари ҷаҳон пахш аст ва ҳар кас ба таносуби худ баҳра ва саҳме аз он дорад. Ҷаҳонишудан ин фурсатро фароҳам мекунад, ки аз тараддуд ва нафӣ фарҳангҳои динии дигар даст бардошта ва ба овоӣ ҳақиқат дар ҳар ҷои ҷаҳон, ки онро ёфтем гӯши ҷон биспорем.

Г) Фаҳми унсурҳои ҷоҳоншумули динҳо ва аз ин тариқ расидан ба паи дин, аз тариқи ошноӣ бо динҳои дигар ва муқоисаи онҳо ба ин нукта пай мебарем, ки динҳо, ҳарчанд дар соҳити аҳкоми зоҳирӣ ва одобу шиори динӣ ва низ бархе аз ақидаҳо бо якдигар тафовутҳое доранд. Аммо дар соҳити ботинӣ ва ахлоқу мақсади ҳаёти динӣ ширкатҳои бисёре надоранд, то бад-он ҷо, ки баъзе аз диншиносон мӯътақиданд гавҳари дин, ки расидан ба қуллаи инсоният ва илоҳӣ шудан аз роҳи амалҳои нек аст, дар соҳити ботинии ҳамаи динҳо ҳузур дорад.[3]

Ғ) Тақвияти урдгоҳи маънавияттарон дар баробари моддиён аз роҳи истифода аз таҷрибаҳои муштараке, ки ҳамаи диндорон доранд. Пайравони динҳои мухталиф баракси ихтилофоте, ки бо якдигар доранд дар мухолифат бо моддиён иттифоқи назар доранд. Яъне диндорон моддаро танҳо воқеияти ҳастӣ намешуморанд (Моддияти фалсафӣ) ва намепазиранд, ки осоиш, лаззат ва сарвати моддӣ, танҳо ҳадафҳо ва арзишҳои бо аҳамият дар зиндагии башаранд, (Моддияти арзишӣ ва ахлоқӣ) дар амал сирфан, ба талош барои расидан ба ҳадафҳо ва арзишҳои моддӣ намепардозанд (Моддият дар амал). Бинабар ин, пайравони динҳои зинда дар ҷаҳон дар баробари моддиён ҷабҳаи воҳиде доранд. Аз тарафи дигар, пирӯзӣ ё шикасти маънавияттарон фақат ҷанбаи фарҳангӣ дорад, яъне бо истифода аз фарҳанг ва на омилҳои дигаре, монанди қудрати сиёсӣ, низомӣ ё иқтисодӣ аст, ки метавон ҷабҳаи моддиёнро ба шикаст кашонид. Ошноии пайравони динҳо бо якдигар ононро дар таҷрибаҳои фарҳангие, ки дар мувоҷиҳа бо моддият доштанд, саҳим карда ва аз ин роҳ сабаб мешавад, ки маънавияттарон фориғ аз ин ки ба кадом як аз динҳои ҷаҳон таалluқи хотир доранд, аз қудрати фарҳангӣ ва фикрии бештаре дар ҷаҳон ки дар маъарзи таҳдиди фарҳанги моддият аст, бархӯрдор шаванд.[4]

Пас аз зикри баъзе аз фурсатҳои муғтаниме, ки ҷаҳонишудан барои ҷомеаҳои динӣ фароҳам мекунад, инак ба зикри баъзе аз зиёнҳое, ки ин амр метавонад барои пайравони динҳо дошта бошад ва ба таъбири дигар ҷолишҳое, ки эҷод мекунад мепардозем.

А) Иттихози навъи нисбият дар ақида ва ахлоқ дар асари иттилоъ аз танаввӯъи афкор ва халқӣ дар динҳои мухталиф. Агар чи ба лиҳози мантиқӣ наметавон аз танаввӯъи афкор ва ақидаҳои ахлоқӣ натиҷа гирифт, ки ҳеҷ арзиши ахлоқии мутлақе вуҷуд надорад. Аммо шахсҳои бисёре ҳастанд, ки аз лиҳози равонӣ омодагии чунин натиҷагириеро доранд ва мумкин аст дар асари ошноҳо ва мазҳабҳои гуногун бо гузар равоншиносӣ ва на гузари мантиқӣ ба нисбияттароенаю бадеҳӣ аст, ки ошноии сатҳӣ бо ин ақидаҳо ва амалҳо ва таваҷҷӯҳ накардан ба мақсуд ва талаби дин метавонад чунин асарҳо ва натиҷаҳое низ дошта бошад.

Б) Мафтун ва шефтаи фарҳанги дигарон шудан ва беэътиноӣ ба фарҳанги худ. Ҳамонгуна ки комилан имкон дорад, ки инсон пеш аз ошноӣ бо динҳои дар мавриди худ ба навъи худшигифтагӣ ва худписандӣ мубтало бошад ва ҳар чи ғайр аз дини худро беарзиш ва ботил талаққи кунад, ин имкон низ вуҷуд дорад, ки ба маҳзи ошноӣ бо динҳо ва фарҳангҳои динии дигар ба худкамбинӣ дучор шуда ва шефтаи роҳ ва равиши дигарон шавад ва дар натиҷа ба фарҳанги худ беэътино шуда ва аз ҳақоиқи арзишманде, ки дар дини худи ӯ арза шудаанд, маҳрум бинмояд.

В) Омехтани мантиқии унсурҳои мухталифи Аден бо ҳам ва навъи илтиқодгароӣ, ки мунаҷар ба зуҳури маъҷун диние ноҳамоҳанг хоҳад шуд. Ҷаҳонӣ шудан мумкин аст, ин ангезаро дар баъзе ба вуҷуд биоварад ва овардааст, ки бо интихоби унсурҳое, ки дар ҳар дин ва низоми фикрии арзишманд меёбем ва омехтани инҳо баҳам низоми якпорча ва ҷадид фароҳам оварем, ки ҳовии афкор ва ақидаҳои мухталиф аз низомҳои фикрии гуногун бошад.[5] Нуктаи муҳим дар ин боб он аст, ки ҳар омӯза ва равише дар матни якпорча ва мунсаҷими ҳамон дин ва низоми фикрӣ аст, ки қобили фаҳм аст ва ҳам дар амал таъсири худро мебахшад. Канори ҳам қарор додани унсурҳои мухталиф аз фарҳангҳо

ва адёни мухталиф, ки дар воқеъ бо ҳам носозгоранд, ҳаргиз наметавонад низоми якпорча фароҳам оварад ва аз ин рӯ, дар амал ҳам судманд нахоҳанд буд.

То ин ҷо аз фурсатҳо ва чолишҳое, ки ҷаҳонӣ шудан ба маънои таъсир ва таъассури мутақобили умури мухталиф дар ҷаҳони имрӯз падид меоварад, сухан гуфтем. Аммо агар ҷаҳонишуданро ба маъно бигирем, ки имрӯз як шеваи зиндагӣ дар ҳоли ғалаба кардан бар ҳамаи шеваҳо ва дар натиҷа дар ҳоли ҷаҳонишудан, дар ин сурат фурсатҳо ва чолишҳои дигаре дар пеши рӯ дорем.

«Имрӯза бар хилофи гузашта, ки ҳар қавм ва миллате шеваи зиндагии хоси худро дошт, ки дар ниҳодҳои мухталифи иҷтимоӣ зоҳир мешуд, гӯё як шеваи хос дар ҳоли ҳазф ва нафӣ ҳамаи шеваҳо ва ҳамагонӣ шудан аст. Ин шеваи хос бо ҳеҷ як аз шеваҳои зиндагии гузашта ҷамъ намешавад ва ба эътибори фарзандаи ҳамаи онҳост, барои ҳамин ба ин маъно ҷаҳонишудан васфи ҷаҳони башарӣ нест, балки васфи як шеваи зиндагии хос аст, ки ҳамаи падидаҳои инсониро муҳим аз фардӣ ва иҷтимоӣ дар бар мегирад ва дар ҳама ҷо ва ҳама чиз аз ғизо ва либос гирифта то низоми иқтисодӣ ва сиёсии худро нишон медиҳад».

Бо густариши ин шеваи зиндагӣ бар сари ҷомеаҳои динӣ чи хоҳад омад ва ин амр ба суди диндори аст ё ба зарари он? Посух ба ин суол комилан мубтани бар ин аст, ки ин шеваи зиндагӣ маънавӣ бошад ё на. Агар ин шева маънавӣ бошад фурсатҳое барои ҷомеаҳои динӣ фароҳам мекунад, агар на метавонад чолишҳо ва таҳдидҳое эҷод кунад.

Зиндагии маънавӣ дар муқобили комил бо зиндагии моддигароёна аст ва зиндагие аст, ки дар он модда ягона ҳақиқати ҳастӣ талқин намешавад ва ҷаҳони модда танҳо мартабае аз мартабаҳои вуҷуд аст ва умури моддӣ низ ягона ҳадафҳо ва арзишҳои зиндагӣ дониста намешаванд, балки ҳадафҳои маънавӣ монанди ҳақиқат ва хайру зебоӣ ва камолу адолат низ ҳастанд, ки гоҳ барои расидан ба онҳо аз умури моддӣ бояд чашмпуши кард. Дар воқеъ дар зиндагии маънавӣ гароиш ба ҳадафҳо ва арзишҳои моддӣ камтар аст ва дар амал ба арзишҳои маънавӣ ва фикрӣ пардохта мешавад. Аммо аз он ҷо, ки ҳанӯз ин шеваи ҷадиди зиндагии комилан шакл наёфта ва пешбинии дақиқи оянда низ номумкин аст. Метавон гуфт, агар шеваи зиндагии ғолиб дар оянда шеваи маънавӣ бошад, дар он сурат шевае хоҳад буд, ки ҳовии гуҳари ҳамаи динҳо аст ва воҷиди ҳами унсурҳои муштарак ва ҷаҳоншумули динҳо хоҳад шуд. Дар ин сурат ҳамаи инсонҳо хоҳанд тавонист аз мазоёи диндорӣ бархӯрдор шаванд, бе он ки ба инҳисоргароиҳо ва зоҳиргароиҳое, ки дар тӯли таърих боиси ифрот ва ташаддуд миёни пайравони динҳои мухталиф будааст, гирифтор шаванд.

Аммо агар шеваи мусаллати шеваи моддӣ ва ғайримаънӣ шавад, ҳамаи ҷомеаҳои динӣ мутазарир хоҳанд шуд. Чаро ки ин шева ҳаёти маънавиятгароёнаро сахт мавриди таҳдид хоҳад дод. Бинобар ин, ба назар мерасад, ки танҳо аз роҳи фаъолитятҳои фарҳангон дар оянда муваффақ буд ва ба шинохти ҳар чӣ беҳтар авзоъ ва аҳволи ҷаҳонӣ битавон тасмимҳои муносиб барои густариши фарҳанги динӣ ва маънавӣ гирифт.

## АДАБИЁТ


1. Гедниз Антоние. Паёмадҳои мадернист. Тарҷумаи Мухсин Салоси Марказ, 1377. Дар боби маъноҳо ва мафҳумҳои мухталифи «ҷаҳонӣ шудан», аз ҷумла руҷӯъ карда шавад ба Ҳелд Девид ва Антонии Мактро. Ҷаҳонӣ шудан ва мухолифини он. Тарҷумаи Урфон Собитӣ. Чопи аввал, интишороти Қақнос, 1982. Роналд Робертсон. Ҷаҳонӣ шудан. Назарияҳои иҷтимоӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ. Тарҷумаи Камол Пулодӣ. Чопи аввал, нашри сеюм бо ҳамкории маркази байналмилалии гуфтугӯи тамаддунҳо, ба вижа фаслҳои 1, 8 ва 11. Омили Саидризо. «ҷаҳонӣ шудан, мафҳумхо ва назарияҳо» Арғнон, шумораи 24, тобистони 1383. Роналд Робертсон ва ҲАБИБҲақ Хундикр «ғуфтумонҳои ҷаҳонӣ шудан, мулоҳизоти муқаддимотӣ». Тарҷумаи Масъуд Мазоҳирӣ, Арғунон, ҳамон сол.
2. Барои тафсили бештари ин назария, руҷӯъ кард ба: Мустафо Малакиён. Роҳе ба раҳоӣ. Нашри нигоҳи муосир, чопи аввал, с.98, 1381.
3. Барои тафсили бештари ин назар, руҷӯъ карда шавад ба: Schjun Frithjof. The transcendental Unity of Religions, (London: The Theosophical Publishg House, 1984), ch.3.
4. Дар бобби фурсатҳое, ки ҷаҳонӣ шудан барои диндорон фароҳам меоварад, аз ҷумла руҷӯъ кард ба: Coward Herold. "Religious Pluralism and the future of religios" in Dean, Thomas (ed.) Religios Pluralism and thuth: Essys on Cross - Cultural philosophy of religion (Delhi: Indian books centre, 1995), PP. 45-63.
5. Имрӯз таҳти унвони дин асри ҷадид (New Age Religion) бо ҷунбишҳои динии ҷадид (New Religious movements) бо ин амр мувоҷиҳем. Дар боби нуқоти қувват ва заъфи ин ҷунбишҳо, яке аз беҳтарин осор ба забони англисӣ, ин китоб ***аст***: Hanegraaf Wouter J. New Age Religion ***and*** western culture: Esotericism in the mirror of secular thougyt (New york: State university of New York press, 1998).

## РЕЛИГИОЗНОЕ ОБЩЕСТВО И ГЛОБАЛИЗАЦИЯ: ВРЕМЕНА И ТРУДНОСТИ

Глобализация, сущностной основой, которой является информационная революция, оказывает решающее влияние на все сферы человеческой жизни -экономику, политику, культуру, язык, образование, духовно-нравственное развитие, межэтнические и межконфессиональные отношения. В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению проблемы религиозного общества в контексте мировой глобализации, а также ее влияние на религиозную культуру в обществе.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** глобализация, процесс глобализации, религия, религиозная культура социальная система.

## RELIGIOUS SOCIETY AND GLOBALIZATION: TIMES AND DIFFICULTIES

Globalization, an intrinsic basis which information revolutions' is, makes deciding impact on all spheres of human life - economy, political, culture, language, education, spiritual and moral development, and the interethnic and interfaith relations. In this article the author subjected to consideration and studying of a problem of religious society in a context of world globalization, and also its influence on religious culture in society.

**KEY WORDS:** globalization, globalization process, religion, religious culture social system.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мино Ходжизаде*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# БАРРАСИИ УЛГУҲОИ РОИҶИ ИҶТИМОӢ ДАР БАЙНИ НАВҶАВОНОНИ ТЕЗҲУШ ВА ОДДИИ ШАҲРИ ТЕҲРОН

***Ваҳида Бобохонӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Озоди Исломии воҳиди Абҳар, Эрон**

Ҳарчанд ки мафҳуми «ҳуш» мумкин аст, дар назди афроди мухталиф маънии мутафовите дошта бошад, бо ин ҳол вақте ки суҳбат аз ҳуш ба миён меояд, било фосила навъи тавоноии зеҳниро дар ёди инсон зинда мекунад. Агарчи дар миёни теъдоди донишомӯз, ки як синфи дарсро ташкил медиҳанд, тафовутҳои фаровоне ёфт мешавад, аммо вақте ки суҳбат аз далели муваффақияти саршори баъзе аз онон ва адами пешрафти кофии теъдоди дигар ба миён меояд, муҳимтарин иллате, ки ба зеҳн мерасад, тафовути ҳушии онон аст. Мумкин аст моҳияти дақиқи ҳуш комилан шинохта набошад ва мардум натавонанд онро таъриф кунанд, аммо ҳар касе барои худ тасаввуре нисбатан равшане аз он дорад. «Зарфият ё тавоноии кулли фард дар амали ҳадафманд, тафаккури мантиқӣ ва рӯ ба рӯ шудани асарбахш бо муҳит».

Мизони рушди ҳушӣ дар давраи кӯдакӣ ва навҷавонӣ бештар аз ҳар замони дигар аст. Агар синни 17-солагиро ба унвони синни навҷавонӣ дар назар бигирем 50% рушди ҳушии афрод аз бордорӣ то 4-солагӣ аст, 30% байни 4 то 8-солагӣ аст ва 20% боқимонда аз 8 то 17-солагӣ аст.

Мутолиоти анҷомшуда перомуни вижагиҳои кӯдакони тезҳуш ҳоки аз он аст, ки онҳо аз назари зеҳнӣ истеъдодҳои хорикулодие доранд. Онҳо касоне ҳастанд, ки зароиби пуши болотар аз 140 ба даст меоваранд ва хасисаҳои рафтории зер дар назди онҳо қобили мулоҳиза аст: худмухторӣ, ангезиши шахсӣ ва инзибот, роҳат ёдгирии сареи иттилооти тоза, кунҷковӣ ва тамоюли шадид ба шинохтани иллати падидаҳо, афкори интиқодӣ ва таҳлилӣ, роҳатӣ дар эҷоди иртибот ва густардагии луғатҳо, тавоноии диқати хорикулодӣ, қудрати тахаюл. Кунҷковӣ ва тафаккур перомуни афроди тезҳуш ва бо истеъдод собиқаи бисёр тӯлонӣ дорад ва эҳтимолан ба замоне бар мегардад, ки барои аввалин бор инсон алоқаманд шуд, ин ки бидонад чаро афрод бо ҳам мутафовитанд? Дар ҷомеаҳои мухталиф ҳар замон афроде будаанд, ки аз худ тавоноиҳо ва барҷастагиҳои хосе намоён сохта ва муҷиби барангехтани ҳиссӣ кунҷковии мардум шуда ва мавриди сӯи зан, нафрат ва ё тарғиб ва ташвиқи онҳо қарор мегирифтаанд. Будаанд афроде, ки бо истеъдоди фаровон ва нобиғаи фавқулоддаи хеш дар тӯлӣ зиндагӣ таваҷҷӯҳ ва таҳсини ҳамаро ба худ ҷалб намуда ва ё бидуни тававҷҷӯҳи мардум зиндагӣ карда ва гоҳ гоҳе пас аз маргашон ба нубуғи онҳо пай бурда шудааст. Кӯдакони тезҳуш ва афроди саромад аз оғози зиндагии иҷтимоии башар мавриди шиносоӣ ва таваҷҷӯҳ будаанд ва дар ҳама ҳол меъёрҳои ташхиси афроди саромад бо таваҷҷӯҳ ба табиат ва печидагии фарҳангҳои мухталиф мутағайир будааст. Мафҳуми «тезҳуш» низ дар миёни миллал ва фарҳангҳои мухталиф ба гунае мутафовит, намоёнгари арзишҳо ва алоқаҳои хоси онон будааст ва омилҳое аз қабили таваллуд, сарват, қудрат ва тавоноӣ ва мелокҳои дар таъриф ва ташхиси тезҳуш ва саромадӣ будаанд.

Ҳамчунин мудгароӣ, зебодустӣ, камолгароӣ, ҳақҷӯӣ, улгупазирӣ, иньитофпазирӣ ва майл ба таҳаррук аз вижагиҳои навҷавонони чи тезҳуш ва чи оди маҳсуб мешавад. Дар ин синин навҷавонон аз шуру шавқи фаровон бархӯрдоранд ва аз ҷиҳати гуногун бо бӯҳрон мувоҷеҳ ҳастанд. Ин солҳоро аз ин ҷиҳат бӯҳрон мемомем, ки дар он навҷавон гироиши шадиде ба моҷароҷӯӣ ва касби истиқлол пайдо мекунад ва дар ҷомеа хоҳони ифои нақш мешавад ва ба думболи арзишҳое аст, ки нисбат ба он эҳсос

низ мекунад ва барои касби арзишҳо ниёз ба улгуҳои муносиб доранд. Дар ҳар давра аз зиндагӣ афрод, бино ба мавқеият ва он даврае, ки дар он қарор гирифтаанд, дорои бинишҳо ва нигаришҳои хоси худ ҳастанд, ки мунҷар ба рафторҳои вижаи онҳо мешавад, ки мутаносиби давраи зиндагии онҳо аст. Ин масъала дар даврони навҷавони ҳам буруз мекунад, бо ин тафовут, ки навҷавонӣ сине аст, ки фард дучори тағйироти зиёде мешавад ва манишҳо, нигаришҳо ва рафторҳои хосеро ба думбол дорад. Шинохти ин давраи зиндагӣ аҳамияти бисёре дорад, зеро дар синни навҷавонӣ фард дар пайи ҳуввиятёбии худ аст, ки мабное барои бузургсолии вай қарор мегирад.

«Навҷавонӣ» иборат аст аз мутолиаи рушд ва таҳаввули ҷисмонӣ, шинохтӣ, шахсиятӣ ва иҷтимоӣ дар одамӣ, аз оғози балоғат, то ҳангоми пазириши масъулиятҳои бузургсолон дар ҷомеа. Ин тағйирот ағлаб байни синни 13 то 22 солагӣ рӯй медиҳанд. Навҷавон дар пайи ёфтани улгуҳое барои худ аст. Ба таври куллӣ улгуҳое, ки ба унвони сармашқ метавонад барои навҷавон мавриди истифода қарор гирад, чанд дастаанд. Барои мисол, назарияи ёдгирии иҷтимоӣ аҳамияти зиёде барои нақши улгуҳои иҷтимоӣ дар фароянди иҷтимоишудан қоил аст. Волидайн, ҳамсолон, муаллимон ва ҳунарпешаҳои телевизионӣ, муҳимтарин улгуҳое ҳастанд, ки бар навҷавонон таъсир мегузоранд. Алберт Бандеро ин навъ ёдгириро, ки дар он аз тариқи мушоҳидаи аъмоли дигарон ва паёмадҳои он матлабро меомӯзем «ёдгирии мушоҳидаӣ» номидааст. Ин улгуҳо метавонанд навҷавононро дар ёфтани посухи бисёре аз пурсишҳо роҳнамоӣ кунанд. Дар ин фароянд метавонад меъёрҳое барои худ ва дигарон муқаррар кунад ва биомӯзад, ки чигуна масоилро ҳал кунад ва худро бо мавқеиятҳои ҷадид вақф диҳад.

Рафтори инсон ҳамеша маҳсули ёдгирии иҷтимоии гузашта ва шароити муҳити кунунии иҷтимоъ аст. Барои навҷавонон, таҷрибаҳои гузашта шомили шеваҳои рафтори волидайн, таҷрибаҳои омӯзишгоҳӣ дар кӯдакӣ ва ҳамсолон мебошад. Замоне ки таҳаввули муҳиме дар интизороти нақши иҷтимоӣ пеш меояд, пешбини мешавад, ки рафторҳо ҳам тағйир кунад. Улгуҳои фалсафӣ, аз дар ҳам омехтани фалсафаи хонавода, русуми иҷтимоӣ, мазҳабӣ ё таърихӣ ба вуҷуд меоянд, низ зеҳни навҷавонро мустаҳкам мекунанд. Ӯ метавонад ба тадриҷ як дидгоҳи фалсафиро, ки дар мавриди ҳадафҳо ва гузинаҳои зиндагӣ ба ӯ иманӣ медиҳад ва роҳнамоиаш мекунад, рушд диҳад ва такомул бахшад. Ҳангоме ки навҷавонон дорои улгуҳои амалиётии кофӣ шавад, маҳоратҳое хоҳад дошт, ки дар талошҳои ҷадид ба ӯ эҳсоси итминон ва амният хоҳад бахшид. Чунон фарди инсони судбахш хоҳад буд ва дар иҷрои корҳо пайваста дар ҳадди олӣ боқӣ мемонад.

Аз он ҷо ки навҷавонони тезҳуш низ аз қоидаи улгупазирӣ истисно нестанд ва аз тарафи таҳқиқот нишон додаанд, ки онҳо дорои вижагиҳое чун ҳушбаҳри болотар аз мутавассит, густардагии доманаи таваҷҷӯҳ, қудрати тафаккури интизоии бештар нисбат ба ҳамсолони худ, камолҷӯӣ, алоқамандӣ ба бузургсолон, қудрати раҳбарӣ ва ё тамоюл ба назорат, ҳассосияти фавқулодда ва ғайра ҳастанд. Ҳамчунин навҷавонони тезҳуш аз ҳамсолони дорои ҳуши мутавасситаи худ дар тафаккури сурӣ муваффақтар ҳастанд. Ҳадафи ин пажӯҳиш шиносоӣ ва баррасии вижагиҳо ва хусусиёти навҷавонони тезҳуш аст. Аз он ҷо ки навҷавонони тезҳуш дар бисёре аз вижагиҳо аз навҷавонони ҳамсинну соли худ бартар ҳастанд, ҳадафи баррасии навҷавонони тезҳуш аз назари интихоби навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоӣ ва муқоисаи улгуҳои онон бо навҷавонони одӣ мебошад. Дар ин пажӯҳиш фарзияҳои аслӣ иборатанд аз:

1. Байни навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони тезҳуш ва оддӣ тафовут вуҷуд дорад.

2. Навҷавонони тезҳуш дар муқоиса бо навҷавонони одӣ аз улгуҳои мазҳабии бештаре пайравӣ мекунанд.

3. Навҷавонони тезҳуш дар муқоиса бо навҷавонони одӣ бештар аз улгуҳои шахсияти илмӣ пайравӣ мекунанд.

**Равишшиносии пажӯҳиш:** Барои посухгӯӣ ба суолот ва озмуни фарзияҳои пажӯҳиш аз равиши илли-муқоисаӣ (пас рӯйдодӣ) истифода шудааст.

**Ҷомеаи оморӣ:** Ҷомеаи омории ин пажӯҳиш шомили навҷавонони тезҳуши машғул ба таҳсил дар дабиристони Ҳиллӣ ва Фарзонагон, ки 30 нафар мебошанд ва ҳамчунин навҷавонони одии машғул ба таҳсил дар мадориси 13-обон ва Байнтулҳудо ки 30 нафар ҳастанд, аст.

**Намуна ва равиши интихоби намуна:** Гурӯҳи намунаи мавриди баррасӣ дар пажӯҳиши ҳозир шомили 60 нафар донишомӯзони навҷавон (30 нафар тезҳуш ва 30 нафар одӣ) аст, ки ба сурати тасодуфӣ интихоб гардидаанд.

**Равиши иҷрои таҳқиқ:** Барои иҷрои пурсишнома, пурсишномаи улгуҳои иҷтимоӣ дар ихтиёри озмуданиҳо қарор гирифт ва аз онҳо хоста шуд, ки суолотро як як хонда ва яке аз панҷ гузинаро, ки бо он мувофиқ ҳастанд, дар мавриди ҳар суоле, ки бо онон сидқ мекунад, интихоб ва дар пурсишнома аломат бизананд.

**Абзори андозагирӣ:** Абзори андозагирӣ дар пажӯҳиши ҳозир пурсишномаи «улгуҳои иҷтимоӣ» аст, ки шомили 40 суол аст, ки суолот 5-5 ва дар 8 меҳвар тарҳрезӣ шудаанд ва тарҳи суолот ба сурати

бастааст ва ин меҳвар дар ҳавли улгуҳои иҷтимоӣ монанди хонавода, дӯстон, хоҳар, бародари бузургтар, хонандаҳо, ҳунарпешаҳо, шахсиятҳои мазҳабӣ, илмӣ ва варзишгарон давр мезанад. Дар ин пурсишнома саъй шудааст, ки улугҳои роиҷи иҷтимоӣ ғунҷонда шавад ва ба санҷиши навъи улгуҳои навҷавонон бипардозад. Лозим ба зикр аст, посуххо дар ин пурсишнома ба сурати панҷгузинаӣ шомили комилан мухолифам, мухолифам, каме мухолифам, мувофиқам ва комилан мувофиқам мебошад.

**Эътибор ва равоии пурсишнома:** Суолоте, ки «улугҳои иҷтимоӣ»-ро бисанҷад бар асоси мутолиаи китобҳо, манобеъ ва осори мавҷуд дар ин замина ва назари устоди роҳнамо дар як пурсишномаи 70-суолӣ танзим гардид. Ин суолот ба диди устоди роҳнамо дар заминаи равоншиносӣ ва равиши таҳқиқ расид ва суолоти норасо ва номафҳум ҳазф шуданд ва 57 суол боқӣ монд. Ин пурсишнома бо 57 суол ба таври озмоишӣ иҷро шуд ва зариби $\alpha$- Кромбох 71% муҳосиба шуд. Пас аз муҳосибаи ҳамбастагии ҳар суол бо нумраи кулли бархе аз суолот ба далели ин ки аз ҳамбастагии лозим бархӯрдор набуданд, ҳазф ва 40 суол, ки дорои ҳамбастагии маънидор буд, интихоб шуд, ки эътибори ин 40 суол бар асоси $\alpha$-и Кромбох баробар 86% аст.

**Ёфтаҳои пажӯҳиш**

Ҷадвали 1. Хулосаи натиҷаҳои таҳлили варианти ду омилӣ

| **Манобеи тағйирот** | **SS** | **DF** | **MS** | **F** | **P сатҳи маънидорӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Омили А (навъи улгу) | 3138/65 | 7 | 44/37 | 2/61 | 0/05 |
| Омили В (ҳуш) | 626/07 | 1 | 626/07 | 3/65 | - |
| Омили АВ (кунишии мутақобил) | 1202/845 | 7 | 171/83 | 1/002 | - |
| Дарунгурӯҳҳо | 106913/925 | 624 | 171/33 | - | - |
| Ҷамъи кул | 111881/49 | 639 | - | 0 | - |

$F=(7/624)$ $\qquad F(624/1)$

$Fg=2/02\rightarrow\alpha=0/05$ $\qquad Fg=3/85\rightarrow\alpha=0/05$

$Fg=2/66\rightarrow\alpha=0/01$ $\qquad Fg=6/66\rightarrow\alpha=0/01$

Ҳамон тавре ки мулоҳиза мегардад F-и муҳосибашуда барои омили А баробар бо (2/61) аст ва аз F-и ҷадвал дар сатҳи 0/05 бузургтар аст. Лизо, бо итминони 0/95 фарзи 0 мабни бар адами вуҷуди робита миёни навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони тезҳуш ва одӣ мешавад. Яъне байни навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони одӣ ва тезҳуш робита вуҷуд дорад. Ба ҳамин тартиб, чун F-и муҳосибашуда барои омили В баробари 3/65 аст ва аз F-и ҷадвал дар сатҳи 0/05 ва 0/01 кӯчактар аст, лизо, фарзи 0 мабни бар адами вуҷуди робита миёни ҳуши навҷавонон ва интихоби навъи улгуҳои роиҷ таъйид мешавад. Пас байни навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони одӣ ва тезҳуш ва ҳуши онҳо робита вуҷуд надорад. Ҳамчунин нисбат ба F барои куниши мутақобил байни навъи улгуҳои иҷтимоии роиҷи навҷавонони тезҳуш ва оддии бо ҳуш баробари 1/002 аст ва аз F-и ҷадвал кӯчактар аст, лизо, фарзи 0 таъйид мешавад. Яъне байни навъи улгӯҳои роиҷи навҷавонони тезҳуш ва одӣ ва ҳуши онҳо робита вуҷуд надорад.

Ҷадвали 2. Озмуни HSD баррасии камтарин тафовути миёнгин дар навҷавонони одӣ

| Навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони одӣ / Навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони одӣ | A1 волидайн | A2 дӯстон | A3 ҳунарпешаҳо | A4 варзишгарон | A5 шахсиятҳои мазҳабӣ | A6 хонандаҳо | A7 хоҳару бародар | A8 шахсиятҳои илмӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $X1$ волидайн | 0 | 0/39 | 8/47*0/01 | 8/76*0/01 | 11/01*0/01 | 2/58 | 3/96 | 2/01 |
| $X2$ дустон | 0/39 | 0 | 8/07*0/01 | 8/37*0/01 | 10/62*0/01 | 2/19 | 3/56 | 2/41 |
| $X3$ ҳунарпешаҳо | 8/47*0/01 | 8/07 | 0 | 0/29 | 2/54 | 5/88*0/01 | 4/50*0/05 | 10/49*0/01 |
| $X4$ варзишгарон | 8/76*0/01 | 8/37*0/01 | 0/29 | 0 | 2/25 | 6/17*0/01 | 4/80*0/05 | 10/78*0/01 |
| $X5$ шахсиятҳои мазҳабӣ | 11/01*0/01 | 10/62*0/01 | 2/54 | 2/25 | 0 | 8/43*0/01 | 7/05*0/01 | 13/03*0/01 |
| $X6$ хонандаҳо | 2/58 | 2/19 | 5/88*0/01 | 6/17*0/01 | 8/43*0/01 | 0 | 1/37 | 4/60*0/05 |
| $X7$ хоҳару бародар | 3/96 | 3/56 | 4/50*0/05 | 4/80*0/05 | 7/05*0/01 | 1/37 | 0 | 5/98*0/01 |
| $X8$ шахсиятҳои илмӣ | 2/01 | 2/41 | 10/49*0/01 | 10/78*0/01 | 13/03*0/01 | 4/60*0/05 | 5/98*0/01 | 0 |

* = нишонаи маънодор будан.

0/01 ва 0/05 = бо нишонаи сатҳи маънидорӣ.

Метавон дар як натиҷагирии куллӣ баён дошт, ки навҷавонони одӣ бештар аз улгуҳои волидайн, дӯстон, хонандаҳо, ҳунарпешаҳо ва хоҳару бародар ва шахсиятҳои илмӣ пайравӣ мекунанд.

Ҷадвали 3. Озмуни HSD баррасии камтарин тафовути миёнгинҳо дар навҷавонони тезҳуш

| Навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони тезҳуш<br>Навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони тезҳуш | A1 волидайн | A2 дӯстон | A3 ҳунарпешаҳо | A4 варзишгарон | A5 шахсиятҳои мазҳабӣ | A6 хонандаҳо | A7 хоҳару бародар | A8 шахсиятҳои илмӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $X$1 волидайн | 0 | 10/64*0/01 | 11/37*0/01 | 8/82*0/01 | 3/23 | 9/41*0/01 | 7/45*0/01 | 5/98*0/01 |
| $X$2 дӯстон | 10/64*0/01 | 0 | 0/72 | 1/82 | 7/41*0/01 | 1/23 | 3/19 | 16/62*0/01 |
| $X$3 ҳунарпешаҳо | 11/37*0/01 | 0/72 | 0 | 2/54 | 8/13*0/01 | 1/96 | 3/92 | 17/35*0/01 |
| $X$4 варзишгарон | 8/82*0/01 | 1/82 | 2/54 | 0 | 5/58*0/01 | 0/58 | 1/37 | 14/80*0/01 |
| $X$5 шахсиятҳои мазҳабӣ | 3/23 | 7/41*0/01 | 8/13*0/01 | 5/58*0/01 | 0 | 6/17*0/01 | 4/21 | 9/21*0/01 |
| $X$6 хонандаҳо | 9/41*0/01 | 1/23 | 1/96 | 0/58 | 6/17 | 0 | 1/96 | 15/39*0/01 |
| $X$7 хоҳару бародар | 7/45*0/01 | 3/19 | 3/92 | 1/37 | 4/21 | 1/96 | 0 | 13/43*0/01 |
| $X$8 шахсиятҳои илмӣ | 5/98*0/01 | 16/62*0/01 | 17/35*0/01 | 14/80*0/01 | 9/21*0/01 | 15/39*0/01 | 13/43*0/01 | 0 |

Дар як нигоҳи куллӣ метавон гуфт, ки навҷавонони тезҳуш бештар аз улгуҳои волидайн аз шахсиятҳои илмӣ ва мазҳабӣ пайравӣ мекунанд.

Ҷадвали 4. Озмуни HSD баррасии камтарин тафовути миёнгинҳо дар навҷавонони одӣ ва тезҳуш

| Навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони одӣ<br>Навъи улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони тезҳуш | A1 волидайн | A2 дустон | A3 ҳунарпешаҳо | A4 варзишгарон | A5 шахсиятҳои мазҳабӣ | A6 хонандаҳо | A7 хоҳару бародар | A8 шахсиятҳои илмӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $X$1 волидайн | 5/35*0/05 | 5/47*0/05 | 13/82*0/01 | 14/11*0/01 | 16/37*0/01 | 7/94*0/01 | 9/31*0/01 | 3/33 |
| $X$2 дӯстон | 5/29*0/05 | 4/90*0/01 | 3/17 | 3/47 | 5/72*0/01 | 2/70 | 1/33 | 7/31*0/011 |
| $X$3 ҳунар-пешаҳо | 6/01*0/01 | 5/62*0/01 | 2/45 | 2/74 | 5/00*0/01 | 3/43 | 2/05 | 8/03*0/01 |
| $X$4 варзишгарон | 3/47 | 3/07 | 5/00*0/01 | 5/29 | 7/54/0/01 | 0/88 | 0/49 | 5/49*0/01 |
| $X$5 шахсиятҳои мазҳабӣ | 2/11 | 2/50 | 10/58*0/01 | 10/88 | 13/13*0/01 | 4/70 | 6/07*0/01 | 0/09 |
| $X$6 хонандаҳо | 4/05 | 3/66 | 4/41 | 4/70 | 6/96*0/01 | 1/47 | 0/09 | 6/07*0/01 |
| $X$7 хоҳару бародар | 2/09 | 1/070 | 6/37*0/01 | 6/66*0/01 | 8/92*0/01 | 0/49 | 1/86 | 4/11 |
| $X$8 шахсиятҳои | 11/33*0/0 | 11/72*0/0 | 19/8*0/01 | 20/09*0/0 | 22/35*0/0 | 13/62*0/0 | 15/29*0/0 | 9/31*0/01 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| илмӣ | 1 | 1 | | 1 | 1 | 1 | 1 | | |

Натиҷаҳои ҳосил аз озмуни HSD (озмуни Тукӣ) тафовути миёнгинҳои навъи улгуҳои роиҷи навҷавонони одӣ ва тезҳушро мавриди муқоиса қарор медиҳад, ки ба таври куллӣ нишон медиҳад, ки навҷавонони тезҳуш ба тартиб бештар аз улгуҳои волидайн, шахсиятҳои илмӣ ва мазҳабӣ пайравӣ мекунанд. Дар ҳоле, ки навҷавонони одӣ аз улгуҳои волидайн, дустон, хонандаҳо, ҳунарпешаҳо, хоҳару бародар ва шахсиятҳои илмӣ пайравӣ мекунанд, ки улгуҳои волидайн ва шахсиятҳои илмӣ ва иштироки навҷавонони тезҳуш ва одӣ аст.

**Баҳсу натиҷагирӣ** Дар Юнони қадим Афлотунро ақида бар он буд, ки кӯдакони бо ҳуш мебоист дар синни кӯчаки интихоб шуда ва ба онҳо ба таври ихтисоси улум ва фалсафа таълим дода шавад. Таҳқиқоте, ки дар ду қарни охир сурат гирифтааст, бавижа таҳқиқоти Терман (1925) ва Кокс (1925) нишон додааст, ки ҳеҷ гуна робитае байни тезҳушӣ ва ғайриодӣ будан вуҷуд надорад. Афроди саромад, бо дигар афроди оддӣ тафовуташон дар дараҷаи аввал мизони ҳушии онҳо аст, на дар навъи инсон буданашон, ба ваҷҳе, ки тафовути ҳушии онҳо қобили андозагирӣ мебошад. Таҳқиқоти Роҷерз ва Диёмунд нишон дод, ки қабули хештан ва тасвиби дигарон бо якдигар ҳамбастагии мусбат доранд, яъне ҳар чи тасвиби дигарон ҳосил гардад, фард худро беҳтарин пазирад ва ба хештан эътимод мекунад.

Мутолиоти Ҳофман нишон дод, ки тасмим ба идомаи таҳсил ва рафтан ба донишгоҳ дар навҷавонон, таҳти таъсири тасмимот ва рафтори дустони онон будааст. Лизо, гурӯҳи ҳамсин бар тасмимоте, ки афроди узви он гурӯҳ қарор мегиранд, таъсир мегузорад. Дар як пажӯҳиши дигар беш аз 400 кӯдак 1 то 12 сола дар хона ва дар миёни ҳамсоягони аз табақаи мутавассит мавриди мушоҳида қарор гирифтанд. Кӯдаконе, ки дорои синини гуногун ҳастанд, бо чи касоне вақташонро сарф мекунанд? Кӯдакон дар 26% вақтҳо танҳо ба сар мебаранд ва дар 46% вақтҳои мушоҳидашуда, ки фақат бо кӯдакони дигар ба сар мебаранд ва дар 28% мавқеиятҳо бо бузургсолон ва ҳамсолони худ ба сар мебаранд. Аз миёни омилҳое, ки бар иҷтимоишудан таъсир мегузоранд, волидайн муҳимтарин омил ҳастанд. Аз соли 1955 ба ин тараф шавоҳиди маҳкаме вуҷуд дорад, ки расонаҳои гурӯҳӣ, таъсири инкорнопазире бар фароянди иҷтимоишудан доранд. Як эътиқоди роиҷ, аммо таъйиднашуда, ин аст, ки навҷавонон робитаи наздик бо волидайнро бо барқарории робитаи наздик бо ҳамсолон мубодила мекунанд. Тибқи ин назар навҷавонон наметавонанд ба таври ҳамзамон ҳам бо волидайн ва ҳам ҳамсолони худ робитаи наздик дошта бошанд. Дар воқеъ, навҷавонон робитаро бо волидайни худ ҳифз карда ва пайвандҳои ҷадиде бо ҳамсолони худ барқарор месозанд.

Натиҷаи пажӯҳиши ҳозир низ бо таваҷҷӯҳ ба пажӯҳишҳои анҷомшуда нишон медиҳад, ки вижагиҳои кӯдакони тезҳуш ҳоки аз он аст, хасисаҳои рафтории зер дар назди онҳо қобили мулоҳиза аст: бархӯрдори аз ҳуши болотар аз мутавассит, барҷастагии хос дар ёдгирии матолиб, ҳофизаи қавӣ, пурэнергӣ будан, қудрати тахаюл, ироаи посухҳои печида, дарки сареи робитаҳои унсурҳо ва падидаҳои мухталиф, хушхулқ ва мудгароӣ, зебодӯстӣ, камолгароӣ, ҳақҷӯӣ, улгупазирӣ, инъитофпазирӣ ва майл ба таҳаррук аз вижагиҳои навҷаонони тезҳуш ва одӣ маҳсуб мешавад. Дар ин синин равоншиносон улгуёбиро фароянди асосӣ дар иҷтимоишудани ҷавонон медонанд ва онҳоро бо сармашқгирӣ аз афроди муҳити худ нигаришҳо ва рафторҳое, ки дар ҷоме аз афроди бузургсол интизор дорад, касб мекунанд. Аз он ҷо ки навҷавонон аввалин ва бештарин бархӯрдро дар зиндагӣ бо волидайни худ доранд, волидайн манбаи аслии ин улуёбӣ маҳсуб мешаванд. Сипас, ҳамсолон тадриҷан манбаи қонунҳои умумии рафтор талаққӣ мешаванд. Зеро онон маҳоратҳои иҷтимоиро аз тариқи куниши мутақобил бо якдигар ёд мегиранд ва дар фаъолиятҳои дастаҷамъӣ ширкат мекунанд. Ҳамчунин, бар асоси назарияи ёдгирии иҷтимоӣ мебинем, ки навҷавонон бештар аз улугҳое пайравӣ мекунанд, ки дорои вижагиҳое мисли мавқеиятҳои муҳим, муваффақияти зиёд ва донишу тахассуси фаровон ва ҷаззобияти шуғлӣ ва ғайра бошад. Илова бар вижагиҳои улгу бархе аз вижагиҳои тақлидкунанда аз улгу низ дар ёдгирӣ муассиранд. Ин вижагиҳо иборатанд аз: ниёз ба вобастагӣ, эътимод ба нафс, эҳсоси шоистагӣ, яъне ҳар чи ин вижагиҳо дар шахс бештар бошад, эҳтимоли таваҷҷӯҳ кардани ӯ ба рафтори улгу афзоиш меёбад. Ҳамчунин натиҷаи пажӯҳиш нишон дод, ки байни улгуҳои роиҷи иҷтимоии навҷавонони одӣ ва тезҳуш робитаи маънодоре вуҷуд дорад. Аммо байни навъи улгуҳои роиҷи навҷавонони тезҳуш ва одӣ ва ҳуши онҳо (куниши мутақобил) робитаи маънодре вуҷуд надорад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои ҳосил аз озмоуни Тукӣ барои маънодор будани ихтилоф байни ҳар ҷуфт аз миёнгинҳо нишон дод, ки навҷавонони одӣ ба тартиб бештар аз улгуҳои волидайн, дустон, хонандаҳо, ҳунарпешаҳо, хоҳару бародар ва шахсиятҳои илмӣ пайравӣ мекунанд. Аммо навҷавонони тезҳуш ба тартиб бештар аз улгуҳои волидайн, шахсиятҳои илмӣ ва мазҳабӣ пайравӣ мекунанд. Маҳдудиятҳои ин пажӯҳиш, маҳдуд будани тезҳуш ва адами ҳамкории масъулони марказҳои

истеъдоди дурахшон барои иҷрои тест ва адами назорати шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва хонаводагӣ бар рӯи навҷавонони тезҳуш ва одӣ аст.

Пешниҳодоти ин пажӯҳиш низ иборат аст: агар ҳаҷми намуна дар пажӯҳишҳои баъдӣ бештар шавад, натиҷаҳои оморӣ аз эътибори бештаре бархӯрдор мешавад ва агар назорати шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва хонаводагии навҷавонони тезҳуш ва одӣ имконпазир гардад, натиҷаҳои беҳтаре ба даст меояд.


**АДАБИЁТ**

1. Афрӯз Ғуломалӣ. Муқаддиме бар равоншиносӣ ва омӯзишу парвариши кӯдакони истисноӣ. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон. Теҳрон, 1996.
2. Аҳмадӣ Сайидаҳмад. Равоншиносии навҷавон ва ҷавон. Интишороти Рушд. Теҳрон, 1990.
3. Биёбонгард Исмоил. Равоншиносии навҷавонон. Дафтари нашри фарҳанги исломӣ. Теҳрон, 2005.
4. Сайф Алиакбар. Равоншиносии парваришӣ. Интишороти Огоҳ. Теҳрон, 2001.
5. Шарифӣ Парвиз. Кӯдакони истисноӣ. Нашри фадан. Теҳрон, 1988.
6. Piaget J. & Ingelder B. The psychology of child. Newyork, Basic Books. 1969.


## ИССЛЕДОВАНИЕ ПРИМЕРОВ СОЦИАЛЬНОГО ОПРОСА СРЕДИ СООБРАЗИТЕЛЬНЫХ И ОБЫЧНЫХ ЮНОШЕЙ ГОРОДА ТЕГЕРАН, ИРАН


В данной статье автором рассматриваются результаты опроса, проведенного среди юношей города Тегеран Исламской Республики Иран на предмет выявления их сообразительности, так как именно в юношеском возрасте (от 13 до22 лет) происходят основные умственные и физические преобразования в их организме.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** юношейский возраст, сообразительность, умственное развитие, обычные юноши, группы.


## RESEARCH OF EXAMPLES OF SOCIAL POLL AMONG BRIGHT AND ORDINARY YOUNG MEN OF THE CITY OF TEHRAN, IRAN


In this article the author considers results of poll which has been carried out among young men of the city of Tehran of the Islamic Republic Iran about detection of their ingenuity as at youthful age (from 13 до22 years) there are main intellectual and physical transformations in their organism.



**KEY WORDS:** youthful age, ingenuity, intellectual development, ordinary young men, groups.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Вахида Бобохони*** – аспирантка кафедры педагогики ТНУ, член ученого совета Свободного исламского университета города Абхар, Иран.


# ИЗТИРОБИ ИМТИҲОН ВА НАТОИҶИ ОН БАРОИ ФАРОГИРОН


***Тақӣ Абӯтолиби Аҳмадӣ***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Андозагирӣ ва арзишёбӣ дар таълиму тарбият таърихи тӯлоние дорад. Қабоили бадавӣ тайи маросими омодагиву таҳаммул мушкилоти зиндагиро дар ҷавонон мавриди озмун қарор медоданд ва ба ақидаи Румберг (1992), шояд ин қадимтарин як навъи имтиҳоне аст, ки тавассути инсон анҷом шудааст. Аз назари таърихӣ, чиниҳо ҳудуди 2200 сол пеш аз натоиҷи озмунҳо бо шеваи арзишёбии поёнӣ барои интихоби масъулони идорӣ истифода мекарданд (с. 1991, нақл аз Абулқосимӣ).

Дар Эрони бостон низ дар аҳди Шопур-подшоҳи Сосонӣ, дар гунди Шопур ҷаласоте барои озмуни донишҷӯёни пизишкӣ барпо мегардид (Биёбонгард,с. 1378, саҳ. 33) Бо густариши усулҳои омӯзиш ва парвариш ва афзоиши теъдоди донишомӯзон дар пояҳои мухталифи таҳсилӣ, шеваҳои арзишёбӣ барои таъйини мизони ёдгирии донишомӯзон аз ҳолати фардӣ ё гурӯҳҳои ноҳамгуни кӯчак ба озмунҳои дар миқёси васеътар ва гурӯҳҳои мутаҷонистар тағйир пайдо кардааст. (с. 1373, нақл аз Абулқосимӣ) Лорд имтиҳонро гузиниши тасодуфии теъдоди суол аз маҷмӯаи саволҳо таъриф менамояд. Карунбох (1960) мӯътақид аст, ки озмун василаест барои баррасии мушоҳидаи муназзами муаллим аз рафтори донишомӯз ва тафсири ин мушоҳидаҳо ва табдили он ба миқёси ададиву табақабандишуда истифода аст. Имтиҳон ба мафҳуми илмӣ навъе аз арзишёбӣ аст, ки бар асоси усули муайне ва аҳдофи мушаххасе анҷом мегирад (Биёбонгард, 1378, с. 34-35). Имтиҳон василаест барои тавсиф ва андозагирии тағйири рафтори донишомӯз дар ҷиҳати ҳадафҳои омӯзишӣ ва парваришиву кӯмак ба беҳбуди ёдгирии ӯст. Ба иллати сарнавиштсоз будани имтиҳонот, бисёре аз донишомӯзон ва донишҷӯён сахттарин соат ва рӯзҳои худро дар айёми имтиҳонот сипарӣ мекунанд ва ағлаби онон маҷбуранд матолиби дарсиро ҳар чӣ сареътар ва он ҳам тӯтивор ҳифз кунанд. Чи басо ҳавлу ҳарос аз имтиҳон муҷиб шавад, ки фард бо вуҷуди бархӯрдорӣ аз баҳраҳушии боло, мутолиаи зиёд ва омодагии

қаблӣ натавонад ба хубӣ аз ӯҳдаи он бароядд. Имтиҳон маъмулан ба манзури такмили ёдгирӣ сурат мегирад. Муаллим ва шогирд барои ин ки аз натиҷаи кори худ дар ҷараёни ёдгирӣ огоҳ шаванд, аз тариқи суолу ҷавоб кори худро арзёбӣ мекунанд. Имтиҳон василаи андозагирии пешрафти фарогири омӯзишиву тарбиятӣ аст. Дар арзишёбии омӯзишии амалкарди таҳсилии ёдгирандагон (донишомӯзон ва донишҷӯён) бо таваҷҷӯҳ ба ҳадафҳои дақиқи омӯзишӣ, ки бархоста аз ғоятҳои куллии мавриди интизор дар ҳадафҳои дарсӣ аст, манзур ва мақсуди он ҳамин аст, ки муаллим ё устоди донишгоҳ аз омӯзиши худ ва ёдгиранда аз ёдгирӣ матолиб доранд ва ба василаи он мавриди санҷиш қарор мегиранд. Браун ва Нойт дар бораи аҳамияти арзишёбии амалкарди таҳсилии донишҷӯён муътақиданд, ки арзишёбӣ қонун ва қолаби таҷрибаи донишҷӯён аст. Ҳамчунин шеваи имтиҳони устод, таъйин мекунад, ки фарогирон чӣ меомӯзанд ва сабки ёдгирии онҳо чист? Арзишёбии пешрафти таҳсилиро фароянди муназзам барои таъйину ташхиси мизони пешрафти ёдгирандагон дар расидан ба ҳадафҳои омӯзишӣ медонад. Аҳдофи имтиҳон дар фарогирон: 1.Кӯмак ба ёдгирии фарогирон. 2. Барангехтани рағбати фарогирон дар амри ёдгирӣ. 3 Тасмимгирӣ барои шурӯи мароҳили баъди тадрис. 4. Ислоҳи равиши тадрис. 5. Фарогирон ва табақабандии онҳо. 6. Кӯмак ба фарогирон барои ошноӣ бо ҳадафҳои дарс. 7. Тасҳеҳи натоиҷ ва фаъолиятҳои фарогирон. 8. Кӯмак ба ёдгирии фарогирон. 9. Шинохти ҳар чӣ бештари тавонмандиҳо ва истеъдодҳои мухталифи фарогирон. 10. Таъкид бар мавзӯъҳо ва нукоти умдаи дарсҳо.

Изтироби имтиҳон. Изтироб ба таври куллӣ иборат аз эҳсоси нохушоянд аст, ки бо нишонаҳое аз қабили ваҳшат, биму ҳарос, фоҷиае дар ҳоли вуқӯъ ҳамроҳ аст, дар муқобили тарс вокунише аст, ки нисбат ба як таҳдид номушаххас ва ношинохта ошкор мешавад ва метавонад аз кашмакашҳои дарунӣ эҳсоси адами амният ё таконишҳои мамнӯъ ношӣ шавад. Дар ҳама ҳолат тарс ва изтироби имтиҳон навъи изтиробе аст, ки ҳамроҳ бо тарс марбут ба адами тавонмандии дар амалкард марбут ба як вазифа ошкор мешавад. Ин ҳолат навъе аз изтироби амалкард талақӣ мешавад ва ба тамоилу амодагӣ ба музтариб шудан ишора дорад, ки ношӣ аз авомили мудохилакунандаи муҳите аст. Тарс ва изтироби фарогирон ба таври маъмул аз тариқи вазоифи омӯзишӣ, муаллимон ва ё омӯзишгоҳ ёд гирифта мешавад ва фарогир дучори беқарор, арақи сарди бадан ва афзоиши зарбаи қалб мешавад. Баъзе аз онҳо ба иллати нороҳатӣ, мудовим, изтироби худро тащдид мекунанд. Таъсири чунин изтиробҳо ба коҳиш ва тазъифи ҳофизаву тавонмандиҳои шинохтӣ мунҷар шуда, бар вазоифи таҳсиливу омӯзишӣ мусаллат мегардад. Барои беҳбуди он бояд ба усули зер таваҷҷӯҳ дошт: 1. Огоҳӣ аз маҳоратҳои ёдгириву мутолиаи саҳеҳ. 2. Ҳидоят ва маҳорати муаллим дар амри омӯзиши муассири фарогирон. 3. Омодагӣ барои ҳузур дар ҷаласаи имтиҳон. 4. Рафтор дар ҷаласаи имтиҳон шомили таваҷҷӯҳ ба тамоми суолҳо ва ҷавоб додан ба суолҳои осон, фикр кардан, қабл аз навиштану танзими замони посухгӯӣ ба суолҳо. Изтироби имтиҳон навъи ошуфтагии равонӣ ва дар айни ҳол изтироби ҷисмие аст, ки бо қарор гирифтан дар шароити имтиҳонӣ ё каме қабл аз имтиҳон дар фард ба вуҷуд меояд ва амали фард дар имтиҳонро таҳти таъсири худ қарор медиҳад. Аз он ҷое, ки инсон дӯст надорад, аъмолаш мавриди арзишёбии дигарон қарор гирад, ҳар гоҳ ба гунае таҳти шароити имтиҳонӣ қарор гирад, дучори изтироб ва нигаронӣ мешавад. Изтироби имтиҳон яке аз мӯъзилоте аст, ки имрӯз дастандаркорони таълиму тарбият, донишомӯзон ва донишҷӯёни зиёде бо он дасту панҷа нарм мекунанд. Изтироби имтиҳон яке аз изтиробҳои мавқеияте аст, ки бо амалкарду пешрафти таҳсилии донишомӯзону донишҷӯён дар марказҳои омӯзишӣ робитаи танготанг дорад. Вин (1971) ҳамчунин шавоҳидеро зикр мекунад, ки афроди дорои изтироби имтиҳони боло дар муқоиса бо афроди дорои изтироби имтиҳони поин тарсу бими бештаре дорад ва аз худашон норозитаранд. Пажӯҳишҳои анҷомшуда нишон дод, ки афроди дорои изтироби имтиҳони боло дар мавқеиятҳое, ки амалкарди онҳо мавриди арзёбӣ қарор мегирад, дучори ин ҳолатҳо мешаванд: а) вақти бештареро сарф мекунанд. б) дар мавриди амалкарди худ ва дигарон чӣ гуна амал мекунанд, нигаронанд. в) дар мавриди суолот шуғли зеҳнӣ доранд. г) ба мавзӯъҳое чун эҳсоси адами кифоят, интизори натиҷа, аз даст додани арзишу афзоиш вокунишҳои ғайри иродӣ ва ҷисмонӣ зиёд фикр мекунанд. Либретто Морис (1967) мӯътақиданд, ки изтироби имтиҳон мураккаб, нигаронкунанда ва ҳаяҷонпазир аст. Ҳаяҷонпазирӣ ҷанбаи барангехтагии ғайриироди изтироб аст. Мак Гиҷӣ бо ҳамкоронаш (1980) тасаввур мекунанд, ки иллати аслии изтироби донишомӯзон ва донишҷӯён имтиҳонот аст ва ҳатто тафаккур дар бораи имтиҳонот сабаби эҷоди изтироб ва дар натиҷа ихтилол дар пешрафти таҳсиливу муваффақияти дарсии онҳо мешавад. (Азимӣ, 1370, нақл аз Биёбонгард, 1378 саҳ. 41-44). Дар модели изтироб мавқеияти хасиса, афроди дорои изтироби имтиҳони боло дар мавқеъиятҳои имтиҳон ва арзёбӣ ба таври ҳаяҷоне посух медиҳанд. Дар модели тадохил, бар асоси ин модел изтироби имтиҳони ёдоварӣ, омӯхтаҳои қаблиро мағшуш сохтаву ба ин тариқ амалкарди фардро мухтал месозад. Дар модели камбудҳо, бар асоси он иллати пойин будани баҳои имтиҳонии донишомӯзони дорои изтироби имтиҳон одатҳои мутолиаи номуносиб ва нокофиву чи гунагии маҳоратҳои имтиҳондиҳии онҳо аст. Соросун (1975) изтироби имтиҳонро ба ин сурат таъриф мекунад, ки он навъи иштиғоли зеҳнӣ аст ва

бо шакку шубҳа нисбат ба худ ва худтаҳқирӣ мушаххас мешавад. Ин фаъолиятҳои шинохтӣ ҳам бар рафтори ошкор ва ҳам бар вокунишҳои физиологӣ таъсир мегузорад. Тубёс (1986) байни навъи изтироби имтиҳон (таҳсилкунанда-боздоранда) ва ҷинси донишомӯзон робита пайдо кард. Ӯ дарёфт, ки писарон бештар аз духтарон изтироби имтиҳони тасҳилкунанда доранд.

Зотс ва Чосин (1985) таъкид мекунанд, занон тамоил доранд, то амалкарди худро аз он чӣ ҳаст камтар ва мардон баръакс бештар арзёбӣ кунанд. Онҳо дарёфтанд дар ҳоле ки писарони дорои изтироби имтиҳони боло дар шароити стрессомез амалкарди заифе нишон медиҳанд, духтарони дорои изтироби имтиҳони боло беҳтар амал мекунанд. Бос (1980) мегӯяд, ки нақши ҷинсият барои занон бо изтироби иҷтимоӣ ҳамроҳ аст, аммо барои мардон ин чунин нест (Биёбонгард, 1378, с.51-56) Изтироби имтиҳон ба унвони як падидаи мутадовил ва муҳими омӯзишӣ, робитаи танготанг бо амалкарду пешрафти таҳсилии кӯдакон ва навҷавон дорад ва бо шахсият ва эътимод ба нафси онон марбут аст. Ба тавре ки дар афроди дарунгаро ва ё фарогирони боэътимод ба нафси пойин, шоеътар аст. Изтироби имтиҳон истилоҳи куллие аст, ки ба навъе аз изтироб бо ҳароси иҷтимоии хос ишора дорад ва фардро дар бораи тавоноиҳояш дучори тардид мекунад ва пайомади он коҳиши тавони муқобила бо мавқеиятҳое чун мавқеияти имтиҳон аст. Фарди дучори изтироби имтиҳон маводи дарсиро медонад, аммо шиддати изтироби вай монеъ аз он мешавад, ки маълумоти худро дар ҷаласаи имтиҳон буруз диҳад. (Лашкарипур, 1384, с. 254)

Илатҳо ва авомили изтироби имтиҳон. Авомили фардӣ ва шахсиятӣ: Донишомӯз чун изтироби умумӣ, пойин будани сатҳи иззати нафс, ҳуш, арзёбии шинохтӣ, адами омодагӣ, адами таваҷҷӯҳ ва тамаркуз, равишҳои мутолиаи нодуруст, интизороти боло, авомили омӯзишгоҳӣ ва иҷтимоӣ чун интизороти муаллимон, рақобат, низоми омӯзишии ҳоким бар мадорис, навъи дарс, мавқеият ва муроқибони имтиҳон ва мадракгироӣ, авомили хонаводагӣ, чун шеваи тарбиятии волидайн, интизороти онҳо, фазои отифонаи ҳоким бар хонавода, вижагиҳои шахсиятии волидайн ва табақаи иқтисодии иҷтимоӣ. Изтироби ношӣ аз имтиҳон яке аз мавонеи мутааддид дар баҳрагирии комил аз андӯхтаҳо ва иттилооти қаблӣ аст. Бисёре аз донишомӯзон ва донишҷӯён мӯътақиданд, ки барои ёдгирӣ ва ёдоварӣ чандон мушкилие надорад, вале дар ҷаласаи имтиҳон дучори изтироб мешаванд, таодули отифиашон ба ҳам вобастагӣ дорад, ихтилолоти эҳшоӣ, физиологӣ, алоими ҷисмонӣ дар онҳо зоҳир мешавад ва нороҳат, норозигӣ ҷаласаи имтиҳонроо тарк мекунанд. Марш мӯътақид аст, ки тафсири саҳеҳ аз худ боиси афзоиши муваффақият ва пешрафти таҳсилии фарогирон мешавад. Дар шарҳ додани авомили фардӣ ва шахсии муҷиби изтироб мавориде чун: 1. Изтироби умумӣ. 2. Иззати нафси беш аз ҳадди боло ва поин. 3. Ҳуш ва тавоноии зеҳнӣ ва шинохтӣ дахолат доранд. Саросун ва ҳамкоронаш эътиқод доранд, ки байни ҳуш ва изтироби имтиҳон робитаи маънодоре вуҷуд дорад. 4. Арзишёбии шинохтии афрод аз хештан. 5. Адами огоҳӣ, гоҳе изтироби имтиҳон ба хотири надоштани омодагии кофии имтиҳондиҳанда аст. 6. Адами таваҷҷӯҳ ва тамаркузи фарди музтариб. 7. Равишҳои мутолиаи нодуруст. 8. Интизороти донишомӯзон ва донишҷӯён. 9. Таълими таҷоруби имтиҳони гузашта ба мавқеиятҳои имтиҳонии ҷадид. 10. Ошно набудани донишомӯзон бо ҷаласаи имтиҳон ва навъи имтиҳону суолот. 11. Авомили хонаводагӣ. Натоиҷи бадастомада аз пажӯҳиши Абулқосимӣ (1374, саҳ. 114) ҳокӣ аз он аст, ки бо афзоиши изтироби умумӣ дар донишомӯзон, изтироби имтиҳони онон низ шиддат меёбад. Аспил Бергер (1968) изтироби имтиҳонро як «сифати хасиса» талақӣ мекунад ва чунин ба назар мерасад, ки доншомӯзони музтариб, изтироби имтиҳонро бо шиддати бештаре таҷриба менамоянд. Ҳамбастагӣ байни изтироби имтиҳон ва иззати нафси донишомӯзон дар сатҳи P=0,01 маънидор буд. Натоиҷи бадастомада аз ин пажӯҳиши зимни таъйиди таҳқиқоти анҷомшуда тавассути пажӯҳишгарони дигар. 12. Изтироби имтиҳон ва мавқеияти иҷтимоӣ-иқтисодии хонаводаҳо: дар натоиҷи пажӯҳиши Абӯлқосимӣ ҳамбастагӣ байни изтироби имтиҳон ва пойгоҳи иҷтимоӣ-иқтисодии донишомӯзон дар сатҳи P-5% маънидор буд. Натиҷаҳо зимни таъйиди ёфтаҳои таҳқиқоти анҷомшуда тавассути пажӯҳишгарони дигар ҳокӣ аз он аст, ки байни изтироби имтиҳон ва пойгоҳи иҷтимоӣ-иқтисодии донишомӯзон, ҳамбастагии манфӣ вуҷӯд дорад. 13. Изтироби имтиҳон ва интизороти муаллим: бо таваҷҷӯҳ ба пажӯҳиши Абӯлқосимӣ ҳамбастагии мусбате байни изтироби имтиҳон ва интизороти муаллим аз донишомӯзон вуҷуд дорад, ки дар сатҳи P=5% маънидор мебошад. Бар асоси натоиҷи ҳосил аз ин пажӯҳиш, бо боло рафтани интизороти муаллимон дар дарсҳои мухталиф, изтироби имтиҳони донишомӯзон бештар мегардад.

Равишҳои беҳбуд ва дармони изтироби имтиҳон: барои дармони изтироби имтиҳон аз равишҳои бад ин шарҳ метавон истифода намуд: 1. Равиши ҳассосиятзудоии муназзам, аввалин бор барои дармони ҳаросҳо ибдоъ шуд. Пас шинохти мавқеиятҳои изтиробҳо ва усули зербинои равиши ҳассосиятзудои муназзам, мураҷеъ ба кӯмаки дармонгари феҳристе аз муҳаррикҳои изтиробзоро бо риояти силсилаи маротиб таҳия мекунад. 2. Равишҳои шинохтӣ: Тибқи назари назарияпардозони шинохтӣ ошуфтагиҳои фикрӣ, ки фақат дар маконҳо ё дар робита бо мушкилоти хос рух медиҳанд, манобеи изтироб ҳастанд. Ин навъ ошуфтагиҳо шомили арзишёбиҳои ғайривоқеии мавқеиятҳои

ҳамешагӣ дар бораи ҷанбаъҳои хатарноки онҳост. 3. Огоҳӣ аз маҳоратҳои мутолиа дар коҳиши изтироб. Шояд изтироби имтиҳон як вокуниши табиие аст, ки аз мутолиаи заиф ва маҳоратҳои имтиҳондиҳӣ маншаъ мегирад. Агар ин тавр бошад, метавон интизор дошт, ки мушовира дар мавриди маҳоратҳои мутолиа, изтироби имтиҳонро коҳиш ва нумароти дарсиро афзоиш хоҳад дод. 4. ёдгирии мушоҳидавӣ: Шакли дигари ёдгирӣ мушоҳидаи ҳассосиятзудоӣ аст, ки дар он озмудани ҳассосиятзудоӣ фарди дигареро мушоҳида мекунад ва дар он сурат ба ҳалли масъала дар зеҳн мерасад ва ором мешавад.

Рӯйкардҳо ва натоиҷи изтироби имтиҳон дар пажӯҳиш. Як донишомӯз ва ё як донишҷӯи музтариб маъмулан ба фарде гуфта мешавад, ки матолиби имтиҳониро хуб ёд гирифтааст, аммо ба иллати изтироб наметавонад дониши худро дар имтиҳон нишон диҳад. Ироаи тамрини гурӯҳӣ ба донишомӯзоне, ки эҳсоси дармондагии таҳсилӣ доранд, дар беҳбуди раванди ёдгирии онҳо бисёр муфид хоҳад буд. Лизо вақте онҳоро ба тамрини гурӯҳӣ водор мекунед, аз онҳо бипурсед, ки чӣ чизе боис мешавад, ки дар анҷоми тамрин онҳо гоҳе авқот нисбат ба худ эҳсоси ризоят ва хушнудӣ нанамоянд ва ё дар чӣ мавқее эҳсоси хуше хоҳанд дошт. Ин иқдом боис мешавад, ки бисёре аз донишомӯзон ба кашфи нукоти мусбати худ бирасанд ва муҷиботи пешрафти таҳсилии худро фароҳам оваранд. Барои ҳосил ба ин натиҷа барномаҳои дарсӣ ва стратегии тадрис нақши муҳимеро ифо менамоянд. Барномаҳои дарсӣ набояд бар мӯҳтаво, балки бар фароянди омӯзиш таъкид варзанд. Тадрис низ ироаи иттилоот нест, балки кӯмак ба донишомӯзон дар ёдгирӣ аст. Ҳар муаллиме бояд тавонмандиҳои шогирдонашро бишносад ва барои рушду тавсеаи фикрии онҳо шароит фароҳам оварад. Дар ин миён огоҳӣ аз тафовутҳои фардӣ, дониши барномаи дарсии муносиб заруӣ ба назар мерасад. Дар як пажӯҳиш афроди оддӣ довталабона таҳти абзори тасвирбардории нағз мавриди озмоиш қарор гирифтанд. Натоиҷ баёнгари он аст, ки дар асари таҳдид ва изтироб ба идомаи мағзи инсон ба шакли ғайриироди аз худ вокуниш нишон медиҳад.

Зотс ва Чосин (1985) мӯътақиданд, ки байни изтироби имтиҳон ва навъи дарс дар донишҷӯён робита вуҷуд дорад. Ба ин сурат, ки ҳар чӣ бар санавоти таҳсилии донишомӯзон изофа мешавад ва ба дарсҳои амалӣ, ки нумраи онҳо сирфан ба имтиҳон мунҳасир намешавад, наздиктар мешаванд, мизони изтироби имтиҳони онҳо камтар мешавад. Авомили бисёр зиёде дар пешрафти таҳсилии донишомӯзон ва донишҷӯён нақш дорад.

Бар асоси баррасиҳои баамаломадаи пиромуни мавзӯи пажӯҳиши ҳозир мавридҳои зиёд ба шакли мустақим ва ҳамчунин ба шакли ғайримустақим ба мавзӯи изтироби имтиҳон пардохта шуд, ки ба шарҳи зер ироа мешавад: Пажӯҳишҳои аввалияи изтироби имтиҳон дар кӯдакон пояи дуввуми мактаби ибтидоӣ тавассути Саросун ва ҳамкорон дар донишгоҳи Вашингтон анҷом гирифтааст, нишон медиҳад, ки вақте донишомӯзон ба келоси болотар мераванд, мизони изтироб дар пояҳои болотар афзоиш ёфта, ҳамроҳ ба гунаи пойдор, духтарон дар муқоиса бо писарон, сутуҳи болотаре аз изтироби имтиҳонро аз худашон медиҳанд.

Вулф нишон дод, ки байни ду гурӯҳи кӯдакони дорои изтироби имтиҳон ва кӯдакони ғайримузтариб аз назари мизони зарабони набз ва фишори хун тафовути маънидоре вуҷуд дорад, ки ин амр эҳтимолан марбут ба рафторҳои онҳо мебошад.

Саросун изтироби имтиҳонро навъи вижагии шахсиятӣ медонанд, ки дар таомули кӯдак бо волидайн шакл мегирад.

Ёфтаҳои пажӯҳиши Абулқосимӣ нишон медиҳад, ки: байни изтироби имтиҳон ва изтироби умумии донишомӯзон ҳамбастагӣ вуҷуд дорад. Байни изтироби имтиҳон ва иззати нафси донишомӯзон ҳамбастагии манфӣ вуҷуд дорад. Дар таҳқиқе, ки Алии Муҳаммадӣ ба манзури баррасии робитаи изтироби имтиҳон, дарунгароӣ, бурунгароӣ, таҳсилот ва шуғли волидайн бо пешрафти таҳсилии донишомӯзони соли саввум роҳнамоӣ анҷом дод, маълум шуд, ки аз байни 6 нафар шомили изтироби имтиҳон дар муқоиса волидайн ба тарбияти мутағайирҳои пешбиникунандаи дигар барои пешрафти таҳсилӣ ба ҳассос меоянд,

Дар таҳқиқе, ки Аббос Ободӣ ба манзури баррасии робитаи байни изтироб ва пешрафти таҳсил анҷом дод, натоиҷи зер ба даст омад: Байни изтироби ошкор ва пинҳон ва мизони пешрафти таҳсил робитаи маънидор вуҷуд дорад ва ҳамбастагии мутавассит ва манфиро нишон медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Абулқосими Аббос. Сохт ва эътиборёбии муқаддамотии пурсишномаи изтироби имтиҳон ва баррасии робитаи изтироби имтиҳон бо изтироби умумӣ, иззати нафс, пойгоҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ. -1374.- с.1-2, с.7- 14, с.114-1190.
2. Шариатмадорӣ Алӣ. Равоншиносии тарбиятӣ. –Теҳрон: Интишороти Амири кабир. -1370.- с. 450-452.
3. Сайф Алӣ Акбар. Андозагирии санҷиш ва арзишёбии омӯзишӣ. Вироиши чаҳорум, чопи бистум, Теҳрон: Нашри Амири кабир. -1385.- с.126.
4. Биёбонӣ Муртазо. Мақолаи изтироби имтиҳон ва роҳҳои муқобила бо он..

5. Шарифиён Фаридун ва ҳамкорон. Шохисҳои арзишёбӣ аз амалкарди таҳсилӣ ва мизони корбасти он тавассути аъзои ҳайати илмии арзишёбии таҳсилӣ аз донишҷӯён. Фаслномаи илмӣ, пажӯҳишии донишкадаи улуми тарбиятӣ ва равоншиносии андешаҳои тарбиятии давраи 5, Шумораи 1. -1388.-с.10.
6. Лашкарипур Кубро ва ҳамкорон. Баррасии иртибот байни изтироби имтиҳон бо амалкарди таҳсилӣ дар донишомӯзон. Шаҳри Зоҳидон, Маҷалаи табиби шарқ. -№4.-с.1384-85.- с.253-259.


**ТРЕВОЖНОЕ СОСТОЯНИЕ ОБУЧАЮЩИХСЯ В ПЕРИОД СДАЧИ ЭКЗАМЕНОВ И ВЛИЯНИЕ ИХ РЕЗУЛЬТАТОВ НА ИХ СОСТОЯНИЕ**


Один из важных этапов, который наступает после завершения учебной программы – это пора сдачи экзаменов. Учащиеся по разному реагируют на подготовку и сдачу экзаменов и данный период у всех протекает по разному. В данной статье автор рассматривает психическое состояние учащихся во время подготовки и сдачи экзаменов, а также предлагаются оптимальные варианты сдачи экзаменов, которые приемлемы и для преподавателей и для учащихся.


**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** экзамен, период сдачи экзаменов, психическое состояние учащихся, оптимальные варианты сдачи экзаменов, преподаватели и учащиеся.


**PSYCHOLOGICAL FEATURES OF COMPREHENSIVE TRAINING OF FOREIGN LANGUAGES AT CHILDREN OF YOUNGER SCHOOL AGE**


This article is devoted to studying of psychological features of comprehensive training of foreign languages at children of younger school age. A task of school is development of level of assimilation and intellectual skills of school students, since the first class of comprehensive school. At younger school age all those important skills which will be useful to the school student in the course of his training and education take root.


**KEY WORDS:** children of younger school age, intellectual skills, training of foreign languages, training, education.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Таки Абутолиби Ахмади*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни.


# БАРРАСИИ ТАРРОҲИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШӢ ДАР НИЗОМИ ОМӮЗИШИ ОЛӢ


***Марям Фақӣ Насирӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Донишгоҳи озоди исломии Кирмоншаҳр, Эрон**


Як ҳадафи ниҳоии ҳар омӯзишӣ таъмиқ, тасреъ ва тасҳили фароянди ёдгирӣ дар ёдгирандагон аст ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки фароянди ёддиҳӣ ҳамвора дар ҳоли тағйиру таҳаввул аст. Тарроҳии омӯзишӣ ба унвони яке аз аркони асли ҳар системаи омӯзишӣ ҳамвора дар садади ёфтани роҳкориҳое дар ҷиҳати таҳаққуқи ин амр буда ва тарроҳони омӯзишӣ барои мавқеияти ин фароянд бояд дар пайи моделҳои асарбахши тарроҳӣ бошанд. Яке аз авомили муҳим дар ҷиҳати беҳбуди кайфияти тадрис, баҳрагирӣ аз технологияи омӯзишӣ дар фароянди тадрис аст. Технологияи омӯзишӣ ба унвони яке аз риштаҳои маҷмӯаи улуми тарбиятӣ, нақши бисёр ҳаётӣ дар тавсеаи низомҳои омӯзишӣ дошта аст. Бардоштҳои умумӣ дар низоми омӯзишӣ аз технологияи омӯзишӣ сарфан мутанозир бар истифода аз абзорҳо ва расонаҳои омӯзишӣ аст ва ҳол он, ки технологияи омӯзишӣ абъоди васеи ҷомеаро шомил аст. Технологияи омӯзишӣ шомили фаъолиятҳои назири тарроҳӣ, тавлид, корбурд, мудирият ва арзишёбии барномаҳои омӯзишӣ аст. Анҷумани Технологии иртибототи Амрико технологияи омӯзиширо чунин таъриф кардааст: «Технологияи омӯзишӣ иборат аст аз назария ва амали тарроҳӣ, тавлид, корбурд ва арзишёбии фаряндҳо ва манобеи яқдигарӣ».

Технологияи омӯзишӣ як ришта аз дониш ва ҳирфа муаррифӣ шудааст, ки дорои се ҷанба ё буъд аст:

а) Ҷанбаи сахтафзорӣ. б) Ҷанбаи нармафзорӣ. в)Ҷанбаи ҳалли масъала.

а) Он буъд аз технологияи омӯзишӣ аст, ки бар истифодаи расонаҳо дар фароянди омӯзиш ва ёдгирӣ таъкид дорад. Аз ин буъд, технологияи омӯзишӣ ба мақоми васоил ва расонаҳое гуфта мешвад, ки амри омӯзиш ва ёдгириро тасҳил мекунанд.

б) Аз ин дидгоҳ технологияи омӯзишӣ маҷмӯаи равишҳо ва фароянҳо аст, ки дар тарроҳӣ, иҷро ва арзишёбӣ ба кор гирифта мешавад. Аз ин манзар, технологияи омӯзишӣ як унсури лоинфак ва меҳварӣ дар ҷараёни омӯзиш аст. Умдаи моделҳои тарроҳии омӯзишӣ дар ин давра тавсеа ёфтаанд. Технологияи омӯзишӣ бо қабули ин нигариш, масоили омӯзиширо муташаккил аз аносири муртабат ба ҳам медонад, ки тағйири яке боиси таъсир дар соири аносир мешавад.

в) Технологияи омӯзишӣ аз буъди ҳалли масъала шомили маҷмӯаи равишҳо ва роҳбурдҳоест, ки бо нигоҳи системанокӣ, ба таҷзия ва таҳлили барномаҳои омӯзишӣ пардохта ва пас аз ёфтани

мушкилот ва илали он барои рафъи маонеъ, роҳи ҳал ироя медиҳад. Ин ҷанба аз технологияи омӯзишӣ шомили ҷанбаҳои сахтафзорӣ ва нармафзорӣ низ мебошанд. Ҷанбаи ҳалли масъалаи технологӣ низ ба мавозоти Рушду густариши ҷанбаи нармафзорӣ, по ба арсаи вуҷуд ниҳод. Бо таваҷҷӯҳ ба ин рӯйкарди сохтагароён, яқдигарро бо халқ маъно аз таҷрибаи муодил медонанд, зеҳнро монанди софияе ки дарвандҳои ҷаҳонро аз худ убӯр медиҳад то ба воқеияте мунҳасир ба фард даст ёбад, талаққӣ мекунад. Ва ин убӯр додан сарфан аз тариқи таҷориби мустақими шахсӣ анҷом мешавад. Бинобар ин, назарияи сохтангароии донишро мустақил аз зеҳн намедонад ва бо вуҷуде, ки ҷаҳони хориҷ аз зеҳнро нафӣ намекунад, вале дониши фард аз ҷаҳони хориҷро ба тафсирҳои мунаттаҷ аз таҷориби фард устувор медонад. Бинобар ин маънои эҷод карданӣ ё халқ карданӣ аст на касб карданӣ (Фардониш, 1377).

**Таррохии омӯзишӣ.** Барои ин ки дарки беҳтаре аз тарроҳии омӯзишӣ дошта бошем, ибтидо бояд омӯзишу тарроҳиро ба шакли муносибе таъриф кунем. Омӯзиш маҷмӯаи тасмимот ва иқдомете аст, ки яке пас аз дигаре иттихоз мешавад ё анҷом мегирад. Ҳадафи он дастёбии ҳар чи бештари ёдгиранда ба ҳадафҳои омӯзишӣ аст (Фардониш, 1384), ки бо ин таъриф ин фаъолият як кори умдӣ ва ҷиддӣ аст ва монанди ҳар кори ҷиддии дигаре ниёз ба тарроҳӣ ва пешандешӣ дорад. Тарроҳӣ низ дар лӯгот ба маънои ихтироъ кардан, андешидан ё танзими як назарияи зеҳнӣ, тарсим, сохтан ва омодаги кардани пешнависи як нақша, ихтисос додан ё ба коргирии манобеъ барои дастёбӣ ба як ҳадаф ва саранҷом таҳияи як нақшаи корӣ барои ҳусули он чи ки аз пеш таъйиншуда омадааст.

Тарроҳии омӯзиширо метавон бар асоси таорифи фавқ таҳияи нақшаҳои мушаххас дар мавриди чигунагии дастёбӣ ба ҳадафҳои омӯзишӣ таъриф кард. Ба ибораи дигар ҳаргоҳ барои дастёбӣ ба як силсила аз донишҳо ва маҳоратҳо ба унвони ҳадафҳои омӯзишӣ маҷмӯае, фаъолиятҳо ва равишҳои омӯзишӣ қабл аз таҳаққуқи омӯзиш пешбинӣ ва танзим гардад, дар воқеъ тарроҳии омӯзишӣ анҷом шудааст. Бинобар ин тарроҳии омӯзиширо метавон таҷвиз ё пешбинии равишҳои матлуби омӯзишӣ барои майл ба тағйироти мавриди назар дар донишҳо, маҳоратҳо ва авотифи шогирдон донист (Лашин ва ҳамкорон, тарҷумаи Фардониш, 1384).

Бин ба гуфтаи Гония, Вегар, Глосс ва Клер (2005), ҳар муаллим ё омӯзишгаре, ки аз дониши усули тарроҳии омӯзишӣ бархӯрдор бошад аз биниши васеътаре барои кӯмак ба ёдгирандагон баҳраманд аст. Ҳадаф ба тарроҳии омӯзишӣ кӯмак ба ёдгирии ӯ ва пуштибонӣ аз он аст ва ин ҳадаф вижагии омӯзиш аст дар ҳар ҷойе, ки рӯй диҳад, чӣ байни як муаллим ва як донишомӯз, дар синфе аз як мадраса, дар гурӯҳе аз бузургсолон алоқаманд, ё дар як муҳити кор. Табиатан ин бад-ин маъне нест, ки барномарезии омӯзиш асари яксонсозии афроди мухталифро дорад баръакс гуногунӣ байни афрод, афзоиш меёбад.

Тарроҳии омӯзиш ҳам як улум аст, зеро ки аз як Саре назарияҳо ва равишҳо истифода мекукнад ва бар дарвандодҳо ва барвандодҳое аз иттилоот мутамарказ аст ва ҳам як ҳунар аст ба ин хотир, ки бо халлоқияти завқ ва тавоноиҳои тарроҳ дар иртибот аст (Пасгурич, 2006), ба ибораи дигар тарроҳии омӯзишӣ равише аст, ки мураббиён ва тарроҳон аз манобеъ дар дастраси ҷиҳати посух ба ниёзҳои ёдгирандагон аз он истифода мекунанд (Патрисиё, 2005), бинобар ин мураббиён бояд ин матлабро ба хубӣ мадди назар дошта бошанд, ки беҳтарин равиши интиқоли дониш ба ёдгирандагон истифода аз ҳунари тарроҳии омӯзиш аст, дар натиҷа мураббиёни ҳирфаи ҳамеша талошашон бар ин аст, то байни барномаи дарсӣ ва ниёзҳои ёдгирандагон навъе таодул ба вуҷуд биёваранд ва ин таодул ба воситаи тарроҳии омӯзишӣ муассир қобили ҳусул аст.

**Улгӯи тарроҳии омӯзишӣ, тарроҳӣ бояд аз усули муҳиме пайравӣ кунад**:

1-**Таҷзияву таҳлили вижагиҳои ёдгирандагон:** қабл аз тарроҳӣ бояд ёдгирандагонро аз ҷиҳоти мухталифе монанди маҳоратҳо, дониши қаблӣ, нигариш, синну сабкҳои ёдгирӣ мавриди таваҷҷӯҳи воқеъ шаванд. Ба манзури интихоботи фановарӣ ва расонаи муносиб ҷиҳати ироя мӯҳтавои омӯзишӣ зарурӣ аст, ки мухотибон шиносои ва таҷзияву таҳлил шаванд (Ҳап Азизӣ, 2007).

2-**Баёни аҳдоф**: ҳадафҳои давра бояд ба равшанӣ мушаххас шавад. Мураббӣ бояд равшан кунад, ки дар поении давра ёдгирандагон бояд ба чи натоиҷе даст пайдо кунанд. Аҳдофе монанди рафтори ёдгирии ёдгирандагон, шароити ёдгирӣ аз қабили таҷҳизот, нақшаҳо ва дараҷае аз маҳорату корой, ки ёдгирандагон дар идома ниёз хоҳанд дошт (Даниел Колисал, 2008). Мураббӣ ҳамчунин бояд қодир ба мушоҳидаи рафтори ёдгиранда ба унвони натиҷаи ёдгирӣ бошад, ки ин худ омили муҳимеро дар арзишёбии улгӯ аст.

3-**Интихоби расона**: Расона ва маводи ёдгирӣ муртабат аз қабили садо, граффик, матн, аниматсия ва видео ҷиҳати расидан ба паёмадҳои ёдгирӣ муассир бояд интихоб шаванд. Ҳамчунон ки медонем дар ҳоли ҳозир фановарии омӯзиш, технологияи компютер ва иртибототро дар қалавмрави ёддиҳӣ ёдгирӣ бо ҳам талфиқ кардааст, ки таъсири зиёдеро бар таълиму тарбият дар ҳама сутуҳ гузошта аст. Мураббиён бояд дарки дурустеро аз ин матлаб дошта бошанд, ки чигуна метавонанд аз фановарӣ барои омӯзиши ёдгирандагон истифода кунанд.

4-**Корбурди маводу васоил**: Мураббӣ бояд дарсро ба василаи интихоби маводи омӯзишӣ муносиб, ки ёдгирандагон битавонанд онҳоро мавриди истифода қарор диҳанд ҷаззобият бахшад.
5- **Ниёз ба амалкарди ёдгирандагон**: Мураббиён бояд фурсатҳои кофиро барои ёдгирандагон ба манзури тамрини фаъолиятҳо ва ҳамчунин бозхӯрдҳои муносибро барои онон фароҳам кунанд, давра ҳам бояд дарбаргирандаи гуногунии фаъолиятҳои маънодор барои донишомӯзон бошад, то битавонанд дар фароянди ҳалли масъала ва тафаккури интиқодӣ мушорикат кунанд, ки ин ба ёдгирӣ иҷоза медиҳад то бо муаллим иртибот барқарор кунанд ва бозхӯрдҳои арзишмандеро дарёфт кунанд.
6- **Арзишёбӣ**: Арзишёбӣ аз кулли давра барои беҳбуди фаъолиятҳо бисёр ҳаётӣ аст, мураббӣ бояд битавонад шароитеро, ки донишомӯзон дар он ба ҳадафҳои давра аст, пайдо мекунанд бибинанд ва арзишёбӣ кунанд.

Пас аз ироаи дубораи дарс, бознигарии муносиб ва ислоҳ бояд сурат бипазирад. Ба таври кулли барои ин ки ёдгирандагон афроди фаъоле дар ҷараёни ёдгирӣ бошанд ва битавонанд дар меҳвари фароянди ёдгирӣ қарор бигиранд як тарроҳии омӯзишӣ хуб бояд хусусиёти зерро дошта бошад:

а) Тарроҳии саҳифа аз қабили ранг, аниматсия, матн ва граффикаву гузоштани тугмаҳои мухталиф барои ҷиҳатёбии беҳтар тавассути ёдгирандагон.

б) Имкони таомулу дарёфти бозхӯрд ба ёдгирандагон иҷоза медиҳад то дар тайи фароянди ёдгирӣ ба сурати фаъол мушорикат дошта бошанд.

в) Ёдгирандагон бояд контроли бештареро бар мӯҳтавои ёдгирӣ дошта бошанд. Бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳамаи ёдгирандагон улгӯи ёдгирии мушобеҳӣ надоранд.

г) Истифода аз ранг графика, анаматсия, садл ва видео абзорҳои муассиреро барои ироя ва интиқоли дониш ҳастанд, ки бояд ба диққат мавриди мулоҳиза қарор бигиранд (Лиан, 1999, Фарёди, 2007).

Рӯйкарди сохтангароӣ ва тарроҳии омӯзишӣ. Яке аз авомили муҳиме ки риштаи тарроҳии омӯзиширо дар даҳаи 1990 таҳти таъсир қарор дод афзоиши алоқа ба сохтангароӣ буд. Маҷмӯае аз назароти мушобеҳ (бархе онро як назарияи атлоқ мекунанд) дар мавриди якдигарӣ ва омӯзиш дар тӯли ин даҳа шӯҳрати фазояндае касб кард. Усули омӯзишии сохтангарои иборатанд аз:

1. Лузуми ҳалли мушкилоти печида ва воқеӣ тавассути ёдгирандагон.
2. Ҳамкории гурӯҳӣ барои ҳалли ин мушкилот.
3. Баррасии мушкилот аз дидгоҳҳои мухталиф.
4. Дар даст гирифтани масъулияти фароянди ёдгирии худ (мунфаъал набудан).
5. Огоҳ будан дар боби нақши худ дар фароянди сохти дониш (Дрисколл, 1387).

Барои тарроҳии омӯзишӣ ё барномарезии омӯзишии улгӯҳои мухталифе вуҷуд дорад. Ба таври куллӣ метавон онҳоро бар асоси назарияҳои равоншиносии ёдгирӣ ва равоншиносии парваришӣ ба ду даста тақсим кард. Як даста аз ин улгӯҳо бар ин фарз устуворанд, ки : «рафторҳо, донишҳо ва боварҳои мушаххасе вуҷуд доранд, ки бояд омӯхта шаванд ва роҳбурдҳо ё шароити омӯзишии мутафовуте мавҷуданд, ки ҳар як барои бахше аз он ҳадаф, донишҳо ва боварҳо муносибтаранд». Ҳам назарияҳои рафторӣ ва ҳам назарияҳои шинохтӣ барои ин даста аз улгӯҳо мисолҳое ба даст додаанд (улгӯҳои омӯзиши меҳвар).

Дастаи дуюми улгӯҳои тарроҳии омӯзишӣ, ки ба мутағйирҳои таҳқиқи мо бештар муртабат ҳастанд барои созмон додани муҳитҳои омӯзишӣ, ки донишомӯзонро ба ҳангоми ҳалли масъала ва дастёбӣ ба фаҳмиданҳои худ ҳимоят кунанд тавсеаҳое ба даст медиҳанд, ин улгӯҳо маъмулан ба дидгоҳҳои сохтангароӣ марбут мешавад (улгӯҳои ёдгирандаи меҳвар) (Мак Клер 2005).

Дар тарроҳии омӯзишӣ ё барномарезии омӯзишии муаллим- меҳвар, тарроҳии фаъолиятҳои омӯзишии муаллим ва фаъолиятҳои ёдгирии донишомӯзон умдатан ба ӯҳдаи муаллим аст. Дар тарроҳии омӯзишии ёдгиранда – меҳвар ё мубтанӣ бар рӯйкарди сохтангароии барномарезӣ ё тарроҳии вазифаи муштараки муаллим ва донишомӯзон буда ва қобили музокира аст, яъне муаллим ва донишомӯз бо ҳамдигар дар бораи ҳадафҳо, мӯҳтаво, фаъолиятҳо ва рӯйкардҳо тасмим мегиранд (Саёф, 1387).

Тафовути дигари байни тарроҳии омӯзишии муаллим- меҳвар ва ёдгиранда- меҳвар ин аст, ки дар тарроҳии навъи аввал ҳадафҳои омӯзишӣ 14 ва ёдгирӣ ба таври дақиқ мушаххас мешаванд, аммо дар тарроҳӣ вобаста ба назарияҳои сохтангароӣ ё ёдгиранда- меҳвари ҳадафҳо бисёр куллӣ ва асоситаранд. Ҳамчунин дар ин навъи тарроҳии омӯзишӣ бештар аз он ки ба фароварда ё ёдгирӣ аҳамият дода шавад бар фароянди ёдгирӣ ва тафаккури пӯшти фароварда таъкид мешавад, дар даҳаи гузашта назароти сохтангароӣ дар мавриди ёдгирӣ ва омӯзиш бар рӯйи андеша ва фаъолияти бисёре аз назарияпардозон ва корварзони риштаи тарроҳии омӯзишӣ таъсир гузоштааст.

Дар солҳои ахир бисёре аз муаллифон чигунагии корбурди усули сохтангароӣ дар ҷиҳати беҳбуди иқдомоти тарроҳии омӯзиширо мавриди баҳсу таҳлил қарор додаанд ва улгӯҳои мухталифе пешниҳод шуда аст. Яке аз улгӯҳои муассири тарроҳии омӯзишӣ ки аз усули сохтангароӣ истифода

карда аст, улгӯи (assure) аст. Ин улгӯ тавассути Ҳайнрич ва Моленда дар соли 1999 густариш ёфт ва дар он чанд расонаҳо ва фановарии ҷиҳати иртиқои ёдгирандагон таркиб шуда аст.

Тарроҳони омӯзишии сохтангаро барои тарроҳии барномаҳои омӯзишӣ ба ҷойи таъкид бар содасозӣ ва ёдгириҳои мубтанӣ бар тавзеҳ ва ироаи мустақим бар заминаҳои воқеӣ ва малмус такя мекунанд (Фардониш, 83), тарроҳони омӯзишии сохтангаро ҳар ёдгирандаро мунҳасир ба фард фарз мекунанд. Мафҳуми ҷаҳонии омӯзиш, «ёдгирандаи мутавассит»-ро рад мекунанд. Тибқи ин мафҳум тарроҳони омӯзиш шогирди мутавасситро меъёр медонистанд ва барои кулли синф бар асоси он шогирд тарҳрезӣ мекарданд. Тарроҳии омӯзишӣ мубтанӣ бар сохтангароӣ ба ҷойи анҷом додани фаъолиятҳои гом ба гом ва дар қолаби як рӯйкарди системавӣ, бар эҷоду тарроҳии муҳитҳои омӯзишӣ бар асоси усул ва омӯзаҳои сохтангароӣ таъкид дорад. Ҳар як аз мо моделҳои зеҳнии худамонро халқ мекунем ва бинобар ин ёдгирии фароянд интибоқи моделҳои зеҳниямон бо таҷриботи ҷадид маҳсӯб мешавад.

**Усули пешниҳоди сохтангароӣ барои тарроҳии омӯзишӣ дар ҷиҳати парвариши худназмдиҳӣ.** Рӯйкарди сохтангарои барои ин ки ёдгирандагон битавонанд бар фароянҳои ёдгирии худ контроли бештаре дошта бошанд ва дар ҷараёни сохти дониш ва маъно фаъолона амал кунанд ва битавонанд ба фаъолиятҳои худназм бидиҳанд, усулеро тарроҳони омӯзишӣ пешниҳод мекунанд, аз ҷумла:

1-Тарроҳии омӯзишӣ, бояд ёдгирии меҳвар ва ёдгирандаи меҳвар бошад (Смит ва Рейган, 2007).

2-Ҳадафи тарроҳии омӯзишӣ, бояд бештар аз ин ки кӯмак ба фароянди тадрис бошад, тасҳилкунандаи фароянди ёдгирӣ бошад.

3-Тарроҳии омӯзишӣ, бояд мустақиман бо ниёзҳои ёдгирандагон дар иртибот буда ва муносиби муҳити ёдгирӣ бошад.

4-Тарроҳии омӯзишӣ хуб он аст, ки битавонад шикоф байни назария ва амалро пур кунад.

5-Ҳам муаллимон ва ҳам ёдгирандагон бояд ҳар ду аз аъзои тими тарроҳии омӯзишӣ буда ва дар он нақш дошта бошанд.

6-Таваҷҷӯҳ ба ин матлаб ки омӯзиш чи гуна ба хубии тарроҳӣ ва ба шакле муносиб иҷро шавад барои мавқеияти зарурӣ аст.

7-Тарроҳи ва иҷро ҷудо аз якдигар нестанд. Қобилияти иҷро дар дунёи воқеии яке аз вижагиҳои барҷастае тарроҳии омӯзишӣ муассир аст.

8-Афроди хабараи назарияҳо ва моделҳои муносиберо барои тарроҳии омӯзиш интихоб мекунанд ва назарияҳо ва моделҳои номуносиб барои мавқеияти хос истифода намекунанд (Вилсон, 2007).

Интиқоли маъно аз қабили мафҳум ё сохторҳои мафҳуме аз фардӣ ба фарди дигар аз манзари сохтангароӣ ғайри мумкин мебошад, лизо муаллиме ки ҳадафи тағйир додани чизе дар зеҳни донишомӯзонро дорад боистӣ бархе аз тасаввуроте ки дар зеҳни донишомӯз вуҷуд доштаро бишносад. Ба таври равшану ошкор омӯзиш мубтанӣ бар сохтангароӣ аз рӯйкарди суннатии омӯзиши муаллим меҳвари мубтанӣ бар суханронӣ мутафовут мебошад. Таҳқиқот нишон додаст, асарбахшии равиши сохтангароӣ ба маротиб бештар аст. Дар низоми омӯзишӣ, мудирони дониш ва мутахассисини дониш ба дунболи пиёдасозӣ ва ироаи моделҳои муносиб ва корбурдӣ мебошанд. Бадеҳист, адами таваҷҷӯҳ ба тарроҳӣ технологияи муносиби назми омӯзиширо аз даври рақобат хориҷ карда ва садамоти ҷубронопазириро барои омӯзиш эҷод хоҳад кард.

**Натиҷагирӣ.** Ёдгирӣ муҳимтарин ҳадафи ҳар низоми омӯзишӣ дар ростои даст ёфтан ба аҳдофи фардӣ ва иҷтимоӣ ва ҳамчунин зиндагии муносиб дар ҷомеа аст. Мураббиён ва дастандаркорони омӯзиш ҳамвора бояд ин мафҳумро ба хотир супурда ва дарки муносибе аз онро дошта бошанд, ки беҳтарин роҳ барои интиқоли дониш ва иттилоот ба ёдгирандагон дар ҷиҳати тасҳил ва касби ёдгирӣ истифода аз ҳунари тарроҳии омӯзишӣ аст.

Тарроҳии омӯзишӣ низ дар тӯли таърихи таълиму тарбият ҳамвора мубтанӣ бар рӯйкардҳо ва дидгоҳҳои мухталиф буда аст ва дар садҳои гузаштаи низомҳои омӯзишӣ бештар бар интиқоли дониш ва иттилоот ба зеҳни ёдгиранда таъкид мекарданд. Ва тавоноиҳо ва ниёзҳои ӯро ҷиҳати сохтани донише ки дар зиндагӣ корбурди муносибе дошта бошад, таваҷҷӯҳи ончуноне намешуд, вале вуруди рӯйкарди сохтангароӣ ба низомҳои омӯзишӣ ва тарроҳии омӯзиш ва муҳитҳои ёдгирӣ мубтанӣ бар ин рӯйкард, ёдгирандагон нақши фаъолеро дар ҷараёни ёдгирии худ ифо карда ва назмдиҳӣ ба умури таҳсилӣ ва ёдгирӣ худро аз ҷумла танзими замону суръати мутолеа, барномарезӣ барои ёдгирӣ, таъйини ҳадаф, созмондиҳии фароянди ёдгирӣ, арзишёбӣ аз амалкарди таҳсилӣ ва … бар ӯҳда гирифтаанд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳдиён Муҳаммад ва дигарон. Муқаддимоти технология шомили равишҳои омӯзишии даҳаи ахир. Нашри Оиж.Теҳрон, соли 1379.

2. Ҷаъфари Муҳаммад. Касби технологӣ аз тариқи ҳаққи имтиёз. Пажӯҳишкадаи мутолеот ва таҳқиқоти технологӣ.Теҳрон, соли 1372.
3. Ҳоҷилу Аббос. Ҳавзаи омӯзиши фаъолиятҳои мукаммал ва фавқ барнома. Занҷон гурӯҳҳои омӯзишӣ, соли 1383.
4. Ҳақиқат Беҳрӯз. Низоми интиқол ё ҷазби технология. Ширкати санъатии фангустар, соли 1373.
5. Дафтари технологии омӯзиши муовинати пажӯҳишӣ ва барномарезии Донишгоҳи Озоди Исломӣ воҳиди Теҳрони Ҷанӯб.
6. Сайф Али Акбар. Равоншиносии парваришии навини равоншиносии ёдгирӣ ва омӯзиш. Интишороти Даврон, Теҳрон, соли 1387.

## ИЗУЧЕНИЕ РАЗРАБОТКИ ТЕХНОЛОГИИИ ОБУЧЕНИЯ В СИСТЕМЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

Технология обучения рассматривается как системный метод создания, применения и определения всего процесса преподавания и усвоения знаний с учётом технических, человеческих ресурсов и их взаимодействия.На смену отдельным формам и методам активного обучения делающим процесс обучения разорванным на части, приходят целостные образовательные технологии вообще и технологии обучения, в частности. Технологичность учебного процесса состоит в том, чтобы сделать учебный процесс полностью управляемым.В данной статье автором подвергнуто рассмотрению и изучению разработка технологии обучения в системе высшего образования на примере высших учебных заведений Исламской Республики Иран.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, технология обучения, разработка технологии обучения, образовательные технологии.

## STUDYING OF DEVELOPMENT OF TEKHNOLOGIIYA OF TRAINING IN SYSTEM OF THE HIGHER EDUCATION

***Maream Faki Nasiri***
**Department of Management, Sirjan Branch, Islamic Azad University, Kerman, Iran**

The technology of training is considered as a system method of creation, application and definition of all process of teaching and assimilation of knowledge taking into account technical, human resources and their interaction. ON change to separate forms and methods of active training doing process of training broken off on a part, complete educational technologies in general and technologies of training, in particular come. Adaptability to manufacture of educational process consists in making educational process completely operated. In this article by the author it is subjected to consideration and studying development of technology of training in system of the higher education on an example of higher educational institutions of the Islamic Republic Iran.
**KEY WORDS:** training, technology of training, development of technology of training, educational technologies.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Марям Факи Насири***- соискатель ТГПУ Им. Садриддина Айни

## РАВИШҲОИ НАВИНИ ТАДРИС ВА ЗАРУРАТИ КОРБУРДИ ОНҲО

***Марями Раҳимӣ Манд***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар тайи солҳои охир равишҳо ва усулҳои ҷадиде барои тадрис падид омадааст, ки коройӣ ва боздиҳи бештаре аз равишҳои суннатӣ дошта ва дар парвариши тафаккури донишомӯз таъсироти бисёр хубе мегузоранд. Усулҳои тадрисро муаллим бо таваҷҷӯҳ ба шароити мухталиф интихоб мекунад ва таъсири мустақиме дар раванди донишомӯзӣ барҷой мегузорад. Ҳар гоҳ равиши тадриси интихоби муаллим муносиб бошад таъсири мусбате дар ёдгири ва ояндаи донишомӯз хоҳад дошт. (Шаъбонӣ, 1387)

Тадрисро метавон ба фаъолиятҳои дуҷонибае, ки байни муаллим ва шогирд ҷараён дорад ва ҳадафаш ёдгирист таъриф кард. Ин фаъолият чунончӣ мунҷар (боиси) ба ёдгири шавад, барои донишомӯзон муассир хоҳад буд. Ба ин тартиб тадрис як кунишӣ мутақобил ва як робитаи таомули байни донишомӯз ва муаллим аст. (Хуршедӣ,1381)

Тадрис падидаест фарогири чаҳор марҳилаи бунёдӣ:

1. **Омодагӣ.** Муаллим бояд ба матолиб тасаллут дошта бошад ва равиши тадрису тартиби баёни матлабро қаблан омода намояд.
2. **Баёни матлаб.** Муаллим бояд ба ироаи матолиби ҷадид бипардозад, маҳоратҳо, донишҳо ва мафоҳимро ташреҳ ва таҳлил намояд, равиши кори худро барои донишомӯзон мушаххас кунад ва аз муносибтарин равиши тадрис истифода намояд.

3. **Корбурд.** Дар ин марҳила донишомӯз бояд матолиб ва маҳоратҳоеро, ки ёд гирифтааст ба дарс ва ба муаллим баён кунад. Дар ҳоле, ки донишомӯз машғули баёни матолиб аст, муаллим бояд ба ӯ кӯмак кунад, то мушкилоташ бартараф гарданд.

4. **Имтиҳон ва санҷиш.** Дар ин марҳала ёдгирӣ мавриди арзёбии расмӣ қарор мегирад. (Хуршедӣ.1381)

**Зарурати истифодаи равишҳои навин дар тадрис:** Усулҳои тадрис абзори кор ҳастанд ва ҳар андоза, ки мо бо равишҳои мутафовит ошно бошем, абзорҳои бештаре дар ихиёр хоҳем дошт. Тадриси хуб ба маънои кӯмук ба хуб ёд гирифтани донишомӯзон аст. Ба баёни дигар равишҳои тадриси муносиб боиси худомӯзӣ, худидоракунӣ ва ёдгирии маънор мешаванд. (Хуршедӣ,1381)

**Табақабандии равишҳои навини тадрис.** Бар мутолиоти анҷомшуда, дар даҳаи 90-уми асри XX ва авоили қарни XXI-ум, равишҳои тадрис дар чаҳор хонаводаи аслӣ тақсимбандӣ шудаанд ва ин хонаводаҳо иборатанд аз:

- Хонаводаи пардозиши иттилоот: Ин равиш дар пардозиши иттилоот ба донишомӯзон кӯмак мекунад ва боиси афзоиши тавони ақлии донишомӯз ва тафаккури беҳтар, дар онҳо ҷазби иттилооти бештар ва дарки беҳтари мафоҳим дар онҳо мешавад. Ин хонавода ба равишҳое таъкид мекунад, ки аз тариқи ҷамъоварии иттилоот ва созмондиҳии онҳо, дарки мушкилот ва ифодаи роҳи ҳал барои онҳо, ҳамчунин густариши мафоҳим ва забон барои интиқоли роҳи ҳалҳо, иштиёқи инсонро барои дарки ҷаҳон афзоиш медиҳад. Ҳадафи равишҳои ин хонавода, парвариши ҷустуҷӯкунӣ дар донишомӯзон ва кумак ба онҳо, барои таҳқиқ ва тафаккур дар дунёи пиромуни худ аст.
- Хонаводаи равишҳои фардӣ: Дар ин равишҳо донишомӯз дар маркази таваҷҷӯҳ қарор дорад ва ба худшиносӣ, масъулиятпазирӣ, иззати нафс, худфаҳмӣ ва пуштибонӣ аз донишомӯз таъкид мешавад.
- Хонаводаи равишҳои иҷтимоӣ: Дар ин хонавода, бар ташкили як гурӯҳи ёдгири таъкид мешавад ва ин бовар вуҷуд дорад, ки вақте афрод бо ҳам кор кунанд як қувваи ҷамъи ба номи инержи тавлид мешавад. Ин равиш боиси афзоиши ӯҳдадории иҷтимоӣ дар донишомӯзон, эҳтиром ба дигарон ва рушди арзишҳои фардӣ дар онҳо мешавад.
- Хонаводаи системҳои (низомҳои) рафторӣ: Ин хонавода боисиислоҳи амал, дарёфти бозхӯрд, тағйири одат ва идоракунии рафтори донишомӯзон мешавад. Ба донишмӯзон ёд медиҳанд, ки чӣ гуна дар музокирот ширкат кунанд, эҳсос ва ниёзҳои худро баён кунанд. Ниҳоятан рафтори муносиб дар донишомӯз эҷод мегардад. (Хуршедӣ.1381) Хулосаи равишҳои навини тадрисро дар зер меоварем. Аз хонаводаи пардозиши иттилоот ба чанд намуна ишора мекунем:

1. Тафаккури истиқроӣ: Ёдгирии наҳвии табақабандӣ амри муҳим аст, зеро донишомӯзон аз тариқи фаъолияти табақабандӣ, мафоҳим ва иттилоотро ёд мегиранд. Ҳамчунин ин равиш боиси беҳбуди зарфияти тафаккур, созмон додани иттилоот, номгузории мафоҳим ва дарки беҳтари мӯҳтаво дар донишомӯзон мешавад.

2. Омӯзиши ковишгарӣ: Ин равиш барномаест барои омӯзиш ва тақвияти далели илмӣ ба донишомӯзон аст. Ба ин тартиб шинохти мафоҳим, фарзиясозӣ ва озмудани онҳо ҳадафи аслист.

3. Равиши пешсозмондиҳанда: Тақвияти донишомӯз дар барқарории иртибот байни донишҳои қаблӣ ва ҷадидро ҳамроҳ дорад. Тавоноии ҷазби иттилоот ва созмондиҳии онҳоро бавижа ҳангоми суханронӣ ва хонданиҳо афзоиш медиҳад.

4. Равиши азхудкунӣ: Барои афзоишу азхудкунии мафоҳим, сохторҳои печида ва бисёр, мисли системаи даврии Менделеев мебошад.

5. Равиши рушди ақлӣ: Ҳадафи аслии ин равиш созгор намудани омӯзиш бо мароҳили рушди донишомӯзон аст ва кӯмак мекунанд, ки донишомӯзон рушди зеҳнии худро густариш диҳанд. Аз хонаводаи ҳардӣ ба чанд намуна ишора мекунем:

1.Тадриси ғайримустақим. Ширкати донишомӯзон дар тадрис ба донишомӯзон ёд медиҳад ва ба онҳо кӯмак мекунад, то эҳсоси арзишманде кунанд.

2. Равиши худшукуфоӣ: Дар ин равиш ба истеъдодҳои хоси ҳар донишомӯз таваҷҷӯҳ мешавад ва кӯмак мекунад, то донишомӯзон истеъдодҳои худро такмил диҳанд.

3. Синактиказ: Дар ин равиш ба рушди фарди дар донишомӯзон аз назари зарфияти халлоқият ва ҳалли масоили ибтикорона таваҷҷӯҳ мешавад. Ба донишомӯзон фурсат дода мешавад, то озодона зарфиятҳои мубтакиронаи худро нишон диҳанд.

Аз хонаводаи иҷтимоӣ ба чанд намуна ишора намоем:

1.Пажӯҳиши гурӯҳӣ: Ҳадафи аслии ин равиш омода кардани донишомӯзон барои зиндагии демократист ва ба онҳо кӯмак мекунад, то битавонанд бо ҳамкории якдигар ва ба сурати гурӯҳӣ дар масоили муҳими иҷтимоӣ ва таҳсил ширкат кунанд.

2. Ҷустуҷӯкунии иҷтимоӣ: Ин равиш донишомӯзонро барои баррасии масоили иҷтимоӣ муттаҳид мекунад, маҳорати иҷтимоиро афзоиш, тафаккури мантиқӣ ва таахҳуди иҷтимоиро парвариш медиҳад.

3. Шабеҳсозии иҷтимоӣ: Дар ин равиш бо шабеҳсозии мавқеиятҳои иҷтимоӣ ба донишомӯзон кӯмак мешавад, то воқеиятҳои иҷтимоӣ ва ҳамчунин муносибати худро нисбат ба он таҷриба ва баррасӣ кунанд, ин кор боиси тақвияти маҳоратҳои хулосабарорӣ дар онҳо мешавад.

4. Дониши ҳуқуқӣ: Омӯзиши усулҳои ҳуқуқӣ ба унвони яке аз равишҳои ҳалли масоили иҷтимоӣ ба донишомӯзон аст ва ба дарки ҳуқуқи шахсӣ ва ғайришахсӣ дар донишомӯз кӯмак мекунад.

Аз хонаводаи рафторӣ ба чанд намуна ишора мекунем:

1. Ёдгири дар ҳадди тасаллут: Ин равиш ба донишомӯзон кӯмак мекунад, то бар мӯҳтавои дарсӣ тасаллут пайдо кунанд. Рушди иззати нафс аз тариқи муваффақият, як ҳадафи муҳим маҳсуб мешавад. Дар ин равиш барои эҷоди маҳоратҳои асосӣ, матолиби омӯхтаниро аз сода ба мураккаб тақсим мекунанд. Матолибро, маъмулан ба сурати фардӣ ба донишомӯз медиҳанд ва ӯро барои тасаллут бар мӯҳтавои таҳсил омода мекунанд.

2. Ёдгирии иҷтимоӣ: Ба донишомӯзон ёд медиҳанд, ки чӣ гуна рафтори худ ва паёмадҳои онро баррасӣ намояд ва чӣ гуна худро ба ҷомеа созгор кунад. Ҳадафи махсуси ин равиш кумак ба донишомӯзон барои коҳиши ихтилолоти (дигаргуниҳои) рафторӣ мебошад.

3.Омӯзиши мустақим: Дар он эҷоди маҳорат ва тақвияти рафтор дар донишомӯзон бар тибқи як методи хос мебошад, аз таколиф барои кӯмак ба ёдгирии донишомӯзон истифода мешавад.

4. Методи омӯхтани худидоракунӣ: Ҳадафи ин метод он аст, ки донишомӯз бар маҳоратҳо ва дониши илмӣ ҳаким шавад. Ба донишомӯз кӯмак мешавад дар арзёбии пешрафти худ ва ислоҳи роҳбурдҳои ёдгириаш ҷиҳати эҷоди тағйири рафтори муносиб, маҳорат ёбад.

5. Методи коҳиши иҷтироб: Ҳадафи ин метод омӯзиши худидоркнии ҳаяҷоноти озордиҳанда мебошад. Ин метод як равиши худдармонист, ки боиси коҳиши стерс (ҳаяҷоннок) ва эҷоди оромиш дар донишомӯзон мешавад.

6. Методи ҷуръатомӯзӣ дар баён: Ҳадафи ин метод кӯмак ба донишомӯзон барои ёд гирифтани маҳорати ширкат кардан дар музокироти иҷтимоӣ ва баёни эҳсос ва ниёзҳои худ аст. (Хуршедӣ,1381)

Натиҷагирӣ. Ба таври куллӣ тамоми назарияпардозони дарсӣ, ки методхо ва равишҳои навини тадрисро баён намудаанд. Мӯътақиданд, ки танҳо бо истифодаи маҷмӯе аз ин равишҳо, метавон нисбат ба таҳақуқи аҳдофи олии таълиму тарбият умедвор буд. Дар воқеъ созгор кардани равишҳои навини тадрис бо шароити хос, монанди таваҷҷӯҳи ба хусусияти донишомӯзон аз ҷумла, мизони дониши қаблӣ нисбат ба мавзӯъ, мизони алоқаи онҳо нисбат ба матлаб, тавоноии зеҳнии онҳо ва боиси ба коргирии ҳушмандона ва муассири ин равишҳо мешавад. Дар ниҳоят ҳамоҳангии онхо барои тадрис метавонад боиси ёдгирии амиқ ва самаранок дар донишомӯзон шавад, ки ин мавзӯъ дар омӯзиш низ аз аҳамияти бисёре бархӯрдор аст. Ба кор бастани равишҳои навини тадрис метавонанд, боиси ёдгирии бехтар ва пойдортар дар донишомӯзон шаванд. Муаллимоне дар истифодаи ин методҳо мувафақтаранд, ки алова бар доштани дониши кофӣ дар ин замина ва эътиқод ба вазифаи худ, аз нановарӣ низ бархӯрдор бошанд.

### АДАБИЁТ


1. Стефан Луис Хисон, Дебуро Сорд Брон. Равоншиносии тарбиятӣ, Интишороти Рушд, Теҳрон 1385.
2. Хуршедӣ Аббос Равишҳо ва фунуни тадрис. Интишороти Ястарон, Теҳрон 1381.
3. Лутфободӣ Ҳусейн. Раваншиносии тарбиятӣ. Интишороти Самт, Теҳрон,1389.
4. Асадзода Ҳасан. Таҳқиқ, тадрис, ёдгирӣ. Интишороти Обид.
5. Шаъбонӣ Муҳаммад. Равиши тадриси пешрафта (омӯзиши маҳоратҳо ва роҳбурдҳои тафаккур). Интишороти Самт, Теҳрон 1386.


### СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ И ВАЖНОСТЬ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ


В данной статье предъявлены современные методы в процессе обучения. Автор отмечает, что учителя помимо своих знаний методов обучения должны постоянно совершенствовать свои навыки преподавания.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** современные методы обучения, обучение, необходимость, метод.


### MODERN METHODS OF TRAINING AND IMPORTANCE OF THEIR USE


In this article modern methods in the course of training are shown. The author notes that teachers besides the knowledge of methods of training should improve the skills of teaching constantly.



**KEY WORDS:** modern methods of training, training, need, method.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Марям Рахими Манд*** **-** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# РАВИШҲОИ ТАРБИЯТИИ КӮДАКОНИ ХАЛЛОҚ (ФАЪОЛ) ЭҶОДКОР

*Меҳрони Имодӣ*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Кӯдакони имрӯзро лозим аст бузургсолоне эҷодкор ва мубтакир бошанд, зеро ҷаҳон босуръат дар ҳоли тағйир ва дигаргунӣ аст ва онон ниёз доранд барои рӯёрӯйӣ бо мушкилот ва фоиқ омадан бар онҳо ва бояд эҷодкорона фикр ва амал карданро биёмӯзанд. Калонсолон ҳеҷ гоҳ фикр намекунанд, ки чӣ гуна метавонанд эҷодкор ва мубтакир шаванд, зеро на як решаи ҳунарии хосро, ки мунҷар ба шукуфо шудани истеъдодҳои онҳо шавад, дунбол мекунанд ва на саъй мекунанд, байни донистаҳо ва падидаҳои муҳиташон иртиботи ҷадид барқарор кунанд. Дар сурате, ки эҷодкорӣ, ибтикор ва навоварӣ марҳилае аз рушди ақлӣ аст, ки метавонад мунҷар ба сохт ва эҷоди мавқеият барои роҳаттар зистан шавад, ҳамаи мо аз ҳосили фикри афроди эҷодкоре, ки дар гузашта ба наҳве аз қудрати тахайюл, тафаккур ва барқарории равобити байни онҳо истифода кардаанд, баҳра мебарем. Онҳо, он чиро ки набуда, вале қобилияти буданро доштааст, сохтаанд.

**Роҳҳои парвариши эҷодкорӣ дар кӯдакон**. Яке аз корҳое, ки сабаби рушди қувваи эҷодкории кӯдакон мешавад, ин аст, ки онҳоро ташвиқ кунем, то ба падидаҳои табиии перомунашон амиқтар бингаранд. Аз ҳар мавзӯе ба содагӣ рад нашаванд. Дар садади ҳалли мушкилот ва бознигарии иштибоҳоти худ бароянд. Майли донистанро дар худ парвариш диҳанд ва фикр кунанд, ки дар оянда ба чи чизҳо ва васоил эҳтиёҷ хоҳанд дошт. Замоне ки кӯдакон барои ҳалли масъалае танҳо ба як роҳи ҳал қонеъ нашаванд ва ба дунболи роҳҳои ҳалли ҷадидтар ва мӯтанавеътар бошанд, дар ҳамин ҳолат маҳорати тафаккури эҷодро дар зеҳни худ парвариш медиҳанд. Барои мисол, ҳангоме ки волидайн ё мураббиён қасд доранд, амали ҷамъро ба кӯдакони хурдсол биёмӯзанд, агар саъй кунанд, танҳо бо навиштаниададҳо ва теъдоде мӯҳра омӯзиши худро дунбол кунанд, мусалламан бо мушкилот рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Аммо агар аз васоил, имконот ва роҳҳои мӯтанавеъ истифода кунанд, (мисли ҷамъ кардани себ, қалам, дафтар ва ғайра) кӯдакон мафҳуми ҷамъро беҳтар дарк мекунанд ва қодир ба таъмими он ба куллияи падидаҳо ва мавзӯоти атрофашон мешаванд. Кӯдаконе, ки дар тавоноии дарк ва фаҳми масоил заифанд, қодир нахоҳанд буд, ки ба роҳҳои ҳалли саҳеҳи масъала ё роҳҳои ҳалли ҷадид ва мӯтанавеи он фикр кунанд. Дар назар дошта бошед, ки кӯдакони хурдсол чун ҳанӯз дар марҳилаи тафаккури инзимомианд, мавзӯот ва падидаҳоеро, ки бар онҳо қобили ҳис ва ламс бошанд, беҳтар ёд мегиранд. Онҳо матолиберо, ки бишнаванд, бубинанд ва ламс кунанд, воқеӣ медонанд ва беҳтар меомӯзанд. Барои тадрис ва омӯзиши кӯдакон истифода аз як равиш ҳеҷ гоҳ кофӣ нест, чун бачаҳо дорои тафовутҳои фардии бешуморанд ва ҳар як масъаларо бо шеваи хоси худ таҷзия ва таҳлил мекунанд. Пас як равиши омӯзиш наметавонад муваффақияти ҳамаи кӯдаконро тазмин кунад. Дар мавориде волидайн, мураббиён ва соири калонсолоне, ки вазифаи парвариши кӯдаконро ба ӯҳда доранд, худ ниёзманди сарфи вақт ва энержӣ(кувва) барои пай бурдан ба тавоноиҳои гуногуни худанд, то битавонанд бо эътимод ба нафси кофӣ кӯдакон ва навҷавононро дар бурузи эҷодкорӣ ва навовариашон ёрӣ кунанд. Онҳо бояд аз ин, ки фурсате барои парвариши ибтикор ва эҷодашон пайдо мекунанд, лаззат баранд ва мисли кӯдакон, ки дар пайи ёфтани посухи саволоти худ бароянд, кунҷковона масоилро баррасӣ намоянд. Кӯдакон низ бо мушоҳидаи аъмол ва рафтори калонсолон ва тақлид аз онҳо матолиби бисёре меомӯзанд. Барои мисол, қадре хамир ё гили сафолгарӣ бигиред ва саъй кунед, онро чанд дақиқа дар миёни дастҳоятон бифшоред ва нарм кунед. Барои эҷоди рӯҳияи кунҷковӣ ва ковиш дар кӯдакон онҳоро ташвиқ кунед, то назарҳо ва иддаоҳои бадеи худро матраҳ кунанд ва интизор надошта бошед, ки гуфтаҳо ва амалкардҳои бачаҳо мисли ҳам бошанд. Зеро ҳар кӯдак ё навҷавон бо таваҷҷӯҳ ба фурсатҳо ва имконоте, ки дар ихтиёр дорад, андешаҳо ва тасаввуроти зеҳниашро ҷомаи амал мепӯшонад. Тавоноиҳо ва истеъдодҳои кӯдаконро ҳарчанд ночиз ва нопӯхта аст, арҷ ниҳед ва саъй кунед, ки бо ҳимоятҳо ва ташвиқҳои худ эътимод ба нафси онҳоро тақвият кунед. Гӯшае аз утоқ ё манзили худро ба намоишгоҳе аз корҳои дастӣ ва пажӯҳишии кӯдаконатон ихтисос диҳед ва вақте аз шумо мехоҳанд, ки чизеро барояшон бисозед, муштоқона ин корро анҷом диҳед ва иҷоза диҳед, ки кӯдакон шӯру иштиёқи шуморо наззора кунанд.

**Аҳдофи тарҳ.** Ҳадафи тарҳ парвариши нерӯи эҷодкорӣ ва ибтикори кӯдакон ва навҷавонон аст ва бояд ба се ҳадафи муҳим дар ин замина таваҷҷӯҳ дошт:

**Аввал)** Шинохти имконот ва васоили кори асаргузор бар эҷодкорӣ (ҳарчанд сода ва ғайриҳирфаӣ бошад).

**Дуввум)** Робитаи ангеза ва ҳаракат дар кӯдакон ва навҷавонон бо мизони эҷодкорӣ.

**Саввум)** Таъсири ҳимоят ва ташвиқи бидуни қайду шарти кӯдакон ва навҷавонон тавассути падару модар ё соири атрофиён бар эҷодкорӣ.

Кӯдакони эҷодкор саъй мекунанд, бо ихтисос додани макон ва маҳалле барои нигаҳдорӣ аз васоил ва лавозимашон ва таҳияи таҷҳизоти сода ва гуногун даст ба созандагӣ ва ибтикороти нав бизананд.

Онҳо бар асари асли «кӯшиш–хато» борҳо озмоишҳои худро такрор мекунанд ва бидуни эҳсоси камтарин хастагӣ ва ноумедӣ ба истеъдодҳо ва тавоноиҳои дарунии худ пай хоҳанд бурд ва талоши бештаре барои ёфтани роҳҳои ҳалли ҷадид ва ҳалли масоили печидатар хоҳанд кард. Эътимод ба нафси қавӣ ва худпиндории мусбат аз авомилеанд, ки ба василаи ҳимояти отифӣ–равонии атрофиён дар кӯдак ё навҷавон ба вуҷуд меояд.

Нуктаи дигар ин аст, ки қобилият ва равишҳои кори кӯдаконро бо кори афроди ҳунарманд ва ҳирфаӣ муқоиса накунед. Ҳеҷ лузуме надорад, ки кори дасти мубтакиронаи кӯдакон «зебо», «комил», «бидуни нуқс» бошад. Таъкиди шумо бояд бештар бар фароянди анҷоми кор бошад, на натиҷаи он. Муҳим он аст, ки кӯдак даст ба кор шавад ва асаре аз худ ба ҷой гузорад. Кӯдакон ва навҷавонон барои ҳалли эҷодкоронаи мушкилоташон ниёз ба баррасии ҷонибҳои мухталифи масъала ва роҳҳои ҳалли эҳтимолии он доранд. Волидайн ва мураббиён метавонанд бо таваҷҷӯҳ ба нукоти зер рӯҳияи кунҷковӣ ва эҷодкориро дар кӯдакон ва навҷавонон парвариш диҳанд: Интихоб; Ангезиш ва таҳрик; Имкони бозӣ ва саргармӣ; Истиқлол(дар чаҳорчӯби муайян); Муаррифии анҷуманҳои гуногун; Ҷаласоти табодули афкор; Бакоргирии нерӯи тахайюл; Ташвиқ;; Интиқодҳои созанда; Аҳамияти иштибоҳ кардан; Муҳитҳои парвариши ғанӣ.

**Авомили боздорандаи эҷодкорӣ ва ибтикор.** Яке аз сабабҳои ин амр он аст, ки ҳар чи кӯдакон калонтар мешаванд, мизони эҷодкории онҳо камтар мешавад. Ин аст, ки дар доми одати якнавохти зиндагӣ меафтанд. Вақте зеҳн ва фикр ҳамвора дар садади ҳалли масъала бо истифода аз як равиш бошад ва одат кунад, ҳамеша аз як роҳ ба ҳадаф бирасад, рафта–рафта эҷодкории худро аз даст медиҳад. Дар ҳоле ки саъй кунем, занҷираи якнавохти одатро бишканем ва намудҳои гуногуне барои ёфтани посуххои масоил ироа диҳем, ба тавре ки танҳо аз таҷрибаҳои гузашта барои ҳалли масоили ҷадид истифода накунем ба ҳар навъе, ки метавонем бо юриши фикрӣ шеваи тафаккури эҷодкоронаро дар кӯдакон парвариш диҳем. Гурӯҳе аз мардум низ ба сабаби фишорҳои хориҷии гуногун, ки эҳсос мекунанд, наметавонанд ниҳояти саъйи худро дар борварии қувваи эҷодкорӣ ва ибтикори фарзандонашон ба кор баранд. Баъзе аз авомиле, ки сабаби коҳиши эҷодкориҳои фикрии кӯдакон мешаванд: подош; ангезиши дарунӣ дар баробари ангезиши берунӣ; интизорӣ барои арзишёбии навоварӣ ва асари ҳунарӣ; фишорҳои дӯстон ва атрофиён; назорат ва муроқибати шадид.


### ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ МЕТОДЫ В ОТНОШЕНИИ ТВОРЧЕСКИ АКТИВНЫХ И ОДАРЕННЫХ ДЕТЕЙ

Статья посвящена изучению методов воспитания в отношении активных и творчески одаренных детей. Автором предложены воспитательные методы, которые служат для развития этих качеств у детей.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** воспитательные методы, активные и творчески одаренные дети, творческое мышление.



### EDUCATIONAL METHODS CONCERNING CREATIVELY ACTIVE AND EXCEPTIONAL CHILDREN

Article is devoted to studying of methods of education concerning active and creatively exceptional children. The author offered educational methods which serve for development of these qualities in children.



**KEY WORDS:** educational methods, active and creatively exceptional children, creative thinking.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Мехрони Имоди*** **–** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни


## ФАНТАЗИЯИ НАВ ВА НАҚШИ ОН ДАР АДАБИЁТИ КӮДАКОН


***Ҳамида Моҳузӣ, Д.Я, Шарипова***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**


Тарбияти инсон ва таваҷҷӯҳ ба таълиму тарбият, ҷиҳати шукуфоии комил ва таҳаққуқи ҳамаҷонибаи хостаҳои мантиқӣ аст ва бо баҳракашӣ комилан тафовутдор аст. Имрӯз барои тарбияти инсоне, ки аз назари ҷисмӣ, руҳӣ ва отифӣ ва ҳатто фарҳанги иҷтимоӣ битавонад дар ҷомеа зиндагии матлубе дошта ва роҳи пешрафтро пеш гирад, бояд тавоноии онро дошта бошад, ки дар қолабҳои аз пеш таиншуда ғарқ нашавад ва ба ҳар вазъияте тан насупорад.

Инсон мавҷуди умумӣ аст, ки алоқаҳои гуногуне дорад, ки аз тариқи тарбияти саҳеҳ метавонад барои зиндагӣ дар дунёи пур аз проблема омода бошад, ва худ нақши меҳварӣ дошта бошад.

Ҷон Локк файласуфи британиёӣ муътақид аст: "Зеҳни кӯдак ҳамчун лавҳи сафеде аст ва ҳар чизеро таҷриба кунад, дар ин лавҳ сабт ва забт мешавад". Барои ин, ки кӯдакон дар масири зиндагӣ ҳаракати пайваста ва рӯ ба инкишоф дошта бошанд, саҳми тамоми касоне, ки ба навъе бо онҳо дар иртибот ҳастанд - волидайн, мураббиён, китобҳо, китобхонаҳо, шоиру нависандагон ва муттаваллиёни ҷомеа ҳама ба навъи инкорнопазир аст ва таъсири бисёр зиёде дар тарбияти кӯдакон дорад.

Вазифаи бузургсолон ин нест, ки кӯдаконе ба монанди худ бисозанд. Агар хоҳони рушд ва шукуфоии онҳо ҳастанд, қолабҳои қадимаро канор гузошта ва ба онҳо иҷозат дода шавад, ки дар рушди худ саҳм дошта бошанд ва бузургсолон роҳнамо ва ҳамроҳи онҳо ва мушкилкушои роҳи онҳо бошанд.

Таваҷҷӯҳ ба хостаҳо ва алоқаҳои кӯдакон ва рушди саҳеҳи онҳо лозим бар он аст, ки тамоми муттаваллиёни тарбиятӣ бикӯшанд шароити муносиберо фароҳам сохта ва онҳоро ба самти шинохти бештар роҳнамоӣ кунанд. Эҷоди одат ба мутолиа шеваи муносибе аст, ки шинохти кӯдакро нисбат ба дунёи атрофаш афзоиш дода ва иртиботдиҳандаи ӯ бо муҳит аст.

Достонҳо, қиссаҳо, шеърҳо ба таври куллӣ ба адабиёти кӯдакон таъсири умдае дар тарбияти кӯдакон доранд ва сабаби тағйири рафтор ба парвариши онҳо ва ҷиҳозонидани кӯдакон барои рӯ ба рӯ шудан бо масоил, мушкилот, хостаҳо ва ниёзҳои гуногун мешаванд. Парвариши қувваи тахайюл ва шахсиятпардозӣ дар достонҳо метавонад ояндаи рушанеро пеши рӯи кӯдакон қарор диҳад. Аз ҷумла, навиштаҳои адабӣ, фантазия ҳуши кӯдакро даргири масъала мекунад ва бо кунҷкобӣ дар дунёи воқеӣ ба дунболи чизҳое мегардад, ки дар зеҳни худ инъикос карда аст. Кӯдакон дар фантазия фурсат меёбанд мӯҳтавои достонро он гуна, ки мехоҳанд, тафсир кунанд.

Фонтазияи нав, арзишҳо, авотиф, хубу бадҳо, пойдорӣ дар баробари мушкилот, масъулиятпазирии шахсӣ ва иҷтимоӣ, ишқ ва дӯстиро ба хонанда интиқол медиҳад ва хонандагонро роҳнамоӣ мекунад. Фикри кӯдаконро бозсозӣ карда ва бо моделсозии оянда зиндагии худро дар муҳите, ки дар фикри худ доранд дунбол мекунанд ва ин сароғози хеле аз ихтироот ва халоқиятҳо аст, ки онҳоро ба пеш мебарад ва ин бахше аз тарбият аст.

Баррасии адабиёти кӯдак бидуни шинохти рушди зеҳнӣ ва ҷисмии кӯдак кори нотамом аст. Шинохти вижагиҳо, тавоноиҳо ва ниёзҳо дар фароянди рушди кӯдак яке аз муҳимтарин вазифаҳои волидайн, муррабиён ва нависандагон аст то битавонанд шароити муносиб барои рушди ӯ фароҳам оваранд.

Пюже мӯътақид аст: "Барои дарс додан ба кӯдакон, кор кардан ва ҳатто дӯст доштани онҳо ниёз ба дарки рушди зеҳнии онҳо дорад". Бо шинохти кӯдак ва тавоноиҳои ӯ метавон ниёзҳои ин давра аз зиндагиро беҳтар шинохт. Назари Пюже барои рушди шинохт муттамарказ аст ва шинохтро иборат аз фароёндҳои зеҳнӣ монанди дарк, ба хотир овардан, бовар кардан ва натиҷагирӣ кардан медонад. Пюже таъқид дорад, ки таҷрибиёти кӯдак ва муҳити фарҳангии ӯ бар рӯи синни марбут ба ҳар марҳалаи рушд муассир аст ва кӯдак бояд аз назари физикӣ ва равонӣ барои ёдгирӣ омода шавад. Синни мавриди назар дар ин мақола дар марҳилаи пеш амалкардаи Пюже, яъне аз маркази 1,5 то 7 солагӣ аст. Давраи пеш амалкарда, ки аз 1,5 солагӣ оғоз мешавад ва фаъолиятҳои кӯдак дар ин давра иборат аст аз: тақлид дар мисоли қолаб, бозии намудӣ, тасвири зеҳнӣ, забон ва наққошӣ. Дар ин син кӯдак метавонад шаъйро дар набудаш муҷассам кунад ва аз ҳаракот ва фаъолиятҳо тасвири зеҳнӣ дорад, барои он кӯдак худро бо дунёи иҷтимоии бузургсолон, ки қоидаҳои он барои ӯ қобили дарк нест созгор кунад, дар ин ҳолат бозии намудии ӯ ба авҷ мерасад ва аз бузургсолон тақлид мекунад. Яъне ,кӯдак барои татбиқи худ бо бузургсолон дар бозии намудӣ вокеиятҳоро тағйир медиҳад ва онро бо синни худ ҳамоҳанг мекунад. Барои мисол рафторҳои падар ва модари худро дар манзил, дар бозӣ бо арусакҳояш такрор мекунад. Кӯдакон дар ин синну сол ба дунболи посух барои чороҳои худ ҳастанд ва мехоҳанд иллати ҳар чизеро бидонанд ва дар мавриди он кунҷкоб ҳастанд. Ахлоқи кӯдак дар ин давра "ахлоқи воқеӣ аст". Яъне дастуроти бузургтарҳоро ба манзалаи қонуне медонанд, ки сарпечӣ аз он мамнӯъ аст ва аз сарпечии дастури бузургтарҳо эҳсоси гуноҳ мекунанд. Бо баёни ин вижагиҳо пай мебарем, ки адабиёти кӯдакон дар ин синну сол бисёр аҳамият дорад. Зеро кӯдак иҷтимоъро мешиносад ва бо нақшҳое, ки бояд иҷро кунад, ошно мешавад. Дар синну соли пеш аз дабистонӣ кӯдакон аз калимоти мавзун ва оҳангин, ки дорои вазн ва қофия ҳастанд, лаззат мебаранд ва маҷзуби қиссаҳое мешаванд, ки матолиби такрорӣ дар он бошад. Аҳлаб худро ба ҷои қаҳрамонҳои достонҳо мегузоранд ва нисбат ба дунёи атрофи худ кунҷкоб мешаванд.

Шахсиятҳои достониро бо муҳити атрофи худ татбиқ мекунанд. Ин гуна матолиб илова бар шахсиятпардозӣ ва татбиқи худ бо мавқеияти ҷонварон ва инсонҳои даруни қисса, қувваи тахайюли кӯдакро ба кор меандозад ва бо ҷондорони воқеӣ вориди дунёи ғайривоқеӣ мешаванд. Инсон мавҷуде аст, ки доимо дар ҳоли тағйир аст ва шинохти кӯдак ва ин ки чӣ тавоноиҳое дорад ва чӣ алоқаҳое дорад барои таҳаввул ва шаклгирии шахсияти ӯ чӣ роҳҳоеро бояд дар назар гирифт, ки инҳо мавоҳиси мавриди таваҷҷуҳи муттаваллиёни тарбиятии имрӯз аст. Кӯдак дар ин марҳила аз зиндагӣ сайъ дорад

муҳити худро бишносад ва таҷрибаҳои худро афзоиш диҳад. Кӯдак дар ин давра нисбат ба рӯйдодҳои атрофи худ ҷустуҷӯ дорад ва моил аст посуххои ҳарчанд сатҳӣ биёбад ва зеҳни кӯдаконаи худро розӣ кунад, ки ин тамрине барои солҳои бузургсолӣ ва шаклгирии фикри мантиқӣ аст. Кӯдак дар ин синну сол ба шинохти худ алоқа дошта ва худро меҳвари алоқаҳо медонад. Яке дигар аз вижагиҳои ин синн у сол хаёлпардозӣ аст, ки маъмулан кӯдак сайъ мекунад. Бо хаёлпардозӣ бахше аз зиндагии худро бо он пур кунад. Яки дигар аз хусусиёти муҳими ин давраи синнӣ тамоюли кӯдак ба бозӣ аст. Кӯдакон аз тариқи бозӣ ба таври табиӣ дар ҷараёни ёдгирии ҳаллок қарор мегиранд ва шахсияти онҳо шакл мегирад. Пюже мӯътакид аст: "Бисёре аз ёдгириҳои кӯдак дар бораи забон, ахлоқ, замон, адад дар замони бозӣ шакл мегирад ва вокунишҳои кӯдак бо асбоббозӣ маънодор аст ва монанди як ҷондор бо асбоббозиҳои худ рафтор мекунад ва бо онҳо иртибот бар қарор мекунад". Кӯдакон дар ин синну сол аз назари тақлид бисёр мустаид ҳастанд ва рафторҳо ва кирдори бузургтарҳоро зери назар доранд ва нишонаҳои иҷтимоӣ шудан дар онҳо дида мешавад. Устурашиноси машҳур Ч. Ор.Толькин., устоди забоншиносӣ, аз тариқи бозӣ бо вожаҳо осори ҷадидеро дар баёни ахлоқи хуб ва бад халқ намуда ва паёмҳои тарбиятиро бо зарофат ба хонанда интиқол медиҳад. Толкин дар достони "Хобит ва арбоби халқаҳо", ки онро навъи бози бо вожаҳо медонад ва бо ҳамин вожаҳо ва забони хос, шахсиятҳои достонии худро барои хонанда боварпазир месозад. Чунон, ки хонанда дар тӯли достон ҳисси каҳрамонпарварӣ, навдустӣ ва сабру бурдборӣ то расидан ба натиҷаи муваффақиятомез ба шахсиятҳои достон даст меёбад. Гоҳ нависандагон чунон фазосозӣ мекунанд, ки шахсиятҳо байни ду ҷаҳони воқеӣ ва ғайривоқеӣ қарор мегиранд ва хонанда чунон ҷазви он мешавад, ки мебинад ва ҳис мекунад. Ин гуна достонҳо (фантазия) беҳтарин васила барои боварпазир сохтани матлаб аст ва сабаби парвариши зеҳн ва қувваи тахайюл мешавад ва ба кӯдак кӯмак мекунад то дунёи воқеиро беҳтар бишносад.

**Фантазия.** Қиссаҳои суннатӣ, ки аз насл ба насл нақл гардида то ба насли ҷадид расида ва қиссаҳои ҷин ва парӣ ва мавҷудоти хаёлӣ ҳама осоре ҳастанд, ки зербинои фантазия ба шумор меравад. Фантазия дар луғат ба маънои ваҳм ва хаёл аст ва ба осоре гуфта мешавад, ки аз дунёи воқеӣ огоҳона дур мешавад ва воқеиятҳоро дар ҷаҳони ғайривоқеӣ пайдо мекунад. Имрӯз яке аз беҳтарин ва машҳуртарин осори адабӣ барои кӯдакон фантазия аст, ки тақрибан беш аз 70 дар сад аз адабиёти кӯдаконро ба худ ихтисос медиҳад. Аз он ҷо ки кӯдакон дар синни пеш аз дабистонӣ кунҷкоб ҳастанд ва аз диданиҳо ва шуниданиҳои атрофи худ шигифтзада мешаванд ва барои дарки воқеиятҳои атрофи худ талош мекунанд, фантазияҳо нақши муҳимеро дар ин син доранд ва кӯдакон аз шунидани ин гуна матолиб лаззат мебаранд. Фантазия на танҳо кӯдаконро аз дунёи воқеӣ дур намесозад, балки кӯмак мекунад то кӯдакон бо номулоиимот ва мушкилоти зиндагӣ роҳатттар канор биёянд. "Ба ибораи дигар, фантазия дигаргунии намодини воқеият аз манзари чашми як зебошинос аст, ки шакли ҷадиде аз воқеиятро баён мекунад". (Муҳҳамадӣ, 1378, саҳ. 123) дар фантазия кӯдак фурсат меёбад, ки ҳар номумкинеро мумкин созад ва ғарк дар дунёи қисса гардад. Зеро дар дунёи воқеӣ фурсат ва иҷозати расидан ба воқеият барои кӯдак андак аст ва наметавонад мутобиқи майли худ ба он бирасад. Фантазия ин фурсатро барои кӯдак фароҳам месозад то мутобиқи майли худ дар дунёи хаёли сайр кунад ва хостаҳояшро ҷустуҷӯ намояд. "Ҷаҳони фантазия ё ҷаҳони воқеӣ аст, ки дар он мавҷудоти ғайривоқеӣ нуфуз кардаанд ва ё аслан ҷаҳони ғайривоқеӣ аст, ки дар он шахсиятҳо ё авомили воқеӣ ҳузур доранд ва тамоми моҷароҳо ва шахсиятҳо дар он ҷаҳон вуҷуд доранд, гоҳҳе шахсиятҳои меҳварии ин фантазияҳо инсонҳо ҳастанд, гоҳе ҳайвонот ва гоҳе мавҷудоте фаровоқеӣ, вале он ҷӣ шахсиятҳои фонтазияҳоро аз қиссаҳои куҳан ҷудо месозад такбуъдӣ набудани онҳост (Сурайё Қазалайёғ, саҳ 159).

Фантазияи Пинокио асари Карло Клюди итолёвӣ, ки идомаи кори Андерсен аст ва аз ҷумлаи шоҳкориҳои адабиёт дар ин гуна аст. Дарунмояҳои фантазияҳо ҷаҳоншумул буда, ва зеҳни кӯдакро мутобиқ бо ниёзҳои ин давраи муҳим аз зиндагӣ мепарваронад. Муборизаи миёни хуб ва бад, ишқ ва дӯстӣ, пойдорӣ дар баробари мушкилот, масъулиятпазирӣ ва адами пазириши масъулият ва... ки нависанда сайъ бар он дорад, ки ҳамоҳанг бо тарҳи боварпазир, зовияи диди кӯдакро боз кунад.

Бо пайдоиши фантазия адабиёти кӯдакон тавонист байни афсонаҳои нав, ки нависандагон чун Андерсен пешгоми он буданд ва адабиёти фантази иртибот барқарор кунанд ва ин пайванд нақши таърихии муҳимеро дар пайдоиши мафҳуми адабиёти кӯдакони Ғарб дошт. Фантазия дар Британия шакл гирифт ва рушд ёфт. Пайдоиши пешинаи фантазия дар Аврупо ба давраи Викторио (1837 то 1901 милодӣ) боз мегардад. Аз вижагиҳои муҳими ин давра хушбинии ҳоким бар ҷомеа буд ва шеваҳои суннатӣ рӯз ба рӯз камрангтар шуданд ва падид омадани фантазияҳои классик ниёзманди дигаргунӣ дар нигариш ба кӯдак буд, ки аз ин пас ҷойгоҳи иҷтимоияшро дар омӯзиш пайдо мекард. Достонҳои фантазия дар Бритониё дар он рӯзҳо иборат буданд аз "Подшоҳи рудхонаи тиллоӣ" асари Ҷон Роскин, "Рӯз ва ангуштарин" асари Вилям Микпис Текри., "Сандалии шигифти герни" асари Франсес Бруне,

"Бачаҳои об" асари Чарлз Кингерли, "Алиса дар шигирфтзор" асари Луис Карл, "Устухони моҳии ҷодуӣ" асари Чарлз Диккенс ва "Дар пушти боду шамол" асари Ҷорҷ Макдоналд.

Бо пайдоиши фантазия дар Бритониё кам-кам нависандагони кишварҳои Аврупоӣ бетаҷриба дар ин замина даст задан.д Дар Эрон, ки нахустин фантазияҳои илмӣ, тахайюлиро метавон достонҳои ҳамчун "Афсона дар тӯли замон" асари Мусонасрии Ҳамадонӣ ва достони Рустам дар қарни XX -ум аз Санъатизодаи Кирмониро ном бурд.

Ҷин Пулен (1986) мегӯяд: "Ҷаҳони фантазия барои кӯдакон ба ин ҷиҳат воқеӣ аст, ки дорои се бахши массир аст: якум ин ки кавонини шахсӣ ҳамеша ба кор гирифта мешавад, дуюм ин, ки қаҳрамоне, ки маъмулан саргашта дӯст надоштанӣ ё ношинос аст, сабаб мешавад кӯдаке, ки эҳсоси дармондагӣ ва бетаваҷҷӯҳии дигарон ба худ дорад, қобили дарк ва ламс бошад. Севвум ин ки кӯдак дар фантазия ҳамеша шоҳиди ба поён расидани қисса бо хубӣ ва хушӣ нест".

Ҷин Пулен дар достони "Ҳисоби шайтонӣ", ки духтаре аз ин давра по ба деҳкадаи Яҳудинишин дар даҳаи 1940 мегузорад ва вориди урдугоҳи пур аз яъс ва ноумедӣ дар даврони яҳудикушӣ мешавад, хонанда комилан дар ҳолу ҳавои кашмакашҳо ва даъвоҳои он мардум қарор мегирад. Ба акидаи Пулен ҷаҳони фантазия дар айни аносури ғайривоқеӣ, барои кӯдакон воқеӣ ба назар мерасад дар фантазияҳои классик бо халқи фазои воқеии кӯдак кам-кам вориди фазои фантазия сохта ва фазои ҷадидро барои ӯ боварпазир месозад. Дар"Алиса дар сарзамини аҷоиб" асари машҳури Луис Карл мушоҳида мешавад, ки Олис бо хоҳараш дар канори рудхона нишастаанд ва хоҳараш саргарми хондани китоб аст ва Олис эҳсоси танҳоӣ мекунад ва аз ҳаминҷо бо харгуше вориди дунёи ғайривоқеӣ мешавад ва фазои ҷадидро бовар мекунад ва дар он ба ҷустуҷӯ мепардозад. Ҳамчунин дар достони "Пинокио" аз Карло Клоди., ки арӯсаки чубӣ вориди дунёи воқеӣ мешавад ва рафторҳои инсонҳои оддиро анҷом медиҳад. Яке аз хусусиятҳои дигари фантазия ин аст, ки бо истифода аз ҷузъиёт хонандаро қонеъ мекунад ва руйдодҳоро воқеӣ ҷилва медиҳад, вале нависандаи фантазия бояд таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки сайри мантиқиро дар навиштаи худ риоят намуда ва дучори ошуфтагӣ дар тахайюли кӯдак нашавад ва истифода аз ҷузъиётро дар ҷиҳати тадовум ва сайри мантиқии достони худ истифода намояд. Гузар аз фантазияи суннати ва ворид шудан ба фазои фантазияи нав нишондиҳандаи он аст, ки асоси фантазияҳои нав реша дар достонҳои куҳан дорад ва пайванди ин ду комилан машҳд аст. Нависандагони фантазияи нав, фазосозӣ ва шахсиятпардозии муштараке бо адабиёти суннатӣ доранд, бо ин тафовут, ки дар гузашта мардум бо шунидани "Афсонаҳои париён", бовар доштанд, ки муҳтавои афсонаҳо реша дар воқеият дорад, вале хонандагони имрӯза бо моҷароҳои фаротабии ҳаракат мекунанд вале нобоварии худро канор мегузоранд. Мисол дар достони «Се подшоҳ» асари Волтер Динмойзер., ки бо сабки фолклорӣ оғоз мешавад: "Дар рӯзғори дур ҳангоме, ки замин рӯи пошнаи худ намечархид ва ситораҳо дар осмони шаб пайдо набуданд, се подшоҳ буданд". Ин гуна достонҳо шояд дар давраи мардуми содда ингор мепазируфтанд ва онро бо афсона ва ҷоду ба ҳам меомехтанд, вале дар фантазияҳои нав бо вуҷуди ғайривоқеӣ будани фазои навишташуда дар достон хонанда ҳарчанд дар достон ғарқ гардида ва бо нависанда ҳамроҳ шуда, вале бовари ӯ комилан тафовутдор аст аз дидгоҳи суннатист.

Нависандагони фантазия этикод доранд, ки инсон илова бар дунёи ҳавоси мушоҳидашавандаи худ дар ҷаҳони дарунӣ аз фикр ва рӯҳ низ зиндагӣ мекунад. Нақши ашё ва авомил дар достонҳои шигифтангези фантазияҳо бо он чӣ дар қиссаҳои шикифтангези куҳан буда аст мутафовит мебошад. Дар мантиқи ҳоким бар фантазияҳо, ки бо мантиқи достонҳои нав тафовути зиёде дорад боис мешавад, ки тахайюли кӯдакон ба ҳаракат биёяд. Имрӯз мутахассисони адабиёти кӯдакон достонҳои тахаюлӣ-илмиро зермаҷмӯи фантазияҳо ба шумор меоваранд. Ҳокер мегуяд: "Фантазияҳо ҳатто агар фантазияи илмӣ ҳам бошанд, дунёеро муаррифӣ мекунанд, ки на ҳаргиз буда ва на имкон дорад вуҷуд дошта бошад, вале достонҳои тахаюлӣ- илмӣ аз дунёе сухан мегӯянд, ки бар асоси он чӣ мо имрӯз аз улум медонем мумкин аст рӯзе дар оянда вуҷуд дошта бошад" (Ҳок, 1997, саҳ 73). Достонҳои илмӣ-тахаюлӣ Жюл Верн, намунае аз ин гуна достон аст. Зеро дар замони навиштани он рафтан ба қаъри дарё ва ё сафар ба фазо шояд дур аз зеҳн ва дар тахаюлот ҷой дошта, вале имрӯзҳо кори бисёр содда аст. Достонҳои илмӣ-тахайюлӣ тарсими ҷаҳоне аст, ки ба суръат дар ҳоли тағйир аст.

Жан Кристофер, нависандаи англис дар сегонаи худ, «Кӯҳҳои сафед», «Шаҳри тилло» ва «Сурб ва Беркаи оташ» ба тарзи моҳирона тахайюли кӯдаконро густариш дода ва ба онҳо фурсат медиҳад то қувваи тахаюл ва тасаввури худро ба кор бигиранд ва дар фазои қабл аз замони феълӣ ҳаракат кунанд ва бо сафар дар фазои достон бо кулворе аз таҷрибаи зиндагии худ баргарданд. Ба таври куллӣ метавон аз ин натиҷагирӣ кард, ки достонҳои илмӣ- тахайюлӣ ба кӯдакон кӯмак карда ва сабаб мешаванд, ки бар зиндагииояндаи онҳо таъсир бигузорад ва дурнамое аз ояндаро дар зеҳни худ расм кунанд ва бо шахсиятҳои достонӣ ҳамроҳ шуда ва фурсате барои таҳаюли равонии онҳо фароҳам шавад ва ба навъи оромиш ва умед ба оянда даст ёбад.

Достонҳои илмӣ- тахайюлӣ руйкарди оянданигар дошта ва бар пояи кашфиёти илмӣ шакл мегиранд, ки бистари муносибе аст барои кӯдакон то зиндагии худро дар фароянди комилан тахайюлӣ дар ҳол ва оянда тасаввур кунанд ва илова бар парвариши қувваи тахайюли кӯдакон, уфуқи фикрии онҳоро густардатар мекунад. Фантазияи нав мавзӯоти зиёдеро шомил мешавад. Ҷон гирифтани асбоббозиҳо, сухан гуфтани ҷонварон ва зиндагии аҷиби кутулоҳо, ҷонвароне, ки монанди инсон сухан мегӯянд вале дар айни ҳол вижагиҳои худро нигаҳ доштаанд. Кӯдакон дар фантазияи нав шоҳиди ин ҳастанд, ки ҷонварон ба ҳам кӯмак мекунанд ва дар мушкилот бо дӯстони худ ҳамроҳ мешаванд ва вафодории худро собит мекунанд. Кӯдакон аз достонҳои шигифтангезу масхараомез ва бозиҳои забонӣ лаззат мебаранд. Кӯдакон дар фантазия ба ин ниёзи худ мерасанд ва дар зеҳн аз назари ахлоқӣ ва рафторӣ тахти таъсир қарор мегиранд. Вале дар айни ҳол соддаингориро канор мегузоранд. Барои алоқаманд кардани кӯдакон ба ин гуна достонҳо бояд онҳоро ташвиқ ба хондани фантазияҳои мухталиф кард то бо қарор гирифтан дар он фазои маҷозӣ ба оянда сафар карда ва бо ҷаҳони густардитар ошно шавад. Фантазияҳои тасвирӣ ва бидуни калом аз ҷумла фантазияҳои мавриди алоқаи кӯдакон аст, ки идеяҳо ва рӯъёҳо ва орзуҳои худро дар он боз мешиносанд. Акнун дар маркази пеш аз дабистонӣ дар кӯдакон иҷозат дода мешавад, ки бо меъдоди рангин ва меъдоди шамъӣ ва буридаҳои қоғаз рӯи девор ва таблуҳои кор, достонеро тарроҳӣ кунанд ин ба ҳунари достоннависӣ дар заминаи фантазия кӯмак мекунанд ва кӯдаконро ба ҷаҳони фаротар аз имрӯз даъват мекунад. Кӯдакон бо деворнигораҳо халлоқият ва истеъдоди билқувваи худро билфеъл месозанд ва шахсиятҳои гуногуни достонро дар фазоҳои хаёлӣ ҷой медиҳанд. Мунтож гуна аз ҳунари тасвирсозии кӯдакон аст, ки бо истифода аз ин тасвирҳо эҳсосоти худро баён мекунанд. Навъи аз ҳунари мунтож, ки мавриди алоқаи кӯдакон аст, ҷамъоварӣ ва истифодае аз ашёи хурд-хурд ва рангоранге аст, ки дар атрофи онон вуҷуд дорад. Кӯдакон аз бозӣ бо ин ашё лаззат мебаранд ва онҳоро дар зеҳни худ мунтож карда ва бо шахсиятҳои мавриди назари худ иртибот барқарор мекунанд. Ин гуна саргармӣ, қувваи тахайюли кӯдакро бармеангезад ва идеяҳо ва руъёҳои худро дар он бозшиносӣ мекунанд, бо баррасии фантазияҳои нав дармеёбем, ки кӯдакон бо ворид шудан дар чунин фазое ба ҷои бовар кардани афсонаҳои шифоҳии гузашта, нобоварии худро канор гузошта ва қувваи тахайюли худро ба кор мегиранд.

**Фантазиянависони Эрон ва ҷаҳон.** Имрӯз шоҳиди ворид шудани фантазияҳои нав тавассути нависандагони бузурге ҳастем, монанди Муриссендок, Рул Дол, Мишшел Онде, Астрид Линдгерн, Кирсней Нов Стиленгер, Петершиё Ротсен, Аҳмадризо Аҳмадӣ, Муҳаммадӣ Муҳаммадӣ, Муҳаммадризо Юсуфӣ .

Аз намунаи фантазияҳои нави эронӣ метавон: «Ман ҳарфе дорам, ки бачаҳо...», «Ман харгӯши сафедамро дар баҳор ёфтам» ва «Навиштам борон, борон борид» аз осори Аҳмадризо Аҳмадӣ ва «Императори себи заминии чаҳорум», «Айнаке барои аждаҳо» ва «Шалғам ва ақл» аз осори Муҳаммадӣ Муҳаммадӣ ва «Духтарони офтобӣ ва як тика аз осмон» асари Муҳаммадризо Юсуфиро ном бурд.

## АДАБИЁТ


1. Андерсен Ганс Кристиан., «Духтараки зебо», конуни парвариши фикрӣ, 1352.
2. Қазал Айёғ Сурайё «Адабиёти кӯдакон ва навҷавонон ва тарвиҷи хондан», Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини кутуби илуми инсонии донишгоҳҳо, (Самт), 1383.
3. Карл Люис., «Алиса дар сарзамини аҷоиб», тарҷумаи Ҳасани Ҳунармандӣ, Теҳрон: Завор, 1350.
4. Клуди Корлу., Пинокио тарҷумаи Асғари Растагор, Теҳрон: дафтари нашри фарҳанги исломӣ, 1373.
5. Лин Рот Нидламен., «Фантазияи фирор аз воқеият», Пажӯҳишномаи адабиёти кӯдак ва навҷавон, тарҷумаи Иброҳимӣ (Алванд), 1379, саҳ.7-27.
6. Муҳаммадӣ Муҳаммад «Императори себи заминии чаҳорум» Теҳрон: нашри қатра 1370.
7. Муҳаммадӣ Муҳаммадҳодӣ. «Татбиқи кайфияти тахайюл дар афсонаҳои кӯҳан ва нав» пажӯҳишномаи адабиёти кӯдак ва навҷавон, ҳоизи 76 саҳ 57.


## ЖАНР ФАНТАСТИКИ И ЕЕ РОЛЬ В ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ


Жанр фантастики является очень ценным литературным произведением, которую взрослые сочиняют для детей. Фантастические произведения служат хорошим стимулом для развития любознательности детей и делают их наблюдательными В данной статье авторами рассматривается роль фантастических произведений для детей в развитии их любознательности и их мировоззрения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** фантазия, литературный жанр, фантастические произведения для детей, развитие любознательности и мировоззрения у детей.

**GENRE OF THE FANTASY AND ITS ROLE IN CHILDREN'S LITERATURE**

The genre of a fantasy is very valuable literary work which adults compose for children. Fantastic works serve as good incentive for development of inquisitiveness of children and do them by observant authors In this article the role of fantastic works for children in development of their inquisitiveness and their outlook is considered.

**KEY WORDS:** the imagination, a literary genre, fantastic works for children, development of inquisitiveness and outlook in children.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Д.Я. Шарипова*** – кандидат педагогических наук, доцент, НИИПН АОТ
***Хамида Моузи*** – соискатель Академии образования Таджикистана

# ОРОИ ТАРБИЯТИИ ИМОМ МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ

***Алиризо Мирараби Разӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар ин пажӯҳиш, ба мутолиа ва баррасии андешаҳои тарбиятии Ғаззолӣ ба унвони яке аз мураббиёни бузурги мусулмон пардохта шудааст.

Баррасии дидгоҳи Ғаззолӣ мушаххас месозад, ки ӯ бештар ба масоили динӣ таваҷҷӯҳ доштааст. Ғаззолӣ тарбиятро тадбири нафс аз тариқи эътидолбахшӣ ба қувво ва тамоилот аз тариқи маърифат медонад. Ғаззолӣ ҳадафи тарбиятро сайри рӯҳ ва ботини инсон ба сӯйи Ҳақ ва вусул ба унс ва қурби илоҳӣ зикр мекунад. Ғаззолӣ дар интихоби ҳадафи тарбият бар расидан ба ҳақоиқ таъкид мекунад. Расидан ба ирода аз тариқи тафаккур ё гузаштан аз таҷриба ба шуҳуд ва парвариши ақл равиши тарбиятии Ғаззолӣ аст. Ғаззолӣ мураббиёнро ба истифода аз назарияи одат суфориш кардааст. Ғаззолӣ дар баҳс аз ахлоқиёт ба тасфияи ғароиз ва тағйирпазирии ахлоқ ишора мекунад ва паёмбаронро беҳтарин улгуи ахлоқ матраҳ мекунад.

Равиши таҳқиқи мавриди истифода дар ин пажӯҳиши кайфӣ бо рӯйкарди тавсифӣ- таҳлилӣ будааст. Манбаи аслии баррасии орои тарбиятии Ғаззолӣ китоби «Кимиёи саодат» будааст. Натоиҷи ҳосил аз ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки таълими тарбият дар гузашта ва ҳол аз дидгоҳҳои ин андешаманди бузург баҳраҳои фаровон бурдааст.
Вожагони калидӣ: тарбият, орои тарбиятӣ, андеша, ахлоқ, тарбияти ахлоқӣ, андешаҳои тарбиятӣ

Нақши таълиму тарбият дар ҷаҳони имрӯз бар касе пӯшида нест. Инсон ба далели вижагии тарбиятпазирӣ аз соири махлуқот мутамоиз шуда ва гавҳари ӯ танҳо бо тарбият ба камол мерасад. Арзиши одамиро низ метавон ба мизони бархӯрдории ӯ аз таълиму тарбият мушаххас кард. Агар бихоҳем барои тарбияти насли имрӯз тарҳу барномае мудавван таҳия кунем, бояд аз назарияҳо ва тавсияҳои андешамандони пешин баҳра бибарем.

Камоли матлуби одамӣ ва усули равишҳои ҷадиди тарбиятро метавон ба осонӣ аз хилоли орои қуджамои олиқадри омӯзиш ва парвариш бозёфт. Дар сарзамини илмпарвар ва фарҳангдӯсти мо осори зиёде аз андешамандон дар заминаи таълиму тарбият барҷой мондааст. Бегумон, аз шумори ин андешамандони номии мактаби ислом метавон ба Ибни Сино, Ғаззолӣ ва Хоҷа Насир ва … ишора кард.

Фуқдони тарбияти саҳеҳ ва асили инсонӣ ба унвони яке аз дағдағаҳо ва нигаронихои мураббиён ва андешамандон дар асри ҳозир аст. Рушди якҷонибаи илму санъат аз муҳимтарин илали бурузи ин масъала ба шумор меравад. Бояд таваҷҷӯҳ дошт, ки садамоти ношӣ аз ин амр марбут ба даврони муосир набуда ва дар қуруни гузашта низ бо шиддат ва заъфҳое дар зиндагӣ ва тамаддуни башарӣ худнамойӣ карда ва бузургтарин латмаҳоро бар пайкари иҷтимоъ ва инсон ворид кардааст.

Дар ин пажӯҳиш ба табйини орои тарбиятии Ғаззолӣ ба унвони яке аз андешамандони мусулмон пардохта шуда, то гираҳгушои бисёре аз масоил ва мушкилоти таълиму тарбият дар ҷавомеи исломӣ бошад. Мутаассифона, то кунун дар забони форсӣ ба шахсияти тарбиятии Ғаззолӣ чандон пардохта нашуда ва ҳаҷми таҳқиқоти анҷомшуда дар кишварҳои ғарбӣ дар муқоиса бо кишварҳои исломӣ бештар аст.

Аҳамият ва зарурати таҳқиқ. Ғаззолӣ чаҳорумин нобиға аз шаш нобиғаи бузурги Тӯс ва аз шахсиятҳои барҷастаи таърих ва фарҳанги Эрон ва Ислом аст, ки дар назди мусулмонони ҷаҳон аз ҷойгоҳи рафее бархӯрдор аст. Андешаҳои тарбиятии ин андешаманди бузурги исломӣ қарнҳо бар фарҳанги тарбиятии ҷаҳони ислом ҳоким будааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳанӯз ҳам бархе аз китобҳо ва андешаҳои ин донишманд ба таври ҷомеъ мавриди баррасӣ қарор нагирифта, зарурати таҳқиқ ва баррасии ин мавзӯот беш аз пеш эҳсос мегардад. Пажӯҳиш дар бораи андешаҳои мутафаккирон ва андешамандон, ба вижа парваришёфтагони мактаби исломӣ метавонад роҳкушои низоми омӯзиш ва парвариш дар кишварҳои исломӣ бошад. Ҳол бар ҳамаи муҳаққиқин мусаллам аст, то бо баррасии

дидгоҳҳои тарбиятӣ ва шиносоии андешаҳои мутафаккирон ва корбурдии амалии онҳо дар таълиму тарбият ояндаи дурахшонеро барои ҷавомеи исломӣ тарсим намоянд.

Хулосае аз савобиқ ва пешинаи мутолиотии таҳқиқ. Бо баррасиҳои анҷомшуда ва мурочиа ба китобхонаи асноди миллӣ поённомае бо мавзӯи мавриди таҳқиқ ёфт нашуд. Аммо, савобиқе дар мавриди андешаҳои тарбиятии Ғаззолӣ ва Хоҷа Насир ба сурати муқоисаӣ бо дигар андешамандон ва фалосифа вуҷуд дорад, ки барои намуна метавон ба мавориди зер ишора кард:

Искандарӣ дар поёни номаи худ бо унвони «Муқоисаи андешаҳои ахлоқӣ ва тарбиятии Арасту ва Хоҷа Насири Тӯсӣ ва чигунагии таҳлили масоили ҷории таълиму тарбият бар асоси ёфтаҳо ва корбурди он дар омӯзиш ва парвариш» пардохтааст. Натоиҷи ҳосил аз ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки алорағми вуҷуди нукоти муштараки бунёдӣ дар байни андешаҳои ахлоқӣ ва тарбиятии ин ду файласуфи дар бархе нукот тафовутҳое низ вуҷуд дорад. Хоҷа дар мабодии ахлоқ бештар мутаассир аз андешаҳои Арасту дар китоби «Ахлоқи неку» маъхуз аст, аммо дар баҳси ғоёти ахлоқ ва парвариши ахлоқӣ ва тарбиятӣ фосилаи Хоҷа бо Арасту бештар аст.

Фароҳонӣ дар мақолае бо унвони «Баррасии орои тарбиятии Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва Хоҷа Насруддини Тӯсӣ ва корбурди онҳо дар низоми таълиму тарбият» пардохтааст.

Натоиҷи ҳосили баррасии дидгоҳҳои ин ду донишманд мушаххас месозад, ки Имом Муҳаммад Ғаззолӣ бештар ба масоили динӣ пардохта, вале Хоҷа Насруддини Тӯсӣ илова бар он гироиши бештаре ба масоили дунявӣ ва илмӣ дорад. Ғаззолӣ тарбиятро тадбири нафс аз тариқи эътидолбахшӣ ба қувва ва тамоилот аз тариқи маърифат медонад. Вале, Хоҷа тарбиятро муроқибат аз нашъунамои одамӣ дар масири табиии ӯ ба сӯйи камол медонад. Ғаззолӣ ҳадафи тарбиятро сайри рӯҳ ва ботин ба сӯйи Ҳақ ва вусул ба унсу қурби илоҳӣ зикр мекунад. Расидан ба ирода аз тариқи тафаккур ё гузаштан аз таҷриба ба шуҳуд ва парвариши ақл равиши тарбиятии Ғаззолӣ аст. Аммо, Хоҷа дар равиши тарбиятии худ ба пайравӣ аз табиати фард таваҷҷӯҳи вижа дорад. Дар равиши тарбиятӣ ҳар ду мураббиёнро ба истифода аз назарияи «одат» суфориш кардаанд.

**Мафҳуми тарбият.** Тарбият дар луғат ба маънои парвардан, нашъунамо додан ва зиёд кардан ва аз мода «раббу» аст, ки ба маънои боло рафтан, авҷ гирифтан, афзудан ва рушд кардан оварда шудааст, Бархе гуфтаанд тарбият аз ҳадди ифроту тафрит берун овардан ва ба ҳадди эътидол савқ додан аст(Деххудо).

Дар фарҳанги башарӣ тарбият ҳанӯз таърифи саҳеҳ ва мафҳуми воҳиде, ки мавриди қабули ҳамагон бошад, вуҷуд надорад. Ҳар як аз донишмандон таърифи хосе аз тарбиятро ироа кардаанд.. Инсон мавзӯи тарбият ва яке аз асоситарин мавзӯоти мутолиотии ин илм маҳсуб мешавад.

Тарбият дар истилоҳ иборат аст аз «фароҳам овардани замина барои парвариш додан ва ба феълият расондани тамоми истеъдодҳоест, ки Худованд билқувва дар ниҳоди инсон ба вадиат ниҳодааст.(Мутаххарӣ)»

**Андешаҳои тарбиятии Имом Муҳаммади Ғаззолӣ.** Имом Муҳаммади Ғаззолӣ чаҳорумин аз шаш нобиғаи бузурги Тӯс нодирамардест баландҳиммат, ки чиҳил сол аз умри худро сарфи улуми дин кард ва бо жарфандешӣ ва ковиш дар маорифи исломӣ худро ба ҷое расонд, ки андеша ва гуфтораш аз фаҳми бештари фақеҳони рӯзгори худ фаротар рафт. Бегумон, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ аз донишмандони фарзона, балки аз бузургтарин шахсиятҳои олами ислом аст, ки тавониста аз замони ҳаёти худ то ба имрӯз пайваста аҳли назарро ба андешаҳои бадеъ ва шуҷоати илмӣ ва наҳзати эҳёгароёнаи хеш машғул дорад ва мероси илмии ӯ аз манобеи илҳоми фарҳехтагон ва нухбагони илмии дирӯз ва имрӯз бошад (Рафеӣ).

**Мафҳуми тарбият.** Ғаззолӣ монанди бештари донишмандони гузашта тарбиятро амре таквинӣ медонад, ки ҳадафи он эҷоди хулқи некӯ дар инсон аст, ҳарчанд Ғаззолӣ монанди соҳибназарони имрӯз таърифи мустақиле аз таълиму тарбият ироа надод, вале бо таваҷҷӯҳ ба андешаҳои тарбиятии ин донишманди бузург шояд битавон назари вайро дар бораи моҳияти таълиму тарбият ин гуна баён кард: таълиму тарбият иборат аст аз навъе такбири нафс ва ботин аз тариқи эътидолбахшии тадриҷӣ ба қувво ва тамоилот ба василаи маърифат, риёзат ва истимрор барои найл ба унсу қурби илоҳӣ.

**Моҳияти тарбият.** Ғаззолӣ барои таълиму тарбият ҷанбаи салбӣ ва иҷобӣ қоил аст. Вай мӯътақид аст, таълиму тарбият моҳияте тадриҷӣ ва пайваста ва мустамар дар тӯли умр дорад, ки бояд маротиби он риоят шавад, то ба натиҷа бирасад ва дар он ба навъе фаъолияти муштарак байни мураббӣ ва мутаработӣ қоил аст. Аҳамият ва зарурати тарбияти Ғаззолӣ бар ин бовар аст, ки одамӣ маҷмӯае аз нирӯҳо ва сифоти мутазоде мебошад; аз як сӯ, бархӯрдор аз сифоти инсонӣ ва, аз сӯйи дигар, дорои сифоти ҳайвонӣ аст. Вай монанди бисёре аз соҳибназарони таълиму тарбият мӯътақид аст, ки одамӣ танҳо бо тарбият одам тавонад шуд. Ғаззолӣ бар ин бовар аст, ки омӯзиш ва парвариш сабаб мешавад, ки фард дар дунё ва уқбо саодатманд гардад ва, ба ақидаи вай, дар ҷомеае, ки афрод ба илм алоқа дошта бошанд ва таҳсил кунанд, ҳеч воқеае бар хилофи интизор иттифоқ намеуфтад ва дар

чунин ҷомеае табаҳкорӣ вуҷуд надорад, касе дурӯғ намегӯяд, ҳеҷ кас дар садади тазйеи ҳаққи дигаре барнамеояд ва ба тариқи аввалӣ дар ҷомеае, ки афродаш алоқа ба илм дошта бошанд ва таҳсил кунанд, хунрезӣ ба вуҷуд намеояд. Аз изҳори назарҳои мутааддиди Ғаззолӣ дар мавриди омӯзишу парвариш ва истинодаш ба ривояти набавӣ, «талабулъилми фаризатун ала кулли муслим», метавонад ҳамагонӣ будани онро истифода кард ва ин ки тамоми ақшори ҷомеа ба мизони истеъдод ва тавони худ бояд аз омӯзиш ва ахлоқ баҳрманд шаванд ва ин амр табақотӣ набуда ва мунҳасир ба нухбагон нест.

**Ҳадафи тарбият.** Ғаззолӣ меҳвари тарбият сайри рӯҳ ва ботини инсон ба сӯйи Ҳақ ва ҳадафи ниҳоии тарбиятро вусул ба унс ва қурби илоҳӣ медонад.

**Равиши тарбият.** Равиши тарбияти Ғаззолӣ гузар аз таҷриба ба шуҳуд ва парвариши ақл аст. Ӯ тарзи таълим ва тааллумро, ки дар замони вай мутадовил буд, тағйир дод, аз улуми бефоида, ки ангехта ва ангезандаи ҳисси таассуб ва худхоҳӣ аст, сахт интиқод кард ва фанни мунозира ва ҷадалро, ки муҳимтарин маълумоти он замон буд, агар дар роҳи худнамоӣ ва ғалаба бошад, зишттарин ва бадтарин корҳо донист.

Вай ақида дошт, ки тифл аз давраи кӯдакӣ бояд ба гунае мавриди омӯзиш ва парвариш қарор гирад, ки нирӯи ақл ва истинботаш қавӣ гардад, на ин ки фақат тӯшае аз маҳфузот дошта бошад. Аммо, вуҷуди ақлро барои идомаи зиндагии башаар ва раҳбарии одамӣ зарурӣ медонист.

Истифода аз назарияи одат дар тарбияти Ғаззолӣ дар равиши тарбиятии худ бар назарияи одат таъкиди фаровон дорад ва асоси тарбиятро мубтанӣ бар одат донистааст.

Мутобиқи назарияи донишмандони исломӣ, асоси тарбият мубтанӣ бар одат аст ва тарбиятро метавон фанни ташкили одат донист, ба хусус дар давраи кӯдакӣ, ки донишманди исломӣ онро ба тамомии марҳала таквини одат диниста ва барои он аз ҳайси ташкили одати муносиб аҳаммияти хосе қоил будаанд.

Ташвиқ ва тарғиб. Ғаззолӣ равиши ташвиқ ва тарғибро дар тарбияти кӯдакон бисёр муассир донистааст. Ғаззолӣ дар ин бора ба мураббиён чунин тавсия мекунад: «Чун кӯдак коре нек бикунад ва хӯйи неку бар вай падид ояд, вайро бар вай биситоед ва чизе диҳед вайро, ки бад- он шод шавад ва андар пеши мардумон бар вай сано гӯяд.»

Ҳамчунин, Ғаззолӣ дар боби равиши омӯзиш ва парвариш яке аз нукоти муҳимро, ки хотирнишон мекунад, ин аст, ки ташвиқ бояд яке аз васоили парвариши кӯдак бошад.

**Таҳдид ва танбеҳ.** Ба кӯмаки танбеҳ метавон рафтореро тазъиф кард ва ё онро аз байн бурд. Маъмулан, танбеҳ авотифи манфӣ дар фард эҷод мекунад ва боиси нигаронӣ ва норохатӣ мегардад. Гурӯҳе аз равоншиносон мӯътақиданд танбеҳ ба ҳеҷ ваҷҳе набояд иҷро шавад ва ҳаддалимкон бояд аз иҷрои он ҷилавгирӣ ба амал ояд. Гарчи дар бархе маворид танбеҳ мӯҷиби коҳиш ва ё аз байн бурдани рафтори номуносиб мешавад, вале дар бештари маворид, пас аз ҳазфи танбеҳ, рафторҳои номуносиб муҷаддадан зоҳир мегардад.

Ғаззолӣ дар бораи наҳваи бархӯрди мураббиён бо кӯдакон чунин мегӯяд: «Ин ҳадиси дӯзах чунон бувад, ки кӯдакеро гӯянд: агар ба дабиристон наравӣ, туро дар хонаи мушон кунанд» ва ин мудир агар андар ин мисол нигоҳ кунад, донад, ки он адбор, ки кӯдакро уфтад, аз ношудан ба дабиристон аз хонаи мушон бадтар аст. Ғаззолӣ дар раҳнамудҳояш ба мураббиён мегӯяд: «Бар муаллими кӯдакон аст, ки ононро ба биму тарғиб таъдиб кунад, на бар зарбу таъзиб.»

**Нақши бозӣ дар тарбияти кӯдакон.** Ғаззолӣ тамоили кӯдак ба бозиро ҷузъе аз табиати ӯ медонад. Ғаззолӣ ҳифзи сиҳатии бадан ва тарбияти онро василаи сайри дил донистааст. Боздоштани кӯдак аз бозӣ ва доштани доими ӯ ба таҳсил, боиси касолат ва дилмурдагӣ ва аз байн рафтани истеъдод ва нишот ва шодобии ӯ шуда, сабаб мешавад, ки асосан дар садади гурез ва раҳоӣ аз омӯзиш барояд. Ғаззолӣ дар китоби «Кимиёи саодат» ба ин нукта ишора дорад: «Лозим аст, ки кӯдак пас аз мурофиа аз мактабхона иҷозаи бозӣ ёбад, то аз ранҷи мактаб фориғ шавад, он ҳам ба гунае ки бозӣ муҷиби тааб ва ранҷи ӯро фароҳам насозад.»

**Мӯҳтавои тарбият.** Дар тавсияҳои мураббиён ва муаллимон «Қуръон» меҳвари омӯзиш аст. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар ин бора мегӯяд: «Ва чун ба дабиристон (мактаб) равад, «Қуръон» биёмӯзад.». Ғаззолӣ мӯътақид аст, ки илова бар улуми иктисобӣ бояд дар барномаҳои омӯзишӣ ба маорифи ҳақиқӣ ва камоли маънавӣ низ таваҷҷӯҳ шавад ва барои онҳо низ мураббӣ лозим аст. Дар ин ҷо ба ҳаммаи мавзӯоте, ки Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар мӯҳтавои тарбият ба он таваҷҷӯҳ доштааст, ишора мешавад: дар заминаи улуми табиӣ Ғаззолӣ аз ҷумлаи касоне аст, ки ба шиддат бо улуми табиӣ мухолиф буда ва мардумро аз таҳсил дар он манъ мекард. Дар мавриди шеър Ғаззолӣ ба лаззати кӯдак аз оҳанг ва мусиқӣ ишора кардааст ва монанди афлотуниён онро марбут ба ёдоварии нағмаҳое медонад, ки рӯҳ пеш аз иртибот бо ҷисм бад- он ошноӣ ёфтааст. Ғаззолӣ бар ин бовар буд, ки мусиқӣ ва хондани овоз маҷоз аст. Ғаззолӣ бо истинод ба адиллаи таърихӣ мегуфт: «Дар ислом овоз дар ҳеҷ

даврае ҳаром набуда ва пайғамбари акрам(с.) афродеро, ки садои хуш доштанд, ташвиқ мекарданд, ки овоз бихонанд, то хастагии касоне, ки машғули ҳафри хандақ буданд, тахфиф пайдо кунад.»
Достонгӯйӣ. Мураббиёни мусулмон бо таъсир гирифтан аз «Қуръон»- и карим аз ин шева баёни ҳикояти аброр ва достони солиҳонро барои атфол пешниҳод кардаанд. Ғаззолӣ дар китоби арзишманди «Кимиёи саодат» фаровон аз ҳикоят ва тамсил баҳра ҷуста ва дар ин замина фаслеро дар «Эҳёулъулум» овардааст.

**Усули тарбият.** Усули тарбиятии Ғаззолӣ иборатанд аз : 1) нақшпазирии қалби кӯдак; 2) тағйирпазир будани ахлоқ; 3) асли тадриҷ дар шаклгирии шахсият; 4) нақши одат дар таълиму тарбият; 5) нақши талқин дар таълиму тарбият; 6) моҳияти салбӣ ва иҷобӣ доштани таълиму тарбият; 7) вуҷуди тафовутҳои афрод; 8) вуҷуди мароҳили мутааддид ва риояти усули ҳар як. Ҷойгоҳи муаллим дар тарбият таваҷҷӯҳи зиёде дошта ва ба нақши улгуи муаллим дар тарбияти фарогирон таъкиди фаровон дорад. Дар осори Ғаззолӣ ба вижагиҳои муаллим ишора шудааст. Метавон ин хусусиётро ин гунна баршумурд: а) меҳрубонӣ ва ҳамдардӣ бо донишомӯзон; б) талфиқи дониш ва кирдор; в) диёнат ва ихлос.

**Ахлоқ.** Ғаззолӣ аз ҷумлаи донишмандоне аст, ки ба сиришти поки одамӣ эътиқод дорад. Ӯ бар ин бовар аст, к ибо тарбият ва таҳзиби ахлоқ одамӣ ба камол мерасад. Ғаззолӣ дар баҳси ахлоқ танҳо ба баррасии маншаи уюби нафсонӣ басанда намекунад ва ба чораҷӯйӣ барои рафъи ин бемориҳо мепардозад. Албатта, дар муҷоҳада бо нафс ҳадафи Ғаззолӣ саркӯби ғароиз нест, балки тасфияи онҳост. Назди Ғаззолӣ ин ғароиз ба манзалаи решаҳои наботӣ ҳастанд, ки дарахти фазилат аз он ба вуҷуд меояд ва онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ набояд яксара қатъ кард. Ғаззолӣ ахлоқиётро қобили тағйир ва ва заволпазир донистааст ва паёмбарро беҳтарин улгу муаррифӣ мекунад.
Натиҷагирӣ. Натоиҷи ҳосил аз ин пажӯҳиш нишон медиҳад, ки оро ва андешаҳои тарбиятии Ғаззолӣ таъсири басазое дар таълиму тарбияти замони худ доштааст. Ғазолӣ бештар дағдағаи дин дошта ва ба масоили динӣ пардохтааст. Ғаззолӣ тарбиятро тадбири нафс аз тариқи эътидолбахшӣ ба қувво ва тамоилот медонад. Ғаззолӣ ҳадафи тарбиятро сайри рӯҳ ва ботини инсон ба сӯйи Ҳақ ва вусул ба унсу қурби илоҳӣ донистааст. Ғаззолӣ дар интихоби ҳадафи тарбият бар расидан ба ҳақоиқ таъкид доранд. Ғаззолӣ дар тарбият мураббиёнро ба истифода аз назарияи одат суфориш кардааст. Ғаззолӣ мураббиёнро ҳатталмақдур аз танбеҳи бадании кӯдак барҳазар доштааст. Ғаззолӣ дар баҳс аз ахлоқиёт ба тасфияи ғароиз ва тағйирпазирии ахлоқ ишора мекард ва паёмбарон(а.)- ро беҳтарин улгуи ахлоқ баршумурдааст. Аз дидгоҳи Ғаззолӣ, муаллимон аз болотарин ҷойгоҳ дар ҷомиа бархӯрдоранд. Ғаззолӣ ба ташвиқ ва танбеҳи бамавқеъ ва баҷо мӯътақид буда ва мураббиёнро аз танбеҳи баданӣ барҳазар доштааст.

### АДАБИЁТ


1. Атторон Муҳаммад. Орори мураббиёни бузурги мусулмон дар бораи тарбияти кӯдак:- Теҳрон: «Вазорати омӯзиш ва парвариш», 1366
2. Аҳадӣ Ҳасан, Банӣ Ҷамолӣ Шукӯҳассодот. Илми нафс аз дидгоҳи донишмандони исломӣ ва татбиқи он бо равоншиносии ҷадид:- Теҳрон, 1371
3. Гурӯҳи нависандагон. Фалсафаи таълиму тарбият:- Теҳрон: «Самт», 1372
4. Ғаззолӣ Имом Муҳаммад. Кимиёи саодат. Тарҷимаи Аҳмад ором:- Теҳрон: «Ганҷина», 1371
5. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Фирор аз мадраса:- Теҳрон: «Амири Кабир», 1362
6. Нақибзода Мирабдулҳусайн. Усули фалсафаи омӯзиш ва парвариш:- Теҳрон: «Таҳурӣ», 1373
7. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон:- Теҳрон: «Фирдавс», ч. 3, 1368
8. Шафеободӣ Абдуллоҳ. Фунуни тарбияти кӯдак:- Теҳрон: «Чеҳр», 1373


### ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ МЫСЛИ ИМАМА МУХАММАДА ГАЗЗАЛИ.


В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению педагогические мысли великого просветителя Ирана, Имама Мухаммада Газзали.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** воспитание, обучение, наука, религия, педагогические мысли, ученый богослов.


### PEDAGOGICAL THOUGHTS OF IMAM MUKHAMMAD GAZZALI


In this article the author subjected to consideration and studying pedagogical thoughts of the great educator of Iran, Imam Mahamed Gazzali.



**KEY WORDS:** education, training, science, religion, pedagogical thoughts, scientific theologian.



**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Алиризо Мирараб Рази*** – соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ НАВИН ДАР ЭҶОДИ ХАЛЛОҚИЯТ ВА НАВОВАРИИ ОМӮЗИШӢ ВА ПАРВАРИШӢ

***Сайид Тоҳири Қодирӣ***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Зуҳури падидаи навоварии иттилоот ва иртиботу нуфузи он дар ҳавзаҳои мухталифи фаннӣ, санъатӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва улуми тарбиятӣ дар даҳаи охири қарни бистум таҳаввулоти азимеро дар фарояндҳои мухталиф мӯҷиб шудааст. Шояд, ки яке аз амиқтарин осори ин падида дар ҳавзаи улуми тарбиятӣ бошад.

Бо вуруд ба арсаи мудирияти навин шоҳиди ин воқеият ҳастем, ки тикнулужӣ ҳама чизро таҳти таъсири худ қарор додааст ва низоми таълиму тарбият низ аз ин амр мустасно намебошад. Низоми омӯзишии кунунӣ танҳо бар пояи амалӣ ва назариёте аст, ки донишомӯз бо талоши мутаалим ва пушткори хеш онҳоро хуш ба изҳон месупорад. Вале, онгоҳ ки пойи амал ба миён меояд, тарбияте сурат нагирифта ва маҳорате касб нашудааст ва, аз он ҷое ки қолиби бисёре аз китобҳои дарсӣ ва соири маводи омӯзишӣ бо равишҳои суннатӣ анҷом пазируфта, системи омӯзишу парвариш то ҳусули натоиҷ ормон ва аҳдофи мавриди интизор фосилаи бисёр дорад, ки ин худ ҳамонанди дигар созмонҳои суннатӣ мусталзими тағйироти созмонии асосӣ ва бунёдинӣ аст, ки бо барномарезӣ, шинохт ва огоҳӣ ҳамроҳ бошад.(Ҳомида Зориён Ҷаҳрамӣ)

Технологияи навин рушди физояндаеро аз ҳолати сода ба печида пушти сар гузоштааст ва имрӯза фановарии иттилоот ва иртиботот(ICT) рӯйкардҳои ҷадидеро дар ҳавзаҳои барномарезӣ, назорат, иҷро ва арзишёбии омӯзишӣ фароҳам намудааст ва бо ҳазфи фавосили маконӣ ва маҳдудиятҳои замонӣ, иртиботи байни бозигарони саҳнаи таълиму тарбиятро аз муҳити маҳдуди физикии клос ва омӯзишгоҳ ба тамоми тӯли шабонарӯз ва тамоми маконҳо тавсиа додааст.

Ин мавзӯъ фурсати вижаеро барои системи таълиму тарбият фароҳам намудааст, то бо камтарин ҳазина мумкин дастёбӣ ба манобеи иттилоотиро муяссар сохта ва ҳамчунин, ба унвони абзори тавонманд барои ироаи дарс ба сурати чандрасонаӣ (тасвирӣ, гуфторӣ, шунидорӣ ва шабеҳсозӣ) ва дар ҷиҳати рушди халлоқияти донишомӯзон матраҳ гардад. (М. Фаҳандиж, 1384)

**Таърифҳо ва мафоҳими халлоқият ва навоварӣ.** Донишмандон халлоқият ва навовариро ба суратҳои мутааддид ва мутанаввие таъриф кардаанд, ки ҳар як ба навъе равшангари бӯъде аз фароянди халлоқият ва навоварӣ аст. Халлоқият иборат аст аз бакоргирии тавоноиҳои зеҳнӣ барои эҷоди як фикр ё мафҳуми ҷадид (Kaiser, 1968: 4). Халлоқият фароянди такомул бахшидан ба дидгоҳҳои бадеъ ва тахайюлӣ дар бораи мавқеиятҳои мухталифи таърифшуда аст (Мураҳҳид, 1374: 443). Яке аз нависандагон халлоқиятро ба унвони падидовари (тавлид) - и фикрии нав таъриф кардааст (Stoner, 1995: 426). Халлоқият пайдоӣ ва тавлиди як андеша ва фикри нав аст, дар ҳоле ки навоварӣ амалӣ сохтани он андеша ва фикр аст. Аз халлоқият то навоварӣ, ғолибан, роҳе тӯлонӣ то пеш аст ва то андешаи нав ба сурати маҳсул ё хидмате ҷадид дарояд, замоне тӯлонӣ мегузарад ва талошҳову кӯшишҳои бисёр ба амал меояд(Алвонӣ, 1378: 223- 224). Замоне ки мавзӯи халлоқият аз зовияи тағйири технология баррасӣ мешавад, аз ду вожаи наздик ба ҳам муртабит истифода мешавад: **ихтироъ ва навоварӣ**. Ихтироъ иборат аст аз халқи як технологияинавин. Ин технологияинавин метавонад як маҳсул, як фароянд ё як системи пештар шинохташуда бошад. Навоварӣ шомили халқи коло, хидмат ё фароянде аст, ки барои як созмони ҷадид аст. Як навоварӣ метавонад тағйире бошад дар равиши санъатӣ, ки мӯҷиби иртиқои баҳраварӣ мешавад. Шумтар навоварии муваффақро **анҷом** медонад; кори барҷастае, ки на маҳсули ақлу ҳуш, балки ҳосили ирода аст(Ториқ Халил, 1381: 65). Шакли 1 иртиботи мутақобил байни иктишофҳои илмӣ, ихтироъ, навоварӣ ва бозору таомул миёни онҳоро нишон медиҳад:




Агарчи вожаи халлоқият бо навоварӣ ба гунаи мутародиф истифода мешавад, аммо ғолиби муҳаққиқон бар ин боваранд, ки ду истилоҳ: навоварӣ ва халлоқият бояд ба гунаи ҷудогона мавриди назар қарор гиранд. Моҳияти халлоқият ё ихтироъро аз навоварӣ метавон ба василаи муодилаи зер тафкик кард.(Rosenfeled, 264- 1990: 251)

**Халлоқият ва навоварӣ**. Халлоқият эҷоди як ида ё мафҳуми ҷадид аз тариқи бакоргирии тавоноиҳои зеҳнӣ ва иллату сабаби навоварӣ аст ва бидуни он навоварӣ сурат намегирад. Дар воқеъ, халлоқият «суннатшикан» аст, ки дар он равишҳои мавриди истифодаи қаблӣ зери суол меравад. Халлоқият ва навоварӣ мухтасси афрод хос нест ва тамоми афрод метавонанд дар ҷиҳати он кӯшиш намоянд.

Донишмандон мӯътақиданд, инсонҳо дар ҳар сатҳи созмонӣ ва дар ҳар радаи шуғлӣ қудрати халлоқият, тафаккур ва андеша доранд, ки, албатта, мизони он дар инсонҳои мухталиф мутафовит аст. Ба баёни дигар, афроде дорои халлоқияти болотар ҳастанд, ки аз авомили хосе бархӯрдор бошанд. «Истиз» авомиле аз қабили: 1) саломати равонии идрокӣ; 2) инъитофпазирии идрок; 3) ибтикор; 4) тарҷеҳ додани печидагӣ нисбат ба содагӣ; 5) истиқлоли раъй ва довариро аз муҳимтарин вижагиҳои афроди халлоқ медонад. Мутолиоти рафторӣ нишон медиҳанд, афроди халлоқ аз қудрати эътимод ба нафси бештаре бархӯрдоранд. Муқовимат, самоҷат, инирҷӣ ва ҳамчунин, рискпазирии онҳо дар кор низ болотар аст.

Ағлаби ёфтаҳои паҷӯҳишӣ нишон медиҳад, халлоқият бо кӯшиш ва пуштқор дар бакоргирии мағз иртиботи бештаре дорад, то бо истеъдоди дарунии афрод. Аз ин рӯ, омӯзишҳои халлоқият боиси тақвияти бурузи он мешавад.

**Технология ва халлоқият.** Мутолиа бар рӯйи клосҳое, ки аз омӯзиши сохторӣ ва мудилҳои ёдгирӣ баҳра гирифтаанд, нишон медиҳад, ки тикнулуҷӣ метавонад мушоракат ва даргирии донишомӯзонро беҳбуд диҳад ва халлоқият ва суддиҳиро бештар кунад. Изофа бар он, тикнулуҷӣ печидагии корҳоеро, ки донишомӯзон метавонанд бо мавқеият анҷом диҳанд, бештар мекунад ва мӯҷиби эҷоди ангеза дар онон мешавад, ки ҳамаи инҳо мунҷар ба тағйири нақши онҳо дар клос ва созмон мешавад.(Байкар Ҷирҳорт, Ҳирман Дуир, Рибгиз Устаф, Санд Ҳунтар, 1990; Инзу Улсун, 1995)

Ин тағйирот дар нақшҳо боис мешавад, ки донишомӯзон ба самти худэътимодӣ ҳаракат кунанд ва дар мавқеияте шабеҳ ба муаллимон қарор гиранд ва муаллимон низ бештар нақши тасҳилкунандаи омӯзиш дошта бошанд, на нақши як суханрон. Муаллимон бояд ҳадафҳои ислоҳи омӯзиширо барои ҳамаи донишомӯзон дунбол кунанд.

Ҷуди Грин, муаллими яке аз мадориси иёлати Илинуи, ки ҳамакнун дар маркази Линкун масъулияти ҳамоҳангкунандагии тикнулуҷиро бар ӯҳда дорад, хотирнишон мекунад, истифода аз технологияиомӯзишӣ ангезаи донишомӯзонро барои ёдгирӣ бештар мекунад.(М. Фаҳандиж, 1384, 75-76)

**Мавонеи халлоқият ва навоварӣ**. Мусалламан, дар масири бурузи халлоқият ва навоварии нирӯҳои созмонӣ мавонее буруз мекунад, ки адами таваҷҷӯҳ ба онҳо мумкин аст тамаркузи зеҳнии афродро барҳам зада ва заминаи бурузи андешаҳои навин ва ҷадидро аз байн бибарад. Аз ин рӯ, дар асри ҷадид улуми рафторӣ талош мекунанд шароитеро фароҳам созанд, ки дар он зеҳнҳои печида ва тавонманд битавонанд ба онолиз ва таҷзия ва таҳлили масоил бипардозанд. Амре, ки адами таваҷҷӯҳ ба он метавонад мӯҷиби инфиол ва ҳирзи путонсиялҳои созмонӣ шавад ва масири пӯёӣ ва таҳаввулу тавсиаи созмонро масдуд созад. Вобастагӣ ва камбуди фикрӣ, тамоил ба ҳамрангӣ ва ҳамгунӣ, камрӯйӣ, муқовим набудан, адами дониши кофӣ, адами тамаркузи зеҳнӣ ва адами инъитофпазирӣ аз муҳимтарин мавонеи халлоқият ва навоварӣ аст. Мудирон бояд бидонанд, озод сохтани тавони халлоқият ва бакоргирии фикрҳои нав дар гирави пирӯзӣ бар мавонеи мазкур аст, ки албатта, пирӯзӣ бар онҳо чандон мушкил нест, аммо ниёз ба созмон дорад.

**ICT ва даврони кӯдакӣ: насли иликтруник**. Девид Бокингҳом дар китоби худ ба номи «Баъд аз поёни даврони кӯдакӣ» истидлол мекунад, ки мафоҳим ва андешаҳои даврони кӯдакӣ дорои сохти иҷтимоӣ ва таърихӣ ҳастанд ва расонаи иликтруник яке аз арсаҳои аслии фарҳангӣ ва бознамоӣ аст. ки ин сохторҳо аз тариқи он парвариш мёбанд. Вай ду дидгоҳи зоҳиран мутафовит аз кӯдакиро матраҳ намуд ва онҳоро мавриди таҷзия ва таҳлил қарор дод:

1. Таваҷҷӯҳ ба нақши мухарриби расона дар аз байн бурдани ғайриқобили ҷуброни маъсумият ва амният дар кӯдакӣ.

2. Хушбинона нигоҳ кардан ба шакли ормонӣ ва эҳсосотӣ бархӯрд кардан ба вокунишҳои кӯдакон нисбат ба фановариҳои диҷтолӣ, ки ба халлоқияти табиӣ ва мушоракати онҳо посух медиҳанд.(Бокингҳом, 2000)

Нигариши «Поёни даврони кӯдакӣ» дилтангӣ ва ҳасрати бисёре аз бузургсолонро барои даврони кӯдакӣ идаоли худ муњъакис намуда ва ба баёни тарси онҳо аз кӯдакони худ ба унвони қурбониёни маҷҳул ва масрафкунандагони расонаӣ, ки ниёзманди ҳимояти онон ҷиҳати муқовимат дар муқобили таъсири таҳаввулоти ҷомеае муосир мебошанд, мепардозад. Бокингҳом ҳам чунин роҳҳоеро матраҳ намуд, ки дар онҳо мудофиони «насли иликтруник» таҷассуми ҷиддӣ аз нигаришҳои идрокӣ, мусбат, думукротик ва таомулии кӯдакон ва навҷавонон нисбат ба фановариҳои диҷтолӣ ироа мекунанд: «ҳамаи ин нависандагон ба хусусиёти равоншиносии «насли иликтруник» бо ин фараз, ки

инҳо сирфан натоиҷ ва осори бадеҳии иртиботи онҳо бо фановарӣ ҳастанд, ишора мекунанд. Ин муаллифон, умдатан, тағйиру таҳаввули иҷтимоиро паёмади иҷтинобнопазири гузарзамон ба ҳисоб меоваранд»(Бокингҳом, 2002, 56)

**Халлоқият ва навоварии фановарона**. Халлоқият ва навоварӣ дар ҷанбаҳои корбурдӣ ва фаннии улум ё ба иборате, халлоқият ва навоварӣ дар фановарӣ (тикнулужӣ)- ро метавон халлоқият ва навоварии фановарона (халлоқият ва навоварии технологияӣ) ё халлоқият ва навоварии муҳандисӣ номид.

Халлоқият ва навоварии фановарона иборат аз халқи андешаҳо ва тарҳҳои нав дар ҷанбаҳои корбурдии улум ва ёфтани роҳҳои ҷадиди ҳалли масоили фаннӣ ва муҳандисӣ аам аз нурмафзорӣ ё сахтафзорӣ мебошад.

Фановарӣ(технология), маъмулан, таҳти унвони ҷанбаҳои корбурдии улум таъриф мешавад ва метавонад дар ҳама риштаҳои улум вуҷуд дошта бошад. Бинобар ин, фановарӣ ва муҳандисӣ ҳам шомили мафоҳими сахтафзорӣ ва мафоҳими нурафзорӣ мегардад ва аз ин рӯ, барои ҳама риштаҳои улум поя ва улуми инсонӣ ҷанбаҳои фановарӣ ва муҳандисӣ вуҷуд дорад.

Риштаҳои фаннии муҳандисӣ монанди муҳандисии иликтруник, муҳандисии миконик, муҳандисии мавод ва соири риштаҳое аз қабили фановарии муҳандисии сахтафзорӣ мебошанд. Ҳамчунин, ҳавзаҳое монанди фановарии равоншиносӣ ва муҳандисии рафтор, фановарии ҷомеашиносӣ ва муҳандисии иҷтимоӣ, фановарии омӯзишӣ ва муҳандисии омӯзишӣ, фановарии иқтисодӣ, фановарии мудирият ва муҳандисии мудирият, фановарии халлоқият ва навоварӣ ва муҳандисии халлоқият ва навоварӣ, аз ҷумлаи фановариҳо ва муҳандисиҳои нурмафзорӣ ҳастанд.

Халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияӣ метавонанд ба ду сатҳи куллии халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии аввалия ва халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии сонавия тақсим шаванд. Халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии аввалия иборат аз халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии бунёдӣ ва ба иборате, ихтирооти бузург монанди: ихтирооти утумубил, ломпи халоъ, ихтирои тронзистур, ихтирои тилфун, ихтирои родию ва ихтирои тилвизиюн мебошанд. Халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии сонавия иборат аз халлоқиятҳо ва навовариҳои такмилӣ ва ибтикорот мебошанд.

Ба таври куллӣ, фановари (тикнулужӣ)-и ташкилшуда аз маҷмӯи халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии аввалия ва сонавия мебошад.

Вожаи ихтироъ, маъмулан, барои халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии сахтафзорӣ монанди: ихтирои родор ва вожаи ибдоъ, маъмулан, барои халлоқиятҳо ва навовариҳои технологияии нурмафзорӣ монанди ибдои ҳисоби дифронсиял ё ибдои шинохти дармонӣ ба кор бурда мешавад, ҳарчанд ҳар ду вожа мумкин аст барои ҳар ду мафҳум ба кор бурда шаванд. (Дуктур Алии Карамӣ)

Фановарӣ дар ҳолати ом ва ёдгирии иликтруникӣ ба сурати хос тасреъкунандаи халлоқияти иртиботӣ ва озодишинохтӣ аст. Ёдгирии иликтруникӣ бо имкони таомули инъитофпазир қобили назорат ва чандбӯъдӣ мӯҷиби ҷустуҷӯйи ҷамъӣ ва шахсии бисёр даргирона ва ҳадафманд ҷиҳати дастёбӣ ба маъно ва идрок шудааст.

Ба тадриҷ шоҳид хоҳем буд, ки такя бар толорҳо ва клосҳои суханронӣ камтар хоҳад шуд талфиқи гурӯҳҳои мубоҳисаии онлойн бештар мешавад. Шабеҳсозии таҷрибиёти ҷаҳони воқеъ ба фарогирандагон ин имконро медиҳад, ки тасмимоти мантиқӣ бигиранд ва бар тасмими худ назорат дошта бошанд. Ёдгирии иликтруникӣ бояд ба гунае шавад, ки фарогирандагон битавонанд худро комилан дар таҷриба ғарқ кунанд. Ин амр бо сарозер шудани як савияи иттилоот, чи аз сӯйи фард ва чи ба сӯйи фард ҳосил намегардад. Бо таомул аст, ки дунёи хоси ёдгирӣ халқ мешавад ва маънӣ ба сурати мушорикатӣ сохта мешавад. (Крисун ва Андирсун. Тарҷумаи Атторон, 1383, 225- 226) Аз он ҷо ки пӯёйӣ ва тағйири муҳимтарин вижагӣ муҳити созмонии имрӯзӣ аст, ҳифз ва бақои созмонҳо танҳо дар сурате муҳаққақ мешавад, ки ҳамгом бо тағйироти ғайриқобили тасаввури иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии муҳитӣ худро дар масири таҳаввул ва тавсиа беҳбуд бахшанд. Амре, ки таҳаққуқи он коре бисёр мушкил, зариф ва ҳассос аст ва танҳо бо бакоргирии идаҳои навин ва пазиришу парвариши истеъдодҳои халлоқ ва навоварӣ муҳаққақ мешавад. Агар инъитофпазирии лозим дар созмонҳо барои муқобала бо тағйироти муҳитӣ ва ҳамчунин, зеҳнҳои дорои печидагии лозим барои ҳалли масоил дар созмонҳо набошад, мусалламан, тавфиқ ва баҳраварии созмонӣ аз байн хоҳад рафт ва созмон аз майдони рақобат ҳазф мегардад. (Маҳдии Ёраҳмадии Хуросонӣ)

## АДАБИЁТ


1. Асбурн Аликс. Правариши истеъдоди ҳамагонии ибдоъ ва халлоқият. Тарҷумаи Ҳасан Қосимзода:- Теҳрон: «Нилуфар», 1368.
2. Ди Оргрисун, Тари Андирсун. Ёдгирии иликтруникӣ дар қарни XX1. Тарҷумаи Муҳаммад Атторон:- Теҳрон: «Мадориси хушманд», чопи аввал, 1383.

3. Маҳдии Ёраҳмадии Хуросонӣ. Соли навоварӣ ва шукуфоӣ. Мақолаи тахассусӣ/ Халлоқият ва навоварии заруратӣ барои созмонҳои ҳазораи саввум... Innovation+ creative.
4. Мурҳад ва Грифин. Рафтори созмонӣ. Тарҷумаи Сайидмаҳдии Алвонӣ ва Ғуломризо Меъморзода:- Теҳрон: «Марворид», 1374.
5. Оврил Ловс. Нақши ICT дар клосҳои дарс.Тарҷума ва таълифи Манучеҳри Фазлихонӣ ва Фарҳоди Фатҳинажод:- Теҳрон: «Варои дониш», чопи аввал, 1384.
6. Фаҳандиж Маҳбуба. Корбурди технологияиit дар омӯзиш ва парвариш:- Теҳрон: «Суруш Ҳидоят», чопи дуввум, 112 сафҳа, 1384.
7. Хабаргузории «Форс». Ба нақл аз www. mgtsolution. Com. Нависанда: Ҳомида Зореиён Ҷаҳрамӣ.
8. Халил Торик. Мудирияти тикнулужӣ. Тарҷумаи Сайидмуҳаммад Аъробӣ ва Довуд Эзадӣ:- Теҳрон: «Дафтари пажӯҳишҳои фарҳангӣ», 1381.

## РОЛЬ НОВЕЙШИХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ ИННОВАЦИЙ И НОВАТОРСТВО В ОБУЧЕНИИ И ВОСПИТАНИИ

В век информатизации и компьютеризации каждый преподаватель должен владеть навыками использования новейших технологий в обучении и воспитании подрастающего поколения. В данной статье автор изучает историю использования учебных технологий в обучении и воспитании в Иране.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обучение, воспитание, технология обучения, использование учебных технологий.

## ROLE OF THE LATEST TECHNOLOGIES IN DEVELOPMENT OF INNOVATIONS AND INNOVATION IN TRAINING AND EDUCATION

In a century of information and a computerization each teacher should own skills of use of the latest technologies in training and younger generation education. In this article the author studies history of use of educational technologies in training and education in Iran.

**KEY WORDS: t**raining, education, technology of training, use of educational technologies.

**СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ:** ***Сайид Тохири Кодири-*** соискатель ТГПУ им. Садриддина Айни

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

<u>**ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА**</u>


**ТАЪСИРИ НАҚШИ ДАВЛАТ ДАР ТАВСЕАИ САНОЕИ КӮЧАК ВА МУТАВАССИТ**
*Аҳмади Саидӣ…………………………………………………………………………………… 3*

**МАФҲУМИ СОЗМОНИ ТИҶОРАТИ ҶАҲОНИИ WTOДАР КИШВАРҲОИ РӮ БА ИНКИШОФ**
*Сайид Абдулмуҳаммад Ризоӣ……………………………………………………………………… 7*

**ҲИСОБДОРИИ МУДИРИЯТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ШАФФОФСОЗИИ ИТТИЛООТИ МОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУТАФОВИТИ БОЗОР**
*Мансуралӣ Раҳимӣ Богабришамӣ………………………………………………………………... 11*

**БАҲРАВАРӢ, АНДОЗАГИРӢ ВА МУҲОСИБАИ ШОХИСҲОИ ОН**
*Акбари Ҳусейн Раҷабалӣ………………………………………………………………………... 17*

**ҶОЙГОҲИ СОДИРОТИ КОЛОҲОИ ҒАЙРИНАФТИИ ЭРОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МИЁНА**
*Алӣ Ҳотамӣ……………………………………………………………………………………….. 23*

**ТАЪСИРИ ТАҲАВВУЛОТИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ ДАР БАҲРАВАРИВУ РУШДИ ИҚТИСОДӢ**
*Фарраҷуллоҳи Аҳмадӣ………………………………………………………………………………… 28*

**НАҚШИ АВОМИЛИ ИНСОНӢ ДАР БАҲРАВАРИИ СОЗМОНҲО**
*Иноятуллои Таваккулӣ……………………………………………………………………………. 31*

**БАРОВАРДИ САҲМИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИИ ЭРОН ДАР СОЛҲОИ 1345-1380 (1966-2001)**
*Муҳаммад Ризо Вакилӣ……………………………………………………………………………… 33*

**ҶОЙГОҲИ ИНТЕРНЕТ ДАР ИРТИБОТҶАМЪИИ ЭРОН**
*Ҳодӣ Камараӣ………………………………………………………………………………………. 37*

**ШИНОХТИ ДАРОМАДҲОИ АМАЛИЁТӢ ВА РОБИТАИ ОН БО ХУСУСИЯТИ ҚОБИЛИ ҚАБУЛИ МАРБУТ БО МӮҲТАВОИ ИТТИЛООТИ ҲИСОБДОРӢ**
*Вакилиён Огуи Маҳдӣ Муҳаммадҳасан…………………………………………………………… 41*

**ОДОБИ КАСБӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ БЕҲТАРИНИ САРВАРӢ**
*Т.Б. Ғаниев, Ҳ.Ҳасанзода…………………………………………………………………………… 46*

**МЕЪЁРҲОИ ТАЪЙИНКУНАНДАИ СУДОВАРӢ ДАР СИСТЕМАИ БОНКДОРИИ БИДУНИ РИБО**
*Муҳаммад Ризо Шарифӣ, Д.О.Қандиёрова ……………………………………………………… 50*

**АНАЛИЗ ОТРАСЛЕВОЙ СТРУКТУРЫ И ДИНАМИКИ РАЗВИТИЯ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
*Д. Уроков, П.Дж. Орзуев, Ф.С. Обидов………………………………………………………. 55*

**НАҚШИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ДАР ТАВСЕАИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ ВА РУШДИ ИҚТИСОДӢ (ДАР МИСОЛИ СОЗМОНИ ТАЪМИНИ ИҶТИМОИИ ОСТОНИ ИСФАҲОН)**
*Меҳрии Кайвонманеш………………………………………………………………………………… 60*

**РАВАНДИ ҲАРАКАТИИ ДАРОМАДИ САРОНАИ КИШВАРҲОИ ҶАҲОН ВА ҶОЙГОҲИ СЕ КИШВАРИ ФОРСИЗАБОН**

*(ЭРОН, АФҒОНИСТОН, ТОҶИКИСТОН)*
*Арҷмандӣ Оҳангар Саид*........................................................ *64*

**НАҚШИ МУДИРИЯТИ ЭЛЕКТРОНИКӢ ДАР БОНКДОРИИ ЭЛЕКТРОНИКӢ**
*Муҳаммад Ҳасан Шакӣ*........................................................ *69*

**НИГОҲЕ БА МАФОҲИМИ МУДИРИЯТИ ДОНИШ**
*Абдуризо Баҳодурӣ Ҳушанг*........................................................ *72*

**МУДИРИЯТИ ОЯНДАНИГАР ДАР LCT БО ТАЪКИД БАР ГАРДИШГАРӢ**
*Ҳурияи Рустамзод*........................................................ *74*

**ШЕВАҲО ВА АРЗАҲОИ ХАДАМОТИ МОЛӢ БА БУНГОҲҲОИ ХУРД ВА МИЁНАИ ЗУДБОЗДЕҲ**
*Муҳаммад Содиқ Ҳасании Ҷӯрёбӣ*........................................................ *78*

**ТАЪСИРИ ТАВОНМАНДСОЗИИ КОРКУНОН ВА ТААҲҲУДИ ШУҒЛИИ ОНОН ДАР РУШДИ СОЗМОН**
*Дониёр Ҷовиди*........................................................ *81*

**ВАЗОИФИ МУДИРОН ДАР СОЗМОНҲО ВА НИЁЗҲОИ ОМӮЗИШИИ ОНҲО**
*Саид Мӯҳсини Миршарифӣ*........................................................ *87*

**НАВОВАРӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТ**
*Ҳусейн Каёнифар*........................................................ *89*

**АҚИДАҲОИ МУТАФАККИРОНИ ИСЛОМӢ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА ИМОМ МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢДАР МАВРИДИ МУДИРИЯТИ ИСЛОМИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ (259-339 х.к)**
*Абуалӣ Маҳдизода Орӣ*........................................................ *94*

**ЧӢ ГУНА МЕТАВОН БА ЭКОТУРИЗМИ ЭРОН ДИЛ БАСТ?**
*Муҳаммад Боқири Наврӯзӣ*........................................................ *98*

**НАҚШИ ОМӮЗИШ ДАР ТАВСЕАИ ФАРҲАНГИ КОРОФАРИНӢ**
*Беҳрӯз Ороминфар*........................................................ *101*

**ПРИВАТИЗАЦИЯ ЖЕЛЕЗНОЙ ДОРОГИ В ИРАНЕ**
*Шабнам Шакер*........................................................ *106*

**НАҚШИ ДАРОМАДИ МОЛИЁТ ДАР ИҚТИСОДИ ВИЛОЯТИ ГУЛИСТОНИ ЭРОН**
*Яҳё Ғуломӣ*........................................................ *109*

**НАҚШИ ФАНОВАРИИ ИТТИЛООТ ВА ИРТИБОТОТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДӢ**
*Ҳисоми Зориҳӣ*........................................................ *113*

**МУДИРИЯТИ ИСТЕЪДОДҲО: РӮЙКАРДИ НАВИН ДАР МУДИРИЯТИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ**
*Фирӯз Афшорфар*........................................................ *116*

**РИСКИ ИҚТИСОДӢ**
*Ҳамиди Саҷҷодӣ*........................................................ *119*

**ТАЪРИХЧАИ ҲИСОБРАСӢ ВА МУШКИЛОТИ ПЕШОРӮИ ОН ДАР ЭРОН**
*Муҳаммадҳусайн Довудӣ*........................................................ *124*

**АСАРИ ОМӮЗИШ ВА МАНОБЕИ ИНСОНӢ БАР РУШДИ**

**ИҚТИСОДИИ ЭРОН ДАР СОЛҲОИ 1972 – 2003**
*Саидвафо Мишкот*.......... *131*

**НИЁЗ БА ТАҲЛИЛИ ДИДГОҲҲОИ АНДОЗАГИРИИ САРМОЯИ ФИКРӢ ДАР ҶОМЕАИ ЭРОН**
*Қосим Қосимӣ*.......... *137*

**МОҲИЯТ, ЗАМИНА ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИҚТИСОДИИ РУШДИ ҶАҲОНГАРДӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**
*Али Рустамиён* .......... *144*

**БАРРАСИИ НАҚШИ ИТТИЛООТ ДАР БАРНОМАРЕЗИИ СТРАТЕГӢ ДАР СОЗМОН**
*Ҷамшеди Каёнифар*.......... *149*

**НАҚШИ СТРАТЕГИИ ИНКИШОФИ МАНБАЪҲОИ ИНСОНӢ ДАР РУШДИ СОЗМОНҲО**
*Аҳмад Гударзӣ*.......... *152*

**ТАВСИАИ ГАРДИШГАРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БАР ИҚТИСОД**
*Ризо Исмоили Оқобобоӣ*.......... *156*

**КОРБУРДИ РАВИШҲОИ ПЕШБИНИИ ФУРӮШ ДАР ТАХМИНИ НЕРӮИ ИНСОНИИ СОЗМОНҲО**
*Ҳасан Султонӣ*.......... *160*

**ИРТИБОТИ БАЙНИ МУДИРИЯТИ ЗАНҶИРАИ ТАЪМИН (SCM) БО ТАВЛИДИ ЧОБУК (AM)**
*Муҳаммад Алии Иноятии Шероз*.......... *164*

**ДАСТОВАРДҲОИ ТАВОНМАНДСОЗИИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ ДАР СОЗМОНҲО**
*Фардин Ҳасании Қалъа Ҳасан*.......... *167*

**ДОПОЛНИТЕЛЬНЫЕ ПУТИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА В УКРЕПЛЕНИИ ЭКОНОМИКИ СЕВЕРО-ВОСТОЧНОГО ИРАНА**
*Тохир Задех Абдаллах*.......... *171*

**ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДӢ ДАР МУДИРИЯТИ САНОАТИ ДАВЛАТИИ ЭРОН**
*Яҳё Ғуломӣ*.......... *176*

**ҲИСОБИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТИ ШИРӢ** ***(дар мисоли муассисаҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон)***
*А. Х. Файзуллоев, Муҳаммад Ризо Тот* .......... *179*

**НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ УПРАВЛЕНИЯ ОЗЕЛЕНЕНИЯ ГОРОДА ТЕГЕРАНА**
*Фархуд Хамиди Фарахани*.......... *182*

**ОПТИМИЗАЦИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ТОВАРА ПРИ ВВЕДЕНИИ ОГРАНИЧИТЕЛЬНЫХ МЕР ВО ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛЕ**
*Х. А.Собитов*.......... *187*

**ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ЭФФЕКТИВНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ОРОСИТЕЛЬНЫХ СИСТЕМ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА**
*Ш.Т.Одинаев, Н.Х.Сафаров*.......... *195*

**ТАЪРИХ–ИСТОРИЯ**

**ОЁ ХУҶАНД ДАР «ДОРУЛАМОН»-И МУҒУЛ БУД?**
*Луқмон Бойматов*.......... *201*

**АВВАЛИН РӮЁРӮИИ РУСҲО БО ЭРОНИЁН (МОЗАНДАРОНИҲО)**
*Раҳмат Раззоқӣ*............................................................ 205

**ТАҲҚИҚЕ ДАР НАСАБИ ТОҲИРИЁН**
*Ҳамиди Кӯҳансол*............................................................ 207

**МУАРРИФИИ «САРЕҲУЛМУЛК» ПЕРОМУНИ АСНОДИ ВАҚФӢ**
*Маҳнози Раҳимфар*............................................................ 211

**БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ САФАРНОМАИ МАҲМУД ИБНИ ВАЛӢ «БАҲРУЛАСРОР ФИ МАНОҚИБУЛАХЁР»**
*Ҳусайни Фаррухёр*............................................................ 213

**АНГЛИЯ ВА МАШРУТА**
*Қурбоналии Ганҷиҷомишӯронӣ*............................................................ 217

**РИЗОҚУЛИХОН ВА «САФАРНОМАИ ХОРАЗМ» - ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ**
*Меҳди Ҷаъфаризода*............................................................ 223

**АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИСИ «ДОРУЛФУНУН» (ХОНАИ ИЛМ ДАР ИНКИШОФИ МАКТАБИ НАҚҚОШӢ ВА РАССОМӢ**
*Маҳмуди Ҳимматӣ*............................................................ 230

**ҶОМЕАШИНОСӢ – ОБЩЕСТВОВЕДЕНИЕ**

**МУЛЛОСАДРО ВА НИЗОМИ ФАЛСАФИИ Ӯ**
*Алии Каҳвонзода*............................................................ 235

**ИШҚ ДАР АНДЕШАИ ФАЛСАФИИ АФЛОТУН**
*Зӯҳра Музаффарӣ*............................................................ 238

**ҶАҲОНӢ ШУДАН ВА ОЯНДАИ ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ**
*Ғуломҳасани Мубинӣ*............................................................ 242

**ҶОЙГОҲИ ИНСОН ДАР НИЗОМИ ҲАСТӢ АЗ ДИДГОҲИ «ҚУРЪОН»-И КАРИМ**
*Али Маҳдавӣ Таловакӣ*............................................................ 244

**АНДЕШАИ ФАЛСАФӢ ВА ТАКОМУЛИИ ИБНИ СИНО (980-1037)**
*Муҳаммадисмоили Исмоилии Оҳангар*............................................................ 247

**МАБНОИ ИШТИҒОЛИ ЗАНОН (ИСЛОМ ВА ЭРОН)**

*Фарзонаи Аждарӣ*............................................................ 250

**МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛИИ ЭРОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИМИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**
*Амонулло Шуҷоӣ*............................................................ 255

**ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИИ ШАҲИД БИҲИШТӢ (ДАБИРИ КУЛЛИ ҲИЗБИ ҶУМҲУРИИ ЭРОН) ҚАБЛ АЗ ИНҚИЛОБИ ИСЛОМӢ**
*Маҷид Ҳақиқатбаён*............................................................ 260

**НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСИИ ЭРОН**
*Маҳдии Темуриён*............................................................ 267

**ЭВОЛЮЦИЯ КОНЦЕПЦИИ БЕЗОПАСНОСТИ В ПЕРСИДСКОМ ЗАЛИВЕ**
*Мухаммадниё Неджад*............................................................ 270

**СТОЛКНОВЕНИЕ ИНТЕРЕСОВ ИРАНА И США В РЕГИОНЕ ПЕРСИДСКОГО ЗАЛИВА**
*Али Тохирхани*............ *274*

**ҲАҚИҚАТИ МУШОҲИДА АЗ ДИДГОҲИ ИБНИ АРАБӢ**
*Маҳини Фараҳонӣ*............ *278*

**ЧАРХИШИ ҚУДРАТ НИЁЗИ ҶОМЕАИ МО**
*Муҳаммадҷаводи Покравон*............ *281*

**ФИЛОЛОГИЯ**

**НАҚШҲОИ НАҲВИИ ПАСОЯНДИ – РО ДАР «ГУЛИСТОН» - И САЪДӢ**
*Аҳмад Мансури Разӣ*............ *285*

**НАМОД ВА НАМОДПАРДОЗӢ ДАР ШЕЪРИ ФАРЗОНАИ ХУҶАНДӢ**
*Суҳайло Ҳусайнӣ*............ *290*

**ДИДГОҲҲОИ ҚАЙСАРИ АМИНПУР ДАР БОРАИ ОЗОДӢ**
*Лайло Каримии Валуҷойӣ*............ *296*

**ТАЪСИРИ «ШОҲНОМА» ДАР ҲИФЗИ ВОЖАГОНИ ФОРСӢ**
*Содиқлу Халилуллоҳ*............ *298*

**ТАФСИРИ «МАН» АЗ НИГОҲИ ШАЙХ МАҲМУДИ ШАБИСТАРӢ ДАР «ГУЛШАНИ РОЗ»**
*Муҳаммадкозим Муҳаммади Богмуллоӣ*............ *302*

**ТАҲЛИЛИ РОҲУ РАВИШ ШОИРОНАИ РАЪДӢ ОЗАРАХШӢ ДАР СУРУДАНИ ҚАСИДАИ «НИГОҲ» ВА БАРРАСИИ ОН АЗ МАНЗАРИ ИЛМИ БАЁН**
*Озито Бегларӣ*............ *307*

**ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР «ФАРҲАНГИ ФОРСӢ»-И АМИД**
*Шопур Аббосӣ*............ *313*

**ФАР(Р) ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ**
*Ақили Замонӣ*............ *316*

**НИГОҲЕ БА БАЪЗЕ АНОСИРИ ДОСТОНИИ «ҲАСАНАКИ ВАЗИР»**
*МансурАюбиҚурбоналӣ*............ *320*

**ПЕДАГОГИКА**

**ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЗАМЕСТИТЕЛЯ ДИРЕКТОРА ШКОЛЫ ПО ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ РАБОТЕ**
*Н. Ниъматов*............ *324*

**НАҚШИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ ДАР ИҶТИМОИСОЗИИ ДУХТАРОНИ МУШКИЛТАРБИЯТ**
*Хадичаи Таваккулӣ*............ *329*

**ҲУШИ ҲАЯҶОНӢ (EQ) ВА ПЕШГИРӢ АЗ НАШЪАМАНДӢ**
*Рубоб Раҳматӣ*............ *333*

**БАРРАСИИ ЧИГУНАГИИ ГУЗАРОНИДАНИ ВАҚТИ ФАРОҒАТИ АФРОДИ НОБИНО БО НИГОРИШЕ БАР ТАЪРИХИ ВАРЗИШИ НОБИНОЁН ДАР ЭРОН**
*Баҳроми Ҷадидӣ*............ *336*

**ТАЪСИРОТИ БОЗИҲОИ ХАШИНИ КОМПЮТЕРӢ БАР РАФТОРИ КӮДАКОН**
*Маҷид Асадӣ*…………………………………………………………………………………….. *341*

**РАВИШҲОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ НАЗАРИ АТТОРИ НИШОПУРӢ**
*Ризои Яздонӣ*…………………………………………………………………………………….. *346*

**ОМӮЗИШҲО ҶИҲАТИ ТАҚВИЯТИ ҲАВОС ВА ҶИҲАТЁБӢ**
*Заҳро Шоҳӣ*......................................................................................................................................... *348*

**АҲАМИЯТИ ҲУЗУРИ МУРАББИЁНИ БЕҲДОШТ ДАР БЕҲДОШТИ МУҲИТИ СИНФ ВА ҲАВЛИИ МАКТАБ ДАР МАКТАБҲОИ ДУХТАРОНАИ ШАҲРИСТОНҲОИ ВИЛОЯТИ ТЕҲРОН**
*Акрами Ҳофизӣ*.................................................................................................................................. *354*

**РАВИШИ ТАНБЕҲ ДАР ТАРБИЯТИ АХЛОҚӢ**
*Мӯҳсин Ҳоҷибобоиёни Амирӣ*...................................................................................................... *358*

**ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШИ ЭРОН**
*Сайидисои Ҳусайнӣ*……………………………………………………………………………….. *363*

**ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ ДАР СИЁСАТГУЗОРИҲОИ НАВИНИ ИРОН**
*Алии Марвӣ*……………………………………………………………………………………… *366*

**БАРРАСИИ РОБИТАИ БАЙНИ ХУДПИНДОРӢ ВА ИЗЗАТИ НАФС ДАР БАЙНИ ДОНИШҶӮЁНИ РИШТАИ РАВОНШИНОСИИ ДОНИШГОҲИ ОЗОДИ ИСЛОМИИ ВОҲИДИ АБҲАР ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 1389-1390**
*Воҳида Бобохонӣ*.............................................................................................................................. *370*

**ОМӮЗИШИ ТАФАККУРИ ХАЛЛОҚ БА УНВОНИ ЯКЕ АЗ МАҲОРАТҲОИ ҲИРФАИИ МУАЛЛИМОН ВА МУДИРОНИ ОМӮЗИШӢ**
*Муҳаммаднақӣ Ҳайдарӣ*.................................................................................................................. *374*

**БАРРАСИИ МИЗОНИ МУВАФФАҚИЯТИ МУДИРОНИ ДОНИШГОҲҲОИ ОСТОНИ МОЗАНДАРОН ДАР ЭҶОДИ РАВОБИТИ ИНСОНӢ, ДАР МУҲИТИ ОМӮЗИШӢ АЗ ДИДГОҲИ АСОТИД (МУАЛЛИФОН)**
*Ҳусейни Ҳасанзода*.......................................................................................................................... *379*

**НАҚШИ РАВИШҲОИ ТАДРИСИ ФАЪОЛ ВА КОРБУРДӢ ДАР ФАРОЯНДИ ОМӮЗИШ БА УНВОНИ КОРОМАДТАРИН РАВИШ БАРОИ ОМӮЗИШ ДАР ДАВРАИ ИДОМАИ ТАҲСИЛИ МУАЛЛИМОН**
*Марями Шабок*……………………………………………………………………………………. *381*

**ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ МАҶОЗӢ**
*Орвини Тавакулӣ*………………………………………………………………………………… *385*

**МУДИРИЯТИ СИНФ**
*Зуҳре Кове*………………………………………………………………………………………. *388*

**УСУЛИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯТ АЗ ДИДГОҲИ УСТОД МУТАҲҲАРӢ**
*Фаребо Атоӣ*………………………………………………………………………………………. *391*

**КОРБУРДИ БОЗИДАРМОНӢ ДАР ОМӮЗИШИ ДОНИШОМӮЗОНИ БЕШФАЪОЛ**
*Ҷавод Носеҳ*...................................................................................................................................... *395*

**ТАРБИЯТИ АХЛОҚӢ АЗ ДИДГОҲИ ИМОМ МУҲАММАДИ ҒАЗОЛӢ**
*Фотимаи Артӣ* ……………………………………………………………………………………… *402*

**ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИҚЛОЛИ ЗАМОНИИ ДОНИШГОҲҲОИ ДАВЛАТИИ ЭРОН**
*Ҳоди Раззоқ Марандӣ* … 404

**ЗАРУРАТИ ТАВАҶҶӮҲ БА ОМӮЗИШ ВА ПАРВАРИШИ НОБИНОЁН**
*Алӣ Акбар Мударрис Муқаддам* … 407

**АСОСҲОИ РАВОНИИ ФАРОГИРИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР КӮДАКОНИ ХУРДСОЛ**
*Хусрави Иброҳими Тақизода* … 410

**БАРРАСӢ ВА ТАЪСИРИ НАҚШИ ХОНАВОДА БАР ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТИ КӮДАКОНИ ЭРОНӢ**
*Фарибо Боқирӣ Боқон* … 413

**БАРРАСИИ НАЗАРОТИ ТАРБИЯТИИ СОҲИБНАЗАРОНИ ТАЪРИХИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯТИ ЭРОН**
*Нуралӣ Тунӣ* … 417

**ТАЪСИРИ ЁДГИРИИ МУШОРАКАТӢ АЗ НАВЪИ ҶИГСОВ ДАР ПЕШРАФТИ ТАҲСИЛИ ДОНИШОМӮЗОН**
*Самари Хушномфард* … 421

**УСУЛ ВА МАБОНИИ ТАРБИЯТИ БАДАНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ТАРБИЯТИ ИСЛОМӢ**
*Зуҳре Рашод Уқонӣ* … 425

**ҶОМЕАИ ДИНӢ ВА ЧАҲОНӢ ШУДАН: ФУРСАТҲО ВА ЧОЛИШҲО**
*Мино Ҳоҷизода* … 427

**БАРРАСИИ УЛГУҲОИ РОИҶИ ИҶТИМОӢ ДАР БАЙНИ НАВҶАВОНОНИ ТЕЗҲУШ ВА ОДДИИ ШАҲРИ ТЕҲРОН**
*Ваҳида Бобохонӣ* … 430

**ИЗТИРОБИ ИМТИҲОН ВА НАТОИҶИ ОН БАРОИ ФАРОГИРОН**
*Тақӣ Абӯтолиби Аҳмадӣ* … 435

**БАРРАСИИ ТАРРОҲИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ОМӮЗИШӢ ДАР НИЗОМИ ОМӮЗИШИ ОЛӢ**
*Марям Фақӣ Насирӣ* … 439

**РАВИШҲОИ НАВИНИ ТАДРИС ВА ЗАРУРАТИ КОРБУРДИ ОНҲО**
*Марями Раҳимӣ Манд* … 443

**РАВИШҲОИ ТАРБИЯТИИ КӮДАКОНИ ХАЛЛОҚ (ФАЪОЛ) ЭҶОДКОР**
*Меҳрони Имодӣ* … 446

**ФАНТАЗИЯИ НАВ ВА НАҚШИ ОН ДАР АДАБИЁТИ КӮДАКОН**
*Ҳамида Моҳузӣ, Д.Я, Шарипова* … 447

**ОРОИ ТАРБИЯТИИ ИМОМ МУҲАММАДИ ҒАЗЗОЛӢ**
*Алиризо Мирараби Разӣ* … 452

**НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ НАВИН ДАР ЭҶОДИ ХАЛЛОҚИЯТ ВА НАВОВАРИИ ОМӮЗИШӢ ВА ПАРВАРИШӢ**
*Сайид Тоҳири Қодирӣ* … 456

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

2.Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см; ), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи приводятся ключевые слова (до 10 слов).

Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например [1]. Список литературы приводится общим списком после ключевых слов (под заголовком «литература») в порядке упоминания в тексте.

3. К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы.

4. Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь направление учреждения, экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

5. Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Масъули чоп: **М. Ибодова**
Муҳаррирон: **И. Ҳакимова, Назари Муҳаммадхоҷа**
Ҳуруфчини компютерӣ: **Д. Назарова**

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редакторы: **И. Хакимова, Назар Мухаммадходжа**
Компьютерный набор: **Д. Назарова**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Тел: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
**Сайт ТНУ:www.tgnu.tarena.tj**

**Ба чоп 28.11.2011 таҳвил шуд. Қоғаз аз чопи офсет.**
**Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 18,8. Теъдод 500 нусха.**